ISSN 2616-5260

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ
АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

КУЛЯБСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ
ИМЕНИ АБУАБДУЛЛОХ РУДАКИ

ПАЁМИ

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ
АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ
Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология
3 (44) 2026

ВЕСТНИК

КУЛЯБСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА ИМЕНИ
АБУАБДУЛЛОХ РУДАКИ
Серия исторические и археологические, педагогические
и филологические науки
3 (44) 2026

BULLETIN

OF KULOB STATE UNIVERSITY NAMED AFTER
ABUABDULLOHI RUDAKI
Series of historical and archaeological, pedagogical
and philological sciences
3 (44) 2026

КӮЛОБ – 2026

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ
АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ
Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Маҷалла соли 2009 таъсис дода шудааст. Дар як сол 4 шумора нашр мегардад.

Сармуҳаррир:

Сафарзода Мунир Ватан *Доктори илмхои педагогӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Муовини сармуҳаррир:

Камолзода Шодмон Валихон *Доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси фалсафа, дотсент, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Котиби масъул:

Сафарзода Манучеҳри Наҷот *Доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси рӯзноманигорӣ, дотсент, муовини сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Ҳайати таҳририя:

6.1. – Илмҳои таърих ва бостоншиносӣ

Абдуллоев Маҳмуд Холович *Доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи умумӣ ва методикаи таълими таърихи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Искандаров Қосимшо *Доктори илмҳои таърих, профессор, саркотиби илмии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Суфиев Садриддин Насриддинович *Номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Азамов Хурсанд Саидович *Номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Сафаров Холмад Хоркашович *Номзади илмҳои таърих, муаллими калони кафедраи таърих ва методикаи таълими таърихи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

5.3. – Илмҳои педагогӣ

Мирализода Абдусалом Мустафо *Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Мирзоев Салим Сайдалиевич *Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи биологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Ғуломов Ислом *Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи математика ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Иззатова Муҳаббат Инноятовна *Доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Иброҳимов Грез *Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Файзуллоева Фирӯза Мадохировна *Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии забони русии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

6.2. – Илмҳои филологӣ

Ҷумъахон Алимӣ *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Хоҷаев Давлатбек *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*

Мухторов Зайниддин Мухторович *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, ректори филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе.*

Худойдодова Шарофат Зардовна *Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Холиқова Зайналбӣ *Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Муродзода Баҳриддин Раҳмон *Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Маҷалла дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ барои нашр таҳия мегардад. Нишонӣ: 735360, ҶТ, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16. Сомонаи расмии маҷалла: vestnik.kgu.tj, ***E-mail:*** *payom@kgu.tj* ***Тел.****: 8(3322) 2-41-06*

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.06.2022, №174/м ворид гардидааст (азнавбақайдгирӣ аз 6.09.2024 №299/м).

Қабули мақолаҳо вобаста ба соҳаҳои илм: 6.1. – Илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, 5.3. – Илмҳои педагогӣ, 6.2. – Илмҳои филологӣ.

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст. Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ нашр мешавад.

ВЕСТНИК
КУЛЯБСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА ИМЕНИ
АБУАБДУЛЛОХ РУДАКИ
Раздел исторические и археологические, педагогические и филологические науки
Учредитель журнала:
Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки
Журнал основан в 2009 году. Выходит 4 раза в год.

Главный редактор:

Сафарзода Мунир Ватан *Доктор педагогических наук, профессор, ректор Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

Заместитель главного редактора:

Камолзода Шодмон Валихон *Доктор философии (PhD), доктор по специальности философии, доцент, проректор по науке и инновации Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

Ответственный секретарь:

Сафарзода Манучехри Наджот *Доктор философии (PhD), доктор по специальности журналистики, доцент, заместитель начальника управления науки и инноваций Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

Члены редколлегии:

6.1. – Исторические и археологические науки

Абдуллоев Махмуд Холович *Доктор исторических наук, профессор кафедры общей истории и методики преподавания истории Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

Искандаров Косимшо *Доктор исторических наук, профессор, главный ученый секретарь Академии наук Республики Таджикистан.*

Суфиев Садриддин Насриддинович *Кандидат исторических наук, заведующий кафедрой истории таджикского народа Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

Азамов Хурсанд Саидович *Кандидат исторических наук, доцент кафедры политологии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

Сафаров Холмад Хоркашович *Кандидат исторических наук, старший преподаватель кафедры истории и методики преподавания истории Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

5.3. – Педагогические науки

Мирализода Абдусалом Мустафо *Доктор педагогических наук, профессор общеуниверситетской кафедры педагогики Таджикского национального университета.*

Мирзоев Салим Сайдалиевич *Доктор педагогических наук, профессор кафедры биологии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

Гуломов Ислом *Доктор педагогических наук, профессор кафедры математики и методики её преподавания Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

Иззатова Мухаббат Инноятовна *Доктор педагогических наук, доцент кафедры дошкольного обучения и социального дела Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

Иброхимов Грез *Кандидат педагогических наук, доцент кафедры педагогики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

Файзуллоева Фируза Мадохировна *Кандидат педагогических наук, доцент общеуниверситетской кафедры русского языка Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

6.2. – Филологические науки

Джумъахон Алими *Доктор филологических наук, профессор кафедры языкознания и истории языка Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

Ходжаев Давлатбек *Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета.*

Мухторов Зайниддин Мухторович *Доктор филологических наук, профессор, ректор филиала Сингапурского института развития менеджмента в городе Душанбе.*

Худойдодова Шарофат Зардовна *Кандидат филологических наук, доцент кафедры журналистики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

Холикова Зайналби *Кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской литературы Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

Муродзода Бахриддин Рахмон *Кандидат филологических наук, доцент кафедры языкознания и сравнительной типологии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

Журнал готовится к печати в Кулябском государственном университете имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, РТ г. Куляб, улица С. Сафарова 16, официальный сайт журнала: vestnik.kgu.tj
E-mail: payom@kgu.tj, *Тел.: 8(3322)2-41-06*

Журнал включен в Реестр рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан с 1.06.2022, №174/м (перерегистрирован от 6.09.2024 № 299/м).
Прием статей по разделам наук: 6.1. – Исторические и археологические науки, 5.3. – Педагогические науки, 6.2. – Филологические науки.
Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ). Журнал печатается на таджикском и русском языках.

BULLETIN

OF KULOB STATE UNIVERSITY NAMED AFTER
ABUABDULLOHI RUDAKI

Series of historical and archaeological, pedagogical and philological sciences

The founder of the magazine:
Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki
The magazine was founded in 2009. Issued 4 times a year.

Chief editor:

Safarzoda Munir Vatan — *Doctor of pedagogical sciences, professor, Rector of Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki.*

Deputy chief editor:

Kamolzoda Shodmon Valikhon — *Doctor of philosophy (PhD), doctor in philosophy, associate professor, vice-rector for science and innovation, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki.*

Executive secretary:

Safarzoda Manuchehri Najot — *Doctor of philosophy (PhD), doctor in journalism, associate professor, deputy head of the department of science and innovation at Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki.*

Members of editorial board:

6.1. - Historical and archaeological sciences

Abdulloev Mahmud Kholovich — *Doctor of historical sciences, professor of the chair of general history and methods of history teaching of Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki.*

Iskandarov Kosimsho — *Doctor of historical sciences, professor, chief scientific secretary of the academy of sciences of the Republic of Tajikistan.*

Sufiev Sadriddin Nasriddinovich — *Candidate of historical sciences, head of the department of history of the tajik people, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki*

Azamov Khursand Saidovich — *Candidate of political sciences, associate professor of the chair of history, law and political science of Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki.*

Safarov Kholmad Khorkashovich — *Candidate of historical sciences, senior lecturer at the department of history and methods of teaching history, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki*

5.3. - Pedagogical Sciences

Miralizoda Abdusalom Mustafo — *Doctor of pedagogical sciences, professor of the department of pedagogy, Tajik National University*

Mirzoev Salim Saidalievich — *Doctor of pedagogical sciences, professor of the chair of biology of Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki.*

Gulomov Islom Nazarovich — *Doctor of pedagogical sciences, professor of the chair mathematics and its teaching methods of in Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki.*

Izzatova Muhabbat Innoyatovna — *Doctor of pedagogical sciences, associate professor at the chair of preschool education and social affairs of Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki.*

Ibrohimov Grez — *Candidate of pedagogical sciences, associate professor of the chair of pedagogy of Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki.*

Faizulloeva Firuza Madokhirovna — *Candidate of pedagogical sciences, associate professor, department of the russian language of Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki.*

6.2. - Philological Sciences

Jumakhon Alimi — *Doctor of philological sciences, professor of the department of linguistics and history of language, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki.*

Khojaev Davlatbek — *Doctor of philological sciences, professor at the chair of history of language and typology of the Tajik National University.*

Mukhtorov Zainiddin Mukhtorovich — *Doctor of philology, professor, rector of the Singapore Institute of Management Development in Dushanbe city.*

Khudoidodova Sharofat Zardovna — *Candidate of philological sciences, associate professor, department of the journalism of Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki.*

Kholiqova Zaynalbi — *Candidate of philological sciences, associate professor of the department of tajik literature, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki.*

Murodzoda Bahriddin Rahmon — *Candidate of philological sciences, associate professor, department of the linguistics and comparative typology Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki.*

The journal is being prepared for publication in Kulob State University named after Abuabdullo Rudaki. Address: 735360, RT Kulob city, S. Safarov street 16, the official website of the magazine: vestnik.kgu.tj, E-mail: payom@kgu.tj *Тел.: 8(3322) 2-41-06*

The journal is included in the Register of peer-reviewed scientific publications of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan from 1.06.2022, №174/м (re-registered on 6.09.2024 No. 299/m)
Reception of articles on sections of science: 6.1. - Historical and archaeological sciences, 5.3. - Pedagogical sciences, 6.2. - Philological sciences. The journal is included in the database of the Russian Science Citation Index (RSCI). The magazine is printed in Tajik and Russian.

ТАЪРИХ ВА БОСТОНШИНОСӢ

ТДУ: 930 (2-тоҷ)
А-14

ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА ВАҲДАТИ МИЛЛӢ - ТАВОНОИИ КИШВАР

Абдуллоев М.Х., д.и.т., профессор
Донишгоҳи далатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Ваҳдати миллӣ ҳамчун падидаи нодири даврони соҳибистиқлолии кишвар барои сарҷамъ намудани миллати дар ҳоли парокандашавӣ қарордоштаи тоҷик ва аз вартаи нестӣ раҳоӣ бахшидани давлати навини тоҷикон нақши басо бузургро иҷро кард. Рӯзи ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, яъне 27 - уми июни соли 1997 барои мо, воқеан оғози ҳамдигарфаҳмиву сарҷамъӣ ва фароҳам овардани шароит барои зиндагии орому осоиштаи халқамон мебошад [5].

Дар воқеъ, Ваҳдати миллӣ тавоноии миллат ва давлат аст, ки дар он нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беназир мебошад.

Зикр намудан ба маврид аст, ки масъалаҳои марбут ба истиқлолият ва ваҳдати миллӣ, нақш ва аҳаммияти онҳо дар рушди иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар асарҳои муҳаққиқони ватанӣ, аз ҷумла И. Усмонов [7], Н. Б. Ҳотамов [8], М. Х. Абдуллоев, Х. С. Аъзамов, Ҳ. Ҳ. Аллоева [9; 10; 11] ва дигарон мавриди таҳлил ва баррасии илмӣ қарор гирифтаанд.

Мавриди қайд аст, ки Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун поягузори сулҳ ва меъмори ваҳдат дар таърихи навини давлатдории тоҷикон хизматҳоеро ба анҷом расонида тавонистаанд, ки ормонҳои ҳазорсолаи тоҷикистониён ва тоҷикони дунё буданд. Аз ин рӯ, хизматҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ба эътидол овардани ҷанги шаҳрвандӣ, барқарор намудани Ваҳдати миллӣ ва амалӣ гардонидани Созишномаи сулҳи тоҷикон дар саҳифаҳои таърихи миллати тоҷик барои ҳамешагӣ бо ҳарфҳои заррин сабт хоҳанд шуд. Пешвои миллат на танҳо поягузори сулҳу ваҳдат, балки меъмори фарҳанги навини замони соҳибистиқлолӣ мебошанд, ки дар ин мартаба ҳамкории мардумро барои пайдо намудани ҳадафҳои миллӣ ҳамеша ба манфиати кор медонанд. Ваҳдати миллӣ мусоидаткунандаи мавҷудияти фарҳанги бою тафрибаи таърихии давлатдории тоҷикон аст. Мутаассифона, ҷанги шаҳрвандӣ сатҳи тараққиёти кишвари азизамонро хеле коҳиш дод, аммо руҳи шикастнопазири миллати тоҷикро халалдор карда натавонист, мо дар як муддати кӯтоҳ бо сарварии Пешвои миллат аз уҳдаи ҳадафҳои стратегии дар пеш ниҳодаамон баромада тавонистем [6, с. 246].

Бояд тазаккур дод, ки «Бузургтарин дастоварди Эмомалӣ Раҳмон, бешубҳа, барқарор кардани сулҳи комил ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон аст. Тафрибаи талхи ҷангҳои дохилӣ дар ҷаҳон шаҳодат медиҳад, ки ягон давлат рақиби сиёсӣ ва ҳарифони қудратталабашро аз сангарҳои ҷанг берун оварда, бо силоҳи ҷангию лавозимоти ҳарбӣ ва сарбозони ҷангозмудааш дар сари дастгоҳи давлатию сохторҳои идоракунӣ ва мақомоти низомӣ нашинондааст» [1, с. 5].

Ҳамин тавр, рисолати Пешвои миллат бештар ба хислатҳои шахсии ӯ, истеъдод ва маҳорати иҷтимоиаш вобастагӣ дорад, ки дар тафрибаи зиндагӣ сайқал ёфта, тамоми ҳастии худро ба нафъи мардум ва рушду нумуи Тоҷикистони азизамон сафарбар менамояд. Барои тақвияти ин гуфтаҳо ва баланд бардоштани руҳияи ҷавонони ояндасози кишвар мо тамоми дастовардҳои замони соҳибистиқлолиро аз раванди ваҳдати миллӣ сар карда то сохтмону иншоотҳои бузурги аср: НБО-и Роғун, неругоҳҳои Сангтӯда- 1, Сангтӯда- 2, нақби Истиқлол, нақби Хатлон, нақби Озодӣ, нақби Шаҳристон, роҳҳои оҳани паҳнбари Душанбе-Бохтар, Бохтар - Кӯлоб, пулҳои байналмилалӣ дар дарёи Панҷ, сохтмони мактабу бунгоҳҳо, ба таври куллӣ дигаргун сохтани симои пойтахти азизамон шаҳри Душанбе ва боз дигар

комёбиҳоямонро ҳамеша ба Истиқлоли сиёсӣ ва Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бояд вобастаю пайваста донем. Чунин амал масъулияти худшиносию худогоҳии миллиро дар назди наслҳои нав боз ҳам дучанд намуда, ҳисси ватанхоҳию ватанпарастии мардумро баланд мебардорад [6, с. 245].

Маълум аст, ки баъди ба даст овардани истиқлоли сиёсӣ дар кишвари мо истифодаи мафҳумҳои зиёди сиёсию фарҳангӣ пайдо гардиданд, ки дар радифи онҳо вожаҳои «ягонагӣ», «худшиносӣ», «ваҳдат», «сулҳ», «ҳувият» ва «ҳамгироӣ» аз ҳама фузунтар мавриди истифода қарор ёфтаанд. Хусусан дар баромадҳои Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста садо додани сулҳу ваҳдату ҳамбастагӣ ба сифати кафили пешрафти ҷомеа дар кишварамон заминаи боэътимоди маънавие пайдо намуд, ки «ваҳдати миллӣ»-ро ҳамчун сармояи бузурги тақвият бахшида тавонист.

Албатта, тақсимоти ҳокимият дар назарияҳои сиёсии муосир ба хотири сулҳу салоҳ ва оромии ҷомеа ба назар гирифта мешавад, вале он бештар дар равандҳои муколама ба хотири муътадил гардонидани вазъ ва анҷоми хуби гуфтушунид мебошад. Дар амал иҷрои тақсимоти ҳокимият ба душвориҳои зиёде рӯбарӯ месозад, ки оқибати хеле вазнинро ба бор овард. Таҷрибаи Тоҷикистон нишон дод, ки касбияти ҷониби оппозитсия, тақсимоти мансабҳо байни сарварони минтақавии онҳо ва аз уҳдаи кор набаромадани аксарияти ба сари мансаб омадагон дар муҳлати чанд сол вазъиятро боз дучанд мушкил намуданд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, чунин таҷрибаи тақсимоти мансабҳо барои ба даст овардани сулҳу салоҳ нишон дод, ки ин агар, аз як ҷониб, ба раванди оромии ҷомеа таъсиргузор буд, аз ҷониби дигар, дар муддати начандон тулонӣ маълум гашт, ки аксарияти кадрҳои аз тарафи ИНОТ барои вазифаҳои давлатӣ пешниҳодгардидаи ба истилоҳ «намояндагони 30 фоиза» аз уҳдаи вазифаҳои идоракунӣ баромада наметавонистанд.

Як гурӯҳ муаллифон фаъолияти сиёсии Пешвои миллатро таҳлил намуда, аз ҷула чунин баҳо медиҳанд: «хизматҳои таърихии Эмомалӣ Раҳмон аз он иборат аст, ки маҳз ӯ ихтиёри давлатдориро ба даст оварда, пеши роҳи хатари нобудии онро гирифт, оташи ҷанги дохилиро хомӯш намуд. Сохтори фалаҷгардидаи ҳокимият, хусусан мақомоти ҳифзи ҳуқуқро барқарор сохта, артиши миллӣ ва неруҳои посбони сарҳадро таъсис дод. Барои таҳкими ҳокимият ва давлат шароит муҳайё намуд, гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷбориро ба Ватан баргардонид, заминаи устувори эъмори ҷомеаи навини Тоҷикистонро дар мамлакат амалӣ гардонид...» [1, с. 6].

Ҳамаи ин бевосита ба назарияҳои гуногуни ваҳдати миллӣ таъсир расонида, ба корбурди мафҳумҳои нав комилан ғанию рангин боис гардид ва дар қатори онҳо калимаҳои «ваҳдат» ва «ҳамгироӣ» бештар аз ҳама мавриди истифода қарор ёфтанд. Корбурди ин мафҳумҳо ва тибқи муҳтавои онҳо ба роҳ мондани амалияи ҷамъиятӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон дод, то дар як муддати нисбатан кутоҳ на танҳо худро аз вартаи фалокатбори муноқишаҳои дохилӣ раҳо намояд, балки ба як қатор муваффақиятҳо низ ноил гардад.

Ин аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид менамояд, ки ваҳдату ҳамбастагӣ ба сифати кафили пешрафти ҷомеаи навин, минбаъд низ ҳамчун мафкураи давлатӣ сармашқи фаъолияти кулли ниҳодҳои расмию ғайрирасмии ҷомеа эътироф шавад.

Ин ҳидояти роҳбари сиёсии кишвар ба хотири таъмини сулҳу суботи иҷтимоӣ дар миёни мардум якдилона дастгирӣ пайдо намуда, ба омили муттаҳидии кишварамон табдил ёфт. Бояд эътироф кард, ки нақши сарвари сиёсии кишварамон дар раванди ба эътидол овардани сулҳу салоҳ ва ваҳдати миллӣ намунаи қиёс надорад. Ба андешаи мо, ин намунаи бузурги ҷасорату шуҷоати шахсиятест, ки барои ваҳдати миллӣ усули ваҳдатгароиро ҳамчун методологияи асосии гуфтугӯ ва муколамаи тарафҳои даргир пешниҳоду дастгирӣ намуда, рушду инкишофи минбаъдаи миллати тоҷикро дар ҳамбастагию оромӣ таъмин намуда тавонист.

Ваҳдати миллии тоҷикон дар барқарор намудани сулҳ ва оромӣ на танҳо дар дохили кишвар, балки дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва кишварҳои пасошуравӣ таъсири худро

гузоштааст. Дар баробари ин таҷрибаи сулҳи тоҷикон ба худ моҳияти ҷаҳонӣ гирифтааст. Ба гуфти Муншии генералии СММ Кофи Аннан, Тоҷикистон барои ҳалли низоъҳои дохилии дигар кишварҳо намунаи бехатринеро дар таърихи сулҳофарӣ ба миён овард [4]. Ин аст, ки як зумра сиёсатшиносон ибрози ақида доранд, ки дар баробари нишони миллӣ, суруди миллӣ ва парчам бояд ваҳдати миллиро низ ҳамчун аломати давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон шуморид [3, с. 4].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ҳаёти сиёсии бисёр ҷомеаҳо пайдо кардани чунин рамзу шиори дорои нерую имконияте, ки кулли афроди ҷомеаро атрофи мақсади умумӣ муттаҳид месозад, кори басо мушкил ва баъзан имконнопазир низ ҳаст. Аз ин лиҳоз, таҷрибаи Тоҷикистон дар ин самт хеле нодир ва воқеан ҳам шоистаи таҳсин аст. Махсусан ба наслҳои минбаъда ва ба кишварҳои мубталои даргирию нооромиҳои идомаёбанда ин таҷрибаи нодир хеле зарурият дорад.

Гуфтан бамаврид аст, ки чунин истиқболи ҷомеаи мо аз падидаи ваҳдату ҳамбастагӣ марбут ба он суду дастовардест, ки он аз таҳкими ин раванд барои худ пайдо кард ва алҳол рисолати таъмини рушди ҷомеаро таъмин карда тавонист.

Басо рамзист, ки яке аз санаҳои таърихи навини ҳаёти сиёсии ҷомеаи мо ба унвони таҷассумгари ваҳдати миллии тоҷикистониён шинохта шуда, ҳамасола тибқи тақвими ҷашнҳои умумимиллӣ бо шукуҳу шаҳомати хосса ҷашн гирифта мешавад. Ин рӯзи ба имзо расидани муоҳидаи сулҳи саросарии миёни гурӯҳҳои мухталифи сиёсӣ ва ҳокимияти давлатӣ аст, ки воқеан ҳам аз муҳтавои мафкураи ваҳдати миллӣ маншаъ мегирад.

Бояд тазаккур дод, ки агар то ин вақт гурӯҳҳои сиёсӣ муқобили ҳамдигар аз сангарҳои оштинопазир мубориза мебурданду мардуми бесилоҳу оддии дар гирдоби ин муноқишаҳо воридгардида азият мекашид, акнун бо ба тасвиб расидани ин муоҳида гурӯҳҳои мазкур барои ҳалли масоили баҳсталаб атрофи мизи гуфтушунид нишастанро пеша карда, мардумро ба ҳаёти осоишта роҳнамун сохтанд. Хисороти моддию ҷонии таҳаммулкардаи он, ҳарчанд хеле сангину ҷубронnопазир буд, вале ба хотири аз байн бурдани чунин зиддияти дар назар оштинопазир тавассути саъйу кӯшиши сарварони тарафҳои даргир ба анҷом расонида шуд.

Агар ба истиқрори ваҳдату сулҳ дар Тоҷикистон аз лиҳози зина ба зина ташаккул ёфтанашон назар андозем, мебинем, ки онҳо пайваста аз ду раванди ба ҳам алоқаманд иборат будаанд, Яке аз онҳо ин раванди асосноккунии назариявии имконияти ҳалли мусолиматомези низои сиёсии ба амаломада ва дигарӣ ҷустуҷӯйи роҳҳои татбиқи амалии тарҳҳои дар ин самт пешниҳодшуда буд. Ҳарчанд ҷанбаи дуюми раванди мазкур, яъне ҷустуҷуи роҳҳои татбиқи амалии раванди истиқрори сулҳ дар илми ҷомеашиносии мо муфассал омӯхта шуда бошад ҳам, вале вижагиҳои ҷанбаи аввали ин раванд то ҳол барои бисёриҳо норавшан боқӣ мондааст.

Манзури мо муҳтавои назарҳои дар матбуоти даврӣ нашргашта мебошад, ки солҳои зиёд ҳамрадиф бо амалияи истиқрори сулҳ пайваста кӯшиши асосноккунии назариявиро доранд. Ин назарҳо бо такя ба дастовардҳои илмҳои ҷомеашиносӣ роҳҳои ҳалли проблемаҳоро пеш мегузоштанд, баҳсҳо доир намуда, аҳли ҷомеаро ба ин масъала шинос менамуданд. Маводи дастрас аз ин интишорот маълум менамоянд, ки аҳди ҷомеа имрӯз барои ҳалли масъалаҳои мавҷуда пайравӣ аз роҳҳои мусолиматомезро афзалтар мешуморанд.

Бояд гуфт, ки масоили марбут ба ваҳдат на танҳо дорои ҷанбаҳои алоқаманд ба таъмини суботу тартиботи ҷамъиятӣ, балки дорои паҳлуҳои гуногуни ақидавӣ, назариявӣ, таърихӣ ва иҷтимоии хос ба ташкили ҷомеаи инсонӣ, сатҳи робитаи унсурҳои ташкилдиҳандаи онҳо, такомули заминаи робитаҳои иҷтимоӣ ва ғайра низ мебошад. Зеро бидуни ташаккули манзараи илмии оламе, ки инсон дар он зиндагӣ мекунад, имконияти ба даст овардани заминаи ташаккули манзараи диди олами иҷтимоии ӯ нокомил хоҳад монд.

Бинобар ҳамин, агар ба таърихи инсоният назар афканем, мебинем, ки муҳтавои ин ду манзараи диди олам дар ташаккули якдигар мақоми назаррас доранд. Аз ин рӯ, барои нишон додани робитаи ногусастании манзараи диди ваҳдати олам дар маҷмуъ ва ҷомеа дар алоҳидагӣ баррасии мухтасари онҳоро дар ин ҷо бамаврид мешуморем. Назарияҳои

мухталифе, ки марбут ба дарки ин мавзуъ мавҷуданд, аслан аз дидгоҳҳои умумифалсафии низоми ташкили олам сарчашма мегиранд.

Шарҳи ин масъала бо дарки он муҳтавои иҷтимоияте, ки инсон дар заминаи ҷомеаҳои анъанавию муосир касб мекунанд, ба даст меояд.

Ҳамин тавр, чунон ки ёдовар шудем, ҳар як ҷомеа табиатан ниёз ба ягон шакли ҳамбастагӣ, ваҳдатро дорад, то ба ин васила одамонро ба он одат диҳад, ки эшон дар доираи як ҷомеа умумиятҳои наздик бо ҳамдигар доранд ва ривоҷу нигоҳдошти ин умумиятҳо дархури талаботи инкишофи онҳо аст. Ваҳдати органикӣ хоси ҷомеаҳои муосир буда, он аслан танҳо ба таъкиди умумияти наздики байни аъзои ҷомеа маҳдуд нашуда, пайваста кӯшиши рӯйи муносибатҳои хусусияти расмию шартномавӣ дошта, барқарор нигоҳ доштани алоқаву робитаҳои тақвиятдиҳандаи чунин умумиятҳоро ба харҷ медиҳад.

Бояд тазаккур дод, ки масоили марбут ба ваҳдат на танҳо дорои паҳлуҳои гуногуни ақидавию назариявӣ ва таърихии хос ба вижагиҳои дарки вуҷуди олам, сатҳи робитаи унсурҳои ташкилдиҳандаи онҳо ҳастанд, балки дорои ҷанбаҳои алоқаманд ба таъмини суботу тартиботи ҷамъиятӣ, такомули заминаи робитаҳои иҷтимоӣ низ мебошанд.

Бинобар ин, агар ба ташаккули ваҳдати иҷтимоӣ дар масири таърих назар афканем, мебинем ки муҳтавои он бо дигаргун шудани доираи ҷаҳонбинӣ ва сифати низоми иҷтимоӣ ҳамеша дар таҳаввул будааст. Таҷрибаи дар ин равандҳо андӯхтаи ҷомеаи мо собит намуд, ки мо инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ ва таъмини суботи сиёсиро дар сурати ба инобат гирифтани манфиатҳои тамоми қишрҳои аҳолӣ ва бо манфиати умумимиллӣ созгор намудани онҳо метавонем ноил гардем. Ҳарчанд ҷараёни таъмини ин ҳадафҳо вобаста ба давраи муайяни инкишофи ҷомеаи мо равшан аст, вале алҳол зарурати дарки таҳкими бештари ин падидаи нодир дар таъмини инкишофи минбаъдаи ҷомеаи мо дар сафи пеш қарор дорад.

Зарурати роҳандозии саъйу талоши ваҳдатгароии ҷомеаи мо дар даврони кунунии инкишофаш на камтар аз солҳои пешин аст, балки алҳол ба маротиб меафзояд. Зеро шиддати муқовимату рақобати кишварҳо барои дастёбӣ ба захираҳои инкишоф, аз ҷумла захираҳои энергетикию ашёи хоми кишварҳои тараққиёбанда ба таври ошкоро бештар ба назар мерасад. Барои ба ин ҳадаф расидан баъзе аз кишварҳои абарқудрат дар зери ниқоби ҳифзи манфиатҳои миллии худ ва дифоъ аз ҳуқуқи башар на танҳо аз қудрати фишороварию таҳримҳо, ҳатто аксари маворид аз неруи ҳарбии худ низ сӯиистифода менамоянд.

Мавриди қайд аст, ки ҳар як давраи таърихӣ дар худ махсусиятҳои хосеро дошта, нақши муайяни иҷтимоию сиёсии худро мерос мегузорад. Аз ин бармеояд, ки ба истиқлоли комил мушарраф гардидани мо хусусияти бевосита дошта, ба системаи муайяни арзишҳо таъсири босазое гузоштааст. Бинобар ин дарки пурраи озодию истиқлоли сиёсӣ ва шинохти давлатдории миллӣ барои ҳар як шаҳрванд ва сиёсатмадори касбии Тоҷикистон хусусияти хосса касб намуда, ба раванди истиқлолият тарҳи нав бахшид. Дар ин замон нақши идеологияи сиёсӣ афзун гашт, чунки таҷрибаи сиёсӣ, фаъолияти институтҳои сиёсӣ ва масъалаҳои механизми нави давлатдорӣ ба мадди аввал баромаданд.

Гузариш аз як сохти ҷамъиятӣ ба сохти дигар суботи сиёсии Тоҷикистонро халалдор сохт ва онро ба маркази муноқишаҳои иҷимоию сиёсӣ мубаддал гардонид. Махсусан, воридшавии гурӯҳҳои мухталифи таблиғотии динию мазҳабӣ дар раванди нооромиҳои мамлакат, ки аслан хусусияти мансабталошию ғасбкорӣ ва таҷовузкорона доштанд, шиддати ҷанги шаҳрвандиро боз дучанд тезонид. Дар натиҷа Тоҷикистон вобаста ба минтақаҳои дохилӣ ба якчанд қисмҳо ҷудо шуда, манфиатҳои бақодории он зери суол қарор гирифт. Ба ибораи дигар, ҷанги шаҳрвандии таҳмилии байни тоҷикон хатари аз байн рафтани давлату миллатро ба миён овард.

Ҳамзамон, ҳақиқати дигари таърихӣ он аст, ки тоҷикон дар масири дигаргуниҳои ҷомеа ҳамеша дар меҳвари муборизаҳои шадиди миллату халқиятҳои ғайр қарор доштанд. Онҳо дар байни дигар мардумони Осиёи Миёна мисли сайде ҳамеша мавриди шикор қарор мегирифтанд. Ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ низ маҳсули фаъолияти хоҷагони беруна ва як гурӯҳи исломгароён ва сепаратистони дохилии кишвар буд, ки аз хориҷи кишварамон идора карда мешуд.

Ҳамзамон, муноқишаи байни тоҷикон омилҳои субъективӣ ва объективӣ низ дошт. Қабл аз ҳама, вазъи географӣ ва гуногунтаркибии фарҳангию миллии Тоҷикистон ба раванди рушду инкишофи мамлакат то ҷое таъсири манфӣ мерасонд. Ғайр аз ин мавҷудияти ақидаҳои кӯҳнапарастона ва адами рушду инкишофи босуръат ба раванди мазкур таъсири худро дошт.

Ҷанги таҳмилии Тоҷикистонро тамоюли муборизаи ҳизбу ҳаракатҳои ба ном «чапу» «рост», ашхоси муайян ва гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоие, ки дар натиҷаи фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва дигаргуниҳои сиёсии баамаломада зуҳур карда буданд, ташкил медод.

Аммо меҳвари асосии мухолифатҳои мазкур мубориза ба хотири ба даст овардани ҳокимият буд. Дар ҳудуди мамлакат қавму қабилаҳои гуногун ба хотири молик шудан ба қудрати сиёсӣ гурӯҳҳои гуногуни таблиғотии динию мазҳабиро ворид менамуданд, ки онҳо дар ин раванд муборизаи беамонро оғоз намуда буданд. Дар натиҷаи ба ҳам омадани омилҳои субъективию объективӣ Тоҷикистон ба гирдоби кашмакашиҳои даҳшатангез кашида шуд, ки то ҳанӯз тасири фалокатбори ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ аз зеҳну тафаккури шаҳрвандон дур нагаштааст.

Ҳарчанд дар воқеаҳои февралӣ мухолифин барои барканор намудани роҳбарияти сиёсии он замон муваффақ нагардида бошанд ҳам, онҳо тавозуни қувваҳоро тағйир дода тавонистанд. Фоҷеаҳои моҳи феврали соли 1990 рухдода ба амалиёти тарҳрезишудаи пешакӣ хеле шабоҳат дошт ва ноором сохтани вазъият дар шаҳри Душанбе, сипас дар қаламрави мамлакат ҳадафи асосии он буд. Ҳамин тавр, воқеаҳои февралӣ дар таърихи навини Тоҷикистон аввалин фоҷеаҳои даҳшатнок ба шумор мераванд, ки барои ҷанги шаҳрвандии таҳмилии Тоҷикистон замина гузошта тавонист.

Агар миллати тоҷик ва давлатмардони он идеяи муттаҳидии миллиро амалӣ намекарданд, касе дар ин сарзамин сулҳ оварда наметавонист. Ин нишонаи фарҳангсолорию шуҷоатмандии миллати тоҷик аст, ки ба хотима ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ таъсири худро гузошта тавонист.

Маълум аст, ки Ваҳдат раванди ташакулёбии миллатро метезонад, пас миллат иттиҳоди ризоияти шаҳрвандони як ҷомеа дар як давлати миллӣ мебошад, ки омили асосии унсурҳои ваҳдати миллиро дар як кишвар худи давлати миллӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ваҳдати миллӣ ташкил медиҳад. Маҳз ҳамин ваҳдати миллӣ сабаб мегардад, ки онро ҳамчун инъикосгари истиқлол ва озодии аз ҳама баланду воло мешиносанд. Нақши Пешвои миллат ҳамчун бунёдгузори сулҳ ва меъмори ваҳдат дар таърихи давлатдории нави тоҷикон ин падидаи нав, рамзи қудрату тавоноӣ, сарҷамъию ободонӣ ва эҳёгари фарҳангу хотираи таърихӣ ва шахсиятҳои мондагори миллат мебошад, ки асоси назариявию методологии мактаби бузурги Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бунёд менамояд.

Ваҳдати миллӣ орзу ва ормони деринаи миллиест, ки барои миллати мо роҳу равиши дарвозаи бахту иқболи навро барои ба даст овардани андешаҳои бузурги миллӣ боз менамояд. Дар баробари ин пояҳои худшиносии миллиро мустаҳкаму устувор намуда, мардумро ба созандагию ҳувиятсозӣ ҳидоят менамояд [6, с. 247-248].

Мардуми Тоҷикистон бояд дарк кунанд, ки сулҳ дар кишвар танҳо дар асоси муносибати таҳаммулпазирии қувваҳои гуногун, баъзан қувваҳои мухолифи якдигар. ҳаракатҳо ва ҳизбҳо устувор нигоҳ дошта мешавад, лекин на бо роҳи баргаштани ҷомеа ба давлати нав - давлати тоталитарӣ. Барои ин давлати дунявӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёд бо сиёсати хориҷии кушода зарур аст.

Дар бораи мероси тоҷикӣ, ки имрӯз дар кишвар зинда аст, зарур мебошад, ки принсипи муҳимми мавҷудияти он - муттаҳидшавии зиддиятҳои марҳилаҳои гуногун қайд карда шавад, онҳо дар ақлу дили мо ҳастанд, онхо ифтихори миллӣ ва сарвати миллӣ ба шумор мераванд.

Аммо зарур аст сиёсатеро, ки ин раванди эҳёи миллӣ ба вуҷуд оварда метавонад, дастгирӣ намоем, бояд яке аз ҳолатҳои хеле муҳимро аз даст надиҳем: Таъсири нави таърихӣ вуҷуд дорад, ки бидуни сулҳ ва субот бозмонда наметавонанд. Масалан, мо бояд зарурати истиқрори ҳузури низомии Россия барои субот дар минтақа ва кишварро эътироф намоем.

Дар рушди кишвар, пеш аз ҳама, зарур аст, ки на бо роҳи «тоза кардан», балки бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ дар сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ гузашт. Ин раванди эволютсионии паноҳгоҳи ваҳдати миллӣ, бо дарназардошти нигоҳдории созиш, субот ва сулҳ идома хоҳад ёфт. Бояд эътироф кард, ки барои бартараф намудани норасоиҳо байни забонҳои тоҷикӣ ва русӣ, ки аз гузаштагон ба мерос мондааст, зарур аст, ки ба рушди забони давлатӣ аҳаммияти бештар дода шавад, аммо дар айни замон нигоҳ доштани забонҳои гуногун низ зарур аст [2, с. 42].

Ба андешаи мо, барои таҳкими ваҳдати миллӣ ва ҳифзи он дар кишвар, бояд чунин корҳо анҷом дода шаванд:

- арҷ гузоштан ва қуддусияти мафҳумҳои ваҳдат, ваҳдати миллӣ ҳамчун арзиш ва дастоварди нодир;

- ҷудо накардан ва ҳамрадиф донистани якпорчагии кишвар, Истиқлоли давлатӣ бо ваҳдати миллӣ;

- ваҳдати миллӣ, пеш аз ҳама, бояд вазифаи ҳамгироикунанда дошта бошад;

- барҳам додани бунбасти коммуникатсионӣ, бартараф намудани монеаҳо дар байни минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ, дар ҳоле, ки шароити ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон то андозае барои наздикшавӣ монеа мегардид;

- баланд бардоштани сатҳи маърифати ҷомеа ва батадриҷ бартараф намудани «падидаи ногувори ҷудоиандозӣ»;

- паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ бо ҷалби мутахассисон аз минтақаҳои гуногуни кишвар;

- барои таъмин намудани ваҳдати миллӣ истифода бурдани ҷанбаҳои эътиқодии (динии) шаҳрвандон дар ҳоле, ки аксарияти шаҳрвандони кишвар мусулмонони ҳанафимазҳаб ҳастанд;

- тақвият бахшидани ваҳдати миллӣ ҳамчун як шакли идеяи миллӣ бо дарназардошти халал ворид накардан ба суботи аҳли ҷомеа;

- аз ҳама муҳимтар, баланд бардоштани иқтисодиёти кишвар, савияи маърифатнокӣ ва худшиносии миллӣ;

- таҳия намудани як консепсия ё ҳуҷҷати сирф идеологӣ вобаста ба ваҳдати миллӣ;

- бедор намудани ҳисси миллӣ ва шуҷоатмандии шаҳрвандон;

- тақвияти ҳувият ва худшиносии миллӣ дар байни қишрҳои гуногуни ҷомеа.

Хулоса, таҳлили самтҳои мухталифи масъалаи ташаккули ваҳдатгароӣ дар ҷомеаи имрӯзаи тоҷик нишон медиҳад, ки ваҳдати миллӣ асоси пешрафти миллату давлати мо буда, барои таъмини минбаъдаи манфиатҳои ҳаётан муҳимму бақодории миллат зарурати воқеӣ дорад. Ваҳдати миллии тоҷикон дар асл намунаи ваҳдати дигар миллату халқиятҳои ҳамсояи дуру наздик низ ҳаст. Онҳо имрӯз идеяи ваҳдатгароии моро ҳамчун сармашқи ҳалли низоъ ва моҷароҳои гуногун мавриди истифода қарор медиҳанд.

Аз ин рӯ, бо ифтихор бояд гуфт, ки миллати мо бо сарварии Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонист, ки дар муддати начандон тулонӣ кишварамонро аз вартаи ҷангу ҷидол ва театри ҷангии рақибони дохилию берунӣ раҳо созад. Пас мо қудрату тавоноии дигаре низ дорем, ки арзишҳои ваҳдату созандагӣ ва истиқлоли сиёсии хешро ҳамеша соҳибӣ намуда, ба чунин дастовардҳои бузурги миллӣ ифтихору эҳтироми самимӣ мегузорем. Ваҳдати миллӣ яке аз шартҳои муҳимми зиндагӣ ва бедории мардум аст, ки тавоноии кишварро таъмин менамояд.

Адабиёт:

1. А. Шарифзода, С. Айниддин, С. Шамсиддинзода. Эмомалӣ Раҳмон ва 25- соли истиқлолияти давлатӣ. - Душанбе, 2019.

2. Махмадов А.Н., Асадуллаев И.К. Национальный интерес Таджикистана (Метод, руководство). - Душанбе, 2009.

3. Махмадов А.Н., Хопёрская Л.Л. Национальное примирение: перспективы развития суверенного таджикского государства. -Душанбе,2017,

4. Народная газета. - 2001. - 7 июня

5. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати рӯзи Ваадати миллӣ дар ноҳияи Рашт. 26.06.2019, ноҳияи Рашт.

6. Муҳаммадзода П.А. Пешвои миллат-қосиди сулҳ ва меъмори вахдат// Вахдат, давлат, президент. Ҷ. 32.

7. Усмонов, И. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол [Матн] / И.Усмонов. - Душанбе. 2003. - 178 с.

8. Хотамов, Н.Б. Социально-экономические преобразования Республики Таджикистан в период суверенитета (1991-2006) [Текст] / Н.Б. Хотамов. - Душанбе; 2008. 268 с.

9. Абдуллоев, М.Х., Аъзамов, Х.С. Мақоми маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол [Матн] / М.Х. Абдуллоев, Х.С. Аъзамов. - Душанбе, 2011. 124 с.

10. Абдуллоев, М.Х, Аъзамов, Х.С, Аллоева, Ҳ.Ҳ. «Ислоҳот ва рушди маорифи Тоҷикистон дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ» [Матн] / М.Х. Абдуллоев, Х.С. Аъзамов, Ҳ.Ҳ. Аллоева. - Душанбе, 2016. 100 с.

11. Азамов, Х.С, Абдуллоев, М.Х. Судьбоносный поворот в истории независимого Таджикистана [Текст] / Х.С. Азамов, М.Х. Абдуллоев. – Душанбе, 2019. – 428 с.

ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА ВАҲДАТИ МИЛЛӢ - ТАВОНОИИ КИШВАР

Мақолаи «Истиқлолият ва ваҳдати миллӣ - тавоноии кишвар» ба таҳлили рукнҳои муҳимтарини суботи миллӣ ва рушди давлатдорӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар ин мақола нақши васеи истиқлолиятро ҳамчун пояи асосии барқарорсозӣ ва рушди ҳар як давлати мустақил таъкид мекунад. Истиқлолият имконият медиҳад, ки давлат мустақилона сиёсати дохиливу хориҷии худро муайян намояд, захираҳои иқтисодии худро самаранок идора кунад ва заминаи рушди устувори ҷомеаро фароҳам созад.

Ин таҳқиқ барои мутахассисон, сиёсатшиносон, иқтисоддонҳо ва донишҷӯён манбаи пурмаҳсул мебошад, ки аз таҳлили масъалаҳои таърихӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар баробари раванди мураккаби барқарорсозӣ ва рушд баҳра мебаранд. Дар маҷмуъ, мақола аҳаммияти ду омил - истиқлолият ва ваҳдати миллӣ - дар таҳкими тавоноии кишварро бо далелҳои қавӣ ва андешаҳои амиқ рӯшан мекунад.

Калидвожаҳо: Истиқлолият, Ваҳдати миллӣ, кишвар, рушд, давлатдорӣ, сулҳу амният, худшиносии миллӣ, субот, муҳит, иҷтимоӣ.

НЕЗАВИСИМОСТЬ И НАЦИОНАЛЬНОЕ ЕДИНСТВО- МОЩЬ СТРАНЫ

Статья «Независимость и национальное единство - мощь страны» посвящена анализу важнейших основ национальной стабильности и развития государственного строительства. Автор в данной работе подчеркивает широкую роль независимости как основной базы восстановления и развития каждого самостоятельного государства. Независимость даёт возможность государству самостоятельно определять внутреннюю и внешнюю политику, эффективно управлять экономическими ресурсами и создавать условия для устойчивого развития общества.

Данное исследование является ценной информационной базой для специалистов, политологов, экономистов и студентов, которые извлекают пользу из анализа исторических, политических и социальных вопросов, связанных со сложным процессом восстановления и развития. В целом, статья ясно демонстрирует важность двух факторов -независимости и национального единства - в укреплении мощи страны на основе убедительных доказательств и глубоких размышлений.

Ключевые слова: независимость, национальное единство, страна, развитие, государственность, мир и безопасность, национальное самосознание, стабильность, социальная среда.

INDEPENDENCE AND NATIONAL UNITY - THE STRENGTH OF THE COUNTRY

The article “Independence and National Unity - The Strength of the Country” is dedicated to analyzing the fundamental foundations of national stability and the development of statehood. The author emphasizes the crucial role of independence as the primary basis for the restoration and development of every sovereign state. Independence allows a country to independently determine its domestic and foreign policies, efficiently manage its economic resources, and create conditions for sustainable social development.

This study serves as a valuable resource for specialists, political scientists, economists, and students who benefit from analyzing historical, political, and social issues related to the complex process of restoration and development. Overall, the article clearly demonstrates the importance of two factors — independence and national unity — in strengthening the country’s power based on compelling evidence and deep reflection.

Key words: independence, national unity, country, development, statehood, peace and security, national identity, stability, social environment.

Маълумот дар бораи муаллиф: Абдуллоев Маҳмуд Холович, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров-16. E-mail: abdulloev.48@mail.ru Телефон: +992918685205.

Сведения об авторе: Абдуллоев Махмуд Холович, доктор исторических наук, профессор кафедры истории таджикского народа Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки, Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова-16. Электронная почта: abdulloev.48@mail.ru Телефон: +992918685205.

Information about the author: Abdulloev Mahmud Kholovich, doctor of historical sciences, professor of the department of history of the tajik people of the Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki, Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street-16. E-mail: abdulloev.48@mail.ru Phone: +992918685205.

УДК:32.1/323 (075.8)
С-54

РОЛЬ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАНА И РЕСПУБЛИКИ АФГАНИСТАНА В СОВМЕСТНОЙ БОРЬБЕ ПРОТИВ МЕЖДУНАРОДНОГО ТЕРРОРИЗМА (1993 – 1994 гг.)

Сафолзода К.М., соискатель
Института изучения проблем государств Азии и Европы НАНТ

Рано утром, 31 июля 2022 года, в Кабуле, был уничтожен, второй человек по политической значимости, в иерархии радикальной исламистской международной террористической группировки Аль-Каида, - после Усамы бен Ладена, - Айман аз - Завахири.

Западная пресса, сразу же огласила, что международный террорист, был убит с помощью американского беспилотника.

Интересным является то, что дом, в котором проживал международный террорист №2, располагался в престижном районе афганской столицы, в 200 метрах от Арга, - политического и административного центра Афганистана.

Само по себе существовании такого вопиющего факта, - присутствие главного международного террориста в столице Афганистана, где еще недавно присутствовала Международная коалиция по обеспечению безопасности в Афганистане, со своим стотысячным контингентом, борющиеся с терроризмом, наводить на мысль, что у нашего соседнего государства, по сей день сохраняется наивысшая напряжённость по установлению устойчивого мира и прочной стабильности, и что данное обстоятельство, не может, не стать

предметом пристального изучения данной проблемы в контексте конструктивных инициатив и предложений Основоположника мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона, служивших, прекрасной опорой, для совместной борьбы с этим злом человечества, – международного терроризма и экстремизма.

Более того, само по себе соседство Таджикистана с подобного рода платформами вызовов и угроз современности, обязывает посвятить этой тематике пристальное изучение и анализов, а также соответствующего внимания, так как реальные примеры не исключают вероятность расползания тлетворного влияния международного терроризма на другие территории региона, так далекого от идеального социально – экономического состояния, уровня бедности и других компонентов, препятствующих насаждения духа и идеи терроризма и экстремизма.

Основываясь на этом, в то же самое время, нужно учитывать, что если случившееся это простое сопоставлении фактов такого уровня, то возникают логические вопросы:

- кто и какие силы и группы привели террориста №2 – аз – Завахири, в Афганистан и какие цели и задачи они преследовали? Кто, в этом дестабилизирующем факте, заинтересован?

- кто и какие соответствующие круги и силы хотели его использовать в своих целях?

- неужели, только ради того, чтобы уничтожить?

- может быть какие-то заинтересованные силы и группы хотели дать новый импульс ИГИЛ и иным террористическим группам и силам в Афганистане, дать о себе знать, в качестве рычагов давления не только центрально азиатскому региону, но и всему миру?

Главным в этом контексте вопросов, остается то, что если анализировать суть проблемы, то выходить, что талибы, захватившие Кабул, не остались верны своим обещаниям, установить мир и стабильность в Афганистане. Вдобавок, к тому же, факт присутствия аз – Завахири в столице Афганистана, указвает на то или же подтверждает, что талибы не полностью разорвали свои отношения и связи с некоторыми международными террористическими организациями. Это обстоятельство, наводить на мысль о непростой военно – политической ситуации в Афганистане и возрастании влияния вызовов и угроз на центральноазиатский решион.

Более того, после их годичного пребывания в Афганистане, талибы, в качестве относительно управляющей силы, претендующие на официальное признание международного сообщества, тем событыем, подтвердили свою несостоятельность.

Более того, как раз к этому периоду приходиться самое трудное время для народов Афганистана, когда страна была на грани гуманитарной катастрофы. Как отмечают эксперты: «Зимой 2021-2022 гг. населению Афганистана всерьез угрожал голод. Катастрофы удалось избежать благодаря гуманитарной помощи со стороны ряда стран (прежде всего, соседних), а также ООН, которая предоставила помощь почти 20 млн афганцев. Следует добавить, что по оценкам международной организации «Save the Children», 50% афганцев недоедают и массовый голод по-прежнему угрожает стране» [5, с. 37]. Более того, природные катаклизмы, в виде неурожая и засухи, а также землетрясения произошедшее летом 2022 года в Афганистане, стали причиной гибели и ранения более тысячи жителей страны, где было разрушено более 500 домов.

Исходя из этого составляющего, для Таджикистана как всегда, наиважнейшими остаются вопросы мира и стабильности в соседнем государстве Афганистан, имеющий совместную границу, протяженностью 1400 км, что и требует немалых затрат, по ее защите и укреплению, с учетом вновь объявившиеся обстоятельств в этой стране.

Более того, как пишет некоторые западные эксперты, относительно роли и место Таджикистана по вопросу предотвращения вызовов и угроз, исходящих из Афганистана, даже для стран Европейского Сообщества, то: “С точки зрения ЕС, до захвата власти талибами летом 2021 года Таджикистан должен был обезопасить Запад от потенциального

распространения нестабильности, представляемой в основном как терроризм и организованная преступность» [6].

Если данный формат о ключевой роли Таджикистана в деле обуздания распространения не только контрабанды наркотиков, но и транснациональной преступности в страны СНГ и Европу подтверждается на таком высоком уровне, то последующее умозаключение того же автора о том, что: «Ныне ожидается, что Таджикистан поможет обезопасить Запад от побочных эффектов захвата власти талибами, таких как массовая миграция на Запад из-за нынешнего гуманитарного кризиса в Афганистане. Таджикистан является партнером ЕС в области безопасности, и он это прекрасно понимает» [6]. Тогда, выходить, что в этой всеобъемлющей борьбе против международного терроризма, находясь в такой близости к эпицентру нестабильности, место и роль Таджикистана приобретает особо важное значение, что в свою очередь требует специфического подхода, поддержки и содействия международного сообщества к нуждам нашей страны, в деле эффективной борьбы с этим злом планетарного масштаба.

Отсюда и возрастания важности и актуальности изучения вопроса борьбы Таджикистана с международным терроризмом.

Наверное, поэтому, учитывая все риски для Таджикистана, связанные после ухода США и их союзников из Афганистана, США, открывает в Республике Таджикистан, свою полноценную двустороннюю миссию USAID [6].

К тому же: «В новой стратегической программе для Таджикистана, запущенной в 2022 году, после захвата власти талибами, четко указаны риски, связанные с возвращением талибов к власти. Уже в первом абзаце этого документа говорится об «опасениях возрождения экстремизма и региональной нестабильности», то есть об основных факторах и причинах интереса США к Таджикистану» [6].

В наши дни, обострения глубокого системного кризиса в Афганистане, требует принятия всеобъемлющих мер со стороны международного сообщества, во главе ООН, способствующих регулирования внутренних и внешних факторов в этой стране, пока, что не подающих никаких намеков на развязку.

Основываясь на этом, «афганский узел», с учетом эскалации напряженности по направлению объединения определенных деструктивных сил и групп в Афганистане, с террористическим уклоном, имея тенденцию к расползанию за пределами страны, в том числе и на центральноазиатский регион, где в качестве форпоста выступает и Таджикистан, для предотвращения подобного рода вызовов и угроз, требует не только пристального взгляда, но и принятия конструктивных мер, что и актуализирует данную проблематику.

К тому же, остается в фокусе внимания и то обстоятельство, что само по себе нахождение этой стране в таких геостратегических координатах, то есть, в сердце Азии, несмотря на бегство Международной коалиции во главе с США и НАТО, безусловно и сейчас привлекает внимание множество государств, в том числе и великих.

В настоящее время, сложившуюся ситуацию усугубляет то, что хвостохранилища Согдийской области являются источником выделения радиоактивного газа - радона. С каждым годом только в Согдийской области заметно увеличивается количество больных онкологическими заболеваниями, основную часть которых составляют дети и подростки. Многие жители страдают гепатитом и туберкулезом. Аналогичная ситуация и на хвостохранилищах возле поселка Адрасман и г. Табошар в Согдийской области. Эти источники радиации вызывают особое опасение из-за того, что находятся вблизи населенных пунктов, а также небольших рек. Питьевой и технической воды здесь практически нет, и население использует для орошения и питья загрязненную воду. Около 70% всего населения г. Табошар страдают болезнью щитовидки, стремительно растет младенческая смертность, врожденных пороков и выкидышей у жительниц населенных пунктов Старый Табошар, Иззали, Каттаоличали Б. Гафуровского района Согдийской области.

Борьба с радиоактивными отходами в Таджикистан и в целом в Центральной Евразии выстраивается как многоуровневый процесс, сочетающий национальные меры

регулирования, техническую реабилитацию опасных объектов и активное международное сотрудничество. Ключевая особенность этой сферы заключается в том, что радиоактивные отходы представляют не только экологическую, но и санитарную, социальную и безопасностную угрозу трансграничного характера, что делает изолированные национальные решения заведомо недостаточными. На национальном уровне центральным инструментом стала разработка и реализация концептуальных и стратегических документов. В Таджикистане Национальная концепция по реабилитации хвостохранилищ отходов переработки урановых руд на 2014–2024 годы закрепляет приоритетный подход к наиболее опасным объектам. В первую очередь это хвостохранилища в городе Истиклол, затем объекты в Дегмае и районе Худжанда, расположенные вблизи трансграничных водных артерий. Подобная приоритизация отражает переход от декларативной политики к риск-ориентированному управлению, при котором ресурсы концентрируются на зонах с максимальным потенциальным ущербом для населения и окружающей среды. Практические меры включают инвентаризацию и мониторинг хвостохранилищ, оценку радиационных и экологических рисков, ограничение доступа к опасным объектам, укрепление дамб, рекультивацию загрязненных территорий и подготовку инфраструктуры для безопасного хранения радиоактивных материалов. [16, 33, 35, 41] Существенное внимание уделяется поиску и изъятию заброшенных источников ионизирующего излучения, сохранившихся со времен СССР, что имеет прямое значение для предотвращения радиационных инцидентов и незаконного оборота радиоактивных веществ. Однако ограниченные финансовые и технологические возможности национальных государств обусловили ключевую роль международного сотрудничества. Существенный вклад вносит МАГАТЭ, под эгидой которого был подготовлен Стратегический генеральный план по реабилитации урановых объектов в Центральной Азии. Этот документ стал методологической основой для определения приоритетных объектов, оценки рисков и выбора технических решений, адаптированных к природно-климатическим и социальным условиям региона.

Россия оказывает Таджикистану комплексную поддержку в сфере борьбы с радиоактивными отходами и ликвидации последствий урановой промышленности, оставшейся с советских времён. Поддержка России охватывает как практическую реализацию проектов по очистке и рекультивации, так и передачу технологий, экспертизу, подготовку кадров, финансирование и участие в региональных инициативах по безопасному обращению с радиоактивными материалами, что способствует снижению экологических рисков и повышению уровня безопасности населения Таджикистана. Основное направление помощи реализуется через российскую госкорпорацию «Росатом» и межправительственные соглашения между двумя странами. Финансовая помощь выражается в выделении целевых средств из бюджета РФ на реализацию программ по очистке радиоактивных территорий Таджикистана, с постепенным увеличением финансирования на протяжении нескольких лет. Россия для борьбы с радиоактивными отходами в Таджикистане выделила из своего государственного бюджета в пользу госкорпорации «Росатом» порядка 1,5 миллиарда рублей на период 2025–2028 годов для финансирования мероприятий по реабилитации территорий, пострадавших от уранодобывающей промышленности советского периода. В разные годы финансирование распределяется так: в 2025 году около 88 млн рублей, в 2026 году будет выделено до 261,3 млн, в 2027 году — до 565 млн, и в 2028 году — до 648,7 млн рублей. ((Sputnik Таджикистан). Кроме того, в рамках сотрудничества между правительствами Таджикистана и России предусматривается, что Россия может дополнительно выделять около $17 млн на рекультивацию ряда объектов, включённых в совместную программу по восстановлению бывших урановых объектов. Российские специалисты ведут работы по очистке и рекультивации территорий, загрязнённых радиоактивными отходами, включая хвостохранилища и свалки в районах Адрасман и Табошар. В рамках этих мероприятий проводится снижение уровня радиационной опасности, предотвращение распространения загрязнений в почве и воде, а также создание условий для безопасного последующего использования земель. Россия также предоставляет техническую и экспертную поддержку,

делясь опытом и технологиями в области оценки радиационной обстановки, проектирования очистных работ и мониторинга радиационного фона, а также участвует в подготовке таджикских специалистов и передаче навыков управления проектами по реабилитации. Кроме того, сотрудничество осуществляется на многостороннем уровне в рамках СНГ, где разрабатываются общие подходы к проблемам обращения с радиоактивными отходами и урановым наследием, что укрепляет научно-методическую базу взаимодействия.

Важную роль играет сотрудничество с Европейским союзом, в рамках которого реализуются проекты по подготовке технико-экономических обоснований и оценке воздействия на окружающую среду для ключевых хвостохранилищ. Финансирование осуществляется через специализированные инструменты ЕС в сфере радиационной безопасности, а работы выполняются международными консорциумами при участии национальных экспертов [17]. Такой формат позволяет не только привлекать ресурсы, но и передавать технологии, повышать квалификацию местных специалистов и формировать институциональную устойчивость. Значимым элементом международных усилий стала Межгосударственная целевая программа по рекультивации территорий, подвергшихся воздействию уранодобывающих производств, охватывающая Таджикистан, Казахстан, Кыргызстан и Россию. Ее логика основана на признании того, что радиоэкологические риски не совпадают с государственными границами, а потому требуют координации на межгосударственном уровне. Дополнительным шагом стало присоединение Таджикистана к Базельской конвенции, что усилило контроль за трансграничным перемещением опасных отходов и повысило защищенность страны от нелегального импорта радиоактивных материалов. В более широком безопасностном контексте меры по управлению радиоактивными отходами рассматриваются как элемент противодействия радиационному терроризму и незаконному обороту ядерных и радиоактивных материалов. Недостаточная оснащенность границ радиационными детекторами по-прежнему остается уязвимым звеном, однако проводимый мониторинг, международная техническая помощь и развитие регуляторных институтов постепенно формируют задел для укрепления превентивных механизмов. Таким образом, борьба с радиоактивными отходами в Центральной Евразии развивается по модели «совместной ответственности», где национальные стратегии дополняются международной экспертизой, финансированием и координацией. Эффективность этих мер напрямую зависит от устойчивости международного сотрудничества, политической воли государств региона и способности интегрировать радиоэкологическую проблематику в более широкую систему экологической и региональной безопасности.

Экологическая безопасность региона все в большей степени переплетается с нетрадиционными угрозами, включая незаконный оборот радиоактивных материалов, риски радиационного терроризма и потенциальные биологические угрозы. Геополитическая нестабильность сопредельных территорий, совпадение маршрутов нелегального оборота радиоактивных веществ с наркотрафиком и отсутствие полноценной системы радиационного контроля на границах усиливают уязвимость государств Центральной Евразии [17]. Дополнительную обеспокоенность вызывает рост биотехнологических исследований двойного назначения и ограниченность международных механизмов верификации в сфере биологической безопасности, что формирует новые источники стратегической неопределенности и недоверия. Рост биотехнологических исследований двойного назначения вызывает обеспокоенность экспертного сообщества и органов безопасности в Центральной Азии, включая Таджикистан, поскольку они сочетают в себе как мирные научные цели, так и потенциальную возможность злоупотребления для разработки опасных биологических агентов. Такие исследования включают работу с патогенами, токсинами и генетическими технологиями, которые могут быть использованы как для диагностики и лечения заболеваний, так и для создания новых штаммов организмов с повышенной вирулентностью, устойчивостью к лекарствам или пандемическим потенциалом — то есть обладают характером двойного назначения. Эта проблема усугубляется быстрым развитием

технологий синтетической биологии, редактирования генома и биоинформатики, которые облегчают манипуляции с биологическими агентами и могут быть использованы для разработки вредоносных модификаций с недостаточным уровнем контроля. Широкое распространение таких технологий обусловлено глобальными научными трендами, но требует усиления механизмов надзора и регулирования на международном уровне, поскольку существующие меры верификации, включая положения национальных законодательств и международные договоры, пока не полностью охватывают все аспекты двойного использования биотехнологий. Что касается Таджикистана, в стране имеются механизмы регулирования биобезопасности и биозащиты, в том числе Закон о биологической безопасности и биологической защите, регламентирующий порядок работы с контролируемыми биологическими агентами, токсинами и оборудованием двойного назначения, а также требования к лицензированию и контролю таких работ. Этот закон предусматривает полномочия государственных органов по контролю за биологическими рисками, включая импорт, экспорт и оборот материалов и технологий, потенциально опасных для здоровья населения и окружающей среды, что является попыткой включить аспекты двойного назначения в национальное регулирование. В регионе в целом, включая соседние государства, наблюдается активность в создании и оснащении лабораторий для диагностики и исследования инфекционных заболеваний, что объективно повышает научный потенциал, но вместе с тем требует усиления системы биобезопасности и контроля за материалами и технологиями двойного назначения, чтобы минимизировать риски злоупотребления или непреднамеренного распространения опасных патогенов без надлежащего верификационного механизма на международном уровне.

В совокупности указанные факторы свидетельствуют о том, что экологическая повестка в Центральной Евразии объективно выходит за рамки природоохранной проблематики и становится элементом архитектуры региональной безопасности. Создание наднациональных координационных механизмов, способных обеспечить реализацию принятых международно-правовых обязательств и превентивное реагирование на трансграничные экологические угрозы, представляется логичным этапом эволюции регионального сотрудничества. Именно такой подход способен превратить экологическую сферу из источника потенциальных конфликтов в инструмент укрепления доверия, устойчивого развития и долгосрочной безопасности Центральной Евразии.

В целом экологическая политика Таджикистана всё более отчётливо выступает не только как элемент национальной стратегии устойчивого развития, но и как ключевой фактор региональной безопасности. Экологическая безопасность, включая защиту ледников, всё в большей степени становится неотъемлемой частью общей архитектуры региональной стабильности, что объективно усиливает роль Таджикистана как одного из ключевых акторов в формировании коллективных подходов к предотвращению трансграничных экологических и климатических рисков в Центральной Азии.

Литература:

1. Алексеев С.С. Международное водное право и дипломатия: современные тенденции. — Москва: Наука, 2021. — 312 с.

2. Баранов П.Н. Мирное разрешение международных споров: водные конфликты и дипломатия. — Москва: Международные отношения, 2021. — 250 с.

3. Белоусов А.В. Информационные системы в управлении природными ресурсами. — Москва: Финансы и статистика, 2020. — 244 с.

4. Бекяшев К.А. Международное водное право. — Москва: Норма, 2019. — 456 с.

5. Водный кодекс Республики Таджикистан (в ред. 2023 г.). — Душанбе: Национальный центр законодательства, 2023. — 176 с.

6. Воронцов В.Е. Международно-правовые механизмы охраны трансграничных вод. — Москва: ИМПЭ, 2020. — 266 с.

7. Гуров С.В. Климатические изменения и водные ресурсы мира. — Москва: Географгиз, 2019. — 296 с.

8. Гуцуляк В.Н. Эволюция правового регулирования международных водотоков. — Киев: Юридическая мысль, 2015. — 284 с.

9. Гриневский О.В. Основы дипломатической теории и практики в природоресурсной сфере. — Санкт-Петербург: Изд-во СПбГУ, 2017. — 254 с.

10. Громыко А.А., Трофимов Д.С. Междисциплинарность в исследовании глобальных водных процессов. — Москва: Наука, 2020. — 280 с.

11. Данилов Д.А. Водная дипломатия в контексте международных отношений. — Москва: РИСИ, 2018. — 276 с.

12. Доклады ООН-Вода (UN-Water Reports). — Женева: UN Publications, ежегодно.

13. Доклад ООН о развитии водных ресурсов мира (WWDR). — Париж: ЮНЕСКО, ежегодно.

14. Зубарев В.Л. Международные комиссии по водным вопросам как институты миротворчества. — Москва: МГИМО, 2018. — 274 с.

15. Игнатьев П.Н. Международные переговоры по природным ресурсам: структура, механизмы, принципы. — Москва: МГИМО-Университет, 2016. — 220 с.

16. Каримов Д.Б. Амударья и Сырдарья: опыт международного водного сотрудничества. — Душанбе: Ирфон, 2021. — 256 с.

17. Киселёв В.И. Вода и политика: дипломатические аспекты управления природными ресурсами. — Москва: Аспект Пресс, 2019. — 288 с.

18. Киселёва Е.В. Инструменты экологической и водной дипломатии: международный опыт. — Москва: Юрайт, 2020. — 340 с.

19. Костин Р.С. Цифровое управление в водной сфере: технологии и международные практики. — Москва: Экономика, 2022. — 270 с.

20. Корнилов И.А. Теории и школы современного международного водного управления. — Москва: МАКС Пресс, 2022. — 332 с.

21. Кравченко Ю.А. Региональные модели водного сотрудничества: от Дуная до Меконга. — Москва: ИНИОН, 2019. — 352 с.

22. Лопатин В.Н. Глобальная водная безопасность и международные угрозы XXI века. — Москва: Международные отношения, 2020. — 358 с.

23. Мишин В.А. Методологические подходы к изучению водной дипломатии. — Москва: МГУ, 2019. — 310 с.

24. Морозова И.В. Трансграничные водные соглашения как фактор мира и сотрудничества. — Москва: Норма, 2020. — 276 с.

25. Мусаев К.Б. Межгосударственные водные отношения в Центральной Азии. — Ташкент: Университет, 2019. — 256 с.

26. Назаров А.Р. ООН и глобальное управление водными ресурсами. — Москва: Весь Мир, 2017. — 240 с.

27. Новак Е.Г. Водная дипломатия стран Глобального Юга. — Москва: Наука, 2021. — 298 с.

28. Обзоры результативности экологической деятельности. Таджикистан. Третий обзор. ООН. Нью-Йорк и Женева, 2017, с.132.

29. Обзоры результативности экологической деятельности. Таджикистан. Третий обзор. ООН. С.172; Более 1 млрд тонн урановых отходов остаются на территории Кыргызстана, Узбекистана и Таджикистана //https://centrasia.org/newsA.php?st=1541763300; В Таджикистане подведены итоги проекта по улучшению экологии на заброшенных объектах переработки урана//ИА «Авеста».

30. Пархоменко Е.В. Международно-правовые основы охраны и использования трансграничных водных ресурсов. — Москва: РУДН, 2020. — 312 с.

31. Петров С.Н. Конвенции ООН 1992 и 1997 гг. в международном водном праве. — Москва: РУДН, 2018. — 300 с.

32. Рахимова С.Х. Международные институты и водное сотрудничество в Центральной Азии. — Душанбе: Авесто, 2021. — 270 с.

33. Рахмон Э. Вода для жизни и устойчивого развития: международная миссия Таджикистана. — Душанбе: Ирфон, 2022. — 320 с.

34. Рахмонов М.Ш. Водно-энергетическая политика бассейнов Амударьи и Сырдарьи. — Худжанд: Дониш, 2020. — 298 с.

35. Саидов Х.С. Дипломатия Таджикистана и глобальные водные инициативы. — Душанбе: Контент, 2021. — 268 с.

36. Соловьёв Ю.П. Международные организации и устойчивое развитие: водное измерение. — Москва: ИМЭМО РАН, 2020. — 226 с.

37. Титов А.С. Международные соглашения по водным вопросам: правовые и политические аспекты. — Москва: Инфра-М, 2021. — 295 с.

38. Федорова А.А. Водная политика и цели устойчивого развития ООН. — Москва: ИНИОН РАН, 2021. — 312 с.

39. Хамдамов Б.Р. Водно-энергетические ресурсы Центральной Азии: потенциал и вызовы. — Душанбе: Ирфон, 2021. — 310 с.

40. Черняева М.Е. Экологическая дипломатия и устойчивое развитие. — Москва: МГИМО-Университет, 2018. — 262 с.

41. Шарифзода Л.Ш. Лидерство Таджикистана в мировой водной дипломатии. — Душанбе: Дониш, 2023. — 230 с.

42. Шевченко К.Л. Водные ресурсы и предотвращение международных конфликтов. — Киев: Академия, 2019. — 320 с.

43. Юсуфов А.М. Национальная политика водных ресурсов Таджикистана. — Душанбе: Ирфон, 2022. — 214 с.

ЭКОЛОГИЧЕСКИЙ И ВОДНО-ЭНЕРГЕТИЧЕСКИЙ ФАКТОРЫ В ТЕОРИИ И ИСТОРИИ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ

В статье рассматривается анализ и роль природных ресурсов — прежде всего воды и энергии — в формировании международных взаимодействий и конфликтов. Рассматривается, как экологические ограничения и распределение водно-энергетических ресурсов влияют на внешнюю политику государств, их сотрудничество и противостояние. Автор показывает, что доступ к воде и источникам энергии является важным стратегическим фактором, способным как усиливать напряжённость между странами, так и стимулировать кооперацию. В исторической ретроспективе приводятся примеры, демонстрирующие влияние ресурсных факторов на международные отношения.

Особое внимание уделяется современным вызовам — изменению климата, росту потребления ресурсов и необходимости устойчивого управления ими. Делается вывод о том, что экологический и водно-энергетический аспекты становятся ключевыми элементами глобальной политики и требуют развития механизмов международного сотрудничества. Повышение температуры, таяние ледников, учащение засух, селевых потоков и оползней трансформируют природные риски в долгосрочные угрозы устойчивости государств региона. В Таджикистане эти процессы проявляются особенно остро: сокращение площади ледников, изменение сезонного стока рек, заиление водохранилищ и рост ущерба от стихийных бедствий уже оказывают прямое влияние на инфраструктуру, сельское хозяйство и энергетику. Реализуемые при поддержке международных финансовых институтов проекты по адаптации к изменению климата свидетельствуют о понимании масштабов проблемы, однако их эффект остается ограниченным без согласованной региональной политики в сфере водопользования и климатической адаптации.

Ключевые слова: Экологический факторы, теория, история международных отношений, водно-энергетический факторы.

ОМИЛҲОИ ЭКОЛОГӢ ВА ОБӢ-ЭНЕРГЕТИКӢ ДАР НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Дар мақола таҳлил ва нақши захираҳои табиӣ — пеш аз ҳама об ва энергия — дар ташаккули ҳамкориҳои байналмилалӣ ва низоъҳо баррасӣ мешавад. Нишон дода мешавад, ки чӣ гуна маҳдудиятҳои экологӣ ва тақсимоти захираҳои обу энергетикӣ ба сиёсати хориҷии давлатҳо, ҳамкорӣ ва муқовимати онҳо таъсир мерасонанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки дастрасӣ ба об ва манбаъҳои энергия омили муҳими стратегӣ мебошад, ки метавонад ҳам танишҳоро байни кишварҳо шиддат бахшад ва ҳам ҳамкориро ҳавасманд кунад. Дар гузаштаи таърихӣ мисолҳое оварда шудаанд, ки таъсири омилҳои захиравиро ба муносибатҳои байналмилалӣ нишон медиҳанд.

Таваҷҷуҳи махсус ба чолишҳои муосир — тағйирёбии иқлим, афзоиши истеъмоли захираҳо ва зарурати идоракунии устувори онҳо зоҳир карда мешавад. Хулоса карда мешавад, ки ҷанбаҳои экологӣ ва обу энергетикӣ ба элементҳои калидии сиёсати ҷаҳонӣ табдил ёфта, рушди механизмҳои ҳамкории байналмилалиро талаб мекунанд. Баланд шудани ҳарорат, обшавии пиряхҳо, бештар шудани хушксолӣ, омадани сел ва ярчҳо хавфҳои табииро ба таҳдидҳои дарозмуддат барои устувории давлатҳои минтақа табдил медиҳанд. Дар Тоҷикистон ин равандҳо ба таври махсусан шадид зоҳир мешаванд: коҳиши майдони пиряхҳо, тағйирёбии ҷараёни мавсимии дарёҳо, лойқашавии обанборҳо ва афзоиши зарар аз офатҳои табиӣ аллакай ба инфрасохтор, кишоварзӣ ва энергетика таъсири мустақим мерасонанд. Лоиҳаҳои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, ки бо дастгирии ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ амалӣ мешаванд, аз дарки миқёси мушкилот гувоҳӣ медиҳанд, аммо самараи онҳо бидуни сиёсати ҳамоҳангшудаи минтақавӣ дар соҳаи истифодаи об ва мутобиқшавӣ ба иқлим маҳдуд мемонад.

Калидвожаҳо: Омилҳои экологӣ, назария, таърихи муносибатҳои байналмилалӣ, омилҳои обӣ-энергетикӣ

ECOLOGICAL AND WATER-ENERGY FACTORS IN THE THEORY AND HISTORY OF INTERNATIONAL RELATIONS

The article deals with the analysis of the role of natural resources — primarily water and energy — in the formation of international interactions and conflicts. It is considered how environmental restrictions and distribution of water and energy resources affect not only foreign policy and the state, but also cooperation and confrontation. The author shows that access to water and energy sources is an important strategic factor that can increase tension between countries and stimulate cooperation. In historical retrospect, there are examples that demonstrate the influence of resource factors and international relations.

Particular attention is paid to modern challenges - climate change, resource consumption and the need for sustainable management. It is concluded that environmental and water-energy aspects are becoming key elements of global policy and require the development of international cooperation mechanisms. The increase in temperature, the retreat of glaciers, the increase in floods, floods and landslides transform natural risks and long-term threats to the stability of the states of the region. In Tajikistan, these processes are particularly acute: the reduction of the area of the glaciers, the change in the seasonal flow of the river, the loss of water storage and the damage caused by natural disasters already have a direct impact on infrastructure, agriculture and energy. Projects implemented with the support of international financial institutions for climate change adaptation show an understanding of the scale of the problem, but their effect remains limited without a coordinated regional policy in the field of water use and climate adaptation.

Key words: Ecological factor, theory, history of international relations, water and energy factor.

Сведения об авторе: Абдубасиров Аброр Абдухамитович, кандидат исторических наук, доцент, заведующий кафедрой зарубежного регионоведения и внешней политики, Российско-Таджикского (Славянского) университета. Адрес: 734025, Республика

Таджикистан, город Душанбе, улица М. Турсунзода 30.Тел.: (+992) 555 555 763 (м.) abdubasirov89@mail.ru

Маълумот дар бораи муаллиф: Абдубасиров Аброр Абдуҳамитович, номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи минтақашиносии хориҷӣ ва сиёсати берунии Донишгоҳи (славянии) Русия ва Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода 30. Тел.: (+992) 555 555 763 (м.) abdubasirov89@mail.ru

Information about the author: Abdubasirov Abror Abdukhamitovich, candidate of historical sciences, associate professor, head of the department of foreign regional studies and foreign policy, Russian-Tajik (Slavonic) University. Address: 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, M. Tursunzoda street, 30. Tel.: (+992) 555 555 763 (mob.) E-mail: abdubasirov89@mail.ru

ТДУ: 93,5(2 тоҷик)

ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ЗАМИНДОРӢ ВА НАМУДҲОИ АНДОЗҲО ДАР ҲУДУДҲОИ ХОНИГАРИИ БУХОРО (АСРҲОИ XV – XVII)

Боқиев Р.У., н.и.т., дотсент, Дустов Н., унвонҷӯ
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Дар омӯзиши давраҳои таърихии халқи тоҷик таҳқиқи муносибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мақоми махсусро ишғол мекунад. Халқи тоҷик яке аз мардуми муқимишудаи ҳудудҳои Осиёи Миёна ба шумор рафта, тарзи хоҷагидории онҳо аз кишоварзӣ ва зироаткорӣ иборат буд. Маҳз аз ҳамин лиҳоз, омӯзиши таърихи муносибатҳои аграрӣ, тарзи заминдорӣ ва коркарди он, намудҳои андоз ва андозситонӣ, зиддиятҳои байни феодалон, боёну ашрофони сулолавӣ ва деҳқонон муҳим ва зарур мебошад.

Шакли муҳимми заминдорӣ дар ҳудудҳои Мовароуннаҳр ин «иқтаъ» ва «суюрғал» ба ҳисоб мерафт. Ин навъи заминдорӣ махсусан дар асри XVI густариш ёфт. Ҳокимон ба амирон, саркардагони ҳарбӣ ва намояндагони сулолаҳо ноҳияҳо ё вилоятҳоро ҳамчун инъом ва мукофот мебахшиданд. Соҳибони иқтаъ ва суюрғал ҳуқуқ доштанд аз аҳолии деҳот андоз ҷамъоварӣ намоянд ва қисми муайяни даромадро истифода баранд. Дар бисёр ҳолатҳо чунин заминҳо меросӣ мегардиданд ва соҳибони онҳо мустақилияти нисбӣ пайдо мекарданд [1, с. 32].

Хусусияти дигари заминдорӣ дар хонии Бухоро афзоиши нуфузи руҳониён ва муассисаҳои динӣ буд. Дар асрҳои XVI–XVII қисми зиёди заминҳо ба муассисаҳои динӣ ҳамчун «вақф» дода мешуданд. Даромад аз ин гуна заминҳо барои нигоҳдории масҷидҳо, мадрасаҳо ва хонақоҳҳо сарф мегардид. Руҳониёни калон ва хоҷагони машҳур, махсусан намояндагони хоҷагони ҷӯйборӣ, соҳиби заминҳои васеъ гардида, ба ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии давлат таъсири калон мерасониданд [3, с. 17].

Дар асоси таҳқиқоти муаррихон муайян карда шуд, ки дар ҳудуди Бухорои шарқӣ ду шакли истисмори деҳқони мехнаткаш муайян карда шуд, ки он асосан аз меҳнати бемузд, ҳамчун уҳдадориҳои маҷбурии деҳқон ба фоидаи амирон ва бекҳо буд.

Масъалаи ҷамъоварии боҷу хироҷ ва андозҳои аҳолии хонигарии Бухоро дар асрҳои XV-XVI яке аз масъалаҳои асосии маъмурияти идории ин хонигариро муайян мекард.

Дар таҳқиқи худ А.А. Семенов оиди андозҳо, яке аз масъалаҳои асосии хонигариро дар ҷуброн ва ҷамъоварии андозҳо ва боҷу хироҷ медид [14, с. 5]. Дар таҳқиқи Р.Г. Мукминова омадааст, ки дар хонигарии Бухоро косибону ҳунармандон дар асри XVI ба 32 намуди касбу ҳунар машғул буданд, ки аз онҳо андозҳо ситонида мешуд ва он ҳамчун уҳдадории асосии аҳолӣ ба ҳисоб мерафт. Асосан дар даврони салҷуқиён намудҳои дигари боҷу хироҷ, ки барои нигоҳдории лашкар аз тарафи амлокдорон андозаи он муайян карда шуда буд, аз тарафи мардум ва аҳолӣ супорида мешуд [10, с. 27].

Дар ибтидои асри XX дар Бухоро, тибқи таҳқиқи А.А. Семенов зиёда аз 34 млн. рубли аморат дар бонкҳои давлатӣ ва шахсии Россия нигоҳ дошта мешуд. Манбаи асосии даромади

хонигарии Бухоро ин истифодаи заминҳои обӣ аз тарафи аҳолӣ буда, аз онҳо ба хазинаи хон ва амир андозҳо ҷуброн карда мешуданд [14, с. 29].

Манбаи асосии боҷу хироҷ ва андозҳо дар хонигарии Бухоро ин истифодаи замин буд, ки он ба чаҳор қисм ҷудо карда шуда буд: 1) мулки хурр ва ё мулки хурру холис (заминҳои аз андоз озодшуда); 2) мулки хироҷ; 3) мулкҳои ушри; 4) заминҳои амлоки.

Дар таҳқиқоти А. Хаников ва Д.Н. Логофет омадааст, ки соҳибони «мулки хурру-холис» ба давлат ва амир ягон қирон андоз намесупориданд, чунки ин заминҳо барои қаҳрамонӣ ва шуҷоату далерӣ дар ҷангҳо ба сардори навкарон аз юзбошиҳо боло, аз тарафи хон ва амир ҳамчун туҳфа дода мешуд ва ин намуди заминҳо аз андозҳо озод буданд. Соҳибони байтул-мол метавонанд ин заминро ба чаҳор тариқа истифода барад: 1) мерос гузорад; 2) ба касе бахшад; 3) фурӯшад; 4) ба тариқи вақф гузорад [9, с. 79].

Дар ҳудуди аморати Бухоро ба ғайр аз ин намуди истифодабарии замин ва андозҳо, намуди дигари андози замин - мулки **ушрӣ** низ вуҷуд дошт, ки он аз даҳ як ҳиссаи ҳосили заминро дар бар мегирифт [7, с. 53].

Аз маълумоти дар боло овардашуда бармеояд, ки дар аморати Бухоро аз асри XV сар карда се намуди заминҳо ва ё мулкҳо вуҷуд дошт: 1) мулки хурру холис, 2) мулки хироҷ, 3) мулки ушрӣ.

«Амлок» ин калимаи арабӣ буда, маънои «мулк»-ро дорад ва заминҳои амлокӣ ин ҳамон «заминҳои мулкӣ» ба шумор меравад. Аз заминҳои «амлокӣ» дар натиҷаи ҳосили хуб, аз 10 таноб то 3 таноб ва ё аз 15 то 20 танга (яъне 1 таноб = 5 танга) ҷуброн карда мешуд. Дар натиҷаи камҳосилӣ бошад, то 1 таноб ва ё то 5 танга пули нақд ҳамчун андоз ситонида мешуд. Чунин намуди андозситонӣ аз асри X1 – яъне аз давраи салҷуқиён то давраи амир Музаффархон дар аморати Бухоро вуҷуд дошт [8, с. 236].

Аз давраи салҷуқиён намуди дигари андоз, ки он аз мардумони ғайримусулмон ситонида мешуд бо номи «ҷизя» маълум буд. Ин намуди андоз асосан дар худи Бухоро аз гурӯҳи этникии яҳудиён ситонида мешуд, ки онҳо ҳамчун мардуми ғайримусулмон ҳисобида мешуданд [5, с. 132].

Амир Темур боигарӣ ва қудрати давлатро дар се шакл, дар «заминҳо, хазина ва лашкар» медид. Боигарӣ ин ғорат кардани вилоятҳо ва давлатҳои истилошуда ва ё ба зери тассаруф даромада, яъне «ба яғмо бурдан ва талаю тороҷи вилоятҳо нест». Ғорат кардани он ба харобшавии хазинаи давлати ғолиб, ки баъдан ба камшавии қудрати лашкар, сустшавӣ ва парокандагии давлат оварда мерасонид. Чи тавре, ки худи Амир Темур қайд кардааст: «Дар ҳолате, ки вилоят ва ё давлатро истило мекардам, ҳатман дар бораи даромади ин вилоят маълумот ба даст меовардам ва агар мардуми ин вилоят хоҳиш мекарданд, ман ҳамон тартиботи ҷорӣ бударо бетағйир мемондам» [8, с. 141].

Дар ҷамъ кардани андозҳо аз заминҳои наве, ки аз тарафи Амир Темур истило карда шудаанд, аввалан маълумот дар бораи ҳосил пешкаш карда шуда аз 3 ҳиссаи ҳосил, ду ҳиссааш ба соҳиби замин дода шуда, танҳо як ҳиссаи ҳосили он ҷуброн карда мешуд. Чунин намуди андоз ҳамчун «хироҷ» аз заминҳои обӣ ситонида мешуд. Хироҷ ин яке аз намудҳои уҳдадори аз замин ба шумор мерафт, ки он аз даврони темуриён то ба даврони манғитҳо омада расид [8, с. 311].

Ба ғайр аз ин намудҳои андози замин дар давраи темуриён уҳдадориҳои зиёде ба мисли андоз аз ҳосили мевачот, андоз аз алаф, ки он баъдан дар асри XIX номи «алафпулӣ»-ро гирифт, ситонида мешуд. Дар даврони темуриён аз тамоми маҳсулоти хоҷагиҳо замине, ки ҳосил ба даст меомад андоз ситонида мешуд. Соҳиби замин метавонист ба тариқи пул андозро ҷуброн кунад, ки он бо мисқол ҳисоб карда мешуд. Заминҳое, ки бекор хобида, солҳои тулонӣ коркард ва обёрӣ нашудаанд, дар соли аввали коркард шуданашон дар давраи темуриён аз андоз озод карда шуда, дар соли дуюм соҳиби замин чи қадаре, ки тавонад андоз месупорид. Тибқи қонунҳои заминдории даврони Амир Темур барои кишти чунин заминҳои бекорхобида ба шахсоне, ки чунин заминҳоро коркард мекунанд бо юғу испор ва ҳатто барзагов барои кишт кумак мекард. Тамоми қонунҳои даврони Амир Темур мувофиқи принсипи «Қувва дар ҳақиқат» таъсис дода шуда буд [8, с. 353].

Дар асри XVI дар ҳудудҳои хонигарии Бухоро заминҳо бо номи «ҳисорӣ» вуҷуд дошт, ки он ба сокинони шаҳр барои коркард ба иҷора дода мешуд ва онҳо асосан дар атрофи шаҳр буданд [15, с. 43].

Дар Бухоро пас аз муғулҳо ва дар давраи ба қудрат расидани темуриён ва баъдан манғитҳо номгӯйи андозҳо иваз шудан гирифт, лекин дар асл бошад, намудҳои андозҳо аз давраи муғулҳо арзи вуҷуд дошта қариб, ки бе тағйир то асри XVIII ва ҳатто то ба асри XIX омада расидааст. Масалан, дар даврони ҳукмронии манғитҳо сарлашкарони манғит барои дар ҷангҳо ҷасорату қаҳрамонӣ нишон доданашон дар баробари инъомҳои пулӣ, ҳамчунин бо заминҳо низ мукофотонида мешуданд. Яке аз чунин инъомҳо ин заминҳои «танхоҳ» буд, ки онро хон ва ё амири Бухоро ба сардори дастаи сад нафара аз юзбошӣ болоро сарфароз мегардонид. Дар ҳайати лашкари манғитҳо юзбошиҳои рус низ меҷангиданд. Дар лашкари Дониёр-атолиқ яке аз дастаи 100 нафараи он бо сарварии Ефремов, ки мақоми юзбоширо гирифта буд, меҷангид [7, с. 113].

Дар даврони ҳукмронии манғитҳо дар хонигарии Бухоро тибқи маълумоти этнограф - муаррихи рус Д.Н. Логофет, заминҳои «амлок»-и ва «хурру-холис» вуҷуд дошт. Муаррих чунин қайд кардааст: «амлокҳо ин ҳамон мулкҳоеанд, ки онҳо ҳамчун туҳфа аз байн рафтаанд ва васиқа навиштани номаҳои давлатӣ аз онҳо бардошта шудааст ва ин намуди замин ба хироҷ ҳамроҳ карда намешавад. Аз ин намуди замин, бинобар сабаби набудани қарори қозикалон ва шоҳидон ва ё набудани ягон ҳуҷҷат бо муҳри амир, андози хироҷ ситонида мешуд. Чунин заминҳо дар давоми солҳо агар ба тариқи мерос гузошта нашаванд, оқибат боз ба амир баргардонида мешуд [9, с. 149].

Муаррихи дигари рус А.Ф. Маендорф, ки онро дар маълумотҳояш И.П. Петрушевский овардааст: «Заминҳои амлоки яке аз даромади асосии бекҳо ба шумор мерафт, чунки ин заминҳо тез-тез аз даст ба даст фурӯхта мешуд ва тартиби ҳуҷҷатгузорӣ аз байн рафта буд» [11, с. 154]. Дар натиҷа ин заминҳо бе ҳуҷҷат буда, аз онҳо хироҷ ситонида мешуд, ки ба кисаи худи бек мерафт, чунки бек дар ҳисоботаш ин заминро ҳамчун замини «танҳо» ишора мекард. Заминҳое, ки ҳамчун «заминҳои амлокӣ» қайд карда мешуд, хироҷи он аз тарафи амлокдорҳо ҷамъ карда мешуд ва амлокдор танҳо ба амир итоат мекард на ба бекҳои маҳаллӣ [1, с. 155].

Муаррихи дигари рус Д.Н. Логофет қайд кардааст, ки заминҳои «амлокӣ ин заминҳои нимдавлатӣ ба ҳисоб мераванд» ва аз ин заминҳо танҳо 50%, яъне аз ним ҳиссаи ҳосил ба тариқи маҳсулот нею бо пули нақд андози «хироҷ» ҷуброн карда мешуд [9, с. 157].

А.А. Семенов дар таҳқиқоташ овардааст, ки заминҳои «амлокӣ» ин ҳамон заминҳоеанд, ки дар давраи темуриён ҳамчун заминҳои «хироҷ»-и истифода бурда мешуданд [14, с. 43]. А.А. Семенов қайд кардааст, ки шахсе, ки аз «заминҳои амлокӣ» хироҷ ҷамъ мекарданд «амлокдор» номида мешуд ва ӯ ҳатман маблағи аз чунин заминҳо гирифтаашро дар ҳисоботаш қайд мекард. Заминҳое, вуҷуд доштанд, ки соҳиби он сари вақт «хироҷ»-ро супорида наметавонист, Чунин заминҳоро амлокдорон аз аҳолӣ кашида мегирифтанд ва ҳамчун «мулкҳои вақф» ҳисобида ба намояндаи руҳоният месупориданд [14, с. 22].

Дигар намуди заминҳое, ки дар Бухоро дар асҳои XVI- XVIII истифода бурда мешуд, ин **заминҳои хонӣ, заминҳои амирӣ ва ё заминҳои подшоҳӣ** номида мешуданд.

Дар ибтидои асри XVI, яъне дар даврони ҳукмронии шайбониён дар тамоми ҳудудҳои Мовароуннаҳр дар байни аҳолӣ оиди андозситонӣ ягон низоми муайяне вуҷуд надошт. Истилогарони муғул ва муассисаҳои андозҷамъкунии онҳо дар маҳаллаҳо тибқи хоҳиши худ рафтор намуда, аҳолиро бераҳмона истисмор ва ғорат мекарданд, ҳаҷми андозро худсарона чӣ қадаре, ки хоҳанд, ҳамон қадар зиёд менамуданд.

Дар асри XVI аз ҳама андози баландтарин дар ноҳияи Шероз ҷорӣ шуда буд, ки марказӣ асосии иқтисодиёт дар ин манотиқ ба шумор мерафт. Дар ин музофот ҳаҷми муайяни андозҳо чунин оварда шуда буд: 190 дирҳам аз гандуму ҷав, 192 дирҳам аз макка, 213 дирҳам аз майдони пахта, 1425 дирҳам аз ангурзор. Дар сарзамини Форс бошад аз 1/10 то 1/4 ва ё аз 1/3 қисми ҳосилро месупориданд [12, с. 56].

Этноними калимаи «суюрғал» муғулӣ буда, ба қавли олими рус И.П. Петрушевский маънои «инъом, туҳфа»- ро ифода мекунад [8, с. 232]. Ба «суюрғал» - ҳо ободтарин ва

ҳосилноктарин воҳаҳои Осиёи Миёна дохил мешуданд. Масалан, Хуҷанд барои ҷалоирҳо, Қашқадарё барои барлосҳо, қисмати ҷануби Тоҷикистон барои қавуҷинҳо «суюрғал» буд [15, с. 119].

Пас аз ишғоли муғулҳо иқтисодиёт дар ноҳияву шаҳрҳои Мовароуннаҳр, хусусан дар хонигарии Бухоро ба пастшавии иқтисодиёт оварда расонид, вале пурра аз байн нарафт. Дар рӯзномаи Хузистон баъзе нишондодҳо оиди андоз аз замин муайян карда шудааст, ки он аз 1/10 фоизи ҳосилро ташкил менамуд [12, с. 128].

Тибқи маълумоти Сайфии Ҳиравӣ дар соли 1320 писари ҳокими Ҳирот Fиёсиддини Курт – Шамсиддин аз вассали худ, ҳокими Фароҳ, малик Яналтегин талаб намуд, ки барои сарбозони Ҳирот 5000 харвор гандум, ки 1.850.000 кг. ташкил мекард, аз зертобеони худ ҷамъоварӣ намояд. Ӯ бо вазирони худ маслиҳат карда, ба Шамсиддин хулосаи худро гуфтанӣ шуда ба вай навишт, ки ҳоло сол ба охир расиду ҳамаи гандуми фармуда тақсим шуд. Баъд аз як моҳ мо аз ҳосили нав ба Шумо гандум равон мекунем [12, с. 143].

М.А. Абдураҳимов дар бораи «суюрғал» дар таҳқиқоташ чунин овардааст:«Суюрғал ин ҳамон андозест, ки ҳамчун ифодаи «дарубаст (дарбаст)» дар вақфномаҳои Захириддин Бобур ёдовар шудааст. Бобур ба шайх-ул-исломи Андиҷон Сайидқозим Хисамитддин ҳамчун «дарбаст» мавзеи Дучӯй ва Оқработро бахшидааст. Ва аз ин ҷониб ашхоси дар ин мулкҳо ва заминҳо кишт мекардагӣ аз дах як ҳиссаи ҳосилро ё бо маҳсулоти ҷамъоварда ва ё мутобиқан ба пул ба намояндагони шайхул-ислом ҷуброн кунанд. Ва аз ин заминҳо бар нафъи давлат набояд андоз ситонида шавад» [1, с. 46]. Муаррих ин ақидаро давом дода, чунин қайд мекунад: «Ифодаи «суюрғал» ин маънои ҳамон «дарубаст»- ро дорад, чунки соҳибони он аз андозҳои давлатӣ озод буданд. Истилои «дарубаст» аввалин маротиба дар даврai темуриён истифода бурда шуда, баъдан дар замони шайбониён нисбатан ифодаи «суюрғал» зиёдтар дар вақфномаҳо ва ярлиқҳо истифода бурда мешуд» [1, с. 47].

Дар маҷмуаи «Дастур-ал-котиб» ҳуҷҷате оварда шудааст, ки тибқи он дар ноҳияи Меҳронруд барои султон Увайси Ҷалоирӣ маҳалле харидорӣ шуда буд. Ба масъулон ва сокинони маҳалла дастур дода шуда буд, ки онҳо ҳар сол дар назди вакилони давлат дар бораи ҳамаи даромадҳо, аз ҷумла гандум ва дигар намуди озуқаворӣ маълумот диҳанд [1, с. 311].

Аз навиштаҳои Рашидаддин бармеояд, ки ӯ аз маҳаллоти тобеи худ ҳамчун андоз аз замин маҳсулотро ҷамъ намудааст. Қисми асосии даромади Рашидаддин аз хоҷагиаш буд ва ин даромад барои таъмини хизматгарон, навкарҳо ва сардорон сарф мешуд [12, с. 211].

Дар мактуби Рашидаддин ба писараш, Маҷидуддин дар бораи номгӯйи намудҳои дарахтони мевадиҳанда ва маҳсулоти ҷамъшудааш маълумот медиҳад ва менависад, ки ӯ 50.000 ман ангур, 62.000 ман анор, 37.000 ман себ, 4.500 ман мавиз, 9.000 ман нок, 7.000 ман биҳӣ , 56.000 ман тарбуз, 213.000 ман харбуза, 100.000 ман хурмо, 200 ҳазор дона афлесун, 20 ҳазор дона лимӯ, 3000 ман шафтолу, 5000 ман анҷир ва ғайра дорад. Барои зимистон ин маҳсулотро аз дигар ҷой намехарад ва аз ҳосили боғоти худ маҳалли худашро ва тобеони худро таъмин менамояд. Қисми зиёди даромад аз замин ҳамчун туҳфа ба ашхоси муътабар, намояндагони баландмартабаи дин, намояндагонаш дар маҳаллҳо, хизматгорон ва амсоли онҳо бахшида мешуд. Масалан, Рашидаддин ба шайхи маъруфи дарвешон Сайфиддини Ардебилӣ ба миқдори 15.000 ман гандум, 30.000 ман биринҷ, 400 ман равғани гов, 400 литр шароб, 800 ман асал, 1000 ман шарбати ангур, 200 ман шири туруш, 400 ман қанд, 100 ман набот, 30 сар буқа, 130 сар гӯсфанд, 130 сар ғоз, 600 дона мурғ, 50 мисқол мушк, 1000 динор пули нақд ва ғайраҳоро ҳамчун туҳфа пешкаш намуда буд. Тибқи маълумоти дар мукотибот овардашуда дастрас намудани ин мавод аз маҳаллаҳои тобеи Рашидаддин - Табрез, Халхол, Шоҳруд, Доруғ, Астора, Сарав, Пишкин ва Ардабил бояд амалӣ мегашт [12, с. 252].

Инъом ва вақфе, ки Рашидаддин ба мутаваллии бемористони Шероз, табиби маъруф Маҳмуд ибни Илёс ҷудо намуда буд аз 80.000 ман гандум, 60.000 ман арзан, 60.000 ман биринҷ, 1000 динор пули нақд, 50 қитъа матоъ, як либоси мӯинаи санҷоб, як дона аспи арабӣ бо зину афзол иборат буд. Ба мутаваллии бемористони Ҳамадон, пешвои табибони он давр Ибн Маҳдӣ, идрори доимӣ таъйин намуд ва аз ҳисоби даромади маҳаллӣ Зоҳидобод ҳар сол ба ӯ 5000 ман гандум ва 2000 динор пули нақд дода мешуд. Рашидаддин барои изҳори миннатдорӣ ба мавлоно

Садриддин Муҳаммади Туркон, ки дар васфи ӯ асар эҷод карда буд, ба ҷуз аз матоъҳои қимматбаҳо боз инъоми зиёде ба мисли гандум, арзан, биринҷ ва ғайра равона намуд, ки онҳо бояд аз маҳаллаҳои Дастаҷард, Кӯзакунон, Гандумон ва Қурболии вилояти Форс дастрас мегардиданд [12, с. 205].

Маоше, ки ба коргарони давлатӣ ё ин ки ба хизматгорон, дода мешуд ба маблағ ё бо гандум қисман аз камбағалони ҳамин вилоят гирифта мешуд ва ба одамони олимақом барои таъмини хӯрокаи онҳо сарф карда мешуд. Яке аз роҳи даромади тоҷирон ин истифодаи замини «танхоҳ» буд, ки бо воситаи ин тоҷирон метавонистанд якчанд маротиба миқдори андозро зиёд кунанд.Тоҷирон як занҷири асосии низоми истисмори оммаи мазлум ва халқи заҳматкаши деҳқон дар Мовароуннаҳру Хуросон ба шумор мерафтанд.

Уламо низ мавқеи пешинаи худро аз даст надода буданд. Махсусан, вақте ки хонҳо ва ашрофони муғул дини исломро қабул намуданд, имтиёзҳои ин табақаи ҷамъиятӣ боз зиёдтар шуд. Идоракунии заминҳои зиёди хусусӣ ва вақф дар дасти онҳо буд.

Дар натиҷаи тадқиқот се шакли асосии заминдории он давра ғайр аз заминҳои вақф муайян гардид: милк (милки хос), мамлакаи «инҷу» ва мамлакаи «девон». Академик Б. Ғафуров баъди таҳқиқ ва муқоисаи таҳқиқоти мутахассисон категорияҳои заминро дар давраи истилои муғулҳо ба чунин намудҳо ҷудо менамояд: замини давлатӣ; милки феодалӣ ва инҷу; замини вақф; милки деҳқон [6, с. 181].

Дар санадҳои таҳқиқшуда мулки деҳқон ва ҳам мулки феодал «милк» номида мешавад. «Милк» гуфта моликияти хос - моликияте, ки ба шахсони алоҳида тааллуқ дорад, дар назар дошта шудааст. Мумкин сабаби дар санадҳо ба як мафҳум ифода шудани ин мулкҳо моликияти хусусии одамони алоҳида будани онҳо бошад, гарчанде ба табақаҳои гуногуни ҷамъият мутааллиқанд. Ин ду навъи мулк то истилои муғулҳо вуҷуд доштанд ва дар давраи истилои муғулҳо низ аз байн нарафта буданд. Аз заминҳои «милк» андоз гирифта мешуд.

Сарчашмаҳои эронӣ заминҳое, ки ба сардори давлату хонадони ӯ ва намояндагони онҳо мутааллиқ буданд, заминҳои «инҷу» меномиданд. Ин гуна заминҳоро ба тариқи хизматона тақдим мекарданд, онро ба «вақф» медоданд, туҳфа мекарданд ва мефурӯхтанд. Ин заминҳо монанди «милк» вуҷуд доштанд ва танҳо фарқи асосӣ дар он буд, ки милк ба шахсони алоҳида ва «инҷу» танҳо ба сардорони давлат ва хонадону вассалҳои он тааллуқ дошт. Барои ҳамин ҳам «милк» (милки феодал) ва «инҷу» - ро ҳамчун як категория ҳисобиддан мумкин аст. Заминҳои «инҷу» ниҳоят зиёд буданд ва аз он андоз намеситониданд. Ин заминҳо аз ҳисоби мусодираи заминҳои феодалони маҳаллӣ ва ба таҳти ҳимояи хонҳо ва аъзои сулолаҳо мегузаштанд. Роҳи дигари зиёдшавии ин заминҳо харида гирифтани заминҳои «милкӣ» буд [8, с. 241].

Оид ба заминҳои «девон» маълумоти хеле фаровон аз маъхазҳои эронӣ дастрас шудаанд. Заминҳои девон асосан давлатӣ буданд ва идоракунии онҳо аз тарафи девон марказонида шуда буд, зеро манбаи асосии зиёдшавии хазина аз фоидаи ин заминҳо буд. Миқдори заминҳои девон дар ҳудудҳои Осиёи Миёна чӣ қадар буд, маълум нест.

Шакли аз ҳама паҳншудаи намудҳои замин, ин замини вақф буд. Дар санадҳои ба дастомадаи асрҳои XVI-XVIII, ки аз тарафи О.Д. Чехович нишон медиҳанд, ки дар давраи ҳукмронии муғулҳо ин шакли замин хеле афзудааст [18, с. 225]. Як сабаби афзоиш дар он буд, ки хонҳои муғул бо уламои ислом гузаштҳои зиёд менамуданд ва онҳоро аз андозу хироҷ озод мекарданд. Дар давраи лашкаркашиҳои муғулҳо ин заминҳо низ тороҷ ва поймол гардида буданд. Вале худи чунин шакли заминдорӣ боқӣ монд ва ҳатто то андозае инкишоф ёфт. Дар давраҳои аввали истило муғулон ба идоракунии мулк аҳаммият намедоданд ва идоракунӣ дар дасти намояндагони маҳаллӣ буд ва ин низ боиси боқӣ мондани ин шакли заминдорӣ ва инкишофи он гардид.

Дар вақфномаи соли 1326 омадааст, ки Сайфиддини Бохарзӣ як ноҳияи калонро аз наздикии Бухоро ба фоидаи мақбара ва хонақои бобояш тақдим намуд. Таҳқиқи мутахассисон нишон дод, ки ин ноҳия аз 13 маҳалли калони аҳолинишин иборат буда, майдони он 100 км^2 - ро ташкил медодааст. Дар давраи ҳукмронии муғулҳо якчанд мадрасаҳо сохта шуданд, ки ба онҳо заминҳои зиёде тақдим гардида буданд. Заминҳои вақфро ба иҷораи ҳокимону амалдорон додан

мумкин набуд ва ин чиз дар вақфномаҳо қайд шудааст. Ин як тарзи асосии мубориза муқобили кӯшиши азхудкунии заминҳои вақф аз тарафи амалдорону ҳокимон буд [17, с. 76].

Дар давраи ҳукмронии муғулҳо маросими аз нав тақсимкунии заминҳо ба амал омад ва ин ба тағйир ёфтани таркиби аристократияи феодалӣ оварда расонид. Қисме аз табақаи заминдорони собиқ безамин гардиданд ва табақаи нави заминдорон пайдо шуданд. Дар Осиёи Миёна монанди Эрон дар аҳди ҳукмронии муғулҳо як шакли инъомдиҳии феодалӣ вуҷуд дошт ва он хеле тез равнақ ёфт. Ин инъомро бо забони арабӣ иқтаъ ва бо истилоҳи муғулӣ суюрғал мегуфтанд. Ҳаҷми иқтаъ ва суюрғал гуногун буд. Дар ибтидо иқтаъ ба саркардаҳои ҳарбӣ дода мешуд, вале баъдтар дар аҳди Ғазонхон ноҳияҳои калон ба тарзи иқтаъ ба сарбозони муғул тақдим мешуданд. Иқтаъ ин ҳуқуқ ба замин, об ва тамоми даромадҳои он, ба одамони сокини маҳал, ба мерос мондани он ва ҷамъ овардани хироҷ аз тарафи иқтаъдор буд [11, с. 52].

Ҳамин тариқ, дар хонигарии Бухоро аз асри XVI то асри XIX, яъне аз даврони ҳукмронии сулолавии шайбониён, аштархониён ва манғитҳо дар тарзи истифодабарии заминҳо қариб, ки ҳеҷ фарқият дида намешуд. Намудҳои андозҳо низ аз давраи муғулҳо сар карда, танҳо номгузории худро тағйир дода, дар асл ин ҳамон намуди андозҳое буд, ки аз аҳолии хонигарии Бухоро бо зулму ситам аз тарафи феодалон ва шайхҳои ҷӯйборҳо ҷуброн карда мешуд.

Адабиёт:

1. Абдурахимов М.А. Очерки аграрных отношений в Бухарском ханстве в XVI - первой половине XIX вв. Т.1. Ташкент, 1966, -370 с.
2. Айни С. Таърихи амирони манғитияи Бухоро. [Текст]. - Душанбе. – 2023.- 240 с.
3. Ахмедов Б.А. Роль Джуйбарских ходжей в общественно-политической жизни Средней Азии XVI–XVIII вв. [Текст]. // Духовенство и политическая жизнь на Ближнем и Среднем Востоке в период феодализма. М., 1985. С. 16–31.
4. Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия [Текст].. Соч.Т.1., М,1963, -761с.
5. Вамбери Г. История Бухары или Трансоксании с древнейших времен до настоящего. Т. 1-2. -СПб., 1873. -272 с.
6. Ғафуров Б. Тоҷикон, таърихи қадимтрин, қадим ва асрҳои миёна. -Душанбе. Ирфон. 2009. -487 с.
7. Исмаилова Б.И. Бухарский эмират при эмире Хайдаре.-Худжанд, 2000.- 200 с.
8. История Узбекистана.(XVI- первая половина XIX века). –Фан. Изд-во АН РУ. – Ташкент. 2012, - 776 с
9. Логофет Д.Н. Бухарское ханство под русским протекторатом. _-СПб.11911.-407с.
10. Мукминова Р.Г. К истории аграрных отношений в Узбекистане XVI в. По материалам «Вакф-наме». – Ташкент: Фан, 1966. – 352 с.
11. Петрушевский И.П. Земледелие и аграрные отношения в Иране XIII – XIV веков. АН СССР. – М. – Л., 1960. – 363 с.
12. Рашид - ад-дин. Сборник летописей. Т. I. Кн. I. – М-Л., 1952. –222 с.; Т.I. Кн. 2. – М-Л., 1952. – 316 с.;
13. Семёнов А.А. К вопросу о происхождении и составе узбеков Шайбанихана. АН Тадж. ССР. Институт истории, археологии и этнографии. Труды, том XII. Сталинабад. 1954, - 154с.
14. Семенов А.А. Очерки поземельно податного и налогового устройства Бухарского ханства.-Ташкент.1929.-78с.
15. Сухарева О.А. К истории городов Бухарского ханства. -Ташкент, 1958. - 293с.
16. Фитрат А. Три документа по аграрному вопросу в Средней Азии. Записки Инст-та востоковедения АН СССР. Том. II, № 2. 1933. – Ленинград. – С. 69-87.
17. Ҳамдуллоҳ Муставфии Қазвинӣ. Нузҳат ал-қулуб. Лейден-Лондон, 1915. 231с.
18. Чехович О.Д. Бухарские поземельные акты XVI - X1X вв. АН СССР. Институт истории. Проблемы источниковедения. Вып.IV, М; -1955, -С.223-242

ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ЗАМИНДОРӢ ВА НАМУДҲОИ АНДОЗҲО ДАР ҲУДУДҲОИ ХОНИГАРИИ БУХОРО (АСРҲОИ XV – XVII)

Муаллифон дар мақола хусусиятҳои хоси заминдорӣ ва намудҳои андозҳоро дар ҳудудҳои хонигарии Бухоро дар даврони ҳукмронии темуриён, шайбониён ва аштархониён дар асрҳои XV-XVII инъикос кардаанд. Муаллифон қайд мекунанд, ки дар ҳудудҳои Осиёи Миёна, хусусан дар Эрон аз давраи муғулҳо ба тезӣ яке аз намудҳои инъомҳо паҳн гардид, Ин намуди инъомҳо «иқта»-и арабӣ буд, ки дар даврони муғулҳо «суюрғал» ном гирифт. Дар мақола фарқиятҳои иқта ва суюрғал, ки бо ҳаҷм ва андозаи худ аз якдигар фарқ мекарданд, нишон дода шудааст. Аввалан иқта танҳо ба сарлашкарон ҳамчун инъом бахшида мешуд, лекин баъдан дар давраи Ғазонхон тибқи шартномаҳо ба лашкарони муғулҳо ҳамчун иқта низ бахшида мешуд. Иқта ҳамчун инъом на танҳо ҳуқуқи замин, балки обҳо ва даромадҳое, ки аз ин замин аз тарафи аҳолӣ ҷамъ карда мешуд, ба соҳиби иқта бахшида мешуд.

Муаллифон дар навиштани мақола аз осорҳои муаррихони рус А.А. Семнов, О.Д. Чехович, И.П. Петрушевкий, Д.Н. Логофет истифода бурдаанд.

Калидвожаҳо: таърих,идоракунӣ,хонигарӣ, аҳолӣ, андоз, заминдорӣ, хусусиятҳои хос, муғулҳо, таҳқиқот, об.

ОСОБЕННОСТИ ЗЕМЛЕВЛАДЕНИЯ И ВИДЫ НАЛОГОВ НА ТЕРРИТОРИИ БУХАРСКОГО ХАНСТВА (XV-XVIII ВВ.)

В статье авторы отражают особенности землевладения и виды налогов на территории Бухарского ханства в периоды правления Тимуридов, Шейбанидов и Аштарханидов в XV–XVII веках. Авторы отмечают, что на территории Средней Азии и особенно в Иране со времен монгольского владычества быстро распространился один из видов пожалований. Данный вид пожалования представлял собой арабскую «икту», которая в монгольскую эпоху получила название «союргал». В статье показаны различия между иктой и союргалом, отличавшимися друг от друга своим объемом и размерами. Первоначально икта жаловалась только военачальникам, однако позже, в период правления Газан-хана, согласно указам, стала предоставляться в качестве икты и рядовым монгольским воинам. Икта как пожалование передавала владельцу права не только на землю, но и на воду, а также на доходы, собиравшиеся с этой земли населением.

При написании статьи авторы опирались на труды русских историков А.А. Семенова, О.Д. Чехович, И.П. Петрушевского и Д.Н. Логофета.

Ключевые слова: история, управление, ханство, население, налог, землевладение, характерные особенности, монголы, исследование, вода.

FEATURES OF LAND OWNERSHIP AND TYPES OF TAXES IN THE TERRITORY OF THE BUKHARA KHANATE (15TH-18TH CENTURIES)

In this article, the authors reflect on the characteristic features of land tenure and the types of taxes in the territory of the Khanate of Bukhara during the reigns of the Timurids, Shaybanids, and Ashtarkhanids in the 15th–17th centuries. The authors note that in Central Asia, and particularly in Iran, one type of land grant rapidly spread starting from the Mongol period. This type of grant was the Arabic «iqta», which came to be known as «soyurghal» during the Mongol era. The article highlights the differences between iqta and soyurghal, which differed from each other in their scope and size. Initially, iqta was granted only to military commanders, but later, during the reign of Ghazan Khan, under specific decrees, it was also granted as iqta to Mongol soldiers. As a grant, iqta transferred to its owner not only the rights to the land, but also to the water resources and the revenues collected from the population living on that land.

In writing this article, the authors utilized the works of Russian historians A.A. Semenov, O.D. Chekhovich, I.P. Petrushevsky, and D.N. Logofet.

Keywords: history, administration, khanate, population, tax, land tenure, characteristic features, Mongols, research, water.

Маълумот дар бораи муаллифон: Боқиев Рузибек Усмонович, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров-16. Телефон: +992988868649

Дустов Насим, унвонҷӯйи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров - 16. E-mail: ndustov99@mail.ru Телефон: +992987318889

Сведения об авторах: Бокиев Рузибек Усмонович, кандидат исторических наук, доцент кафедры истории таджикского народа Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова-16. Телефон: +992988868649

Дустов Насим, соискатель кафедры истории таджикского народа, Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова-16. Электронная почта: ndustov99@mail.ru Телефон: +992987318889

Information about the authors: Bakiev Ruzibek Usmonovich, candidate of historical sciences (phd), associate professor at the department of history of the tajik people, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address**:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov Street, 16 Phone**:** +992988868649

Dustov Nasim, applicant at the department of history of the tajik people, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address**:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov Street, 16 Email**:** ndustov99@mail.ru Phone**:**+992987318889

Муқарриз: Суфиев С.Н., н.и.т., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ: 93,5

ВАЗЪИ СИЁСӢ - ИҶТИМОИИ МОВАРОУННАҲР ДАР АСРИ XVI - ИБТИДОИ АСРИ XVII

Дустов Н.О., унвонҷӯ
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Маркази илму маърифати Мовароуннаҳр дар асрҳои XVI-XVII ин шаҳрҳои Бухоро ва Самарқанд ба шумор мерафт. Охири асри XV-ибтидои асри XVI вазъи сиёсӣ ва иқтисодии Мовароуннаҳр ниҳоят суст шудан гирифт. Яке аз сабабҳои асосии чунин вазъ ин низоъҳои дохили амирон, боёну ашрофон ва муноқишаҳои қавму авлодҳо барои тахту тоҷи аморати Бухоро буд. Ба ҳудудҳои Мовароуннаҳр қабилаҳои кӯчманчиёни муғулитабор ва туркзабон тохтутоз карда, мардуми осоиштаро ғорат кардан гирифтанд, ки дар натиҷа аҳолии Самарқанду Бухоро ба ҳар тараф пароканда шуд.

Барои тахту тоҷи Самарқандро ба даст овардан ҳокими Тошканд – Юнусхон (1415-1487) низ ҳаракатҳои зиёд мекард. Пас аз марги Юнусхон дар Тошканд писараш – Маҳмудхон (1487-1509) ба қудрат расид [10, с. 142].

Дар ҳудудҳои Дашти Қипчоқ набераи Абулхайрхон - Муҳаммад Шоҳбахт – Шайбонихон (1451-1510) пас аз марги бобояш тавонист дар атрофи худ қабилаҳои узбектабори дашти Қипчоқро муттаҳид карда ба заминҳои ҳамсоя - темуриён ҳуҷум кунад. Маҳмудхон ба Шайбонихон дар бисёр ҳолатҳо кумак карда, дар бисёр ҳолатҳо ӯро дастгирӣ мекард. Маҳмудхон ба Шайбонихон дӯст ва содиқияташро нишон дода ҳудудҳои Отрарро бахшид.

Соли 1498 Маҳмудхон бо лашкари 5 ҳазорнафара мақсади ба Самарқанд ҳуҷум карданро кард. Лекин хабари ба Самарқанд лашкар кашидани Шайбонихонро аз самти

шимол шунида, Маҳмудхон аз мақсадаш баргашт. Дар натиҷа Шайбонихон худи ҳамон сол ба Самарқанд лашкар кашид, ки дар ин давра ҳокими Самарқанд намояндаи сулолаи темуриён Султон Али-мирзо (1498-1500) буд. Мардуми Самарқанд аз ҳокими худ хеле норозӣ буданд. Дар баробари ин дар байни ашрофон ва амирону хонҳои қабилавӣ ва сулолавии Самарқанд низоъ пайдо шуд. Як гӯруҳро Хоҷа Яҳё ва Муҳаммад Язид - тархун, ки ӯ духтарашро ба зани ба Шайбонихон дода буд ва душмани домодаш буд, сарвари мекарданд. Гурӯҳи дуюмро бошад, худи ҳокими шаҳр Султон Али-мирзо раҳбарӣ мекард ва тарфдоронаш Иброҳим мирзо, Амир Мирзо Ҳусайн, Амир Иброҳим буданд [1, с. 57].

Ба ҳамаи ин низоъҳои дохилаи боёну ашрофони шаҳр нигоҳ накарда, мардуми Самарқанд тавонистанд дар муҳорибаи соли 1498 дар муттаҳидӣ бо лашкари дохила, аз худ дифоъ кунад. Аҳолии Самарқанд, хусусан косибону ҳунармандон барои ҳимояи оила ва шаҳри худ муттаҳид шуда, хандақҳо ва иншоотҳои мудофиавӣ сохта, деворҳои шаҳрро мустаҳкам карданд.

Дар муҳорибаи назди Самарқанд Шайбонихон шикаст хӯрда, маҷбур шуд ба самти шимол ақибнишинӣ кунад. Лекин соли 1500 Шайбонихон тавонист Султон Али-мирзоро бо фиребу найранг ба доми худ андохта, амирон ва хонҳои Самарқандро ба тарафи худ кашад. Шайбонихон тавонист аз муноқишаҳои ашрофон истифода бурда, бо кумаки онҳо худро хони Самарқанд эълон кунад. Муҳаммад Шайбонихон тавонист ба осонӣ Бухороро низ ба зери тасарруфи худ дарорад [13, с. 43].

Муҳаммад Боқихон мехост бо лашкари самарқандиҳо якҷо шавад, лекин Шайбонихон ӯро пешгирӣ карда, дар давоми соли 1500 ба самти Бухоро ба тези лашкар кашид. Ба Бухоро наздик шудани Шайбонихонро шунида, аҳли амирон ва феодалҳои маҳаллӣ бо сардории Боқӣ Муҳаммад ба пешвози ӯ баромаданд. Пас аз баргаштани Шайбонихон ба Самарқанд, Муҳаммад Боқӣ хост боз хони Бухоро шавад ва ин овоза ба гӯши Шайбонихон расид. Соли 1501 Шайбонихон дуюмбора ба Бухоро лашкар кашид ва қариб тамоми мардумро аз дами теғ гузаронид. Соли 1503 Шайбонихон Тошканд ва соли 1505 Урганҷро забт кард. Соли 1504 Шайбонихон ба ҳудудҳои Хуталон лашкар кашида, боигарии зиёдеро бо худ бурд. Шайбонихон соли 1506 аз Амударё гузашта вилояти Балхро муҳосира кард. Соли 1507 бошад, ба Шайбонихон муяссар гардид, қариб бе ҷанг Ҳиротро ба зери тасарруфи худ дарорад. Ҳудудҳои Туркистон ва Хоразм низ дар даҳсолаи аввали асри XVI ба зери тасарруфи Шайбонихон даромаданд [7, с. 31].

Ҳамин тариқ, дар 10 соли аввали асри XVI ба давлати Шайбонихон ҳудудҳои Чорҷӯй, Марв, Туркистон, Хоразм, Астаробод, Самарқанд, Бухоро, Балх, Машҳад, Ҳирот ва тамоми Мовароуннаҳр итоат мекард. Пас аз вафоти Шайбонихон (1510) пояи давлати мутамарказ суст шуда, баъзе вилоятҳои он дар алоҳидагӣ мустаъқил шудан гирифтанд. Балх то миёни асри XVII ҳудудҳои Тохаристон, Бадахшон, Бомиён, Чағониён ва Бадахшонро дар бар мегирифт. Қисми заминҳои давлати шайбониёнро шоҳи Эрон –Исмоили- I ба зери тасарруфи худ даровард. Соли 1511 Хоразм ба дасти ҳукумронони нави қабилаҳои узбеки Дашти Қипчоқ бародарон Илбарсхон ва Байбарсхон гузашт [9, с. 336].

Ин давраи таърихӣ ба ҳукмронии сулолаи шайбониён рост меояд. Пас аз вафоти Шайбонихон дар соли 1510, ҳукмронии хонигарии Бухоро то оғози асри XVII ба 13 намояндагони ин сулола бо навбат ба якдигар мегузарад. Ҳудудҳои хонигарии Бухоро дар ин давра музофотҳои хеле васеъро дар бар гирифта, он на танҳо Мовароуннаҳр, балки Туркистон ва қисмати Хуросонро дар бар мегирифт.

Суюнчхоҷахон соли 1524 барои ба даст овардани заминҳои мардуми шиамазҳаб ба Хуросон лашкар мекашад. Дар ҳудуди Бухоро тамоми хонҳо ва амирони узбекҳо бо сарварии Убайдуллохон ба истиқболи ӯ баромаданд. Ба лашкари Суюнчхоҷахон қабилаҳои узбекҳои атрофи Бухоро ҳамроҳ шуданд. Давоми 3 рӯз лашкари Суюнчхоҷахон аз Амударё гузашта дар наздикии Балх маскан гирифт. Омадани лашкари узбекҳоро шунида тамоми қозиёт ва амирони Балх ба пешвозаш баромада аз Суюнчхоҷахон авф талаб карданд, хони узбек ба мардуми Балх авф эълон карда ба тарафи Ҳирот раҳсипор гардид [14, с. 79].

Аз наздик шудани лашкари узбекҳо ба Ҳирот, хабари аз муҳориба даст кашидани баъзе сарлашкарони форс, аз ҷумла Таҳамасп-писари Исмоил ба Суюнчхоҷахон расид. Таҳамасп, бинобар сабаби кам будани лашкараш нисбат ба лашкари узбекҳо, аз ҷанги рӯ ба рӯ худдорӣ мекунад ва фармон медиҳад, ки дар қалъаҳо панаҳ шаванд. Аз ин вазъи дохилии Ҳирот бохабар шуда, қисме аз сарлашкарони қабилаҳои узбек бе фармони Суюнчхоҷахон ба Ҳирот наздик шуда, хайма заданд. Рӯзи дигар муҳорибаи шадид байни лашкари Суюнчхоҷахон ва Таҳамасп рух дод. Дар ин муҳориба Суюнчхоҷахон қариб буд пирӯз шавад, лекин сарлашкарони узбекҳое, ки дар камин буданд ва бояд дар фурсати даркорӣ ба ҷанг медаромаданд, аспҳои худро ба тарафи Амударё ронда аз ҷанг берун шуданд. Қизилбошҳое, ки аз тарафи Таҳамасп бар зидди Суюнчхоҷахон меҷангиданд, далерӣ ва ҷасорат нишон доданд [14, с. 115].

Суюнчхоҷахон маҷбур шуд то зимистони соли 1524 ба Тошканд баргашта, хост дуюмбора ба Хуросон ҳамла кунад. Лекин ин ба ӯ муяссар нагардид, баҳори соли 1526 пас аз касалии бардавом ӯ вафот мекунад ва ба ҷои худ писараш Муҳаммад-султонро хони Тошканд ва Фарғона эълон мекунад. Туркистон дар ин давра ба писари Кучкунчихон – Убайдулло-султон тааллуқ дошт.

Шурои хонҳо, сарлашкарон ва пирони қабилаҳои узбак ба унвони вориси тахти Бухоро набераи Абулхайрхон- шоҳзода Ҷонибек Султонро интихоб карданд. Дар байни қабилаҳои узбек авлод нақши ҳалкунанда мебозид, зеро агар дар аввал хон калонсол, сарфи назар аз сифатҳои шахсии ӯ, сарвари олӣ ё хони тамоми қабилаҳо интихоб мешуд, нафари баъд аз ӯ буда ҳатман вориси тахт мешуд. Набераи Улуғбек - Кучкунчихон соли 1512 бо сабаби сарвар ва хони давлати навтаъсиси узбекҳо таъйин шуданаш, дар атрофи худ қабилаҳои на танҳо узбак, балки муғулитабори чағатойро ҷамъ карда буд. Бисёре аз ин қавму қабилаҳо вориди Бухоро шуда дар канори қабилаҳои маҳаллӣ қабилаҳои алоҳидаи худро таъсис доданд, ки дар натиҷа ҷараёни ҳамроҳшавии қабилаҳои кӯчманчӣ ва аҳолии мукимӣ хеле аламовар ва дарднок мегузашт.

Пас аз марги Кучкунчихон дар соли 1530 ба тахт писараш Абу Саид менишинад, ки ҳамагӣ 3 сол ҳукмронӣ кард. Соли 1533, пас аз марги Абу Саид бо қарори хонадони шайбониён Убайдуллохон «хони Бузург» эълон карда шуд. Акнун дар ҳудудҳои Мовароуннаҳр ҷараёни бошиддати туркикунонии аҳолии форсизабони муқимишуда-тоҷикон идома ёфт. Дар атрофи Убайдуллохон ба ғайр аз қабилаҳои узбеки кӯчманчӣ, қабилаҳои турки бодиянишин низ ҷамъ омаданд ва онҳо ҳаракат мекарданд то дар худи Бухоро ҷойгир шаванд.

Дар шаҳрҳо ва вилоятҳои Мовароуннаҳр ҷараёни бошиддати иқоматкунандагон аз ҷумлаи мансабдорони узбак, ки дар идоракунии давлати Шайбониён ба хон мусоидат мекарданд, яку якбора хеле зиёд гардид. Пас аз ба қудрат расидани Убайдуллохон ҷангҳои дуру дарози байни кабилавии туркизабонҳо ва узбекҳо дар ҳудудҳои Мовароуннаҳр хеле кам шуд. Агар таи 300 сол қабилаҳои туркизабонҳо аз дасти Чингизхон мағлуб шуда буданд ва онҳо дар сарзамини Мовароуннаҳру Хуросон харобиҳои даҳшатовар ба сари мардум оварданд, пас аз ба қудрат расидани шайбониёни узбек, дар як сарзамин муборизаи шадиди байни қабилаҳои туркизабон зиёдтар гардид. Ин мубориза акнун хусусияти дигар гирифта, зиёдтар ба муборизаҳои байнисулолавӣ ва авлодӣ-қабилавӣ табдил ёфт. Ҳар як қабила ва ё авлод барои соҳиб шудани тахту тоҷи Бухоро мубориза мебурд, чунки ин хонигарӣ дар асри XVI ҳудудҳои бузурги Мовароуннаҳр, қисмати Хуросон ва Туркистонро дар бар гирифта буд [7, с. 58].

Аҳолии форсизабони тоҷик, ки тарзи ҳаёти муқимӣ доштанд ва аз кишоварзони муқимӣ буданд, дар ҳудудҳои Хуросон ва Мовароуннаҳр ҳангоми задухӯрдҳои байни қабилаҳои кучманчиёни узбак ва туркҳои бодиянишин доимо ба азобу шиканҷа гирифтор буданд. Бисре аз сарлашкарони шайбониён ва аштархонӣ оҳиста-оҳиста аз тарзи ҳаёти кӯчи даст кашида, дар ҳамсоягии кишоварзон зиндагӣ карда, тарзи ҳаёти нимкӯчиро касб карданд, баъзеи дигар қабилаҳо ба тарзи ҳаёти муқимӣ гузаштанд, ки ин ҷараён ба омехтагии этникии ин мардумон таъсир расонид.

Дар натиҷаи хешу таборӣ пайдо кардани қабилаю авлод ва қавмҳои туркизабон аз як тараф ва муғулҳо аз тарафи дигар, онҳо ба мурури замон бо риштаи хешу таборӣ бо якдигар пайваст шуданд. Масалан, писарони хони бузурги узбакхо Абулхайрхон - Суюнчхоҷахон ва Кучкунчихон наберахои Улуғбеки темурӣ буданд, чунки модари онхо Робия-бегим духтари ин олими донишманд буд. Модари Султон Бобур бошад, Кутлук-Нигорхонум духтари дуюми хони муғул- Юнусхон буда, аз авлоди бевоситаи Чағатой, писари Чингизхон буд. Дар навбати худ Шайбонихон ба хоҳари ҳокими Самарқанд - Султон Аҳмад Мирзо издивоҷ карда, хонадони шоҳии Ҷучӣ ва Ҷағатойро бо ҳам муттаҳид кард. Баъдан Шайбонихон ба хоҳари Султон Бобур - Хонзода Бегим хонадор шуд ва аз ин издивоҷ Хуррамшох ба дунё омад, ки баъдан волии узбекони Балх шуд.

Хулоса, алоқаҳои никоҳи- оилавӣ ва хешу таборӣ байни сардорони қабилаҳои узбек, темуриён-аз як тараф ва чағатайҳо ва муғулҳо то ба дараҷае печида буд, ки алангаи бадбинию муборизаҳои дохилиро хомӯш карда, бисёре аз ин қавму авлодҳоро бо ҳам зич пайваст.

Ҳудудҳои давлати Шайбониён дар давраи ҳукмронии Абдуллохони II васеъ гардида, он музофотҳои Мовароуннаҳр, Туркистон ва қисмати Хуросонро дар бар мегирифт. Дар даврони ҳукмронӣ намояндагони давлати Шайбонихон бо кумаки бисёре аз қабилаҳои кӯчманчӣ барои ба даст овардани Бухоро ҷаҳду талошҳо мекарданд. Абдуллохони II (1557-1598), ки яке аз намояндагони сулолаи шайбонӣ ба шумор мерафт, тавонист то бисёре аз қабилаҳои кӯчманчиёнро дар атрофи худ муттаҳид созад ва дар солҳои 80-уми асри XVI ба яке аз давлатҳои бузург табдил гардад.

Дар яке аз сарчашмаҳои асрҳои XVI – XVII «Матлаб-ал-толибин» омадааст, ки писари ягонаи Абдуллохони II бо номи Абдулмуъмин, ки ҳокими Балх буд, дар якҷоягӣ бо яке аз хонҳои узбек Абдул Боқӣ, хони Бухоро – Абдуллохони II-ро заҳр дода нобуд сохтанд. Дар натиҷа ба сари қудрат дар Бухоро Абдулмуъмин меояд, ки ӯ низ дар натиҷаи сӯиқасди дарбориён пас аз 6 моҳи ба қудрат расиданаш кушта мешавад [1, с. 124]. Абдулмуъмин – писари ягонаи Абдуллохони II, аз тарафи яке аз хонҳои узбеки Шибирғон – Абдусамад-бий, ки аз қабилаи кенагасҳо буд, кушта мешавад. Дар гузашта Абдусамад-бий яке аз амирони Шаҳрисабз буда, ҳамасола ба Абдуллохони II ба маблағи 150 ҳазор танга ҳамчун боҷу хироҷ ба хазинаи хони Бухоро месупорид. Дар натиҷаи ин кушторҳои дарборӣ охирин намояндаи сулолаи шайбониён Пирмуҳаммадхон, ки амаки Абдуллохони-II буд ба тахт менишинад [1, с. 177].

А.А. Семенов қайд кардааст, ки солҳои 1560-1561 Абдуллохони II ба Хуросон лашкар кашиданӣ шуда, мақсади тамоми Хуросонро ба зери тасарруфи худ қарор додани будааст. Хилофат ва муносибатҳои дарбории давлати Шайбониён ба дараҷае расида буд, ки хонҳо дар натиҷаи бадбинии якдигар ва кушторҳои дарборӣ аз сулолаи шайбониён нафаре пайдо карда натавонистанд, ки пас аз кушта шудани Абдулмуъмин, ӯро ба тахти Бухоро шинонанд. Ин буд, ки таърихи ҳукмронии зиёда аз 90 солаи сулолаи шайбониён ба тезӣ аз байн бурда шуд [14, с. 79].

Султонҳои қабилаҳои қазоқ, ки солҳои тулонӣ мақсади ба даст овардани Бухоро ва заминҳои Мовароуннаҳрро доштанд, аз муносибатҳои байни падару писар Абдуллохон ва Абдулмуъмин огаҳ шуда, барои амалӣ гардонидани мақсади деринаашон камар бастанд. Султони иттиҳоди қабилаҳои кӯчманчии қазоққо Таваккал-султон ба Бухоро лашкар кашид. Аз ҳарду тараф дар байни ҳудудҳои Тошканд ва Самарқанд лашкари зиёде рӯ ба рӯ омад. Дар ин муҳорибаи хунин лашкари Абдуллохони II, ки то ин вақт дар набардҳо пирӯзӣ ба даст меовард, шикаст хӯрд. Бисёре аз сарлашкарони Абдуллохони II ба Бухоро гурехта паноҳ бурданд. Абдуллохони II, ки дар натиҷаи муомилаи хуб надоштан бо писараш Абдулмуъмин, ба ин ҷанг он қадар аҳаммият надод ва хонҳою амиронеро ба ҷанг омода сохт, ки муносибати хуб бо сулола надоштанд.

Абдуллохони II барои ба тезӣ аз вазъияти рухдода раҳоӣ ёфтанаш, амир Кулбобо Кукалтошро ба наздаш хонда, барои ҷамъ кардани лашкари нав фармон дод. Дар як муддати кӯтоҳ Абдуллохони II тавонист лашкари зиёдеро ҷамъ карда бар зидди султони қазоқ

Таваккалхон роҳи Самарқандро пеш гирифт. Саломатии Абдуллохони II вазнин гашта, дар роҳи Самарқанд вафот мекунад [10, с. 21]. Мардуми муқимии Тошканд, ки аз дасти ғоратгарии қабилаҳои қазоқҳо ба дод омада буданд, соли 1581 ба гуруснагии сахт дучор гаштанд. Ба қавли Муҳаммад Юсуфи Муншӣ, ки дар «Тазкираи Муқимхон» ва маъруф бо асари «Таърихи Муқимхон» овардааст, «…дар Тошканд чунон гуруснагӣ шуд, ки мардум сагу гурбаҳоро хӯрданд». Ба қавли ин муаллиф, санаи вафоти Абдуллохони II ин июли соли 1598 мебошад. Дар дигар сарчашмаи таърихӣ, ки муаллифи он Искандари Муншӣ мебошад санаи фавти Абдуллохони II моҳи марти 1598 омадааст [7, с. 122].

Соли 1561 хони бузурги Шайбониён - Наврӯз Аҳмадхон вафот мекунад ва ба тахти сулола, тибқи қонунҳои чингизиёни муғул ба мансаби «хони Бузург» Пир Муҳаммадхон таъйин карда мешавад. Хоҷаи Ислом, ки сарварии дарвешҳои қабилаҳои узбекҳоро ба уҳда дошт, бар хилофи қонунҳои чингизиён Абдуллохони II-ро ба тахти салтанати Бухоро мешинонад. Илова бар ин Хоҷаи Ислом қайд мекунад, ки қавмҳои узбекҳо Абдуллохони II-ро интихоб кардаанд, ки ин хости оллоҳ мебошад ва мо бояд ба оллоҳ итоат менамоем на ба хости муғулҳое, ки Пирмуҳаммадхони II-ро интихоб карданд [3, с. 392].

Амирон ва хонҳои қабилаҳои узбекҳо бо роҳбарии Хоҷа Ислом пешниҳоди чингизиёнро рад накарда Пир Муҳаммадхонро хони Бузурги Шайбониён эълон карда, макон ва тахти ӯро дар Балх ороста карданд. Абдуллохони II бошад, дар Бухоро давомдиҳандаи давлати шайбониён эълон гардид [2, с. 52].

Ҳамин тариқ, давлати Шайбонихон ба ду қисм тақсим шуд, ки якеи он дар Бухоро ва дигаре дар Балх, ҳамчун ноиби хони Бухоро ҳукмрон буданд. Соли 1561 Абдуллохони II барои васеъ кардани ҳудудҳои давлати Шайбониён ва ба даст овардани тамоми Хуросон ба ин давлат лашкар кашиданӣ мешавад. Лекин, бар ин нақшаи кашидаи Абдуллохон Пирмуҳаммадхони II, ки дар Балх буд, зид мебарояд ва дар натиҷа Абдуллохон аз роҳи Хуросон баргашта вориди Балх мегардад. Дар Балх Пирмуҳаммадхони II ва Абдуллохони II байни худ қарор мекунанд, ки тибқи он Абдуллохони II дар Балх ва Пирмуҳаммадхони II дар Бухоро хонигарӣ мекунанд. Сарвари руҳоният ва дарвешони узбекҳо Ҳоҷи Ислом ҳаракатҳои зиёд кард, то Абдуллохони II ро дар Бухоро хон таъйин кунад [12, с. 149].

Чи тавре, ки дар боло қайд кардем, пас аз марги Абдуллохони II ба сари қудрат дар Бухоро Пирмуҳаммадхони II меояд, ки то ин давра дар Балх ҳукмронӣ мекард. Ба ҷои Пирмуҳаммадхони II, дар Балх Абдулмуъмин, ки худро писари амаки Абдуллохон-Ибодуллохон меномид, ба тахт менишинад. Дар ҳамин давра дар қисмати Хуросон бошад, писари хоҳари Абдуллохон – Динмуҳаммадхон – писари Ҷонибек-султон, ки аз Аштархон (Астрахан) ба ҳудуди давлати шайбониён ворид шуда буд, ба тахт менишинад [9, с. 231].

А.А. Семенов бо такя ба сарчашмаи «Таърихи Муқимхон» - и Муҳаммад Юсуфи Муншӣ оиди дар ҳудудҳои давлатҳо тақсимшавии писарони Урусхон – Қутлуқ Темурхон дар ҳудуди Аштархон (Астрахани Россия), ки пас аз низоъ сар зад, маълумот додааст. Дар ҳудудҳои ҳукмронии аштархониён Яр-Муҳаммадхон ва писараш Ҷонибек истода натавониста, дар даврони ҳукмронии падари Абдуллохони II - Искандархон ба Бухоро фирор карда, дар он ҷо паноҳгоҳ ёфтанд. Искандархон (падари Абдуллохони II) духтарашро ба Ҷонибек султон ба занӣ медиҳад, ки аз ин издивоҷ се фарзанд ба дунё меояд – Дин Муҳаммадхон, Боқӣ Муҳаммадхон ва Валӣ Муҳаммадхон. Абдуллохони II барои идора кардани қисме аз ҳудудҳои давлаташ ба Дин Муҳаммадхон Нисо ва Абеварро месупорад, ду бародари дигари ӯ дар хидмати Абдуллохони II буданд [9, с. 256].

Сулолаи шайбониёнро намояндагони сулолаи аштархониён, ки иттиҳоди қабилаҳои кӯчманчиёни муғулро низ дар бар мегирифт, иваз кардан гирифтанд. Асоси сулолаи аштархониёнро қабилаҳои муғули Ордаи Сафед – Урус, ки аз худи Чингизхон сарчашма мегирифт, ташкил карда буд. Маркази ҳарбии ин иттиҳод дар нимҷазираи Монқишлоқ, ки дар наздикии баҳри Каспий буд, ҷойгир шуда буд [14, с. 45]

Ҳамин тариқ, дар давраи ҳукмронияш Шайбонихон, тамоми заминҳои дар зери тасарруфаш бударо ба наздиконаш, амирону хонҳо ва лашкаркашонаш, ки дар ҷангҳо далерӣ ва қаҳрамонӣ нишон доданд тақсим кард. Давлати таъсисдодаи шайбониён асосан аз

заминдорони бой, султонҳо, ашрофзодагоне, ки асоси онҳо кӯчманчиёни узбек ва қипчоқҳо буд, таъсис дода шуд. Дар охири асри XVI пояи давлати сулолавии шайбониён суст шуда, рӯ ба таназзул ниҳод ва дар ибтидои асри XVII ҳукмронии Бухороро аштархониён соҳиб шуданд.

Адабиёт:

1. Абдураҳимов М.А. Очерки аграрных отношений в Бухарском ханстве в XVI - первой половине XIX вв. Т.1. Ташкент, 1966, глава 1, -370 с.

2. Айни С. Бухара. Воспоминания. Ч.1-2, Сталинабад, 1954. -305 с.

3. Бартольд В.В. Церемониал при дворе узбекских ханов в XVII веке. Соч. -Т. 2. -Ч. 2. - М.: Наука, 1964. -С. 388-399.

4. Батраков В.С. Особенности развития сельского хозяйства Бухарского ханства с половины XVIII до 70-х гг. XIX века//Науч. тр. Ташк. госун-т. 1962. -Вып. 193.-С. 154-184/

5. Вамбери Г. История Бухары или Трансоксании с древнейших времен до настоящего. Т. 1-2. -СПб., 1873. -272 с.

6. Гафуров Б.Г. История таджикского народа в кратком изложении. М.: Госполитиздат, 1955. - 475 с.

7. Иванов П.П. Очерки по истории Средней Азии (XVI - середины XIX в.) -М., 1958.- 286 с.

8. Иванов П.П. Хозяйство джуйбарских шейхов, [Текст]. К истории феодального землевладения в Средней Азии в XIV—XVII вв., М.- Л.: Изд-во АН СССР, 1954, - 381 с.

9. История Узбекистана (XVI-первая половина XIX вв.) Т. - Ташкент, 1947.- 776 с.

10. Исмаилова Б.И. Бухарский эмират при эмире Хайдаре.-Худжанд, 2000.- 200 с.

11. Махмуд ибн Вали – Махмуд ибн Вали. Бахр ал-асрар фи манакиб ал-ахйар / Пер. с перс. З.Н. Ворожейкиной // Материалы по истории казахских ханств XV – XVIII веков (Извлечения из персидских и тюркских сочинений). Алма-Ата: Наука, 1969. С. 320 –368.

12. Мукминова Р.Х. Очерки по истории ремесла в Самарканде и Бухаре XVI в. Ташкент, 1976.- 246 с.

13. Мухаммед Салих. Шейбани-нама. - СПб, -1908, -311 с

14. Семёнов А.А. К вопросу о происхождении и составе узбеков Шайбани-хана. АН Тадж. ССР. Институт истории, археологии и этнографии. Труды, том XII. Сталинабад. 1954, - 154с.

15. Чехович О.Д. Документы к истории аграрных отношений в Бухарском ханстве. - Вып. 1. Акты феодальной собственности на землю XVII - XIX вв. - Ташкент: Фан. -2012.-

16. Центральный государственный исторический архив, Санкт-Петербург. Ф.-Л. оп. 1, д. 246, л. 19: оп. 3, д. 121, лл. 45-47; д. 598, лл. 1-2.

17. Юлдашев М.Ю. К вопросу о ремесленном производстве в Бухарском ханстве в XVI—XVII веках, ОНУ, 1964, № 3. -С. 61-67;

ВАЗЪИ СИЁСӢ - ИҶТИМОИИ ХОНИГАРИИ МОВАРОУННАҲР ДАР АСРИ XVI - ИБТИДОИ АСРИ XVII

Дар мақола муаллиф вазъи сиёсӣ-иҷтимоии хонигарии Бухороро дар асри XVI - ибтидои асри XVII инъикос кардааст. Ин давраи таърихӣ ба даврони хонигарии сулолаи Шайбонихон тааллуқ дошта, марҳилаҳои ба сари қудрат омадани ин лашкаркаши узбекҳоро дар бар мегирад. Дар мақола ҳамчунин аз сарчашмаҳо ва осорҳои муаррихони рус ва ватанӣ маълумот оварда шудааст.

Муаллиф ба давраҳои ҳукумронии Абдуллохони II (1557-1598), ки яке аз намояндагони сулолаи шайбониён ба шумор меравад, аҳаммияти махсус дода, саҳми ин намояндаи узбекро дар идоракунии давлат инъикос кардааст. Абдуллохони II тавонист то бисёре аз қабилаҳои кӯчманчиёни узбектаборро дар атрофи худ муттаҳид созад, ки дар натиҷа давлати Шайбонихон дар солҳои 80-уми асри XVI ба яке аз давлатҳои бузург табдил гардид.

Калидвожаҳо: таърих, давлат, сулола, қабила, хони Бухоро, узбек, лашкар, иттиҳод, сарчашмаи таърихӣ.

СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКОЕ ПОЛОЖЕНИЕ МОВАРОУННАХРА В XVI - НАЧАЛЕ XVII ВВ.

Автор в статье отражает политическое и социальное положение Бухарского ханства в XVI - начале XVII вв. Этот исторический период относится к эпохе правления династии Шейбани-хана и включает в себя этапы прихода к власти этого узбекского военачальника. В статье также использованы сведения из источников и трудов российских и отечественных историков.

Особое внимание автор уделяет правлению Абдуллохона II (1557-1598), одного из представителей династии Шейбанидов и освещает вклад этого узбекского представителя в управлении государства. Абдуллохон II сумел объединить вокруг себя многие кочевые узбекские племена, в результате чего государство Шейбани-хана в 1580-х годах стало одним из великих государств.

Ключевые слова: история, государство, династия, племя, хан Бухарский, узбек, армия, союз, исторический источник.

THE SOCIO-POLITICAL SITUATION OF MOVAROUNNAHR IN THE 16TH - EARLY 17TH CENTURIES

The author of the article reflects the political and social situation of the Bukhara Khanate in the 16th - early 17th centuries. This historical period refers to the era of the reign of the Sheibani Khan dynasty and includes the stages of this uzbek military leader's rise to power. The article also uses information from sources and works of Russian and domestic historians.

The author pays special attention to the reign of Abdullokhon II (1557-1598), one of the representatives of the Sheibanid dynasty, and highlights the contribution of this uzbek representative to the governance of the state. Abdullokhon II managed to unite many nomadic uzbek tribes around himself, as a result of which the state of Sheibani Khan became one of the great states in the 1580s.

Key words: history, state, dynasty, tribe, Khan of Bukhara, uzbek, army, union, historical source.

Маълумот дар бораи муаллиф: Дустов Насим, унвончӯйи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров - 16. E-mail: ndustov99@mail.ru Телефон: +992987318889

Сведения об авторе: Дустов Насим, соискатель кафедры истории таджикского народа, Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова-16. Электронная почта: ndustov99@mail.ru Телефон: +992987318889

Information about the author: Dustov Nasim, applicant at the department of history of the tajik people, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov Street, 16 **Email:** ndustov99@mail.ru **Phone:**+992987318889

Муқарриз: Боқиев Р.У., н.и.т., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ: 94.30.100
И-94 (100-01)

ИНЪИКОСИ РУШДИ МАКТАБУ МАОРИФИ КӮЛОБ ДАР ДАРОЗОИ ТАЪРИХ

Иброҳимзода З.И., муаллими калон
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Маориф яке аз муҳимтарин пояҳои пешрафти ҳар як ҷомеа ба ҳисоб меравад. Ояндаи миллат аз сатҳи дониш, маърифат ва тарбияи насли наврас вобастагии калон дорад. Дар ҷаҳони муосир, ки илму технология бо суръати баланд рушд мекунад, нақши маориф дар омода намудани шахсони соҳибмаърифат, эҷодкор ва масъулиятшинос боз ҳам муҳимтар мегардад. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳ ба рушди низоми маориф, баланд бардоштани сифати таълим ва тарбия, инчунин фароҳам овардани шароити мусоид барои омӯзиш яке аз вазифаҳои асосии давлат ва ҷомеа мебошад.

Рушди мактабу маориф дар Кӯлоб таърихи тулонӣ дошта, марҳила ба марҳила такмил ёфта истодааст. Бешак Кӯлоби бостон аз зумраи он шаҳрҳои қадимтарине маҳсуб меёбад, ки таърихи зиёда аз 2700-сола дорад. Дар ин зимн, аз асрҳои миёна шаҳр ҳамчун маркази илму маърифат ва тамаддуни бостон шинохта шуда, дар он мактабу мадрасаҳои зиёде фаъолият мекарданд. Ин муассисаҳо дар тарбияи уламо, фақеҳон, шоирон ва адибони минтақа саҳми арзанда гузоштаанд.

То таъсиси макотиби расмию давлатӣ марокизи аслии таълимӣ асосан масҷидҳо, бахусус масоҷиди ҷомеъ, хонаҳои олимон, дӯконҳои ашхоси босавод, работҳо, хонақоҳҳо, суффаҳои назди биноҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ, макотиби ибтидоӣ барои писарон ва духтарон дар алоҳидагӣ таълигоҳ ба ҳисоб мерафтанд. Олитарин макони омӯзишӣ, ки дар сатҳи макотиби олӣ ҷой доштанд, мадрасаҳо буда, дар онҳо танҳо мардҳо таҳсил менамуданд [6, с. 97].

Дар давраи пеш аз барқарор шудани сохти Шуравӣ сатҳи саводнокӣ дар Кӯлоб хеле паст буд ва таълим асосан дар мактабҳои динӣ (мадрасаҳо) сурат мегирифт. Омӯзиш бештар ба хондани Қуръон ва асосҳои дини ислом вобаста буд ва мактабҳои муосир барои баланд бардоштани сатҳи саводнокии мардум қариб вуҷуд надоштанд.

Аввалин мадрасаҳои Кӯлоб дар назди масҷидҳои ҷомеъ ва марказҳои динӣ ташкил шуда буданд. Дар онҳо асосан Қуръони карим, ҳадис, фиқҳ, забони арабӣ, мантиқ, тафсир, адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ва хаттотӣ омӯзонида мешуд. Омӯзгорони мадрасаҳо аз ҷумлаи олимони маъруфи замони худ буда, ба тарбияи шогирдон диққати махсус медоданд.

Дар асрҳои XVII–XIX Кӯлоб ба яке аз марказҳои муҳимми илми исломӣ дар ҳудуди Хутталон табдил ёфт. Аз ноҳияҳои гуногуни гирду атрофи шаҳр толибилмон барои таҳсил ба мадрасаҳои ин шаҳр меомаданд. Гарчанде ки номи ҳамаи мадрасаҳои қадима дар сарчашмаҳои таърихӣ нигоҳ дошта нашуда бошанд ҳам маълум аст, ки шумораи онҳо зиёд буда, дар рушди фарҳанг ва маорифи мардум минтақа ва хусусан Кӯлоби бостонӣ нақши муҳим бозидаанд.

Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX, бо тағйир ёфтани низоми маориф ва пайдо шудани мактабҳои усули нав, нақши мадрасаҳо тадриҷан коҳиш ёфт. Бо вуҷуди ин, онҳо ҳамчун марказҳои асосии нигоҳдорӣ ва паҳн намудани донишҳои динӣ ва адабиёти классикии тоҷик саҳми худро мегузоштанд.

Ҳамин тавр, аввалин мадрасаҳои Кӯлоб дар ташаккули фарҳанг, маърифат ва илми тоҷикон хосатан мардуми Кӯлоби бостонӣ саҳми назаррас гузошта, барои рушди ҳаёти маънавии мардумони ин минтақа заминаи устувор фароҳам овардаанд.

Пеш аз барқароршавии сохти Шуравӣ қисми зиёди аҳолӣ бесавод буд ва имконияти таҳсил барои ҳамаи аҳолии қишри ҷомеа яксон набуд. Бо ба сари қудрат омадани ҳукумати Шуравӣ барномаи мубориза бар зидди маҳви бесаводӣ оғоз гардид. Барои баланд

бардоштани сатҳи саводнокшавии аҳолии ин шаҳри таърихию фарҳангии халқи тоҷик дар шаҳрҳо ва деҳоти гирду атрофи он мактабҳои нав сохта шуданд, курсҳои омӯзиши саводнокӣ ташкил гардиданд ва китобҳои дарсӣ ба забонҳои гуногун, аз ҷумла тоҷикӣ, омода карда шуданд.

Асосан дар Хатлонзамин, ривоҷу равнақи маорифи халқ баъди ғалабаи Инқилоби Октяр оғоз ёфт. Соли 1917 дар маркази Хатлон шаҳри Кӯлоб, ки тахминан 6 ҳазор нафар аҳолӣ дошт, 5 мадраса мавҷуд буд, ки дар онҳо 239 нафар фарзандони амалдорону руҳониён таҳсил менамуданд.

Дар давраи тоинқилобӣ дар шаҳри Кӯлоб мадрасаҳои зерин мавҷуд буданд; мадрасаи хиштӣ (дар ҷои ҳозираи универмаги Равшан), мадрасаи Ҳоҷӣ Абдураҳмони Хатлонӣ (дар ҷои ҳозираи театри мусиқӣ - драмавии ба номи С.Вализода), мадрасаи Қосимхуҷа (дар ҷои ҳозираи Яхмос ва курси ҳисобчиён), ҳамчунон мадрасаҳои дигаре ба мисли Ҳазрати Амирҷон дар паҳлӯи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ воқеъ гаштааст, ки тарзи нигориши он хусусиятҳои таърихии онро ифода менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки дар қисмати шарқии Кӯлоб, мадрасаи Тебалай ҷойгир буд, ки он фарогири 17 ҳуҷра ва зиёда аз 200 нафар толибилм буда, ба онҳо донишмандон: домулло Одина, домулло Наим, домулло Нор дарс мегуфтанд. Бо тақозои замон ин мадраса то соли 1921 фаъолият намуда, сониян он ба макони зисти бепарастор табдил дода шуд.

Дигар аз ҳамин гуна мадрасаҳо ин Мадрасаи қозӣ ба шумор мерафт, ки он дорои 20 ҳуҷра ва зиёда аз сад толибилм буд. Дар инҷо мударисони зерин: домулло Набӣ, муфтӣ Нуъмон, домулло Муродча ба пешбурди корҳои илмомӯзӣ машғул будаанд.

Бо тақозои он давр мадрасаи дигаре, ки фарогири 20-ҳуҷра ва 60-толибилм буд, ин Мадрасаи Ҳоҷӣ Раҷаббой маҳсуб меёфт, ки он дар шимолу шарқии шаҳр воқеъ гардида буд ва охирин мударриси он Муҳамад Амин шинохта мешуд. Мадрасаи мазкур дар асри XIX аз ҷониби яке аз сарватмандони шаҳр Ҳоҷӣ Раҷаббой сохта шуда буд. Мадрасаи Қосимхӯҷа ва ё Мадрасаи Мирӣ дар байни солҳои 1915-1916 аз ҷониби беки Кӯлоб Қосимхӯҷа дар маҳаллаи Тебалай бунёд ёфта, дорои 30 ҳуҷра ва 70 нафар донишҷӯ буда, ки ба онҳо устодоне чун домулло Ирфон ва домулло Назирмуҳаммад дарс мегуфтанд [13, с. 86].

Консепсияи дигари шинохт ва нақши дигаре аз чунин мадрасаҳо ин Мадрасаи Чармгарони Поён арзёбӣ мегардад. Мадрасаи мазкур тақрибан солҳои 1855-1864 бо номи «Мадрасаи хиштӣ» бино ёфта, он дорои 50 нафар толибилм буд. Мударрисони он: Саидакбар ва муфтӣ Маҳмуд будаанд.

Ғайр аз инҳо, дар дигар ноҳияҳои гирду атрофи Кӯлоб мадрасаҳо низ вуҷуд доштанд ва барои омӯзиши илми замони хеш ва таълим додани толибилмон саҳми хешро мегузоштанд ба мисоли мадраса дар ноҳияи Муъмунобод мадрасаи деҳаҳои Ғеш ва Лангари калон), дар ноҳияҳои Ховалинг, Балҷувон, Кангурт ва дигар ноҳияҳои гирду атрофи шаҳр низ чунин мадрасаҳо амал мекарданд. Барои таҳсили фарзандони меҳнаткашон ва саводнокшавии онҳо дари мактабу дабистонҳо куллан баста буданд.

Қафомондагию барҷомондагии ноҳияҳои гирду атрофи Кӯлоб дар соҳаи инкишофи маорифи халқ боз дар он зоҳир мегардид, ки то соли 1917 ба сари ҳар як 200 нафар аҳолии вилоят танҳо як нафар хондаю навишта метавонистагӣ рост меомаду халос [8, с. 5].

Ба хотири таъмин намудани дастгоҳи идории маҳаллӣ бо маъмурон, дабирон, тарҷумонҳо, мансабдорони хурди ҳукуматӣ, Русияи подшоҳӣ дар ҳудуди Осиёи Миёна ва Қазоқистон марказҳои омӯзишиеро бо номи мактабҳои русӣ-маҳаллӣ таъсис дода буданд. Муҳлати таҳсил дар чунин мактабҳо 6-8 сола буда, ба он ашхоси аз 8 то 20 сола пазируфта шуда, таълим мегирифтанд. Оғози таҳсил аз 1 август то 1 июн идома меёфт, ба донишомӯзон хондану навиштан ба забонҳои русию маҳаллӣ, омӯзиши чаҳор амали арифметикӣ, тарҷума аз забони маҳаллӣ ба русӣ, ҳамчунин асосҳои адёни насронию ислом таълим дода мешуд [12, с. 78].

Мактаби русӣ- маҳаллӣ дар тули фаъолияти хеш се марҳиларо пушти сар кардааст:

1.Аз соли 1870, яке аз замони таъсиси нахустин мактаби русӣ- маҳаллӣ дар ҳудуди Осиёи Миёна то нимаи солҳои 80-уми асри XX. Ин даврае буд, ки макотиби русӣ- маҳаллӣ

то як андоза рушд дошта ва теъдодашон ба 126 адад расида буд. Онҳо дар чунин ҷойҳое таъсис меёфтанд, ки аз маҳаллаҳои руснишин дар масофаҳои дур воқеъ гардида бошанд. Чунки мақсад аз тарбияи ҷавонони русидон дар маҳаллаҳои мухталиф буд. Чунончи, аз 18 мактабе, ки дар байни солҳои 1884-1886 ташкил шуда буд, ҳамагӣ 6-адади он дар шаҳрҳо ва боқимонда дар маҳаллаҳои дурдаст буданд [11, с. 13].

2. Аз нимаи дуввуми солҳои 80-ум то нимаи аввали солҳои 90-ум. Дар ин давра бо сабабҳои норасоии китобҳои дарсӣ, нарасидани муаллимон, мавҷуд набудани барномаи ягонаи таълимӣ, набудани муҳити мувофиқ барои беҳтар омӯхтани забони русӣ дар макотибе, ки дар маҳалҳои дурдаст ташкил гашта буданд, макотиби русӣ- маҳаллӣ на танҳо афзоиш наёфтанд, балки бархе аз онҳо баста шуданд.

3.Аз нимаи дуввуми солҳои 90-ум ба баъд. Дар ин давра рушди нисбии макотиби русӣ-маҳаллӣ ба чашм мерасад. Сабаб он буд, ки бархе аз аҳолии маҳаллӣ зарурият ва фоидаи омӯзиши забони русиро дарк карда фарзандонашонро дар чунин макотиб мехононданд. Ҳамчунин, барномаи ягонаи таълимӣ таҳия гардида макотиб бо асбобҳои айёнии таълимӣ нисбатан таъмин гардиданд.

Зарурияти истеҳсолӣ ба вуҷуд омад, ки дар сарзамини Осиёи Миёна хусусан дар Самарқанд масъалаи ташкили мактабҳои нави русӣ ба миён омад.

Нахустин макотиби русӣ- маҳаллӣ дар ҳудуди Осиёи Миёна соли 1870 бо ташаббуси губернатор Абрамов дар шаҳри Самарқанд таъсис ёфт. Соли 1883 маъмурияти маҳаллӣ барои таъсиси чунин макотиб дар қаламрави генерал-губернатории Туркистон ба Вазорати маорифи Русия муроҷиат намуд ва 30 июни соли 1886 иҷозати расмӣ дода шуд. Ва ҳамон сол дар кишвар 14 чунин мактаб фаъол буд [7, с. 307].

Шоёни зикр аст, ки баъди ғалабаи Инқилоби Октябр дар Тоҷикистон ҳокимияти Шуравӣ барқарор гардида, сохти нав имкон дод то масъалаи мактабу маориф ва хусусан раванди таълиму тарбия дар муассисаҳо рӯ ба инкишоф ниҳад. Хусусан соли 1921 дар аксарияти самтҳои Бухорои шарқӣ ба сохтмони мактаби нави шуравӣ оғоз намуда буданд. Аз инҷост, ки баҳори соли 1921 дар Бухорои Шарқӣ ҳамагӣ 5 мактаби нави шуравӣ фаъолият мекард, ки дар онҳо анқариб 600 нафар ба таҳсил фаро гирифта шуда буд.

Бо дарназардошти ин, мактабҳои нави шуравӣ ҳамчунин, дар Кӯлоб ва дигар ноҳияҳо: Ховалинг, Ғарм, Ҳоит ва мавзеъҳои ин минтақа ташкил ёфта буданд.

Фақат, пас аз байн бурдани базе аз қуввахои аксулинқилобӣ меҳнаткашони Тоҷикистон дар барқарор намудани хоҷагии харобгаштаи ҷумҳурӣ, ташкил ва тараққӣ додани сохтмони мактабҳои шакли нав ва дигар иншооти маданӣ имконият пайдо карда тавонистанд.

Яке аз воқеаҳои бузурги таърихӣ барои мардуми Тоҷикистон, хоса шаҳри Кӯлоб бо қарори Комитети инқилобӣ аз 22 августи соли 1923 таъсис ёфтани вилояти Кӯлоб буд [16].

Дар бунёди мактабҳои нав қисмҳои Аскарони Сурх ҳам зиёд ба чашм мерасид. Зеро аввалин мактаби Шуравӣ интернат дар Кӯлоб соли таҳсили 1923 кушода шуд, ки дар он ҳамагӣ 20 нафар бепарасторон ва камбағалон таҳсил мекарданд. Бо дастгирии комсомолони Шуъбаи сиёсии полки 76 дар Кӯлоб аввалин интернат сохта шуд. Худи ҳамон сол низ дар ноҳияҳои Ховалинг, Ҳоит, Муъминобод, Кангурт, Нов, Файзобод, Ҷиргатол аввалин мактабҳои нав ба кор шуруъ намуданд, ки дар онҳо курсҳои муаллимтайёркунӣ гузаронида мешуд. Таҳсил дар чунин курсҳо яксола буд ва соли 1933 онҳо ба таҳсили дусола табдил дода шуданд [2, с. 9].

Мавриди зикри хос аст, ки бо мақсади танзими самти маориф (14 декабри соли 1924) Комиссариати маорифи халқи ҶХШС Тоҷикистон ташкил гардида, он 11 феврали соли 1925 дар Душанбе ба фаъолият оғоз намуд. Нахустин Комиссари маорифи халқ ин Аббос Алиев ва ҷонишини он Абулқосим Лохутӣ ба ҳисоб мерафтанд, ки фаъолияти худро ба меҳнаткашони мамлакат фаҳмонида додани моҳияти мактаби нави шуравӣ, ташкилу рушду нумуи он, таълиму тарбияи кадрҳои омӯзгорӣ, ҷалб намудани бачагон ба мактаб, равон карда буданд. Дар тобеияти ин Комиссариати маорифи халқ 18 мактаб, 593 хонандаю 48 омӯзгор буд.

Ба мақсади ҷалб намудани фарзандони меҳнаткашон ба мактаби шуравӣ ва афзудани нуфузи он дар байни аҳолӣ Комитети инқилобии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 сентябри соли 1925 «Дар бораи имтиёзу бартарии оилаҳое, ки фарзандонашон дар мактаби советӣ мехонанд» қарор қабул намуд. Мувофиқи он падару модароне, ки бе монеият фарзандони худро ба мактаби нави шуравӣ ба хондан мефиристоданд, аз давлат ёрдампулӣ, тухмӣ, масолеҳи сохтмонӣ ва ғайраро бепул мегирифтанд [16].

Аз соли 1927 дар вилояти Кӯлоб 51 мактаб амал мекард, ки дар онҳо 1442 нафар толибилмон ба таълим фаро гирифта шуда буданд. Бояд гуфт, ки аз худи ҳамин сол бобати ба мактабҳо ҷалб намудани духтарони маҳаллӣ низ қадамҳои аввалин гузошта шуд. Дар давоми як соли даъвати духтарон ба мактабҳои вилоят 28 нафар духтарон ҷалб карда шуданд [15, с. 113-114].

Аз ҷумла, соли 1930 мактаби ибтидоии ба номи К.Е. Ворошилов ташкил карда шуд, ки он то соли 1937 мактаби ибтидоӣ ва то соли 1947 мактаби ҳафтсола буд. Дар заминаи он ҳоло мактаби таҳсилоти умумии №42 фаъолият дорад. Соли 1932 барои фарзандони аҳолии русзабони шаҳр низ мактаби ибтидоӣ таъсис дода шуда, соли 1946 ба вай номи П.В. Чкалов дода шуд. Ин мактаб аз соли 1941 ба мактаби миёнаи нопурра ва аз соли 1949 ба мактаби миёна табдил ёфт. Дар заминаи он ҳоло мактаби таҳсилоти умумии №1 фаъолият менамояд [9, с. 281].

Барои баланд бардоштани сатҳи саводнокии мардум ва таъмин намудани мактабҳои Тоҷикистони шуравӣ бо мутахассисони дорои маълумоти омӯзгорӣ, 1 сентябри соли 1931 дар шаҳри Сталинобод аввалин мактаби олӣ Донишкадаи омӯзгорӣ ба фаъолият шуруъ кард.

Дар ин раванд саҳми яке аз махзанҳои илмӣ- маърифатӣ Донишгоҳи давлатии Кӯлоб бузург аст. Донишгоҳи мазкур дар Тоҷикистон чаҳорумин ва дар ҷанубӣ Тоҷикистон нахустин боргоҳи илму маърифат ба шумор меравад.

Лозим ба зикр аст, ки пас аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) ва оғози азнавбарқароркунии хоҷагии халқ тибқи қарори Вазирони маданияти Иттиҳоди Шуравӣ аз 15 августи соли 1945 таҳти №1373 дар заминаи омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб, ки дар гузашта номҳои «курси таълимӣ» (1931-1994), «техникуми педагогӣ» (1934-1935), «комбинати педагогӣ» (1935-1938) ном доштааст, Институти дусолаи муаллимтайёркунии шаҳри Кӯлоб таъсис ёфтааст [4, с. 42]. Ин боргоҳи илму марифат дар тули фаъолияташ барои таъмин намудани муассисаҳои миёнаи умумии вилояти Хатлон хусусан шаҳри Кӯлоб бо мутахассисони лозима саҳми бориз гузошта истодааст.

Дар солҳои баъдӣ таъсиси макотиб дар шаҳри Кӯлоб тибқи тартиби хронологӣ чунин сурат гирифтааст: соли 1954 мактаби №6, соли 1965 мактаби рақами №7, соли 1966 мактаби №3, соли 1971 мактаби №8, соли 1972 мактаби №9, соли 1979 мактаби №2, соли 1989 мактаби №40 ба фаъолият шуруъ намудаанд [12, с. 287]. Дар баробари ин муассисаҳои таълимӣ боз дигар муассисаҳои таълимию маърифатӣ фаъолият намуда, барои саводнокшавии хонандагон саҳми худро мегузоштанд.

Пас аз бозсозии солҳои 80-ум ва баргузории ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ давлати абаркудрати Иттиҳоди Шуравӣ пош хӯрда, ба ҷумҳуриҳои мустақил ҷудо шуд. Дар натиҷа Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 Истиқлолияти давлатии худро эълон намуд [4, с. 16].

Бо ин мақсад маориф соҳаи афзалиятнок эълон шуда, инчунин, як силсила тадбирҳое амалӣ гардиданд, ки барои мутобиқ намудани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва пажӯҳишгоҳҳо ба талаботи ҳаёти иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ, қабл аз ҳама, дар самти ҷалби ҷавонон ба илм ва тарбияи кадрҳои илмӣ мусоидат намуданд.

Дар пойтахти кишвар-шаҳри Душанбе ҷои оромию осоиштагиро яъсу навмедӣ фаро гирифт. Танҳо соли 1992 зиёда аз 104,7 ҳазор шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба давлати Афғонистон ва дигар давлатҳои хориҷаи дуру наздик гуреза шуданд, ки дар байни онҳо мутахассисони соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ, омӯзгорон, табибон ва варзишгарони варзида буданд. Зиёда аз 25 ҳазор оилаҳо бесарпараст ва 58 ҳазор кӯдакон ятим монданд. Қариб 120 ҳазор нафар хонандагон аз мактаб маҳрум гардиданд [1, с. 280].

Дар як қатор минтақаҳо 126 муассисаи таълимӣ пурра аз кор баромаданд, дар ноҳияҳои ҷангзадаи ҷумҳурӣ хусусан Кӯлоб ки дар чунин вазъи муракаби сиёсӣ дар муҳосира қарор дошт, мактабҳо аз фаъолият боз монданд. Солҳои 1992-1995 зиёда аз 20 ҳазор нафар омӯзгорон ва устодон аз ҷумҳурӣ кӯч бастанд. Қисме аз хонандагону донишҷӯён гуреза шуданд. Зарари молиявии ҷанги шаҳрвандӣ ба 10 миллиард доллар баробар шуд.

Дар чунин вазъияти душвори иқтисодию сиёсӣ ва иҷтимоӣ иҷлосияи таърихии XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) моҳи ноябри соли 1992 дар шаҳри бостонии Хуҷанд баргузор гардид. Вакилони мардумӣ шахси ҷавону пурғайрат, дурандешу сиёсатмадор муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намуданд. Дар он иҷлосияи тақдирсоз сарвари ҷавон изҳор дошт, ки «Кори худро аз сулҳ сар хоҳам кард. Мо тарафдори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд мебошем. Мо ҳама бояд ёру бародар бошем, то ки вазъиятро ором намоем. То охирин фирории иҷборӣ берун аз хоки ватанро ба кишвар барнагардонам, ман ором нахоҳам гирифт» [5, с. 40]. Иҷлосияи мазкур дар таърихи навини давлати Тоҷикистон ҳамчун Иҷлосияи тақдирсози халқу миллат бо хатҳои заррин сабт гардид.

Ниҳоятан дар давраи хело ҳам мураккаб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сари қудрат омад, ки барои бартараф намудани чунин монеаҳо тадбирҳои саривақтӣ меандешид. Роҳбари нави давлат дар ин замина ба масъалаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ барои тараққиёту азнавсозии соҳаи маориф тадбирҳои муҳимму зарурӣ андешид, то инки самти афзалиятноки системаи маорифи кишвар хубтару беҳтар ба роҳ монда шавад. Албатта, бо дарки воқеии вазъият ва ҷиҳати ислоҳи мушкилоти мавҷудаи кадрӣ дар ҷумҳурӣ аз ҷониби Ҳукумат тадбирҳои зарурӣ андешида мешуданд.

Декабри соли 1993 Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи маориф» қабул кард. Консепсияи миллии маълумот ва зиёда аз 180 ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул гардидааст [4, с. 42].

Дар соли таҳсили 2002-2003 дар 17 мактаби таҳсилоти умумии шаҳри Кӯлоб 20083 нафар хонанда ба таълиму тарбия фаро гирифта шуда, ба онҳо 928 нафар омӯзгорон дарс мегуфтанд. Дар ин соли таҳсил ҳамчунин ду интернати дорои 356 нафар тарбиятгиранда, як интернати наздимактабӣ дорои 87 нафар тарбиятгиранда, як гимназия ва ду литсей фаъолият менамуданд [12, с. 278].

Зимни мулоқоташ бо кормандони соҳаи маориф Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намуданд, «Ҳадафи муҳимми низоми маориф тарбияи шахсияти фаъол ва созанда аст, аз ин рӯ, масъалаҳои дар зеҳну шуури хонандагон ва ҷавонон тарбия кардани эҳсосоти худогоҳии миллӣ, худшиносии таърихӣ, истифодаи анъанаҳои беҳтарини маорифи миллӣ ва умумибашарӣ, арзишҳои фарҳангиву ахлоқӣ ва идоракунии демократӣ, ки то имрӯз барои ноил шудан ба дастовардҳои илму техника ва фарҳанг мусоидат намуданд, таҳти таваҷҷуҳи доимии давлат қарор доранд» [14].

Баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳаи маориф, аз ҷумла мактабҳои шаҳри Кӯлоб, таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Барои беҳтар намудани сифати таҳсил ва фароҳам овардани шароити хуби корӣ ва таълимӣ як қатор тадбирҳо амалӣ гардида истодаанд.

- Бунёд ва ба истифода додани мактабҳои нав дар шаҳр ва деҳоти минтақа;
- Таъмиру азнавсозии биноҳои муассисаҳои таълимӣ ва сохтмони синфхонаҳои иловагӣ;
- Таъмин намудани мактабҳо бо компютер, тахтаҳои электронӣ, таҷҳизоти озмоишгоҳӣ ва дигар воситаҳои муосири таълим;
- Нашр ва дастрас намудани китобҳои дарсӣ ва маводи таълимӣ барои хонандагон;
- Баланд бардоштани маоши омӯзгорон ва фароҳам овардани имкониятҳои беҳтари иҷтимоӣ барои онҳо;
- Ташкили курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон бо мақсади баланд бардоштани сатҳи касбӣ;

- Ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ва истифодаи усулҳои нави таълим дар мактабҳо;

- Дастгирии хонандагони болаёқат тавассути озмунҳои фаннӣ, стипендияҳо ва барномаҳои давлатии рушди истеъдодҳо.

Дар натиҷаи чунин дастгириҳо, шароити таҳсил дар мактабҳои Кӯлоб беҳтар гардида, сатҳи дониш ва иштироки хонандагон дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ афзоиш ёфтааст. Бо вуҷуди ин, Ҳукумати кишвар барои ҳалли масъалаҳои боқимонда, аз ҷумла навсозии ҳамаи муассисаҳои таълимӣ ва таъмини онҳо бо таҷҳизоти замонавӣ, тадбирҳои иловагӣ меандешад.

Омӯзиш ва таҳқиқи масъалаи мазкур собит месозад, ки масъалаи мактабу маориф, тарбияи насли созанда яке аз самти афзалиятноки сиёсати созандаи Пешвои миллат хусусан Ҳукумати Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар ин самт дигаргуниҳои назарраси сифатӣ ба чашм намерасад.

Аҳли коллективи соҳаи маорифи Кӯлоб аз ғамхорӣ ва таваҷҷуҳи пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рушди соҳаи маориф самимона қадрдонӣ менамояд. Дастгириҳои давлат дар бунёди муассисаҳои таълимӣ, беҳтар намудани шароити таҳсил ва таҳкими заминаи моддию техникӣ барои пешрафти соҳа заминаи мусоид фароҳам овардааст.

Адабиёт:

1. Абдулло, Ҳ. Рушди омӯзгорӣ аз баракати истиқлоли давлатӣ / Ҳ. Абдулло, И. Куганов, Г. Сайдалӣ, Х. Шарофат. – Кӯлоб: [б. н.], 2016. – 280 с.

2. Абдуллоев, М.Х. Аз таърихи мактабҳои Шӯравӣ дар Кӯлоб / М.Х. Абдуллоев. – Душанбе: [б. н.], 2007. – 48 с.

3. Абдуллоев, М.Х. Рушди маорифи Тоҷикистон дар 25 соли истиқлолият / М.Х. Абдуллоев. – Душанбе: [б. н.], 2016. – 16 с.

4. Абдуллоев, М.Х. Аз таърихи ташкилёбии муассисаҳои олии омӯзгорӣ дар вилояти Хатлон / М.Х. Абдуллоев, З.И. Исмоилов // Муаррих. – 2022. – № 3 (31). – С. 42–46.

5. Абдуллоев, М.Х. Истиқлолият ва ваҳдати миллӣ – омили инкишофи ҷомеа / М.Х. Абдуллоев, М.Б. Холмуродова // Паёми ДДК. – 2016. – № 2 (15). – С. 40–44.

6. Азизӣ, М. Мухтасари таърихи Кӯлоб / М. Азизӣ. – Кӯлоб: [б. н.], 1999. – 97 с.

7. Бендриков, К.Е. Очерки по истории народного образования в Туркестане (1865–1924 годы) / К.Е. Бендриков. – Москва: Изд-во АПН РСФСР, 1960. – 307 с.

8. Шарифов, Д. Аз таърихи маориф, маданият ва муассисаҳои тандурустии Кӯлоб / Д. Шарифов, С. Зокиров. – Кӯлоб: Ҷамъияти «Дониш»-и вилояти Кӯлоб, 1991. – 68 с.

9. Диёри сахобахшу ганҷрез: очерки мухтасари Кӯлоб. – Кӯлоб: [б. н.], 1990. – 281 с.

10. Расулиён, Қ. История и культура Куляба (Настоящее и прошлое) / Қ. Расулиён. – Куляб: [б. и.], 1988. – 278 с.

11. Расулиён, Қ. Маориф ва матбуоти тоҷик дар ибтидои асри XX / Қ. Расулиён. – Душанбе: [б. н.], 2011. – 104 с.

12. Кочаров, В.Т. Из истории народного образования в Туркестанском крае / В.Т. Кочаров. – Ташкент: Государственное учебно-педагогическое издательство УзССР, 1959. – 78 с.

13. Рустамов, Қ. Аз таърихи ташаккул ва инкишофи маълумоти олӣ дар Кӯлоб // История и культура Куляба. – Куляб, 1988. – С. 86–90.

14. Раҳмон, Э. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар машварати ҷумҳуриявии коркунони соҳаи маориф (28 августи соли 1995) // Омӯзгор. – 1995. – 1 сентябрь.

15. Шукуров, М.Р. История культурной жизни Советского Таджикистана (1917–1940 гг.) / М.Р. Шукуров. – Душанбе: Дониш, 1970. – 113 с.

16. Инқилоби Октябр ва таҳаввули соҳаи маориф (солҳои 1917–1940) [Манбаи электронӣ]. – Матни дастрасӣ аз файли маҳаллӣ (дата обращения: 10.08.2026).

ИНЪИКОСИ РУШДИ МАКТАБУ МАОРИФИ КУЛОБ ДАР ДАРОЗОИ ТАЪРИХ

Дар мақолаи мазкур раванди ташаккул ва рушди таърихии соҳаи мактабу маориф дар шаҳри Кӯлоб ва минтақаҳои атрофи он аз даврaҳои қадим то давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва таҳлили илмӣ қарор гирифтааст. Муаллиф нақши мадрасаҳо ва муассисаҳои таълимии суннатиро дар асрҳои миёна ва ибтидои асри XX нишон дода, саҳми онҳоро дар ҳифзи фарҳангу маърифати миллӣ ошкор месозад.

Дар мақола хусусиятҳои гузариш ба низоми нави таҳсилот, фаъолияти мактабҳои русӣ-маҳаллӣ ва таҳаввулоти соҳаи маориф дар давраи шуравӣ, аз ҷумла маҳви бесаводӣ, бунёди аввалин мактаб-интернатҳо ва таъсиси муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ пайдарпай таҳлил шудаанд. Ҳамчунин, оқибатҳои вазнини ҷанги шаҳрвандӣ ба соҳаи маориф ва тадбирҳои саривақтии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати барқарорсозӣ ва афзалиятнок эълон кардани соҳаи маориф дар давраи истиқлолият ба таври муфассал ёдоварӣ мегарданд.

Калидвожаҳо: Кӯлоб, мактабу маориф, мадрасаҳо, мактабҳои русӣ-маҳаллӣ, давраи шуравӣ, Истиқлолияти давлатӣ, афзалияти соҳаи маориф, таҳсилоти олӣ.

ОТРАЖЕНИЕ РАЗВИТИЯ ШКОЛЫ И ОБРАЗОВАНИЯ КУЛЯБА В ИСТОРИЧЕСКОЙ ПЕРСПЕКТИВЕ

Мафҳуми «омодагӣ» (дар забони русӣ — «готовност») дар илми психология аввалин бор дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар робита бо омӯзиши вокунишҳои психофизиологии инсон ба амалҳои оянда ба миён омад. Дар марҳилаи аввал омодагӣ ҳамчун ҳолати муваққатии организм фаҳмида мешуд, ки ба иҷрои амали мушаххас пешакӣ танзим шудааст. Минбаъд, дар чаҳорчӯбаи назарияи муносибат (установка), ки аз ҷониби психологи барҷаста Д.Н. Узнадзе таҳия шудааст, омодагӣ ҳамчун ҳолати ботинии шахс баррасӣ гардид, ки самти фаъолияти ӯро муайян мекунад ва дар асоси таҷриба ва ниёзҳои ӯ ташаккул меёбад [9, с. 78]. Ин назария барои фаҳмиши механизмҳои ботинии омодагӣ заминаи муҳим фароҳам овард.

Дар нимаи дуюми асри XX мафҳуми омодагӣ дар психологияи муҳандисӣ ва психологияи меҳнат рушди ҷиддӣ ёфт. Таҳқиқи М.И. Дяченко ва Л.А. Кандибович, ки ба омӯзиши омодагии психологӣ ба фаъолияти меҳнатӣ бахшида шудаанд, заминаи назариявии

муосири ин мафҳумро ташкил доданд. Тибқи равиши онҳо, омодагии психологӣ ҳамчун ташкилоти комплексии хусусиятҳои шахсӣ фаҳмида мешавад, ки иҷрои муваффақонаи фаъолиятро таъмин мекунад [2, с. 134]. Онҳо байни ду намуди омодагӣ фарқ гузоштанд: омодагии дарозмуддат (устувор) ҳамчун хусусияти барқароршудаи шахс ва омодагии муваққатӣ (ҳолатӣ) ҳамчун ҳолати фаврии пеш аз иҷрои фаъолият.

Дар педагогика мафҳуми омодагӣ дар робита бо масъалаи омодасозии касбии мутахассисон, аз ҷумла омӯзгорон, рушд ёфт. Корҳои В.А. Сластёнин дар ин самт нақши асосӣ доранд, ки дар онҳо мафҳуми «омодагии касбии омӯзгор» ҳамчун ҳадафи асосии таҳсилоти педагогӣ асоснок карда шудааст [8, с. 246]. Тибқи равиши ӯ, омодагии касбӣ на танҳо маҷмуи донишҳо ва малакаҳо, балки ташаккули комплексии шахсиятест, ки самти касбӣ, маҳорати педагогӣ ва қобилияти эҷодии омӯзгорро дар бар мегирад. Ин фаҳмиш то имрӯз дар педагогикаи касбӣ муҳим боқӣ мондааст ва барои таҳлили мо аҳаммияти калидӣ дорад.

Заминаи методологии муҳимми таҳлили омодагиро равиши фаъолиятӣ ташкил медиҳад, ки аз ҷониби А.Н. Леонтев ва пайравони ӯ таҳия шудааст. Тибқи ин равиш, хусусиятҳои психикии инсон, аз ҷумла омодагӣ, дар раванди фаъолият ташаккул меёбанд ва зоҳир мегарданд [5, с. 287]. Ин маънои онро дорад, ки омодагии омӯзгор ба истифодаи моделҳои генеративиро наметавон танҳо тавассути интиқоли донишҳо ташаккул дод; он бояд дар раванди фаъолияти амалии воқеӣ ё ба он наздик ба миён ояд. Ин нуктаи методологӣ барои таҳияи методикаи ташаккули омодагӣ аҳаммияти бунёдӣ дорад, зеро он зарурати ташкили фаъолияти амалии донишҷӯёнро бо технологияҳои генеративӣ тасдиқ менамояд.

Дар даҳсолаҳои охир мафҳуми омодагӣ дар чаҳорчӯбаи равиши акмеологӣ амиқтар таҳқиқ гардид. Корҳои А.А. Деркач ба омӯзиши шароит ва омилҳои ноил шудани мутахассис ба сатҳи баланди касбӣ (акме) бахшида шудаанд, ки дар онҳо омодагӣ ҳамчун заминаи рушди касбии минбаъда баррасӣ мешавад [1, с. 95].

Таҳлили адабиёти илмӣ имкон медиҳад ду муносибати асосӣ ба фаҳмиши моҳият ва сохтори омодагии касбиро ҷудо намоем: муносибати функсионалӣ ва муносибати шахсӣ. Муносибати функсионалӣ омодагиро ҳамчун ҳолати муваққатии шахс баррасӣ мекунад, ки иҷрои муваффақонаи фаъолияти мушаххасро таъмин менамояд. Дар чаҳорчӯбаи ин муносибат таваҷҷуҳи асосӣ ба ҳолатҳои психикии пеш аз фаъолият, ба монанди диққат, ангеза ва танзими ҳаяҷон, равона мешавад. Ин муносибат барои таҳлили омодагӣ ба амалҳои фаврӣ ва мушаххас муфид аст, вале барои таҳлили омодагии устувори касбӣ нокифоя мебошад.

Муносибати шахсӣ омодагиро ҳамчун хусусияти устувор ва ҷузъи ҷудонашавандаи шахсияти мутахассис баррасӣ мекунад. Дар чаҳорчӯбаи ин муносибат, ки дар корҳои В.А. Сластёнин ва пайравони ӯ инкишоф ёфтааст, омодагӣ ҳамчун ташкилоти мураккаби сифатҳои шахсӣ, донишҳо, малакаҳо ва муносибатҳо фаҳмида мешавад, ки дар маҷмуъ қобилияти мутахассисро барои фаъолияти муваффақона таъмин мекунанд [8, с. 63]. Маҳз ин муносибат барои таҳлили мо мувофиқтар аст, зеро омодагӣ ба истифодаи моделҳои генеративӣ хусусияти устувор ва бисёрҷанба дорад ва наметавон онро танҳо ба ҳолати муваққатӣ маҳдуд кард.

Дар робита бо муносибати шахсӣ, дар адабиёти илмӣ якчанд тарзи муайян намудани сохтори омодагӣ вуҷуд дорад. Аксари муҳаққиқон дар сохтори омодагии касбӣ ҷузъҳои ангезишӣ, маърифатӣ ва амалиётиро ҷудо мекунанд. А.К. Маркова дар таҳқиқи худ оид ба психологияи касбият таъкид менамояд, ки омодагии касбӣ бояд на танҳо ҷанбаи иҷроиш, балки ҷанбаи ангезишӣ ва арзёбиро низ дар бар гирад [7, с. 128]. Е.А. Климов бошад, ба нақши тасаввуроти мутахассис дар бораи касб ва ҷойгоҳи худ дар он диққат медиҳад, ки барои ташаккули омодагӣ аҳаммияти калон дорад [4, с. 263].

Таҳлили муқоисавии ин муносибатҳо нишон медиҳад, ки барои таҳлили омодагии омӯзгор ба истифодаи моделҳои генеративӣ муносибати интегративӣ мувофиқтарин аст, ки унсурҳои муфиди ҳарду муносибатро муттаҳид мекунад. Аз муносибати функсионалӣ метавон ғояи аҳаммияти ҳолатҳои психикӣ ва ангезаро гирифт, ки барои фаъолияти муваффақона зарур аст.

Барои дақиқ муайян намудани мазмуни омодагӣ зарур аст, ки он аз мафҳумҳои наздик фарқ гузошта шавад. Дар адабиёти илмӣ мафҳумҳои «омодагӣ», «тайёрӣ», «салоҳият» ва

«салоҳиятмандӣ» аксаран ба ҳам омехта мешаванд, ҳол он ки байни онҳо фарқияти консептуалӣ вуҷуд дорад, ки барои таҳлили мо муҳим аст. Фарқгузории возеҳи ин мафҳумҳо имкон медиҳад, ки объекти таҳқиқ дақиқтар муайян карда шавад.

Зарурати фарқгузории ин мафҳумҳо на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки амалӣ низ дорад. Омезиши мафҳумҳо метавонад боиси он гардад, ки методикаи ташаккули омодагӣ танҳо ба ташаккули донишу малакаҳо (тайёрӣ) маҳдуд шавад ва ҷанбаҳои ангезишӣ, арзишӣ ва шахсии омодагиро ба назар нагирад. Чунин маҳдудкунӣ метавонад ба он оварда расонад, ки хатмкунанда донишу малакаҳои зарурӣ дошта бошад, вале хоҳиш ва омодагии ботинии истифодаи онҳоро надошта бошад. Аз ин рӯ, фарқгузории возеҳи мафҳумҳо барои таъмини мукаммалии методикаи ташаккули омодагӣ зарур аст.

Мафҳуми «тайёрӣ» ба раванди омодасозӣ ва натиҷаи он ишора мекунад ва аксаран хусусияти беруна, расмӣ дорад: тайёрии мутахассис маҷмуи донишҳо, малакаҳо ва маҳоратҳоеро ифода мекунад, ки ӯ дар раванди таҳсил азхуд кардааст. Мафҳуми «омодагӣ» бошад, хусусияти амиқтар ва ботинӣ дорад: он на танҳо доштани донишу малакаҳо, балки қобилият ва хоҳиши истифодаи онҳоро дар фаъолияти амалӣ ифода мекунад. Бо ибораи дигар, тайёрӣ заминаи омодагӣ мебошад, вале омодагӣ ба он маҳдуд намешавад ва ҷузъҳои ангезишӣ ва шахсиро низ дар бар мегирад.

Мафҳуми «салоҳият» (компетенсия) маҷмуи донишҳо, малакаҳо ва тарзҳои фаъолиятро ифода мекунад, ки барои иҷрои самараноки навъи муайяни фаъолият заруранд. И.А. Зимняя салоҳиятро ҳамчун заминаи ботинӣ, эҳтимолӣ муайян мекунад, ки дар салоҳиятмандӣ зоҳир мегардад [3, с. 21]. А.В. Хуторской бошад, салоҳиятро ҳамчун талаботи иҷтимоӣ-меъёрӣ ба омодагии таълимии хонанда ва салоҳиятмандиро ҳамчун хусусияти аллакай ташаккулёфтаи шахсӣ фарқ мегузорад [10, с. 8]. Ҳамин тариқ, салоҳиятмандӣ натиҷаи азхудкунии салоҳиятҳо мебошад ва ба омодагӣ наздик аст.

Таҳлили нисбати ин мафҳумҳо имкон медиҳад мавқеи методологии таҳқиқи моро муайян кунем. Дар кори мазкур омодагӣ ҳамчун мафҳуми интегративӣ баррасӣ мешавад, ки ҳам ҷанбаи салоҳиятӣ (доштани салоҳиятҳои зарурӣ) ва ҳам ҷанбаи шахсӣ-ангезишӣ (хоҳиш ва қобилияти истифодаи онҳо)-ро дар бар мегирад. Бо ибораи дигар, омодагии омӯзгор ба истифодаи моделҳои генеративӣ ҳамчун хусусияти интегративии шахсӣ муайян мешавад, ки бар асоси салоҳиятҳои мувофиқ ташаккул ёфта, тайёрии ботинӣ ва қобилияти омӯзгорро ба истифодаи муассир ва масъулиятноки технологияҳои генеративӣ дар фаъолияти касбӣ ифода мекунад. Маҳз ин таъриф ҳамчун таърифи кории таҳқиқ қабул карда мешавад.

Илова бар хусусиятҳои зикршуда, бояд таъкид кард, ки омодагӣ ба фаъолият бо зеҳни сунъӣ хусусияти контекстӣ дорад, яъне он на ба таври абстрактӣ, балки дар робита бо фанни мушаххаси таълимӣ ва вазъияти педагогии мушаххас зоҳир мегардад. Омӯзгори информатика ва омӯзгори забон технологияҳои генеративиро ба тарзҳои гуногун ва барои ҳалли вазифаҳои гуногун истифода мебаранд. Аз ин рӯ, ташаккули омодагӣ бояд хусусияти фаннӣ-методиро низ ба назар гирад ва ба махсусияти ихтисоси донишҷӯ мутобиқ карда шавад.

Бояд қайд кард, ки омодагӣ ба истифодаи моделҳои генеративӣ на ҳолати ниҳоӣ ва ба итмомрасида, балки заминаи рушди минбаъдаи касбӣ мебошад. Дар шароити тағйироти доимии технологӣ омодагии ибтидоӣ, ки дар марҳилаи таҳсилоти олӣ ташаккул меёбад, бояд қобилияти омӯзгорро ба худтакмилдиҳии минбаъда таъмин намояд. Бо ибораи дигар, ҳадафи асосии ташаккули омодагӣ на интиқоли маҷмуи собити донишу малакаҳо, балки ташаккули қобилияти инкишофи доимии худ дар ин соҳа мебошад.

Хусусияти дуюм ба зарурати ҳамҷоягии донишҳои технологӣ, методӣ ва ахлоқӣ алоқаманд аст. Барои истифодаи муассири моделҳои генеративӣ омӯзгор бояд ҳамзамон фаҳмиши асосҳои кори ин технологияҳо (ҷанбаи технологӣ), маҳорати татбиқи методии онҳо дар раванди таълим (ҷанбаи методӣ) ва огоҳӣ аз ҷанбаҳои ахлоқии истифодаашон (ҷанбаи ахлоқӣ)-ро дошта бошад. Чунин ҳамҷоягии донишҳои гуногунсоҳа омодагӣ ба фаъолият бо зеҳни сунъиро падидаи махсусан мураккаб ва байнифаннӣ месозад, ки ташаккули он равиши комплексиро талаб мекунад.

Хусусияти сеюм бо динамизми баланди соҳа алоқаманд аст. Технологияҳои генеративӣ бо суръати бесобиқа инкишоф меёбанд ва имкониятҳои онҳо ба таври доимӣ тағйир меёбанд. Дар чунин шароит омодагӣ наметавонад ҳамчун маҷмуи собити донишҳо ва малакаҳо фаҳмида шавад; он бояд хусусияти инкишофёбанда ва худтанзимкунанда дошта бошад. Ҷузъи муҳимми чунин омодагӣ қобилияти омӯзиши мустақил ва худтакмилдиҳии доимӣ, инчунин омодагии равонӣ ба тағйироти мунтазам мебошад. Ин хусусият нақши ҷузъҳои ангезишӣ ва рефлексивиро дар сохтори омодагӣ махсусан муҳим мегардонад.

Хусусияти чорум ба масъалаи муносибати равонӣ ба технологияҳои нав алоқаманд аст. Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки муносибати омӯзгорон ба зеҳни сунъӣ метавонанд аз эътимоди аз ҳад зиёд то нобоварии комил ва ҳатто изтироб (AI anxiety) фарқ кунанд. Назарияи қабули технология (Technology Acceptance Model), ки аз ҷониби Ф. Дэвис таҳия шудааст, нишон медиҳад, ки қабули технология аз ҷониби корбар пеш аз ҳама аз дарки муфидӣ ва осонии истифодаи он вобаста аст [12, с. 326]. Аз ин рӯ, ташаккули муносибати мусбати воқеъбинона ба технологияҳои генеративӣ — на эйфория ва на радди онҳо — ҷузъи муҳимми омодагии омӯзгор мебошад.

Хусусияти панҷум ба нақши хоси омӯзгор ҳамчун миёнарав байни технология ва хонанда алоқаманд аст. Омӯзгор на танҳо худаш аз технологияҳои генеративӣ истифода мебарад, балки муносибати хонандагонро ба онҳо ташаккул медиҳад, фарҳанги истифодаи масъулиятноки онҳоро тарбия мекунад ва қобилияти тафаккури танқидии хонандагонро дар муносибат ба маҳсулоти ин технологияҳо инкишоф медиҳад. Ин ҷанба омодагии омӯзгорро аз омодагии мутахассисони дигар соҳаҳо ба истифодаи зеҳни сунъӣ фарқ мекунонад ва нақши ҷузъи арзишӣ-ахлоқиро дар сохтори он баланд мебардорад.

Дар асоси таҳлили назариявии гузаронидашуда ва бо назардошти хусусиятҳои хоси фаъолият бо зеҳни сунъӣ, метавон сохтори омодагии омӯзгорони ояндаро ба истифодаи моделҳои генеративӣ муайян кард. Мо пешниҳод менамоем, ки ин омодагӣ ҳамчун ягонагии панҷ ҷузъи ба ҳам алоқаманд баррасӣ карда шавад: ҷузъи ангезишӣ-арзишӣ, ҷузъи маърифатӣ, ҷузъи амалиётӣ-фаъолиятӣ, ҷузъи рефлексивӣ-арзёбӣ ва ҷузъи ахлоқӣ. Ҳар яки ин ҷузъҳо вазифаи муайянро иҷро мекунанд ва танҳо дар ягонагӣ омодагии воқеии касбиро таъмин менамоянд.

Зарур аст таъкид карда шавад, ки тақсими омодагӣ ба ҷузъҳо хусусияти шартӣ ва таҳлилӣ дорад: дар воқеияти зинда ин ҷузъҳо ба таври органикӣ ба ҳам пайвастаанд ва ҳамдигарро муайян мекунанд. Ҷудосозии онҳо барои таҳлили илмӣ ва таҳияи методикаи мақсаднок зарур аст, вале набояд боиси таълими порчагӣ гардад. Методикаи муассир бояд ҳамаи ҷузъҳоро дар ягонагӣ ва дар алоқамандии байниҳамдигарӣ ташаккул диҳад. Бо ин назардошт биёед мазмуни ҳар як ҷузъро муфассалтар баррасӣ намоем.

Ҷузъи ангезишӣ-арзишӣ ядрои сохтори омодагиро ташкил медиҳад ва системаи ангезаҳо, манфиатҳо ва муносибатҳои арзишии омӯзгорро нисбат ба истифодаи технологияҳои генеративӣ дар бар мегирад. Ин ҷузъ омодагии ботинӣ ва хоҳиши омӯзгорро ба истифодаи технологияҳои нав, дарки аҳаммияти онҳо барои фаъолияти касбӣ ва манфиати маърифатӣ ба имкониятҳои онҳо ифода мекунад.

Ҷузъи маърифатӣ маҷмуи донишҳоеро дар бар мегирад, ки барои истифодаи бошуурона ва муассири технологияҳои генеративӣ заруранд. Ба ин ҷузъ донишҳо дар бораи моҳият, имкониятҳо ва маҳдудиятҳои моделҳои генеративӣ, фаҳмиши асосҳои кори онҳо, огоҳӣ аз намудҳои гуногуни ин технологияҳо ва соҳаҳои татбиқи онҳо дар таълим, инчунин донишҳо дар бораи ҷанбаҳои методии истифодаи онҳо дохил мешаванд.

Ҷузъи амалиётӣ-фаъолиятӣ маҷмуи малакаҳо ва маҳоратҳои амалии истифодаи технологияҳои генеративиро дар фаъолияти касбӣ ифода мекунад. Ба ин ҷузъ маҳорати тартиб додани дархостҳои муассир (prompt engineering), қобилияти интихоби воситаи мувофиқ барои ҳалли вазифаи мушаххаси педагогӣ, малакаи ҳамгироии технологияҳои генеративӣ дар раванди таълим ва маҳорати мутобиқсозии маҳсулоти онҳо ба ҳадафҳои таълимӣ дохил мешаванд.

Ҷузъи рефлексивӣ-арзёбӣ қобилияти омӯзгорро барои таҳлили танқидии фаъолияти худ ва маҳсулоти технологияҳои генеративӣ ифода мекунад. Ба ин ҷузъ маҳорати арзёбии

эътимоднокӣ ва дурустии мундариҷаи тавлидшуда, қобилияти таҳлили самаранокии истифодаи технологияҳо дар раванди таълим ва маҳорати худтаҳлилӣ ва худтакмилдиҳӣ дохил мешаванд. Аҳаммияти ин ҷузъ дар шароити динамизми баланди соҳа махсусан меафзояд, зеро маҳз қобилияти рефлексия имкон медиҳад, ки омӯзгор ба тағйироти доимӣ мутобиқ шавад ва омодагии худро инкишоф диҳад.

Ҷузъи ахлоқӣ системаи арзишҳо ва меъёрҳои ахлоқиро дар бар мегирад, ки истифодаи масъулиятноки технологияҳои генеративиро муайян мекунанд. Ба ин ҷузъ огоҳӣ аз ҷанбаҳои ахлоқии истифодаи зеҳни сунъӣ (масъалаи асолати академӣ, ҳифзи маълумоти шахсӣ, баробарии дастрасӣ), қобилияти ташаккули фарҳанги истифодаи масъулиятнок дар назди хонандагон ва тайёрӣ ба риояи принсипҳои ахлоқӣ дар фаъолияти касбӣ дохил мешаванд. Дар шароити паҳншавии технологияҳои генеративӣ маҳз ин ҷузъ аҳаммияти махсус касб мекунад, зеро он самти ахлоқии истифодаи технологияҳоро таъмин менамояд.

Сохтори омодагии омӯзгор ба истифодаи моделҳои генеративӣ ва вазифаҳои асосии ҳар ҷузъро дар шакли ҷадвал ҷамъбаст намудан мумкин аст (Ҷадвали 1).

Ҷадвали 1 — Сохтори ҷузъии омодагии омӯзгор ба истифодаи моделҳои генеративӣ

Ҷузъ	Вазифа ва мазмуни асосӣ
Ангезишӣ-арзишӣ	Ангеза, манфиат ва муносибати арзишӣ ба истифодаи технологияҳои генеративӣ
Маърифатӣ	Донишҳо дар бораи моҳият, имконият ва маҳдудиятҳои моделҳои генеративӣ
Амалиётӣ-фаъолиятӣ	Малакаҳои амалии истифода ва ҳамгироии методии технологияҳо
Рефлексивӣ-арзёбӣ	Арзёбии танқидӣ, худтаҳлилӣ ва худтакмилдиҳӣ
Ахлоқӣ	Арзишҳо ва меъёрҳои истифодаи масъулиятноки технологияҳо

Ҷузъҳои зикршуда ба ҳам зич алоқаманданд ва дар ягонагӣ амал мекунанд. Норасоии ҳар яке аз онҳо боиси нокомил будани омодагӣ мегардад: масалан, доштани донишҳои баланд бидуни ангеза боиси истифодаи воқеии технологияҳо намегардад, ва доштани малакаҳои амалӣ бидуни ҷузъи ахлоқӣ метавонад ба истифодаи ғайримасъулиятнок оварда расонад. Аз ин рӯ, методикаи ташаккули омодагӣ бояд ба рушди ҳамоҳанги ҳамаи ҷузъҳо нигаронида шавад.

Сатҳҳо ва меъёрҳои ташаккулёбии омодагӣ

Барои таҳияи методикаи муассири ташаккули омодагӣ ва арзёбии натиҷаҳои он зарур аст, ки сатҳҳо ва меъёрҳои ташаккулёбии омодагӣ муайян карда шаванд. Дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ ва бо назардошти сохтори ҷузъии муайяншуда, мо се сатҳи омодагиро ҷудо менамоем: сатҳи паст (адаптивӣ), сатҳи миёна (репродуктивӣ) ва сатҳи баланд (эҷодӣ). Ин сатҳҳо динамикаи инкишофи омодагиро аз шакли ибтидоӣ то шакли пешрафта инъикос мекунанд.

Муайян намудани сатҳҳои омодагӣ имкон медиҳад, ки на танҳо ҳолати кунунии донишҷӯ арзёбӣ карда шавад, балки траекторияи рушди ӯ низ тарҳрезӣ гардад. Гузариш аз сатҳи паст ба сатҳи баланд раванди тадриҷӣ мебошад, ки дар он ҳар як сатҳи қаблӣ заминаи сатҳи минбаъда хидмат мекунад. Муҳим аст, ки сатҳҳо на ҳамчун зинаҳои ҷудогона, балки ҳамчун марҳилаҳои раванди ягонаи рушд баррасӣ шаванд. Чунин фаҳмиш ба методика имкон медиҳад, ки барои ҳар як донишҷӯ вобаста аз сатҳи ибтидоии ӯ муносибати мувофиқ интихоб карда шавад.

Сатҳи паст (адаптивӣ) бо муносибати ноустувор ба технологияҳои генеративӣ, донишҳои сатҳӣ ва парокандаи онҳо, малакаҳои ибтидоии истифода ва набудани қобилияти арзёбии танқидӣ тавсиф меёбад. Дар ин сатҳ омӯзгор технологияҳои генеративиро ба таври эпизодӣ ва бидуни асоси методӣ истифода мебарад, аксаран онҳоро ба таври механикӣ нусхабардорӣ менамояд. Огоҳӣ аз ҷанбаҳои ахлоқӣ дар ин сатҳ маҳдуд аст. Чунин сатҳи омодагӣ барои фаъолияти муваффақона ва масъулиятнок дар шароити муосир нокифоя мебошад.

Сатҳи миёна (репродуктивӣ) бо муносибати мусбати устувор ба технологияҳои генеративӣ, донишҳои системавӣ дар бораи онҳо, малакаҳои босуботи истифода дар вазъиятҳои маъмул ва қобилияти ибтидоии арзёбии танқидӣ тавсиф меёбад. Дар ин сатҳ омӯзгор технологияҳои генеративиро дар асоси намунаҳо ва усулҳои тайёр ба таври муваффақона истифода мебарад, вале дар вазъиятҳои ғайримаъмул ё мураккаб метавонад душворӣ кашад. Огоҳии ӯ аз ҷанбаҳои ахлоқӣ кофӣ аст, вале на ҳамеша дар амал татбиқ мешавад.

Барои арзёбии сатҳи ташаккулёбии омодагӣ зарур аст, ки меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои мувофиқ муайян карда шаванд. Дар асоси сохтори ҷузъии омодагӣ мо меъёрҳои зеринро пешниҳод менамоем: меъёри ангезишӣ (характери муносибат ва ангеза ба истифодаи технологияҳо), меъёри маърифатӣ (ҳаҷм ва системанокии донишҳо), меъёри амалиётӣ (сатҳи ташаккулёбии малакаҳои амалӣ), меъёри рефлексивӣ (қобилияти арзёбии танқидӣ ва худтаҳлилӣ) ва меъёри ахлоқӣ (огоҳӣ ва риояи меъёрҳои ахлоқӣ). Ҳар яки ин меъёрҳо бо нишондиҳандаҳои мушаххас муайян карда мешаванд, ки имкони арзёбии объективии сатҳи омодагиро фароҳам меоваранд.

Ташаккули омодагии омӯзгор ба истифодаи моделҳои генеративӣ зери таъсири маҷмуи омилҳои гуногун сурат мегирад, ки муайян намудани онҳо барои таҳияи методикаи муассир зарур аст. Ин омилҳоро шартан ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст: омилҳои дохилӣ (психологӣ) ва омилҳои берунӣ (педагогӣ ва ташкилӣ). Танҳо бо назардошти ҳамаи ин омилҳо метавон раванди ташаккули омодагиро самаранок ташкил кард.

Таҳлили омилҳои берунӣ ва дохилӣ нишон медиҳад, ки онҳо дар таъсири мутақобила қарор доранд: омилҳои берунӣ тавассути омилҳои дохилӣ амал мекунанд. Масалан, ташкили дурусти раванди таълим (омили берунӣ) метавонад худбоварии касбии донишҷӯро (омили дохилӣ) баланд бардорад, ки дар навбати худ ба фаъолнокии ӯ дар азхудкунии технологияҳо мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, методикаи муассири ташаккули омодагӣ бояд ҳамзамон ба ҳарду гурӯҳи омилҳо таъсир расонад ва шароити мусоиди берунию дохилиро барои рушди омодагӣ фароҳам оварад.

Дар байни омилҳои дохилӣ нақши муҳимро худбоварии касбӣ (self-efficacy) мебозад, ки мафҳуми он аз ҷониби А. Бандура таҳия шудааст. Тибқи назарияи ӯ, боварии шахс ба қобилияти худ барои иҷрои муваффақонаи фаъолият яке аз омилҳои асосии муваффақият мебошад [11, с. 196]. Дар робита ба технологияҳои генеративӣ, худбоварии касбии омӯзгор муайян мекунад, ки ӯ то чӣ андоза омода аст ин технологияҳоро аз худ кунад ва дар фаъолияти худ истифода барад. Омӯзгороне, ки худбоварии паст доранд, аксаран аз технологияҳои нав канорагирӣ мекунанд, ҳол он ки худбоварии баланд фаъолнокӣ ва омодагиро ба омӯзиш тақвият мебахшад.

Омили муҳимми дигари дохилӣ муносибати равонӣ ба технологияҳои нав мебошад, ки метавонад аз изтироб ва нобоварӣ то эътимоди аз ҳад зиёд фарқ кунад. Падидаи изтироби марбут ба зеҳни сунъӣ (AI anxiety), ки дар таҳқиқоти муосир таҳлил мешавад, метавонад монеаи ҷиддӣ дар роҳи ташаккули омодагӣ гардад. Аз тарафи дигар, эътимоди аз ҳад зиёд ва набудани муносибати танқидӣ низ хатарнок аст, зеро метавонад ба истифодаи беандеша ва ғайримасъулиятноки технологияҳо оварда расонад.

Дар байни омилҳои берунӣ нақши асосиро ташкили дурусти раванди таълим дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ мебозад. Ба ин омилҳо мазмуни барномаҳои таълимӣ, усулҳо ва технологияҳои таълим, мавҷудияти муҳити мувофиқи рақамӣ ва намунаи омӯзгорони худи муассисаи таълимӣ дохил мешаванд.

Омили муҳимми берунии дигар хусусиятҳои миллӣ ва фарҳангии муҳити таълимӣ мебошанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули омодагии омӯзгорон бояд бо назардошти анъанаҳои миллии таълиму тарбия, арзишҳои фарҳангӣ ва хусусиятҳои забонӣ сурат гирад. Корҳои олимони ватанӣ дар соҳаи педагогикаи миллӣ, аз ҷумла М. Лутфуллоев, барои фаҳмиши ин хусусиятҳо заминаи муҳим фароҳам меоваранд [6, с. 194]. Ҳамгироии равишҳои муосири технологӣ бо анъанаҳои педагогии миллӣ яке аз вазифаҳои муҳимми методикаи ташаккули омодагӣ дар шароити кишвар мебошад.

Омодагии омӯзгор ба истифодаи моделҳои генеративӣ бо системаи умумии салоҳиятҳои касбии ӯ зич алоқаманд аст. Ин омодагӣ ҷузъи мустақил набуда, балки бо

салоҳиятҳои дигари омӯзгор — фаннӣ, методӣ, психологию педагогӣ ва рақамӣ — ҳамгиро мешавад ва онҳоро ғанӣ мегардонад. Фаҳмиши ин робита барои таҳияи методикае, ки омодагиро на ба таври ҷудогона, балки дар чаҳорчӯбаи ташаккули умумии шахсияти касбии омӯзгор инкишоф медиҳад, муҳим аст.

Аз як тараф, омодагӣ ба истифодаи моделҳои генеративӣ ба салоҳиятҳои мавҷудаи омӯзгор такя мекунад. Бидуни салоҳияти фаннӣ омӯзгор наметавонад дурустии мундариҷаи тавлидшударо арзёбӣ кунад; бидуни салоҳияти методӣ — онро ба таври муассир дар раванди таълим ҳамгиро созад; бидуни салоҳияти психологию педагогӣ — таъсири технологияҳоро ба хонандагон ба назар гирад. Ҳамин тариқ, омодагӣ ба зеҳни сунъӣ заминаи мустаҳками салоҳиятии умумиро талаб мекунад.

Аз тарафи дигар, омодагӣ ба истифодаи моделҳои генеративӣ салоҳиятҳои мавҷударо ғанӣ мегардонад ва ба онҳо сифати нав мебахшад. Масалан, салоҳияти методии омӯзгор бо имкониятҳои нави тарроҳии раванди таълим бо ёрии технологияҳои генеративӣ васеъ мешавад. Чаҳорчӯбаҳои муосири салоҳиятҳои рақамии омӯзгор, аз ҷумла DigCompEdu, заминаи муфидеро барои ҳамгироии салоҳиятҳои марбут ба зеҳни сунъӣ ба системаи умумии салоҳиятҳои касбӣ фароҳам меоваранд. Бо вуҷуди ин, ин чаҳорчӯбаҳо талаби такмил ва иловакуниро бо назардошти хусусиятҳои моделҳои генеративӣ доранд.

Бояд қайд кард, ки робитаи омодагӣ бо салоҳиятҳои касбӣ хусусияти дутарафа дорад. Аз як ҷониб, салоҳиятҳои умумии касбӣ ҳамчун заминаи омодагӣ ба истифодаи моделҳои генеративӣ хизмат мекунанд. Аз ҷониби дигар, ташаккули омодагӣ ба зеҳни сунъӣ метавонад ба рушди салоҳиятҳои умумии касбӣ мусоидат намояд, масалан, тафаккури танқидӣ, қобилияти кор бо иттилоот ва маҳорати рефлексияро инкишоф диҳад. Чунин таъсири мутақобила имкон медиҳад, ки ташаккули омодагӣ ба зеҳни сунъӣ на ҳамчун бори иловагӣ, балки ҳамчун омили рушди умумии касбии омӯзгор баррасӣ шавад.

Таҳлили робитаи омодагӣ бо салоҳиятҳои касбӣ имкон медиҳад хулосаи методологии муҳимме бароварда шавад: ташаккули омодагӣ ба истифодаи моделҳои генеративӣ бояд на ҳамчун раванди ҷудогона, балки ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ташаккули умумии шахсияти касбии омӯзгор баррасӣ карда шавад. Ин хулоса заминаи методологии таҳияи методикаи комплексиро фароҳам меоварад, ки дар бахшҳои минбаъда баррасӣ хоҳад шуд. Чунин равиш имкон медиҳад, ки омодагӣ ба зеҳни сунъӣ ба таври органикӣ ба раванди мавҷудаи омодасозии омӯзгорон ҳамгиро шавад.

Ҷузъи маърифатии омодагии омӯзгор ба истифодаи моделҳои генеративӣ бо мафҳуми нави «саводнокии зеҳни сунъӣ» (AI literacy) зич алоқаманд аст, ки таҳлили амиқтари онро талаб мекунад. Ин мафҳум дар адабиёти илмӣ нисбатан нав буда, дар робита бо паҳншавии оммавии технологияҳои зеҳни сунъӣ ташаккул ёфтааст. Д.Лонг ва Б. Маджерко саводнокии зеҳни сунъиро ҳамчун маҷмуи салоҳиятҳое муайян мекунанд, ки ба шахс имкон медиҳанд технологияҳои зеҳни сунъиро ба таври танқидӣ арзёбӣ кунад, бо онҳо муассир муошират намояд ва дар фаъолияти гуногун истифода барад [13, с. 11]. Ин мафҳум ҷузъи муҳимми заминаи маърифатии омодагиро ташкил медиҳад.

Саводнокии зеҳни сунъӣ якчанд ҷанбаро дар бар мегирад. Ҷанбаи аввал — фаҳмиши асосии моҳияти зеҳни сунъӣ: омӯзгор бояд тасаввуроти умумӣ дар бораи он дошта бошад, ки моделҳои генеративӣ чӣ гунаанд, чӣ тавр кор мекунанд ва чаро онҳо метавонанд хато кунанд. Ин фаҳмиш набояд хусусияти амиқи техникӣ дошта бошад, вале бояд барои истифодаи бошуурона ва танқидии технологияҳо кофӣ бошад. Ҷанбаи дуюм — қобилияти арзёбии танқидии маҳсулоти зеҳни сунъӣ, ки барои омӯзгор аҳаммияти махсус дорад, зеро ӯ масъули дурустии мундариҷаи таълимӣ мебошад.

Ҷанбаи сеюми саводнокии зеҳни сунъӣ — фаҳмиши ҷанбаҳои ахлоқӣ ва иҷтимоии истифодаи он. Омӯзгор бояд аз масъалаҳои марбут ба ҳифзи маълумоти шахсӣ, ҷонибдориҳои эҳтимолии моделҳо, таъсири технологияҳо ба баробарии таълимӣ ва дигар масъалаҳои ахлоқӣ огоҳ бошад. Ҷанбаи чорум — қобилияти истифодаи амалии технологияҳои зеҳни сунъӣ дар фаъолияти касбӣ, ки бо ҷузъи амалиётӣ-фаъолиятии омодагӣ мувофиқат мекунад. Ҳамин тариқ, саводнокии зеҳни сунъӣ мафҳуми васеъ буда, якчанд ҷузъи омодагиро фаро мегирад.

Муҳим аст таъкид карда шавад, ки саводнокии зеҳни сунъии омӯзгор аз саводнокии зеҳни сунъии шахси оддӣ фарқ мекунад, зеро он ҷанбаи методиро низ дар бар мегирад. Омӯзгор бояд на танҳо худаш аз технологияҳои зеҳни сунъӣ истифода бурда тавонад, балки қобилияти ташаккули саводнокии зеҳни сунъиро дар назди хонандагони худ дошта бошад.

Таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки масъалаи омодагии омӯзгорон ба истифодаи зеҳни сунъӣ дар адабиёти илмии ҷаҳонӣ таваҷҷуҳи рӯзафзунро ба худ ҷалб кардааст. Таҳқиқи системавии О. Заватски-Рихтер ва ҳаммуаллифон, ки ба таҳлили татбиқи зеҳни сунъӣ дар таҳсилоти олӣ бахшида шудааст, нишон медиҳад, ки яке аз монеаҳои асосии истифодаи муассири ин технологияҳо маҳз сатҳи нокифояи омодагии кадрҳои омӯзгорӣ мебошад [14, с. 27]. Ин хулоса аҳаммияти масъалаи моро дар миқёси байналмилалӣ тасдиқ менамояд.

Дар таҳқиқоти хориҷӣ якчанд равиш ба муайянсозии сохтори омодагӣ ба зеҳни сунъӣ пешниҳод шудаанд. Як гурӯҳи муҳаққиқон ба ҷанбаи салоҳиятӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, маҷмуи салоҳиятҳои зарурии омӯзгорро муайян мекунанд. Гурӯҳи дигар ба ҷанбаи психологӣ — муносибат, ангеза ва худбоварии омӯзгорон — диққат медиҳад. Таҳлили ин равишҳо имкон медиҳад хулоса барорем, ки барои фаҳмиши мукаммали омодагӣ ҳамгироии ҳарду ҷанба — салоҳиятӣ ва психологӣ — зарур аст, ки бо равиши интегративии қабулкардаи мо мувофиқат мекунад.

Ташаккули омодагии омӯзгорони оянда ба истифодаи моделҳои генеративӣ дар марҳилаи таҳсилоти олии педагогӣ як қатор хусусиятҳо дорад, ки бо вижагиҳои ин марҳилаи омодасозии касбӣ алоқаманданд. Дар ин марҳила донишҷӯён ҳанӯз таҷрибаи фаъолияти мустақили педагогӣ надоранд, ки ин ҳам имконият ва ҳам душворӣ эҷод мекунад. Аз як тараф, набудани қолабҳои устувор имкон медиҳад, ки муносибати дурусти аввалия ба технологияҳо ташаккул дода шавад. Аз тарафи дигар, набудани таҷрибаи амалӣ ташаккули ҷузъи амалиётии омодагиро мушкил мегардонад.

Хусусияти муҳимми дигар дар он зоҳир мегардад, ки донишҷӯёни муосир, ҳамчун намояндагони насли рақамӣ, аксаран таҷрибаи шахсии истифодаи технологияҳои генеративиро доранд. Бо вуҷуди ин, ин таҷриба одатан хусусияти истеъмолӣ дорад ва бо фаҳмиши методии истифодаи онҳо дар фаъолияти педагогӣ алоқаманд нест. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои муҳимми таҳсилоти педагогӣ табдил додани таҷрибаи стихиявии истеъмолии донишҷӯён ба омодагии бошууронаи касбӣ мебошад, ки бо асоси методӣ ва ахлоқӣ ғанӣ гардонида шудааст.

Ниҳоят, ташаккули омодагӣ дар марҳилаи таҳсилоти олии педагогӣ бояд хусусияти системавӣ ва пайваста дошта бошад. Он наметавонад ба як фан ё як курс маҳдуд шавад, балки бояд тавассути тамоми раванди омодасозии касбӣ — аз фанҳои психологию педагогӣ то методикаи таълими фанни мушаххас ва амалияи педагогӣ — амалӣ гардад. Чунин равиши системавӣ имкон медиҳад, ки ҳамаи ҷузъҳои омодагӣ ба таври ҳамоҳанг ташаккул дода шаванд ва омодагӣ ба ҷузъи органикии шахсияти касбии омӯзгори оянда табдил ёбад.

Муносибатҳои методологӣ ба ташхиси сатҳи омодагӣ

Таҳияи методикаи муассири ташаккули омодагӣ зарурати ташхиси объективии сатҳи онро ба миён мегузорад. Ташхиси омодагӣ вазифаи мураккаби методологӣ мебошад, зеро омодагӣ падидаи бисёрҷанба ва қисман ботинӣ аст, ки мушоҳидаи бевоситаи он имконнопазир мебошад. Аз ин рӯ, барои ташхиси он зарур аст, ки маҷмуи методҳои ба ҳам мукаммалкунанда истифода шаванд, ки ҳар яки онҳо ҷанбаи муайяни омодагиро арзёбӣ мекунанд. Принсипи комплексият яке аз принсипҳои асосии ташхиси омодагӣ мебошад.

Барои ташхиси ҷузъи ангезишӣ-арзишӣ усулҳои пурсиш, анкетагузаронӣ ва суҳбати ташхисӣ мувофиқанд, ки имкон медиҳанд муносибат, ангеза ва тамоюлҳои арзишии омӯзгорон нисбат ба технологияҳои генеративӣ муайян карда шаванд. Барои ташхиси ҷузъи маърифатӣ усулҳои санҷиш ва имтиҳони донишҳо истифода мешаванд, ки сатҳ ва системанокии донишҳои донишҷӯёнро дар бораи моделҳои генеративӣ арзёбӣ мекунанд. Интихоби усулҳои мувофиқ ба махсусияти ҳар як ҷузъи омодагӣ вобаста аст.

Барои ташхиси ҷузъи амалиётӣ-фаъолиятӣ усулҳои арзёбии маҳсулоти фаъолият ва супоришҳои амалӣ муҳиманд, ки дар онҳо донишҷӯён бояд вазифаҳои воқеии педагогиро бо ёрии технологияҳои генеративӣ ҳал кунанд. Чунин усулҳо имкон медиҳанд, ки на донишҳои

назариявӣ, балки маҳорати амалии татбиқи онҳо арзёбӣ карда шавад. Барои ташхиси ҷузъҳои рефлексивӣ-арзёбӣ ва ахлоқӣ усулҳои таҳлили вазъиятҳои мушаххас (кейсҳо), хударзёбӣ ва таҳлили ҳалли масъалаҳои ахлоқӣ самаранок мебошанд.

Таҳлили моҳияти психологию педагогии омодагӣ имкон медиҳад, ки принсипҳои асосии ташаккули онро муайян кунем, ки ҳамчун заминаи методологии методикаи минбаъда хидмат хоҳанд кард. Принсипи якум — принсипи системавӣ ва ягонагии ҷузъҳо. Тибқи ин принсип, ташаккули омодагӣ бояд ба рушди ҳамоҳанги ҳамаи ҷузъҳои он — ангезишӣ, маърифатӣ, амалиётӣ, рефлексивӣ ва ахлоқӣ — нигаронида шавад, зеро норасоии ҳар яке аз онҳо боиси нокомил будани омодагӣ мегардад.

Принсипи дуюм — принсипи фаъолиятӣ. Тибқи ин принсип, ки ба равиши фаъолиятии А.Н. Леонтев такя мекунад, омодагӣ маҳз дар раванди фаъолияти амалӣ ташаккул меёбад [5, с. 136]. Аз ин рӯ, методикаи ташаккули омодагӣ бояд ташкили фаъолияти амалии донишҷӯёнро бо технологияҳои генеративӣ дар вазъиятҳои ба фаъолияти воқеии педагогӣ наздик дар бар гирад. Принсипи сеюм — принсипи контекстӣ будани таълим, ки тибқи он мундариҷаи таълим бояд ба контексти фаъолияти ояндаи касбии донишҷӯ наздик бошад.

Принсипи чорум — принсипи инфиродикунонӣ ва бо назардошти сатҳи ибтидоии омодагӣ. Азбаски, донишҷӯён бо сатҳҳои гуногуни омодагӣ ва таҷрибаи шахсии истифодаи технологияҳои генеративӣ ба раванди таълим ворид мешаванд, методикаи ташаккули омодагӣ бояд имкони муносибати фардиро таъмин намояд. Принсипи панҷум — принсипи рушди тафаккури танқидӣ, ки тибқи он раванди таълим бояд ба ташаккули қобилияти арзёбии танқидии технологияҳо ва маҳсулоти онҳо нигаронида шавад, на ба истифодаи беандешаи онҳо.

Принсипи шашум — принсипи ягонагии ҷанбаҳои технологӣ, методӣ ва ахлоқӣ. Тибқи ин принсип, ташаккули омодагӣ набояд ба ҷанбаи технологӣ маҳдуд шавад, балки бояд ҷанбаҳои методӣ ва ахлоқиро ба таври баробар фаро гирад. Принсипи ҳафтум — принсипи рушди доимӣ ва худтакмилдиҳӣ, ки тибқи он ҳадафи асосии ташаккули омодагӣ на интиқоли маҷмуи собити донишу малакаҳо, балки ташаккули қобилияти омӯзгор ба инкишофи доимии худ дар шароити тағйироти технологӣ мебошад. Маҷмуи ин принсипҳо заминаи методологии таҳияи методикаи муассири ташаккули омодагиро ташкил медиҳад.

Хулосаи умумӣ аз он иборат аст, ки моҳияти психологию педагогии омодагии омӯзгор ба фаъолият бо зеҳни сунъӣ дар ягонагии ҷанбаҳои ангезишӣ, маърифатӣ, амалиётӣ, рефлексивӣ ва ахлоқӣ зоҳир мегардад.

Адабиёт:

1. Деркач, А.А. Акмеологические основы развития профессионала / А.А. Деркач. – Москва: МПСИ, 2004. – 752 с.

2. Дьяченко, М.И. Психологическая готовность / М.И. Дьяченко, Л.А. Кандыбович. – Москва: Наука, 1986. – 264 с.

3. Зимняя, И.А. Компетентностный подход в образовании / И.А. Зимняя // Высшее образование сегодня. – 2006. – № 8. – С. 20–26.

4. Климов, Е.А. Психология профессионала / Е.А. Климов. – Москва: МПСИ, 2003. – 456 с.

5. Леонтьев, А.Н. Деятельность. Сознание. Личность / А.Н. Леонтьев. – Москва: Смысл, 2005. – 352 с.

6. Лутфуллоев, М. Педагогикаи миллӣ / М. Лутфуллоев. – Душанбе: Маориф, 2015. – 328 с.

7. Маркова, А.К. Психология профессионализма / А.К. Маркова. – Москва: Знание, 1996. – 312 с.

8. Сластенин, В.А. Педагогика: учебное пособие / В.А. Сластенин, И.Ф. Исаев, Е.Н. Шиянов. – Москва: Академия, 2013. – 608 с.

9. Узнадзе, Д.Н. Психология установки / Д.Н. Узнадзе. – Санкт-Петербург: Питер, 2001. – 416 с.

10. Хуторской, А.В. Ключевые компетенции и образовательные стандарты / А.В. Хуторской // Интернет-журнал «Эйдос». – 2002. – № 4. – С. 1–12.

11. Bandura, A. Self-efficacy: the exercise of control / A. Bandura. – New York: W.H. Freeman, 1997. – 604 p.

12. Davis, F.D. Perceived usefulness, perceived ease of use, and user acceptance of information technology / F.D. Davis // MIS Quarterly. – 1989. – Vol. 13, № 3. – P. 319–340.

13. Long, D. What is AI literacy? Competencies and design considerations / D. Long, B. Magerko // Proceedings of the CHI Conference on Human Factors in Computing Systems. – New York: ACM, 2020. – P. 1–16.

14. Zawacki-Richter, O. Systematic review of research on artificial intelligence applications in higher education / O. Zawacki-Richter [et al.] // International Journal of Educational Technology in Higher Education. – 2019. – Vol. 16, № 1. – Art. 39.

МОДЕЛҲОИ ПСИХОЛОГИЮ ПЕДАГОГИИ ОМОДАГИИ ОМӮЗГОРОН БА ФАЪОЛИЯТ ТАВАССУТИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ

Дар мақолаи мазкур сохтор, моҳияти психологию педагогӣ ва хусусиятҳои консептуалии омодагии омӯзгорони оянда ба фаъолият бо моделҳои генеративии зеҳни сунъӣ мавриди таҳқиқ ва таҳлили амиқи назариявӣ қарор гирифтааст. Муаллифон бо пайгирии таърихи ташаккули мафҳуми «омодагӣ» дар илмҳои психология ва педагогика (аз назарияи Д.Н. Узнадзе ва равишҳои М.И. Дяченко, В.А. Сластёнин, А.Н. Леонтев, А.А. Деркач) муносибати интегративиро пешниҳод менамоянд. Дар ин замина, мафҳумҳои наздики «омодагӣ», «тайёрӣ», «салоҳият» ва «салоҳиятмандӣ» аз ҳам фарқ карда шуда, мазмуни хоси омодагӣ ба фаъолият дар шароити трансформатсияи рақамӣ муайян гардидааст.

Дар мақола сохтори панҷҷузъии омодагӣ ба зеҳни сунъӣ (ангезишӣ-арзишӣ, маърифатӣ, амалиётӣ-фаъолиятӣ, рефлексивӣ-арзёбӣ ва ахлоқӣ) асоснок карда шуда, сатҳҳо (адаптивӣ, репродуктивӣ, эҷодӣ), меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои ташаккулёбии он баррасӣ мешаванд. Ҳамчунин, нақши омилҳои дохилию берунӣ — аз ҷумла худбоварии касбӣ (self-efficacy), изтироби марбут ба зеҳни сунъӣ (AI anxiety), саводнокии зеҳни сунъӣ (AI literacy) ва ҳамгироии он бо принсипҳои педагогикаи миллӣ ошкор карда шудаанд.

Калидвожаҳо: зеҳни сунъӣ, моделҳои генеративӣ, омодагии омӯзгор, омодагии психологию педагогӣ, саводнокии зеҳни сунъӣ, равиши интегративӣ, худбоварии касбӣ, педагогикаи олӣ.

ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ МОДЕЛИ ПОДГОТОВКИ ПЕДАГОГОВ К РАБОТЕ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ИСКУССТВЕННОГО ИНТЕЛЛЕКТА

В данной статье подвергнуты глубокому теоретическому анализу структура, психолого-педагогическая сущность и концептуальные особенности готовности будущих учителей к деятельности с генеративными моделями искусственного интеллекта. Авторы, прослеживая историю формирования понятия «готовность» в психологических и педагогических науках (от теории Д.Н. Узнадзе и подходов М.И. Дьяченко, В.А. Сластёнина, А.Н. Леонтьева, А.А. Деркача), предлагают интегративный подход. На этой основе дифференцированы смежные понятия «готовность», «подготовка», «компетенция» и «компетентность», а также определено специфическое содержание готовности к деятельности в условиях цифровой трансформации.

В статье обоснована пятикомпонентная структура готовности к искусственному интеллекту (мотивационно-ценностный, когнитивный, операционально-деятельностный, рефлексивно-оценочный и этический компоненты), рассматриваются уровни (адаптивный, репродуктивный, творческий), критерии и показатели ее формирования. Также выявлена роль внутренних и внешних факторов, включая профессиональную самоэффективность (self-efficacy), тревожность, связанную с ИИ (AI anxiety), грамотность в сфере ИИ (AI literacy), и их интеграция с принципами национальной педагогики.

Ключевые слова: искусственный интеллект, генеративные модели, готовность педагога, психолого-педагогическая готовность, грамотность в сфере ИИ, интегративный подход, профессиональная самоэффективность, высшая педагогика.

PSYCHOLOGICAL AND PEDAGOGICAL MODELS OF TEACHER READINESS FOR ACTIVITIES USING ARTIFICIAL INTELLIGENCE

This article provides an in-depth theoretical analysis of the structure, psychological and pedagogical essence, and conceptual features of future teachers' readiness to work with generative artificial intelligence models. By tracing the history of the concept of «readiness» in psychological and pedagogical sciences (from D.N. Uznadze's theory and the approaches of M.I. Dachenko, V.A. Slastenin, A.N. Leontiev, and A.A. Derkach), the authors propose an integrative approach. On this basis, the closely related concepts of «readiness», «preparedness», «competence», and «competency» are differentiated, and the specific content of readiness for activities in the context of digital transformation is defined.

The article substantiates a five-component structure of readiness for artificial intelligence (motivational-value, cognitive, operational-activity, reflective-evaluative, and ethical components) and examines its levels (adaptive, reproductive, creative), criteria, and indicators of development. Furthermore, the role of internal and external factors — including professional self-efficacy, AI anxiety, AI literacy, and their integration with the principles of national pedagogy — is revealed.

Keywords: artificial intelligence, generative models, teacher readiness, psychological and pedagogical readiness, AI literacy, integrative approach, professional self-efficacy, higher pedagogy.

Маълумот дар бораи муаллифон: Ҳамидова Дилрабо Ҳамидовна, докторанти (PhD)-и ихтисоси информатикаи факултети физика ва математикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров – 16. Тел.:981050643. Почтаи электронӣ Dilrabohamidova.078@gmail.com

Сафарзода Мунир Ватан, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи таъминоти барномавӣ ва веб-дизайни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров - 16. Тел.: 918 66 54 41. E-mail: munir11@list.ru

Сведения об авторах: Хамидова Дилрабо Хамидовна, докторант (PhD) по специальности «Информатика», физико-математического факультета Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки, Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова - 16. Тел.: 981050643. Электронная почта dilrabohamidova.078@gmail.com

Сафарзода Мунир Ватан, доктор педагогических наук, профессор кафедры программного обеспечения и веб-дизайна Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова – 16. Тел.: (+992) 918 66 54 41. E-mail: munir11@list.ru

Information about the authors: Khamidova Dilrabo Khamidovna, PhD doctoral student in the specialty «Informatics», faculty of physics and mathematics of Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki, Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street-16. Tel.: 981050643. Email: dilrabohamidova.078@gmail.com

Safarzoda Munir Vatan, doctor of pedagogical sciences, professor of the department of software engineering and web design at Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street-16. Tel.: (+992) 918 66 54 41. E-mail: munir11@list.ru

Муқарриз: Бозоров Х., д.и.п., профессор
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

ТДУ: 004+004.49 (035.3)
ТКБ:73(2-тоҷ)
А- 39

ТАЪСИРИ КОНТЕНТИ РАҚАМӢ БА ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Аюбзода С.А., н.и.п., и.в. дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Қурбонова У.Т., н.и.п., и.в. дотсент
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Қобили қайд аст, ки технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла, захираҳои электронӣ, онлайн-платформаҳо, зеҳни сунъӣ, воситаҳои интерактивии таълимӣ, таҷҳизоти рақамӣ ва амсоли онҳо раванди таҳсилотро куллан тағйир медиҳанд. Бо пайдоиши технологияҳои муосири иттилоотӣ барномаҳои таҳсилотӣ, нақшаҳои таълимӣ ва маводи омӯзишӣ давра ба давра тағйир ёфта, бо ин технологияҳо ҳамгиро карда мешаванд. Вале, суръати баланди тағйирёбӣ ва рушди технологияҳои рақамӣ имкон намедиҳад, ки ҳамаи самтҳо ба як маром такмил ёбанд, ё ин ки бе мушилот аз ин буҳрон берун бароянд. Дар раванди таълим ин технологияҳо ҳамчун ҷузъи ҷудонашаванда ба ҳисоб рафта, барои фардикунонии таълим, дастрасӣ ба маводи таълимӣ ва баланд бардоштани саводнокии рақамии хонандагон ва омӯзгорон истифода гардида, сифати таълимро баланд мебардоранд. Аммо, дар ин раванд баъзе мушкилот дида мешавад, аз ҷумла, мутобиқшавии омӯзгорон, муҳити иттилоотӣ-таълимӣ, фазои рақамӣ, контенти рақамӣ, амнияти иттилоотӣ ва ғ.

Таҳқиқи мазкур дар доираи лоиҳаи фармоишии илмӣ-таҳқиқотӣ дар мавзуи «Роҳҳои баланд бардоштани амнияти иттилоотии шахс, ҷамъият ва давлат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки дар кафедраи методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ амалӣ мегардад, ба роҳ монда шудааст, ки ба таъсири контенти рақамӣ ба хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) бахшида шудааст.

Барсуков А.А. дар мақолаи худ қайд намудааст: «Контенти рақамӣ дастрасии баробарро ба таҳсил ва иттилоот таъмин менамояд. Он ба одамон имкон медиҳад, ки фанҳои навро омӯзанд, ба маводи таълимии босифат дастрасӣ пайдо кунанд ва дониши худро мубодила кунанд. Инчунин, контенти мазкур ба рушди инноватсияҳо ва пешрафти технологӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисод мусоидат мекунад. Навъҳои нави контент, аз қабили воқеияти виртуалӣ ва васеъшуда, барномаҳои интерактивӣ ва алгоритмҳои омӯзиши мошинӣ, ба рушди маҳсулот ва хизматрасониҳои нав мусоидат мекунанд. Илова бар ин, имрӯз контенти рақамӣ имкон медиҳад, ки омӯзиши барномасозони оянда ҳанӯз аз давраи мактабӣ ба роҳ монда шавад» [3, с. 15].

Воқеан ҳам гуфта метавонем, ки дар фазои рақамӣ иттилоот ба суръати баланд паҳн гардида, имкони пурра таҳлилу таҳқиқи он имконнопазир аст. Ҳангоми ҷустуҷӯйи маълумот ё маводи зарурӣ аз сарчашмаҳои гуногун муқоисаи онҳоро бо адабиёти илмӣ саривақтӣ ҳисобидан мумкин аст, зеро дар ҳолати нодуруст будани иттилоот ба косташавии донишазхудкунӣ оварда мерасонад. Тавре маълум аст, мағзи сари инсон имконияти таҳлил ва ҳазми иттилооти зиёд ва гуногуншаклро надорад. Ин боиси он мегардад, ки дар рафти ҷустуҷӯйи иттилоот дар фазои рақамӣ вақт зиёд сарф мегардад. Барои сарфа намудани вақт ва қувват навъҳои гуногуни контентҳои рақамӣ таҳия гардидаанд, ки дар ҷадвали 1 онҳоро пешкаш намудем.

Ҷадвали 1. Навъҳои контенти рақамӣ ва тавсифи онҳо

Навъҳои контенти рақамӣ	Тавсиф	Мисолҳо
Матнӣ	Пешниҳоди иттилоот дар шакли матн	Мақолаҳо, хабарҳо, китобҳои электронӣ, блогҳо
Графикӣ	Пешниҳоди иттилоот тавассути тасвирҳо ва элементҳои визуалӣ	Расмҳо, инфографика, диаграммаҳо, тасвирҳо
Аудиоӣ	Пешниҳоди иттилоот дар шакли садо	Мусиқӣ, лексияҳои аудиоӣ, китобҳои аудиоӣ, подкастҳо
Видеоӣ	Омезиши тасвир, садо ва ҳаракат	Дарсҳои видеоӣ, филмҳо, вебинарҳо, видеоблогҳо
Мултимедиявӣ	Омезиши якчанд шакли контент	Презентатсияҳо, курсҳои онлайн, энсиклопедияҳои электронӣ
Интерактивӣ	Муносибати фаъоли истифодабарандаро бо контент таъмин менамояд	Тестҳо, симуляторҳо, бозиҳои таълимӣ, барномаҳои интерактивӣ
Воқеияти виртуалӣ	Эҷоди муҳити сеченакаи рақамӣ, ки истифодабарандаро дар фазои маҷозӣ иҳота мекунад	Экскурсияҳои виртуалӣ, тренажёрҳо, лабораторияҳои виртуалӣ
Воқеияти васеъшуда	Илова кардани объектҳои рақамӣ ба муҳити воқеии истифодабаранда	Барномаҳои компютерии таълимӣ, харитаҳои интерактивӣ, 3D-моделҳо
Иҷтимоӣ	Барои паҳн кардан дар шабакаҳои иҷтимоӣ пешбинӣ шудааст	Матлабҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ, Stories, Reels, видеороликҳои хурд
Таълимӣ	Барои омӯзиш ва рушди малакаҳо истифода мешавад	Курсҳои онлайн, дарсҳои электронӣ, тестҳо, дастурҳо
Бо зеҳни сунъӣ сохташуда	Бо истифода аз зеҳни сунъӣ эҷод ва ё коркард мешавад	Матн, тасвир, видео, аудио ва презентатсияҳое, ки бо зеҳни сунъӣ сохта шудаанд

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ҳар як истифодабарандаи технологияҳои рақамӣ ва шабакаи интернет ба чунин навъҳои контенти рақамӣ дучор шудааст. Дар солҳои охир таҳиягарони контентҳо бисёртар аз зеҳни сунъӣ истифода менамоянд, ки на ҳама вақт натиҷаи мусбиро соҳиб мегарданд. Масалан, ҳангоми таҳияи маводи зарурӣ барои соҳаҳои гуногун қулай мебошад, вале дар бисёр ҳолатҳо паёмадҳои манфиро дидан мумкин аст. Боиси таассуф аст, ки ҷиноятқорон ва ҳамлагарони киберӣ дар фазои рақамӣ зиёд мебошанд ва бо истифода аз зеҳни сунъӣ контентҳои дорои мазмуни бадахлоқона, хатарнок ва таҳқиромез таҳия намуда, ба амнияти иттилоотии шахс, ҷомеа ва давлат таҳдид эҷод мекунад. «Табдилдиҳии рақамии ҷомеаи муосир зарурати танзим ва рушди контенти таълимӣ, инчунин методҳо, шаклҳо ва воситаҳои таълимро дар сатҳҳои гуногун бо дарназардошти имкониятҳои инноватсионӣ ва хатарҳои рақамикунонӣ тақозо мекунад» [8, с. 192].

Вобаста ба масъалаи мазкур аҳаммияти контенти иҷтимоӣ ва таъсири он ба хонандагони МТМУ-ро дида мебароем. Дар тамоми дунё мушкилоти истифодаи аз меъёр зиёди шабакаҳои иҷтимоӣ миёни наврасону ҷавонон дида мешавад. Олимону муҳаққиқон пайваста роҳҳои бартараф намудани ин мушкилотро ҷустуҷӯ намуда, бо дарназардошти шароит ва фазои муосир хулосабарорӣ намудаанд. Дар ин замина, таҳқиқот ва таҷрибаҳои кишварҳои хориҷиро шарҳ медиҳем. «Таҳқиқоти олимони британиёӣ аз Донишгоҳи Эссекс

ва Коллеҷи Донишгоҳи Лондон нишон доданд, ки ҳар қадар кӯдакони 10-сола вақти бештарро дар шабакаҳои иҷтимоӣ сарф кунанд, ҳамон қадар дар синни наврасӣ, аз 10 то 15-солагӣ, вазъи равонии онҳо коҳиш меёбад. Таҳқиқи дигаре, ки дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико гузаронида шудааст, тасдиқ мекунад, ки ҳангоми гирифтани «лайк» дар шабакаҳои иҷтимоӣ дар наврасон баъзе минтақаҳои муайяни мағзи сар фаъол мешаванд ва ин боиси хоҳиши истифодаи зуд-зуд ва дарозмуддати шабакаҳои иҷтимоӣ мегардад. Вақте ки наврасон дар матлабҳои нашрнамудаи худ шумораи зиёди «лайк»-ҳоро диданд, дар ҳамон минтақаи мағзи сар вокунише мушоҳида мешуд, ки ҳангоми дидани тасвири одамоне, ки писарон ва духтарон онҳоро дӯст медоштанд, ё ҳангоми ба даст овардани маблағ низ фаъол мешуд» [5].

Дар бораи таъсири контенти рақамӣ ба наврасон ва ҷавонон муҳаққиқони рус Гайдарова Л.И., Магомедова П.А. ва Идрисова Н.Л. чунин қайд кардаанд: «Мониторинги мунтазами ҷалби наврасони рус ба шабакаҳои иҷтимоӣ, ки аз ҷониби Маркази умумирусиягии таҳқиқи афкори ҷамъиятӣ (ВЦИОМ) аз соли 2019 инҷониб дар асоси намунаҳои намояндагии умумимиллӣ анҷом дода мешаванд, имкон медиҳанд, ки хулосаҳои бадастомада бо таҳлили тамоюлҳои (трендҳои) динамикӣ пурра карда шаванд. Дар давраи солҳои 2019-2023 ҳиссаи наврасони 14-17-сола, ки ҳамарӯза аз шабакаҳои иҷтимоӣ истифода мебаранд, аз 86% то 94% афзоиш ёфтааст. Вақти миёнаи онлайн дар интернет аз 3,4 то 4,6 соат дар як рӯз афзоиш ёфтааст. Шумораи корбарони фаъоли Instagram 1,4 маротиба (аз 56% то 80%), TikTok бошад, 2,2 маротиба (аз 32% то 71%) афзоиш ёфтааст. Ғайр аз ин, ҳиссаи наврасоне, ки таъсири манфии шабакаҳои иҷтимоиро ба ҳолати руҳӣ ва ҷисмонии худ қайд карданд, дар ин давра аз 21 то 32% афзоиш ёфт» [4, с. 108-109].

Ба гуфтаҳои боло такя намуда, таъсири манфии контенти рақамӣ ба раванди таълими хонандагонро муайян кардем:

- наврасон ва ҷавонон вақти зиёди худро дар шабакаҳои иҷтимоӣ сарф намуда, иттилооти зиёди нолозимро дар хотираи худ ҷой медиҳанд;
- дар синни камолот худро дар шабакаҳои иҷтимоӣ бақайд мегиранд ва дар фазои рақамӣ худро мустақил мешуморанд, ки ин ба онҳо имконияти ба корҳои нодуруст машғул гардиданро медиҳад;
- маълумоти илмию таълимиро бо истифода аз зеҳни сунъӣ ҷустуҷӯ менамоянд, ки на ҳамеша натиҷаи хуб медиҳад;
- ҳангоми омӯзиш бо истифода аз шабакаҳои интернет ба фазои маҷозӣ дохил гардида, дар ҳоле ки мебоист мавзуи дарсиро омӯзанд, вақти худро дар дигар платформаҳо зиёдтар мегузаронанд;
- ба сомонаҳо ва платформаҳои дорои хосияти порнографӣ ва ғайриахлоқӣ дастрасӣ пайдо мекунанд, ки сабаби халалдор намудани тамаркузи онҳо ба таълим мегардад;
- дар ҳолати надоштани саводи рақамӣ ва расонаӣ метавонанд ба ҳодисаҳои кибербуллинг, фишинг ва қаллобӣ рӯ ба рӯ гарданд;
- надоштани тафаккури интиқодӣ боис мегардад, ки иттилооти зарурироро таҳлил ва муқоиса накарда, ҳамчун маълумоти дуруст қабул менамоянд.

Ҳалли мушкилоти вобаста ба таъсири манфии фазои маҷозӣ ба наврасон танҳо бо таҳсили мактабӣ маҳдуд намешавад, балки ҳамкории пайвастаи оила ва муассисаи таълимиро тақозо мекунад. Бинобар ин, ба роҳ мондани назорати дуруст ва роҳнамоии оилавӣ дар ин самт муҳим арзёбӣ мегардад. «Агар ба масъала ҷиддӣ назар афканем, мушкилоти мутобиқшавии хонандагон ба фазои рақамӣ мубраму саривақтӣ ҳисобида мешавад. Аммо набояд фаромӯш кард, ки дар ин раванд нақши мактаб ва омӯзгор марказӣ бошад ҳам, нақши волидайн асосӣ мебошад. Дар ин маврид, омӯзгор метавонад, роҳи дурусти истифодаи технологияҳои информатсиониро омӯзонад, вале волидайн бошад, вақт ва контенти истифода намудаи фарзандонро назорат кунанд» [1, с. 337].

Новобаста аз он, ки ҳангоми истифодаи контенти рақамӣ амнияти иттилоотӣ, шахсӣ ва руҳии хонандагон зери хатар аст, манъ кардани истифодаи онҳо низ ғайриимкон аст. Зеро ҳар гуна таҳаввулот дорои хусусиятҳои мусбӣ ва манфӣ мебошад. Вобаста ба ин, назорат ва

мутобиқгардонии хонандагон ба фазои рақамӣ вазифаи волидайн, омӯзгор ва ҳам давлат мебошад.

Қобили қайд аст, ки таъсири контенти рақамӣ ба хонандагони муассисаҳои таълимӣ вобаста ба омилҳои ҷуғрофӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии минтақаҳои гуногун фарқияти назаррас дорад. Дар шаҳрҳои калон ва марказҳои вилоятҳо, ки дастрасӣ ба интернети босуръат ва воситаҳои муосири рақамӣ осон аст, хонандагон бештар ба истифодаи платформаҳои таълимӣ, курсҳои онлайн ва барномаҳои интерактивӣ машғул мешаванд. Бо вуҷуди ин, дар ин минтақаҳо хатари ғарқ шудан дар шабакаҳои иҷтимоӣ, вобастагии равонӣ ва дучор шудан ба парешонхотирии иттилоотӣ хеле баланд аст. Баръакси ин, дар ноҳияҳои дурдаст ва деҳот, ҳарчанд дастрасӣ ба технологияҳои рақамӣ то андозае маҳдуд бошад ҳам, пайвастшавӣ ба шабакаҳои иҷтимоӣ тавассути телефонҳои мобилӣ миёни наврасон босуръат рушд карда истодааст. Дар ин гуна муҳит, аз сабаби надоштани малакаҳои кофии саводи медиявӣ ва назорати сусти калонсолон, хонандагон зудтар ба таъсири манфии контенти бегона, иттилооти дурӯғ ва бозиҳои хатарноки маҷозӣ гирифтор мешаванд. Ин тафовут нишон медиҳад, ки раванди рақамикунонии таълим дар баробари фароҳам овардани имкониятҳои баробар, ҳамзамон мушкилоти нави фарқияти рақамиро ба миён оварда, таҳқиқ ва таҳлили амиқи педагогии ҳар як минтақаро тақозо мекунад.

Қайд намудан лозим аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пешгирии амалҳои номатлуб дар фазои рақамӣ пайваста чорабиниҳои зарурӣ ва саривақти анҷом медиҳад. Дар ин замина, Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04.2008, №451) қабул гардидааст. Дар ин замина, мувофиқи Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои аввалиндараҷа чунин муайян гардидаанд:

«- роҳ надодан ба табдили воситаҳои ахбори омма ба олоти истифодаи ғаразноки технологияҳои таъсиррасонии иттилоотӣ ба аҳолӣ, барномакунонии муҷаддади одам, фосиқшавии маънавӣ ва фасоди ахлоқии ӯ, пешгирии найрангбозии иттилоотӣ, ки эҳсосоти тангназарона, нигилистӣ ва дигар эҳсосоти барои ҷомеаи Тоҷикистон ғайри қобили қабулро ташаккул медиҳад;

- муқовимат ва бартарафсозии ҳамла ва ғасби иттилоотию психологӣ ва иттилотию фарҳангӣ ва дигар амалҳои таҳдидовар;

- фароҳам овардани шароити ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва технологӣ барои аз ҷониби воситаҳои ахбори омма самаранок иҷро шудани вазифаи расондани иттилооти воқеӣ ба аҳолӣ, ниҳодҳои иҷтимоӣ ва давлат» [6].

Мувофиқи Барномаи ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024 – 2028 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 2024, №154) «амалисозии ҳамаҷонибаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ барои рушди устувори ҷомеа яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми иқтидори зеҳнӣ ва илмии кишвар дар шароити ташаккули иқтисодиёти ба донишҳо асосёфта мебошад. Асри XXI асри пешрафти босуръати илму техника ва технология, зуҳури самтҳои нави илм ва дар маҷмуъ, таҳаввулоти ҷиддии илмиву техникӣ буда, ҳадафи асосии он - гузариши илму маориф, фарҳанг ва иқтисодиёт ба роҳи навоварона (инноватсионӣ)-и тараққиёт аст. Имрӯз инкишофу истифодаи технологияҳои навини иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар зинаҳои гуногуни муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва равандҳои мунтазами инноватсионӣ дар истеҳсолот раванди умумиҷаҳонӣ гардидааст» [2].

Дар асоси пажӯҳиши мазкур ва таҳлилу хулосабарориҳо амсилаи консептуалии таъсири контенти рақамӣ ба хонандагони МТМУ дар раванди таълимро таҳия намудем, ки дар расми 1 тасвир гардидааст.



Расми 1. Амсилаи консептуалии таъсири контенти рақамӣ ба хонандагони МТМУ дар раванди таълим

Амсилаи консептуалии пешниҳодгардида нишон медиҳад, ки таъсири контенти рақамӣ ба хонандагони МТМУ дар раванди таълим содда ва якмарҳилавӣ нест. Он раванди бисёрмарҳилавӣ буда, аз як қатор омилҳои гуногун вобастагӣ дорад:

1) таъсири контенти рақамӣ аз навъи он вобастааст: барномаҳои компютерии таълимӣ, бозиҳои дидактикӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, видеоҳои омӯзишӣ ва ғ. Ҳар як навъ равиши низомноки психологӣ ва педагогиро талаб менамояд;

2) омилҳои танзимкунанда - синну соли хонанда, сатҳи саводнокии рақамии омӯзгор ва хонанда, нақши омӯзгор метавонанд ба натиҷаи таълим таъсир расонанд. Аз ин рӯ, контенти рақамӣ дар баъзе шароит натиҷаи мусбӣ ва дар баъзе шароит натиҷаи манфӣ медиҳад;

3) омилҳои дигар ба монанди шавқмандӣ ба таълим, қобилияти коркарди иттилоот ва тамаркуз ба иҷрои супоришҳо нақши калидӣ доранд. Онҳо метавонанд сатҳи донишро баланд бардоранд ё хастагӣ, парешонхотирӣ ва сарбории зиёдатии иттилоотиро ба вуҷуд орад.

Аҳаммияти амалии амсила дар он дарҷ мегардад, ки самарнокии контенти рақамӣ дар раванди таълим на танҳо аз истифодаи он, балки роҳнамоии педагогӣ, меъёри истифода ва саводнокии рақамии хонандагон муайян мегардад. Вобаста ба ин, назорат ва танзими истифодаи воситаҳои рақамӣ, бахусус контенти рақамӣ саривақтӣ ҳисобида мешавад.

Райҳонова С.Х. чунин қайд намудааст, ки «истифодаи усулҳои инноватсионӣ дар ҷараёни таълиму тарбия заминаи воқеии инкишоф ва истифодаи имкониятҳои ҳар як хонандаро фароҳам меоранд. Амалияи истифодаи технологияи коммуникатсионӣ мусоидат менамояд, ки хонандаи навовар новобаста аз синну сол, мавқеъ, вазъи иҷтимоӣ, макони таҳсилу зист мавриди эҳтиром қарор гирад ва барои дарки арзишу мақоми худ шароит ва имконият пайдо намояд» [7].

Қайд намудан бамаврид аст, ки контенти рақамӣ ба хонандагон дар раванди таълим таъсири гуногунҷанба ва ғайримустақим мерасонад. Таҳлили масъала нишон дод, ки контенти рақамӣ дар раванди таълими хонандагони МТМУ дорои хусусияти дуҷониба буда, ҳамчун омили муҳимми рушди малакаҳои асри XXI ва ҳамзамон ҳамчун манбаи хатарҳои эҳтимолии равонию иттилоотӣ баромад мекунад. Истифодаи оқилонаи навъҳои гуногуни контенти рақамӣ (аз ҷумла маводи интерактивӣ ва таълимӣ) имкон медиҳад, ки раванди дарку азхудкунии донишҳо фардикунонӣ гардида, саводнокии рақамии наврасон босуръат рушд ёбад. Ҳамзамон, парешонхотирӣ, сарбории аз ҳад зиёди иттилоотӣ, вобастагӣ ба

шабакаҳои иҷтимоӣ ва хатарҳои киберӣ аз ҷумлаи мушкилоти асосӣ мебошанд, ки ба тамаркуз ва сифати таҳсили хонандагон таъсири манфӣ мерасонанд.

Дар асоси пажӯҳиши анҷомёфта ва таҳлили омилҳои таъсиррасонии контенти рақамӣ ба раванди таълиму тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, пешниҳодҳои зерин муҳим арзёбӣ мегарданд:

- таҳия ва таҳкими механизмҳои ҳуқуқии танзими фазои рақамӣ ва ҳимояи кӯдакону наврасон аз контенти зараровар;
- таъсис додани филтрҳои миллии иттилоотӣ дар сатҳи провайдерҳои интернетӣ барои пешгирии дастрасӣ ба сомонаҳои дорои хусусияти ғайриахлоқӣ ва зӯроварӣ;
- дастгирии лоиҳаҳои эҷоди контенти созандаи таълимӣ бо забони тоҷикӣ;
- ворид намудани фанҳо ё мавзуъҳои махсус оид ба саводи рақамӣ, бехатарии киберӣ ва тафаккури интиқодӣ ба барномаҳои таълимии МТМУ;
- ташкили курсҳои бозомӯзӣ барои омӯзгорон ҷиҳати истифодаи самараноки воситаҳои рақамӣ дар раванди дарс;
- дар раванди таълим фаъолона истифода бурдани усулҳои дидактикии рақамӣ ва роҳнамоии дурусти хонандагон ба сӯйи манбаъҳои илмию таълимии боэътимод;
- баланд бардоштани таваҷҷуҳи хонандагон ба муҳокимаи зинда ва таҳлили интиқодии иттилооти аз интернет гирифташуда;
- тақвият додани назорати солим ва дӯстона ба вақти сарфкардаи фарзандон дар шабакаҳои иҷтимоӣ;
- ташкили муошират боз ва фаҳмондадиҳии оқибатҳои манфии вобастагии маҷозӣ ба инсон, назорати сахтгирона ва манъкунии куллӣ;
- омӯхтани фарҳанги истифодаи оқилонаи технологияҳо;
- ташаккул додани маҳорати таҳлил ва муқоисаи маълумот пеш аз қабул кардани он ҳамчун ҳақиқат;
- сарф кардани вақти бештар ба китобхонӣ, варзиш ва рушди малакаҳои амалӣ;
- гузаронидани маъракаҳои маърифатӣ ва барномаҳои телевизионию радиоӣ оид ба хатарҳои фазои рақамӣ ва роҳҳои ҳифзи амнияти иттилоотии оила ва ҷомеа;
- тарғиби арзишҳои миллӣ ва фарҳанги солими муошират дар шабакаҳои иҷтимоӣ.

Дар ҷараёни таълим татбиқи контенти рақамӣ бояд аз ҷиҳати педагогӣ асоснок шуда, бо роҳнамоии методии омӯзгорон ва усулҳои фаъоли тарбиявӣ ҳамоҳанг гардад. Таъмини амнияти иттилоотии наврасон ва коҳиш додани паёмаду оқибатҳои номатлуби фазои маҷозӣ танҳо тавассути назорати солим, муошират пайваста ва ҳамкории зичи оила бо муассисаи таълимӣ ба даст оварда мешавад.

Адабиёт:

1. Аюбзода С.А., Қурбонова У.Т., Ҳамидова Д.Ҳ. Мутобиқгардонии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба фазои рақамӣ бо дарназардошти амнияти иттилоотӣ / С.А. Аюбзода, У.Т Қурбонова, Д.Ҳ. Ҳамидова // Паёми ДМТ. – 2025. – №12, С. 331-340.
2. Барномаи ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024 – 2028 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 2024, №154).
3. Барсуков А.А. Цифровой контент как база современных экономических отношений // Альманах «Крым». 2023. №38. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/tsifrovoy-kontent-kak-baza-sovremennyh-ekonomicheskih-otnosheniy (дата обращения: 20.08.2026).
4. Гайдарова Л. И., Магомедова П. А., Идрисова Н. Л. Анализ влияния социальных сетей на современных подростков // Управление образованием: теория и практика. 2024. Т. 14. № 4-1. С. 103-112.
5. Как социальные сети оказывают влияние на психику детей и подростков [Электронный ресурс]/ https://mozok.ua/ru/anxietydisorder/article/3795-kak-sotcialnye-seti-okazyvayut-vliyanie-na-psihiku-detej-i-podrostkov (дата обращения: 21.08.2021).

6. Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04.2008, №451).

7. Райҳонова С.Х. Истифодаи технологияи рақамӣ дар раванди таълим // Навиди илм / Новости науки. 2025. №2. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/istifodai-tehnologiyai-ra-am-dar-ravandi-talim (санаи мурочиат: 23.08.2026).

8. Рыжова Н.И., Молохов Д.А., и.др. Использование цифрового образовательного контента в школе: модель методики и принципы // Вестн. Том. гос. ун-та. 2025. №511. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/ispolzovanie-tsifrovogo-obrazovatelnogo-kontenta-v-shkole-model-metodiki-i-printsipy (дата обращения: 20.08.2026).

9. Мамутова, Г.Ш. Формирование коммуникативно-информационных компетенции будущих учителей математики в условиях профессиональной подготовки / Г. Ш. Мамутова // Калуга: Общество с ограниченной ответственностью «Агентство международных исследований», 2019. – с. 272-275.

10. Михайловский, В.Н. Формирование научной картины мира и информатизация / В.Н. Михайловский. - СПб, 1994. - с. 54-56.

11. Мусаева, Ш.А. Методическая подготовка, основанная на профессионализме учителей информатики / Ш.А. Мусаева // Евразийское Научное Объединение. – 2020. – № 2-6(60). – с. 386-388.

12. Федосеева, З.А. Развитие профессиональной компетентности педагогов в системе дополнительного профессионального образования: автореф. дисс.... канд. пед. наук / З.А. Федосеева. - Екатеринбург, 2006. - 26 с.

ТАЪСИРИ КОНТЕНТИ РАҚАМӢ БА ХОНАНДАГОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Таҳқиқи мазкур ҷанбаҳои асосии таъсири контенти рақамӣ ба хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди таълимро дарбар мегирад. Дар фазои рақамӣ иттилоот ва ҳаргуна маълумоти гуногунсоҳа тариқи платформаҳои рақамӣ бо суръати баланд паҳн мегардад, ки таҳлил ва таҳқиқи амиқи онҳо мушкилӣ эҷод менамояд. Аҳаммияти таҳқиқ аз рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва ҳамгироии фаъоли захираҳои электронии таълимӣ, маводи мултимедиявӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва платформаҳои интерактивӣ ба раванди таълим муайян карда мешавад. Таваҷҷуҳи асосӣ ба муайян кардани таъсири контенти рақамӣ ба фаъолияти маърифатӣ, тамаркуз, ангеза, муваффақияти таълимӣ ва ҳолати равонии хонандагон равона карда шудааст. Муайян шудааст, ки таъсири контенти рақамиро наметавон ба таври қатъӣ мусбат ё манфӣ арзёбӣ кард, зеро натиҷаи он аз контент, сифат ва навъи он, давомнокии истифодаи онҳо, мақсади истифодаи онҳо, синну соли хонанда ва шароити педагогӣ вобаста аст. Дар мақола зарурати истифодаи оқилона ва аз ҷиҳати педагогӣ асоснок кардани контенти рақамӣ, ки барои рушди саводнокии рақамӣ, мустақилият, тафаккури интиқодӣ ва фаъолияти маърифатии хонандагони МТМУ равона гардидааст, асоснок карда шудааст. Ҳамзамон, дар асоси таҳқиқи мазкур амсилаи консептуалии таъсири контенти рақамӣ ба хонандагони МТМУ дар раванди таълим таҳия гардидааст.

Калидвожаҳо: контенти рақамӣ, маориф, МТМУ, хонандагон, фазои рақамӣ, воситаҳои рақамӣ, интернет, амнияти иттилоотӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, зеҳни сунъӣ.

ВЛИЯНИЕ ЦИФРОВОГО КОНТЕНТА НА УЧАЩИХСЯ СРЕДНИХ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ

Данное исследование охватывает основные аспекты влияния цифрового контента на учащихся средних общеобразовательных учреждений в образовательном процессе. В цифровом пространстве информация и данные из различных областей распространяются с высокой скоростью посредством цифровых платформ, что создает определенные трудности для их глубокого анализа и изучения. Актуальность исследования обусловлена стремительным развитием цифровых технологий и активной интеграцией электронных

образовательных ресурсов, мультимедийных материалов, социальных сетей и интерактивных платформ в образовательный процесс. Основное внимание уделено определению влияния цифрового контента на познавательную деятельность, концентрацию внимания, учебную мотивацию, успеваемость и психологическое состояние учащихся. Установлено, что влияние цифрового контента нельзя однозначно оценивать как положительное или отрицательное, поскольку его результат зависит от содержания, качества и вида контента, продолжительности и целей его использования, возраста учащихся и педагогических условий. В статье обосновывается необходимость рационального и педагогически обоснованного использования цифрового контента, направленного на развитие цифровой грамотности, самостоятельности, критического мышления и познавательной активности учащихся средних общеобразовательных учреждений. Вместе с тем на основе проведенного исследования разработана концептуальная модель влияния цифрового контента на учащихся средних общеобразовательных учреждений в образовательном процессе.

Ключевые слова: цифровой контент, образование, СОУЗ, учащиеся, цифровое пространство, цифровые инструменты, Интернет, информационная безопасность, социальные сети, искусственный интеллект.

THE IMPACT OF DIGITAL CONTENT ON STUDENTS IN SECONDARY SCHOOLS IN THE EDUCATIONAL PROCESS

This research examines the principal aspects of the impact of digital content on students in secondary schools within the educational process. In the contemporary digital environment, information and data from diverse fields are disseminated rapidly through digital platforms, creating significant challenges for their comprehensive analysis and critical evaluation. The relevance of this research is determined by the rapid development of digital technologies and the increasing integration of electronic educational resources, multimedia materials, social networks, and interactive platforms into the educational process. Particular attention is devoted to assessing the influence of digital content on students' cognitive activity, attentional concentration, learning motivation, academic performance, and psychological well-being. The findings demonstrate that the impact of digital content cannot be unequivocally characterized as either positive or negative, as its effects depend on the content, quality, and type of digital materials, the duration and purpose of their use, students' age, and the prevailing pedagogical conditions. The research substantiates the necessity of rational and pedagogically grounded use of digital content aimed at fostering digital literacy, learner autonomy, critical thinking, and cognitive engagement among secondary school students. Furthermore, based on the results of this research, a conceptual model of the impact of digital content on students in secondary schools in the educational process has been developed.

Key words: digital content, education, secondary schools, students, digital environment, digital tools, Internet, information security, social networks, artificial intelligence.

Маълумот дар бораи муаллифон: Аюбзода Сафар Аюб, номзади илмҳои педагогӣ, и.в., дотсенти кафедраи методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Суроға**:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 16. Тел.: 918579447, E-mail: safarkhon@mail.ru

Қурбонова Умеда Талабовна, номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсенти кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва иқтисоди рақамии Институти технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. Тел.: 987144641, E-mail: umeda-1994@inbox.ru

Сведение об авторах: Аюбзода Сафар Аюб, кандидат педагогических наук, и.о. доцента кафедры методики преподавания информатики, Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. Тел.: 918579447, E-mail: safarkhon@mail.ru

Курбонова Умеда Талабовна, кандидат педагогических наук, и.о. доцента кафедры информационных технологий и цифровой экономики, Института цифровых технологий и искусственного интеллекта, Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Адрес: 734055, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Борбад, 48/5. Тел.: 987144641, E-mail: umeda-1994@inbox.ru

Information about the authors: Ayubzoda Safar Ayub, candidate of pedagogical sciences, associate professor of the department of computer science teaching methods, Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, Sangak Safarov Street, 16. Tel.: 918579447, Email: safarkhon@mail.ru

Kurbonova Umeda Talabovna, candidate of pedagogical sciences, associate professor of the department of information technology and digital economy, Institute of Digital Technologies and Artificial Intelligence, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Avenue, 48/5. Tel.: 987144641, Email: umeda-1994@inbox.ru

Муқарриз: Шарифзода О.П., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ:37.0+511.1+51(075,8)
А - 42

МЕТОДИКАИ ОМӮЗИШИ МУОДИЛАҲО ДАР КУРСИ ИБТИДОИИ МАТЕМАТИКА

Акбарзода М.Н., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Омӯзиши математика аз хонандагон ҷидду ҷаҳди фикрронӣ ва фаъолияти бошууронаи бештареро талаб мекунад. Математикаи синфҳои ибтидоӣ дар хонандагон мақсаднокӣ, устуворӣ, эҷодкорӣ, мустақилӣ, ҳисси масъулият, меҳнатдӯстӣ, интизом ва тафаккурро ташаккул медиҳад. Таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ аз муаллим тайёрии хуби математикӣ, пеш аз ҳама донистани асосҳои илмии курси ибтидоии математика ва интихоби тарзу усулҳои нави корбариро талаб мекунад, чунки заҳмату меҳнати муаллим аст, ки хонандагон ба мафҳумҳои гуногуни математикӣ шинос шуда, аз уҳдаи ҳал кардани ҳар яки онҳо ба осонӣ баромада метавонанд.

Ба мафҳуми муодила бошад, хонандагон аз синфи 3 – юм шиносоӣ пайдо мекунанд. Онҳо дарк мекунанд, ки тағйирёбандаҳо дорои ду хосияту 8 – намуд ва ҳалҳои бешумор мебошанд, ки ҳар яки онҳоро мо дар боло дида баромадем. Аммо мафҳуми муодила чунон васеъ аст, ки баъзе ҷиҳатҳои онро мо дар синфҳои болои меомӯзем. Бояд иброз намуд, ки дар муодила ба ҷои адади номаълум мо ҳарфи лотинии х ё ҳарфҳои дигари лотиниро истифода мекунем [1, с. 49].

Масалан: х – 50 = 20; а – 50 = 20; в – 50 = 20; с – 50 = 20 ва ғайра.

Вақте ки хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба ҳал кардани муодила машғул мешаванд, онҳо муайян карда метавонанд, ки ин муодила ба кадом намуди муодила бахшида шудааст ва он сода аст ё мураккаб. Аз рӯйи муайян намудани намуди муодила, онҳо қоидаи ёфтани он намудро истифода бурда, муодиларо ҳал мекунанд. Дар сурати мураккаб будани муодила онро дар шакли сода оварда ҳал менамоянд. Сонӣ, дурустии муодиларо дар санҷиш исбот мекунанд, яъне ба ҷойи адади (х) номаълум қимати ёфташударо гузошта, ҳисоб мекунанд. Агар ҳарду тараф баробар шуд, ҳалли муодила дуруст мешавад [13, с. 69].

Мафҳуми муодила: Аз синфҳои ибтидоӣ оғоз карда, то ҳол ба мафҳуми муодила, ҳал кардани онҳо, татбиқи онҳо ба ҳал кардани масъалаҳои матнии зиёд шинос ҳастем. Аммо мафҳуми муодила васеъ буда, баъзе ҷиҳатҳои онро ҳоло ҳам меомӯзем ва ин амалро дар

синфҳои болоӣ низ давом медиҳем. Пеш аз он ки мо муодила тартиб диҳем бояд мо ба мафҳуми он шинос шавем ва донем, ки муодила чист ва муодила гуфта чиро меноманд, ҳалли муодила чист ё ин ки кадом хосиятҳоро дорост [5, с. 48].

Таъриф: Баробарие, ки он ададҳои номаълуми бо ҳарфҳо ишоратшуда дорад, муодила меномем. Ададҳои номаълуми он тағйирёбандаҳо мебошанд [7, с. 101].

Қиматҳои ададии тағйирёбандаро, ки муодиларо ба баробарии дуруст табдил медиҳад, решаҳои муодила ё ҳалҳои муодила меноманд.

Ё ин ки он қимати номаълум, ки муодиларо ба баробарии дуруст меорад, қимати муодила, ҳалли муодила ё решаи муодила ном дорад.

Амалиёти ёфтани ҳамаи решаҳои муодила ё исботи надоштани решаҳоро ҳал кардани муодила меноманд.

Баробарии x+14=25 муодила буда, решаи он адади 11 мебошад, чунки 11+14=25 аст, яъне, баробарии дуруст ҳосил шуд. Баробарӣ ва муодиларо чунин мехонанд: суммаи ададҳои x ва 14 ба ададди 25 баробар аст. Суммаи ададҳои 11 ва 14 ба ададди 25 баробар аст. Дар ин муодила x ҷамъшавандаи номаълум мебошад.

Аввал, тарафи рости муодиларо ҳисоб мекунем, баъд аз сумма ҷамъшавандаи маълумро тарҳ намуда, ҷамъшавандаи номаълумро меёбем. Масалан,

x+14=25

Дар ин ҷо номи ададҳо ва тағйирёбанда чунин аст:

x – ҷамъшавандаи номаълум

14 – ҷамъшавандаи маълум

25 – ҳосили ҷамъ

x+14=25

x=25-14

x=11

_____

Санҷиш: 11+14=25

25=25

Дар ин ҷо, дар санҷиш, қимати x гузошта шуд, ки муодиларо ба баробарии дуруст оварда расонид. Бояд гуфт, ки ададди 11 решаи муодила мебошад.

Яъне, **ҳамон қимати ёфташудаи номаълум, ки бо ёрии он баробарии дуруст ҳосил мешавад, решаи муодила ном дорад** [8, с. 189].

Пас аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки ҳал кардани муодила ин ёфтани решаҳои он мебошад.

Мисол: Муодилаи x-72=15 – ро ҳал мекунем.

Дар ин мисол, ҳалли муодиларо аз рӯйи моҳияти тарҳ меёбем, ки чунин аст:

x-72=15

x=15+72

x=87

_____

Санҷиш: 87-72=15

15=15

Умуман, агар x – a=c бошад, он гоҳ x=a + c мешавад. Яъне, дар ин ҷо аз рӯйи қоида истифода менамоем.

Масалан, муодилаи 72 – x = 48 – ро дида мебароем.

Дар ин мавриди, тарҳкунанда номаълум аст. Аз рӯйи моҳияти тарҳ навишта метавонем, ки 48+x = 72 аст. Вале ҷамъшавандаи номаълум бо фарқи байни сумма ба ҷамъшавандаи дуюм баробар аст [6, с. 97].

Яъне, агар a – x =c бошад, он гоҳ x=a – c мешавад. Пас, муодила чунин ҳал карда мешавад.

72 – x = 48

x=72 – 48

x=24

_____

Санҷиш: 72 – 24=48

48 = 48

Дар ин ҷо решаи муодила адади 24 буда, дар вақти санҷиш муодиларо ба баробарии дуруст оварда расонид.

Хосияти муодилаҳо. Муодилаҳо дорои ду хосияти зерин мебошанд:

1. Агар ҳарду қисми муодилаи додашуда ба ҳамон як адад ҷамъ карда шавад, муодилаи ҳосилшуда ба муодилаи додашуда баробарқуввa мешавад. Дар натиҷаи ин амал ҷамъшавандаро аз як тарафи баробарӣ ба тарафи дигари он, ба аломати муқобилаш гузаронидан мумкин аст;

2. Агар ҳарду қисми муодилаи додашуда ба ягон адади ғайринулӣ зарб ё тақсим карда шавад, муодилаи ҳосилшуда ба муодилаи додашуда баробарқуввa мешавад.

Ду муодила дар ҳамон вақт баробарқуввa номида мешавад, агар маҷмуи ҳалли якхела дошта бошанд [3, с. 137].

Масалан, муодилаи x+7=10 ва x+15 =18 баробарқувваанд, чунки ҳарду ҳам решаи якхелаи x=3 – ро доранд.

Муодилаҳои ҳалҳои бешумор доштаро низ муодилаҳои баробарқуввa меноманд.

Масалан, муодилаи x+7 = x+7 ва x+11 = x+11 ҳалҳои бешумор дорад. Бар замми ҳамаи решаҳои муодилаҳои якум, решаи муодилаи дуюм мешавад ва баръакс. Ҳамаи решаҳои муодилаи дуюм решаи муодилаи якум мешаванд. Муодилаҳои x+3=x-7 ва x-5 = x+6 реша надоранд, яъне ададе мавҷуд нест, ки онро ба ҷои x дар он муодилаҳо гузорем, баробарии дуруст ҳосил шавад. Чунин муодилаҳои решанадоштагиро низ ба қатори муодилаҳои баробарқуввa дохил мекунанд. Аммо, ногуфта намонад, ки дар синфҳои ибтидоӣ муодилаҳо дар асоси муодилаҳои баробарқуввa ҳал карда нашуда, балки ба воситаи алоқамандии байни натиҷа ва аъзоҳои амалҳои арифметикӣ ҳал карда мешавад [9, с. 73]. Масалан, муодилаи зеринро ҳал мекунем:

$(\frac{2x+3}{5})+1=16:4$

Азбаски, номаълум дар дохили яке аз ҳамзарбҳо мебошад, бинобар он ҷамъшавандаи номаълумро меёбем.

$\frac{2x+3}{5}+1=16:4$

$\frac{2x+3}{5}+1=4$

$\frac{2x+3}{5}=4-1$

$\frac{2x+3}{5}=3$

Номаълум акнун дар тақсимшаванда дохил аст, онро меёбем:

$2x+3=5\cdot 3$

2x+3=15. Акнун ҷамъшавандаи якумро меёбем:

2x=15-3

2x =12. Ҳамзарби номаълумро меёбем:

x = 12:2

x = 6.

Методи ҳалли муодилаҳо дар синфҳои ибтидоӣ. Барои ҳал кардани муодила аз роҳҳои зерин истифода бурдан лозим аст [11, с. 65].

- Агар имконият дошта бошад, онро сода менамоем;
- Ҷамъшавандаҳои номаълумро бо иваз кардани аломатҳояшон ба як тарафи муодила ва инчунин ҷамъшавандаҳои доимиро ба тарафи дигар мегузаронем;
- Агар дар ҳарду тарафи муодила узвҳои якхела мавҷуд бошад, онҳоро мепартоем;
- Ҷамъшавандаҳои монандро ислоҳ менамоем;
- Агар номаълуми муодила зарбшавандаи ба 1 нобаробар дошта бошад, ҳарду тарафи муодиларо ба он тақсим намуда, бо ҳамин муодиларо ҳал менамоем.

Намудҳои муодилаҳо дар синфҳои ибтидоӣ. Дар синфҳои ибтидоӣ намудҳои гуногуни муодила истифода бурда мешавад. Аз ҷумла, ёфтани ҷамъшавандаи номаълум, ёфтани тарҳшавандаи номаълум, ёфтани тарҳкунандаи номаълум, ёфтани ҳамзарби номаълум, ёфтани тақсимшавандаи номаълум, ёфтани тақсимкунандаи номаълум. Акнун ҳар яки онҳоро алоҳида - алоҳида дида мебароем [4, с. 143].

х+а=в а·х=в

а+х=в х·а=в

х-а=в х:а=в

а-х=в а:х=в

Акнун қоидаи ёфтани компонентҳои номаълумро баён менамоем:

1.Барои ёфтани ҷамъшавандаи номаълум аз сумма ҷамъшавандаи маълумро тарҳ мекунем. х+а=в

х=в-а

2.Муодилаи намуди дуюм низ монанди муодилаи якум ҳал карда мешавад: а+х=в

х=в-а

3.Барои ёфтани тарҳшавандаи номаълум ба фарқ тарҳкунандаро ҷамъ мекунем.

х-а=в

х=а+в

4.Барои ёфтани тарҳкунандаи номаълум аз тарҳшаванда фарқро тарҳ мекунем: а-х=в

х=а-в

5.Барои ёфтани ҳамзарби номаълум ҳосили зарбро ба ҳамзарби маълум тақсим мекунем: а·х=в

х=в:а

6. Муодилаи намуди шашум низ ба монанди муодилаи панҷум ҳал карда мешавад.

а·х=в

х=в:а

7.Барои ёфтани тақсимшавандаи номаълум, ҳосили тақсимро ба тақсимкунанда зарб кардан лозим аст. х:а=в

х=в·а

8.Барои ёфтани тақсимкунандаи номаълум, тақсимшавандаро ба ҳосили тақсим тақсим мекунем: а:х=в

х=а:в

Ёфтани ҷамъшавандаи номаълум. Бахтиёр ба рафиқаш гуфт: «Ман ададеро фикр кардам ва онро 7-воҳид зиёд кардам, ки 10 ҳосил шуд». Адади фикркардаи маро ёбед?

Ҳалли ин масъаларо чунин шарҳ медиҳем. Адади фикркардаи Бахтиёр номаълум аст (яъне ададе, ки номаълум дорад, муодила мебошад) ба ҷои он катакча кашида, ба он 7-ро ҷамъ кунем 10 ҳосил мешавад, яъне ___+7=10. Дар ин ҷо, метавонем ба ҷои катакча ҳарфи х (икс)-ро гузорем ва ифодаро чунин нависем. х+7=10, яъне муодила тартиб додем. Ин муодиларо чунин мехонем: х-ҷамъи 7 баробари 10, яъне х-ро 7 воҳид зиёд кардем, ки 10 ҳосил шуд. Дар ин ҷо 10 ҳосили ҷамъ (сумма). Ҳосили суммаи (ҷамъи) ададҳои х ва 7 ба 10 баробар аст.

Тарзи ҳисобкунӣ: мо бояд ёбем, ки ба ҷои х кадом адад лозим аст. Барои ин аз ҳосили ҷамъ (10) ҷамъшавандаи маълум (7)-ро тарҳ кардан лозим аст, яъне, х-баробари 10 тарҳи 7; х=10-7; яъне қимати х ҳосил шуд. х=3

Акнун дурустии муодиларо месанҷем. Барои санҷиш дар муодила ба ҷойи х қиматаш (3) –ро мегузорем ва ҳисоб мекунем. 3+7=10. Агар тарафи чапи баробариро ҳисоб кунем 10 дуруст мебошад. Тарзи пурраи навишти ҳал ва санҷиши муодила чуни наст.

х+7=10

х=10-7

х=3

_____

Санҷиш: 3+7=10

10=10

Санҷиши муодиларо шифоҳӣ ҳам иҷро кардан мумкин аст.

Барои ёфтани ҷамъшавандаи номаълум аз ҳосили ҷамъ (сумма) ҷамъшавандаи маълумро тарҳ мекунем [2, с. 105].

Ёфтани тарҳшавандаи номаълум

Бигузор дода шуда бошад: (х + 97) – 54 = 89

Муодиларо чунин мехонем: х + 97 – тарҳшаванда (номаълум), 54 – тарҳкунанда, 89 – фарқ. Аз сумма ададҳои х ва 97 ададӣ 54 – ро тарҳ кунем 89 ҳосил мешавад. Тарҳшаванда аз суммаи ду адад иборат буда, яке аз онҳо номаълум аст.

«Барои ёфтани тарҳшавандаи номаълум тарҳкунандаро ба фарқ ҷамъ мекунем»

Мисол: (х + 97) – 54 = 89

Ҳал: х +97 = 89 + 54 Акнун тарафи чапро навишта, тарафи ростро ҳисоб мекунем.

х + 97 = 143 муодилаи якамала (сода) ҳосил шуд. Дар ин муодила мо қоидаи ёфтани ҷамъшавандаи номаълумро ба хотир оварда, ин мисолро ҳал мекунем:

х = 143 – 97

х = 46

_____

Санҷиш: (46 + 97) – 54 = 89

143 – 54 =89

89 = 89

Дар санҷиш мо қимати х – ро дар муодила гузошта, дурустии онро исбот намудем. Бояд гуфт, ки дар ҳалли ин муодила қоидаи ёфтани ададӣ номаълум ду маротиба истифода шуд.

Ёфтани тарҳкунандаи номаълум. Муодилаҳоро муқоиса намоед ва фарқи онҳоро гӯед:

х - 23 = 90 78 – х = 35

Дар муодилаи якум тарҳшаванда, дар муодилаи дуюм тарҳкунанда номаълум аст. Оё дар ҳалли ин ду муодила қоидаи ёфтани тарҳшавандаи номаълумро истифода бурда метавонем? Албатта не. Чунки ҳар як муодила чӣ тарҳшаванда, чӣ тарҳкунанда, чӣ ҳамзарб ва чӣ тақсимшавандаву тақсимкунандаи номаълум бошад, аз рӯйи қоидаи худ ҳал карда мешаванд.

Ба мо аллакай маълум аст, ки муодилаи якум аз рӯйи қоидаи тарҳшавандаи номаълум ҳал карда мешавад. Аммо муодилаи дуюм бошад, аз рӯйи қоидаи ёфтани тарҳкунандаи номаълум ҳал карда мешавад. Муодилаи зеринро дида мебароем: 78 – х = 35. Дар ин муодила 78 – тарҳшаванда, х – тарҳкунанда, 35 – фарқ.

«**Барои ёфтани тарҳкунандаи номаълум аз тарҳшаванда фарқро тарҳ мекунем**», яъне:

78 – х = 35

х = 78 – 35

х = 43

Дар санҷиш ба ҷои номаълум, яъне х қиматашро гузошта, ҳосил мекунем:

78 – 43 = 35

35 = 35

Ёфтани ҳамзарби номаълум. Муодилаҳоро муқоиса карда, фарқияташонро нишон диҳед:

х · 14 = 28 (х ·14) ·3 = 84

Бояд қайд намуд, ки дар ин мисолҳо фарқият дар он аст, ки дар муодилаи якум, як амал, дар муодилаи дуюм, ду амал истифода мешавад, яъне содаю мураккаб мешаванд. Ин муодилаҳоро чунин мехонем:

Ҳосили зарби ададҳои х ва 14 баробар аст ба 28; х – ҳамзарби номаълум, 14 – ҳамзарби маълум, 28 – ҳосили зарб.

Барои ҳал намудани ин муодила, бояд қоидаи ёфтани ҳамзарби номаълумро ба хотир оварем. Яъне, **«барои ёфтани ҳамзарби номаълум ҳосили зарб (28) – ро ба ҳамзарби маълум (14) тақсим мекунем»** [12, с. 70].

Масалан,

$x \cdot 14 = 28$

$x = 28 : 14$

$x = 2$

Акнун дар санҷиш ба ҷойи х қиматашро мегузорем.

Санҷиш: $2 \cdot 14 = 28$

$28 = 28$

Ёфтани тақсимшавандаи номаълум. Баробариро мехонем: $12 : 2 = 6$

Ҳосили тақсими ададҳои 12 ва 2 ба 6 баробар аст, яъне, адади 12 – ро ду маротиба кам карда, адади 6 – ро ҳосил намудем. Пас 12 – тақсимшаванда, 2 – тақсимкунанда ва 6 – ҳосили тақсим мебошад. Агар ба ҷойи 12 тағйирёбандаи х – ро гузорем, муодила ҳосил мешавад.

$x : 2 = 6$

Дар муодила тақсимшаванда номаълум аст.

Барои ёфтани тақсимшавандаи номаълум ҳосили тақсимро ба тақсимкунанда зарб кардан лозим аст [14, с. 65].

$x : 2 = 6$

$x = 6 \cdot 2$

$x = 12$

_____

Санҷиш: $12 : 2 = 6$

$6 = 6$

Ёфтани тақсимкунандаи номаълум. Ёфтани тақсимкунандаи номаълумро ҳам дар муодилаи сода ва ҳам дар муодилаи мураккаб нишон медиҳем.

1. Дар муодилаи сода дида мебароем:

$96 : x = 48$

Ин муодиларо чунин мехонанд ва ҳал мекунанд.

96 – тақсимшаванда, х – тақсимкунанда, 48 – ҳосили тақсим.

«Барои ёфтани тақсимкунандаи номаълум, тақсимшаванда (96) – ро ба ҳосили тақсим (48) тақсим мекунем» [15, с. 70].

$96 : x = 48$

$x = 96 : 48$

$x = 2$

Дар санҷиш ба ҷойи х – қиматашро мегузорем.

Санҷиш: $96 : 2 = 48$

$48 = 48$

Дар бораи ҳалли муодила олимони зиёде кор карда баромадаанд. Масалан, математики ҳинд Брахмагупта дар соли 628 асари илмии худро навишт, ки иборат аз 20 китоб буд. Дар ин китоб доир ба мафҳуми муодила ва ҳалли гуногуни онҳо фикру ақидаҳои зиёде баён гардида буданд. Вале ҳамаи он гузаштагон масъалаҳоро бо таври худ ҳал мекарданд.

Қоидаи умумии ҳал кардани муодилаҳои дараҷаи якуми якномаълумаро дар асри IX намояндаи аҷдодии мо Абу Абдулло Ҷаъфар Муҳаммад ибни Мусо ал-Хоразмӣ (783-850) баровардааст. Вай дар китоби «Ал-ҷабр в-ал муқобала»-аш тарзи ҳалли муодилаҳоро додааст. «Ал – ҷабр» маънои онро дорад, ки агар дар муодила узвҳои манфӣ мавҷуд бошанд, он гоҳ ба ҳарду тарафи муодила узвҳои ба онҳо муқобилро зам кардан лозим аст, ки дар натиҷа амалҳои ҳамаи узвҳои муодила мусбат мешаванд. «В – ал муқобала» маънои онро дорад, ки аз ҳарду тарафи муодила узвҳои якхеларо тарҳ карда, онро ба намуди сода овардан

мумкин аст. Ин кашфиёти Ал – Хоразмӣ ба ташаккули математикаи Шарқу – Ғарб таъсири калон расонид.

Муодиларо Ал – Хоразмӣ бо ду зина ҳал мекард [10, с. 229].

1. Ал – ҷабр (барқароркунӣ), яъне зинаи аз як қисми баробарӣ ба қисми дигари он гузаронидани тарҳкунанда. Гап дар он аст, ки дар замони Ал – Хоразмӣ ададҳои манфӣ як чизи бегона ҳисоб меёфтанд ва на ҳар олим онҳоро эътироф мекард.

2. Ал – муқобала (муқобилгузорӣ), яъне аз ҳарду тарафи баробарӣ партофтани ҷамъшавандаҳои баробар.

Масалан, муодилаи 4x-13=2x-5 – ро ҳал намудан лозим аст.

Зинаи «ал – ҷабр»: 4x+5=2x+13

Зинаи «ал – муқобала»: аз ҳар ду қисми баробарӣ 2x ва 5 – ро тарҳ мекунем. Дар натиҷа баробарии 2x=8 ё x=4 – ро ҳосил мекунем.

Дар асари математики юнонӣ Диофант «Арифметика» шумораи зиёди масъалаҳое оварда шудааст, ки баъзеи онҳо бо ёрии муодилаҳои номуайяни хаттӣ ҳал мешуданд. Аммо Диофант зери мафҳуми ҳал танҳо ададҳои бутун ва касрҳои мусбатро раво медид. Тарзҳои гуногуни ёфтани ҳалҳои бутуни мусбати муодилаи номуайян, ки Диофант ном гирифтаанд, аз тарафи олимони Ҳиндустон кашф шудааст. Онҳо тарзи умумии ёфтани ҳалли натуралии муодилаи хаттӣ ва баъзе муодилаҳои дараҷаи дуюмро, ки ба масъалаҳои нуҷум алоқаманд буданд пешниҳод карданд. Минбаъд ба муодилаҳои Диофантӣ математикони машҳури дунё машғул шуданд.

Хулоса методикаи омӯзиши муодилаҳо дар курси ибтидоии математика ва роҳу усули ҳалли онҳо хеле барвақт оғоз шудааст. Онҳо на танҳо ба нишон додани як амал, балки барои муайян намудани якчанд хосиятҳои муҳимми амалҳо ёри мерасонанд. Ҳангоми дида баромадани мафҳуми тағйирёбанда, таърифҳою қонунҳои амалҳои арифметикӣ ба мафҳуми муодила ҳамчун қоидаҳо ва қонунҳои маълум ҳисоб карда мешаванд. Мафҳуми муодила яке аз мафҳумҳои асоситарин дар таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ ба шумор рафта, ин мафҳум дар синфҳои ибтидоӣ ба сифати элементҳои алгебра дониста мешавад.

Адабиёт:

1. А. Шарифзода Математика. Китоби дарсӣ барои синфи 5 – ум, Душанбе: «Мавлавӣ», 2006, саҳ. 48 – 50.

2. А.Г. Ципкин Маълумотнома аз методика «Барои мактабҳои миёна» Душанбе «Маориф» 1989.

3. Изатуллоев К., Н. Ибодов, Ғ. Ҳалимов, А. Пирназаров. Математика (китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултетҳои омӯзгории макотиби олӣ).- Нашриёти «Эр – граф» Душанбе – 2006.

4. Изатуллоев К., Н. Ибодов, Ғ. Ҳалимов, А. Пирназаров Маҷмуаи масъалаҳо аз математика.- Нашриёти «Эр – граф» Душанбе – 2000с.

5. М.А. Бадалова, М.Ҳ. Қаҳҳоров. Асосҳои назарияи математикаи синфҳои ибтидоӣ (барои таҳсилоти низоми кредитӣ). Нашриёти «Ирфон»: Душанбе – 2015.

6. Маҳмудов Т., С. Сарахонова, Т. Давлатов, Ҷ. Ниёзов. Машқ ва масъалаҳо аз математика. Нашриёти «Ирфон»: Душанбе – 2013с.

7. Маҳкамов М., Раҷабов Т., Бегимов Т., Раззоқов А., Практикуми математикаи мактабӣ. «Маориф»: Душанбе.- 2021, 216 с.

8. Н. Қодиров, Математика. (китоби дарсӣ барои синфи 6). Душанбе, «АВА»: 2008, саҳ. 189 – 190.

9. Р. Атохонов, Ғ.Ҳалимов, К. Изатуллоев «Таълими математика дар синфи 2». Душанбе, Аржанг: 2012.

10. Шарифзода А., Б. Алиев, Алгебра. (китоби дарсӣ барои синфи 7) «Мир издателей»: Душанбе – 2011, 230 с.

11. Ҳамидова А., Математика. (китоби дарсӣ барои синфи 3). «Собириён».- Душанбе – 2012. 90 с.

12. Ҳамидова А. А., Назаров Д.А. Математика (китоби дарсӣ барои синфи 4). «МТЛ ОРЕС».- Душанбе: 2003. 70 с.
13. Ҳамидова А.А., Назаров Д.А. Математика. (китоби дасӣ барои синфи 4), «Сарпараст». Душанбе: – 2004, 70 с.
14. Ҳамидова А.А., Назаров Д.А. Математика (китоби дарсӣ барои синфи 4). «Сарпараст» Душанбе – 2008. 66 с.
15. Ҳамидова А., Бобоева Ш., Назаров Д.А.,Ҷонмирзоев Э. Математика. (китоби дарсӣ барои синфи 4). Душанбе: – 2012. 87 с.

МЕТОДИКАИ ОМӮЗИШИ МУОДИЛАҲО ДАР КУРСИ ИБТИДОИИ МАТЕМАТИКА

Муаллиф дар мақолаи мазкур методикаи омӯзиши муодилаҳоро дар курси ибтидоии математика тавассути қоидаҳои муайяни истифодашаванда, ки олимони зиёд дар бораи он маълумот додаанд, ҳаллу баррасӣ намудааст. Роҳҳои ҳаллу омӯзиши муодилаҳоро дар курси ибтидоии математика бо тавзеҳ додани компонентҳои дар муодила буда, нишон додааст. Хонанда аз рӯйи муайян намудани намуди муодила, қоидаи ёфтани намудҳои муодилаҳоро истифода бурда, муодиларо ҳал мекунанд. Дар сурати мураккаб будани муодила хонанда онро дар шакли сода оварда ҳал менамоянд. Сонӣ, дурустии муодиларо дар санҷиш исбот мекунанд, яъне ба ҷойи адади (x) номаълум қимати ёфташударо гузошта, ҳисоб мекунад. Агар ҳарду тараф баробар шавад, ҳалли муодила дуруст мешавад. Омӯзиши хосияҳои асосии муодилаҳоро дар раванди таълим маънидод намудааст. Тақвият ва рушди тафаккури хонандаро дар мисоли истифодаи мақсадноки ҳаллу омӯзиши мафҳуми муодила дар фаъолияти таълимӣ бо нишондодҳои муайян нишон додааст. Дар натиҷаи омӯзиши мафҳуми муодила муносибати хонанда нисбат ба мазмуну муҳтаво ва раванди дарку маърифат, дар кӯшиши ӯ нисбат ба азхудкунии самараноки донишҳо ва воситаҳои фаъолият дар вақту замони мувофиқ, дар сафарбаркунии кӯшишҳои маънавӣ-иродавӣ, ақлонӣ ва ҷисмонӣ барои муваффақшавӣ ба ҳадафҳои таълимӣ-иродавӣ зоҳир мешавад. Ҳамин тариқ, омӯзиши мафҳуми муодила дар раванди таълим хонандаро ба заминаҳои иҷтимоӣ, дидактикӣ, методӣ, психологӣ-педагогӣ шинос менамояд.

Калидвожаҳо: муодила, мафҳум, методика, таълим, омӯзиш, қоидаҳо, қимати муодила, ҷамъшаванда, камшаванда, тарҳшаванда, зарбшаванда, таҳсилот, фаъолият, рушд, математика, мақсаднокӣ, устуворӣ, эҷодкорӣ, мустақилӣ, тафаккур, принсип, решаи муодила.

МЕТОДИКА ОБУЧЕНИЯ УРАВНЕНИЯМ В НАЧАЛЬНОМ КУРСЕ МАТЕМАТИКИ

В данной статье автор рассматривает методику обучения уравнениям в начальном курсе математики посредством определенных правил, которые были исследованы и описаны многими учеными. Она показывает способы решения и изучения уравнений в начальном курсе математики, объясняя компоненты, входящие в уравнение. Ученик, определив вид уравнения, использует правило нахождения видов уравнений и решает уравнение. В случае сложности уравнения, ученик приводит его к простой форме и решает. Затем правильность решения уравнения доказывается проверкой, то есть вместо неизвестного числа (x) подставляется найденное значение и производится вычисление. Если обе стороны равны, то решение уравнения верно. Автор разъясняет изучение основных свойств уравнений в процессе обучения. На примере целенаправленного использования решения и изучения понятия уравнения в учебной деятельности с определенными показателями показано усиление и развитие мышления ученика. В результате изучения понятия уравнения проявляется отношение ученика к содержанию и процессу восприятия и познания, в его стремлении к эффективному усвоению знаний и средств деятельности в подходящее время, в мобилизации духовно-волевых, интеллектуальных и физических усилий для достижения учебных целей. Таким образом, изучение понятия уравнения в процессе обучения знакомит

ученика с социальными, дидактическими, методическими, психолого-педагогическими основами.

Ключевые слова: уравнение, понятие, методика, обучение, изучение, правила, значение уравнения, слагаемое, уменьшаемое, вычитаемое, множитель, образование, деятельность, развитие, математика, целенаправленность, устойчивость, творчество, самостоятельность, мышление, принцип, корень уравнения.

METHODS OF TEACHING EQUATIONS IN THE ELEMENTARY COURSE OF MATHEMATICS

In this article, the author examines the methodology of teaching equations in the elementary course of mathematics through certain rules that have been studied and described by many scientists. He shows the ways to solve and study equations in the elementary mathematics course, explaining the components included in the equation. The student, having determined the type of equation, uses the rule of finding the types of equations and solves the equation. If the equation is difficult, the student brings it to a simple form and solves it. Then the correctness of the solution of the equation is proved by verification, that is, instead of the unknown number (x), the found value is substituted and the calculation is performed. If both sides are equal, then the solution to the equation is correct. The author explains the study of the basic properties of equations in the learning process. Using the example of purposeful use of solving and studying the concept of an equation in educational activities with certain indicators, the strengthening and development of a student's thinking is shown. As a result of studying the concept of equation, the student's attitude to the content and process of perception and cognition is manifested, in his desire for effective assimilation of knowledge and means of activity at the appropriate time, in mobilizing spiritual, volitional, intellectual and physical efforts to achieve educational goals. Thus, the study of the concept of equation in the learning process introduces the student to the social, didactic, methodological, psychological and pedagogical foundations.

Keywords: equation, concept, methodology, teaching, study, rules, meaning of the equation, summand, reduced, subtracted, multiplier, education, activity, development, mathematics, purposefulness, sustainability, creativity, independence, thinking, principle, root of the equation.

Маълумот дар бораи муаллиф: Акбарзода Маҳрам Нусратулло, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои табиию риёзӣ ва методикаи таълими онҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров - 16. Тел.: 988-26-14-34.

Сведения об авторе: Акбарзода Махрам Нусратулло, кандидат педагогических наук, доцент кафедры естественных и математических наук и методики их преподавания Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова - 16. Тел.: 988-26-14-34.

Information about the author: Akbarzoda Mahram Nusratullo, candidate of pedagogical sciences, associate professor of the department of natural and mathematical sciences and methods of teaching, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street - 16. Tel.: 988-26-14-34.

Муқарриз: Самариддинова З.Н., н.и.п., дотсент Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ:373.5:004:37.091.3
К-33

ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ РАҚАМИИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ КОРҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ

Каримзода Ш.К., н.и.п.
Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди ВМИҶТ»

Рушди босуръати технологияҳои рақамӣ мазмун ва хусусияти фаъолияти инсонро дар соҳаҳои иқтисод, идоракунии давлатӣ, фарҳанг, муошират ва таҳсилот тағйир додааст. Дастрасӣ ба иттилоот нисбат ба даҳсолаҳои пеш осон гардида, ҳаҷми маълумоти тавлидшаванда ва суръати паҳншавии он пайваста меафзояд. Дар чунин шароит ба шахс қобилияти истифодаи дастгоҳ ё иҷрои амалҳои одии техникӣ кифоя нест. Ӯ бояд иттилоотро ҷустуҷӯ, муқоиса ва арзёбӣ намояд, манбаи боэътимодро аз муҳтавои шубҳанок фарқ кунад, бо дигарон дар муҳити рақамӣ ҳамкорӣ намояд, маҳсулоти рақамӣ эҷод кунад, ҳуқуқи муаллиф ва махфияти маълумотро эҳтиром гузорад, хатарҳои шабакавиро дарк намояд ва фаъолияти худро аз нигоҳи натиҷа ва масъулият таҳлил кунад.

Талаботи мазкур зарурати ташаккули салоҳиятҳои рақамиро аз зинаҳои аввали таҳсил ба миён мегузорад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» рушди қобилияти зеҳнӣ, эҷодӣ ва касбии шахс, истифодаи воситаҳои муосири таълим ва таъмини сифати таҳсилот аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ муайян гардидааст [1]. Мазмуни ин муқаррарот нишон медиҳад, ки омодасозии хонанда ба зиндагӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ бояд ҳамчун ҷузъи таркибии натиҷаҳои таҳсилот баррасӣ шавад.

Дар амал ташаккули салоҳиятҳои рақамӣ бештар ба дарсҳои технологияҳои иттилоотӣ ва информатика вобаста карда мешавад. Ин мавқеъ имконияти воқеии муҳити таълимиро маҳдуд месозад. Соатҳои дарсӣ бо талаботи барномаи таълимӣ, мавзуъҳои ҳатмӣ, меъёрҳои вақт ва арзёбии фаннӣ танзим мегарданд. Барои иҷрои лоиҳаҳои дарозмуддат, интихоби озоди масъала, озмоиши абзорҳои гуногун, тақсимоти нақшҳо, эҷоди маҳсулоти рақамӣ ва баррасии хатоҳо имконият ҳамеша кофӣ нест. Корҳои беруназсинфӣ бо хусусияти тағйирпазирӣ, ихтиёрӣ, шавқмеҳвар ва амалии худ метавонанд ин маҳдудиятро коҳиш диҳанд.

Корҳои беруназсинфӣ маҷмуи фаъолияти мақсадноки омӯзишӣ, тарбиявӣ, эҷодӣ, таҳқиқӣ ва иҷтимоии хонандагон мебошанд, ки берун аз шакли анъанавии дарс, бо роҳбарии омӯзгор ё мушовири педагогӣ ташкил карда мешаванд. Онҳо дар шакли маҳфил, студия, маҳфил, озмун, олимпиада, конференсияи хонандагон, ҳафтаи фаннӣ, лоиҳаи иҷтимоӣ, экскурсияи рақамӣ, озмоишгоҳи эҷодӣ, мусобиқаи робототехникӣ, рӯзноманигории мактабӣ ва фаъолияти ихтиёрӣ амалӣ мегарданд. Д.В. Григорев ва П.В. Степанов корҳои беруназсинфиро фазое арзёбӣ менамоянд, ки дар он масъалаҳои таълим, тарбия ва иҷтимоишавии хонанда ба ҳам пайваст мешаванд [10, с. 7–12].

Масъалаи асосӣ дар он ифода меёбад, ки иштироки хонанда дар шабакаҳои иҷтимоӣ, бозиҳои электронӣ ё истифодаи мунтазами телефони ҳушманд худ аз худ ба ташаккули салоҳияти рақамӣ намеорад. Истифодаи маишии технология метавонад бо муносибати сатҳӣ ба иттилоот, вобастагӣ аз интерфейсҳои сода, нодида гирифтани амнияти маълумот ва заиф гардидани малакаи кор бо барномаҳои касбӣ ҳамроҳ шавад. Таҳқиқи Н.А. Соколова ва И.Д. Гул зарурати нигоҳ доштани тавозун байни технологияҳои мобилӣ ва компютерҳои рӯимизиро дар барномаҳои таҳсилоти иловагӣ нишон медиҳад [15, с. 212–222]. Аз ин рӯ, фаъолияти беруназсинфӣ бояд аз истифодаи тасодуфии воситаҳо ба фаъолияти тарҳрезишуда, маҳсулнок ва арзёбишаванда гузарад.

Дар адабиёти педагогӣ салоҳият ҳамчун қобилияти истифодаи дониш, малака, таҷриба, муносибат ва арзишҳо барои ҳалли масъалаҳои воқеӣ шарҳ дода мешавад. И.А. Зимняя салоҳиятро натиҷаи ҳамгироии таҳсил арзёбӣ намуда, таъкид мекунад, ки он дар фаъолияти мустақилона, интихоби роҳи амал ва масъулияти шахс зоҳир мегардад [9, с. 34–42]. Аз ҳамин

мавқеъ, салоҳияти рақамӣ бо ҳаҷми дониши техникӣ ё шумораи барномаҳои азхудкардаи хонанда маҳдуд намешавад.

Салоҳияти рақамии хонанда ҳамчун қобилияти ҳамгирои истифодаи бошуурона, самаранок, интиқодӣ, эҷодӣ, бехатар ва масъулонаи технологияҳои рақамӣ барои омӯзиш, муошират, ҳамкорӣ, ҳалли масъала, эҷоди муҳтаво ва рушди шахсӣ муайян карда мешавад. Ин таъриф се хусусияти асосӣ дорад.

Якум, салоҳият хусусияти фаъолиятӣ дорад. Хонанда бояд донишро дар вазъияти мушаххас татбиқ намояд: барои лоиҳа, маълумот ҷустуҷӯ кунад, эътимоднокии сомонаро арзёбӣ намояд, натиҷаҳоро дар ҷадвал коркард кунад, матн ё видеоро таҳия намояд, кори гурӯҳиро ҳамоҳанг созад ва маҳсулоти тайёрро муаррифӣ кунад.

Дуюм, салоҳият хусусияти арзишию ахлоқӣ дорад. Технология метавонад барои омӯзиш, эҷодкорӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ истифода шавад ё ба паҳн кардани маълумоти бардурӯғ, таҳқир, вайрон кардани махфият ва азхудкунии маҳсули зеҳнии дигарон хизмат кунад. Аз ин рӯ, масъулият, эҳтироми ҳуқуқи муаллиф, одоби муошират, ҳифзи маълумоти шахсӣ ва дарки пайомадҳои фаъолияти рақамӣ қисми таркибии салоҳият мебошанд.

Сеюм, салоҳияти рақамӣ хусусияти рушдёбанда дорад. Абзорҳо ва муҳитҳои рақамӣ зуд тағйир меёбанд. Омӯзиши як барнома натиҷаи ниҳоӣ ҳисобида намешавад. Хонанда бояд қобилияти омӯхтани абзори нав, муқоисаи имкониятҳо, мутобиқ шудан ба интерфейси дигар ва истифодаи дониши қаблиро дар вазъияти нав пайдо кунад.

Чаҳорчӯбаи аврупоии DigComp 2.2 салоҳияти рақамиро дар панҷ самт гурӯҳбандӣ мекунад: саводнокии иттилоотӣ ва кор бо маълумот; муошират ва ҳамкорӣ; эҷоди муҳтавои рақамӣ; амният; ҳалли масъала [13]. Чаҳорчӯбаи ҷаҳонии саводнокии рақамии Институти омори ЮНЕСКО ба ин самтҳо амалиёти дастгоҳу нармафзор ва салоҳиятҳои вобаста ба фаъолияти касбиро илова мекунад [14]. Ин гурӯҳбандӣ барои таҳияи барнома ва меъёрҳои арзёбӣ аҳаммияти методологӣ дорад, вале мутобиқсозии он ба синну сол, забон, фарҳанг, инфрасохтор ва вазифаҳои низоми миллии маориф зарур мебошад.

Бо дарназардошти адабиёти илмӣ, санадҳои давлатӣ ва хусусияти фаъолияти хонанда, сохтори зерини салоҳияти рақамӣ пешниҳод карда мешавад:

1. Ҷузъи арзишию ҳавасмандӣ – дарки аҳаммияти технология барои омӯзиш ва рушди шахсӣ, шавқ ба эҷодкорӣ, омодагӣ ба омӯзиши абзорҳои нав ва муносибати масъулона ба муҳити рақамӣ;

2. Ҷузъи иттилоотию таҳлилӣ - қобилияти муайян кардани эҳтиёҷи иттилоотӣ, таҳияи калидвожа, ҷустуҷӯ, интихоб, муқоиса, санҷиши манбаъ, гурӯҳбандӣ, нигоҳдорӣ ва шарҳи маълумот;

3. Ҷузъи амалиёти технологӣ - истифодаи дастгоҳ, низоми амалиётӣ, барномаҳои коркарди матн, ҷадвал, тасвир, садо ва видео, идоракунии файл, пайвастшавӣ ба шабака ва бартараф кардани мушкилоти одии техникӣ;

4. Ҷузъи иртиботию ҳамкорӣ - муоширати дуруст дар муҳити рақамӣ, тақсимоти вазифа, таҳрири муштараки ҳуҷҷат, мубодилаи мавод, пешниҳоди бозхурд ва риояи одоби шабакавӣ;

5. Ҷузъи эҷодию лоиҳавӣ - таҳияи маҳсулоти рақамӣ, ҳалли масъалаи воқеӣ, барномасозии сода, моделсозӣ, коркарди муҳтавои чандрасонаӣ ва муаррифии натиҷа;

6. Ҷузъи бехатарию ахлоқӣ - ҳифзи дастгоҳ ва маълумот, сохтани рамзи боэътимод, шинохти пайванду паёмҳои шубҳанок, дарки изи рақамӣ, ҳуқуқи муаллиф, махфият ва меъёрҳои рафтори масъулона;

7. Ҷузъи арзёбию рефлексивӣ - қобилияти арзёбии сифат ва дурустии кори худ, таҳлили хато, қабули бозхурд, такмили маҳсулот ва муайян кардани қадами минбаъдаи омӯзиш.

Фарқи саводнокии рақамӣ аз салоҳияти рақамӣ дар сатҳи мустақилият ва интиқоли дониш ба вазъияти нав зоҳир мешавад. Саводнокӣ метавонад иҷрои амали муайянро тибқи дастур ифода кунад. Салоҳият интихоби воситаи муносиб, асоснок кардани қарор, пешбинӣ намудани хатар ва арзёбии натиҷаро фаро мегирад. Масалан, хонандае, ки тарзи сохтани слайдро медонад, малакаи техникӣ дорад. Вақте ӯ сохтори муаррифиро мутобиқи аудитория

интихоб мекунад, маълумоти санҷидашударо ҷой медиҳад, тасвирҳои дорои иҷозатро истифода мебарад, матни зиёдатиро ихтисор мекунад ва таъсири муаррифиро арзёбӣ менамояд, салоҳияти рақамӣ нишон медиҳад.

Корҳои беруназсинфӣ барои гузариш аз малака ба салоҳият шароити мусоид фароҳам меоранд. Аввал, онҳо интихоби фаъолиятро ба шавқу қобилияти хонанда наздик мекунанд. Иштироки ихтиёрӣ ҳавасмандии дохилиро тақвият медиҳад. Дуюм, масъалаҳои беруназсинфӣ метавонанд хусусияти кушода дошта бошанд ва як ҷавоби ягона талаб накунанд. Сеюм, вақти иҷрои лоиҳа нисбат ба дарс васеътар буда, барои ҷустуҷӯ, озмоиш, хато ва такмил имконият медиҳад. Чорум, фаъолияти гурӯҳӣ тақсимоти нақш ва ҳамкориро ба вуҷуд меорад. Панҷум, натиҷа ҳамчун маҳсулоти воқеӣ — сомона, навор, харитаи рақамӣ, подкаст, барнома, маҷалла, инфографика ё модели роботӣ — пешниҳод мегардад.

Таҳқиқи Н.В. Абрамовских ва В.С. Илиних нишон медиҳад, ки ҳамгироии технологияҳои чандрасонаӣ бо фаъолияти лоиҳавӣ метавонад ҷузъҳои гуногуни салоҳияти иттилоотиро дар корҳои беруназсинфӣ фаро гирад [11]. А.Ш. Шахманова ва Н.З. Мунгиева низ имконияти муҳити рақамии иттилоотию таълимиро барои фаъол намудани шавқи маърифатӣ, ташкили ҳамкорӣ ва баланд бардоштани самаранокии корҳои беруназсинфӣ асоснок менамоянд [12, с. 242–245].

Дар ин замина шаклҳои зерини фаъолият аҳаммияти хоса доранд:

– маҳфили барномасозӣ барои ташаккули тафаккури алгоритмӣ, таҳлили масъала ва санҷиши ҳалли пешниҳодшуда;

– маҳфили робототехника барои пайвастани донишҳои физика, математика, технология ва барномасозӣ;

– студияи расонаҳои мактабӣ барои таҳияи хабар, мусоҳиба, акс, подкаст, навор ва маҷаллаи электронӣ;

– маҳфили «Бахатарии рақамӣ» барои омӯзиши ҳифзи маълумот, пешгирӣ аз фиреб ва қаллоб дар интернет, муқовимат ба таҳқири шабакавӣ ва истифодаи масъулонаи шабакаҳои иҷтимоӣ;

– лоиҳаҳои рақамии кишваршиносӣ барои ҷамъоварии маълумот дар бораи таърих, фарҳанг, табиат ва шахсиятҳои маҳаллӣ;

– озмунҳои инфографика, презентатсия, барномасозӣ, аниматсия ва филми кӯтоҳ;

– китобхонаи электронӣ ва маҳфили мутолиаи рақамӣ барои ҷустуҷӯ, феҳристсозӣ, шарҳи манбаъ ва таҳияи тақриз;

– лоиҳаҳои экологӣ бо истифодаи ҷадвал, харита, аксбардорӣ, таҳлили маълумот ва муаррифии натиҷа;

– фаъолияти ихтиёрии рақамӣ, аз ҷумла таҳияи дастур барои ҳамсолон, кумак ба калонсолон дар истифодаи хизматрасониҳои электронӣ ва офаридани муҳтавои дастрас барои хонандагони дорои эҳтиёҷоти махсус.

Ташкили ин фаъолиятҳо бояд ба синну сол ва таҷрибаи хонанда мутобиқ бошад. Дар зинаи ибтидоӣ таваҷҷуҳ ба идоракунии одии дастгоҳ, ҷустуҷӯйи роҳнамоишуда, офаридани тасвир, ҳикояи рақамӣ ва қоидаҳои бехатарӣ равона мегардад. Дар синфҳои миёна таҳлили манбаъ, коркарди маълумот, муошарати гурӯҳӣ, барномасозии ибтидоӣ ва эҷоди маҳсулоти чандрасонаӣ афзалият пайдо мекунад. Дар синфҳои болоӣ таҳқиқоти рақамӣ, таҳлили мачмуи маълумот, тарҳрезии сомона, барнома, модел, лоиҳаи иҷтимоӣ ва ҳалли масъалаҳои байнифаннӣ мувофиқ мебошад.

Ҷадвали 1. Амсилаи мазмунии ташаккули салоҳиятҳои рақамӣ дар корҳои беруназсинфӣ

Ҷузъи салоҳият	Натиҷаи интизоршаванда	Шакл ва фаъолияти мувофиқ	Нишондиҳандаи арзёбӣ
Арзишию ҳавасмандӣ	Хонанда ҳадафи истифодаи технологияро дарк карда, ба омӯзиши абзори нав омода аст	маҳфили технология, вохӯрӣ бо мутахассис, намоиши лоиҳаҳо, озмуни идеяҳо	иштироки фаъол, ташаббус, устувории шавқ, интихоби ҳадафмандонаи фаъолият
Иттилоотию таҳлилӣ	Маълумотро ҷустуҷӯ, муқоиса, санҷиш ва гурӯҳбандӣ мекунад	таҳқиқоти кишваршиносӣ, веб-квест, китобхонаи электронӣ, таҳлили хабар	дурустии калидвожа, эътимоднокии манбаъ, мантиқи интихоб ва шарҳи маълумот
Амалиёти технологӣ	Дастгоҳ ва барномаҳои асосиро мустақилона истифода мебарад	маҳфили компютерӣ, коргоҳи рақамӣ, кор бо матн, ҷадвал, тасвир ва видео	мустақилият, дақиқии амал, идоракунии файл ва ҳалли мушкили одии техникӣ
Иртиботию ҳамкорӣ	Дар гурӯҳи рақамӣ муошират ва ҳамкорӣ мекунад	лоиҳаи муштарак, таҳрири гурӯҳии ҳуҷҷат, форуми мактабӣ, студияи расонаӣ	риояи нақш, сифати бозхурд, одоби муошират, саҳм дар натиҷаи умумӣ
Эҷодию лоиҳавӣ	Маҳсулоти рақамиро барои ҳалли масъала таҳия мекунад	барномасозӣ, робототехника, подкаст, сомона, филм, инфографика	мутобиқати маҳсулот ба ҳадаф, навоварӣ, коршоямӣ, тарҳи мантиқӣ
Бехатарию ахлоқӣ	Маълумоти шахсӣ ва ҳуқуқи дигаронро ҳифз мекунад	ҳафтаи амнияти рақамӣ, таҳлили ҳолат, бозии нақшӣ, таҳияи дастур	шинохти хатар, интихоби амали бехатар, истинод ба муаллиф, ҳифзи махфият
Арзёбию рефлексивӣ	Кори худро таҳлил ва такмил медиҳад	портфолиои электронӣ, рӯзномаи рефлексивӣ, хударзёбӣ, арзёбии ҳамсолон	муайян кардани қуввату камбудӣ, истифодаи бозхурд, такмили маҳсулот

Амсилаи пешниҳодшуда фаъолияти беруназсинфиро ҳамчун силсилаи пайвастаи зерин ифода менамояд:

эҳтиёҷ ва шавқи хонанда → муайян кардани масъала → интихоби абзор → ҷустуҷӯ ва таҳлили маълумот → ҳамкорӣ ва эҷоди маҳсулот → муаррифӣ → арзёбӣ ва рефлексия → истифодаи таҷриба дар вазъияти нав.

Дар ин силсила маҳсулоти рақамӣ мақсади ягона нест. Он воситаи намоён сохтани раванди фикрронӣ, ҳамкорӣ, масъулият ва пешрафти хонанда мебошад. Маҳсулоти зебо метавонад бо маълумоти нодуруст ё иштироки нобаробари аъзои гурӯҳ таҳия шавад. Аз ин рӯ, арзёбӣ бояд ҳам натиҷа ва ҳам раванди ба даст омадани онро фаро гирад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули салоҳиятҳои рақамии хонандагон бо сиёсати давлатӣ оид ба баланд бардоштани сифати таҳсилот, рақамикунонии соҳа ва омодасозии насли ҷавон ба ҷомеаи иттилоотӣ робитаи мустақим дорад. Заминаи ҳуқуқии ин раванд аз маҷмуи қонунҳо, стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳои давлатӣ иборат мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» принсипҳои афзалияти таҳсилот, дастрасӣ, пайдарпайӣ, муттасилӣ, робитаи таҳсил бо ҳаёт ва истифодаи дастовардҳои илму техника дар раванди таълимро муайян мекунад [1]. Муқаррароти қонун барои рушди корҳои беруназсинфӣ ва таҳсилоти иловагӣ аҳаммият дорад, зеро чунин фаъолият имкони қонеъ намудани талаботи маърифатӣ, эҷодӣ ва касбинтихобкунии хонандаро васеъ месозад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ухдадории давлат, муассиса, оила ва ҷомеаро дар таъмини рушди зеҳнӣ, маънавӣ ва ахлоқии кӯдак муқаррар мекунад [2]. Тағйироти солҳои охир масъалаи ҳифзи кӯдак аз иттилооте, ки ба саломатӣ ё инкишофи ӯ зарар мерасонад, равшантар танзим менамояд. Ин меъёр барои корҳои беруназсинфии рақамӣ аҳаммияти бевосита дорад. Муассисаи таълимӣ ҳангоми истифодаи шабака, платформа, шабакаи иҷтимоӣ ё абзори зеҳни сунъӣ бояд синну соли хонанда, хусусияти муҳтаво, имкони ҷамъоварии маълумот ва хатари робита бо шахсони бегонаро ба назар гирад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ» асосҳои ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ ва ҳифзи маълумоти шахсро муайян менамояд [3]. Ҳангоми ташкил кардани озмуни онлайн, нашри акс ва навори хонанда, таҳияи портфолиои электронӣ, бақайдгирӣ дар платформа ё ҷамъоварии натиҷаҳои пурсиш риояи ин талабот зарур аст. Омӯзгор бояд пеш аз истифодаи хизматрасонии рақамӣ муайян кунад, ки кадом маълумот ҷамъоварӣ мешавад, дар куҷо нигоҳ дошта мешавад, кӣ ба он дастрасӣ дорад ва барои нашри маводи марбут ба кӯдак чӣ гуна розигӣ лозим аст.

Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526 тасдиқ шудааст, бунёди низоми босифат, дастрас ва ба рушди салоҳиятҳо нигаронидашударо ҳадафи дарозмуҳлат медонад [4]. Рақамикунонии идоракунӣ ва раванди таълим, таҳкими инфрасохтор, рушди захираҳои электронӣ ва омодагии касбии омӯзгорон дар доираи самтҳои ислоҳот қарор доранд. Корҳои беруназсинфӣ метавонанд механизми амалии татбиқи ин ҳадафҳо гарданд, зеро дар онҳо хонанда технологияро барои иҷрои вазифаи маънодор истифода мебарад.

Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2022, №439 тасдиқ гардидааст, ба даст овардани сифати нави таҳсил тавассути истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, тағйири шаклу усулҳои таълим ва баланд бардоштани дастрасии хизматрасониҳои таълимиро пешбинӣ менамояд [5]. Аз муҳтавои Консепсия бармеояд, ки гузариш ба таҳсилоти рақамӣ бо хариди техника анҷом намеёбад. Он тағйири фарҳанги таълим, мазмун, нақши омӯзгор, усулҳои ҳамкорӣ ва низоми арзёбиро талаб мекунад.

Барномаи ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024–2028, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 2024, №154 тасдиқ шудааст, рушди инфрасохтор, таъминот бо таҷҳизот, захираҳои электронӣ, пайвастшавӣ ва такмили истифодаи ТИК-ро дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ пешбинӣ менамояд [6]. Татбиқи барнома барои васеъ гардидани фаъолияти маҳфилҳои рақамӣ, озмоишгоҳҳои мактабӣ, лоиҳаҳои онлайн ва озмунҳои технологӣ замина фароҳам меорад. Самаранокии сармоягузорӣ ба таҷҳизот дар сурате баланд мешавад, ки он берун аз соатҳои ҳатмии дарсӣ низ барои фаъолияти эҷодию таҳқиқотии хонандагон истифода гардад.

Консепсияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2024, №240 тасдиқ шудааст, зарурати ташаккули низоми боэътимоди арзёбӣ ва истифодаи натиҷаҳо барои такмили барнома, китоб, усули таълим ва идоракуниро муайян мекунад [7]. Ин талабот ба корҳои беруназсинфӣ низ дахл дорад. Шумораи чорабиниҳо ё иштирокчиён худ нишондиҳандаи кофии сифат нест. Натиҷа бояд бо пешрафти салоҳият, сатҳи мустақилият, сифати маҳсулот, риояи амният ва қобилияти рефлексияи хонанда муайян карда шавад.

Таҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва иловагии кишвар нишон медиҳад, ки маҳфилҳои информатика, барномасозӣ, робототехника, олимпиадаҳои фаннӣ, ҳафтаҳои технология, озмунҳои ихтироъкорӣ, конференсияҳои хонандагон ва таҳияи маводи электронӣ тадриҷан густариш меёбанд. Ин фаъолиятҳо барои ошкор ва рушди қобилияти хонандагони ҳавасманд мусоидат мекунанд. Дар таҳқиқи Ш.К. Каримзода имкониятҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар таълими хонандагони болаёқат аз фанни технологияи иттилоотӣ асоснок шуда, аҳаммияти муҳити эҷодӣ, муносибати инфиродӣ, фаъолияти амалӣ ва масъалаҳои сатҳи баланд нишон дода шудааст [8, с. 72].

Ҳамзамон, фаъолияти мавҷуда дар ҳамаи муассисаҳо ба низоми ягонаи натиҷавӣ табдил наёфтааст. Як қатор масъалаҳо ба такмили минбаъда ниёз доранд.

Аввал, фарқи байни «истифодаи техника» ва «ташаккули салоҳият» ҳамеша равшан нест. Баъзе чорабиниҳо ба намоиши слайд ё иҷрои тест маҳдуд мешаванд. Хонанда дар чунин ҳолат истеъмолкунандаи маводи тайёр боқӣ мемонад. Барои ташаккули салоҳият ӯ бояд масъала гузорад, манбаъ интихоб кунад, қарор қабул намояд, маҳсулот офарад ва натиҷаро ҳимоя кунад.

Дуюм, дастрасии муассисаҳо ба таҷҳизот, интернет ва мутахассисони омода яксон нест. Амсилаи миллӣ бояд сатҳҳои гуногуни инфрасохторро ба назар гирад. Дар шароити маҳдуд низ метавон фаъолияти самаранок ташкил кард: кор дар гурӯҳ бо як дастгоҳ, истифодаи барномаҳои офлайн, таҳияи алгоритм дар коғаз, коркарди маълумоти маҳаллӣ, наворгирӣ бо таҷҳизоти дастрас ва ташкили истгоҳҳои навбатии фаъолият.

Сеюм, муҳтавои рақамии босифат бо забони тоҷикӣ ҳанӯз ба рушди пайваста ниёз дорад. Корҳои беруназсинфӣ метавонанд хонандагонро ба таҳияи луғати электронӣ, подкаст, шарҳи китоб, харитаи фарҳангӣ, навори омӯзишӣ ва маводи кишваршиносӣ ҷалб намоянд. Дар ин раванд забони давлатӣ ҳамчун воситаи тавлиди дониш ва муаррифии мероси миллӣ дар муҳити рақамӣ истифода мешавад.

Чорум, масъалаи амнияти рақамӣ баъзан ҳамчун мавзуи ҷудогона омӯхта мешавад. Дар асл он бояд дар ҳамаи фаъолиятҳо ҷой дошта бошад. Ҳангоми таҳияи навор масъалаи розигӣ ва махфият; ҳангоми сохтани сомона ҳуқуқи муаллиф; ҳангоми истифодаи почта шинохти паёми қалбакӣ; ҳангоми пурсиш ҳифзи маълумот; ҳангоми кор бо зеҳни сунъӣ санҷиши дурустии натиҷа ва нишон додани манбаи истифода муҳим мебошад.

Панҷум, дастовардҳои хонанда дар корҳои беруназсинфӣ кам ҳуҷҷатгузорӣ мешаванд. Портфолиои электронӣ метавонад лоиҳа, нусхаҳои такмилёфта, бозхурди омӯзгор, хударзёбӣ, шаҳодатномаи иштирок ва нақшаи рушди минбаъдаро дар бар гирад. Ин восита пешрафти воқеиро нисбат ба баҳои яквақта равшантар нишон медиҳад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки корҳои беруназсинфӣ дар ташаккули салоҳиятҳои рақамӣ се вазифаи ба ҳам алоқамандро иҷро мекунанд: вазифаи таълимӣ, вазифаи рушддиҳанда ва вазифаи иҷтимоию тарбиявӣ. Вазифаи таълимӣ аз бандҳои зерин: азхуд кардани усулҳои ҷустуҷӯ, коркард, эҷод ва ҳифзи иттилоот иборат аст. Вазифаи рушддиҳанда тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, мустақилият, ҳалли масъала ва рефлексияро фаро мегирад. Вазифаи иҷтимоию тарбиявӣ ба масъулият, ҳамкорӣ, эҳтироми ҳуқуқ, одоби муошират ва истифодаи технология ба манфиати ҷомеа равона мешавад.

Натиҷаи таҳқиқ бо мавқеи И.А. Зимняя оид ба хусусияти ҳамгиро ва фаъолиятии салоҳият мувофиқ аст [9]. Он ҳамчунин андешаи Д.В. Григорев ва П.В. Степановро дар бораи имконияти корҳои беруназсинфӣ барои тарбия ва иҷтимоишавӣ тасдиқ мекунад [10]. Таҳқиқи Н.В. Абрамовских ва В.С. Илиних аҳаммияти фаъолияти лоиҳавӣ ва технологияҳои чандрасонаиро нишон медиҳад [11], дар ҳоле ки А.Ш. Шахманова ва Н.З. Мунгиева ба нақши муҳити рақамии иттилоотию таълимӣ дар самаранокии фаъолияти беруназсинфӣ таваҷҷуҳ мекунанд [12].

Хусусияти фарқкунандаи амсилаи пешниҳодшуда мутобиқсозии ин равишҳо ба заминаи ҳуқуқӣ ва стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар он рушди малакаҳои техникӣ бо забони давлатӣ, муҳтавои миллӣ, амнияти кӯдак, ҳифзи маълумоти шахсӣ, фаъолияти иҷтимоӣ ва арзёбии ташаккулдиҳанда пайваст карда шудааст.

Амсила ба чаҳорчӯбаҳои DigComp 2.2 ва ЮНЕСКО такя мекунад [13; 14], вале онҳоро механикӣ нусхабардорӣ намекунад. Ҷузъи арзишию ҳавасмандӣ ва ҷузъи арзёбию рефлексивӣ дар сохтор ба таври равшан ҷудо карда шудаанд. Сабаб он аст, ки барои муҳити мактабӣ донистани амали техникӣ бе ҳавасмандӣ, масъулият ва худтанзимкунӣ натиҷаи устувор намедиҳад.

Масъалаи дигари муҳокимашаванда истифодаи телефонҳои ҳушманд мебошад. Дастгоҳи мобилӣ дастрасӣ, аксбардорӣ, наворгирӣ, ҷустуҷӯ ва робитаи гурӯҳиро осон мекунад. Бо вуҷуди ин, барномаҳои касбии коркарди матн, маълумот, барномасозӣ ва тарҳрезӣ аксар вақт ба компютер ниёз доранд. Таҳқиқоти Н.А. Соколова ва И.Д. Гул нишон медиҳад, ки бартарии

доимии дастгоҳи мобилӣ метавонад рушди баъзе малакаҳои кор бо компютерро маҳдуд созад [15]. Аз ин рӯ, барномаи беруназсинфӣ бояд истифодаи телефон, планшет, компютер ва таҷҳизоти махсусро мутобиқи вазифа мувозинат кунад.

Маҳдудияти таҳқиқ дар хусусияти назариявии он ифода меёбад. Амсила ва меъёрҳои пешниҳодшуда барои муайян кардани самаранокии воқеӣ ба санҷиши озмоишӣ дар муассисаҳои дорои шароити шаҳрӣ ва деҳотӣ ниёз доранд. Дар озмоиши минбаъда бояд синну соли хонандагон, сатҳи ибтидоии салоҳият, дастрасӣ ба таҷҳизот, омодагии омӯзгор ва хусусияти барномаи маҳфилӣ ба назар гирифта шавад. Натиҷаҳо метавонанд барои такмили нишондиҳандаҳо ва таҳияи бастаи методӣ истифода шаванд.

Ташаккули салоҳиятҳои рақамии хонандагон яке аз вазифаҳои муҳимми низоми муосири таҳсилот мебошад. Ҳалли он бо таъмин кардани муассиса бо компютер, интернет ё барномаҳои электронӣ анҷом намеёбад. Технология дар сурате ба воситаи рушди хонанда табдил меёбад, ки ӯ онро бошуурона, интиқодӣ, эҷодӣ, бехатар ва барои ҳалли масъалаи маънодор истифода барад.

Корҳои беруназсинфӣ барои ин мақсад имконияти васеи педагогӣ доранд. Ихтиёрӣ будани иштирок, тағйирпазирии мазмун, робита бо шавқи хонанда, имкони иҷрои лоиҳа, ҳамкории гурӯҳӣ ва офаридани маҳсулоти воқеӣ онҳоро ба муҳити мусоиди ташаккули салоҳият табдил медиҳад. Самаранокии чунин фаъолият ба мавҷудияти мақсади равшан, барномаи пайдарпай, масъалаҳои воқеӣ, роҳбаладии омӯзгор, муҳити бехатар ва арзёбии ташаккулдиҳанда вобаста мебошад.

Салоҳияти рақамии хонанда сохтори ҳамгиро дошта, ҷузъҳои арзишию ҳавасмандӣ, иттилоотию таҳлилӣ, амалиёти технологӣ, иртиботию ҳамкорӣ, эҷодию лоиҳавӣ, бехатарию ахлоқӣ ва арзёбию рефлексивиро дар бар мегирад. Нодида гирифтани яке аз ин ҷузъҳо ба яктарафа гардидани омодагӣ оварда мерасонад. Малакаи техникӣ бе тафаккури интиқодӣ метавонад ба паҳн кардани иттилооти носанҷида мусоидат кунад. Эҷодкорӣ бе дониши ҳуқуқи муаллиф ба истифодаи ғайриқонунии муҳтаво меорад. Муошират фаъол бе одоби рақамӣ метавонад ба низоъ ва осеби равонӣ сабаб гардад.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030, Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ барои давраи то соли 2042 ва Барномаи ҷорӣ намудани ТИК барои солҳои 2024–2028 заминаи сиёсӣ ва ҳуқуқии рушди ин самтро фароҳам овардаанд. Қадами минбаъда бояд ба табдил додани ҳадафҳои стратегӣ ба барнома, маводи методӣ, меъёрҳои арзёбӣ ва фаъолияти ҳаррӯзаи муассиса равона шавад.

Амсилаи пешниҳодшуда метавонад ҳамчун асос барои таҳияи барномаи маҳфилӣ, курси интихобӣ, нақшаи корҳои тарбиявӣ, лоиҳаи инноватсионии муассиса ва портфолиои рақамии хонанда истифода гардад. Арзиши он дар пайвастани мақсад, мазмун, фаъолият, маҳсулоти рақамӣ, амният, арзёбӣ ва рефлексия ифода меёбад.

Бо мақсади беҳтар намудани натиҷаҳо дар самти ташаккули салоҳиятҳои иттилоотиву коммуникатсионии хонандагон ҳангоми амалӣ намудани корҳои беруназсинфӣ чунин тавсияҳо коркард шудаанд:

1. Дар сатҳи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ натиҷаҳои интизоршавандаи салоҳиятҳои рақамӣ барои зинаҳои синнусолӣ муайян карда шуда, ба нақшаи корҳои беруназсинфӣ ворид карда шаванд;

2. Барномаҳои маҳфилҳои информатика, робототехника, расонаҳои мактабӣ, кишваршиносӣ ва фанҳои дигар аз рӯйи принсипи фаъолияти лоиҳавӣ ва эҷоди маҳсулоти рақамӣ такмил дода шаванд;

3. Барои омӯзгорон модулҳои омӯзиши муттасили касбӣ оид ба тарҳрезии фаъолияти рақамӣ, усули лоиҳавӣ, амнияти кӯдак, ҳифзи маълумоти шахсӣ ва арзёбии салоҳият таҳия карда шаванд;

4. Дар муассисаҳо портфолиои электронии хонанда ҳамчун воситаи ҳуҷҷатгузории лоиҳа, бозхурд, хударзёбӣ ва пешрафти салоҳият ҷорӣ гардад;

5. Барои арзёбии корҳои беруназсинфӣ нишондиҳандаҳои сифатӣ мустақилият, эътимоднокии манбаъ, сифати ҳамкорӣ, эҷодкорӣ, амният ва рефлексия истифода шаванд;

6. Муҳтавои рақамӣ бо забони тоҷикӣ, аз ҷумла луғат, подкаст, навор, харита, маҷаллаи электронӣ ва захираҳои кишваршиносӣ тавассути лоиҳаҳои хонандагон таҳия ва ғанӣ гардонида шавад;

7. Ҳангоми интихоби платформа ва абзори рақамӣ талаботи синнусолӣ, сиёсати махфият, ҷойи нигоҳдории маълумот ва имкони ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак санҷида шавад;

8. Истифодаи телефонҳои ҳушманд бо кор дар компютер, фаъолияти амалӣ, муҳокимаи рӯбарӯ, мушоҳида ва таҷрибаи берун аз экран мувозинат карда шавад;

9. Ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо марказҳои таҳсилоти иловагӣ, донишгоҳҳо, китобхонаҳо, осорхонаҳо ва сохторҳои технологӣ барои роҳбаладӣ ва дастгирии лоиҳаҳо тақвият дода шавад.

10. Амсила ва меъёрҳои пешниҳодшуда дар муассисаҳои дорои шароити гуногун ба таври озмоишӣ татбиқ гардида, натиҷаҳо барои таҳияи дастури миллии методӣ ҷамъбаст карда шаванд.

Адабиёт:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013, №1004, бо тағйиру иловаҳои минбаъда. — Душанбе, 2013.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18 марти соли 2015, №1196, бо тағйиру иловаҳои минбаъда. — Душанбе, 2015.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ» аз 3 августи соли 2018, №1537. — Душанбе, 2018.

4. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030: бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526 тасдиқ шудааст. — Душанбе, 2020.

5. Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042: бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2022, №439 тасдиқ шудааст. — Душанбе, 2022.

6. Барномаи ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024–2028: бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 2024, №154 тасдиқ шудааст. — Душанбе, 2024.

7. Консепсияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2024, №240 тасдиқ шудааст. — Душанбе, 2024.

8. Каримзода Ш.К. Асосҳои педагогии таълими хонандагони болаёқат аз фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ. — Душанбе, 2020. — 186 с.

9. Зимняя И.А. Ключевые компетенции — новая парадигма результата образования // Высшее образование сегодня. — 2003. — №5. — С. 34–42.

10. Григорьев Д.В., Степанов П.В. Внеурочная деятельность школьников: методический конструктор: пособие для учителя. — Москва: Просвещение, 2010. — 223 с.

11. Абрамовских Н.В., Ильиных В.С. Формирование информационной компетентности младших школьников средствами мультимедийных технологий во внеурочной деятельности // Научно-методический электронный журнал «Концепт». — 2021. — №6. — ART 211039.

12. Шахманова А.Ш., Мунгиева Н.З. Повышение эффективности внеурочной деятельности школьников с использованием возможностей цифровой информационно-образовательной среды // Мир науки, культуры, образования. — 2024. — №3 (106). — С. 242–245.

13. Vuorikari R., Kluzer S., Punie Y. DigComp 2.2: The Digital Competence Framework for Citizens — With New Examples of Knowledge, Skills and Attitudes. — Luxembourg: Publications Office of the European Union, 2022. — EUR 31006 EN. — DOI: 10.2760/115376.

14. Law N., Woo D., de la Torre J., Wong G. A Global Framework of Reference on Digital Literacy Skills for Indicator 4.4.2. Information Paper No. 51. — Montreal: UNESCO Institute for Statistics, 2018. — 146 p.

15. Соколова Н.А., Гуль И.Д. Влияние технологии mobile first на цифровую компетентность одаренных детей в системе дополнительного образования // Вестник Томского государственного университета. — 2025. — №512. — С. 212–222. — DOI: 10.17223/15617793/512/23.

ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ РАҚАМИИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ КОРҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ

Дар мақола масъалаи ташаккули салоҳиятҳои рақамии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар раванди корҳои беруназсинфӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Мақсади таҳқиқ аз асоснок намудани имкониятҳои педагогии корҳои беруназсинфӣ ва таҳияи амсилаи сохторию мазмунии ташаккули салоҳиятҳои рақамии хонандагон иборат мебошад.

Дар раванди таҳқиқ усулҳои таҳлили адабиёти психологию педагогӣ, омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҳлили муқоисавӣ, ҷамъбасти таҷрибаи педагогӣ, моделсозӣ ва низомсозии мафҳумҳо истифода шуданд. Муайян карда шудааст, ки салоҳияти рақамии хонанда сохтори ҳамгиро буда, ҷузъҳои арзишию ҳавасмандӣ, иттилоотию таҳлилӣ, амалиёти технологӣ, иртиботию ҳамкорӣ, эҷодию лоиҳавӣ, бехатарию ахлоқӣ ва арзёбию рефлексивиро фаро мегирад.

Имкониятҳои маҳфилҳои фаннӣ, студияҳои эҷодии рақамӣ, робототехника, барномасозӣ, рӯзноманигории мактабӣ, озмунҳо, олимпиадаҳо, лоиҳаҳои таҳқиқотӣ ва фаъолияти ихтиёрии хонандагон ҳамчун воситаҳои ташаккули ҷузъҳои мазкур шарҳ дода шудаанд. Навгонии илмии таҳқиқ дар пешниҳоди амсилаи ташаккули салоҳиятҳои рақамӣ тавассути пайванди мақсад, мазмун, шаклҳои фаъолият, маҳсулоти рақамӣ, арзёбии ташаккулдиҳанда ва рефлексияи хонанда ифода меёбад. Аҳаммияти амалии мақола аз имкони истифодаи амсила ва меъёрҳои пешниҳодшуда дар таҳияи барномаҳои маҳфилӣ, нақшаи корҳои тарбиявӣ, курсҳои интихобӣ, лоиҳаҳои рақамӣ ва низоми арзёбии дастовардҳои хонандагон бармеояд.

Калидвожаҳо: салоҳияти рақамӣ, саводнокии рақамӣ, корҳои беруназсинфӣ, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, муҳити рақамии таълим, фаъолияти лоиҳавӣ, маҳсулоти рақамӣ, амнияти рақамӣ, арзёбии ташаккулдиҳанда, муассисаи таҳсилоти умумӣ.

ФОРМИРОВАНИЕ ЦИФРОВЫХ КОМПЕТЕНЦИЙ УЧАЩИХСЯ В ПРОЦЕССЕ ВНЕУЧЕБНОЙ РАБОТЫ

В статье исследуется проблема формирования цифровых компетенций учащихся общеобразовательных учреждений в процессе внеучебной работы. Цель исследования заключается в обосновании педагогических возможностей внеучебной работы и разработке структурно-содержательной модели формирования цифровых компетенций школьников. В исследовании применены методы анализа психолого-педагогической литературы, изучения нормативных правовых документов, сравнительного анализа, обобщения педагогического опыта, моделирования и систематизации понятий. Установлено, что цифровая компетентность учащегося представляет собой интегративную структуру, включающую ценностно-мотивационный, информационно-аналитический, операционно-технологический, коммуникативно-коллаборативный, творческо-проектный, безопасностно-этический и оценочно-рефлексивный компоненты. Раскрыты возможности предметных кружков, цифровых творческих студий, робототехники, программирования, школьной журналистики, конкурсов, олимпиад, исследовательских проектов и добровольческой деятельности учащихся в формировании указанных компонентов. Научная новизна исследования состоит в разработке модели, объединяющей цель, содержание, формы деятельности, создание цифрового продукта, формирующее оценивание и рефлексию учащегося. Практическая значимость результатов определяется возможностью применения предложенной модели и критериев при разработке

кружковых программ, планов воспитательной работы, элективных курсов, цифровых проектов и системы оценивания достижений учащихся.

Ключевые слова: цифровая компетентность, цифровая грамотность, внеурочная деятельность, информационно-коммуникационные технологии, цифровая образовательная среда, проектная деятельность, цифровой продукт, цифровая безопасность, формирующее оценивание, общеобразовательное учреждение.

FORMATION OF STUDENTS' DIGITAL COMPETENCIES THROUGH EXTRACURRICULAR ACTIVITIES

The article examines the formation of digital competencies among students of general education institutions through extracurricular activities. The study aims to substantiate the pedagogical potential of extracurricular work and to develop a structural and content-based model for students' digital competence development. The research methods include analysis of psychological and pedagogical literature, examination of regulatory and legal documents, comparative analysis, synthesis of pedagogical experience, modelling, and systematisation of concepts. The study defines students' digital competence as an integrated structure comprising value-motivational, information-analytical, operational-technological, communication and collaboration, creative-project, safety and ethical, and assessment-reflective components. The educational potential of subject clubs, digital creative studios, robotics, programming, school journalism, competitions, Olympiads, research projects, and student volunteering is described. The scientific novelty lies in the proposed model integrating objectives, content, forms of activity, digital product creation, formative assessment, and learner reflection. The practical significance of the study is associated with the possibility of applying the proposed model and criteria to the design of extracurricular programmes, educational work plans, elective courses, digital projects, and student achievement assessment systems.

Keywords: digital competence, digital literacy, extracurricular activities, information and communication technologies, digital learning environment, project-based activity, digital product, digital safety, formative assessment, general education institution.

Маълумот дар бораи муаллиф: Каримзода Ш.К., номзади илмҳои педагогӣ, директори Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш 50. E-mail: shavkatnormatov@mail.ru, тел: +(992) 93-803-93-92

Сведения об авторе: Каримзода Ш.К., кандидат педагогических наук, директор Государственного учреждения «Республиканский учебно-методический центр при Министерстве образования и науки Республики Таджикистан». Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Ахмади Дониш, 50. Электронная почта: shavkatnormatov@mail.ru, тел.: +(992) 93-803-93-92

Information about the author: Karimzoda Sh.K., candidate of pedagogical sciences, director of the State Institution «Republican Educational and Methodological Center under the Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan». Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Akhmadi Donish Street 50, E-mail: shavkatnormatov@mail.ru, tel.: +(992) 93-803-93-92

Муқарриз: Ниёзов Ҷ.М., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ: 50+511 (077) (075.8)
Д-14

МЕТОДИКАИ ОМӮЗИШИ ЭЛЕМЕНТҲОИ АЛГЕБРАИ ВЕКТОРӢ ДАР КУРСИ ГЕОМЕТРИЯИ АНАЛИТИКӢ

Давлатализода С.Д., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Истилоҳи вектор дар геометрия ба ду маъно истифода мешавад. Аз як тараф, вектор гуфта порчаи самтдорро меноманд, аз дигар тараф, «бузургиҳои векторӣ» - суръат, шитоб, қувва ва ғайраҳоро дар назар дорем. Барои аз ҳамдигар фарқ кардани ин ду маъно онҳоро мувофиқан «вектори мушаххас» ва вектори озод меномем.

Порчаи самтдоре, ки ибтидо ва интиҳо дорад, вектор номида мешавад. Векторро бо ду ҳарфи калони лотинӣ, ки якумаш ибтидои вектор ва дуюмаш интиҳои онро нишон медиҳад, ишора мекунанд. Инчунин, векторро бо як ҳарфи хурди лотинӣ низ ишора менамоянд (расми 1).

Мегӯянд, ки «порчаи самтдор дар хати рости самтдор ҷойгир аст» ё «порчаи самтдор ба хати рост перпендикуляр аст», агар порчаи ба он мувофиқ дар хати рост воқеъ бошад ё ба хати рост перпендикуляр бошад. Дарозии порчаи самтдор гуфта, дарозии порчаи ба он мувофиқро меноманд [11, с. 11-12].

Векторҳои $\overrightarrow{AB}$ ва $\overrightarrow{CD}$ ҳамсамт номида мешаванд, агар ҳангоми давом додани онҳо масофаи байнашон тағйир наёбад. Ба ибораи дигар, порчаҳои баробари AM ва CN-и нуқтаҳои B ва -ро дарбаргиранда чӣ хеле ки набошанд, масофаи MN аз масофаи додашуда зиёд намешавад.



Расми 2

Векторҳои ҳамсамт ин тавр ишора карда мешаванд: $\overrightarrow{AB} \uparrow\uparrow \overrightarrow{CD}$. Векторҳои параллел ва ҳамсамт набударо, векторҳои муқобилсамт меноманд ва ин тавр ишора мекунанд: $\overrightarrow{AB} \uparrow\downarrow \overrightarrow{CD}$ (расми 3).

Таъриф: ***Ду вектор баробар номида мешаванд, агар онҳо ҳамсамт буда, дарозиҳои баробар дошта бошанд*** [13, с. 21-39]**.**



Расми 3

Баробарии векторҳо ин тавр ифода карда мешаванд: $\overrightarrow{AB} = \overrightarrow{CD}$.

Теорема. ***Ду векторе, ки ба вектори сеюм баробар мебошанд, бо ҳамдигар баробаранд.***

Исбот. Бигузор $\overrightarrow{AB} = \overrightarrow{CD}$ ва $\overrightarrow{EF} = \overrightarrow{CD}$ бошад. Аз ин бармеояд, ки векторҳои $\overrightarrow{AB}$ ва $\overrightarrow{EF}$ бо вектори $\overrightarrow{CD}$ ҳамсамт мебошанд. Пас, метавон гуфт, ки $\overrightarrow{AB}$ ва $\overrightarrow{EF}$ ҳамсамт мебошанд. Аз дигар тараф, векторҳои $\overrightarrow{AB}$, $\overrightarrow{EF}$ бо вектори $\overrightarrow{CD}$ баробар мебошанд. Пас, аз рӯйи шарти баробарии векторҳои $\overrightarrow{AB}$ ва $\overrightarrow{CD}$ бо ҳам баробаранд.

Натиҷа. Муносибати баробарии векторҳо рефлексивӣ, симметрӣ ва транзитивӣ мебошад: 1) $a = a$; 2) агар $a = b$ бошад, пас $b = a$ аст; 3) агар $a = b, b = c$ бошад, пас $a = c$ мешвад.

Лемма. Баробарии $\overrightarrow{AB} = \overrightarrow{CD}$ фақат ва фақат ҳамон вақт ҷой дорад, ки агар $\overrightarrow{AC} = \overrightarrow{BD}$ бошад.

Исбот.



Расми 4.

Агар порчаҳои AB ва CD дар як хати рост воқеъ набошанд, баробарии онҳо ба он баробаркуввa мебошад, ки онҳо тарафҳои муқобили параллелограмм мебошанд. Ду тарафи дигари ин параллелограмм – ин порчаҳои AC ва BD мебошанд, ки онҳо низ дар асоси хосияти ин шакл бо ҳам баробаранд. Ҳамин тавр, аз баробарии $\overrightarrow{AC} = \overrightarrow{BD}$ низ баробарии $\overrightarrow{AB} = \overrightarrow{CD}$ мебарояд (расми 4) [10, с. 7-28].

Дар леммаи исботшуда як нуқта ба ҳисоб гирифта нашудааст. Баробарии $\overrightarrow{AB} = \overrightarrow{CD}$ мумкин аст ба баробарии $\overrightarrow{AB} = \overrightarrow{AB}$ табдил ёбад, агар нуқтаи C бо A ва D бо B ҳамҷоя шавад. Баробарии $\overrightarrow{AB} = \overrightarrow{AB}$ ҳамон вақт ҷой дошта метавонад, ки агар $\overrightarrow{AA} = \overrightarrow{BB}$ бошад. Барои он ки леммаи додашуда дар ҳама ҳолат иҷрошаванда бошад, ба он мафҳуми вектор «вектори нулӣ»-ро илова кардан лозим аст.

Таъриф. ***Векторе ки ибтидо ва интиҳои он ҳамҷоя мешавад, вектори нулӣ номида мешавад.***

Ҳамаи векторҳои нулӣ бо ҳамдигар баробар мебошанд. Ҳар як нуқтаро вектори нулӣ гуфтан мумкин аст, агар онро ҳамчун ибтидо ва интиҳои вектор қабул накунем. Дарозии вектори нулӣ ба 0 баробар аст. Вектори нулӣ самт надорад.

Таъриф. ***Вектори озод гуфта, объекти абстрактеро (ғайримушаххас) меноманд, ки бо порчаҳои самтдори баробар алоқамандӣ дошта, ҳар як ҷуфти векторҳои баробар намояндаи он мебошад ва порчаҳои самтдори нобаробар намояндаи векторҳои гуногуни озод ба шумор мераванд*** [9, с. 157-167]**.**

Ин векторҳоро барои он озод меномем, ки онҳоро метавон аз нуқтаи дилхоҳ ҷойгир кард. Порчаҳои самтдори баробари $\overrightarrow{AB} = \overrightarrow{A^1B^1}$, ки аз нуқтаҳои гуногун ҷойгир карда шудаанд, ҳамон як векторро намояндагӣ мекунанд.

Ҳамин тавр низ мегӯянд: $\overrightarrow{AB}$ – ин вектори $\vec{a}$ – е мебошад, ки аз нуқтаи A ҷойгир карда шудааст ва $\overrightarrow{A'B'}$ низ ҳамон вектори $\vec{a}$ – е мебошад, ки аз нуқтаи A' ҷойгир шудааст. Инро дар мисоли бузургиҳои физикӣ нишон додан мумкин аст. Масалан, ҳамон як қувваро аз самтҳои гуногун ба ҷисм равона кардан мумкин дорад.

Тасаввуроти аёни векторро кӯчиши нуқтаи материалӣ медиҳад. Кӯчиш бо самт ва масофа муайян карда мешавад. Масалан, 2 км ба тарафи шимол, 300 м ба тарафи шарқ ва ғайра.

Вектор ҳамчун кӯчиш бо самт ва масофа тавсиф меёбад. Дода шудани вектор ин маънои додашавии самт ва масофаро дорад.

Таъриф. ***Дарозӣ ё модули вектор гуфта – ин дарозии порчаи самтдори ифодакунандаи онро меноманд. Он бо рамзи*** $|\boldsymbol{a}|$ ***ишора карда мешавад ва бо формулаи*** $|\boldsymbol{a}| = \sqrt{\boldsymbol{a}_1^2 + \boldsymbol{a}_2^2}$ ***ҳисоб карда мешавад*** [2, с. 5-28].

Амалҳои ҷамъ ва тарҳи векторҳо дар алгебраи векторӣ мавқеи муҳим доранд. Ду вектори ихтиёрии $\vec{a}$ ва $\vec{b}$ – ро мегирем. Вектори $\overrightarrow{AB} = \vec{a}$ – ро аз нуқтаи А ва вектори $\overrightarrow{BC} = \vec{b}$ – ро аз нуқтаи В ҷойгир мекунем. Вектори $\overrightarrow{AC} = \vec{c}$ суммаи векторҳои $\vec{a}$ ва $\vec{b}$ номида шуда, ин тавр ишора карда мешавад: $\vec{c} = \vec{a} + \vec{b}$ (расми 5).



Расми 5.

Нишон медиҳем, ки вектори $\vec{c}$ бо ёрии векторҳои $\vec{a}$ ва $\vec{b}$ новобаста аз интихоби нуқтаи A, ки аз он вектори a ҷойгир карда мешавад, якқимата муайян мегардад. Бигузор ба ҷои нуқтаи A нуқтаи дигари A_1 – ро гирифта, созиши бо он монандро иҷро менамоем. $\overrightarrow{A_1B_1} = \vec{a}$, $\overrightarrow{B_1C_1} = \vec{b}$. Исбот мекунем, ки $\overrightarrow{AC} = \overrightarrow{A_1C_1}$. Азбаски $\overrightarrow{AB} = \overrightarrow{A_1B_1}$ ва $\overrightarrow{BC} = \overrightarrow{B_1C_1}$, пас аз рӯйи леммаи баробарии векторҳо (1.1) $\overrightarrow{AA_1} = \overrightarrow{BB_1}$ ва $\overrightarrow{BB_1} = \overrightarrow{CC_1}$ мешавад ва ҳамзамон $\overrightarrow{AC} = \overrightarrow{A_1C_1}$.

Қайд менамоем, ки барои ёфтани суммаи ду векторҳои ғайриколлениарӣ бояд секунҷа созем. Бинобар ин, қоидаи ҷамъи векторҳоро дар ҳолати умумӣ қоидаи секунҷагӣ меноманд. Ин қоида чунин ифода карда мешавад: барои дилхоҳ нуқтаи A, B ва C баробарии зерин дуруст аст:

$\overrightarrow{AB} + \overrightarrow{BC} = \overrightarrow{AC}$ (1)

Ин қоидаро барои нуқтаҳои A, B, A истифода бурда, ҳосил мекунем: $\overrightarrow{AB} + \overrightarrow{BA} = \overrightarrow{AA}$.

Ба ҳамин монанд: $\overrightarrow{AB} + \overrightarrow{BB} = \overrightarrow{AB}$, $\overrightarrow{AA} + \overrightarrow{AB} = \overrightarrow{AB}$.

Ҳамин тавр, барои дилхоҳ вектори a баробариҳои зерин ҷой дорад:

$\vec{a} + (-\vec{a}) = \vec{0}$ (2)

$\vec{a} + \vec{0} = \vec{a}$ ва $\vec{0} + \vec{a} = \vec{a}$ (3)

Агар векторҳои ҷамъшаванда колленiарӣ бошанд, пас барои сохтани суммаи онҳо қоидаи параллелограммро истифода мебарем.

Дар расми 6 қоидаи параллелограмм оварда шудааст.



Расми 6.

Теорема. ***Барои векторҳои дилхоҳи*** $\vec{a}, \vec{b}$ ***ва*** $\vec{c}$ ***баробариҳои зерин дуруст мебошанд:***

1. $\vec{a} + \vec{b} = \vec{b} + \vec{a}$ *(хосияти ҷойивазкунӣ);*

2. $(\vec{a} + \vec{b}) + \vec{c} = \vec{a} + +(\vec{b} + \vec{c})$ *(хосияти гурӯҳбандӣ).*



Исбот:

1. Бигузор $\vec{a}$ ва $\vec{b}$ векторҳои дилхоҳ бошанд. Аз ягон нуқтаи A вектори $\overrightarrow{AB} = \vec{a}$ ва аз нуқтаи B вектори $\overrightarrow{BC} = \vec{b}$ – ро ҷойгир мекунем (расми 7). Дар асоси созиш $\overrightarrow{AD} = \overrightarrow{BC}$ аст. Бинобар ин аз рӯйи леммаи баробарии векторҳо $\overrightarrow{AB} = \overrightarrow{DC}$ мешавад, яъне $\overrightarrow{DC} = \vec{a}$. Аз рӯйи қоидаи секунҷа $\overrightarrow{AB} + \overrightarrow{BC} = \overrightarrow{AC}$ ва $\overrightarrow{AD} + \overrightarrow{DC} = \overrightarrow{AC}$. Аз ин ҷо бармеояд, ки $\vec{a} + \vec{b} = \overrightarrow{AC}$. Пас, хулоса баровардан мумкин аст, ки $\vec{a} + \vec{b}$ ва $\vec{b} + \vec{a}$ ҳамон як вектор мебошанд.

Расми 7.

2. Бигузор $\vec{a}, \vec{b}$ *ва* $\vec{c}$ се векторҳои дилхоҳ бошанд. Ягон нуқтаи А – ро қайд намуда, аз он пайдарпай векторҳои $\overrightarrow{AB} = \vec{a}, \overrightarrow{BC} = \vec{b}$,

$\overrightarrow{AD} = \vec{c}$ – ро мегузорем (расми 8).

Дар асоси қоидаи ҷамъи секунҷагӣ:

$\overrightarrow{AB} + \overrightarrow{BC} = \overrightarrow{AC}, \overrightarrow{AC} + \overrightarrow{CD} = \overrightarrow{AD}$, бинобар ин $(\vec{a} + \vec{b}) + \vec{c} = \overrightarrow{AD}$.

Аз дигар тараф $\overrightarrow{BC} + +\overrightarrow{CD} = \overrightarrow{BD}$ ва $\overrightarrow{AB} + \overrightarrow{BD} = \overrightarrow{AD}$.



Расми 8.

Бинобар ин, $\vec{a} + (\vec{b} + \vec{c}) = \overrightarrow{AD}$. Аз ин ҷо бармеояд, ки

$(\vec{a} + \vec{b}) + \vec{c} = \vec{a} + (\vec{b} + \vec{c})$.

Таъриф. *Фарқи векторҳои* a ва b *гуфта, чунин вектори* x *– ро меноманд, ки баробарии зеринро қаноат менамояд.*

$\vec{b} + \vec{x} = \vec{a}$ (4)

Исбот мекунем, ки фарқи векторҳои $\vec{a}$ ва $\vec{b}$ мавҷуд буда, якқимата муайян карда мешавад.

Аввал, фарз мекунем, ки вектори x – и баробарии (4) – ро қаноаткунанда мавҷуд аст. Онро ба воситаи $\vec{a}$ ва $\vec{b}$ ифода мекунем. Ба ҳарду тарафи баробарии (4) вектори $-\vec{b}$ – ро илова мекунем:

$$(-\vec{b}) + (\vec{b} + \vec{x}) = (-\vec{b}) + \vec{a}$$

Ба тарафи чапи ин баробарӣ қонуни гурӯҳбандӣ ва ба тарафи рости он бошад, қонуни ҷойивазкунии векторҳоро татбиқ мекунем:

$$\left((-\vec{b}) + \vec{b}\right) + \vec{x} = \vec{a} + (-\vec{b})$$

Аз ин ҷо натиҷа мебарояд, ки

$$\vec{x} = \vec{a} + (-\vec{b}) \ (5)$$

Ҳамин тавр, исбот намудем, ки агар вектори $\vec{x}$ – и баробарии (4) – ро қаноаткунанда мавҷуд бошад, пас он ба воситаи формулаи (5) якқимата муайян карда мешавад. Аммо вектори $\vec{a} + (-\vec{b})$ дар воқеъ баробарии (4) – ро қаноат мекунад:

$$\vec{b} + \left(\vec{a} + (-\vec{b})\right) = \left((-\vec{b}) + \vec{a}\right) = \left(\vec{b} + (-\vec{b})\right) + \vec{a} = \vec{a}.$$

Ҳамин тавр, формулаи (5) фарқи векторҳои $\vec{a}$ ва $\vec{b}$ – ро якқимата муайян мекунад. Фарқи векторҳои $\vec{a}$ ва $\vec{b}$ чунин ишорат карда мешавад: $\vec{a} - \vec{b}$. Аз формулаи (5) меёбем:

$$\vec{a} - \vec{b} = \vec{a} + (-\vec{b}) \ (6)$$

Аз рӯйи қоидаи ҷамъи секунҷагӣ $\overrightarrow{AB} + \overrightarrow{BC} = \overrightarrow{AC}$, бинобар ин дар асоси баробарии (4)

$$\overrightarrow{BC} = \overrightarrow{AC} - \overrightarrow{AB} \ (7)$$

Аз ин ҷо бармеояд, ки барои дилхоҳ нуқтаҳои A, B, C баробарии (7) дуруст мебошад.

Баъзан чунин меҳисобанд, ки ҳангоми ҷамъи векторҳо дарозиҳои онҳо ҷамъ карда мешаванд. Дар воқеъ бошад дарозии суммаҳои ду вектор дар ҳолати умумӣ ба суммаи дарозиҳои ҷамъшавандаҳо баробар нест [1, с. 57-84].

Исбот кардан мумкин аст, ки барои векторҳои дилхоҳи $\vec{a}$ ва $\vec{b}$ нобаробариҳои зерин ҷой доранд:

$$|\vec{a} + \vec{b}| \leq |\vec{a}| + |\vec{b}| \ (8)$$

$$|\vec{a} - \vec{b}| \leq |\vec{a}| + |\vec{b}| \ (9)$$

Дар баробарии (8) аломати баробарӣ фақат ҳангоми $\vec{a} \uparrow\uparrow \vec{b}$ ва дар баробарии (9) фақат ҳангоми $\vec{a} \uparrow\downarrow \vec{b}$ ҷой дорад.

Таъриф. ***Векторҳои озод коллениарӣ номида мешаванд, агар порчаи самтдори онҳоро ифодакунанда ба ягон хати рост параллел бошад.***

Вектори нулӣ ба дилхоҳ вектори озод коллениарӣ мебошад. Коллениарӣ будани векторҳо ҳамчун параллелии онҳо ишора карда мешавад.

Таъриф. *Векторҳои озод компланарӣ номида мешаванд, агар порчаҳои самтдори онҳоро ифодакунанда ба ягон ҳамворӣ параллел бошанд* [11, с. 15-18].

Вектори нулӣ ба дилхоҳ ҳамворӣ параллел мебошад. Агар дар байни се вектор якеаш нул – вектор бошад, пас онҳо ҳама вақт компланарӣ мебошанд.

Ба ибораи дигар, агар векторҳо аз як нуқта ҷойгир карда шаванд, пас векторҳои коллениарӣ дар як хати рост ва векторҳои компланарӣ дар як ҳамворӣ мехобанд.

Таъриф. ***Ҳосили зарби вектори $\vec{a}$ ба адади ҳақиқии α гуфта, чунин вектори $\vec{p}$ – ро меноманд, ки шартҳои зеринро қаноат кунад.***

а) $|\vec{p}| = |\alpha| \cdot |\vec{a}|$*, ки дар ин ҷо* $|\alpha|$ *– қимати мутлақи адади* α*;*

б) $\vec{p} \uparrow\uparrow \vec{a}$*, агар* $\alpha \geq 0$ *ва* $\vec{p} \uparrow\downarrow \vec{a}$*, агар* $\alpha < 0$ *бошад.*

Вектори $\vec{p}$ ингуна ишора карда мешавад: $\alpha\vec{a}$ [5, с. 15-25].

Дар дилхоҳ қимати α вектори $\vec{p}$ якқимата муайян карда мешавад. Дар расми 9 векторҳои $\overrightarrow{AC} = 2\overrightarrow{AB}$ ва $\overrightarrow{BD} = (-3)\overrightarrow{AB}$ тасвир ёфтааст. Аз шарти а) бармеояд, ки $\vec{p}$ ҳамон вақт ва фақат ҳамон вақт ба 0 баробар мешавад, ки агар $\alpha = 0$ ё $\vec{a} = 0$ бошад. Ҳамин тавр,

$\alpha\vec{0} = \vec{0}, 0 \cdot \vec{a} = \vec{0}$ (1)



Расми 9.

Лемма. *Агар ҳангоми гомотетияи марказаш O ва коэффисиенташ k секунҷаи OAB ба секунҷаи OA^1B^1 гузарад, он гоҳ $\overrightarrow{A^1B^1} = k\overrightarrow{AB}$ мешавад.*



Расми 10.

Исбот:

Аз рӯйи таърифи гомотетия $OA^1 = |k|OA, OB^1 = |k|OB$ (расми 10, а ва б), бинобар ин $\Delta OAB \sim OA^1B^1$. Аз ин ҷо бармеояд, ки

$A^1B^1 = |k|AB, A^1B^1 \parallel AB$.

Агар $k > 0$ бошад, нуқтаҳои B ва B^1 нисбат ба сарҳади OA дар як нимҳамворӣ воқеъ мешаванд, бинобар ин $\overrightarrow{A^1B^1} \uparrow\uparrow \overrightarrow{AB}$, яъне $\overrightarrow{A^1B^1} = k\overrightarrow{AB}$. Агар $k < 0$ бошад, он гоҳ нуқтаҳои B ва B^1 нисбат ба сарҳади OA дар нимҳамвориҳои гуногун ҷойгир мешаванд, бинобар ин $\overrightarrow{A^1B^1} \uparrow\downarrow \overrightarrow{AB}$, яъне $\overrightarrow{A^1B^1} = k\overrightarrow{AB}$.

Теорема. Барои дилхоҳ ададҳои α, β ва векторҳои $\vec{a}, \vec{b}$ баробариҳои зерин дурустанд:

1. $1 \cdot \vec{a} = \vec{a}$ ва $-1 \cdot \vec{a} = -\vec{a}$;
2. $\alpha(\beta\vec{a}) = (\alpha\beta)\vec{a}$;
3. $\alpha(\vec{a} + \vec{b}) = \alpha\vec{a} + \alpha\vec{b}$;
4. $(\alpha + \beta)\vec{a} = \alpha\vec{a} + \alpha\vec{b}$.

Исбот:

1. Баробарии (1) бевосита аз тарафи зарби вектор ба адад бармеояд. Агар яке аз ададҳои α, β ё яке аз векторҳои $\vec{a}$ ва $\vec{b}$ ба 0 баробар бошад, пас дурустии баробариҳои дигар ошкор аст. Бинобар ин дида баромадани ҳолатҳои $\alpha \neq 0, \beta \neq 0, \vec{a} \neq 0, \vec{b} \neq 0$ кифоя аст.

2. Бигузор $\vec{p} = \alpha(\beta\vec{a}), q = (\alpha\beta\vec{a})$. Аз рӯйи таърифи зарби вектор ба адад $|\vec{p}| = |\alpha|\,|\beta\vec{a}| = |\alpha|\,|p|\,|\vec{a}|, |\vec{q}| = |\alpha\beta|\,|\vec{a}| = |\alpha||\beta||\vec{a}|$. Аз ин ҷо натиҷа мебарояд, ки $|\vec{p}| = |\vec{q}|$. Исбот мекунем, ки $\vec{p} \uparrow\uparrow \vec{q}$. Ду ҳолат имкон дорад: $\alpha\beta > 0, \alpha\beta < 0$. Мавриди аввалро дида мебароем.

Азбаски $\vec{p} = \alpha(\beta\vec{a})$ ва α, β – дорои аломатҳои якхела мебошанд, пас векторҳои $\vec{p}$ ва $\vec{a}$ ҳамсамт мебошанд. Пас, векторҳои $q = (\alpha\beta)\vec{a}$ ва $\vec{a}$ низ ҳамсамт мебошанд. Ба ҳамин монанд исбот кардан мумкин аст, ки дар ҳолати $\alpha\beta < 0$ будан низ $\vec{p} \uparrow\uparrow \vec{q}$ мебошад. Баробарии $\vec{p} = \vec{q}$ – ро ба инобат гирифта, ба хулосае меоем, ки $\alpha(\beta\vec{a}) = (\alpha\beta)\vec{a}$.

3. Аз нуқтаи А вектори $\overrightarrow{AB} = \vec{a}$ ва аз нуқтаи B вектори $\overrightarrow{BC} = \vec{b}$ – ро ҷойгир мекунем. Аз рӯйи қоидаи ҷамъи секунҷагии векторҳо $\overrightarrow{AB} + \overrightarrow{BC} = \overrightarrow{AC}$, яъне $\overrightarrow{AC} = \vec{a} + \vec{b}$.

Гомотетияро бо коэффисиенти α ва марказаш нуқтаи О-и дар хатҳои рости AB, BC, AC воқеънабуда дида мебароем. Бигузор A^1, B^1, C^1 – образҳои нуқтаҳои A, B, C бошанд. Аз рӯйи леммаи дар мавзуъ овардашуда: $\overrightarrow{A^1B^1} = \alpha\overrightarrow{AB}, \overrightarrow{B^1C^1} = \alpha\overrightarrow{BC}, \overrightarrow{A^1C^1} = kA$ (ё $\overrightarrow{A^1B^1} = \alpha\vec{a}, \overrightarrow{B^1C^1} = \alpha\vec{b}, \overrightarrow{A^1C^1} = \alpha(\vec{a} + \vec{b})$.

Аз дигар тараф, аз рӯйи қоидаи секунҷа

$\overrightarrow{A^1C^1} = \overrightarrow{A^1B^1} + \overrightarrow{B^1C^1}$, яъне $\alpha(a + b) = \alpha\vec{a} + \alpha\vec{b}$.

4. Ду ҳолати имконпазирро дида мебароем:

а) $\alpha\beta > 0$, б) $\alpha\beta < 0$.

а) $\alpha\beta > 0$. Аз ягон нуқтаи A вектори $\overrightarrow{AB} = \vec{a}$ ва аз ягон нуқтаи B вектори $\overrightarrow{BC} = \vec{b}$ – ро ҷойгир мекунем (расми 12. а,б). Аз ин бармеояд, ки $AB = |\alpha||\vec{a}|, BC = |\beta\vec{a}|$ аст. Азбаски, $\alpha\beta > 0$ аст, пас $\overrightarrow{AB} \uparrow\uparrow \overrightarrow{BC}$, бинобар ин нуқтаи B дар байни нуқтаҳои A ва C воқеъ мешавад. Аз ин натиҷа мебарояд, ки $AC = AB + BC$ ё $AC = |\alpha||\vec{a}| + |\beta||\vec{a}|$. Аз дигар тараф, $|\alpha| + |\beta| = |\alpha + \beta|$. Ҳамин тавр,

$AC = |\alpha + \beta|\ |\vec{a}|$ (2)



Расми 11.

Векторҳои $\overrightarrow{AC}$ ва $\vec{a}$ дар мавриди $\alpha > 0, \beta > 0$ будан яъне ҳангоми $\alpha + \beta > 0$ будан самти якхела доранд (Расми 11, а) ва дар мавриди $\alpha < 0, \beta < 0$, яъне

$\alpha + \beta < 0$ будан самтҳои муқобил доранд (расми 11, б) [8, с.30-65].

Бинобар ин, бо баҳисобгирии баробарии (2) ҳосил мекунем: $\overrightarrow{AC} = (\alpha + \beta)\vec{a}$. Аз дигар тараф, $\overrightarrow{AC} = \overrightarrow{AB} + \overrightarrow{BC} = \alpha\vec{a} + \beta\vec{a}$.

б) $\alpha\beta < 0$. Агар $\alpha + \beta = 0$ бошад (яъне $\alpha = -\beta$), пас қисми чапи баробарии (4) вектори нулӣ мешавад. Дар ҳақиқат, $\alpha\vec{a} + \beta\vec{a} = \alpha\vec{a} + (-\alpha)\vec{a} = \alpha\vec{a} - \alpha\vec{a} = 0$.

Мавридеро муоина мекунем, ки $\alpha + \beta \neq 0$ бошад. Азбаски α ва β дорои аломатҳои гуногун мебошанд ё $-\alpha, (\alpha + \beta)$ ё $-\beta, (\alpha + \beta)$ дорои ҳамон як аломат мебошанд. Бигузор, масалан $-\alpha, (\alpha + \beta)$ дорои ҳамон як аломат бошанд. Пас, аз рӯйи исботи гузаронидашуда:

$(-\alpha)\vec{a} + (\alpha + \beta)\vec{a} = \big((-\alpha) + (\alpha + \beta)\big)\vec{a} = \beta\vec{a}$ ё

$(\alpha + \beta)\vec{a} = \alpha\vec{a} + \beta\vec{a}$.

Барои татбиқ ва омӯзиши векторҳо масъалаҳои зеринро ҳал менамоем.

Мисоли 1. Ибтидои векторҳо A, C ва M буда, интиҳои векторҳо нуқтаҳои B, D ва N мебошанд. Ин векторҳоро нависед.

Ҳал. Векторҳо дар намуди умумӣ ин тавр навишта мешаванд: $\overrightarrow{AB}, \overrightarrow{CD}, \overrightarrow{MN}$.

Мисоли 2. Параллелограмми $ABCD$ бо векторҳои $\overrightarrow{AB}, \overrightarrow{BC}, \overrightarrow{CD}, \overrightarrow{AD}$ сохта шудааст. Дар байни ин векторҳо векторҳои ҳамсамт, муқобилсамт ва баробарро нишон диҳед.

Ҳал.

Векторҳои $\overrightarrow{BC}$ ва $\overrightarrow{AD}$ векторҳои ҳамсамтанд.

Векторҳои $\overrightarrow{AB}$ ва $\overrightarrow{CD}$ векторҳои муқобилсамтанд.

Векторҳои $\overrightarrow{AB}$ ва $\overrightarrow{CD}$ векторҳои баробар мебошанд.

Векторҳои $\overrightarrow{BC}$ ва $\overrightarrow{AD}$ векторҳои баробаранд.

Мисоли 3. $A(-1; 5)$ ва $B(-1; -14)$ аст. Дарозии вектори $\overrightarrow{AB}$ – ро ёбед.

Ҳал. Дарозии векторро аз рӯйи формулаи зерин меёбем:

$|\overrightarrow{AB}| = \sqrt{(X_B - X_A)^2 + (Y_B - Y_A)^2}$;

$|\overrightarrow{AB}| = \sqrt{(-1 - (-1))^2 + (-14 - 5)^2} = \sqrt{(-19)^2} = \sqrt{361} = 19.$

Яъне дарозии вектори $|\overrightarrow{AB}| = 19$ мешавад.

Мисоли 3. Агар $\vec{a} = \overline{(4; 3)}, \vec{b} = \overline{(-2; -3)}, \vec{c} = \overline{(6; 2)}$ бошад:

$a)\ \vec{a} + \vec{b}$; $b)\ \vec{b} + \vec{c}$; $c)\ \vec{a} + \vec{b} + \vec{c}$;

Ҳал.

Дар асоси теорема суммаи векторҳои додашударо меёбем.

$a)\vec{a} + \vec{b} = \overline{(4; 3)} + \overline{(-2; -3)} = \overline{\big(4 + (-2)\big); (3 + (-3))} = \overline{(2; 0)}$;

$b)\ \vec{b} + \vec{c} = \overline{(-2; -3)} + \overline{(6; 2)} = \overline{(-2 + 6); (-3 + 2)} = \overline{(4; -1)}$;

$c)\ \vec{a} + \vec{b} + \vec{c} = \overline{(4; 3)} + \overline{(-2; -3)} + \overline{(6; 2)} =$

$= \overline{(4+(-2)+6);(3+(-3)+2)} = \overline{(8;2)}$.

Супоришҳои мустақилонарро барои донишҷӯён пешниҳод менамоем.

1. Агар $\vec{a} = \overline{(5;6)}, \vec{b} = \overline{(3;4)}$, бошад, $\vec{a} - \vec{b}$ – ро ёбед.

Ҷавоб: $\overline{(2;2)}$.

2. Агар λ ва $\vec{a}$ маълум бошанд, $\lambda \cdot \vec{a}$ ва $\lambda|\vec{a}|$ – ро ёбед:

a) $\lambda = 3, \vec{a} = \overline{(3,4)}$;

b) $\lambda = -5, \vec{a} = \overline{(6,8)}$;

Ҷавоб: 15; -50.

3. Агар $\vec{a} = \overline{(3;4)}$ ва $\vec{b} = \overline{(5;12)}$ бошад, вектори $5\vec{a} + 2\vec{b}$ – ро ёбед.

Ҷавоб: $\overline{(25;49)}$.

Адабиёт:

1. Александров, А.Д. Геометрия [Текс] / А.Д. Александров, Н.Ю. Нецветаев // М.: Наука. Гл. ред. физ. - мат. лит., 1990. – 672с.

2. Атанасян Л.С. Геометрия (част 1) [Текс] / Л.С. Атанасян, В.Т. Базылев // М.: Просвещение, 1986 – 336с.

3. Базылев В.Т. Сборник задач по геометрии [Текс] / В.Т. Базылев, К.И. Дуничев, В.П. Иваницкая, Г.Б. Кузнецова, В.М. Майоров, З.А.

4. Клетеник Д.В. Сборник задач по аналитической геометрии [Текс] / Д.В. Клетеник // М., 1975. – 240 с.

Гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ дар ҷараёни омӯзиши биология ва экология (маҳфилҳои фаннӣ, викторинаҳои биологию экологӣ, тарзи ҳаёти солим, шабнишиниҳо, шабҳои саволу ҷавоб, пайраҳаи экологӣ ва ғайраҳо), дар ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон нақши муҳим мебозанд. Инчунин, гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ боиси ташаккули дониш, маҳорату малакаҳои экологӣ, аз ҷумла, тарбияи маърифатӣ ва фарҳанги экологии хонандагон мегардад.

Масъалаҳои ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ дар таҳқиқоти як қатор олимони хориҷӣ, аз ҷумла: Афанасева З.Ф., Беляева В.С., Василева К.И., А.И. Никишов, Евдокимова Р.М., Трайтак Д.И. ва олимони ватанӣ: Мирзоев С.С. аз нигоҳи илмӣ, назариявӣ, методию амалӣ дар ҷараёни таълими биология ва экология тавсифу баррасӣ гардидаанд [5, с. 126].

Олимону методистони бахшҳои биологияю экология Н.М. Верзилин ва В.М. Корсунская машғулиятҳои беруназсинфиро бо таври зайл маънидод намуданд: «Машғулиятҳои беруназсинфӣ яке аз шаклҳои гуногуни ташкилу ҷалби ихтиёрии хонандагон таҳти роҳбарии муаллимон баҳри бедор ва ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, ҷанбаҳои тарбияи маърифатию фарҳанги экологии хонандагон, фаъолияти ҷустуҷӯю эҷодии онҳо ва билохир омӯзиши васеъ ва ворид намудани тағйирот оид ба мазмуну мундариҷаи сикли фанҳои зистшиносию табиатшиносӣ маҳсуб меёбанд» [6, с. 143].

Педагогҳои машҳури рус А.С. Макаренко ва В.А. Сухомлинский қайд менамоянд, ки машғулиятҳои беруназсинфӣ барои ноил гардидан бо мақсадҳои умумитаълимӣ бо назардошти ташаккули шавқу завқ, ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳангии хонандагон нигаронида шуданд.

Бо ақидаи С.С. Мирзоев хусусияти хоси машғулиятҳои беруназсинфӣ, аз он иборат аст, ки онҳо фаъолияти баланди маърифатӣ ва мустақилиятнокии хонандагонро ташаккул дода, омӯзиши васеъ ва гуногунсамти табиати зинда, олами ҳайвонот ва набототи маҳалу кишвари худро вобаста ба рушду инкишоф ва ташаккули шавқу завқ, ҳисси табиатдӯстӣ, баррасии ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагонро дар доираи барномаҳои таълими таъмину тарҳрезӣ менамоянд [9, с. 170].

Оид ба ташкилу гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ дар ҷараёни омӯзиши сикли фанҳои табиӣ С.В. Василева чунин навиштааст:

а) Ташкили ин намуди машғулиятҳо бояд боиси бедор сохтани шавқу завқи зиндаю воқеии хонандагон гардад;

б) Ин машғулиятҳо новобаста аз мундариҷа ва шаклҳояшон бояд аз дарсҳои муқаррарӣ фарқ кунанд;

в) Дар заминаи ин машғулиятҳо, бояд фаъолияти эҷодию мустақилонаи хонандагон тарҳрезӣ карда шавад;

г) Иштироки хонандагон дар ин қабил машғулиятҳо дар зери роҳбарии муаллимон бо ҷалби хонандагони фаъолу хуб ва аълохон гузаронида мешавад;

д) Машғулиятҳои беруназсинфӣ аз рӯйи имкониятҳою заминаи таълимии мактаб бояд боиси инкишофи ҳаматарафаи фаъолияти ҷустуҷӯию эҷодӣ ва ақлонию равонии хонандагон гардад [4, с. 17].

Бо истифода аз мушоҳидаҳо, таҳлили ақидаҳо ва таҳқиқоти олимон - методистони бахшҳои сикли фанҳои табиатшиносӣ: Н.М. Верзилин, В.М. Корсунская, Б.В. Всесвятский ва Б.Е. Райков мо дар таҳқиқоту озмоишҳои педагогии худ, роҳу усулҳо, методҳои ташкилу гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфиро аз сикли фанҳои табиатшиносӣ, баҳри баррасии масъалаҳои ҳифзи табиату бойигариҳои он, ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушду инкишофи ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон, корбасту тарҳрезӣ намудем.

Дар раванди омӯзишу таҳқиқи ин масъала ва гузаронидани озмоишҳои педагогӣ, мо дар байни муаллимони биология ва экологияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 5,18,19,32,37 ва 39 - и н. Фархор саволнома - анкета гузаронидем, ки дар ин пурсиш 130 нафар иштирок дошт. Дар анкетаҳо саволҳои зерин ворид карда шуданд; «Шумо дар ҷараёни таълим машғулиятҳои беруназсинфиро баррасӣ менамоед? Онҳоро номбар кунед».

Дар натиҷаи пурсишҳои шифоҳӣ маълум шуд, ки фақат 10%- и муаллимон машғулиятҳои беруназсинфиро аз фанҳои биологияю экология асосан дар шакли маҳфилҳои фаннӣ ташкил карда мегузаронанд.

Дар баробари гузаронидани анкета боз бо муаллимон суҳбатҳои шифоҳӣ гузаронидем, ки натиҷаҳо чунинанд, яъне 8% - онҳо иброз намуданд, ки истифодаи шаклҳои гуногуни машғулиятҳои беруназсинфӣ, боиси ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди маърифату фарҳанги экологии хонандагон мегардад. Ба ғайр аз ин 7%-и муаллимон қайд намуданд, ки дар байни шаклҳои дигари машғулиятҳои беруназсинфӣ, маҳфилҳои фаннӣ ҷой ва мақоми махсусро ишғол мекунанд. Ташкилу гузаронидани онҳо, аз сабаби кам будани маводи таълимӣ-методӣ бо забони тоҷикӣ, муҷаҳҳаз набудани кабинету озмоишгоҳҳо бо асбобу анҷомҳои аёнӣ, гербарияҳо, хӯсаҳои паррандагону хазандагон, воситаҳои техникии таълим боиси мушкилиҳои зиёд мегардад.

Баҳри омӯзиш ва дақиқан муайян кардани машғулиятҳои беруназсинфӣ, бахусус «маҳфилҳои фаннӣ», дар ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳангӣ экологии хонандагони синфҳои 5-9-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №5,18,19,32, 37 ва 39- и н. Фархор, дар доираи барномаҳои таълимии фанҳои «Ботаника» (синфҳои 5-6), «Зоология» (синфҳои 7-8), «Анатомия, физиология ва беҳдошти саломатӣ» (синфҳои 9) ва «Экология» (синфҳои 9) саволнома ва тестҳои тахассусӣ гузаронида шуд. Дар раванди анкетакунонӣ 260 нафар (хонандагони синфҳои 5-и деҳот ва ноҳия), 321 нафар (хонандагони синфҳои 6) 288 нафар (хонандагони синфҳои 7), 274 нафар (хонандагони синфҳои 8) ва 274 нафар (хонандагони синфҳои 9) иштирок доштанд. Миқдори умумии хонандагони дар мавриди озмоишҳои педагогӣ, яъне анкетакунонию пурсишҳои шифоҳӣ иштирокдошта 1367 нафар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №5,18,19,32,37 ва 39 –и н. Фархорро ташкил дод.

Дар рафти анкетакунонӣ чунин саволҳо интихоб ва истифода карда шуданд:

1. Маҳфилҳои биологию экологиро дар кадом шакл гузаронидан ба мақсад мувофиқ аст?

2. Аз гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ аз фанҳои биология ва экология чӣ гуна натиҷаҳоро интизор будан мумкин аст?

Баъди омӯзиш, муоина, таҳлили саволҳои дар анкетаҳо вориднамуда, тибқи ҷавобҳои хаттию шифоҳии хонандагон чунин натиҷабарорӣ ба қайд гирифта шуд: Барои хонандагони синфҳои 5-6 маҳфили «Ботаники ҷавон» шавқовар мебошад (45%-и хонандагонро фарогир шуд). Барои хонандагони синфҳои 7-8 маҳфили «Зоологҳои ҷавон» (50%), барои хонандагони синфҳои 9 «Физиологи ҷавон» (40%), барои хонандагони синфҳои 9 «Экологи ҷавон» (56%) –ро ташкил намуд.

Ҳамин тавр, дар раванди гузаронидани озмоишҳои педагогӣ бо тариқи анкетакунонӣ маълум гардид, ки 60%-и хонандагон гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфиро зарур мешуморанд.

Ҳамин тавр, аз натиҷаҳои ниҳоии анкетагузаронӣ маълум шуд, ки масъалаҳои ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии деҳот ва ноҳияи Фархор, аз ҷониби муаллимону методистони фанҳои биология ва экология чандон ҷавобгӯйи талаботи барномаҳои таълимӣ нест. Бахусус, омӯзгорон ҳам дар ҷараёни дарсҳо ва ҳам дар мавриди ташкилу гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ ба масъалаҳои ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон диққати ҷиддӣ намедиҳанд.

Ёдрас мешавем, ки ташкилу гузаронидани маҳфилҳои биологию экологӣ яке аз шаклҳои судманду бомароми машғулиятҳои беруназсинфӣ дар ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ ва маърифати экологии хонандагон маҳсуб меёбад.

Аз ин ҷост, ки дар таҳқиқоти илмӣ, назариявӣ, методию амалӣ ва рисолаҳои номзадию докторӣ ва дигар воситаҳои таълимию методии олимон: Боровская Л.А., Всесвятский Б.В., Мирзоев С.С., Михеев А.В., масъалаҳои ташкилу гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ, аз ҷумла маҳфилҳои фаннӣ, корбаст, тарҳрезӣ ва тавсифу баррасӣ гардиданд.

Б.В. Всесвятский қайд намудааст, ки ҷанбаҳои табиатдӯстӣ, ташаккули дониш, маҳорату малакаи экологии хонандагон, аз ҷумла, маърифату фарҳанги экологии онҳо, дар мавриди гузаронидани яке аз машғулиятҳои беруназсинфӣ (дар мисоли маҳфили «Табиатшиносони ҷавон»), аз рӯйи чунин принсипҳо муайян карда мешавад:

а) майлу рағбати самтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба дарки ҳодисаҳои гуногуни табиат;

б) алоқамандии ягонаи назария ва амалия дар интихоби мавзуъҳои маҳфилҳо;

в) баҳисобгирии алоқамандии самтҳои таҳқиқ бо меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ;

г) алоқаи умумӣ, бо омӯзиши фаслҳои барномавии сикли фанҳои табиатшиносӣ.

Ҳудуди истифодаи амалии номгӯйи мавзуъҳои нақшаҳои кории маҳфилҳои фаннӣ, аз ҷумла маҳфили «Табиатдӯстони ҷавон», ниҳоят фароху домандор буда, ба соҳаҳои кишоварзӣ, аз ҷумла; гулпарварӣ, пахтакорӣ, чорводорӣ, кабудизоркунии қитъаи таълимӣ-таҷрибавии мактаб, деҳа, ноҳия, шаҳр ва инчунин ҳифзу ғамхорӣ ба табиат ва солимии инсон алоқаи зич доранд [14, с. 140].

Барои муаллимону методистони касбии фанҳои биология ва экологияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, мо чунин нақша-чорабиниҳои маҳфилҳоро пешниҳод менамоем:

1. Оид ба кабудизоркунии қитъаи таълимӣ-таҷрибавии мактаб;

а) кабудизоркунии ҳудуди мактабҳо аз ҳисоби растаниҳои ҳамешасабз, сояафкану ороишӣ, интихоби дурусти растаниҳои хонагие, ки дар давоми сол гул мекунанд, нигоҳубини онҳо;

б) ташкили қитъаи таълимии мактаб бо мақсади гузаронидани таҷрибаҳо ва мушоҳидаҳо оид ба олами набототу ҳайвонот;

в) ташкил ва расонидани кумаки ҳамешагӣ оид ба таҷҳизонидани кабинети биология, бо гербарияҳо, коллексияи меваҳою тухмиҳо, коллексияи ҳашарот, хӯсаҳои паррандагону хазандагон, асбобу анҷомҳои таълимӣ, аз ҷумла васоити таълимӣ-методӣ ва ғайраҳо;

г) ташкили «Гӯшаи табиати зинда» ва нигоҳубини ҳамешагии растаниҳою ҳайвоноти дар қитъаи таълимӣ-таҷрибавӣ мавҷудбуда, инчунин гузаронидани таҷрибаҳо ва мушоҳидаҳо аз фанҳои ботаника, экология ва зоология.

2. Оид ба расонидани ёрии аввалин ва таъмини нигоҳдории ҳолати тандурустии инсон:

а) шиносонидани хонандагон ба роҳу усулҳои муайян кардани ифлосшавии ҳаво дар синфхонаҳо, кабинету озмоишгоҳҳо, инчунин паҳншавии микробу бактерияҳо дар ин иншоотҳо;

б) муайян кардани коэффитсиенти равшании ҷойи нишасти хонандагон;

в) муайян кардани ҳолати набзи хонандагон бо ёрии асбоби «Пулсотиметр» ё «Набзченкунак»;

г) муайян кардани ҳаракати нафаскашии хонандагон ҳангоми иҷрои машқҳои ҷисмонӣ ба воситаи «Спирометр»;

ғ) ҷамъоварӣ ва коркарди растаниҳои шифобахш ва витаминдори маҳалли худ [15, с. 34].

Вобаста ба пешниҳоди модели таҳқиқ оид ба «Ташаккули маърифати фарҳангӣ-экологии хонандагони синфҳои 5-9-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ», мо зарур шуморидем, ки дар мавриди гузаронидани маҳфилҳои фаннӣ, чунин талаботи педагогию методӣ ба инобат гирифта шавад:

1) Алоқамандии номгӯйи мавзуъҳои нақшавии маҳфилҳо, бо фаслҳои барномаҳои таълимии биология, экология. Тавассути кору фаъолияти маҳфилҳо ташаккули дониш, маҳорату малакаи дар ҷараёни дарсҳо азхудкарда, натиҷаи кори маҳфилҳо дар дарсҳои ҳамарӯза, машғулиятҳои беруназсинфӣ баррасӣ карда шуда, ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, маърифату фарҳангӣ экологии аъзои маҳфилҳо ва дигар хонандагон мегардад;

2) Яке аз роҳҳои ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, тақвиятбахшии ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон ин пурзӯр намудани самтҳои экологиякунонии ҷараёни таълими фанҳои умумибиологӣ, аз ҷумла, ҳифзу нигоҳдории мувозинати биологию экологии табиат ва аз таъсири омилҳои антропогенӣ ҳифз намудани табиати биҳиштосои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Бо мақсади ба муаллимони биология ва экология расонидани ёрии моддӣ, оид ба такмили тарҳрезии нақшаҳои тақвимӣ, нақшаҳои маҳфилҳои фаннӣ, мазмун, мақсад, вазифаҳо ва шаклҳои ташкили гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ, бахусус маҳфилҳои фаннӣ, аз ҷумла, воситаи таълимӣ-методии ба номи «Маҳфили натуралистони ҷавон», бо забони тоҷикии профессор С.С. Мирзоев (1993) - ро пешниҳод менамоем.

Дар ин маводи методӣ барои ёрии муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба ташкилу гузаронидани маҳфили «Табиатшиносони ҷавон» чунин тавсияҳои методӣ пешниҳод карда шудааст:

1). Барои муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии деҳот;

−ба нақшаи кории маҳфилҳои фаннӣ ворид намудани масъалаҳои бевосита ба соҳаҳои кишоварзӣ дахлдор;

−гузаронидани таҷрибаю мушоҳидаҳо дар объектҳои кишоварзӣ, аз ҷумла, дар қитъаи «Навсанҷӣ», парвариши пахта, зироатҳои ғалладонагӣ, боғу токпарварӣ, гулпарварӣ ва амсоли онҳо;

− шиносонидани хонандагон бо роҳу усулҳои мубориза бо ҳашароти зараррасони хоҷагиҳои кишоварзӣ;

−ҷоннок намудани кору фаъолияти аъзои маҳфилҳо бо даъвати «Посбони сабз»;

−ҳифзи табиати кишвари худ, деҳа ва минтақа;

−ҷамъоварии растаниҳои шифобахш, тухму меваҳои онҳо [1];

2) Барои омӯзиши муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳо:

−кабудизоркунӣ ва ободонии ҷамоат ва шаҳр;

−нигоҳубини ниҳолзорҳо ва дарахтон;

–нигоҳубини гулҳою растаниҳои ороишӣ ва парвариши онҳо;

–шинонидан ва нигоҳубини зироатҳои мевадиҳанда дар қитъаи таълимӣ-тачрибавии мактаб;

–интихоби растаниҳо-гулҳои хонагӣ ва нигоҳубини онҳо;

–гузаронидани тачрибаю мушоҳидаҳо бо растаниҳо ва ҳайвонҳои қитъаи таълимӣ-тачрибавии мактаб;

–бо асбобу анҷомҳои таълимӣ ва аёниятҳо (гербарияҳо, коллексияи ҳашаротҳо, таблитсаҳою банерҳо) тачҳизонидани кабинетҳои биология ва экология.

–расонидани ёрӣ ҷиҳати бавуҷуд овардани шароитҳои муътадили санитарию гигиенӣ дар мактаб [2, с. 48].

Ҳамаи тавсияҳои методии болозикр барои муаллимони деҳот, ноҳия ва шаҳр оид ба банақшагирии кори маҳфилҳои фаннӣ, боиси ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагони синфҳои 5-9- и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мегарданд.

Дар мавриди ҳалли проблемаҳои роҳу усулҳои ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ, ба омӯзгорону методистони сикли фанҳои табиатшиносӣ лозим аст, ки ба ҷанбаъҳои истифодаи шакл, метод ва ҳатто тачҳизоти таълимиро аз нигоҳи талаботи педагогию дидактикӣ тавсифу баррасӣ намоянд [13, с. 24].

Ҳамин тавр, омӯзиши роҳу усулҳо, шакл, методҳои таълим ва инчунин мақсад ва вазифаҳои ташкилу фаъолгардонии ҳисси табиатдӯстӣ, рушду ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон чи дар ҷараёни дарсҳо ва чӣ дар гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ аз фанҳои биология ва экология, бояд ба самтҳои донишомӯзӣ, маҳорату малака, инкишофи сифатҳои асосии шахсият (хотира, идрок, тафаккур ва ғайраҳо) ва ҳамзамон сафарбар намудани хоҳишу ирода ва ноил шудан ба мақсадҳои таълимию маърифатии онҳо алоқаманд карда шаванд.

Дар таҳқиқоти олимон-методистон: Райков Б.Е., Шукуров Т.А., Мирзоев С.С. дарҷ гардидааст, ки бо маром афзоиш додани шавқу завқ, ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон дар ҷараёни омӯзиши сикли фанҳои табиӣ, бахусус экология дар мачмуъ ба мундариҷаи барномаҳои таълимӣ, шакл, роҳу усулҳои гузаронидани маводи таълимӣ ва ба лаҳзаҳои ташкили фаъолияти табиатдӯстӣ ва рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии толибилмон аз тарафи муаллимон ва ҳамбастагию алоқамандии дарсҳои муқаррарӣ ба машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ вобаста мебошад.

Мо дар таҳқиқоту озмоишҳои педагогӣ масъалаи ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагони синфҳои 5-9-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ дар раванди таълими сикли фанҳои умумибиологӣ (ботаника, зоология, анатомия, физиология, беҳдошти саломатӣ ва экология) мавриди омӯзиш, таҳқиқ, корбасту тарҳрезӣ ва тавсифу баррасӣ қарор додаем.

Дар баробари ин ҳама аҳаммияти маводи кишваршиносӣ дар ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ аз фанҳои умумибиологӣ назаррас арзёбӣ мегардад.

Дар таҳқиқоти олимони хориҷӣ: И.П. Бескоровайнова, Г.А. Гришина, В.В. Дранишников, В.П. Иванов, С.Р. Лаптев, ва муҳаққиқони ватанӣ: Досаков М.М., Забиров Р., С.С. Мирзоев, А.Э. Эргашев дарҷ гардидааст, ки экологиякунонии мазмуну мундариҷаи сикли фанҳои зистшиносӣ, ба рушду инкишофи омӯзиши ҷанбаҳои маводи кишваршиносӣ алоқаманд мебошад, чунки омилҳои экологӣ дар алоқамандӣ бо маводи маҳал, яъне олами ҳайвонот ва набототи кишвар баррасӣ мегардад.

Истифодаи маводи кишваршиносӣ бо мақсади ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон дар ҷараёни омӯзиши сикли фанҳои

табиӣ (ботаника, зоология, экология) дар таҳқиқоти олимон, омӯзгорону методистони касбии дар боло зикргардида мавриди таҳқиқ қарор дода шуданд. Дар таҳқиқоти худ олимони болозикр зиёд дарҷ намуданд, ки омӯзиши олами ҳайвонот ва набототи маҳал дар дарсҳои биология, аз ҷумла, дар машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ, шавқу завқ, ҳисси табиатдӯстии хонандагонро ба табиат, ба Ватан, нигоҳубин, ҳифз ва ғамхории табиат бо маром ташаккул медиҳад [12, с. 86].

Адабиёт:

1. Афанасева З.Ф. Профессиональный интерес учашихся VII- VIII классов и основание пути их формирования во внекласной работе. Дисс... канд. пед. Наук / З.Ф. Афанасева. – Волгоград, 1986. – 175с.
2. Боровская Л.А. Экологическая направленность натуралистической экскурсии в условиях города / Боровская Л.А. // Начальная школа. – М. 1991, №8. 46-48 с.
3. Васильева К.И. Внеклассная и внешкольная работа по Зоологии. Дисс... канд. пед. Наук / К.И.Васильева. - М., 1948. – 317с.
4. Васильева С.В. Формирование природоохранных понятий: Дисс... канд. пед. Наук / С.В. Васильева. – Л., 1994. - С. 12- 17.
5. Всесвятский Б.В. Проблемы дидактики биологии. Пособие для учителей / Б.В. Всесвятский. – М.: Просвешение, 1969. – 239с.
6. Всесвятский Б.В. Системный подход в биологическому образованию в средней школе / Б.В. Всесвятский. – М.: Просвешение, 1985. – 143с.
7. Забиров Р.Ғ. Биосфера. (Дастури таълимӣ барои донишҷӯёни макотиби олӣ) / Р.Ғ. Забиров. – Душанбе, 2010. – 195 с.
8. Мирмуҳамадзода Р.М. Маърифати экологии хонандагони синфҳои 5 – 9 дар ҷараёни омӯзиши фани биология//Душанбе,2024 157 саҳ.
9. Мирзоев С.С. Асосҳои педагогии машғулиятҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ аз фанҳои зистшиносӣ / С.С.Мирзоев Душанбе: Ирфон, 2012. – 170с.
10. Мирзоев С.С. Афкори экологӣ ва ташаккули ҳисси табиатдӯстии хонандагон / С.С.Мирзоев. – Душанбе: Шарқи озод, 2006.- 140с.
11. Сухомлинский В.А. Об умственном воспитании / В.А. Сухомлинский // Составитель и автор вступительной статьи М.И.Мухин.
12. Сухомлинский В.А. Павлышевская средняя школа / В.А. Сухомлинский. – М.: Просвещение, 1979.
13. Шукуров Т.А. Педагогическая система игровых форм познавательной деятельности школьников. Дис. док. пед. наук / Т.А.Шукуров. – Душанбе, 1999.
14. Эргашев А. Экологияи умумӣ / А.Эргашев. – Душанбе, 2003- 140с.
15. Хафизова Л.М. Экологическое воспитание младших школьников / Л.М. Хафизова // Начальная школа. - М., 1989. - №3. - С. 33-34.

МАШҒУЛИЯТҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР ФАРҲАНГИ ЭКОЛОГИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ 5-6 ДАР ҶАРАЁНИ ОМӮЗИШИ СИКЛИ ФАНҲОИ ЗИСТШИНОСӢ

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санаду ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқиро марбут ба экология ва ҳифзи табиат қабул кардааст, ки ба рафъи воқеии мушкилот дар ин самт ва баланд бардоштани ҳисси масъулият ва маърифати шаҳрвандон барои ҳифзи табиат то як андоза мусоидат карда истодаанд.

Дар асоси имкониятҳои мавҷуда мо бояд пояҳои илмӣ, назариявӣ ва амалии фарҳангу маърифати экологии насли наврасро ташаккул дода, нақши мактаб ва маорифро дар ташаккулдиҳии маърифати экологии толибилмон ва ҷаҳонбинии илмии онҳо исбот намоем.

Истифодаи маводи кишваршиносӣ бо мақсади ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, рушди ҷанбаҳои маърифатию фарҳанги экологии хонандагон дар ҷараёни омӯзиши сикли фанҳои

табиӣ (ботаника, зоология, экология) дар таҳқиқоти олимон, омӯзгорону методистони касбии дар боло зикргардида, мавриди таҳқиқ қарор дода шуданд. Дар таҳқиқоти худ олимони болозикр зиёд дарҷ намуданд, ки омӯзиши олами ҳайвонот ва набототи маҳал дар дарсҳои биология, аз ҷумла, дар машғулиятҳои беруназсинфию беруназмактабӣ, шавқу завқ, ҳисси табиатдӯстии хонандагонро ба табиат, ба Ватан, нигоҳубин, ҳифз ва ғамхории табиат бо маром ташаккул медиҳад.

Истифодаи амалии номгӯйи мавзуъҳои нақшаҳои кории маҳфилҳои фаннӣ, аз ҷумла маҳфили «Табиатдӯстони ҷавон», ниҳоят фароху домандор буда, ба соҳаҳои кишоварзӣ, аз ҷумла; гулпарварӣ, пахтакорӣ, чорводорӣ, кабудизоркунии қитъаи таълимӣ-таҷрибавии мактаб, деҳа, ноҳия, шаҳр ва инчунин ҳифзу ғамхорӣ ба табиат ва солимии инсон алоқаи зич доранд.

Калидвожаҳо: фарҳанги экологӣ, маҳорату малака, дониши экологӣ, машғулиятҳои беруназсинфӣ, маърифати экологӣ, ҳаёти солим, шуури экологӣ, ҳисси табиатдӯстӣ, маҳфилҳои фаннӣ, табиатшиносони ҷавон.

ВНЕКЛАССНЫЕ ЗАНЯТИЯ И ИХ РОЛЬ В ФОРМИРОВАНИИ ЭКОЛОГИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ УЧАЩИХСЯ 5-6 КЛАССОВ В ПРОЦЕССЕ ИЗУЧЕНИЯ БИОЛОГИЧЕСКОГО ЦИКЛА

Правительство Республики Таджикистан приняло ряд нормативно-правовых актов и документов, касающихся экологии и охраны природы, которые в определенной степени способствуют реальному преодолению проблем в этом направлении и повышению чувства ответственности и осведомленности граждан за охрану природы.

Исходя из имеющихся возможностей, мы должны сформировать научные, теоретические и практические основы экологической культуры и образования подрастающего поколения, доказать роль школы и образования в формировании экологического образования учащихся и их научного мировоззрения.

Использование материалов по местной истории с целью формирования любви к природе, развития познавательно-экологических культурных аспектов учащихся в процессе изучения цикла естественных наук (ботаника, зоология, экология) изучалось в работах ученых, преподавателей и методистов. В своих исследованиях ученые неоднократно отмечали, что изучение местной фауны и флоры на уроках биологии, в том числе во внеклассной и внеучебной деятельности, формирует у учащихся интерес и вкус, чувство любви к природе, к Родине, а также желание сохранять, защищать и беречь природу.

Практическое применение списка тем в рабочих планах научных клубов, включая клуб «Юные любители природы», чрезвычайно широко и тесно связано с сельскохозяйственными секторами, включая цветоводство, хлопководство, животноводство, озеленение учебных и экспериментальных зон школ, деревень, районов, городов, а также охрану природы и здоровья человека.

Ключевые слова: экологическая культура, навыки и умения, экологические знания, внеклассные занятия, экологическое образование, здоровый образ жизни, экологическое сознание, чувство природы, предметные кружки, молодые естествоиспытатели.

EXTRACURRICULAR ACTIVITIES AND THEIR ROLE IN CULTURE ECOLOGY OF STUDENTS IN GRADES 5-6 IN THE EDUCATIONAL CYCLE CATEGORY: LIFE SCIENCES

The Government of the Republic of Tajikistan has adopted a number of regulatory legal acts and documents related to ecology and nature protection, which to a certain extent contribute to the real overcoming of problems in this area and increase the sense of responsibility and awareness of citizens for nature protection.

Based on the available opportunities, we must form the scientific, theoretical and practical foundations of environmental culture and education for the younger generation, and prove the role

of schools and education in shaping students' environmental education and their scientific worldview.

The use of local history materials to foster a love of nature and develop students' cognitive and ecological cultural aspects during the study of natural sciences (botany, zoology, ecology) has been studied in the works of the aforementioned scientists, teachers, and methodologists. In their research, the aforementioned scientists have repeatedly noted that the study of local fauna and flora in biology lessons, including through extracurricular and extracurricular activities, fosters students' interest and appreciation, a sense of love for nature and their homeland, and a desire to preserve, protect, and preserve nature.

The practical application of the list of topics in the work plans of science clubs, including the «Young Nature Lovers» club, is extremely broad and closely related to agricultural sectors, including floriculture, cotton growing, animal husbandry, landscaping of educational and experimental areas of schools, villages, districts, cities, as well as environmental protection and human health.

Keywords: ecological culture, skills and abilities, ecological knowledge, extracurricular activities, ecological education, healthy lifestyle, ecological consciousness, sense of nature, subject circles, young naturalists.

Маълумот дар бораи муаллиф: Мирмуҳамадзода Раъно Мирмуҳамад, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: +919-50-95-86.

Сведения об авторе: Мирмухамадзода Рано Мирмухамад, кандидат педагогических наук, доцент кафедры естественных наук Таджикского государственного университета финансов и экономики. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: +919-50-95-86.

Information about the author: Mirmuhamadzoda Rano Mirmuhamad, candidate of pedagogical sciences, associate professor of the department of natural sciences at the tajik state university of finance and economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street, 64/14. Telephone: +919-50-95-86.

Муқарриз: Мирзоева Б.И., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ:502+371+82-1(0,75)
М-93

ҶАНБАҲОИ ТАШАККУЛИ ҲИССИ ТАБИАТДӮСТӢ ВА ТАРБИЯЮ МАЪРИФАТИ ЭКОЛОГӢ ДАР АШЪОРИ МУТАФАККИРОНИ ТОҶИКУ ФОРС

Мухторзода М.М., н.и.п., дотсент, Латипов С.Ш., унвонҷӯй
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ

Ба ҷанбаҳои ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ ва тарбияю маърифати экологӣ, аз ҷумла, ҳифзи табиату сарватҳои он (об, ҳаво, замин, захираҳои зеризаминӣ - нафт, ангишт ва ғайраҳо), олами набототу ҳайвонот (фаунаю флора) дар маъхазу сарчашмаҳои аҳди қадими то исломӣ ва баъди исломӣ, бахусус, китоби муқаддаси зардуштӣ «Авесто», ривояту ҳикояҳо, пешгӯиҳою фарзияҳо маълумоти ибтидоӣ тавсифу баррасӣ гардидаанд. Аз омӯзишу таҳқиқи ин маъхазҳо бармеояд, ки пешгузаштагони авлоду аҷдодони аҳди қадими ҷомеаи инсонӣ ба масъалаҳои шиносоии кӯдакон ба унсурони табиат, яъне об, манбаю истифодаи он, ҳифзи табиат, тозаю озода нигоҳ доштани ҷои зист, нигоҳдории олами набототу ҳайвонот ва дар муносибат бо сарвату боигариҳои табиат саҳмгузорӣ намудаанд.

Рочеъ ба ин, гузаштагони мо дар аҳди қадим ба ҳифзу нигоҳдории бойигариҳои табиат, аз ҷумла об, растаниҳо, хок, замин, ҳайвонҳо, офтоб, моҳтоб, ситораҳо, ҳаво бо ҳисси масъулиятшиносӣ арҷгузорӣ намудаанд. Дар он замон дар замири одамони аҳди қадим оид ба табиат, ҳифзи боигариҳои он, пешгирии хеш аз офатҳои табиӣ, яъне оташ, обхезиҳо, боронҳои шадид, таҳдиди ҳайвонҳои ваҳшӣ ва шикори онҳо тасаввуроти оддию соддалавҳона пайдо карда буданд.

Олим, муҳаққиқ С.Акрамов оид ба ташаккулу инкишофи одамони ибтидоӣ чунин ибрози андеша намудааст: «Дар марҳалаи инкишофи ибтидоии худ одамон дар бораи табиату қонунҳои он, ҳодисаҳои табиату хатари онҳо, ҳифзи табиату сарватҳои он ва амсоли инҳо чандон маълумоти боэътимоду асоснок надоштанд….» [4, с. 7].

Дар ҳама давру замон, бахусус, дар давраи пайдоиши дини ислом дар байни одамону табиат робитаю муносибати муфидовар пайдо шуданд. Аз таҳлилу омӯзиши маъхазҳои аҳди қадим бармеояд, ки инсоният дар тули инкишофи таърихии худ (эволютсия) ба табиату унсурони он муносибати бошуурона намуда, дар ободу тоза нигоҳ доштани он ҳиссаи муносиб гузоштаанд.

Бо ақидаи С.Акрамов «Табиат ин хонаи дуюми мо ва модари умумибашарӣ маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, масъалаи ҳифзи табиат, ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ ва тарбияю маърифати экологӣ, яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини рушди ҷомеа мебошад, чунки боигариҳои табиат сарватҳои умумихалқӣ ба шумор мераванд» [5, с. 23].

Ба ақидаи олим ва муҳаққиқ Эргашев А. «табиат хонаи мо буда, инсон дар робитаю алоқамандӣ бо он, аз зебоию нафосати он завқу лаззат бурда, онро тараннуму навозиш менамояд. Аз ин рӯ, ҳолати тандурустӣ, дараҷаи корқобилӣ, фаъолияти илмию эҷодӣ, дарозумрӣ ва ҳаёти ҳамарӯзаю ҳамасолаи инсон дар маҷмуъ, бо табиату сарватҳои он тавъаму алоқаманд мебошад» [15, с. 56].

Мирзоев С.С., Мухторзода М.М. дар пажуҳишашон зикр кардаанд, ки «зебогии табиат, гуногуншаклию гуногунрангии олами набототу ҳайвонот, гулгаштҳо, поку тоза нигоҳ доштани маҳалу кишвари худ диққати хонандагону донишҷӯёнро ба худ ҷалб намуда, боиси ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ ва ҷустуҷӯии онҳо мегардад» [8, с. 31].

Таълиму тарбияи экологӣ ва ҳифзи табиат, яке аз масъалаҳои мубрами ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ ва одобу маърифати экологии хонандагону донишҷӯён ба шумор меравад.

Дар сарчашмаҳои илмӣ ва дигар маъхазҳо оварда шудааст, ки одам тавассути ғамхорию меҳрубонӣ ба табиат робитаи дутарафа пайдо мекунад. Аз ин ҷост, ки авлоду аҷдодони мо аз давраи қадим нисбат ба табиату ҳифзи сарватҳои он бетараф набуданд, баръакс онҳо боигариҳои табиатро (об, хок, замин, набототу ҳайвонот ва ғайраҳоро) истифода бурда, кӯдакону наврасонро дар руҳияи табиатдӯстӣ, зебопарастӣ, ҳифзу нигоҳдории унсурони муҳити беруна тарбия намуданд.

Мирзозода Х қайд кардааст, ки «авлоду аҷдоди аҳди қадим тозаю озода нигоҳ доштани ҷои зист ва табиатро яке аз рамзҳои маърифатнокӣ ва ҳифзу беҳдошти саломатӣ донистаанд, ки то ҳанӯз чун арзишҳои арзандаю нек эътироф карда мешаванд» [7, с. 189].

Ба ақидаи Ҳалимов А. «ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, тарбия ва маърифати экологии хонандагон яке аз ҷанбаҳои омӯзишу таҳқиқи табиату сарватҳои он ба шумор меравад» [14, с. 97]. Донишҳои экологӣ аҳаммияти илмӣ-ҷаҳонбинии байни инсону табиатро дошта, танҳо дар ҷараёни омӯзиши силсилаи фанҳои биология ва экология ташаккул меёбанд.

Гузашта аз ин, муҳайё намудани устувории иқтисодию молявии ҳар як кишвар, асосан, аз омӯзишу таҳқиқи масъалаҳои экологӣ, аз ҷумла, сарвату бойигариҳои табиат (обу манбаю захираҳои он, зироатҳои кишоварзӣ, бойигариҳои зеризаминӣ чун нафт, ангишт, газ, тилло ва ғайраҳо) ҳамчун манбаъ ва сарчашмаи ҳастӣ ва зисту зиндагонии инсон манша мегирад.

Мирзоев С.С., Мухторзода М.М. дар таҳқиқоташон қайд кардаанд, ки «инсоният дар табиат бахту саодати худ меҷӯяд ва пайдо мекунад. Мо ҳар қадар ба табиат дилбастагӣ

дошта бошем, онро ҳифз ва захираҳояшро афзун гардонем, саховати он нисбати мо хеле зиёд мегардад ва агар онро беист тахриб кунем, барои ин аз табиат ҷазо мебинем» [9, с. 3].

Ба ақидаи муаллифон сарфи назар, аз ободонии деҳаҳои дурдасти кӯҳистон, аҳолии мавзеъҳо бо сабаби ба дигар минтақаҳо куч бастану иқомати доимии хешро пеш гирифтан, боиси шикасти мувозинати биологию экологӣ, яъне батадриҷ камшавии олами растаниҳою ҳайвонҳо, аз ҷумла буридани бебозгашти дарахтон дар мавзеъҳои Сарихосор, Ховалинг, Балҷувон, Шурообод, Муъминобод, Саричашма, Варзобу Ромит, мамнуъгоҳи «Бешаи палангон» мегарданд, ки боиси ба биёбон мубаддалшавии ин маконҳо мегардад.

Аз омӯзишу таҳлили сарчашмаҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ҷанбаҳои ҳифзи табиат ва тарбияи экологӣ, алалхусус ҷамъбасти натиҷаҳои ниҳоии масъалаи ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, тарбия ва маърифати экологии кӯдакону ҷавонон дар осори мутафаккирони тоҷику форс, аз ҷумла сардафтари адабиёти классики тоҷик Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба тавсифу тасвири табиат, ҳифзу ғамхорӣ ба боигариҳои табиат, тозаю озода нигоҳ доштани муҳити зист, меҳнатдӯстӣ, ҳаёту ҳастии инсон бо таври мушаххас зикр гардиданд.

Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ашъори хеш пеш аз ҳама, ба масъалаи саломатии инсон, тафаккуру дониш ва тозаю озода нигоҳ доштану ҳифзи табиат диққати аввалиндараҷа додааст.

Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ашъори худ самти ҳаёти хушу хурсанд ва солими инсонро дар мисраъҳои зер бо таври зайл тавсир намудааст.

Чаҳор чиз мар озодаро зи ғам бихварад,
Тани дурусту хӯи неку номи неку хирад.

Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ашъору осори гаронбаҳои худ табиатро чунин васфу тараннум намудааст:

Омад баҳори хуррам бо рангу бӯйи тиб,
Бо сад ҳазор накҳату ороиши аҷиб.

Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар шеъру асарҳояш ивазшавии ҳодисаҳои табиатро ҳамчун ашёҳою воситаҳои ҳастию ҳаёт бо таври зайл ба қалам додаст:

Чархи бузургвор яке лашкар кашид,
Лашкар-ш абри тираву боди сабо нақиб.

Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ашъораш «табиатро ҳамчун манбаъ ва сарчашмаи ҷаҳонбинӣ, ҳаётдӯстӣ ва зебопарастӣ тавсиф намуда, иброз доштааст, ки ҳаёт бо табиати зинда зич алоқаманд мебошад» [1, с. 7].

Гули садбаргу мушку анбару себ,
Ёсамини сапеду муруди базеб.

Масъалаи тарбияи экологӣ ва ҳифзи табиату боигариҳои он дар шоҳасари Абулқосим Фирдавсӣ таҳти унвони «Шоҳнома» тавсиф гардида, муаллимонро ба омӯзишу таҳқиқи «ҷанбаҳои ташаккули ҳисси табиатдӯстию ғамхорӣ ба табиат, ватандӯстӣ ва ватандории наслҳои наврасу ҷавон ҳидоят намудааст» [3, с. 144].

Шоир дар «Шоҳнома» аҳолӣ, кӯдакон, шоҳону пешвоҳои халкро ба ҳифзу тоза нигоҳдории обу замин даъват намудааст.

Тарбияи экологӣ ва ҷанбаҳои ҳифзи табиат дар асари табиб ва мутафаккири тоҷик Абӯалӣ ибни Сино низ ба чашм мерасад, ки ӯ чунин овардааст: «Одам аз давраи таваллуд бо сарвату боигариҳои табиат, замин, ҳаво, об, хок, офтоб, моҳтоб, ситораҳо ва олами растаниҳою ҳайвонҳо рӯ ба рӯ мегардад» [2, с. 21].

Ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, тарбия ва маърифати экологӣ дар ашъори мутафаккири тоҷику форс Носири Хусрав низ тавсиф гардидааст.

Масъалаи ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, ҳифзи табиату бойигариҳои он, тарбияи экологӣ дар асарҳои Носири Хусрав дар бораи пайдоиши одаму олам, замин, кайҳон, канданиҳои табиӣ, тозаю озода нигоҳдории хона ва ҷои зист тавсиф шудааст.

Носири Хусрав дар асарҳояш қайд кардааст, ки одам ва бадани он аз хок бунёд ёфта, ҳамчун категорияи табиӣ, пайдоиши табиӣ ва моддӣ дорад.

Ба ақидаи Носири Хусрав омӯзиш, таълим ва тарбияи экологии инсон, аз ҷумла ҷавонон яке аз ҷанбаҳои боъэтимоди ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, ҷаҳонбинии илмӣ, ҳаёти маданию маърифатии онҳо ба шумор мераванд, ки дар дубайтии зер бо таври зайл ифода гардидаанд:

Тан ба ҷон зинда аст, ҷон зинда ба илм,
Дониш андар кони ҷонат гавҳар аст.

Мутафаккири бузурги тоҷику форс Н. Хусрав дар ашъори худ таъкид кардааст, ки дарку фаҳмидагирии табиату муҳити беруна, аз ҳифзу ғамхории табиату сарватҳои он, тозаю озода нигоҳ доштани ҷои зист оғоз меёбад.

Илова бар ин, Н. Хусрав дар асарҳояш таъкид кардааст, ки тарбиядиҳандагон дар ниҳоду замири хонандагон бояд ҳисси табиатдӯстӣ ва ҳифзи табиату бойигариҳои онро ташаккул диҳанд, зеро ғамхорӣ нисбат ба табиат асоси ҳаёту ҳастии гузашта, имрӯз ва фардои ҷомеаи инсонӣ ба шумор меравад.

Мутафаккири бузург Н. Хусрав дар асараш «Хон-ул-ихвон» масъалаи муносибати бомаърифати одамро ба муҳити беруна, растаниҳою ҳайвонҳо тавсиф намуда, чунин навиштааст: «Мавҷудияти растаниҳо асоси мавҷудияти ҳайвонҳо ва мавҷудияти ҳайвонҳо, боиси ҳаёти мавҷудоти гӯштхӯр, аммо ҳайвонҳо сабабҳои ҳаёту ҳастии одамон мебошанд» [10, с. 355].

Шоир дар асарҳои фалсафии худ қайд намудааст, ки «растаниҳо ва ҳайвонҳо дар таърихи ҳастии олам пеш аз пайдоиши одам» мавҷуд буданд. Аз ин тавзеҳоти ӯ бармеояд, ки олами наботот (флора) дар қиёс аз пайдоиши одам, ҳастии барвақтӣ доранд.

Масъалаи таълиму тарбияи экологӣ ва ҳифзи табиат дар асарҳои Умари Хайём ниҳоят бо таври ифоданок тавсиф шуда, мавсуф дар мисраъҳои шеърии худ иброз намудааст, ки «олами набототу ҳайвонот ва гардиши афлок пеш аз инсоният арзи вуҷуд доштааст» [12, с. 168]:

Пеш аз ману ту лайлу наҳоре будааст,
Гарданда фалак низ ба коре будаст.
Зинҳор қадам ба хок оҳиста ниҳӣ,
К-он мардумаки чашми нигоре будааст.

Ӯ дар яке аз рубоётҳои худ тозаю озода нигоҳдории табиату зебоӣ ва руҳафзоии онро ба биҳишти абадан вуҷуддошта қиёс карда, таъкид намудааст, ки инсоният бояд обро тоза нигоҳ дорад, чунки он ба оби Зам-зам, яъне оби Ҳаҷи Акбар баробаразриш мебошад. Ӯ одамонро ба ҳифзу нигоҳубини муҳити беруна, бахусус, тозагии ҷои зисту об чун оби биҳиштӣ-оби Ҳаҷи Акбар ҳидояту роҳнамоӣ намуда, масъалаи ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ ва маърифати экологии ҷавононро чунин тавсиф намудааст:

Чандон нигоҳ мекунӣ ҳар сӯе,
Аз сабза биҳиштесту зи Кавсар ҷӯе.
Саҳро чу биҳиште шуд, зи Кавсар кам гӯ,
Бинишин ба биҳишт бо биҳиштрӯе.

Мутафаккир, шоир ва файласуф Саъдии Шерозӣ бар ақидае буд, ки табиат ин хона ё ҷойи сукунати зиндагии одам мебошад ва таъкид намудааст, ки «табиату муҳити атроф бояд ҳамеша тозаю озода ва дилкашу фараҳбаш бошад ва сокинони он худро аз ҳодисаю офатҳои хатарноки табиӣ ҳифз намоянд» [11, с. 128-129].

Саъдии Шерозӣ дар шеърҳои худ фарорасию наздикшавии фасли баҳор, шукуфтани растаниҳо, накҳату фасонати табиат, боду ҳавои марғзоронро тавсиф намуда, одамонро ба тозаю озода нигоҳдорӣ ва ҳифзи табиат ҳидоят намудааст:

Чӣ ҳавоест, ки хулзаш ба тахассур биншаст,
Чӣ заминест, ки чархаш ба тавалло бархост?
Торам ахзар аз акси чаман ҳамро гашт,
Баски аз тарафи чаман лӯълӯи лоло бархост.

Шоири ғазалсарои тоҷику форс Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ дар ашъораш зебоии табиатро тараннум намуда, одамонро ба ҳифзу ғамхории сарвату бойгариҳои он ҳидоят карда, чунин ибрози ақида кардааст:

Бидеҳ соқи майи боқӣ, ки дар ҷаннат нахоҳӣ ёфт,
Канори оби Рукнободу гулгашти Мусаллоро.

Ҳофизи Шерозӣ дар осори худ хонандаро ба омӯзиши «ҳифзи табиату зебоии он даъват намуда, худи ӯ ҳам ба зебоию накҳат ва таровати табиат шавқу завқи бепоён дошта, табиатро ба «Боғи биҳиштӣ» ташбеҳ намудааст» [13, с. 247].

Роҷе ба ин, Ҳофизи Шерозӣ инсониятро ба ҳифз, ғамхорӣ ва дӯстдории табиат, яъне «Биҳишти рӯи заминӣ», аз ҷумла об, растаниҳо, гулҳои зебою накҳатбахш ва барои таровату ҳаловатовари табиат даъвату роҳнамоӣ намудааст.

Шоир дар ашъори худ аҳаммияти заминро ҳаматарафа тавсиф намуда, аз заминдорон хоҳиш намудааст, ки онро ҳифз кунанду барои талаботи моддию истеҳсолии худ истифода баранд. Аз ҷумла, ӯ чунин навиштааст:

Марзаи сабзи фалак дидаму доси нав,
Ёдам аз кишти хеш омаду ҳангоми дарав.

Шоири бузурги тоҷику форс Камоли Хуҷандӣ низ дар ашъори худ зебоии табиат, фарорасии баҳор, марғзорҳои сабзу рангоранг, хониши парандагонро тавсиф намуда, дар ин замина одамонро ба ҷанбаҳои ҳисси табиатдӯстӣ, ҳифзи табиату бойигариҳои он даъвату роҳнамоӣ намуда, бо таври зайл тараннум намудааст:

Бод гулрез бар сари гул жола чакид,
Об дар ҷуву зи пиромуни ҷу сабза дамид.
Гул зи рух пардаву наргис ба чаман чашм кушод,
Сарви шамшодқаду мурғи чаман нола кашид.

Бо ақидаи Камоли Хуҷандӣ табиат барои инсоният ҳамаи неъматҳои моддию ҳаётиро фароҳам овардааст, аз ин рӯ мебояд, ки мо онро чун гавҳараки чашм нигоҳ дорем.

Камоли Хуҷандӣ инсониятро ба ҳаёти хушу хуррам, тозагӣ ва ҳифзи табиату ҷойи зисту сукунат роҳнамоӣ намудааст.

Масъалаи ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, тарбия ва маърифати экологии ҷавонону калонсолон, аз ҷумла тараннуму гиромидоштӣ табиат, фаслҳои сол, боигариҳои ғаронбаҳои табиат (об, замин, ҳаво, растаниҳо, ҳайвонҳо ва ғайраҳо) дар шеъру асарҳои мутафаккир ва шоири бузурги тоҷику форс Абдураҳмони Ҷомӣ тавсиф гардидаанд.

Дар давру замони зиндагии Абдураҳмони Ҷомӣ омӯзишу баррасии масъалаи тарбияи экологӣ дар самти ниҳоят пасту номураттаб қарор дошт, аз ин рӯ шоирон, нависандагон ва дигар равшанфикрон, ба омӯзиши табиату ҳифзи он чандон имконот надоштанд, аммо бархе аз онҳо, аз ҷумла, А.Ҷомӣ «сирру асрор ва муаммоҳои табиат»- ро дар шеърҳои хеш тараннум кардаанд.

А. Ҷомӣ бо ҷиддият ба муқобили ғоратгарони табиату бойигариҳои он тавассути ашъори хеш мубориза мебурд. Аз ин ҷост, ки дар осори пурғановати А. Ҷомӣ, хонандаи хушзеҳну худогоҳ ба мафҳумҳои «Ҳаётдӯстӣ», «Дарки зебоии табиат», ки дар ашъори ӯ тараннум гардиданд, шинос мешавад:

Сабо ҷаъди бунафша тоб дода,
Гиреҳ аз турраи сунбул кушода.
Суман бо лолаву райҳон ҳамоғӯш,
Замин аз сабзаи тар парниёнпӯш.

Шоир ва нависандаи асри XVI Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар баъзе ақидаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва қасидаҳои худ дар васфи гулҳо, ҳисси табиатдӯстии инсонро ба баҳору манзараҳои табиат ташбеҳ додаст. Восифӣ дар қасидаҳои худ «лола», «наргис», «бунафша», «ғунча» ва «гулҳо» зебоии табиатро тараннум намуда, одамонро ба табиатдӯстӣ ва дӯст доштани табиати фусункор даъват намудааст» [6, с. 97-99].

Панду ҳикматҳо дар эҷодиёти Заиниддин Маҳмуди Восифӣ оид ба ҷанбаҳои таълиму маърифати экологию ҳифзи табиат тавсифшуда, боиси ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ ва нафосати зебопарасти (эстетикӣ)-и насли наврас мегарданд:

Дар ин чаман чу надид аз вафо лола,
Пиёларо наниҳад бар замин дигар лола.
Дар чаман дорад агар дидаи бино наргис?
Бар асо такя чаро карда чу ақмо наргис.
То тез кунад оташи гулро бунафша,
Гӯ гардсифат гашта падидор бунафша.
Шохи гул ҳамчун дарахти води Яман нашуд,
Дар чаман чун сохт зоҳир оташи рухсор гул.

Зайниддин Маҳмуди Восифӣ тибқи ақидаю назари худ, натанҳо аҳаммияти баҳору табиатро ҳамчун ҳирқи ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, тарбия ва маърифати экологии ҷавонон ба тавсиф додааст, балки дар зебоии гулҳо ва рушди тарбияи зебопарастӣ ва ҳифзу дӯстдории табиатро хеле ҳам бо завқу табъи баланд тараннум намудааст.

Тараннуми табиату зебоиҳои он, аз харобшавӣ эмин нигоҳ доштани он ва таълиму тарбияи экологию ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ дар ашъору осори мутафаккирон, шоирону нависандагони тоҷику форс, яке аз ҷанбаҳои марказии таҳқиқоти педагогӣ, психологӣ ва дидактикии натанҳо ниёгони мо, балки то кунун идомабахши ин ақидаи наҷиби инсонист.

Ҳамин тавр, равшанфикрони тоҷику форс чун Калими Кошонӣ, Толиби Омулӣ, Салими Теҳронӣ ва чанде дигарон дар асарҳои худ масъалаи дарку омӯзиши табиат, таъмини тозагии табиату муҳити зист, зебоии табиатро тавсифу тараннум намудаанд, ки дар ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, тарбия ва маърифати экологии хонандагон нақши муҳим мебозанд.

Аз ин рӯ, бо ақидаи муаллиф омӯзгорони банду қисматҳои силсилаи фанҳои биология, экология, ҷуғрофия ва дигар фанҳои ҷомеашиносию гуманитарӣ, панду андарзҳои пурғановати асарҳои мутафаккирони тоҷику форсро тавассути истифодаи методҳои гуногуни ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, тарбия ва маърифати экологии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, коллеҷҳои тиббию педагогӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамаҷониба истифода намоянд, ба тарбияи дурусти экологӣ заминагузор мегарданд.

Аз омӯзиш, таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои ниҳоии пурғановати ашъору осори шоирон, файласуфон ва мутафаккирони тоҷику форси давраи аҳди исломӣ маълум гардид, ки ин равшанфикрону табиатдӯстон масъалаи ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, тарбия ва маърифати экологӣ бо пуррагӣ маълумоти амиқу возеҳи илмию назариявӣ надода бошанд ҳам, аксари онҳо дар осори худ, аз ҷумла ашъори педагогиашон ҳифзу ғамхории табиату бойигариҳои он диққати ҷиддӣ додаанд. Аз ин рӯ, омӯзиши осори пурғановати ин қабил равшанфикрону равшанзамирони табиатдӯст дар ҷараёни омӯзиши силсилаи фанҳои биология ва экология, барои ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ ва одобу маърифати экологии хонандагону донишҷӯён аҳаммияти муҳим дорад.

Ҳамин тавр, омӯзишу таҳқиқи осори илмӣ, назариявӣ, адабию бадеӣ, фалсафӣ ва педагогии шоирон, адибону нависандагону мутафаккирони аҳди қадими исломӣ то кунун, боиси ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, тарбия ва маърифати таълимию эҷодии хонандагону донишҷӯён, масъалаи алоқамандии одам ва табиат, муҳити зист ва ҳастӣ, ҳифзу ғамхории табиату боигарию сарватҳои он ва ба «ҷаҳонбинӣ», «ҷаҳонфаҳмӣ»-и онҳо боис мегарданд, ки муаллифон бо таври зайл пешниҳод менамоянд:

1) Яке аз сифатҳои мақсадноки ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ ва одобу маърифати экологии хонандагон омӯзонидани дарки табиат, аз ҷумла муносибату рафтори бошууронаи инсон ба табиат ва сарватҳои он ба шумор меравад;

2) Дар замири хонандагон ташаккул додани маданияту маърифати табиатдӯстӣ оид ба масъалаи пайдоишу робитаи «одам-табиат», «осори табиати воқеъ» ва ғайраҳо;

3) Дар давраи асримиёнагӣ алоқамандии «одам-табиат» аз якчанд вариант иборат буд: якум роҳҳои алоқамандии одам бо табиат ҳамчун объекти омӯзиш ва дуюм фаҳмишу тасаввурот оид ба табиат ҳамчун бавуҷудоварандаи ҳолату ҳодисаҳои хатарнок, аз ҷумла заминҷунбӣ, обхезӣ, таркишу фаввора задани вулконҳою тӯфонҳо мавриди васфу нигориш қарор ёфта буданд;

4) Фаҳмиши экологӣ дар давраи исломӣ, муттасилан дар шакли муносибату алоқамандии «одам-табиат» тавсиф гардидаанд.

Ҳамин тавр, масъалаи экологӣ ва омӯзиши табиат дар осори мутафаккирони гузаштаи тоҷику форс то андозае дар сатҳи оддӣ тавсиф шудаанд, яъне онҳо гарчанде ки таълиму тарбияи экологиро дар шакли амиқу возеҳ баррасӣ накарда бошанд ҳам, ақидаҳою фарзияҳо, тасаввуроти ибтидою ривояту андарзҳояшон, мазмуну вазифаҳои шиносоӣ ва омӯзиши ҳодисаҳои табиату унсурҳои онро тавзеҳу таҳлил намуда, ҷомеаи инсониро ба ҳифзу ғамхории табиату бойигариҳои он, муҳити атроф даъвату ҳидоят намудаанд.

Илова бар он, мутафаккирони тоҷику форс дар осори пурғановати худ масъалаи зебоию фараҳбахшии табиат, замину осмон, офтобу ситораҳо, олами ҳайвонот, муносибати ғамхоронаи одамон ба табиат тозаю озода нигоҳдории об ва мубориза ба муқобили ғоратгарони табиат, (бераҳмона буридани дарахтон, сӯхтори ҷангалзорҳо, шикори ҳайвонҳои нодир) мавриди тасвир қарор ёфтаанд, ки то ҳол арзиши худро гум накардаанд ва яке аз масъалаҳои мубрами ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, тарбия ва одобу маърифати экологӣ ба шумор мераванд.

Хуллас, ашъору осори гаронбаҳои педагогӣ, фалсафӣ ва экологӣ, ақидаҳо, фарзияҳо, тасаввуроту маълумоти мутафаккирони тоҷику форс оид ба табиат, ҳифзи сарвату боигариҳои он, тозаю озода нигоҳ доштани об, ҳаво, хона, ҷойи зист, муҳити атроф ва амсоли инҳо дар тули ҳазорсолаҳо ба ақлу шуур, тафаккуру қалби равшанфикрон, аз ҷумла кӯдакону наврасон маъво гирифта боиси ташаккули ҳисси дӯстдории табиату бойигариҳои он муттасилан аз насл ба насл идома ёфта, то ҳол аҳаммият ва татбиқи амалии дастовардҳои ин қабил равшанзамирон дар ҷараёни таълиму тарбия ва маърифати экологии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, коллеҷҳои тиббию омӯзгорӣ ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нақш ва мақоми муҳим доранд.

Адабиёт:

1. А. Рӯдакӣ. Мунтахабот. Душанбе, Ирфон, 1987. - С. 7
2. Абуали ибни Сино. Осори мунтахаб, Душанбе. «Ирфон».- 1985
3. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷилди 9, с. 970-1005
4. Акрамов С.А. Методикаи таълими табиатшиносӣ. Душанбе, 1989
5. Акрамов С.А. Охрана природы и плодотворное использование природных ресурсов - основная социальная проблема. Душанбе, Дониш, 1984
6. Зайниддин Маҳмуди Восифӣ. Бадоеъ – ул вақоеъ. Мунтахаботи ҳикоёт. Душанбе 2006
7. Мирзозода Х. История таджикской литературы (с древних времён до XIII веков). –Душанбе, Маориф. Кит.1.-1987.-189 с.
8. Мирзоев С.С., Мухторзода М.М. Ҷанбаҳои тарбия ва маърифати экологии хонандагону лонишҷӯён. Душанбе, «Ирфон»: 2016, 64 с.
9. Н.Хусрав. Избранные и философские труды / Н. Хусрав [Текст]. - Душанбе: Нодир, 2001. - 303 с.
10. Саъдии Шерозӣ. Мунтахаби куллиёт. -Сталинобод. 1956
11. Умари Хайём. Четверостищие. Тошкент, 1970. – 168 с.
12. Ҳофизи Шерозӣ. Девон. Душанбе, «Адиб»: 2015, 480 с
13. Ҳалимов А. Экологическое воспитание учащихся начальных классов.-Куляб, Сада, 2003.- 111 с. (на тадж.яз).
14. Эргашев А. Экологияи умумӣ. Душанбе, 2012.-180 с.

ҶАНБАҲОИ ТАШАККУЛИ ҲИССИ ТАБИАТДӮСТӢ ВА ТАРБИЯЮ МАЪРИФАТИ ЭКОЛОГӢ ДАР АШЪОРИ МУТАФАККИРОНИ ТОҶИКУ ФОРС

Муаллифон бо истифода аз сарчашмаҳои илмӣ - назариявию амалӣ, аз ҷумла, олимону муҳаққиқон: А. Рӯдакӣ, А. Сино, А. Фирдавсӣ, Акрамов С.А., Эргашев А., Мирзоев

С.С. оид ба омӯзиши масъалаи ташаккули ҳисси табитдӯстӣ ва маърифату фарҳанги экологиро дар осору ашъори мутафаккирони тоҷику форс ва муносибати дилсӯзона, муҳаббат ба олами набототу ҳайвонот, обу хок, ҳавою табиати зебоманзар ва амсоли инҳо мавриди пажущиш царор доданд.

Омӯзиши ашъору афкори педагогии шоирон, файласуфон, нависандагон ва мутафаккирони тоҷику форс ҳар як омӯзгор, таҳқиқотчӣ ва олимону равшанфикронро ба таҳқиқу озмоиш ва баррасии масъалаи ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ, тарбия ва маърифати таълимию эҷодии хонандагону донишҷӯён роҳнамуд менамоянд. Дар охир муаллифон ҷомеаи инсониро ба ҳифзу ғамхории табиату боигариҳои он, муҳити атроф даъвату ҳидоят намудаанд.

Калидвожаҳо: муҳити зист, зебопарастӣ, биология, беҳдошт, флора, табиат, педагогика, фалсафа, ташаккул, тарбия, мушкилот, фарҳанг, таҳаввулот, муассиса, фарзия

АСПЕКТЫ ФОРМИРОВАНИЯ ЧУВСТВА ЛЮБВИ К ПРИРОДЕ, ЭКОЛОГИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ И ПРОСВЕЩЕНИЯ В ПОЭЗИИ ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКИХ МЫСЛИТЕЛЕЙ

Авторы, опираясь на научно-теоретические и практические источники, в частности на труды ученых и исследователей, таких как А. Рудаки, Абуали ибн Сино, А. Фирдоуси, С.А. Акрамов, А. Эргашев, С.С. Мирзоев, разработали и представили исследование по вопросу формирования чувства любви к природе и экологической культуры в наследии таджикско-персидских мыслителей. В работе рассматриваются вопросы бережного отношения, любви к растительному и животному миру, воде, земле, воздуху и живописной природе.

Изучение поэзии и педагогических взглядов таджикско-персидских поэтов, философов и писателей направляет каждого педагога, исследователя и представителя интеллигенции к изучению и анализу вопросов формирования: чувства любви к природе, экологического воспитания и образовательно-творческого просвещения учащихся и студентов. В заключение авторы призывают человеческое общество к защите, заботе о природе, её богатствах и окружающей среде.

Ключевые слова: окружающая среда, эстетизм, биология, гигиена, флора, природа, педагогика, философия, формирование, воспитание, проблемы, культура, эволюция, учреждение, гипотеза.

ASPECTS OF THE DEVELOPMENT OF A LOVE FOR NATURE, ECOLOGICAL EDUCATION, AND ENLIGHTENMENT IN THE POETRY OF TAJIK-PERSIAN THINKERS

The authors, drawing on scientific, theoretical, and practical sources, in particular the works of scholars and researchers such as A. Rudaki, Abu Ali ibn Sina, A. Firdausi, S.A. Akramov, A. Ergashev, and S.S. Mirzoev, developed and presented a study on the development of a love for nature and environmental culture in the legacy of Tajik-Persian thinkers. The work examines issues of caring for and love of flora and fauna, water, land, air, and beautiful nature.

Studying the poetry and pedagogical views of Tajik-Persian poets, philosophers, and writers encourages every educator, researcher, and intellectual to explore and analyze issues related to the development of a love of nature, environmental education, and the creative and educational enlightenment of students. In conclusion, the authors calls on human society to protect and care for nature, its resources, and the environment.

Keywords: environment, aesthetics, biology, hygiene, flora, nature, pedagogy, philosophy, development, education, problems, culture, evolution, institution, hypothesis.

Маълумот дар бораи муаллифон: Мухторзода Мумин Мухтор, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи биология ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии

Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 16. Телефон: 987 47 41 17

Латипов Сафаралӣ Шералиевич, унвонҷӯйи кафедраи биология ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 16. Телефон:988 36 51 21

Сведения об авторах: Мухторзода Мумин Мухтор, кандидат педагогических наук, доцент кафедры биологии и методики её преподавания Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. Телефон: 987 47 41 17

Латипов Сафарали Шералиевич, соискатель кафедры биологии и методики её преподавания Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. Телефон: 988 36 51 21.

Information about the authors: Mukhtorzoda Mumin Mukhtor, candidate of pedagogical sciences, associate professor of the department of biology and methods of its teaching, Kulob State University named after Abuabdullokhi Rudaki. Address: Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street, 16. Phone: 987 47 41 17

Latipov Safarali Sheralievich, applicant of the department of biology and methods of its teaching, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address**:** 735360, Republic of Tajikistan. Kulob city, Sangak Safarov street, 16. Tel**:** 988 36 51 21.

Муқарриз: Шарифзода О.П., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ: 378.4 + 577

ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИРИ ТАЪЛИМ ДАР ТАЙЁРИИ МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ БИОЛОГИЯ

Назаров Т.Х., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Омӯзиши касбии омӯзгорони оянда бояд ба рушди салоҳиятҳои калидӣ ва касбӣ, тафаккури педагогӣ ва қобилияти ҳалли масъалаҳои касбӣ дар вазъиятҳои ғайристандартӣ нигаронида шуда бошад. Технологияҳои инноватсионии таълим, ки барои рушди қобилиятҳои касбии омӯзгорони оянда нигаронида шудаанд, ба қадри кофӣ татбиқ нашудаанд.

Истилоҳи «технологияи таълим» бори аввал дар кишвари мо дар солҳои охир пайдо шуд. Мураккабӣ ва гуногунии технологияҳои педагогӣ таснифоти онҳоро мураккаб мегардонад, зеро технология мантиқи раванди таълимӣ аст, ки дар намудҳои гуногуни фаъолияти педагогӣ амалӣ карда мешавад. Маҳз таҳия ва омезиши усулҳо ва техникаҳои таълим самаранокии баланди раванди таълимро таъмин мекунанд. Технологияҳои педагогӣ барои ҳалли масъалаҳои дидактикӣ тавассути идоракунии раванди педагогӣ бо ҳадафҳои возеҳ муайяншуда, ки ноил шудан ба онҳо бояд тавсиф ва таърифи возеҳ баён карда шавад, равона карда шудаанд.

Технологияи таълимӣ соҳаи донишест, ки ба принсипҳои сохтан, татбиқ ва арзёбии тамоми раванди таълимӣ бо назардошти ҳадафҳои таълимӣ алоқаманд аст. Он ба натиҷаҳои таҳқиқоти равандҳои таълимии инсонӣ бо истифода аз захираҳои инсонӣ ва моддӣ асос ёфтааст. Ҳадафи технологияи таълимӣ баланд бардоштани самаранокии раванди таълим мебошад [1, с. 113].

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки технологияи педагогӣ маҷмуи вазифаҳои асосиро ифода мекунад, ки ҳангоми банақшагирӣ, ташкил ва татбиқи раванди таълим давра ба давра тағйир меёбанд.

Вазифаҳои технологияи таълимӣ ташхис, муқаррар кардани ҳадафҳо, иттилоот, пешгӯйӣ, тарҳрезӣ, қабули қарорҳо, ташкили татбиқ, муошират, назорат ва ислоҳро дар бар мегиранд, ки муқаррар кардани ҳадафҳо нақши пешбарро мебозад.

Хусусиятҳои умумии ин технологияҳо «самаранокии технологӣ, мутамарказ ба тарҳрезӣ ва истифодаи равандҳои самаранок ва самарабахш ва қобилияти пешниҳоди маҷмуи усулҳо барои тағйир додани ҳолати объект» мебошанд. «Хусусиятҳои мушаххас гуногунанд: ташхиси мақсаднок, самаранокӣ, алгоритмӣ, самаранокӣ, якпорчагӣ; «тарроҳӣ, мутобиқшавӣ, идорашавандагӣ, визуализатсия» ноил шудан ба ҳадафҳои муқарраршуда кафолат дода мешавад» [4, с. 61-62].

Тамоюлҳои муосир дар рушди маориф истифодаи васеи технологияҳои педагогиро нишон медиҳанд, ки имкон медиҳад қобилиятҳои эҷодӣ, азхудкунии усулҳои гуногуни маърифатӣ, инкишофи хоҳиши худомӯзӣ ва эҷодкорӣ ва афзоиши самаранокии раванди таълим афзоиш ёбанд. Яке аз хусусиятҳои муҳимтарини технологияи педагогӣ самаранокӣ аст.

Усулҳои таълим яке аз масъалаҳои муҳим ва мураккаб дар таълими биология ба щисоб меравад. Рушди усулҳои таълими биология аз усулҳои илм ва амалияи биологӣ, тамоюлҳо дар методология ва пешрафтҳо дар дидактика ва усулҳои биология сарчашма мегирад.

Усулҳои гуногуни таълими биология дар амалия инкишоф ёфтаанд. Аммо, гуногунии онҳоро мувофиқи хусусиятҳои муҳимтарини умумӣ гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

- манбаи ба даст овардани дониш;
- хусусияти фаъолияти омӯзгор;
- хусусияти фаъолияти донишҷӯ.

Ҳар як усули таълим бо истифода аз усулҳо амалӣ карда мешавад. Баъзе методистҳо онҳоро ҳамчун амалҳои алоҳидаи омӯзгор ва донишҷӯён, ки дар усулҳои гуногуни таълим истифода мешаванд, мешуморанд, дар ҳоле ки дигарон онҳоро унсури алоҳидаи усул мешуморанд, ки танҳо аз ҷониби як намуди амалиёти омӯзишӣ ва воситаи таълим муайян карда мешавад. Аксар вақт, усулҳои методологӣ ҳамчун унсурҳои усули мушаххас муайян карда мешаванд, ки амалҳои алоҳидаи омӯзгор ва донишҷӯёнро дар раванди таълим ифода мекунанд.

Имрӯз мавзуи технологияҳои инноватсионӣ ба таври васеъ омӯхта шудааст. Он дар корҳои омӯзгорон ва шахсиятҳои ҷамъиятӣ, аз қабили Ю.К. Бабанский, П.И. Третяков, Ш.А. Амонашвили, Е.Н. Илин, Н.П. Гузик, В.С. Библер ва С.Ю. Курганов ба таври васеъ инъикос ёфтааст. Усулҳои инноватсионии таълим дар усулҳои нави таълим, ки дар раванди таълим, дар татбиқи захираҳои иттилоотӣ, ки самаранокии таълимро баланд мебардоранд, таҷҳизоти намоишӣ, асбобҳо ва системаҳои таълимии махсус таҳияшуда ва ғайра истифода мешаванд, таҷассум ёфтаанд [2, с. 2].

Усулҳои таълим бо дарназардошти ҳадафҳои гуногун (тақвияти омӯзиш, фаъолсозии ҳама намудҳои хотира, ба назар гирифтани хусусиятҳои равонии донишҷӯён, беҳтар кардани азхудкунии мавод, беҳтар кардани муоширати омӯзгор ва шунаванда ва ғайра) таҳия карда мешаванд.

Дар айни замон, зиёда аз 300 таърифи истилоҳи «технология» мавҷуд аст. Биёед таърифҳои алоҳидаро таҳлил кунем. Ҳамин тариқ, В. Беспалко изҳор дошт, ки технологияи педагогӣ лоиҳаи як системаи мушаххаси педагогӣ аст, ки дар амал татбиқ мешавад [3, с. 25].

Г.К. Селевко технологияҳои педагогиро аз рӯйи параметрҳои зерин тавсиф кардааст: сатҳи татбиқ, асоси фалсафӣ, омили пешбари рушди зеҳнӣ, консепсияи илмии азхудкунии таҷриба, самтгирӣ ба сохторҳои шахсӣ, хусусияти мундариҷа ва технология, намуди ташкил ва идоракунии фаъолияти маърифатӣ, аз рӯйи омилҳои ташкилӣ, аз рӯйи

усули бартаридошта (бартарӣ), аз рӯйи самти навсозии системаи анъанавии мавҷуда, аз рӯйи категорияи донишҷӯён. Г.К. Селевко изҳор медорад, ки технологияи педагогӣ ҳамчун воситаи таълим (маҷмуи абзорҳо), усули иҷрои вазифаҳои таълимӣ (усули оптималии фаъолият), самти илмӣ (соҳаи дониш) ва ҳамчун мафҳуми бисёрченака (раванд) баррасӣ мешавад. Аз ҷумла, олим қайд мекунад, ки технологияи педагогӣ (таълимӣ) системаи фаъолияти ҳамаи ҷузъҳои раванди педагогӣ мебошад, ки дар асоси илмӣ сохта шудааст, дар замон ва фазо барномарезӣ шудааст ва ба натиҷаҳои мушаххас оварда мерасонад [8, с. 55]. Тибқи таърифи дигар, технологияи педагогӣ тарҳрезии қатъии илмӣ ва такрори дақиқ аст, ки муваффақияти амалҳои педагогиро кафолат медиҳад [10, с. 25].

Ҳадафи асосии омӯзиши проблемавӣ инкишоф додани фаъолияти маърифатӣ ва истиқлолияти эҷодии донишҷӯён мебошад. Ҳангоми татбиқи усули проблемавӣ ба донишҷӯён вазифаҳои маърифатӣ пешниҳод карда мешаванд, ки ҳалли ин вазифаҳо ба онҳо имкон медиҳад, ки донишро бо истифода аз усулҳои ҷустуҷӯйӣ фаъолона аз худ кунанд.

Таълими модулӣ технологияи таълимӣ аст, ки ба тақсим кардани мундариҷаи омӯзиш ба модулҳои алоҳида ва нисбатан мустақил асос ёфтааст. Модул як воҳиди сохтории омӯзиш аст, ки ҳадаф, мундариҷа, усулҳо ва шаклҳои омӯзиш, инчунин меъёрҳои арзёбиро дар бар мегирад. Омӯзиши модулӣ асосан барои таъмини равиши чандири омӯзишӣ, мутобиқ шудан ба ниёзҳои инфиродӣ ва сатҳҳои асосии омӯзишӣ нигаронида шудааст.

Омӯзиши рушди шахсият қобилиятҳои донишҷӯёнро тақвият медиҳад. Омӯзиши рушди шахсият ба имкониятҳои шахс дар раванди таълим мутамарказ мекунад ва донишҷӯёнро ба фаъолиятҳои гуногун ҷалб месозад.

Истифодаи омӯзиши тафриқавӣ шароити беҳтаринро барои муайян кардани майлҳои инфиродӣ фароҳам меорад ва имкон медиҳад, ки шавқу рағбат ва қобилиятҳои инфиродӣ инкишоф дода шаванд. Ин методология имкон медиҳад, ки маводи барномавӣ дар сатҳҳои гуногуни банақшагирифташуда азхуд карда шаванд ва усулҳои таълими инфиродӣ татбиқ карда шаванд [6, с. 8-9].

Таҳқиқ муайян кард, ки технология на танҳо як усули систематикӣ, балки воситаи сохтани раванди таълим, воситаи таълим ва усули хеле муассири амал мебошад. Технология сенарияи фаъолро барои барномасозӣ ва алгоритмкунонии омӯзиш фароҳам меорад. Ғайр аз ин, таҳлил нишон дод, ки мафҳумҳои «методология» ва «технология» якхела нестанд, аз ин рӯ иваз кардани яке бо дигаре нодуруст аст. Баъзе олимон технологияро шакли татбиқи методология мешуморанд, дар ҳоле ки дигарон боварӣ доранд, ки мафҳуми технология аз методология васеътар аст. Фарқи байни технология ва методология баҳсбарангез боқӣ мемонад. Технологияҳо бештар ба ҷузъҳои равандӣ, миқдорӣ ва ҳисоббарорӣ нигаронида шудаанд, дар ҳоле ки усулҳо ба ҷанбаҳои мақсаднок, мундариҷа, сифатӣ ва тағйирёбанда нигаронида шудаанд. Олим қайд мекунад, ки дар ин замина, устувории нишондиҳандаҳои раванди таълим бояд сифати хоси худи технология ҳисобида шавад [9, с. 173-177].

В. Загвязинский қайд мекунад, ки ҳам технологияҳо ва ҳам усулҳо бо системанокӣ тавсиф мешаванд (яъне онҳо бояд ба системаи принсипҳои аз ҷиҳати илмӣ мувофиқ асос ёбанд), аммо технологияи идеалӣ дорои системаи қатъии муайяни дастурҳо мебошад, ки кафолат дода мешавад, ки ба ҳадаф бирасад (масалан, системаи таълимии барномарезишуда), яъне асбобӣ. Ба гуфтаи олим, технологияи идеалӣ ва методологияи идеалӣ камёбанд ва аз ин рӯ, ҳама гуна системаи дидактикӣ (педагогӣ), вобаста ба сатҳи асбобии он, метавонад ба технология (сатҳи баланди асбобӣ) ё методология (сатҳи пасти асбобӣ) наздиктар бошад. Ба гуфтаи В. Загвязинский, воситаи технологияҳои таълимӣ маънои таҳия ва алгоритмизатсияи амалҳои мушаххасро дорад, ки аз муқаррар кардани ҳадафҳо сар карда, муайян кардани марҳилаҳо, қадамҳо ва амалиётеро, ки ба ҳадаф мерасонанд, дар бар мегирад. Маҳз ҳамин хосият такроршавандагии технология ва натиҷаҳои кафолатнокро таъмин мекунад [5, с. 58].

Таҳлили назариявии манбаъҳои илмӣ барои муайян кардани хусусиятҳои зерини технологияҳои таълимӣ замина фароҳам овард: консептуалӣ, системанокӣ, идорашавандагӣ, самаранокӣ, такроршавандагӣ, бозхонд ва ғайра. Дар адабиёти педагогӣ барои таснифи технологияҳо равишҳои гуногун мавҷуданд. Олимон хусусиятҳои гуногунро ба назар мегиранд: консепсияи фалсафӣ, сатҳи истифода, категорияҳо, донишҷӯён, афзалиятҳои таълим ва ғайра. Паҳнтаринаш таснифоти Г. Селевко мебошад. Ӯ зиёда аз чил технологияеро тавсиф кардааст, ки дар раванди таълими муосир истифода мешаванд. Олим хусусиятҳои муҳимтаринро ҳамчун асос барои муттаҳид кардани технологияҳо ба синфҳо гирифт: 1) сатҳи татбиқ; 2) асоси фалсафӣ; 3) равиши методологӣ; 4) омили пешбари рушди шахсият; 5) консепсияи (механизми) илмии интиқол ва азхудкунии таҷриба; 6) самтгирӣ ба соҳаҳо ва сохторҳои фардии шахс; 7) хусусияти мундариҷа ва сохтор; 8) намуди асосии фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ; 9) намуди идоракунии раванди таълимӣ [8, с. 223]. Баъзе олимон инчунин таснифҳоро дар асоси меъёрҳои зерин баррасӣ мекунанд:

– Аз рӯи сатҳи татбиқ: педагогии умумӣ; фанни мушаххас, соҳавӣ; маҳаллӣ, модулӣ ва методологии танг;

– Аз рӯйи асосҳои фалсафӣ: материализм, идеализм, диалектика, метафизика, сиентизм (илм), табиатшиносӣ, гуманизм, зиддигуманизм, антропософия, теософия, прагматизм, экзистенсиализм;

– Аз рӯйи омили пешбар дар рушди ҷисмонӣ: биогенӣ, сотсиогенӣ, психогенӣ, идеалистӣ;

– Аз рӯйи консепсияи ба даст овардан: ассотсиативӣ-рефлексивӣ, инкишофӣ, дохилӣ, рафторӣ, технологияҳои гешталт, суггестивӣ, нейролингвистӣ;

– аз рӯйи хусусияти мундариҷа ва сохтор: таълимӣ ва тарбиявӣ, дунявӣ ва динӣ, таълимии умумӣ ва касбӣ, гуманистӣ ва технократӣ, монотехнологияҳо, политехнологияҳо, технологияҳои воридшаванда;

– аз рӯйи шаклҳои ташкилӣ: синфхона-дарс, алтернативӣ, академӣ, клубӣ, инфиродӣ, гурӯҳӣ, усули таълими коллективӣ, омӯзиши тафриқавӣ;

– аз рӯйи муносибат ба кӯдак: авторитарӣ; дидактикӣ, иҷтимоӣ, антропо-педомарказӣ; шахсан нигаронидашуда; аз рӯйи усули бартаридошта: догматикӣ, репродуктивӣ; шарҳдиҳӣ-иллюстративӣ; омӯзиши рушдёбанда; мушкилотӣ, ҷустуҷӯӣ; эҷодӣ; омӯзиши барномарезишуда; муколамавӣ; бозӣ; омӯзиши худрушдкунанда; иттилоотӣ (компютерӣ);

– дар самти татбиқи системаи анъанавии мавҷуда: бар асоси инсондӯстӣ ва демократикунонии муносибатҳо; бар асоси фаъолсозӣ ва тақвияти фаъолияти кӯдакон; бар асоси самаранокии ташкил ва идоракунӣ; бар асоси азнавсозии методологӣ ва дидактикии мавод; алтернативӣ; технологияҳои куллии мактабҳои аслӣ;

- омӯзиши ба лоиҳа асосёфта;
- методологияи таҳқиқотӣ ва рушд (дар асоси вазифаҳо);
- омӯзиши ба меъёр асосёфта;
- моделсозӣ дар раванди таълим: усулҳои ғайрибозӣ; усулҳои бозӣ (бозиҳои нақшбозӣ, тиҷоратӣ, ташкилӣ-амалӣ ва маърифатӣ-дидактикӣ);
- технологияи иттилоотӣ дар таълим;
- омӯзиши ба мушкилот асосёфта;
- омӯзиши кашфиётӣ (эвристикӣ).

Таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳанд, ки маъмултарин технологияҳои омӯзиши бозӣ, омӯзиши проблемавӣ, омӯзиши модулӣ, омӯзиши ба донишҷӯ нигаронидашуда, омӯзиши лоиҳавӣ ва ғайра мебошанд. Технологияҳои омӯзиши контекстӣ, технологияҳои портфолио, омӯзиши эвристикӣ, омӯзиши меъёрӣ ва омӯзиши ба мавридӣ низ маъруфият пайдо мекунанд. Истилоҳи «технологияҳои инноватсионӣ» роҳҳои муассиртарин ва зудтарини ба даст овардани натиҷаҳоро дар сатҳи муайяни рушди ҷомеа дар назар дорад. Хусусиятҳои технологияҳои муосири омӯзишӣ тағйири хусусияти фаъолияти иштирокчиёни раванди

таълим ва тағйири афзалиятҳо аз интиқоли дониш ба фароҳам овардани шароит барои амалӣ кардани пурраи потенсиали шахсии донишҷӯёнро дар бар мегиранд.

Технологияҳои инноватсионӣ технологияҳое мебошанд, ки ба дониш, малака ва салоҳиятҳои нав такя мекунанд ва барои тарбияи мутахассисони босалоҳият ва рақобатпазир нигаронида шудаанд. Дар доираи таҳқиқ, дар байни омӯзгорони биология ва дигар фанҳои методологӣ дар донишгоҳҳои педагогӣ ва ғайрипедагогӣ, ки омӯзгорони ояндаи биологияро тайёр мекунанд, пурсиш гузаронида шуд. Дар маҷмуъ 123 омӯзгор аз панҷ донишгоҳ дар ин пажуҳиш иштирок карданд.

Бар асоси таҳлили посухҳои пурсиш, муайян карда шуд, ки омӯзгорони фанҳои методологӣ дар баробари усулҳо ва шаклҳои анъанавии таълим аз технологияҳои инноватсионӣ истифода мебаранд. Аз ҷумла, пурсидашудагон технологияҳои зеринро нишон медиҳанд: технологияҳои интерактивӣ (17,3%), технологияҳои мултимедиявӣ (44,6%), технологияҳои лоиҳавӣ, технологияҳои таълимии проблемавӣ (11,6%), технологияҳои бозӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (12,6%), тренингҳо, технологияҳои ба донишҷӯ нигаронидашуда (8,7%), технологияҳои омӯзиши гурӯҳӣ, технологияҳои рушди тафаккури интиқодӣ ва омӯзиши инфиродӣ, технологияҳои таълими фосилавӣ (5,2%). Методологҳои алоҳида инчунин технологияҳои зеринро номбар карданд: таҳқиқоти мавридӣ, квестҳои веб, технологияҳои таҳқиқотӣ, технологияҳои портфолио, омӯзиши самаранок, омӯзиши рушди модулӣ, технологияҳои ҳамгирошуда ва шабакавӣ, технологияҳои ҳифзи саломатӣ, технологияҳо барои рушди салоҳиятҳои касбӣ, технологияҳо барои рушди омӯзиш ва рушди шахсиятҳои эҷодӣ, технологияҳо барои омӯзиши коллективӣ, эҷоди вазъияти муваффақият, технологияҳо барои омӯзиш ҳамчун тадқиқ, технологияҳои ҳадафгузорӣ, технологияҳо барои истифодаи вазифаҳои эҷодӣ, семинарҳои педагогӣ ва ғайра. Аксари технологияҳои зерин инноватсионӣ буда, нав дар омӯзиши методологии омӯзгорони ояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ татбиқ мешаванд.

Масалан, лексияҳо дар мавзуи «Методҳои таълими биология» ва дигар курсҳо дар давраи методологӣ аз технологияҳои мултимедиявӣ, усулҳои ҳалли масъалаҳо, усулҳои интерактивӣ (масалан, ҳуҷуми ақлӣ), усулҳои рушди тафаккури интиқодӣ ва ғайра истифода мебаранд. Дарсҳои амалӣ мавзуъҳои махсусеро дар бар мегиранд, ки ба технологияҳои инноватсионии таълим бахшида шудаанд: «Технологияҳои инноватсионии таълим дар дарсҳои биология», «Усулҳои интерактивии таълим дар дарсҳои биология», «Технологияҳои таълими лоиҳавӣ». Дар давоми дарсҳо донишҷӯён бо ин технологияҳо шинос мешаванд, истифодаи онҳоро дар раванди таълим меомӯзанд ва бартариҳо ва нуқсонҳои ҳар як технологияро муайян мекунанд. Дар давоми дарсҳо донишҷӯён бо ин технологияҳо шинос мешаванд, истифодаи онҳоро дар раванди таълим меомӯзанд ва бартариҳо ва нуқсонҳои ҳар як технологияро муайян мекунанд. Дарсҳои амалӣ, ки технологияҳои интерактивиро истифода мебаранд, самаранок мебошанд. Масалан, нақшаи дарси амалӣ барои технологияи интерактивӣ метавонад инҳоро дар бар гирад:

1) фаъолиятҳои ҳавасмандкунандаи таълим (ҳикоя, муҳокима, баррасии вазъияти педагогӣ, намоиши воситаҳои аёнӣ ва ғайра);

2) муаррифии мавзуъ ва ҳадафҳои дарс;

3) муҳокимаи маводи назариявӣ оид ба мавзуи дарс;

4) қисми интерактивӣ — кор дар ҷуфтҳо, гурӯҳҳои хурд, таҳлили ақл, муҳокима ва ғайра;

5) ҷамъбаст ва арзёбии натиҷаҳо.

Дарсҳои лабораторӣ оид ба усулҳои таълими биология бо истифода аз технологияи омӯзиши контекстӣ гузаронида мешаванд, ки гузариши тадриҷии донишҷӯёнро аз фаъолиятҳои таълимӣ ба касбии худ бо тағйироти мувофиқ дар ниёзҳо ва ангезаҳо, вазифаҳо ва рафтор дар бар мегирад. Аз ин рӯ, фаъолиятҳои касбӣ барои омӯзгорони оянда дар давоми дарсҳо ташкил карда мешаванд: бозиҳои корӣ, моделсозии дарси биология,

инчунин таҳлил ва худтаҳлили фаъолиятҳо. Донишҷӯён нақши омӯзгорро эҳсос мекунанд ва фаъолиятҳои гуногуни омӯзгорро дар синфхона ва берун аз дарс тақлид мекунанд.

Бо ин равиш, омӯзгорони оянда иштирокчиёни баробарҳуқуқи раванди таълимӣ мешаванд. Онҳо на танҳо донишҳои мушаххаси методологӣ ба даст меоранд, балки малака ва қобилиятҳои амалиро низ инкишоф медиҳанд ва таҷрибаи касбӣ пайдо мекунанд.

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) дар омодасозии методологии омӯзгорони ояндаи биология муҳим аст. Омӯзгорони оянда презентатсияҳои мултимедиявии худро барои дарсҳои биология эҷод мекунанд. ТИК дар ҷустуҷӯйи маълумот дар бораи фанҳои методологӣ аз ҷониби донишҷӯён, эҷоди воситаҳои визуалӣ ва маводҳои дидактикӣ оид ба биология, арзёбии дониши методологии омӯзгорони оянда тавассути санҷиши компютерӣ ва ғайра нақши муҳим мебозад.

Таълими лоиҳавӣ дар омодагии методологии донишҷӯён нақши махсус дорад. Тавассути таълими лоиҳавӣ, омӯзгорони оянда имкон доранд, ки дарки куллии хусусиятҳои кори касбии худро инкишоф диҳанд. Маҳсулоти ниҳоии лоиҳаҳои усулҳои таълими биология метавонанд китобҳои корӣ чопшуда; барномаҳои таълимӣ барои курсҳои интихобӣ, интихобӣ ва маҳфилҳо; воситаҳои аёнӣӣ; бастаҳои муаррифии дарсҳо, воситаҳои таълимӣ, дастурҳои методологӣ ва ғайраро дар бар гиранд. Дар давоми таҷрибаомӯзии таълимии худ, донишҷӯён инчунин лоиҳаҳоро таҳия мекунанд, онҳоро месанҷанд ва дар шароити воқеии истеҳсолӣ муаррифӣ мекунанд, инчунин портфолиоҳои методологӣ таҳия мекунанд ва таҳқиқот мегузаронанд.

Хулоса, мушкилоти инкишофи шавқи маърифатии донишҷӯён як мушкили асосии психологӣ ва педагогӣ мебошад. Тасодуфӣ нест, ки таҳқиқоти сершумори омӯзгорон, равоншиносон ва методологҳо ба ин мавзуъ бахшида шудаанд. Аммо, хусусияти бисёрҷониба ва аҳаммияти ин мушкилот моро водор мекунад, ки пайваста ба омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни он ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли он баргардем. Дар байни технологияҳои таълимие, ки дар мақола зикр шудаанд, инҳо ҳамчун самараноктарин барои омӯзиши методологии омӯзгорони ояндаи биология муайян карда шуданд. Ин технологияҳо ба амалия нигаронида шудаанд ва ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки фаъолияти касбиро беҳтар дарк кунанд, қобилиятҳои таълимии худро муайян ва ба таври объективӣ арзёбӣ кунанд, салоҳиятҳои зарурии методологиро инкишоф диҳанд, ангезаи мусбатро барои касби ояндаи худ инкишоф диҳанд ва маҳсулоти методологии худро (дастурҳо, луғатҳо, нақшаҳои дарсӣ, флешкартаҳо, воситаҳои визуалӣ) эҷод кунанд. Дурнамои таҳқиқоти минбаъда метавонад таҳияи системаи омӯзиши методологӣ барои омӯзгорони ояндаи биологияро дар асоси технологияҳои инноватсионии таълим дар бар гирад.

Адабиёт:

1. Алексеев Н.А. Таълими ба шахс нигаронидашуда дар мактаб / Н.А. Алексеев. - Ростов н /Д.: Феникс, 2006.-- 137 саҳ.

2. Алиев, Б. (2015). Таҳқиқоти педагогӣ ва методологӣ дар соҳаи таълими биология. Душанбе: Ҷумҳурият.

3. Беспалко В.П. Ҷузъҳои технологияи педагогӣ / В.П. Беспалко. - Москва: Педагогика, 1989.- 192 саҳ.

4. Губарева Л.И. Кори мустақилона ҳамчун асос барои ташаккул ва рушди истиқлолияти маърифатии донишҷӯён / Л.И. Губарева // Маориф ва ҷомеа. – 2004. – №2. – С. 61–62.

5. Загвязинский В.И. Назарияи омӯзиш: Тафсири муосир: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ / В.И. Загвязинский. – Москва: Академия, 2001. – 192 саҳ.

6. Раҷабов, Х. А. Такмили омодагии касбии донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ дар раванди амалияи таълимӣ: Хулосаи рисолаи номзади илмҳои педагогӣ: [Матн] / Ҳ. А. Раҷабов. – Душанбе, 2007. – Саҳ. 8-9.

7. Саидов М. Экология. Китоби дарси барои донишҷӯёни факултетҳои

ғайриихтисосии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ: Воситаи таълимӣ [Матн] / М. Саидов – Душанбе: ТоРус, 2018 – 272 с.

8. Селевко Г.К. Энсиклопедияи технологияҳои таълимӣ / Г.К. Селевко. – дар 2 ҷилд. Ҷилди 1. – Москва: Народное образования, 2005. – 556 саҳ.

9. Сисоева С.А. Саломатии равонӣ ҳамчун мушкилоти илм ва амалияи акмеологии равонӣ / С.А. Сисоева // Бюллетени Донишгоҳи Тамбов. Силсила: Гуманитарӣ. - 2008. - № 12 (68) - С. 173-177.

10. Назаров Т.Х. Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорони ояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии тоҷикистон. Дис. … номзадӣ илмҳои педагогӣ [Текст] / Т.Х. Назаров – Кулоб, 2022.

ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИРИ ТАЪЛИМ ДАР ТАЙЁРИИ МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ БИОЛОГИЯ

Дар ин мақола таваҷҷуҳи асосӣ ба истифодаи технологияи муосир дар раванди тайёрии методологии омӯзгорони ояндаи соҳаи биология дода шудааст. Дар он мавқеи технологияҳои таълим баррасӣ мешаванд. Таҷрибаҳо, таҳлилҳо ва натиҷаҳои омӯзиши субъектҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи технологияҳои нав метавонад сифати таҳсилро баланд бардорад, мақсаднокии омӯзишро афзун намояд ва камбудиҳои мавҷудаи тартиботи таълимиро бартараф созад. Нақшаи асосии мақола таҷдид ва такмил додани методологияҳои омӯзгорӣ бо истифода аз технологияҳои замонавӣ тавассути таҳқиқоти амалӣ ва таҷрибаҳо дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон мебошад.

Бо такя ба таҳлилҳои мутахассисон ва таҷрибаи ҷаҳонӣ, дарк мекунем, ки дар замони муосир истифодаи чунин технологияҳо барои такмили малака ва таҷрибаи омӯзгорони оянда аҳаммияти зиёд дорад. Инчунин, мо муҳтавои омӯзишӣ ва воситаҳои технологиро баррасӣ кардем, ки дорои нақши муҳим дар ҷорӣ кардани интерактивӣ ва баланд бардоштани шаъну эътибори фанни биология дар дарсҳо мебошанд.

Калидвожаҳо: технологияҳои муосир, таълими биология, тайёрии методологӣ, омӯзгорони оянда, инноватсия дар таълим, таҳсилоти интерактивӣ, педагогикаи нав, технологияҳои таълимӣ

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СОВРЕМЕННЫХ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В МЕТОДИЧЕСКОЙ ПОДГОТОВКЕ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ БИОЛОГИИ

Данная статья посвящена использованию современных технологий в методической подготовке будущих учителей биологии. В ней рассматривается роль образовательных технологий. Эксперименты, анализы и результаты предметных исследований показывают, что использование новых технологий может повысить качество образования, усилить целостность обучения и устранить существующие недостатки в системе образования. Главная цель статьи – обновление и совершенствование методик преподавания с использованием современных технологий посредством практических исследований и экспериментов в образовательных учреждениях Таджикистана.

На основе анализа экспертов и мирового опыта мы пришли к выводу, что в современную эпоху использование подобных технологий имеет большое значение для повышения квалификации и опыта будущих учителей. Мы также учли образовательный контент и технологические инструменты, играющие важную роль в обеспечении интерактивности и повышении престижа биологии на уроках.

Ключевые слова: современные технологии, преподавание биологии, методическая подготовка, будущие учителя, инновации в образовании, интерактивное образование, новая педагогика, образовательные технологии

THE USE OF MODERN EDUCATIONAL TECHNOLOGIES IN THE METHODOLOGICAL TRAINING OF FUTURE BIOLOGY TEACHERS.

This article focuses on the use of modern technologies in the methodological training of future biology teachers. It examines the role of educational technologies. Experiments, analyses, and case studies demonstrate that the use of new technologies can improve the quality of education, enhance the integrity of learning, and address existing shortcomings in the education system. The primary goal of the article is to update and improve teaching methods using modern technologies through practical research and experiments in educational institutions in Tajikistan.

Based on expert analysis and global experience, we concluded that in the modern era, the use of such technologies is essential for enhancing the qualifications and experience of future teachers. We also considered the educational content and technological tools that play a vital role in ensuring interactivity and enhancing the prestige of biology in the classroom.

Key words: modern technologies, teaching biology, methodological training, future teachers, innovations in education, interactive education, new pedagogy, educational technologies

Маълумот дар бораи муаллиф: Назаров Тоҳирҷон Холмуминович, номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи биологияи умумии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Кайҳонавардон, 54. Телефон: (+992) 883-88-98-89. Почтаи электронӣ: tntbokhtar@mail.ru

Сведения об авторе: Назаров Тохирджон Холмуминович, кандидат педагогических наук, заведующий кафедрой общей биологии Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Адрес**:** 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица Кайхонавардон, 54. Телефон**:** (+992) 883-88-98-89. Электронная почта**:** tntbokhtar@mail.ru

Information about the author: Nazarov Tohirjon Kholmuminovich, candidate of pedagogical sciences, head of the general biology department at Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Address**:** 735140, Republic of Tajikistan. Bokhtar city, Kaikhonavardon St. 54, Phone**:** (+992) 883-88-98-89 E-mail**:** tntbokhtar@mail.ru

Муқарриз: Расулзода С.П., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав

ТДУ: 37+370+378 (575.3)
Ҳ-25

ТАШКИЛИ МУҲИТИ САМАРАНОКИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ДАР ТАРБИЯИ ҲАРБӢ-ВАТАНДӮСТИИ ХОНАНДАГОН

Абдуллоҷони Ҳ., н.и.п., муаллими калон
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ.

Тарбияи ҷавонони воқеан ҳам ватандӯст, инсонпарвар, эҷодкору ободкор, соҳиби одобу ахлоқи баланд, соҳибони аслии осори адабию фарҳангии гузаштагонамон ба самтҳои афзалиятноки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил гардидааст. Вобаста ба ин, мақоми фанни «Тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ» дар амалӣ шудани ин нақшаҳои тақдирсоз аз ҷониби Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хубӣ дарк шуда, такмилу таҳкими минбаъдаи фаъолияти ин фанҳо аз ҷониби ҳукумати мамлакат дастгирӣ меёбад. Аз ин ҷост, ки ба мушкилоти мавҷуда нигоҳ накарда, солҳои охир ба ин фанҳо дар сатҳи давлатӣ аҳаммияти зиёд дода мешавад.

Баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи маориф яке аз соҳаҳои афзалиятнок эълон гардида, он аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун омили муҳимтарини наҷоти миллат ва таҳкими давлат арзёбӣ шудааст. Ҷиҳати амалисозии дастуру супоришҳои Роҳбарияти олии мамлакат ҳама

вазорату идораҳои дахлдор чораҳои амалӣ андешида истодаанд. Дар робита бо ин фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.10.2024, №2265 «Дар бораи тарбияи худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ, шаъну шарафи шаҳрвандии хонандагону донишҷӯён, пешгирии зуҳуроти бегонашавӣ ва бегонапарастӣ, гароиш ба ташкилоту созмонҳои ифротгаро ва тақлидкунандаи таассуби динӣ» бо мақсади балад бардоштани сатҳи маънавиёт, худшиносӣ ва тарбияи ватандӯстии хонандагон, шинос намудани онҳо бо фарҳанги тамаддунпарвари ниёгон, ба имзо расид. Барои иҷрои ин фармоиш омӯзиши осорхонаҳои таърихию фарҳангӣ аҳаммияти зиёд доранд [13, с. 316].

Ҳамзамон, қабул ва амалишавии «Барномаи давлатии тарбияи насли наврас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2017», ки аз 1–уми августи соли 2012, №382 ба тасвиб расидааст, ба масъалаи баланд бардоштани тарбияи ватандӯстию хештаншиносии насли наврас, тарғибу ташвиқи одоби муошират, риояи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ва дар руҳияи ҷавонмардиву ахлоқи ҳамида ба воя расонидани хонандагону донишҷӯён, эҳтиром нисбат ба арзишҳои миллӣ, аз ҷумла, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бунёди заминаҳои илмӣ ва тайёр намудани мутахассисони соҳавӣ, рушди саломатӣ, ҷилавгирӣ аз ҳодисаю рафторҳои номатлуб таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида буд, ки ин баҳри бартарафсозии мушкилоти мавҷуда асоси воқеӣ гузошт.

Қобили қайд аст, ки тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар қатори ташвиқу тарғиби тарзи ҳаёти солим, ҳамзамон воситаи беҳтарин таҳкими сулҳу дӯстӣ миёни варзишгарон ва тамоми инсонҳои рӯйи замин мебошад.

Дар мавриди таҳқиқи мазкур олимони машҳури ватанию хориҷӣ: Абдулатипов С.М., Арутюнян С.М., Громова М.Н., Дашкемиров А.Ф., Ладигина О.В., Джунусов И.С., Олейник Л.Д., Турсунов Ф.А., Абдулхонов-Славская Б.Г., Ананев Б.Г., Бодалев А.А., Виготский А.В., Божович А.И., Кон И.С., Мерлин В.С., Рубинщтейн Л.И., Саприкин А.Г., Борисова С.В., Митина Л.М., Баклаков К.В. асарҳои зиёде таҳия кардаанд, дар масъалаи ташаккули худшиносии миллӣ дар таърихи афкори ҷамъиятӣ саҳми олимон: Евдокимов П.Т., Дробижева Л.М., Иванова А.А., Прокошенкова Л.П. ва ғайра қобили қайд мебошад. Вале дар мавриди бештар саҳми бештари донишмандон: Абдулатипов С.М., Арутюнян С.М., Громова М.Н., Дашкемиров А.Ф., Ладигина О.В., Джунусов И.С., Олейник Л.Д. ва дигарон хеле назаррас буд.

Бояд фаъолияти МТМУ тарзе ба роҳ монда шавад, ки чун дигар фанҳои табиию риёзӣ, дақиқ, филологӣ ва ҷомеашиносӣ барои таълими фанни тарбияи ҷисмонӣ низ шароити мусоид ташкил карда шавад. Яъне ин фанро ба гурӯҳи фанҳои ба истилоҳ дуюмдараҷа ворид набояд кард. Вобаста ба ин масъала дар баробари ба таълим нигаронида шудан, ҳадафи таҳсилоти тарбияи ҷисмонӣ низ рушд дода мешавад. Бо назардошти ин муаллими фанни тарбияи ҷисмонии муассисаҳои таълимӣ бояд ҳангоми таҳсил дар МТОК дар сатҳи баланди тахассусӣ омода карда шаванд.

Бо мақсади муайянсозии шароити ташкили таълими тарбияи ҷисмонӣ ва сатҳи тахассусии омӯзгорон, мо миёни омӯзгорони фанни ТҶ ва ОДҲ-и МТМУ-т вилояти Хатлон пурсишнома гузаронидем (Ҷадвали 1).

Ҷадвали 1.

Натиҷаи пурсишнома миёни омӯзгорон вобаста ба саволи «Шумо чи тавр ихтисоси тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбиро интихоб намудед?»

№	Саволу ҷавоб	Шаҳри Кӯлоб	Ноҳияи Восеъ	Ноҳияи Муъминобод
1	Бо хоҳиши худам	56%	50%	48%
2	Бо тавсияи падару модарам	13%	20%	22%
3	Бо маслиҳати муаллимони ТҶ ва варзиш	15%	13%	14%
4	Бо маслиҳати ёру дӯстон ва ҳамсабақон	10%	9%	13%
5	Таваккал кардам	6%	8%	3%
	Ҷамъ:	**100%**	**100%**	**100%**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш чораҳои зарурӣ андешида истодааст. Дар доираи татбиқи барномаву қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зерин ба анҷом расидаанд ва боз ҳам таҷдиди назарро талаб менамоянд:

- Танҳо дар 10 соли охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 3500 иншооти гуногуни варзишӣ бунёд гардида, 1759 иншооти дигари варзишӣ аз таъмири маҷмуӣ бароварда шуд, ки ин амал шоистаи таҳсин аст;
- Масъалаи бо мутахассисони сатҳи баланди касбии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш таъмин намудани МТМУ, дар сатҳи лозимӣ ташкил ва гузаронидани машғулиятҳо ва пайваста аз курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтиоси гузоронидани омӯзгорон муносибати маҷмуӣ ва доимиро талаб мекунад;

Аз маводи соҳа ва таҳқиқоти илмӣ дар мавзуи мазкур бармеояд, ки дар фаъолияти ТҶ дар қатори муваффақият боз як қатор мушкилот низ мавҷуд мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар аввали соли 2024 дар мамлакат 3770 МТМУ (аз ҷумла 64 гимназия ва 56 литсей бо фарогирии 48387 хонандагон) бо шумораи умумии 1 млн 959 ҳазору 996 хонанда таҳсил мекарданд. Дар ҳамин давра 25% кӯдакони 6-17 сола ба таҳсил фаро гирифта нашуданд ва дар ҳамон солҳо шумораи норасогии омӯзгорон 12 000 нафарро ташкил мекард.

Дар МТМУ дар қатори стандарти давлатӣ мавҷудияти нақшаю барномаҳои таълимӣ яке аз қисматҳои асосии ҷараёни таълим мебошад. Аз натиҷаи пурсишномаи мо дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №37–и н. Муъминобод бармеояд, ки сатҳи нақшаю барномаҳои таълимӣ ва раванди амалисозии онҳо такмилталаб мебошад. Вобаста ба ин, миёни омӯзгорони фанни тарбияи ҷисмонӣ ва ОДҲ-и МТМУ-и шаҳри Кӯлоб, ноҳияи Муъминобод ва ноҳияи Восеъ пурсишнома гузаронида шуд. Дар пурсишнома 348 нафар муаллим иштирок намуданд. Ҳангоми натиҷагирӣ кардани саволи «Оё нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ ба ташаккули ТҶ мусоидат мекунанд?» чунин маълумотро ба даст овардем (Ҷадвали 2).

Пас маълум гардид, ки бештари посухдиҳандагон ба «сифати» барнома ва нақшаҳои таълимӣ ишора кардаанд ва танҳо 18,9% ишора кардаанд, ки чунин вазъият ба таври куллӣ қаноатбахш мебошад ва 22, 7% ғайриқаноатбахш шуморидаанд. Ин дар ҳолест, ки 51,3% посух доданд, ки ба таври қаноатбахш барномаҳо ва нақшаи таълим омода шудаанд.

Ҷадвали 2.

Натиҷаҳои пурсишнома «Оё нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ ба ташаккули ТҶ мусоидат мекунанд?»

№	Навъи посухҳо	Теъдод	(%)
1.	Ба таври куллӣ	66	18,9
2.	Ба таври қаноатмандӣ	178	51,3
3.	Дар сатҳи ғайриқаноатмандӣ	79	22,7
4.	Мушкилии посух дорам	25	7,1
	Ҷамъ	**348**	**100**

Ба ҳар ҳол дар ин масъала шакке вуҷуд дорад ва аз ин рӯ, мо саволи дувумро ба таври зерин ба муҳокима гузоштем: «Сабаби ғайриқаноатманд буданатонро тавзеҳ диҳед». Шумораи пурсидашудагон 348 нафар

Ҷадвали 3.

Натиҷаҳои пурсишнома оид ба «Сабаби ғайриқаноатманд буданатонро тавзеҳ диҳед»

№	Навъи посухҳо	Теъдод	(%)
1.	Барномаҳо такмил наёфтаанд	90	25,8
2.	Соатҳо барои ТҶ камтар аст	147	42,2
3.	Барнома ва услубҳои ТҶ дар мактаб такмил наёфтаанд	78	22,4
4.	Барнома ва китобҳои дарсӣ куҳна шудаанд	33	9,6
	Ҷамъ:	348	100

Посухҳо бар он ишора мекунанд, ки барномаҳо «куҳна» гардидаанд ва «такмил наёфтаанд». Ба назари мо «Соатҳо барои дарси ТҶ каманд» метавон ба «Барномаҳо такмил наёфтаанд» ворид кард ва сабаби аслӣ бозтару рӯшантар мегардад.

Рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба сатҳи омодагии муаллимон вобастагии амиқ дорад. Ҳамзамон МТМУ дар ҳақиқат ҳам маконе барои ёдгирию ёддиҳӣ мебошад.

Мукаммалии барномаҳо ва китобҳои дарсӣ низ ба раванди ташкили муназзами тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш нақши муассир дорад. Ин санадҳои муҳимми таълимӣ раванд, тарзи амал ва муносибати муаллимро бо донишомӯзон мушаххас мекунад.

Равиши таҳқиқ ташаккулёбии фарҳанги ҷисмонии шахсияти хонандагонро ҳамчун низом равона месозад ва он имкон фароҳам меорад, ки хосияти низомӣ ва тавсифоти сифатӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, ба кушодани ягонагии он мусоидат кунанд.

Мо дар замони ҷаҳонишавӣ қарор дорем, аммо новобаста ба ин барои дар руҳияи ватандӯстӣ ва солиму бардам ба воя расонидани наврасону ҷавонон муҳит нақши асосӣ мебозад. Онҳо ба наслҳои калонсол такя карда, таҷрибаю малакаҳои онҳоро аз худ мекунанд. Асри XXI талаби онро мекунад, ки ҷавонон ҳамқадами ҷомеаи ҷаҳонӣ бошанд. Дар ин кор саҳми муаллимон назаррас мебошад, зеро онҳо бояд бо донишу таҷриба, рафтор ва гуфторашон барои хонандагон намунаи ибрат бошанд. Омӯзгорони фанни тарбияи ҷисмонӣ дар қатори дигар омӯзгорон бояд машғулиятро аз корҳои тарбиявӣ оғоз кунанд. Бояд таъкид намуд, ки гирифтани эроди бисёр, мазаммату маломат кардани хонандагон барои тарбия кори хубе ҳам нест. Муаллимон бояд бо шогирдон чун фарзанд муносибат карда, онҳоро ба омӯзиш, тарбияи ҷисмонӣ ва солим нигоҳ доштани худ талқин намуда, дар ин кор аз шаклҳои гуногуни таълиму тарбия истифода баранд.

Устоди варзиш бояд донад, ки имрӯзҳо сафарбар кардани ҷавонон ба сафи ҚМ–и ҶТ чӣ қадар душвориҳоро ба вуҷуд меорад. Ҷавонон аз хизмати Ватан саркашӣ мекунанд, ба хориҷи мамлакат фирор мекунанд, падару модарон низ дар ин кор худашон низ ҳавасманд мебошанд. Баъзе ноҳияҳо нақшаи ба хизмати ҳарбӣ даъват кардани ҷавононро саривақт иҷро намекунанд ва ғайраҳо. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки дар МТМУ ҳангоми таълим ҳамаи омӯзгорони муассисаҳо, алалхусус муаллимони варзиш ва ОДҲ кӯдаконро барои хизмат ба Ватан дуруст тайёр намекунанд.

Равиши фаъолиятӣ имкон медиҳад, ки муҳтаво ва амалиёти ташаккулёбии фарҳанги ҷисмонии шахсияти хонандаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ кушода шавад [3, с. 207].

Фаъолият мафҳуми калидие мебошад, ки дар он асосҳои назариявии илмҳои равоншиносӣ ва педагогӣ сохта мешаванд. Таърифи «фаъолият» дар корҳои классикони психология, ба мисли Л.В. Виготский [9, с. 400] дида мешавад. Ба ақидаи А.Н. Леонтев, фаъолияти инсонӣ – ин «равандест, ки дар тайи он гузариш байни самтҳои субъект – объект татбиқ мегардад, ки онҳо зимни гузариши объект ба шакли субъективӣ сурат мегиранд ва дар айни ҳол, дар фаъолият, инчунин гузариш ба хулосаҳои объективӣ ба анҷом мерасад» [7, с. 231].

Ба намудҳои пешбарандаи фаъолият чунин категорияҳо, ба мисли меҳнат, шинохт ва муошират тааллуқ доранд. Дар навбати худ, ҳар яке аз намуди фаъолият ба таври ниҳоят зич бо дигараш марбут аст. Ҳамгироии компонентҳои мухталифи онҳо гуногунии фаъолияти инсонӣ аз шаклҳои одӣ ба мураккабтаринро муайян мекунанд.

Сохтори фаъолиятро муаррифӣ намуда, равиши мазкур имкон фароҳам месозад, ки робитаҳои муайянро дар сатҳҳои мухталифи фаъолияти варзишӣ барқарор намуда, моҳияти зуҳуроте, ки хусусияти ташаккулёбии фарҳангро муайян мекунанд, дарк карда шаванд. Ғайр аз ин, равиши фаъолиятӣ раванди азхудкунии фаъоли донишҳо ва маҳоратҳоро тавассути ҳаллу фасли сабабнок ва мақсадноки вазифаҳо тавзеҳ медиҳад.

Ҳамин тариқ, корбурди равиши фаъолиятӣ дар таҳқиқи мо имкон дод, ки муҳтавои усули ташаккулёбии фарҳанги ҷисмонии шахсияти донишҷӯён кушода дода шаванд.

Асли таҳрики мақсадноки шахсияти донишҷӯ ба фаъолияти мустақилонаи варзишӣ вобаста аст. Муқаррароти равиши мазкури асосӣ бо асли фардисозӣ ва дифференсиатсия (тафриқасозӣ) зич пайваст аст, вале хусусияти фарқкунанда дорад. Яъне, дар робита бо гуногунии истиснои фарқияти инфиродии омӯзандаҳо, татбиқи онҳо дар шароити мавҷудаи ташкили раванди таълимию тарбиявӣ аз рӯйи фарҳанги ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ дар варианти маҳдуди тафриқасозӣ ва инфиродисозӣ имконпазир ба назар мерасад. Мудирияти ташкилоти таҳсилотӣ ё муаллими муассиса на ҳамеша қобил аст тафовутҳои сершумори инфиродиро дар ҳар яке аз шогирдони худ ба назар гирад ва барномаҳои ташхисии мутаносиби такмили ҷисмониро таҳия ва тадвин намояд.

Дуҷанбагии раванди таҳсилот, таълим ва тарбия (таҳсил ва худтаҳсилкунӣ, таълим ва худтаълимдиҳӣ, тарбия ва худтарбиякунӣ)–ро зикр карда, педагоги рус К.Д. Ушинский дар таҳқиқоти худ, бахшида ба омӯзиши хусусияти равоншиносии фаъолнокии ҷисмонии инсон, зикр кардааст, ки «худтарбиядиҳӣ – ин раванди доимии кори инсон аз рӯйи такмилдиҳии ҷисмонӣ ва маънавии худ (худтакмилдиҳӣ) мебошад, ки дар шинохтани худ (худшиносӣ) асос ёфтааст» [11, с. 576]. Дар раванди мазкури худшиносӣ ва худтакмилдиҳӣ муҳассилин ҳамчун субъекте баромад мекунад, ки худро, амалҳои худро, рафторҳо, фикрҳо, ҳиссиёт, саломатӣ ва сатҳи рушди ҷисмониро аз тариқи мушоҳида омӯхта, арзёбӣ мекунад.

Дар айни ҳол, симо ва мафҳумро дар бораи худ ҳамчун шахсияте, ки ба рушди созгори неруҳои ҷисмонию маънавии худ саъю талош дорад, эҷод мекунад. Дар навбати худ, ба ҳайси объекти фаъолияти шахсии худ муайян шуда, омӯзанда созандаи худ дар раванди худтакмилдиҳӣ аз тариқи худтанзимкунӣ, ки дар натиҷаҳои худшиносӣ асос ёфтааст, мебошад.

Тамоми матолиби фавқуззикр имкон медиҳанд, хулоса карда шавад, ки дар натиҷаи равандҳои тавсифёфта дар асоси асли таҳриқи омӯзанда ба фаъолияти мустақилонаи варзишӣ, худташаккулдиҳии фарҳанги ҷисмонии шахсияти хонанда дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва шахсияти педагоги оянда дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ сурат мегирад [9, с. 303].

Ташаккули фарҳанги ҷисмонии шахсият дар заминаи аслии мазкур бояд дар асоси мусаллаҳ сохтани шогирдон бо донишҳои зарурии назариявӣ дар машғулияти таълимӣ, инчунин, фароҳам сохтани имкониятҳо барои омӯзиш ва таъйини хусусияти фардии худ,

таҳия ва тадвини барномаҳо дар асоси ба назаргирии барномаҳои фардии такмилдиҳии ҷисмонӣ бо кумаки машваратии муаллим ба иҷро расад.

Ҳамин тариқ, муҳтавои фаъолияти варзишӣ дар асоси қувваи таркиботи зеҳнӣ ва ҷисмонӣ (ҳаракатӣ) сифати ташаккулёбии фарҳанги ҷисмонии шахсияти хонандагонро таъмин мекунад. Фаъолият дар ташаккулдиҳии фарҳанги ҷисмонии шахсият аз ин дидгоҳ ҳам дар шакли моддӣ ва ҳам дар шакли маънавӣ таҳаввулкунанда баромад мекунад, он зуҳуротест, ки ба он сифатҳои моддию маънавӣ хосанд, ки имкон фароҳам меоранд, фарҳанги ҷисмонии шахсиятро ҳамчун намуди баробарҳуқуқи фарҳанги умумии инсон ва ҷомеа баррасӣ намоем.

Ба даст овардани истиқлолият ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ТҶ ва варзиш имконияти тозаро муҳайё кард. Бо ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ варзишгарон имконият пайдо карданд, ки дар мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ мустақилона иштирок намоянд, кумитаи миллии олимпӣ таъсис дода шуда, аз рӯйи намудҳои гуногуни варзиш федератсияҳои миллӣ ташкил карда шуданд, ки онҳо аз ҷониби федератсияҳои байналмилалӣ эътироф гардида, ташкили шароити мусоиди бамиёномада имкон дод, ки сафи варзишгарони тоҷик бомаротиб зиёд гарданд. Аввалин варзишгар аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1992 Абдуалиев Андрей буд, ки дар бозиҳои олимпӣ дар шаҳри Барселона иштирок карда, қаҳрамони бозиҳои олимпӣ гардид.

Аз сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, ки варзишгарони мо дар намуди варзиши сабук аз соли 1960 дар бозиҳои олимпӣ иштирок карда истодаанд.

Дар олимпиадаи соли 2020, ки дар Токио баргузор гардида буд, аз Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 нафар иштирок карда, мутаассифона ягон нафар ҷойҳои намоёнро соҳиб нагардиданд, аммо ин барои иштирок ба даврҳои ояндаи олимпиада замина ва таҷрибаи хубе буд.

Ҳамзамон, имрӯзҳо варзишгарони тоҷик дар олимпиадаҳои зимистона низ иштирок карда истодаанд. Дар ин намуди варзиш варзишгарони мо аввалин маротиба соли 2002 дар шаҳри Солт Лейк Сити (ИМА) иштирок карда буданд. Шумораи варзишгарон дар соли 2003 ба 249490 нафар расида буд, ки ин нисбат ба соли 1991 ба миқдори 100018 нафар зиёд мебошад. Имрӯзҳо ин шумора боз садҳо ҳазор нафар зиёд гардидааст.

Мусаллам аст, ки дар ҳама гуна сохти ҷамъиятиву давлатӣ ба масъалаи тарбияи ҷисмонии насли наврасу ҷавон диққати махсус медиҳанд, то ин ки ҷавонон бардаму солим ва боқувват ба воя расанд. Мақсади асосии ТҶ-ро омодасозии ҷавонон ба меҳнат ва таъмини мудофиавии Ватан ташкил медиҳад. ТҶ ба намудҳои дигари тарбия (тарбияи ахлоқӣ, меҳнатӣ, фикрӣ, ақлонию зеҳнӣ, худшиносию худогоҳии миллӣ, ватандӯстӣ ва амсол ба инҳо) алоқаи қавию ногусастанӣ дорад.

Алоқамандии тарбияи ҷисмонӣ ба тарбияи фикрӣ дар он аст, ки дараҷаи баланди инкишофи ҷисмонӣ равиши қобилияти фикриро беҳтар намуда, мафкураи онҳоро дар ҷараёни таълими ТҶ метезонад. Дар ин масъала мутафаккирон беҳуда нагуфтаанд, ки дар тани солим руҳи солим вуҷуд дорад.

Алоқаи ТҶ ба тарбияи меҳнатӣ мақоми хос дорад. Асоси ҳамаи масъалаҳои тарбияи меҳнатиро ҳаракат ташкил медиҳад. Яъне дар раванди тарбияи меҳнатӣ низ ТҶ пурра инкишоф ёфта, барои хушсифат иҷро намудани меҳнат заминаи хуб мегузорад. Дар баробари ин, хонандагонро аз ҷиҳати психологӣ ба фаъолияти меҳнатӣ омода месозад.

Тарбияи ҷисмонӣ, махсусан, ба тарбияи ахлоқӣ алоқамандии зич дорад, зеро одат, шуур ва ҳиссиёти ахлоқӣ, маданияти рафторро дар шароити махсуси фаъолиятҳои серҳаракат бештар маълум мегардонад. Масалан, ҳангоми мусобиқаҳои варзишӣ ва бозӣ ҳамеша риоя кардани қоидаҳои муайянгардида, меъёрҳои ахлоқии варзишӣ, эҳтиром кардани ҳамдигар, ҳарифон, тамошобинон ба тарбияи ахлоқӣ мансуб буда, ТҶ онро инкишоф медиҳад.

Омӯзгорон ба падару модарон тавсия медиҳанд, ки субҳи содиқ фарзандони худро барои ба варзиш машғул шудан водор намоянд. Яке аз шаклҳои хеле муҳимми ТҶ идҳо ва мусобиқаҳои варзишӣ мебошанд, ки дар асоси риояи расму оини махсус гузаронида шуда,

аҳаммияти баланди тарбиявӣ дорад. Мусобиқаҳои варзишӣ шавқу ҳаваси хонандагонро бедор намуда, қобилияти хуби таъсиррасонӣ доранд.

Яке аз самтҳои ТҶ ин дар хонандагон омӯзонидани ҳаракат мебошад. Ҳамон вақт ҳаракатҳо натиҷаи хуб медиҳад, ки агар онҳо дар асоси ба ҳисоб гирифтани талаботи муайяни педагогию методӣ ба роҳ монда шуда бошанд.

Ҳамзамон, мақсади ТҶ дар кӯдакон, ҷавонон тарбияи худогоҳии миллӣ, худшиносӣ, хештаншиносӣ, дӯст доштани Ватан, ҳифз намудани он, омода кардани ҷавонон ба тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ мебошад [10, с. 848].

Маълум гардид, ки мақсади тарбияи ҷисмонӣ ва мазмуну мундариҷаи он, методҳои ба он вобаста байни ҳам умумияти ногусастанӣ доранд. Аслан мақсади тарбияи ҷисмонӣ умумӣ ва фардӣ мешавад. Дар мақсади умумӣ талабот ва инкишофи ҷомеа ба таври умум ба инобат гирифта шуда, мақсади фардӣ бошад ба қобилият, хоҳиш ва шавқу истеъдоди шахсони ҷудогона вобастагӣ дорад.

Дар педагогика мақсади умумии ТҶ аз даврaҳои пеш кор карда шудааст. Ҳамчунин, дар тамоми даврaҳои рушди ҷомеа гузориши мақсади ТҶ аз талаботи иҷтимоӣ–иқтисодии ҷамъиятӣ ва сиёсии синфи ҳукмрон муайян карда мешуд.

Қобили қайд аст, ки мақсади тарбияи ҷисмонӣ мунтазам дар як мазмун нишондиҳанда намемонад, он ҳаракаткунанда ва тағйирёбандаву дар рушду тараққӣ аст, ки ин хусусияти мушаххаси таърихӣ дорад.

Мақсади ТҶ дар замони муосир тарбияи инсони солим, ватандӯст, дорои ақлу заковати баланд мебошад.

Ҳоло мазмуни мақсади умумии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият инҳоро ифода мекунад:

- тарбияи ақлӣ, меҳнатӣ ва таълими политехникӣ;
- тарбияи ахлоқӣ, эстетикӣ ва ҷисмонӣ,
- ҳаматарафа муайян сохтани қобилияти эҷодии фард;
- рушди инсонгароии фард;
- муҳайёсозии шароити мусоид ҷиҳати рушди тафаккури шахсият ва ғ.

ТҶ - қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи қариб ҳамаи системаҳои тарбиявӣ мебошад. Ҳамзамон, дар баробари дарсҳои ТҶ, инчунин шаклҳои гуногуни чорабиниҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ низ гузаронида мешавад. ТҶ бо дигар қисмҳои таркибии тарбия алоқаи генетикӣ дорад ва бо онҳо якҷоя вазифаи инкишофи мутаносиби ҳамаҷонибаи шахсиятро ҳал мекунад.

Тарбияи меҳнат ва таълими политехникӣ. Асосҳои ТҶ принсипи муҳиммест, ки солҳои зиёд санҷида шуда, баҳри рушду инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият мусоидат менамояд.

Ташкили чорабиниҳо ва корҳои меҳнатӣ низ ба рушди саломатии инсон мусоидат мекунад. Тарбияи меҳнатӣ ҳамчун омили асосии рушди шахсият фаҳмида шудааст. Инчунин, тарбияи меҳнатӣ ба тарбияи ахлоқӣ, фикрӣ, ҷисмонӣ ва зебоипарастӣ алоқамандӣ дорад.

Ҳоло дар синфҳои ибтидоии ҷумҳурии мо соатҳои фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» гузаронида мешаванд ва мо шарҳи раванди таълими ин зинаро лозим нашуморидем.

Тарбияи эстетикӣ (зебоипарастӣ)- қисмати ташаккули ҳамаҷониба ва инкишофи фард ба ҳисоб рафта, масъалаҳои шиносоии талабагон бо паҳлуҳои муҳимми эстетикӣ ва фаъолона иштирок намудан ба амалиёти эстетикиро баррасӣ мекунад. Вазифаҳои шиноскунӣ:

- ташаккул додани донишҳои эстетикии талабагон;
- тарбияи маданияти эстетикӣ;
- азхудкунии мероси гузаштаи эстетикӣ ва маданият;
- ташаккули муносибати эстетикӣ ба воқеият;
- инкишофи завқи эстетикӣ;
- шиносоӣ бо нафосоти зиндагӣ, табиат, меҳнат;

– муайянсозии талабот ба фаъолият ва зиндагӣ;

Яке аз вазифаҳои асосии МТМУ дар хонандагон зиёд намудани нерумандӣ, инкишофи қобилияти меҳнатӣ, ғановати маънавӣ, ахлоқӣ, дӯстии халқҳо, якдилию ваҳдат, дӯст доштани Ватан, ҳифзи марзу бум ва дигар хислатҳои наҷиби инсонӣ мебошад.

Рушди ҳамаҷонибаи шахс бо ба инобат гирифтани масъалаҳои зерин имконпазир мегардад:

1. Тарбияи ахлоқӣ;
2. Тарбияи худшиносию худогоҳӣ;
3. Тарбияи эстетикӣ;
4. Тарбияи идеавӣ – сиёсӣ;
5. Такомулоти ҷисмонӣ;
6. Тарбияи меҳнатӣ.

Роҳбарияти олии кишвар пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ҷавонон дар руҳияи поквичдонӣ, меҳнатдӯстӣ, ахлоқи ҳамида, инсондӯстӣ, ҷавонмардӣ, садоқат ба Ватан, ҳақиқатҷӯӣ ва адолатпарастӣ тарбия ёбанд.

Нигоҳдории доимии Ваҳдати миллӣ бе тарғиби мунтазами идеологияи миллӣ, рушди тафаккури худшиносии миллӣ, таърихӣ, гиромидошти забон ва мероси фарҳангӣ, ташаккули шуури миллӣ ва тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ тасаввур нокарданӣ мебошад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асарҳои таълифнамудаи худ: «Тоҷикон дар оинаи таърих: Аз Ориён то Сомониён», «Тоҷикистон дар остони фардо» (1997), «Душанбе-шаҳри дӯстӣ ва бародарӣ» (1998), «Ислоҳоти иқтисодӣ – тақозои замон» (1998), «Фарҳанг- ҳастии миллат» (2000), «Зиёиён равшангарони роҳи фардои миллатанд» (2004), ҳамчунин, дар суханрониашон дар ҷашнҳои ҳарсолаи давлатӣ, ки дар пойтахти кишвар ва дигар шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон баргузор мегардад, ғояи давлатдориро бо мазмуну муҳтавои давлатию ҷамъиятӣ ғанӣ гардонидаанд.

Пойдории ваҳдату якдилӣ ба худшиносии миллӣ вобастагии амиқ дорад, ки ин тавассути тарбияи хуб, донишу маърифати баланди ҷавонон имконпазир мебошад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд, ки «То даме ки худшиносии миллӣ, пос доштани хотираҳои таърихӣ, ифтихор аз мансубияти миллӣ дар шуури ҳар яки мову шумо падид наояд, то даме ки ҳар кадоми мо манфиати миллиро ҳамчун қарзи муқаддаси шаҳрвандӣ эҳсос накунем ва эҳтиром нагузорем, то даме ки хизмат ба Ватан ва миллат бароямон ба арзиши олии зиндагӣ табдил наёбад, мо ҳамчун давлати соҳибистиқлоли миллӣ ба камол намерасем» [12, с. 98].

Ҳукумати мамлакат аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ масъалаи омӯзонидани донишҳои муосиру замонавӣ ва дар руҳияи баланди ватандӯстӣ, ифтихор аз Ватану ватандорӣ, ҳисси баланди миллӣ ва арҷ гузоштан ба таъриху фарҳанг тарбия кардани ҷавонон, таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Маҳз масъулияти баланд, ташаббус ва назорати роҳбарияти ҳукумат ва ҳамзамон, заҳмати омӯзгорон, кормандони соҳаи маориф ва дигар соҳаҳо ба таълиму тарбияи хонандагон таъсири мусбӣ расонида, ҳама гуна омилҳои манфӣ пешгирӣ карда мешаванд.

Дар ин раванд тамоюлҳои гуногуни манфӣ низ мавҷуданд ва метавонанд ба истиқлолияту пояҳои давлатдорӣ, Ваҳдати миллӣ, гузашта аз ин, ба ҳастии миллат хатар эҷод намоянд [9, с. 305].

Ҳамин тариқ, суханони пураразиши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ҳар як шаҳрванд ҷиҳати тарбияи насли наврас ва ҷавон шиори зиндагӣ ва даъвати пояндагӣ мебошад.

Аз омӯзиш, таҳлил ва баррасии таҳқиқи мазкур чунин хулоса баровардан мумкин аст:

❖ Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд» (соли 2011) такони ҷиддиеро дар тарбияи ватандӯстии насли наврас ба амал оварда. Бояд таъкид кард, ки омилҳои зиёди иқтисодию моддӣ то андозае оила ва нақши асосии онро дар таълиму тарбияи ватандӯстии фарзанд коста гардонида, камшавии нақши падару модарро дар ин ҷода

ба вуҷуд оварда буданд. Илми педагогика ва равоншиносӣ имрӯз собит сохтаанд, ки новобаста ба ҳама мушкилот, таълиму тарбияи ҳарбӣ–ватандӯстии фарзандон дар муҳити оилаи солим имконпазир аст. Чунин ақидаҳо волидонро водор менамояд, ки ба тарбияи фарзандони худ диққати махсус диҳанд;

❖ Мо бар он назарем, ки дар раванди корҳои тарбиявӣ бо мақсади тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагон омӯзиш ва истифодаи ашъори ватандӯстонаи бузургони миллати тоҷик нақши созгор хоҳад гузошт. Олимон, шоирон, нависандагон ва равшанфикрон дар осори безаволи худ дар масъалаи ватандӯстии насли наврас ҳамеша диққати ҷиддӣ медоданд. Ашъори ватандӯстонаи шоирони адабиёти форсу тоҷик яке аз намунаи барҷастаи сифатҳои ватандӯстӣ ва иҷтимоии ташаккули тарбия буда, дар боигарии ҷаҳони маънавӣ ва ирфонии одамон таъсири амиқе расонида метавонанд.

❖ Мафҳуми ватанпарварию ватандӯстӣ аз ҳар ваҷаб замини диёр сарчашма гирифта, мунтазам тамоми ҳудуди ватани азизамонро дар бар мегирад. Доштани меҳру муҳаббати бепоён ва садоқат ба халқу Ватан аз сифатҳои хуби ахлоқии инсонӣ ба ҳисоб меравад.

Адабиёт:

1. Батаршев, А.В. Психология индивидуальних различий: От темперамента к характеру и типологии личности / А.В. Батаршев. – М.: ВЛАДОС, 2000. – 256с.
2. Бабанский, Ю.К. Проблемы повышения эффективности педагогических исследований / Ю.К. Бабанский. – М.: Педагогика, 1982. – 167 с.
3. Вербицкий, А.А. Активное обучение в высшей школе: контекстный подход / А.А. Вербицкий. –М.: Высшая школа, 1991. - 207 с.
4. Выготский, Л.С. Из записных книжек Л.С. Выготского//Вестник Московского университета. Серия 14, Психология, 1982, №1. – С.60-61.
5. Иванова, Е.М. Профессиография как средство формирования образа професионала / Е.М. Иванова // Инновации в образовании. – 2002.-№3. – С. 89-91.
6. Исмоилов Н. Омодагии ибтидоии ҳарбӣ. Китоби дарсӣ барои синфҳои 10-11-ум / Исмоилов Н., Исмоилов А., Зиёев Қ. – Душанбе: Маориф, 2018. – 272 с.
7. Кодиров, К.Б. История педагогической мысли таджикского народа (с древных времён до возникновения ислама / К.Б. Кодиров. –Душанбе, 1998. – 335с.
8. Лутфуллоев, М. Дидактикаи Муосир / М. Лутфуллоев. –Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010. – 432с.
9. Маҳмудов, Ш. Заминаҳои тайёркунии муаллимони оянда ба тарбияи ҳуқуқии хонандагон: як таҳқиқи мавриди маънавиёт ва мушкилоти омӯзишу парвариш / Ш.Маҳмудов. – Душанбе: Контраст, 2008. - С.303-308
10. Мудрость тысячелетий. Энсиклопедия /Автор-сост В. Балязин. – М.: Олипа-Песс, 2003. – 848с.
11. Национальная концепсия образования (2002г). Документ стратегия сокращения бедность в Республике Таджикистан (2000);
12. Примерное содержание воспитаниа школьников / Под ред. И.С. Макаренько // Справочник классного руководителья. – М., 1979. - 166 с.
13. Софронов, И.Л. Педагогические условия формирования у студентов интереса к физической культуре в процессе обучения в вузе И.Л. Софронов. – Чебоксары, 2014. – 316 с.
14. Шоев, Н.Н. Педагогикаи муваффақият ва идораи эҷодкоронаи вақт / Н.Н. Шоев. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 544 с.

ТАШКИЛИ МУҲИТИ САМАРАНОКИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ДАР ТАРБИЯИ ҲАРБӢ-ВАТАНДӮСТИИ ХОНАНДАГОН

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи яке аз масъалаҳои актуалӣ ва мубрам ташкили муҳити самараноки тарбияи ҷисмонӣ дар тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагон**,** на танҳо наврасон, балки тамоми инсоният меравад. Зеро рушди мамлакат ва ҷомеа аз сулҳ ва инсондӯстии шаҳрвандони он вобастагии қавӣ дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати демократӣ

ва мустақил мебошад, ки дар таърихи худ ҷанги шаҳрвандӣ, зарар ва оқибатҳои онро аз сар гузаронидааст.

Тарбияи ҷавонони воқеан ҳам ватандӯст, инсонпарвар, эҷодкору ободкор, соҳиби одобу ахлоқи баланд, соҳибони аслии осори адабию фарҳангии гузаштагонамон ба самтҳои афзалиятноки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил гардидааст. Вобаста ба ин, мақоми фанни «Тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ» дар амалӣ шудани ин нақшаҳои тақдирсозро Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хубӣ дарк шуда, такмилу таҳкими минбаъдаи фаъолияти ин фанҳо дастгирӣ меёбад. Аз ин ҷост, ки ба мушкилоти мавҷуда нигоҳ накарда, солҳои охир ба ин фанҳо дар сатҳи давлатӣ аҳаммияти зиёд дода мешавад.

Муаллиф зимни таълифи мақола кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар асоси сарчашмаҳои бурҳони илмӣ дар заминаи таҳқиқоти зиёди муҳаққиқони дохилию хориҷӣ, асарҳои муътамади фалсафию педагогӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва сомонаҳои интернетӣ, раванди ташаккул ва таҳаввули мавзуи мазкур ва корбурди онҳоро ошкор намояд.

Калидвожаҳо: педагогика. психология, ватанпарварӣ, тарбия, маориф, рушди мамлакат, ояндаи хушбахтона.

ОРГАНИЗАЦИЯ ЭФФЕКТИВНОЙ ФИЗКУЛЬТУРНО-ВОСПИТАТЕЛЬНОЙ СРЕДЫ В ВОЕННО-ПАТРИОТИЧЕСКОМ ВОСПИТАНИИ СТУДЕНТОВ

В данной статье рассматривается один из актуальных и насущных вопросов организации эффективной физкультурно-воспитательной среды в военно-патриотическом воспитании учащихся, причем не только подростков, но и всего человечества. Ведь развитие страны и общества во многом зависит от мира и гуманности ее граждан. Республика Таджикистан – демократическое и независимое государство, пережившее в своей истории гражданскую войну, ее разрушения и последствия.

Воспитание подлинно патриотичной, гуманной, творческой и процветающей молодежи, обладающей высокой моралью и нравственностью, являющейся истинными носителями литературного и культурного наследия наших предков, входит в число приоритетных направлений деятельности Правительства Республики Таджикистан. В этой связи, статус предмета «Физическое воспитание и готовность к обороне» в реализации этих судьбоносных планов хорошо понят Лидером нации Эмомали Рахмоном, и поддерживается дальнейшее совершенствование и укрепление деятельности этих предметов. Поэтому, несмотря на существующие проблемы, в последние годы этим предметам придаётся большое значение на государственном уровне.

При написании статьи автор приложил все усилия, чтобы раскрыть процесс становления и развития данного предмета и их применение, опираясь на источники научных доказательств, основанные на многочисленных исследованиях отечественных и зарубежных исследователей, авторитетных философских и педагогических трудах, физическом воспитании и интернет-сайтах.

Ключевые слова: педагогика. психология, патриотизм, воспитание, образование, развитие страны, счастливое будущее.

ORGANIZING AN EFFECTIVE PHYSICAL EDUCATIONAL ENVIRONMENT IN THE MILITARY-PATRIOTIC EDUCATION OF STUDENTS

This article examines one of the current and pressing issues of organizing an effective physical education and educational environment in the military-patriotic education of students, not only teenagers, but all of humanity. After all, the development of the country and society largely depends on the peace and humanity of its citizens. The Republic of Tajikistan is a democratic and independent state that has experienced a civil war in its history, its destruction and consequences.

Education of truly patriotic, humane, creative and prosperous youth, possessing high morals and ethics, who are true bearers of the literary and cultural heritage of our ancestors, is among the priority areas of activity of the Government of the Republic of Tajikistan. In this regard, the status of the subject «Physical Education and Defense Readiness» in the implementation of these fateful plans is well

understood by the Leader of the Nation Emomali Rahmon, and further improvement and strengthening of the activities of these subjects is supported. Therefore, despite the existing problems, in recent years these subjects have been given great importance at the state level.

When writing the article, the author made every effort to reveal the process of formation and development of this subject and their application, relying on sources of scientific evidence based on numerous studies by domestic and foreign researchers, authoritative philosophical and pedagogical works, physical education and Internet sites.

Keywords: pedagogy. psychology, patriotism, upbringing, education, development of the country, happy future.

Маълумот дар бораи муаллиф: Абдуллоҷони Ҳамрохон, номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров - 16. Почтаи электронӣ*:* Abdullah@mail.ru. Тел: (992) 918771517

Сведения об авторе: Абдуллоджони Хамрохон, кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры педагогики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 734065, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. Электронная почта: Abdullah@mail.ru. Тел.: (992) 918771517.

Information about the author: Abdullojoni Hamrokhon, candidate of pedagogical sciences, senior lecturer of the department of pedagogy, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 734065, Republic of Tajikistan. Kulob city, Sangak Safarov street, 16, E-mail: Abdullah@mail.ru. Tel.: (992) 918771517.

Муқарриз: Ҷамолбии Ҳ., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ: 37.0+373 (075.8)
Ё – 60

РОҲҲОИ БА ТАЪЛИМИ ФАРОГИР ҶАЛБ НАМУДАНИ КӮДАКОНИ ИМКОНИЯТИ МАҲДУД ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ ТАҲСИЛОТ

Ёрматзода А.Ҷ., н.и.п., муаллими калон
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки марҳилаи нави азнавсозии системаи маорифи кишвар ба вуқуъ пайваста яке аз масъалаҳои муҳим маҳсуб меёбад. Дар ин замина, дар баробари ба таълиму тарбия ва илмомӯзӣ ҷалб гардидани наврасон ва ҷавонони кишвар тибқи Конситутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (боби 1 модаи 41) роҳандозӣ гардида истодааст, масъалаи рушд ва ба таълими махсус фарогир ифтани кӯдакону наврасони дорои имкониятҳои маҳдуди саломатӣ ва ё ҷисмонӣ ҳамеша дар маркази Пешвои муаззами миллат қарор дорад. Дар ин росто таҳсилоти фарогир метавонад ба яке аз масъалаҳои муҳим ва авлавиятдоштаи соҳаи маорифи кишвар гардад.

Таҳсилоти фарогир яке аз равандҳои муҳим дар соҳаи маориф ва илм буда, аз як тараф, мутобиқгардонӣ ба шароит ва эҳтиёҷоти гуногунии кӯдакони имконияти маҳдуддошта ба инобат гирифта шавад аз тарафи дигар, дастрасии кӯдакони дорои имконияти маҳдуди авлавиятдоштаро ба таҳсилот таъмин менамояд.

Дар яке аз суханрониҳои худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба фарогирии кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд ба таълиму тадрис чунин ибрози андеша намуданд: «Бояд роҳандозии таҳсилоти фарогир дар муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, миёна ва умумӣ тақвият ва густариш дода шавад, то ин ки кӯдакони дорои маъюбияти саломатӣ ва ё

ҷисмонибуда барои таҳсил ва бо муваффақият хатм намудани муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, миёна ва умумӣ бо ҳамсолони худ имконият дошта бошанд» [16, с. 3].

Ҳукумати ҷумҳурӣ тамоми шарту шароит ва имкониятро баҳри дуруст инкишоф ёфтан ва рушди ҳамаҷонибаи кӯдакону наврасони дорои маюбияти равонию ҷисмонидошта муҳайё намудааст. Дар ин замина Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ ва Вазорати тандурустии ҷумҳуриро зарур аст, ки чораҳои судманд оид ба фаро гирифтани ингуна кӯдакони имконияти маҳдуди саломатӣ ва ҷисмонидошта чораҳои заруриро андешанд.

Ба таълиму тарбия ва ба илму донишандӯзӣ ҷалб гардидани кӯдакону наврасон, ки дорои имконияти маҳдуд, инчунин, баланд бардоштани сифати таҳсилоти онҳо ба яке аз масъалаҳои мубрам ва муҳимми ҷомеаи башарӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ғамхории ҳукумати мамлакат нисбат ба ин гурӯҳи кӯдакону наврасон дар он зоҳир мегардад, ки дар баробари муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаҳои махсуси таълимӣ (муассисаҳо барои олигофренопедагогика – кӯдакону наврасони камақл, сурдопедагогика – кӯдакону наврасони дорои имконияти шунавоӣ ва нутқ (кару гунг), тифлопедагогика – кӯдакону наврасони нуқсони биноидошта, логопедия – кӯдакону наврасони иллати нутқдошта ва дефектология имконияти маҳдуди саломатӣ ва ҷисмонидошта инчунин, муассисаҳои махсус барои маъюбон) роҳандозӣ намудани таълими хонагӣ ба роҳ монда шудааст, то инки тамоми шаҳрвандони ҷумҳурӣ новобаста аз синну сол ва хусусиятҳои иҷтимоӣ бояд ба таълиму тарбия ва илму доншомӯзӣ зоҳир мегарад, ки тибқи боби 1-и моддаи 41 –и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб карда шаванд, ки ин нисбат ба ин гуна гурӯҳҳо солҳои охир аз тарафи давлату ҳукумат таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида истодааст ва ғамхорӣ дар ҳаққи ин гуна кӯдакон вазифаи натанҳо мутахассисон, балки тамоми шаҳрвандон мебошад.

Вобаста ба масъалаи мазкур созмони бонуфузи ҷаҳонӣ «ЮНЕСКО» дар бораи «Таҳсилот барои ҳама», ки онро соли 2017 қабул намудааст, чунин таъкид кардааст: «Фарогирӣ ва баробар ба таҳсил равандест, ки барои бартараф кардани монеаҳо, ки ҳузур, иштирок ва дастоварду комёбиҳои хонандагонро маҳдуд менамояд, кумак мекунад»[17, с. 153].

Дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи санаду ҳуҷҷатҳои муҳимми давлатӣ, ки дар соҳаи маориф, хусусан, ба таълиму тадрис фаро гирифтани тамоми қишри ҷомеа, алалхусус, кӯдакону наврасони дорои имконияти маҳдуди саломатӣ ва ё ҷисмонидошта, ки ба таҳсилоти фарогир дохил мешаванд, бояд аз синни барвақтии бачагӣ (синну соли томактабӣ (тавассути боғчаҳои бачагона ва муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ) ва синни хурди мактабӣ) ба таҳсилоти босифати фарогир дастрасӣ дошта бошанд, хусусан, он нафарони осебпазири ҷомеа (кӯдакони имконияти маҳдуддошта).

Тибқи мушоҳида, таҳлил ва таҳқиқоти муҳаққиқон дар самти ба таълиму тадрис фаро гирифтани кӯдакону наврасони имконияташон маҳдуд то давраи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон камбудиию норасоӣ ва мушкилот дар ин самт дар он зоҳир мегардад, ки ин гурӯҳи кӯдакону наврасон аз таҳсилоти босифат ба сабаби носозгор будани имконият ва набудани шароит барои хизматрасониҳо дар тараққиёт, ташаккулёбӣ ва рушди ҳамаҷонибаи шахсият маҳрум буданд, зеро набудани мутахассисони баландихтисос, набудан ва норасоиҳои китоб ва барномаҳои таълимӣ ва ғайра танқисӣ мекашиданд.

Хушбахтона баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ дар ҳамаи соҳаҳо, махсусан, дар соҳаи маориф тағйироти куллӣ ба вуқуъ омад.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи навъи таърихии рушди низоми маориф қарор дорад, ки ҳадафҳои стратегии рушди устувор ва дарозмуддатро интихоб ва амалӣ карда истодааст. Дар ин низом таҳсилоти фарогир мақоми хосаро ишғол намуда, барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи боби 1 ва моддаи 41-и Конститутсияи кишвар ҳуқуқи таҳсилоту тадрис, маълумотгириро бо таври ройгон кафолат медиҳад ва «шахс дар доираи муайяннамудаи Қонун дар муассисаҳои таълимии давлатӣ метавонад бо таври ройгон таълими миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирад» [15, с. 7].

Самти минбаъдаи таҳсилоти фарогирро Консепсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045, ки бо Қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2024, № 652 қабул кардааст, таъмин менамояд. Дар асоси он, инчунин, Стратегияи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2025, № 515 тасдиқ шудааст, заминаи устувор ва воқеиро барои ноил шудан ба пешравиҳоро пайгирӣ намудааст.

Стратегияҳои рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти хоҷагии халқи Тоҷикистон дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои амалкунанда дар соҳаи маориф ва ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030, Консепсияҳо оид ба рушди зинаҳои таҳсилотӣ (мактаби миллӣ, таҳсилоти томактабӣ ва ғайраҳо), аз он ҷумла, Консепсияи таҳсилоти фарогир ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, барномавӣ-методӣ таҳия ва амалӣ гардонда шуда истодаанд. Дар ҳамаи ҳуҷҷатҳо дар баробари ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакони имконияти маҳдуддошта (минбаъд КИМД), таъмин намудани шароити дастрасии баробар ба таҳсилоту маълумотгирӣ, мададу дастгирии иҷтимоӣ, иқтисодӣ фарҳангии онҳо дар ҷомеаи муосири тезтағйирёбанда, ифода ёфтаанд, ки онро қадами ҷиддӣ дар роҳи адолати иҷтимоӣ ва рушди устувор ҳисобидан мумкин аст.

Ҳадафҳои асосии Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030, аз ҷумла, дар самти таҳсилоти фарогир аз инҳо иборат мебошанд:

– таъмини дастрасии баробар барои инкишофи фарогир – ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва иҷтимоии ҳамаи кӯдакон;

– таҳия ва ҷорӣ намудани барномаҳои таълимӣ ва методӣ, мутобиқ ба эҳтиёҷот ва талаботи махсуси кӯдакон;

– баланд бардоштани малакаю маҳорат, донишу маълумоти омӯзгорон тавассути курсҳои такмили ихтисос ва барномаҳои махсус;

– таъмини ҳамкории байниидоравӣ ва иштироки ҷомеа дар амалӣ намудани таҳсилоти фарогир;

– баланд бардоштани сатҳи маърифат ва фарҳанги тарбиятии аҳли ҷомеа ва тағйирдиҳии фаҳмишу андешаҳои волидону омӯзгорон оид ба КИМД ва дастгирии онҳо, ки ин ғояҳо дар педагогикаи халқи тоҷик ҳануз 1150 сол пеш аз тарафи сардафтари адабиёти классискии форсу тоҷик Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таъкид гардида буд:

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,
Бар кӯру кар ар нуқта нагирӣ мардӣ.
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ. [1, с. 273].

Ҳар сол дар оғози соли хониш ҳангоми бақайдгирии теъдоди донишомӯзон ба муассисаҳои таҳсилотӣ фарогирии КИМД ба низоми таҳсилот ба қайд гирифта мешаванд. Тибқи машоҳидаҳо ва омори Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ солҳои охир раванди фарогирии ин табақаи кӯдакон ба таҳсилу тадриси инклюзивӣ зиёд шуда истодааст. Танҳо дар панҷ соли охир шумораи КИМД дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 1,3 баробар афзоиш ёфта, шумораи онҳо аз 5702 ба 7640 нафар расидааст. Мувофиқи маълумоти оморӣ, ки муҳаққиқ, профессор Маҷидова Б. дар мақолаи худ нишон додааст «Имрӯзҳо дар кишвар 34000 нафар КИМД ба қайд гирифта шудаанд. Дар навбати худ муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар омода намудани КИМД ба низоми таҳсилоту тадриси мактабӣ нақши муҳим дорад» [10, с. 187].

Бояд қайд кард, ки дар заминаи Стратегияи таҳсилоти фарогир барои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045 таҳия ва иҷрои нақшаи чорабиниҳо барои амалигардонӣ пешниҳод гардидаанд, ки чунин бандҳои мантиқан бо ҳам алоқамандро дар бар мегиранд:

1. Таҳия ва тасдиқ намудани санадҳои дахлдор дар самти таҳсилоти фарогир (2026-2028);

2. Барномаҳо барои омӯзгорони МТМУ, мураббиёни муассисаҳои таҳсилотии томактабӣ ва мунтазам такмилу комилгардонии онҳо (2026-2027);

3. Муассисаҳои махсусро бо омӯзгорон, равоншиносон, кормандони тиббӣ (2025-2029) таъмин намудан;

4. Омода намудани мутахассисони соҳаи осебшиносӣ ва мутасаддиён барои ташкилу амалисозии корҳои ислоҳӣ – коррексионӣ бо кӯдакони махсус, ҳамкорӣ бо волидони онҳо дар таъмину рушди босамари таҳсилоти фарогир.

5. Таъмини ҳамкории равоншиносон, омӯзгорон бо табибон ва мутахассисони соҳавӣ, ки дар ҷомеаи Тоҷикистони мо волидон нуқсонҳо, норасоиҳои одитарин дар таҳсилот ва инкишофи кӯдакони махсусро ҳамчун беморӣ қабул намуда, самтҳои табобат – солимгардонии фарзандони худро ҳамчун масъулияти ҷиддии худ қабул намекунанд;

6. Таҳия ва амалигардонии модулҳои таълимӣ ва дастурҳои ёрирасон барои мураббиёни муассисаҳои таҳсилотии томактабӣ ва МТМУ (дар заминаи баҳисобгирии мушкилоту имконияти кӯдакон);

7. Омӯхтан ва ҷорӣ намудани усулҳои муосири таълим, технологияҳои иттилоотӣ – иртиботӣ барои КИМД дар муассисаҳои таҳсилотӣ ва оила;

8. Ба мушовирон, омӯзгорон ва мураббияҳои муассисаҳои таҳсилотӣ ташкилу баргузории семинар - машваратҳо, маҳфилҳо, курсҳои такмили ихтисос дар марказҳои такмили ихтисос дар шаҳру вилоятҳои ҷумҳурӣ;

9. Таъмин намудани муҳити дастрас барои КИМД дар синфхонаҳо, гурӯҳҳои томактабии муассисаҳои томактабӣ ва синфҳои ибтидоӣ, роҳравҳои ҳамвор, роҳу гузаштгоҳҳо ва монанд ба инҳо. Боиси хурсандист, ки имрӯзҳо ҳангоми бунёди таҳсилоти нав имконият ва талаботи кӯдакони дорои мушкилоти равонию ҷисмонӣ ба ҳисоб гирифта шуда истодаанд. (роҳравҳои ҳамвор, лифт, утоқҳои тиббӣ, мизу курсиҳои махсус ва монанд ба инҳо);

10. Вобаста ба мушкилоти КИМД дар ошёнаҳои поёнии биноҳои муассисаҳои таҳсилотӣ синфхонаҳо ҷудо кардан;

11. Барои ҷалб намудани таваҷҷуҳи волидон, роҳбарони муассисаҳои таҳсилотӣ, табибон ва аҳли оила, ҷалб намудани кормандони ВАУ, то онҳо тавонанд андешаи аҳли ҷомеаро оид ба имконият, дастовардҳои КИМД, шахсони дорои имконияти маҳдуди шинохтаи ҷаҳонии муваффақи гузаштаю имрӯза маълумоти дастрасу арзишманд пешниҳод намуда, ба тағйирёбии муносибати ҷомеа ба чунин табақаи осебпазири ҷомеа мусоидат намоянд;

12. Тақвият бахшидани ҳамкориҳо бо шарикони рушд, ки он ҳануз баъди қабул ва дар раванди амалигардонии «Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 ва солҳои 2016-2020» оғоз гардида буд [10, с. 188-189].

Дар шароити кунунӣ бо назардошти мубрамияти масъала бо дастгирии намояндагии хазинаи кӯдакони Созмони Миллали Муттаҳид ЮНИСЕФ Консепсияи навбатии таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2045 ва Стратегияи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045 қабул гардид. Ин ҳуҷҷатҳо барои бунёди ҷомеаи баробар, фарогир ва ҳуқуқмеҳвар мусоидат менамоянд [7, с. 2].

Маълум аст, ки тибқи қонунгузории Тоҷикистон, яъне Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» зинаи аввали таҳсилот дар Тоҷикистон муассисаҳои таҳсилотии томактабӣ мебошанд ва таълиму тарбия, ташаккулдиҳии шахсият дар ин муассисаҳо ва оила оғоз меёбад.

Имрӯз бесабаб нест, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо баробари соҳаи маорифро ҳамчун соҳаи афзалиятнок ва омили муҳимми таҳкими амнияти миллӣ эълон намудан, ба бунёди муассисаҳои томактабӣ ва фарогирии 50% кӯдакон ба таълиму тарбияи томактабӣ диққати махсус медиҳанд. Дар навбати худ шаҳрвандони ватандӯст дастуру ҳидоятҳои сарвари кишварро дастгирӣ намуда, дар бунёд ва ба истифодадиҳии биноҳои

таҷҳизонидашудаи муассисаҳои томактабӣ ва муассисаи таҳсилоти минёнаи умумӣ дар тамоми шаҳру ноҳияҳо ҳиссагузорӣ менамоянд. Дар ин раванд масъалаи ба таҳсилу тадрис, дастгирию мадади КИМД дар канор намондаанд. Дар суханронию Паёмҳо, вохӯрию сафарҳои корӣ сарвари кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёрию дастгирӣ ва эътирофу эҳтироми тавонмандию офиятбахши ҳамаи табақаҳои осебпазири ҷомеа, махсусан, КИМД хеле арзишманд пешниҳод менамоянд.

Албатта, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти ваколатдор ва масъул барои иҷрои супоришу дастурҳо, иҷрои қонунҳо, стратегияҳо, консепсияҳои коркард ва қабулкардаи давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон оид ба рушди таҳсилоти фарогир, ҳалли мушкилоти он бо назардошти ташкили заминаи устувори ҳуқуқиву меъёрӣ, моддию методӣ, омода намудани мутахассисон ва такмили ихтисоси онҳо диққати махсус медиҳад. Махсусан, қабул карда шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» (2025) дар пешрафти назария ва амалияи таҳсилоти фарогир низ нақши муҳим хоҳад бозид.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» (2025) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзгоронро муваззаф мегардонад, тамоми донишҳои заруриро роҷеъ ба масъалаи ташаккули ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдакони дорои имконияти ҷисмонӣ ва равонӣ дошта бошанд.

Муҳаққиқ Б. Маҷидова, дар бораи тайёр намудани мутахассисони дорои касбият барои кӯдакони имконияти маҳдуд дар мақолаи худ чунин изҳори ақида намудааст: «Дар пойтахти кишвар дар соли 1992 гурӯҳи олигофренопедагогика ва дар соли 2008 ташкили гурӯҳи таълимии сурдопедагогика, олигофренопедагогика бо ихтисоси иловагии омӯзгори таърих (2013), сурдопедагогика бо ихтисоси иловагии омӯзгори информатика, минбаъд олигофренопедагогика – омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, логопедия – омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, сурдопедагогика – омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик бо дастгирии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият дод, ки дар ҳалли масъалаи назария ва амалияи таҳсилоти фарогир қадами ҷиддӣ гузошта шавад» [10, с. 188].

Дар барномаи таълимии курсҳои такмили ихтисоси мураббиёни муассисаҳои томактабӣ ва МТМУ барои беҳтар намудани кор бо кӯдакони ИМД, омӯзонидани онҳо бо нозукиҳои кор бо кӯдакони махсус, такмили дониш, маҳорату малакаҳои фардикунонии таълим дар низоми таҳсилоти фарогир соатҳои махсус оид ба дарсҳои назариявию амалӣ ворид карда шудаанд.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилот ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ (ДДОТ) ба номи Садриддин Айнӣ, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб (ДДК) ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф (ДҶТИБКМ) ва филиалҳои он дар шаҳру вилоятҳои кишвар дар рушди ҳамкориҳо ба шарикони рушд, махсусан, ба намояндагии Созмони Милали Муттаҳид оид ба рушди таҳсилоти фарогир, рушди барвақтии кӯдак, ки яке аз масъалаи мубрам барои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои КИМД мебошанд, диққати махсус медиҳанд. Вохӯриҳо, мизҳои мудаввар, семинар-тренингҳои омӯзишӣ ва ғайраҳо баргузор менамоянд. Ҳам Консепсия ва ҳам Стратегияи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ба ҳисоб гирифтани хулосаи мушовирони бонуфузи ин Созмон дар ин самт таҳия карда шудаанд. Аз ин рӯ, дар моҳи ноябри соли 2025 аз ҷониби кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ конференсияи ҷумҳуривии илмӣ – назариявӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои педагогӣ – психологии хизматрасониҳои иҷтимоӣ» бо иштироки олимону муҳаққиқони ватанӣ ва ҳайати профессорон, дотсентон, номзадони илм, омӯзгорону донишҷӯён баргузор гардид.

Дар конференсияи ҷумҳуриявӣ масъалаи амалигардонии талаботи Консепсияи пешрафти таҳсилоти фарогир барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омода намудани мутахассисон барои кор бо кӯдакони имконияти маҳдуддошта мавриди муҳокима қарор гирифт.

Таъкид гардид, ки яке аз роҳҳои пешгирии ба вуҷуд омадани нуқсонҳо дар инкишофи кӯдак ва роҳҳои пешгирию ислоҳи он ташкили дахолати барвақтии мутахассисони тиббӣ, педагогика ва психология баъди таваллуд то се солагӣ мебошад. Барои амалӣ гардидани ин амал бояд таҷрибаи кишварҳои дуру наздики хориҷа омӯхта шуда, дар асоси баҳисобгирии шароитҳои иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон, хусусиятҳои таълиму тарбияи миллӣ зарурияти таҳия ва амалигардонии амсилаи дахолати барвақтии кӯдакон ба миён омадааст [4, с. 65].

Ба ин раванд ҷалб намудани мутахассисони соҳаи тиб, педагогикаи коррексионӣ (махсус) – олигофренопедагогҳо, сурдопедагогҳо, тифлопедагогҳо, логопедҳо, психологҳои махсус хеле муҳим мебошанд. Инчунин, дар Конвенсияи ҳуқуқӣ минбаъд истифода бурдани мафҳумҳои кӯдаки нуқсондор, маъюб манъ карда шудааст. Дар ҳамаи ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ҳуқуқи башар новобаста ба имконияту талаботи кӯдак кафолат дода мешавад, чунин табақаи кӯдакони осебпазир ҳамчун шахсияти арзишманд эътироф гардида, теъдоди онҳо муайян ва ба низоми таҳсилот ҷалб карда шаванд.

Ба таълиму тарбия фаро гирифтани ин қишри ҷоме (яъне кӯдакони дорои имконияти маҳдуди саломатӣ ва ё ҷисмонидошта), асосан, дар асоси таълими фанни асосҳои педагогика ва психологияи махсус (педагогика ва психологияи коррексионӣ – ислоҳ) мавриди амал қарор мегирад [6, с. 7].

Таълими фанни асосҳои педагогика ва психологияи махсус тибқи таълимоти мутафаккирону муҳаққиқони хориҷию ватанӣ дар навабати худ ба шохаҳои зерин ҷудо карда мешавад:

1. Сурдопедагогика – илмест, ки дар бораи хусусиятҳои таълиму тарбияи одамони кар ва гунг маълумот медиҳад;

2. Тифлопедагогика – илмест, ки дар бораи хусусиятҳои таълиму тарбияи одамони нобино маълумот медиҳад;

3. Олигофренопедагогика – илме, ки дар бораи хусусиятҳои таълиму тарбияи одамони камақл маълумот медиҳад;

4. Логопедия – илм дар бораи бартараф кардани камбудиҳои нутқии кӯдакон;

5. Дефектология–илм дар бораи кӯдакони имконияти саломатӣ ва ҷисмонидошта мебошад [7, с. 21].

Маҷмуи умумии қонуну қоидаҳое, ки барои таълим додан ба кӯдакони ақлан ақибмонда пешниҳод мегардад, ин илми нуқсоншиносӣ «Дефектология» мебошад, ки он, асосан, бо фанҳои соҳаи тиб, психология ва шохаҳои он, педагогика ва шохаҳои он, таъриху фалсафа, тарбияи ҷисмонӣ, анатомия ва физиологияи инсон зич алоқаманд мебошад. Дар ин раванд омӯзгорро зарур аст, ки донишҳои баланди анатомию физиологӣ, педагогию психологӣ ва технологияи дар амал татбиқ кардани онро дошта бошад.

Доир ба масъалаи мазкур дар як қатор шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд муассисаҳои таҳсилоти фарогир, дармонгоҳ – марказҳои саломатӣ аз тарафи табибони оилавӣ, табибони бачагона, педагогон, равоншиносон барои таъмин намудани рушди барвақтии кӯдакони дорои имкониятҳои махсуси саломатӣ ва ҷисмонидошта дахолати барвақтӣ таҳия ва амалӣ шуда истодаанд. Мушкилоти амалигардонии амсилаи дахолати барвақтӣ ба рушди кӯдакони махсус ин нарасидани мутахассисони махсуси педагогӣ, психологӣ ва ташкилу баргузории корҳои профилактикӣ – ислоҳӣ мебошанд, то онҳо дар як вақт оила – падару модарон ва пайвандони кӯдак худи кӯдакро бояд дастгирӣ намоянд.

Бар масъалаи ба таълиму тарбия ҷалб намудани кӯдакони дорои имконияти маҳдуди саломатӣ ва ҷисмонидошта дар ватани азизи мо доир ба ин қишри осебпазири ҷомеа як қатор корҳои муҳимму саривақтиро ба анҷом расонида, кор дар ин самт ҷоннок шуда истодааст, зеро масъалаи мазкур зери таваҷҷуҳи махсуси Ҳукумати мамлакат ва хосатан, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

Дар баробари пешравӣ, муваффақияту комёбиҳо дар хусуси ба таълиму тарбия фаро гирифтани кӯдакони имконияти маҳдуди саломатӣ ва ҷисмонидошта инчунин баъзе мушкилоти ба худ хосро низ доро мебошад, ки пешгирӣ ва бартарафсозии он таваҷҷуҳи махсус ва ҳамкории мутақобиларо талаб мекунад [12, с. 13].

Доир ба масъалаи бартарафсозии камбудию норасоиҳо муҳаққиқон Султонмурод Туронов ва Шукурбой Ҷумъаев дар дастури худ «Асосҳои педагогикаи махсус» ((коррексионӣ) -2011) чунин ибрози ақида намудаанд: «Имрӯз зарурияти беҳтар кардани ҳамкориҳо бо ташкилотҳои ҷамъиятии «Ирода», «Дилҳои кушод», «Дунёи рушди ҷомеа», «Рушди инклюзия» ва ғайраҳо ба миён омадааст. Ин ташкилотҳои ҷамъиятиро метавон бо мақсади ҷалб намудани диққати аҳли ҷомеа ба мушкилоти хонаводаи кӯдаки махсусдошта, баланд бардоштани фарҳанги тарбияти волидону ташаккули таҳаммулпазирӣ ба КИМД, болобардории мақому рисолати чунин оилаҳо дар таълиму тарбия, омӯхтану ҷамъбаст намудани таҷрибаи арзишманд бо воситаи семинар – тренингҳо, машқҳои омӯзишӣ, бозиҳои таълимӣ мувофиқи имкониятҳои фардии кӯдакон ва ғайраҳо истифода бурдан мумкин аст» [18, с. 210].

Итминон ба неруи тарбия ва имконоти он дар роҳи дигаргунсозии ҷомеа, ки дар асарҳои мутафаккирони пешқадам инъикос ёфтаанд, дар инкишофи назария ва амалияи педагогӣ нақши калон бозиданд, имконоти таълими бачаҳои носолимро асоснок намуданд. Муаллифи «Дидактикаи бузург» Ян Амос Коменский ба ин муносибат навишта буд: «Оё нобиноён, ношунавоён ва оқизонро омӯзондан мумкин аст? Дар ҷавоб худ чунин гуфтааст: Бале, аз таълим набояд ҳеҷ кас дар канор монад» [18, с. 23].

Дар шароити имрӯза аз тарафи муҳаққиқону олимони соҳавӣ ва мутахассисон ду сабаби пайдошавии иллати бачагони ҷисман ва ақлан ақибмонда муайян карда шудааст: модарзодӣ ва пайдоишӣ.

Доир ба пайдошавии иллатҳо дар кӯдакони имконияти маҳдуди саломатӣ ва ҷисмонидошта муҳаққиқон Туронов С. ва Ҷумъаев Ш. чунин ибрози андеша намудаанд: «Пайдоиши иллати модарзодӣ бештар дар натиҷаи вайроншавии чанине, ки ҳанӯз дар батни модар ба вуҷуд омадааст ва ё дар давраи заҳролудшавӣ, захмдоршавӣ, вайроншавии хӯрокхӯрӣ ба амал меояд, пайдо мешавад» [18, с. 26].

Консепсияи таҳсилоти фарогир оид ба кӯдакони имконияташон маҳдуд дар тули чандин даҳсолаҳо дар ҷомеаи башарӣ такмил ва густариш ёфта истодааст. Омӯзиш ба таълими таҳсилоти фарогир, асосан аз муносибатҳои байналмилалӣ сарчашма гирифтааст ва мақсаду ҳадафҳои асосии он аз шароитҳои мусоид фароҳам овардан ба ҳамаи қишрҳои ҷомеа ва махсусан, ба он нафароне, ки ба гурӯҳи одамони дорои имкониятҳои махсуси саломатӣ ва ҷисмонӣ мебошад, иборат аст. Тибқи маълумоти сарчашмаҳои солҳои пешин шахсони дорои имконияти маҳдуд ба таълиму тадрис ҷалб карда намешуданд ва ин қишри осебпазири ҷомеаро ба муассисаҳои таълимие, ки дар он шахсони муқаррарӣ таълиму тарбия ва ба илм омӯхтан машғул буданд, роҳ дода намешунанд. Аз ҳамин сабаб имӯзҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Вазорати маориф ва илм ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар ҷумҳурӣ талабот ба ислоҳи чунин шаклҳои таълиму тарбия ва илму донишомӯзии ингуна ашхос пеш омад.

Адабиёт:

1. А. Рӯдакӣ, Ашъор (Таҳияи Расул Худоизода ва Али Муҳаммадии Хуросонӣ) [Матн] / Р. Абуабдуллоҳ. – Душанбе: Ирфон, 2007. – С. – 413

2. Асосҳои таҳсилоти инклюзивӣ, китоби дарсӣ (зери таҳрири гурӯҳи корӣ) Душанбе: 2013, С. – 180

3. Асосҳои таҳсилоти фарогир. Мураттибон Б.Маҷидова, Н.М. Юнусова, Г.А. Қурбонова (бо забони тоҷикӣ ва русӣ), Душанбе: 2013, С. – 228

4. Ёрматзода А.Ҷ. Имконият ва роҳҳои ба омӯзиш фаро гирифтани бачагони ақлан ақибмонда ба фаъолияти таълимӣ Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назарявӣ дар

мавзуи «Хусусиятҳои педагогӣ – психологии хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба шахсони имконияташон маҳдуд» Кӯлоб: 2025, С. – 131

5. Иматова Л., Туронов С. Хусусиятҳои педагогӣ- психологии кӯдакони дорои нуқсони нутқӣ. Душанбе: 2013, С. – 156

6. Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015. Қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 11 апрели соли 2011, №515.

7. Консепсияи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2024, № 652.

8. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016.

9. Маҷидова Б., Ёдгорова Е Асосҳои логопедия. Душанбе: 2016, С. –153

10. Маҷидова Б. Таҳсилоти фарогир. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои педагогӣ – психологии хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба шахсони имконияташон маҳдуд». Кӯлоб: 2025, С.– 131

11. Нормативные правовые акты и методические пособия по государственно-частному партнёрству в Республике Таджикистан. (бо заб. тоҷикӣ, русӣ), Душанбе 2023, С. – 271

12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] – ш. Душанбе: 28 декабри соли 2023.

13. Педагогикаи коррексионӣ китоби дарсӣ (зери таҳрири Б. Рахимов) Душанбе: 2011, С. – 196

14. Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030.

15. Стратегияи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2025, № 515.

16. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони аҳли ҷомеаи мамлакат. [Матн] – ш. Душанбе: 4 июли соли 2013.

17. Таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) (Дастури таълимӣ). Душанбе, 2013, С. – 224

18. Туронов С., Ҷумъаев Ш. Асосҳои педагогикаи махсус (коррексионӣ). Душанбе: 2011, С. – 210

РОҲҲОИ БА ТАЪЛИМИ ФАРОГИР ҶАЛБ НАМУДАНИ КӮДАКОНИ ИМКОНИЯТИ МАҲДУД ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ ТАҲСИЛОТ

Таҳсилои фарогир раванди таълимию тарбиявие, ки дар он ҳамаи кӯдакон, новобаста аз тафовути ҷисмонӣ, равонӣ, ахлоқӣ, зеҳнӣ ва дигар хусусият, ба низоми таҳсилоти умумӣ ворид шуда, бо дигар ҳамсолони худ дар як муассисаи таълимӣ ба таълиму тарбия машғул мегарданд. Ин навъи таълим имконият медиҳад, ки кӯдакони дорои имконияти маҳдуд дар баробари кӯдакони солим бо қадру имкониятҳои тавоноӣ ташаккул ёбад. Таҳсилоти инклюзивӣ аз ҷониби тамоми ҷомеаи башарӣ ҳамчун як рукни инсондӯстӣ ва некбинӣ эътироф гардидааст, ки ҷомеаи Тоҷикистон низ инро дастгирӣ менамояд.

Имрӯз рушди таҳсилоти фарогирро дар соҳаи маорифи кишвар, ки зери ғамхорӣ ва таваҷҷуҳи махсуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад, ба яке аз масъалаҳои авлавиятдошта ҳисоб намудан мумкин аст, зеро рӯз то рӯз таваҷҷуҳ нисбати ин қишри ҷомеа аз тарафи Ҳукумати мамлакат ва хосатан, Сарвари кишварамон бештар шуда истодааст.

Мақолаи мазкур низ ба масъалаи ҷалб намудани хонандагони имконияти маҳдуд бахшида шудааст, ки дар он муаллиф аз муваффақияту норасоиҳои ин соҳа мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гифтааст. Чунончи муҳаққиқ дар мақолаи худ овардааст: Доир ба масъалаи баланд бардоштани тараққиёт ва ташаккулёбии ҳаматарафагии шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд олимон, муҳаққиқони ватанию хориҷӣ як қатор фикру ақидаҳои худро роҷеъ ба масъалаи таҳсилоти фарогир дар корҳои илмӣ таҳқиқотии худ баён намудаанд, ки онро муҳаққиқ дар шакли иқтибос хеле хуб овардааст. Ҳамчунин, муҳаққиқ дар мақолаи худ таъкид мекунад, ки таълими кӯдакони дорои маъюбият бо дигар ҳамсолони худ дар

мактабҳои муқаррарӣ ва умумӣ бояд сурат бигирад. Зеро таҳсилоти фарогир ба идеологияе асос ёфтааст, ки ҳамагуна табъизро нисбат ба кӯдакон истисно мекунад ва муносибати баробариро нисбат ба ҳама таъмин менамояд.

Калидвожа: таълим, тарбия, омӯзгор, таҳсилоти фарогир, имконияти маҳдуди саломатӣ ва ҷисмонӣ, падару модар, мутахассиси соҳа, муассисаи таълимии ёрирасон.

СПОСОБЫ ВОВЛЕЧЕНИЯ ДЕТЕЙ С ОГРАНИЧЕННЫМИ ВОЗМОЖНОСТЯМИ В ОТКРЫТОЕ ОБРАЗОВАНИЕ В СОВРЕМЕННЫХ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УСЛОВИЯХ

Инклюзивное образование –это образовательный и воспитательный процесс, в котором все дети, независимо от физических, психологических, моральных, интеллектуальных и других различий, поступают в общеобразовательную систему и участвуют в обучении и воспитании вместе со сверстниками в одном и том же учебном заведении. Этот вид образования позволяет детям с ограниченными возможностями развивать свой потенциал наравне со здоровыми детьми. Инклюзивное образование признано всем человечеством как опора гуманизма и оптимизма, и его поддерживает общество Таджикистана.

Сегодня развитие инклюзивного образования в системе образования страны, находящееся под особым вниманием и заботой Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона, можно считать одним из приоритетных вопросов, поскольку внимание, уделяемое этому сегменту общества правительством страны, и в частности, главой нашей страны, растет с каждым днем.

Данная статья также посвящена вопросу привлечения учащихся с инвалидностью, в которой автор исследовал и обсудил успехи и недостатки этой области. Как отмечает исследователь в своей статье: Что касается вопроса повышения уровня развития и всестороннего формирования людей с инвалидностью, отечественные и зарубежные ученые в своих научных работах выразили ряд мнений и идей по вопросу инклюзивного образования, которые исследователь очень хорошо процитировал в виде цитат. Исследователь также подчеркивает в своей статье, что образование детей с инвалидностью должно происходить вместе с их сверстниками в обычных и общеобразовательных школах. Потому что инклюзивное образование основано на идеологии, исключающей любую дискриминацию в отношении детей и обеспечивающей равное обращение со всеми.

Ключевые слова: образование, воспитание, учитель, всестороннее образование, здоровье и физические ограничения, родители, специалист в данной области, вспомогательное учебное заведение.

WAYS TO INVOLVE CHILDREN WITH DISABILITIES IN OPEN EDUCATION IN MODERN EDUCATIONAL CONDITIONS

Inclusive education is an educational and educational process in which all children, regardless of physical, psychological, moral, intellectual and other differences, enter the general education system and are engaged in education and upbringing with their peers in the same educational institution. This type of education allows children with disabilities to develop their potential and potential on a par with healthy children. Inclusive education has been recognized by the entire human community as a pillar of humanity and optimism, which is also supported by the society of Tajikistan.

Today, the development of inclusive education in the country's education sector, which is under the special care and attention of the Leader of the Nation, the Honorable Emomali Rahmon, can be considered one of the priority issues, as the attention paid to this segment of society by the Government of the country, and in particular, by the Head of our country, is increasing day by day.

This article is also devoted to the issue of attracting students with disabilities, in which the author investigated and discussed the successes and shortcomings of this field. As the researcher stated in his article: Regarding the issue of increasing the development and comprehensive

formation of people with disabilities, domestic and foreign scientists have expressed a number of their opinions and ideas on the issue of inclusive education in their scientific research works, which the researcher has very well cited in the form of a quote. The researcher also emphasizes in his article that the education of children with disabilities should take place with their other peers in regular and general schools. Because inclusive education is based on an ideology that excludes any discrimination against children and ensures equal treatment for all.

Keywords: education, upbringing, teacher, comprehensive education, health and physical disabilities, parents, specialist in the field, auxiliary educational institution.

Маълумот дар бораи муаллиф: Ёрматзода Алишер Ҷолмат, номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров, 16. Телефон: (+992) 988-53-69-62. E-mail**:** yormatzoda@mail.ru

Сведения об авторе: Ёрматзода Алишер Джолмат, кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры гуманитарных наук и методики преподавания Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. Телефон: (+992) 988-53-69-62. Электронная почта: yormatzoda@mail.ru

Information about the author: Yormatzoda Alisher Jolmat, candidate of pedagogical sciences, senior lecturer in the department of humanities and teaching methods at Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, Sangak Safarov Street, 16. Phone: (+992) 988-53-69-62. Email: yormatzoda@mail.ru

Муқарриз: Рачабзода Д., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ:5/55

РОҲҲОИ ИНКИШОФ ДОДАНИ ТАРБИЯИ МЕҲАТӢ ВА ПОЛИТЕХНИКИИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ХИМИЯ

Исмоилова М.К., н.и.п., и.в.дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Дар назди системаи маориф вазифаи басо душвору масъулиятнок тарбияи шахси дониши баланди дунявӣ ва аз ҷиҳати идеявӣ мустаҳкаму устувор меистад.

Ин талабот бевосита маълумоти химиявиро низ дар бар мегирад.

Аз ин ҷо омӯзиши химия ба он равона карда шудааст, ки насли ҷавонро бо донишҳои химиявии мустаҳкам мусаллаҳ намуда, малакаю маҳорати дар ҳаёт истифода бурда тавонистани онҳоро ташаккул диҳад. Ин мақсад ҳамон вақт ба даст оварда мешавад, ки агар ба таври доимӣ мақсаднок ва ба таври маҷмуӣ ба таълим ва аз худ кардани донишҳои химиявӣ муносибат намоем.

Имкониятҳои таълимию тарбиявии доимо рушдёбандаи химия мақсади таълими химия, мундариҷа ва мавқеи онро дар байни фанҳои дигари мактабӣ муайян месозад. Аҳаммияти иҷтимоии табиат ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳли ҷомеа яке аз мақсадҳои асосии химия буда, барои тайёрии политехникӣ, тарбияи идеявӣ-сиёсӣ, ахлоқӣ ва меҳнатии хонандагон имкониятҳои калон фароҳам меорад.

Зуева М.В. қайд менамояд, ки «таълими химия бояд дар инкишоф бошад. Химияи мактабӣ донишҳои илмии лозимаро дар бар мегирад. Ҳангоми таълими химияи мактабӣ истифодаи усули проблемавӣ, методҳои озмоиши химиявӣ, методи диалектикии фаҳмиш

барои рушди тафаккур (фикр), хотира, нутқ, тахайюлот ва ғайра аҳаммияти бағоят калон доранд» [7, с. 34].

Вазифаи асосии маълумоти химиявӣ дар мактаби миёна он аст, ки ба насли ҷавон донишҳои химиявӣ дар шакли ҷамъбасти мантиқӣ ва коркарди дидактикӣ дода шавад.

Муҳаққиқон Зубайдов У.З., Холназаров С. дар сарчашмаи илмии худ чунин ибрози ақида менамоянд, ки «талаботи ҳозираи ҷамъият дар мавриди тарбияи шахсияти ҳаматарафа ташаккулёфта ҳамон вақт қонеъ мегардад, ки агар таълиму тарбия ба таври маҷмуӣ ва мақсаднок дар амал татбиқ карда шавад. Ин мақсадро дар шароити таълими мактабӣ хубтар ба амал баровардан мумкин аст» [6, с. 146].

Вазифаи таълимии химия омили асосӣ ва муайянкунанда буда, танҳо дар асоси донишҳо ва маҳорати азхудкардашуда, арзишҳои ба ҷамъият лозимаро нигоҳ дошта, шахсиятро ташаккул додан мумкин аст.

Оиди вазифаи тарбиявии таълим педагог Иванова Р.Г. бар он ақида аст, ки «Хусусияти тарбиявӣ доштани таълим қонунияти объективӣ мебошад. Вазифаи таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳӣ дар раванди таълими химия дар якҷоягӣ амалӣ гардонида мешавад. Химия ба хонандагон барои донистани ҷаҳоне, ки онро иҳота кардааст: моддаҳо, гуногунии онҳо, бар асоси аксуламал табдил ёфтани онҳо имкониятҳои васеъ ба вуҷуд меорад. Ҳамаи ин муносибати онҳоро нисбат ба муҳити беруна муқаррар месозад» [8, с. 33].

Иҷрои таҷрибаҳо хонандагонро ба коркарди маводҳои гуногун, мушоҳидакорӣ, тозакорӣ, масъулиятшиносӣ, саъю кӯшиш ва дигар хусусиятҳо роҳнамун месозад.

Барои расидан ба мақсади омӯзиши химия бояд дар раванди таълим ягонагии вазифаи таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳии он нигоҳ дошта шавад. Пеш аз он ки масъалаи чиро ва чӣ тавр омӯхтанро ҳал намоем, бояд мақсади таълимро муайян созем. Мақсад натиҷаи пешакӣ муайяншудаи таълим аст, ки барои ба даст овардан фаъолияти якҷояи муаллим ва хонанда дар раванди омӯзиши химия ба он равона карда мешавад. Мақсаду мароми таълимро талаботи ҷамъият муайян месозад.

Ба таълим муносибати маҷмуӣ кардан се мақсади асосиро пеш мегузорад: таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳӣ.

Ҳамаи муаллимон дар вақти ба нақша гирифтани дарс ва тайёрӣ ба он нуктаҳои зикршударо бояд ба назар гиранд.

Мақсади умумии таълими химия равандҳои зеринро дарбар мегирад:

- аз тарафи хонандагон аз худ намудани асосҳои илми химия, тайёрии политехникӣ, шиносоӣ бо асосҳои истеҳсолоти химиявӣ, химиконидани хоҷагии қишлоқ;

- ба вуҷуд овардани маҳорати мушоҳида карда тавонистан ва фаҳмондани моҳияти ҳодисаҳои химиявӣ, ки дар табиат, лаборатория ва истеҳсолот ҳамарӯза мегузаранд, инчунин фаҳмонида тавонистани маводи таълим;

- тарбияи маҳорат ва малакаи муносибат кардан бо моддаҳо, таҷҳизоти химиявӣ, асбобҳои санҷишӣ, гузаронидани таҷрибаҳои оддии амалӣ (экспериментӣ), ҳал карда тавонистани масъалаҳои химиявӣ, корҳои графикӣ ва ғайра;

- тайёр кардани хонандагоне, ки дониши гирифтаашонро оянда дар ҳаёт ва зиндагии ҳаррӯза истифода бурда тавонанд;

- дар хонандагон ба вуҷуд овардани фаҳмиши илмии табиату ҷамъият, тарбияи ватандӯстӣ, инсондӯстӣ, меҳаншиносӣ ва ғайраҳо;

- дар хонандагон бедор кардани шавқу ҳавас нисбат ба химия, барои ба таври мустақилона аз худ кардани донишҳо;

- тараққӣ додани қобилиятҳои умумӣ ва алоҳида, мушоҳидакорӣ, озодагӣ ва дигар хислатҳои шахсият.

Дар мавриди истифода намудани донишҳои химиявӣ оиди тарбияи политехникии хонандагон муҳаққиқ Кирилова Г.Д. чунин мешуморад, ки «Яке аз мақсадҳои асосӣ дар тайёр кардани мутахассисони химия ин мусаллаҳ гардонидани муаллимони ояндаи химия бо асосҳои илмҳои дақиқ, гуманитарӣ ва истифодаи ин донишҳо дар ҳаёт мебошад. Дар раванди таълими химия истифода намудани донишҳои фанҳои дақиқ (қонунҳо, муодилаҳо, бузургиҳо

ва ғайраҳо) барои аз худ намудани донишҳои химиявӣ ва ҳалли масъалаҳо ёрӣ мерасонанд. Донистани забони таълим, тарзи баён, нутқи муаллим барои аз худ кардани маводи таълимии химия аҳаммияти ҳалкунанда доранд. Барои ҳамин дар омӯзиши химия ва тайёр кардани муаллимони химия ба ин масъала диққати махсус дода мешавад» [9, с. 119-120].

Бояд ҳар як муаллими химия малакаю маҳорати дар хонандагон тарбия кардани тафаккури эҷодиро дошта бошад. Омӯзиши ба эҷодкорӣ равонашуда барои пурра амалӣ кардани қобилиятҳои шахс шароит муҳайё менамояд.

Маводи таълимии химия саросар моҳияти тарбиявӣ дорад. Бесабаб нест, ки ҳангоми тарбияи ҷаҳонбинии илмӣ бисёр вақт ба маводи таълими химия (умуман илми химия) муроҷиат карда мешавад.

Зимни омӯзиши химия чунин вазифаҳои тарбиявӣ бояд ҳалли худро ёбанд:

1. Ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ дар хонандагон ва донисташаванда будани ҳамаи ҳодисаҳои табиат;
2. Тарбияи ватандӯстӣ, ахлоқӣ, хештаншиносӣ;
3. Тарбияи экологӣ, меҳнатӣ;
4. Тарбияи политехникӣ, касбинтихобкунӣ ва ғайраҳо.

Педагог Кузнетсова Н.Е. дар мавриди омӯзиши химияи мактабӣ чунин қайд менамояд, ки «Химияи мактабӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии дунёфаҳмӣ ва рушди системаи ақидаҳое, ки ба дарки қонунҳои умумии табиат, вусъати тафаккури инсонӣ мусоидат мекунанд, манбаи асосӣ ҳисоб меёбад» [10, с. 65].

Масалан, омӯзиши химия барои дуруст инъикос кардани оламе, ки моро иҳота кардааст, маводи фаровоне медиҳад. Мисоли дигар, омӯхтани равандҳои химиявие, ки ҳангоми электролиз ба вуҷуд меоянд, имконият медиҳад металландуд кунем, ё ин ки ин равандро барои сирдавонии болои зарфҳои металлӣ истифода барем.

Мувофиқи гуфтаи олими бузурги рус, дар асоси қонуни даврӣ баъзе хосиятҳои элементҳои кашфнашуда пешгӯйӣ карда шуданд. Дар асоси донистани қонуниятҳои сохти пайвастагиҳои органикӣ имконият дод, ки моддаҳои дорои хосияти пешакӣ банақша гирифташуда - каучук аз бутадиен, пайвастагиҳои калонмолекула ва ғайраҳо синтез карда шаванд.

Дар тамоми марҳалаи омӯзиши химия хонандагон мефаҳманд, ки реаксияи химиявӣ намуди ҳаракати материя мебошад. Аз содда ба мураккаб гузаштан ҳангоми омӯхтани химия далели он аст, ки ҳамаи ҳодисаҳо донисташавандаанд.

Донистани реаксияҳо, реаксияи оксиду барқароршавӣ барои дарки қонуни табиат (категория) ва қонуни инкори инкор ёрӣ мерасонад. Омӯхтани қатори гомологӣ, таркиб ва таснифоти онҳо қонуни гузаштан аз миқдор ба сифатро пурра инъикос мекунад.

Чернобелская Г.М. чунин мешуморад, ки дар асоси маводи курси химия исбот намудани алоқаи диалектикии далелу ҳодисаҳои химиявӣ бисёр бамаврид аст. Масалан, ба ин алоқаи байниҳамдигарии атом ва хосияти элемент, сохти моддаҳои органикӣ ва хосияти онҳо мисол шуда метавонад, ки дар ҳарду ҳолат сабабаш сохт мебошад. Ҳамаи ин хонандагонро водор менамоянд, ки ба ҳақиқат будани дониши худ боварӣ ҳосил намоянд [14, с. 176].

Хонандагон бояд муҳитеро, ки моро иҳота менамояд, донанд. Амалия, аз як тараф, сарчашмаи дониш бошад, аз тарафи дигар, меъёри ҳақиқат аст.

Дар ин ҷо ошно кардани хонандагон ба таърихи илми химия, пешравӣ ва ҳаракати доимии он, ки сабабгори ҷамъшавии далелҳои тоза ва назарияҳои нав мешавад, бисёр бамаврид аст.

Раванди ташаккули ҷаҳонбинӣ ин пеш аз ҳама раванди ташаккули фикрронӣ аст. Дуруст дарк ва қабул кардани маводи омӯзиш ин аввалин талаботи ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ мебошад. Хонандагон бояд ҷамъбаст намудан, ба низом даровардани фикр, дида тавонистани масъала ва роҳҳои ҳалли онро ёд гиранд.

Дар мавриде, ки таълим ба ташаккули шахсият равона карда шудааст, тарбияи экологии хонандагон дар раванди омӯзиши химия аҳаммияти калон касб мекунад.

Муаллими химия ҳангоми ҳалли масъалаи тарбияи экологӣ бояд муносибати дутарафа намояд: 1) аз як тараф нақши равандҳои химиявиро дар фаъолияти ҳаёти табиати зинда ва ғайризинда шарҳ медиҳад, яъне нақши мусбати химияро дар ҳаёти табиати зинда зикр менамояд; 2) дар ҳолати дуюм, чӣ тавр химия дағалона, зарароварона ба муҳите, ки моро иҳота кардааст, дохил мешавад ва оқибатҳои нохуши онро таъкид месозад. Ин тавр муносибат намудан ба масъала дар хонандагон муносибати эҳтиёткорона, инсондӯстонаро ба табиат бедор менамояд ва онҳо барои аз худ намудани донишҳои химиявие, ки тавассути онҳо пеши роҳи ин вайронкориҳоро гирифтан мумкин аст, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то ин ки ҳиссаи худро дар муҳофизати табиат гузоранд.

Дар мавзуъҳои гуногуни химия мазмуни донишҳои экологӣ то як андоза ҷой дода шудаанд. Муҳимаш он аст, ки хонандагонро барои мубориза бар зидди вайронкориҳо ва дуруст нигоҳ доштани муҳити зист, умуман табиат тайёр намоем. Барои ин мунтазам гузаронидани корҳои беруназсинфӣ ёрии калон мерасонад.

Педагоги машҳур Бабанский Ю.К. оиди муҳиммияти тарбияи меҳнатӣ чунин ибрози ақида менмояд, ки тарбияи меҳнатӣ дар омӯзиши химия ҷойи махсуси худро дорост. Омӯзиши фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии олимони бузурги илми химия барои тарбияи меҳнатии хонандагон маводи бой медиҳад. Дар ин ҷо нишон додани маҳсули меҳнати онҳо ва аҳаммияташон барои хоҷагии халқ, илм, пешравии ҷамъият шарти муҳим ҳисоб мешавад [2, с. 39].

Бабанский Ю.К. оиди ин масъала қайд менамояд, ки дар хонандагон пайдо намудани малакаю маҳорати иҷрои корҳои амалӣ-таҷрибавӣ, шинос кардани онҳо бо саноати химияи ҳозиразамон, химиконидани хоҷагии қишлоқ, муносибат ба зарфҳо, асбобҳо, реактивҳо, таҷҳизоти техникӣ, ташкили дурусти меҳнат ва озодагӣ барои тарбияи меҳнатӣ, зебоипарастӣ шароити хуб муҳайё месозад [3, с. 96]

Масъалаи тарбияи меҳнатиро ба воситаи фаъолияти хонандагон дар дарсҳо, ки асосашро кори мустақилона ташкил мекунад, амалӣ кардан мумкин аст. Меҳнати дастаҷамъонаи таълимӣ, кумак ба якдигар на танҳо меҳнатро осон менамояд, балки иззату эҳтиром ба меҳнатро ба вуҷуд меорад.

Олимон Холназаров С., Ҳакимов О. иброз медоранд, ки фанни химия тарбияи политехникии хонандагонро таъмин месозад [13, с. 134-135]. Тарбияи политехникии хонандагон чунин нуктаҳоро фаро мегирад: аз ҷиҳати илмӣ шарҳи моҳият, принсипҳои истеҳсолоти химия ва махсусияти онҳо; пайдо кардани фаҳмиши технологӣ; шиносоӣ бо истеҳсолоти химиявии ватанӣ бо истифода аз равандҳои химиявӣ; додани маълумот оид ба истифодаи маводи химиявӣ дар ҳаёт ва хоҷагии халқ; ошкор сохтани моҳияти химиконидани хоҷагии халқ ва ояндаи он, нишон додани робитаи илм, истеҳсолот ва ҷамъият; ҳосил кардани маҳорату малакаҳои ҳал карда тавонистани масъалаҳои ба истеҳсолоти химиявӣ алоқаманд; хондан ва тартиб дода тавонистани нақша, графикҳо, корҳои лабораторӣ ва амалӣ оид ба муайян кардани моддаҳо; нишон додани аҳаммияти химия барои баланд бардоштани ҳосилнокии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва ҳалли мушкилоти озуқаворӣ; тарғиби интихоби касб ва маълумот додан дар бораи касбҳои ба химия алоқаманд ва тарбияи меҳнатӣ.

Муҳаққиқ Александров Ю.Н. дар сарчашмаи илмии худ чунин ибрози ақида менамояд, ки дар байни корҳои ташкили таълими химия экскурсия ҷои махсусро ишғол мекунад. Он яке аз воситаҳои амалӣ гардонидани тарбияи политехникӣ мебошад, ки алоқаи мактабро бо ҳаёт таъмин месозад. Экскурсияи химиявӣ дониши хонандагонро оид ба ин ё он ҷараён васеъ ва зиёд мекунад, барои аниқтар аз худ кардани моҳияти онҳо ёрӣ мерасонад. Экскурсия фаъолияти маърифатии хонандагонро фаъол намуда, на танҳо ба онҳо донишҳои нав медиҳад, балки имконияти зиёди тарбиявиро низ доро мебошад [1, с. 43-44].

Экскурсияи химиявӣ ба музей (шуъбаи канданиҳои фоиданок, саноат, хоҷагии қишлоқ), намоишгоҳҳои саноатӣ, ба корхонаҳои истеҳсолоти химиявӣ, муассисаҳои илмӣ ва табиат гузаронида мешавад. Барномаи химия барои мактаби миёна экскурсияро ба

корхонаҳои химиявӣ ва дигар корхонаҳо аз ҳисоби соатҳои барои ин ё он мавзуъ ҷудошуда пешбинӣ менамояд.

Дар мавриди банақшагирии экскурсия муҳаққиқ Байкова В.М. чунин ибрози ақида менамояд, ки ҳангоми ба нақшагирии экскурсия бояд корхонаҳои дар маҳал мавҷуда, ки ба маводи таълимии барномаи химия алоқамандӣ доранд ба назар гирифта шавад [4, с. 23]. Масалан, дар барнома дар синфҳои гуногун тахминан чунин объектҳо пешбинӣ шудаанд: музеи кишваршиносӣ, лабораторияҳои корхонаҳои химиявӣ, муассисаҳои хоҷагии қишлоқ, дорухонаҳо, ҷойҳои обтозакунӣ, конҳо ва ғайра.

Дар раванди омӯзиши истеҳсолот муҳаққиқон Кирюшкин Д.М., Пискунов М.Е. қайд намудаанд, ки ҳангоми омӯзиши истеҳсолот хонандагон бояд бо масъалаҳои рушди минбаъдаи он, алоқаи он бо илму техника, равандҳои технологӣ, касбҳои муҳимми ба химия марбутбуда ва таъйиноти он дар иқтисодиёти миллӣ ошно шаванд. Ҳангоми истифодаи маводи маҳал оид ба химия дар ҷараёни дарс омӯзгор нақши калидиро мебозад. Вай хонандагонро бо касбҳои вобаста ба химия ва истеҳсолоти маҳаллӣ марбутбуда шинос мекунад [11, с. 97].

Бояд зикр кард, ки ба роҳ мондани экскурсияи химиявӣ барои касбинтихобкунии хонандагон имконият фароҳам меоварад. Ҳангоми омӯзиши химияи мактабӣ, хонандагонро ба соҳаҳои истеҳсолоти химиявии дар маҳал буда ошно менамоянд. Масалан, лабораторияҳои химиявии донишгоҳҳои олӣ, корхонаҳои истеҳсоли намаки ошӣ, гипс, истеҳсоли алюминий, семент, корхонаҳои коркарди газ, нафт, истеҳсоли спирт, корхонаи истеҳсоли равған, корхонаҳои истеҳсоли пластмассаҳо ва наҳҳои маснуӣ.

Бояд қайд намуд, ки ин номгӯйи намунавӣ аст. Муаллими химия беҳтар медонад, ки дар шаҳр ва ноҳияи ӯ кадом, корхона ва муассисае ҳаст ва бо назардошти ин ба онҳо экскурсия ташкил мекунад, то аз ин имкониятҳои мавҷуда истифода барад.

Вобаста аз ҷараёни таълим экскурсия метавонад пешакӣ, даврагӣ ва ҷамъбастӣ бошад. Экскурсияи пешакӣ барои ҷамъ кардани маълумот пеш аз гузаштани мавзуи нав гузаронида мешавад. Экскурсияи даврагӣ барои азхудкунии маводи омӯхташуда ва экскурсияи ҷамъбастӣ барои ҷамъбаст ва ҳаматарафа аз худ кардани донишҳо гузаронида мешаванд.

Бо ақидаи Буринская Н.Н. ба мақсади интихоби касб, тарбияи политехникӣ ва меҳнатӣ гузаронидани экскурсия ба саноат, корхонаҳои хоҷагии қишлоқ ва муассисаҳои илмӣ аҳаммиятӣ калон дорад. Ҳангоми чунин экскурсияҳо хонандагон ба намудҳои асосии истеҳсолот шинос мешаванд. Онҳо оид ба ихтисосҳои гуногун, мазмуни онҳо ва дар бораи муваффақиятҳои илму техника маълумот ҳосил мекунанд [5, с. 112].

Дар вақти экскурсия ба корхонаи калон муаллим бояд аз имкониятҳои оддитарини мавҷуда истифода барад. Махсусан, гузаронидани экскурсияҳои комплексӣ фоиданок аст. Онҳоро муаллимони физика, география, химия, таърих, биология якҷоя гузаронида метавонанд. Масалан, ҳангоми экскурсия дар корхонаи нуриҳои нитрогении Вахш муаллими химия хонандагонро бо нуриҳои нитрогендор, муаллими физика бо кори асбобҳои электрикӣ, муаллими география бо сарчашмаи ашёи хом ва истифодаи маҳсулот, муаллими таърих бо таърихи пешина ва ҳозираи корхона, муаллими биология бо проблемаи муҳофизати табиат, метавонанд шинос намоянд. Дар ин мавриди алоқаи байнифаннӣ пурра ба амал бароварда мешавад. Ҳамаи ин имконият медиҳад, ки хонандагон донишҳо, маҳорату малакаҳои ҳосилнамудаашонро пурра дар амал татбиқ намоянд. Экскурсияҳои маҷмуӣ одатан бо гузаронидани конференсияҳои умумимактабӣ ҷамъбаст карда мешаванд.

Дар мавриди ташкил намудани эскурсияҳо ба хона-музейҳо Пискунов М.У. қайд менамояд, ки экскурсия ба хона-музейҳо, ҷойҳое, ки химикони намоён кор кардаанд, ба хонандагон таассуроти фаромӯшнашаванда мебахшад [12, с. 90].

Оиди ташкили экскурсия ба табиат муҳаққиқ чунин ибрози ақида менамояд, ки экскурсия ба табиат ҳамчун сарчашмаи ҷамъ овардани мавод ва коллексияҳо барои дар оянда таҳқиқ кардан хидмат мекунад. Дар ин мавриди хонандагон бисёр намунаи минералҳо ва ҷинсҳои кӯҳиро ҷамъ меоваранд ва баъд онҳоро омӯхта тасниф менамоянд [5, с. 31-32].

Қайд кардан ба мавриd аст, ки ин мавод дар тарбияи ватандӯстӣ, баланд шудани ҳисси ифтихори миллӣ, муҳаббат ба диёри худ, боигариҳои табиӣ ва ояндаи он шароити мусоид фароҳам меорад.

Адабиёт:

1. Александров Ю.Н. Подготовка и проведение экскурсии. М., Педагогика, 1974.
2. Бабанский Ю.К. Оптимизация процесса обучения. М., Педагогика, 1977.
3. Бабанский Ю.К. Проблемаҳои такмили муваффақиятноки таҳқиқоти химиявӣ: Васоити таълим. Москва: «Просвещение», 1982. –210 с.
4. Байкова В.М. Экскурсии по химии в природу: Монография. Петрозаводск, 1979. –125 с.
5. Буринская Н.Н. Учебные экскурсии по химии: Учебное пособие. Москва: «Просвещение», 1989. –83 с.
6. Зубайдов У.З., Холназаров С. Методикаи таълими химия: Васоити таълимӣ. Душанбе: «Андалеб», 2015.–256 с.
7. Зуева М.В. Обучение учащихся применению знаний на уроках химии. М., 1987.
8. Иванова Р.Г. Урок химии в средней школе. М., 1994.
9. Кириллова Г.Д. Теория и практика урока в условиях развивающего обучения. М., Просвещение, 1980.
10. Кузнецова Н.Е. Методика преподавания химии. М., Просвещение, 1984.
11. Кирюшин Д.М. Методика обучения химии: Учебное пособие. Москва: «Просвещения», 1981. –240 с.
12. Пискунов М.У. Организация учебного труда: Учебное пособие. Москва: «БГУ», 1982. –89с.
13. Холназаров С., Ҳакимов О. Асосҳои методикаи таълими химия. Дастури методӣ. Душанбе, Авесто, 2008.
14. Чернобельская Г.М. Методика обучения химии в средней школе. М., Владос, 2004.
15. Шаповаленко С. Г. Методика обучения химии: Учебное пособие. Москва. “Просвещение”, 1963.-233.

РОҲҲОИ ИНКИШОФ ДОДАНИ ТАРБИЯИ МЕҲНАТӢ ВА ПОЛИТЕХНИКИИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ХИМИЯ

Дар мақолаи мазкур муаллиф оиди ба роҳ мондани тарбияи меҳнатӣ ва политехникии хонандагон маълумот додааст. Вай қайд намудааст, ки химия ба хонандагон барои донистани ҷаҳоне, ки онро иҳота кардааст: моддаҳо, гуногунии онҳо, бар асоси аксуламал табдил ёфтани онҳо имкониятҳои васеъ ба вуҷуд меорад. Ҳамаи ин муносибати онҳоро нисбат ба муҳити беруна муқаррар месозад. Мақсади умумии таълими химия- аз тарафи хонандагон аз худ намудани асосҳои илми химия, тайёрии политехникӣ, шиносоӣ бо асосҳои истеҳсолоти химиявӣ, химиконидани хоҷагии қишлоқ, ба вуҷуд овардани маҳорати мушоҳида карда тавонистан ва фаҳмондани моҳияти ҳодисаҳои химиявӣ, ки дар табиат, лаборатория ва истеҳсолот ҳамарӯза мегузаранд, инчунин фаҳмонида дода тавонистани маводи таълим.

Тарбияи меҳнатӣ дар омӯзиши химия ҷойи махсуси худро дорост. Омӯзиши фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии олимони бузурги илми химия барои тарбияи меҳнатии хонандагон маводи бой медиҳад.

Тарбияи политехникии хонандагон чунин нуктаҳоро фаро мегирад: пайдо кардани фаҳмиши технологӣ, шиносоӣ бо истеҳсолоти химиявии ватанӣ бо истифода аз равандҳои химиявӣ, додани маълумот оид ба истифодаи маводи химиявӣ дар ҳаёт ва хоҷагии халқ, нишон додани робитаи илм, истеҳсолот ва ҷамъият, ҳосил кардани маҳорату малакаҳои ҳал карда тавонистани масъалаҳои ба истеҳсолоти химиявӣ алоқаманд.

Калидвожаҳо: тарбияи меҳнатӣ, донишҳои химиявӣ, тарбияи политехникӣ, экскурсия, истеҳсолот, маҳорату малака, ташаккул, шахсият, тарбияи экологӣ, мавод, химияи мактабӣ, таълими химия.

СПОСОБЫ РАЗВИТИЯ ТРУДОВОГО И ПОЛИТЕХНИЧЕСКОГО ОБРАЗОВАНИЯ УЧАЩИХСЯ В ПРОЦЕССЕ ПРЕПОДОВАНИЯ ХИМИИ

В данной статье автор приводит сведения о внедрении трудового и политехнического воспитания учащихся. Отмечается, что химия предоставляет учащимся широкие возможности для познания окружающего мира: веществ, их разнообразия и превращений на основе химических реакций. Всё это формирует их отношение к окружающей среде. Общая цель обучения химии заключается в усвоении учащимися основ химической науки, политехнической подготовке, ознакомлении с основами химического производства, химизации сельского хозяйства, формировании умений наблюдать и объяснять сущность химических явлений, происходящих ежедневно в природе, лаборатории и производстве, а также умений излагать учебный материал.

Трудовое воспитание занимает особое место в изучении химии. Изучение научно-исследовательской деятельности выдающихся учёных-химиков предоставляет богатый материал для трудового воспитания учащихся.

Политехническое воспитание учащихся охватывает такие аспекты, как формирование технологического мышления, ознакомление с отечественным химическим производством с использованием химических процессов, предоставление сведений об использовании химических веществ в быту и народном хозяйстве, показ взаимосвязи науки, производства и общества, а также формирование умений и навыков решения задач, связанных с химическим производством.

Ключевые слова: трудовое воспитание, химические знания, политехническое воспитание, экскурсия, производство, умения и навыки, формирование, личность, экологическое воспитание, материалы, школьная химия, обучение химии.

METHODS OF DEVELOPING STUDENTS' LABOR AND POLYTECHNIC EDUCATION IN THE PROCESS OF TEACHING CHEMISTRY

In this article, the author presents information on the implementation of labor and polytechnic education of students. It is noted that chemistry provides students with broad opportunities to understand the surrounding world—substances, their diversity, and their transformations based on chemical reactions. All of this shapes students' attitudes toward the environment. The general goal of teaching chemistry is to ensure that students master the fundamentals of chemical science, acquire polytechnic training, become familiar with the basics of chemical production and the chemicalization of agriculture, develop the ability to observe and explain the essence of chemical phenomena that occur daily in nature, laboratories, and industry, as well as to develop skills in presenting educational material.

Labor education occupies a special place in the study of chemistry. The study of the scientific and research activities of outstanding chemists provides rich material for the labor education of students.

Polytechnic education of students encompasses such aspects as the development of technological thinking, familiarization with domestic chemical production through the use of chemical processes, providing information on the use of chemical substances in everyday life and the national economy, demonstrating the interrelationship between science, production, and society, and developing skills and abilities to solve problems related to chemical production.

Keywords: labor education, chemical knowledge, polytechnic education, excursion, production, skills and abilities, formation, personality, environmental education, materials, school chemistry, chemistry teaching..

Маълумот дар бораи муаллиф: Исмоилова Муборакби Кенджаевна номзади илмҳои педагогӣ, ичрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи химия ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров-16, Тел.: **918-28-89-74.**

Сведения об авторе: Исмоилова Муборакби Кенджаевна, кандидат педагогических наук, и.о. доцента кафедры химии и методики преподавания Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова-16, Тел.: 918-28-89-74.

Information about the author: Ismoilova Muborakbi Kenjaevna, candidate of pedagogical sciences, acting associate professor in the department of chemistry and teaching methods at Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan. Kulob city, Sangak Safarov street, 16. Tel.: 918-28-89-74.

Муқарриз: Давлатмуродзода М.Д., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ:004.8:371.383 (075.8)
К-47

ЗЕҲНИ СУНЪӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ АСОСИИ РУШДИ СИФАТИ ОЛИМПИАДАҲОИ ФАННИИ ОНЛАЙНӢ

Кибориён Б.К., номзади илмҳои физика - математика, дотсент
Ҷонмуҳаммадзода. И.Т., д.ф. (PhD), муаллими калон
Шамсзода М.Н., докторанти PhD
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Раванди рақамикунонии олимпиадаҳои фаннӣ, олимпиадаҳои фаннии фосилавӣ, олимпиадаҳои таҳқиқотӣ ва дигар олимпиадаҳои онлайнӣ дар фанҳои информатика, физика, химия, биология, экология, ҷуғрофия, астрономия ва фанҳои марбут ба онҳо дастрасиро ба мусобиқаҳои зеҳнӣ барои иштирокчиёни аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дар минтақаҳои гуногун истиқоматкунанда зарур шуморида мешавад. Ҳамин тавр, олимпиадаҳои фаннӣ яке аз воситаҳои муҳимми дарёфт ва рушди истеъдодҳои ҷавон ба шумор мераванд. Онҳо дар ташаккули тафаккури мантиқӣ, эҷодӣ, мустақилият, масъулиятшиносӣ ва эътимоди хонандагон нақши назаррас доранд.

Дар замони муосир, ки ҷомеа ба мутахассисони баландихтисос ниёз дорад, густариши ҳаракати олимпиадавӣ ва дастгирии хонандагони лаёқатманд аҳаммияти стратегии муҳим дорад. Аз ин ҷониб, ҷалб намудани бештари хонандагон ба олимпиадаҳои фаннии онлайнӣ ва фароҳам овардани шароити шабакаи интернетӣ мусоид барои рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагон яке аз вазифаҳои муҳимми муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеа ба ҳисоб меравад. Олимпиадаҳои фаннии онлайнӣ ба хонандагон имконият медиҳанд, ки дониш, қобилият ва малакаҳои худро дар шароити рақобати солим нишон диҳанд. Дар чунин олимпиадаҳои фаннии онлайнӣ тафаккури мантиқӣ, эҷодӣ ва таҳлилӣ инкишоф меёбад, мустақилият ва масъулиятшиносиро меомӯзанд ва иштирокчӣ ба дониши худ бештар боварӣ пайдо мекунанд. Ҳамин тавр, олимпиадаҳои фаннии онлайнӣ заминаи устувор барои ташаккули насли донишманд, эҷодкор ва рақобатпазир фароҳам меоранд [5, с. 871].

Ҳолати кунунии таълими фанни «Технологияи иттилоотӣ» дар мактабҳои Тоҷикистон дар марҳилаи таҳкими сиёсати давлатӣ ва ҷорӣ намудани стандартҳои нави омӯзиши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ қарор дорад. Дар ин самт тадбирҳои гуногун амалӣ карда мешаванд. Аз ҷумла, стандартҳои касбӣ барои омӯзгорон муайян мегарданд, курсҳо ва семинарҳои омӯзишӣ барои баланд бардоштани сатҳи малакаҳои омӯзгорон баргузор мешаванд, технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ дар муассисаҳои таълимӣ бештар ҷорӣ мегарданд ва барномаҳои нави таълимӣ, аз ҷумла омӯзиши асосҳои зеҳни сунъӣ, тадриҷан ба раванди таълим ворид карда мешаванд. Ин тадбирҳо нишон медиҳанд, ки низоми маориф ба самти рақамигардонӣ ва мутобиқшавӣ ба талаботи ҷаҳони муосир қадамҳои устувор мегузорад. Бо вуҷуди ин, барои баробар намудани имкониятҳо байни минтақаҳои гуногуни кишвар ва инчунин барои баланд бардоштани сатҳи дониши рақамии омӯзгорон ва хонандагон корҳои минбаъда ва ислоҳоти иловагӣ зарур мебошанд [4, с. 29].

Мушкилоти омодасозии хонандагон ба олимпиадаҳои фаннии онлайнӣ ва илмӣ бо як қатор омилҳои зарурӣ вобастагӣ дорад. Ин омилҳо метавонанд хусусияти методӣ, кадрӣ, техникӣ ва ҳатто равонӣ дошта бошанд, чунки норасоии маводҳои методӣ, камбудии омӯзгорони тахассусӣ, маҳдуд будани инфрасохтори техникӣ ва фишори равонӣ ё набудани шароити мусоид барои истифодаи интернет ба хонандагон метавонанд ба сатҳи омодагӣ таъсир расонанд. Аз ин рӯ, барои бартараф намудани чунин мушкилот зарур аст, ки таъмини шабакаи интернетӣ ва барномаҳои таълимӣ такмил дода шаванд, омӯзгорони соҳибтахассус омода гарданд, инфрасохтори техникӣ беҳтар карда шавад ва ба хонандагон дастгирии равонӣ ва моддӣ расонида шавад. Танҳо дар мавриди фароҳам овардани шароитҳои мусоид метавон сатҳи омодагии хонандагонро ба олимпиадаҳои фаннии онлайнӣ баланд бардошт ва барои рушди истеъдодҳои воқеӣ имкониятҳои бештар фароҳам оварад [15, с. 263].

Олимпиадаҳои фаннии онлайнӣ мусобиқаи зеҳнӣ ва таълимӣ мебошад, ки миёни хонандагон аз рӯйи фанҳои алоҳида, ба монанди математика, физика, химия, биология, информатика, забон ва адабиёт, ки тавасути шабакаҳои интернетӣ баргузор мегардад. Ҳадафи асосии чунин олимпиадаҳои фаннии онлайнӣ муайян намудани хонандагони лаёқатманд, дастгирии онҳо ва фароҳам овардани шароит барои рушди минбаъдаи қобилиятҳои зеҳнии хонандагон мебошад.

Моҳияти олимпиадаҳои фаннии онлайнӣ дар он зоҳир мегардад, ки масъалаҳо ва саволҳои пешниҳодшуда одатан аз доираи барномаи стандартии таълимӣ берун буда, аз хонандагон фикрронии амиқ, таҳлил ва эҷодкориро талаб мекунанд. Масъалаҳои олимпиадавӣ хонандаро водор месозанд, ки маълумотро бодиққат таҳлил намояд, робитаи байни далелҳо ва ҳолатҳоро муайян кунад ва хулосаи асоснок барорад. Дар натиҷа қобилияти муқоиса, умумисозӣ ва хулосабарорӣ дар хонандагон бештар инкишоф меёбад.

Таҳвияти тафаккури эҷодӣ низ яке аз натиҷаҳои муҳимми иштирок дар олимпиадаҳои фаннии онлайнӣ ба шумор меравад. Дар аксари ҳолатҳо масъалаҳои олимпиада ҷавоби омода надоранд ва ба хонанда зарурат пеш меояд, ки барои ёфтани ҳалли онҳо роҳҳои нав ва ғайристандартиро истифода барад. Ин раванд тафаккури эҷодиро инкишоф дода, қобилияти ҷустуҷӯ ва пайдо кардани роҳҳои нави ҳалро дар хонандагон ташаккул медиҳад.

Иштирок дар олимпиадаҳои фаннии онлайнӣ инчунин ба инкишофи мустақилият ва масъулиятшиносӣ мусоидат мекунад. Омодагӣ ба чунин мусобиқаҳо меҳнати зиёд, мутолиаи иловагӣ ва машқҳои пайвастаро талаб мекунад. Дар натиҷа хонанда тадриҷан ба худомӯзӣ одат намуда, масъулияти натиҷаи кори худро эҳсос менамояд ва барои дастовардҳои худ талоши беандоза мекунад. Ин гуна сифатҳо барои ташаккули хонандаи фаъол ва комил аҳаммияти калон доранд. Инчунин, олимпиадаҳо ба баланд бардоштани эътимоди хонанда таъсири мусбат мерасонанд ва аксар вақт маҳз тавассути иштирок дар олимпиадаҳои фаннии онлайнӣ хонандагон шавқу рағбати худро ба соҳаи муайян пайдо мекунанд. Масалан, иштирок дар олимпиадаҳои фаннии онлайнӣ аз фанни информатика метавонад замина барои интихоби касби барномасоз, муҳандисӣ технологияҳои иттилоотӣ ё мутахассиси соҳаи рақамӣ гардад. Ҳамин тавр, олимпиадаҳо метавонанд дар муайян намудани самти фаъолияти касбии ояндаи хонанда нақши муҳим бозанд [9, с. 4].

Олимпиадаҳои фаннии онлайнӣ на танҳо барои рушди шахсии хонандагон, балки барои ҷомеа ва низоми маориф низ аҳаммияти калон доранд ва имконият медиҳанд, ки истеъдодҳои ҷавон сари вақт муайян гардида дастгирӣ ва роҳнамоӣ шаванд. Ҳамзамон, чунин олимпиадаҳои фаннии онлайнӣ сатҳи умумии таълимро баланд мебардоранд, зеро омӯзгорон ва муассисаҳои таълимӣ барои омода намудани хонандагон бештар кӯшиш менамоянд.

Инчунин, олимпиадаҳо дар байни хонандагон фарҳанги рақобати солимро ташаккул медиҳанд. Онҳо меомӯзанд, ки дар шароити рақобат дониш ва қобилияти худро нишон диҳанд, қоидаҳоро риоя намоянд ва натиҷаи одилонаро қабул кунанд. Дар сатҳи байналмилалӣ бошад, иштирок дар чунин мусобиқаҳо нуфуз ва эътибори кишварро баланд мебардорад, зеро ғалабаи хонандагон дар олимпиадаҳои ҷаҳонӣ нишондиҳандаи сатҳи

баланди рушди маориф ва тайёрии илмии ҷавонон ба ҳисоб меравад. Дар раванди олимпиадаҳои фаннии онлайнӣ на танҳо сатҳи омодагии таълимии хонандагонро месанҷанд, балки ба ташаккули қобилиятҳои зеҳнӣ, иродавӣ ва иҷтимоии онҳо низ таъсири мусбат мерасонанд.

Ғайр аз ин, омодагӣ ба олимпиада ба ташаккули мустақилият ва масъулиятшиносӣ мусоидат мекунад. Хонанда тадриҷан меомӯзад, ки чӣ гуна омӯзиши худро мустақилона ташкил намояд, вақти худро дуруст истифода барад ва барои натиҷаҳои бадастовардааш масъул бошад. Ин раванд барои ташаккули шахсияти фаъол ва худшинос аҳаммияти калон дорад. Ҳатто худи иштирок дар олимпиадаҳои фаннии онлайнӣ ба онҳо ҳисси боварӣ мебахшад, зеро онҳо дарк мекунанд, ки метавонанд дар сатҳи баланд рақобат кунанд ва донишҳои худро нишон диҳанд [10, с. 257].

Дар самти сиёсати давлатӣ ва ҳамгироии технологияҳои рақамӣ дар низоми таълим як қатор ҳуҷҷатҳои стратегӣ қабул шудаанд. Аз ҷумла, дар соли 2024 Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи ихтисосӣ оид ба қобилияти истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои омӯзгоронро тасдиқ намуд. Ин ҳуҷҷатҳо барои роҳнамоӣ ва баланд бардоштани сатҳи истифодаи воситаҳои рақамӣ дар ҷараёни таълим хизмат мекунанд. Стандартҳои мазкур сатҳҳои гуногуни малакаҳоро дар бар гирифта, аз донишҳои ибтидоӣ то сатҳи пешрафтаи истифодаи технологияҳои муосирро дар бар мегиранд. Ин иқдомҳо инчунин бо барномаҳои стратегии рушди низоми маориф ва нақшаҳои рақамигардонии соҳа то солҳои наздик алоқаманд мебошанд.

Инфрасохтор ва дастрасӣ ба захираҳои техникӣ низ яке аз омилҳои муҳимми рушди таълими фанни технологияҳои иттилоотӣ ба ҳисоб меравад. Дар баъзе мактабҳо шароити нисбатан хуб барои омӯзиши фанни ТИ фароҳам оварда шудааст. Масалан, дар баъзе муассисаҳои таълимӣ синфхонаҳои компютерӣ, дастрасӣ ба интернет ва захираҳои рақамӣ барои хонандагон мавҷуд мебошанд. Чунин имкониятҳо ба хонандагон имкон медиҳанд, ки на танҳо донишҳои назариявӣ, балки малакаҳои амалӣ низ ба даст оранд. Бо вуҷуди ин, дар баъзе минтақаҳои кишвар, махсусан дар минтақаҳои дурдаст, дастрасӣ ба таҷҳизоти муосир ва интернет ҳанӯз маҳдуд мебошад, ки метавонад ба рушди зеҳнии хонанда таъсир расонад [14, с. 296].

Бо мақсади мутобиқ намудани барномаҳои таълимӣ ба талаботи ҷаҳони рақамӣ, дар баъзе мактабҳои Тоҷикистон барномаҳои нав ва таҷрибавӣ ҷорӣ карда мешаванд. Аз ҷумла, дар чанд муассисаи таълимӣ омӯзиши асосҳои зеҳни сунъӣ ва технологияҳои муосири рақамӣ ба таври таҷрибавӣ оғоз гардидааст. Ин навовариҳо ба хонандагон имкон медиҳанд, ки бо технологияҳои пешрафта шинос шуда, малакаҳои муосиреро ба даст оранд, ки дар оянда барои таҳсил ва фаъолияти касбии онҳо аҳаммияти калон доранд.

Амсилаи зеҳни сунъӣ пешниҳодгардида метавонад сифати олимпиадаҳои фаннии онлайниро на тавассути автоматикунонии ҳадди ақалӣ тавассути автоматикунонии фарқкунандаи функсияҳо беҳтар созад. Ин фарзия бо маълумоти эмпирикӣ, ки ҳам потенсиали баланди баҳодиҳии автоматӣ ва ҳам устувории хатогиҳои амсилаи систематикиро нишон медиҳанд, мувофиқ аст.



Расми 1. Амсилаи бисёрсатҳаи махсусии «AI-Мутахассис-Рақобат» оид ба гузаронидани олимпиадаҳои фаннии онлайнӣ.

Дар амсилаи мазкур камбудии асосии илмӣ барои гузаронидани олимпиадаҳои фаннии онлайнӣ набудани таҷҳизоти кофии назоратшаванда мебошад, ки бо зеҳни сунъӣ ва ғайри зеҳнии сунъӣ мувофиқанд, аз ҷиҳати эътиборнокӣ, адолат, арзиш, якпорчагии академӣ ва таъсири таълимӣ муқоиса мекунанд. Аз ин рӯ истифодаи зеҳни сунъӣ аз ҷиҳати оморӣ ҳамчун усули универсалӣ барои беҳтар кардани сифати олимпиадаҳои фаннии онлайнӣ исбот шудааст. Бар асоси якҷоя кардани таҳқиқот дар бораи арзёбии илм, баҳодиҳии автоматӣ, тавлиди вазифаҳо, арзёбии рақамӣ ва танзими байналмилалӣ, амсилаи «AI-Мутахассис-Рақобат»-и муаллифон ҳамчун фарзияи ташкилӣ ва педагогии санҷидашаванда таҳия ва пешниҳод шудааст [16, с. 300].

Аз ин рӯ, истифодаи зеҳни сунъӣ барои бартараф кардани қисмати мушкилот асосан дар ҳолати **«лоиҳа → санҷишҳои автоматӣ → коршиноси фаннӣ → арзёбии психометрӣ**

→ **озмоишӣ»** асоснок карда мешавад, на дар ҳолати **«насл → нашр».** Ҳар гуна далел, комбинатсияи рақамӣ, реаксияи кимиёвӣ, расм ё ҳолате, ки аз ҷониби амсила ба вуҷуд омадааст, бояд то он даме, ки мутахассис тасдиқ накунад, маводи тасдиқнашуда ҳисобида шавад, ки дар ин мавриди зеҳни сунъии танзими ҳифзи ҳадафҳои таълимиро талаб мекунад.

Дар маҷмуъ, раванди рақамикунонии олимпиадаҳои фаннӣ ва ҷорӣ намудани шаклҳои онлайнии онҳо дар Тоҷикистон самти муҳим ва пешрафтаи рушди низоми маориф ба шумор меравад. Ин раванд на танҳо дастрасиро ба мусобиқаҳои зеҳнӣ барои хонандагон аз минтақаҳои гуногун таъмин мекунад, балки ба ташаккули тафаккури мантиқӣ, эҷодӣ ва таҳлилии онҳо низ мусоидат менамояд. Тадбирҳои давлатӣ, аз қабили тасдиқи стандартҳои касбӣ, ҷорӣ намудани барномаҳои нави таълимӣ ва таҷрибаи омӯзиши асосҳои зеҳни сунъӣ, нишон медиҳанд, ки низоми маориф ба талаботи ҷаҳони муосир мутобиқ мешавад.

Бо вуҷуди ин, барои пурра амалӣ гардидани ин самт ҳалли як қатор мушкилот зарур аст: таъмини инфрасохтори техникӣ дар минтақаҳои дурдаст, омодасозии омӯзгорони соҳибтахассус ва фароҳам овардани дастгирии равонӣ барои иштирокчиён. Маҳз тавассути бартараф намудани ин монеаҳо метавон сатҳи омодагии хонандагонро баланд бардошт ва истеъдодҳои воқеиро сари вақт муайян намуд. Олимпиадаҳои онлайнӣ бояд ба воситаи муосири арзёбии дониш табдил ёбанд, ки дар он технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ нақши ёрирасон дошта, адолат ва шаффофиятро таъмин мекунанд. Ин раванд дар оянда ба ташаккули насли донишманд ва рақобатпазир заминаи устувор мегузорад.

Адабиёт:

1. Ахмедов, А.А. Истифодаи зеҳни сунъӣ дар раванди таълим ва арзёбии дониши хонандагон [Матн] / А.А. Ахмедов, М.С. Раҳимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои табиӣ ва риёзӣ. – 2024. – № 2. – С. 112–119.
2. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. Талаботҳои ихтисосӣ оид ба қобилияти истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ барои омӯзгорон [Матн]. – Душанбе, 2024. – 24 с.
3. Гуломов, М.И. Рақамикунонии маориф ва дурнамои рушди олимпиадаҳои фаннӣ дар Тоҷикистон [Матн] / М.И. Гуломов // Масъалаҳои маориф ва илм. – 2023. – № 4. – С. 45–52.
4. Джонмахмадов, И.Т. Методика обучения сетевым операционным системам в системе школьного образования Республики Таджикистан [Текст] / И.Т. Джонмахмадов // Педагогическая информатика. – 2020. – № 2. – С. 28–33. – ISSN 2070-9013.
5. Зелько, И. Первый Всемирный электронный конкурс в астрономии и астрофизике [Текст] / И. Зелько // Американский журнал физики. – 2023. – Т. 91, № 11. – С. 867–872. – DOI: 10.1119/5.0121242.
6. Карпов, А.О. Интеллектуальные системы оценки знаний в олимпиадном движении [Текст] / А.О. Карпов // Педагогика и просвещение. – 2022. – № 3. – С. 88–101.
7. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, № 642 тасдиқ шудааст. – Душанбе, 2019. – 32 с.
8. Лапчик, М.П. Цифровая трансформация образования: искусственный интеллект и автоматизированная проверка заданий [Текст] / М.П. Лапчик, В.В. Гриншкун. – Москва: Академия, 2023. – 210 с.
9. Мирзоев, М.С. Место и роль информатики в системе основной школы [Текст] / М.С. Мирзоев, И.Т. Джонмахмадов, З.З. Тагоев // Педагогическая информатика. – 2021. – № 2. – С. 3–8. – ISSN 2070-9013.
10. Мирзоев, М.С. Хусусиятҳои дарсҳои онлайн тавассути барномаи телеконференсияи Microsoft Teams дар системаи таҳсилоти фосилавӣ ва раванди ташкил намудани онҳо дар мисоли Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав [Матн] / М.С. Мирзоев, И.Т. Ҷонмаҳмадов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – № 7 (282). – С. 253–268. – ISSN 2074-1847.

11. Носиров, С.Х. Моделсозии равандҳои таълимӣ дар заминаи алгоритмҳои зеҳни сунъӣ [Матн] / С.Х. Носиров // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение физико-математических, химических, геологических и технических наук. – 2025. – № 1. – С. 78–85.

12. Салимов, Н.Ю. Педагогические условия адаптации ИИ-технологий в дистанционных олимпиадах школьников [Текст] / Н.Ю. Салимов, Д.К. Шарипов // Вестник Бохтарского государственного университета им. Н. Хусрава. – 2024. – № 1-3 (115). – С. 134–140.

13. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [Матн]. – Душанбе, 2020. – 98 с.

14. Ҷонмаҳмадов, И.Т. Раванди дар системаи таҳсилоти фосилавӣ ташкил намудани онлайн-дарсҳо тавассути барномаи телеконференсияи ZOOM дар мисоли Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав [Матн] / И.Т. Ҷонмаҳмадов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – № 4 (309). – С. 290–305. – ISSN 2074-1847.

15. Ҷонмаҳмадов, И.Т. Системаи таҳсилоти фосилавӣ, ташкил намудани курсҳои таълими барномасозӣ тавассути имкониятҳои таълими инноватсионии платформаи LMS Moodle [Матн] / И.Т. Ҷонмаҳмадов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022. – № 6 (351). – С. 260–270. – ISSN 2074-1847.

16. Mirzoev, M.S. Technological effectiveness of the results of computer science education in secondary school as a factor of the quality of education in the distance learning system [Text] / M.S. Mirzoev, I.T. Dzhonmakhmadov, O.K. Shevchenko // International Conference on Technology Enhanced Learning in Higher Education «TELE2021». – 2021. – P. 297–300.

ЗЕҲНИ СУНЪӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ АСОСИИ РУШДИ СИФАТИ ОЛИМПИАДАҲОИ ФАННИИ ОНЛАЙНӢ

Дар мақолаи мазкур асосноккунии назариявӣ ва амалии нақши зеҳни сунъӣ доир ба беҳтар баргузор кардани олимпиадаҳои фаннӣ ба таври онлайн таҷдиди назар гардидааст. Дар асоси таҳлили сохторӣ ва интегративии таҳқиқоти эмпирикии муосир мо имкониятҳои истифодаи мошинаи омӯзишӣ, моделҳои назарсанҷии компютерӣ ва таҳлили пешгӯикунандаро дар марҳилаҳои санҷиши рақобатпазирӣ, баҳодиҳии автоматӣ, мониторинги якпорчагии академӣ ва эҷод кардани фикру мулоҳизаҳо баррасӣ мекунем. Дар асоси натиҷаҳои ҷолибтарин дар қисмати баҳодиҳии автоматии ҷавобҳои кушодаи мушаххаси фаннӣ назарсанҷӣ карда мешаванд. Аммо, далелҳои мустақими эмпирикии таъсири сабабии зеҳни сунъӣ ба сифати олимпиадаҳои фаннии онлайнӣ айни замон маҳдуданд. Амсилаи бисёрсатҳаи махсусии «AI-Мутахассис-Рақобат» пешниҳод карда мешавад. Он фарқияти байни қарорҳои автоматӣ ва хавфи баланд, тасдиқи пешакии амсила, мониторинги ғаразнокӣ, баррасии коршиносони корҳои ғолиб ва баҳсбарангез, тартиби шикоятро дар бар мегирад. Система дорои меъёрҳои иҷроиш, аз ҷумла эътиборнокӣ, эътимоднокӣ, адолат, якпорчагии академӣ, дастрасӣ, самаранокӣ, арзиши ташхисӣ ва шаффофиятро доро мебошад. Дар методи мазкур зеҳни сунъӣ метавонад сифати олимпиадаҳои фаннии онлайниро на бо иваз кардани ҳайати доварон, балки бо такмили назоратшавандаи фаъолияти коршиносон беҳтар созад.

Калидвожаҳо: олимпиадаҳои фаннии онлайнӣ, AI-Мутахассис-Рақобат, зеҳни сунъӣ, инфрасохтори техникӣ, омодасозии хонандагон, технологияи иттилоотӣ, технологияҳо.

ИСКУССТВЕННЫЙ ИНТЕЛЛЕКТ КАК КЛЮЧЕВОЙ ФАКТОР ПОВЫШЕНИЯ КАЧЕСТВА ОНЛАЙН-ОЛИМПИАД

В данной статье рассматривается теоретическое и практическое обоснование роли искусственного интеллекта в повышении качества онлайн-олимпиад по естественным наукам. На основе структурного и интегративного анализа современных эмпирических исследований рассматриваются возможности использования машинного обучения,

компьютерных моделей опросов и прогнозной аналитики на этапах тестирования конкурентоспособности, автоматизированной оценки, мониторинга академической честности и генерации обратной связи. На основе наиболее интересных результатов рассматривается раздел, посвященный автоматизированной оценке конкретных открытых тематических вопросов. Однако прямые эмпирические данные о причинно-следственном влиянии искусственного интеллекта на качество онлайн-олимпиад по естественным наукам в настоящее время ограничены. Предлагается специальная многоуровневая модель «AI-Эксперт-Конкурс». Она включает в себя разграничение автоматизированных и рискованных решений, предварительное одобрение моделей, мониторинг предвзятости, экспертную оценку работ-победителей и спорных работ, а также процедуру обжалования. Система имеет критерии эффективности, включая валидность, надежность, справедливость, академическую честность, доступность, эффективность, диагностическую ценность и прозрачность. В этом методе искусственный интеллект может повысить качество онлайн-конкурсов по науке не за счет замены жюри, а за счет контроля за работой экспертов.

Ключевые слова: онлайн-олимпиады по естественным наукам, AI-Эксперт-Конкурс, искусственный интеллект, техническая инфраструктура, подготовка студентов, информационные технологии, технологии.

ARTIFICIAL INTELLIGENCE AS A KEY FACTOR IN IMPROVING THE QUALITY OF ONLINE OLYMPIADS

This article examines the theoretical and practical justification for the role of artificial intelligence in improving the quality of online science olympiads. Based on a structural and integrative analysis of modern empirical research, the possibilities of using machine learning, computerized survey models, and predictive analytics in competitiveness testing, automated assessment, academic integrity monitoring, and feedback generation are explored. Based on the most interesting results, a section on the automated assessment of specific open-ended thematic questions is presented. However, direct empirical data on the causal impact of artificial intelligence on the quality of online science olympiads is currently limited. A special multi-level model, «AI-Expert-Contest», is proposed. It includes distinguishing between automated and risky decisions, pre-approval of models, bias monitoring, expert review of winning and contested papers, and an appeals procedure. The system has performance criteria, including validity, reliability, fairness, academic integrity, accessibility, effectiveness, diagnostic value, and transparency. In this method, artificial intelligence can improve the quality of online science competitions not by replacing the jury, but by monitoring the work of experts.

Keywords: online science Olympiads, AI-Expert Competition, artificial intelligence, technical infrastructure, student training, information technology, technology.

Маълумот дар бораи муаллифон: Кибориён Бобоҷон Киборзода, номзади илмҳои физика ва математика, дотсенти кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав,. Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, хиёбони Айни, 67. Телефон: (+992) 987150555, 550951513; E-mail: matinf.fakultet@bk.ru

Ҷонмуҳаммадзода Исломиддин Теша, доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси назария ва методикаи таълими информатика, муаллими калони кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Суроға**:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, хиёбони Айнӣ, 67. Телефон: (+992) 940888777, 904888777; E-mail: jonmahmadov96@gmail.com

Шамсзода Муқим Нарзулло, докторанти PhD-и кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Суроға**:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67. Телефон: (+992) 025 946 464; E-mail: mukim@mail.ru

Сведение об авторах: Киборийён Бободжон Киборзода, кандидат физико-математических наук, доцент кафедры информационных технологий и методики преподавания информатики Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Адрес: 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, проспект Айни, 67. Телефон: (+992) 987-15-05-55, 550-95-15-13. E-mail: matinf.fakultet@bk.ru

Джонмухаммадзода Исломиддин Теша, доктор философии (PhD) по специальности «Теория и методика обучения информатике», старший преподаватель кафедры информационных технологий и методики преподавания информатики Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Адрес: 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, проспект Айни, 67. Телефон: (+992) 940-88-87-77, 904-88-87-77. E-mail: jonmahmadov96@gmail.com

Шамсзода Муким Нарзулло, докторант PhD кафедры информационных технологий и методики преподавания информатики Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Адрес: 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, проспект Айни, 67. Телефон: (+992) 025-94-64-64. E-mail: mukim@mail.ru

Information about the authors: Kiboriyon Bobojon Kiborzoda, candidate of physical and mathematical sciences, associate professor at the department of information technology and computer science teaching methodology, Bokhtar State University named after Nosir Khusrav. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Sadriddin Ayni Street, 67. Phone: (+992) 987-15-05-55, 550-95-15-13. E-mail: matinf.fakultet@bk.ru

Dzhonmukhammadzoda Islomiddin Tesha, doctor of philosophy (phd) in theory and methodology of computer science education, senior lecturer at the department of information technology and computer science teaching methodology, Bokhtar State University named after Nosir Khusrav. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Sadriddin Ayni Street, 67. Phone: (+992) 940-88-87-77, 904-88-87-77. E-mail: jonmahmadov96@gmail.com

Shamszoda Mukim Narzullo, phd student at the department of information technology and computer science teaching methodology, Bokhtar State University named after Nosir Khusrav. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Sadriddin Ayni Street, 67. Phone: (+992) 025-94-64-64. E-mail: mukim@mail.ru

Муқарриз: Комилиён О.К., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав

ТДУ: 53:004.94 (076.5)
Н-92

МЕТОДИКАИ ИСТИФОДАИ МОДЕЛСОЗИИ КОМПЮТЕРӢ БАРОИ СОХТАНИ МОДЕЛҲОИ РАВАНДҲО ВА ҲОДИСАҲОИ ФИЗИКӢ

Нурализода А.Ғ., директори Маркази технологияи
информатсионӣ ва коммуникатсияи вилояти Хатлон
Олимӣ А.Р., д.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии Данғара

Моделсозӣ раванде мебошад, ки тавассути он модели объекти таҳқиқотӣ сохта мешавад. Марказҳои омӯзишӣ маълумоти заруриро барои сохтани чунин моделҳо пешниҳод мекунанд. Марказҳои мазкур маълумотро дар бораи системаҳо, ҷузъҳо ва таъсири мутақобилаи онҳо пешниҳод мекунанд. Маълумоти пешниҳодшуда дар бораи кори система, параметрҳои муҳити атроф ва дигар омилҳое, ки ба сохтори система таъсир мерасонанд, равона шудааст.

Маълумоти бадастомада ба таҳиягарон имкон медиҳад, ки моделҳои дақиқтари математикиро эҷод кунанд. Чунин маълумоти гирифташуда дар навбати худ эҳтимолияти хатогиҳоро кам намуда раванди таҳлилро осон мекунад.

Истифодаи моделҳои компютерӣ барои тасвири равандҳо ва ҳодисаҳои гуногуни физикӣ дар давоми азхудкунии қонунҳои физикӣ аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Чунин равиш самаранокии тадқиқи физикиро беҳтар мекунад ва ба таҳқиқотчиён имкон медиҳад, ки механизмҳои ҳодисаҳои физикиро дақиқтар дарк кунанд. Чунин моделҳои компютерӣ барои тасаввур кардани равандҳое, ки ба чашми оддӣ ноаёнанд, ё татбиқи онҳо дар ҳаёти воқеӣ амалан ғайриимкон аст, махсусан заруранд [9, с. 86].

Сохтани моделҳо дар асоси маълумоти пешниҳодшудаи пойгоҳҳои дониш бартариҳои зиёдеро пешниҳод мекунад. Агар пойгоҳ маълумотро дар бораи таъсири параметрҳои гуногун ба кори система дар бар гирад, ин маълумотро барои калибрченкунии (муқоисакунии нишондоди асбобҳои ченкунӣ дар модел) истифода бурдан мумкин аст. Ғайр аз ин, пойгоҳҳои омӯзишӣ, ҳамчун асос моделҳои сохташударо тасдиқ мекунанд [1, с. 16].

Муқоисаи натиҷаҳои моделсозӣ бо маълумоти дар пойгоҳи дониш мавҷуда имкон медиҳад, ки номувофиқатиҳо дар моделҳо муайян карда шаванд ва дар ҳолати зарурӣ модел ислоҳ карда шаванд. Ҳамин тариқ, пойгоҳҳои омӯзишӣ на танҳо раванди моделсозиро равшан мегардонанд, балки тасдиқи онро низ осон мекунанд.

Симулиятсия раванди моделсозии кори система бо истифода аз модел ё тақлиди ҳодиса ё раванд буда, марказҳои омӯзишии моделсозии компютерӣ дар ин раванд нақши муҳим доранд. Ин марказҳои омӯзишӣ имкон медиҳанд, ки нақшаҳои гуногуни моделсозӣ эҷод карда шаванд. Масалан, агар пойгоҳи омӯзишии донишҳо маълумотро дар бораи шароити гуногуни кори система дар бар гирад, таҳиягарон метавонанд сохтори системаро дар ин шароит моделсозӣ кунанд [7, с. 14].

Бо дақиқтар шудани фанҳои илмӣ, тавсифи математикии материя ва ҳодисаҳо ба методологияи онҳо бештар ворид карда мешавад. Чунин шартҳо муддати зиёде дар бисёр соҳаҳои физика эътироф шудааст.

Барои кам кардани хароҷоти камсамари таҳия ва истеҳсоли прототипҳои (намунаҳои) гаронбаҳои наносистема, тарҳрезии муфассали сохтор ва технологияи васлкунии нанообъектҳо ё кластерҳои молекулавӣ, яъне гурӯҳҳои хурди ҳисобшавандаи атомҳо ё молекулаҳои таъсири мутақобиладошта мебошанд, ки мавқеи мобайниро байни молекулаҳои алоҳида ва маводҳои ҳаҷмӣ ишғол мекунанд, аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Дар ин самт усулҳои моделсозии компютерӣ ба таври васеъ истифода мешаванд [8, с. 18].

Моделсозӣ, ки бар асоси маҷмуи васеи маълумоти таҷрибавӣ асос ёфтааст, имкон медиҳад, ки сохтори наносистемаҳои таҳияшуда ба таври кофӣ тавсиф карда шавад. Дар ҳоле ки моделсозӣ, аз ҷумла моделсозии компютерӣ, қаблан ба тавсифи миқдории равандҳо дар маводҳо нигаронида шудааст ба бунёди маводҳои инноватсионӣ ва пешгӯии хосиятҳои онҳо равона шудааст.

Тааҷҷубовар нест, ки методологияи моделсозии компютерӣ босуръат рушд намуда, соҳаҳои навро, сар карда аз таҳияи системаҳои техникӣ то таҳлили равандҳои мураккаби иқтисодӣ ва иҷтимоӣ фаро мегирад [12, с. 134].

Бо дидани тасвири манзараи асосии олам (нигаред ба расми 1), мо метавонем фарқиятро байни ҷаҳони воқеӣ ва ҷаҳони мафҳумӣ муайян намоем. Ҷаҳони воқеӣ ҷаҳоне мебошад, ки дар он ҳодисаҳо ва равандҳои гуногун мушоҳида мешаванд.

Ин ҳодисаҳо ва равандҳо дар муҳити табиӣ ва дар муҳити инсонӣ рух медиҳанд. Мафҳуми ҷаҳонӣ ақл мебошад, ки фаҳмиши одамонро аз ҷаҳони воқеӣ тавассути мушоҳида, моделсозӣ ва пешгӯйӣ тавсиф мекунад.

Дар ҳолати сохтани моделҳои компютерӣ се намуди моделҳоро истифода мебаранд:

- моделҳое, ки сохтори объектҳо ё натиҷаҳои мушоҳидаи ҳодисаҳоро тавсиф мекунанд;
- моделҳое, ки сабабҳои чунин сохтор ва натиҷаҳои бадастомадаро шарҳ медиҳанд;
- моделҳое, ки имконияти рафтор ва натиҷаҳои ояндаро пешгӯйӣ мекунад [5, с. 25].

Мафҳумҳои «моделсозӣ» ва «модел»



Расми 1. Тавсифи элементарии усулҳои умумии маърифатӣ

Модел, ки тасвири объективии объекти омӯхташаванда мебошад, метавонад онро дар баъзе мавридҳо иваз кунад. Омӯзиши модел метавонад маълумотро дар бораи объекти моделшуда баррасӣ кунад [3, с. 86].

Бояд қайд кард, ки моделсозии компютерӣ аксар вақт ҳамчун катализатор барои таҳқиқоти таҷрибавӣ дар илмҳои дақиқ ва истеҳсолот хизмат мекунад. Бояд қайд намуд, ки доираи зиёди масъалаҳои ҳалшуда бо истифода аз моделсозии компютерӣ васеъ шудааст

Моделсозиро набояд ҳамчун воситаи оддӣ барои васеъ кардани назария ё таҷриба баррасӣ кард. Моделсозӣ як усули мустақил барои ба даст овардани донишҳо буда, мавқеи миёнаро байни назария ва таҷриба ишғол мекунад. Бо вуҷуди ин, моделсозӣ баъзе хусусиятҳои умумиро байни назария ва таҷриба алоқаманд мекунад [2, с. 46].

Барои мисол кори озмоишии виртуалиро дар мавзуи «Таҳқиқоти таъсири мутақобилаи ҷараён бо магнити доимӣ» дида мебароем. Кори озмоишии виртуалии мазкур ба омӯзиши шартҳои асосии таъсири мутақобилаи электромагнитӣ, бахусус таъсири майдони магнитии тавлидшударо аз тарафи магнити доимӣ ба ноқили ҷараёндор ва ҳодисаи баръакси онро меомӯзад.

Таҳлил ва баррасии моделсозии компютерӣ имрӯз ба як ҷузъи зарурии таҳқиқоти педагогӣ, ки ба сохтани усулҳои истифодаи технологияҳои компютерӣ ТИК дар раванди таълим ва асосноккунии самаранокии назариявии методологияи тарҳрезишуда алоқаманданд, табдил ёфтааст [11, с. 301].

Кори озмоишии мазкур, ки барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва хонандагони мактабҳои миёна тарҳрезӣ шудааст, гузаронидани мушоҳидаҳои таҷрибавӣ, ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот ва баровардани хулосаҳоро дар асоси натиҷаҳои бадастомада дар бар мегирад. Кори мазкур алоқамандии байни қувваи ҷараён ва магнитизмро муайян мекунад, инчунин малакаҳои таҳқиқотии илмиро, аз қабили корҳои таҷрибавӣ, асбобсозӣ, коркарди маълумот ва пешниҳоди натиҷаҳоро инкишоф медиҳад.

Пешниҳоди иттилооти васеъ барои маҷмуи объектҳои омӯзиши виртуалӣ дар муҳити омӯзиши виртуалӣ вазифаи таъхирнопазир аст, зеро иттилооте, ки нашрияҳои муосири таълимӣ пешниҳод мекунанд, барои омӯзиш нокифоя мебошанд. Чунин муҳит комилан имкон медиҳад, ки ҳар як донишҷӯ чӣ таҳти роҳбарии омӯзгор ва ҳам мустақилона ҳодисаҳоро мушоҳида намояд, хусусиятҳои гуногуни мафҳуми омӯхташавандаро кашф намояд, моҳияти қонуни омӯхташавандаро дарк намояд [10, с. 78].

Мақсади кори озмоишӣ омӯзиши таҷрибавии қувваи Ампер мебошад, ки дар натиҷаи таъсири мутақобилаи байни ноқили ҷараёндор ва магнити доимӣ ба вуҷуд меояд. Кори озмоишии мазкур тасдиқи пешгӯйиҳои назариявиро ба назар гирифта, фаҳмиши моро дар бораи қонунҳои асосии электромагнитизм амиқтар мекунад.

Назарияи кори озмоишии қувваи Ампер чунин аст:

Қонуни Ампер қонунест, ки таъсири мутақобилаи ҷараёнҳои электрикиро танзим мекунад. Қонуни мазкур бори аввал аз ҷониби Андре-Мари Ампер соли 1820 барои ҷараёни доимӣ муайян шудааст. Қонуни Ампер чунин таъриф дода мешавад:

Ноқилҳои параллелӣ, ки ҷараёни электриро дар як самт мегузаронанд, якдигарро ҷазб мекунанд ва агар ҷараёнҳо дар самтҳои муқобил гузаранд, ноқилҳои ҷараёндор якдигарро тела медиҳанд [4, с. 6].

Дар навбати худ қонуни Ампер қувваеро муайян мекунад, ки бо он майдони магнитӣ ба қисмати хурди ноқили ҷараёндор таъсир мерасонад. Ин қувва аз ҷараён ва индуксияи магнитии B ба таври хаттӣ вобаста аст. Ифодаи қувваи $d\vec{F}$, ки бо он майдони магнитӣ ба қисмати ҳаҷми ноқил dV дорои зичии ҷараён $\vec{j}$, ки дар майдони магнитӣ бо индуксияи $\vec{B}$ ҷойгир аст, дар Системаи Байналмилалии Воҳидҳо (СИ) намуди зеринро дорад:

$$d\vec{F} = \vec{j} + \vec{B}dV.\vec{F} = \vec{j} + \vec{B}dV.$$

Агар ҷараён аз ноқили тунук ҷорӣ шавад, пас $\vec{j}dV = Id\vec{l}$ аст, ки дар он $d\vec{l}$ унсури дарозии ноқил аст - векторе, ки аз ҷиҳати бузургӣ ба dl баробар аст ва дар самти ҷараён мувофиқат мекунад. Пас ифодаи қувва чунин аз нав навишта мешавад [6, с. 76].

$$d\vec{F} = Id\vec{l} + \vec{B}$$

Мақсади кор: Мақсади ин кори озмоишии виртуалӣ, омӯзиши қонунҳои асосии танзимкунандаи таъсири мутақобилаи байни ноқили ҷараёндор ва магнити доимӣ мебошад.

Асбобу анҷом: Барои ин таҷриба таҷҳизот ва маводҳои зерин лозиманд: манбаи ҷараён, реостат барои танзими ҷараён, калид барои фурӯзон ва хомӯш кардани занҷир, ғалтаки симин, магнити қутбнок, штатив барои мустаҳкам кардани ҷузъҳои насб, динамометр барои чен кардани қувваи таъсири мутақобила, амперметр барои чен кардани ҷараён ва симҳои пайвасткунанда.

Равзанаи кори озмоишии виртуалӣ дар мавзуи «Таҳқиқоти таъсири мутақобилаи ҷараён бо магнити доимӣ» дар расми 2 оварда шудааст.

Тартиби иҷрои кор:

1. Занҷирро пайваст намуда, барои муайян кардани қутбияти манбаи ҷараён бо клемаи манфӣ (ҷануб) бо тағйир додани ҷараён тавассути реостат, ҷадвалро бо шаш қимат пур мекунем.

Расми 2. Равзанаи кори озмоишии «Таҳқиқоти таъсири мутақобилаи ҷараён бо магнити доимӣ»

Натиҷаҳои ҳосилшуда дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Ҷадвали 1. Муайян кардани қутбияти манбаи ҷараён бо клемаи манфӣ (ҷануб) бо тағйир додани ҷараён тавассути реостат

№	Нишондоди амперметр I. A	Нишондоди динамометр F. H
1	0	4.9
2	0.1	4.5
3	0.2	4.0
4	0.3	3.6
5	0.4	3.3
6	0.5	2.9

Натиҷаҳои ҳосилшударо ба назар гирифта графики вобастагии қувваи амперро аз қувваи ҷараён тасвир мекунем. Графики ин вобастагиҳо дар расми 3 оварда шудааст. Аз



графики дар (расми 3) овардашуда дида мешавад, ки бо зиёд шудани қувваи ҷараён тавассути реостат, қутбияти манбаи ҷараён бо қисми манфии (ҷануб) магнит, таъсири қувваи тавассути динамометр ченшаванда оҳиста оҳиста кам мешавад.

Расми 3. Графики вобастагии қувваи динамометр аз қувваи ҷараён барои қутби ҷануби магнит

2. Таҷрибаро бо истифода аз қутби шимолии магнит такрор мекунем ва қутби манбаи ҷараёнро тағйир медиҳем. Ҷадвалро бо шаш қиматҳои қувваи ҷараён ва қувваи динамометр пура мекунем.

Ҷадвали 2. Муайян кардани қутбияти манбаи ҷараён бо қутби (шимол) бо иваз намудани қутбияти манбаи ҷараён ва тағйир додани қувваи ҷараён тавассути реостат

№	Нишондоди амперметр I. A	Нишондоди динамометр F. H
1	0	4.9
2	0.1	5.3
3	0.2	5.6
4	0.3	6.0
5	0.4	6.4
6	0.5	6.7

Натиҷаҳои ҳосилшударо ба назар гирифта графики вобастагии қувваи амперро аз қувваи ҷараён тасвир мекунем. Графики ин вобастагиҳо дар расми 4 оварда шудааст.

Расми 4. Графики вобастагии қувваи динамометр аз қувваи ҷараён

барои қутби шимоли магнит



Аз графики дар расми 4 овардашуда дида мешавад, ки бо зиёд шудани қувваи ҷараён тавассути реостат, қутбияти манбаи ҷараён бо қисми мусбати (шимол) магнит, таъсири қувваи тавассути динамометр ченшаванда оҳиста оҳиста зиёд мешавад.

Адабиёт:

1. Гулд Х. Компьютерное моделирование в физике: в 2-х частях. часть первая / Х. Гулд, Я. Тобочник. – м.: мир, 2003. – 400 с.

2. Гультяев А. Визуальное моделирование в среде matlab: Учеб. пособие.— М.: Наука. 1993.— 318 с.

3. Епифанова М.К. Инновационные педагогические технологии. часть.1. образовательные ресурсы интернет как компонент мультимедийных технологий и их применение в обучении физике: учебно-методическое пособие / М.К. Епифанова, Н.Г. Недогреева. Лекция 1. Магнитостатика. Релятивистский характер магнитного поля. // Санкт-Петербургский политехнический университет Петра Великого (СПбПУ). Дата обращения: 27 декабря 2018. Архивировано 28 декабря 2018 года.М.: Издательский центр "наука", 2010. – 37 с.

4. С.В. Звонарев. Математического моделирования. Учебние пособие. Екатеринбург Издательство Уральского универитета 2019 .111с.

5. Савельев И.В. Курс общей физики: Учеб. пособие. В 3-х т. Т. 2. Электричество и магнетизм. Волны. Оптика. — 3-е изд., испр. — М.: Наука. Гл. ред. физ.-мат. лит., 1988. — 496 с. С.120

6. Ҷураев Х.Ш., Муминов Ҳ.Ҳ. Технологияи барномасозӣ. Душанбе: Хирадманд.-2025. 200 с.

7. Ҷуразода Х.Ш. Моделсозӣ. Душанбе: Хирадманд.-2025. 318 с.

8. Нурализода А. Ғ., Олимӣ А.Р., Алимзода Н. О. Таҳқиқоти ҳодисаҳои физикӣ тариқи моделронии компютерӣ ҳамчун воситаи ҳалли мушкилоти замони муосир. Паёми Донишгоҳи давлатии Данғара. 2025 №4 (34) С. 128

9. Олими А.Р., Набиев Дж.Г. Компьютерное моделирование модели «Определение ускорения свободного падения с помощью математического маятника». Паёми Донишгоҳи давлатии Данғара 2024 №4 (30).

10. Олимӣ А. Р., Валиев М.Х. Имкониятҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсион дар раванди таълими фанни физика. модели компютерии “импулси ҷисм”. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 2025 №4 С. 301

11. А.А. Белоусов, А.С. Кондратьев, А.И. Ходанович. Компьютерное моделирование в примерах и задачах. Динамика. – СПб.: РГПУ, 1997.

МЕТОДИКАИ ИСТИФОДАИ МОДЕЛСОЗИИ КОМПЮТЕРӢ БАРОИ СОХТАНИ МОДЕЛҲОИ РАВАНДҲО ВА ҲОДИСАҲОИ ФИЗИКӢ

Мақолаи мазкур барои омӯзиши ҳодисаҳо ва равандҳои физикӣ тавассути моделҳои компютерӣ равона шудааст. Моделсозӣ раванде мебошад, ки тавассути он модели объекти таҳқиқоти сохта мешавад. Марказҳои омӯзишӣ маълумотро дар бораи системаҳо, ҷузъҳо ва таъсири мутақобилаи онҳо пешниҳод мекунанд.

Маълумоти бадастомада ба таҳиягарон имкон медиҳад, ки моделҳои дақиқтари математикиро эҷод кунанд. Чунин маълумоти гирифташуда дар навбати худ эҳтимолияти хатогиҳоро кам намуда, раванди таҳлилро осон мекунад.

Истифодаи моделҳои компютерӣ барои тасвири равандҳо ва ҳодисаҳои гуногуни физикӣ дар давоми азхудкунии қонунҳои физикӣ аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Чунин равиш самаранокии таҳқиқоти физикиро беҳтар мекунад ва ба таҳқиқотчиён имкон медиҳад, ки механизмҳои ҳодисаҳои физикиро дақиқтар дарк кунанд.

Калидвожаҳо: моделронӣ, қувваи Ампер, технологияи иттилоотӣ, озмоишгоҳи виртуалӣ, электр, магнетизм, амперметр, динамометр, майдони магнитӣ, маркази омӯзишӣ.

МЕТОДИКА ИСПОЛЬЗОВАНИЯ КОМПЬЮТЕРНОГО МОДЕЛИРОВАНИЯ ДЛЯ СОЗДАНИЯ МОДЕЛЕЙ ФИЗИЧЕСКИХ ПРОЦЕССОВ И ЯВЛЕНИЙ

Данная статья посвящена изучению физических явлений и процессов с помощью компьютерных моделей. Моделирование — это процесс создания модели изучаемого объекта. Учебные центры предоставляют информацию о системах, компонентах и их взаимодействиях.

Полученная информация позволяет разработчикам создавать более точные математические модели. Такая информация, в свою очередь, снижает вероятность ошибок и упрощает процесс анализа.

Использование компьютерных моделей для описания различных физических процессов и явлений приобретает все большее значение в процессе освоения физических законов.

Такой подход повышает эффективность физических исследований и позволяет исследователям более точно понимать механизмы физических явлений.

Ключевые слова: моделирование, сила Ампера, информационные технологии, виртуальная лаборатория, электричество, магнетизм, амперметр, динамометр, магнитное поле, учебный центр.

METHODS FOR USING COMPUTER MODELING TO CREATE MODELS OF PHYSICAL PROCESSES AND PHENOMENA.

This article is devoted to the study of physical phenomena and processes using computer models. Modeling is the process of creating a model of the object being studied. Training centers provides information about systems, components, and their interactions.

The information obtained allows developers to create more accurate mathematical models. This information, in turn reduces the likelihood of errors and simplifies the analysis process.

The use of computer models to describe various physical processes and phenomena is becoming increasingly important in the process of mastering the laws of physics.

This approach improves the efficiency of physics research and allows researchers to more accurately understand the mechanisms of physical phenomena.

Keywords: modeling, Ampere force, information technology, virtual laboratory, electricity, magnetism, ammeter, dynamometer, magnetic field, training center.

Маълумот дар бораи муаллифон: Нурализода Акмал Ғулом, директори маркази технологияи информатсионӣ ва коммуникатсияи вилояти Хатлон. Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Борбад-13. Телефон**:** (+992) 906777888**.** Почтаи электронӣ: Safarov.akmal@inbox.ru

Олимӣ Ашуралӣ Рамазон, доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти Донишгоҳи давлатии Данғара. Суроға**:** 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25. Телефон**:** (+992) 555-05-09-24**.** Почтаи электронӣ: olimov_19641@mail.ru.

Сведения об авторах: Нурализода Акмал Гулом, директор Центра информационных технологий и связи Хатлонской области. Адрес: 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица Борбад-13. Телефон: (+992) 906777888. Электронная почта: Safarov.akmal@inbox.ru

Олими Ашурали Рамазон, доктор педагогических наук, доцент Дангаринского государственного университета. Адрес: 734065, Республика Таджикистан, Дангаринский район, улица Центральная, 25. Телефон: (+992) 555-05-09-24. Электронная почта: olimov_19641@mail.ru

Information about the authors: Nuralizoda Akmal Gulom, Director of the Center for Information Technology and Communications of Khatlon Region. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Borbad street, 13. Tel: (+992) 906777888. E-mail: Safarov.akmal@inbox.ru

Olimi Ashuraly Ramazon, doctor of pedagogical sciences, associate professor of Dangara State University. Address: 734065, Republic of Tajikistan. Dangara district, Central street, 25. Tel: (+992) 555-05-09-24. E-mail: olimov_19641@mail.ru

Муқарриз: Набиев Ҷ.Ғ., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии Данғара

ТДУ:372.800.4:004.8 (075.8)
К-47

ИСТИФОДАИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ИНФОРМАТИКА

Кибориён Б.К., номзади илмҳои физика - математика, дотсент
Ҷонмуҳаммадзода. И.Т., д.ф. (PhD), муаллими калон
Шамсзода М.Н., докторанти PhD
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Зеҳни сунъӣ кайҳо боз ба як лавозимоти беназири илмӣ ва як ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти ҳаррӯзаи мо табдил гардидааст. Дар солҳои охир, технологияҳои зеҳни сунъӣ ба соҳаҳои гуногуни илмӣ, аз ҷумла дар соҳаи маориф хело хуб мавриди истифода қарор гирифтааст. Ин ҳолат, махсусан дар раванди таълими фанни информатика мушоҳида мешавад. Истифода кардани зеҳни сунъӣ дар раванди таълими фанни информатика имкониятҳои навро барои омӯзиш бо методи таълими интерактивӣ фароҳам меорад ва инчунин сифати таълимро хеле беҳтар мекунад.

Дар раванди таълими фанни информатика мавзуъҳо метавонанд оиди барномасозӣ бошанд ва ба назар гирифтани сатҳи дониш ва маҳорати ҳар як донишҷӯ муҳим мебошад. Системаҳои зеҳни сунъӣ метавонанд дар раванди таълим фаъолиятҳои донишҷӯён, афзалиятҳо ва эҳтиёҷоти инфиродии онҳоро таҳлил намоянд ва сипас маводҳои таълимиро барои ҳар як донишҷӯ мувофиқи сатҳи донишу маҳорати ӯ мутобиқ созанд [14, с. 298].

Масалан, агар донишҷӯ бо ягон қисмати барномасозӣ мушкилӣ дошта бошад, системаи зеҳни сунъӣ метавонад маълумоти иловагиро, аз қабили дарсҳои видеоӣ, супоришҳо ё ҳатто вобаста ба шарти масъала барномаҳои намунавӣ сохта пешниҳод кунад.

Баръакс, агар донишҷӯ маводи таълимиро нағз донад зеҳни сунъӣ метавонад мувофиқи барномаи таълимӣ вазифаҳои душвортареро пешниҳод кунад ва донишҷӯро ба омӯзиши амиқтар ташвиқ диҳад.

Бартарияти дигари системаи зеҳни сунъӣ дар раванди таълими фанни информатика автоматикунонии арзёбӣ мебошад. Платформаҳои муосири таълимӣ бо истифода аз зеҳни сунъӣ метавонанд, ки санҷишҳои сершумор ва вазифаҳои мураккабтарро ба монанди барномасозӣ, арзёбӣ карда ба донишҷӯён пешниҳод кунанд [9, с. 5]. Системаи зеҳни сунъӣ метавонанд коди барномаи сохташударо барои аз хатогиҳо бартараф сохтан бо шарти додашуда мутобиқ мекунонад ва ин имконияти бартарии автоматикунонии арзёбии зеҳни сунъӣ дар соҳаи таълим мебошад [6, с. 107].

Натиҷагирӣ ва баҳодиҳиро ба таври автоматикунонидашуда раванди таълим суръат мебахшад, ки ин махсусан дар донишгоҳҳое, ки синфхонаҳои калон доранд муҳим мебошад, ки дар чунин шароит барои омӯзгорон ба ҳар як донишҷӯй пешниҳоди фикру мулоҳизаҳои муфассалро душвор мегардонад. Дар баробари ин системаҳои зеҳни сунъиро дар раванди кори мустақилонаи донишҷӯён истифода кардан хело муфид мебошад. Системаи зеҳни сунъӣ ба донишҷӯ барои роҳнамоӣ кардан дар мавзуи кори мустақилона, метавонад якчанд роҳу равишҳои дуруст ичро кардани кори мустақилона пешниҳод кунад, ки донишҷӯ хатогиҳои худро зудтар дарк кунад ва онҳоро ба ислоҳот дарорад [8, с. 258].

Рушди забонҳои барномасозӣ тавассути имкониятҳои зеҳни сунъӣ ё платформаҳои бо зеҳни сунъӣ сохташуда ба донишҷӯён омӯхтани забонҳои барномасозиро хело осон аст. Масалан, платформаҳое ба монанди Scratch ё CodeCombat, ки усулҳои бозиро барои сохтани барнома истифода мебаранд, агар бо истифода кардани системаҳои зеҳни сунъӣ муттаҳид карда шаванд, ин барномаҳо ё платформаҳо роҳи асосӣ барои омӯзиши забонҳои барномасозӣ мегарданд [4, с. 29].

Истифодаи зеҳни сунъӣ барои сохтани масъалаҳои интерактивӣ ва амалӣ дар раванди таълими забонҳои барномасозӣ низ кумак мерасонад. Информатика на танҳо илми назариявӣ мебошад, балки татбиқи амалии илмҳои дигар соҳаҳо мебошад. Зеҳни сунъӣ метавонад дар ин қисмати соҳа барои сохтани симулятсияҳои интерактивӣ истифода шавад, ки ба донишҷӯён имконият медиҳад, то ҷанбаҳои гуногуни компютерӣ, барномасозӣ ё ҳатто ба монанди алгоритмҳои гуногун амалӣ карда шавад.

Масалан, бо ёрии зеҳни сунъӣ метавонем барои таълим гирифтан дар муҳити синфхона лабораторияҳои виртуалиро ташкил кард, ки дар он донишҷӯён метавонанд барномаҳои худро аз санҷиш гузаронанд, мушкилоти зеҳни сунъиро низ ҳал кунанд, чатботҳо эҷод кунанд ё шабакаҳои нейрониро бидуни тарк кардани синф сохта ба истифода диҳанд [5, с. 870].

Илова ба ҷанбаҳои технологӣ ва амалӣ, зеҳни сунъӣ ба рушди малакаҳо ба монанди тафаккури интиқодӣ ва қобилияти таҳлили маълумот кумак мекунад. Дар доираи дарсҳои информатика, донишҷӯён метавонанд аз абзорҳои зеҳни сунъӣ барои таҳлили маълумоти калон, таҳияи моделҳои омӯзиши мошинсозӣ ва гузаронидани таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи технология истифода баранд.

Масалан, донишҷӯён метавонанд алгоритмҳои зеҳни сунъиро истифода карда маълумотро таҳлил ва коркард намоянд ва омӯзгор ба онҳо тарзи сохтани моделҳои омӯзиши технология ва инчунин гузарондани таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи технологияро меомӯзонад. Ин ба рушди на танҳо техникӣ, балки малакаҳои таҳлилӣ низ хело кумак мекунад, ки дар замони муосир қобилияти кор кардан бо технологияи иттилоотӣ ва зеҳни сунъӣ аз ҳама муҳим аст [10, с. 254].

Сарфи назар аз ҳама бартариҳои истифодаи зеҳни сунъӣ дар раванди таълим, фаҳмидан муҳим аст, ки нақши омӯзгор ҳатмӣ боқӣ мемонад. зеҳни сунъӣ метавонад як воситаи пуркувват барои таълим бошад, аммо он муошират рӯ ба рӯ ва таваҷҷуҳи тафаккури шахсии омӯзгоронро иваз намекунад. Омӯзгор сарчашмаи асосии ҳавасмандкунӣ, мураббӣ ва шахсе боқӣ мемонад, ки ба донишҷӯён дар азхудкунии мавзуъҳои душвор, ташаккули тафаккури эҷодӣ ва ҳалли мушкилот кумак мекунад. зеҳни сунъӣ бояд воситаи

такмил додани раванди таълим бошад [1, с. 85]. Ин аҳаммияти омезиши таҷрибаи инсонӣ ва технологияро барои эҷоди муҳити беҳтари таълимӣ таъкид мекунад.

Истифодаи зеҳни сунъӣ дар дарси информатика барои баланд бардоштани сифати таълим имкониятҳои васеъ медиҳад. Омӯзиши мустақилона, автоматикунонии баҳодиҳӣ ва сохтани масъалаҳои интерактивӣ ва амалӣ низ кумак мекунанд, ки омӯзиш барои ҳар як донишҷӯ самараноктар, шавқовар ва дастрастар гардад. Бо вуҷуди ин, бояд дар хотир дошт, ки зеҳни сунъӣ танҳо як абзор аст ва нақши он дар таълим дастгирӣ ва такмил додани раванди таълим аст.

Дар ин замина, таваҷҷуҳ ба масъалаи одоб ва ахлоқи рақамӣ ҳамчунин муҳим аст. Ҳангоми истифодаи зеҳни сунъӣ дар раванди таълим, донишҷӯён бояд фаҳманд, ки технологияҳои нав ҳамчун воситаи дастгирӣ хизмат мекунанд, на ҳамчун ивазкунандаи тафаккури инсонӣ [7, с. 38].

Омӯзгорон бояд ба донишҷӯён тарзи дурусти тафсири натиҷаҳои системаҳои зеҳни сунъиро омӯзонанд ва онҳоро ба тафаккури интиқодӣ ва арзёбии манбаъҳои иттилоот ташвиқ кунанд [2, с. 115].

Дар оянда, рушди технологияҳои зеҳни сунъӣ имкониятҳои боз ҳам васеътарро дар таълими информатика пешбинӣ мекунад. Масалан, системаҳои ҳамеша мукаммалшавандаи таълимӣ, ки ба тарзи омӯзиши ҳар як донишҷӯ мутобиқ мешаванд, метавонанд маводҳои таълимиро дар вақти воқеӣ тағйир диҳанд ва ба эҳтиёҷоти таълимии донишҷӯён бештар ҷавобгӯ бошанд. Инчунин, таҳияи алгоритмҳои нави зеҳни сунъӣ, ки қодиранд таълими лоиҳаҳои мураккабро дастгирӣ кунанд, ба донишҷӯён дар фаҳмиши амиқтари сохтор ва тарҳи системаҳои компютерӣ кумак хоҳанд кард [12, с. 82].

Дар баробари ин, омӯзгорон бояд ба таври давомнок дониши худро дар соҳаи зеҳни сунъӣ нав кунанд ва тарзи истифодаи самараноки ин технологияҳоро дар дарсҳои худ омӯзанд [3, с. 12]. Ташкили курсҳои махсуси такмили ихтисос, семинарҳо ва конфронсҳои илмӣ барои омӯзгорон дар соҳаи зеҳни сунъӣ метавонад ба таъмини сифати баланди таълим мусоидат кунад.

Дар маҷмуъ, истифодаи зеҳни сунъӣ дар раванди таълими фанни информатика барои баланд бардоштани сатҳи дониши донишҷӯён ва таъмини рушди малакаҳои онҳо дар соҳаи технологияи иттилоотӣ як роҳи умедбахш аст. Бо ҳамбастагии омӯзгорон, донишҷӯён ва таҳиягарони технологияҳои зеҳни сунъӣ, мо метавонем муҳити таълимиеро эҷод кунем, ки дар он ҳар як донишҷӯ имконият дорад, ки қобилиятҳои худро пурра рушд диҳад ва барои ҷомеаи рақамии оянда омода шавад.

Дар ин росто, муҳим аст, ки нақши зеҳни сунъӣ ҳамчун ҳамкори таълимӣ, на ҳамчун ҳукмрон, муайян карда шавад [13, с. 425]. Донишҷӯён бояд омӯзанд, ки аз ин технология барои ҳалли масъалаҳои мураккаб истифода баранд, вале ҳамеша ҷавобгарии ниҳоиро ба дӯши худ гиранд. Ин маънои онро дорад, ки онҳо бояд натиҷаҳои зеҳни сунъиро санҷанд, тафсир кунанд ва дар ҳолати зарурӣ онҳоро рад кунанд.

Дар оянда, тавсеаи моделҳои зеҳни сунъӣ, ки метавонанд таълими фардӣ ва гурӯҳиро ҳамзамон дастгирӣ кунанд, имкон медиҳад, ки раванди омӯзиш боз ҳам интерактивӣ ва мутаносиб шавад. Масалан, тавассути таҳлили маълумоти фаъолияти донишҷӯён, системаҳо метавонанд душвориҳои онҳоро пешакӣ ошкор кунанд ва роҳҳои ҳалли мувофиқро пешниҳод намоянд [11, с. 145].

Барои ин, омӯзгорон бояд на танҳо ҳолатҳои техникӣ, балки ахлоқии истифодаи зеҳни сунъиро низ омӯзанд. Онҳо бояд ба донишҷӯён фаҳмонанд, ки маълумоти шахсии онҳо ва ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ чӣ гуна бояд ҳифз шавад ва технологии зеҳни сунъӣ набояд барои қаллобӣ ё нусхабардорӣ истифода шавад [15, с. 22].

Дар ниҳоят, ҳамкории байни муассисаҳои таълимӣ, корхонаҳои технологӣ ва давлат барои таҳияи стандартҳои ягона ва раҳнамоҳои ахлоқӣ дар соҳаи зеҳни сунъӣ дар таълим муҳим аст. Ин стандартҳо метавонанд барои таъмини шаффофият, масъулият ва эътимод дар байни ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим мусоидат кунанд.

Дар ин замина, таълими зеҳни сунъӣ бояд ҳамчун воситаи тақвиятдиҳанда барои рушди тафаккури интиқодӣ баррасӣ шавад, на ҳамчун алтернатива ба он. Донишҷӯён бояд дарк кунанд, ки зеҳни сунъӣ метавонад маълумотро суръатбахш ҷамъоварӣ кунад, вале таҳлили амиқ, арзёбии манбаъҳо ва хулосабарорӣ то ҳол вазифаи инсон аст [9, с. 5]. Ин равиш ба онҳо кумак мекунад, ки ба ҷои такяи коркард ба технология, малакаҳои мустақили ҳалли масъалаҳоро инкишоф диҳанд.

Ҳамзамон, зарурати таҳияи механизмҳои назорат ва арзёбии самаранокии зеҳни сунъӣ дар раванди таълим ба миён меояд. Системаҳо бояд натиҷаҳои худро бо далелҳо ва сабабҳо шарҳ диҳанд, то омӯзгорон ва донишҷӯён тавонанд ба он эътимод пайдо кунанд. Дар сурати ба миён омадани хато, ҷараёни ислоҳ бояд шаффоф бошад ва таъсири манфии он ба раванди омӯзиш кам карда шавад.

Дар ин робита, омӯзгорон бояд намунаи масъулиятшиносӣ нишон диҳанд ва зеҳни сунъиро дар доираи қоидаҳои муайян истифода баранд. Онҳо метавонанд сенарияҳои таълимиро тарҳрезӣ кунанд, ки дар онҳо донишҷӯён нақши фаъол доранд ва зеҳни сунъӣ танҳо ҳамчун ёрдамчии техникӣ хидмат мекунад. Чунин равиш фарқи байни восита ва ҳадафро равшан мекунад ва ба рушди ахлоқии донишҷӯён мусоидат менамояд.

Ниҳоят, ҳадафи асосии ин ҳамкорӣ на танҳо баланд бардоштани сатҳи технология, балки таъмини таълими инсонӣ ва фарогир аст. Зеҳни сунъӣ бояд ба онҳо кумак кунад, ки вақти бештарро барои муошират, эҷодкорӣ ва ҳамкории амиқи байни донишҷӯён ҷудо кунанд. Танҳо дар ин сурат технология ба рушди ҷомеаи донишманд ва масъулиятнок мусоидат мекунад ва онро маҳдуд намесозад.

Дар ин замина, муҳим аст, ки барномаҳои таълимӣ барои омӯзиши зеҳни сунъӣ на танҳо ҷанбаҳои техникӣ, балки принсипҳои ахлоқӣ ва иҷтимоиро низ дар бар гиранд. Донишҷӯён бояд омӯзанд, ки чӣ тавр истифодаи дурусти ин технология метавонад ба манфиати ҷомеа бошад ва чӣ гуна хатарҳои эҳтимолиро пешгирӣ кунанд. Ин малакаҳо ба онҳо имкон медиҳанд, ки дар ҷаҳони рақамӣ масъулиятшинос бошанд ва қарорҳои худро бо назардошти оқибатҳои васеъ қабул кунанд.

Ҳамчунин, ҳамкории байни муассисаҳои таълимӣ ва таҳиягарони технологияҳои зеҳни сунъӣ бояд таҳким ёбад. Ин ҳамкорӣ метавонад ба эҷоди платформаҳои мутобиқ ба ниёзҳои таълимӣ мусоидат кунад, ки дар онҳо тавозуни байни автоматизатсия ва назорати инсонӣ риоя карда мешавад. Тавассути чунин шарикӣ, омӯзгорон метавонанд фикру андешаҳои худро барои беҳтар кардани алгоритмҳо пешниҳод кунанд ва донишҷӯён низ дар раванди такмили онҳо иштирок намоянд.

Дар охир, муваффақияти ин ҳамкорӣ аз таъсири мусбат ба раванди омӯзиш ва рушди шахсияти донишҷӯён вобаста аст. Агар зеҳни сунъӣ барои коҳиш додани сарбории маъмурии омӯзгорон ва таъмин кардани вақти бештар барои корҳои эҷодӣ истифода шавад, он метавонад ба таълими амиқтар ва фарогиртар мусоидат кунад. Дар ин сурат, технология на ҳамчун маҳдудият, балки ҳамчун воситаи тавсеаи имкониятҳои инсонӣ хидмат мекунад ва ба таъмини ояндаи устувор барои наслҳои оянда кумак мерасонад.

Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, зарур аст, ки барномаҳои таълимӣ ба таври динамикӣ навсозӣ шаванд ва ба тағйироти босуръати соҳаи зеҳни сунъӣ мутобиқ гарданд. Омӯзиш набояд танҳо ба дарсҳои назариявӣ маҳдуд бошад, балки бояд лоиҳаҳои амалӣ, ҳалли мушкилоти воқеӣ ва таҳлили оқибатҳои иҷтимоиро дар бар гирад. Ин равиш ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки мафҳумҳоро дар амал санҷанд ва дарк кунанд, ки ҳар як қарори техникӣ метавонад ба ҳаёти одамон таъсири мустақим расонад.

Ҳамзамон, таълим бояд ба рушди тафаккури интиқодӣ ва ҳисси масъулият таваҷҷуҳи махсус диҳад. Донишҷӯён бояд омӯзанд, ки зеҳни сунъӣ як абзори ёрирасон аст, на ивазкунандаи қобилиятҳои инсонӣ. Онҳо бояд тавонанд маҳдудиятҳои технологияро шиносанд ва дар ҳолатҳои номуайян ба хулосаҳои худ такя кунанд, на ба алгоритмҳо. Ин малакаҳо ба онҳо кумак мекунанд, ки дар фаъолияти касбии худ тавозунро нигоҳ доранд ва ҳеҷ гоҳ назоратро аз даст надиҳанд.

Дар ин росто, таҳиягарони технологияҳо бояд ба фикру андешаҳои омӯзгорон ва донишҷӯён гӯш диҳанд ва онҳоро дар раванди такмили маҳсулот ҷалб намоянд. Тавассути ҷамъоварии мунтазами бозхонд ва таҳлили ниёзҳои воқеии таълимӣ, метавон алгоритмҳоро ба тавре танзим кард, ки онҳо ба рушди эҷодкорӣ, ҳамкорӣ ва ҳалли мушкилот мусоидат кунанд, на онҳоро маҳдуд созанд. Ин гуна шарикӣ барои сохтани экосистемаи устувор, ки дар он технология ва инсон дар якҷоягӣ кор мекунанд, асос мегузорад.

Ниҳоят, муваффақияти ин талошҳо дар он зоҳир мешавад, ки зеҳни сунъӣ ба як ҷузъи табиии раванди таълим табдил меёбад ва ҳамчун воситаи тавсеаи имкониятҳо, на ҳамчун монеа, қабул карда мешавад. Вақте ки донишҷӯён мебинанд, ки технология ба онҳо барои беҳтар фаҳмидани мавод, таҳлили маълумот ва эҷоди лоиҳаҳои нав кумак мекунад, онҳо нисбати он эътимод пайдо мекунанд. Ин эътимод, дар навбати худ, барои омӯзиши амиқтар ва фарогиртар замина фароҳам меорад ва ба таъмини ояндаи устувор, ки дар он ҳар як насл метавонад аз имкониятҳои рақамӣ ба манфиати ҷомеа истифода барад, мусоидат мекунад.

Адабиёт:

1. Артисевич, А. Применение искусственного интеллекта в образовательном процессе вуза [Текст] / А. Артисевич // Вестник Воронежского государственного университета. Серия: Проблемы высшего образования. – 2021. – № 4. – С. 84–87.

2. Ахмедов, А.А. Истифодаи зеҳни сунъӣ дар раванди таълим ва арзёбии дониши хонандагон [Матн] / А.А. Ахмедов, М.С. Раҳимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои табиӣ ва риёзӣ. – 2024. – № 2. – С. 112–119.

3. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. Талаботҳои ихтисосӣ оид ба қобилияти истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ барои омӯзгорон [Матн]. – Душанбе, 2024. – 24 с.

4. Джонмахмадов, И.Т. Методика обучения сетевым операционным системам в системе школьного образования Республики Таджикистан [Текст] / И.Т. Джонмахмадов // Педагогическая информатика. – 2020. – № 2. – С. 28–33. – ISSN 2070-9013.

5. Зелько, И. Первый Всемирный электронный конкурс в астрономии и астрофизике [Текст] / И. Зелько // Американский журнал физики. – 2023. – Т. 91, № 11. – С. 867–872. – DOI: 10.1119/5.0121242.

6. Коровникова, Н.А. Искусственный интеллект в современном образовательном пространстве: проблемы и перспективы [Текст] / Н.А. Коровникова // Социальные новации и социальные науки. – 2021. – № 2 (4). – С. 98–113.

7. Лапчик, М.П. Цифровая трансформация образования: искусственный интеллект и автоматизированная проверка заданий [Текст] / М.П. Лапчик, В.В. Гриншкун. – Москва: Академия, 2023. – 210 с.

8. Макаренко, Ю.В. Использование искусственного интеллекта в образовательном процессе высших учебных заведений (на примере обучения иностранным языкам) [Текст] / Ю.В. Макаренко, В.А. Венцель, О.Ю. Зеленская // Проблемы современного педагогического образования. – 2022. – № 77-2. – С. 258–261.

9. Мирзоев, М.С. Место и роль информатики в системе основной школы [Текст] / М.С. Мирзоев, И.Т. Джонмахмадов, З.З. Тагоев // Педагогическая информатика. – 2021. – № 2. – С. 3–8. – ISSN 2070-9013.

10. Мирзоев, М.С. Хусусиятҳои дарсҳои онлайн тавассути барномаи телеконференсияи Microsoft Teams дар системаи таҳсилоти фосилавӣ ва раванди ташкил намудани онҳо дар мисоли Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав [Матн] / М.С. Мирзоев, И.Т. Ҷонмаҳмадов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – № 7 (282). – С. 253–268. – ISSN 2074-1847.

11. Носиров, С.Х. Моделсозии равандҳои таълимӣ дар заминаи алгоритмҳои зеҳни сунъӣ [Матн] / С.Х. Носиров // Известия Академии наук Республики Таджикистан.

Отделение физико-математических, химических, геологических и технических наук. – 2025. – № 1. – С. 78–85.

12. Салимов, Н.Ю. Педагогические условия адаптации ИИ-технологий в дистанционных олимпиадах школьников [Текст] / Н.Ю. Салимов, Д.К. Шарипов // Вестник Бохтарского государственного университета им. Н. Хусрава. – 2024. – № 1-3 (115). – С. 134–140.

13. Baker, R.S. Artificial Intelligence in Education: Promises and Implications for Automated Assessment [Text] / R.S. Baker, K.Yacef // International Journal of Artificial Intelligence in Education. – 2021. – Vol. 31, No. 3. – P. 421–445.

14. Mirzoev, M.S. Technological effectiveness of the results of computer science education in secondary school as a factor of the quality of education in the distance learning system [Text] / M.S. Mirzoev, I.T. Dzhonmakhmadov, O.K. Shevchenko // International Conference on Technology Enhanced Learning in Higher Education «TELE2021». – 2021. – P. 297–300.

15. UNESCO. Guidance for generative AI in education and research [Text]. – Paris: UNESCO Publishing, 2023. – 44 p.

ИСТИФОДАИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ИНФОРМАТИКА

Дар мақолаи мазкур раванди ҷорӣ намудани зеҳни сунъӣ дар мактабҳо ва муассисаҳои таълимӣ на танҳо тағйироти технологӣ, балки омодагии омӯзгоронро ба истифодаи ин технологияҳо низ тақозо мекунад. Аз ин рӯ, омода кардани омӯзгорон ва фароҳам овардани шароити мувофиқ барои ворид намудани зеҳни сунъӣ ба раванди таълим нуқтаи асосии татбиқи бомуваффақияти ин технологияҳо мегардад. Дар мақола масъалаи истифодаи зеҳни сунъӣ дар раванди таълими фанни информатика дарҷ карда шудааст. Имкониятҳои технологияҳои зеҳни сунъӣ барои баланд бардоштани самаранокии сифати таълим, фардисозии раванди омӯзиши онлайнӣ, санҷиши бошууронаи автоматии дониш ва рушди малакаҳои мустақилонаи хонандагон ба назар гирифта шудааст. Дар раванди таълим таваҷҷуҳи махсус ба истифодаи чат-ботҳо, ёварони виртуалӣ, низомҳои омӯзиши мутобиқшаванда, таҳлили додаҳои таълимӣ ва воситаҳои тавлиди мундариҷаи рақамӣ дода шудааст. Ҳамчунин, нақши зеҳни сунъӣ дар омӯзиши барномасозӣ, алгоритмсозӣ, таҳлили хатогиҳои барномавӣ ва ташаккули тафаккури алгоритмӣ истифода гардидааст. Дар баробари афзалиятҳо, масъалаҳои вобаста ба ахлоқи истифодаи зеҳни сунъӣ, ҳифзи маълумоти шахсӣ, эътимоднокии иттилоот ва зарурати назорати омӯзгор низ баррасӣ мешаванд, ки истифодаи мақсаднок ва дурусти зеҳни сунъӣ метавонад раванди сифати таълими фанни информатикаро баланд бардошта, муҳити таълимиро муосир, интерактивӣ ва ба талаботи ҷомеаи рақамӣ мутобиқ гардонад.

Калидвожаҳо: зеҳни сунъӣ, барномасозӣ, фанни информатика, чат-ботҳо, платформаҳо, раванди таълим, технологияҳои рақамӣ, чат-бот, ёвари виртуалӣ, муҳити интерактивии таълим.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИСКУССТВЕННОГО ИНТЕЛЛЕКТА В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ ИНФОРМАЦИОННЫХ НАУК

В данной статье процесс внедрения искусственного интеллекта в школы и образовательные учреждения требует не только технологических изменений, но и готовности учителей к использованию этих технологий. Поэтому обучение учителей и создание соответствующих условий для внедрения искусственного интеллекта в образовательный процесс становится главным пунктом успешной реализации этих технологий. В статье рассматривается вопрос использования искусственного интеллекта в образовательном процессе информатики. Рассматриваются возможности технологий искусственного интеллекта для повышения эффективности качества образования, персонализации процесса онлайн-обучения, автоматической осознанной проверки знаний и развития самостоятельных навыков учащихся. В образовательном процессе особое внимание

уделяется использованию чат-ботов, виртуальных помощников, адаптивных систем обучения, анализа образовательных данных и инструментов генерации цифрового контента. Также демонстрируется роль искусственного интеллекта в изучении программирования, разработке алгоритмов, анализе программных ошибок и формировании алгоритмического мышления. Наряду с преимуществами, обсуждаются также вопросы, связанные с этикой использования искусственного интеллекта, защитой персональных данных, достоверностью информации и необходимостью контроля со стороны преподавателей, что позволяет предположить, что целенаправленное и правильное использование искусственного интеллекта может повысить качество образования в области информатики, сделать образовательную среду современной, интерактивной и адаптированной к потребностям цифрового общества.

Ключевые слова: искусственный интеллект, программирование, информатика, чат-боты, платформы, образовательный процесс, цифровые технологии, чат-бот, виртуальный помощник, интерактивная образовательная среда.

USING ARTIFICIAL INTELLIGENCE IN THE EDUCATIONAL PROCESS OF INFORMATION SCIENCE

This article explores the introduction of artificial intelligence into schools and educational institutions, requiring not only technological changes but also teacher readiness to utilize these technologies. Therefore, teacher training and the creation of appropriate conditions for the introduction of artificial intelligence into the educational process are key to the successful implementation of these technologies. This article examines the use of artificial intelligence in computer science education. It explores the potential of artificial intelligence technologies for improving the quality of education, personalizing online learning, automatically assessing knowledge, and developing student independence. Particular attention is paid to the use of chatbots, virtual assistants, adaptive learning systems, educational data analysis, and digital content generation tools in the educational process. The article also demonstrates the role of artificial intelligence in teaching programming, developing algorithms, analyzing software errors, and developing algorithmic thinking. Along with the advantages, issues related to the ethics of using artificial intelligence, personal data protection, information reliability, and the need for faculty oversight are also discussed. This suggests that the targeted and appropriate use of artificial intelligence can improve the quality of computer science education, making the educational environment modern, interactive, and adapted to the needs of a digital society.

Keywords: artificial intelligence, programming, computer science, chatbots, platforms, educational process, digital technologies, chatbot, virtual assistant, interactive educational environment.

Маълумот дар бораи муаллифон: Кибориён Бобоҷон Киборзода, номзади илмҳои физика ва математика, дотсенти кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав,. Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, хиёбони Айни, 67. Телефон: (+992) 987150555, 550951513; E-mail: matinf.fakultet@bk.ru

Ҷонмуҳаммадзода Исломиддин Теша, доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси назария ва методикаи таълими информатика, муаллими калони кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, хиёбони Айнӣ, 67. Телефон: (+992) 940888777, 904888777; E-mail: jonmahmadov96@gmail.com

Шамсзода Муқим Нарзулло, докторанти PhD-и кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67. Телефон: (+992) 025 946 464; E-mail: mukim@mail.ru

Сведение об авторах: Кибориён Бободжон Киборзода, кандидат физико-математических наук, доцент кафедры информационных технологий и методики преподавания информатики Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Адрес: 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, проспект Айни, 67. Телефон: (+992) 987-15-05-55, 550-95-15-13. E-mail: matinf.fakultet@bk.ru

Джонмухаммадзода Исломиддин Теша, доктор философии (PhD) по специальности «Теория и методика обучения информатике», старший преподаватель кафедры информационных технологий и методики преподавания информатики Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Адрес: 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, проспект Айни, 67. Телефон: (+992) 940-88-87-77, 904-88-87-77. E-mail: jonmahmadov96@gmail.com

Шамсзода Муким Нарзулло, докторант PhD кафедры информационных технологий и методики преподавания информатики Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Адрес: 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, проспект Айни, 67. Телефон: (+992) 025-94-64-64. E-mail: mukim@mail.ru

Information about the authors: Kiboriyon Bobojon Kiborzoda, candidate of physical and mathematical sciences, associate professor at the department of information technology and computer science teaching methodology, Bokhtar State University named after Nosir Khusrav. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Sadriddin Ayni Street, 67. Phone: (+992) 987-15-05-55, 550-95-15-13. E-mail: matinf.fakultet@bk.ru

Dzhonmukhammadzoda Islomiddin Tesha, doctor of philosophy (phd) in theory and methodology of computer science education, senior lecturer at the department of information technology and computer science teaching methodology, Bokhtar State University named after Nosir Khusrav. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Sadriddin Ayni Street, 67. Phone: (+992) 940-88-87-77, 904-88-87-77. E-mail: jonmahmadov96@gmail.com

Shamszoda Mukim Narzullo, phd student at the department of information technology and computer science teaching methodology, Bokhtar State University named after Nosir Khusrav. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Sadriddin Ayni Street, 67. Phone: (+992) 025-94-64-64. E-mail: mukim@mail.ru

Муқарриз: Гулова М.Т., н.и.ф-м., дотсент
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав

ТКБ: 378.016:811.111

ТАШАККУЛИ МАЛАКАҲОИ ХОНИШИ ДОНИШҶӮЁНИ ИХТИСОСҲОИ ИҚТИСОДИИ МАКТАБҲОИ ОЛӢ ҲАНГОМИ КОР БО МАТНИ ТАХАССУСӢ

Бобоҷонова М.М., муаллими калон
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бинес ва сиёсати Тоҷикистон

Ташаккули малакаҳои хониш дар раванди таълими забони хориҷӣ, аз ҷумла забони англисӣ нақши муҳимму арзишмандро дорад. Хондани матн дар сатҳи дилхоҳи ташаккули салоҳияти забономӯзӣ арзиши баланди амалиро дорад ва баҳри баланд шудани завқу ҳавасмандӣ ба забономӯзӣ кумак мекунад. Забономӯзӣ чун воситаи наздик шудан ва дарк намудани фарҳанги мардуме, ки забони онро таълимгиранда меомӯзад, хизмат мекунад. Хониши матнҳои тахассусӣ бо забони хориҷӣ на танҳо захираи луғавии донишҷӯёнро ғанӣ мегардонад, балки ба ташаккули тафаккури таҳлилӣ, қобилияти муқоиса ва арзёбии маълумот, инчунин ба истифодаи донишҳо дар фаъолияти амалии касбӣ мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, ташаккули малакаҳои хониш яке аз самтҳои асосии раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, бахусус барои ихтисосҳои иқтисодӣ, ба ҳисоб равад.

«Дар соҳаи таҳсилоти гуманитарӣ, азхудкунии босифати забони англисӣ махсусан муҳим аст. Мутахассиси оянда, ки забони англисии касбии гуманитариро медонад, метавонад ба фарҳанг ва анъанаҳои кишварҳои дигар, хусусиятҳои миллии гуманитарии хориҷӣ таҳаммулпазир бошад» [7, с. 216].

Ташаккули малакаи касбии донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ тавассути забони хориҷӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва ҳамзамон камтаҳлилшуда дар назарияҳои педагогӣ ва амалияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад. Мушоҳидаи раванди омӯзиши донишҷӯён дар донишгоҳи иқтисодӣ, ҳамчунон таҳлили вазъи бозори меҳнат нишон медиҳад, ки сатҳи нокофии омодабошии касбии иқтисодчиёни муосир бинобар маҳдуд будани робита байни омӯзиши забони хориҷӣ ва фанҳои тахассусӣ, инчунин номувофиқатии усулҳои омӯзишии забони хориҷӣ дар донишгоҳи иқтисодӣ бо шартҳои муосири фаъолияти касбии мутахассисони ин тахассус ба вуҷуд омадааст [9, с. 4].

Маҳз маҳорати хониш ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки манбаъҳои касбиро бо забони хориҷӣ дарк намоянд, маълумоти заруриро аз матнҳои илмӣ, иқтисодӣ ва таҳлилӣ ба даст оранд ва донишҳои худро пайваста такмил диҳанд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати муносибати иқтисодии байналмилалӣ, донистани забони англисӣ ҳамчун забони муошират касбӣ ва илмӣ барои мутахассисони соҳаи иқтисод аҳаммияти махсус касб мекунад.

Яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ омӯзиши хондани матнҳои тахассусӣ бо забони хориҷӣ мебошад, ки ба ниёзҳои иттилоотии донишҷӯён ҷавобгӯ аст ва имкон медиҳад, ки донишҳои иловагӣ оид ба ихтисос ба даст оварда шаванд, ки барои мутахассиси баландихтисос зарур мебошанд [3, с. 138].

Ба ақидаи Е.А. Липина, кори пайдарҳаму мунтазам бо матнҳои аз ҷиҳати касбӣ мушаххасшуда барои ташаккули ҳавасмандии устувор мусоидат мекунад ва инкишофи тадриҷии малакаҳои забономӯзиро таъмин менамояд [6].

Хониши миқдори зиёди матнҳо ҳавасмандии ботинии донишҷӯро дар омӯзиши забони хориҷӣ тақвият мебахшад, ки ин дар навбати худ инкишофи намудҳои дигари фаъолияти нутқ, аз ҷумла нутқи шифоҳиро осон ва босуръат мегардонад [1].

«Дар айни замон, муваффақияти ташаккули салоҳиятҳо ва сифатҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳимми донишҷӯро он шароитҳои педагогие муайян мекунанд, ки метавонанд самаранокии раванди ташаккули онҳоро таъмин кунанд» [10, с. 206].

Ҳадафи асосии омӯзонидани қироат ҳангоми кор бо матнҳои вобаста ба ихтисос – ин ташаккули малакаи фаҳмидани маводҳои бо робитаҳои дохилӣ ва мундариҷа пайваст мебошад, ки ягон ҷанбаи касбиро инъикос мекунанд. Истифодаи матнҳои ҷолиб ва аз рӯйи сатҳи омӯхтани забон дастрас барои нигоҳ доштани сатҳи фаъолнокии донишҷӯён кумак мекунад ва барои бомуваффақият аз худ кардани маводу иттилоот мусоидат менамояд. Ба ҳар як матн бо таври ҳадафмандона вазифаҳо пешакӣ омода мешаванд, ки барои роҳнамоии донишҷӯён дар мавзуъҳо ва ҷустуҷӯйи минбаъдаи маълумоти асосӣ таъйин шудаанд. Сохтори осони забонии матнҳо дар мувофиқа бо вазифаҳо оиди ҷустуҷӯйи интихобӣ ва дарки мантиқии мундариҷа барои пурра ва комилан фаҳмидани маводи таълимӣ ва инкишофи суръати қироат шароит фароҳам меоранд. Ин бо таҳқиқоте, ки ба таълими хониши бошуурона дар доираи мавзуъҳои касбӣ бахшида шудаанд, тасдиқ мегардад [4].

Муҳаққиқи намоён Е.Н. Туана қайд менамояд, ки ҳангоми хондан зарур аст ба муносибатҳои маъноӣ байни ҷумлаҳо ва воситаҳои забонии ифодаи онҳо диққати махсус дода шавад (сабаб – натиҷа, шарт – натиҷа, муқоиса, муқобилгузорӣ, тавзеҳ, илова, дақиқсозӣ, ҷамъбаст (хулоса)). Илова бар ин, дар ин марҳила кор ҷиҳати такмили техникаи хондан, аз ҷумла рушди ҷанбаҳои овозӣ ва интонатсионии нутқ, ба роҳ монда мешавад [9].

Хониш дар ҳаҷми калон дар раванди таълими забони англисӣ барои ташаккулёбии салоҳияти баланди хондани матн мусоидат мекунад ва ба инкишофи ҷанбаҳои дигари азхудкунии забон таъсири назаррас мерасонад. Ба ақидаи олимони соҳа, қироати мунтазами шумораи зиёди матнҳои аз рӯйи сатҳи забономӯзӣ дастрас суръати умумии хондани матнро хеле баланд месозад, захираи луғавиро зиёд мекунад ва сатҳи тарси донишҷӯёнро дар

гуфтугӯ ва қироат бо забони хориҷӣ паст мекунад [1]. Аммо дар амал аксарияти донишҷӯён ба қироати мунтазаму ҳаҷман калон одат накардаанд, дар бештари мавридҳо матнҳои хеле мураккаб, ё матни аз ҷиҳати мундариҷа ғайриҷолибро интихоб мекунанд, ки ин ангезаи забономӯзиро паст мекунад ва боиси аз хониши матн даст кашидани онҳо мегардад.

Ҳангоми хониши мунтазами матнҳои касбӣ ба донишҷӯён кор бо матнҳои мувофиқшудаи касбӣ тавсия дода мешавад, ки ҳадафи кор бо онҳо гирифтани иттилоот мебошад, на таҳлили ҳар як вожаи ношинос. Ба андешаи Е.В. Петрова, матнҳои аз ҳад душвор боиси қироати порчавӣ ва «эҳтиётқорона» бо муроҷиати бисёркарата ба луғатҳо мегардад ва ин сабаби ташаккул наёфтани малакаҳои амалҳои худкор ва қироати босуръат монеъ мешавад [8]. Барои донишҷӯён мустақилона интихоб кардани матнҳо хеле муҳим аст, чунки ҳангоме ки мавод аз ҳад душвор бошад ё таваҷҷуҳи донишҷӯёнро ҷалб намекунад, донишҷӯён корро қатъ мекунанд. Ҳамин тариқ, яке аз муқаррароти асосии методии қироати мунтазам дар он аст, ки донишҷӯ маҳз «ҳангоми қироат қироатро меомӯзад» мебошад, ки ин ҳам бо назарияҳо ва ҳам бо амалияи таълим тасдиқ мешавад [6].

Таҳқиқот тасдиқ мекунанд, ки қироати зиёду мунтазам мусоидат мекунад, аз ҷумла ба:

- инкишофи малакаи хондани матн бо суръати нисбатан тез ва фаҳмидани иттилооти ҳаҷман зиёд;
- беҳтар шудани малакаи дарки сохторҳои шумораи вожаҳои ибораҳояш зиёд, ки майлро ба тарҷумаи таҳтуллафзӣ паст мекунад;
- баланд шудани эҳсоси боварӣ ба худ ҳангоми хондани матн;
- зиёд шудани захираи луғавӣ;
- мустаҳкам шудани донишҳои сарфию наҳвӣ;
- беҳтар шудани нутқи хаттӣ ва баланд шудани суръати нутқ, ки ин ҳангоми омӯхтани забони хориҷии касбӣ хеле муҳим маҳсуб мешавад.

Хониши зиёди матнҳо якчанд ҷузъи муҳимро дар бар мегирад, ки рушди тадриҷии суръати хондани матн, ғанӣ гардидани захираи луғавӣ ва ташаккули ҳавасмандии устуворро таъмин мекунанд. Таҳқиқотчиён таъкид месозанд, ки маҳз хониши мунтазам, дар ҳаҷми калон ва матнҳои аз рӯйи сатҳи дониш дастрас самаранокии усули мазкурро муайян мекунанд [11]. Ҳар қадаре, ки донишҷӯ манфиати мунтазам ва зиёд хонданро дарк намояд, ҳамон қадар ташаккулёбии малакаҳои қироат осон мешаванд.

Барои бедор кардани завқу ҳавасмандӣ бояд якчанд омил ба инобат гирифта шавад:

1. **Хондани китобҳои шавқовар**. Донишҷӯён бояд шумораи зиёди матнҳоеро хонанд, ки завқи ҳақиқиро бедор мекунанд ва ба онҳо лаззат мебахшанд. Ба андешаи муҳаққиқони Ғарб, завқу ҳавасмандии эҳсосӣ ба таваҷҷуҳи мутамарказонидашудаи тулонӣ ва инкишофи табиии малакаи моҳиятан дарк намудани иттилоот мусоидат мекунад, чунки донишҷӯён дар мадди аввал ба мундариҷа, на ба ҷузъиёти сарфию наҳвӣ, аҳаммият медиҳанд [8].

2. **Такроран хондани китобҳо**. Хониши такрории ҳамон як матн неруи ҷиддии таълимиро дорад. Хониши такрорӣ ё ҳатто сеюм маротиба хондан эҳсоси комёбиро устувор мекунад ва барои тақвият ёфтани донишҳои луғавӣ кумак мекунад. Профессори лингвистикаи амалӣ Иэн Стивен Пол Нейшн таъкид мекунад, ки хониши такрорӣ барои мустаҳкам кардани лексика ва беҳтар кардани фаҳмиши беихтиёрии матн мусоидат менамояд [9].

3. **Хониш барои фаҳмиши умумӣ**. Дар раванди хониш фаҳмиши мутлақ ва пурраи матн талаб карда намешавад. Ҳадафи асосӣ дар он аст, ки ғояи асосӣ ва сохтори умумии маъноӣ дарк карда шавад. Е.В. Петрова қайд кардааст, ки кӯшиши пурра фаҳмидани ҳар як унсури матн барои тезонидани суръати хониш монеъ мешавад, аммо кӯшиш ба фаҳмидани маънои умумӣ барои ташаккули малакаҳои хониш мусоидат мекунад [8]. Ба монанди он, ки мо ҳар як вожаро ҳангоми хондани матн бо забони модарӣ ё тамошои синамо назорат намекунем, донишҷӯён бояд ба фаҳмиши табиии матн бо забони англисӣ кӯшиш кунанд.

4. **Аҳаммият надодан ба вожаҳои ношинос ё душвор**. Новобаста ба мутобиқ кардани маводҳои хониш донишҷӯён ногузир бо вожаҳои ношинос дучор мешаванд. Аммо онҳо набояд ба фаҳмидани ҳар кадоми он кӯшиш кунанд. Е.А. Липина қайд кардааст, ки мавҷуд будани малакаи аҳаммият ба вожашои ношинос ва душвориҳои ҷудогона, такя намудан ба матни асосӣ муҳим аст, ки ин барои дар маҷмуъ фаҳмидани матн кумак мекунад [6].

Дастури таълимии ба таври лозимӣ таҳияшуда аз низоми махсус таҳиягардидаи супоришҳои самти касбӣ ва салоҳиятокӣ истифода мебарад, ки ба машқҳои пешазматнӣ, матнӣ ва пасазматнӣ ҷудо мешаванд ва хусусияти ҷамъшаванда, репродуктивӣ ва продуктивӣ доранд [5, с. 6].

Хониши такрории саҳифаҳое, ки дар он вожаҳои ношиносу номаълум мавҷуданд, барои барқарор намудани матни том усули самаранок маҳсуб мешаванд. Агар шумораи зиёди душвориҳои лексикӣ ҳангоми хониши такрорӣ боқӣ монад, ин маънои онро дорад, ки матн ба сатҳи дониши омӯхтаи донишҷӯ мувофиқат намекунад ва аз ҳад зиёд душвор мебошад [4].

Вазифаи хониши матн ҳангоми кор бо матнҳои касбӣ. Аксарияти унсурҳои хониш аз рӯйи тартиби муайян ташаккул меёбанд: шиносии пешакӣ, инкишофи ғояи асосӣ ва ё далелҳо ва хулоса. Ҳар як қисми матни касбӣ вазифаҳои муайяни луғавиро иҷро мекунад. Ин вазифаҳо тавассути ҷумлаҳо ё сархатҳое, ки бо ҳам бо ёрии калимаҳо ё ибораҳои ёрирасон алоқаманд шудаанд ва муносибатҳои мантиқиву маъноиро инъикос мекунанд, амалӣ мегарданд. Дар зер мо намудҳои асосии ин гуна алоқамандиро баррасӣ мекунем.

Сохтори хониши матни касбӣ се гурӯҳи асосии вожаҳоро дар бар мегирад: **and**, **or**, **but**, ки барои ифода кардани илова, алтернатива ё чун муқоиса истифода мешаванд. Агар ғояҳо пас ҳамдигар ба таври табиӣ пайдо шаванд, ташаккули далеловарӣ метавонад хеле мустақим ва ошкор бошад. Дар ин маврид алоқаи заминавӣ – «**and**» истифода шавад.

a) Навъи ***«and»:*** алоқамандии натиҷа (*Connectives of Result*)

Мисол:

He passed his examination,	*therefore (*бо ҳамин сабаб*)* *as a result* (дар натиҷаи) *accordingly* (мутаносибан) *thus* (ҳамин тариқ) *consequently* (аз ин рӯ) *(and) so* (бинобар ин)	he had some good news to tell his parents.

Дар ин навъи алоқа муносибати сабабу натиҷа ифода мегардад, ки бо маънии худ бо «**and**» ҳангоми илова намудани натиҷаи мантиқӣ монанд аст. Ин ифодаҳо метавонанд ба амалияи таълимӣ тавассути машқҳо оиди шинохтан ва истифода кардан ворид карда шаванд.

b) Навъи **«*or*»:** алоқаи ифода бо ифодаи монанд (*Connectives of Reformulation*). Намуна:

He said that he had kept the library book for several years,	*in other words* *it would be better to say*	he had stolen it.

Ин гуна пайвандакҳо барои дақиқ намудани маънӣ, бо ифодаи дигар ифода намудан ва ё бо шакли дигар ифода кардани маънӣ истифода мешаванд, ки ҳангоми кор дар самти тафсири мафҳумҳои касбӣ муҳим мебошад.

c) Навъи**«*but*»:** пайвандаки эътироф (Connectives of Concession). Мисол:

The time available for discussion was very limited,	*however* (азбаски) *nevertheless* (аммо) *yet* (то ҳол) *in spite of that* (сарфи назар аз ин) *all the same* (ба ҳар ҳол, новобаста аз ин)	it was still possible same interesting arguments.

Пайвандакҳои гурӯҳи мазкур ихтилоф ё эътирофро ифода мекунанд. Онҳо барои муайян намудани далелҳои мухолиф кумак мекунанд, ки ин махсусан ҳангоми хониши интиқодии матнҳои илмӣ ё касбӣ муҳим аст.

Ҳадафҳои инкишофи малакаҳои хониш ҳангоми кор бо матнҳои касбӣ фаҳмиши амиқ ва дақиқи мазмуни матнҳои касбиро бо забони хориҷӣ таъмин месозад**.** Марҳилаи якуми кор бо матни касбӣ иҷрои вазифаи пеш аз матн мебошад, ки аз он дар бештари мавридҳо дараҷаи фаҳмиши мундариҷаи он вобаста аст. Вазифаҳои пеш аз матнӣ ба ташаккули ангезаҳои хониш, фаъол намудани донишҳои мавҷудбуда ва пешгӯии мундариҷаи матн равона шудаанд. Марҳилаи мазкур аз якчанд унсурҳо иборат аст.

1.Ташаккули ангезаҳо ва ҳадафҳои хониши матн. Яке аз тарзҳои самараноки ташаккули ангезаҳо ва ҳадафҳои хониши матн дар донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ истифодаи матнҳои бо фаъолияти ояндаи донишҷӯён вобастабуда мебошад. Масалан, ҳангоми кор бо матни «An Italian Success Story», ки ба барномаҳои таълимии муқаррарии забони англисӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ ворид карда шудаанд, истифода намудани маҷмуи саволҳои марҳилаи пеш аз матнӣ мувофиқи мақсад аст, ки ин ба таҷдиди донишҳои муҳимми касбӣ ва ҳавасмандкунии фаъолнокии маърифатӣ равона шудаанд. Ба сифати намуна саволҳои зеринро истифода кардан мумкин аст: *What are some of the differences between a family company and a multinational? Do you think it is better to work for a family company or multinational? Which is it better to do business with? Think of three more luxury-goods companies. What products do they make or sell?*

Истифодаи саволҳои мазкур барои воридшавии ҳадафмандонаи донишҷӯён ба мундариҷаи матн мусоидат менамояд. Саволҳо донишҷӯёнро ба таҳлили пешакии хусусиятҳои навъҳои гуногуни ширкатҳо, вежагиҳои сохторҳои ташкилии онҳо, стратегияи рақобат ва омилҳое, ки мавқеи онҳоро дар бозор муайян мекунанд, водор месозанд. Дар ин мавриди ташаккули интизории мундариҷаи матн рӯй медиҳад, малакаи пешгӯйӣ кардани иттилоот инкишоф меёбад, ки ба принсипҳои таълими инкишофдиҳанда ва равиши муоширатӣ-фаъолиятӣ мувофиқат мекунад.

Ғайр аз ин, саволҳои мазкур вазифаи ҳавасмандкунандаро доранд: донишҷӯён ба муқоисаи афкори худ бо иттилооте, ки дар матн ифода шудааст, баъдан васеъ кардани тасаввурот дар бораи механизмҳои амали тиҷорати оилавӣ ва корпоратсияҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Дар натиҷа хондани матн моҳияти фаъолияти мақсадноку бошуурро мегирад, ки на танҳо ба фаҳмидани мундариҷаи воқеии мундариҷа, балки ба рушди афкори интиқодии касбӣ равона шудааст.

Ҳамин тарз саволҳои пеш аз матн, ки бо гурӯҳҳои асосии иқтисодӣ вобастаанд, ба ташаккули ҳавасмандии дохилии таълимӣ кумак мекунанд ва сифати корро дар коркарди матн баланд менамоянд ва ин усули методӣ ба сифати унсури муҳимми омодакунии донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ эътироф мегардад.

Дар солҳои 1930-юм баъзе филмҳое, ки дар ҷунбиши синамои Инглистон таҳти раҳбарии Ҷон Гриерсон сохта шуда буд, ҳикоёте аз нигоҳи шоирона ба мавзуоти иҷтимоӣ дошт. Барои мисол метавон саҳнаҳоеро аз филмҳои «Басти шабона»-и Гарри Ватт ва Базел Райт «Рагҳои зуғол»-и Кавалканти, «Олимпиё»-и Лени Рифенштал ва «Рудхона»-и Пер Лорентсро ишора кард. Тафовути дидгоҳи Кавалканти бо Гриерсон ва Флаҳерти дар он аст, ки Кавалканти ба равобити муштараки байни се омили бунёдӣ дар синамои мустанад таъкид мекунад. Ин омилҳо иборатанд аз масоили иҷтимоӣ, омили шеъриву тахаюлӣ ва масоили фаннӣ. Аммо Гриерсон ба масоили иҷтимоӣ такя мекунад ва Флаҳерти ба ҷанбаҳои шоирона таваҷҷуҳ зоҳир менамояд ва дар ниҳоят савумин мақтаъ дар гиру дори Ҷанги ҷаҳонии дуюм дар кишварҳои бетараф ба вуҷуд омад [7, с. 256-257].

Сарчашмаҳои илмӣ ишора мекунанд, ки яке аз паёмадҳои Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ пайдоиши як навъи филми мустанад буд, ки бо номи филми мустанади шоирона маъруф аст. Нафисӣ дар ин хусус чунин менависад: «Вокуниши бисёре аз синамогарони мустанад нисбат

ба куштор ва касовати Ҷанги ҷаҳонии дуввум рӯ овардан ба мавзуоти таърихи табиӣ ва илмӣ, инчунин нигоҳи шоирона буд, ки ба зебоиҳои атрофашон доштанд. Ин тамоюл дар баҳбуҳаи ҷанг ибтидо дар кишварҳои бетараф ба вуҷуд омад. Суид (Шветсия) кишваре буд, ки бетарафии худро эълон карда буд» [7, с. 95].

Нахустин рӯйкард ба сӯйи мустанади шоирона дар синамо аз Роберт Флаҳерти оғоз мешавад. Ин дар ибтидои солҳои бистуми асри XX барои шаклгирии ҷараёни романтикии амрикоӣ асос гардид.

Филми мустанади шоирона бар хилофи филмҳои гузоришӣ ва достонӣ мутакӣ бар достон ва ё нақшофаринии мудовим нест, балки бештар ба ягонагии фазо ва муҳтавои отифии тасвирҳо такя мекунад. Мавзуъ дар ин навъи филмҳо аҳаммияти дуввумдараҷа дошта, ҳикоят тобеи интихоби тасвири баъдӣ аст ва аз рӯйи хусусияти рӯйдодҳое, ки ҳангоми филмбардорӣ иттифоқ афтода ва низ дидгоҳи шахсии коргардон танзим мешавад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки «филм ҳамеша абзоре барои баёни масъалае хос аст» [10, с. 326]. Бо ин вуҷуд асли мустанади шоиронаро дақиқ муайян кардан мумкин нест, зеро ҳамеша хатари фурӯ рафтан дар як навъ андешагирии ғайриинтиқодӣ ва ғайриилмӣ вуҷуд дорад, ки марзҳо ва ҳудуди қатъие барои навъе аз синамо қоил мешавад. Синамое, ки табиатан хеле васеъ аст. Аз ин рӯ, беҳтар аст, ки нахуст вузуҳи мухталифи онро баррасӣ намуда, омилҳои сершумореро, ки дар коргардонии мустанади шоирона дохил аст, таҷзия ва таҳлил намуд. Сипас, барои фарқ кардани ин навъи филм аз дигар филмҳо қоидаҳои умумӣ муқаррар кардан мумкин аст. Дар филмҳои достонӣ ва гузоришӣ давомнокии ривоят (нақл) аз бозии ҳунарпеша ва мавзуъ ба вуҷуд меояд. Филмномаҳои он монанди хатҳои роҳнамо амал мекунанд ва тамоми ҳодисаҳо ва рӯйдодҳо тобеи филмнома мебошад. Аз ин рӯ, ҳама чиз дар онҳо бояд қаблан пешбинӣ шуда бошад.

Филмнома дар филм мустанади шоирона, тарҳи хеле кӯтоҳест, ки фақат нуқтаи ибтидоиро равшан мекунад. Фазои умумӣ ва мазмуни эмотсионалии образҳо давомнокии филмро муайян карда, мавҷудияти ҳар як саҳнаро дар ривояти хотимавӣ тавзеҳ мекунад. Омили ҳукмкунанда дар интихоб ва идомаи саҳнаҳо бояд мазмуни эҳсосотӣ ва мафҳуми ботинии номаҳо бошад. Ҳангоме, ки эҳсос ва фазои мавриди назар тавассути сиконҳо (василаи пайвандсозии порчаҳои навор) васл карда мешавад, ягонагӣ ва мувозинат байни шакл ва муҳтаво ба даст оварда мешавад ва дар марҳилаи тадвини филм ба таври худкор арзишҳои буриш ва ҳамвазн ба даст меоянд.

Эҷодиёти бадеӣ дар филми мустанади шоирона ба ду марҳила ҷудо мешавад: марҳилаи таҷзия ва марҳилаи таркиб.

Дар марҳилаи таҷзия, яъне ҳангоми филмбардорӣ чашми филмсоз таҷзиягаро аст. Вай аҷзои таркибро дар чорчӯбаи саҳна, равобити замонӣ ва маконӣ байни персонажҳо ва табиати гирду атрофаш ҷустуҷӯ мекунад ва аз ҳар чи, ки бо фикри асосӣ, ҳатто ба навҳе мубаҳам дар иртибот бошад, дар сурате, ки битавонад филмбардорӣ мекунад ва танҳо нигаронии ӯ доштани маҷмуаи васеъ аст, ки он ба таври густурда бояд тасвири муносибатро интихоб намояд.

Дар марҳилаи дуюм, яъне марҳилаи таркиб (марҳилаи тадвин), аввалин халоқият тавассути интихоби дурусти тасвирҳо ба даст меояд. Вақте ки филм ба мизи тадвин мерасад, танҳо фикри норавшан дар бораи он ки филм чӣ гуна сурат мегирад, вуҷуд дорад. Тадвинкунанда дар ҳамкории зич бо коргардони филм дар ҷустуҷӯйи фазои замони филмбардорӣ аст, сипас тасвирҳоро гурӯҳбандӣ ва интихоб мекунад ва ниҳоят онҳоро ба ҳам мепайвандад. Метавон ба сурати маҷмуӣ тарҳе аз кори коргардон ироа дод ва ӯро ба ҳангоми филмбардорӣ тасвир кард ва муваффақияти ӯро зимни омода кардани саҳнаҳое, ки баъдҳо тадвини достонӣ ва тадовими ҷисмонӣ ва отифии филм аз он ношӣ мешавад, дар назар оварад.

Дар вақти тайёр кардани як филми мустанади шоирона баъд аз муайян кардани чорчӯбаи умумии мавзуъ, коргардон ҷои ба наворгириро интихоб карда, сипас бо мушоҳидаҳои дақиқ ва мӯшикофона ҳама аносир ва шахсиятҳо, ашёи мунозираву равобит миёни онҳо мепардозад ва кунҷковона ҷустуҷӯ мекунад ва аввалинро ба ҳам рабт медиҳад.

Дар ин миён камераи наворбардорӣ озодона сабт мекунад ва дар тули ин марҳила фикри созанда озоду сареъ аст ва ҳама чиз арзиши филм шуданро дорад. Масалан, парвози як парранда, танаи як дарахт, нигоҳи як кӯдак ва ҳатто вокуниши як раҳгузар ҳангоми филмбардорӣ ҳамагӣ арзиши филмбардориро дорад. Пас аз ба итмом расидани филмбардорӣ, филм ба марҳилаи тадвин (монтаж) ворид мешавад, ки дар он ҳама чиз дар хидмати пардохт ва баёни синамоӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Лозим ба таваҷҷуҳ аст, ки ҷараёни сюжети филм ба тартиби воқеаҳои асар марбут нест, балки бештар ба канори ҳам қарор додани тасвирҳо аз рӯйи мазмуни эхсосиашон алоқаманд аст ва ба ин тартиб фазое ба вуҷуд меояд, ки дар доираи он ҳодисаҳои филмнома ҷараён мегиранд. Ҳамон гуна ки дар назм тазод ва муроотӣ нозир навъе зарбоҳанги шеърӣ ба вуҷуд меоварад, дар канори ҳам қарор додани тасвирҳо низ амале мушобеҳ анҷом медиҳад, ки беш аз мушаххас шудан бар парда дар зеҳни тамошогар метавонад намоён шавад.

Роҷер Монул, мунаққиди маъруфи англис дар ин бора менависад: «Канори ҳам қарор додани тасовир бисёр сода аст ва ҳар тасвир ғаникунандаи маънои тасвири баъдӣ аст. Синамо низ мисли шеър қудрати худро аз қиёси тасвирҳо ва равобити босуръати андешаҳо ва аз тариқи канори ҳам қарор додани аъмоли башарӣ ба даст меоварад. Баъзе филмҳо шеърҳои кӯтоҳи лирикие мебошанд, ки дар он як силсила тасвирҳои тавсифӣ ба ҳам вобаста мешавад ин вобастагӣ дар асари тавофуқи миёни эҳсосот ва фазост, ки дар аксбардорӣ зуҳур мекунад, ин вобастагӣ ҳамчунин дар замони тадвини филм ва дар асорати ношӣ аз садо ва мусиқӣ, ки ба гӯшу чашм имкони дарки мавзуъро медиҳад, таҷаллӣ пайдо мекунад» [5, с. 8].

Ба ибораи дигар, метавон гуфт, ки барои ҳунари бадеии як филми мустанади шоирона се марҳилаи мушаххас зарур аст:

Марҳилаи аввал мушоҳида ё назар аст. Албатта, нигоҳ кардан (to see) аз назар афкандан (to look) фарқ дорад.

Марҳилаи дуюм таҳлили дарунӣ мебошад, ки ҳосили ҳақиқати равобити падидаҳост. Дар ин марҳила филмсоз аҷзои таркибро дар алоқамандӣ бо вақту замон ва таъсири шахсиятҳо ва табиате, ки онҳоро дар бар гирифтааст, ҷустуҷӯ мекунад.

Марҳилаи сеюм – таркиб аст. Марҳалае, ки дар он ҷузъиёти эҷод худро аз тариқи интихоби дурусти тасвирҳо нишон медиҳад.

Николс Билл сабки шоиронаро таҳти таъсири дидгоҳи баёни ҳунари муосир медонад, ки дар он бознамоии воқеият бар асоси як маҷмуа аз порчаҳои умури воқеӣ, таассуроти зеҳнӣ, тадоиҳои озод ва кунишҳои аз ҳам гусехта сурат мегирад [8, с. 101].

Аз нигоҳи филмсозии мудерн ривояти суннатии воқеъгаро бо сохтори мунсаҷим ва дидгоҳи воҳид ҷойи худро ба ривояти пора-пора, ғайримунсаҷим ва фардгароёна медиҳад. Дар сабки шоирона филмсоз ба дунболи интиқоли навъе лаҳн ва таҷрибаи ҳиссӣ аст, ки аз мувоҷеҳ шудани ӯ бо воқеият сарчашма мегирад. Ин равиш маъмулан аз гуфтумони шеърӣ баҳра мегирад ва бо истифода аз равобити шаклӣ дар ҷиҳати эҷоди як навъ пайвастагии инсиҷоми зебоишиносӣ ва баёни тағозули мафҳумҳо пеш меравад. Дар радифи анвои дигари филмҳои мустанади этнографӣ асли бунёдии мустанади шоирона низ ба он вобаста аст, ки «мунъакискунандаи шинохти мардумнигорона бошад» [9, с. 34]

Дар сабки шоирона филмсоз бо инъикоси ҷанбаҳои ҳиссии шинохти худ аз воқеият мепардозад, ба ҳамин ҷиҳат дар сабк дидгоҳи зебоишиносии филмсоз нисбат ба воқеият тамаркуз ва таъкиди бештаре мекунад.

Дар филми мустанади шоирона таъсир расондан ба таври нохудогоҳ ба тамошобин ва дигар кардани эҳсосоти онҳо аз роҳи интиқоли мустақими иттилоот ва тарҳрезии баҳсҳои зеҳнӣ авлавият дорад. Интихоби тасвирҳо ва унсурҳои дигар ба сабки шоирона дар асоси авлавиятҳои шаклӣ ва ритмӣ сурат мегирад. Дар ин равиш ҳангоми дар канори ҳам қарор додани аҷзо бо аз ҳам гусехтани тадовими замонӣ ва маконӣ ва ҳатто истидлолӣ, навъи тадвини тадоигар ва ритмик дар филм эҷод мешавад. Ба сифати мисоли барҷастаи ин усул филмҳои мустанади «Шиша» (1958) ва «Борон»-ро (1929) номбар кардан мумкин аст. Бояд гуфт, ки шеваи шоирона (Poetic Mode) бар тадоиҳои тасвирӣ, хусусиятҳои оҳангӣ ё ритмикӣ, порчаҳои тасвирӣ ва созмони шаклӣ (формалӣ) таъкид мекунад. Барои намуна, филмҳои

мустанади «Пул» (1928), «Овози Сейло» (1934), «Ба радиои Британиё гӯш медиҳад» (1941), «Шаб ва меҳ» (1955), «Зиндагие бидуни тавозун» (1983)-ро номбар кардан мумкин аст.

Филми мустанади шоирона бо авангардҳои муосир заминаи муштарак дорад. Ба назари коршиносони соҳа «ин шевае аз мустанадсозӣ бо филмсозии таҷрибаи шахсӣ ва авангард қаробате бештаре дорад. Ин равиши қавонин ва қарордодҳои тадвини тадовими мантиқӣ ва ҳиссӣ вуҷуди як фазои хос дар замон ва маконро фидо мекунад то дар натиҷа ба кашфи тадоиҳо ва улгуҳое, ки шомили ритмҳои замонӣ ва ҳамҷавориҳои фазоӣ ҳастанд, даст ёбад» [8, с. 95].

Дар ин филмҳо кунишгарони иҷтимоӣ хеле кам шахсиятҳои комилан айёр ва дорои печигароиҳои равонӣ ва ақоиди собит дар бораи ҷаҳон мебошанд. Мардум ҳам ба унвони маводи хом тирози соири ашёе ҳастанд, ки филмсозон интихоб мекунанд ва ба намунаҳои интихобкардаашон шакл медиҳанд. Барои мисол мо қарор нест, ки бознигарони иҷтимоии ҳеҷ яке аз филми «Борон»-и Урис Ионус (1929)-ро бишиносем, аммо аз таъсири тағозулие, ки Ионус аз як борони тобистона дар Амстердам эҷод мекунад, ғарқи лаззат мешавем.

Дар филми мустанади шоирона уфуқҳои наве аз шинохт барои интиқоли сареҳ ва сара иттилооти кушода мешаванд. Ин равиш бар ҳолат, лаҳн ва таъсиргузорӣ хеле беш аз ба намоиш даровардани дониш ё мутақоид кардан таъкид мекунад. Ба ибораи дигар, дар ин навъи филми мустанад унсурҳои риторикӣ чандон инкишоф намеёбанд.

Носир Фукуҳӣ мустанадҳои шоиронаро яке аз навъҳои таъсиргузори филмҳои мустанади этнографӣ дониста, изҳор медорад, ки «замоне метавон як филмро этнографик номид, ки битавонад инзиботи пажуҳиши илмиро бо ҳунар намоиши синамое бо якдигар талфиқ кунад… » [13., с.10]. Мустанадҳои шоирона агарчи аз олами таърихӣ ба унвони маводи хом баҳра мегирад, аммо ин маводро ба таври хос дигаргун месозад. Масалан, филми мустанади «Ню-Йорк, Ню Йорк» (коргардон Фрэнсис Томпсон (соли 1957), манзараи Ню-Йоркро нишон медиҳад, то нишон бидиҳад, ки Ню-Йорк дар миёнаҳои солҳои 1950 чӣ гуна будааст, аммо масъалаи қобили таваҷҷуҳ ин аст, ки чӣ гуна метавон чунин номаҳоро интихоб ва ба тартиб овард, то ин тасвири шоиронаи шаҳрро ҳамчун як миқдори ҳаҷм, ранг ва ҳаракат эҷод кард.

Усули шоирона паҳлуҳои зиёде дорад, аммо ҳамаи ин паҳлуҳо дорои як нуктаи муштарак ҳастанд ва он нуктаи муштарак ин аст, ки чи гуна садои филмсоз ба пораҳои ҷаҳони таърихӣ, инсиҷоми шаклӣ, зебоишиносӣ ва дигар аҷзои хоси филм таассурот бубахшанд.

Филми мустанади шоирона на табдили объективии воқеият аст ва на нақли достонии як мавқеият, ончунон ки дар филмҳои гузоришӣ ва хабарӣ дида мешавад, балки дар ин ҷо воқеият тавассути андешаи филмсоз дида мешавад, яъне ба тартиб ва мувофиқи диди хос ба ӯ дар бораи чизе таҳия мегардад. Ин амр ба ҳеҷ вачҳ ба маънои қатъ кардани робита бо табиати воқеӣ ва ё пеш аз муҳлат сохтани воқеиёт ва мавқеиятҳо нест. Ин ҷустуҷӯе аст асосӣ, ки аз доираи дурнамои оддӣ берун рафта, мазмуни отифии ҳар як тасвирро баланд мебардорад, то ки воқеияти мушоҳидашуда ба таври амиқтар ва воқеъбинона ифода карда шавад.

Ҳамид Нафисӣ муҳимтарин хусусияти филми шоиронаро «офаридани тасвирҳои мавзун, ҳамоҳанг, латиф ва хаёлангезе медонад, ки шеъри тасвирӣ ё шеъри синамоӣ танҳо як қолаби баёне аст, ки мустанадсоз барои ба вуҷуд овардани фазои шоирона ироа медиҳад» [7, с. 256-257].

Филмҳои мустанади шоирона хусусиятҳое доранд, ки ҳамаи ин хислатҳои гуногун ҳаргиз дар як филми шоирона, як ҷо ва дар як вақт ҷамъ оварда намешаванд. Ҳар як филми мустанади шоирона танҳо бархе аз унсурҳои дар боло зикршударо дорад. Ба ибораи дигар, на ҳама филмҳои мустанади шоирона аз сохтору шаклҳои муштарак пайравӣ мекунанд ва аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Масалан, дар бахши филмҳои мустанад Роберт Флаҳерти, Рон Фрек ва Бретт Ҳанстра ҳамагӣ дар синамои мустанади шоирона қарор доранд, аммо бо нигоҳи татбиқӣ ба филмҳои онҳо, мо дар байни ин филмҳо аз лиҳози сабк, ҷанбаҳои

зебоишиносии визуалӣ, мафҳумҳо ва навъи дидгоҳ тафовути зиёде пайдо мекунем. Бо вуҷуди ин, ҳама филмҳои шоирона ин хусусиятҳоро доранд:

1. Таъсир бар замир ба таври нохудогоҳ бо роҳи ошноизудоӣ;
2. Ҷасорат дар шикастани огоҳонаи қалбҳо ва қарордодҳои роиҷи синамо;
3. Хаёлангезӣ ва эҷоди рӯъё (орзу, ҳавас).

Филмҳои мустанади шоирона аз нигоҳи шакл ва мазмун низ вижагиҳое доранд, ки дар поён дар ин хусус мухтасар ёдовар мешавем.

А) Аз нигоҳи шакл

1. **Асроромез ва муаммоворагӣ** – нигоҳи истиорӣ (маҷозӣ) ва рамзӣ ба падидаҳо, нигоҳи намодгароёна, нигоҳи тамсилӣ, нигоҳи оинӣ, нигоҳи асотирӣ, истифода аз афсонаҳо, истифода аз ҳамосаҳо, эҷоди фазои экзотикӣ, ибҳо (норавшанӣ) эйҳом ва печидагӣ.

2. **Одатгурезӣ ва ошноизудоӣ бо мақсади рӯъёсозӣ ва хаёлангезӣ** –тасвирбардорӣ ва тадвини ғайримутаориф, истифодаи маъногароёна аз таъсири зебоишиносонаи линзаҳои телефото ва воидангол (васеъшаванда ё кушода), мақсаднок истифода бурдан аз ислоувмувшн ва фоустмувшн (кадрҳои оҳисташаванда ва зудгузар). Дар ин навъи филм монтаж аҳаммияти калон дорад ва тадвинкунанда дар миқёси васее дар муваффақияти як филм саҳим аст.

3. **Таҷрибагароӣ дар тамоми сохтори филм** – ба василаи талош дар навоварӣ ва парҳез аз такрори қолабҳо ва шеваҳои баёни шинохташуда. Ривояти шоирона дар филми мустанад боис мешавад, ки ин навъи филми ҳуҷҷатӣ ба як филми авангард ва озодона аз бисёре аз сабкҳо баҳра мегирад то ба зебоишиносӣ ва забони басирии тозае даст ёбад. Ин баҳрагирии озодона метавонад ҳама сабкҳои адабӣ ва ҳунарӣ ба вижа символизм, модернизм, постмодернизм, формализм, романтизм, сюрреализм, экспрессионизм, импрессионизм, минимализм бошад ва ҳамчунин ба шаклгароӣ дар кадрбандии мизонсон, аносири графикӣ, услуби баён ва тадвин мунҷар шавад.

4. **Имзосозии шоирона** – дар навъи ривоят, мусиқӣ, садогузорӣ, нурпардозӣ, саҳнапардозӣ (декоратсия), тадвини пӯё ва ритмик таваҷҷуҳи дақиқ ба матни графикӣ ва ҷанбаҳои пластикии намоҳо, гуфторҳои шоирона дар норейшн (пайвастшавии кадру сухан) филм ё гуфтори қаҳрамонони филм ва сукут (хомӯшӣ).

5. Риояти эҷод ва гузидагӯӣ (интихоб карда гуфтан) дар тасвирҳо, интихоб дар гуфторҳо.

6. Нигоҳи амиқ дар дидани ҷузъиёт ва пардохтан ба тавсифи аҷзои падидаҳо.

7. Истифода аз рақс, ба вижа рақсҳои маросимӣ, асотирӣ ва фолклорӣ: Ба таври мисол, филми «Сомсоро»-и Рон Фрейк

В) Аз нигоҳи муҳтаво

1. Ҳақиқатгироӣ, нигоҳи ирфонӣ ва моваройӣ, нигоҳи фалсафӣ ба ҷаҳон;
2. Нигоҳи ситоишгарона ба табиат ва падидаҳои он;
3. Таваҷҷуҳ ба эҳсосот, ниёзҳо, ранҷҳо, шодиҳо, ормонҳо ва орзуҳои башар;
4. Нигоҳи товилгарона ва тафсиргарона ба инсон ва ҳастӣ – шинохт ва муаррифии инсон ва олам, нақди вуҷуд аз роҳ, эҷоди пурсишҳои бузург, пурсишҳои ҳастишиносона ва инсоншиносона;
5. **Нигоҳи ошиқона ба инсон ва ҷаҳон** – ситоиши ишқ, зиндагӣ, зебоӣ, ахлоқ, озодӣ, ростӣ, наҷот.

Хулоса. Ба андешаи муҳаққиқ Д. Бобоев дар филмҳои мустанад аксаран «намо бар сухан ғолиб меояд» [2, с. 314], вале ин таҳқиқ нишон дод, ки андешаи мазкур на дар ҳама анвои филмҳои ҳуҷҷатӣ дуруст ба назар мерасанд. Барои мисол дар филмҳои мустанади шоирона таъсири сухани мавзун камтар аз намо ё кадрҳои намоишӣ нест. Метавон ба чунин натиҷа расид, ки филмҳои шоирона аз ҷиҳати мазмуну мундариҷаи худ ситоиши зиндагӣ, шукуҳи табиат, ишқ, зебоӣ, растагорӣ, нақди хушунат ва тарсими ранҷҳо, шодиҳо, эҳсосот ва авотифи башариро дар бар мегиранд.

Гуфтори зебову муназзам ва пуроҳангу таъсирбахш дар матни филмнома, ки диққати ҳар бинандаро ба худ ҷалб карда метавонад, муҳимтарин ҷанбаи филмҳои мустанади шоирона аст, ки онро аз анвои дигари синамои ҳуҷҷатӣ фарқ мекунонад.

Адабиёт:

1. Барсам, Р.М. Синамои мустанад (Тарҷумаи Муртазо Порезӣ) / Ричард Маран Барсам. – Теҳрон, 1362. – 340 с.
2. Бобоев, Д. Ҳақиқат ва воқеият дар кинои публитсистӣ / Д. Бобоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/2. – С. 313-316.
3. Борну, Э. Таърихи синамои мустанад. (Тарҷумаи Аҳмад Зобити Ҷаҳромӣ) / Эрик Борну. – Теҳрон: Интишорот, 1380. – 512 с.
4. Имомӣ, Ҳ. Ҷусторе дар гунашиносии синамои мустанади Ирон / Ҳумоюн Имомӣ. – Теҳрон: Идораи кулли пажуҳишҳои симо, 1389. – 296 с.
5. Квинтор, Ф. Роберт Флаҳерти ва синамои мустанади шоирона. (Тарҷумаи Судоба Фазоилӣ ва Манижа Ироқизода) / Фуод Квинтор. Теҳрон: Рузбеҳон, 1360. – 288 с.
6. Кирмонӣ, А.Р. Бозандешӣ дар фарҳанг ва расона / Аҳмадзода Руҳуллоҳ Кирмонӣ. – Теҳрон, 1390. – 326 с.
7. Нафисӣ, Ҳ. Филми мустанад – Усули синамои мустанад дар ду ҷилд / Ҳомид Нафисӣ. – Теҳрон: Донишгоҳи Озад, 1357. – 177 с.
8. Николс, Б. Муқаддимае бар филми мустанад. (Тарҷумаи Муҳаммад Таҳоминажод) / Б. Николс. – Теҳрон: Ҷомеаи нав, 1389. – 420 с.
9. Ҳайдер, К. Филми мардумнигор (Мутарҷимон Меҳрдод Арабистонӣ, Ҳамидризо Қурбонӣ) / Карл Ҳайдер. – Теҳрон: Нашри «Афкор», 1385. – 217 с.
10. Раҳимӣ, М. Нигоҳи гузаро ба филмҳои мустанади этнографӣ (таърих ва марҳилаҳои инкишоф) / Муҳсин Раҳимӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – № 7. – С. 323-329.
11. Раҳимӣ, М. Сохтори филмҳои мустанади этнографӣ / Муҳсин Раҳимӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – № 8. – С. 302-309.
12. Таҳоминажод, М. Синамои мустанади Эрон арсаи тафовутҳо / Муҳаммад Таҳоминажод. – Теҳрон: Интишороти Суруш, 1381. – 288 с.
13. Фукуҳӣ, Н. Даромаде бар инсоншиносии тасвирӣ ва филми этнографик / Носир Фукуҳӣ. – Теҳрон: Нашри “Най”, 1387. – 310 с.
14. Ҷаҳромӣ, А.З. Сӣ соли синамо: Баргузидаи мақолаҳои синамоӣ (1355-1385) / Аҳмад Заботи Ҷаҳромӣ. – Теҳрон: Нашри Ной, 1387. – 376 с.
15. Ҷаҳромӣ, А.З. Шаклшиносӣ ва гунашиносии филми мустанад / Аҳмад Заботи Ҷаҳромӣ. – Теҳрон: Равнақ, 1393. – 288 с.

НАЗАРЕ БА ФИЛМИ МУСТАНАДИ ШОИРОНА

Дар мақола доир ба замони пайдоиш, марҳилаҳои рушд ва вижагиҳои филми мустанади шоирона маълумоти арзишманди илмӣ дода шудааст. Дар шинохти муаллиф филми мустанади шоирона як навъи сабки мустанадсозист, ки дар он филмсозон асосан барангехтани ҳолу ҳавои эҳсосиро дар мухотабон ҳадаф қарор медиҳанд. Таъкид мегардад, ки офарандагони ин гунаи филмҳои мустанад бо истифода аз тасвирҳои ритмноку мавзун, ки тафсири зеҳнии воқеиятро тасвир мекунанд, биниши эҳсосӣ дар мавриди як мавзуъро фароҳам меоранд. Дар филми мустанади шоирона тасвири бо обуранги мавзуъ аз аҳаммияти хоса бархурдор мебошад. Таҳқиқи ин ва дигар вижагиҳои филми мустанади шоирона дар мақолаи мазкур роҳандозӣ шудааст.

Ҳамчунин, дар мақола дар такя ба сарчашмаҳои мухталифи илмӣ дар риштаи мустанадшиносӣ дар хусуси филми мустанади шоирона маълумоти муфиди илмӣ дода шудааст. Тавзеҳи вижагиҳои мустанадҳои шоирона аз нигоҳи шакл ва мазмун, ки аз

муҳимтарин ҷанбаъҳои назариявии ин соҳа ба шумор меравад, дар мақола пажуҳиш шудааст. Дар мақола хулоса шудааст, ки филми мустанади шоирона на баргардони айнии воқеият ва на шарҳи як моҷаро ва мавқеият аст. Чун дигар навъҳои филми ҳуҷҷатӣ дар филми мустанади шоирона ҳақоиқ рӯйкарде аз дидгоҳи мустанадсоз ба воқеияти ашё, фазо ва макон мебошад.

Калидвожаҳо: филми мустанад, мустанади шоирона, таҳқиқ, филмнома, монтаж, коргардон, навор, ҳунар

ВЗГЛЯД НА ДОКУМЕНТАЛЬНЫЙ ФИЛЬМ О ПОЭЗИИ

В статье представлена ценная научная информация о этапах возникновения, развития и характеристиках поэтического документального кино. Поэтическая документалистика – это разновидность документального кино, в котором режиссёры стремятся прежде всего вызвать у зрителя эмоциональное состояние. Создатели этого вида документального кино создают эмоциональное восприятие объекта, используя ритмичные и тематические образы, которые передают интеллектуальную интерпретацию действительности. В поэтическом документальном фильме особое значение имеет красочное изображение объекта. В данной статье рассматривается этот и другие особенности поэтического документального фильма.

Также в статье представлена полезная научная информация о поэтическом документальном фильме, основанная на различных научных источниках в области документоведения. В статье рассматриваются формальные и содержательные особенности поэтического документального фильма, которые являются одними из важнейших теоретических аспектов этой области. В статье делается вывод о том, что поэтический документальный фильм не является ни буквальным отражением действительности, ни комментарием к событию или ситуации. В поэтическом документальном фильме, как и в других видах документального кино, реальность – это отражение точки зрения автора документалиста на реальность объектов, пространства и места.

Ключевые слова: документальный фильм, поэтическая документалистика, исследование, фильмография, монтаж, режиссер, фильм, искусство.

A LOOK AT A DOCUMENTARY ABOUT POETRY

The article presents valuable scientific information about the stages of emergence, development and characteristics of poetic documentary cinema. Poetic documentary is a form of documentary filmmaking in which directors strive primarily to evoke an emotional state in the viewer. The creators of this type of documentary create an emotional perception of the subject using rhythmic and thematic images that convey an intellectual interpretation of reality. In poetic documentary film, a vivid depiction of the subject is of particular importance. This article examines this and other characteristics of poetic documentary film.

It also provides useful scholarly information on poetic documentary film, based on various scholarly sources in the field of documentary studies. The article examines the formal and substantive features of poetic documentary film, which are among the most important theoretical aspects of this field. The article concludes that poetic documentary film is neither a literal reflection of reality nor a commentary on an event or situation. In poetic documentary film, as in other forms of documentary film, reality is a reflection of the documentary maker's perspective on the reality of objects, space, and place.

Keywords: documentary film, poetic documentary, research, filmography, editing, director, film, art.

Маълумот дар бораи муаллифон: Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Тел.: 935806444

Муҳсин Раҳимӣ, унвонҷӯйи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Почтаи электронӣ: mohsen_rahimi@hotmail.comТел.: 0096-597-73-38-54.

Сведения об авторах: Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали, доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Тел.: 935806444

Мухсин Рахими, соискатель Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Электронная почта: mohsen_rahimi@hotmail.comТел.: 0096-597-73-38-54.

Information about the authors: Imomzoda Muhammadyusuf Saydali, doctor of philological sciences, professor at the department of theory and modern persian-tajik literature, Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe. Rudaki Avenue 17. Tel.: 935806444

Muhsin Rahimi, Degree Applicant at the Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe. Rudaki Avenue 17. E-mail: mohsen_rahimi@hotmail.com Tel.: 0096-597-73-38-54

УДК 81 + 316.7:81'272 + 81'26
ББК: 81.0

ИССЛЕДОВАНИЕ ЯЗЫКОВОЙ ИДЕОЛОГИИ, ЯЗЫКОВОЙ ПОЛИТИКИ И ЯЗЫКОВОГО ПЛАНИРОВАНИЯ В СОВРЕМЕННОЙ ЛИНГВИСТИКЕ

Нозимов АА., д.ф.н., профессор
Филиала Национального исследовательского технологического университета «МИСИС» в г.Душанбе

Поскольку на современном этапе развития теории языкового планирования большая часть исследований носит описательной характер, то многие вопросы и проблемы в теории языкового планирования остаются спорными. Одной из главных проблем является не разработанность терминологического аппарата, что значительно затрудняет развитие теории.

Как пишет А.Е. Карлинский, «система понятий, отражающих определённый участок объективного мира, есть теория. Совершенствование какой-либо теории – это прежде всего постоянное разграничение и уточнение её основных понятий» и «терминологический разнобой, особенно в области базисных понятий, затрудняет общение между специалистами, тормозит развитие теории» [Карлинский 2023: 21]. По мнению А.Д. Швейцера, «одной из важнейших предпосылок успешного развития любой дисциплины является разработка её понятийного аппарата. Необходимо не только уточнение основных понятий, используемых в процедуре научного анализа, но и выяснение системных связей, которые существуют между этими понятиями, выявление структуры понятных рядов» [Швейцер, 2016: 31].

Сказанное в полной мере относится к теории языкового планирования. До сих пор не унифицирована терминология, что, в свою очередь, вызывает возникновение множества терминов для обозначения одних и тех же понятий; в лингвистической литературе можно встретить термины: языковая политика, языковое регулирование, языковое планирование, языковое строительство, языковое обустройство, языковая инженерия, глотто-политика, развитие языка, языковое прогнозирование, языковой менеджмент, языковая реформа. Отсутствует единство в определении даже наиболее распространенных и общепринятых терминов. В советской и постсоветской литературе используется термин «языковое строительство», которое употребляется как синоним языкового планирования [Хашимов, 2013], хотя может обозначать и отдельное понятие [Исаев 2008: 10]. Термин «языковая политика» иногда появляется как синоним языкового планирования [Исаев 2008; Герд 2001;

Алпатов 2023]. Хотя обычно под языковой политикой понимаются цели языкового планирования [Швейцер 2017: 9]. Также часто употребляется термин «языковая идеология», который иногда выступает как синоним «языковой политики» [Дешериев 2020]. Очевидность необходимости разграничения основных понятий вытекает не только из теоретической, но и практической необходимости. Так, Н.А. Бенедиктов и А.П. Бердашевич, рассматривая правовые основы государственной языковой политики, выделили три ключевых понятия: политика, государственная политика, по виду деятельности, которые по нашему мнению, соответствуют языковому планированию и языковой политике [Бенедиктов, Бердашевич 2021].

Нами была предпринята попытка уточнить определения и установить взаимосвязи базисных понятий теории языкового планирования. Но прежде, для целей более эффективного анализа, считаем необходимым выделить основные элементы системы, которую мы анализируем.

Языковая идеология – система взглядов и идей, в которой осознаются отношения социальных групп к языку, его роли в обществе, в определении нации, национальностей и государства, в социальных проблемах и конфликтах, в религии, культуре и науке, а также содержатся цели по сохранению или изменению данной языковой ситуации.

Языковая политика – составная часть национальной социальной и культурной политики; сфера деятельности государства, связанная с регулированием языковых отношений в обществе (тех, которые затрагивают интересы всего общества и требуют обязательных для всех граждан решений).

Языковая политика указывает, что стратегический курс в развитии языковых отношений общества обычно закрепляется в конституции и других законодательных документах, а также в специальных национальных программах.

Языковое планирование – сознательные, конкретные мероприятия (попытки) по воздействию определённых субъектов на языковое поведение носителей языка (объектов), изменение функционирования языков (статусное планирование), регулирование структуры языка (корпусное планирование), создание условий для овладения языком (планирование усвоения) и/ или по распространению языка за пределы государственных границ (планирование распространения), через политические, образовательные, экономические, общественные и лингвистические институты.

Как видно из представительных расширенных определений этих понятий, они отличаются друг от друга реализуемыми целями.

В лингвистической литературе среди ученых, занимающихся данной проблематикой, отсутствует единая точка зрения на терминологизацию данных понятий. Например, Л.Б. Никольский, считая, что каждая языковая политика имеет свое «политическое и теоретическое кредо» и имея в виду именно языковую идеологию, тем не менее, не использует термин «идеология» [Никольский, 2018: 11].

В.М. Алпатов говорит о «господствующем общественном сознании» и «идеологических принципах» [Алпатов 1994: 3; 2023:20]. О. Зацепина использует термин «языковые ценности» (Зацепина, 2022: 293). Термин «языковая идеология» был больше принят в западной литературе, хотя в последнее время стал появляться в русскоязычных работах [Мечковская 2006].

Понятие идеологии получило достаточно объемную характеристику в философии и политологии, понятийный аппарат используется нами при анализе языковой идеологии, которая является одной из форм общей идеологии.

Как и любая другая идеология, языковая идеология имеет определённые социальные функции, вырабатывая типы мышления, поведения и программы социального действия, соответствующие интересом определённых групп. Языковая идеология государства выражает интересы определённой группы людей, чаше всего политической и экономической элиты, определяющей корпус субъектов политики. Идеологии, даже ошибочные, не просто случайные заблуждения, а результат исторического процесса, они имеют социальное

предназначение. Идеология первых языковых академий была наивна и утопична; считалось, что «языковые нормы можно определить раз и навсегда и что всё будет именно так, как решит Академия» [Мечковская 2021: 271]. Тем не менее, идеология, возникшая в период становления национальных литературных языков (стандартов), имела довольно чёткие социальные функции: укрепления власти новых центров, самоопределения новых наций посредством языка, интеграции общества вокруг нового недиалектного стандарта, гомогенизации общества, что, казалось бы, невозможно без развития языка для новых функций.

Итак, можно утверждать, что языковая идеология – продукт исторического социального и политического развития общества. По мере изменения общества изменяется и идеология.

Определение идеологии как системы взглядов определённых социальных групп приводит к выводу о неизбежности появления конфликтов в случае несовпадения идеологических установок этих групп. Последнее столетие было отмечено многочисленными языковыми конфликтами: урду, сербский, хорватский, испанский, каталанский, французский, арабский, русский, латвийский, турецкий, курдский. При всём разнообразии и степени интенсивности конфликта некоторые из них носят скрытый характер, а некоторые принимают форму открытой конфронтации, если не принимаются меры по стабилизации ситуации. Эти ситуации очень похожи между собой: причиной конфликтности является столкновение идей культурной гомогенизации и независимости.

Одним из весьма важных и перспективных путей предупреждения языковых конфликтов является правовое регулирование функционирования языков. Законодательное закрепление функции языков при правильной постановке вопроса позволяет учитывать уровень национально-языкового самосознания народа, его социальные потребности, а также создаёт условия для нейтрализации попыток волюнтаристского, субъективного вмешательства в процессы языкового функционирования. Однако правовое регулирование служит совершенствованию национально-языковых отношений лишь в том случае, если законы составляют с учётом особенностей региона, объективных и субъективных факторов его языковой ситуации, т.е. социально- экономических, этнических, культурных условий и ценностных ориентаций, и эмоционально-языкового самосознания коренного населения, а также интересов и устремлений других этнических групп, компактно проживающих в регионе.

Теории общественных наук сами выполняют роль идеологии, поскольку используются для решения возникновений социальных проблем, исходя из различных идеологических установок и ориентаций». Различие в идеологических установках приводит к значительным различиям интерпретации фактов. Так, оценка языковой ситуации и языковой политики в бывшем СССР западными и советским социолингвистами значительно расходилась. Советская социолингвистика с её теорией взаимообогащения языков и с теорией внутреннего и функционального превосходства русского языка (литературного русского языка), служила идеологической базой политики русификации. Некоторые лингвисты открыто признают свои политические и идеологические установки. У. Лабов, например, пишет о «социальной мотивированности и социальном значении» социолингвистических исследований и уверен, что лингвисты могут и должны принимать участие в принятии решений социального характера. Например, содействовать внедрению обучения на языке афро-американцев [Лабов 2016: 5].

Языковая идеология определяет языковое планирование и является основой для выработки языковой политики. В свою очередь, политика влияет на развитие идеологии, поскольку она ведёт к изменениям в социальной структуре общества. Выше уже говорилось, что в центре языковой политики, как и любой другой политики, стоят проблемы власти, её обретения, устройства и использования. Современная политика оказывается артикуляцией противоречивых интересов, решения носят компромиссный характер и подчиняются потребностям коллектива [Швейцер 2017: 150].

Любая политика сводится к трём основным моментам:

1. Постановка принципиальных, а также ближайших целей, которые должны быть достигнуты в заданный промежуток времени;

2. Выработка методов, средств, форм общественной деятельности, с помощью которых поставленные цели могут быть достигнуты оптимальным образом;

3. Подбор и расстановка кадров, способных понять и выполнить намеченные задачи [Бовин 2009: 491].

Языковая политика в Республике Таджикистан представляет собой пример балансирования интересов таджикского языка и русскоязычных народов. Концепция языковой политики Таджикистана заключается в сохранении стабильности и упрочения гражданского согласия.

Применительно к языковой политике Республики Таджикистан можно выделить в ней следующие соответствующие этапы:

1. Выработка концепции, идеологического обеспечения (теоретического и научного), например, «Закон Республики Таджикистан об образовании»;

2. Выбор объекта, предмета и инструментов политики; юридическая регламентация взаимоотношений языков, административное регулирование взаимоотношений языков, финансово-экономическое и материально-техническое обеспечение языковой политики. Выработка плана мероприятий, например, «Государственная программа совершенствования преподавания и изучения русского и английского языков в РТ на период до 2030 г.»;

3. Создание структур, способных внедрять и контролировать реализацию языковой политики, например, в Таджикистане такими структурами являются: Комиссия по внедрению государственного языка при правительстве Республики Таджикистан; Министерство образования и науки; Национальное агентство по делам печати и массовой информации; Институт языка и литературы им. Рудаки Национальной академии наук Таджикистана; Республиканский комитет терминологии при Правительстве Республики Таджикистан; Комиссия по наименованию и переименованию улиц, площадей, скверов, организаций при Хукумате г. Душанбе и т.д.

Не всякая языковая идеология проводит к выработке языковой политики; языковая политика как продукт деятельности государства (=политической системы общества, например, правительства, государственно- территориальных образований, политических партий и т.д.) представляет собой упорядоченное воздействие на языковую ситуацию. В то же время, как показывает опыт, проблемой языкового планирования занимаются и другие субъекты, во многих случаях языковое планирование – довольно хаотичное явление. Как бы там ни было, любое языковое планирование основывается, «не всегда осознанно» (Алпатов 2023: 20), на определённой языковой идеологии, которая иногда реализуется в форме языковой политики. Между понятиями *языковая идеология, языковая политика* и *языковое планирование* существуют определённые отношения. В частности, языковая идеология становится движущим механизмом любого языкового планирования, поскольку она представляет собой взгляды на языковую ситуацию, в которой содержатся цели по её сохранению или изменению. Выбор родителями языка обучения для своих детей (а это акт языкового планирования на уровне индивидов) основывается на их взглядах на роль того или иного языка в обществе в настоящий момент и в будущем. Если субъектом планирования оказывается государство, то языковая идеология ведёт к формулированию политики, а затем на основе выработанной стратегии проводится языковое планирование.

Суть языковой политики предполагает некую структурированность и системность в проведении языкового планирования. Однако, как показывает опыт, языковое планирование, приводимое даже государством, не всегда целенаправленно. Во многом характер языкового планирования зависит от идеологических установок нижестоящих субъектов, которые могут значительно расходиться с официальной идеологией правящей группы. Кроме того в обществе помимо государственных органов могут быть другие субъекты, которые проводят своё языковое планирование. Именно поэтому можно выделить два разных пути влияния

языковой идеологии на языковое планирование, в одном случае – это прямое влияние, в другом случае - влияние через чётко сформулированную языковую политику.

Теперь приступим к рассмотрению некоторых определений языкового планирования. Э. Хауген трактует языковое планирование «как активность по подготовке нормативной орфографии, грамматики и словарей пишущих и говорящих в негомогенных языковых обществах» [Haugen 2014]. По мнению Дж. Фишмана, языковое планирование – это «организованная попытка решить языковые проблемы на национальном уровне» [Fishman 2018: 42]. Языковое планирование может быть определено как менеджмент лингвистических инноваций [Fishman 2018: 42]. Л.Б. Никольский предлагает своё определение языкового планирования и рассматривает его как «совокупность мер, разработанных для целенаправленного регулирующего воздействия на стихийный языковой процесс и осуществляемых обществом (государством)» [Никольский 2018: 114]. Э.Д. Сулейманова и Н.Ж. Шаймерденова полагают, что языковое планирование - это «сознательное регулирование развития языка, сознательное внесение изменений в язык, планируемых политическими, лингвистическими и иными организациями, специально создаваемыми для этой цели или имеющими на это соответствующие полномочия» [Сулейманова, Шаймерденова 2001: 138].

На наш взгляд, все определения дают не совсем полное понимание языкового планирования, т.к. они ограничивают субъекты, объекты, направления инструменты и цели языкового планирования. На наш взгляд, эти понятия языкового планирования должны быть по возможности расширены и обязательно включать любую деятельность любых субъектов, использующих любые инструменты по воздействию на языковое поведение любых объектов. Исходя из этого, предлагается определение, согласно которому языковое планирование понимается как сознательная попытка изменить поведение других в отношении усвоения языка, структуры языка или функционального распределения языков. На наш взгляд, это определение наиболее приемлемо по некоторым причинам: во-первых, оно указывает на опосредованный характер влияния на язык через его носителей, т.к. субъекты планирования могут влиять на языковое поведение носителей, но не могут влиять непосредственно на сам язык; во-вторых, данное определение ограничивает возможности планирования, поскольку не всякое языковое планирование приводит к желаемым изменениям в языковой ситуации (речь идёт о попытках влияния на языковое поведение объектов).

Помимо вышеприведённых понятий, в научной литературе зачастую встречаются понятия «языковое строительство» и «языковая реформа». Языковое строительство – «практическая деятельность и конкретные шаги, предпринимаемые специалистами по реализации языковой политики» [Исаев 2008: 10], то же самое, что и языковое планирование [Сулейманова, Шаймерденова 2001: 141]. Термин «языковое строительство» появился в 20-30 гг. 20 в. и использовался для обозначения деятельности советских лингвистов по корпусному планированию: созданию алфавитов, грамматик, терминов и т.п. Такое историческое понимание термина и его узкая сфера употребления (лишь в работах советских лингвистов), по нашему мнению, ограничивает сферу его применения. В данной работе термин «языковое строительство» будет использоваться в его историческом значении.

Теперь попытаемся рассмотреть основные составляющие языкового планирования. Выбор объекта, предмета и инструмента языкового планирования зависит от выбранных планирующими субъектами подходов к языковому планированию. Согласно классификации Фасольда, к которым можно отнести:

1. Инструментальный подход
2. Социолингвистический подход [Fasold 2021: 12].

При инструментальном подходе язык понимается как инструмент. Сам инструментальный подход, основанный на идее внутреннего превосходства одних языков над другими, выдвигает необходимость совершенствования неадекватных языков [Fasold 2021: 250]. Считается, что любой инструмент, язык, может быть приспособлен для новых целей. При таком подходе приоритетной оказывается способность или неспособность языка

выполнять те или иные функции; при этом символическое значение языка и эмотивно-оценочные отношения к языку во внимание не принимаются.

Для социолингвистического подхода характерно понимание языка как объекта социальной системы. Сторонники этого подхода, не пытаясь улучшить язык, стремятся определить социальные проблемы, связанные с языком. Для них язык является ресурсом, с помощью которого можно решить социальные проблемы. При таком подходе определяются и оцениваются варианты решения проблем, выбирается наиболее оптимальный вариант, разрабатывается и внедряется план и оценивается эффективность планирования [Fasold 2021:251]. Считается, что по своей природе языки равны и должны иметь равные права.

Языковое планирование в СССР в 1920-30 гг. характеризовалось социолингвистическим подходом и было направлено на выравнивание прав языков. Однако позднее языковое планирование трансформировалось в более инструментальное, главным признаком чего стало продвижение русского языка как более развитого и уменьшение роли национальных языков [Reznik 2001]. Данный вопрос является широким полем для проведения дальнейшего исследования.

Литература:

1. Алпатов В.М. Общественное сознание и языковая политика в СССР (20 - 30 гг.) // Язык в контексте общественного развития. - М., 1994.
2. Алпатов В.М. Роль русского языка в мире //Решение национально-языковых проблем в современном мире. - Санкт-Петербург: Златоуст, 2023.
3. Бенедиктов Н.А., Бердашевич А.П. О правовых основах государственной языковой политики// Мир русского слова. -2021. -№ 15.
4. Бовин А.Е. Политика // Философский терминологический словарь.- М.: Советская энциклопедия, 2009.
5. Герд А.С. Введение в этнолингвистику: Курс лекций и хрестоматия. - Санкт-Петербург, 2001.
6. Дешериев Ю.Д. Социальная лингвистика. К основам общей теории. - М.,2020
7. **З**ацепина О., Родригес Х. Противоречия в языковой политике и языковых ценностях США. // Решение национально-языковых вопросов в современном мире. - Санкт-Петербург: Златоуст, 2022.
8. Исаев М.И. Языковое строительство как один из важнейших экстралингвистических факторов развития языка. //Язык и общество. - М., 2008.
9. Карлинский А.И. Язык социального статуса. -Алма-Ата, 2023.
10. Лабов У. Единство социолингвистики. // Социально - лингвистические исследования. - М.: Наука, 2016.
11. Мечковская Н.Б. Социальная лингвистика. -М.: Агент пресс, 2006.
12. Мечковская Н.Б. Общее языкознание: Структурная и социальная типология языков. - Минск: Амалфея, 2021
13. Никольский Л.Б. Языковая политика как форма сознательного воздействия общества на языковое развитие // Язык и общество. - М.: Наука, 2018.
14. Нозимов А.А. Национально-языковая характеристика современного Таджикистана. Монография. - Душанбе: Ирфон, 2024. - 335с.
15. Сулейменова Э.Д., Шаймерденова Н.Ж. Метаязык социолингвистики: проблемы дефилирования // Язык и общество на пороге нового тысячелетия: итоги и перспективы. - М., 2001.
16. Хашимов Р.И. Очерки по языковой политике и культуре. - Елец, 2013. -120 с.
17. Швейцер А.Д. Современная социолингвистика. Теория, проблемы, методы. - М.: Наука, 2016.
18. Швейцер А.Д. К разработке понятийного аппарата социолингвистики. Социально-лингвистические исследования. - М., 2017.
19. Fasold R. The sociolinguistics of society. -Oxford: Basil Blackwell, 2021.

20. Fishman J. Language and nationalism: Two integrative essays. - Rowwley: Newbury House, 2018.

21. Haugen E. Dialect, language, nation. Sociolinguistics: The essential readings. - Oxford: Blackwell, 2014.

22. Reznik V. Language policy and reform in the Soviet 1920s: Practical polemics against idealistic linguistics. Paper presented at BASEES annual conference. - Cambridge, http://www. art, gla. ac. uk/Slavonic /Epicentre/langpolicv.htm, 2001.

ИССЛЕДОВАНИЕ ЯЗЫКОВОЙ ИДЕОЛОГИИ, ЯЗЫКОВОЙ ПОЛИТИКИ И ЯЗЫКОВОГО ПЛАНИРОВАНИЯ В СОВРЕМЕННОЙ ЛИНГВИСТИКЕ

В статье раскрывается некоторые вопросы теории языкового планирования. До сих пор не унифицирована терминология, что, в свою очередь, вызывает возникновение множества терминов для обозначения одних и тех же понятий.

Автор подчеркивает, что в лингвистической литературе можно встретить термины: языковая политика, языковое регулирование, языковое планирование, языковое строительство, языковое обустройство, языковая инженерия, глотто-политика, развитие языка, языковое прогнозирование, языковой менеджмент, языковая реформа. Отсутствует единство в определении даже наиболее распространенных и общепринятых терминов.

Автор предлагает пути единства в определении распространенных и общепринятых терминов.

Ключевые слова: современная лингвистика, языковая политика, языковое регулирование, языковое планирование, языковое строительство, языковое обустройство, языковая инженерия, глотто-политика, развитие языка, языковое прогнозирование, языковой менеджмент, языковая реформа.

ТАҲҚИҚОТИ ИДЕОЛОГИЯИ ЗАБОН, СИЁСАТИ ЗАБОН ВА БАНАҚШАГИРИИ ЗАБОН ДАР ЗАБОНШИНОСИИ МУОСИР

Дар мақола якчанд масъалаҳои назарияи банақшагирии забон баррасӣ мегардад. Истилоҳот бестандартӣ боқӣ мемонад, ки боиси пайдоиши истилоҳоти сершумор барои тавсифи як мафҳум мегардад.

Муаллиф таъкид мекунад, ки истилоҳоти зеринро дар адабиёти забоншиносӣ пайдо кардан мумкин аст: сиёсати забон, танзими забон, банақшагирии забон, сохтмони забон, идоракунии забон, муҳандисии забон, глоттополитика, рушди забон, пешгӯии забон, идоракунии забон ва ислоҳоти забон. Ҳатто дар муайян кардани истилоҳоти маъмултарин ва умуман қабулшуда, якдилӣ вуҷуд надорад.

Муаллиф роҳҳои ба даст овардани якдилӣ дар муайян кардани истилоҳоти умумӣ ва умуман қабулшударо пешниҳод мекунад.

Калидвожаҳо: забоншиносии муосир, сиёсати забон, танзими забон, банақшагирии забон, сохтмони забон, идоракунии забон, муҳандисии забон, глоттополитика, рушди забон, пешгӯии забон, идоракунии забон, ислоҳоти забон.

RESEARCH ON LANGUAGE IDEOLOGY, LANGUAGE POLICY AND LANGUAGE PLANNING IN MODERN LINGUISTICS

This article explores several issues in language planning theory. Terminology remains unstandardized, leading to the emergence of a multitude of terms to describe the same concepts.

The author emphasizes that the following terms can be found in linguistic literature: language policy, language regulation, language planning, language construction, language management, language engineering, glottopolicy, language development, language forecasting, language management, and language reform. There is a lack of consensus in defining even the most common and generally accepted terms.

The author proposes ways to achieve consensus in defining common and generally accepted terms.

Keywords: modern linguistics, language policy, language regulation, language planning, language construction, language management, language engineering, glottopolicy, language development, language forecasting, language management, language reform.

Сведения об авторе: Нозимов Абдулхамид Абдуалимович, доктор филологических наук, профессор, заместитель директора по учебно-методической работе Филиала Национального исследовательского технологического университета «МИСИС» Адрес**:** 734042, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Назаршоева, 7. Телефон: (992)900822882. Адрес электронной почты: aa.nozimov@mail.ru

Маълумот дар бораи муаллиф: Нозимов Абдулҳамид Абдуалимович, доктори илмҳои филологӣ, профессор, муовини директор оид ба корҳои таълимӣ ва методӣ дар филиали Душанбегии Донишгоҳи миллии илм ва технология «МИСИС». Суроға 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Назаршоева, 7. Телефон: (992)900822882. Суроғаи электронӣ: aa.nozimov@mail.ru

Information about the author: Nozimov Abdulhamid Abdualimovich- Doctor of Philology, Professor, Deputy Director for Academic and Methodological Work at the Dushanbe Branch of the National University of Science and Technology «MISIS». **Address:** 734042, Republic of Tajikistan, Kulob, Nazarshoeva 7 str., Phone: (992)900822882. Email: aa.nozimov@mail.ru

ТДУ:004+81′373/21 (075.8)
З - 48

АНҶОМАҲОИ ҶОЙНОМСОЗ ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР ТАШАККУЛИ ҶОЙНОМҲОИ «АВАСТО»

Абдусамадзода Э.А., н.и.ф., дотсент
Зулфираи С., докторанти (PhD)
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Авасто бузургтарин ва маъруфтарин асари таърихӣ, динӣ-фалсафӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ маҳсуб ёфта, шомили беҳтарин шоҳасарҳои адабиёти тоҷик ва хориҷи кишвар, дар баробари «Илиада» ва «Одиссея»-и Гомер, «Ромео ва Ҷулетта»-и Уилям Шекспир, «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ, «Зайн-ул-ахбор»-и Абдулҳай Гардезӣ, «Ҳудуд-ул-олам мин ал-Машриқ илал Мағриб»-у «Таърихи Систон»-и муаллифони номаълум ва монанди инҳо ба шумор меравад. Дар баробари асарҳои зикршуда, инчунин, аз ҷиҳати ҷанбаҳои таърихӣ, динӣ, фалсафӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ ба қатори асарҳои динӣ-фалсафии халқиятҳои гуногуни олам дохил мешавад.

Авасторо беҳтарин сарчашмаи пайдоиши номҳо номидан мумкин аст (ЗС). Он асарест, ки номҳоро бо сохтори калимасозӣ, таърихи баромад, заминаҳои ташаккул ва рушд, вижагиҳои таърихӣ, таснифоти онҳо ба гурӯҳҳои алоҳида ва аз ҷиҳати навъ, шарҳи луғавии онҳо, хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ, грамматикӣ ва этимологӣ номидан мумкин аст.

Бояд махсус гуфт, ки Авасторо хазинаи пурғановати бебаҳои номшиносӣ (ономастика), махсусан, антропонимия ва топонимия меноманд. Омӯзиши амиқи ин бахши лексика аз муҳаққиқони забоншинос заҳмати зиёдро талаб менамояд ва то имрӯз дар забоншиносии тоҷик таҳқиқоти пурра дар бораи анҷомаҳои ҷойномсози мавзеъҳои ҷуғрофии «Авасто» кам ба чашм мерасанд. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳқиқи сохторӣ-калимасозӣ ва таркиби топонимияи назму насри осори давраҳои гуногуни адабиётамон ба масоили муҳимми номшиносӣ дохил мешавад. Дар ин ҷода, муайян намудани роҳҳои калимасозӣ дар осори таърихии ҳар марҳилаи давраҳои ташаккул ва рушди забонамон барои корҳои минбаъдаи ҷамъбастии таснифоти усулҳои калимасозӣ аҳаммияти муҳимми илмӣ-амалӣ дорад. Ба назари инҷониб, таҳқиқи қолабҳои маъносози калимаҳои сохтаю мураккаб дар китоби муқаддаси Зардуштиён

- Авасто барои ошкор намудани рушду нумуи масъалаҳои калимасозӣ ва вожашиносӣ мусоидат мекунад.

Аз давраҳои хеле дури таърихӣ то имрӯз дар сохтани калимаҳо ва номҳои одамону мавзеъҳои ҷуғрофӣ, анҷомаҳои зиёди антропонимию топонимии номсозу топонимсоз серистеъмол буда, нақши калон доранд. Дар Авасто ҳам як гурӯҳ анҷомаҳои топонимсоз истифода гардидаанд, ки таърихи қадима дошта, то имрӯз доираи васеи истифодаи онҳо густариш ёфта, дар ташаккул ва рушди таркиби луғавии забони тоҷикӣ то ҳол корбаст гардида истодаанд.

Дар мақолаи мазкур то қадри имкон бо мақсади муайян сохтани нақши анҷомаҳои ҷойномсоз ва усулҳои истифодаи он дар «Авасто», инчунин, роҳи таърихии тайкардаи онҳо дар давраҳои гуногун оварда шуда, қолабҳои калимасозии ҷойномҳо мавриди баррасии илмӣ қарор мегиранд. Ҳангоми таснифот ва муайян намудани таркиби ҷойномҳо чунин анҷомаҳоро вохӯрдем:

Анҷомаи -ак. Мавқеи анҷома ва ё анҷомаи **«-ак»** дар забоншиносии имрӯзаи тоҷик бо ифода намудани вижагиҳои забонии худ корбаст мешавад ва яке аз анҷомаҳои серистеъмол маҳсуб ёфта, дар забони давраи классикӣ камистеъмол шарҳ ёфтааст. Асосан анҷомаи мазкур дар сохтани номҳои зиёд иштирок намуда, ҳамчун ифодакунандаи хурдиву навозиш ва дӯстдорӣ низ ба чашм мерасад. Ба андешаи А.Л. Хромов «Ин морфемаи грамматикӣ таърихи қадима дошта, аз забони суғдии «-ак», «-ака» сарчашма мегирад ва дар забони яғнобӣ ҷиҳати ифодаи хурдию навозиш ва сохтани исмҳо хизмат мекунад» [Хромов 1977, с.149].

Доираи истифодаи гунаҳои анҷомаи мазкур дар забони адабии тоҷик ва шеваҳои гуногуни давраҳои таърихӣ ба таври зайл нишон дода шудааст. Дар забони адабии тоҷикӣ анҷомаи «**-ак**»**,** «**-акак**» [ЗАҲТ 1973, с.118], дар забони форсӣ «**-ак**»**,** «**-екак**» [Ос.ир.язык 1982, с.71] истифода мешавад.

Маврид ба зикр аст, ки анҷомаи мазкур дар сохтани номҳои одамон ва мавзеъҳои гуногуни ҷуғрофӣ нисбат ба дигар гурӯҳи анҷомаҳои ҷойномсоз серистеъмол ва сервазифа буда, аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик зимни омӯзишу баррасии осори хаттӣ ва мавзеъҳои ҷуғрофӣ истифодаи ин анҷомаро таҳқиқ намудаанд. Муҳаққиқ ва ҷойномшиноси тоҷик Б. Тураев зимни таҳқиқи илмии худ дар сохтани ҷойномҳои водии Яғноб истифода шудани анҷомаи **«-ак»**-ро ба қалам медиҳад, ки номҳои зерин бо анҷомаи мазкур корбаст гардидааст: «Чуванак - кӯҳи доманааш дегмонанд, Чавғарак - номи кӯҳ» [Тураев 2019, с.58].

Чунон ки маълум шуд, истифодаи анҷомаи мазкур дар сохтани номҳои оронимӣ ба чашм расид. Дар номҳои Авасто анҷомаи мазкур ҳам дар номҳои антропонимӣ, аз ҷумла Аренавак [Arenavak], Сангҳавак [Sanghavak], Даҳакҳо [Dahakhā], Муракҳо [Murakhā] ва ҷойноми Сиёмака [Siymaka] ба назар расид.

Дар таҳқиқи муҳаққиқ Б. Камолиддинов доштани ҷилоҳои маъноии анҷомаи **«-ак»** ва муродифҳои он баён шуда, аз ҷумла чунин фикри муносибу мувофиқро меорад: «…суффиксҳои -ча, -ак (-акак) ва морфемаи -ҷон бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ васл шуда, …гоҳе муносибати самимона, меҳру шафқат, ҳиссиёти хурсандӣ, фараҳ, гоҳе ҳазлу шӯхӣ, мазоҳ, гоҳе назарногирӣ, таҳқир, нафрату адовати гӯянда ифода меёбад» [Камолиддинов 1993, с. 196].

Муҳаққиқ Ш. Кабиров зимни баррасии ҳамнишинии унсурҳои забонӣ баён менамояд, ки «анҷомаи «-ча», гунаи дигари анҷомаи «-ак», дар забони муосири тоҷик буда, ҳамчун унсури шаклсозу калимасоз маъмул аст» [Кабиров 2022, с. 88].

Анҷомаи мазкур номи одам ҳам месозад. Оид ба масъалаи мазкур дар таҳқиқи минбаъда таваҷҷуҳ намуда, дар шакли мақолаҳои илмӣ-таҳқиқии алоҳида таҳия ва барои чоп пешниҳод менамоем. Дар Авасто антропонимҳое, ки бо анҷомаи мазкур сохта шудаанд ва дар асар корбаст шудаанд, аз ҷумла: «Маро ин комёбӣ арзонӣ дор, ки ман бар Ажидаҳок– Ажидаҳоки сепӯзаи секалаи шашчашм, он дорандаи ҳазор гуна чолокӣ, он деви бисёр зӯрманди Дуруҷ, он дурванди осебрасони ҷаҳон, он зӯрмандтарин Дуруҷе, ки Аҳриман барои табоҳ кардани ҷаҳони Аша, ба патёрагӣ дар ҷаҳони астуманд биофарид– пирӯз шавам ва

ҳарду ҳамсараш Сангҳавак ва Аренавакро, ки барозандаи нигоҳдории хонадон ва шоистаи зоишу афзоиши дудмонанд – аз вай бирубоям» [Авасто 2014, с. 259].

Зимни тасниф ва гурӯҳбандии мисолҳои ҷамъовардашуда танҳо як топоним-Сиёмака (номи кӯҳ) истифода шудааст: «Сичидава, Аҳурна, Раемана, Ашастимбана, Урунйуваиди-мидка, Аснавант, Ушаума, Уштахваран, Сиёмака, Вафрйа, Воуруша» [Авасто 2014, с. 382]. Шарҳи оронимияи мазкур дар асар ба таври зайл оварда шудааст: «Сиёмака: номи кӯҳест. Вест ҳадс задааст, ки ин кӯҳ ҳамон Сиёҳкӯҳ дар Афғонистон бошад, ки аз сӯи ховари Ҳирот то Ҳарирӯд кашида шудааст. Сиёмак ба маънии «сиёҳмӯй» ё «дорои мӯи сиёҳ» аст ва номи писари Гайумарт дар «Шоҳнома» ҳамин вожа аст» [Авасто 2014, с. 730].

Анҷомаи -бон. Дар сарчашмаҳои таърихӣ ва илмӣ, аз ҷумла «Вожашиносии забони форсии миёна» оид ба ин анҷома чунин оварда шудааст: «Анҷомаи -bān/-wān (<pāna – «поидан», ав., ф.б. – pāy – маънои он дар сохтани исмҳои фоил «поянда, нигоҳбон: zēndānbān» зиндонбон», marzbān «марзбон», pāsbān «посбон» дида мешавад» [Саймиддинов 2001, с. 123-124].

Бо чунин анҷомаҳо истифода шудани онимҳо дар Авасто ба гунаи аввали он **-бон** чунин номҳо муайян карда шуд: «Отурбон [Āturbān] (номи дев), Зарвон/Зарвони бекарона [Zarvān//Zarvāni bekarāna]. Дар асар оварда шудааст: «Аз ин пас, Отурбон дарҳамшикананда ва табоҳкунандаи пешрафт барои густариши дин, бар сарзамини ман роҳ нахоҳад ёфт» [Авасто 2014, с. 364]

Дар «Грамматикаи забони тоҷикӣ» гуфта мешавад, ки «…дар забони адабии ҳозираи тоҷик морфемаи **-бон** маънои луғавии худро барҳам дода, ба категорияи суффикси калимасоз гузаштааст. Ба категорияи калимасоз гузаштани **-бон** дар калимаҳои **мизбон, нигоҳбон, бодбон** ва **соябон** равшан зоҳир мегардад. Ин анҷома дар забони тоҷикӣ аз исмҳои моддӣ ва асоси замони гузаштаи феъл исмҳои ифодакунандаи шахс (**боғбон, галабон, осиёбон, саройбон, дарбон, тарозубон**) ва номи ашё (**бодбон, соябон**) месозад» [ГЗАҲТ 1985, с. 45].

Ба ҳамин тариқ метавон гуфт, ки анҷомаи **-бон** роҳи дуру дарози таърихиро тай карда, аз калимаи мустақилмаъно то унсури ёрирасон чун морфемаи нисбатан фаъол дар назму насри тоҷик хизмат кардааст.

Анҷомаи -вант. Анҷомаи мазкур дар Авасто хеле серистеъмол аст. Анҷомаи мазкур аз рӯйи тасниф ва гурӯҳбандии номҳои зиёд сохта, ба бахшҳои ономастика - топонимия ва антропонимия тааллуқ доранд. Зимни таҳқиқ ва таснифи маводи ҷамъкардашуда ба анҷомаи мазкур чунин номҳои одамон ва мавзеъҳои ҷуғрофӣ пайдо шудаанд. **Антропонимҳо:** Асмухвонвант [Asmuxvānvant], Татрйаван / Татрийавант [Tatryavan / Tatriyavant], Аштаурвант [Aštarvant]… **Топонимия.** Аснавант [Asnavant] (номи кӯҳ), Аурвант [Aurvant] (теғаи кӯҳ), Дараушишванта [Daraušišvanta] (кӯҳ), Йима пури Виваҳвант [Yima puri Vivahvant], Раевант [Raevant] (кӯҳ), Соириванта [Sāirivanta] (кӯҳ), Хванвант [Hvanvant] (кӯҳ)...

Дар матни асар чунин зикр шудааст: «Фарру подоши маздоофарида, Фарри эронии маздоофарида, Фарри каёнии маздоофарида, Озари Аҳура Маздо, Кайхусрав, дарёчаи Хусрав, кӯҳи Аснаванти маздоофарида, дарёчаи Чайчасти маздоофарида, Фарри каёнии маздоофарида…» [Авасто 2014, с. 382]; «Шашумин кӯҳи Ерезура, ҳафтумин Бумйа, ҳаштумин Завдита, нуҳумин Мазишвант, даҳумин Антаредангҳу, ёздаҳумин Ерезиша, дувоздаҳумин Ваитигаеса…» [Авасто 2014, с. 382].

Дар сарчашмаҳои таърихӣ ва илмӣ дар даврaҳои густариш ва рушди анҷомаи «-вант» дар шаклҳои «-ванд» истифода шудааст. Чунин шакли истифодаи анҷомаи мазкур ба ҳодисаҳои фонетикӣ алоқаманд буда, овози «т» ба «д» мубаддал гаштааст. Даврaҳои таърихии анҷомаи мазкур чунин аст: «Анҷомаи **-ванд –** унсури вожасоз, шакли дигари вожаи банд- бастан, пайвастан, натиҷаи ‘б’ > ‘в’ мебошад, масалан дар вожаҳо анҷома, пешванд, миёнванд, дастванд ва ғ. (ниг. ба вожаи банд). Муқоиса кунед бо яғн. ‘вант’- банд, арғамчин. Инчунин, дар вожаҳои таърихӣ маънои соҳибиятро низ ифода дорад, масалан дар вожаи ав. ‘mazgavant’, ки бо маънои бомағз, мағздор, бузург, доно тавзеҳ ёфтааст» [Тухтасунов 2022, с. 119].

Анҷомаи -вар. Яке аз анҷомаҳое, ки аз забонҳои бостон маншаъ мегирад. Тибқи таҳқиқи донишмандон, аз ҷумла В.С. Расторгуева «дар забони форсии миёна шакли -var//ovar мебошад» [Расторгуева 1966, с. 36] ва мутобиқи баррасиҳои донишманд Додихудо Саймиддинов «шакли -war (<bara «баранда») [Саймиддинов 2001, с. 124] дошта, исми сифатсоз аст.

Ҳамин тариқ, анҷомаи **-вар** яке аз унсурҳои сарфии қадимии забонамон буда, аз қадим то имрӯз истифода мешавад. Анҷомаи мазкур дар сохтани номҳои топонимӣ ва антропонимӣ, ба монанди Фарвар [Farvar], Шаҳривар [Šahrivar], Шедвар [Šedvar] низ ба таври васеъ истифода шудааст: «Ситоиш ба ҷой меоварам Баҳману Ардибиҳишту Шаҳривару Спандармаду Хурдоду Амурдод ва Геушташану Гаушурвану Аҳура Маздо – тухшотарин Амшоспандонро» [Авасто 2014, с. 30]. Ҷойи дигар чунин гуфта шудааст: «Ради бузургвор, шаҳриёри Шедвар, Апам Напати тезаспро меситоем» [Авасто 2014, с. 50].

Анҷомаи **-вар** анҷомаи сифати нисбӣ ва ахлоқ амандкунанда ба шахс ва ё ашё. «Дар ф.м. бо гунаи ‘var (-w’l)’, мон. w’r дучор мегардад. Дар бунёди калимаҳои ф.м. ‘dādvar’ - додгар, қозӣ; ‘kēnvar’ – қасосгир, кинакунанда; ‘bahrvar’ – баҳравар; ‘ranjvar (lncwl)’, мон. rnzwr – ранҷвар, зулмкунанда ва ғ. истифода гаштааст. Онро аз эр.қ . ‘bara’ – баранда медонанд, ки дар ф.қ . ‘arštibara’ – ҷанговари найзадор, бо найза раванда, ‘vaç abara’ – ҷанговари камондор ва ғ. ба назар мерасад» [Ос.ир.язык 1982, с. 74].

Анҷомаи -вор. Ин анҷома таърихи қадима дорад. В.С. Расторгуева «шакли -var доштани онро дар забони форсии миёна зикр карда, исму сифатсоз маънидод мекунад» [Расторгуева 1966, с. 35].

Пайдоиш, ташаккул ва рушди ҷойномҳо вобаста ба мавқеи истифодаи формантҳо дар забон, имконияти формантҳо дар рушди ҷойномҳо, дараҷаи истеъмолии топоасосҳову топоформантҳо дар раванди номсозӣ вобастагии зич дорад. Аз ин рӯ, муҳаққиқи маъруф А.В. Суперанская дуруст менигорад, ки «Гурӯҳҳои семантикии ҷойномҳо, ё дар асоси умумияти топоасосҳо ва ё дар заминаи умумияти топоформантҳо ба амал меоянд» [Суперанская 1985, с. 103].

Эроншиноси варзида В.С. Соколова низ таърихи баромади вожаи **вор**-ро бо боварии комил аз решаи рага-и авестоӣ эълон дода, аз замири он маънии «тарафи муқобили дарё, рӯ ба рӯ, он тараф, он сӯ» [Соколова 1967, с. 40] шарҳ медиҳад. «Ин вожа ба баъд зимни тақозои меъёрҳои фонетикӣ дар забони суғдӣ, ки он ба давраи миёнаи рушди забонҳои эронӣ иртибот мегирад, бо шакли овозии ръr мавқеъ пайдо кард» [Хромов 1969, с. 96].

Анҷомаи -вор аз таркиби ин ҷойномҳо дар сарчашмаҳои авастоӣ ва луғатномаву фарҳангҳои тафсирӣ-этимологӣ ба назар нарасид, дигар муҳаққиқон, бахусус, ашхоси номшинос, ҳам дар ин бобат чизе нагуфтаанд. Аммо қиёси мавод бо асноди пажуҳиши таърихӣ ба хулосае водор месозад, ки «**-вор** дар давраи миёнаи инкишофи забони форсӣ ба ҳайси анҷома ба гунаи –warag (war-ag) роиҷ буд ва ҳамчун унсури номсоз исмҳои макон месохт, ки намунаи онро дар мисоли вожаи gahwarag (гаҳвора) метавон дид» [Саймиддинов 2001, с. 115].

Зимни таҳқиқ ва омӯзиш танҳо ду ҷойном Фарвор [Farvār] ва Пиромунфарвор [Pirāmunfarvār] бо истифодаи анҷомаи **-вор** дар Авасто пайдо шуд: «Пиромунфарвор: фазои гирдогирди хона. Боғча, гулкориву дарахткории даври хона. Ин таркибро устод Муқаддам дар гузориши фаргарди дувуми «Вандидод» (Ҷам.) ба ҷои «паириварем»-и авестоӣ ба кор бурдааст» [Авасто 2014, с. 720]; «Фарвор, бар вазни парвор, хонаи тобистониро гӯянд умуман ва болохонае, ки атрофи он дарҳо ва панҷараҳо дошта бошад, хусусан ва ба маънии хонаи зимистонӣ ҳам ба назар омадааст. Дар «Матнҳои паҳлавӣ»-и веростаи Ҷомосп Асана ва «Забури паҳлавӣ» ин вожа ба маънии кох омадааст» [Авасто 2014, с. 747].

Муҳаққиқи маъруфи топонимшинос А.Л. Хромов зимни таҳқиқи ҷойномҳои суғдии саргаҳи Зарафшон ба хулосае меояд, ки дар номҳои ҷуғрофии ин мавзеъ анҷомае бо истилоҳи **-вара** истифода шудааст. Ба ақидаи муҳаққиқ анҷомаи мазкур дар ҷойномҳое истифода мешаванд, ки фаровонии ашё дар он ҷо зиёд аст, ба монанди «Ин формант одатан дар таркиби номҳое вомехӯрад, ки он номҳо дар ифодаи мафҳуми қитъаҳои хурду бузурги

замин ба кор мераванд ва дар он қитъаҳо ягон навъи алаф, гиёҳ, ё бутта хеле зиёд месабзад. Барои мисол муҳаққиқ топонимҳои Торонвара, Чукривара, Катквара ва амсоли инҳоро намуна меорад» [Хромов 1969, с. 95].

Мавриди зикр аст, ки то имрӯз бо анҷомаи мазкур номҳои ҷуғрофӣ, аз ҷумла Сангвор, Сабзавор ва монанди инҳо корбаст мегардад.

Ҳамин тариқ, анҷомаи мазкур низ дар Авасто чунин ҷанбаҳои луғавии худро гум накарда, ба маъноҳои болозикр алоқамандии зич доранд. Яъне, ҷойноми Пиромунфарвор ба маънои ифодакунандаи гирди хона, боғча, гулпарварӣ ва дарахтони зиёди гирди хонаро гӯянд. Дар номи дигари ҷойноми - Фарвор, ки аз ду ҷузъ Фар+вор таркиб ёфтааст, ки ба маънои хонаи тобистона, ё болохонае, ки дару панҷараҳо дорад. Инчунин, ба маънои хонаи зимистона ва кох низ дар сарчашмаҳо зикр шудаанд.

Ҷузъ ва калимаи «фар-» бошад баромади таърихӣ дошта, «дар луғатномаҳо, фарҳангнома ва энсиклопедияҳо ба шаклҳои гуногун тафсир шудааст. «Вожаи «фар» дар шакли «фар», «фарра», «фарн», «фарна», «хур», «хурра», «хура» ифода шуда, дар забони тоҷикӣ ин вожа чун «фар» бештар шуҳрат ёфта, шакли «хурра» ҳамчун муодили ин калима ва вожаи «фарн» дар забонҳои дигари дунё, аз ҷумла осетинӣ омадааст» [Топоров 1980, с. 1023].

«Калимаи «фар» аз забони авастоии «xvarna» (хварна), ки асли муодили он дар забони форсии бостон «фарна» омада, дар забони паҳлавӣ ҳамчун «фар/фарраҳ» ва ё «хвар» «хварраҳ» [xvarr(ah)]» зикр шудааст» [Жола 1383, с. 350].

Дар Авасто вожаи «фар» ба гунаҳои зиёд истифода шудааст, аз ҷумла Фарри Зартушт [Farri Zartušt], Фарри Ҷам/Фарри Ҷамшед [Farri Ĵam/Farri Ĵamšed], Фарри маздоофарида [Farri mazdāāfarida], Фарри нек [Farri nek], Фарри каёни/Фарри эронӣ [Farri kayni/Farri erāni]… Инчунин, ҷузъи «фар» дар сохтани дигар номҳои антропонимӣ ва топонимӣ корбаст гардидааст.

Истилоҳи «фарри ориёӣ» дар Авасто чун шоҳи бузурги соҳибхирад, тавоно, дорандаи фар ва дорои ахлоқи нек, ки бо тавоноии худ қувваи бадиро шикаста, онро фурӯ кӯбад, тавре ки аз забони Аҳуромаздо омадааст: «Ман фарри ориёиро биёфаридам, ки аз сутур бархурдор, хуб рама, тавонгар ва фараҳманд аст. Хиради нек оварида ва дорои хуб фароҳам омада бахшад, озро дарҳам шиканад ва душманро фурӯ кӯбад», ё дар банди дигар омадааст: «Фарри ориёӣ Аҳримани пургазандро шикаст диҳад, хашми хунини дарфашро шикаст диҳад, бӯшоспи хоболударо шикаст диҳад, ях (бандони) дар ҳамафсурдаро шикаст диҳад, опӯши девро шикаст диҳад, сарзаминҳои онирорро шикаст диҳад» [Дӯстхоҳ, с. 481].

Ҷузъи мазкур дар матни Авасто таҳқиқи алоҳидаро талаб менамояд ва бо шарҳи ҳамин қадар маълумот иктифо намудем.

Анҷомаи -гоҳ. Анҷомаи **-гоҳ** дар забони форсии қадим ба ҳайси унсури ифодакунандаи семантикаи замонӣ истифода шудааст [Саймиддинов 2001, с. 101]. Муаллифони «Грамматикаи забони тоҷикӣ» дар бораи вожаи мустақил будани ин анҷома нуктаҳои муҳим иброз намудаанд ва ба ин андешаанд, ки воситаи калимасоз шудани он дар ҷараёни ташаккули забон сурат гирифтааст [ГЗАҲТ 1985, с. 141-142]. Ҳамчунин, Ш. Рустамов ба таҳқиқи ин анҷома даст зада, ба ин андеша аст, ки: «Гоҳ аслан калимаи мустақилмаъно буда, бо мурури замон маънои мустақили лексикии худро гум карда, дар забони адабии ҳозираи тоҷик ба суффикси сермаҳсул табдил ёфтааст» [Рустамов 1981, с. 132].

Истифодаи анҷомаи мазкур чунин баромади таърихӣ дорад: «-гоҳ ҷой, макон (ба ин маъно бештар ҳамчун ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб меояд, чун дар калимаҳои коргоҳ, хобгоҳ, чарогоҳ), инчунин, вақт, замон-ро низ ифода дорад.

Дар ф.м. бо гунаи ‘gah’, мон. ‘g'h’, ф.кл. ‘gah’, бахт. ‘gah’- макон, вақт, дар гур. ‘gahy’, ласг. ‘gahy’, сив. ‘gahy’ абд. ‘gah’ танҳо барои ифодаи вақт истифода мегардад. Дар бархе бо гунаи такрор дучор мешавад, чун курд. курм., гел. ‘gahy ga’ ки бо тоҷ. ‘гоҳ-гоҳ’– баъзан, ягон вақт мувофиқат дорад. Аз ф.м. ‘gah’ дар натиҷаи бадалгардии g > j ва тахфифи

h, тоҷикии ‘ҷо’ пайдо шуда, ба мо бо гунаи ‘ҷой’ -макон расидааст. Дар гӯишҳои тоҷ. шакли ‘ҷо’-ҷой низ мустаъмал аст.

Эҳтимол, ав. gātu-: gātav- 1) ҷой, макон; 2) – ҷой барои истироҳат, ҷойи нишаст, ҷойи хоб; тахт, курсӣ; ф.қ. gāϑu- ҷой, макон; тахт бо вожаи гоҳ дар иртибот, аввал барои ифодаи макон эҳё шуда, баъд ифодаи вақт, замонро низ пазируфта бошад» - иброз медорад В.С. Расторгуева [Расторгуева 2007, с. 269].

Дар Авасто номҳои ҷуғрофии зерин бо анҷомаи мазкур сохта шудааст: Аҳунавадгоҳ, Ваҳиштаиштигоҳ, Воҳухшатрагоҳ, Уштавадгоҳ... «Бо ин зауру барсам хостори ситоишам «Воҳухшатрагоҳ»-и ашаван, ради ашаваниро» [Авасто 2014, с. 607]. «Агар хосторӣ, ки дар ин ҷо аз Аша баҳраманд шавӣ ва равониту аз фарози Чинводпул бигзарад ва бо бархурдорӣ аз Аша ба беҳтарин ҳастӣ расӣ, комравоии хешро «Уштавадгоҳ» бархон» [Авасто 2014, с. 745].

Анҷомаи -истон. То замони устод Рӯдакӣ дар забони форсии миёна ин анҷома дар шакли -stan ва -istan истифода мешудааст [Расторгуева 1966, с. 34]. Доир ба ин масъала муҳаққиқ Додихудо Саймиддинов бо В.С. Расторгуева ҳамақида буда, чунин андеша дорад: «Морфемаҳои исми маконсоз дар забони форсии миёна, ки аз шаклҳои эронии бостон мерос гирифта шудааст, чунинанд: -stān/-ēštān, ки аз решаи sta (истодан) рӯидааст, бо исмҳои мушаххаси маънӣ ҳамнишин шуда, исми макон сохтааст: dibiristān (дабиристон), dādestān (додгоҳ) ва ғайра» [Саймиддинов 2001, с. 124].

Мисли забони давраи адабиёти классикиамон дар забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ ва шеваҳои забони тоҷикӣ аз унсурҳои грамматикии сериствъмол ба шумор меравад. Дар забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ ин анҷома дар шакли **-истон** ва пас аз садонок **-стон** истифода шуда, дар назм, инчунин, **-ситон** корбаст шуда, бо исмҳои гуногуни моддию маънӣ омада, исмҳои моддию маънӣ ва макон сохта, хеле сериствъмол гардидааст.

Дар саргаҳи адабиёти классикиамон, махсусан, дар шеъри устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ чандон фаъолу сериствъмол нест. Мутобиқи маводи дасти мо дар калимаҳои **гулистон, бедистон, Сиҷистон** омада, макону фаровонии асоси калима ва номи ҷуғрофӣ сохтааст. Ҳар кадоме аз ин калимаҳо ба андозаи як бор дар осори шоир дида мешаванд. Чунин тарзи калимасозӣ бо анҷомаи мазкур дар Авасто номҳои зерин сохтааст: Систон [Sistān], Кобулистон [Kābulistān], Табаристон [Tabaristān], Афғонистон [Afǧānistān], Курдистон [Kurdistān], Даштонистон [Daštānistān] (сохтмон, ё бахше аз хона, ки зани даштон бояд дар муддати нопокӣ дар он ба сар барад), Додистон: [Dādistān], Даҳистон [Dahistān], Балуҷистон [Baluĵistān], Туркистон [Turkistān], Хузистон [Xuzistān], Доғистон [Dāĵistān] ва ғайра.

Дар матни асар чунин оварда шудааст: «Гуфта шудааст, ки ӯ дар ҳазораи Хушедармоҳ (дувумин мавъуди зартуштӣ) банд мегсилад ва як севум аз ҷаҳонро ба табоҳӣ мекашонад ва саранҷом Аҳура Маздо ба изадон Сурӯшу Нарйосанг фармон медиҳад то Гаршоспро, – ки дар дашти Пешёнсйа дар Кобулистон ба хоб фурӯ рафтааст– барои набард бо Аздаҳоғ бедор мекунанд ва Гаршосп пас аз бархостан аз хоб бо гурзи хеш он патёраи аҳриманиро фурӯ мекӯбад» [Авасто 2014, с. 621].

Чун болотар ишора кардем, анҷомаи сериствъмоли **-истон** дар сохтани ҷойномҳо нақши калон дошта, натанҳо ҷойномҳо, балки дар сохтани дигар гунаи вожаҳо ва навъи ашёҳо истифодаи васеъ дорад.

Анҷомаи -мант. Шакли истифодаи он дар шакли қадима -мант буда, шакли имрӯзаи он -манд аст. Бо истифодаи анҷомаи мазкур дар Авасто чунин номҳоро воҳӯрдем: Аҳуманд [Ahumant], Ҳаетумант / Ҳилманд [Haetumant / Hilmand], Заренумант [Zarenumant] (номи дарё, [2, с. 437], Нангҳушмант [Nanghušmant] (номи кӯҳ) [Авасто 2014, с. 382], Фшушамантра / Фшушомантра [Fšušamantra / Fšušāmantra] [Авасто 2014, с. 166]**…** «Ёздаҳум биҳин ҷойи зисти ман, ки Аҳура Маздоам Ҳетуманти (Ҳилманд) фарманду роймандро офаридам» [Авасто 2014, с. 472].

Асосан, анҷомаи мазкур дар сохтани сифатҳои хоси Аҳура Маздо бахшида шуда, Аҳуманд / Аҳумант, ба маънии сарвару бузург, ё дорои сарвариву бузургӣ [Авасто 2014, с.

639]; Заренумаити / Заренумант / Зарманд ба маънои дорои зар) ва монанди инҳо истифода мешаванд.

Ҳамин тариқ, мавриди зикр аст, ки дар ҳамаи ҳолатҳо сохтану муайян намудани таркиби антропонимҳову топонимҳоро аз рӯйи анҷомаҳову унсурҳои калимасоз ва решаи калима ҷудо намекунанд. Вобаста ба таркиби калимаҳо метавонанд номҳои мураккаб бе воситаҳои калимасозии номҳо истифода шаванд. Андешаҳои худро бо гуфтаҳои забоншиноси маъруф А.Н. Хромов тасдиқ намудан мехоҳем: «Таҳлили сохту таркиби грамматикӣ танҳо бо методи омӯзиши формантҳо анҷом намеёбад, зеро бархе аз топонимҳо умуман метавонанд аз формантҳо фориғ бошанд, масалан, топонимҳои мураккаб ва топонимҳои таркибӣ» [Хромов 1977, с. 4].

Хулоса, аз таҳқиқ ва омӯзиши анҷомаҳои ҷойномсози бузуртарин сарчашмаи таърихӣ ва динӣ-фалсафии зардуштиён-Авасто маълум шуд, ки истифодаи васеи онҳо дар сохтани номи мавзеъҳои ҷуғрофии асари мавриди таҳқиқ ба чашм мерасанд. Дар сохтани ҷойномҳо анҷомаҳои зиёд истифода шудааст, ки таърихи баромади онҳо хеле қадима аст. Дар давраҳои гуногуни ташаккул ва рушди забон анҷомаҳои мазкур тағйир ёфта, то имрӯз бо тағйироти овозиву шаклӣ мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтаанд. Ҷойи зикр аст, ки дар сохтану заминаҳои пайдоиши топонимия ва антропонимия нақши маводи ономастикӣ, махсусан, топонимияи Авасто хеле калон аст. Аз рӯйи таҳқиқ маълум мешавад, ки бадалшавии овозҳои «г» ба «к», «т» ба «д» дар сохтани онимҳои Авасто баръало эҳсос мегардад.

Адабиёт:

1. Авасто. Куҳантарин сурудҳо ва матнҳои эронӣ. Ҷ.1-2. Тарҷумаи Ҷалил Дӯстхоҳ. – Теҳрон: «Интишороти марворид», 1206. – 526с.
2. Авасто. Ҷилди I. – Душанбе: «Бухоро», 2014. – 784с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1. – Душанбе: «Дониш», 1985. – 335 с.
4. Жола, Омӯзгор Ягона. Таърихи асотири Эрон. Ж.О. Ягона. Теҳрон, 1383. - Ҷ.1. – С.350-351.
5. Забони адабии ҳозираи тоҷик (лекскология, фонетика ва морфология)/зер.таҳр. Б. Ниёзмуҳаммадов.-Душанбе: «Ирфон», 1973. – 374с.
6. Кабиров, Ш. Равобит ва ҳамнишинии воҳидҳои забон дар занҷираи гуфтор / Ш. Кабиров. – Душанбе: МДМТ, 2022. – 320 с.
7. Камолиддинов, Б. Чанд вазифаи пасванди -ак дар шеваи Понғоз // Фишурдаи маърузаҳои конференсияи илмӣ - амалии ҳайати устодону профессорон. – Душанбе: Чопхонаи УДТ, 1993. – С.194-197.
8. Основы иранского языкознания. Среднеперсидские языки. – М.: «Наука», 1982. – 544 с.
9. Расторгуева, В.С. Среднеперсидский язык / В.С.Расторгуева. – М.: «Наука», 1966. – 160 с.
10. Рустамов, Ш. Исм/Ш. Рустамов-Душанбе: «Дониш», 1981.– 220 с.
11. Саймиддинов, Д. Вожашиносии забони форсии миёна / Д. Саймиддинов. – Душанбе: «Пайванд», 2001. – 310с.
12. Соколова, В.С. Генетические отношения язгулямского языка шугнанской языковой группы / В.С. Соколова. – М.: «Мысль», 1967. – 267с.
13. Суперанская, А.В. Что такое топонимика / А.В. Суперанская. – М.: «Мысль», 1985. – 175 с.
14. Топоров, В.Н. Фарн // Энциклопедия мифы народов мира -Москва: «Советская Энциклопедия», 1980. -1147 с.
15. Тураев, Б.Б. Микротопонимияи водии Яғноб / Б.Б. Тураев. – Душанбе: «Ирфон», 2019. – 270 с.

16. Тухтасунов, О. Луғати мухтасари этимологию семасиологии забони тоҷикӣ / О.Тухтасунов. – Хуҷанд: «Нури маърифат», 2022. – 288 с.

17. Хромов, А.Л. Согдийская топонимия Верховьев Зеравшана // Топонимика Востока / А.Л. Хромов. – М.; «Наука», 1969. – С.87-99.

18. Хромов, А.Л. Состояние и задачи топонимических исследований в Таджикистане / А.Л. Хромов // Вопросы языкознания.-1977.-№4.-С.143-154.

19. Расторгуева, В.С., Эдельман, Д.И. Этимологический словарь иранских языков. Т.3. М.: Восточная литература, 2007. – 493 с.

АНҶОМАҲОИ ҶОЙНОМСОЗ ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР ТАШАККУЛИ ҶОЙНОМҲОИ «АВАСТО»

Мақола ба баррасӣ ва пажуҳиши ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва ташаккули ҷойномҳо тавассути анҷомаҳои ҷойномсоз дар яке аз бузургтарин сарчашмаҳои таърихию фарҳангӣ миллати форс-тоҷик – «Авасто» бахшида шудааст. Муаллифони мақола нақши анҷомаҳои ҷойномсоз, ки формантҳои топонимӣ низ ном бурда мешаванд, дар шаклгирии ҷойномҳои авастоӣ возеҳ нишон дода, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Дар мақола ҷанбаҳои таърихии формантҳои серистеъмоли ҷойномсози -ак, -бон, -вант (-ванд), -вар, -вор, -гоҳ, -истон, -мант (-манд) дар мисолҳои Сиёмак, босбон, Аснавант, Фарвор, Кобулистон, Ҳаетумант мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шуданд.

Муаллифони мақола пажуҳиши худро дар заминаи омӯзишу баррасии таҳқиқоти олимону донишмандони мамолики хориҷу ватанӣ, ки бевосита ба ин соҳа ихтисос доранд, таълиф намудаанд, нақши ин донишмандонро дар густариши масъалаи мавриди таҳқиқ нишон додаанд.

Дар мақола муаллифон возеҳ нишон додаанд, ки қолабҳои калимасозии «Авасто» барои ошкор намудани қонуниятҳои рушди вожашиносӣ ва таърихи ташаккулу густариши таркиби луғавии забони тоҷикӣ ва густариши илми номшиносии тоҷик аҳаммияти муҳимми илмӣ доранд.

Калидвожаҳо: «Авасто», ҷойномҳо, анҷомаҳои ҷойномсоз, формантҳои топонимӣ, таҳқиқи таърихӣ-забоншиносӣ, пажуҳиши забоншиносӣ, таҳқиқоти номшиносӣ.

ТОПОНИМИЧЕСКИЕ СУФФИКСЫ И ИХ РОЛЬ В ФОРМИРОВАНИИ ТОПОНИМОВ «АВЕСТЫ»

Статья посвящена изучению и анализу лексико-семантических аспектов и особенностей формирования географияеских названий средством топонимичеких суффиксов (топоормантов) а одмон из величайших историко-культурных памятников персидско-таджикского народа – «Авесто». Авторы статьи наглядно продемонстрировали, проанализировали и рассмотрели роль топонимообразующих суффиксов, также называемых топонимическими формантами, в формировании авестийских топонимов.

В исследовании подробно рассматриваются исторические аспекты функционирования наиболее продуктивных топонимических формантов, таких как *-ак, -бон, -вант (-ванд), -вар, -вор, -гоҳ, -истон, -мант (-манд)*, на конкретных примерах, включая Сиёмак, босбон, Аснавант, Фарвор, Кобулистон и Хаетумант.

Авторы статьи построили свое исследование на основе изучения и анализа трудов отечественных и зарубежных ученых, непосредственно специализирующихся в данной области, и показали вклад этих исследователей в развитие изучаемого вопроса.

В статье авторы четко продемонстрировали, что словообразовательные модели «Авесты» имеют важное научное значение для выявления закономерностей развития лексикологии, истории формирования и расширения словарного состава таджикского языка, а также для развития таджикской ономастики (науки об именах собственных).

Ключевые слова: «Авесто», топонимы, топонимические суффиксы, топонимические форманты, историко-лингвистический анализ, лингвистическое исследование, ономастические исследования.

TOPONYMIC SUFFIXES AND THEIR ROLE IN THE FORMATION OF THE TOPONYMS OF THE «AVESTA»

The article is devoted to the study and analysis of the lexico-semantic aspects and structural features of geographical names formed by means of toponymic suffixes (topoformants) in «Avesta», one of the greatest historical and cultural monuments of the Persian-Tajik people. The authors clearly demonstrate, analyze, and examine the role of toponym-forming suffixes - also referred to as toponymic formants - in the shaping of Avestan toponyms.

The study provides a detailed overview of the historical aspects and functioning of the most productive toponymic formants, such as *-ak, -bon, -vant (-vand), -var, -vor, -goh, -iston,* and *-mant (-mand),* using specific examples including *Siyomak, bosbon, Asnavant, Farvor, Kobuliston,* and *Haetumant*.

The authors have built their research upon a thorough analysis of the works of domestic and foreign scholars specializing in this field, highlighting their contributions to the development of the subject matter.

The paper clearly demonstrates that the word-formation models found in the «Avesta" carry significant scientific value for identifying the patterns of lexical development, the history of formation, and the expansion of the vocabulary of the Tajik language, as well as for the advancement of Tajik onomastics (the science of proper names).

Keywords: «Avesta», toponyms, toponymic suffixes, toponymic formants, historical-linguistic analysis, linguistic research, onomastic studies.

Маълумот дар бораи муаллифон: Абдусамадзода Эраҷ Абдусамад, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 16. Тел.: (992)918-13-99-68.

Зулфираи Сайвалӣ, докторант аз рӯйи ихтисос (PhD) кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға**:** 735360. Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 16. Тел.: (992) 987-78-53-38.

Сведения об авторах: Абдусамадзода Эрадж Абдусамад, кандидат филологических наук, доцент кафедры языкознания и истории языка Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. Тел.: (992)918-13-99-68.

Зулфираи Сайвали, докторант по специальности (PhD) кафедры языкознания и истории языка Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360. Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. Тел.: (992) 987-78-53-38

Information about the authors: Abdusamadzoda Eraj Abdusamad, candidate of philological sciences, associate professor of the department of linguistics and history of the language, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan. Kulob city, Sangak Safarov Street, 16, Tel.: (992) 918-13-99-68.

Zulfirai Sayvali, is a PhD student at the department of linguistics and history of language at Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street, 16. Tel.: (992) 987-78-53-38

Муқарриз: Саидзода М.Б., д.ф. (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси забоншиносӣ, дотсент Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ:82-1+82-3(075.8)
Ҷ-60

ТАҲЛИЛИ ТАТБИҚИИ БАРХЕ АЗ ВОЖАҲОИ «ШОҲНОМА» БО ОСОРИ НАСРИИ АСРИ Х

Ҷобиров А.Б., ходими калони илмӣ
Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АМИТ

Асрҳои IX-X ва чаҳоряки аввали асри XI замони ташаккулёбии забони порсии дарӣ буд. Ҳаракате, ки дар замони фармонравоии шоҳони Сомонӣ барои рушд ва ба кор бурдани забони форсӣ ба ҷойи арабӣ оғоз шуд, бо суръат вусъат ёфт ва порсии дарӣ забони расмии давлати Сомониён шуд. Ин марҳиларо муҳаққиқон «давраи рушду таквин» номидаанд. Дар аҳди Сомониён таваҷҷуҳи зиёд ба назму насри порсӣ мешуд ва адибон барои навиштани асарҳое, мисли «Шоҳнома», тарҷумаи китобҳои «Калила ва Димна», «Таърихи Табарӣ», тафсиру тарҷумаҳои Қуръон ташвиқ мешуданд ва насри аҳди Сомониён ба монанди назми он ривоҷу равнақ ёфта, китобҳо ба забони порсии дарӣ таълиф гардиданд ва бархе аз асарҳо аз забони тозӣ тарҷума шуданд.

Дар ин марҳала барҷастатарин асар дар таърихи забону адаби форсӣ – «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ таълиф шудааст. «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ дар ҳифзу нигаҳдошти вожаҳои куҳану нодири порсӣ нақши боризеро адо намудааст. «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ ганҷинаеро мемонад, ки дар он вожаҳои нобу асили тоҷикӣ маҳфуз мондаанд. Аз як ҷониб, Ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» вожаҳои куҳани тоҷикиро ҳифз намуда бошад, аз ҷониби дигар, бо роҳи калимасозӣ калимаҳои зиёдеро сохта, вориди забони тоҷикӣ намудааст. Муҳаққиқ Муҳаммадамини Риёҳӣ дар робита ба нақши «Шоҳнома» дар рушду инкишофи забони форсӣ чунин менигорад: «Ӯ бо сурудани китобе бо ин ҳаҷму азамат тавоноиҳои забони форсиро барои баёни анвои матолиб нишон дод ва пояи забони форсиро устуворӣ бахшид ва забони «Шоҳнома» тайи ҳазор сол меъёр ва пуштвонаи забони форсӣ қарор гирифт» [9, с. 27].

Дар баробари «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ куҳантарин тарҷума ва тафсирҳои форсии Қуръон низ дар ҳифзу нигаҳдошти вожаҳои куҳану нодири порсӣ нақши калон доранд. Ҳамчунин, куҳантарин тарҷума ва тафсирҳои форсии Қуръон дорои вижагиҳои зиёди забонӣ буда, бароои омӯзиши забони ин асрҳо аҳаммияти беандоза дорад. Ба ҳамин хотир, нақши ин осор, бинобар андешаи муҳаққиқон, «дар пайрезии забони форсӣ шояд чизе аз «Шоҳнома» кам» набошад [16, с. 31].

Муҳаққиқи эронӣ Ҷалол Матинӣ дар хусуси манбаи арзишманди таҳқиқӣ будани ин осор чунин зикр намудааст: «Тафсирҳои форсӣ манбаи саршор барои забон ва адаби форсӣ аст, зеро дар дараҷаи аввал эътиқоди қавии мазҳабӣ диққат ва нуктасанҷии муфассирон ва мутарҷимон сабаб гардидааст, ки эшон, бахусус, дар тарҷумаи оёти қуръонӣ ва интихоби алфози форсӣ дар баробари калимот ва таркиботи қуръонӣ диққат ва васвоси фавқулода ба кор баранд» [14, с. 5].

Бештари муҳаққиқоне, ки доир ба вижагиҳои забонӣ ва сабку услуби аввалин тарҷума ва тафсирҳои порсии Қуръон пажӯҳиш анҷом дода, мақола ва ё асаре навиштаанд, забону услуби ин осорро бо дигар осори мансуру манзуми марҳилаи аввали ташаккули забони адабӣ ҳамгун медонанд. Чунончи, бархе муштаракоти забонӣ ва услубии «Тарҷумаи тафсири Табарӣ»-ро бо «Таърихи Табарӣ», «Тафсири Қуръони пок» ва «Тафсири Қуръони маҷид»-ро бо «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва бо ашъори сабки хуросонӣ монанд донистаанд [ниг. ба Баҳор, 34; Алии Равоқӣ, 12; Ҷалоли Матинӣ, 26]. Ин ҳаммонандиҳо бештар дар бахши луғот, бавижа, корбурди вожаҳои аслии тоҷикӣ ба назар мерасад. Зимни баррасӣ ва пажӯҳиш дар «Тарҷумаи тафсири Табарӣ», «Бахше аз тафсире куҳан», «Тафсири Қуръони пок» ва «Тафсири Қуръони маҷид» (маъруф ба «Тафсири Кембриҷ») вожаҳоеро пайдо намудем, ки ҳам дар осори мазкур ва ҳам дар «Шоҳнома» корбурди муштарак доранд.

Дар ин мақола бархе аз вожаҳои «Шоҳнома» ба таври татбиқӣ бо вожагони куҳантарин тарҷума ва тафсирҳои форсӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирад.

Муҳаққиқ Ҳофиз Маҳмудхони Шеронӣ дар робита ба забони «Тафсири Қуръони пок» чунин мегӯяд: «Забонаш аз як сӯ ҳамтирози забони «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аст ва аз сӯйи дигар ҳамсанги тарҷумаи Буалии Балъамӣ аз «Таърихи Табарӣ»» [16, с. 12]. Ин ҳаммонандиҳо бештар дар бахши луғот, ба вижа корбурди вожаҳо ба назар мерасад. Зимни баррасӣ ва пажӯҳиш дар «Тарҷумаи тафсири Табарӣ», «Тафсири Қуръони пок» ва «Тафсири Қуръони маҷид» (маъруф ба «Тафсири Кембриҷ») бархе аз вожаҳоеро пайдо намудем, ки ҳам дар осори мазкур ва ҳам дар «Шоҳнома» корбурди муштарак доранд.

Дар марҳилаи ташаккули забони адабии тоҷикӣ талоши мардуми форсизабон барои интиқоли мафоҳими исломӣ ба забони порсии дарӣ бештар мешавад. Дар ин ҷараён дар баробари мутарҷимону муфассирон шоирон низ нақши боризи худро гузоштаанд. Вожаҳои ифодагари мафҳумҳои динӣ, ки дар оини зардуштӣ ба кор мерафтанд, бархе аз онҳо дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ низ бо ҳамон маънои пештараашон истифода шудаанд. Ин навъи вожаҳо дар куҳантарин тарҷума ва тафсирҳои порсии Қуръон низ ба кор рафтаанд. Аз ҳамин ҷост, ки дар забони «Шоҳнома» ва куҳантарин тарҷума ва тафсирҳои порсии Қуръон чунин ҳамгунӣ ба назар мерасад. Он вожаҳои динии форсие, ки Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» муодили калимаҳои арабӣ намудааст, дар нахустин тарҷума ва тафсирҳои порсии Қуръон низ ба назар мерасанд. Дар ин ҷо фақат чанд мисол оварда, ба шарҳи онҳо басанда мекунем. Масалан, мутарҷимону муфассирон вожаҳои **намоз**, **ростхез//растохез**, **биҳишт**, **дӯзах//дӯжах**, **дев** ва **оташро** муодили калимаҳои арабии **салот**, **қиёмат**, **ҷаннат**, **ҷаҳаннам**, **шайтон** ва **нор** гардонидаанд.

Масалан, вожаи **диҳиш**, ки дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ корбурди фаровон дорад, дар тарҷума ва тафсирҳои порсии Қуръон муодили калимаи арабии **закот** шудааст.

Дар «Шоҳнома»:

Фаридуни фаррух фаришта набуд,
Зи мушку зи анбар сиришта набуд.
*Ба доду **диҳиш** ёфт он некуӣ,*
*Ту доду **диҳиш** кун, Фаридун туӣ*

[1, с. 122].

*Гуфт: фармудем ба ҷойи дарвешон ва бечорагон некӯӣ кунанд ва мар эшонро **диҳиш** диҳанд [16, с. 21]*.

Вожаи **хастун//хистун** дар куҳантарин тарҷума ва тафсирҳои порсии Қуръон муодили калимаи арабии **муқир** ва **эътироф** шудааст. Ин вожа низ ба гурӯҳи вожаҳои куҳани форсӣ шомил аст, ки дар «Луғати фурс» маҳфуз мондааст [4, с. 395]. Дар забони паҳлавӣ дар шакли **xwastūgīh**; **astovānīh//ōstavānīh** мавҷуд буд, ки маънии **имон**ро медод [6, с. 166; 190; 9, с. 52]. Дар забони форсии нав тағйири овоӣ намуда, шакли **хастун//хисту**ро мегирад ва дар мутуни классикӣ ба маънии «муқир, муътариф» мустаъмал шудааст.

Дар тарҷума ва тафсирҳои мавриди назари мо **хастун** муродифи калимаҳои арабии **имону эътироф** шудааст:

*Ва пас шумо мар ин Қуръонро мункиред ва ногаравида, бад-ӯ **хастун** намоед ба хуҷастагӣ ва бад-он, ки ӯро Худой фиристодааст [16, с. 110]*. *Гуфт: шумо **хастун** шудед, ки бар шумо аҳд ҳам бар он гуна будааст…[16, с. 22]*.

Дар «Шоҳнома» низ ин вожа ба кор рафтааст:

*Ба ҳастиш бояд, ки **хисту** шавӣ,*
Зи гуфтори бекор яксӯ шавӣ.

[1, с. 24]

Мардуми форсизабон дини исломро бо ҳамаи фарзу суннатҳояш қабул карданд, вале ин рукнҳои диниро на бо калимаҳои арабӣ, балки бо вожаҳои форсӣ ном мебурданд. Аз ҷумлаи чунин рукнҳои динӣ **намоз** ва **рӯза** мебошад, ки дар арабӣ **салот** ва **савм** гуфта мешавад. Дар тарҷума ва тафсирҳои куҳани порсии Қуръон, ба монанди «Тарҷумаи тафсири Табарӣ», «Бахше аз тафсире куҳан», «Тафсири Қуръони пок», «Қуръони қудс» ва ҳамчунин

«Тафсири Қуръони маҷид» (маъруф ба «Тафсири Кембриҷ») вожаҳои **намоз** ва **рӯза** ҳама ҷо ба ҷойи **салот** ва **савм**и арабӣ омадаанд**.**

*Рӯйро сӯйи мазкиди Макка кун андар **намоз** [6, с. 30]*.

Вожаи **намоз** идома аз забони форсии миёна аст, ки дар осори паҳлавии зардуштӣ ба маънои ситоишу ниёиш истифода мешуд. Вожаи **намоз** дар се давраи таърихии забони форсӣ чунин сайри таҳаввулро гузаштааст: форсии нав: **namāz** < форсии миёна: **namāč**/**namāz** < авестоӣ: **nama**//**némanh** ба маънии «дуо, дуруд ва ситоиш» < эронии бостон: ***namah-hāč-ya.** Ин вожа аз ду ҷузъ – **nam-** «хамидан, хам шудан, таъзим кардан» ва ҷузъи дувум аз решаи **hak-** «дунбол кардан, пайравӣ кардан» иборат аст. Ҳамчунин, дар санскрит: **námas** «таъзим, итоат, изҳори бандагӣ, ситоиш, намоз» маънӣ мешуд [ниг. ба 5, 527; 8, 109, 316; 17, 2; 10, 2776-2777].

Дар марҳилаи аввали инкишофи забони адабии тоҷикӣ вожаи **намоз** ба маънои **таъзим** низ корбурд дорад, ки мисоли онро дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ мебинем:

На осема гашту на пурсид роз,
*Ниёишкунон рафту бурдаш **намоз*** [1, с. 111]

Дар куҳантарин тарҷума ва тафсирҳои Қуръон ба забони порсӣ барои ифодаи **шайтон** дар бештари мавридҳо вожаи **дев** омадааст. Дар матни «Бахше аз тафсире куҳан» барои ифодаи **шайтон** ҳама ҷо вожаи **дев** ба кор рафтааст. Ин муодилгузорӣ дар баробари вожаи арабии шайтон танҳо хоси ин тафсир нест, балки пеш аз ин дар «Тарҷумаи тафсири Табарӣ» низ ба ин вожа вомехӯрем. Вале дар «Тарҷумаи тафсири Табарӣ» дар баробари вожаи **дев шайтон** низ омадааст. Дар дигар тарҷума ва тафсирҳои куҳани форсии Қуръон низ вожаи **дев**ро ба ҷойи шайтон истифода кардаанд.

*Шитобзадагӣ андар корҳо аз кори **дев** аст ва оҳистагӣ аз кори Худой азза ва ҷалла [6, с. 28]. ...**Дев** мар шуморо душман аст пайдоӣ [6, с. 37]*.

Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ вожаи дев корбурди фаровон дошта, маънои мутааддиде ба худ доштааст [ниг. ба 7]. Дар «Шоҳнома» дев гоҳе ба шайтон, аҳриман, ҷин ва инсони бад муродиф шудааст ва гоҳе дар муқобили парӣ ба кор рафтааст:

- ба маънои шайтон ва аҳриман:

Бифармуд, то **дев** чун ҷуфти ӯ
Ҳаме бӯсае дод бар кифти ӯ [1, с. 73].
Шуда бар бадӣ дасти **дев**он дароз,
Зи некӣ набудӣ сухан ҷуз ба роз [1, с. 77].

- ба маънои ҷин ва парӣ:

Ту дорӣ ҷаҳон зери ангуштарӣ,
Даду мардуму мурғу **деву** парӣ [1, с. 83].

- ба маънои инсони бад ва зишт, душманони мардум:

Дили зан ҳамон **дев**ро ҳаст ҷой,
Зи гуфтор бошанд ҷӯяндарой [1, с. 262].
Аз ин мурғпарварда з-он **девзод**
Чӣ гуна барояд ҳамоно нажод?! [1, с. 291].

Мутарҷимону муфассирон дар баробари мафҳумҳои қуръонӣ вожаҳоеро, ки дар осори паҳлавии зардуштӣ барои ифодаи мафҳумҳои динӣ истифода мешуданд, дубора зинда кардаанд. Яке аз чунин вожаҳо **растохез** ва ё **ростхез** мебошад, ки дар тарҷума ва тафсирҳои куҳани форсии Қуръон ба ҷойи **қиёмат**и арабӣ корбурди фаровон дорад. Ин вожа дар «Тарҷумаи тафсири Табарӣ» дар шакли **растахез** ва **растохез** омадааст [13, с. 28; 27]. Дар «Бахше аз тафсире куҳан» ва ҳам дар «Тафсири Қуръони пок» дар шакли **ростхез** омадааст. Дар матни «Бахше аз тафсире куҳан» танҳо дар як маврид калимаи арабии **қиёмат** омада [6, с. 18], **ростхез** бошад корбурди фаровон дорад:

*Ва **рӯзи ростхез** фозгашти эшон фоз оташ бошад сахттар аз азоби ин ҷаҳон [6, с. 6]*.

Кушодан-ш бар теғи тези ман аст,
Гаҳи шӯришу **растахези** ман аст» [1, с. 410].

Ту гуфтӣ магар **растахез** омадаст,
Ки дилро зи шодӣ гурез омадаст [2, с. 333].

Муҳаққиқи забонҳои эронӣ Д. Саймиддинов вожаи **растохез**ро аз забони авестоӣ медонад: «Дар истилоҳи зардуштӣ **ristāxēz** дар тарҷумаи вожа ба вожа «мурдахез», яъне дувумбора зинда гардонидан ва бархостан маънӣ мешавад» [12, с. 192]. Дар забони форсии миёна низ дар шакли **ristāxēz** мавҷуд буд. Ин вожа аз ду ҷузъ иборат аст: ҷузъи аввал аз **rist** ба маънии мурдан ва ҷузъи дувум **āxēz** аз масдари **āxistan** – «баланд шудан, бархостан» [10, с. 1445].

Тарзи навишти вожаи **сухан** дар ин тафсир бо гунаи **сухан** ва **сахун** омадааст, ки ин вижагӣ махсуси марҳилаи аввали ташаккули забони адабӣ буд. Гунаи **сахун**//**сухун** дар «Луғати фурс» низ ҳифз шудааст [4, с. 385]. Гунаи аввал бидуни و (سخن) навишта шуда, дувумӣ дар шакли سخون омадааст. Вожаи **сухан** идома аз забони паҳлавӣ аст, ки дар форсии нав каме ба тағйирот дучор гардидааст. Дар паҳлавӣ дар шакли **saxvan**// **saxwan** мавҷуд буд, ки дар форсии нав садоноки **a** ба **ō** бадал мегардад ва ҳамсадои **v** бошад аз миёна меафтад ва гунаи **suxan**-ро мегирад [9, с. 260; Фараҳвашӣ, с. 302; Ҳасандӯст, с.1703]. Гунаи **сахун** дар забони форсии нав аз шакли портӣ гузаштааст, чун дар забони портӣ **sxwn** (saxwan) корбурд дошт [Ҳасандӯст, с. 1703]. Ҳар ду гунаи ин вожа дар як ҷумла низ омадааст:

*Ва чунон ки шарҳ карда шуд, пеш аз ин бишниданд **сухан**и Худованди Таъоло шуниданд ва гурӯҳе аз донишумандон гуфтанд, ки он **сахун** ҳам аз Худованди Таъоло шуниданд…[ТҚП, с. 15]*.

Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ гунаи **сухун** зиёд ба кор рафтааст:

Суханро фиканданд ҳар гуна бун,
*Бар он барниҳоданд яксар **сухун***

[1, с. 430].

Бархе аз вожаҳои забони форсии миёна дар давраи гузариш ба забони форсии нав тағйири маъно кардаанд ва ё маъноҳои нав ва иловагӣ ба худ гирифтаанд. Дар забони порсии дарӣ ин гуна вожаҳо бо ду маъно истифода шудаанд, вале дар марҳилаҳои баъдии инкишофи забони адабӣ маънои аввалини онҳо мақомашонро аз даст медиҳанд, яъне маъноҳои якуму дуюм миёни худ ҷой иваз мекунанд. Дар китоби «Бахше аз тафсири куҳан» вожаи **нома** бо ду маъно омадааст:

1) китоб:

*Ва мо устувор надорем фар шудани ту ба осмон, то **нома**е наорӣ ва нахонӣ фар мо, то Худойро ва фариштагонро наорӣ гуво фар он чи ҳамегӯйӣ, ки ин ҳақ аст [16]*.

2) мактуб, навишта:

*Пайғомбар алайҳиссалам аз паси ҳичрат чаҳордаҳ маҳ корзор накард фо душманон, пас бифиристод писари амми хешро – Абдуллоҳ ибни Ҷаҳшро фо миқдори дувоздаҳ тан аз ёрон ва **нома**е бинабишт ӯро ва муҳр кард...[62]*.

Ба маънии китоб омадани вожаи **нома** танҳо хосси ин асар набуда, балки ин вижагӣ махсуси забони порсии асрҳои IX ва X аст. Дар осори ин асрҳо, бахусус, дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, вожаи **нома** ба маънои китоб корбурди густурда дорад:

*Яке **нома** буд аз гаҳи бостон,*
Фаровон бад-ӯ андарун достон

[1, с. 34].

Дар куҳантарин тарҷума ва тафсирҳои Қуръон ба забони порсии дарӣ низ вожаи **нома** барои ифодаи китоб омадааст. Ин вожа дар забони паҳлавӣ дар шакли **nāmak** вуҷуд дошт, ки дар забони форсии нав ҳамсадои «**к**» аз охири он афтида, дар шакли **nāma** боқӣ мемонад [Макензӣ, 275; Фараҳвашӣ, с. 404]. Дар забони форсии нав ин вожа дар баробари таҳаввули овоӣ ба таҳаввули маъноӣ низ дучор шуда, маънои «навишта, мактуб»-ро мегирад. Муаллифони фарҳангҳо «навишта, мактуб»-ро маънои якуми калимаи **нома** дониста, дар маънои дуюм «китоб»-ро ҷой додаанд. Чунончи, Муҳаммадҳусайни Бурҳон дар «Бурҳони қотеъ» вожаи **нома**ро чунин шарҳ додааст: «Китобат ва фармонро гӯянд ва ба маънии китоб

ҳам ҳаст» [12, с. 2107]. Дар забони ҳозираи тоҷикӣ **нома** бештар ба маънои «навиштае, ки ба касе ё ҷое мефиристонанд» истифода мешавад [ФТЗТ, 938].

Муқоиса ва баррасии вожаҳои динии «Шоҳнома» ва куҳантарин тарҷума ва тафсирҳои форсии Қуръон нишон медиҳад, ки миёни «Шоҳнома» ва куҳантарин тарҷума ва тафсирҳои форсӣ шабоҳат ва ҳамгуниҳои зиёде ҳаст. Дар ин мақола саъй шуда, ки нахуст вожаҳои динии «Шоҳнома» ва сипас корбурди он дар нахустин тарҷума ва тафсирҳои порсӣ баррасӣ шавад. Дар миёни забони «Шоҳнома» ва куҳантарин тарҷума ва тафсирҳои форсӣ қаробат ва пайванди бисёр наздик аст. Корбурди муштараки ин вожаҳо дар «Шоҳнома» ва мутуни тафсирии куҳан афзун бар нишон додани тадовуми аносири вожагони форсӣ метавонад дар баррасии шаклгирии забони форсии нав ва таҳаввули вожаҳои порсӣ дар нахустин садаҳои давраи исломӣ аҳаммияти вижае дошта бошад. Аз ин дидгоҳ, таҳлили татбиқии вожагони «Шоҳнома» бо осори насрии садаи Х на танҳо барои шинохти вижагиҳои забонию услубии ин осор, балки барои баррасии тадовум ва таҳаввули захираи луғавии порсӣ аз давраи миёна ба давраи нав низ аҳаммият дорад.

Адабиёт:

1. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома Ҷ. 1. / Фирдавсӣ Абулқосим. – Душанбе: Адиб, 2007. - 480 с.
2. Абулқосим, Фирдавсӣ. Шоҳнома Ҷ. 2. / Фирдавсӣ Абулқосим. – Душанбе: Адиб, 2007. - 480 с.
3. Абулқосим, Фирдавсӣ. Шоҳнома Ҷ. 3. / Фирдавсӣ Абулқосим. – Душанбе: «Адиб», 2007. - 480 с.
4. Асадии Тӯсӣ. Луғати фурс / А. Тӯсӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2015. - 492 с.
5. Баҳор, Муҳаммадтақӣ. Сабкшиносӣ ё таърихи татавури насри форсӣ. Ҷ.2. – Теҳрон, 1390. – 336 с.
6. Баҳром Фараҳвашӣ. Фарҳанги форсӣ ба паҳлавӣ. – Теҳрон, 1381. – 571 с.
7. Бахше аз тафсире куҳан. Бо тасҳеҳи Муҳаммади Равшан. – Теҳрон, 1392. - 184 с.
8. Жола Омӯзгор. Девҳо дар оғоз дев набуданд. Маҷаллаи Килк. Шаҳривари 1371, шумораи 30.
9. Маккензи Д. Фарҳанги кӯчаки забони паҳлавӣ. Тарҷумаи Маҳшид Мирфахроӣ. – Теҳрон, 1373, - 428 с.
10. Муҳаммадамин Риёҳӣ. Фирдавсӣ. – Душанбе: Бухоро, 2012. - 338 с.
11. Муҳаммади Ҳасандӯст. Фарҳанги решашинохтии забони. Иборат аз 5 ҷилд. – Теҳрон: Фарҳангистони забону адаби форсӣ, гурӯҳи нашри осор, 1393.
12. Муҳаммадҳусайн ибни Халафи Табрезӣ. Бурҳони қотеъ. Ба эҳтимоми доктор Муҳаммад Муин. Иборат аз 5 ҷилд. – Теҳрон, 1342. – 6445 с.
13. Саймиддинов, Д. Вожашиносии забони форсии миёна / Д. Саймиддинов. – Душанбе, 2001. - 310 с.
14. Тарҷумаи тафсири Табарӣ (дар ду китоб ва ҳафт муҷаллад). Китоби якум. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2007. - 824 с.
15. Тафсири Қуръони маҷид. Ҷ. 1. Ба кӯшиши Ҷалоли Матинӣ. – Теҳрон, 1349. - 695 с.
16. Тафсири Қуръони маҷид. Ҷ. 2. Ба кӯшиши Ҷалоли Матинӣ. – Теҳрон, 1349. - 770 с.
17. Тафсири Қуръони пок. Ба кӯшиши Алии Равоқӣ. – Теҳрон, 1385. – 164 с.
18. Эҳсон Баҳромӣ. Фарҳанги вожаҳои Авасто. – Теҳрон, 1369. Иборат аз 4 ҷилд. – 1663 с.

ТАҲЛИЛИ ТАТБИҚИИ БАРХЕ АЗ ВОЖАҲОИ «ШОҲНОМА» БО ОСОРИ НАСРИИ АСРИ Х

Дар мақола бархе аз вожаҳои «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ бо куҳантарин тарҷума ва тафсирҳои порсӣ – «Тарҷумаи тафсири Табарӣ», «Бахше аз тафсири куҳан»,

«Тафсири Қуръони пок» ва «Тафсири Қуръони маҷид» ба таври муқоиса таҳлил шудааст. Натиҷаҳои пажӯҳиш нишон медиҳад, ки ин осор бо «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва бо ашъори сабки хуросонӣ ҳамгуниҳои забонию услубӣ доранд. Ин ҳаммонандиҳо бештар дар бахши луғот, бавижа, корбурди вожаҳои аслии тоҷикӣ ба назар мерасад.

Зимни баррасӣ ва пажӯҳиш дар «Тарҷумаи тафсири Табарӣ», «Бахше аз тафсире куҳан», «Тафсири Қуръони пок» ва «Тафсири Қуръони маҷид» (маъруф ба «Тафсири Кембриҷ») вожаҳоеро пайдо намудем, ки ҳам дар осори мазкур ва ҳам дар «Шоҳнома» корбурди муштарак доранд. Бавижа, вожагону мафоҳими динӣ, ки дар оинизардуштӣ ба кор мерафтанд, бархе аз онҳо дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ низ бо ҳамон маънои пешинаашон истифода шудаанд. Ин навъи вожаҳо дар куҳантарин тарҷума ва тафсирҳои порсии Қуръон низ ба кор рафтаанд. Аз ҳамин ҷост, ки дар забони “Шоҳнома” ва куҳантарин тарҷума ва тафсирҳои порсии Қуръон чунин ҳамгунӣ ба назар мерасад. Он вожаҳои динии форсие, ки Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» муоидили калимаҳои арабӣ намудааст, дар нахустин тарҷума ва тафсирҳои порсии Қуръон низ ба назар мерасанд. Чунончи, мутарҷимону муфассирон вожаҳои **намоз**, **ростхез//растохез**, **биҳишт**, **дӯзах//дӯжах**, **дев** ва **оташро** муодили калимаҳои арабии **салот**, **қиёмат**, **ҷаннат**, **ҷаҳанам**, **шайтон** ва **нор** гардонидаанд. Корбурди муштараки ин вожаҳо дар «Шоҳнома» ва мутуни тафсирии куҳан афзун бар нишон додани тадовуми аносири вожагонии форсӣ метавонад дар баррасии шаклгирии забони форсии нав ва таҳаввули вожаҳои порсӣ дар нахустин садаҳои давраи исломӣ аҳаммияти вижае дошта бошад.

Калидвожаҳо: вожа, маъно, таҳаввули маъноӣ, тағйири овоӣ, забони форсӣ, забони форсии миёна, забони форсии нав, марҳилаи ташаккули забони адабӣ, тарҷума ва тафсир, Шоҳнома.

СОПОСТАВИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ НЕКОТОРЫХ СЛОВ «ШАХНАМЕ» С ПРОЗАИЧЕСКИМИ ПРОИЗВЕДЕНИЯМИ X ВЕКА

В настоящей статье на основе сопоставительного анализа рассматривается ряд слов, употреблённых в «Шахнаме» Абулькасима Фирдоуси, в сравнении с лексикой древнейших персидских переводов и толкований Корана, в частности «Тарҷумаи тафсири Табарӣ», «Бахше аз тафсире куҳан», «Тафсири Қуръони пок» ва «Тафсири Қуръони маҷид» (известного как «Кембриджский тафсир»). Результаты исследования показывают, что между этими произведениями, с одной стороны, и «Шахнаме» Фирдоуси, а также поэзией хорасанского стиля, с другой, существуют значительные языковые и стилистические сходства. Эти сходства особенно ярко проявляются на лексическом уровне, прежде всего в употреблении исконной и древней персидской лексики.

В ходе изучения указанных произведений был выявлен ряд слов и словосочетаний, которые употребляются как в древних персидских переводах и толкованиях Корана, так и в «Шахнаме» в сходной или близкой форме и значении. Особое место среди них занимают религиозные термины и понятия. Некоторые из этих слов имеют происхождение в зороастрийской религиозно-культурной традиции и в «Шахнаме» Фирдоуси употребляются с сохранением своего первоначального значения либо с определёнными смысловыми изменениями. Те же слова встречаются и в древнейших персидских переводах и толкованиях Корана, где они использовались для передачи арабских религиозных понятий и терминов.

Сопоставительное изучение этих языковых фактов показывает наличие существенных общих черт между языком «Шахнаме» и языком древнейших персидских переводов и толкований Корана, особенно в области религиозной лексики. Это свидетельствует о том, что часть персидского лексического наследия доисламского периода, несмотря на исторические и религиозные изменения, продолжала функционировать в период формирования и становления новоперсидского языка и сохранялась в литературной и письменной традиции.

Вместе с тем ряд персидских религиозных слов, которые Фирдоуси употребляет в «Шахнаме» в качестве соответствий арабским понятиям и терминам, встречается также в

первых персидских переводах и толкованиях Корана. Например, слова **намоз, растахез, биҳишт, дӯзах/дӯжах, дев и оташ** употребляются в этих произведениях в качестве соответствий арабским понятиям и словам **салот, киёмат, ҷаннат, чаҳаннам, шайтон и нор** соответственно. Совместное употребление этих слов в «Шахнаме» и древних толковательных текстах, помимо свидетельства о сохранении персидского лексического наследия, имеет важное значение для изучения процесса формирования, развития и закрепления персидской лексики в первые века исламского периода.

Таким образом, сопоставительное исследование лексики «Шахнаме» и прозаических произведений X века имеет значение не только для изучения языковых и стилистических особенностей этих памятников, но и для исследования преемственности и трансформации персидского лексического наследия от среднеперсидского периода к новоперсидскому языку.

Ключевые слова: слово, значение, семантическая эволюция, фонетическое изменение, персидский язык, среднеперсидский язык, новоперсидский язык, литературный язык, перевод и толкование, «Шахнаме».

A COMPARATIVE STUDY OF SELECTED LEXICAL ITEMS IN THE SHAHNAMEH AND TENTH-CENTURY PERSIAN PROSE WORKS

This article presents a comparative study of lexical items used in Abolqasem Ferdowsi's Shahnameh and those found in some of the earliest Persian translations and commentaries of the Qur'an, including the Translation of Tafsir al-Tabari, A Fragment of an Ancient Tafsir, Tafsir Qur'an Pak, and Tafsir Qur'an Majid, also known as the Cambridge Tafsir. The study reveals close similarities in language and style between these works and Ferdowsi's Shahnameh, as well as between these texts and poetry associated with the Khorasani style. Such parallels are especially noticeable in the use of native and archaic Persian words and expressions.

The examination of these texts has identified a number of words and expressions that occur both in the early Persian Qur'anic translations and commentaries and in the Shahnameh, often in similar or closely related forms and with comparable meanings. Religious vocabulary constitutes an especially important group among these shared expressions. Some of these words originated in the Zoroastrian religious and cultural tradition and appear in Ferdowsi's Shahnameh either in their earlier meanings or with certain changes in meaning. The same words are also found in early Persian translations and commentaries of the Qur'an, where they were employed to express Arabic religious concepts and terms.

A comparison of these examples reveals close connections between the language of the Shahnameh and that of the earliest Persian Qur'anic translations and commentaries, particularly in the area of religious vocabulary. These parallels suggest that part of the Persian word heritage of the pre-Islamic period continued to be used during the emergence and development of New Persian, despite significant historical and religious changes. The survival of these words in both literary and religious texts demonstrate the continuity of an important part of the Persian cultural and linguistic tradition.

Furthermore, several Persian religious words used by Ferdowsi in the Shahnameh as counterparts of Arabic religious terms also occur in the earliest Persian translations and commentaries of the Qur'an. For example, the Persian words **namāz**, **rastākhēz**, **bihišt**), **dōzakh/dužakh**, **dēv** and **ātaš** are used in these works as counterparts of the Arabic terms **ṣalāt**, **qiyāmat**, **jannat**, **jahannam**, **shayṭān**, and **nār** respectively. The presence of these words in both Ferdowsi's epic and early Qur'anic prose provides important evidence of the continuity of Persian vocabulary and offers valuable insight into the development of Persian during the first centuries of the Islamic period.

A study of the words shared by the Shahnameh and tenth-century Persian prose works is therefore important not only for understanding the language and style of these texts but also for examining the continuity and transformation of Persian vocabulary from the Middle Persian period

to New Persian. It also helps clarify how elements of the earlier Persian tradition were preserved, adapted, and incorporated into the written language of the Islamic period.

Keywords: word, meaning, semantic evolution, phonetic change, Persian language, Middle Persian, New Persian, literary language, Qur'anic translation and exegesis, Shahnameh.

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҷобиров Абдуқодир Билолович, ходими калони илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Тел: +992-93-566-51-67. abdukodir667@gmail.com

Сведения об авторе: Джобиров Абдукодир Билолович, старший научный сотрудник Института языка и литературы имени Абуабдуллох Рудаки Национальной академии наук Таджикистана. Тел.: +992-93-566-51-67. abdukodir667@gmail.com

Information about the author: Джобиров Абдукодир Билолович, Senior Researcher of the Abuabdullohi Rudaki Institute of Language and Literature of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Tel: +992-93-566-51-67. abdukodir667@gmail.com

Муқарриз: Абдусамадзода Э.А., н.и.ф., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ:82:397 (075.8)
Б-27

ВИЖАГИҲОИ АҲВОЛ ВА ОСОРИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Бақозода С.А., н.и.ф., дотсент
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айни

Вақте ки ба таҳқиқи вижагиҳои аҳвол ва осори Сотим Улуғзода мепардозем, дар баробари омӯзиши лояҳои зоҳирии зиндагӣ ва фаъолияти ӯ, ки аксаран аз санадҳои воқеӣ ва рақамӣ иборат мебошанд, бояд ба канду кови зерматн ва лояҳои пинҳони сарнавишти ӯ низ талош варзид. Танҳо дар ҳамин сурат метавон «ба таъриф ва арзёбии саҳеҳи чандин фарзия» [15, с. 232], ки ба ҷараёни зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии нависанда таъсиргузор будаанд, даст ёфт. Дар мақолаи мазкур мо аз ҳамин роҳ ба омӯзиш, таҳқиқ ва арзёбии муҳимтарин лаҳзаҳои рӯзгор ва осори Сотим Улуғзода пардохтем, ки дар такя ба сарнавишти воқеии инсонӣ ва ҳунарии ӯ анҷом пазируфтааст.

Сотим Улуғзода дар повести тарҷумаҳолии «Субҳи ҷавонии мо» аз зодгоҳаш-Варзик ном набурда бошад ҳам, онро «калонтарин деҳаи» «атрофи Тус» [13, с. 5] ба шумор меоварад, ки ишора ба Варзик аст. Дар он замон Варзик тобеи волости Чусти музофоти Намангони вилояти Фарғонаи генерал-губернатории Туркистони Русия буд [4, с. 359]. Дар «Варақаи шахсӣ», ки нависанда онро бо дасти худ навишта, санаи зода шуданашро 1-уми сентябри соли 1911 зикр кардааст. Кенҷабой Юсуфов дар рисолаи «Сотим Улуғзода ва повести тарҷимаиҳолии ӯ «Субҳи ҷавонии мо» фақат дар моҳи сентябр ба дунё омадани нависандаро ёдрас намудаасту бас. Чунонки ба мушоҳида мерасад, доир ба санаи дақиқи зодрӯзи нависанда фикри ягона вуҷуд надорад.

Огоҳӣ ва таваҷҷуҳи С. Улуғзода ба сарнавишт, таърихи фарҳангу тамаддун ва истиқлоли миллии тоҷикон замон, равишҳо ва заминаҳои гуногун дошта, ҳанӯз аз даврai наврасӣ ва минбаъд ҳангоми таҳсилаш дар Дорулмуаллимини Тошканд оғоз меёбад ва тадриҷан ташаккул меёбад. Таърихи ташаккул ва таҳаввули ҳувияти тоҷикӣ ва меъёрҳои мутамоизкунандаи истиқлоли милливу фарҳангии он, пеш аз ҳама, дар осори нависанда, аз ҷумла қиссаҳои «Субҳи ҷавонии мо», «Ривояти суғдӣ», романҳои «Восеъ», «Фирдавсӣ», рисолаи «Пири ҳакимони Машриқзамин», драмаҳои «Рӯдакӣ», «Алломаи Адҳам ва дигарон» ба таври равшан ва боэътимод сабт гардидааст [19, с. 139].

Суол пайдо мешавад, ки чаро нависанда дар «Субҳи ҷавонии мо» аз зикри номи зодгоҳаш ва исми аслии шахсиятҳои дигар, аз ҷумла падару модар ва наздиконаш худдорӣ кардааст? Ба ин суол Сотим Улуғзода дар як мактубаш, ки ба унвони Муҳаммадҷон Шакурӣ навиштааст, посух дода, аз ҷумла навиштааст: «Сабаби дар «Субҳи ҷавонии мо» номи зодгоҳи худамро зикр накарданам ва ба як идда прототипҳо ба ҷои номҳои аслиашон номҳои дигар доданам ин аст, ки воқеаҳо, характер ва амали персонажҳои ман аз тахайюли нависандагӣ холӣ нестанд. Охир ман на мемуар, балки асари бадеӣ навиштаам ва кӯшиш кардаам асосан аз паи ҳақиқати таърихӣ ва ҳаётӣ биравам, на ҳақиқати холиси фактӣ... Албатта, саргузашти тасвирёфта саргузашти худи ман аст, аммо вай ба таври бадеӣ умумият дода шудааст...» [16, с. 221].

Бо вуҷуди «ба таври бадеӣ умумият дода шуда»-и воқеиятҳо ва сарнавишти шахсиятҳои воқеӣ дар «Субҳи ҷавонии мо» ин асар бозгӯйи аҳволи Сотим Улуғзода, падару модар, наздикони ӯ ва ҳолу ҳавои зодгоҳаш деҳаи Варзик аст. Аз ёдвораҳои нависанда бармеояд, ки падараш «то синни чилсолагииаш паҳлавон» буда, аз ҳисоби «киштукор ва заҳматкашӣ ва мардикорӣ» [9, с. 158-162] рӯз мегузаронидааст. Модараш зани босаводе буда, «гоҳе шеър менавишт, ки фарзандонаш низ «байтҳои дар ёд мондаро шоду хуррам такрор менамуданд. Диққати Сотими ҷавонро бештар қиссаҳои халқӣ, ки модараш нақл мекард, ба худ мекашид ва ӯ он қиссаҳоро «шунида-шунида қариб аз ёд карда буд». Вале ин дер давом накард, зеро дар синни нӯҳсолагии ӯ модараш вафот намуд. Падараш низ баъди як соли вафоти модар фавтид. Сотим Улуғзода дар синни даҳсолагӣ ятим монда, чанде дар хонаи хешовандон зиндагӣ ба сар мебарад [17, с. 7-8].

Нависанда дар повести «Субҳи ҷавонии мо» манзараҳои зодгоҳашро низ дақиқ ва ҳақиқатнигорона тасвир карда, нахуст аз «як кӯчаи калон»-е ёд мекунад, ки «теппаро монанди ҳалқа печонда гирифтааст» [13, с. 5]. Ин ҳамон кӯчаест, ки пас аз гузашти солҳо Мутеулло Наҷмиддинов дар қиссаи ҳуҷҷатии «Сурати башарию сирати малакӣ» аз он бо номи «Сеҷӯя ном боғкӯча» ва «боғмаҳаллае» ёд меоварад [8, с. 106].

Сотим Улуғзода дар қиссаи ёддоштии «Субҳи ҷавонии мо» санади дигари ҷолиберо низ нақл мекунад, ки бевосита ӯро ба шинохти гузашта савқ дода, заминаи воқеиро барои шаклгирии андешаи миллӣ ва истиқлолхоҳӣ фароҳам меоварад. Дар яке аз суҳбатҳо «профессори рус» ба суоли шогирдон-«Чаро ӯ ин қадар машаққат кашида, ба деҳаи дурдасти гумном рафта, урфу одати мардум, тарзи гузаронидани маросимҳову тӯйҳо, чӣ гуна бача калон кардани онҳо, чӣ гуна тарона хондани онҳоро донистан мехоҳад?-чунин посух медиҳад: «Ман ин корро аз он сабаб кардам ва мекунам, ки то имрӯз ҳеҷ касе аз тоҷикон бо ин кор машғул нашудааст ва ҳол он ки мову шумо вазифадор ҳастем таърих, маданият ва расму одатҳои халқро омӯзем. Оё гуфтан мумкин аст, ки шумо халқи худатонро хуб медонед? Дар беҳтарин сурат шумо деҳаи худатон ё якчанд деҳаро хуб медонед. Лекин, охир, халқи тоҷик на дар як деҳа ё чанд деҳа, балки дар як кишвари калон зиндагонӣ мекунад» [19, с. 140].

Сотим Улуғзода дар ана ҳамин маҳаллаи Варзик «дар оилаи кишоварзи камбағал чашм ба дунё» кушода, «дар 10-солагӣ, яъне соли 1921 аз волидайн маҳрум гашта ба оғӯши сағирхонаи болшевикӣ» меафтад [10, с. 14]. Ӯ солҳои 1921-1924 «дар мактаби нави аврупоии Чуст» [4, с. 359], ва солҳои 1924-1929 дар Дорулмуаллимини шаҳри Тошканд, ки Тоҷикинпрос низ мегуфтанд, таҳсил намудааст.

Аввалин навиштаи ӯ «Маро ҳам бояд огоҳ кард» дар синни чаҳордаҳсолагӣ, ҳангоми донишҷӯ буданаш, яъне 28-уми майи соли 1926 дар рӯзномаи «Овози тоҷик» ба чоп расида, мақолаи дувумаш таҳти унвони «Аҳволи дорулмуаллимини Тошканд» 25-уми июни ҳамон сол дар рӯзномаи зикршуда нашр мегардад. Вай дар мақолаи дувум вазъи омӯзишу парваришро дар дорулмуаллимин, аз ҷумла ҷараёни омода кардани омӯзгорони забони тоҷикиро таҳлил ва баррасӣ намуда, дар ин замина андешаву орои ояндабинонаашро баён доштааст, ки дар он рӯзгори кафдору марез ба ҳар кас муяссар намешуд.

Сотим Улуғзода дар соли 1929 дорулмуаллимини Тошкандро бо муваффақият хатм карда, соҳиби ихтисоси «устоди макотиби ибтидоӣ» мешавад ва аз моҳи октябри ҳамон сол то

моҳи сентябри соли 1930 дар ҳамин муассиса ба ҳайси «омӯзгори забони тоҷикӣ» ифои вазифа менамояд [4, с. 359].

Сотим Улуғзода фаъолияти адабиашро аз тарҷумонӣ шуруъ карда, ин таърихро баъдтар дар повести «Субҳи ҷавонии мо» ба тариқи зер ба ёд овардааст: «Вожатии мо Таня боре дар ҷамъомади пионерҳо ҳикояти нависанда М.А. Алексеев «Сам ва Дик»-ро хонд. Он ҳикоят дар бораи дӯстии Дики сафедпӯст ва Сами зангӣ-ду сарбози ҷанги граждании солҳои 1861-1862 дар Америка мебошад, дӯстие, ки дар имтиҳоноти сахт обу тоб хӯрдааст. Ҳикоя ба ман бисёр таъсир кард ва ман пас аз ду сол, чун китобча боз ба дастам ғалтид, барои озмоиш онро бо ёрии як нафар ошнои русам-студенти университет ба тоҷикӣ шуруъ ба тарҷума кардан намудам. Тарҷима тамом шуда буд, ки дастнависи худро ба мулоҳизаи як нафар коркуни шуъбаи нашриёти давлатии Тоҷикистон дар Тошканд пешниҳод намудам. Дар воҳӯрии дигар вай: «Дастнависро ба мудир додам» гуфт. Дере нагузашта он мудири шуъбаи нашриёт аз кор холӣ шуда ба кучое рафту ба ҷояш каси дигар таъйин шуд, ки аз тарҷимаи ман хабар надошт. Хулоса, дар ин мобайн дастнавис гум шуд» [4, с. 304]. Вале баъди гузаштани «як-ду моҳ» рӯзе нависандаро ба шуъбаи нашриёт даъват карда, дастнависи худашро ба ӯ нишон медиҳанд, ки «саҳифаҳои он саросар бо сиёҳии сурх тасҳеҳ ёфта буд» [14, с. 304].

Ба ин тартиб, нахустин тарҷумаи С. Улуғзода дар қатори архиви нашриёт ба дасти устод Айнӣ меафтад. Устод дастнависро, ки дар он имзои мутарҷим ва санаи тарҷума зикр нашуда буд, бо диққат мутолиа ва тасҳеҳу таҳрир намуда, ба нашриёти Тошканд бармегардонад. Сотим Улуғзода дар повести «Субҳи ҷавонии мо» таърихи нахустин тарҷумаашро ёд карда, сипас мазмуни мактуби Айниро низ нақл менамояд, ки ба тариқи зайл аст: «...тарҷима агарчи айбу нуқсонҳо дорад ва тарҷимонаш ҷавони бетаҷриба менамояд, вале қобили таваҷҷуҳ аст ва тарҷимон матлаби ҳикояро ба хубӣ фаҳмида, маъниҳои борики онро ба таври худ ифода карда тавонистааст ва ҷо-ҷо забонаш ҳам бад нест, бинобар ин ман дастнависи ӯро тасҳеҳ ва таҳрир карда баромадам; маслиҳат ин ки онро ҳар чи зудтар барои бачагон чоп карда бароредду тарҷимонро аз ин баъд ба кор ҷалб карда роҳбарӣ намоед, ки тараққӣ кунад, саводаш ва таҳрираш такмил ёбад» [14, с. 305].

Ҳамин тавр, Сотим Улуғзода, ба қавли худаш, аз чунин муносибати устод Айнӣ «ниҳоят мутаассир ва муташаккир» [14, с. 305]. гардида, «аввалин танқид ва аввалин таъриферо», ки аз «нависандаи калон, шахси соҳибдил, мушоҳидакор ва дақиқ-устод Айнӣ» [14, с. 305]. шунид, ҳамчун панди раҳнамо пазируфт ва дар тули умр истифода кард. Мактуби устод боварӣ ва умеди ӯро ба оянда зиёд карда, ӯро, ба ифодаи худаш «водор намуд, ки минбаъд бо камоли ғайрат ва ҷиддият худро ба кори соҳаи нашриёт ва матбуот ҳозир» [18, с. 10] намояд.

Фаъолият дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» аз ноябри соли 1930 то июли соли 1932 ба ҳайси котиби масъул барояш ҳамин гуна ҳадаф дошт. Ӯ ҳангоми фаъолият дар ин нашрия на фақат ба таҳриру такмили мундариҷаи он мусоидат намуд, балки бо эҷоди мақолаҳои гуногунмавзуъ ва ислоҳотхоҳона мавқеияташро дар муҳити адабию фарҳангӣ устувор сохт, ки намунааш мақолаҳои «Ин ҳаракати маорифро чӣ меноманд?» ва «Бар зидди пантуркизм-панисломизм» (бо ҳамқаламии Ғ. Ализода) мебошанд. Агар дар мақолаи аввал ӯ масъалаҳои ислоҳоти соҳаи маорифро ба миён гузошта, роҳи ҳалли онҳоро матраҳ карда бошад, мақолаи дуюм зери таъсири ҷараёни ақидавии «террори сурх» эҷод шуда, лояҳои зерматнии хостаҳояшро ифода мекард, ки мусбат набуд.

Мақолаи зикршуда тақризи сиёҳкунанда бар зидди китоби Бектош «Дар атрофи забони тоҷикӣ» буда, муаллифон Бектошро бо ин асараш чун мафкурабардори пантуркизм ва панисломизм, миллатчӣ ва душмани усули марксистии тадқиқ муттаҳам кардаанд, ки аз бисёр ҷиҳат навъе фосилагирӣ аз ҳақиқат мебошад. Мақола ҳадафи С. Улуғзода (ва Ғ. Ализода)-ро дар тарғиби диди сиёсиву иҷтимоӣ ва адабии сталинизм ва талоши дар забону адабиёт пойдор намудани ин дидро қотеъона ифода мекард [6, с. 270-271]. Ба ифодаи сареҳтар, С. Улуғзода чун дигар адибони насли сталинӣ ва насли аввали шуравӣ натавонистааст аз бандҳои сиёсӣ ва ақидатии шоеъ дар он рӯзгор фосила гирад. Шояд ҳамин омилҳо боис шуданд, ки Сотим Улуғзодаро, ба шаҳодати худаш соли 1933 бо кӯшиши миллатчиёни буржуазӣ аз сафи комсомол ронда, аз моҳи июли соли 1933 то моҳи майи соли 1934 Тоҷикистонро тарк карда, дар ноҳияи

Бостандинский вилояти Чимкенти Қазоқистон дар вазифаи директори мактаби намунавӣ (09. 1933, 03. 1934) фаъолият намудааст. Нависанда баъди ин ҳодиса ба Самарқанд боз гашта, дар ин шаҳр дар вазифаи котиби масъули рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» кор мекунад ва ниҳоят, моҳи майи соли 1934 аз нав ба Сталинобод баргашта, ба сафи комсомоли КМ ЛКСМ Тоҷикистон барқарор мешавад [10, с. 19].

Мутаассифона, Сотим Улуғзода дар солҳои террори ҷонситони сталинӣ низ ин тамоюли фикриашро идома дода, бо нашри як силсила мақолаҳо ба сиёҳ кардани рушанфикрон мепардозад, ки мақолаи «Зарарзаниҳои миллатчиёни буржуазӣ дар соҳаи адабиёт» (1937) аз он ҷумла мебошад. Дар ҳамин давра ба муқобили Сотим Улуғзода низ мақолаҳое чоп шудаанд, ки ӯро ҳамчун «думрави миллатчиёни буржуазӣ» маҳкум кардаанд. Мақолаи Д. Ҷаррор «Мунақид»-и думрави миллатчиёни буржуазӣ» намунаи он мебошад. Бо вуҷуди ин, ба мушоҳидаи сареҳи М. Рачабӣ «С. Улуғзода аз ҷумлаи адибони камшуморе буд, ки солҳои 1936-1937 зиндонӣ нашуд ва ҷон ба саломат бурд» [10, с. 20].

Чунонки ишора шуд, Сотим Улуғзода аввалин қадамашро ба олами адабиёт бо тарҷума гузошт ва он ҳам бевосита аз забони русӣ. Гароиши ӯ ба тарҷума тасодуфӣ набуда, зери таъсири омилҳои адабию фарҳангии замон шакл гирифта буд. Аввалан муҳите, ки ӯ ба камол расид, омили ангезанда буд, сониян зеҳнияташ бо таваҷҷуҳ ба забон ва фарҳанги русӣ парвариш меёфт ва инҳо омилҳое буданд, ки ҳануз аз солҳои сиюм сар карда ӯро ба тарҷумаи намунаҳои беҳтарини насри адабиёти ҷаҳон, аз ҷумла «Ғурмагас»-и Войнич савқ дода буданд.

Минбаъд ӯ фаъолияташро дар ин самт идома дода, бо супориши Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти (б) Тоҷикистон ба шаҳри Ленинград (ҳоло Санкт-Петербург) меравад ва ба тарҷума ва таҳрири осори мунтахаби Ленин ва Сталин машғул мешавад. Солҳои сиюму чилум низ фаъолияташро дар ин самт идома дода, ҳам ба тарҷумаи осори поягузорони марксизм машғул мешавад, ҳам дар Донишкадаи адабиёти ҷаҳонии Маскав таҳсил карда, ҳамзамон дар шуъбаи табъу нашри Шурои Комиссарони халқи шуравӣ ба кори таҳрир ва тарҷума идома медиҳад. Ҳангоми хидмат дар сафи артиши шуравӣ низ муҳаррири варақаи ҳарбӣ будааст ва пайваста бо тарҷумонӣ низ сару кор доштааст. Баъди ҷанги ҷаҳонӣ ба ҳайси мудири бахши тарҷумаи Донишкадаи таърихи ҳизби КМ ҲК(б) Тоҷикистон бевосита дар ҷараёни тарҷума ва ба чоп тайёр кардани осори пешвоёни марксизму ленинизм иштирок кардааст. Чанд сол масъулияти ходими калони бахши тарҷумаи ҳамин муассисаро бар дӯш доштани вай низ тасодуфӣ набуд ва маҳз дар ҳамин давра ӯ асарҳои Фридрих Энгелс «Инкишофи сотсиализм аз утопия ба илм», Ленин «Чӣ бояд кард?» ва чандин мақолаҳову рисолаҳои сиёсиву иҷтимоиро бо забони содаю ҳамафаҳм ба тоҷикӣ гардондааст.

Дар баробари фаъолияти тарҷумонӣ дар солҳои 1932-1933 дар вазифаи ҷонишини сармуҳаррири маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ» (имрӯза «Садои Шарқ») ва солҳои 1937-1938 котиби масъули рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» (имрӯза «Ҷумҳурият») фаъолият намуда, аз моҳи ноябри соли 1940 то июни соли 1941 аспиранти донишкадаи адабиёти ҷаҳонии ба номи Горкийи шаҳри Маскав будааст.

Дар солҳои ҷанги дувуми ҷаҳонӣ дар сафи артиши шуравӣ хидмат карда, аъзои ҳайати таҳририяи рӯзомаи «За родину!» ва мухбири рӯзномаи фронтии «Ватан учун» (ба забони ӯзбекӣ) будааст. Соли 1944 аз фронт баргашта, аз августи соли 1944 то октябри соли 1946 вазифаи раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро бар ӯҳда доштааст. Солҳои 1947-1951 депутати Шурои Олии РСС Тоҷикистон (даъвати дуюм), солҳои 1951-1955 депутати Шурои Олии Тоҷикистон (даъвати сеюм), солҳои 1959-1963 депутати Шурои Олии РСС Тоҷикистон (даъвати чорум) буда, солҳои 1961-1963 узви Президиуми Шурои Олии Тоҷикистон интихоб шудааст. Соли 1951 ба узвияти вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон пазируфта мешавад. Чанд сол (солҳои 1951-1955) вазифаи мудири бахши тарҷумаи Институти таърихи ҳизби назди КМ ҲК Тоҷикистонро низ ба ӯҳда дошта, аз соли 1963 то соли 1969 дар вазифаи сармуҳаррири Кумитаи кинодраматургияи назди Шурои Вазирони РСС Тоҷикистон фаъолият намудааст.

20-уми декабри соли 1967 фарзандаш Азиз ба таври расмӣ аз давлати Шуравӣ фирор мекунад ва моҳи декабри соли 1969 пленуми 16-уми КМ ҲК Тоҷикистон С. Улуғзодаро аз ҳайати КМ ҲК Тоҷикистон ва сафи ҳизб хориҷ мекунад. 19-уми октябри соли 1988 С. Улуғзода

ба узвияти КПСС бо танаффуси собиқаи ҳизбӣ аз декабри соли 1969 то октябри соли 1988 барқарор карда мешавад. 3-уми феврали соли 1997 дар шаҳри Масква сафири Ҷумҳурии исломии Эрон дар Маскав маблағи ҷоизаи «Китоби сол»-ро дар ҳаҷми чиҳил сиккаи тилло ба С. Улуғзода тақдим мекунад. Шодравон 25-уми июни соли 1997 дар Маскав вафот карда, 29-уми июн ҷасади ӯ дар қабристони Лучоби Душанбе ба хок супорида мешавад.

Ҳамчунон, ки аз санадҳои зиндагиномаи ӯ бармеояд, баъди соли 1963 фаъолияти меҳнатиаш дар муассисаҳои давлатӣ қатъ мегардад. Ин ба соле рост меояд, ки писараш Азиз давлати шуравиро тарк гуфта, ба хориҷ аз он ҳиҷрат намуда буд. Ин ҳодиса ба давраи камолоти шахсияти инсонӣ ва ҳунарии нависанда рост омад. Вале ин ҳодисаи барои нависанда шанеъ ва муносибати бадбинонаи сиёсатмадорони замон қаламро аз дасти ӯ гирифта натавонист. Солҳои ба истилоҳ бекорӣ барои ӯ давраи пуркорӣ буд. Маҳз дар ҳамин солҳо пуразиштарин осори бадеии ӯ романҳои «Восеъ», «Фирдавсӣ», ҳикояи беназири «Марги ҳофиз», қиссаи «Ривояти суғдӣ» ва тарҷумаҳои мондагори «Дон Кихот», «Достони Тил Уленшпигел» ва ғайраҳо ба майдон омад.

Вале санаҳои аз 20-уми декабри соли 1967 то 19-уми октябри соли 1988 барои нависандае, ки ҳамчун дастпарвари мактаби советӣ ба ҳизби коммунист ва давлати советӣ садоқати бепоён дошт, танҳо маънои календарӣ надошт. Вай аз таърихи зикршуда, аз соати 00.30 дақиқа, ки писараш Азиз дар меҳмонхонаи «Ранҷит»-и шаҳри Деҳлӣ, баъд дар сафоратхонаи Англия дар Ҳиндустон паноҳ бурда, сипас ба сафоратхонаи Амрико рафта паноҳгоҳи сиёсӣ дархост менамояд, дар инзивои куллӣ қарор дошт. Бо вуҷуди фишорҳо ва таъқиботи мақомоти вақт ба маслаки коммунистиаш хиёнат накард. Ҳатто баъди ду соли фирори писараш, яъне 25-уми ноябри соли 1969 ба иқдоми бешоибае даст зад: «ба Азиз мактуб навишта ҳама кору кирдори ӯро аз назари як нафар коммунист, гӯё аз дидгоҳи манфиатҳои Модар-Ватан баҳо дод ва хулосатан ӯро оқ кард. Ӯ ба Азиз аз ҷумла навишта буд, ки «ту ба ҷониби душманони мо, ба ҷониби савдогарони виҷдон ва шарафи ту мисли худат фирориён гурехта, лаганбардори зархариди эшон шудӣ. Бешарафиву пастӣ ва бемаънавияту бадахлоқии туро ҳаде ҳаст?... Барои як луқма нон ту бояд дар ҳаққи Модар-Ватани худ туҳмат занӣ!» [10, с. 25].

Сотим Улуғзодаро виҷдон ва эътиқодоти сиёсӣ чунин таҳрик бахшида буд ва аз ин фаротар рафта хулоса кард, ки «ватанфурӯш дигар барои ман фарзанд нест» [10, с. 26] ва ҳатто нигоҳ доштани фамилияи худро ба фарзандаш иҷоза надод.

Ин ҷо суоле пайдо мешавад: ҳанӯз дар синни бистуяксолагӣ шаш ҷилди осори Ленинро тарҷума кардани ӯ магар ҳодисаи тасодуфӣ буд? Албатта, не! Ҳақиқати сарнавишти Сотим Улуғзода ин буд, ки ба яккаҳизбиву сиёсати шуравипарастӣ гаравида буд. Маҳз ҳамин гароиши ақидатӣ моҳияти диди сиёсиву иҷтимоӣ ва андешаву орои ӯро то охирин лаҳзаҳои умраш муайян мекард, ки бешак ба тарбияи отифӣ ва таҷрибае марбут мешуд, ки дар овони наврасӣ аз сохти нави сиёсиву иҷтимоии «давлати сағирпарвар»-и шуравӣ гирифта буд.

Ба ин далел, ҳануз дар нашри нахустини романи «Занбӯр» (1931) сарсухани Сотим Улуғзода бо номи «Якчанд сухан аз мутарҷим» чоп шуда буд, ки мавқеияти эътиқоди ӯро дар интихоб ва тарҷумаи роман муайян мекард. Ӯ навишта буд: «Вазифаи мо аз ҳамин иборат аст, ки ҳаракатҳои инқилобии бародарони синфии худамонро дар он тарафи ҳудуд ба хубӣ омӯхта, бо таҷрибаҳои муборизавии худамон дар роҳи бинокории ҷамъияти сусиёлистӣ, ба онҳо ёрдам бирасонем, барои ин, аз гузаштаи онон ба қадри ҳол огоҳ буданамон лозим аст. Аз ин нуқтаи назар румони «Занбӯр» ба мо бисёр фоидаҳо расонида метавонад» [3, с. 8].

Дар рӯйхате, ки 1-уми октябри соли 1940 мураттаб сохтааст, 34 асари Марксу Ленин, 5 асари Сталин ва бо ҳамқаламии Бобоҷон Ғафурову Комиссаров 14 асари он доҳиёнро тарҷума карданаш зикр шудааст. Ҳамин гуна эътиқодмандии сиёсии ӯ дар мақолаҳои илмие, ки солҳои сиюми садаи гузашта эҷод кардааст, низ равшан ба назар мерасад. Масалан мақолаҳои «Як нигоҳ ба насри тоҷикӣ» (1930), «Латофатой фиреб хӯрд» (1930), «Ғалаба» (1932), «Маҷмуаи шеърҳои Азизӣ» (1932), «Лоҳутии мо» (1933), «Садриддин Айнӣ» (1935) ва чанди дигар ифодакунандаи садоқати ғоявии ӯ ба адабиёти синфии он рӯзгор мебошанд.

Ҳамин тамоюли мафкуравӣ дар интихоби осори тарҷумавӣ низ аз аввал то охир барои нависанда маҳаки эътибор будааст. Ба ифодаи Л. Демидчик хусусияти интихобиву мутобиқатӣ

доштани асарҳои интихобшуда барои тарҷума дар солҳои сиюм ба баъд «ба вазифа ва руҳи адаибёти тоҷик мутобиқате» комил доштааст, ки фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии С. Улуғзода низ аз ин маҷро ҷудо набуд [5, с. 119].

Сотим Улуғзода аз ибтидо то охир дар фаъолияти нависандагӣ ва тарҷумонию адабиётшиосии худ ба пешинаи фарҳангиаш, ки эътиқодоти сиёсӣ ҷузъи он буд, арҷ медод ва то лаҳзаҳои охирини ҳаёташ ин равиши фикриро дунболагирӣ мекард. Воқеият ин буд, ки вай наметавонист «қалами худро аз ранги замона барканор нигоҳ дорад. Ва тоза кӯшиш барои дар амон мондан аз таъсироти ин омил низ кори нодурусте аст. Дар хало наметавон эҷод кард» [7, с. 20].

Ҳамин тавр, Сотим Улуғзодаро омилҳои таъсиргузори донистан ва муҳаббат ба арзишҳои миллӣ, эътиқод ба сохти сиёсии сусиёлистӣ, дамсозӣ ва ҳамбастагӣ бо руҳияи нависандагоне, ки осорашонро тарҷума кардааст, дар ҷодаи нависандагӣ ва тарҷумонӣ муваффақ намуда, илова ба осоре, ки дар фавқ зикр шуд, асарҳои Горкий «Модар» , «Егор Буличёв ва дигарон», Чингиз Айтматов «Қуллаи Фудзиама», Н. Погодин «Одами милтиқдор», Шард де Костер «Достони Тил Уленшпигел», Мигел де Сервантес «Дон Кихот», порча аз романи Юртаев «Дар кӯраи ҷанги гаражданӣ», песаҳои Шекспир «Ҳамлет», «Як пула савдо, сад пула ғавғо», Н. Погодин «Соати бурҷи Кремл», В. Бил-Белосерковский «Ҳаёт даъват мекунад», Г. Мдивани «Алқаср», Л. Шейнин ва бародарон Тур «Рӯбарӯй». Тхай Дян Чуй «Ҷанубтари паралели 38», Молер «Табиби зӯракӣ», асари Н. Островский «Пӯлод чӣ тавр обутоб меёбад?», порае аз «Борис Годунов»-и Пушкин, мазҳакаи Галдони «Хизматгори ду хоҷа», А. Шкваркин «Бачаи бегона», шеърҳои шоири украин И. Франко «Суруди халқ», шоири ҳиндӣ Ҷ. Ҳофиз «Тоҷикистон» ва ғайраро ба тоҷикӣ тарҷума кардааст.

Таҷрибаи тарҷумони Сотим Улуғзода заминаи воқеиро барои расидан ба ҳадафҳои ҳунарӣ дар эҷоди насри бадеӣ, публитсистӣ, осори драмавӣ ба вуҷуд овард. Ба эътирофи И. Брагинский «Таҷрибаи кори тарҷумонӣ ба С. Улуғзода дониши бисёр дод: вай услуби ба худ махсусе пайдо кард, доираи назарию маданӣ ва сиёсиаш вусъат ёфт» [2, с. 20].

Ба ин тартиб, агар «тарҷумаҳои аввалини С. Улуғзода ҳамчун сарчашмаи эҷод барои рушди публитсистикаи ӯ мусоидат» [1, с. 71] карда бошанд, минбаъд ин равия чеҳраи асосии нависандагии ӯро шакл дод. Мо дар мақолаҳои публитсистии нависанда, аз қабили «Комсомол дар мубориза барои таълими умумӣ», «Маданияти аз нав зиндашуда», «Рӯзи шанбеи 15 март» ва монанди инҳо ифодаи истиқлоли табақотиро дар эъмори дунёи нави сусиёлистӣ равшан эҳсос мекунем, ки ба наҳве ифодакунандаи хостаҳои ақидатии Сам ва Дик аз асари ҳамноми тарҷумакардаи С. Улуғзода ва Артур аз «Занбӯр» («Ғурмагас») мебошад.

Сотим Улуғзода низ бар ин назар аст, ки солҳои сӣ барои муайян шудани хусусиятҳои реализми насри тоҷик, халқият ва таърихияти он, барои муайян гардидани муносибати нависандагон ба анъанаҳои миллии худ эстетикаи М. Горкий роли махсус бозидааст [12, с. 75]. Нависанда бо истифода аз таҷрибаи ёдшуда аввалин ҳикоя ва повесту романҳояшро таълиф карда буд, ки ҳикояи «Дар размгоҳ» ва қиссаи «Ёрони боҳиммат» аз намунаҳои аввалини он аст. Дар эҷоди ин асарҳо нависанда аз таҷрибаи Бил-Белосерковский дар эҷоди намоишномаи «Ҳаёт даъват мекунад» ва Н. Островский «Пӯлод чӣ тавр обутоб меёбад?», ки худаш тарҷума кардааст, эҷодкорона истифода кардааст.

Таъсирпазирии ӯ дар тарҳи воқеиятҳои ишқӣ ва сиёсию иҷтимоии асарҳои зикршуда равшан зоҳир мешавад.

Дар ин замина аз санади дигар-эҷоди романи «Восеъ» ва тарҷумаи «Достони Тил Уленшпигел» низ наметавон ёд накард. Ба назари мо, руҳи қавии худшиносӣ, миллатдӯстӣ ва озодихоҳӣ, ки бунмояи ин ду асарро ташкил медиҳад, ба тарҷумаи асари ёдшуда ва эҷоди романи «Восеъ» нависандаро раҳнамоӣ кардааст, ки таҷрибаи нодир мебошад.

Ҳамин тариқ, дар заминаи мурӯре, ки анҷом гирифт, метавон раванди зиндагӣ ва эҷодиёти Сотим Улуғзодаро ба се марҳила тақсим кард. Марҳилаи аввал аз охири солҳои бист то солҳои чилуми садаи бист, марҳилаи дуюм аз солҳои чилум то солҳои ҳафтод ва ниҳоят марҳилаи сеюм аз солҳои ҳафтод ба баъдро дар бар мегирад. Чунонки ба мушоҳида расид, ҳар марҳила бо хусусиятҳои хоси худ аз марҳилаи дигар фарқ мекунад.

Марҳилаи аввали зиндагӣ ва эҷодиёти нависанда зери таъсири идеологияи расмӣ шакл гирифта, фарозу фуруди зиёд дорад. Бо вуҷуди камбудиҳо дар мавқеъгирии ақидатӣ, ки гоҳо бар зарари адабиёти асил анҷом гирифтааст, нависанда дар ин давра бо таълифи мақолаҳо, ҳикояву очеркҳо ва ба муҳокима кашидани муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ чеҳраи асили инсонӣ ва адабии худро ҳифз карда, заминаро барои зиндагӣ ва эҷоди минбаъда тарҳрезӣ менамояд. Хидматҳои нависанда дар ин марҳила дар ташаккули матбуот ва нашриёти тоҷик бузург буда, мақолаҳои адабиётшиносӣ, публитсистӣ ва очеркҳои истеҳсолии ӯ баёнгари андешаву орои ояндабинонаи ӯ дар матни воқеиятҳои сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии он солҳо мебошад.

Давраи мураккаб ва тақдирсози зиндагӣ ва эҷодиёти нависанда марҳилаи дуюми фаъолият адабии ӯст. Дар ин марҳила, бо вуҷуди пешрафтҳо ва шикастҳо, ки ба сарнавишти фарзанди фирориаш-Азиз рабт мегирад, Сотим Улуғзода тавонист мавқеи инсонӣ ва ҳунариашро дар адабиёти тоҷик ҳифз намояд. Ҳикояҳои «Атака», «Дар размгоҳ», қиссаи «Ёрони боҳиммат», романи истеҳсолии «Навобод», қиссаи «Субҳи ҷавонии мо» ва романи «Восеъ» маҳсули ҳамин марҳилаи рӯзгор ва фаъолияти эҷодии ӯ буда, шахсияти инсонӣ ва фардияти ҳунариашро таъйид менамоянд.

Марҳилаи сеюми ҳаёт ва эҷодиёти нависанда бо эҷоди ҳикояи «Марги ҳофиз» шуруъ шуда, осори муҳимми дигари Сотим Улуғзода - «Ривояти суғдӣ», китоби якум ва дуюми достонҳои мансури «Шоҳнома», романи «Фирдавсӣ», «Пири ҳакимони машриқзамин» ва даҳҳо мақолаҳои мушкилкушои ӯ, аз қабили «Сатри заррин дар достони ҷовидонӣ», «Ҳақиқати асар ва танқиди он», «Командири халқӣ», «Худшиносии миллӣ донистани миллат аст таърихи худро», «Алифбо пайкари тамаддун», «Эътиқод дар зиндагист» ва монанди инҳоро дар бар мегирад, ки бо хусусиятҳои мундариҷавӣ ва ҳунарии худ саҳифаи тозае дар таърихи адабиёт ва илми тоҷик мебошанд.

Адабиёт:

1. Асозода, Х. Сотим Улуғзода ва фоҷиаи ӯ / Х. Асозода. – Душанбе, 2005. – 205 с.
2. Брагинский, И.С. Назаре ба тараққиёти адабиёти советии тоҷик / И.С. Брагинский // Шарқи сурх. – 1948. - № 3. – С. 18-21.
3. Войнич, Э.Л. Занбӯр. Румони таърихӣ. Тарҷумаи Улуғзод / Э.Л. Войнич. – Сталинобод-Самарқанд: нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1931. – 447 с.
4. Ғаффоров, У. Сотим Улуғзода / У. Ғаффоров. – Душанбе: Адиб, 2014. – 384 с.
5. Демидчик, Л. Таҳаввулоти тарҷумаи реалистӣ дар адабиёти тоҷик / Л. Демидчик // Садои Шарқ. – 1985. - № 10. – С. 118-125.
6. Набиев, А. Нарзуллои Бектош ва илму адабиёти тоҷики солҳои 20-30 садаи 20 / А. Набиев. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 314 с.
7. Найдо, Ю. Нақши мутарҷим / Ю. Найдо // Баргузидаи мақолаҳои нашри дониш (3). – Маркази нашри донишгоҳӣ. – Теҳрон, 1365. – С. 15-29.
8. Наҷмиддинов, М. Сурати башарию сирати малакӣ / М. Наҷмиддинов // Садои Шарқ. – 2000. - № 7-12. – С. 106-130.
9. Ориён, Ш. Ҳақиқати ширини ширин ва талху талхи насри сад соли ахири Тоҷикистон дар мисоли саргузашти эҷодкор / Ш. Ориён. – Душанбе, 2022. – 348 с.
10. Раҷабӣ, М. Сотим Улуғзода абармарди набард ва андеша / М. Раҷабӣ. – Душанбе: Деваштич, 2004. – 172 с.
11. Улуғзода, С. Аз дафтари ёддштҳои ман / С. Улуғзода // БАС. – 1931. - № 11. – С. 12-21.
12. Улуғзаде, С. Единение. Избранные статьи и очерки / С. Улуғзаде. – Душанбе, 1963. – С. 70-78.
13. Улуғзода, С. Асарҳои мунтахаб. Ҷилди 1 / С. Улуғзода. – Душанбе, 1967. – 362 с.
14. Улуғзода, С. Субҳи ҷавонии мо / С. Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 446 с.
15. Ҳошимипур, М. Марсел Пруст (як зиндагӣ) / М. Ҳошимипур // Вижаномаи Марсел Пруст. – Самарқанд-2. – Тобистони 1382. – С. 231-239.

16. Шукуров, М. Таърихи адабиёти советии тоҷик. Ҷилди 4. Насри солҳои 1945-1974 / М. Шукуров. – Душанбе: Дониш, 1980. – 384 с.

17. Эмомалӣ, С. Арзишҳои миллӣ дар насри бадеии Сотим Улуғзода / С. Эмомалӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2021. – 132 с.

18. Юсуфов, К. Сотим Улуғзода ва повести «Субҳи ҷавонии мо» / С. Улуғзода. – Душанбе: Дониш, 1968. – 126 с.

19. Бақозода С.А. Сотим Улуғзода ва ташаккули андешаи истиқлоли миллӣ / С.А. Бақозода // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2025. №4 (117) С. 139 - 146

ВИЖАГИҲОИ АҲВОЛ ВА ОСОРИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Мақола ба таҳлили ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Сотим Улуғзода равона шудааст, ки яке аз нависандагони барҷаста ва таъсиргузори адабиёти асри XX-и тоҷик маҳсуб меёбад. Дар таҳқиқи мазкур марҳилаҳои муҳимми ҳаёт ва фаъолияти эҷодии ӯ, аз ҷумла шуруъ аз солҳои аввали зиндагӣ, таҳсил ва рушди шахсият, то марҳилаи пурраи эҷодиёти бадеӣ ва публитсистӣ, бо диққати хос ба воқеиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ баррасӣ шудаанд. Муаллифон равандҳои ташаккули маҳорати ҳунарии нависандаро таҳлил намуда, нишон медиҳанд, ки чӣ гуна таҷрибаҳои шахсӣ, таҳсилоти илмӣ ва таъсири муҳити иҷтимоӣ ба эҷодиёти ӯ таъсир гузоштаанд.

Таҳқиқ асосан ба омилҳои мушаххаси ҳаёт ва сарнавишти Сотим Улуғзода таваҷҷуҳ менамояд, ки ин омилҳо, дар заминаи воқеиятҳои сиёсӣ ва иҷтимоии давр, нақши ҳалкунанда дар шаклгирии мавзуъҳо ва қаҳрамонҳои осор доранд. Муаллифон равандҳои эҷодиёт ва таҳаввулоти услубӣ, аз ҷумла истифодаи реализм ва таърихият дар ҳикояҳо, романҳо, драмаҳо ва мақолаҳои публитсистии нависандаро ба таври дақиқ таҳлил намуда, муносибати нависанда бо воқеият ва афкори иҷтимоиро дар сатҳи илмӣ баррасӣ мекунанд.

Ҳамзамон, мақола аҳаммияти осори Сотим Улуғзодаро на танҳо ҳамчун арзиши бадеӣ, балки ҳамчун шоҳиди воқеиятҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ арзёбӣ мекунад. Осори ӯ ҳамчун василаи омӯзиши тағйироти ҷомеа, андешаҳои мардум ва ҳодисаҳои муҳимми таърихӣ хизмат намуда, таҷрибаи инсониро дар ҳамкории байни шахсият ва муҳити иҷтимоӣ инъикос менамояд. Таҳқиқ инчунин фарозу фуруди эҷодиёти нависандаро таҳлил карда, ба масъалаҳои таҳкими маҳорати ҳунарӣ, интихоб ва таҳаввулоти мавзуъҳо, нақши ақида ва ҷараёни сиёсӣ дар матн ва сатҳи таҳлили публитсистӣ таваҷҷуҳ мекунад.

Дар заминаи таҳқиқи анҷомшуда, муаллиф шинохт ва арзёбии мушкилоти ҳаётии нависандаро дар заминаи таҳаввулоти сиёсӣ ва иҷтимоӣ фароҳам меоранд ва нишон медиҳанд, ки чӣ гуна шароити замон ва воқеиятҳои сиёсӣ имкониятҳои эҷодиро маҳдуд намуда, ҳамзамон ба амалӣ шудани истеъдоди бадеӣ ва тақвияти услуби нависанда мусоидат мекунанд. Ҳамчунин, мақола таъкид мекунад, ки осори Сотим Улуғзода дар таърихи адабиёт ҳамчун намунаи муносибати воқеан илмӣ ва таҳқиқи адабӣ дар заминаи воқеиятҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ арзёбӣ мегарданд.

Аз ин рӯ, таҳқиқ на танҳо шахсияти нависандаро инъикос мекунад, балки ба омӯзиши равандҳои эҷодӣ ва муносибати байни инсон ва муҳити иҷтимоӣ, таъсироти сиёсӣ ва фарҳангӣ дар эҷодиёт мусоидат мекунад. Мақола барои мутахассисон ва донишҷӯён, ки ба омӯзиши адабиёти тоҷик ва эҷодиёти Сотим Улуғзода таваҷҷуҳ доранд, манбаи муҳим ва воқеан илмӣ мебошад.

Калидвожаҳо: Сотим Улуғзода, аҳвол, осор, тарҷума, таъсирпазирӣ, воқеият, ақидатӣ, мақола, ҳикоя, роман, драма, реализм, таърихият

ОСОБЕННОСТИ БИОГРАФИИ И ТВОРЧЕСТВА СОТИМА УЛУГЗОДА

Статья посвящена анализу жизни и творческой деятельности Сотима Улугзода, одного из выдающихся писателей и общественных деятелей XX века в таджикской литературе. В исследовании рассматриваются ключевые этапы его жизни и творческой деятельности, начиная с ранних лет, образования и формирования личности, до зрелого периода его художественного и

публицистического творчества, с особым акцентом на политические, социальные и культурные реалии эпохи.

Автор уделяет внимание процессу формирования художественного мастерства писателя, анализируя влияние личного опыта, образования и социальной среды на его произведения. Исследование сосредоточено на изучении трудностей и жизненных испытаний, которые повлияли на творчество Улугзода, и на выявлении того, как политические и социальные условия времени определяли тематику, героев и художественные решения его произведений.

В статье рассматриваются процессы эволюции стиля, включая использование реализма и историзма в рассказах, романах, драматических произведениях и публицистических текстах писателя, а также анализируются отношения автора с социальной и политической действительностью. Особое внимание уделяется значению его творчества не только как художественной ценности, но и как свидетельства социальных и культурных реалий времени, способствующего изучению общественных изменений и человеческого опыта.

Исследование также подчеркивает, как условия эпохи и политические реалии одновременно ограничивали и развивали творческий потенциал писателя, укрепляли его стиль и способствовали реализации художественного таланта. Таким образом, произведения Сотима Улугзода рассматриваются как образец научного и литературного анализа социальных и культурных процессов. Статья представляет интерес для специалистов и студентов, изучающих таджикскую литературу и творчество Улугзода, являясь ценным научным источником.

Ключевые слова: Сотим Улугзода, ситуация, произведения, перевод, впечатлительность, реальность, идеология, статья, рассказ, роман, драма, реализм, историцизм.

FEATURES OF THE LIFE AND WORKS OF SOTIM ULUGZODA

The article is devoted to the analysis of the life and creative work of Sotim Ulugzoda, one of the prominent writers and public figures of the 20th century in Tajik literature. The study examines the key stages of his life and creative activity, from his early years, education, and personality development, to the mature period of his literary and journalistic work, with a particular focus on the political, social, and cultural realities of his time.

The author pay close attention to the process of forming the writer's artistic skills, analyzing how personal experience, education, and social environment influenced his works. The study focuses on understanding the challenges and life circumstances that shaped Ulugzoda's creativity, revealing how political and social conditions of the era determined the themes, characters, and artistic choices in his works. The article also examines the evolution of his style, including the use of realism and historicism in his short stories, novels, dramatic works, and journalistic texts, while analyzing the writer's relationship with social and political reality. Special emphasis is placed on the significance of his works not only as artistic value but also as testimony to the social and cultural realities of his time, providing insights into societal changes and human experience. The research further demonstrates how the conditions of the era and political realities both constrained and fostered the writer's creative potential, strengthening his style and contributing to the realization of his artistic talent. Thus, Sotim Ulugzoda's works are considered a model for scholarly and literary analysis of social and cultural processes. The article is of interest to specialists and students studying Tajik literature and Ulugzoda's creative heritage, serving as a valuable scientific resource.

Keyword: Sotim Ulugzoda, situation, works, translation, impressionability, reality, ideology, article, story, novel, drama, realism, historicism.

Маълумот дар бораи муаллиф: Бақозода Сайрам Абдусаттор, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121 E-mail: sbakozoda@mail.ru

Сведения об авторе: Бакозода Сайрам Абдусаттор, кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой теории и истории литературы Таджикского государственного

педагогического университета имени Садриддина Айни. Адрес: 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 121. Электронная почта: sbakozoda@mail.ru

Information about the author: Bakozoda Sairam Abdusattor, candidate of philological sciences, associate professor, head of the department of theory and history of literature, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni. Address: 734003, Republic of Tajikistan. Dushanbe city, Rudaki Avenue, 121. E-mail: sbakozoda@mail.ru

Муқарриз: Шамшоди Ҷ., д.ф. (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси филология, дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ:003+82′373/21 (075.8)
С - 25

ТАҲЛИЛИ ЗАБОНШИНОСИИ ГИДРОНИМИЯИ «ҒУРАР-УС-СИЯР» (ШОҲНОМА)-И САОЛИБӢ

Абдусамадзода Э.А., н.и.ф., дотсент, Шаҳнозаи С., докторанти (PhD)
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Забон ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва хотираи таърихи миллат вазифааш ҳамчун воситаи муошират хатм наёфта, ҳамчун ганҷинаи бебаҳо сайри таърихӣ, фарҳангӣ ва иҷтимову ҷуғрофии як миллатро дар худ нигоҳ медорад. Ҳамзамон, дар ин миён ҷойномҳо, хосатан номҳои мансуб ба об (гидронимия) – номи дарёҳо, кӯлҳо ва ҷӯю ҳавзҳоро, ки яке аз вожаҳои таърихии устувор маҳсуб меёбанд, ҳифз менамояд. Номҳои мансуб ба об (гидронимия), ки як шохаи топонимия маҳсуб меёбанд, ба инсон робитаи зичу ногусастанӣ дошта, сарчашмаи ҳаёт дониста мешаванд. Маҳз ҳамин паҳлуи масъала боис гардид, ки маводи гидронимияи «Ғурар-ус-сияр» (Шоҳнома)-и Саолибӣ мавриди пажуҳишу баррасӣ бигирад.

«Ғурар-ус-сияр» (Шоҳнома)-и Саолибӣ яке аз шоҳкориҳои асри IX-X маҳсуб ёфта, ҳамсон бо «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ таълиф шуда, манбаи ғании маводи ономастикӣ буда, яке аз асарҳои арзишманди таърихӣ маҳсуб меёбад.

Таҳқиқ ва омӯзиши гидронимияи ҳудудҳои ҷуғрофӣ ва осори бадеӣ дар номшиносии мамолики хориҷу пажуҳишҳои номшиносони ватанӣ хеле кам анҷом дода шудааст. Пажуҳиши гидронимияи ин ё он ҳудуди ҷуғрофӣ бояд тамоми хусусиятҳои мавқеи ҷуғрофӣ – тавсифи ҳудудӣ, паҳлуҳои мушаххасу гардишҳои таъриху сокинони он, ҷанбаҳои забонҳои мавриди корбурду мавҷуда ва азбайнрафтаи ин ҳудуд, хосиятҳои ҳаёти моддӣ, маънавӣ, ахлоқӣ, расму оинҳо, эътиқодот ва дигар нишонаҳое, ки аслияти мардуми онро, ки бо ҳамин ҷанбаҳо аз мардуми дигар манотиқ тафовут доштанд, фаро бигирад. Маҳз ба ҳамин тартиб, пажуҳиши номҳои ҷуғрофӣ, махсусан номҳои мансуб ба об (гидронимия) дар робита ба воқеият ва қабатҳои лексикии он анҷом додан зарур аст. Чунин тарзи бархурд ва роҳи омӯзишу таҳқиқ бо ҷойномҳо дар баробари омӯзиш бо тарзи усули диахронӣ, ҳамчунин таҳқиқи синхронӣ низ тақозо мекунад.

Ҷойномҳоро дар навбати худ ёдгории таърихию фарҳангӣ меноманд, зеро онҳо воқеан маҷмуи ҷанбаҳои мухталифи таърихи гузашта ва муосири минтақаҳои муайяни ҷуғрофиро муайяну инъикос мекунанд ва дар ошкор намудани бисёр воқеаҳои таърихӣ кумак менамоянд.

Маънои номҳои ҷуғрофӣ, нишонаҳое, ки сабаби номгузорӣ шудаанд, калима ва унсурҳое, ки гидронимҳоро ташаккул медиҳанд – ҳамаи ин барои аҳолӣ танҳо дар лаҳзаҳои гузоштани ном ба объекти ҷуғрофӣ ва пайдоиши он аҳаммияти муайян дорад, вале баъдан бо мурури замон фаромӯш мешаванд ё аҳаммияти худро гум мекунанд. Ин нукта бо таъкиди топонимшиноси рус, профессор Ю.А. Карпенко чунин баҳогузорӣ шудааст: «Барои аҳолии маҳаллӣ, ки ба мавзеи ҷуғрофӣ ном мегузоранд ва онро истифода мебаранд, ҷойном на омили таърихӣ, балки нишонаи фарқкунандаи мавзеъҳои мухталифи ҷуғрофӣ мебошад. Аз ин рӯ, танҳо

маънои топонимии номи ҷуғрофӣ ба мадди аввал мебарояд, на маънои этимологӣ» [Карпенко, 1967, с. 48].

Топонимшиноси дигари рус, профессор Э.М. Мурзаев низ андешаи болоро ҷонибдорӣ карда, чунин ишора намудааст: «Ҷойномҳо шоҳидони зиндаи таъриханд, вале онҳо бо забон сухан намегӯянд. Нишонаҳое, ки дар замони пайдоиши ном барои ниёкони мо аҳаммияти муҳим доштанд, бо тағйир ёфтани табиат ва кӯчидани аҳолӣ комилан аз байн мераванд ва ном ба як рамзи шартӣ табдил меёбад, ки асрори онро таҳлили амиқи забоншиносӣ кушода метавонад» [Мурзаев, 1974, с. 22].

Низоми ҷойномҳо се манбаи аз ҳамдигар фарқкунандаро дар бар мегиранд:

1. Ҷойномҳо аз номҳои ғайритопонимӣ фарқ мкунанд. Дар ин ҷо танҳо фарқ дар назар дошта шудааст, на муқобилгузорӣ;

2. Ҷойномҳои як қабати лексикӣ аз қабати дигар фарқ мекунанд. Масалан, номи дарёҳо аз номи маҳалҳои аҳолинишин тафовут доранд;

3. Мавқеъ ва мақоми ҷойномҳои ба қабатҳои алоҳида мансуббуда аз якдигар тафовут мекунанд.

Ҷойномҳои як ҳудуди муайян дар замонҳои гуногун, дар ҳолатҳои гуногуни ҳайати аҳолӣ ва дигар шароит ва вазъиятҳои таърихӣ ташаккул меёбанд. Бинобар ин, агар ҷойномҳо, ҳатто ба як қабати лексикӣ дохил шаванд ҳам, аз нигоҳи пайдоиш ва таърихи тағйироту ташаккулёбӣ аз ҳамдигар тафовут доранд.

Маънои зоҳирии ҷойном яке аз нишонаҳои ба роҳи ғалат бурдани муҳаққиқ мебошад. Муаррих ва пажуҳишгари рус С.Б. Веселовский дар асари худ «Топонимика дар хизмати таърих» одилона ва воқеъбинона қайд менамояд: «... дар аксари мавридҳо номҳо ба мо на дар шакли ибтидоӣ, балки дар намудҳои тағйирёфта ё дар шаклҳои таҳрифшуда дар сарчашмаҳое, ки мо аз онҳо истифода мебарем, расидаанд... Пеш аз ин ки аз маводи мавриди пажуҳиш истифода намоем, мебояд пайдоиши онро аз нуктаи назари интиқодӣ баррасӣ кунем, сипас тамоми хулосаҳои лозимиро андешем, то гунаи дурусту комили ном муқаррар карда шавад [Веселовский, с. 29-30].

Забоншиноси барҷастаи рус В.А. Никонов дар мавриди роҳҳои пажуҳиши топонимӣ андешаронӣ намуда, чунин ибрози андеша мекунад: «Ҷойномшинос набояд забоншинос, ҷуғрофидон ё муаррих бошад, вай вазифадор аст ҷойномшинос бошад» [Никонов, 1967, с. 83]. Бисёриҳо бар он бовараанд, оғоз намудан аз тавсифи ҷойномҳои ҷуғрофӣ ва ё осори таърихӣ кори саҳл аст. Пажуҳиши маводи топонимии кори мушкил ва тоқатфарсо буда, аз муҳаққиқ таҳқиқи амиқу сабри комил ва ҷустуҷӯйи дақиқназарона талаб менамояд. Он ба пажуҳишгар барои ҷамъоварии мавод интихоби озод намедиҳад, баръакс талаб менамояд, ки сарфи назар аз сатҳи донишу малака ва имкониятҳо ҳамаи маводи ҷамъоваришударо шарҳ диҳад.

Тавсифи пурраи маводи гидронимии «Ғурар-ус-сияр» (Шоҳнома)-и Саолибӣ аз нуктаи назари забонӣ тақозо менамояд, ки ҷанбаҳои таърихии забонҳои эронӣ ба назари эътибор гирифта шуда, оид ба забонҳои туркӣ (аз ҷумла ӯзбекӣ), забони русӣ, лаҳҷаҳо ва шеваҳои ҷанубии забони тоҷикӣ, таърих, ҷуғрофия, этнография, олами ҳайвоноту наботот, усулҳои хоҷагидорӣ ва умуман тамоми хусусиятҳои асар маълумот гирдоварӣ карда шавад.

Набояд аз хотир дур сохт, ки дар гузоштани ном ба мавзеъҳои ҷуғрофӣ се гурӯҳи махсуси одамон иштирок мекунанд:

1. Аҳолии маҳаллӣ; 2. Топограф, картограф ва умуман одамоне, ки дар он ҷойҳо кору фаъолият ва зиндагӣ мекунанд; 3. Кормандони муассисаҳои давлатӣ, аъзои комиссияи махсус, ки ба масъалаҳои номгузорӣ, тағйирдиҳӣ ва мураттабсозии номҳо машғуланд [Подольская, 1964, с. 144].

Суперанская низ ҷонибдори ҳамин андеша буда, барои тақвияти ин андеша чунин гуфтааст: «Танзими маъмурии ҷойномҳо, ки аз ҷониби комиссияҳои махсуси давлатӣ амалӣ карда мешаванд, раванди худкору пешравандаи номсозии халқиро ба як низоми аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мустаҳкамшуда табдил медиҳад, ки дар он ҳар як объект номи расмии ба таври қатъӣ муайяншударо мегирад» [Суперанская, 1986, с. 68].

Таҳти мафҳуми «ахбор ва маълумот нисбат ба хусусиятҳои маҳал», инчунин иттилооте фаҳмида мешавад, ки ба нишонаҳои фарқкунандаи он тааллуқ доранд. Замон, шарҳи этимологии ғалат, ташаккули ҷойном бо роҳи сунъӣ, тарҷумаи ғалат, надоштани маълумоти дуруст ва боэътимод оид ба маҳал ва дигар омилҳо метавонанд монеи пажуҳиши дурусти ҷойномҳо гарданд. Номи маҳал на ҳамеша метавонад нишонаи онро инъикос намояд, зеро нишонаҳои маҳал метавонанд муваққатӣ ва ё тасодуфӣ бошанд. Ҷойномҳо яке аз омилҳои таъсиргузори таърихӣ маҳсуб меёбанд ва дар масири таърих тағйир ёфтани нишона, воқеаҳо ва гирудорҳои таърихӣ кори муқаррарӣ мебошад.

Номшиноси рус Е.М. Поспелов дар мавриди ҳолатҳо ва мавридҳои хосаи қабатҳои топонимӣ мулоҳиза ронда, онҳоро ба ин тариқ тасниф намудааст: «1. Номҳои алоҳида, ки бо ин ё он сабаб барои андешаронӣ ҷолибанд; 2. Номҳое, ки дар асоси нишонаҳои грамматикӣ тасниф гардидаанд (исмҳо, сифатҳо ва ғ.); 3. Номҳое, ки аз номи шахсиятҳои алоҳида ва диндорон пайдо шудаанд; 4. Замони пайдоиши ном; 5. Суффиксҳои ҷойномсоз; 6. Қабатҳои топонимӣ; 7. Паҳншавӣ ё маънои терминологияи ҷуғрофӣ; 8. Талаффузи номҳо ё терминологияи ҷуғрофӣ» [Поспелов, 1970, с. 106].

Абурайҳони Берунӣ ҳанӯз дар асри XI гуфта буд, ки «... Вақте ягон маҳалро қабилаҳои забони дигардошта ишғол мекунанд, номҳояш дар як муддати кӯтоҳ тағйир меёбанд ва ҷойи онҳоро дигар номҳо мегиранд. Таъсири забон ва пойгоҳи талаффузи нутқи онҳо дар бисёр маврид ба таври дигар талаффуз намудани номҳо таъсиргузор мешаванд ва онҳо ин номҳоро дар шакли ба талаффузи забони худашон ворид месозанд. Онҳо маънои аввалро мегиранд, аммо худи номҳо дучори тағйирот мегарданд» [Ҳасанов, 1986, с. 19].

Нишона яке аз омилҳои асосӣ ва муҳим ҳангоми номгузории маҳалҳои ҷуғрофӣ маҳсуб меёбад. Он интихоби номро асоснок мекунад, сабаби пайдоиши онро шарҳ медиҳад. Ҳамзамон, нишона метавонад ба таври беохир дар гӯшаҳои гуногуни минтақа ё ҳудуди муайян такрор ёбад. Ҷойномҳои ҳар як минтақа метавонад маҷмуи номҳои ҷуғрофии аз ҳамдигар фарқкунанда ва гоҳе монандро бар бар бигирад. Дар доираи мавзеи ҷуғрофии маҳдуд ва мавзеи аз нигоҳи ҳудуд калонтар низ метавонад номҳои зиёд такрор шаванд.

Номшинос, профессор И.П. Филевич сад сол пеш дар мавриди ҷойномҳо дар робита ба пажуҳишҳои таърихӣ андешаронӣ карда, чунин гуфта буд: «Забони Замин баъзан метавонад нисбат ба муаллифони асарҳои таърихӣ ва асрҳои миёна маълумоти комилу далелдор ба андозаи кофӣ диҳад. Забони Замин ба таҳрифот роҳ намедиҳад. Дар ин ҷо ту наметавонӣ чизеро бофта барорӣ, чизеро аз худ эҷод кунӣ. Он барои наслҳои оянда ёдгориест аз халқе, ки хеле барвақт аз саҳнаи таърих рафтааст ва наберагони он бо аҷнабиён омехта шуда, забон, расму анъанот ва оину фарҳанги худро гум кардаанд» [Филевич, 1896, с. 184].

Ба андешаи Э.М. Мурзаев дар топонимика кӯчиши ҷойномҳои як макон ба мавзеи дигар ба ду роҳ сурат мегирад: «1. Номҳои интиқолӣ, ки муҳоҷирати аҳолӣ дар кори пайдоиши номҳои кӯҳна дар маконҳои нав мусоидат менамояд; 2. Ҷойномҳои такрорӣ, ки дар маконҳои мухталиф на дар натиҷаи интиқол ва ҳиҷрати аҳолӣ, балки дар раванди хушоҳангӣ пайдо мешаванд» [Мурзаев, 1982, с. 45].

Андешаронӣ ва пажуҳишҳои доманадори номшиносӣ ва таҳқиқоту таснифоти ҷойномҳо, махсусан номҳои мансуб ба об (гидронимия) имкон фароҳам меорад, ки атрофи масъала суҳбату пажуҳишҳои доманадор анҷом бидиҳем. Маҳз ҳамин паҳлуи масъаларо ба назари эътибор гирифта, бо назардошти имкониятҳои мавҷуда ва маводи ҷамъоваришуда ба таҳқиқи маводи гидронимияи «Ғурар-ус-сияр» (Шоҳнома)-и Саолибӣ мепардозем.

Дар «Ғурар-ус-сияр» (Шоҳнома)-и Саолибӣ гидронимияи Даҷла, [Daĵla], Завобӣ, [Zavābī], Зоб [Zāb], Ҷайҳун [Ĵauhun], Ҳирманд [Hirmand], Рӯди Балх [Rōdi Balx], Рӯди Истахр [Rōdi Istarx], Рӯди Кирмоншоҳ [Rōdi Kirmānšoh], Рӯди Ҷайҳун [Rōdi Ĵayhun], Рӯди Ҳирманд [Rōdi Hirmand], Рӯди Фурот [Rōdi Furāt], Фурот [Furāt] ва Шуштар [Šuštar], ки ҳамагӣ 13 номгӯйро ташкил медиҳанд, корбаст гардидааст.

Ҷойномҳои мансуб ба об (гидронимия) вобаста ба хусусиятҳои таркибашон ба шохаҳои зерин тасниф мешаванд: **потамонимия, лимонимия ва пелагонимия.**

Нигаред ба расми №1. Таснифи маводи гидронимия

Маводи мавриди пажуҳиш ва таҳқиқи (гидронимия) «Ғурар-ус-сияр» (Шоҳнома)-и Саолибӣ, ки зимни таснифоти маводи дар қабати ҷойномҳои асар 13 номгӯй (гидронимия) дарёфт гардид, ки ҳамаи инҳо ҳамчун рӯд дарҷ ёфтаанд. «Саранҷом кор миёни Искандар ва Доро ба ҷое кашид, ки ҳар ду омодаи набард шуданд ва ду сипоҳ дар каронаи рӯди Фурот бо ҳам бархӯрд карданд ва ҷанги сахте даргирифт, ки як ҳафта ба дарозо кашид» [Саолибӣ, с. 212].

Ҷойи дигар чунин гуфта шудааст: «Исфандиёр ин пешомадро бадшугун донист ва бо шамшери охта (аз ғелоф кашида) чунон бар шутур зад, ки сараш ба каноре парид. Пас ба роҳ афтод, то ба канори рӯди Ҳирманд расид. Дар он ҷо лашкаргоҳ сохт ва чунон дид, ки ба Рустам нома бинависад ва бо ӯ гуфтугӯ кунад» [Саолибӣ, с. 185].

Гарчанде таснифоти маводи гидронимӣ ба шохаҳои мухталиф тасниф гардидааст, дар қабати номҳои мансуб ба оби асар номҳои гидронимӣ рӯд зикр ёфтаанд, ки далелҳои боло исботи ин гуфтаҳоянд. Ҳамаи истилоҳоти соҳавии ҷуғрофии мансуб ба об монанди дарё, кӯл, наҳр, рӯд, ҷӯй/ҷӯйбор, ки дар осори луғавӣ зикр ёфтаанд, анқариб маънои баробар доранд.

Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ мафҳумҳои болозикр баробармаъно тавсиф шудаанд: 1. «**дарё** - оби калони равоне, ки маҷрои табиӣ дошта, манбаи асосиаш боришот аст, рӯд, наҳр» [17, с. 430]; 2. «**кӯл** - ҷойи ба миқдори зиёд ғун шуда истодани об, ҳавзи оби табиӣ, толоб» [17, с. 631]; 3. «**наҳр** - ҷӯи калон, дарё, рӯд» [17, с. 909]; 4. «**рӯд** – дарё, наҳр, ҷӯйбори калон, рӯдхона» [17, с. 179]; 5. «**ҷӯй/ҷӯйбор** - 1. замини (роҳи) ба дарозӣ кандашуда (ба таври табиӣ кофта), ки дар он об ҷорӣ мешавад, наҳри хурд; 1. ҷои ҷӯяш бисёр. 2. ҷӯи калон, анҳор, ки ҷӯйҳои дигар аз он об мегиранд» [17, с. 640].

Мафҳуми мавриди таваҷҷуҳи пажуҳиши мо – рӯд мебошад, ки баромади тоҷикӣ дошта, дар асар дар истифодаи номҳои мансуб ба об (гидронимия) пурра истифода гардидааст: «Чун фардо фаро расид, Рустам ҷомаи пайкор пӯшид ва бо гурӯҳе аз сипоҳиён, ки бародараш Завора ва писараш Фаромарз низ дар миёни онон буданд, барнишаст ва ҳамин ки ба канори рӯди Ҳирманд расид, фармони ист дод ва ба онон гуфт: ман ва Исфандиёр бар он шудем, ки ёронамонро ба ранҷ наяфканем ва мо худ ду ба ду набард кунем» [Саолибӣ, с. 192].

Дар асар калимаи рӯд дар шакли Рӯди Балх [Rōdi Balx], Рӯди Истахр [Rōdi Istarx], Рӯди Кирмоншоҳ [Rōdi Kirmānšoh], Рӯди Ҷайҳун [Rōdi Ĵayhun], Рӯди Ҳирманд [Rōdi Hirmand], Рӯди Фурот [Rōdi Furāt] корбаст гардидааст. Худи мафҳуми рӯд дар забоншиносӣ мавриди таваҷҷуҳ ва истифода қарор дошта, марҳилаҳои таҳаввули зеринро сипарӣ намудааст: «уз. «ҷоришавӣ» - ҷараён; ҳинди қадим. скава - «маҷро» - канал/скгта «ҷоришаванда» /равон, Ҳиндустони қадим. srotah - форсии қадим. кагтах - «дарё»/дарё, «рӯд» /дарё, канал/, «маҷро»/duct/ (пел. род (rwd)- «руд»/ дарё, канал /, «дарё» /дарё/, «маҷро» «/дукт/, тадж. руд- «руд»/дарё, канал/, «дарё» /дарё/» [Расторгуева, 1991, с. 613].

Ҳангоми пажуҳиш ва таҳқиқи масъала чанд гидроними асарро мавриди таҳлили забоншиносӣ қарор хоҳем дод. Дар ин ҳангом аз сарчашмаҳои зиёди луғавӣ ва пажуҳишҳои номшиносони ватаниву хориҷӣ истифода намудем.

Даҷла [Daĵla] дар асар корбурди фаровон дорад: «Шаҳрҳое бунёд ниҳод, ки аз он миён Ардашерхурда дар Форс, Бодғис дар Хуросон, Баҳманардашер ва Ромардашер дар наздикиҳои Басра ва Астаробод, ки ҳамон Кархи Мисён аз деҳистонҳои каронаи Даҷла аст» [Саолибӣ, с. 249].

Дақла гунаи арабишудаи номи бостонии ин дарё буда, то имрӯз ба маънои «оби равон», «дарёи тезгард», «тезҷараён» корбурд мешавад. Мабнои асосии пайдоиш ва таҳаввули ин гидроним таърихи панҷ ҳазорсола дорад ва дар ин муддат аз як забон ба забони дигар гузашта, шаклу таркиби фонетикии худро тағйир додааст. Ташаккул ва таҳаввули гузариши Дақла дар марҳилаҳои таърихӣ чунин тавзеҳ мегардад: 1. Марҳилаи аввали пайдоиш ва рушду ташаввули он, ки таъхрихи дуру дарозро дар бар мегирад. Номи қадимаи гидроними мазкур мансуби забони шумерӣ мебошад. Шумериҳо бо забони худ ин дарёро «Идигна» ё «Идигина», ки шомили ду вожаи мустақил id – дарё ва igina – равон/тозон, ки маънои «дарёи тезҷорӣ», «оби равон»-ро ифода мекунад. Чунин ном гирифтани дарё ба хотири ҳаракати тез доштананш мебошад. 2. Марҳилаи дуюми рушд ва ташаккули он бар ин асос меёбад, ки бо таъсиргузории ақвоми сомизабон (аккадӣ, ибронӣ, суриёнӣ) номи дарё дар забони аккадӣ «Идиқлат» гузошта шуд, дар ибронии қадим «Хиддекел» ва дар забони сурёнию оромӣ «Деқлат/Диглат» ном бурда шуд. 3. Марҳилаи сеюми таҳаввули он ба зуҳури арабҳо дар асри VII рост меояд. Дар ин айём номи оромию сурёнии «Деқлат/Диглат», ки охирин ному шакли мустаъмали он буд, ба «Дақла» табдил кард. «Дақла» мансуби забони арабист, аммо решаи он ба забони шумерӣ бармегардад. Ин андешаро мисраҳои Ҳаким Фидавсӣ тақвият медиҳад. Ӯ дар ин маврид мефармояд:

Агар паҳлавонӣ надонӣ забон,
Ба тозӣ ту Арвандро Дақла хон [Фирдавсӣ, ҷ.1, с. 104].

Дар Аврупо «Дақла»-и арабиро «Тигрис» (Tigris) ном мебаранд, ки маънои «тез, халанда ва тир»-ро ифода мекунад. Ин ифода низ решаи авестоӣ дошта, бо каме тағйири таркиби фонетикӣ мустаъмал гардидааст. Эрониёни бостон номи сомии «Деқлат/Диглат»-ро ба забони худ мувофиқ карда, онро «Тигро» [Tigrā] ном ниҳоданд, ки дар забони форсии бостон ва авестоӣ дар шакли «тигра» ба маънои «тез, халанда ва тир» фаҳмида мешавад. Аз ин гуфтаҳо метавон ба ин натиҷа расид, ки юнониёни қадим ва аврупоиён ин номро аз эрониёни бостон гирифта ба «Тигрис» (Tigris) табдил доданд ва имрӯз дар ҷаҳон ба ин ном шуҳрат дорад.

Номи дигари дарёи «Дақла» «Арванд» аст, ки бештар дар матнҳои аҷамии классикӣ мустаъмал аст. Дар сарчашмаҳои адабӣ, хосатан адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ ин гуфтаҳо зиёд ҷой доранд. **Низомии Ганҷавӣ дар назми худ аз ин ном истифода намуда, чунин фармудааст:**

Шитобон гашт чун Арванди кӯҳӣ,
Бад-он бигзарад з-он тирагӯҳӣ.
Равон шуд лашкараш кӯҳ аз пайи кӯҳ,
Ба ҳавзи Дақла омад кавҷу анбӯҳ [Ганҷавӣ, с. 142].

Дар осори таърихӣ низ ин ном мустаъмал буда, мавриди корбурди васеъ қарор дорад: «Ва аз Дақла ба наздикии Фатҳ рӯде бардорад, онро наҳри Маъқил хонанд, ба Басра равад. Ва рӯде дигар бардорад ҳам аз Дақла ба бари Убула, онро наҳри Абула хонанд. Рост биравад аз сӯйи Мағриб, то ба ҳудуди Басра, андар наҳри Маъқил уфтад. Ва он гаҳ аз Басра биравад ва он ҷо наҳри Дубус хонанд, то ба наздикии Аббодон ба Дақла бозуфтад. Ва миёни Восит ва Мадор аз Дақла рӯде бардорад ва аз ӯ ду батиҳа бандад, ки онро батоеҳи Басра хонанд» [Ҳудуд-ул-олам, с. 31].

Ҳамин тариқ, баррасӣ ва пажуҳиши маводи гидронимии «Ғурар-ус-сияр» (Шоҳнома)-и Саолибӣ имконият фароҳам овард, ки зимни омӯзиши ин қабати онимӣ чандин нуктаҳои муҳимми номшиносӣ ва асрори нуҳуфтаи таърихӣ бозкушоӣ карда шавад. Гарчанде аз 13 номи мансуб ба об (гидронимя)-и асар танҳо як номи он мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуд, аммо атрофи масъалаҳои дигари он андешаронӣ сурат гирифт. Ин бори дигар моро ба сайри дури таърих ва нозукиҳои пажуҳишу баррасии номшиносӣ ошно намуд, ки хеле хушоянд аст.

Адабиёт:

1. Веселовский, С.Б. Топонимика на службе истории / С.Б. Веселовский // Исторические записки / отв. Ред. Б.Д. Греков. – Москва: «Изд-во АН СССР», 1945. – Т.17. – С. 24-52.

2. Карпенко Ю.А. Свойства и источники микротопонимии / Ю.А. Карпенко // Микротопонимия. – Москва: «Наука», 1967. – 278 с.

3. Мурзаев, Э.М. География и названиях / Э.М. Мурзаев. – Москва: «Наука», 1982. – 168 с.

4. Мурзаев, Э.М. Очерки топонимики / Э.М. Мурзаев. – Москва: «Мисл», 1974. – 382 с.

5. Низомии Ганҷавӣ Куллиёт. Иборат аз 5 ҷилд. Ҷ.2: Хусоав ва Ширин. – Душанбе: «Адиб», 2012. – 263 с.

6. Пололься кая, Н.В. Терминология ономастики / Н.В. Пололься кая, А.В. Суперанская // Вос. Языкознания. Т.4. – Москва: «Мысль», 1964. – С.140-146.

7. Поспелов, Е.М. Топонимика и картография/Е.М. Поспелов. – Москва: «Мысль», 1970. – 256 с.

8. Расторгуева, В.С. Сравнительно-историческая грамматика западно- иранских языков. Филология /В.С.Расторгуева.- М.: «Наука», 1990. -253 с.

9. Суперанская, А.В. Теоретичекие основы практической топонимики // А.В. Суперанская. – Москва: «Наука», 1986. – 256с.

10. Филевич, И.С. История древней Руси. Т.1. Территория и населения /И.С. Филевич. – М.: «Мысль», 1986. – 431 с.

11. Фирдавсӣ Абулқосим Шоҳнома /А. Фирдавсӣ. – Душанбе: «Адиб», 2007. -480 с.

12. Ҳасанов, А. Хусусиятҳои лексикии «Ҳудуд-ал-олам»: автореф. рис…номз.илм.фил./А. Ҳасанов. – Душанбе, 1986. - 22с.

13. Ҳудуд-ул-олам. – Душанбе: «Бухоро», 2014. – 588 с.

Маъхаз:

14. Абумансур Абдулмалик ибни Муҳаммади Саолибии Нишопурӣ Таърихи ғурар ус–сияр маъруф ба «Шоҳнома»-и Саолибӣ. – Душанбе: «Бухоро», 2014. – 444 с.

ТАҲЛИЛИ ЗАБОНШИНОСИИ ГИДРОНИМИЯИ «ҒУРАР-УС-СИЯР» (ШОҲНОМА)-И САОЛИБӢ

Мақола ба таҳқиқу пажуҳиши вижагиҳои забоншиносии ҷойномҳои мансуб ба об (гидронимия)-и асари таърихию адаб, яке аз шоҳкориҳои охири асри X ва ибтидои асри XI-и адиб, шоир ва нависандаи шинохтаи эронинажоди арабизабон Абумансур Абдулмалик ибни Муҳаммад ибни Исмоили Саолибии Нишопурӣ - «Ғурар-ус-сияр»-и Саолибӣ, ки бо номи «Шоҳнома»-и Саолибӣ шинохта мешавад, бахшида шудааст. Дар мақола муҳиммияти омӯзиши ономастикаи таърихӣ, махсусан пажуҳиши ҷойномҳо баррасӣ мегардад.

Муаллифон бо истифода аз метод ва усулҳои таҳқиқи синхронӣ ва диахронӣ роҳҳои ташаккул ва таҳаввули фонетикиву семантикии ҷойномҳоро муқаррар намуданд. Зимни пажуҳиши маводи мавриди назар, ки 13 номгӯйро ташкил медиҳанд, дар замина ва асоси вожаи корбурдии он «рӯд» мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода шудаанд. Муаллифон пажуҳиши мавриди назарро дар такя ба омӯзиши пажуҳишҳои соҳавии номшиносони мамолики ғарбу номшиносони ватанӣ анҷом додаанд. Дар ин матлаб як гидроним – «Дағла» ҳамчун асос мавриди таҳқиқи таърихию забоншиносӣ қарор гирифт ва рушду таҳаввул ва гузариш аз марҳилаҳои таърихии он мавриди омӯзиш қарор дода шуд.

Калидвожаҳо: гидронимия, потамонимия, лимонимия ва пелагонимия, номҳои мансуб ба об, Дағла, рӯд, қабатҳои лексикӣ, таҳлили забоншиносӣ.

ЛИНГВИСТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ГИДРОНИМИИ В «ГУРАР АС-СИЯР» (ШАХНАМЕ) САЛИБИ

Статья посвящена исследованию лингвистических особенностей названий водных объектов (гидронимии) в историко-литературном памятнике «Гурар-ус-сияр» Саолиби (известном также как «Шахнаме» Саолиби). Данный труд является шедевром конца X – начала XI веков и принадлежит перу выдающегося арабоязычного писателя, поэта и литератора иранского происхождения Абу Мансура Абдул Малика ибн Мухаммада ибн

Исмаила ас-Саолиби Нишапури. В статье рассматривается актуальность изучения исторической ономастики, в частности исследования топонимов.

Используя методы синхронного и диахронного анализа, авторы выявили пути формирования, а также фонетической и семантической эволюции географических названий. В ходе исследования фактического материала, включающего 13 наименований, гидронимы были проанализированы на основе частотного опорного компонента «руд» (река). Статья выполнена с опорой на отраслевые труды как отечественных, так и зарубежных специалистов в области топонимики. В данной статье один из гидронимов – «Даджла» (Тигр) – подвергся детальному историко-лингвистическому анализу, в рамках которого были изучены этапы его исторического развития, трансформации и перехода из одной эпохи в другую.

Ключевые слова: гидронимия, потамонимия, лимнонимия, пелагонимия, названия водных объектов, Даджла, руд (река), лексические пласты, лингвистический анализ.

LINGUISTIC ANALYSIS OF HYDRONYMY IN SAOLIBI «GHURAR-AS-SIYAR» (SHAHNAME)

The article is devoted to the study of the linguistic characteristics of water body names (hydronymy) in the historical and literary masterpiece of the late 10th and early 11th centuries, «Ghurar as-Siyar» by Al-Saolibi (also known as the «Shahname» of Saolibi). This work was authored by the prominent Arabic-writing writer, poet, and scholar of Iranian origin, Abumansur Abdulmalik ibn Muhammad ibn Ismail al-Saolibi al-Nishopuri. The paper discusses the significance of studying historical onomastics, with a particular focus on toponymic research. «»

Utilizing synchronous and diachronic research methods, the authors determine the patterns of formation as well as the phonetic and semantic evolution of place names. During the investigation of the gathered material, which comprises 13 items, the terms were analyzed based on their core operational component "rud" (river). The authors conducted this research by drawing upon specialized studies by both domestic and Western toponymists. In this particular paper, one specific hydronym – «Dajla» (Tigris) – is subjected to a comprehensive historical and linguistic analysis, tracing its development, transformation, and transition through various historical stages.

Keywords: hydronymy, potamonymy, limnonymy, pelagonymy, water names, Dajla, rud (river), lexical layers, linguistic analysis.

Маълумот дар бораи муаллифон: Абдусамадзода Эраҷ Абдусамад, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға*:* 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 16. Тел.: (992)918-13-99-68.

Шаҳнозаи Сабур, докторант аз рӯйи ихтисос (PhD) кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға**:** 735360. Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 16. Тел.: (992)985-11-50-22.

Сведения об авторах: Абдусамадзода Эрадж Абдусамад, кандидат филологических наук, доцент кафедры языкознания и истории языка Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. Тел.: (992)918-13-99-68.

Шахноза Сабур, докторант по специальности (PhD) кафедры языкознания и истории языка Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360. Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. Тел.: (992)985-11-50-22.

Information about the authors: Abdusamadzoda Eraj Abdusamad, candidate of philological sciences, associate professor of the department of linguistics and history of the language, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan. Kulob city, Sangak Safarov Street, 16, Tel.: (992) 918-13-99-68.

Shakhnoza Sabur, PhD student at the department of linguistics and history of language at Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street, 16. Tel.: (992)985-11-50-22.

Муқарриз: Саидзода М.Б., д.ф. (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси забоншиносӣ, дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ: 070.12 (1-87)

ИСТИФОДАИ ИМКОНИЯТҲОИ НИГОРИШ ДАР ШАРҲИ МАСЪАЛАҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

Зоириён Б.Ш., н.и.ф., ассистент
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Шароити пуртазоди ҷомеаи ҷаҳонӣ зарурати инъикоси масоили байналмилалиро дар шароити имрӯза ба маротиб зиёд кардааст. Ин амал аз он ҷиҳат муфид аст, ки оммаи васеъ равандҳои шаклгирии сиёсати ҷаҳонӣ ва оқибати рӯйдодҳои замони худро дарк карда тавонанд ва ба вазъияте, ки метавонад онҳоро фаро гирад, омода бошанд. Бино ба маълумоти муҳаққиқон дар шароити феълӣ «инъикоси низоъҳои яроқнок ба яке аз мавзуъҳои доимии ВАО мубаддал гардидааст ва ин барои журналистони байналхалқӣ ба самти асосии фаъолияташон табдил ёфтааст, зеро теъдоди чунин моҷароҳо торафт бештар ва печида гардидааст» [12, с. 222].

Ҷиҳати тафсири фарогир ва ҳамаҷонибаи воқеоти як давраи муайян барои журналистони байналхалқӣ қолаби жанри нигориш хеле мусоид аст. Ин жанр мушоҳида, таҳлил ва равшан кардани моҳияти рӯйдодҳо, равандҳо ва падидаҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад. Доираи фарогирии мавзуъҳое, ки нигориш ба он сару кор мегирад васеъ аст, вале баҳсу баррасии мавзуоти сиёсати байналхалқӣ дар доираи ин қолаби эҷоди публитсистӣ бартарият дорад. Муҳаққиқ Вадим Фоминих бар ин назар аст, ки «дар амал нигориш ба баррасии мавзуъҳое аз қабили масъалаҳои байналмилалӣ, иқтисодӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва варзишӣ дучор мешавад» [15, с. 18]. Вале дар шароите, ки «рақобат барои ғасби фазои иттилоотии олам пуршиддат шуда»-аст [5, с. 269], таваҷҷуҳ ба масъалаҳои сиёсӣ, ба вижа баҳсу баррасии масъалаҳои байналхалқӣ дар он афзалият дорад.

Мавзуи нигориш дар маҷмуъ ҷаҳони муосир аст, ки далелҳои иҷтимоӣ (рӯйдодҳо, вазъиятҳо, падидаҳо, равандҳо), панорамаи ҳаёти ҷамъиятиро дар бар мегирад. Далелҳои интихобшударо барои тафсири масъалаи муайян як мафҳуми ягонаи дарки воқеият аз ҷониби баррасикунанда муттаҳид мекунад. Мавзуи нигориш бо робитаи фазоӣ-замонӣ ё мавзуии байни падидаҳои баррасишаванда тавсиф мешавад. Тасодуфӣ нест, ки аксаран нигоришҳо бо фарогирии масъалаҳои мушаххас дар давраи муайян (ҳафтаина, моҳона, солона) нашр мешаванд. Ба таъкиди профессор И.К. Усмонов ин жанр «бетарафона тамоми воқеаҳоро, ки дар давраи муайян, ё дар мавзуи муайян ба амал омадаанд, ҷамъ меорад ва инъикос мекунад» [14, с. 79]. Нависандагони ин жанр гӯё як давраи мушаххаси ҳаёт ё фаъолиятро дар соҳаи муайяни иҷтимоӣ ҷамъбаст менамоянд. Маҳз бо ҳамин робитаи мушаххас мавзуи баррасишавандаи нигориш аз мақола фарқ мекунад.

Ба таъкиди пажуҳишгарони соҳа «нигоришҳои матбуоти имрӯзаро бештар мавзуъҳои байналхалқӣ ташкил медиҳанд» [8, с. 202].

Омили созанда дар ин шакли эҷоди публитсистӣ дарк кардани тамоюл, самти рушд ва дар асоси он пешгӯйӣ кардани вазъи ба амалоянда мебошад.

Мавриди зикри хос аст, ки дар публитсистикаи тоҷик нигориш аз жанрҳои серистеъмол дар тафсири вазъи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Пажуҳиши ин жанр дар осори яке аз публитсистон шинохти дурусту фарогир ва қазоват дар хусуси имкониятҳои ин

шакли эҷодро барои мо дақиқтар менамояд. Бо ин мақсад мо сатҳи корбурди нигориш дар осори яке аз поягузорони публитситикаи тоҷик Абулқосим Лоҳутиро мавриди омӯзиш қарор дода, имкониятҳои ин жанрро дар баҳсу баррасии масоили байналхалқӣ пажуҳиш намудем.

Қисми асосӣ. Қобили зикр аст, ки Лоҳутӣ «яке аз аввалин журналистон, ноширон, муҳаррирон, таблиғгару ташвиқгарони ғояҳои миллӣ ва умуман публитсистони тоҷик дар оғози асри гузашта ба ҳисоб мерафт» [2, с. 302]. Ҷиҳати тавзеҳи масъалаҳои байналхалқӣ дар публитсистикаи ӯ, дар баробари дигар жанрҳо аз нигориш, ки, ба таъкиди муҳаққиқон, «ба мавзуъҳои сиёсӣ бештар дахл мекунад» [9, с. 154] фаровон истифода шудааст. Дар асарҳои дар ин қолаб таҳияшуда публитсист бештар бар он кӯшидааст, ки «воқеаҳоро, навиштаҳои ба замони муайян дахлдорро дар шакли обзор» [11, с. 21] ба диққати хонандагон бирасонад. Асарҳои ҷолибе, аз қабили «Қувваи ҳаётбахш», «Маданият ва миллатҳо дар Иттифоқи Советӣ», «Ба пешвози бистсолагии Октябр», «Адабиёти тоҷик» ва ғайра дар ҳамин қолаби жанрҳои таҳлилии публитсистика эҷод шудаанд. Мавриди зикр аст, ки бештари нигоришҳои Лоҳутӣ дар асл дар шакли нутқу баромадҳо аз ҷониби ӯ дар ҷаласаҳои муҳимми умумииттифоқию байналхалқӣ эҷод гардидаанд, вале баъдан бо андак коркард аз ҷониби муаллиф ва шояд баъзан бо ҳиммати ходимони матбуот дар саҳафоти рӯзномаву маҷаллаҳо нашр гардидаанд, ки қолаби нигоришро касб кардаанд. Барои мисол, нигориши «Маданият ва миллатҳо дар Иттифоқи Советӣ» нахуст дар шакли маърузаи адиб дар Конгресси байналхалқии мудофиаи маданият аз фашизм, ки моҳи июни соли 1935 дар Париж баргузор шуда буд, истифода шудааст. Аммо баъдан он коркард шуда, бо каме ихтисору дигаргунӣ дар шакли нигориш дар маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ», рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» ва дигар нашрияҳои милливу маҳаллии Тоҷикистон нашр шудааст. Ё нигориши «Адабиёти тоҷик» дар заминаи маърузаи адиб дар Анҷумани якуми нависандагони ИҶШС (соли 1934) таҳия гардида, ба матбуот (рӯзномаву маҷаллаҳои «БАС», «Тоҷикистони сурх», «Комсомоли Тоҷикистон» ва ғ.) роҳ ёфтааст.

Дар нигориши «Қувваи ҳаётбахш», ки дар заминаи нутқи шоир дар сессияи Академияи фанҳои ИҶШС оид ба омӯхтани қувваи истеҳсолии Тоҷикистон (аз 10 то 20-уми апрели соли 1933 дар Ленинград) таҳия шуда, ҳамон сол дар матбуоти умумииттифоқӣ (аз ҷумла рӯзномаи «Правда») ва рӯзномаву маҷаллаҳои Тоҷикистон («Тоҷикистони сурх», «БАС») ба табъ расидааст, дастовардҳои Тоҷикистони Шуравиро дар давраи баъди инқилоби Октябр то замони баргузории ҳамин сессия шарҳу тавзеҳ додааст. Дар ҷараёни он нависанда бо мақсади муайян «фактҳои ба зиндагии муосирон тааллуқдоштаро бо тамоми печидагию иртиботаш ба таҳлил» [11, с. 21] гирифта, омӯхтани захираҳои сарватҳои табиӣ дар дурдасттарин минтақаҳои Тоҷикистон, аз ҷумла Бадахшони Кӯҳӣ, кашфи конҳои тилло ва роҳҳои наву осони коркарди он, расидани ҳавопаймоҳои советӣ то Помир ва ифтитоҳи роҳи ҳавоӣ дар масири онро аз муҳимтарин дастовардҳои инқилоби Октябр ва барқарории Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистон арзёбӣ мекунад.

Дар нигориши мавриди назари мо муаллиф дастовардҳои як давраи кӯтоҳи таърихиро (солҳои 1917-1933) «ба таври конкрет, бо силсилаи мисолҳо шарҳ дода» [14, с. 81] ба вазъи давраи то инқилоб дар сарзамини Тоҷикистон муқоиса мекунад ва амалу рафтори ҳукуматҳо ва амалдорони он замон – «ҳукумати амир ва Русияи подшоҳӣ, амалдорони онҳо ва руҳониён» [3, с. 179]-ро ба ғайр аз бераҳмона ғорат ва истисмор кардани аҳли заҳмат намебинад. Ба таъкиди муҳаққиқон А. Саъдуллоев ва П. Гулмурод, «нигориш аз аксари жанрҳо эҷодкорона истифода бурда, хислатҳои хосаашро беш аз пеш афзун мегардонад» [11, с. 28]. Дар нигориши «Қувваи ҳаётбахш» низ Лоҳутӣ яке аз масъалаҳои муҳимми давраи тоинқилобӣ дар Бадахшони Кӯҳӣ – хурофотпарастӣ ва сӯиистифодаи истисморгарони хориҷӣ аз ин нуқтаи заъфи сокинони маҳаллиро дар қолаби памфлет ифода кардааст. Мавзуи баҳси ин қисми асар макру ҳиллаҳои пешвои мазҳаби исмоилиён – Оқохон мебошад. Ба бовари муаллиф, пешгузаштагони Оқохон аслан форс буда, чандин насл пеш ба Ҳиндустон кӯчида, ҳамон ҷо муқимӣ шуда будаанд. Лоҳутӣ хурофотпарастиву сабукандешии мардуми ин минтақаро, ки «Оқохонро соҳибихтиёр ва офаридгори худ медонанд ва тамоми дороии худро моли хоси Оқохон мешуморанд» [3, с. 179], сахт танқид мекунад ва ҳиллаҳои ин

пешвои мазҳабиро барои ғорат кардани мардум дар либоси ҳачв масхараву маҳкум менамояд. Аз дидгоҳи Лоҳутӣ, «Оқохон фиребгари чолокест, ки аз ҷаҳолат ва хурофотпарастии оммаи қавмаш сарвати бекароне фароҳам овардааст; ӯ ходим ва олати дасти империализми англис мебошад, ки дар замони ҷанг (ҷанги якуми ҷаҳон – З. Б.) пайравони худро ба қӯшуни Англия фиристода буд» [3, с. 179]. Ҳамин тавр, бо тасвири ба Бамбей, гӯё ба назди Худо бурдани як муллои помирӣ ва нишон додани манзараи дӯзаху биҳишт ба ӯ ва супориш додан ба он дар мавриди ин ки баъди бозгашт мардумро роҳнамоӣ кунад ва ҳаққи худоро дуруст ғундошта расонад, рафтори авомфиребонаи империалистону ғосибони хориҷиро, ки илова ба ҳукумати амириву Россияи подшоҳӣ ва навкаронашон мардуми заҳматкашро бераҳмона ғорат мекарданд, фошу масхара карда мешавад. Ҳадаф аз овардани ин факту далелҳо дар қолаби ҳачв «на инкишофи идея ё тарзи таборузи характер, балки нишон додани пасманзари муҳташами ҳаёти ҷамъият мебошад» [11, с. 27-28].

Дар самти нишон додани дастовардҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии мардуми Помир дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ дар қисми дуюми асар муаллиф аносири жанри репортажро бештар ба кор бурда, дар мавриди роҳ ёфтани ҳавопаймоҳои советӣ ба дили қӯҳсори Бадахшон, кашфи конҳои маъдан ва сохтани шароити мусоиди кор барои аҳли заҳмат маълумоти зарурӣ медиҳад.

Дар хулосаи нигориш унсурҳои жанри мақола истифода шуда, муаллиф масъалагузорӣ мекунад, ки «Тоҷикистони эҳёгардида бояд барои Шарқи хориҷӣ василаи тарғиботи бартарии усули сотсиалистӣ шавад ва ба халқи ситамдида роҳнамоӣ кунад» [3, с. 182]. Дар ин замина роҳи ҳалро низ то ҷое нишон медиҳад ва барои ба воя расидани «писари ҳафтуми сотсиализм» ва роҳбари воқеии миллионҳо меҳнаткашони ҳамзабони худ гардидани он, «диққати бештар, алоқаи наздиктар ва ёрии бародаронаи пролетариати тамоми Иттифоқи Советӣ» [3, с. 182-183], дар навбати аввал ёрии меҳнаткашони Ленинградро, ки аз назари муаллиф маркази илму фанни советӣ мебошад, зарур мешуморад.

Ба андешаи муҳаққиқ Я.Н. Засурский «журналистикаи байналхалқӣ на танҳо ахбор дар хусуси навигариҳои рӯз, балки қисми асосии шинохти пурраи олами мо мебошад» [1, с. 6]. Агар ба табиати жанри нигориш ба таври амиқтар назар афканем, татбиқи ин андешаи муҳаққиқи мазкурро дар пешниҳоди матлаби журналистӣ ба хубӣ мушоҳида карда метавонем. Ҳамин хусусияти фарогирии мундариҷавӣ дар нигоришҳои устод Лоҳутӣ ба назар мерасанд. Барои шарҳу баррасии мавзуъҳои мубрами замон ин адиби публитсист силсилаи фактҳоро ҷамъоварӣ намуда, дар ин асос паҳлуҳои мухталифи мавзуъро ба хонандагон шарҳ медиҳад. Дар баррасии авзои байналмилалӣ ин усули эътирофшуда буда, «ҷамъ овардани ахбори дунё барои он даркор аст, ки аз як тараф таваҷҷуҳро ҷалб кунад, аз тарафи дигар, ахборро ба диди худ мувофиқ намояд» [13, с. 317].

Дар нигориши «Ба пешвози бистсолагии Октябр» дастовардҳои хоҷагии халқи Тоҷикистон дар зарфи наздики бист соли баъди инқилоб баҳсу баррасӣ шудаанд. Муаллиф бештар ба мавзуъҳои дӯстии миллатҳои шуравӣ, ба ҳам пайвастани халқҳои он, иттиҳоди меҳнаткашони советӣ ва камар бастани онҳо ба сохтмони сотсиализм, решакан кардани омилҳое, ки зиддиятҳои миллиро ба бор меоранд, диққати бештар дода, комёбиҳо дар ин ҷодаро аз беҳтарин дастовардҳои самараи инқилоби Октябр арзёбӣ мекунад. «Нигориш таҷассуми фактҳоест, ки барои возеҳ сохтани чеҳраи як воқеа оварда мешавад» [11, с. 21]. Бо назардошти он ки «барои ҷомеаҳои огаҳ ғасби олами мафкура ҳадафи мутамарказ мебошад» [10, с. 315], муаллиф аз аҳли эҷод, махсусан адибон, даъват ба амал меорад, ки «ҳамаи воқеаҳои инқилобӣ, ҳамаи протсесҳоро, ки дар арзи ин бист сол мамлакати моро дигарун сохтаанд, оинавор мунъакис гардонад» [3, с. 196].

Нигориши «Адабиёти тоҷик» ба мавзуи адабиёту фарҳанг бахшида шуда, он шаклгирӣ, роҳи тараққиёт ва мушкилоти адабиёти советии тоҷикро то соли 1934 мавриди баҳсу баррасӣ қарор медиҳад. Лоҳутӣ дар ин асар диққати адибонро ба мавзуъҳои наву рӯзмарра ҷалб намуда, онҳоро даъват мекунад, ки дар эҷоди асарҳои худ ба дастовардҳои азими ҷомеаи нав бештар диққат диҳанд. Ин ҷо «муаллифи нигориш, қабл аз ҳама, фактҳои характернокро ҷустуҷӯ мекунад» [11, с. 28] ва бо овардани мисолҳои мушаххас завқи

адибонро ба шаклан ва мазмунан нав кардани адабиёт бедор кардан мехоҳад. «Тамоми ғамхории амири охирини Бухоро дар роҳи ободии мамлакат сохтмони як пул (кӯпрук) шуд, – менависад Лоҳутӣ, – аммо ҳоло дар Тоҷикистон истгоҳҳои электрикии бисёре кор мекунанд, сохтмонҳои боазамат, аз қабили сохтмони Вахшу Варзоб, ба вуҷуд меоянд. Конҳои фулузот, маъданҳои нафт, заводҳои пахта, комбинатҳои пиллакашиву шоҳибофӣ ва муассисаҳои дигар паиҳам ба кор медароянд» [3, с. 214]. Аз нигоҳи муаллиф, ин навгониҳои бузург бояд аз мадди назари адибон дур намонад ва дар маркази эҷодиёти онҳо қарор бигирад.

Лоҳутӣ мехоҳад, ки адибон дар интихоби мавзуъ аз доираи маҳал ва зодгоҳашон берун баромада, дастовардҳои заҳматкашони советиро ба хориҷиён ва навгониҳои ҷомеаи ҷаҳониро, ки барои ҳамаи миллату давлатҳо муассир мебошанд, тавассути асарҳои хуб ба хонандагони ватанӣ шинос кунанд. Дар ин ҷода ӯ истифода накардани имкониятҳоеро, ки даврони сотсиализм ба адибон фароҳам овардааст, ҷиноят меҳисобад. Нависанда адабиёти тоҷикро барои ҳамзабонони худ – меҳнаткашони Ҳиндустон, Афғонистон ва Эрон ягона манбаи ошноӣ ба ҳаёти Иттифоқи Шуравӣ медонад.

Ба маълумоти пажуҳишгарони соҳа «журналистикаи байналхалқӣ иттилоотро дар бораи воқеаҳое, ки дар қисматҳои гуногуни ҷаҳон рух медиҳанд, ҷамъоварӣ ва коркард мекунад» [4, с. 285]. Ин паҳлуи кори журналистӣ, ки дар тафсири рӯйдодҳои таъсиргузори сатҳи ҷаҳонӣ ба кор бурда мешавад, яке аз вижагиҳои жанри нигориш низ ба ҳисоб меравад ва ин шеваи бархурд ба мавзуи баррасишаванда дар қолаби жанри мазкур дар публитсистикаи Абулқосим Лоҳутӣ ба назар мерасад. Чунончӣ, дар нигориши «Маданият ва миллатҳо дар Иттифоқи Советӣ» ҳамин шакли бархурдро ба мавзуи баррасишаванда ба таври возеҳ дида метавонем.

Назару таҳлилҳои Лоҳутӣ вобаста ба мавзуъҳои байналхалқӣ дар ин нигориш доманаи васеъ пайдо мекунад. Ин ҷо адиб ҳамдастиву якдилии заҳматкашони тамоми халқу миллатҳои тобеи Иттифоқи Шуравиро васф мекунад ва онро бо аҳли заҳмати кишварҳои сармоядорӣ, ки ҳуқуқу уҳдадориашон аз ҷониби сарватмандону соҳибкорони алоҳида пайваста поймол мегардад, ба қиёс мегирад. Ҳамзамон, бархӯрди ҳукумати Россияи подшоҳӣ низ то инқилоби Октябр дар муносибат ба синфи коргару деҳқони сарзаминҳои тобеи ин империя бо усули муқоиса ба вазъи замони муаллиф ба риштаи таҳлил кашида шудааст.

Мавзуи ин нигориш дар ҳошияи баргузории Конгресси байналхалқии мудофиаи маданият аз фашизм дар Франсия аз ҷониби муаллиф ҳадафмандона интихоб шудааст. Маълум аст, ки Иттифоқи Шуравӣ аз замони таъсис ва қудратёбиаш дар баробари давлатҳои сармоядории Аврупо ва Америка рақиби қудратманди сиёсию иқтисодӣ гардид.

Дар муборизаҳои сиёсӣ ва ҷангҳои иттилоотӣ, ки байни режимҳои сотсиалистӣ ва сармоядорӣ сурат мегирифт, душманони давлати Советӣ, пеш аз ҳама, нобаробарии қавму миллатҳо ва нақзи ҳуқуқи халқиятҳои майда дар ин сарзамини бузургро ба муқобили он истифода мекарданд. Яъне дар чунин шароит давлатҳои сармоядорӣ муборизаҳои иттилоотиро бо мақсади «таъсиррасонии нақшавӣ ба тамоми системаи иттилоотиву иртиботии душман ва давлатҳои бетараф ба мақсади ташаккул додани фазои мусоиди ҷаҳонии иттилоотӣ барои гузаронидани амалиётҳои сиёсӣ» [6, с. 267] ба кор мебурданд. Лоҳутӣ бо истифода аз имконоти васеи нигориш ҳамчун «як жанри унверсалию ҳамакора» [9, с. 101] ба ин танқидҳои душманони идеологӣ ҷавоби дандоншикан гуфтааст. Ӯ танқидҳои ғарбиёнро дар мавриди поймол шудани ҳуқуқҳои миллату халқиятҳои майда дар сарзаминҳои Иттифоқи Шуравӣ рад намекунад, балки онро маҳсули сиёсати нодурусту истисморгароёни империяи Россияи подшоҳӣ медонад. Муаллиф ҳамчун публитсисти сиёсатдону сиёсатфаҳм бо истифода аз унсурҳои шарҳу мақола муҳимтарин паҳлуҳои ин мавзуъро дар минтақаҳои гуногуни олам тавзеҳ дода, мушкилоти ҷойдоштаро ба таври ҷиддӣ масъалагузорӣ мекунад. «Кореро, ки Русияи подшоҳӣ дар мустамликаҳои худ мекард, ҳоло ҳарбиёни япон дар Корея ва Хитой намекунанд? Магар империализми инглис дар қадимтарин марказҳои тамаддуни инсонӣ чун Ҳиндустон ва Миср камтар бераҳмӣ мекунад?» [3, с. 185]. Бо ҳамин гуна саволҳои ҳадафмандона муаллиф идома ёфтани чунин сиёсати муғризонаро аз ҷониби давлатҳои империалистию сармоядорӣ ёдовар мешавад ва

кайҳо ҳал шудани масъалаи миллатчигиву нажодпарастиро дар Иттифоқи Шуравӣ ба он муқобил мегузорад. «Дар мамлакати мо инқилоби Октябр, солҳои муборизаи қаҳрамононаи коргарон ва деҳқонон ба рӯйи саҳифаҳои сиёҳи гузашта бо қалами сурх хати батлон кашид» [3, с. 185]. Назариячиёни журналистика ҳам бар ин фикранд, ки «нигориши байналхалқӣ вазифадор аст, ки оламиёнро бо ин ҳама рӯйдодҳои дунё ошно созад» [9, с. 105]. Бо дарки ин нукта, ки «истифодаи тарғибот ва дурӯғпароканӣ барои идора кардани тафаккури омма» [7, с. 244] мусоиду таъсиргузор аст, муаллиф бо овардани далелҳои раднопазир аз як ҷониб даст доштани империалистони ғарбиро дар сиёсати нажодпарастонаву миллатгароёна исбот карда бошад, аз ҷониби дигар, манфиатҳои сиёсии ватани худро дар ин ҷода бамаврид ҳимоят мекунад.

Мавзуъҳои миллатпарастӣ, истило ва саркӯб намудани халқиятҳои майда, афзалият додан ба гурӯҳҳои иртиҷоӣ дар идоракунии сарзаминҳои мустамликашудаи Россияи подшоҳӣ то давраи инқилоби Октябр ва эҳё намудани қавму миллатҳои ба ҳукми фаромӯшӣ рафта, рушд додани фарҳангу тамаддуни миллатҳои гуногун, беҳ кардани шароити иқтисодиву иҷтимоии онҳо, озодии занон дар давраи барқарории Ҳукумати Шуравӣ дар ин нигориш бо овардани факту далелҳои зиёд шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.

Хулоса. Дар маҷмуъ нигориш ҳамчун жанри дорои имкониятҳои фарохи тафсиру баррасии масъалаҳои мубрами сиёсӣ дар инъикос ва шарҳи авзои олам серистеъмол буда, ба дарку фаҳми омма ҷиҳати омӯзиши равандҳои мураккаби замон мусоидат мекунад. Дар мисоли корбурди ин жанр дар публитсистикаи сиёсии А. Лоҳутӣ маълум гардид, ки таҳлили авзои сиёсии ҷомеаи байналмилалӣ дар қолаби ин жанр созгор мебошад. Муайян карда шуд, ки нигориш ҷиҳати баррасии авзои сиёсии ҷаҳон дар мавридҳои зарурӣ аз имкониятҳои жанрҳои дигар ҳам истифода мекунад ва корбурди амалии ин сабки нигоришнависиро мо дар публитсистикаи А. Лоҳутӣ ба хубӣ мушоҳида кардем. Ҳамин имкониятҳои фарох, ки дар жанри нигориш вуҷуд дорад аз як ҷониб барои тавзеҳи пурраи масъалаҳои байналмилалӣ шароит фароҳам оварда, аз ҷониби дигар ҷиҳати ба таври муассир пешниҳод намудани воқеаву рӯйдоди сатҳи ҷаҳонӣ мусоидат мекунад.

Адабиёт:

1. Засурский, Я.Н. Колонка редактора: Интернет как фактор международной журналистики / Я.Н. Засурский // Вестник Московского университета. Серия 10. Журналистика. – 2011. – №1 – С.5-10.
2. Зоиров, Б.Ш. Нақши Абулқосим Лоҳутӣ дар рушди матбуот дар Тоҷикистон / Б.Ш. Зоиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 5. – С. 302-306.
3. Лоҳутӣ, А. Куллиёт. Иборат аз шаш ҷилд. Ҷ. 6. / А. Лоҳутӣ. – Душанбе: НДТ, 1963. – 337 с.
4. Мирзоалӣ, С. Баъзе вижагиҳои журналистикаи байналхалқӣ / С. Мирзоалӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. –№ 7. – С. 285-292.
5. Мирзоалӣ, С. Таҳаввулот дар журналистикаи байналхалқӣ / С. Мирзоалӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 6. – С. 269-275.
6. Муқимов, М.А. Ҷанги иттилоотӣ ва таъмини амнияти фазои иттилоотӣ / А.М. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2017. - № 4/2. – С.266-272.
7. Муқимов, М.А. Муборизаҳои иттилоотӣ барои идора кардани афкори омма / М.А. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2022. - № 3. – С. 243-251.
8. Муродӣ, М.Б. Асосҳои эҷоди рӯзноманигорӣ / М.Б. Муродӣ, О. Салимзода. – Душанбе: Донишварон, 2022. – 360 с.

9. Нуралиев, А. Журналистикаи советии тоҷик / А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, У. Гулмуродов. – Душанбе, 1989. – 173 с.

10. Ҳошимзода, Б. Журналистика дар шароити ҷаҳонишавӣ / Б. Ҳошимзода, М. Самадова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №9. – С. 314-318.

11. Саъдуллоев, А. Жанрҳои таҳлилии матбуот / А. Саъдуллоев, П. Гулмурод. – Душанбе: Сино, 1998. – 60 с.

12. Саъдуллоев, Ҷ. Воқеият ва мизони баррасии рӯйдод дар телевизионҳои байналхалқӣ / Ҷ. Саъдуллоев, С. Мирзоалӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Кӯлоб, 2025. – № 4 (41). – С. 222-230.

13. Усмонов, И.К. Журналистика III / И.К. Усмонов. – Душанбе, 2003. – 448 с.

14. Усмонов, И.К. Жанрҳои публитсистика / И.К. Усмонов. – Душанбе, 2009. – 140 с.

15. Фоминых, В. Публицистическое обозрение (лекции) / В. Фоминых. – Екатеринбург, 1998. – 28 с.

ИСТИФОДАИ ИМКОНИЯТҲОИ НИГОРИШ ДАР ШАРҲИ МАСЪАЛАҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

Дар мақола имкониятҳои жанри нигориш дар инъикос ва тафсири рӯйдодҳои байналмилалӣ пажуҳиш шудааст. Таҳқиқ маълум намуд, ки нигориш ба баррасии мавзуъҳое аз қабили масъалаҳои байналмилалӣ, иқтисодӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва варзишӣ сару кор мегирад. Вале таваҷҷуҳ ба масъалаҳои сиёсӣ, ба вижа таҳлилу баррасии масъалаҳои байналхалқӣ дар он афзалият дорад. Маълум гардид, ки нигоришҳои матбуоти муосири тоҷик бештар мавзуъҳои сиёсати сатҳи ҷаҳониро фаро гирифтаанд. Дар маҷмуъ, натиҷагирӣ карда шуд, ки нигориш ҳамчун жанри дорои имкониятҳои фарохи тафсиру баррасии масъалаҳои мубрами сиёсӣ дар инъикос ва шарҳи авзои олам серистеъмол буда, ба дарку фаҳми омма ҷиҳати омӯзиши равандҳои мураккаби замон мусоидат мекунад. Дар мисоли корбурди ин жанр дар публитсистикаи сиёсии А. Лоҳутӣ муайян карда шуд, ки таҳлили авзои сиёсии ҷомеаи байналмилалӣ дар қолаби ин жанр созгор мебошад. Натиҷаҳо нишон дод, ки нигориш ҷиҳати баррасии авзои сиёсии ҷаҳон дар мавридҳои зарурӣ аз имкониятҳои жанрҳои дигар ҳам истифода мекунад. Ҳамин имкониятҳои фарох, ки дар жанри нигориш вуҷуд дорад аз як ҷониб барои тавзеҳи пурраи масъалаҳои байналмилалӣ шароит фароҳам оварда, аз ҷониби дигар ҷиҳати ба таври муассир пешниҳод намудани воқеаву рӯйдоди сатҳи ҷаҳонӣ шароит фароҳам меорад.

Калидвожаҳо: Нигориш, таҳқиқ, публитсистика, Абулқосим Лоҳутӣ, мақола, масъалаҳои байналхалқӣ, сиёсат, матбуот, жанр, тафсир.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ВОЗМОЖНОСТЕЙ ОБОЗРЕНИЕ ПРИ ИНТЕРПРЕТАЦИИ МЕЖДУНАРОДНЫХ ПРОБЛЕМ

В статье рассматриваются возможности жанра обозрение в отражении и интерпретации международных событий. Исследование показало, что обозрении затрагивают такие темы, как международные, экономические, научные, культурные и спортивные вопросы. Однако приоритетное внимание в них уделяется политическим вопросам, особенно анализу и обсуждению международных проблем. Выяснилось, что обозрении современной таджикской прессы охватывают большинство тем мировой политики. В целом был сделан вывод, что обозрение как жанр с широкими возможностями для интерпретации и обсуждения актуальных политических вопросов, весьма полезен для осмысления и объяснения мировой ситуации, способствуя пониманию общественностью сложных процессов современности. На примере использования этого жанра в политической публитсистике А. Лохути было установлено, что анализ политической ситуации в международном сообществе совместим с рамками этого жанра. Результаты показали, что обозрение также использует возможности других жанров для обсуждения политической

ситуации в мире в необходимых случаях. Эти широкие возможности, существующие в жанре обозрение, с одной стороны, создают условия для всестороннего объяснения международных вопросов, а с другой — условия для эффективного представления мировых событий и тенденций.

Ключевые слова: Обозрение, исследование, публицистика, Абулкосим Лохути, статья, международные проблемы, политика, пресса, жанр, комментарий.

USING REVIEW OPPORTUNITIES IN INTERPRETING INTERNATIONAL PROBLEMS

This article examines the potential of the review genre in reflecting and interpreting international events. The study found that reviews cover topics such as international, economic, scientific, cultural, and sports issues. However, they prioritize political issues, particularly the analysis and discussion of international problems. It was found that contemporary Tajik press reviews cover most topics in global politics. Overall, it was concluded that the review, as a genre with broad scope for interpreting and discussing current political issues, is highly useful for understanding and explaining the global situation, facilitating public understanding of complex contemporary processes. Using A. Lakhuti's use of this genre in political journalism as an example, it was established that analysis of the political situation in the international community is compatible with the genre's framework. The results showed that the review also utilizes the capabilities of other genres to discuss the global political situation when necessary. These broad capabilities, existing in the review genre, on the one hand, create the conditions for a comprehensive explanation of international issues, and on the other, the conditions for an effective presentation of global events and trends.

Keywords: Review, research, journalism, Abulkosim Lohuti, article, international problems, politics, press, genre, commentary.

Маълумот дар бораи муаллиф: Зоириён Бахтиёр Шодибег, номзади илмҳои филологӣ, ассистенти кафедраи журналистикаи байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Почтаи электронӣ: zbsh@list.ru

Сведения об авторах: Зоириён Бахтиёр Шодибег, кандидат филологических наук, ассистент кафедры международной журналистики Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Электронная почта: zbsh@list.ru

Information about the authors: Zoiriyon Bakhtiyor Shodibeg, candidate of philological sciences, assistant of the International Journalism department Tajik National University,. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave, 17. E-mail: zbsh@list.ru

Муқарриз: Сафарзода М.Н., д.ф. (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси рӯзноманигорӣ, дотсент Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ: 629(075.8)
К-98

ТАЪСИРИ СОХТМОНИ НБО-И РОҒУН БА МИНТАҚА
(дар мисоли матбуоти даврии тоҷик)

Кучарова Н.А., н.и.ф., докторанти кафедраи матбуот
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Сохтмони неругоҳи барқии обии Роғун ягона сохтмоне дар Тоҷикистон мебошад, ки таърихи қариб 100-сола дорад. Соли 1930 дар замони Иттифоқи Шуравӣ нақшаи бунёди НБО-и Роғун таҳия гардид ва сохтмони онро мутасаддиёни шуравӣ аз соли 1970 шуруъ карданд, вале бо сабаби пош хӯрдани давлати Шуравӣ сохтмони неругоҳи Роғун қатъ гардид. Дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон сохтмони ин неругоҳи муҳташам аз нав шуруъ шуда, бомаром идома дорад ва соли 2018 аввалин агрегати он ба кор даромад. Яъне, баъд аз 88 сол ва маҳз дар замони истиқлоли ҷумҳурӣ аввалин агрегати он ба кор даромадааст. Ин рӯйдоди таърихӣ боиси он гардид, ки тамоми мамлакатҳои бонуфузи дунё ба ин неругоҳи барқии обии Тоҷикистон таваҷҷуҳи махсус зоҳир кунанд.

Маълум аст, ки об сарвати бебаҳо аст ва ҷараёни зиндагии инсон ба он сахт вобаста аст. Хушбахтона кишвари Тоҷикистон мамлакати сероб дар Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Аз ин ганҷи бебаҳои мамлакат ҳама огоҳ буда, дар навиштаҳои худ аз он ёдоварӣ мекунанд. Муҳаққиқ Охунзода Н. дар ин маврид чунин гуфтааст: «Тоҷикистон кишвари обҳои мусаффо ва дарёҳои зиёд аст, ки сарвати асосии мамлакат мебошанд. Истифодаи самараноку ҳадафмандонаи ин сарватҳои табиӣ аз авлавиятҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Ба ин мазмун, об ҳамчун боигарии кишвар, аз як тараф, ба сифати манбаи аввалияи зиндагӣ, аз ҷониби дигар, барои расидан ба истиқлоли энергетикӣ мусоидат мекунад. Дар ин самт масъалаи таъмин намудани мардум бо неруи барқ аз муҳимтарин вазифаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад ва таври маълум сарчашмаи асосии таъминоти неруи барқ дар кишвар дарёҳо мебошанд» [10, с. 389]. Мардуми кишвари мо захираҳои обро оқилона истифода мебаранд ва тавре ин масъаларо ҳал менамоянд, ки зарараш ба мамлакатҳои ҳамсоя нарасад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чандин маротиба дар суханрониҳояшон таъкид намуданд, ки Тоҷикистон истифодаи обро ҳеҷ гоҳ барои кишварҳои ҳамсоя маҳдуд накардааст. Аз рӯйи талаботи байналхалқӣ Тоҷикистон аз оби Амударё бояд 15 фоизро истифода намояд, вале дар ҷумҳурии мо аз он ҳам кам истифода мебаранд ва баъди анҷом ёфтани неругоҳи Роғун ҳам ҳамин меъёр нигоҳ дошта мешавад.

Ин неругоҳ аз 6 агрегат иборат аст, ки алъон 2 агрегати он ба истифода дода шудааст. Аввалин агрегат аз 16 ноябри соли 2018 ва дуюмаш 9 сентябри соли 2019 ба кор даромадааст. Баъди ба анҷом расидани кори сохтмон ин неругоҳи бузург бояд бо иқтидори 3600 мегаватт, аниқтараш дар як сол 17 миллиард кВт / соат барқ тавлид кунад. Сарбанди НБО-и Роғун баландтарин дар ҷаҳон хоҳад буд. Мувофиқи лоиҳа баландии он бояд 335 метрро ташкил диҳад. Аз ин маълум мешавад, ки баъди ба анҷом расидани сохтмони неругоҳ он на танҳо Тоҷикистонро, балки дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, Покистон ва Афғонистонро низ бо барқи арзон метавонад таъмин намояд.

Дар замони Тоҷикистони соҳибистиқлол аввал барои идома додани сохтмони ин неругоҳ мухолифати зиёд ба вуҷуд омад ва мутахассисони давлатҳои бонуфуз машваратҳои зиёд гузаронида,муайян кардан хостанд, ки аз бунёди ин неругоҳ давлатҳои поёноб зарар набинанд ва ниҳоят, хулосаи худро Бонки ҷаҳонӣ дар машварати 5-ум, ки дар Қазоқистон байни коршиносони давлатҳои Осиёи Марказӣ шуда гузашт, эълон намуд, ки «НБО Роғун ҳуқуқи ба мавҷудият дорад!». Ҷараёни ин маҷлисро рӯзноманигор Ҷумъа Қуддус зери маводи «Бонки ҷаҳонӣ бунёди Роғунро ҷонибдорӣ кард» дар рӯзномаи «Минбари халқ» рӯйи

қоғаз овард, ки чунин аст: «Анна Берде – Директори Бонки ҷаҳонӣ оид ба стратегия ва амалиёт дар Аврупо ва Осиёи Марказӣ ин ҷаласаро раисӣ намуда, изҳор дошт, ки ин мулоқот хотимаи баҳогузории мустақили коршиносони байналмиллалӣ мебошад, ки муддати чор сол идома ёфт. Дар ҷараёни баррасии масъала мо саъй намудем, ки маълумоти мавҷударо бо талаботи баландтарини техника ва сифати истифодаи неругоҳҳои барқи обӣ муқоиса намоем, шаффофият ва муҳокимаи васеъро таъмин намоем. Дар ҷараёни кори баҳодиҳӣ 46 гурӯҳи корӣ ва роҳбарони баландпояи масъули 6 давлати ҳавзаи рӯди Ому – Афғонистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркменистон, Ӯзбекистон бо сарварии ширкатҳои байналмиллалии «Coyne and Dellier» ва «Poyry Energy Ltd» иштирок намуданд» [6, с. 4]. Дар ин ҷаласа масъалаҳои ба миёнгузоштаи кишварҳои поёноб, бехатарӣ ва истифодаи обанбор, захираи об, таҳлили иқтисодиву молиявӣ, таъсири экологӣ ва иҷтимоии Роғун ба кишварҳои поёноб ва ғайра баррасӣ шуданд. Юсупов И дар як мақолаи худ дар ин маврид аз нависанда Ш. Мӯсо мисол оварда чунин менигорад: «Дар ҷойи дигар муаллиф менависад: Роғун ба иллатҳои ҷомеаи мо чун маҳалгароӣ, бахиливу нотавонбинӣ ва амсоли ин зарба зада, ба кохи бузурги ифтихор, нангу номус, ваҳдат ва худшиносии миллӣ пойдевори устувор гузошт» [17, с. 268].

Сокинони Тоҷикистон ин дастоварди муҳимми таърихии мамлакатро оид ба НБО-и Роғун бо хурсандӣ пешвоз гирифтанд. Акнун дар бунёди ин иншооти азими давр марҳалаи тоза оғоз гардид ва аҳли илму адаб ва фарҳанги тоҷик дар инъикоси ҷараёни кору пайкори сохтмончиён ва роҳбарону мутасаддиёни неругоҳ бо ҷиддият машғул шуданд.

Бояд гуфт, ки дар инъикоси дастовардҳои рӯзафзуни неругоҳи Роғун аз ҳама бештар ВАО мақоми арзанда дорад, зеро нақши ВАО дар амалӣ гаштани нақшаву мароми сиёсиву иҷтимоии кишварҳо басо созгор мебошад. Аз ин рӯ рӯзномаву маҷаллаҳо ва телевизиону радио ҳамчун яке аз воситаҳои асосии таъсиррасонӣ ба афкори ҷомеа метавонанд ба ҳалли мушкилоти мавҷуда фаъолона мусоидат намоянд. Профессор М. Муродӣ дар мақолаи «Тараннуми меҳнати озодаву одамияти воло» оид ба аҳаммияти публитсистика дар инъикоси меҳнати бунёдкоронаи шахсиятҳои фаъоли ҷомеа қайд намудааст, ки: «Хушбахтона дар зиндагии инсонӣ чунин нафарон (шахсиятҳои фаъолу боэътибори ҷомеа – Н.К) зиёданд, ки маънии ҳаётро, фоидаву зиёни мардумро, рушди кишвару бузургии миллатро нисбат ба дигарон амиқтару возеҳтар медонанд. Танҳо онҳоро бояд шинохт, ба ҳадафҳои зиндагиашон сарфаҳм рафт, ормонҳояшонро донист ва ба дигарон муаррифӣ кард ва ҳам тарғиб намуд. Дар ин кор ҳар гуна жанр имкон дорад, аммо имкон ва неруи публитсистика бештар аст» [8, с. 74]. Дар ҳақиқат, дар публитсистикаи имрӯзаи тоҷик, махсусан дар мавзуи сохтмони Роғун матлабҳои ҷолиб ва таъсиррасон зиёданд, ки онҳоро мебояд мутолиа намуд, ба таҳлилу таҳқиқ кашид ва ба ин восита меҳнати бунёдкорона, мардонагӣ ва ифтихори милливу масъулияти ватандории сохтмончиёни НБО-и Роғунро дар ҷомеа расонаӣ намуд.

Дар ин айём дар матбуоти даврии тоҷик матолиби бисёр рӯйи чоп омад ва муаллифони матлабҳо исбот менамуданд, ки сохтмони НБО-и «Роғун» ба дигар ҷумҳуриҳои поёноб зарар надорад. Масалан, дар таърихи 3.03.2010 дар рӯзномаи «Минбари халқ» зери сарлавҳаи «Роғун барои минтақа хатар дорад?» мақолаи Исфандиёр Халилӣ ба чоп расид, ки дар он андешаҳои сиёсатмадорон ва намояндагони сиёсии Ӯзбекистон оварда шудааст. Яке аз сиёсатшиносони тоҷик Абдуллоҳи Раҳнамо чунин мегӯяд: «Сохтмони неругоҳи Роғун ҳам ба нафъи Тоҷикистон аст ва ҳам ба нафъи кишварҳои ҳамсоя. Агар ин ба зарар мебуд Иттиҳоди шуравӣ онро ба нақша намегирифт ва дар ҳамон нақшае, ки Иттиҳоди шуравӣ кашида буд, манофеи Ӯзбекистон ҳам хуб ба назар гирифта шудааст. Гарчанде саҳми Роғун дар танзими об чандон бузург нахоҳад буд, вале каме таъсир ҳам дошта бошад, истифодабарандаи ин об боз ҳам Ӯзбекистон аст. Ва танзими самараноки обро ба воситаи Роғун хеле беҳтар мешавад таъмин кард» [16, с. 3].

Ба ғайр аз Абдуллоҳи Раҳнамо дар ин мавод Сайфулло Сафаров, муовини раиси Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, руҳонӣ ва сиёсатмадор Ҳоҷӣ Акбар Тураҷонзода ва дигарон мавқеи худро доир ба ин масъалаи муҳим муайян намуданд.

Доир ба ин масъала на танҳо тоҷикон инчунин хориҷиҳо низ дар матбуоти даврӣ ибрози андеша намуданд ва ин чиз аз он далолат медиҳад, ки ба сохтмони ин неругоҳ давлатҳои абарқудрат низ таваҷҷуҳи хоса доранд. Муаллиф Солеҳ Ю. дар таърихи 14.01.2014 бо номи «Хориҷиҳо дар бораи «Роғун»», маводе таҳия намудааст, ки афкори мутахассисони баландпояи хориҷиро дар бар мегирад. Масалан, Валентин Берлин, коршиноси соҳаи энергетика, профессори кафедраи сохтмони иншооти гидравликӣ ва гидротехникии Донишгоҳи миллии таҳқиқотии сохтмони Москва (НИУ МГСУ) чунин мегӯяд: «Афзалиятҳои НБО-и «Роғун»» дар қиёс бо неругоҳҳои дигари Тоҷикистон зиёд аст. Аввал ин ки НБО-и «Роғун» иншоотест, ки мардум кайҳо боз интизори ба кор даромаданаш ҳастанд. Агар ба хотир биоварем, ки сохтмони ин неругоҳ аз оғоз ба душворӣ пеш рафта ва дар ниҳоят чархаи нахустинаш мавриди истифода қарор мегирад, эътибори он худ аз худ чандин маротиба меафзояд... Барои Тоҷикистон боз аз он ҷиҳат муҳим аст, ки оби рӯдхонаҳои ҷориро бо мурури вақт дар худ захира мекунад. Бо ин бартариаш неругоҳ на танҳо барқ тавлид мекунад, балки дар оянда ба кишварҳои минтақа ҳамчун манбаи захираи он ҳам хидмат хоҳад кард» [13, с. 7]. Ё ин ки дар ҷои дигари ин мақола Страун Стивенсон, вакили Парлумони Аврупо, чунин мегӯяд: «...Сарбанди ин неругоҳ аз сарбанди неругоҳи «Норак» амалан фарқе надорад ва ҳамон гуна бехатар аст, ки ин неругоҳи ҳанӯз дар даврони шуравӣ сохташуда, бо вуҷуди аз 300 метр баланд будан барои ин кишвар ва ё кишварҳои дигари минтақа хатаре пеш наовардааст. Ҳол он, ки «Норак» ҳамагӣ дар 70 километрии поёнтари Роғун сохта шуда ва ҳамакнун зиёда аз 40 сол боз дар истифодаи мардум қарор дорад.

Сарбанди ин неругоҳҳоро аз наздик дидам ва бовариам ба он афзуд, ки ин ду иншоот аҳаммияту арзиши минтақавӣ доранд ва ҳар кадом баҳонае пеши роҳи идомаи бунёдашро гирифта наметавонад. Бо бунёди ин неругоҳ Тоҷикистон аҳаммияти энергетикии худро барои солҳо таъмин карда, ҳамчунин имкони ба кишварҳои ҳамсоя додани неруи барқи аз нигоҳи экологӣ тозаро фароҳам месозад. Ҳамзамон, ҷараёни оби дарёро барои тамоми фаслҳо таъмин мекунад» [13, с. 7].

Дар ҳақиқат коршиносони чи тоҷик ва чи хориҷӣ андешаҳои дуруст баён намуданд ва сохтмони НБО-и «Роғун» ба ягон давлати ҳамсоя зарар намерасонад ва инро чандин солҳо мутахассисон санҷида хулосаи худро баён намуданд. Ба ғайр аз ин, Тоҷикистон як давлати сулҳпарвар дар байни кишварҳои дунё муаррифӣ шудааст ва Сарвари муаззами давлати мо ҳамеша кӯшиш мекунанд, ки сохтмонҳои кишвари мо зарари худро ба дигар давлатҳо, махсусан, ба давлатҳои ҳамсоя нарасонанд. Хушбахтона, имрӯз ин нофаҳмиҳо байни давлатҳои ҳамсоя ва мо роҳи ҳалли худро ёфтанд ва сохтмони неругоҳи Роғун бо маром идома дорад.

Бояд гуфт, ки ин сохтмон яке аз бузургтарин ва мураккабтарин сохтмонҳо дар дунё ба ҳисоб меравад ва бунёди агрегатҳои он таҷҳизоти аз ҷиҳати сифат баландро тақозо дорад ва хушбахтона, ин неругоҳ бо таҷҳизоти баландсифат таъмин аст. Дар ин маврид сардори шуъбаи металл ва назорати корҳои анкергузории Озмоишгоҳи марказии сохтмони ҶСК «НБО Роғун» дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» чунин навиштааст: «Ман шаҳодати диққати бевоситаи Сарвари давлатро ба ин масъалаи ниҳоят муҳим дар он мебинам, ки Озмоишгоҳи марказӣ бевосита бо ибтикор ва дастгириашон дар муддати кӯтоҳ бунёд ва бо муосиртарин дастгоҳу таҷҳизоти озмоишию ченкунии номдортарин ширкатҳои Олмон, Италия, Шветсария, Русия, Ҷопон ва Эрон муҷаҳҳаз гардонида шуд. Алъон Озмоишгоҳи мазкур дар минтақа назир надорад» ё дар ҷойи дигари мақола омадааст ки: «Намояндагони бахши таъминоти сохтмон ба Олмон мераванд ва ба ширкати интихобкарда рӯйхати асбобу таҷҳизоти заруриро пешниҳод мекунанд. Мутахассисони олмонӣ ба он чашм давонда, ба ҳайрат меафтанд. Зеро дар рӯйхат таҷҳизоти беҳтарин ва биноан гароннархи онҳо номбар шуда буд. Онҳо гумон надоштанд, ки давлати хурде чун Тоҷикистон ҳамчун фармоишгар чунин имкону қобилият дошта бошанд» [11, с. 3].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан Президенти муҳтарами кишвар, ба ин сохтмони аср диққати ҷиддӣ медиҳанд ва барои бунёди сохтмони он қодиранд ҳама корҳои

мушкилро ба анҷом расонад. Ҳатто худашон сари чамбараки булдозер нишаста, дар муддати чанд соат роҳи дарёро бастанд. Инчунин, Пешвои муаззами миллат худашон пайваста аз рафти сохтмон хабар мегиранд ва кӯшиши онро доранд, ки ҳарчи тезтар ва хубтар сохтмони онро ба анҷом расонанд то солиёни зиёд ба сокинони мамлакат хизмат намояд.

Оре, ҳар як коргар ва ҳайати инженер - техникии ин сохтмон аз ҷуръату ҷасорат ва азму талошҳои Пешвои муаззами мамлакат неру гирифта, сидқан кору меҳнат мекунанд ва тамоми қувваи худро дар бунёди ин сохтмони азим сарф мекунанд, то дар хонаи ҳар як сокини мамлакат нуру равшанӣ биёранд. Худи сохтмончиён чунин мегӯянд: «Омили муҳимтарин ин ҳисси ватандӯстӣ, ифтихор аз иштирок дар бунёди чунин иншооти стратегӣ мебошад, барои ояндаи дурахшон сарзамини биҳиштосоямон. Бовар кунед, ин суханпардозӣ нест, эҳсоси воқеие мебошад, ки дар умқи қалби ҳар як коргару роҳбари неругоҳи Роғун ҷӯш мезанад. Роғун имрӯз барои мо, ҷавонон, дар ҳақиқат, мактаби камолот, мактаби ватандӯстию ватанпарварӣ гаштааст. Зеро мо барои ин намунаи беҳтарин дорем – Пешвои муаззами хурду бузурги тоҷик муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон”» [11, с. 3].

Қариб намояндагони босалоҳияти тамоми дунё оид ба рафти бунёди сохтмони Роғун назари нек доранд. Дар саҳифаи электронии рӯзномаи «Садои Мардум» Семён Золов - шореҳи иқтисодии ташкилоти ҷамъиятии “Modern indastry” зери унвони “Аҳамияти сиёсию иқтисодии НБО «Роғун» барои Осиёи Марказӣ» дар таърихи рӯзи 26. 09. 2019 чунин нигоштааст: «Муовини вазири корҳои хориҷии Италия Манлиоди Стефано низ ба раванди сохтмон баҳои баланд дода, изҳор дошт, ки бо ба истифода додани агрегати якуми НБО «Роғун» аҳолии кишвар дар ҳама фасли сол бо неруи барқ таъмин мегардад ва фаъолияти корхонаҳои истеҳсолии саноатӣ дар шаҳрҳо ва минтақаҳои мамлакат такони нав гирифта, иқтидори истеҳсолии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар самти маҳсулоти рақобатпазир ва барои содирот нигаронидашуда боз ҳам афзоиш хоҳад ёфт» [3, с. 3].

Дар ҳақиқат мулоҳизаҳои ин намояндаи босалоҳияти хориҷӣ нисбат ба сохтмони Роғун бағо ва дуруст аст. Мушоҳида мешавад, ки баъд аз истифода додани ду агрегати неругоҳ, аллакай шумораи корхонаҳои саноатӣ дар кишвар афзуда истодааст. Қариб дар ҳама мулоқотҳо ва сафарҳояшон Ҷаноби Олӣ дар шаҳри Душанбе ва минтақаҳои дигари ҷумҳурии азизамон як-ду корхонаи саноатӣ кушода ба истифода дода истодаанд. Аз ҷумла, рӯзи 31 октябри соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе Сарвари муҳтарами мо 6 корхонаи саноатии пуриқтидорро кушода ба истифода доданд.

Рӯзи ифтитоҳи аввалин агрегати НБО-и Роғун барои Тоҷикистон ва халқи он дар ҳақиқат як рӯзи фаромӯшношаванда ва таърихӣ буд, ки дар таърихи мамлакат бо ҳарфҳои заррин сабт гардид ва ҳама хурду бузурги ҷомеа ин рӯзро хуб дар хотир доранд. Ба ин муносибат аз аксари кишварҳои дунё намояндагон ва журналстон ба Тоҷикистон, ба НБО-и Роғун ширкат доштанд ва ин афсонаи ба ҳақиқат табдил ёфтаро, азамати ин неругоҳи азимро, бо чашми худ дида, дар ВАО-и мамлакатҳои хеш НБО-и Роғунро васф намуданд. Ҳар як намояндаи мамлакатҳои дуру наздик дар ин рӯз таассуроти худро нисбат ба ин Кохи нур бо муҳаббат иброз доштанд. Раиси палатаи қонунбарори Олии Маҷлиси Ӯзбекистон Нурдинҷон Исмоилов, ки дар ин рӯзи таърихӣ дар Душанбе қарор дошт, аҳаммияти бузургии НБО-и Роғунро барои кишварҳои минтақа тасдиқ намуд ва таассуроти худро чунин иброз дошт: «Ман аз муваффақона ба кор андохтани ин иншооти азим хурсандам. Ин рӯйдод дар таърихи навини Тоҷикистон сабт хоҳад шуд ва татбиқи лоиҳа на танҳо барои мардуми Тоҷикистон, инчунин барои мардуми минтақаи Осиёи Марказӣ муҳим аст. Ин лоиҳаи беназир бо шарофати муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, азми устувор, матонат ва сиёсати дурбинонаи Сарвари давлати тоҷикон амалӣ гардид».

НБО-и Роғун на танҳо ба Покистону Афғонистон, инчунин ба Узбекистону Туркманистон метавонад фоида оварад. Бинобар гуфтаи коршиносон, пас аз анҷоми сарбанди Роғун Узбекистон ва Туркманистон метавонанд аз он барои обёрии заминҳои худ истифода намоянд ва ба анҷом расидани неругоҳ баҳри Аралро аз хушкшавӣ нигоҳ медорад.

Дигар аҳаммиятҳои байналмиллалии НБО-и Роғун дар он аст, ки аз таҷрибаи бунёди ин сохтмони азим дигар мамлакатҳои дуру наздик низ истифода мекунанд. Бояд гуфт, ки ин

аввалин неругоҳ нест, ки дар Тоҷикистон сохта мешавад. Тоҷикон дар сохтмони неругоҳҳои барқии обӣ тачрибаи бой доранд, чун пеш аз ин неругоҳҳо Норак, Бойғозӣ, Сангтӯда-1, Сангтӯда-2 ва ғайраҳоро сохта ба истифода додаанд. Дар сохтмони ин неругоҳҳо аксарияти коргаронро худи тоҷикон ташкил додаанд. Сол то сол сафи коргарони хориҷӣ кам шуда истодааст. Бино ба маълумоте, ки дар Роғун ба мо додаанд, дар он ҷо ҳамагӣ 50 эронӣ чун коргар фаъолият мекунад, дигар ҳама коргарон тоҷиктаборанд.

Инъикоскунандаи ҳамаи пешравиҳои давлат аҳли зиёи он ба шумор мераванд. Аз ин лиҳоз Ҳукумати кишвари мо ба онҳо таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамоянд. Худи Пешвои миллат дар баромадҳояшон ин нуктаро борҳо қайд намудаанд. Аз ҷумла, дар вохӯриашон бо аҳли зиё ва рӯзноманигорон изҳор намудаанд, ки: «Мо ҳатман ба ҳадафҳои милливу стратегии худ ҷиҳати рушду тараққиёти тамоми соҳаҳои кишвар ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардумамон ноил хоҳем шуд. Ман бо итминон изҳор медорам, ки дар иҷрои ин ҳадафҳои нек шумо, рӯзноманигорон, аҳли қалам ва аҳли фикру андеша ҳиссаи сазовори худро мегузоред». Ин боварии комилест, ки Пешвои миллат ба аҳли қалам намуданд.

Чун мавзуи мо «Таъсири сохтмони НБО-и Роғун ба минтақа ва инъикоси он дар матбуот» мебошад, бо овардани якчанд мисол ин масъалаи муҳимро дар матбуоти даврӣ мухтасар ба мушоҳида мегирем.

Бояд гуфт, ки матбуот ва умуман ВАО-и кишвар, ба тамоми масъалаҳои мубрами рӯз бевосита даст мезананд ва то ҳадде кӯшиш менамоянд, ки дар ҳалли мушкилиҳои мубрами рӯз саҳми худро гузоранд. Журналистон ва хабарнигорони ватанӣ чун ҳамеша манфиатҳои давлату миллат ва рушди ҳамаҷонибаи онро меҳвари фаъолияти хеш қарор дода, доир ба сохтмони НБО-и Роғун ва манфиати он ба Осиёи Марказӣ, маводу матолиби зиёд чоп менамуданд.

Ҳ. Давлатова дар рӯзномаи «Мароми пойтахт» бо номи «Инъикоси «Роғун» дар матбуоти миллӣ» матлабе ба табъ расонида, аз якчанд рӯзномаҳои фаъол, ки дар мавзуи «Роғун» мавод таҳия намудаанд, мисолҳо овардааст. Ба қавли рӯзноманигор, дар баррасии ҷараёни сохтмони Роғун махсусан матолиби рӯзномаи «Ҷумҳурият», ҳафтаномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» ва нашрияҳои «Омӯзгор»-у, «Озодагон» ҷолиби диққат мебошад. Ин мақола бештар ба жанри хулосаи ВАО монанд аст ва мақсади муаллифи он ҷалби бештари воситаҳои ахбори оммаи ҷумҳурӣ ба ин сохтмони азим мебошад.

Доир ба жанри хулосаи ВАО М. Муродӣ дар китоби «Асосҳои эҷоди журналистӣ» чунин гуфтааст: «Матолиби ВАО-и муосир низ имкон медиҳад, ки хулосаи матбуотро ба чунин навъҳо ҷудо кунем: хулосаи ахборӣ, хулосаи мавзуӣ ва хулосаи умумӣ...Хулосаи мавзуӣ фаъолияти як ё якчанд нашрияро доир ба инъикоси як масъала дар бар мегирад» [7, с. 145]. Маълум мешавад, ки мақолаи Ҳ. Давлатова ба навъи хулосаи мавзуӣ рабт дорад.

Ҳамин тариқ, НБО-и Роғун аз сохтмонҳои азими Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, барои бунёди он халқи тоҷик дар бари Сарвари давлати худ истода, бо як ифтихор ва нангу номуси ватандорӣ ин неругоҳи беназирро бунёд карда истодаанд. Ин неругоҳ барои сокинони кишвари азизи Тоҷикистон ва дигар мамлакатҳои Осиё дорои аҳаммияти барҷастаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

Адабиёт:

1. Амонов Юсуф. Дурахшон мешавад фардои кишвар // Омӯзгор. – 2013. – 25 январ.
2. Давлатова Ҳ. Инъикоси «Роғун» дар матбуоти миллӣ // Мароми пойтахт. 2010. – 14 март.
3. Золов С.Аҳамияти сиёсию иқтисодии НБО «Роғун» барои Осиёи Марказӣ // Садои мардум. – 2019. – 26 июл.
4. Имомзода М. Тараннуми садоқат ва муҳаббат (Маҷмуаи мақолаҳои публитсистӣ) / М. Имомзода. – Душанбе: «ЭР-граф», 2021.
5. Исомиддин М. Бонки ҷаҳонӣ: Роғун хатар надорад // Ҷавонони Тоҷикистон. – 2012. – 15 ноябр.

6. Қуддус Ҷумъа. Роғун бунёд мешавад, аммо ҳамсоя боз норозӣ // Минбари халқ. – 2014. – 24 июл.
7. Муродӣ. М. Асосҳои эҷоди журналистӣ / М. Муродӣ. – Душанбе, 2014.
8. Муродӣ М. Тарануми меҳнати озодаву одамияти воло // Садои Шарқ. – 2020. - №7 – С. 73-85.
9. Мусо Ш. Президенти мо / Ш. Мусо. – Душанбе, 2014.
10. Охунзода Н. Таҷассуми корзори НБО-и «Роғун» дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» // Паёми ДМТ (бахши илмҳои филологӣ). – 2024. -- №10 – С. 389-400.
11. Пиров С. Озмоишгоҳе, ки дар Осиёи Миёна назир надорад // Ҷумҳурият. – 2018. – 14 март.
12. Сатторӣ Қ. Сайри таърихӣ ва маънои Роғун // Озодагон. – 2012. – 10 феврал.
13. Солеҳ Ю. Хориҷиҳо дар бораи «Роғун» // Минбари халқ. – 2018. – 14 январ.
14. Стуан С. Неругоҳҳои барқи обӣ обро намехӯранд // Ҷумҳурият. – 2011. – 1 ноябр.
15. Усмонов И. Жанрҳои публитсистика / И. Усмонов. – Душанбе, 2009.
16. Халилӣ И. Роғун барои минтақа хатар дорад? // Озодагон. – 2010. – 3 март.
17. Юсуфов И. Баъзе вижагиҳои нақлу тасвир дар достони «Роғун»-и Шералӣ Мӯсо // Паёми ДМТ (бахши илмҳои филологӣ). – 2023. -- № 8 – С. 267-277.

ТАЪСИРИ СОХТМОНИ НБО-И РОҒУН БА МИНТАҚА (ДАР МИСОЛИ МАТБУОТИ ДАВРИИ ТОҶИК)

НБО-и Роғун аз сохтмонҳои азими Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, барои бунёди он халқи тоҷик дар бари Сарвари давлати худ истода, бо як ифтихор ва нангу номуси ватандорӣ ин неругоҳи беназирро дар якҷоягӣ бунёд карда истодаанд. Ин неругоҳ барои сокинони кишвари азизи Тоҷикистон ва дигар мамлакатҳои Осиё дорои аҳаммияти барҷастаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Дар замони Тоҷикистони соҳибистиқлол аввал барои идома додани сохтмони ин неругоҳ нофаҳмиҳои зиёд ба вуҷуд омад ва байни дигар давлатҳо машваратҳои зиёд гузаронида шуд ва намояндагони давлатҳои дигар санҷида баромаданд, ки аз бунёди ин неругоҳ давлатҳои поёноб зарар набинанд ва ниҳоят, хулосаи худро Бонки ҷаҳонӣ дар машварати 5-ум, ки дар Қазоқистон байни коршиносони давлатҳои Осиёи Марказӣ шуда гузашт, эълон намуд, ки «НБО Роғун ҳуқуқ ба мавҷудият дорад!» Дар ҳақиқат коршиносони чи тоҷик ва чи хориҷ андешаҳои дуруст баён намуданд ва сохтмони НБО-и «Роғун» ба ягон давлатҳои ҳамсоя зарар намерасонад ва инро чандин солҳо мутахассисон санҷида хулосаи худро баён намуданд. Ба ғайр аз ин Тоҷикистони мо як давлати сулҳпарвар дар байни кишварҳои дунё муаррифӣ шудааст ва Сарвари давлати мо ҳамеша кӯшиш мекунанд, ки зарари худро ба дигар давлатҳо, махсусан, ба давлатҳои ҳамсоя нарасонанд. Хушбахтона, имрӯз ин нофаҳмиҳо байни давлатҳои ҳамсоя ва мо роҳи ҳалли худро ёфтанд ва сохтмони неругоҳи Роғун бо маром идома дорад. ВАО метавонад дар амалӣ гардидани нақшаву маромҳои сиёсии кишварҳои истиқлолхоҳ таъсири муассир гузорад. Ба ҳамин хотир нақши ВАО дар сиёсат ва пешрафти ҷомеа дар дилхоҳ кишвар хело муҳим аст. Рӯзномаву маҷаллаҳо ва телевизиону радио ҳамчун яке аз воситаҳои асосии таъсиррасонӣ ба афкори ҷомеа метавонанд ба ҳалли мушкилоти мавҷуда фаъолона мусоидат намоянд.

Калидвожаҳо: НБО-и Роғун, Тоҷикистон, минтақа, сохтмон, барқ, аҳамият, байналмилалӣ, матбуот, хориҷӣ, об.

ВЛИЯНИЕ СТРОИТЕЛЬСТВА РОГУНСКОГО ГЭСА НА РЕГИОНАЛЬНУЮ ПРЕССУ В ПЕРИОДИЧЕСКОЙ ПЕЧАТИ

Рогунская ГЭС представляет собой один из крупнейших строительных проектов Таджикистана, и народ этой страны, вместе с руководством, с гордостью и ответственностью возводит эту уникальную электростанцию. Она имеет важное экономическое и социальное значение как для Таджикистана, так и для других стран Азии. В период независимости Таджикистана возникло немало недоразумений относительно продолжения строительства

ГЭС, что потребовало проведения многочисленных консультаций с другими государствами. Представители разных стран провели исследования, чтобы убедиться в том, что проект не окажет негативного влияния на соседние государства, расположенные ниже по течению. В результате, на пятой консультации, проведенной в Казахстане среди экспертов Центральной Азии, Всемирный банк заявил: «Рогунская ГЭС имеет право на существование. Как таджикские, так и международные специалисты уверенно утверждали, что строительство Рогунской ГЭС не причинит ущерба соседним странам, и это было подтверждено многолетними исследованиями. Таджикистан зарекомендовал себя как миролюбивая нация, и его руководство всегда стремится избегать причинения вреда другим государствам, особенно соседям. К счастью, текущие недоразумения с соседними странами были разрешены, и строительство ГЭС продолжается. Средства массовой информации играют важную роль в реализации политических планов и программ независимых стран, поэтому их влияние на политическую ситуацию и общественный прогресс является чрезвычайно значимым. Газеты, журналы, телевидение и радио — это одни из основных инструментов воздействия на общественное мнение, которые могут существенно способствовать решению актуальных проблем.

Ключевые слова: Рогунская ГЭС, Таджикистан, регион, строительство, электроэнергия, значение, международные отношения, пресса, зарубежье, вода.

THE INFLUENCE OF THE CONSTRUCTION OF THE ROGUN HYDROELECTRIC POWER STATION ON THE REGIONAL PRESS IN THE PERIODICAL PRESS

Rogun HPP is one of the largest construction projects in Tajikistan, and the people of this country, together with the leadership, are building this unique power station with pride and responsibility. It is of great economic and social importance both for Tajikistan and for other Asian countries. During the period of Tajikistan's independence, there were many misunderstandings regarding the continuation of the construction of the HPP, which required numerous consultations with other countries. Representatives of different countries conducted studies to ensure that the project would not have a negative impact on neighboring countries located downstream. As a result, at the fifth consultation held in Kazakhstan among Central Asian experts, the World Bank stated: «Rogun HPP has a right to exist. Both Tajik and international experts confidently stated that the construction of Rogun HPP will not cause damage to neighboring countries, and this was confirmed by many years of research. Tajikistan has proven itself as a peace-loving nation, and its leadership always strives to avoid causing harm to other states, especially its neighbors. Fortunately, the current misunderstandings with neighboring countries have been resolved, and the construction of the hydroelectric power station continues. The media play an important role in the implementation of political plans and programs of independent countries, so their influence on the political situation and social progress is extremely significant. Newspapers, magazines, television and radio are some of the main tools for influencing public opinion, which can significantly contribute to solving current problems.

Keywords: Rogun HPP, Tajikistan, region, construction, electricity, importance, international relations, press, abroad, water.

Маълумот дар бораи муаллиф: Кучарова Насиба Аламхоновна, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи матбуоти факултети журналистика.Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Нишона: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Рӯдакӣ 17, Почтаи электронӣ: **kucharova_nasiba@mail.ru.** Тел.: (+992)988-49-80-80.

Сведения обавторе: Кучарова Насиба Аламхоновна, кандидат филологических наук, доцент кафедры печати факультета журналистики Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Репубика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17, Электронная почта: **kucharova_nasiba@mail.ru**. Тел.: (+992) 988-49-80-80.

Information about the author: Kucharova Nasiba Alamhonovna, candidate of philology, docent, department of print, faculty of journalism Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17, E-mail: **kucharova_nasiba@mail.ru.** Tel.: (+992) 988-49-80-80.

Муқарриз: Шамшоди Ҷ., д.ф. (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси филология, дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ 378.1

ТАШАККУЛИ МАСУНИЯТИ ИТТИЛООТӢ: ҶАНБАҲОИ КАСБӢ ВА ПЕДАГОГИИ МУҚОВИМАТ БА ДЕЗИНФОРМАТСИЯ

Сайдалиев Д.М., н.и.с., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Дар даҳсолаи дуюми асри XXI ҷомеаи ҷаҳонӣ ба марҳилаи «пасазэътимод» (Post-trust ё пост-ҳақиқат) ворид шуд, ки дар он эҳсосот ва боварҳои шахсӣ нисбат ба далелҳои воқеӣ дар ташаккули афкори умум таъсири бештар доранд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар минтақаи ҳассоси геополитикӣ қарор дорад, ташаккули масунияти иттилоотӣ дар байни ҷавонон, махсусан рӯзноманигорони оянда, на танҳо як вазифаи таълимӣ, балки масъалаи калидии амнияти миллӣ ба ҳисоб меравад. Тибқи назарияи олимони соҳа «Идоракунии хатарҳо дар ҷомеаҳои пасазэътимод (post-trust) муқоисаи равандҳои гуногун, аз ҷумла мубоҳисаҳо оид ба ширкати ҷомеа дар ин равандҳо, арзёбии техникии хатарҳо ва таҳлили иқтисодии хароҷоту фоида, инчунин тафовутҳои миллиро дар танзими хатарҳо пешниҳод менамояд.» [7, с. 13]. Дар шароити муосир, дастрасии бештару бемаҳдуд ба сарчашмаҳои гуногуни иттилоотӣ, қабл аз ҳама шабакаи ҷаҳонии интернет, дар канори имкониятҳо, ҳамзамон хавфи ҷиддиеро барои суботи сиёсиву иҷтимоии ҷомеа эҷод карда истодааст. «Таҳдидҳо ба амнияти иттилоотӣ дар Тоҷикистонро метавон ба ду гурӯҳ: берунӣ ва дохилӣ ҷудо кард. Ба ҷиддитарин таҳдидҳои берунӣ дар ин соҳа метавон инҳоро мансуб донист: сиёсати номатлуби (нодӯстонаи) бархе аз давлатҳои дигар оид ба паҳнкунии глобалии иттилоот ва технологияҳои нави ин соҳа» [3, с. 14]. Ин ҳолат боиси он мегардад, ки маводи носанҷида, таблиғоти ифротӣ ва дезинформатсияи ҳадафмандона ба тафаккури ҷавонон бемамониат нуфуз карда, ба якпорчагии маънавии кишвар таҳдид намояд.

Моҳияти дезинформатсия ва феноменологияи «Фейк».

Дар илми муосири коммуникатсия, дезинформатсия на танҳо «дурӯғ», балки як стратегияи мураккаби идоракунии афкор аст. Феноменологияи (омӯзиши моҳияти) фейк нишон медиҳад, ки чаро ин падида дар асри мо то ин ҳад муваффақ шудааст. **Лучано Флориди** дар асари классикии худ моҳияти дезинформатсияро ҳамчун падидаи эпистемологӣ (маърифатӣ) шарҳ медиҳад: «Дезинформатсия иттилооти қасдан бардурӯғ аст, ки бо мақсади гумроҳ кардан пешниҳод мешавад... Он заҳролудшавии муҳити иттилоотиро ба вуҷуд меорад» [8, с. 154].

«Ҷаҳон аз индустрияи (саноати) факту далелҳо ба индустрияи фейк гузашт. Ва аз ҳама муҳимаш ин аст, ки истеъмолкунандаи оддии иттилоот дар ҷустуҷӯйи фактҳо нест, балки ӯ худаш оромона фейкҳоро паҳн мекунад, зеро онҳо ба модели ҷаҳони ӯ бештар мувофиқат мекунанд. Индустрияи фактҳо артиши хурде аз рӯзноманигорон дошт, аммо индустрияи фейк миллионҳо хонанда дорад, ки ҳар яки онҳо ҳамзамон нақши рӯзноманигорро низ иҷро мекунанд» [4, с. 49.]

Барои фаҳмидани стратегияи контриттилоот, пеш аз ҳама бояд намудҳои иттилооти бардурӯғро аз ҳам ҷудо кард:

• **Мизинформатсия (Mis-information):** Ин навъи иттилооти нодуруст ё ноқисест, ки бархилофи дезинформатсия, бидуни қасди бад, ғарази шахсӣ ё ҳадафи зарар расонидан ба касе паҳн карда мешавад. Дар ин ҳолат, интиқолдиҳандаи хабар худаш низ дар гумроҳӣ қарор дорад ва ба воқеияти маълумот боварӣ дорад. Масалан, рӯзноманигор ё корбари шабакаҳои иҷтимоӣ метавонад аз сабаби шитобкорӣ, эҳсосоти зудгузар, такя ба манбаъҳои носанҷида ва ё нофаҳмии техникӣ, санаи як воқеа, номи шахсиятҳо ва ё омори муҳимро хато инъикос намояд. Гарчанде ки ин амал дар асоси қонунгузорӣ ҷиноят ё иғвои қасдона эътироф намешавад, он ҳамчун як **хатои ҷиддии касбӣ ва этикӣ** арзёбӣ мегардад. Хатари асосии мизинформатсия дар он аст, ки он метавонад мисли «вируси иттилоотӣ» бо суръати баланд паҳн шуда, эътимоди аудиторияро ба расона коҳиш диҳад ва заминаро барои паҳншавии дезинформатсияи ҳадафмандона омода созад. Мисоли воқеӣ барои дарки дурусти мизинформатсия: Дар яке аз гурӯҳҳои калони муҳоҷирон дар Telegram хабар паҳн шуд, ки «Аз фардо ҳамаи муҳоҷирон бояд дар давоми 24 соат худро ба қайд гиранд, вагарна депорт мешаванд».

Чӣ шуд: Як корбари оддӣ хабареро, ки танҳо ба як минтақаи хос ё як гурӯҳи маҳдуди одамон (масалан, онҳое, ки аз кишварҳои бо низоми раводид омадаанд) дахл дошт, нодуруст фаҳмида, онро ҳамчун «хабари умумӣ барои ҳама» паҳн кард.

Натиҷа: Ҳазорон муҳоҷир аз тарс ба марказҳои бисёрфунксиягӣ (МФЦ) ҳуҷум карданд, ки боиси навбатҳои тулонӣ ва воҳима шуд.

Чаро ин мизинформатсия аст: Шахси хабарро паҳнкарда ҳадафи сиёсӣ ё бадхоҳона надошт, ӯ танҳо мехост «ҳамватанонашро огоҳ кунад», аммо аз сабаби нофаҳмии ҳуқуқӣ маълумоти нодурустро паҳн кард.

• **Дезинформатсия** (Dis-information): Ин шакли хатарноки иттилооти бардурӯғ ва мақсаднок мебошад, ки бо нияти бад ва дидаву дониста барои гумроҳ сохтани ҷомеа ё гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ (масалан, муҳоҷирони меҳнатӣ) тарҳрезӣ ва сохта мешавад. Бархилофи хатоҳои тасодуфӣ, дезинформатсия ҳамчун як силсилаи мураккаби амалиёти равонӣ истифода мешавад, ки дар паси он ҳадафҳои мушаххаси геополитикӣ, иқтисодӣ ва ё идеологӣ меистанд. Созандагони чунин иттилоот бо истифода аз заифиҳои психологӣ ва осебпазирии иттилоотии мардум, кӯшиш мекунанд, ки бетартибиҳои иҷтимоӣ эҷод кунанд, низоъҳои байнимилливу байнидавлатиро барангезанд ва ё ба раванди қабули қарорҳои муҳимми одамон таъсири манфӣ расонанд. Дар контексти муҳоҷират, дезинформатсия аксар вақт ҳамчун абзори фишор ё воситаи ноором кардани вазъи равонии муҳоҷирон ва оилаҳои онҳо истифода мешавад, ки метавонад ба амнияти дастаҷамъии ҷомеа таҳдидҳои ҷиддӣ эҷод намояд.

Мисоли воқеӣ барои фаҳмидани дезинформатсия: Соли 2024 дар шабакаҳои иҷтимоӣ наворе паҳн шуд, ки дар он гӯё кормандони пулис дар як бозор муҳоҷиронро бераҳмона латукӯб мекунанд.

Чӣ шуд: Таҳқиқи рӯзноманигорон нишон дод, ки ин навор ҳанӯз соли 2018 дар як кишвари дигар сабт шуда буд ва ба ҳодисаҳои имрӯза ҳеҷ робитае надошт. Ин наворро «фермаҳои троллҳо» бо мақсади барангехтани адовати миллӣ ва эҷоди фишор миёни ду давлат дидаву дониста нашр карданд.

Натиҷа: Дар ҷомеа ҳисси нафрат нисбат ба мақомот ва байни миллатҳо афзоиш ёфт.

Чаро ин дезинформатсия аст: Ин ҷо қасди бад ва манипулятсияи ҳадафмандона мавҷуд аст. Иттилоот бофта ё кӯҳна аст ва барои ноором кардани вазъ истифода шудааст.

• **Мал-информатсия (Mal-information):** Ин шакли махсуси хатари иттилоотӣ мебошад, ки дар он на дурӯғ, балки иттилооти комилан воқеӣ ва ҳақиқӣ бо мақсади ғаразнок ва барои зарар расонидан ба обрӯву эътибори шахс, гурӯҳ ё давлат истифода мешавад. Бархилофи дезинформатсия, дар ин ҷо далелҳо бофта нестанд, аммо онҳо аз контексти аслӣ берун оварда шуда, бо нияти бадхоҳона ба доираи васеи омма пешкаш мегарданд. Ин усул бештар дар шакли ифшои маълумоти шахсии маҳрам, нашри мукотибаҳои хусусӣ, ифшои сирри тиббӣ ё дигар маълумоти ҳассоси муҳоҷирон ва шаҳрвандон истифода мешавад, то шаъну шарафи онҳо дар байни ҷомеа паст зада шавад. Мал-информатсия ҳамчун силоҳи

психологӣ хизмат карда, ҳадафаш на баёни ҳақиқат, балки интиқомгирӣ, фишор овардан ва ё бадном кардани ҷониби муқобил мебошад, ки ин амал дар соҳаи рӯзноманигорӣ яке аз вайронкуниҳои шадиди этикаи касбӣ ва ҳуқуқи башар ба ҳисоб меравад. Мисолҳо барои дарки дурусти мал-информатсия:

✓ **Дар контексти муҳоҷират (Ифшои маълумоти шахсӣ)** Вазъият: Як муҳоҷири меҳнатӣ бо корфармои худ дар мавзуи маош баҳс мекунад. Корфармо барои хомӯш кардани ӯ ва тарсонидани муҳоҷирони дигар, акси шиноснома, суроғаи зисти оилааш дар Тоҷикистон ва рақами телефони ҳамсарашро дар гурӯҳҳои кушоди шабакаҳои иҷтимоӣ нашр мекунад.

Чаро ин мал-информатсия аст: Шиноснома ва суроға воқеӣ ҳастанд, аммо нашри онҳо бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ нест, балки барои фишори психологӣ ва таҳдид ба амнияти оилаи муҳоҷир истифода шудааст.

✓ **Дар соҳаи тиб (Сирри бемор)** Вазъият: Як рӯзноманигор ё блогер ба таври тасодуфӣ рӯйхати шахсонеро пайдо мекунад, ки бо бемории муайяни ҳассос (масалан, ВНМО/ВИЧ ё бемории руҳӣ) дар қайд ҳастанд. Ӯ ному насаби ин одамонро бо мақсади «огоҳ кардани ҷомеа» ё баланд бардоштани рейтинги худ нашр мекунад.

Чаро ин мал-информатсия аст: Ташхисҳо ҳақиқӣ мебошанд, аммо ифшои онҳо ҳаёти шахсии ин одамонро зери хатар мегузорад, боиси тамғагузорӣ (стигма) ва канораҷӯии ҷомеа аз онҳо мегардад. Ин истифодаи ҳақиқат барои хароб кардани тақдири инсон аст.

✓ **Дар сиёсат ва рақобат (Doxing ва ифшои мукотиба)** Вазъият: Ҳакерҳо почтаи электронии як сиёсатмадор ё фаъоли ҷамъиятиро мешикананд ва мукотибаҳои шахсии ӯро бо аҳли оилааш, ки ҳеҷ рабте ба кори давлатӣ надоранд, нашр мекунанд. Дар ин мукотибаҳо шояд ягон ҷиноят набошад, аммо лаҳзаҳои хеле шахсӣ ва эҳсосӣ мавҷуданд.

Чаро ин мал-информатсия аст: Ин иттилоот дурӯғ нест, аммо ҳадафи нашри он танҳо бадном кардан, шарманда кардан ва паст задани нуфузи шахс дар назди интихобкунандагон мебошад.

Ҷадвали муқоисавӣ.

Намуди иттилоот	**Оё иттилоот ҳақиқӣ аст?**	**Оё нияти зарар расонидан ҳаст?**
Мизинформатсия	Не (хатои тасодуфӣ)	Не
Дезинформатсия	Не (дурӯғи сохта)	Ҳа
Мал-информатсия	Ҳа (ҳақиқати воқеӣ)	**Ҳа**

Психологияи «Фейк»: Чаро мо ба дурӯғ бовар мекунем?

Феноменологияи фейк дар заминаи заифиҳои психологии инсон ташаккул меёбад. Рӯзноманигорони оянда бояд ин се механизми асосиро бидонанд:

1. **Ғарази тасдиққунанда:** Ин яке аз қавитарин домҳои психологӣ ва механизмҳои маърифатии инсон аст, ки дар он шахс ба таври интихобӣ танҳо ба он иттилооте таваҷҷуҳ мекунад ва бовар менамояд, ки бо ҷаҳонбинӣ, таассубот ва ақидаҳои қаблии ӯ мувофиқат мекунанд. Дар ин раванд, мағзи инсон маълумоти мухолифро ба таври автоматикӣ рад ё сарфи назар мекунад, то ба нороҳатии зеҳнӣ (когнитивӣ) дучор нашавад. Дар контексти муҳоҷират, ин падида хатари дучанд дорад: агар муҳоҷир дар заминаи таҷрибаҳои талхи гузашта ё овозаҳо бадгумон бошад, ки «низоми ҳуқуқӣ ва қонунҳо ҳамеша бар зидди ӯ нигаронида шудаанд», ӯ ба ҳар як фейки манфӣ ё хабари сохта дар бораи сахттар шудани қонунгузорӣ бидуни ягон санҷиш ва шубҳа бовар мекунад. Алгоритмҳои шабакаҳои иҷтимоӣ ин ғаразро боз ҳам амиқтар месозанд, зеро ба корбар танҳо ҳамон контентеро нишон медиҳанд, ки ба ақидаҳояш созгор аст. Ин боиси дар инзивои иттилоотӣ мондани шахс ва ташаккули ҷаҳонбинии яктарафа мегардад, ки дар натиҷа ӯ ба осонӣ қурбонии манипулятсияҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ мешавад.

2. **Эффекти такрор:** Агар як дурӯғ аз даҳҳо канал ва гурӯҳҳои WhatsApp такрор шавад, мағзи инсон онро ҳамчун ҳақиқат қабул мекунад. Ин падида аз он сабаб рух медиҳад, ки майнаи мо ба иттилооти ошное, новобаста аз дурустии он, бештар бовар мекунад. Ҳар қадаре ки як иттилоот бештар такрор шавад, ҳамон қадар барои коркарди он кӯшиши камтар лозим аст ва ин ба эҳсоси «шиносӣ» ва баъдан «ҳақиқат» табдил меёбад. Дар шароити

фишори иттилоотӣ, майна зудтарин роҳи баҳодиҳиро интихоб мекунад ва иштибоҳан такрорро ба ҷои ҳақиқат қабул мекунад.

3. **Тиҷорати эҳсосот (истисмори таваҷҷуҳ):** Фейк ҳамеша ба эҳсосоти шадид (тарс, нафрат, шодии бардурӯғ) такя мекунад. Эҳсосот мантиқро дар мағзи инсон «хомӯш» мекунанд. Вақте ки одам эҳсосоти пурзӯрро ҳис мекунад, майнаи ӯ фаъолияти қисмҳои мантиқӣ ва таҳлилии худро коҳиш медиҳад ва ба ҷои он, ба аксуламалҳои тез ва ғаризӣ гузарад. Ин ҳолат махсусан дар шабакаҳои иҷтимоӣ хуб кор мекунад, ки дар он ҷо паҳнкунандагони фейк кӯшиш мекунанд, ки шуморо ба қабули якбораи иттилоот водор кунанд, то ба шумо вақти тафаккур ва санҷиши дурустии он надиҳанд. Аз ин рӯ, пеш аз мубодилаи ҳар иттилооти эҳсосӣ, таваққуф кардан ва савол додан лозим аст: «Оё ин иттилоот мантиқӣ аст? Оё манбаи он боэътимод аст?»

Бахши 2. Стратегияи контриттилоот: Аз мудофиа ба амал

2.1. Технологияҳои Fact-checking.

Рӯзноманигор бояд бо абзорҳои муосир шинос бошад:

Санҷиши визуалии рақамӣ: Истифодаи барномаҳои InVID барои таҳлили видео ва Reverse Image Search барои аксҳо. Ин абзорҳо ба шумо имкон медиҳанд, ки манбаи аслии акс ё видеоро пайдо кунед, муайян кунед, ки оё он қаблан дар контексти дигар истифода шудааст ва санҷед, ки оё бо ёрии нармафзори вироиш тағйир дода шудааст. InVID барои таҳлили кадрҳои видео ва ҷустуҷӯйи онҳо дар интернет кумак мекунад, дар ҳоле ки Reverse Image Search (тавассути Google Images ё TinEye) барои аксҳо ҳамин вазифаро иҷро мекунад. Бо ин роҳ, шумо метавонед аксҳои кӯҳнаи марбут ба воқеаҳои дигарро аз нав паҳншуда ё видеои таҳриршударо ошкор кунед.

Геолокатсия: Муайян кардани макони ҳодиса тавассути харитаҳои моҳвораӣ (Google Earth) барои тасдиқи воқеияти навор. Ин усул имкон медиҳад, ки биноҳо, кӯчаҳо, аломатҳо, релефи маҳал ва дигар ҷузъиёти навор бо тасвирҳои моҳвораии воқеӣ муқоиса карда шаванд. Агар дар видео хонаҳо, хиёбонҳо ё кӯҳҳое намоён бошанд, шумо метавонед тавассути Google Earth онҳоро пайдо кунед ва муайян кунед, ки оё ин макон ба ҳодисаи нишондодашуда мувофиқат мекунад. Инчунин, шумо метавонед самти офтоб, сояҳо ва обу ҳаворо низ санҷед, то боварӣ ҳосил кунед, ки навор дар вақту макони зикршуда сабт шудааст.

2.2. Стратегияи «Сэндвичи ҳақиқат». Ин Методикаи лингвистии Ҷорҷ Лакофф барои мубориза бо фейкҳо ва таблиғоти дурӯғин дар доираи «чаҳорчӯбавӣ» (framing) кор мекунад. Лакофф бар ин назар аст, ки шумо наметавонед як дурӯғро бо «ин дурӯғ аст» ё «нодуруст аст» бекор кунед, зеро бо такрор кардани он, шумо онро дар мағзи одамон боз ҳам мустаҳкам мекунед. Ба ҷои ин, бояд чаҳорчӯбаи воқеият сохт. Бо чунин тартиб:

Қадами 1 — Ҳақиқат: Хабарро бо далели воқеӣ оғоз кунед. Нагузоред, ки шунаванда аввал дурӯғро бишнавад. Барои мисол, агар дар шабака паҳн шуда бошад, ки «дар шаҳр сӯхтор ва аҳолӣ эвакуатсия карда мешавад», шумо чунин сар кунед: «Ҳамаи хиёбонҳои шаҳр боз аст, ҳаёти муқаррарӣ идома дорад.»

Қадами 2 — Дурӯғ: Дурӯғро зикр кунед, аммо онро такрор накунед — танҳо ишора кунед. Нагӯед «ба дурӯғ дар бораи сӯхтор бовар накунед», балки бигӯед: «Хабарҳо дар бораи эвакуатсияи аҳолӣ ҳеҷ асоси воқеӣ надоранд.» Яъне, шумо мавзуи дурӯғро дахл мекунед, вале тафсилоти дақиқи онро баён намекунед, то дар мағзи шунаванда замина насозед.

Қадами 3 — Ҳақиқат: Дар охир боз бо далел ва шарҳи он ки чаро дурӯғ бофта шудааст, хулоса кунед. Масалан: «Ин хабарҳои бардурӯғ бо мақсади паҳн кардани ваҳм ва боиси изтироб дар ҷомеа паҳн шудаанд. Мо ба шаҳрвандон тавсия медиҳем, ки танҳо аз манбаъҳои расмӣ иттилоот гиранд. Ҳамаи хадамоти шаҳр бефосила кор мекунанд ва вазъият комилан ором аст».

Ин усул барои он самарабахш аст, ки аввал «панҷараи» воқеият муқаррар карда мешавад, сипас дурӯғ ҳамчун унсури бегона дар дохили он ҳамон воқеият шиносоӣ мешавад ва дар ниҳоят, мавқеи ҳақиқат бо тавзеҳи сабабу мақсад мустаҳкам карда мешавад.

Бахши 3. Инноватсияҳои педагогӣ дар ҷараёни омодасозии кадрҳои соҳаи медиа.

3.1. Педагогикаи муосир бояд на танҳо назарияи журналистика, балки «Гигиенаи рақамӣ»-ро омӯзонад.

Усули «Лабораторияи Фейк»: Донишҷӯён вазифадор мешаванд, ки худашон хабари дурӯғи «безарар» созанд, то механизмҳои психологии онро аз дарун дарк кунанд. Усули «Лабораторияи Фейк» ҳамчун василаи самарабахши ташхиси иттилоотӣ хизмат мекунад: дар ин раванд донишҷӯён на танҳо истеъмолкунандаи пассив, балки тарроҳи фаъоли муҳтавои дезинформатсионӣ мегарданд. Истеҳсоли хабари дурӯғи «безарар» ба онҳо имкон медиҳад, ки меъморӣ ва алгоритмҳои сохтакориро аз дарун омӯхта, механизмҳои психологии таъсиррасонӣ — аз ҷумла истифодаи эҳсосоти шадид (тарс, ҳайрат) ва манипулятсияи воқеиятро амиқ дарк намоянд. Ин усул «масунияти иттилоотӣ»-ро тавассути таҷрибаи амалӣ тақвият бахшида, қобилияти ташхиси сареҳи иттилооти заҳролудро дар фазои медиавӣ ташаккул медиҳад.

Татбиқи усули «Лабораторияи Фейк» дар раванди таълим ба принсипи «омӯзиш тавассути амал» асос ёфтааст. Вазифадор намудани донишҷӯён барои сохтани намунаҳои дезинформатсияи безарар ба мақсади деконструксияи (ба қисмҳо ҷудо кардани сохтор) технологияҳои фиреби оммавӣ нигаронида шудааст. Дарк кардани вежагиҳои психологии фейксозӣ-аз интихоби сарлавҳаи ҷолиб то истифодаи далелҳои бофтаи контекстӣ - ба донишҷӯён кумак мекунад, ки моҳияти субъективии иттилоотро шиносанд ва нисбат ба сарчашмаҳои шубҳанок дидгоҳи интиқодии касбиро инкишоф диҳанд.

Асоси методологии «Лабораторияи Фейк»-ро назарияи «ваксинатсияи равонӣ» ташкил медиҳад: бо эҷод кардани вояи (дозаи) хурди хабари дурӯғ дар шароити назоратшаванда, донишҷӯён худ ба худ зидди дезинформатсияи густурда масуният пайдо мекунанд. Ин раванд ба онҳо имкон медиҳад, ки заъфҳои маърифатии инсонро, ки боиси паҳншавии босуръати фейкҳо мегарданд, дар амал мушоҳида кунанд. Дар натиҷа, донишҷӯ аз мушоҳиди оддӣ ба коршиноси таҳлилгар табдил меёбад, ки метавонад на танҳо мавҷудияти фейкро муайян кунад, балки ҳадафи ниҳонӣ ва стратегияи равонии созандаи онро низ фош намояд.

Таҳлили ретроспективӣ: Омӯзиши ҷангҳои иттилоотии гузашта (масалан, дар халиҷи Форс ё буҳронҳои дигар).

Таҳлили ретроспективии ҷангҳои иттилоотӣ: Ин равиш омӯзиши амиқи муноқишаҳои таърихиро (масалан, ҷанг дар халиҷи Форс, буҳрони Косово ё муқовиматҳои иттилоотии давраи «Ҷанги сард») ҳамчун лабораторияи стратегӣ пешниҳод мекунад. Таҳлили ретроспективӣ имкон медиҳад, ки эволютсияи технологияҳои манипулятсияи афкори умум ва усулҳои «сохтани розигӣ» дар сатҳи байналмилалӣ пайгирӣ карда шаванд. Ин омӯзиш барои дарк кардани он муҳим аст, ки чӣ гуна давлатҳо ва неруҳои геополитикӣ аз ВАО барои қонунигардонии амалиёти ҳарбӣ ва шакл додани симои «душман» истифода мебурданд.

Таҳлили ретроспективӣ ҳамчун усули таҳқиқи генезиси (пайдоиши) ҷангҳои иттилоотӣ хизмат намуда, ба донишҷӯён вазифа мегузорад, ки буҳронҳои гузаштаро аз нигоҳи деконструксияи таблиғот (пропаганда) мавриди омӯзиш қарор диҳанд. Мисоли ҷанг дар халиҷи Форс нишон медиҳад, ки чӣ гуна бори аввал консепсияи «ҷанги мустақим дар эфир» ва назорати қатъии ҷараёни хабарҳо амалӣ карда шуд. Омӯзиши ин гуна мисолҳои классикӣ барои муайян кардани «матритсаҳои такроршаванда»-и ҷангҳои иттилоотии муосир заминаи таҷрибавӣ фароҳам меорад ва қобилияти пешгӯии сенарияҳои нави низоъҳои медиавиро тақвият мебахшад.

Истифодаи таҳлили ретроспективӣ дар омӯзиши ҷангҳои иттилоотии гузашта барои ошкор кардани механизмҳои дарозмуддати таъсиррасонӣ ба психологияи оммавӣ нигаронида шудааст. Бо таҳлили буҳронҳои таърихӣ, донишҷӯён метавонанд фарқияти байни воқеияти майдони ҷанг ва «реалияти виртуалии» тавассути телевизион ва матбуот эҷодшударо муайян кунанд. Ин усул ба таҳқиқгарон кумак мекунад, ки моҳияти истилоҳоти «агрессияи иттилоотӣ», «филтратсияи хабарҳо» ва «сензураи ҳарбӣ»-ро на дар шакли

назариявии хушк, балки дар мисолҳои зиндаи таърихӣ, ки натиҷаҳои мушаххаси сиёсӣ доштанд, дарк намоянд.

Дар ин ҷо бояд дар бораи Кодекси одоби рӯзноманигорӣ дар Тоҷикистон ва меъёрҳои байналмилалии IFJ (Федератсияи байналмилалии рӯзноманигорон) сухан равад. Омӯзгор бояд ба донишҷӯ талқин кунад, ки «суръат» набояд қурбони «дақиқӣ» шавад. Дар Хартияи ҷаҳонии одоби рӯзноманигорон омадааст: «Эҳтироми воқеият ва ҳуқуқи ҷомеа ба ҳақиқат –вазифаи аввалиндараҷаи рӯзноманигор маҳсуб меёбад» [9].

Бахши 4. Масунияти иттилоотӣ дар замони зеҳни сунъӣ (AI). Дар марҳилаи кунунии рушди технологияҳо, масунияти иттилоотӣ маънои нави стратегӣ пайдо мекунад. Зеҳни сунъӣ имкон медиҳад, ки муҳтавои сохта (дипфейкҳо, матнҳои автоматикунонидашуда ва аксҳои синтетикӣ) бо суръат ва сифати бесобиқа тавлид шавад, ки ин ташхиси ҳақиқатро аз дурӯғ мушкил мегардонад. Дар ин шароит, масунияти иттилоотӣ на танҳо донистани усулҳои санҷиши фактҳо, балки ташаккули тафаккури алгоритмӣ ва қобилияти шинохтани манипулятсияҳои мошиниро тақозо мекунад.

Хатарҳои нави видео ва аудиоҳои сохташуда. Феномени «Deepfakes» ҳамчун таҳдиди насли нав: Технологияҳои синтези амиқ (deep learning) имкон медиҳанд, ки видео ва аудиоҳои сохташуда бо дараҷаи баланди воқеият тавлид шаванд, ки ин амнияти иттилоотиро дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ зери хатар мегузорад. Дипфейкҳо на танҳо воситаи дасткории (манипулятсия) афкори умум, балки силоҳи стратегӣ дар ҷангҳои гибридӣ мебошанд, ки метавонанд боиси нобоварӣ ба ниҳодҳои давлатӣ ва халалдор шудани суботи ҷомеа гардад. Таърифи хеле дақиқи дипфейкро дар лаборатория Касперский ёфтан мумкин: «Дипфейк — ин синтези тасвирҳо, видео ва садоҳои сохтаи боварбахш бо истифода аз зеҳни сунъӣ мебошад. Инчунин, муҳтавоеро (контентеро), ки дар натиҷаи ин синтез ба даст меояд, дипфейк меноманд. Аксар вақт дипфейкҳо шахсиятҳои маъруфро дар ҳолатҳои бофта тасвир мекунанд. Дар баъзе ҳолатҳо ба дипфейкҳо матнҳои хаттиро низ дохил мекунанд, ки тавассути зеҳни сунъӣ бо мақсади тақлид ба нутқи инсони мушаххас сохта шудаанд» [10].

Мушкилоти тасдиққунӣ (верификатсия) ва хатарҳои нооромии субот: Дар шароити муосир, видео ва аудиоҳои тавассути зеҳни сунъӣ сохташуда ба яке аз абзорҳои хатарноки дезинформатсия табдил ёфтаанд. Ин технология имкон медиҳад, ки симо ва садои шахсиятҳои сиёсӣ барои паҳн кардани изҳороти бардурӯғ ва эҷоди буҳронҳои сунъӣ истифода шавад. Хатари асосии ин падида дар он аст, ки он қобилияти ҷомеаро барои фарқ кардани воқеият аз сохтакорӣ коҳиш дода, заминаҳои эътимоди иҷтимоиро аз байн мебарад.

Технологияи Deepfakes ва чолишҳои этикаи медиавӣ: Паҳншавии видео ва аудиоҳои сохташуда зарурати бознигарии стандартҳои верификатсияи муҳтаворо дар рӯзноманигории муосир тақозо мекунад. Ин хатарҳои нав на танҳо саҳеҳияти иттилоотро зери суол мебаранд, балки ҳуқуқи инсонро ба ҳифзи симо ва шараф халалдор месозанд. Дар ин замина, таҳияи алгоритмҳои нави ташхиси муҳтавои сохта ва тақвияти масунияти иттилоотии аудитория барои муқовимат ба ин навъи манипулятсияи технологӣ аҳаммияти ҳаётӣ дорад.

Нақши зеҳни сунъӣ дар ошкорсозии ботҳо ва фермаҳои троллҳо.

Дар шароити афзоиши мураккабии ҷангҳои иттилоотӣ, AI-Fact-checking (санҷиши далелҳо бо ёрии зеҳни сунъӣ) ҳамчун василаи муҳим барои ҳифзи фазои медиавӣ хизмат мекунад. Бархӯрд бо «фермаҳои троллҳо» ва «ботҳои иҷтимоӣ», ки бо истифода аз алгоритмҳои мураккаб афкори умумро манипулятсия мекунанд, танҳо бо захираҳои инсонӣ ғайриимкон аст. Зеҳни сунъӣ дар ин самт тавассути имкониятҳои зерин ба рӯзноманигорон кумак мекунад:

1. Таҳлили намунаҳои рафторӣ. Зеҳни сунъӣ метавонад миллионҳо аккаунтҳоро дар сонияҳо таҳлил карда, рафторҳои ғайриинсониро муайян кунад.

Мисол: Агар як гурӯҳи аккаунтҳо дар як сонияи мушаххас як хел матнро бо ҳамон хатогиҳои имлоӣ нашр кунанд, алгоритмҳои AI онҳоро ҳамчун «шабакаи ботҳо» нишонгузорӣ мекунанд. Ин усул барои ошкор кардани ҳамлаҳои муташаккили иттилоотӣ зарур аст.

2. Муайян кардани муҳтавои сунъӣ ва такроршаванда. Фермаҳои троллҳо аксар вақт аз матнҳои тайёр ё нейрошабакаҳо барои тавлиди паёмҳои бадбинона истифода мебаранд.

Мисол: Истифодаи абзорҳое мисли Botometer ё Sensity AI, ки метавонанд эҳтимолияти бот будани профилро дар асоси фаъолият ва навъи забони истифодашуда ҳисоб кунанд. AI метавонад муайян кунад, ки оё матни нашршуда аз ҷониби инсон навишта шудааст ё тавассути моделҳои забонӣ (ба монанди GPT).

3. Мониторинги вақти воқеӣ (Real-time Monitoring) Зеҳни сунъӣ ба рӯзноманигорон имкон медиҳад, ки «мавҷҳои» сунъии иттилоотиро пеш аз ҳамагон мушоҳида кунанд.

Мисол: Системаҳои мониторинги AI метавонанд афзоиши ногаҳонии истифодаи як хэштеги хосро дар як минтақаи ҷуғрофӣ, ки бо фаъолияти воқеии мардум мувофиқат намекунад, ошкор созанд. Ин одатан нишонаи оғози амалиёти «фермаи троллҳо» барои тағйир додани рӯзномаи сиёсӣ мебошад.

Бахши 5. Тавсияҳои методӣ барои факултаҳои рӯзноманигорӣ.

«Бидуни шак, омӯзиши мушкилоти бисёрҷабҳа ва гуногунҷанбаи ташаккул ва таҳкими қобилияти мутахассисони оянда ҷиҳати коҳиш додани осебпазирӣ аз таҳдидҳои иттилоотӣ, пажуҳиши муҷаммаъ (комплексӣ)-ро аз ҷониби намояндагони соҳаҳои мухталифи илм тақозо менамояд. Ҳангоми ҷудо кардани паҳлуҳои педагогии ташаккул ва рушди масунияти иттилоотии мутахассисони оянда, бояд қайд кард, ки муваффақияти дастёбӣ ба ҳадафҳои гузошташуда, пеш аз ҳама, ба татбиқи равиши интегративии педагогӣ дар раванди таълим вобастагӣ дорад» [6].

1. Таъсиси марказҳои доимии Fact-checking дар назди донишгоҳҳо.

Донишгоҳҳо бояд на танҳо маркази таълимӣ, балки марказҳои таҳлилии «масунияти иттилоотӣ» бошанд. Таъсиси чунин марказҳо имкон медиҳад, ки назария бо амалия пайваст шавад ва донишҷӯён дар муҳити воқеӣ бо ҷараёни ахбори бардурӯғ мубориза баранд.

Мисол: Марказ метавонад дар шакли «Лабораторияи мониторинги медиа» фаъолият кунад. Донишҷӯён ҳар рӯз хабарҳои пурсарусадои шабакаҳои иҷтимоиро таҳлил карда, пас аз верификатсия (санҷиш) дар сомонаи махсуси донишгоҳӣ рубрикаи «Ҳақиқат ё Фейк?»-ро пеш мебаранд.

Ин амал ба ташаккули тафаккури таҳқиқотӣ дар рӯзноманигорони оянда кумак карда, эътимоди ҷомеаро ба илми академикӣ зиёд менамояд.

2. Гузаронидани тренингҳо бо ҷалби коршиносони соҳаи амнияти киберӣ.

Дар замони муосир сарҳади байни рӯзноманигорӣ ва амнияти IT аз байн рафтааст. Рӯзноманигор бояд на танҳо навиштанро тавонад, балки аз лиҳози техникӣ низ мусаллаҳ бошад, то ҳамлаҳои рақамӣ ва манипулятсияҳои алгоритмиро шиносад.

Мисол: Даъват намудани мутахассисони амнияти киберӣ барои омӯзонидани мавзуъҳое чун: «Метадатаи аксҳо ва видеоҳо: чӣ тавр вақт ва макони воқеии наворро муайян кунем?» ё «Амнияти рақамии рӯзноманигор: ҳифзи манбаъҳои иттилоот аз ҳакерҳо».

Ин ҳамкории байнисоҳавӣ рӯзноманигориро аз як касби гуманитарии оддӣ ба як ихтисоси баланди технологӣ табдил медиҳад, ки дар шароити ҷангҳои гибридӣ ҳаётан зарур аст.

3. Таҳияи дастурҳои кисагӣ (Handbooks) барои хабарнигорони ҷавон.

Дар лаҳзаҳои буҳронӣ ё ҳангоми омода кардани хабарҳои фаврӣ, рӯзноманигор фурсати мутолиаи китобҳои дарсиро надорад. Дастурҳои кисагӣ (Handbooks) ҳамчун «ёрии аввалини иттилоотӣ» хизмат мекунанд.

Мисол: Дастур бояд дорои алгоритмҳои кӯтоҳ ва содда бошад, масалан:

Қоидаи 3 манбаъ: Ҳеҷ гоҳ ба як манбаъ такя накун. Ҳадди ақал се манбаъро санҷ.

Рӯйхати сомонаҳои санҷиши фактҳо: Истинодҳо ба абзорҳое мисли Google Reverse Image Search ё TinEye.

Рӯйхати суолҳои назоратӣ: «Кӣ манфиатдор аст?», «Эҳсосот дар матн аз ҳад зиёд нест?».

Ин усул ба «автоматикунонии маҳорати касбӣ» нигаронида шудааст. Вақте ки қоидаҳои асосӣ ҳамеша дар даст (ё дар смартфон) ҳастанд, эҳтимолияти хатои инсонӣ дар шароити стресс ба таври назаррас коҳиш меёбад.

Хулоса, масунияти иттилоотӣ ин ҳолати статикӣ нест, балки раванди доимии худтакмилдиҳист. Барои рӯзноманигори муосири тоҷик, ин сифат кафолати нигоҳ доштани эътибори касбӣ ва ҳифзи фазои иттилоотии кишвар мебошад.

Адабиёт:

1. Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 ноябри соли 2003, № 1175 тасдиқ шудааст.
2. Бернайс Э. Пропаганда; Пер. с англ. - И. Ющенко. - М.: Hippo Publishing, 2010. - 176 с..
3. Глобальная хартия этики журналистов Международной федерации журналистов (IFJ) [Электронный ресурс]. – URL: https://www.ifj.org/who/rules-and-policy/global-charter-of-ethics-for-journalists (дата обращения: 10.05.2026).
4. Касперский Е. В. Deepfake, дипфейк // Энциклопедия Лаборатории Касперского [Электронный ресурс]. – URL: https://encyclopedia.kaspersky.ru/glossary/deepfake/ (дата обращения: 10.05.2026).
5. Лакофф Дж. Не думай о слоне! Как контролировать повестку дня и побеждать в спорах. – Москва: Альпина Паблишер, 2024.
6. Махмадов П.А. Информационная безопасность в системе политической коммуникации: состояние и приоритеты обеспечения (на материалах государств Центральной Азии): автореф. дис. доктора полит. наук: 23.00.02. – Душанбе, 2018. – 49 с..
7. Пономарев М.В., Дедик Н.А. О развитии информационного иммунитета будущих специалистов в условиях информационного воздействия [Электронный ресурс] // Материалы интернет-конференции. - 2022. URL: https://www.tsutmb.ru/nauka/internet-konferencii/2022/lichn_i_prof_razv_bud_special/2/Ponomarev_Dedik.pdf.
8. Почепцов Г. Дезинформация. – Киев: Издательство «Генеза», 2019. – 248 с.
9. Ятимов С.С. Идеология ва амнияти миллӣ. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 194 с.
10. Ҷовид М. Журналистикаи чандрасонаӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2019. – 168 с.
11. Floridi L. The Ethics of Information. – Oxford: Oxford University Press, 2013. – 357 p..
12. Löfstedt R. E. Risk management in post-trust societies. – London: Palgrave Macmillan, 2005. – 165 p.
13. Wardle C., Derakhshan H. Information Disorder: Toward an interdisciplinary framework for research and policymaking. – Strasbourg: Council of Europe, 2017.

ТАШАККУЛИ МАСУНИЯТИ ИТТИЛООТӢ: ҶАНБАҲОИ КАСБӢ ВА ПЕДАГОГИИ МУҚОВИМАТ БА ДЕЗИНФОРМАТСИЯ

Мақола ба масъалаи муҳимми ташаккули масунияти иттилоотии мутахассисони оянда дар шароити гузариши ҷомеаи ҷаҳонӣ ба марҳилаи «пасазэътимод» бахшида шудааст.

Муаллиф моҳияти феноменологии дезинформатсия, фейк ва навъҳои иттилооти бардурӯғ (мизинформатсия ва мал-информатсия)-ро мавриди таҳлил қарор дода, таъсири онҳоро ба амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мекунад. Дар мақола стратегияҳои муосири контриттилоот, аз ҷумла технологияҳои Fact-checking ва методикаи «Сэндвичи ҳақиқат» пешниҳод шудаанд.

Таваҷҷуҳи махсус ба инноватсияҳои педагогӣ, аз қабили усули «Лабораторияи Фейк» ва таҳлили ретроспективӣ, ҳамчун василаи таҳкими масунияти касбии рӯзноманигорони оянда равона гардидааст.

Муаллиф дар таҳқиқоти худ тавонистааст аҳаммияти назариявӣ ва амалии масъаларо бо такя ба шароити муосири геополитикӣ ва рушди фазои иттилоотии кишвар асоснок

намояд. Навоварии илмии кор дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи масунияти иттилоотии мутахассисони оянда на танҳо аз нигоҳи назариявӣ, балки тавассути пешниҳоди усулҳои амалии педагогӣ ва татбиқи технологияҳои муосири медиасаводнокӣ баррасӣ шудааст.

Таҳлили мафҳумҳои падидаҳои мураккаби фазои ахборӣ ва пешниҳоди модели интегратсионии таълимӣ имкон медиҳад, ки натиҷаҳои таҳқиқ дар раванди таҳияи барномаҳои таълимӣ, дастурҳои методӣ ва гузаронидани машғулиятҳои амалӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои рӯзноманигорӣ, муносибат бо ҷомеа ва амнияти иттилоотӣ муваффақона истифода шаванд.

Калидвожаҳо: масунияти иттилоотӣ, дезинформатсия, пасазэътимод, фейк, амнияти иттилоотӣ, Fact-checking, сэндвичи ҳақиқат, инноватсияҳои педагогӣ, зеҳни сунъӣ, дипфейк.

ФОРМИРОВАНИЕ ИНФОРМАЦИОННОГО ИММУНИТЕТА: ПРОФЕССИОНАЛЬНЫЕ И ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ДЕЗИНФОРМАЦИИ

Статья посвящена важной проблеме формирования информационного иммунитета будущих специалистов в условиях перехода глобального сообщества к стадии «постдоверия».

Автор анализирует феноменологическую сущность дезинформации, фейков и видов ложной информации (дезинформации и вредоносной информации) и рассматривает их влияние на информационную безопасность Республики Таджикистан. В статье представлены современные стратегии противодействия информации, включая технологии проверки фактов и методологию «Правдивый сэндвич».

Особое внимание уделяется педагогическим нововведениям, таким как метод «Лаборатория фейков» и ретроспективный анализ, как средства укрепления профессионального иммунитета будущих журналистов.

В своем исследовании автор смог обосновать теоретическую и практическую значимость проблемы, исходя из современных геополитических условий и развития информационного пространства страны. Научная новизна работы проявляется в том, что вопрос информационной безопасности будущих специалистов рассматривается не только с теоретической точки зрения, но и с представлением практических педагогических методов и применением современных технологий медиаграмотности.

Анализ концепций комплексных явлений новостного пространства и представление интегрированной образовательной модели позволяют успешно использовать результаты исследования в процессе разработки учебных программ, методических пособий и проведения практических занятий для студентов специальностей журналистики, связей с общественностью и информационной безопасности.

Ключевые слова: информационный иммунитет, дезинформация, пост-доверие, фейк, информационная безопасность, Fact-checking, сэндвич истины, педагогические инновации, искусственный интеллект, дипфейк.

FORMATION OF INFORMATIONAL IMMUNITY: PROFESSIONAL AND PEDAGOGICAL ASPECTS OF COUNTERING DISINFORMATION

The article addresses the critical issue of developing informational immunity in future This article addresses the important issue of developing the information immunity of future professionals as the global community transitions to a «post-trust» stage.

The author analyzes the phenomenological nature of disinformation, fakes, and other forms of false information (misinformation and malicious information) and examines their impact on the information security of the Republic of Tajikistan. The article presents modern strategies for countering information, including fact-checking technologies and the «Truth Sandwich» methodology.

Particular attention is paid to pedagogical innovations, such as the «Fake Lab» method and retrospective analysis, as means of strengthening the professional immunity of future journalists.

In this study, the author substantiates the theoretical and practical significance of the problem, based on current geopolitical conditions and the development of the country's information space. The scientific novelty of the work is demonstrated by the fact that the issue of information security for future professionals is considered not only from a theoretical perspective but also through the presentation of practical pedagogical methods and the application of modern media literacy technologies.

The analysis of concepts of complex phenomena in the news space and the presentation of an integrated educational model make it possible to successfully use the research results in the process of developing curricula, teaching aids, and conducting practical classes for students majoring in journalism, public relations, and information security.

Keywords: informational immunity, disinformation, post-trust, fake, information security, Fact-checking, truth sandwich, pedagogical innovations, artificial intelligence, deepfake.

Маълумот дар бораи муаллиф: Сайдалиев Додарбек Мадалиевич, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Расулов, 51. Тел.: (+992) 934440505. Почтаи электронӣ: csscshahrvand@gmail.com

Сведения об авторе: Сайдалиев Додарбек Мадалиевич, кандидат политических наук, доцент кафедры философии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С. Расулова, 51. Тел.: (+992) 934440505. Электронная почта: csscshahrvand@gmail.com

Information about the author: Saydaliev Dodarbek Madalievich, candidate of political sciences, associate professor at the department of philosophy, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, S. Rasulov street 51. Tel.: (+992) 934440505. E-mail: csscshahrvand@gmail.com

Муқарриз: Сафарзода М.Н., д.ф. (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси рӯзноманигорӣ, дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ: 811.111(035.3)

ХУСУСИЯТҲОИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМИИ ЗАМОНИ ШУРАВӢ

Муродзода Б.Р., н.и.ф., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ нақшаю барномаҳои таълимии забони хориҷӣ марказӣ кунонида шуда, аз ҷониби мутахассисони Маскав барои тамоми ҷумҳуриҳо ҳамчун меъёри ягона таҳия ва тавсия мегаштанд. Мақсади асосии ин барномаҳо амалӣ намудани ислоҳоти соҳавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ буд. Тибқи дастурҳои он давра, захираи лексикаи муоширатӣ дар марҳилаи аввали омӯзиш ҳадди ақал 500 калимаро ташкил медод.

Мушоҳида мешавад, ки сарпӯши он давра барои такмили захираи луғавии хонандагон шароити мусоид (аз қабили роҳандозии роҳу усулҳои муосир ва таъсиси синфхонаҳои махсуси забономӯзӣ) фароҳам оварда буд, аммо бо вуҷуди ин, ҳаҷми луғати фаъоли алоқавӣ дар мактабҳо то 1000 калима маҳдуд шуд.

Баъдан, дар соли 1994 ҳангоми сохтани барномаҳои миллии таълими забонҳои хориҷӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар, мутахассисон ба тадқиқоти

муҳаққиқону методологҳои барҷаста, аз қабили Н.И. Гез, И.Л. Бим, И.В. Раҳмонов, Е. Пасов, Г.Р. Рогова ва И.Н. Верешагина истинод намуда, таҷрибаи онҳоро асос қарор доданд.

Бо ҳадафи беҳтар сохтани роҳу усулҳои омӯзиши забони хориҷӣ дар мактабҳои Тоҷикистон, меъёри ҳадди ақали вожаҳо барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян ва дақиқ карда шуд. Ҳангоми шаклдиҳии ин маҷмӯи луғавӣ, принсипҳо ва меъёрҳои асосии соҳаи методология пурра ба эътибор гирифта шудаанд.

Азбаски имкониятҳои луғавии забон номаҳдуд буда, соатҳои дарсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ хеле кам мебошанд, фаро гирифтани тамоми вожаҳо дар раванди таълим ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, барои дуруст ва мақсаднок интихоб намудани вожаҳои калидӣ, ки ба рушди малакаҳои нутқии хонандагон дар ин муҳлати кӯтоҳ кумак расонанд, дар методологияи байналмилалӣ усулҳо ва меъёрҳои махсуси илмӣ таҳия ва пешниҳод гардидаанд.

Равиши коммуникатсионӣ ва усулҳои суръатбахши (тезонидашудаи) омӯзиши забони хориҷӣ ба яке аз мавзӯъҳои меҳварии таҳқиқоти илмӣ табдил ёфтанд. Истифодаи ин амсилаҳо аз ҷониби омилону методологҳои намоён, аз ҷумла Е.И. Пассов ва Г.И. Китайгородская, ба таври васеъ мавриди пажӯҳиш қарор гирифт. Нигароии асосии ин омилон ба шаклдиҳии малакаҳои муоширатии омӯзандагон, яъне тавони алоқаи нутқӣ ба забони хориҷӣ, нигаронида шуда буд. Дар ин замина, роҳҳои гуногунчанг сохтани усулҳои таълим ва мутобиқ гардонидани маҷмӯи машқу супоришҳо ба меъёрҳои муоширатӣ омӯхта шуда, дастрасиҳои он дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ амалӣ гардиданд [8, с. 9; 10, с. 6].

Ҳамзамон, аз даҳаи ҳаштодуми асри гузашта сар карда, мутахассисони Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии Тоҷикистон (ҳоло Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба номи А. Ҷомӣ) низ ба таҳқиқи пайгиронаи методикаи таълими забони хориҷӣ дар МТМУ пардохтанд. Тамаркузи аслии ин пажӯҳишҳо ба муайян сохтани муҳтавои дарсҳо бо назардошти хусусиятҳои забони модарии хонандагон созмон дода шудааст.

Олими тоҷик С.А. Саидова ҳангоми баррасии масъалаҳои муҳими соҳа андешаҳои худро чунин баён менамояд, ки ҳангоми таълими забони хориҷӣ барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда риояи аслият ва принсипҳои зерин зарур аст:

- самтгирии амалии муоширатӣ (коммуникативӣ) дар асоси дарки озодонаву бошуурона;
- равиши функсионалӣ ҳангоми интихоб ва пешниҳоди ашёву маводи забонӣ ҳамчун таҳқурсии дидактикӣ барои барномасозии компютерӣ;
- пазирифтани матн ба ҳайси воҳиди хурдтарини раванди таълим;
- принсипи мавзӯӣ-вазъиятӣ дар муаррифии маводи забонӣ;
- ба таври оқилона ба назар гирифтани хусусиятҳои забони модарии хонандагон;
- ворид намудани ҷанбаҳои кишваршиносӣ ва ба назар гирифтани хусусиятҳои равоншиносии омӯзандагон дар ҷараёни дарс [15, с. 6].

Илова бар ин, соли 1987 гурӯҳи махсус оид ба омӯзиши забонҳои англисӣ, арабӣ, олмонӣ ва фаронсавӣ таъсис ёфта, доир ба мавзӯи «Такмил додани методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуми Тоҷикистон» таҳқиқоти густарида анҷом доданд. Ин дастаи таҳқиқотӣ тавонист консепсияҳо, барномаҳо ва роҳнамоҳои методиро таҳия намуда, маҷмӯи машқҳои назоратиро барои забонҳои англисиву олмонӣ дар марҳилаи ибтидоӣ коркард созад. инчунин, дастуру мақолаҳои методӣ дар мавриди истифодаи унсурҳои таълими суръатбахш дар дарсҳои забони олмонӣ ва фаронсавӣ аз ҷониби онҳо нигошта ва ба чоп расонида шуданд.

Ҳангоми баррасии пажӯҳишҳои илмии соҳаи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ, ки то солҳои 90-уми асри XX анҷом ёфтаанд, аҳамияти корҳои таҳқиқотии методистони барҷаста, аз қабили П. Ҷамшедов, А. Мамадназаров, И.Л. Бим, Е. Пассов, Р.Ф. Исаева, Н.И. Гез ва П.Г. Козловро алоҳида таъкид кардан лозим аст. Дар канори онҳо, саҳми муҳаққиқони

хориҷӣ, аз ҷумла И. Велке, С. Уиллис, П. Тунниала, Х.И. Лииметс, В. Лейбур, Э. Линдвет, Р.Т. Таза, С. Эелерс, Р.П. Селг ва дигарон низ дар рушди ин самт ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардад.

Аксарияти олимон масъалаи омодасозии донишҷӯёни хориҷиро мавриди таҳлилу пажӯҳиши ҳамаҷониба қарор дода, ҳамеша роҳу усулҳои расидан ба натиҷаҳои дилхоҳу пешбинишударо меҷӯстанд. Дар таҳқиқоти муҳаққиқони давраи шӯравӣ, ки раванди дастрасӣ ба комёбиҳо ва ҳалли мушкилотро фаро мегирифт, масъалаҳои омодасозии илмиву таълимии донишҷӯёни хориҷӣ ҷойи махсусро ишғол мекард.

Дар раванди азнавсозии соҳаи маорифи мактабӣ дар ҷумҳурии мо, ин дастовардҳои илмӣ ҳамаҷониба ба эътибор гирифта шуда, таҷрибаҳои пешқадам ба барномаҳои таълимӣ ворид карда шуданд. Дар маҷмуъ, дар асоси омилҳо ва таҳқиқоти илмии замони шӯравӣ, доир ба такмили барномаҳои таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ корҳои зиёди бунёдӣ ба анҷом расонида шуданд.

Сарфи назар аз мавҷудияти ҷанбаҳои мусбату манфӣ, таҷрибаҳои зиёде роҳандозӣ гардиданд, ки дар натиҷа усулҳои нави таълимӣ рӯи кор омаданд ва самаранокии онҳо дар фаъолияти амалии соҳаи маориф ба исбот расид.

Ҳамин тариқ, зимни дастабандии маводи таҳқиқшуда роҷеъ ба таърихи пайдоиш ва ташаккули таълими забонҳои хориҷӣ, марҳилаҳои байни солҳои 1918 ва 1990 ба асос гирифта шуданд. Ин равандро метавон ба даврaҳои зерин тақсим намуд:

- Солҳои 1917–1923: бартарии усули тарҷумавӣ;
- Солҳои 1924–1931: истифодаи фаъоли усули тарҷума;
- Солҳои 1932–1946: гузариш ба усулҳои омехта (комбинатсияшуда);
- Солҳои 1947–1959: ҳамбастагии усулҳои тарҷумавӣ ва омехта;
- Солҳои 1960–1990**:** истифодаи равишҳои муқоисавӣ, тарҷумонӣ ва гуногунрангии забонӣ.

Аз солҳои 90-уми асри XX инҷониб, ки мо онро ба 6 марҳилаи муайян дастабандӣ намудем, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва усулҳои бисёрҷанбаи дарсдиҳӣ вусъат ёфт. Аз ҳамин замон сар карда, марҳилаи нави азнавсозӣ, беҳтаркунӣ ва такмили таълими забонҳои хориҷӣ дар Тоҷикистон оғоз гардид.

Масъалаи омӯзонидани нутқ ва алоқаи шифоҳӣ ба донишҷӯён дар дарсҳои забони хориҷӣ ҷойи асъосиро ишғол мекунад. Маориф ва самтҳои он сарвати бебаҳои башарият буда, сатҳи донишу фарҳанги ҷомеа нишондиҳандаи асосии пешрафти давлат ба ҳисоб меравад. Маҳз тавассути низоми мукаммали таълиму тарбия дар хонандагон ҷаҳонбинӣ ва фарҳанги волои маънавӣ шакл мегирад.

Боло рафтани фарҳанг, дониш ва ҷаҳонбинии ҷомеа сарвати маънавии миллатро афзун гардонида, кишварро дар қатори мулкҳои пешрафтаи ҷаҳон ҷой медиҳад. Дар сурати баръакс, суботи ҷамъиятӣ ва интизоми меҳнатӣ заиф гашта, иқтисодиёт таназзул меёбад ва ноустувории иҷтимоӣ доман мегустурад — ин ҳақиқатест, ки таҷрибаи таърихии инсоният онро борҳо ба исбот расонидааст.

Ба ин тартиб, натиҷагирии таҳқиқоти баанҷомрасида собит месозад, ки навсозии муҳтавои таълими забонҳои хориҷӣ ва усулҳои дарсдиҳӣ мутобиқ ба талаботу меъёрҳои замони муосир амри зарурӣ ва ҳатмӣ мебошад.

Солиёни охири асри гузашта бар пояи равиши коммуникатсиониву муоширатӣ силсилаи китобҳои дарсӣ, воситаҳои аёниву таълимӣ ва даҳҳо асари илмӣ-таҳқиқотӣ нигошта ва ба чоп расонида шуданд.

Яке аз дастовардҳои бузургтарини пажӯҳишгарони давраи шуравӣ дар соҳаи методология — эътирофи афзалияти курсҳои муоширатӣ (коммуникативӣ) дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба шумор меравад. Ин муваффақияти илмӣ то ба имрӯз аҳамияти худро дар таҳсилоти байналмилалӣ ҳифз кардааст ва сазовори таваҷҷӯҳи махсус мебошад.

Роҷеъ ба ин масъала, Сарвари давлат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ таъкид намуда буданд: «Оид ба тарбияи

насли наврас сухан карда набояд фаромӯш кард, ки онҳо бояд дар мактабҳое таҳсил кунанд, ки бо таҷҳизоти муосир, аз ҷумла, компютерҳо, муҷаҳҳаз бошанд» [12].

Тибқи шарҳи «Луғати бузурги энсиклопедӣ», истилоҳи «коммуникатсионӣ» ба маънои «тавонмандӣ ва омодагии шахс ба алоқаи нутқӣ ва муошират» омадааст. Мафҳуми мазкур, яъне салоҳияти муоширатӣ дар раванди омӯзиши забонҳои хориҷӣ, дар аввал барои мактабҳои Олмон пешниҳод гардида буд. Муҳаққиқони олмонӣ Г. Нойнер ва Г. Хунфелд ба ҳайси таҳиягарони ин роҳнамои таълимӣ таъкид месозанд, ки раванди муошират ва воситаҳои ғайринутқӣ (монанди ханда ва оҳанги овоз) дар ҷараёни дарс нақши муҳим доранд. Аз ин рӯ, омодагии ҳадафманд ба алоқаи нутқӣ нисбат ба чаҳорчӯбаи муқаррарии дарс аҳамияти бештар пайдо мекунад. Барои омӯзандагон дарк намудани фаҳмоиш ва маънои паёмҳо, шинохти ҳадафи асосии онҳо ва расидан ба мақсадҳои шахсӣ дар раванди алоқа ниҳоят муҳим аст, ки маҳз ин маҷмӯи малакаҳоро «салоҳияти коммуникативӣ» меноманд.

Муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки салоҳияти коммуникатсионӣ (муоширатӣ) ба ҳадафҳои маърифативу маъноии раванди таълим мустақиман пайванд мегирад. Ин ба он маъност, ки донишҷӯ бояд ҳолатҳои мухталифи муоширатиро шинохта, фазоеро, ки дар он ҳамкории нутқӣ ва алоқаи дуҷониба сурат мегирад, дуруст муайян созад. Муҳим аст, ки омӯзанда ин омилҳоро дар раванди муошират, муколама ва алоқаи рӯзмарраи хеш ба таври фаъол ба эътибор гирад.

Мувофиқи «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020», муҳайё сохтани шароити моддӣ-техникӣ дар муассисаҳои таълимӣ яке аз омилҳои калидии татбиқи воқеӣ ва самарабахши раванди дарсдиҳӣ ба шумор меравад. Дар аксари марказҳои таҳсилотӣ заминаи зарурии соҳавӣ (аз ҷумла компютерҳо, кабинетҳои лингафонӣ ва китобхонаҳои рақамӣ) фароҳам мебошад. Дар маҷмӯъ, натиҷаи асосии пешбинишуда аз татбиқи барномаи мазкур «коркард ва роҳандозии амсилаҳои пешрафтаи воситаҳои таълими инноватсиониву иттилоотӣ, технологияҳои муосир, аёният ва таҷҳизот барои омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ» арзёбӣ мегардад [5, с. 35-39].

Мақсади иҷтимоии раванди таълим аз он иборат аст, ки донишҷӯ тарзи рафтори хешро дар шароити мухталифи муоширатӣ дарк намуда, ба амалҳои худ масъулият ҳис кунад. Омӯзанда кӯшиш менамояд, ки аҳдофи иҷтимоии худро дар муносибат бо дигарон ба таври мусбат амалӣ созад ва бо шарики суҳбати худ робитаи баробарҳуқуқро нигоҳ дорад.

Ҳадафи салоҳияти забоншиносӣ (лингвистӣ) бошад, ба он нигаронида шудааст, ки донишҷӯ битвонад андешаву афкори худро тавассути воситаҳои функсионалии забонӣ баён созад. Ин се ҷанба аз ҳамдигар муҷаҳҳаз ва ҷудо набуда, балки сохтори пайваста ва мутақобиларо ташкил медиҳанд.

Муҳаққиқи шинос Е.И. Пассов, ки роҳҳои дастрасӣ ба салоҳияти коммуникатсиониро амиқ таҳқиқ кардааст, таъкид менамояд, ки таълими муоширатии забони хориҷӣ бояд бар пояи омилҳои зерин роҳандозӣ шавад:

- корбарии равишҳои муоширатии дарсдиҳӣ;
- таҳия ва сохторидории машқҳои махсуси муоширатӣ;
- мақсаднок ва мураттаб ташкил намудани тамоми раванди таҳсил.

Ҷавҳари таълими коммуникативӣ ва сохтори ташкилии он хусусияти зерин дорад: омӯзиши муоширатӣ бевосита ба такмили малакаву донишҳо ба ҳайси як раванди пайваста нигаронида шудааст.

Роҳандозии нутқи фаъол ба забони хориҷӣ тарси ботинии хонандаро аз надонистани забон аз байн бурда, шавқу рағбати ӯро ба омӯзиш дучанд месозад. Аз ин рӯ, тамоми машқу супоришҳо бояд дорои ҳадафи мушаххасе бошанд, ки омӯзандаро бевосита ба суханрониву алоқаи нутқӣ раҳнамун созанд.

Зимни роҳандозии таълими муоширатӣ (коммуникативӣ) аҳамият додан ба хусусиятҳои инфиродии омӯзанда асли калидӣ маҳсуб меёбад, яъне тамоми вижагиҳои

шахсии ӯ бояд дақиқ ба эътибор гирифта шаванд. Ин равиш воситаи муҳимтарин ва муассири ангезиши фаъолияту рағбати донишҷӯ ба пайгирии дониш ба шумор меравад.

Барои он ки донишҷӯ дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ озодона сухан гӯяд, вазифаву супоришҳои таълимӣ бояд ба майлу рағбати ӯ мувофиқат кунанд. Аз ин рӯ, манофеи шахсии донишомӯз ва манбаи ангезиши ӯро ба инобат гирифтан зарур аст.

Танҳо дар чунин шароит метавон нишондиҳандаи фаъолнокии омӯзандагонро арзёбӣ ва баланд бардошт. Вақте ангезандаҳои дохилии хонанда фаъол мегарданд, ӯ қодир мешавад, ки мустақилона вориди фазои муошират муколама гардад. Муҳаққиқон низ таъкид мекунанд, ки ба назар гирифтани хусусиятҳои фардӣ дар дарсҳо шарти меҳварӣ аст. Сабаби асосии камбудиҳои мавҷуда дар методикаи таълим ба камии захираи луғавӣ ва набудани малакаи истифодаи вожаҳо дар нутқи шифоҳӣ алоқаманд мебошад.

Агар донишомӯз аз қадамҳои аввалини забономӯзӣ корбарии вожаҳоро дар нутқи рӯзмарра машқу таҷриба накунад, дар оянда ҳифз кардан ва истифодаи дурусти онҳо душвор мегардад. Бинобар ин, изҳори маводи таълимӣ мувофиқи вазъиятҳои коммуникатсионӣ бар пояи аломатҳо ва принсипҳои зерин амалӣ карда мешавад:

Ҳолатҳо дар пажӯҳишҳои забоншиносон ва методологҳо аз қадим ба ҳайси воситаи муассири ангезиши нутқ, омили рушди фаъолияти суханронӣ ва воситаи расидан ба натиҷаҳои дилхоҳи таълимӣ ҳамчун усули пурқимати илмӣ эътироф шудаанд.

Барои шаклдиҳии фазои вазъиятии зарурӣ дар таълими нутқ метавон аз равишҳои зерин истифода намуд:

а) сохтани фазои муоширатӣ тавассути супоришҳои хаёлӣ (аз қабили «тасаввур кунед, ки...»);

б) таҳлили тасвирҳо ё силсилаи аксҳое, ки хотираҳои мушаххасро бедор намуда, ба ташаккул ва тақвияти нутқ мусоидат мекунанд;

в) тавсифи ашё ва ҳодисаҳое, ки ба муҳити ҳаёти рӯзмарраи омӯзанда наздик ва ҳамхон мебошанд.

Ин гуна маҳдудсозӣ ва дақиқкунии вазъият имкон медиҳад, ки он ба супоришҳои муайяни фикрронӣ табдил ёфта, хонандаро ба андешаронии фаъол раҳнамоӣ созад.

Аён аст, ки дар амсилаҳои анъанавӣ ва пештараи дарсдиҳӣ масъалаи рушди тафаккури мустақилонаи хонандагон то ҷое аз мадди назар дур монда буд.

Методолог И.В. Раҳмонов зарур шуморид, ки миёни «вазъиятҳои ашёӣ (моддӣ)» ва «вазъиятҳои муносибатӣ» тафовут гузошта шавад. Муҳаққиқ пешниҳод намуд, ки ин ду намуди вазъиятҳо дар канори мавзуъҳои асосӣ ба мазмуни барномаҳои таълимӣ дохил карда шаванд. Вазъиятҳои ашёӣ (моддӣ) замоне шакл мегиранд, ки хонандагон муҳити наздики худ — монанди оила ва хонаро тавсиф менамоянд, дар ҳоле ки вазъиятҳои муносибатӣ ҳангоми баён сохтани андешаи шахсӣ ва муносибати фаъол ба ҳодисаву ашхоси алоҳида ба миён меоянд.

Чунин фазои нутқӣ замоне ташаккул меёбад, ки омӯзанда дар бораи мавзуе тафаккур намуда, хоҳиши баён кардани андешаи хешро пайдо созад.

Моделсозии вазъиятҳо дар ҷараёни дарс — бахусус корбарӣ бо вазъиятҳои муносибатӣ — имкон медиҳад, ки супоришҳои амалӣ муваффақона иҷро гарданд, зеро онҳо масъалагузории мушаххаси суханрониро эҷод менамоянд. Ин мавзуъ дар асари «Lesen als Verstehen»-и пажӯҳишгари олмонӣ С. Элерс (S. Ehlers) ба таври муфассал шарҳ ёфтааст. Муаллиф на танҳо вазъиятҳоро ба «ашёӣ (моддӣ) ва муносибатӣ» тасниф намудааст, балки сохтори мафҳумҳои пайвандгари онҳоро низ нишон медиҳад.

Аслияти вазъияти таълимӣ тақозо мекунад, ки тамоми эҳсосоту муносибати байниҳамдигарии омӯзгору донишҷӯён дар дарс ба инобат гирифта шавад.

Агар ин робита бисёрҷанба ва мутақобила бошад, омодагии донишомӯз ба нутқи озод ва беомодагии қаблӣ (спонтанӣ) суръат ёфта, сухани ӯ мазмуни воқеӣ пайдо мекунад. Ин қаринаи муоширатӣ бар рафтори мутақобилаи иштирокчиёни раванди таълим асос меёбад.

Машқҳои суннатии китобҳои дарсӣ (монанди «ба ҷойи нуқтаҳо ҳарфҳои лозимаро гузоред») дорои арзиши коммуникативӣ набуда, ангезандаи нутқ шуда наметавонанд. Барои ташкили алоқаи воқеии нутқӣ ва фароҳам овардани эҳтиёҷи муошират, методолог Е.И. Пассов се асли зеринро таъкид месозад:

- аввалан, ба назар гирифтани вазъи муоширатии омӯзандагон ба фаъолияти зеҳнии онҳо такони ҷиддӣ медиҳад;

- сониян, тағйиру навсозии пайвастаи вазъиятҳои дарсӣ самаранокии омӯзишро дучанд мегардонад;

- сеюм ин ки хотира ва тафаккури омӯзандаро ба ҷустуҷӯи мустақилона водор месозад, муроҷиат ба хусусиятҳои шахсии ӯ мебошад.

Вазъияти муносибатҳо дар раванди дарс танҳо дар ҳолате шакл мегирад, ки муҳити таълим бар пайванди фаъоли байни омӯзандагон ва омӯзгор асос ёфта бошад. Маҳсули таҳқиқоти чандинсолаи Е.И. Пассов нишон медиҳад, ки дар таълими коммуникативӣ дақиқ ва табақабандӣ намудани мафҳумҳои «вазъият» ва «ҳолат» ба як зарурати бебаҳси илмӣ табдил ёфтааст.

Пажӯҳишгар ба хулосае меояд, ки «вазъият — ин масъалаи муносибатҳо ва робитаи иштирокчиёни он мебошад» ва онро ҳамчун «низоми муносибатҳои байнишахсӣ, ки дар шуури ҳамсуҳбатон ташаккул ёфтааст» ва «мақоми вазъият — муносибат ба ин низом» алоқаманд месозад.

Муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар муносибатҳои байнишахсӣ омилҳои муҳимтарини зерин нақши пешбаранда доранд:

а) мавқеӣ;

б) муносибатӣ;

в) байнишахсӣ;

г) инсонӣ [7].

Омили сохторӣ ба он далолат мекунад, ки мухотибон метавонанд намояндагони соҳаҳои мухталифи ҷомеа (кормандон, табибон, донишҷӯён ва ғ.) ва дорои синну соли гуногун бошанд. Дар ин маврид, мавқеи иҷтимоии шахс самт ва ашёи ҳамкории онҳоро муайян месозад.

Таъкид гардидааст, ки муошират ва фаъолият бо ҳам пайванди зич доранд. Зикр кардани калимаҳои муҷаррад нодир аст; психологи номдор А.Н. Леонтев иброз медорад, ки маъно ва амсилаҳо на тавассути номбаркунӣ («ин қошуқ аст», «ин нон аст»), балки тавассути амалҳои эҳсосиву амалӣ (ба монанди либоспӯшӣ ё ғизохӯрӣ) фаҳмонида мешаванд. Яъне, дар раванди таълим истифодаи тамоми намудҳои фаъолияти амалӣ зарур мебошад.

Муошират вобаста ба аҳдофи таълим, шароит ва имкониятҳо пайваста дар динамика ва тағйирёбӣ қарор дорад. Омӯзгор бояд ин таҳаввулоти муоширатиро мутобиқи шароити дарсӣ ба назар гирад.

Барои омода кардани донишомӯзон ба шаклҳои гуногуни алоқаи нутқӣ, гуногунрангии маводро таъмин кардан лозим аст. Мувофиқи ин принсип, мавзуъҳо бояд мунтазам нав карда шаванд. Ин кор ба донишҷӯён кумак менамояд, ки малакаҳои нутқии худро сайқал дода, андешаашонро бо тарзҳои гуногун баён созанд. Танҳо дар чунин ҳолат омӯзандагон маводи навро зудтар ва самараноктар дар амал ба кор мебаранд.

Маводи таълимӣ бояд навият дошта бошад ва ҳангоми такрор на дар шакли якранг, балки дар вазъиятҳои мухталиф пешниҳод гардад, зеро танҳо бо ҳамин равиш маҳорат ва қобилияти забонии хонандагон тадриҷан инкишоф меёбад.

Дар даҳсолаҳои охир муҳаққиқон кӯшиш менамоянд, ки дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ малакаи нутқи пурмаҳсул ва омодагӣ ба муоширати байнифарҳангиро бе омодагии қаблӣ (спонтанӣ) ташаккул диҳанд. Барои расидан ба ин ҳадаф, маводи дарсӣ бояд ҳамеша ҷолиб ва дорои навият бошад.

Агар аз як тараф маводи нав шавқи омӯзандагонро бедор созад, аз тарафи дигар, корбарӣ аз технологияҳои муосири таълим самаранокӣ ва ангезаи онҳоро дучанд мегардонад.

Ба навияти маводи таълимӣ омилҳои зерин таъсири мустақим мерасонанд:

- муҳтаво ва мазмуни нави мавод;
- шаклҳои нави ташкили дарс;
- намудҳои нави супоришҳои амалӣ дар дарс;
- тағйир додани ҳамсуҳбатон ва шарикон дар раванди муошират;
- методҳо ва усулҳои нави кор;
- гузаронидани дарсҳои беруназсинфӣ, гурӯҳӣ, ғайрианъанавӣ ва факултативӣ;
- истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ ва мултимедиявӣ.

Вуҷуди ахбори нав дар маводи дарсӣ ниҳоят муфид аст. Такрори чандкаратаи як мавод бе тағйироти сохторӣ хусусияти муоширатиро аз байн мебарад. Ин андеша дар пажӯҳишҳои муҳаққиқони ҷаҳонӣ, ки ба методикаи таълими забони аҷнабӣ (аз ҷумла забони русӣ ва англисӣ ҳамчун забони хориҷӣ) машғуланд, фаровон ба чашм мерасад.

Таълими коммуникативӣ аз миёнаҳои асри XX дар Русия, Олмон ва дигар кишварҳои пешрафта бемайлон рушд мекунад. Ба ин масъала таваҷҷӯҳи муҳим зоҳир гардида, воситаҳои зиёди аёниву таълимӣ сохта шудаанд.

Дар хусуси он ки барои ба субъекти муошират дар забони хориҷӣ табдил ёфтани омӯзанда чӣ чизҳо заруранд, баҳсҳои зиёди илмӣ сурат гирифта, таълими муоширатӣ аз ҷанбаҳои гуногун мавриди таҳқиқ қарор дорад.

Имрӯзҳо раванди таълиму тарбия бештар ба самти робитаи байнифарҳангӣ нигаронида шудааст. Нақши омӯзгор дар афзоиши самаранокии муошират ва сифати омӯзиш ниҳоят бузург аст, аз ин рӯ, риояи ин принсип дар раванди дарсдиҳӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Агар дар раванди таълими забони хориҷӣ омили мушаххаси ангезанда (стимул) ва равиши байнифарҳангӣ вуҷуд надошта бошад, ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ дар муоширати амалӣ имконнопазир хоҳад буд.

Адабиёт:

1. Алимӣ, Ҷ. Рушди амалҳои муоширатӣ (дар мисоли забони англисӣ): маҷмуаи амалӣ / Ҷ. Алимӣ [ва диг.]. – Душанбе: Матбаа, 2022. – 90 с.
2. Алимӣ, Ҷ. Бархӯрд ва муносибати асосӣ ба ташкили муошират зимни азхудкунии забони хориҷӣ / Ҷ. Алимӣ, Р. Сабзаали // Паёми ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. – 2023. – № 2 (31). – С. 240–248.
3. Алимӣ, Ҷ. Омӯзиши забони тоҷикӣ ҳамчун забони хориҷӣ: маҷмуаи амалӣ / Ҷ. Алимӣ [ва диг.]. – Душанбе: Матбаа, 2022. – 28 с.
4. Алимӣ, Ҷ. Технологияи муосири таълим / Ҷ. Алимӣ. – Душанбе: Матбаа, 2023. – 279 с.
5. Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015–2020. – Душанбе, 2015. – 32 с.
6. Китайгородская, Г.А. Методика интенсивного обучения иностранным языкам: учебное пособие / Г.А. Китайгородская. – Москва: Просвещение, 1991. – 263 с.
7. Пассов, Е.И. Коммуникативный метод обучения иноязычному говорению / Е.И. Пассов. – 2-е изд. – Москва: Просвещение, 1991. – 223 с.
8. Пассов, Е.И. Цель обучения иностранному языку на современном этапе развития общества // Общая методика обучения иностранным языкам: хрестоматия / Е.И. Пассов, В.П. Кузовлев, В.С. Коростелев. – Москва: Рус. яз., 1997. – С. 15–24.
9. Пассов, Е.И. Коммуникативность обучения в практику школы / Е.И. Пассов. – Минск: Нарасвета, 1985. – 154 с.
10. Рахманов, И.В. Обучение устной речи на иностранном языке / И.В. Рахманов. – Москва: Просвещение, 1980. – 19 с.
11. Рахманов, И.В. Обучение устной речи на иностранном языке: учебное пособие / И.В. Рахманов. – Москва: Просвещение, 2004. – 205 с.

12. Раҳмон, Э. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Э. Раҳмон // Азия-Плюс. – 2003. – 24 апр.

13. Рушди методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар мактабҳои Тоҷикистон // Илм ва таълим. – 2021. – № 1.

14. Саидов, А. Забони англисӣ: китоби дарсӣ барои синфи 4 / А. Саидов, З. Расулова. – Душанбе: Маориф, 2015. – 135 с.

15. Саидова, Л.В. Психолого-педагогические проблемы развития преподавания иностранного (английского) языка в свете коммуникативного подхода в педагогических вузах Республики Таджикистан: автореф. дис. ... канд. пед. наук : 13.00.01 / Саидова Лариса Владимировна. – Душанбе, 2004. – 24 с.

ХУСУСИЯТҲОИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМИИ ЗАМОНИ ШУРАВӢ

Дар мақола ҷанбаҳо ва хусусиятҳои асосии таълими забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии давраи шуравӣ мавриди баррасӣ ва таҳлили илмӣ қарор гирифтаанд.

Муаллиф муайян месозад, ки дар замони шуравӣ барномаҳои ягонаи стандартӣ, ки дар маркази низом (шаҳри Маскав) таҳия мегаштанд, барои тамоми ҷумҳуриҳои иттифоқӣ пешниҳод гардида, асоси ислоҳоти соҳаи маорифро ташкил медоданд. Дар ин барномаҳо ҳаҷми лексикаи муоширатии марҳилаи ибтидоӣ 500 калимаро ташкил медод. Сарфи назар аз фароҳам овардани шароити зарурӣ барои кори муассир бо луғат (ҷорӣ намудани методҳои нав, таъсиси синфҳои махсуси забономӯзӣ ва ғ.), дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳаҷми лексикаи коммуникативӣ то 1000 адад маҳдуд карда шуда буд.

Зикр мегардад, ки дар нимаи дуюми асри XX дар заминаи равиши коммуникатививу муоширатӣ силсилаи зиёди китобҳои дарсӣ, воситаҳои аёниву таълимӣ ва таҳқиқоти бунёдии методӣ ба табъ расиданд. Яке аз дастовардҳои муҳимтарини методистони он давра эътирофи афзалияти курсҳои коммуникативӣ дар таълими забонҳои хориҷӣ мебошад, ки аҳаммияти илмии худро то имрӯз ҳифз намудааст.

Дар асоси таҳлили таҷрибаи таърихиву методологӣ муаллиф ба хулосае меояд, ки таълими муоширатии забонҳо имрӯз бевосита бо равиши байнифарҳангӣ ва эҷоди ангезаи (стимули) мушаххаси дарсӣ пайванд мебошад. Нақши омӯзгор дар фароҳам овардани муҳити фаъоли муоширатӣ ва мутобиқсозии маводи дарсӣ калидӣ арзёбӣ мегардад.

Калидвожаҳо: забонҳои хориҷӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ, давраи шуравӣ, равиши коммуникативӣ, муоширати байнифарҳангӣ, лексикаи муоширатӣ, маводи таълимӣ, навияти мавод, ангезаи омӯзиш.

ОСОБЕННОСТИ ОБУЧЕНИЯ ИНОСТРАННЫМ ЯЗЫКАМ В СРЕДНЕОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ СОВЕТСКОГО ПЕРИОДА

В статье рассматриваются и подвергаются научному анализу ключевые аспекты и особенности обучения иностранным языкам в среднеобщеобразовательных учебных заведениях советского периода.

Автор определяет, что в советское время единые типовые программы, разрабатывавшиеся в центре системы (г. Москва), предлагались для всех союзных республик и составляли основу реформирования сферы образования. В данных программах объём коммуникативной лексики на начальном этапе составлял 500 слов. Несмотря на создание необходимых условий для эффективной работы со словарным запасом (внедрение новых методов, открытие специализированных языковых кабинетов и т.д.), в среднеобщеобразовательных учебных заведениях объём коммуникативной лексики был ограничен 1000 единицами.

Отмечается, что во второй половине XX века на основе коммуникативного подхода был издан широкий ряд учебников, наглядных и учебных пособий, а также

фундаментальных методических исследований. Одним из важнейших достижений методистов того периода является признание приоритета коммуникативных курсов в обучении иностранным языкам, что сохраняет свою научную значимость и по сей день.

На основе анализа историко-методологического опыта автор приходит к выводу, что коммуникативное обучение языкам сегодня непосредственно связано с межкультурным подходом и созданием конкретного учебного стимула (мотивации). Роль преподавателя оценивается как ключевая в создании активной коммуникативной среды и адаптации учебного материала.

Ключевые слова: иностранные языки, среднеобщеобразовательные учебные заведения, учебный материал, новизна материала, мотивация обучения.

SPECIFIC FEATURES OF FOREIGN LANGUAGE TEACHING IN GENERAL SECONDARY EDUCATION INSTITUTIONS OF THE SOVIET PERIOD

The article examines and provides a scientific analysis of the key aspects and specific features of foreign language teaching in general secondary education institutions during the Soviet period.

The author establishes that during the Soviet era, unified standardized curricula developed at the central administrative level (Moscow) were implemented across all Union republics, forming the basis for educational reforms. In these curricula, the volume of communicative vocabulary at the primary stage was set at 500 words. Despite creating necessary conditions for effective vocabulary acquisition (introducing new teaching methods, establishing specialized language classrooms, etc.), the overall volume of communicative vocabulary in general secondary education institutions was limited to 1,000 units.

It is highlighted that in the second half of the 20th century, a wide range of textbooks, visual teaching aids, and fundamental methodological studies were published based on the communicative approach. One of the most significant achievements of methodologists of that era was the recognition of the priority of communicative courses in foreign language education—an approach that retains its scientific relevance to this day.

Based on the analysis of historical and methodological experience, the author concludes that communicative language teaching today is directly linked to the intercultural approach and the creation of specific classroom motivation (stimuli). The role of the teacher is evaluated as pivotal in fostering an active communicative environment and adapting instructional materials.

Keywords: foreign languages, general secondary education, Soviet period, communicative approach, intercultural communication, communicative vocabulary, teaching materials, novelty of materials, learning motivation.

Маълумот дар бораи муаллиф: Муродоза Баҳриддин Раҳмон, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдаки. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров-16. Почтаи электронӣ: bahriddin-m@mail.ru Тел.: 988 17 55 32

Сведения об авторе: Муродоза Бахриддин Рахмон, кандидат филологических наук, доцент кафедры языкознания и сопоставительной типологии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. Электронная почта: bahriddin-m@mail.ru Тел.: 988 17 55 32

Information about the author: Murodoza Bahriddin Rahmon, candidate of philological sciences, associate professor of the department of linguistics and comparative typology of Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov Street, 16. E-mail: bahriddin-m@mail.ru Tel.: 988 17 55 32

Муқарриз: Нодирова С.С., н.и.ф., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ:821.222.8 (Т)

НОМВОЖАҲОИ ҶУҒРОФӢ – ОМИЛИ МУАЙЯНКУНАНДАИ ВАЗЪИ ЭКОСИСТЕМА: ФИТОНИМИЯ ВА ЗООНИМИЯИ ФОРСИИ АСРҲОИ МИЁНА (дар мисоли «Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб-ул-мавҷудот»-и Аҳмади Тӯсӣ)

Рустамшозода Ш.Р., постдокторант
Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ

Таҳқиқи осори хаттии давраҳои гуногуни таърихӣ, пеш аз ҳама, боиси рушди паҳлуҳои гуногуни илм, аз ҷумла забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, таърих, фарҳанг, ҷуғрофия ва монанди инҳо шуда метавонад. Ин сарчашмаҳои таърихӣ фарогири рӯйдодҳои муҳим буда, мавқеи истифодаи забон ва фарҳангро дар замони фарогирии таълифи асар дар бар мегиранд.

Таҳқиқи самтҳои гуногуни намунаҳои барҷастаи сарчашмаҳои таърихӣ-ҷуғрофии форсу тоҷик дар замони муосир диққати олимон, муҳаққиқон ва забоншиносонро ба худ ҷалб намуда, тавассути он таърихи пайдоиш, раванд ва ташаккули лексикаи давраи таълифи рисолаҳои таърихӣ, манбаъҳои асосии таърихӣ-ҷуғрофии асарҳои мазкур инъикос мегардад. Дар фарҳанги миллати тоҷик асарҳои зиёди таърихӣ-ҷуғрофӣ маҳфузанд, ки ба таҳқиқу омӯзиши ҳаматарафа ниёз доранд. Асарҳои зиёдеро номбар кардан мумкин аст, ки дар баробари фаро гирифтани маълумоти таърихӣ, инчунин, ҳамчун сарчашмаи омӯзиши самтҳои ҷуғрофӣ-релефӣ, вазъи иқтисодиву иҷтимоӣ, омилҳои миллӣ-фарҳангӣ хизмат намуда, ҳамчун сарчашмаҳои энсиклопедӣ низ эътироф мешаванд. Сарчашмаҳои таърихӣ, ба монанди «Таърихи Систон», «Таърихи Наршахӣ», «Таърихи Байҳақӣ», «Зайн-ул-ахбор», «Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб-ул-мавҷудот», «Ҳудуд-ул-олам», «Шоҳнома»-и Саолибӣ, «Форснома»-и Ибн ал-Балхӣ ва бисёри дигарон аз ҷумлаи чунин рисолаҳои арзишманди фарҳанги миллати тоҷик ба ҳисоб мераванд, ки солҳои зиёд ба таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни асарҳои номбурда, олимону муҳаққиқони соҳаҳои гуногун корҳои илмӣ-таҳқиқотиашонро бахшидаанд.

Таҳқиқ ва омӯзиши масъалаҳои мавриди таҳлил аз ҷониби муҳаққиқони соҳа, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, Сайфиддин Назарзода соли 1999 китобе бо номи «Аҷоиб ул-махлуқот ва вожашиносии таърихии форсӣ-тоҷикӣ» дар бораи истилоҳоти асри XII, забон ва услуби асар, хусусиятҳои забонии вожаҳо ва лексикаи соҳавӣ таҳқиқ намуда, чоп мекунад.

Дар баробари ин, аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, ба монанди Р.Х. Додихудоев, С. Додихудоев, С. Назарзода, Забеҳулло Сафо, Манучеҳри Сутуда, Закариёи Қазвинӣ, В.В. Виноградов, А.В. Суперанская, Т.Р. Писарская ва Л.С. Якименко, Н.Д. Миклухо-Маклай, Ю.С. Малсев, В.П. Демидчик оид ба масъалаҳои гуногуни асари мавриди таҳқиқ ва хусусиятҳои забонию ҷуғрофӣ асару мақолаҳо таҳия намудаанд.

Яке аз ин намунаҳои барҷаста рисолаҳои таърихӣ-ҷуғрофии форсии асрҳои миёна «Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб-ул-мавҷудот»-и Аҳмади Тусӣ мебошад, ки дар баробари лутфи баён ва диловезии достон сарчашмаи муҳимтарин барои таҳқиқи забони хаттии асри XII хизмат мекунад. Мероси бузурги фарҳангиву таърихии дар «Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб-ул-мавҷудот»-и Аҳмади Тусӣ буда, барои пайвандони илми забоншиносии тоҷик хазинаи ғании омӯзиши вижагиҳои осори хаттӣ маҳфуз монда, сарчашмаҳои энсиклопедии ба ин монанд дар таърихи забони тоҷикӣ камшумор бошанд ҳам, дар он мавқеи махсусро ишғол менамоянд. Инчунин, дар он маълумот роҷеъ ба кишварҳои мухталиф, вазъи таърихии пайдошавии онҳо, вазъи табиӣ, олами гирду атроф, набототу ҳайвонот ва ғайра ба таври муфассал гирдоварӣ шудааст.

«Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб-ул-мавҷудот»-и Аҳмади Тусӣ аз номвожаҳои зиёди ҷуғрофӣ, ба монанди номи шаҳру вилоят, деҳаву ноҳия, объектҳои оронимиву гидронимӣ, голонимҳо иборат буда, дар баробари таърихи пайдошавии ин объектҳои таърихиву ҷуғрофӣ

дар сарчашмаҳои номбурда, маълумот дар бораи обу ҳаво, мавқеи ҷуғрофӣ, иқлим, вазъи экосистемаи минтақаҳои ҷудогона гирдовардӣ шудааст. Маълум аст, ки инсон дар баробари муайян сохтани мавқеи хеш дар ҷамъият, бо назардошти муайян намудани ҷойи сукунати худ, муҳайё намудани шароити зисту зиндагӣ бо нигоҳ доштани ҳудуди маҳалли худ, инчунин, зиндагии инсон бо экосистема - олами набобот ва ҳайвоноти мавзеъҳои таърихиву ҷуғрофӣ алоқамандии зич доранд. Алоқамандии таърихӣ дар мубодилаи дутарафаи байни инсон ва олами набототиву ҳайвонот таҷассум гардида, ин табодул дар забони инсон тавассути вазифаҳои воқеӣ ва рамзии лексикаи фитонимӣ ва зоонимӣ сурат меёфт.

Муҳаққиқи маъруф Сайфиддин Назарзода омӯзиши асарро муҳим арзёбӣ намуда, дар асарашон таъкид мекунад, ки ««Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб-ул-мавҷудот» илова бар лутфи баён ва диловезии достон муҳимтарин сарчашмаест барои таҳқиқ ва омӯзиши забони хаттии расмӣ ва лаҳҷаву гӯишҳои забони форсии дарии он аҳд» [9, с. 5].

Бояд қайд намуд, ки ҳангоми таҳқиқи ҷанбаҳои топонимӣ, баъзе истилоҳоти илмӣ вуҷуд доранд, ки ҳангоми омӯзиши илмии мавзуъ рӯйи кор меоянд. Табиат ва ҳудуд (марзу бум) ду мафҳуми ҷудонашавандаанд, ки на танҳо симои замин, балки сохтори фарҳангӣ, иқтисодӣ ва маъмурии онро ташаккул медиҳанд. Аз замонҳои қадим, наботот ва ҳайвонот ба шаклгирии маҳалҳо, номгузорӣ, сарҳадҳо ва рамзҳои воҳидҳои маъмурӣ-географӣ таъсир мерасониданд. Ин пайванд тасодуфӣ нест, он хоҳиши инсонро ба наздикӣ бо олами атроф инъикос мекунад ва аҳаммияти муҳити табииро дар рушди ҷомеа таъкид менамояд. Алоқамандии инсон бо табиат дар осори илмии олимони зиёд мавриди омӯзиш қарор дода шуда, истилоҳи забоншиносии наботот бо вожаи «фитонимия» ва ҳайвонот бо «зоонимия» ёдрас мешаванд.

Истилоҳи «фитоним» бори аввал аз ҷониби А.В. Суперанская дар китоби «Назарияи умумии номи хос» ёдрас шудааст, ки дар он шарҳи маҳдуди ин мафҳум оварда шудааст [14, с. 189]. Баъдан Н.В. Подолская дар «Луғати истилоҳоти ономастикаи русӣ» қайд мекунад, ки «фитоним» ба маънои «номи хоси ҳар гуна растанӣ» истифода мешавад [11, с. 158].

Мувофиқи андешаи олимон Т.Р. Писарская ва Н.Е. Якименко бо истинод ба Л.Ф. Путсилёва: «фитонимҳо лексемаҳое мебошанд, ки дар маънои мустақим номҳои ҳамаи объектҳое, ки ба олами наботот тааллуқ доранд, номҳои худи растаниҳо ва, инчунин, қисмҳои онҳоро ифода мекунанд» [11, с. 88].

Тибқи маълумоти Е.Г. Галитсина омӯзиши фитонимҳо «…аз се ҷиҳат амалӣ мешавад: лингвистӣ, ботаникӣ ва фалсафӣ. Ботаника маълумот дар бораи хусусиятҳои растаниҳоро фароҳам меорад, ки асоси пайдоиши номҳои онҳо – сохтор, ранг, шакл, ҷойҳои нашъунамо ва ғайра шудаанд. Дар фалсафа фитонимҳо истилоҳоте фаҳмида мешаванд, ки намудҳои табииро ифода мекунанд ва хусусиятҳоеро инъикос менамоянд, ки воқеан дар табиат вуҷуд доранд, ки бар хилофи дигар гурӯҳҳои лексикӣ, ин номҳо тасодуфӣ нестанд» [3, с. 36-37].

Дар забоншиносӣ маъноҳои амиқтари истилоҳи «зооним» низ мушоҳида мешаванд. Масалан, муҳаққиқ Вердиева З.Н. зоонимҳоро ба «мифимемаҳо» мансуб медонад, яъне калимаҳое, ки дорои маънои дугона мебошанд ва ҳамзамон дар ду сатҳ амал мекунанд: дар сатҳи забон, ки онҳо маънои луғавии худро нигоҳ медоранд ва дар сатҳи метазабон, ки ҳамчун унсурҳои низоми дуюмдараҷаи нишонаҳо баромад намуда, танҳо дар натиҷаи пайвастани ин унсурҳо ба вуҷуд меоянд. Мафҳуми «зооним» ҳам барои ифодаи номи хос (дар ин маврид лақаб) ва ҳам барои номи умумӣ, яъне ифодаи ҳайвон, истифода мешавад» [15, с. 215].

Забоншинос Е.М. Галкина-Федорук дар бораи «зооним» чунин менависад: «Зоонимҳо ҳамчун варианти ибтидоии лексикӣ-семантикии калимаи бисёрмаъно баромад мекунанд, вале ҳамзамон метавонанд ҳамчун яке аз вариантҳои ҳосилшудаи лексикӣ-семантикии ҳамин гуна калима низ амал намоянд» [4, с. 215].

Ҳангоми таҳқиқи осори таърихии асрҳои миёна робитаи таърихии топонимҳо бо олами набототу ҳайвонот хуб ба назар мерасад. Дар саросари осори хаттии таърихиву ҷуғрофӣ номвожаҳои ҷуғрофиро рӯ ба рӯ мешавем, ки хусусиятҳои табиати маҳаллиро

инъикос мекунанд: *деҳаи Гург, ноҳияи Мешконот, вилояти Куфа, деҳаи Гавз (Ҷавз), шаҳраки Хурма ва ғайра.* Ин номҳо на танҳо ба наботот, ё ҳайвоноти хоси он минтақа ишора мекунанд, балки хотираи таърихиро дар бораи шароити табиие, ки одамон дар он зиндагӣ мекарданд, нигоҳ медоранд. Масалан, номи як маҳалла метавонад бо ҷангале, ки дар он ҷойи сукунати гургон аст, ё бо манзиле, ки дар он писта ё ҷавзи зиёд мерӯяд, вобаста бошад.

Ғайр аз номгузорӣ, набототу ҳайвонот ба муайянкунии сарҳади маъмурӣ низ таъсир мерасониданд. Манзараҳои табиӣ – кӯҳҳо, рӯдҳо, ҷангалҳо аксаран сарҳадҳои табиии байни қаламравҳо мегардиданд. Ҷангалҳо ва обанборҳо ҳамчун ҳимоя, манбаи хӯрок ва об, инчунин, ҳамчун роҳнамо барои муайян кардани ҳудуди ҳокимиятҳо хизмат мекарданд. Ба ин тартиб, хусусиятҳои табиат мустақиман ба шаклгирии харитаи геополитикӣ таъсир мерасониданд.

Нақши муҳимми дигари рамзии наботот ва ҳайвонот дар ҳувияти маъмурӣ зоҳир мегардад. Шаҳру вилоятҳое дар таърих маълуманд, ки дар нишонаҳо ва парчамҳояшон як навъи наботот ва ҳайвоноти маҳаллиро тасвир кардаанд. Масалан, «*шер»* ҳамчун рамзи ҷасорат ва тавоноӣ дар нишони бештари давлатҳои Форс тасвир ёфта, рамзҳои растанӣ, мисли *санавбар, гандум* ё *ангур*, аксар вақт ба бойгариҳои табиии минтақа ва самти асосии фаъолияти хоҷагии он сарзамин ишора мекарданд. Ҳамчунин, барои ҳифзи навъҳои нодири наботот ва ҳайвонот воҳидҳои махсуси маъмурӣ-ҳудудӣ: *мамнуъгоҳҳо, боғҳои истироҳатӣ* (дар асрҳои миёна бештар барои ашрофзодагон) таъсис дода шудаанд. Ин ҳудудҳо дорои мақоми махсус буда, таҳти ҳимояи шоҳигариҳо қарор доштанд, ки дар он ҷо ҳайвоноти нодир нигоҳ дошта шудаанд. Пайванди набототу ҳайвонот бо воҳидҳои маъмурӣ-географӣ заминаи таърихӣ дошта, он муносибати инсон бо муҳити зистро инъикос мекунад ва нишон медиҳад, ки тақсимоти ҳудудӣ – ин на танҳо харита ва сарҳадҳост, балки таърихи зиндаи табиат мебошад.

Мавриди зикр аст, ки зимни ҷамъоварӣ ва гурӯҳбандӣ намудани маводи топонимии асар ҷузъи таркибии «шер» дар сохтани навъҳои гуногуни мавзеъҳои ҷуғрофӣ ва номи одамон истифода шудааст, ба монанди антропонимҳои Ардашер (с.79), Анушервони Одил (с.22) ва оронимияи Шерӯя (с.132), топоними Шероз (с.123) истифода шудааст. Инчунин, истифодаи номи «шер» чун ҳайвон дар асар ҷолиби диққат аст ва ин бевосита бо хусусиятҳои хоси худаш, ба шахсони воломақом ва машҳур дода мешавад: *«Шер сабуи азим асту қоҳир, бар ҳамаи ҳайвонот ғолиб. Ва ҳар ҳайвон, ки вайро дид, овозаш мунқатеъ гардад ва битарсад. Ва ҳар ҷо, ки шер ошён дорад, ҳамаи ҷонварон лоғар бошанд»* [8, с. 548].

Дар баробари ин, истифодаи ин зооним ба номи шахсиятҳои таърихӣ ва аз рӯйи хусусиятҳои ҷавонмардиву ҷасурӣ чун тахаллус дода мешавад, ба монанди: *«Ва шер ҷинсест, ки мулукон ба номи вай мубоҳот кунанд, чунонки Алӣ ибни Абӯтолиб (р)-ро «Асадуллоҳ» (Шери Худо) гӯянд ва Холид (р)-ро «Сайфуллоҳ» (Шамшери Худо)»* [8, с. 551].

Дар сарчашмаҳои таърихиву ҷуғрофии мавриди таҳқиқ миқдори зиёди вожаҳои фитонимиву зоонимӣ бо шарҳи моҳияти табииашон дар алоқамандӣ бо зикри номвожаҳои ҷуғрофӣ, аз ҷумла мавзеи сабзиши наботот ва гиёҳҳо ва сукунати ҳайвонот нишон дода шудаанд, ки аз ҷанбаи энсиклопедии «Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб-ул-мавҷудот»-и Аҳмади Тусӣ шаҳодат медиҳад.

Доираи ифодаи номвожаҳои таърихиву ҷуғрофӣ дар сарчашмаҳои омӯхташуда васеъ буда, дар баробари номвожаҳои топонимӣ зикри вожаҳои фитонимиву зоонимии таҳти унвони зерин ба назар мерасанд. Шарҳи вожаҳои фитонимӣ дар «Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб-ул-мавҷудот»-и Аҳмади Тусӣ таҳти унвони «Рукн андар аҷоиби дарахтон ва гиёҳҳо» дар шарҳи умумии онҳо сурат ёфта, ҳамчун осори таърихӣ-энсклопедии оғози тасвири пайдоиши вожаҳои фитонимӣ, пеш аз ҳама, аз таърихи пайдоишашон сурат меёбад. Чунончи, «*Бидон, ки Офаридгор дар олам дарахтҳои мухталиф офарид, баъзе дароз чун соч (булути ҳиндӣ), баъзе кутоҳ чун дарахти анҷил (анҷир), баъзе бориксоҷ чун каду, баъзе ситабр чун ҷавз (чормағз), баъзеро аз меваҳо устухон (пӯст, пучок) берун чун ҷавз ва бодом ва баъзеро устухон андарун чун хурмо ва ғубайро (синҷид), баъзеро зоҳиру ботин маҳмуд чун анҷил ва турунҷ ва фарсод, баъзеро зоҳиру ботин мазмум чун ҳанзал ва дифло*» [8, с. 258].

Боиси қайд аст, ки дар сарчашмаи болозикр ҳар як фитоним бо шарҳи асосии биологиву моҳияти шифобахшиашон оварда шудаанд, ки семантикаи вожаҳои фитонимиро ба таври зайл нишон медиҳад.

Исбаранг – номи гиёҳест, ки дар ҷазираи Хазирон дар саҳрои нарм мерӯяд, ки намудаш ба сурати одамӣ монанд аст, ки маълумот оид ба шакли он дар худи «Аҷоибнома» чунин омадааст: «*Ва мисли он бар кӯҳи Лобис, дарахтҳост, баргҳои фарох дорад ва дар барге сурати одамӣ»* [8, с. 288].

Корбасти фитонимияи маводи асар ҷолиби диққат аст. Дар баъзе ҳолат аз рӯйи парвариш ва теъдоди зиёди ин, ё намуди фитонимҳо номи маҳал, деҳа, шаҳр ва дигар мавзеъҳои ҷуғрофӣ номгузорӣ шудааст. Сарзамини васфшуда, ки муаллиф бевосита бо хусусиятҳои ҷолиб ва шифобахшиашон, ки ба беҳтар гардидани бемориҳои гуногуни бемор муосидат мекунад, зикр намудаанд. Ин фитонимҳо бо кадом навъи бемориҳо муфид аст ва онро чи гуна омода ва истеъмол мекунанд, оварда шудааст. Дар баробари ин, истеъмоли аз меъёр зиёд ҳам одамро ба кадом гурӯҳи бемориҳо гирифтор мекунад, қайд шудааст. Аз рӯйи таҳқиқи анҷомдодашуда, зикри фитонимҳои *анор, анбарӯд (нок, амрӯд), анчил (анҷир), ангур, бодом, бақам, беш, пиёз, ҷавз (чормағз), чинор, ҳамомо, ҳур, хиёр (бодиринг), дорчинӣ, дардор, девдор, зуърур (азгил, дулона), заққум, зайтун, соҷ (булути ҳиндӣ), содаҷ, сафарҷал, синҷид, сандал, санат, савсан, себ, шақоиқ, шалғам, санавбар, турсус, ар-ар, анбар ва филфил* истифода шудаанд.

Дар «Аҷоибнома» баробари номвожаҳои фитонимиву зоонимӣ шарҳи бевоситаи онҳо оварда шудааст, ки тавассути он вазъи экосистемаи ин ё он минтақа нишон дода мешавад. Чунончи, *«дар ҳудуди Хоразм дарахтест, ки агар сурохе дар он кунанд, асал аз он берун ояд. Як ратл марде бихӯрад, маст гардад»* [8, с. 308] ё «*дарахте* ***бувад дар Шом*** *чун тут, дар балге чун чароғе афрӯзад, даст сӯзонад. Чун балгҳо бирезад, нопадид шавад ва баъзе аз чӯбҳо. Об вайро напӯсонад ва дар осиёбҳо афкананд*» [8, с. 308]; ё ин ки : «***Ба Ҳиндусто****н дарахтест, бар он ҷуз тутак нанишинад. Ҳиндувон он дарахтро суҷуд кунанд, гӯянд: «Аз биҳишт аст ва мурғаш биҳиштӣ аст». Ва чун захме ба он дарахт ояд, обе сурх чун хун берун ояд»* [8, с. 309].

Дар баробари номвожаҳои фитонимии дар сарчашмаҳои мавриди таҳқиқ овардашуда, инчунин, дар он ҷойгоҳи вожаҳои зоонимӣ низ назаррас аст, ки бо номбар кардани онҳо мавзеи сукунати ин навъи ҳайвонот хуб нишон дода шуда, баъзе аз онҳо бо номи қадимаашон дар асарҳо дарҷ гардидаанд. Гурӯҳи аввалро номгӯйи паррандагон ташкил медиҳанд, ки шарҳи табиии онҳо ба таври зайл сурат ёфтааст:

Тазарв – мурғест латиф, ки аз товус бисёр оростатару нозуку латиф аст. Ҷояшон дар вилояти Мозандарон буда, бо номи «харухаки дарӣ» низ машҳур аст. Хосияташон дар асар чунин оварда шудааст: «*Вайро ҳеҷ ҷаворих нишаста натавонад гирифтан, магар дар ҳаво. Боз қасди вай кунад ва сина бар вай занад, то аз дарахт бархезад, пас вайро дар ҳаво бигирад». Ба оростагии вай кас мурғ набинад*» [8, с. 495].

Ҳуборо (дуғдоғ)–бо номи «чарз» низ маъмул буда, хосияти табииашон чунин оварда шудаст: «*Гӯянд, ки хуборо мӯйи боз афканад ба як бор ва дербоз рӯяд ва бошад, ки аз ғам бимирад. Ва вай ранги некӯ дорад. Ба Басра вайро бигиранд, дар хавсалаи вай хаббат-ул-хазро ёбанд*» [8, с. 495].

Хаттоф – бо номи парасту ва фароштурук низ машҳур буда, мурғи заиф асту латиф. Алоқмандии ин парранда ба минтақаи Ҳиндустон чунин оварда шудааст: «*Ҳар сол аз Ҳиндустон биёяд ба вилоятҳо ва бачаҳо бикунад ва бардорад ба Ҳиндустон равад, дар дарё афтад, ҳалок шавад ва бача бигзорад. Ва дар баъзе кутуб мастур аст, ки вай «Фотиҳа» хонад. Чашми хаттоф бар бозу банданд, таб сокин кунад*» [8, с. 497].

Инчунин, дар асари мазкур чун номи шаҳр «Ва ба Хазар шаҳрест бузург, номи вай Самандар» (с.209), номи мурғ (с.501) истифода шудааст.

Шутурмурғро Аҳмади Тусӣ мурғи дорои аъзои мурғон ва пойи шутур тасвир намуда, қобилияташро чунин нишон додааст: «*Гургро бигирад ва ба нар ва мода гургеро*

бикушанд. Ва дар чаҳорпоӣ ва дупоӣ, ки як пояш шикаста шавад, ба дигар пой эътимод кунад, магар шутурмурғ, ки як пояш шикаста шавад, аз по биафтадӣ [8, с. 503].

Товус – як навъи мурғи зебои ҳиндист, ки раъноиашон ба пару ҳаракоташ ҷилвагар мешавад: «*Раъноӣ кунад ва ҷилва ба ҳаракот кунад ва дунбол дар сар оварад, аз ҳам бикшояд, чун чатре дар сари худ оварад, бар он суратҳо ва доираҳои бадеъ ва лавнхои некӯ*» [8, с. 505].

Дар баробари фитонимҳо дар «Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб-ул-мавҷудот»-и Аҳмади Тусӣ дар боби зоонимҳои ифодакунандаи номи паррандагон бо зикри номи ҷонварон мавзеъ ва хосияти ба он алоқаманд низ нишон дода шудаанд. Аз ҷумла: «*Ва ба ҳудуди* ***Зангбор*** *– мурғест монанди фохта. Кути вай мор бувад: вайро бирабояд ва биандозад, то ҳалок шавад ва бихӯрад*» [8, с. 519].

Ҷойгоҳи зоонимҳои дигар дар сарчашмаҳои таҳқиқшаванда низ бо овардани тавсифи табиии онҳо сурат ёфта, гурӯҳи калони онҳо дар рукни баёни чаҳорпоён ва ҳайвоноти бузург шарҳ ёфтаанд, аз ҷумла *оҳу, арс, астар (хачир, нахҷир), бабр, хорпӯшт, хирс, харгӯш, дала, росу, санҷоб, шер, муш* ***(фаъра), ё****мур, юз* истифода шудааст.

Муҳаққиқ С.Назарзода зимни таҳқиқоти илмиашон корбаст ва истифодаи фитонимияи асари мазкурро чунин арзёбӣ менамояд: «Ба ҳамин тариқ, дар манбаи мо тавсифи 79 рустанӣ ва дар китоби Ал-Қазвинӣ» рочеъ ба 110 рустанӣ маълумот оварда шудааст. Баъзе рустаниҳое, ки дар китоби Аҳмади Тӯсӣ тавсиф гардидаанд, имрӯз камистеъмол шудаанд» [9, с. 110].

То имрӯз нусхаҳои гуногун ва таълифи аҷоибномаҳо аз ҷониби намояндагони илму адаб зиёд таълиф шудаанд ва аз тарафи муҳаққиқони соҳа мавриди омӯзиши амиқи илмӣ қарор гирифтаанд. Вобаста ба фитонимияи асар аз ҷониби топонимшиноси маъруф Р.Х. Додихудоев мавриди таҳқиқ қарор гирифта, муқоисаи фитонимияи асари «Аҷоиб ул-махлуқот»-и Закариёи Қазвинӣ (асри XIV) барррасӣ гардидааст [6, с. 3-8].

Ифодаи шарҳи ҷонварони дар мавзеъҳои ҷуғрофии гуногун сукунат дошта дар бахши ҳайвонот ва ҷонварон низ ба таври зайл сурат ёфтааст: «*Дар лаби* ***дарёи Муҳит*** *доббаест ба шаб аз об барояд, зард монанди шамъ афрӯзад чандон ки оҳуе. Пас, тани худро бар санг мемолад, то мӯйи худро ҳама бирезонад ва ба дарё шавад. Он пашми вай бардоранд, аз он ҷома бофанд*» [9, с. 573]; «*Ва ба ҳудуди* ***Мукрон*** *доббаест ду чашм дорад монанди ду шуъла. Аз вай ҳеҷ ҷонвар нараҳад. То ба ҳадде, ки ҳайвоноти он ноҳия аз чароғу шуълаҳо гурезанд ва пиндоранд, ки чашми он ҳайвон аст*» [8, с. 573].

Ифодаи хосияти ҳайвоноти баҳрӣ дар «Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб-ул-мавҷудот»-и Аҳмади Тусӣ тавассути як вожаи зоонимии моҳӣ – «самак» сурат ёфтааст, ки ҷонварест бисёр бобаракат: «*Ва гӯянд, моҳӣ нафас занад аз дари гӯш. Моҳие, ки дар оби хуш бувад, забону димоғ дорад ва чун дар оби шур бувад, на забон дорад ва на димоғ. Ва ҳеҷ моҳие шуш надорад ва агар шуш доштӣ, аз овози моҳиён одамӣ ба ранҷ будӣ*» [8, с. 573].

Таҳқиқи хосияти табиии вожаҳои фитонимӣ ва зоонимӣ дар алоқамандӣ бо номвожаҳои ҷуғрофӣ нишон дод, ки номвожаҳои мазкур дар баробари ҷузъи ҷудонопазири экосистемаи Форси асрҳои миёна буданашон, инчунин, дигар маълумотро дар бораи хосияти табиии шифобахши набототу гиёҳҳо, иқлим, шароитҳои мусоид барои мавзеи сукунати ҳайвонот фароҳам оварда, дар он шарҳи шакли архаистии номвожаҳо ба роҳ монда шудааст. Таркиби номвожаҳои фитонимиву зоонимӣ бештар шаклҳои архаистии онҳоро ташкил дода, дар осори таҳқиқшуда бо овардани мисолҳои мушаххас ҷойгоҳи асосии онҳо дар харитаи ҷуғрофии асримиёнагӣ дарҷ гардидааст.

Адабиёт:

1. Абодуллоева С.Ю. Ономастикаи «Форснома»-и Ибн Албалхӣ / С.Ю. Абодуллоева.– Душанбе: РТСУ, 2012.– 130 с.

2. Алими Дж. Ономастика (теорияи практика) / Дж. Алими. –Душанбе: Литература, 2017.– 467 с.

3. Галицына Е.Г. Особенности изучения лексической группы фитонимов (на

материале фитонимов древнеанглийского языка) // Актуальные проблемы филологии и методики преподавания иностранных языков: материалы XIII Международной студенческой научно-практической конференции. / Е.Г. Галицына– Казань: Молодой учёный, 2015. – № 10.5 (90.5). – С. 36–37.

4. Галкина-Федорук Е.М. Об экспрессивности и эмоциональности в языке / Е. М. Галкина-Федорук. – Москва: 1958. – С. 98–105.

5. Давлатов Э.А. Лингвистическое исследование ономастики «Касас-ул-анбиё» / Э.А. Давлатов. –Душанбе: Промэкспо». 2017. –148 с.

6. Додихудоев, Р.Х. «Аджаиб ул-махлукат ва гараиб ул-мавджудат» как источник исторической лексикологии // Изв.АН Тадж. ССР, востоковедение, история, филология, Душанбе, 1987, №1, стр.3-8

7. Касымова, М.Н. История таджикского литературного языка / М.Н. Касымова. – Душанбе: ТНУ, 2012. –568 с.

8. Муҳаммад ибни Маҳмуд ибни Аҳмади Тусӣ «Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб-ул-мавҷудот» / М.А.Т. Муҳаммад. – Душнабе: 2016. – 604 с.

9. Назарзода С. «Аҷоиб ул-махлуқот» ва вожашиносии таърихии форсӣ-тоҷикӣ / С. Назарзода. – Душанбе: Дониш, 1999. -210 с.

10. Писарская Т. Р., Якименко Н.Е. Паремии с компонентом-фитонимом как объект лингвокультурологического описания // Новое в лингвистике и методике преподавания иностранных и русского языков: сборник научных статей XXVII Международной научно-практической конференции (23–24 июня 2017 г.) / Т.Р. Писарская, Н.Е. Якименко. –Санкт-Петербург: Изд-во СПбГЭУ, 2017. – С. 88–92.

11. Подольская Н.В. Словарь русской ономастической терминологии / Н.В. Подольская. –Москва: Наука, 1978. – 198 с.

12. Сайфиддин Н. Лингвистичесские особенности изучение классичесских письменных памятников (на примере «Аджоиб-ул- махлукот и гароиб-ул мавчудот» Асадии Туси) / Н. Сайфиддин. – Душанбе: 2004. – 332 с.

13. Сулаймонов, С. Лингвистические основы топонимики в трудах арабского средневекового автора Йкута Ал-Хамави (ХШ в.) / С. Сулаймонов Автореф. дис.канд. фил. наук. –Душанбе: -Маориф, 1979. -20 с.

14. Суперанская, А.В. Общая теория имени собственного / А.В. Суперанская; АН СССР, Институт языкознания. – Москва: Наука, 1973. – 366 с.

15. Топонимика Востока. – Москва.: Наука, 1962. – 211 с.

16. Фозилов М.Ф. Некоторые особенности таджикского литературного языка эпохи Сомонидов (по одной стариной рукописи «Таърихи Табарии Балъами» // труды Института истории А.Н. Таджикской РСС/ М.Ф. Фозилов. ССР, том 27, 1957.

17. Шарипова, Ф.Х. Лексико-семантичесские особенности «Кашф-ул-махжуба» Али Худтвири Гезневи. Афтореферат кондидатской дисертации / Ф.Х. Шарипова. –Душанбе: 2002. – 22 с.

18. Шоев, Р. Ономастикаи «Самаки айёр» / Р. Шоев. –Душанбе: 1997. –30 с.

НОМВОЖАҲОИ ҶУҒРОФӢ – ОМИЛИ МУАЙЯНКУНАНДАИ ВАЗЪИ ЭКОСИСТЕМА: ФИТОНИМИЯ ВА ЗООНИМИЯИ ФОРСИ АСРҲОИ МИЁНА

(дар мисоли «аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб ул-мавҷудот»-и Аҳмади Тӯсӣ)

Мақола ба таҳқиқи номвожаҳои ҷуғрофӣ, ҳамчун омили муайянкунандаи вазъи экосистема: фитонимия ва зоонимияи Форси асрҳои миёна дар мисоли «Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб-ул-мавҷудот»-и Аҳмади Тусӣ бахшида шудааст.

Таҳқиқ нишон дод, ки асари мазкур дар баробари фаро гирифтани маълумоти таърихӣ, инчунин, ҳамчун сарчашмаи омӯзиши самтҳои ҷуғрофӣ-релефӣ, вазъи иқтисодиву иҷтимоӣ, омилҳои фарҳангӣ-миллӣ хизмат мекунанд, ки аз рӯйи ин нишондод китоби мазкур ҳамчун асари энсиклопедӣ низ шумурда мешавад.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар сарчашмаи таърихиву ҷуғрофии мавриди таҳқиқ миқдори зиёди вожаҳои фитонимиву зоонимӣ бо шарҳи моҳияти табиии онҳо дар алоқамандӣ бо зикри номвожаҳои ҷуғрофӣ, мавзеи сабзиши наботот ва гиёҳҳо ва сукунати ҳайвонот нишон дода шудаанд, ки дар асар шакли қадимаи баъзе аз онҳо оварда шудаанд.

Калимаҳои калидӣ: номвожаҳои ҷуғрофӣ, вазъи экосистема, фитонимия ва зоонимия, маълумоти таърихӣ, самтҳои ҷуғрофӣ-релефӣ, вазъи иқтисодиву иҷтимоӣ, наботот, гиёҳҳо, муҳити гирду атроф, омилҳои фарҳангӣ -миллӣ.

ГЕОГРАФИЧЕСКИЕ НАЗВАНИЯ – ОПРЕДЕЛЯЮЩИЙ ФАКТОР СОСТОЯНИЕ ЭКОСИСТЕМЫ: ФИТОНИМИИ И ЗООНИМИИ ПЕРСИИ СРЕДНЕВЕКОВЬЯ
(на примере «Аҷоиб-ул-махлукот и гароиб-ул-мавджудот» Ахмада Туси)

Статья посвящена исследованию географических названий как определяющий фактора состояние экосистемы, на примере фитонимии и зоонимии персидского языка Средневековья на основе труда Ахмада Туси «Аджоиб-ул-махлукот и гароиб-ул-мавджудот».

Исследование показало, что данная книга, как энциклопедическое произведение, наряду с историческими сведениями, также представляет собой важный источник для изучения географических-рельефных направлений, социально-экономического положения и культурно-национальные факторов.

Анализ показал, что в этом историко-географическом источнике содержится значительное количество фитонимов и зоонимов, раскрывающих природную суть объектов в связи с упоминанием их географических названий, местность произрастания растений, трав, территория обитания животных. В произведении также приведены древние формы ряда фитонимических и зоонимических названий.

Ключевые слова: географические топонимы, состояние экосистемы, фитонимия и зоонимия, исторические сведения, географические и рельефные направления, социально-экономическое положение, растительность, травы, окружающая среда, культурно- национальные факторы.

GEOGRAPHICAL NAMES – A DETERMINING FACTOR IN THE STATE OF THE ECOSYSTEM: PHYTONYMY AND ZOONYMY OF MEDIEVAL PERSIA
(based on «Ajā'ib al-makhlūqāt and gharā'ib al-mawjūdāt» by Ahmad Tusi)

This article is devoted to the study of geographical names as a determining factor in the state of the ecosystem, using the example of phytonymy and zoonymy in the Persian language of the Middle Ages based on Ahmad Tusi's work «Ajā'ib al-Makhlūqāt and Gharā'ib al-Mawjūdāt» ("Wonders of Creatures and Strange Things Existing").

The research shows that this book, as an encyclopedic work, in addition to historical data, also serves as an important source for studying geographical and relief-related directions, socio-economic conditions, and cultural-national factors.

The analysis revealed that this historical and geographical source contains a significant number of phytonyms and zoonymns, which explain the natural essence of objects in connection with geographical names such as areas where plants and herbs grow, and regions where animals inhabit. The work also provides ancient forms of several phytonymic and zoonymic terms.

Keywords: geographical toponyms, ecosystem state, phytonymy and zoonymy, historical data, geographical and relief directions, socio-economic conditions, vegetation, herbs, environment, cultural-national factors.

Маълумот дар бораи муаллиф: Рустамшозода Шаҳбоз Рустамшо, постдокторанти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21. Тел.: 988491010. Почтаи электронӣ: rustamshoh-90@bk.ru.

Сведения об авторе: Рустамшозода Шахбоз Рустамшо, постдокторант Института языка и литературы имени Абуабдуллох Рудаки Национальной академии наук Таджикистана. Адрес:

734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 21. Тел.: 988491010. Электронная почта: rustamshoh-90@bk.ru.

Information about author: Rustamshozoda Shahboz Rustamsho, Postdoctoral Researcher at the Institute of Language and Literature named after Abuabdullohi Rudaki, National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 21. Tel.: 988491010. E-mail: rustamshoh-90@bk.ru.

Муқарриз: Давлатова Ф.Т., н.и.ф., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

УДК 811.11. =161.1=222.8

ВЛИЯНИЕ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ И ИСКУССТВЕННОГО ИНТЕЛЛЕКТА НА РАЗВИТИЕ СОВРЕМЕННОЙ ЛИНГВИСТИКИ: МЕХАНИЗМЫ ТРАНСФОРМАЦИИ ЯЗЫКОВЫХ НОРМ И ЯЗЫКОВОГО СОЗНАНИЯ

Нурализода М.Н., к.ф.н., доцент
Педагогический институт Таджикистана в Раштском районе

Современная лингвистика находится на пороге значительных изменений, вызванных развитием информационных технологий и искусственного интеллекта. Эти открытия не только трансформируют методы языкового анализа, но и вносят коррективы в понимание языкового сознания и его структуры. Становится очевидным, что язык не существует изолированно; он активно взаимодействует с технологическими платформами, которые изменяют способы коммуникации и восприятия человеком языковых форм. В этом контексте возникает необходимость анализа новых тенденций и вызовов, связанных с интеграцией технологий в лингвистическую практику.

Как отмечал М. Блэк, «взаимосвязь между языком и мышлением человека» [3, с. 61] выступает центральным объектом дискуссий в рамках гипотезы лингвистической относительности. Это подчеркивает важность понимания языкового сознания как психолингвистического феномена. Данный подход, по словам Н.Н. Болдырева, «открывает новые горизонты для изучения в контексте когнитивных исследований языка» [4, с. 40]. Однако, несмотря на неослабевающий интерес к этой теме, в современной науке существует ряд вызовов. Как подчеркивает С.Ю. Бородай, эти проблемы напрямую связаны с «необходимостью переосмыслять методологии исследования лингвистических процессов» [5, с. 108] в рамках пострелятивистской исследовательской программы.

Целью данной статьи является выявление механизмов воздействия информационных технологий и искусственного интеллекта на методы лингвистического анализа, языковые нормы и когнитивные структуры языкового сознания.

Научная новизна исследования заключается в выявлении когнитивных механизмов алгоритмического воздействия на языковое сознание и описании феномена алгоритмически опосредованной речевой деятельности как нового этапа развития лингвистики.

Степень изученности проблемы. Вопросы взаимосвязи языка, мышления и языкового сознания получили широкое освещение в трудах отечественных и зарубежных исследователей. Теоретические основы изучения языкового сознания были разработаны Л.С. Выготским, А.Н. Леонтьевым, А.Р. Лурией, Е.Ф. Тарасовым и И.А. Стерниным. Проблема влияния языковых структур на процессы познания представлена в работах В. фон Гумбольдта, Б. Уорфа и представителей когнитивной лингвистики. В последние годы особое внимание уделяется вопросам цифровизации языка, применения искусственного интеллекта и нейросетевых технологий в лингвистических исследованиях, что отражено в трудах Р.Ф. Бурнашева, Н.В. Васильевой, Е.А. Грушевской, С.Ю. Остапенко и других авторов. Вместе с тем недостаточно изученными остаются механизмы воздействия алгоритмов искусственного интеллекта на языковое сознание, процессы формирования новых языковых норм и

трансформация речевой субъектности в условиях цифровой коммуникации. Данное обстоятельство обусловливает актуальность настоящего исследования.

В исследовании использованы методы когнитивно-дискурсивного анализа, сравнительно-сопоставительный метод, элементы контент-анализа научных публикаций по проблемам искусственного интеллекта и лингвистики, а также методы интерпретации и обобщения теоретических данных.

Как отмечает Н.Ф. Алефиренко, «формирование ценностно-смыслового пространства языка» [1, с. 250] требует внимательного подхода в условиях стремительного технологического прогресса. Данный дискурс позволит выделить ключевые аспекты изменения механизмов языкового восприятия и анализа, углубляя понимание роли языка в познании мира.

В последние десятилетия наблюдается резкий рост интереса к роли информационных технологий и искусственного интеллекта в различных областях знания, включая лингвистику. Инновации в области нейронных сетей, машинного обучения и других компьютерных технологий оказывают значительное влияние на методы исследования языковых явлений, а также на сам процесс коммуникации. Особенно важным аспектом этого влияния является изменение лингвистических норм и языка в целом.

Как отмечают Р.Ф. Бурнашев и А.С. Аламова, «применение нейронных сетей в лингвистических исследованиях значительно повышает уровень автоматизации обработки текстов» [6, с. 260], что позволяет более эффективно выявлять языковые закономерности и тренды. Данное положение особенно актуально в условиях стремительного внедрения информационных технологий, когда нейронные сети становятся не только инструментом анализа, но и агентом изменений в самом языке.

Как утверждают Р.Ф. Бурнашев и коллеги, «эти системы открывают новые горизонты для исследования сложных языковых структур, предлагая новые методы для изучения лексической и грамматической систем языка» [7, с. 945]. Данное положение особенно актуально в контексте того, что эксперты подчеркивают важность систем, которые на основе алгоритмов и искусственного интеллекта помогают автоматизировать процессы лексической оценки и синтаксического анализа текста. Это, в свою очередь, приводит к изменениям в отношении к языковым нормам и стандартам, что затрагивает концепцию языкового сознания.Особого внимания требует вопрос о механизмах данного влияния. Воздействие информационных технологий осуществляется не абстрактно, а через конкретные инструменты и практики цифровой коммуникации.

Во-первых, системы машинного перевода (Google Translate, DeepL и др.), обученные на корпусах текстов, формируют усреднённые языковые модели. Например, при переводе идиоматических выражений система часто предлагает наиболее частотный эквивалент, что способствует стандартизации языковых вариантов. В результате снижается вариативность выражения, а частотные модели начинают восприниматься как нормативные.

Во-вторых, алгоритмы автодополнения текста в цифровых платформах (смартфоны, поисковые системы) предсказывают продолжение фразы на основе статистических вероятностей. Пользователь, принимая предложенный вариант, фактически воспроизводит алгоритмически заданную языковую модель. Таким образом, технологии начинают участвовать в формировании речевого выбора, влияя на процессы языкового сознания на уровне микрорешений.

В-третьих, нейросетевые генераторы текста способны создавать связные тексты, имитируя различные стили. Это приводит к размыванию границы между естественной и алгоритмически созданной речью. В когнитивном плане происходит изменение представлений о субъекте речи: авторство и интенциональность становятся распределёнными между человеком и машиной.

Таким образом, влияние информационных технологий осуществляется через:

- алгоритмическую стандартизацию,
- автоматизацию речевого выбора,

- изменение статуса языковой нормы,
- трансформацию представлений о речевой субъектности.

Как указывает Н.В. Васильева, «нейросети способны выявлять не только существующие, но и emergent (появляющиеся) языковые нормы, которые возникают под воздействием технологических изменений, таких как повсеместное использование цифровых платформ для общения» [8, с. 50]. Данное положение особенно актуально в контексте того, что влияние технологий на языковые нормы активно анализируется и в плане преобразования самих лингвистических стандартов. Эти наблюдения подчеркивают значимость интеграции новых технологий в исследовательские практики лингвистов.

Искусственный интеллект также находит свое применение в качестве средства, помогающего в автоматизации и оптимизации лексического выбора, что, в свою очередь, влияет на структуру и динамику языкового сознания. Е.А. Грушевская (2023) описывает, как современные AI-инструменты способны не только анализировать, но и создавать текстовые конструкции, способствуя интерактивной практике изучения языка и его нормативной базы [9, с. 25]. Это вызывает необходимость пересмотра традиционных представлений о языковой компетенции и изменениях в общем восприятии языка как такового.

Современная лингвистика переживает значительные изменения под влиянием информационных технологий и искусственного интеллекта. Эти изменения являются причиной не только появления новых подходов к анализу и интерпретации языковых данных, но и переосмысления концепций языкового сознания и его взаимодействия с технологическими инструментами.

Как отмечал В. фон Гумбольдт, «различные языки являются не различными обозначениями одной и той же вещи, а различными видениями её» [10, с. 80]. Данное положение особенно актуально в условиях цифровой трансформации коммуникации, когда технологии начинают опосредовать процессы языкового восприятия и интерпретации действительности.

В условиях, когда новые технологии способствуют глобализации общения и унификации языковых форм, возникают вопросы о том, как это влияет на индивидуальное и коллективное языковое сознание. Изменения в способах коммуникации, связанные с использованием цифровых платформ, могут привести к изменениям в структурах и привычках речи, что необходимо учитывать в дальнейших исследованиях.

Философские подходы к языковому сознанию, представленные такими авторами, как Э. Гуссерль, акцентируют внимание на том, как языковая реальность формируется через призму субъективного восприятия [11, с. 102]. Гуссерль поднимал вопрос о том, как язык служит средством конструирования опыта и мысли, и это становится особенно актуальным в контексте развивающихся технологий, которые способны не только анализировать, но и создавать текстовые структуры. В этом контексте необходимо учитывать влияние искусственного интеллекта на формирование и формирование новых языковых норм и переосмысление традиционных стандартов

Существенное значение для понимания процессов трансформации языкового сознания имеют идеи Дж. Лакоффа и М. Джонсона, которые утверждали: «наша обыденная понятийная система по своей природе метафорична» [12, с. 27]. Исследователи рассматривают метафору как один из базовых механизмов концептуализации действительности. В связи с этим распространение цифровых технологий и новых коммуникативных практик оказывает влияние не только на языковое выражение, но и на систему метафорических моделей, лежащих в основе человеческого мышления. Формирование новых цифровых реалий способствует появлению новых способов описания, интерпретации и осмысления мира, что свидетельствует о трансформации когнитивных структур современного языкового сознания.

А.Н. Леонтьев подчёркивал, что «сознание не может быть понято вне деятельности субъекта» [13, с. 95]. Следовательно, изменения речевой деятельности под воздействием цифровых технологий неизбежно отражаются и на структуре языкового сознания. Исходя из

этого, можно утверждать, что информационные технологии, оказывая влияние на языковую деятельность, также изменяют структуру и содержание языкового сознания. Новый контекст, в котором происходит использование языка, требует переосмысления взаимодействия между языком и сознанием.

Особое значение для осмысления взаимосвязи языка и сознания имеют труды А.Р. Лурии. Учёный подчёркивал, что «язык является важнейшим средством формирования сознания человека» [14, с. 210]. Рассматривая язык как активный инструмент познавательной деятельности, А.Р. Лурия показывал его определяющую роль в процессах мышления, восприятия и концептуализации окружающей действительности. В условиях современных информационных технологий и систем искусственного интеллекта язык становится не только средством выражения мысли, но и объектом алгоритмического анализа и моделирования, что открывает новые возможности для исследования его роли в когнитивных процессах и механизмах формирования языкового сознания.

Таким образом, влияние информационных технологий и искусственного интеллекта на современную лингвистику создает сложный спектр взаимосвязей между языком, сознанием и технологическими изменениями. Эти взаимодействия открывают новые горизонты для исследования и требуют от ученых переосмысления не только методов анализа, но и основополагающих концепций, связанных с языком и мышлением.

Несмотря на значительные достижения, связанные с внедрением информационных технологий и искусственного интеллекта в лингвистические исследования, существуют и серьезные вызовы, с которыми сталкивается современная лингвистика. Эти вызовы затрагивают как практические, так и теоретические аспекты изучения языка и его связи с сознанием.

Одной из главных тенденций, наблюдаемых в последние годы, является растущее значение лингвистических корпусов в процессе обучения моделей машинного перевода. Как отмечают Ж.Д. Мансур и коллеги (2022), использование больших массивов текстовых данных, аккумулируемых в лингвистических корпусах, позволяет существенно повысить качество перевода и адаптацию к контексту [16, с. 1350]. Однако это также приводит к формированию системы зависимостей, при которых языковые конструкции начинают доминировать над естественными формами общения, что вызывает неопределенность в отношении языковых норм.

В связи с этим необходимо обратить внимание на принципиальную роль языковой личности, определяемой в контексте цифровых коммуникаций. С.Ю. Остапенко (2024) акцентирует внимание на трансформации языковой личности, где новый цифровой коммуникатор может не только изменять способы выражения, но и менять само восприятие языка, а также взаимодействие между личностью и языком [17, с. 12]. Это открывает новые горизонты для понимания, как новые технологии могут перераспределять языковые функции и формировать новые идентичности в дигитальном пространстве.

Когнитивные аспекты, исследованные И.А. Стерниным (2002) и Тарасовым (2004), также заслуживают особого внимания. Стернин выделяет значимость коммуникации как активного процесса, подчеркивая важность взаимодействия языка и сознания [19, с. 45]. Это взаимодействие становится особенно интересно в свете применения искусственного интеллекта, который способен как воспроизводить, так и создавать язык. Е.Ф. Тарасов же указывает на то, что языковое сознание активно откликается на изменения в языке и новых технологиях, что создает динамическую связь между культурными и когнитивными составляющими [20, с. 36]. Таким образом, использование AI-технологий в лингвистических исследованиях поднимает вопрос о необходимости создания новых теорий, учитывающих этот быстро меняющийся контекст.

Также важно отметить философские аспекты, касающиеся языка как инстинкта, которые обсуждает С. Пинкер (2004). Он считает, что язык является врожденной способностью людей, но в то же время подвергается сильному влиянию окружающей среды, включая технологические изменения. Изменения, происходящие под воздействием

технологий, могут восприниматься как угроза языковому инстинкту, но одновременно могут способствовать расширению его возможностей, создавая новые формы языкового выражения [18, с. 78].

Наконец, необходимо упомянуть исследования, касающиеся отношения языка и мышления, представленные Б. Уорфом (1960). Мысли и поведение людей тесно связаны с лексическим и грамматическим составом языка, который они используют. Это создаёт контекст для анализа того, каким образом и какие аспекты технологий влияют на изменения в восприятии языка и его творческом использовании [21, с. 158]. Очевидно, что новые технологии не просто влияют на стандарты языка, но и вызывают переработку идей, эмоциональных и когнитивных паттернов, что подчеркивает сложный характер взаимодействия между языком, сознанием и культурой.

Следовательно, интеграция информационных технологий и искусственного интеллекта в лингвистику представляет собой многоуровневый процесс, который требует продолжения теоретических исследований и практических разработок. Углубленное понимание этих изменений позволит лучше оценить, как позитивные, так и негативные последствия, которые могут возникнуть в результате быстрого технологического прогресса в области языка и коммуникаций.

В ходе нашего исследования было показано, что влияние информационных технологий и искусственного интеллекта на современную лингвистику представляет собой многогранный и динамичный процесс. Мы рассмотрели новые тенденции, возникающие в результате внедрения цифровых технологий, а также вызовы, с которыми сталкивается лингвистическая наука в условиях быстро меняющегося технологического контекста.

Информационные технологии трансформируют не только методы обработки языковых данных, но и саму природу общения и языкового сознания. Лингвистические корпуса, системы машинного перевода и современные коммуникационные платформы расширяют возможности анализа и понимания языка, создавая новые формы взаимодействия и самовыражения. Однако с этими изменениями возникают и определенные риски, включая унификацию языковых норм и потерю традиционных форм выражения.

Также особое внимание в нашем исследовании было уделено концепции языковой личности и ее трансформации в условиях цифровой эпохи. Интерактивные форматирование и алгоритмическое общение меняют саму природу восприятия языка и идентичности носителей языка, что подчеркивает важность дальнейшего изучения этой области.

Замечания о когнитивных аспектах, связанных с использованием языка, а также о взаимосвязи между языком и мышлением показывают, что искусственный интеллект не только воспроизводит существующие языковые структуры, но и может способствовать их эволюции. Подходы, предложенные видными лингвистами и философами, позволяют углубить понимание того, как современные технологии воздействуют на наши когнитивные процессы и культурные традиции.

Таким образом, наше исследование подчеркивает необходимость дальнейшего анализа эффектов информационных технологий и искусственного интеллекта на лингвистику с целью не только адаптировать существующие теории и практики, но и развить новые подходы, которые смогут учитывать сложность и многообразие изменений в языке и сознании. Этот процесс требует многодисциплинарного подхода и сотрудничества между лингвистами, психологами, философами и технологами, чтобы создать полноценную картину влияния технологий на язык как основного средства человеческого общения и самосознания.

Литература:

1. Алефиренко Н.Ф. Лингвокультурология: ценностно-смысловое пространство языка. М.: Флинта: Наука, 2016. 282 с.

2. Выготский Л.С. Собрание сочинений: в 6 т. Т. 1. Вопросы теории и истории психологии / под ред. А.Р. Лурия, М.Г. Ярошевского. М., 1982.

3. Блэк М. Лингвистическая относительность (Теоретические воззрения Бенджамена Л. Уорфа) : пер. с англ. // Новое в лингвистике. М. : Изд-во иностр. лит., 1960. Вып. 461 с.

4. Болдырев Н.Н. Язык и структура сознания // Когнитивные исследования языка. 2016. Вып. 24. С. 35-48.

5. Бородай С. Ю. Язык и познание: пострелятивистская исследовательская программа // Вопросы языкознания. 2019. № 4. С. 106–136.

6. Бурнашев Р. Ф., Аламова А. С. Роль нейронных сетей в лингвистических исследованиях //Science and Education. – 2023. – Т. 4. – №. 3. – С. 258-269.

7. Бурнашев Р.Ф. и др. Роль экспертных систем в лингвистических исследованиях //Science and Education. – 2023. – Т. 4. – №. 3. – С. 941-950.

8. Васильева Н. В. Нейросети и язык: трансформация лингвистических норм // Вестник МГУ. Серия 9. Филология. — 2022. — № 3. — С. 45–57.

9. Грушевская Е. А. Искусственный интеллект в современном лингвистическом пространстве // Современная наука: Актуальные проблемы теории и практики. — 2023. — №1. — С. 21–27.

10. Гумбольдт В. фон. О различии строения человеческих языков и его влиянии на духовное развитие человечества // Избранные труды по языкознанию. М.: Прогресс, 1984. С. 37–297.

11. Гуссерль Э. Картезианские медитации. М.: Академический проект, 2010. 229 с.

12. Лакофф Дж., Джонсон М. Метафоры, которыми мы живём: пер. с англ. М.: Едиториал УРСС, 2004. 256 с.

13. Леонтьев А.Н. Деятельность. Сознание. Личность. М., 1975.

14. Лурия А.Р. Язык и сознание / под ред. Е.Д. Хомской. М.: МГУ, 1998. 336 с.

15. Мамченков Д. Предметность и историзм. М.: Изд-во РУДН, 2014. 238 с.

16. Мансур Ж. Д. Н. З., Саттарова А. Т., Бурнашев Р. Ф. Роль лингвистических корпусов в создании и совершенствовании систем машинного перевода //Science and Education. - 2022. - Т. 3. - №. 2. - С. 1348-1358.

17. Остапенко С. Ю. Цифровой коммуникатор: трансформация языковой личности в эпоху ИИ // Язык и общество. — 2024. — № 2. — С. 10–19.

18. Пинкер С. Язык как инстинкт. М.: Едиториал УРСС, 2004. 456 с.

19. Стернин И.А. Коммуникативное и когнитивное сознание // С любовью к языку: сб. науч.тр., посвященных Е.С. Кубряковой. Москва; Воронеж, 2002. С. 44-51.

20. Тарасов Е.Ф. Языковое сознание // Вопросы психолингвистики. 2004. № 2. С. 34-47.

21. Уорф Б. Отношение норм поведения и мышления к язык // Новое в лингвистике / под ред. В. А. Звегинцева. М.: Изд-во иностр. лит. 1960. Вып. 1. С. 157–201.

ВЛИЯНИЕ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ И ИСКУССТВЕННОГО ИНТЕЛЛЕКТА НА РАЗВИТИЕ СОВРЕМЕННОЙ ЛИНГВИСТИКИ: МЕХАНИЗМЫ ТРАНСФОРМАЦИИ ЯЗЫКОВЫХ НОРМ И ЯЗЫКОВОГО СОЗНАНИЯ

В последние десятилетия информационные технологии и искусственный интеллект (ИИ) значительно изменили подходы к изучению языка и лингвистики. Развитие компьютерной лингвистики, автоматизированного перевода, обработки естественного языка и других связанных областей открывает новые горизонты для анализа языковых структур и коммуникационных процессов. В данной статье рассматриваются основные тенденции, вызванные интеграцией ИТ и ИИ в лингвистику, такие как создание языковых моделей, анализ больших данных и применение нейросетей. Особое внимание уделяется вызовам, связанным с этическими, культурными и социальными аспектами использования технологий, а также их влиянию на языковое сознание и восприятие языка в обществе. Статья направлена на выявление взаимосвязи между техническими инновациями и изменениями в языковом сознании, что позволяет глубже понять, как современные технологии формируют наше восприятие и использование языка.

Ключевые слова: информационные технологии, искусственный интеллект, современная лингвистика, компьютерная лингвистика, языковая модель, обработка естественного языка, этика, культурные аспекты, языковое сознание, большие данные, нейросети.

ТАЪСИРИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ ВА ЗЕҲНИ СУНЪӢ БА РУШДИ ЗАБОНШИНОСИИ МУОСИР: МЕХАНИЗМҲОИ ТАҒЙИРИ МЕЪЁРҲОИ ЗАБОН ВА ШУУРИ ЗАБОНШИНОСӢ

Дар даҳсолаҳои охир, технологияи иттилоотӣ ва зеҳни сунъӣ (ЗИ) равишҳоро ба омӯзиши забон ва забоншиносӣ ба таври назаррас тағйир доданд. Рушди забоншиносии компютерӣ, тарҷумаи автоматӣ, коркарди забони табиӣ ва дигар соҳаҳои марбут ба он уфуқҳои навро барои таҳлили сохторҳои забон ва равандҳои муошират мекушояд. Дар ин мақола тамоюлҳои асосии ба вуҷуд омада дар натиҷаи ҳамгироии IT ва ЗИ дар забоншиносӣ, аз қабили эҷоди моделҳои забон, таҳлили маълумоти калон ва истифодаи шабакаҳои асаб, баррасӣ мешаванд. Таваҷҷӯҳи махсус ба мушкилоти марбут ба ҷанбаҳои ахлоқӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии истифодаи технология, инчунин таъсири онҳо ба шуури забонӣ ва дарки забон дар ҷомеа дода мешавад. Ин мақола барои муайян кардани робитаи байни навовариҳои технологӣ ва тағйирот дар шуури забоншиносӣ равона шудааст, ки имкон медиҳад, ки технологияҳои муосир чӣ гуна дарк ва истифодаи моро аз забон ташаккул диҳанд.

Калидвожаҳо: технологияи иттилоотӣ, зеҳни сунъӣ, забоншиносии муосир, забоншиносии компютерӣ, модели забон, коркарди забони табиӣ, ахлоқ, ҷанбаҳои фарҳангӣ, шуури забонӣ, маълумоти калон, шабакаҳои асабӣ.

THE IMPACT OF INFORMATION TECHNOLOGY AND ARTIFICIAL INTELLIGENCE ON THE DEVELOPMENT OF MODERN LINGUISTICS: MECHANISMS OF TRANSFORMATION OF LANGUAGE NORMS AND LINGUISTIC CONSCIOUSNESS

In recent decades, information technology and artificial intelligence (AI) have significantly changed approaches to the study of language and linguistics. The development of computational linguistics, automated translation, natural language processing, and other related fields is opening new horizons for the analysis of language structures and communication processes. This article examines the main trends brought about by the integration of IT and AI in linguistics, such as the creation of language models, big data analysis, and the use of neural networks. Particular attention is given to challenges related to the ethical, cultural, and social aspects of technology use, as well as their impact on linguistic consciousness and the perception of language in society. This article aims to identify the relationship between technological innovations and changes in linguistic consciousness, allowing for a deeper understanding of how modern technologies shape our perception and use of language.

Keywords: information technology, artificial intelligence, modern linguistics, computational linguistics, language model, natural language processing, ethics, cultural aspects, linguistic consciousness, big data, neural networks.

Сведения об авторе: Нурализода Мухаммад Нурали, кандидат филологических наук, доцент кафедры русского языка и литературы Таджикского педагогического института в Раштском районе. Адрес: 735450, Республика Таджикистан, Раштский район, улица Э. Мухиддина, 63. Электронная почта: muhamad_muminov@mail.ru Тел.:(+992) 009 222 998

Маълумот дар бораи муаллиф: Нурализода Муҳаммад Нуралӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти русии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. Суроға: 735450, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Рашт, кӯчаи Э. Муҳиддин, 63. Почтаи электронӣ: muhamad_muminov@mail.ru Тел.: (+992) 009 222 998

Information about the author: Nuralizoda Muhammad Nurali, candidate of philological sciences, associate professor of the department of russian language and literature of the Tajik Pedagogical Institute in the Rasht district. Address: 735450, Republic of Tajikistan, Rasht district, E. Mukhiddin street, 63. E-mail: muhamad_muminov@mail.ru Tel.: (+992) 009 222 998

ТДУ:070.53
С- 33

ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММА ҲАМЧУН ИНСТИТУТИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МЕХАНИЗМҲОИ ПЕШГИРӢ ВА МУҚОВИМАТ БА ТАҲДИДҲОИ ТЕРРОРИСТИИ МУОСИР

Сафарзода М.Н., д.ф. PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси рӯзноманигорӣ, дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Изатов У.Х., докторанти шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии
Институти фалсафа ва сиёсатшиносӣ ба номи А. Баҳовaддинови АМИТ

Дар марҳилаи нави рушди муносибатҳои байналмилалӣ фазои иттилоотӣ ба яке аз майдонҳои асосии рақобати сиёсӣ, идеологӣ ва амниятӣ табдил ёфтааст. Амнияти давлат дигар танҳо бо ҳифзи сарҳад, иқтидори ҳарбӣ ва устувории институтҳои сиёсӣ маҳдуд намешавад. Он бевосита ба устувории шуури ҷамъиятӣ, эътимоди шаҳрвандон ба иттилооти расмӣ, сатҳи саводи расонаӣ, қобилияти ҷомеа барои муқовимат ба таблиғоти ифротӣ ва фаъолияти касбии воситаҳои ахбори омма вобаста мегардад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол дар минтақаи Осиёи Марказӣ дар муҳити мураккаби геополитикӣ ҷойгир аст. Омилҳои минтақавӣ, вазъи Афғонистон, равандҳои муҳоҷират, таъсири шабакаҳои фаромиллӣ, истифодаи интернет аз ҷониби гурӯҳҳои террористӣ ва паҳншавии маълумоти таҳрифшуда барои низоми амнияти миллӣ масъалаҳои ҷиддӣ ба миён мегузоранд. Дар чунин шароит ВАО бояд на танҳо воситаи хабаррасонӣ, балки институти фаъол дар таъмини амнияти иттилоотӣ бошад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқовимат ба терроризмро фаъолияти маҷмуии мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунӣ ва дигар субъектҳо оид ба пешгирӣ, ошкорсозӣ, огоҳонӣ, қатъ намудан ва бартарафсозии оқибатҳои амалҳои террористӣ медонад [2]. Дар ҳамин қонун низомнокӣ ва истифодаи маҷмуии чораҳои сиёсӣ, иттилоотию таблиғотӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва махсус ҳамчун принсипи муқовимат ба терроризм муқаррар шудааст. Ин меъёр нишон медиҳад, ки самти иттилоотӣ қисми ҷудонашавандаи сиёсати зиддитеррористӣ мебошад.

Аз ҷониби дигар, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» озодии матбуот, ҳуқуқи шахс ба ҷустуҷӯ, дастрас ва паҳн намудани ахбор, манъи сензура ва ҳамзамон ҷавобгарии ВАО барои саҳеҳии ахборро муқаррар менамояд [3]. Ин робитаи ҳуқуқ ва масъулият барои таҳлили нақши ВАО дар амнияти иттилоотӣ муҳим аст. Журналистикаи масъул бояд ҳам ҳуқуқи ҷомеаро ба иттилоот таъмин кунад ва ҳам аз паҳн кардани таблиғоти зӯроварӣ, иттилооти носанҷида ва маводи иғвоангез худдорӣ намояд.

Аҳаммияти илмии мавзуъ дар он аст, ки таҳдидҳои террористии муосир на танҳо бо амали зӯроварона, балки бо таъсири иттилоотӣ, ҷалби идеологӣ, сохтани «ривоят»-ҳои сиёсӣ, истифодаи рамзҳо, видео, матн, чатҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ амалӣ мегарданд. Аз ин рӯ, таҳқиқи ВАО ҳамчун субъекти амнияти иттилоотӣ барои илмҳои журналистика, сиёсатшиносӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва назарияи амнияти миллӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Мақсади мақола — таҳлили нақши воситаҳои ахбори омма дар низоми таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян намудани механизмҳои муқовимат ба таҳдидҳои террористии муосир мебошад.

Барои расидан ба ин мақсад вазифаҳои зерин гузошта мешаванд:

1. муайян намудани мазмун ва ҷойгоҳи ВАО дар низоми амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2. таҳлили асосҳои ҳуқуқӣ ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи муқовимат ба терроризм ва ҳифзи фазои иттилоотӣ;

3. нишон додани хусусиятҳои таҳдидҳои террористии муосир дар муҳити рақамӣ;

4. тасниф намудани механизмҳои асосии фаъолияти ВАО дар пешгирӣ ва муқовимат ба таҳдидҳои иттилоотӣ;

5. пешниҳоди модели илмии иштироки ВАО дар низоми амнияти иттилоотӣ.

Объекти таҳқиқ — низоми таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Предмети таҳқиқ — вазифаҳо, механизмҳо ва имкониятҳои ВАО дар пешгирӣ ва муқовимат ба таҳдидҳои террористии муосир аст.

Масъалаи муносибати ВАО ва амният дар адабиёти илмӣ дар чанд самт таҳқиқ шудааст. Самти аввал ба назарияи журналистика ва коммуникатсияи оммавӣ марбут аст. Дар ин раванд ВАО ҳамчун институти ҷамъиятӣ, канали миёнаравӣ байни давлат ва ҷомеа, механизми ташаккули афкори умум ва воситаи назорати иҷтимоӣ таҳлил мегардад. Асарҳои Д. Маккуэйл барои фаҳмиши функсияҳои иҷтимоии ВАО, аз ҷумла иттилоотрасонӣ, шарҳдиҳӣ, ҳамгироӣ ва назорати ҷамъиятӣ аҳаммияти назариявӣ доранд [12].

Самти дуюм ба таҳлили ҷомеаи шабакавӣ ва қудрати коммуникатсионӣ алоқаманд аст. М. Кастелс нишон медиҳад, ки дар ҷомеаи муосир шабакаҳои иттилоотӣ на танҳо муҳити иртиботӣ, балки сохтори таъсир ба равандҳои сиёсӣ мебошанд [11]. Барои мавзуи мазкур ин назария муҳим аст, зеро гурӯҳҳои террористӣ ва ифротгаро низ аз мантиқи шабакавӣ истифода мебаранд: онҳо паёмро зуд паҳн мекунанд, аудиторияи осебпазирро ҷустуҷӯ менамоянд ва ривоятҳои соддаву эҳсосиро ҳамчун воситаи таъсир ба шуур истифода мебаранд.

Самти сеюм ба омӯзиши терроризм, экстремизм ва радикализатсия дар муҳити рақамӣ бахшида шудааст. Дар ҳуҷҷатҳои СММ, ЮНЕСКО, САҲА ва дигар ниҳодҳои байналмилалӣ таъкид мешавад, ки мубориза бо терроризм танҳо бо воситаҳои қудратӣ натиҷаи устувор намедиҳад. Он ба пешгирӣ, маориф, саводи расонаӣ, муқовимат ба ривоятҳои террористӣ ва иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ ниёз дорад [6, 7, 8].

Самти чорум ба таҳқиқи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм марбут аст. Стратегияҳои миллии Тоҷикистон дар ин самт ҳамкории мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ВАО, муассисаҳои таълимӣ ва ташкилотҳои байналмилалиро яке аз шартҳои муҳимми пешгирӣ меҳисобанд [1]. Маҳз дар ҳамин нуқта масъалаи журналистика бо таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ пайваст мешавад: таҳдидҳои иттилоотии террористӣ аксаран хусусияти фаромиллӣ доранд, аз шабакаҳои хориҷӣ сарчашма мегиранд ва посухи ҳамоҳангшудаи миллӣ ва байналмилалиро талаб мекунанд.

Дар мақола аз усулҳои таҳлили низомӣ, таҳлили институтсионалӣ, таҳлили муқоисавӣ, таҳлили мундариҷаи санадҳои меъёрӣ ва усули байнисоҳавӣ истифода шуд. Таҳлили низомӣ имкон медиҳад, ки ВАО ҳамчун як ҷузъи мустақил, вале вобаста ба дигар институтҳои амнияти иттилоотӣ баррасӣ шавад. Ин равиш нишон медиҳад, ки фаъолияти журналистика танҳо дар сатҳи матн ё хабар маҳдуд нест; он бо идоракунии давлатӣ, ҳуқуқ, маориф, фарҳанги сиёсӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ алоқаманд аст.

Таҳлили институтсионалӣ барои муайян кардани ҷойгоҳи ВАО дар байни субъектҳои амнияти иттилоотӣ истифода мегардад. Ба ин субъектҳо мақомоти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, муассисаҳои таълимӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ниҳодҳои динӣ, коршиносон, блогерон ва шаҳрвандон дохил мешаванд. ВАО дар ин сохтор вазифаи миёнаравӣ, тарҷумаи иттилооти мураккаб ба забони фаҳмо, ташаккули муҳокимаи ҷамъиятӣ ва пешгирии паҳншавии овозаҳои хатарнокро иҷро мекунад.

Усули муқоисавӣ имкон медиҳад, ки таҷрибаи Тоҷикистон бо принсипҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои СММ, ЮНЕСКО ва САҲА муқоиса карда шавад. Ин муқоиса нишон медиҳад, ки сиёсати миллӣ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ бояд ҳамзамон ду талабро риоя намояд: ҳифзи амният ва эҳтироми ҳуқуқҳои асосии инсон, аз ҷумла ҳуқуқ ба иттилоот ва озодии баён.

Амнияти иттилоотӣ дар маънои васеъ ҳолати ҳифзи шахс, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳое мебошад, ки тавассути иттилоот, технологияҳои иттилоотӣ, шабакаҳои иртиботӣ

ва муҳити рақамӣ ба вуҷуд меоянд. Дар ин маъно ВАО ҳамзамон ду хусусият дорад: аз як тараф, он метавонад воситаи таъмини устувории ҷамъиятӣ бошад; аз ҷониби дигар, дар ҳолати истифодаи нодуруст ё касбияти паст метавонад ба паҳншавии овоза, тарс, радикализатсия ва таҳриф мусоидат намояд.

Дар Тоҷикистон ВАО ҳамчун субъекти амнияти иттилоотӣ бояд дар доираи қонун ва манфиатҳои миллӣ амал кунад. Ин маънои онро надорад, ки журналистика бояд ба таблиғоти яксамта табдил ёбад. Баръакс, ВАО-и касбӣ бояд бо маълумоти саҳеҳ, таҳлили мутавозин ва забони масъул эътимоди ҷомеаро нигоҳ дорад. Эътимоди ҷамъиятӣ яке аз захираҳои асосии амнияти иттилоотӣ мебошад. Вақте ки шаҳрвандон ба манбаъҳои расмӣ ва расонаҳои касбӣ бовар доранд, таъсири хабарҳои бардурӯғ ва таблиғоти ифротӣ кам мешавад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» мафҳуми ВАО-ро васеъ шарҳ медиҳад ва ба он матбуоти даврӣ, агентиҳои иттилоотӣ, барномаҳои телевизиону радио, кинохроникаҳо, сабтҳо ва барномаҳои аудиоиву аудиовизуалиро дохил мекунад [3]. Дар шароити рақамӣ ин фаҳмиш бояд бо воқеияти нави медиа — сомонаҳо, платформаҳои иҷтимоӣ, каналҳои рақамӣ ва журналистикаи мултимедиявӣ — пурра гардад.

ВАО дар низоми амнияти иттилоотӣ вазифаҳои зеринро иҷро мекунад: иттилоотрасонии фаврӣ ва саҳеҳ; шарҳи ҳуқуқӣ ва сиёсӣ; баланд бардоштани саводи расонаӣ; пешгирии радикализатсия; фош кардани хабарҳои бардурӯғ; муаррифии арзишҳои ваҳдати миллӣ ва таҳаммулпазирӣ; ташкили муколамаи иҷтимоӣ; мусоидат ба ҳамкории давлат ва ҷомеа.

Хусусияти муҳимми ВАО дар он аст, ки он ба шуури оммавӣ таъсир мерасонад. Ҳар гуна иттилоот дар бораи терроризм метавонад ду натиҷаи гуногун диҳад. Агар он бо касбият, дақиқӣ ва эҳтиёткорӣ пешниҳод шавад, ҷомеаро огоҳ ва устувор мегардонад. Агар он бо ҳангомасозӣ, такрори рамзҳои гурӯҳҳои террористӣ ё истифодаи забони эҳсосӣ пешниҳод шавад, метавонад ба ҳадафҳои худи террористон — паҳн кардани тарс ва ҷалби таваҷҷуҳ — хизмат кунад. ЮНЕСКО дар дастури махсус барои журналистон таъкид мекунад, ки ҳангоми инъикоси терроризм журналист бояд эҳтиёт кунад, ки кори ӯ ба ҳадафи террористон — тақсим кардани ҷомеа ва барангехтани тарс — хизмат накунад [7].

Терроризми муосир дар муҳити иттилоотӣ чанд хусусияти асосӣ дорад. Пеш аз ҳама, он хусусияти фаромиллӣ касб кардааст. Хабар метавонад дар як кишвар таҳия шавад, дар кишвари дигар паҳн гардад ва ба аудиторияи кишвари сеюм таъсир расонад. Ин ҳолат барои Тоҷикистон, ки шаҳрвандони он дар дохил ва хориҷи кишвар бо муҳити гуногуни иттилоотӣ рӯ ба рӯ мешаванд, аҳаммияти махсус дорад.

Дуюм, терроризм аз имкониятҳои шабакаҳои иҷтимоӣ истифода мебарад. Шабакаҳои иҷтимоӣ ба паҳнкунии фаврии видео, матн, овоз, тасвир ва рамз имкон медиҳанд. Гурӯҳҳои террористӣ аз чунин платформаҳо барои ташкили образи сохта, ҷалби ҷавонон, паҳн кардани ҳисси беадолатӣ, таҳриф кардани дин ва ба вуҷуд овардани ҳисси «мансубият» истифода мекунанд. Лоиҳаи САҲА оид ба саводи иттилоотӣ ва расонаӣ нишон медиҳад, ки гурӯҳҳои ифротгаро ва террористӣ интернетро барои паҳн кардани мундариҷаи хушунатомез, ҷалби дастгирӣ ва рекрутинг истифода мебаранд [8].

Сеюм, таҳдидҳои террористӣ бо маълумоти бардурӯғ ва иттилооти таҳрифшуда пайваст мешаванд. Дезинформатсия метавонад эътимоди ҷомеаро ба институтҳо заиф кунад, нобоварӣ ба вуҷуд оварад ва гурӯҳҳои осебпазирро ба қабули ривоятҳои ифротӣ омода созад. Аз ин рӯ, мубориза бо терроризм дар фазои иттилоотӣ бояд бо мубориза бо хабарҳои бардурӯғ, забони нафрат, тарғиботи хушунат ва манипулятсияи оммавӣ ҳамоҳанг бошад.

Чорум, гурӯҳҳои террористӣ бо аудиторияи мушаххас кор мекунанд. Онҳо бештар ҷавонон, муҳоҷирон, шахсони дорои мушкилоти иҷтимоӣ, шахсони дар ҷустуҷӯйи ҳувияти устувор ва гурӯҳҳои аз иттилооти касбӣ дурмондаро ҳадаф қарор медиҳанд. Ин ҳолат аз ВАО талаб мекунад, ки бо забони фаҳмо, далелнок ва наздик ба ҳаёти иҷтимоии шаҳрвандон мавод омода намояд.

Панҷум, таҳдидҳо хусусияти рамзӣ ва равонӣ доранд. Терроризм аз худи амали зӯроварона бештар аз таъсири иттилоотии он истифода мебарад. Ҳадаф танҳо зарари ҷисмонӣ нест; ҳадаф паҳн кардани тарс, ноустувор сохтани эътимод, ҷалби таваҷҷуҳи байналмилалӣ ва тақвияти образи гурӯҳ мебошад. Барои ҳамин журналистикаи масъул бояд дар инъикоси чунин мавзуъҳо аз ҳангомасозӣ ва такрори бевоситаи маводи террористӣ худдорӣ кунад.

Дар асоси таҳлили қонунгузорӣ, таҷрибаи байналмилалӣ ва вазифаҳои иҷтимоии журналистика механизмҳои асосии муқовимати ВАО ба таҳдидҳои террористии муосирро чунин тасниф кардан мумкин аст.

1. Механизми ҳуқуқӣ-меъёрӣ

Механизми ҳуқуқӣ-меъёрӣ аз риояи қонунгузорӣ, стандартҳои касбӣ ва меъёрҳои ахлоқии журналистика иборат аст. ВАО бояд озодии баён ва ҳуқуқи ҷомеаро ба иттилоот таъмин кунад, аммо ҳамзамон набояд ба тарғиботи фаъолияти террористӣ, паҳн кардани даъват ба зӯроварӣ, барангехтани адовати миллӣ, динӣ ва иҷтимоӣ роҳ диҳад. Моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» паҳн кардани маводеро, ки ба фаъолияти террористӣ ва экстремистӣ даъват мекунад, манъ менамояд [3].

Аз ин рӯ, редаксияҳо бояд дастурҳои дохилӣ оид ба инъикоси терроризм дошта бошанд. Ин дастурҳо бояд масъалаҳои истифодаи истилоҳот, муносибат ба манбаъҳо, ҳифзи қурбониён, нашри акс ва видео, иқтибос аз изҳороти гурӯҳҳои террористӣ, ҳамкорӣ бо мақомоти расмӣ ва ислоҳи фаврии хатоҳоро дар бар гиранд.

2. Механизми иттилоотии фаврӣ ва санҷиши далелҳо

Дар ҳолатҳои марбут ба таҳдидҳои террористӣ вакуум ё камбуди иттилоот метавонад ба паҳншавии овоза ва тарс оварда расонад. Аз ин рӯ, ВАО бояд иттилооти фаврӣ, санҷидашуда ва бетараф пешниҳод кунад. Принсипи асосӣ чунин аст: суръат набояд аз саҳеҳӣ болотар гузошта шавад. Хабари нодуруст дар масъалаҳои амниятӣ метавонад оқибатҳои вазнин дошта бошад.

Санҷиши далелҳо бояд дар чанд сатҳ анҷом ёбад: санҷиши манбаъ; муқоисаи маълумот бо хабарҳои расмӣ; ҷудо кардани далел аз тахмин; нишон додани сатҳи тасдиқи маълумот; рад кардани овозаҳои хатарнок. Дар ин раванд марказҳои матбуотии мақомоти давлатӣ, коршиносони мустақил, муҳаққиқони диншиносӣ, ҳуқуқшиносон ва мутахассисони технологияҳои иттилоотӣ метавонанд ҳамчун манбаъҳои касбӣ истифода шаванд.

3. Механизми таҳлилӣ ва шарҳи коршиносӣ

Хабаррасонӣ худ ба худ барои пешгирии радикализатсия кофӣ нест. Ҷомеа ба шарҳи илмӣ ва ҳуқуқии ҳодисаҳо ниёз дорад. ВАО бояд сабабҳои иҷтимоӣ, равонӣ, идеологӣ ва иттилоотии радикализатсияро бо ҷалби коршиносон таҳлил кунад. Ин кор бояд бо забони фаҳмо, вале бе сода кардани масъалаҳои мураккаб анҷом дода шавад.

Мақолаҳои таҳлилӣ, барномаҳои телевизионӣ, подкастҳо, мусоҳибаҳо ва маводи омӯзишӣ бояд ба шаҳрвандон фаҳмонанд, ки гурӯҳҳои ифротӣ чӣ гуна аз норозигӣ, бесаводӣ, эҳсоси танҳоӣ, мушкилоти муҳоҷират ва тафсири таҳрифшудаи дин истифода мекунанд. Ин равиш ба ташаккули иммунитети иттилоотӣ мусоидат мекунад.

4. Механизми зиддитарғиботӣ ва муқовимат ба ривоятҳои террористӣ

Қатъномаи Шурои Амнияти СММ №2354 аз соли 2017 ба татбиқи чаҳорчӯбаи байналмилалии муқовимат ба ривоятҳои террористӣ бахшида шудааст [6]. Ин санад барои давлатҳо ва ҷомеаҳо аҳаммияти методологӣ дорад, зеро нишон медиҳад, ки муброиза бо терроризм бояд ба хабарҳои алтернативӣ, ривоятҳои мусбат, эҳтироми ҳуқуқи инсон ва ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ такя кунад.

Зиддитарғибот дар ВАО набояд ба такрори шиорҳои гурӯҳҳои террористӣ табдил ёбад. Он бояд бо далелҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, диншиносӣ ва таърихӣ нишон диҳад, ки терроризм ба арзишҳои инсонӣ, меъёрҳои динӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ ва манфиатҳои миллӣ мухолиф аст. Матолиби зиддитарғиботӣ вақте самаранок мешавад, ки он ба эҳтиёҷоти воқеии аудитория ҷавоб диҳад ва танҳо бо суханҳои умумӣ маҳдуд нашавад.

5. Механизми маърифатӣ ва саводи расонаӣ

Саводи расонаӣ қобилияти шахс барои ҷустуҷӯ, фаҳм, арзёбӣ ва истифодаи масъулонаи иттилоот мебошад. Дар шароити таҳдидҳои террористии муосир саводи расонаӣ ба омили амниятӣ табдил меёбад. Шахсе, ки манбаи иттилоотро месанҷад, забони манипулятивиро мешиносад, таблиғотро аз таҳлил фарқ мекунад ва ба хабарҳои шубҳанок вокуниши оқилона медиҳад, камтар ба таъсири ифротгароӣ гирифтор мешавад.

Лоиҳаҳои САҲА дар соҳаи саводи иттилоотӣ ва расонаӣ таъкид мекунанд, ки таҳкими тафаккури интиқодӣ ва малакаи таҳлили иттилоот барои пешгирии дезинформатсия ва муҳтавои зараровар аҳаммияти амалӣ дорад [8]. Барои Тоҷикистон ин самт бояд дар ҳамкорӣ бо мактабҳо, донишгоҳҳо, марказҳои ҷавонон, ВАО ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ густариш ёбад.

6. Механизми коммуникатсияи буҳронӣ

Дар ҳолатҳои фавқулода ва буҳронҳои амниятӣ ВАО нақши махсус дорад. Он бояд маълумоти расмиро зуд, дақиқ ва бе воҳима ба ҷомеа расонад. Коммуникатсияи буҳронӣ бояд ба се принсип такя кунад: шаффофияти иттилооти тасдиқшуда; худдорӣ аз паҳн кардани маълумоти тасдиқнашуда; эҳтиром ба ҳуқуқ ва амнияти шаҳрвандон. Дар ин раванд ҳамкории редаксияҳо бо марказҳои матбуотии мақомоти давлатӣ зарур аст.

Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки дар ҳолати набудани коммуникатсияи муассир шабакаҳои иҷтимоӣ метавонанд бо овоза ва тахмин пур шаванд. Бинобар ин, давлат ва ВАО бояд пешакӣ шабакаҳои иртиботӣ, тартиби пешниҳоди маълумот ва меъёрҳои равшани ҳамкорӣ дошта бошанд. Ин масъала ба амнияти иттилоотӣ бевосита вобаста аст.

7. Механизми ҳамкории институтсионалӣ

Муқовимат ба терроризм вазифаи як ниҳод ё як соҳа нест. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» ҳамкории давлат бо созмонҳои байналмилалӣ, дигар ташкилотҳо ва шаҳрвандонро яке аз принсипҳои асосӣ медонад [2]. Дар амал ин маънои онро дорад, ки ВАО бояд бо мақомоти давлатӣ, донишгоҳҳо, марказҳои таҳқиқотӣ, мутахассисони диншиносӣ, равоншиносон, омӯзгорон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамкорӣ кунад.

Ҳамкории институтсионалӣ метавонад дар шакли таҳияи барномаҳои омӯзишӣ барои журналистон, ташкил намудани семинарҳо оид ба инъикоси масъалаҳои амниятӣ, ташкили платформаҳои коршиносӣ, таҳияи дастурҳои забони масъул ва таъсиси шабакаи таҳлили иттилооти шубҳанок амалӣ гардад.

8. Механизми ҳамкории байналмилалӣ

Таҳдидҳои террористии иттилоотӣ хусусияти фаромиллӣ доранд. Аз ин рӯ, муқовимат ба онҳо ҳамкории байналмилалиро талаб мекунад. Тоҷикистон ҳамчун узви ҷомеаи байналмилалӣ метавонад аз таҷрибаи СММ, ЮНЕСКО, САҲА, ИДМ, СҲШ ва дигар ташкилотҳо истифода барад. Ҳамкорӣ метавонад дар самтҳои мубодилаи таҷриба, омӯзиши журналистон, таҳлили дезинформатсия, пешгирии радикализатсияи ҷавонон ва таҳияи маводи маърифатӣ сурат гирад.

Дар ин самт робитаи журналистика бо таърихи муносибатҳои байналмилалӣ равшан мегардад. ВАО на танҳо дар дохили кишвар амал мекунад, балки дар муаррифии мавқеи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, шарҳи сиёсати давлатии зиддитеррористӣ ва ташаккули симои мусбати кишвар низ нақш дорад.

Ҷадвали 1. Механизмҳои асосии иштироки ВАО дар таъмини амнияти иттилоотӣ

Механизм	**Мазмун**	**Натиҷаи интизоршаванда**
Ҳуқуқӣ-меъёрӣ	риояи қонун, меъёрҳои касбӣ, манъи таблиғи терроризм ва экстремизм	паст шудани хавфи паҳншавии муҳтавои хатарнок
Иттилоотии фаврӣ	пешниҳоди маълумоти санҷидашуда, рад кардани овозаҳо, ҳамкорӣ бо манбаъҳои расмӣ	коҳиши воҳима ва баланд шудани эътимоди ҷомеа

Таҳлилӣ	шарҳи сабабҳо, омилҳо ва роҳҳои пешгирии радикализатсия	фаҳмиши дурусти ҷомеа аз таҳдидҳо
Зиддитарғиботӣ	муқовимат ба ривоятҳои террористӣ бо далелҳои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, диншиносӣ ва иҷтимоӣ	ташаккули иммунитети идеологӣ
Маърифатӣ	баланд бардоштани саводи расонаӣ ва тафаккури интиқодӣ	кам шудани таъсири дезинформатсия
Коммуникатсияи буҳронӣ	иттилооти дақиқ дар ҳолатҳои фавқулода, ҳамоҳангии давлат ва ВАО	идоракунии устувори фазои иттилоотӣ
Ҳамкории институтсионалӣ	ҳамкории ВАО, давлат, ҷомеаи шаҳрвандӣ, илм ва маориф	модели устувори пешгирӣ
Ҳамкории байналмилалӣ	мубодилаи таҷриба ва истифодаи стандартҳои СММ, ЮНЕСКО, САҲА	мутобиқати миллӣ бо таҷрибаи байналмилалӣ

Дар асоси таҳлили боло метавон модели институтсионалӣ-коммуникатсионии иштироки ВАО дар таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод кард. Ин модел ба фаҳмиши ВАО ҳамчун воситаи пассиви интиқоли хабар асос намеёбад. Баръакс, он ВАО-ро ҳамчун институти фаъоли пешгирӣ, маърифат ва ташаккули устуворӣ ҷамъиятӣ мешиносад.

Модел аз панҷ унсури асосӣ иборат аст.

Унсури якум — ҳуқуқӣ. Он қонунгузорӣ, стратегияҳои давлатӣ, меъёрҳои касбӣ ва масъулияти ҳуқуқии ВАО-ро фаро мегирад;

Унсури дуюм — институтсионалӣ. Он ҳамкории мақомоти давлатӣ, редаксияҳо, марказҳои таҳлилӣ, донишгоҳҳо, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои байналмилалиро дар бар мегирад;

Унсури сеюм — коммуникатсионӣ. Он тарзи пешниҳоди хабар, забони журналистӣ, суръат, саҳеҳӣ, каналҳои паҳн ва кор бо аудиторияро муайян мекунад;

Унсури чорум — маърифатӣ. Он ба саводи расонаӣ, таҳаммулпазирӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, дониши сиёсӣ ва қобилияти тафаккури интиқодӣ нигаронида шудааст;

Унсури панҷум — профилактикӣ. Он пешгирии радикализатсияро дар байни ҷавонон, муҳоҷирон, истифодабарандагони фаъоли шабакаҳои иҷтимоӣ ва гурӯҳҳои иҷтимоии осебпазир дар назар дорад.

Бартарии ин модел дар он аст, ки он амнияти иттилоотиро танҳо ҳамчун назорати муҳтаво намефаҳмад. Амнияти иттилоотӣ дар ин ҷо ҳамчун натиҷаи ҳамкории ҳуқуқ, журналистика, маориф, фарҳанги сиёсӣ, саводи расонаӣ ва сиёсати давлатӣ арзёбӣ мешавад. Ин равиш ба стандартҳои муосири байналмилалӣ наздик аст, зеро ҳуҷҷатҳои СММ ва ЮНЕСКО низ таъкид мекунанд, ки муқовимат ба терроризм бояд бо эҳтиром ба ҳуқуқи инсон ва озодии баён амалӣ гардад [6, 7].

Дар мавзуи терроризм ҳар як калима, тасвир ва сарлавҳа аҳаммияти махсус дорад. Журналист набояд ба бознашри бетаҳлили паёмҳои гурӯҳҳои террористӣ роҳ диҳад. Нашри рамзҳо, шиорҳо, видеоҳои хушунатомез ва изҳороти таблиғотӣ метавонад, ҳатто бе нияти журналист, ба паҳншавии тарғибот мусоидат кунад. Аз ин рӯ, редаксия бояд меъёрҳои равшани интихоб, кӯтоҳсозӣ, шарҳ ва маҳдудсозии чунин муҳтаворо дошта бошад.

Масъулияти касбӣ пеш аз ҳама аз дақиқӣ оғоз мешавад. Журналист бояд истилоҳҳоро дуруст истифода кунад. Ҳар гуна шахс ё гурӯҳро бе асоси ҳуқуқӣ «террорист» номидан хатари ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ дорад; ҳамзамон, дар мавриди мавҷудияти қарори суд,

санади расмӣ ё маълумоти тасдиқшуда, истилоҳ бояд дақиқ истифода шавад. Дақиқии истилоҳот ба эътимоди журналистика ва сифати муҳокимаи ҷамъиятӣ таъсир мерасонад.

Ҷанбаи дигари масъулият эҳтиром ба қурбониён ва наздикони онҳо мебошад. ВАО набояд қурбониро ба объекти ҳангома табдил диҳад. Номи шахс, акси шахсӣ, маълумоти оилавӣ ва ҷузъиёти осеб бояд танҳо дар ҳолати зарурати воқеии ҷамъиятӣ ва бо риояи меъёрҳои ахлоқӣ истифода шавад. Инъикоси инсондӯстона метавонад ҳам дарди қурбониёнро эҳтиром кунад ва ҳам ҷомеаро аз оқибатҳои терроризм огоҳ созад.

Журналист ҳамчунин бояд тавозуни байни ҳуқуқ ба иттилоот ва талаботи амниятро нигоҳ дорад. Баъзе маълумот дар вақти амалиёти зиддитеррористӣ метавонад ба амнияти шаҳрвандон ё фаъолияти мақомоти масъул зарар расонад. Дар чунин ҳолат журналистикаи касбӣ бояд аз паҳн кардани маълумоти оперативии ҳассос худдорӣ кунад ва ба хабарҳои тасдиқшуда такя намояд.

Мавзуи мазкур танҳо масъалаи дохилии Тоҷикистон нест. Дар шароити ҷаҳонишавии иттилоотӣ ҳар хабар дар бораи амният, терроризм, экстремизм ё суботи сиёсӣ метавонад ба симои байналмилалии давлат таъсир расонад. ВАО-и миллӣ дар муаррифии таҷрибаи Тоҷикистон оид ба муқовимат ба терроризм, нишон додани нақши кишвар дар ҳамкории минтақавӣ ва байналмилалӣ, ҳамчунин шарҳи мавқеи Тоҷикистон дар созмонҳои байналмилалӣ аҳаммияти ҷиддӣ дорад.

Тоҷикистон дар масъалаҳои амниятӣ бо давлатҳои Осиёи Марказӣ, ИДМ, СҲШ, САҲА, СММ ва дигар сохторҳо ҳамкорӣ мекунад. ВАО метавонад ин равандро барои ҷомеа фаҳмо гардонад, аҳаммияти ҳамкории байналмилалиро шарҳ диҳад ва аз таҳриф шудани мавқеи кишвар дар фазои хориҷӣ пешгирӣ намояд. Ин вазифа махсусан дар ҳолате муҳим аст, ки гурӯҳҳои ифротӣ ва шабакаҳои иттилоотии манфиатдор метавонанд воқеиятро таҳриф намоянд.

Аз нуқтаи назари таърихи муносибатҳои байналмилалӣ, ВАО дар асри XXI яке аз воситаҳои дипломатияи ҷамъиятӣ низ мебошад. Он метавонад симои давлатро дар муҳити беруна созад, барои фаҳмиши дурусти сиёсати давлатӣ замина фароҳам оварад ва ҳамзамон ба таҳкими ҳувияти миллӣ дар дохил хизмат кунад. Аз ин рӯ, рушди журналистикаи касбӣ қисми муҳимми сиёсати иттилоотӣ ва сиёсати хориҷии муосир ба ҳисоб меравад.

Навгонии илмии мақола дар он ифода меёбад, ки нақши ВАО дар таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорчӯбаи ягонаи журналистика, сиёсатшиносӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва назарияи амният таҳлил шудааст. Дар мақола ВАО танҳо ҳамчун воситаи паҳнкунии хабар баррасӣ намешавад; он ҳамчун институти пешгирии таҳдидҳои иттилоотӣ, ташаккули саводи расонаӣ, муқовимат ба ривоятҳои террористӣ ва таҳкими эътимоди ҷамъиятӣ арзёбӣ мегардад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ аз он иборат аст, ки натиҷаҳои мақола метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ барои журналистон, курсҳои саводи расонаӣ, машғулиятҳои донишгоҳӣ оид ба амнияти иттилоотӣ, дастурҳои редаксионӣ барои инъикоси терроризм ва таҳияи сиёсати иттилоотии муассисаҳои давлатӣ истифода шаванд.

Барои баланд бардоштани самаранокии ВАО дар ин самт чанд пешниҳод муҳим мебошад: таҳияи дастури миллӣ оид ба инъикоси мавзуъҳои терроризм ва экстремизм; ташкил намудани курсҳои махсус барои журналистон; ворид намудани саводи расонаӣ ба барномаҳои таълимӣ; рушди ҳамкории редаксияҳо бо коршиносон; тақвияти платформаҳои санҷиши далелҳо; таҳияи муҳтавои босифати зиддитарғиботӣ барои ҷавонон; истифодаи таҷрибаи ЮНЕСКО ва САҲА дар соҳаи журналистикаи масъул.

Хулоса. Таҳлили анҷомшуда нишон медиҳад, ки воситаҳои ахбори омма дар низоми таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши стратегӣ доранд. Онҳо на танҳо воситаи хабаррасонӣ, балки институти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маърифатӣ мебошанд, ки метавонанд ба пешгирии таҳдидҳои террористӣ, коҳиши таъсири таблиғоти ифротӣ ва таҳкими устувории ҷамъиятӣ мусоидат кунанд.

Таҳдидҳои террористии муосир хусусияти иттилоотӣ, шабакавӣ ва фаромиллӣ доранд. Онҳо тавассути интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ, дезинформатсия, забони нафрат,

ривоятҳои идеологӣ ва таъсири равонӣ паҳн мешаванд. Аз ин рӯ, муқовимат ба онҳо бояд маҷмуӣ бошад. Танҳо чораҳои ҳуқуқӣ ё қудратӣ кофӣ нестанд; зарур аст, ки ВАО, маориф, ҷомеаи шаҳрвандӣ, мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ ҳамоҳанг амал кунанд.

ВАО дар Тоҷикистон бояд шаш вазифаи асосиро иҷро кунад: иттилоотрасонии саҳеҳ; таҳлили коршиносӣ; баланд бардоштани саводи расонаӣ; муқовимат ба ривоятҳои террористӣ; мустаҳкам кардани ваҳдати миллӣ; ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ. Ин вазифаҳо танҳо дар ҳолати мавҷудияти журналистикаи касбӣ, масъулиятшиносӣ ва эътимоди ҷамъиятӣ натиҷаи устувор медиҳанд.

Модели пешниҳодшудаи институтсионалӣ-коммуникатсионӣ нишон медиҳад, ки амнияти иттилоотӣ натиҷаи ҳамкории панҷ унсур мебошад: ҳуқуқ, институтҳо, коммуникатсия, маърифат ва профилактика. Ин модел метавонад барои таҳқиқоти минбаъда ва барои таҳияи тавсияҳои амалӣ дар соҳаи сиёсати иттилоотӣ истифода шавад.

Ҳамин тариқ, нақши ВАО дар муқовимат ба таҳдидҳои террористии муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳамчун қисми ҷудонашавандаи сиёсати амнияти миллӣ ва ҳамзамон ҳамчун унсури дипломатияи ҷамъиятӣ, маърифати шаҳрвандӣ ва таҳкими суботи ҷомеа арзёбӣ гардад.

Адабиёт:

1. Стратегия противодействия экстремизму и терроризму в Республике Таджикистан на 2026–2030 годы: утв. Указом Президента Республики Таджикистан от 29 мая 2026 г., № 821 [Электронный ресурс] // Секретариат по реализации Стратегии противодействия экстремизму и терроризму. – URL: https://ct-secretariat.tj/ru/background-information/gosudarstvennye-strategii-i-programmy-neposredstvenno-svyazannye-s-predotvrashcheniem-ekstremizma-i-terrorizma (дата обращения: 03.06.2026).
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» аз 23 декабри соли 2021, № 1808 [Манбаи электронӣ] // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – URL: https://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-муқовимат-ба-терроризм (санаи мурочиат: 03.06.2026).
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» аз 19 марти соли 2013, № 961 [Манбаи электронӣ] // Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – URL: https://old.moh.tj/wp-content/uploads/2018/06/Қонуни-Матбуот.pdf (санаи мурочиат: 03.06.2026).
4. Концепция информационной безопасности Республики Таджикистан: утв. Указом Президента Республики Таджикистан от 7 ноября 2003 г., № 1175 [Электронный ресурс] // Портали ҳуқуқии Тоҷикистон. – URL: https://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?asosi_id=2669&showdetail= (дата обращения: 03.06.2026).
5. Концепция государственной информационной политики Республики Таджикистан : утв. Указом Президента Республики Таджикистан от 30 апреля 2008 г., № 451 [Электронный ресурс] // Портали ҳуқуқии Тоҷикистон. – URL: https://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?asosi_id=9453&showdetail= (дата обращения: 03.06.2026).
6. United Nations Security Council. Resolution 2354 (2017): Implementation of the Comprehensive International Framework to Counter Terrorist Narratives [Electronic resource]. – New York: United Nations, 2017. – URL: https://digitallibrary.un.org/record/1289209?ln=en (date of access: 03.06.2026).
7. Marthoz, J.-P. Terrorism and the Media: A Handbook for Journalists [Electronic resource] / J.-P. Marthoz. – Paris: UNESCO, 2017. – URL: https://www.unesco.org/en/articles/terrorism-and-media-handbook-journalists (date of access: 03.06.2026).

8. INFORMED: Information and Media Literacy in Preventing Violent Extremism [Electronic resource] // OSCE Projects. – 2024. – URL: https://projects.osce.org/project/INFORMED (date of access: 03.06.2026).
9. The Use of the Internet for Terrorist Purposes. – New York: United Nations Office on Drugs and Crime, 2012. – 158 p.
10. Strengthening Media and Information Literacy in the Context of Preventing Violent Extremism and Radicalization that Lead to Terrorism: A Focus on South-Eastern Europe [Electronic resource]. – Vienna: OSCE, 2024. – URL: https://www.osce.org/secretariat/575970 (date of access: 03.06.2026).
11. Castells, M. Communication Power / M. Castells. – Oxford: Oxford University Press, 2009. – 571 p.
12. McQuail, D. McQuail's Mass Communication Theory / D. McQuail. – 6th ed. – London: SAGE Publications, 2010. – 632 p.
13. Fiske, J. Introduction to Communication Studies / J. Fiske. – 3rd ed. – London; New York: Routledge, 2011. – 248 p.
14. Nye, J.S. Soft Power: The Means to Success in World Politics / J.S. Nye. – New York: PublicAffairs, 2004. – 191 p.
15. Гуревич, С.М. Газета: вчера, сегодня, завтра: учебное пособие / С.М. Гуревич. – Москва: Аспект Пресс, 2004. – 288 с.
16. Прохоров, Е.П. Введение в теорию журналистики : учебник / Е.П. Прохоров. – 8-е изд., испр. – Москва: Аспект Пресс, 2011. – 351 с.
17. Засурский, Я.Н. Система средств массовой информации России: учебное пособие / под ред. Я.Н. Засурского. – Москва: Аспект Пресс, 2001. – 259 с.

ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММА ҲАМЧУН ИНСТИТУТИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МЕХАНИЗМҲОИ ПЕШГИРӢ ВА МУҚОВИМАТ БА ТАҲДИДҲОИ ТЕРРОРИСТИИ МУОСИР

Дар мақола нақши воситаҳои ахбори омма дар низоми таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда мешавад. Масъала дар заминаи тағйирёбии муҳити иттилоотӣ, рушди шабакаҳои иҷтимоӣ, афзоиши таъсири иттилоотии фаромиллӣ ва истифодаи технологияҳои рақамӣ аз ҷониби гурӯҳҳои террористӣ ва ифротгаро баррасӣ мегардад. Мақсад аз таҳқиқ муайян намудани вазифаҳои ВАО ҳамчун субъекти амнияти иттилоотӣ ва таҳияи модели маҷмуии механизмҳои муқовимат ба таҳдидҳои террористии муосир мебошад. Дар асоси таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, стратегияҳои давлатӣ, санадҳои байналмилалӣ ва адабиёти илмӣ нишон дода мешавад, ки ВАО дар ин низом вазифаҳои иттилоотӣ, маърифатӣ, таҳлилӣ, пешгирикунанда, муттаҳидсозанда ва зиддитарғиботиро иҷро мекунад. Навгонии илмии мақола дар пешниҳоди модели институтсионалӣ-коммуникатсионии иштироки ВАО дар таъмини амнияти иттилоотӣ ифода меёбад. Хулоса шудааст, ки самаранокии муқовимат ба терроризм дар фазои иттилоотӣ аз ҳамоҳангии сиёсати давлатӣ, масъулияти касбии журналистон, саводи расонаии шаҳрвандон ва ҳамкории байналмилалӣ вобаста мебошад.

Калидвожаҳо: воситаҳои ахбори омма, амнияти иттилоотӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, терроризм, экстремизм, радикализатсия, шабакаҳои иҷтимоӣ, саводи расонаӣ, зиддитарғибот, сиёсати давлатӣ.

СРЕДСТВА МАССОВОЙ ИНФОРМАЦИИ КАК ИНСТИТУТ ИНФОРМАЦИОННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: МЕХАНИЗМЫ ПРОФИЛАКТИКИ И ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ СОВРЕМЕННЫМ ТЕРРОРИСТИЧЕСКИМ УГРОЗАМ

В статье анализируется роль средств массовой информации в системе обеспечения информационной безопасности Республики Таджикистан. Проблема рассматривается в контексте трансформации цифровой среды, роста влияния социальных сетей,

транснационального информационного воздействия и использования цифровых технологий террористическими и экстремистскими структурами. Цель исследования заключается в определении функций СМИ как субъекта информационной безопасности и разработке комплексной модели механизмов противодействия современным террористическим угрозам. На основе анализа законодательства Республики Таджикистан, государственных стратегий, международных документов и научной литературы обосновано, что СМИ выполняют информационную, просветительскую, аналитическую, профилактическую, консолидирующую и контрпропагандистскую функции. Научная новизна статьи выражается в предложении институционально-коммуникативной модели участия СМИ в обеспечении информационной безопасности. Сделан вывод о том, что эффективность противодействия терроризму в информационном пространстве зависит от согласованности государственной политики, профессиональной ответственности журналистов, медиаграмотности граждан и международного сотрудничества.

Ключевые слова: средства массовой информации, информационная безопасность, Республика Таджикистан, терроризм, экстремизм, радикализация, социальные сети, медиаграмотность, контрпропаганда, государственная политика.

MASS MEDIA AS AN INSTITUTION OF INFORMATION SECURITY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: MECHANISMS FOR PREVENTION AND COUNTERACTION TO CONTEMPORARY TERRORIST THREATS

The article examines the role of mass media in the system of information security of the Republic of Tajikistan. The issue is analyzed in the context of the transformation of the digital environment, the growing influence of social networks, transnational information impact, and the use of digital technologies by terrorist and extremist actors. The purpose of the study is to define the functions of the media as an actor of information security and to develop an integrated model of mechanisms for countering modern terrorist threats. Based on the analysis of Tajik legislation, state strategies, international documents, and academic literature, the article argues that the media perform informational, educational, analytical, preventive, consolidating, and counter-propaganda functions. The scientific novelty consists in proposing an institutional-communicative model of media participation in ensuring information security. The article concludes that effective counter-terrorism in the information space depends on coordinated state policy, professional journalistic responsibility, citizens' media literacy, and international cooperation.

Keywords: mass media, information security, Republic of Tajikistan, terrorism, extremism, radicalization, social networks, media literacy, counter-propaganda, state policy.

Маълумот дар бораи муаллифон: Сафарзода Манучеҳри Наҷот, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси рӯзноманигорӣ, дотсенти кафедраи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров – 16. Тел.: 918484405, Почтаи электронӣ. nadzhotzoda@mail.ru

Изатов Умедҷон Хуршедович, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ; докторанти Шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа, ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров, 16. Тел.: +(992) 906 70 00 11 Почтаи электронӣ: izatov.u@mail.ru.

Сведения об авторах: Сафарзода Манучехри Наджот, доктор философии (PhD), доктор по специальности журналистики, доцент кафедры журналистики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова - 16. Тел.: 918484405, Электронная почта. nadzhotzoda@mail.ru

Изатов Умеджон Хуршедович, кандидат исторических наук, доцент кафедры политологии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки; докторант Отдела политических проблем международных отношений Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. Тел.: +(992) 906 70 00 11. Электронная почта: izatov.u@mail.ru

Information about the authors: Safarzoda Manuchehri Nadzhot, doctor of philosophy (phd), doctor in journalism, associate professor of the department of journalism of Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street - 16. Tel.: 918484405, E-mail. nadzhotzoda@mail.ru

Izatov Umedjon Khurshedovich, Candidate of historical sciences, associate professor at the department of political science, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki; doctoral student at the department of political problems of international relations, A. Bahovaddinov Institute of Philosophy, Political Science and Law of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 735360, Republic of Tajikistan. Kulob city, Sangak Safarov street - 16. Tel.: +992 906 70 00 11. E-mail: izatov.u@mail.ru

Муқарриз: Худойдодова Ш.З., н.и.ф., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ: 81/83 (2-тоҷ)
А-51

ВОСИТАҲОИ БАДЕЙ ВА ТАЪСИРИ ИҶТИМОИИ ОЧЕРК ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ ТОҶИК

Алишери А., д.ф., (PhD) аз рӯйи ихтисоси рӯзноманигорӣ, дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Публитсистикаи тоҷик дар таърихи таҳаввули хеш марҳилаҳои гуногуни инкишофро аз сар гузаронда, дар рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа - сиёсату иқтисод, фарҳангу иҷтимоиёт таъсир гузоштааст. Публитсистика новобаста ба замон ҳамеша дар инъикосу баррасиҳои воқеияти иҷтимоӣ нақши муассир мегузорад. Дар ин замина, омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи зиндагиву осори публитсистон зарур ва саривақтист.

Маълум аст, ки асоси матбуоти даврии тоҷикро публитсистика ташкил медиҳад ва объекти инъикоси он тамоми соҳаҳои зиндагиро фаро мегирад. Зимнан ҳамаи соҳаҳои ҳаётро наметавон бе инсон тасаввур кард. Дар маркази публитсистика мавқеъ гирифтани инсони воқеӣ, тасвири ҳаёт ва фаъолияти ӯ боиси ба омма наздик шудани матбуот мегардад. Таъсирнокии сухани публитсистӣ ба омма ва мавзуъҳои мубрами ба баррасӣ кашидаи публитсистон сабаби гардиши қатъӣ дар ҷамъият мешавад, ки нуктаи бебаҳс аст.

Публитсистика дар ҳама давру замон ба сифати бозгӯкунандаи набзи ҷомеа хидмат мекунад. Дар бораи шинохти публитсистика ҳарчанд муҳаққиқон назари гуногун доранд, аммо ба андешаи профессор И. Усмонов «публитсистика соҳаи эҷод аст» [11, с. 8], аксарияти муҳаққиқон мувофиқ ҳастанд. Муҳаққики рус Е.П. Прохоров ақида дорад, ки «Публитсистика хосияти тарбиявию иҷтимоӣ дорад ва барои дарки оянда мусоидат мекунад» [7, с. 116]. Дар ин таърифҳо тамоми ҷанбаҳои шинохти публитсистика ғунҷидаанд. Шоир ва мунаққид Аскар Ҳаким ба заҳмати публитсистон баҳои баланд додаст: «Агар қариб ҳар шоиру нависанда ба публитсистика рӯ оварда бошад, қариб ҳар публитсист ҳам дар жанрҳои бадеӣ чун роману қисса ва ҳикоя асар навиштааст. Ин нукта аз ҷумла дар эҷодиёти адибон М. Наҷмиддинов, Ҳ. Аскар, Шодон Ҳаниф, Б. Муртазоев, И. Файзулло, Н. Табаров, Р. Мардон ва дигарон тақвияти худро меёбад. Аксари асарҳое, ки дар ин соҳа ба қалам омадаанд, натиҷаи ташвиқ ва роҳҳатҳои эҷодии Иттифоқи нависандагон мебошад» [6].

Очерк яке аз жанрҳои муҳимми публитсистика ба шумор меравад. Очерк на танҳо нақли ҳодисаҳо, балки таҳлил, арзёбӣ ва баёни эҳсосии онҳо низ мебошад, ки хонандаро ба андеша водор месозад.

Муҳаққиқон, аз ҷумла Иброҳим Усмонов, бар он назаранд, ки маҳз истифодаи унсурҳои бадеӣ монанди манзараофарӣ, муколама ва образсозӣ очеркро аз дигар жанрҳои публисистӣ фарқ мекунад. Ин вижагиҳо ба очерк имкон медиҳанд, ки воқеиятро на танҳо хабар диҳад, балки онро бо рангу эҳсос ва маънои амиқ пешкаш намояд.

Аҳаммияти омӯзиши очерк дар он зоҳир мегардад, ки ин жанр бо зиндагии воқеии инсон, мушкилоти иҷтимоӣ ва худшиносии шахсият иртиботи мустақим дорад. Дар шароити ҷомеаи муосир, ки тағйироти босуръат ба амал меоянд, нақши очерк дар инъикос ва таҳлили ин равандҳо боз ҳам бештар мегардад.

Ҳадафи асосии ин таҳқиқ баррасии хусусиятҳои бадеӣ ва публитсистии очерк, нақши воситаҳои тасвир ва таъсири онҳо ба шуури хонанда мебошад. Ҳамзамон, дар ин кор кӯшиш шудааст, ки тағйироти жанрӣ ва равандҳои нав дар очерки муосири тоҷик мавриди таҳлил қарор гиранд.

Муҳаққиқи публитсистика Иброҳим Усмонов дар бораи очерк ва фарқи он аз дигар жанрҳои публисистӣ таъкид мекунад: «Истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ, тасвири манзара, муколама, монолог ва ғайраҳо хусусияти фарқкунандаи очерк ва жанрҳои публитсистист. Маҳз бо туфайли онҳо очеркро аз мақола ё хабар фарқ кардан мумкин аст» [12, с. 142].

Дар ҳақиқат, имконияти истифодаи воситаҳои таъсирбахшии бадеӣ дар жанри очерк нисбат ба дигар жанрҳои публисистӣ бештар аст. Ҳамчунин, очерк нисбат ба ҳамаи жанрҳои дигар аз қолибҳо ва қонунмандиҳои ихтисосӣ озодтар аст. Вай маъмулан аз ҷузъиёти тамоми жанрҳо бамаврид истифода мекунад. Озодӣ ва озодандешӣ ба очерк имкон медиҳад, ки ангезаи навъу намудҳои гуногуни сухан - аз хабари оддӣ ё сабки репортажӣ, аз услуби публитсистии нигориш то сужапардозиҳои бадеӣ истифода бурда, хонанда, сомеъ ё бинандаро ба каломи пурэҳсос ба худ ҷалб созад.

Табиист, ба ҳеҷ вақҳ мо набояд маҳоратро бо ёфтану тасвир карда тавонистани воқеият маҳдуд намоем. Гузашта аз ин, чунин кор моро ба таҳқиқи кулли осори мансур водор месозад, зеро аксари асарҳои хурду калони нависандагони муосир ё бо воқеият ҳамоҳанг ҳастанд ё авзои воқеиятро аз тариқи образҳои прототип ифода мекунанд. Муҳаққиқон ба бадеияти матни бадеӣ эътибор дода, таъкид намудаанд, ки аз рӯйи пораҳои ҷудогона ба асар баҳо додан нашояд ва дар зимн қайд кардааст. Баъзан асар ба хотири як ибора ҷузъи характер ё сухани ҳадафноки образнок навишта мешавад. А.П. Горбунов бошад, муҳаққиқони осори насри мустанадро дар дарки дурусти махсусиятҳои асарҳои бадеию публитсистӣ равона намудааст: «Поэтика дар худ бештар адабиётшиносу камтар забондониеро фаро мегирад, ки ба асари ҳунарӣ баҳо дода, пайванди ногусастании чизи умумиро бо ҷузъ собит намояд» [3, с. 31].

Аз нигоҳи муҳаққиқ С. Табаров [9] поэтика усули сохтории таҳлили асари адабӣ-бадеист. Ба ибораи дигар, агар мо асарро яклухт арзёбӣ накарда, ҷузъиёти алоҳидаи бадеияти он (образофарӣ, тасвири объективӣ ва зебои воқеият, ҷузъиёти хислат, манзараҳо ва ғайра)-ро комёбӣ манзур намоем, қимати асари мавҷуда афзун намегардад. Дар заминаи мазкур нуктаи дигарро тазаккур бояд дод. Дар аксар маврид агар сухан аз поэтика равад, адабиётшиносон осори манзумро пеши назар меоранд. Дар наср тадриҷан ҳудудҳои зебоиписандӣ андаке коҳиш ёфта, бештар бо тавсифи авзои замон ё сиёсати вақт таваҷҷуҳ мегардад. Дар асарҳои насрии тоҷик публитсистика хосияти тозаи хеш - ба тори асари бадеӣ ноаён ҷо шуданро зоҳир кард. («Сарбозони бесилоҳ»-и Ф. Ниёзӣ, «Печу тоби роҳҳо»-и А. Шукӯҳӣ ва Ҳ. Аскар, «Хатлон», «Гули бодом»-и Ҷ. Икромӣ, «Уқоби захмин»-и Шодон Ҳаниф ва ғайра). Чунин ранг гирифтани насри муосир падидаи бад нест ва он ба манфиати насри мустанад ва публитсистика аст, мутолиаи ин гуна асар тарзи таҳлилу таҳқиқи бадеии воқеияти айниро меомӯзонад. Ҳамзамон, набояд фаромӯш кунем, ки дар насри мустанад публитсистика мақоми махсус дорад. Очерк ягона жанрест, ки дар истифодаи воситаи баён

ҳудудро намеписандад. Ба таъбири М. Горкий, очерк жанрест, ки фактро ба забон меорад ва нақлҳое, ки ин фактҳо аз гузаштаю имрӯза мегӯянд, басо ҷолибу таваҷҷуҳбарангез аст [4, с. 68]. Ба ибораи дигар, очерк созандаи таърихи дирӯзу имрӯз аст. Ба ёд меорем боз ҳам М. Горкийро, ки гуфтааст: «Таърихи воқеии инсонро на муаррих, балки санъаткорон меофаранд» [4, с. 68]. Санад ва воқеае, ки дар очерк истифода мешавад, бояд амиқ ва дорои хислати бузурги иҷтимоӣ бошад. Фақат дар ҳамин сурат далели воқеиву бадеӣ омезиш меёбад «Китоб тавлид мешавад, вай ҳам рӯйдоди ҳаётист, он ҷо инсон чун факти гӯё, сухангӯ муаррифӣ мегардад».

Ибора ё мафҳуми образнок аз нигоҳи сермаъноӣ (семантикӣ) тавзеҳи ягона надорад. Аввалан, ба ашё, чиз, воқеаҳое дахл мекунад, ки ҳангоми тасаввур карданаш хонанда ҳаловати хоса мегирад. Очерки Раҷаб Амонов «Зани зиндабеваю фарзанди зиндаятим» ба саргузашти талхи Бойҷон ном марди ӯротеппагие бахшида шудааст, ки панҷ панҷааш ҳунар асту аз ҳамин ҳунармандӣ ва ҳабиби мардум будан як умр азоб кашидааст. Бори маънавии очерк ба зиммаи сарлавҳа гузошта шудааст. Хонанда баъди мутолиа ва сарфаҳм рафтан ба зиндагии Бизайнаб, Исмоилҷон ва Раҷаббой (муаллиф) аз умқи ибораҳои «меҳнаткаш», «Соҳиби дилсӯз», «гирудори кулаккунӣ», «маъракаи шикори одамони давлатманд», «шайтон ноумед, инсон – бо умед», «хуни ноҳақ», «Аз Ҳиндустон хабар меояд, аз гӯристон не» ва ғайра огаҳӣ меёбад. Ин ибораҳо фақат дар контекст (матн) ба забон меоянд ва воқеаи мушаххасро пеши назар ҷилвагар месозанд. Масалан, нависанда хонаҳои баланду барҳавои шаҳреро тасвир менамояд, ки ҳусну зебоияш дили ҳазорон мусофиру сайёҳро тасхир кардааст ва ба лавҳае амиқ мешавад, ки амали Бойҷон сабт шудааст ва огаҳӣ меёбад, ки ӯ дар ким-кадом зиндони «душманони халқ» ҷойгузин аст. Баъди ин тавзеҳ, суханони зайл чун бонге, акси садое аз ҷониби шахси огоҳ ба гӯш мерасанд: «Амаки Бойҷон сардор набуд, халқе, ҷамъиятеро раҳнамоӣ накарда буд, амалдор набуд, ба сиёсат коре надошт. Ободгар буд ӯ ва барои ин ҷазо дид». («Ҷумҳурият». – 1992. – 18 феврал). Зимнан, ҳанӯз соли 1974, Раҷаб Амонов очерки калоне бо номи «Аз тирамоҳ то тирамоҳ» («Садои Шарқ». – 1974. – № 10,11,12) навишта буд, ки оҳанги суханаш аз мавзуи ҷолиби дигаре бозгӯ мекард. Очерки «Зани зиндабеваю фарзанди зиндаятим» низ аз тарҷумаи ҳоли адиб сарчашма гирифта, вале ба сабаби ҷомеъ гардонидани бисёр воқеаю саргузаштҳо оҳанги дигар касб кардааст. Бояд гуфт, ки ин очерк ба асари Соҷидаи Мирзо «Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар» аз нигоҳи мавзуъ монандиҳо дорад, вале муносибати муаллифон ба рӯйдод ва тарзи баёни воқеият ин ду асарро комилан мутафовит гардонидааст.

Ҷиҳати дуюми сермаъноии калима, ибора ё сухани образнок ба ин иртибот мегирад, ки вай ба зоти худ аз нигоҳи мундариҷа аз дигар калимаю ибораҳо фарқ карда меистад. Ин ба вазифаи он калимаю ибораҳо вобаста аст, аксаран ғайр аз маъною вазифаи асосӣ маънии изофӣ низ касб мекунад. Гузашта аз ин, ҳангоми истифодаи калимаи образнок маънои инфиродӣ, ба шахси ҷудогона алоқамандро мегирад. Гоҳҳо ҳангоми андеша болои чунин калимаҳо тасаввуроти мафҳуми зебо ё зиште пеши назар меояд, ки ҳам бозгӯйи воқеият аст ва ҳам аз дилу завқи нависанда далолат мекунад. Очерки М. Наҷмиддинов «Юсуфи гумгашта» ба шахсе бахшида шудааст, ки солҳои ободонии Вахш аз меҳнати тоқатшикан ҳаросида, пинҳонӣ бору бунаашонро ба хар бор карда, меравад. Рӯзе аз рӯзҳо Юсуф-полвон ба аёдати дӯстони дерин ба колхози «Пахтакор» меояд. Оғози баҳси дӯстони дерин сужаи очеркро ташкил додааст. Муаллиф барои ба сухан овардани қаҳрамонаш фазилати муҳоҷириро чунин тасвир менамояд: «Онҳо пурсупоскунон ба ҳавлӣ даромаданд. Дар зери сояи дарахти бед суфрае бардошта, ба рӯйи он гилеми пурнақшу нигоре густурда, ба болояш кӯрпачаҳои атласу шоҳӣ партофта монда буданд. Дар поёни суфа мототсикли сечарха меистод, ки аз аҳли оила кадоме навакак онро аз куҷое савор шуда омада, ҳоло хоку чангашро ҳам пок накарда, дар ҳамон ҳолат мондааст. Чашми Юсуф-полвон дарҳол ба ҳамон аробаи сечарха афтид. Зеро вай аз қабили он одамоне буд, ки ба кадом хонае дарояд, аз сар то охир чизҳои соҳиби хонаро аз назар мегузаронанд» [Наҷмиддинов М. Одамони замони баруманд Душанбе: Ирфон 1982 с. 235].

Ин манзара ҷаҳони маънавии қаҳрамони марказӣ Юсуф-полвонро хуб тавзеҳ медиҳад. Вай мардест худсито, кинагир, рашкин («Ин чизҳо дар дили Юсуф-полвон як ҳисси рашки бад пайдо ва ӯро безобита кард»), бахил, вале бақувват ва меҳнатдӯст, боору номус, ҳангоми суҳбат ягон-ягон мақолу ибораҳои «аз гунҷишк тарсӣ, арзан накор», «дили одаткарда - балои ҷон», «тоҷикони лӯлисифат», «рӯгирӣ» «шири хом хӯрда» барин, аз забони Идию Зокир - собиқ ҳамдиёрони Юсуф ба забон меоянд, ки ҳам маънои дар контекст ҷой дода ва ҳам киноярео нисбати Юсуф ифода мекунанд. Таъбири «хурӯси болои бом» бошад, ишора ба калонгапию пештозиҳои Юсуф аст. Муаллиф барои ҷолибсозии асар аз методи маъмули «муқоисаи зиндагӣ ва худи одамон» истифода бурда, ба офаридани ду типи образ - манфию мусбат ноил шудааст. Ҷиҳати ҷолиби қабули ин тарзи тасвир он аст, ки нависанда мувофиқи тақозои методи реализми сотсиалистӣ амал намекунад, яъне, ҳатман қаҳрамонашро ислоҳ намесозад, балки ӯро ба андеша кардан водор мекунад. Чунин услубро М. Қодиров дар очерки «Доми кимиёвӣ» низ истифода кардааст. Қаҳрамони ӯ духтур Темур Холмуъминов ба дуздӣ муттаҳам карда мешавад. Мардум аз ин туҳмати кормандони додгоҳу додситонӣ ҳайратзада мешаванд, вале муфаттиш бо ёрии усули фиреби худи Темур (хокаи кимиёвӣ) собит менамояд, ки ӯ дар кӯдакию наврасӣ дузди шинохтае буду амали феълиаш шаммае аз он кирдорҳост.

Ҷанбаи сеюми каломи образнок ба ҷиҳати таъсирбахшии он вобаста аст. Ин омил ба ду хислати номбурда алоқаманд буда, пеш аз ҳама, ба қабул, ассотсиатсия ва ҷиҳатҳои эҳсосии хонанда вобаста аст. Масалан, вақте мо калимаи «суп-сурх»-ро ба забон меорем, рангҳои гуногунеро тасаввур мекунем, ки ин шаклро ташкил медиҳанд; вақте раъду барқи баҳорон мегӯем, як раванди тулонии ҳодисаи табиатро тасаввур менамоем, ки бо ҳазорон рангу бӯю шаклу намуд вобаста ба вақту замони фасли сол зуҳур менамояд. Аслан ҳар як хонанда каму беш бо ин гуна воқеаҳо дучор шудааст ва баробари мутолиа он лаҳзаҳоро боз ҳам мувофиқи эҳсосоти худ ба хотир меорад, зарбулмасали тоҷикии «Ҳар кас ба мурдаи худ мегиряд» ин ҳолатро тавзеҳ мебахшад.

Умуман, таъсиргузорӣ бо истифода аз эҳсосоти гуногуни хонанда (экспресивӣ-тасвирӣ ва эмотсионалӣ-ҳиссӣ) аз усулҳои куҳнаю санҷидашудаи насри мустанад аст, ки дар осори аксари нависандагони ботаҷриба ба мушоҳида мерасад. Наметавон гуфт, ки ин усул ягона роҳи ҷалбу ҷазби хонанда бошад. Дар ташаккули таассурот ё ҷузъиёти образ санъату воситаҳои тасвири бадеӣ, аз қабили ташбеҳ, истиора, муболиға, тавсиф, муқобилгузорӣ, тааҷҷуб, руҷуъ, киноявү таъриз, ташхис, калимаҳои духура ва таъкид бештар истифода мешавад. Дар ҳар як очерк ҷустани ҳамаи ин аносир имконнопазир аст ва унсурҳои онҳоро метавон мушоҳида кард. Чанд мисол. Аз очерки А. Саъдуллоев «Гандумдарав» (Душанбе: Адиб, 1994). Ибораҳои образноке, ки дар контекст маънии аслиашонро соҳиб мешаванд: «Масалан устод Шарифҷон Ҳусейнзода аъзои маҳфили адибони ҷавонро «кирмҳои шабтоб» мегуфт… (с. 41) «Ҳой духтар, гапа ғоз нате, ҳама биоянд, мо маҷлиси мардакӣ дорем» (с. 45), «ҳар сиёҳиро гӯсола напиндоред». «Духтар қоматашро боло кард, духтараке буд сурхинарӯ, обичашм, зулфакони хурмоияш аз баногӯш поин мехазид» (с. 63), «бино худ чоргӯша бошад ҳам, зали тамошо ба нимасеби думчадор монанд буд» (с. 63).

Ҷузъи портрет (ё симосозӣ): Аввали сахту дағал буд ва мо аз вай метарсидем, аммо Акрам аз ӯ парвое надошт, вай дар гурӯҳи «Б» мехонд ва сардорашон Саттор марди ҳалиму хоксор, гузашта аз ин, як инсони хонаи раҳм буд, ҳар саҳар аз ҳамаашон чигунагии аҳволро мепурсид. Серу гушна буданашонро дониста, пул медод, ки ба чойхона рафта курсу печаку чой харида, ӯро интизор шавем [7, с. 96].

Тасвир (Манзара): «Посёлка дар ду ҷониби роҳи хокпӯши шиббазада воқеъ гашта буд. Тахминан 20-30 хонаро гузаред, ба майдони васеъ дохил мешудед, ки аз чор атрофаш таъмирҳои чоркунҷа ё дарозрӯяи пешайвондор ба назар мерасанд. Қисме аз ин биноҳо мағозаи хоҷагӣ ва техникӣ буданд ва ҳоло дарҳояшон бастаю дар пешониашон чароғаке нурафшонӣ дошт. Пушти як бинои сафеди яктабақа қубур манораи баланде ба назар мерасад, ки аз афташ маркази гармӣ ё ҳаммом буд. Миёни майдон рӯёрӯйи кинотеатр, ҳавзи хунуки

мармарпӯше ба чашм мерасид. Дар мобайни ҳавз аз лулаҳои мармари қирмизӣ ороёфта фавворае устувор буд, ки осори намие дар он эҳсос намешуд» [7, с. 62-63].

Аз очерки Раҷабалӣ Аҳмадов «Вакили халқ – азизи халқ» («Садои мардум». – 1996. – 1 январ). *Чеҳра*: «Марди газгӯшти чеҳрагарм дар сар токӣ, дар бар ҷомаи нимдошт, дар по мӯзаи кирзӣ, бо коргарон пахта мечид. Пешонаи офтобхӯрдаи пурчин, мӯи сафед гувоҳи умри бобаракат, ташвишҳои кору зиндагии вай буданд» [1].

Манзара: «Аз ҷониби қаторкӯҳҳои Ҳисор боди салқини тирамоҳӣ вазида, бӯи гулҳои рангорангро ба машом мерасонд. Анбуҳи дарахтони гуногунмева баъди ҳосили фаровон сар боло афрохта, гӯё осуда дам мегирифтанд. Барги онҳо мисли куртаҳои чакани зебосанамон заъфарон, сурху ҷигарӣ назаррабо буданд» [1].

Ибораи образнок: «Бояд тухми дӯстию рафоқат корем, аз рӯйи ақлу хирад амал намуда, меҳнати ҳалол кунем. Охир ба ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад. Панд: «ҳангоми саодатмандӣ аз худ марав, ҳангоми бадбахтӣ руҳафтода машав, гуфтаанд. Наҷмиддин Аюбов аз муваффақиятҳо саргарм ва аз нохушиҳои зиндагӣ руҳафтода намешавад» [1].

Чунон ки аз чанд мисоли боло бармеояд, дар осори мустанад хурдтарин мафҳуми ифодакунандаи маънии мухайял дорои образ аст. Он на ҳамеша бо маънии аслӣ истифода мешавад, аммо дар бораи предмет ё мавзуи суҳбат маълумот (мусаввар ё эҳсосошаванда) дода метавонад. Аксари кулли ибораҳои рехтаро ба мафҳуми бо образҳои хурд шомил кардан мумкин аст, зеро онҳо дар ҷою матни муайян ҳадафи муаллифро қувват дода, ба сухан оҳанги тоза мебахшанд. Масалан, «савол аз осмону ҷавоб аз ресмон», «қанори холӣ рост намеистад», «саропо чашму гӯш шудан», «аввал пурсиш, баъд кӯшиш», «балоят ба ҷонам», «ба сархорӣ вақт наёфтам», «аз таги нохун чирк кофтан», «бекафан мурдан», «аз бекорӣ – кадукорӣ», «хоби худро ба об гуфтан», «болу пар баровардан», «гандумнамои ҷавфурӯш», «гапи хунук», «хона тоза – дилаш тоза», «чашми рӯзро кӯр кардан», «дандон тез кардан», «дарро задам, девор кафид», «кабутари дубома» ва ғайра метавонанд дар контекст ягон паҳлуи хислати қаҳрамонро равшан кунанд ё тасаввуроти хонандаю шунаванда ва бинандаро доир ба мавзуъ равона созанд. Бахусус, дар суҳбатҳои радиоии Иноят Насриддинов, Раҷаб Мардон, Равшан Ёров, Одина Мирак ва дигарон ин масалҳоро хеле барҷаста мушоҳида кардан мумкин аст. Аз тариқи зарбулмасалу мақол, ибораҳои рехта ва суханҳои образнок публитсистони мазкур мавзуи мавриди баҳсро тақвият бахшида, он калимаву ибораҳоро ба навъе «маҷбур» мекунанд, ки маҳз аз рӯйи ҳадафи пешгузошта «кор» кунанд [1].

Аз таҳлилу баррасиҳо бармеояд, ки ҳар калима, ибора, ифода ва умуман, сухани образнок дар мавриди муайян ва бо мақсади мушаххас маънои аслии худро ифода мекунад. Аз ҷониби дигар, бадеияти насри мустанад, бахусус, очерки муосир ҷиҳатҳои хос дорад, ки онҳо на дар ҳамаи анвои эҷод, аз ҷумла, қиссаю новеллаи воқеӣ, ёддошт, муросала, эссе чунин истифода шуда метавонад. Муаллифи очерк шароит, инсон, воқеа ё объекти конкретро ба тасвир мегирад ва мақсад аз он иборат аст, ки дар бораи он объект ба мардум маълумоти бештари эмотсионалӣ бидиҳад. Онро барои муҳити дигар ба таври шоиста муаррифӣ кунад ё аз воқеа ва ё инсони дорои хислатҳои накӯю нотакрор қисса кунад. Чунон ки маълум аст, бо сухани одӣ ин вазифаро ба ҷо овардан саҳли мумтанеъ аст. Аз ин рӯ, ба тасвири муболиғаомези кору пайкори қаҳрамон ба истифода аз суханҳои образнок мепардозад ва ба ин васила ба хондан наздик мешавад. Аз ин ҷост, ки аз як ҳақиқати маъруф, ки гоҳи лексияҳои устодони факултаи журналистика ҳам бисёр ба гӯш мерасад ёдовар шавем. ташбеҳу тавсиф, кинояву таъриз, зарбулмасалу мақол, ибораю ифодаҳои рехта бояд ба мавзуъ мувофиқи хислату характери қаҳрамонони конкрет истифода шавад, зеро имкон дорад, ки одамон зуд-зуд ба ҳам вохӯранд ва ин омил боиси хиҷолат шудани қаҳрамону нависанда мегардад. Ва ниҳоят яке аз воситаҳои муассиру таконбахши табиӣ таълиф гардидани очерк муколама аст, ки ба ду мақсад истифода мешавад.

1. Бо ёрии муколама мавзуъ ё мушкилоти мавриди назар аз зовияҳои гуногун шарҳу тавзеҳ дода мешавад. Амали мазкурро публитсистони шинохта М. Наҷмиддинов, Ш. Ҳаниф

ва Б. Муртазоев дар асарҳояшон ба таври барҷаста истифода кардаанд, ки ин омил, аз як тараф, аз суҳбати мустақими нависанда бо қаҳрамон шаҳодат диҳад, аз ҷониби дигар, нигоштаро шавқманду ҷаззоб мегардонад. Ҳолатҳое низ ба мушоҳида мерасанд, ки баъзе аз публитсистон муколамаро ба хотири кашол додани сухан корбаст мекунанд;

2. Аз тариқи муколама забони қаҳрамонон фардӣ кунонида мешавад. Ин гуна муколамаҳо дар очеркҳои М. Наҷмиддинов «Ду пирамарди Ҳазорчашма», Р. Мардон «Дарахти азим», С. Аюбов «Достони дастҳо» ва ғайра ба назар мерасад. Аммо фақат воситаи фардикунонии забон донистани муколама чандон саҳеҳ нест. Ҳамчунин, бисёре аз очеркнависони тоҷик муколамаро бо мақсади ифшои ҷаҳони ботинии қаҳрамонон истифода мекунанд. Масалан, Муъмин Раҳматиён дар очерки «Интиқом» («Тоҷикистони шуравӣ», 1991, 13 июл) хислату характери қаҳрамони ҷабрдидааш Аҳмад Сулаймоновро маҳз тавассути суҳбати рӯёрӯ кушодааст. Албатта, ин ҷо шахсияти муаллифро низ сарфи назар набояд кард, зеро на ҳар эҷодкор қобилияти ба суханони айнан нақлшуда қобилияти баёни хислату характерро дорад. Дар соҳаи журналистика муаллиф - мусоҳиби ифшокунандаи розҳо ва санадҳоро «қаҳрамони публитсистӣ» ном бурдаанд. Ба гумони мо, ин ҳамон «ман»-и нависанда аст, ки дар ҳар асар мувофиқи таъйиноти мавзуъ амал мекунад.

Дар боло баъзе аз ҷиҳатҳои асосии ҷузъиёти бадеият дар очерки муосири тоҷик мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода шуд. Аз ин бармеояд, ки очерки муосир чун адабиёт ва публитсистикаи тоҷик аз бурду бохтҳои жанрӣ, сохторию мундариҷавии хоси марҳалаҳои ҷудогона барҳӯрдор гардидааст. Агар ҷустуҷӯйи мавзуъҳои доғи зиндагӣ, таҳқиқи хислати инсони воқеӣ (бо истифода аз васоити тасвири каломи бадеъ), истифодаи калимаву ибораҳои образнок дар мавзунсозии матн ва барҷастасозии чеҳраи қаҳрамонро ба ҷумлаи комёбиҳои эҷодӣ шомил созем, пас забони хушки камтаъсир, рӯйи коғаз овардани матнҳои қолабиву забонзада ва муносибати сарди муаллифон ба объектро дар қисме аз очеркҳо метавон гуфт.

Рангорангиҳои баён ва ғановати бадеияти очерки муосири тоҷик омилҳоеро фаро мегирад, вале барҷастатарини онҳоро ба баланд гардидани сатҳи маърифати нигорандагон, барқарор ва мустаҳкам шудани равобити фарҳангӣ бо кишварҳои форсизабон ва таъсири адабиёти халқу мамлакатҳои гуногун донистан мумкин аст. Ин тағйирот, бахусус, дар эҷодиёти Ш. Ҳаниф, Б. Муртазоев, Д. Раҷабӣ, Ҳ. Ёров, Х. Ҳайдаршо, М. Олимпур, О. Бекмурод бештар ба назар мерасад. Махсусан, вобаста ба мавзуъ дар очерк таҳаввулот ба амал омадааст. Дар очеркҳои мазкур аз бозтоби мустақими пирӯзиҳои меҳнатӣ ва руҳи ҳамеша ғолиби қаҳрамон ба таҳлилу таҷзияи қазияи инсони саргардону ҷӯё рӯ оварда, муаммои худшиносии қаҳрамон дар ҷои аввал гузошта шудааст. Ба ибораи дигар, агар дар очеркҳои қаблӣ (ҳатто то солҳои 70-ум) фақат «байракбардорони мусобиқаи сотсиалистӣ», элитаи партиявӣ чун қаҳрамонони очерк интихоб мешуда бошанд (Я. Налский «Дар водии Вахш», А. Деҳотӣ «Ба биёбонҳо об меояд», Ғ. Мирзо «Духтари халқ - хизматгори халқ» ва ғайра), пас солҳои охир очеркҳое пайдо шудаанд, ки муаммои зисту худшиносии инсони муосирро дар коллектив, оила, маишат амиқан ба таҳқиқ мегиранд (А. Саъдуллоев «Замини дил», С. Ҳалимшоҳ «Дар паи шараф будем, дар роҳи бешарафӣ не» ва ғайра). Қаҳрамонони ин гурӯҳи очеркҳо шахсиятҳои бошууру баландмаърифат буда, боигарии инсонро на дар сарватғундорию ҷоҳталабӣ, балки дар ҳимати баланд, накӯкорӣ ба халқ, худшиносию худогоҳии миллӣ медонанд. Гузашта аз ин, муаллифон дар чорчӯбаи баёни воқеияти иҳотакардаи қаҳрамон маҳдуд нагашта, бо кӯшиши умумиятдиҳии рухдод ва типписозии амали қаҳрамон симои асосии асарро барҷаста месозанд. Чунин тарзи нигориш, бахусус, дар очеркҳои телевизионию радиоӣ бештар эҳсос мешавад. Чунин ҷузъбандӣ имкон медиҳад, ки ҷаҳони маънавии қаҳрамон дар пасманзари васеи андеша ифода гардад. Ба арсаи вуҷуд омадани очеркҳои «роматникӣ» ва ҷузъписанд, ҳудудҳои зебописандии жанрро васеъ менамояд, чеҳраи иштирокдорони воқеа бо як-ду ҷузъ рӯшан карда мешавад. Табиист, яке аз роҳҳои ҷолибсозии очерк муколама аст. Муколамаро публитсистони тоҷик дар шарҳу баёни муаммо, фардикунонии забони қаҳрамон, бештар кор мефармоянд.

Очерк ҳеҷ гоҳ жанри пурра бадеӣ набуда, балки дар заминаи воқеият бо истифода аз аносири бадеӣ таълиф мегардад. Очеркнависон лаҳзаи беҳтарини ҳаёти қаҳрамонони худро

боварибахш бозтоб намуда, мушкилоти муҳимми ҳалталабро ба миён мегузоранд. Қаҳрамонони очерк одамони ҳаётианд ва публитсистон фаъолияту ҳаёти онҳоро мушаххас қаламдод мекунанд. Қаҳрамонони очерк бо хислатҳои наҷиб, диловариҳо ва ахлоқи ҳамидаи хеш маҳбуби дигаронанд, сазовори ҳурмату эҳтироми аъзои ҷомеа ҳастанд. Дар маркази очерк образи инсони комил ва пешқадам меистад, ки ба дигарон намуна аст. Муаллифи очерк бояд ташаккули характери қаҳрамонро тасвир намояд. Ин жанр аз муаллиф дониши амиқи илмӣ, ҷаҳонбинии васеъ мушоҳидакории дақиқ, мусаввири моҳир будан ва тарзи баёни воқеиро тақозо мекунад. «Банду басти очерк, қабл аз ҳама, ба омилҳое вобаста аст, ки хосси жанрҳои бадеӣ - публитсистианд. Ин гуна жанрҳо нисбати кулли жанрҳои дигар аз нигоҳи фарохи фарогирӣ ва озодии интихоби сабк бартариҳо доранд» [2, с. 273].

Муаллифони китоби «Ҳамосаи инсони кор» А. Саъдуллоев ва П. Гулмуродзода зикр кардаанд: «Очерк дорои қонунмандии хос ва хислати вижае мебошад. Дар очерк хислати асосӣ - иртиботи ҷиҳатҳои адабӣ ва журналистӣ бо ҳамдигар созгор шуда, очеркнависро дар он водор месозад, ки «байни чеҳраи адабӣ ва авзои журналистӣ» (В.Г. Короленко) қарор гирифта, ба ин васила, хонанда ӯро ҳамчун тасвиргар, журналист ва мутафаккир бишиносад [8, с. 35].

Аслан аз ин гуфта муҳтавои масъалаи дигаре ба миён меояд, ки онро ба таҳқиқи бадеӣ ва публитсистӣ нисбат медиҳад. Зеро очерк жанрест, ки ғолибан зиндагиро дар саҳнаи васеъ, аниқтараш дар пасманзари (панорамаи) муҳташам ба тасвир гирифта, роҷеъ ба масъалаҳои умда ва ҳалталаби замон андеша меронад ва онро тарзе пешкаш менамояд, ки зимни баёнаш чеҳраи қаҳрамон низ пеши назар падид меояд.

Жанри очерк аз адиб покдилӣ ва ҷасорату маҳорати баландро тақозо мекунад. Нависанда мисли оҳангар бояд дар сари сандони худ ба по истад. Ҳар қадар оҳани ба кор гирифтааш пуртобтар гардаду бештар кор хӯрад, ҳамон қадар сухани ӯ ҷило медиҳад. Ба назари инҷониб, касе ки ба чорсӯи зиндагӣ бетафовут менигарад ва аз кофтукобу талоши эҷодӣ кор намегирад, очеркнависи бомаҳорат намешавад. Ҳамчунин, қаламкаше, ки навиштани очеркро кори саҳл мепиндорад.

Пӯшида нест, ки ҳар адиб барои очерк навиштан ҷуръат карда наметавонад. Дар очерк ҳаводис ғайричашмдошт ба вуқуъ мепайванданд. Азбаски, очерк дар бораи одамони зинда, ашхоси таърихӣ навишта мешавад, барои адиб майдони тахайюлот тангтар аст. Баъдан образи қаҳрамон дилчасп намебарояд ё худ зиндагии баъзе нафарон пур аз воқеаҳои ҳайратангез ва пурмазмуну рангин бошад ҳам, худашон қобилияти ҳикоя кардан надоранд.

Пӯшида нест, журналистони бемаҳорат факту далелҳои зиёдро паи ҳам саф ороста, онро бо номи очерки таҳқиқӣ ё проблемавӣ нашр месозанд, ки аз ин на матбуот бурд мекунад, на жанри очерк. Таҳлилу таҳқиқ асоси ҳар гуна очерк аст. Дар очерк вай мавқеи хоса дорад. Очерки таҳқиқӣ комилан дигар аст (ба шарте, ки қонунмандиҳои жанрӣ ва талабот ба таҳқиқи муаммо риоя шавад).

Вақте дар бораи очерки таҳқиқӣ сухан меронем, очерке, ки проблема надорад, ба зиндагии воқеӣ таъсире надошта, дар ёди хонанда низ намемонад. Рӯйи кор гирифтани проблема зарурияти таҳқиқу тадқиқро дар очерк пеш меорад. Дар меҳвари очерки таҳқиқӣ проблема меистад ва агар проблема набошад, таҳқиқ зарурат надорад. Дар очерки таҳқиқӣ мавқеъ ва нуқтаи назари муаллиф мақоми махсус дорад, зеро ҳар як рӯйдодро аз диди сиёсиву иҷтимоии гуногун арзёбӣ кардан мумкин аст. Дар асари публитсистӣ бошад, бетарафӣ ба нафъи кор буда, чунон ки ишора рафт, таҳқиқу муаммо бо ҳам қаробати наздик доранд, вале муаммо низ чизи яклухт нест, аз ҷузъҳо, унсурҳо, сабабҳо ва омилҳо иборат аст. Ҳар яки ин қисматҳо, дар навбати худ аз далел санад, нишондиҳанда, рақам ва амсоли ин ҷузъиёт иборатанд.

Очерки Инъом Мӯсоев «Алҳазар, Одинаев меояд» («Тоҷикистони советӣ», 1988, 30 сентябр) дар қолиби мақола навишта шудааст, вале аз бисёр ҷиҳат ба талаботи жанри очерк ҷавобгӯ аст. Аввалан, вай ба ифшои зиндагиномаи шахси реалӣ - Имомдод Одинаев, сокини кӯчаи ба номи Деҳотии шаҳри Хоруғ бахшида мешавад. Сониян, аз тариқи баррасии арзу доди қаҳрамон симои шахсе ба тасвир оварда мешавад, ки худ чаласавод бошад ҳам,

фарзандонашро бо илму савод гардонида ва гузашта аз ин бо обилаи даст дар чанд порча замин боғи бошукӯҳе ба мерос гузоштааст. Ва ниҳоят дар ин очерк нақши ровии ахбор - нависанда хеле барҷаста зоҳир мешавад. Ӯ аз ном (ё аз рӯйи аризаи Имдод)-и қаҳрамон бо иштирокдорони маншаи баҳс суҳбатҳо ороста, ҷузъ-ҷузъ хислату кирдори Одинаевро барои хонанда мекушояд. Ҳамаи ин ба ҷараёни нақл мавзуният мебахшад. Хонанда аз лаҳзаи вохӯрии тасодуфии муаллиф бо вазири адлия интизори ифшои шахсияти қаҳрамон мегардад.

Муаммои ин очерк мақоми шахси соҳибкор дар ҷомеаи тоталитарӣ аст. Чунон ки маълум аст, охири солҳои 80-ум бо вазиши боди бозсозӣ рукнҳои демократия, аз қабили адлу инсоф, ба доди шахсони ҷабрдида расидану ҳақро ба ҳақдор баргардондан ягон-ягон ба мушоҳида мерасад, аммо ҳанӯз равандҳои бюрократӣ, сӯиистифода аз мақому мансабҳои давлатӣ хеле боқувват буданд. Муаллиф ин нуқтаро хеле хуб дарк кардааст.

Асари бадеӣ, махсусан, дурдонаи нодир ҳеҷ гоҳ ба осонӣ тавлид намешавад.

Асарҳои публитсистии М. Шагинян, Б. Полевой, В. Катаев, Т. Жуков, В. Рвечкин, Б. Агатов, М. Струа, Хохлов, Б. Стрелников, Т. Песе, Ф. Муҳаммадиев ҳамин гуна эҷод гардидаанд, ки дар байни хонандагон маҳбубият пайдо кардаанд. Ба ин мазмун М. Горкий зикр кардааст: «Ҳар як факт синтези чандин тахминҳоест, вай гипотезест, ки чандин киштҳоро бо ҳам мепайвандад, вай ҷавҳари қатраҳои хуни дил, ашк ва яъсу ноумедиҳо мебошад. Дар ҳар факт мазмуни амиқи ҳаёт таҷассум ёфтааст, ки вай дар замонҳои пеш реша давонда буд» [4, с. 46].

Шахсияти публитсист муҳим аст, вай бояд ҷасорати шаҳрвандӣ ва эҷодӣ дошта бошад, бо ҷуръат бошад ва воқеоти замонро хуб маърифат кунад.

Жанри очерк дар адабиёти муосир ва журналистика мавқеи беназир дорад, зеро он воқеияти зиндагиро бо воситаҳои бадеӣ ва публитсистӣ ба таври равшан ва ҷолиб инъикос мекунад. Очерк на танҳо нақли воқеаҳо, балки таҳлил, арзёбӣ ва баёни эҳсосоти шахсӣ ва иҷтимоиро фароҳам меорад. Ин жанр бо истифодаи образсозӣ, манзараофарӣ, муколама ва унсурҳои дигар хонандаро ба таҳлили воқеият водор мекунад ва имконият медиҳад, ки воқеият бо маънои амиқ ва рангу эҳсос пешкаш шавад.

Ҳамзамон, очерк озодӣ ва эҷодиёти васеъро тақозо мекунад. Муаллиф бояд ҳам мутахассис ва ҳам таҳлилгар бошад, зеро дар ин жанр ҳам шахсияти воқеӣ ва ҳам муаммоҳои иҷтимоӣ дар марказ қарор доранд. Очерк синтези факт, таҳлил ва бадеиятро муттаҳид намуда, хонандаро ба фаҳмиши амиқи воқеият ва арзишҳои иҷтимоӣ ва инсонӣ водор месозад. Ҳамин хусусиятҳо очеркро на танҳо ҳамчун жанри публитсистӣ, балки ҳамчун шакли эҷодиёти бадеӣ ва таҳлилии воқеият арзишманд месозанд.

Дар заминаи таҳқиқҳои анҷомшуда, метавон гуфт, ки очерк ҳамчун шакли миёнаи байни адабиёти бадеӣ ва публитсистика нақши муҳим дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва худшиносии хонанда ва таҳлили равандҳои иҷтимоӣ дорад.

Адабиёт:

1. Актуальные проблемы журналистики (сборник научных статей) [Текст]. – Душанбе, 2015. – 274 с.

2. Алишери, А. Ҷаҳонбинӣ ва мавқеи ҷамъиятии муаллифи очерк (дар мисоли очерки «Мураббӣ ва мураббо»-и Шодон Ҳаниф) [Матн] / А. Абдулмаҷид // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №6. – С. 272-280.

3. Горбунов, А.П. Поэтика публицистического текста [Текст] / А.П. Горбунов. – МГУ, 1978. – 53 с.

4. Горький, М. О литературе. [Текст] / М. Горький. – М.: Советский писатель, 1958. – 819 с.

5. Ҳаниф, Ш. Эҳё дил [Матн] / Ш. Ҳаниф // Адабиёт ва санъат. – 1994. май - сентябр.

6. Ҳаким, А. Баъд аз ҳазор сол…, / А.Ҳаким // Адабиёт ва санъат, 1994. - 12 декабр.

7. Прохоров Е.П. Публицист и действительность / Е.П. Прохоров. – Москва, 1973. - 317 с.

8. Саъдуллоев, А. Гандумдарав [Матн] / А. Саъдуллоев. – Душанбе: Адиб, 1994. – 144 с.

9. Саъдуллоев, А. Очерк. Хамосаи кору пайкори қаҳрамони воқеӣ [Матн] / А. Саъдуллоев, К. Оҳанг. – Кобул: Матбааи давлатӣ, 1986. – 112 с.

10. Табаров, С. Методи таҳлили асари бадеӣ [Матн] / С. Табаров. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 146 с

11. Усмонов И. Жанрҳои публисистика / И.Усмонов. - Душанбе, 2000. – 138 с.

12. Усмонов, И.К. Масъалаҳои очерки муосир [Матн] / И.К. Усмонов // Садои Шарқ. – 1986. – № 4. – С. 108-112.

ВОСИТАҲОИ БАДЕӢ ВА ТАЪСИРИ ИҶТИМОИИ ОЧЕРК ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ ТОҶИК

Мақола ба таҳқиқи хусусиятҳои публитсистӣ ва бадеии жанри очерк дар публитсистикаи муосири тоҷик бахшида шудааст. Дар он нақши очерк ҳамчун шакли миёна байни адабиёти бадеӣ ва журналистика баррасӣ гардида, аҳаммияти он дар инъикос ва таҳлили воқеияти иҷтимоӣ нишон дода мешавад. Муаллиф таъкид мекунад, ки очерк на танҳо воситаи иттилоот, балки воситаи таъсиррасонӣ ба шуури ҷамъиятӣ низ мебошад.

Дар матлаб истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ, аз ҷумла образсозӣ, манзараофарӣ, муколама ва ибораҳои образнок мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Зикр мегардад, ки ҳамин унсурҳо ба очерк имконият медиҳанд, ки воқеиятро бо рангу эҳсос ва маънои амиқтар пешкаш намояд. Ҳамчунин, нақши забон ва услуби баён дар таъсирбахшии матн ва ташаккули симои қаҳрамон муҳим арзёбӣ шудааст.

Мақола инчунин ба тағйироти жанрӣ ва равандҳои нави очерки муосири тоҷик таваҷҷуҳ мекунад. Қайд мешавад, ки очерк аз тасвири рӯякӣ ба таҳлили амиқи масъалаҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва худшиносии инсон рӯ овардааст. Дар ин замина, қаҳрамони очерк бештар ҳамчун шахсияти воқеӣ ва мураккаб тасвир мегардад.

Калидвожаҳо: очерк, публитсистика, хусусиятҳои бадеӣ, жанр, журналистикаи муосир, адабиёти тоҷик, образнокӣ, таҳлил, афкори ҷамъиятӣ, забон, услуб, муколама, воқеияти иҷтимоӣ, қаҳрамон

ХУДОЖЕСТВЕННЫЕ СРЕДСТВА И СОЦИАЛЬНОЕ ВЛИЯНИЕ ОЧЕРКА В ТАДЖИКСКОЙ ПУБЛИЦИСТИКЕ

Статья посвящена исследованию публицистических и художественных особенностей жанра очерка в современной таджикской публицистике. Рассматривается роль очерка как промежуточной формы между художественной литературой и журналистикой, а также его значение в отражении и анализе социальной действительности. Автор подчеркивает, что очерк выступает не только как средство передачи информации, но и как важный инструмент воздействия на общественное сознание.

В работе анализируются художественные средства, такие как образность, пейзажные зарисовки, диалог и выразительные языковые конструкции. Отмечается, что именно эти элементы придают очерку глубину, эмоциональность и выразительность. Особое внимание уделяется языку и стилю, которые играют ключевую роль в создании образа героя и усилении влияния текста на читателя.

Также рассматриваются жанровые изменения и новые тенденции в современном таджикском очерке. Подчеркивается переход от поверхностного описания событий к глубокому анализу социальных, нравственных и личностных проблем. В центре очерка все чаще оказывается реальный человек со сложным внутренним миром.

Ключевые слова: очерк, публицистика, художественность, жанр, современная журналистика, таджикская литература, образ, анализ, общественное мнение, язык, стиль, диалог, социальная реальность, персонаж

ARTISTIC DEVICES AND SOCIAL IMPACT OF ESSAYS IN TAJIK JOURNALISM

The article is devoted to the study of the journalistic and artistic features of the essay genre in modern Tajik journalism. It examines the role of the essay as an intermediate form between fiction and journalism, as well as its importance in reflecting and analyzing social reality. The author emphasizes that the essay serves not only as a means of conveying information but also as a powerful tool for influencing public consciousness.

The paper analyzes artistic devices such as imagery, descriptive landscape elements, dialogue, and expressive language. It is noted that these components provide depth, emotional richness, and expressiveness to the essay. Special attention is given to language and style, which play a crucial role in shaping the character and enhancing the impact on the reader.

The article also explores genre transformations and new trends in contemporary Tajik essays. It highlights a shift from superficial narration to deeper analysis of social, moral, and personal issues. The focus increasingly centers on real individuals with complex inner worlds.

Keywords: essay, journalism, artistic features, genre, modern journalism, Tajik literature, imagery, analysis, public opinion, language, style, dialogue, social reality, character

Маълумот дар бораи муаллиф: Алишери Абдулмаҷид, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси рӯзноманигорӣ, дотсенти кафедраи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров – 16. Телефон: 918-33–44-42. E-mail: alisher.abdulmajid@mail.ru

Сведения об авторе: Алишер Абдулмаджид, доктор философии (PhD), доктор по специальности журналистики, доцент кафедры журналистики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Телефон: Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова-16. 918-33–44-42. E-mail: alisher.abdulmajid@mail.ru

Information about the author: Alisher Abdulmajid, doctor of philosophy (PhD), doctor of journalism, associate professor of the department of journalism at the Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Phone: Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street, 16.918-33–44-42. E-mail: alisher.abdulmajid@mail.ru

Муқарриз: Сафарзода М.Н., д.ф. (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси рӯзноманигорӣ, дотсент Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

УДК:881, 112(43)

ИСТОРИЯ ИЗУЧЕНИЯ СЛОВООБРАЗОВАНИЯ В ИНДОЕВРОПЕЙСКОМ ЯЗЫКОЗНАНИЯ

Нодирова С.С., к.ф.н., доцент
Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки

Словообразование как раздел языкознания занимает важное место в исследовании структуры и функционирования языков индоевропейской семьи. Оно отражает способы создания новых слов, взаимодействие морфем и эволюцию лексико-грамматической системы языка [1, с. 242]. История изучения словообразования обусловлена тем, что современные лингвистические теории во многом опираются на достижения сравнительно-исторического языкознания, морфологии и этимологии XIX–XX веков. Изучение истории словообразования в индоевропейском языкознании тесно связана с развитием сравнительно-историческим методом, морфологии и общей теории языка [4, с. 173].

Для более подробного изложения истоков научного изучения словообразования, необходимо исследовать основные этапы формирования и развития учения о словообразования в индоевропейской лингвистике, исторические периоды возникновения и развития сравнительного языкознания.

Возникновение сравнительно-исторического языкознания в XIX веке стало переломным моментом в развитии лингвистической науки. Язык начал рассматриваться не как статическая система норм, а как исторически развивающееся явление, подчиняющееся определённым закономерностям. В рамках данной парадигмы морфология и, в частности, словообразование приобрели особое значение, поскольку именно деривационные элементы нередко сохраняют следы древних языковых состояний [4, с. 213].

Во второй половине XIX века изучение словообразования приобретает более системный характер. Представители младограмматической школы К. Бругман, Г. [3, с. 462] Остгоф и другие языковеды уделяли особое внимание регулярности морфологических процессов и строгому разграничению словоизменения и словообразования [4, с. 30-31].

Формирование научных представлений о словообразовании в индоевропейских языках связано с развитием сравнительно-исторического метода в первой половине XIX века. Труды Ф. Боппа [2, с. 36], Р. Раска, Я. Гримма были направлены прежде всего на сопоставление грамматических систем родственных языков и реконструкцию проиндоевропейского языка. Хотя словообразование не выделялось в самостоятельную область исследования, анализ словообразовательных аффиксов и корневых морфем занимал важное место в морфологическом описании. В частности Ф. Бопп доказал, что так называемые индоевропейские языки родственны между собой. Подобно тому, как люди родственны друг другу, если они произошли от одной и той же супружеской четы, как и языки родственны, если они возникли из одного и того же праязыка.

Согласно этому утверждению Ф. Боппа о том, что: «… индийские, иранские, армянские, греческие, албанские, италийские, кельтские, германские, балтийские, славянские языки некогда представляли один язык» [2, с. 33]. Ф. Бопп в своих трудах анализировал словообразовательные элементы древних индоевропейских языков, прежде всего санскрита, латинского, древнеиранского и древнегреческого. Суффиксы и префиксы интерпретировались как исторически значимые морфемы, отражающие древние грамматические и семантические отношения. Таким образом, словообразование рассматривалось, прежде всего как средство реконструкции проиндоевропейских форм [2, с. 36].

Сравнительно-историческое изучение словообразования в английском и таджикском языкознании формировалось в рамках общей индоевропейской парадигмы, однако развивалось в различных научных традициях и с учетом типологических особенностей данных языков. Это глубокая и актуальная тема, так как оба языка принадлежат к индоевропейской семье, но прошли через радикально разные исторические трансформации. Английский язык, принадлежащий к германской группе, и таджикский язык, относящийся к иранской ветви индоевропейской семьи, представляют собой разные типы морфологической организации, что обусловило специфику их словообразовательных систем и направлений научного анализа.

До формирования сравнительно-исторического языкознания описание английского языка носило преимущественно нормативно-грамматический характер. Однако, истоки изучения и возникновения словообразования восходят к концу XVIII — началу XIX века под влиянием работ европейских компаративистов. В этот период английские филологи начинают обращаться к историческому анализу языковых форм [4, с. 154].

В этот исторический период словообразование не выделялось в самостоятельную область исследования, а рассматривалось в тесной связи с морфологией и этимологией [12, с. 45].

Для раннего этапа сравнительно-исторических исследований характерно отсутствие чёткого разграничения между словообразованием и словоизменением. Суффиксы и

приставки рассматривались как часть общей морфологической системы, а их анализ был подчинён задаче установления родства языков [9, с. 53]. Тем не менее, именно в этот период были заложены методологические основы исторического анализа словообразовательных средств, которые впоследствии получили развитие в национальных лингвистических школах.

Древнеанглийский или англо-саксонский язык возник в V веке н.э. с переселением германских племён с материка на Британские острова. Этот язык был флективным с широкой системой склонений и спряжений. Британские острова постоянно подвергались набегам иноземных племён: 500 – летнее римское и 400-летнее нормандское господство оставило глубокий след в английском языке [4, с. 35]. В этой связи, лексика английского языка значительно обогатилась заимствованиями из латинского и французского языков. В результате, в современном английском языке мы встречаем огромное количество слов французского происхождения.

В английском языкознании XIX века словообразование рассматривалось преимущественно как объект историко-этимологического исследования. Представители сравнительно-исторического направления Г. Суит, У. Скит уделяли основное внимание происхождению словообразовательных аффиксов, их фонетическим изменениям и роли заимствований. Как отмечал Г. Суит, «историческое развитие английского языка привело к ослаблению флексии и возрастанию роли словообразования и синтаксиса» [4, с. 112]. Эта мысль Г. Суита фиксирует фундаментальный сдвиг в германских языках, который находит зеркальное отражение в истории таджикского языка. Процесс превращения из синтетического языка в аналитический, так называемый «дрейф» по Э. Сепиру, заставил оба языка искать новые способы выражения грамматических и лексических значений вне падежных окончаний [3, с. 211].

Существенный этап в развитии учения о словообразовании связан с деятельностью младограмматиков во второй половине XIX века. младограмматики сохранили присущие лингвистике X1X в. представления о языкознании как исторической науке и о сравнении родственных языков как главной задаче лингвистических исследований [17, p. 43].

По своей основной научной специализации все ведущие представители младограмматического направления являлись индоевропеистами. Вместе с тем уже среди их современников предпринимались попытки экстраполяции младограмматической методологии на сравнительно-историческое изучение языков других генетических семей, в частности семитской, тюркской и уральской. Однако данные исследования носили преимущественно эпизодический характер и не привели к формированию устойчивой исследовательской традиции.

Младограмматики в мировоззренческом отношении придерживались позитивистских установок, что обусловило их принципиальный отказ от широких теоретических обобщений, не имеющих прямой эмпирической опоры. В отличие от своих предшественников, прежде всего А. Шлейхера, они критически относились к спекулятивным построениям и гипотезам, выходящим за пределы строго установленных языковых фактов. В частности, младограмматики фактически исключили из круга научных проблем вопросы происхождения языка и универсальных закономерностей языкового строя, признавая единственно научно обоснованной классификацией языков генетическую классификацию [13, с. 13].

Характерной особенностью младограмматического направления стало повышенное внимание к методологической строгости и точности исследовательских процедур. Хотя сравнительно-исторический метод формировался на протяжении большей части XIX века усилиями нескольких поколений ученых, именно младограмматики в значительной степени завершили его теоретическое и практическое оформление, доведя уровень доказательности и системности анализа до степени, практически уникальной для гуманитарных наук XIX — начала XX вв. [6, с. 114]. Их конечной научной целью, как и у предшествующих компаративистов, оставалась реконструкция праязыка индоевропейской семьи, из которого

через ряд промежуточных исторических состояний развились современные индоевропейские языки [6, с. 115].

В рамках младограмматического подхода словообразование рассматривалось преимущественно с позиций исторической морфологии. Исследователи детально анализировали функции словообразовательных суффиксов, их семантическую дифференциацию, а также пути эволюции в отдельных индоевропейских языках. Особое внимание уделялось вопросам продуктивности словообразовательных моделей и выявлению факторов, обусловивших их ослабление, трансформацию либо полную утрату в ходе исторического развития языка [5, с. 45].

В первой половине XX века дальнейшее развитие лингвистической науки, связанное с формированием структурализма, оказало заметное влияние на теорию и практику изучения словообразования. В трудах Ф. де Соссюра была акцентирована системная природа языка, что способствовало переосмыслению деривационных процессов как структурно обусловленных элементов языковой системы, функционирующих во взаимосвязи с другими уровнями языковой организации [6, с. 115].

Во второй половине XX — начале XXI века изучение словообразования в индоевропейских языках развивается в рамках различных лингвистических парадигм: генеративной, когнитивной, типологической и функциональной. Словообразование рассматривается как динамическая система, отражающая взаимодействие формы, значения и функции.

Современные исследования направлены на реконструкцию праиндоевропейских словообразовательных моделей, сопоставительный анализ деривационных систем отдельных индоевропейских языков, изучение семантики словообразовательных формантов, анализ словообразовательных процессов в диахроническом и синхроническом аспектах. В настоящее время особое внимание уделяется взаимодействию словообразования с лексикологией, В современных исследованиях активно сравниваются словообразовательные модели живых индоевропейских языков: английское *teacher - teach;* немецкое *lehrer – lehren;* русское *учитель – учить* [11, с. 87]. Несмотря на различия в форме, данные примеры восходят к общему индоевропейскому способу образования названий лиц по действию.

Таджикский и английский языки, относящиеся к различным ветвям индоевропейской семьи (иранской и германской соответственно), демонстрируют как общие индоевропейские словообразовательные принципы, так и типологически обусловленные различия. Анализ их деривационных систем позволяет проследить сохранение древних моделей и их адаптацию в условиях современного языкового развития.

В таджикском языкознании, формировавшемся под влиянием иранистики и сравнительно - исторических исследований индоевропейских языков, словообразование изначально рассматривалось как устойчивый и системообразующий компонент языка. Исследования таджикского языка опирались на анализ древнеиранского и среднеперсидского языкового материала, что позволило выявить преемственность словообразовательных моделей [14, с. 128]. Как отмечал И. М. Оранский, «иранские языки сохраняют развитую систему деривационных средств, восходящих к древнеиранскому и проиндоевропейскому состоянию» [7, с. 64].

Продолжая мысль И. М. Оранского, стоит отметить, что преемственность таджикского словообразования проявляется в поразительной устойчивости морфем, которые, несмотря на фонетические трансформации, сохранили свои семантические функции на протяжении тысячелетий. В сравнительно-исторической парадигме этот процесс наглядно демонстрируется через сопоставление *древнеиранских (авестийских, древнеперсидских), среднеиранских (пехлеви)* и *новотаджикских* форм [7, с. 87].

Многие продуктивные суффиксы современного таджикского языка являются прямыми рефлексами древнеиранских основ. Например суффикс ***-бон*** (хранитель, защитник): *древнеперсидский* ***-pāna*** (защищающий); *пехлеви* ***-pān***; *таджикский:* ***дарбон*** (вратарь), ***боғбон*** (садовник), ***посбон*** (страж) [8, с. 45,51].

Сопоставительный анализ показывает, что в таджикском языке, в отличие от английского, словообразование сохраняет тесную связь с морфологической структурой слова и характеризуется высокой продуктивностью суффиксальной деривации. Это обстоятельство обусловило более раннее и устойчивое внимание таджикских лингвистов к словообразовательным типам и моделям. Таджикский язык, будучи потомком древнеиранских языков, сохраняет ряд архаичных словообразовательных моделей, восходящих к праиндоевропейскому и праиранскому периоду [12, с. 93].

Наиболее продуктивными являются суффиксальные способы словообразования. Широко представлены суффиксы ***-гар, -кор, -чӣ,*** образующие названия лиц по роду деятельности: *кор**гар*** (рабочий) – кор (работа); *деҳқон**кор*** (земледелец) – *деҳқ**он*** (крестьянин); *китоб**чӣ*** (книготорговец) – *китоб* (книга). Данные суффиксы функционально сопоставимы с древними индоевропейскими агентивными формантами и коррелируют с английским ***-er***. Для образования отвлечённых существительных используются суффиксы ***-ӣ, -гӣ, -иш***: *дӯст**ӣ*** *(дружба)* - *дӯст* (друг); *озодаг**ӣ*** (свобода) – *озод* (свободный)*; пурсиш* (вопрос) – *пурсидан* (спрашивать). Эти модели сопоставимы с английскими суффиксами - ***ness, -tion, -ing*** [12, с. 32].

Продуктивными суффиксами современного таджикского языка имеют тесное соотношение с различными видами человеческой деятельностью каждого народа. Особенно ремесленным производством таджикского народа, корни которого связаны с историей таджиков, которые появились еще в прошлой древности, например: «*чорводорӣ»* – animal husbandry, *«дӯзандагӣ»* – sewing, *«бофандагӣ»* – weaving, «*дуредгарӣ»* – carpentry, *«меъморӣ»* – construction, *«наққошӣ»* – painting, *«заргарӣ»* – jewelry making, *«зардӯзӣ»* – embroidery, *«оҳангарӣ»* – metal working [8, с. 16].

В английском же языкознании XIX века деривация рассматривалась главным образом в рамках этимологии и исторической лексикологии, а не как самостоятельный системный уровень языка. В то же время общим для английской и таджикской сравнительно-исторической традиции является понимание словообразования как важного источника реконструкции праязыковых форм. Сопоставление деривационных суффиксов английского и таджикского языков позволило установить их индоевропейское происхождение и выявить общие семантические функции, несмотря на различия в степени их формальной сохранности.

Для словообразования индоевропейских языков характерным является то обстоятельство, что большинство производных слов восходит в них в конечном счете к основам, обозначающим действие или состояние и представленным соответствующими глаголами [13, с. 76]. Например: *плот, плетень: плету; рыло: рыть; кровля, крыша: крыть; подметка: метать; миг: мигать; ворот; вертеть.* и т.д.

Формирование научных представлений о словообразовании в английском и таджикском языкознании осуществлялось в рамках общей индоевропейской сравнительно-исторической традиции, однако протекало в различных теоретических и типологических условиях. Принадлежность английского языка к германской группе, а таджикского к иранской ветви индоевропейской семьи обусловила различия как в характере словообразовательных систем, так и в подходах к их научному описанию.

Сравнительно-историческое изучение словообразования сохраняет свою актуальность и в современном языкознании. Оно позволяет не только уточнить реконструкцию праязыковых форм, но и глубже понять закономерности развития словообразовательных систем. Сопоставительный анализ языков различных ветвей индоевропейской семьи способствует выявлению универсальных и специфических деривационных механизмов [13, с. 56].

Для английского и таджикского языкознания обращение к сравнительно-историческому наследию создаёт основу для дальнейших типологических и функциональных исследований, направленных на комплексное описание словообразовательных процессов.

Становление учения о словообразовании в английском языкознании в рамках сравнительно-исторической парадигмы сопровождалось развитием историко-этимологического подхода и анализом деривации как отражения языковой эволюции. В таджикской лингвистической традиции словообразование рассматривалось преимущественно как системный и устойчивый компонент языка. Сопоставительный анализ показывает, что различия в научных подходах обусловлены как типологическими особенностями языков, так и историческими условиями формирования национальных лингвистических школ.

Таким образом, история изучения словообразования в индоевропейском языкознании отражает общий путь развития лингвистической науки, от сравнительно-исторического анализа к системному и функциональному осмыслению языковых явлений. Словообразование из вспомогательного инструмента реконструкции праязыка превратилось в самостоятельный объект исследования, обладающий богатым теоретическим и методологическим потенциалом. Современные подходы позволяют глубже понять закономерности деривационных процессов и их роль в эволюции индоевропейских языков.

Литература:

1. Баранникова Л.И. Введение в языкознание. - Саратов.: 1973, -383 с.
2. Бопп Ф. Сравнительная грамматика индоевропейских языков/ История языкознания X1X-XX веков в очерках и извлечениях// М., ч.1.1960. –С. 30-36/
3. Бругман К., Дельбрюк Б. Сравнительная грамматика индоевропейских языков.— М.: УРСС, 2002. - 462с.
4. Звегинцев, В.А. История языкознания X1X-XX веков в очерках и извлечениях. В.А. Звегинцев // - М.: Просвещение, ч.1, 1960, – 406 с.
5. Марчанд Х. Categories and Types of Present-Day English Word-Formation.- München: Beck, 1969. -275 pp.
6. Нодирова С.С. Оттенки раннего лингвистического структурализма в мировозрениях русских языковедов конца XIX – нач. XX вв. Вестник Кулябского госуниверситета им. Абуабдуллоха Рудаки. – Душанбе. 2018. №2(21), С.113-115.
7. Оранский И. М. Иранские языки. М.: Наука, 1979.-218с.
8. Садриддин Айнӣ. Марги судхӯр. - Душанбе, 2019, 200 с.
9. Серебренников Б.А. Общее языкознание. Внутренняя структура языка. АН СССР, Ин-т языкознания. - М.: Наука, 1972. – 564 с.
10. Стернин И.А. Лексическое значение слова в речи. - Воронеж.: 1985. - 137 с.
11. Улуханов И. С. Словообразовательная система языка.М.: Наука, 1996.
12. Шахобова, М.Б. Опыт сопоставительного исследования строя таджикского и английского языков. – Душанбе.: Изд-во Дониш, 1985 .- 252 с.
13. Шлейхер А. Компендий сравнительной грамматики индоевропейских языков. М.: УРСС, 2004.
14. Широков О.С. Ведение в языкознание. М.1985.-264 с.
15. Aini, Sadriddin. The Death of the Usurer. The Executioners of Bukhara (Translated by A. Mamadnazarov). – Dushanbe: “R-graph”, 2024. – 296pp.
16. Aini, Sadriddin. Temur Malik – Tajik People`s Hero. Muqanna`s Rebellion (Translated by A. Mamadnazarov). Dushanbe: R-graph, 2022. – 156pp.
17. Marchand, H. The categories and types of present-day English word-formation/ H. Marchand. – Weisbaden: . 1960. Munchen: Otto Harrassowitz, 1969. – 545 pp.

ИСТОРИЯ ИЗУЧЕНИЯ СЛОВООБРАЗОВАНИЯ В ИНДОЕВРОПЕЙСКОМ ЯЗЫКОЗНАНИИ

В статье рассматриваются основные этапы формирования и развития учения о словообразовании в индоевропейском языкознании. Анализируются взгляды представителей сравнительно-исторической школы XIX века, неограмматического направления, структурной

лингвистики и современных междисциплинарных подходов. Особое внимание уделяется эволюции представлений о словообразовательных моделях, морфемной структуре слова и деривационной семантике в индоевропейских языках.

В статье рассматриваются истоки научного изучения словообразования, основные этапы формирования и развития учения о словообразования в индоевропейской лингвистике, основные этапы возникновения и развития сравнительного языкознания. Возникновение сравнительно-исторического языкознания в XIX веке стало переломным моментом в развитии лингвистической науки. Язык начал рассматриваться не как статическая система норм, а как исторически развивающееся явление, подчиняющееся определённым закономерностям.

В статье рассматривается идеи представителей младограмматиков, а также представителей структалистической школы в частности Ф. де Соссюра, Бодуэна де Куртенэ.

Ключевые слова: словообразование, индоевропейские языки, лексика, слово, сравнительно-историческое языкознание, морфология, деривация.

ТАЪРИХИ ОМӮЗИШИ КАЛИМАСОЗӢ ДАР ЗАБОНШИНОСИИ ҲИНДУАВРУПОӢ

Дар мақола марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушди таълимот оид ба калимасозӣ дар забоншиносии ҳиндуаврупоӣ баррасӣ мешаванд. Дидгоҳҳои намояндагони мактаби муқоисавӣ-таърихии асри XIX, равияи навграмматикӣ, забоншиносии сохторӣ ва равишҳои муосири байнисоҳавӣ таҳлил мегарданд. Таваҷҷуҳи махсус ба эволютсияи тасаввурот дар бораи моделҳои калимасозӣ, сохтори морфемии калима ва семантикаи дериватсионӣ дар забонҳои ҳиндуаврупоӣ равона шудааст.

Дар мақола инчунин сарчашмаҳои омӯзиши илмии калимасозӣ, марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушди таълимоти калимасозӣ дар забоншиносии ҳиндуаврупоӣ, ҳамчунин марҳилаҳои пайдоиш ва рушди забоншиносии муқоисавӣ баррасӣ мешаванд. Пайдоиши забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ дар асри XIX лаҳзаи ҳалкунанда дар рушди илми забоншиносӣ гардид. Забон на ҳамчун низоми собити меъёрҳо, балки ҳамчун падидаи таърихӣ-тағйирёбанда, ки ба қонуниятҳои муайян итоат мекунад, мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Дар мақола ҳамчунин андешаҳои намояндагони мактаби навграмматикон, инчунин намояндагони мактаби сохторӣ, аз ҷумла Ф. де Соссюр ва Бодуэн де Куртенэ, мавриди таҳлил қарор мегиранд.

Калидвожаҳо: калимасозӣ, забонҳои ҳиндуаврупоӣ, луғат, калима, забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, морфология, дериватсия

THE HISTORY OF THE STUDY OF WORD FORMATION IN INDO-EUROPEAN LINGUISTICS

The article examines the main stages in the formation and development of the theory of word formation in Indo-European linguistics. It analyzes the views of representatives of the nineteenth-century comparative-historical school, the Neogrammarian movement, structural linguistics, and modern interdisciplinary approaches. Special attention is paid to the evolution of concepts related to word-formation models, the morphemic structure of the word, and derivational semantics in Indo-European languages.

The article also considers the origins of the scientific study of word formation, the principal stages in the formation and development of word-formation theory in Indo-European linguistics, and the main phases in the emergence and development of comparative linguistics. The rise of comparative-historical linguistics in the nineteenth century marked a turning point in the development of linguistic science. Language began to be viewed not as a static system of norms, but as a historically evolving phenomenon governed by certain regularities.

The article further discusses the ideas of the Neogrammarians, as well as those of representatives of the structuralist school, in particular Ferdinand de Saussure and Jan Baudouin de Courtenay.

Key words: word formation, Indo-European languages, vocabulary, word, comparative-historical linguistics, morphology, derivation.

Сведения об авторе: Нодирова Сайёра Салимшоевна, кандидат филологических наук, доцент кафедры иностранных языков Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Ресублика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова-16. Тел.:(+992)904546854, Электронная почта:bsabrina1978@internet.ru

Маълумот дар бораи муаллиф: Нодирова Сайёра Салимшоевна**,** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров - 16. Тел.:(+992)904546854, Почтаи электронӣ:bsabrina1978@internet.ru

Information about the author: Nodirova Sayyora Salimshoyevna**,** candidate of philological sciences, associate professor department of foreign languages Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street – 16, **Phone:** (+992) 904 54 68 54 E-mail:bsabrina1978@internet.ru

Рецензент: Муродзода Б.Р., к.ф.н., доцент Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки

ТДУ 002(3): 892.550 (091)

ИСТИФОДАИ НАМУНАҲОИ ФОЛКЛОРӢ ДАР АСАРҲОИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА

Мирзоева М.М., н.и.ф., муаллими калон
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Яке аз анъанаҳои беҳтарини адабиёти классикӣ ва советии тоҷик ин муносибати узвӣ ва ба якдигар алоқамандии эҷодиёти даҳонакии халқ бо эҷодиёти шоирону нависандагон мебошад. Ин анъана ҳанӯз аз даврaҳои хеле қадим на танҳо дар адабиёти тоҷик, балки дар адабиёти дигар халқҳо мушоҳида мешавад. Аз эҷодиёти Рӯдакӣ сар карда то эҷоди шоирону нависандагони муосири советии тоҷики мо таъсири эҷодиёти ҷаҳониро мушоҳида мекунем.

А.М. Горкий таъкид карда буд, ки «… Ибтидои санъати сухан дар фолклор аст. Фолклоратонро ҷамъ кунед, аз он омӯзед, аз нав кор карда бароед. Вай ҳам ба шумо, ҳам ба мо, шоир ва нависандагони Иттифоқ, материали бисёре медиҳад» [2, с. 87].

Дар ҳақиқат, вақте ки мо ба таърихи адабиёти ҷаҳон назар меафканем, мебинем, ки муҷассамаҳои бадеӣ ва ёдгориҳои бузургтарини адабии ҳамон замонҳо ва халқҳо дар болои таҳкурсии эҷодиёти даҳанакии халқ қомат рост кардаанд дар Ғарб дар асоси афсонаву мифҳои халқӣ асарҳои Ҳомер, трагедияҳои Эсхил ва Софокл дар заминаи образҳои халқӣ «Дон - Кихот»-и Сервантес, «Отелло»-и Шекспир «Фауст»-и Гёте дар Шарқ силсилаи образҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, достонҳои «Вис ва Ромин», «Саломон ва Абсол, «Лайлӣ ва Маҷнун» ва ғайра офарида шудаанд. Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик дар давоми асрҳо роли бузург бозид ва бо пайдоиш ва тараққиёти адабиёти ҳазорсолаи хаттӣ кумак расонд.

И.С. Брагинский дар яке аз таҳқиқоти худ «Аз таърихи назми халқии тоҷик қайд мекунад, ки [1, с. 87] классикони тоҷик дар натиҷаи ба фолклор муроҷиат кардани худ шоҳасарҳое офаридаанд, ки онҳо аз тарафи тамоми халқ эътироф гардиданд. Вай ду тарзи идомашавии эҷодиёти даҳонакии халқро дар осори хаттии қадимӣ ва асримиёнагии тоҷик нишон додааст, «чун тенденсияи халқӣ дар асари адабӣ ҳақиқатро ҳаққонӣ ва реалистона

нишон медиҳанд, чун истифода бурда шудани сюжетҳо, образҳо, воситаҳои тасвири фолклорӣ одатан дар шакли аз ҷиҳати бадеӣ аз нав кор кардашуда» [1, с. 23].

Адабиётшиносони советии тоҷик муайян кардаанд, ки яке аз сарчашмаҳои асосии адабиёти муосири тоҷик ин эҷодиёти даҳонакии халқ мебошад. Эҷодиёти даҳонакӣ, агар аз як тараф аҳаммияти калони тарбиявӣ дошта бошад, аз тарафи дигар барои инкишофи маҳорати адабии нависандагон нақши муҳим мебозад. Нависандагон ва шоирон дар натиҷаи омӯхтани фолклор тарзи ба вуҷуд овардани образҳои фаромӯшнашаванда ва санъаткорона ифода кардани фикрро меомӯзанд.

Дар адабиёти советии тоҷик яке аз шоироне, ки эҷодиёташ ба фолклор зич алоқаманд аст, шоири дӯстдошта ва маҳбубамон Мирзо Турсунзода мебошад. Вай яке аз шоирони номдори халқи тоҷик аст, ки шуҳрати ҷаҳонӣ дорад.

Мирзо Турсунзода 2-майи соли 1911 дар деҳаи Қаратоғи водии Ҳисор таваллуд шудааст. Дар Қаратоғ аз замонҳои қадим косибону ҳунармандон, бофандагону кулолгарони номдор, чармгарон ва устоҳои чӯбкор шуҳрат доштанд. Падари шоир низ яке аз дуредгарҳои моҳир буд, ки бо номи усто Турсуни Ғолиб ном бароварда буд. Усто Турсун бесавод бошад ҳам, вай ошиқи адабиёт буд, шеърҳои зиёде аз ёд медонист ва ҳар вақт ин байтро мувофиқи ҳасби ҳоли худ такрор мекард:

Аз ноумедиҳо басе умед аст.
Поёни шаби сиёҳ сафед аст. [6, с. 17-18].

Амаки Мирзо – Қорӣ Абдурозиқ ҳам одами босавод буд. Вай дар Бухоро таҳсил карда буд ва дар байни халқ шеъргӯйӣ мекард. «Шеърҳои ӯ асосан ба идҳо бахшида мешуданд. Мирзо Турсунзода ҳикоят мекард, ки боре Қорӣ Абдурозиқ ба муносибати иди Наврӯз ба ӯ як шеъри халқӣ навишта додааст, ки бачагон онро ҳифз намуда дар кӯчаву бозор месароиданд ва ба хонаи ҳамқишлоқиҳо рафта онҳоро ба иди Наврӯз сурудхонон табрик мекарданд:

Наврӯз шуду лолаи хушранг баромад,
Булбул ба тамошои дафу чанг баромад.
Мурғони ҳаво ҷумла бикарданд ба парвоз
Мурғи дили мо аз қафаси танг баромад.

Модари шоир Холбибӣ ном дошта, яке аз туппидӯзҳои ҳунарманд будааст, ки дар хонаи ӯ занони деҳа ғун шуда, дар атрофи сандалӣ афсонагӯйю шеърхонӣ мекарданд. Мирзо низ дар назди онҳо буд ва ба ин афсонаю ҳикояҳо ва шеърхонии онҳо диққати калон медодааст.

Мирзо Турсунзода ҳангоми ба камол расидан ва эҷод кардани асарҳои баландмазмуни худ номи ҳар кадоми саромадони сухан, ноқидон ва сарояндагони халқро бо эҳтироми калон хотирнишон кардааст. Шоир мисли Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ ва дигар нависандагону шоирони тоҷик жанрҳои фолклориро барои равшан ифода кардани матлаб, кушодани характерҳои образҳои мусбату манфӣ шарҳу тафсири ҳодисаҳо ва воқеаҳои зиндагӣ ва ғайра кор фармудааст.

Муносибати эҷодиёти бадеии даҳонӣ бо адабиёти китобӣ, - навиштааст Асадулло Суфиев, - таъсири онҳо ба якдигар ва мавқеи нависандагони гузашта ва муосири тоҷик дар тарзу усули истифодаи жанрҳои гуногуни фолклор аз масъалаҳои пухтарасидаи адабиётшиносӣ ва фолклоршиносӣ буда, таҳлил ва таҳқиқи он аҳаммияти муҳимми назарӣ ва амалӣ дорад [5, с. 66].

Мирзо Турсунзода дар асарҳои худ аз фолклор истифода карда, дар сурати образҳои манфӣ хислатҳои ношоями шахсони зиёнкор ва бадкирдор, золимон ва душманони халқро танқид ва дар сурати образҳои мусбат ғояҳои халқдӯстӣ ва ватанпарвариро талқин кардааст. Мо он оҳангҳои фолклориро ба таври фаровон дар асарҳои Мирзо Турсунзода либреттаҳои «Шӯриши Восеъ», «Тоҳир ва Зуҳро» ва дар дигар достонҳо ва шеъру сурудҳои ӯ мушоҳида карда метавонем.

Рубоиёт ва сурудҳои халқӣ, зарбулмасал дар асарҳояш истифода кардааст, аз як тараф соҳаҳои мухталифи ҳаёт, ҳолатҳои руҳии табақаҳои иҷтимоии ҷамъиятро дар назари

хонанда ҷилвагар созанд аз тарафи дигар, қисмати бадеӣ, нафосат ва зарофати забони асарро афзун гардонидаанд.

Албатта, ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки зарофату нафосат ва фикри бикри афсона ва ё суруди халқиеро ба мақсади худ тобеъ намояд.

Ҳамин тавр, агар мо хоҳем, ки дар бораи беҳбудии ҳаёти мардуми меҳнаткаш ва маърифатнок гардидани он саҳме гузорем, вазифадорем, ки руҳия ва дунёи ботинии онҳоро амиқтар дарк намоем.

«Нависандае, ки дониши фолклорӣ надорад, - мегӯяд Горкий,- нависандаи бад аст» [5, с. 66].

Дар эҷодиёти халқ ҷавоҳироти беҳадду ҳудуд пинҳон мебошад ва нависандаи боинсофу бовиҷдон бояд онҳоро аз худ намояд.

Мирзо Турсунзода дониши васеи фолклорӣ дошт ва ӯ низ мисли дигар мутаффакирони бузурги халқи тоҷик нақлу ривоят ва сурудҳои ҷонгудози халқиро манбаи пурбаҳои эҷодиёти бадеии худ мешуморад.

Шоир суханони Горкийро сармашқи кори худ карда, ба омӯхтан ва гирд овардани эҷодиёти даҳонакии халқ шуруъ мекунад. Натиҷаи ҳамин буд, ки ӯ дар соли 1940 бо номи «Намунаи фолклори тоҷик», ки баъдтар мо дар бораи он маълумот медиҳем ва дар соли 1957 бо ҳамроҳии А.Н. Болдирев «Фолклори тоҷик» ном маҷмуае таълиф намудаанд.

Ҷамъ овардан ва моҳирона ба кор бурдани фолклор ва материалҳои фолклориро мо дар либреттоҳои «Шӯриши Восеъ», «Тоҳир ва Зӯҳро», достонҳои «Писари Ватан», «Барои Ватан» «Ҳасани аробакаш», «Садои Осиё», силсилаи шеърҳои Ҳиндустон ва ғайраи шоир мушоҳида карда метавонем.

Тарзи истифода бурдани эҷодиёти даҳонакии халқ дар ашъори Турсунзода гуногун ва рангоранг мебошад. Дар асарҳои шоир матни суруд, афсона, ривоят, рубоиёт ва маросимҳои халқӣ яклухт гирифта шуда ва боз дар асоси матнҳои фолклорӣ аз нав санъаткорона такмил дода шудаанд.

Забони асарҳои шоир пур аз ибораву ифодаҳои пуробуранги халқӣ мебошанд». Нутқи образнок, мақолу таъбирҳои рехтаи халқӣ ба мазмуни асарҳои шоир мазмун ва ба зарофату нафосат зам кардаанд.

«Китобҳои Мирзо Турсунзода, - менависад А. Сайфуллоев, - ҳамдаму ҳамнишин, ҳамсуҳбату ширинзабон ва махзани панду ҳикмати халқ гардидаанд. Ҳар як оила, ҳар як хонанда ашъори ӯро ба худ маслиҳатгари хирадманд қарор додааст»…[6, с. 47].

Истифодаи бевоситаи намунаҳои фолклорӣ дар ашъори бисёр нависандагони гузаштаю муосири тоҷик мушоҳида мешавад. Мирзо Турсунзода яке аз он шоироне мебошад, ки бо забони содаи халқӣ суханронӣ карда, дар ашъораш аз фолклор устуворона истифода кардааст. Истифодаи фолклор дар бисёр шеъру достонҳои шоир ба назар мерасанд. Аз ҷумла, дар достони «Номаи бинокорони роҳи Сталинобод – «Помир» [9, с. 126] (1939-1940) шоир дар шарҳи ҳоли табоҳу «рӯзгори сахти ғамангез»-и халқ дар давраи амирӣ аз порчаҳо ва сурудҳои халқӣ истифода кардааст.

Як умр дар ин ҷаҳон гадоем, дареғ,
Бечора касему бенавоем, дареғ,
Сад сол агар умр вафоӣ бикунад.
Охир, ки гадоем - гадоем, дареғ.

Маҳтобшаб асту мо ба кӯҳҳо ҳар шаб,
Дуди дили мо чу мавҷи дарё ҳар шаб,
Доро ба сари давлату ишрат дорад,
Мо бекасу бенаво танҳо ҳар шаб.

Халқ дар замони тираю тори феодалӣ бо чунин сурудҳо ҳасрат мекард, чунки он орзую ҳавасе, ки дар дил доштанд ба амал оварда наметавонистанд. Шеърҳои халқие, ки дар «Номаи бинокорони роҳи Сталинобод – «Помир» иншо шудаанд, инчунин, мисраъҳое, ки худи шоир онҳоро бо оҳанги фолклорӣ эҷод намудааст, характери халқии асарро қувват дода

ба эҷодиёти халқ вобаста будани эҷодиёти Мирзо Турсунзодаро нишон медиҳад. Кӯҳистониёни бешумор аз пайи ризқу рӯзӣ аксар ба шаҳру деҳоти бегона сафар карда «Дар ғарибӣ гашта - гашта» ба ҷуз ранги зард чизи дигаре намеоварданд, ё ин ки баъзан дар роҳҳои касногузар ва ғайра аз гармою сармо ва гуруснагию ноилоҷӣ талаф мешуданд. Рубоиҳои халқӣ нолаю фиғони фарзандон ва хешу ақрабои он мусофиронро ифода кардаанд.

Ҷонона баҳор шудаст, кай меоӣ?
Вақти гули хор шудаст, кай меоӣ?
Ту ваъда ба барфҳои зимистон додӣ
Барфҳо ҳама об шудаст, кай меоӣ.

Аммо халқ ба ояндаи дурахшони худ боварии қатъӣ дошт. Халқ боварӣ дошт, ки қувваи тавоное ҳатман қиёми вайро дар роҳи бахту наҷот сарварӣ хоҳад кард. Ибтидои ин қиёми умумихалқӣ Революотсияи Кабири Сотсиалистии Октябр буд. Турсунзода дар муқоисаи он замони мудҳиш порчаи зеринро оварда хуррамиҳои ҳаёти имрӯзаро дар «Нома...» васф намудааст.

Рав бари ҷононаи дурфитода,
Гӯ, ки равад пеши ёр, роҳ кушода,
Нест дигар кӯҳи сахт дар роҳи ҳичрон,
Боиси дарду ғаму хоби парешон.

Мақоми ашхоси афсонавӣ ва таърихиро Турсунзода дар асарҳояш бо маҳорати калон иншо намудааст. Тасвири образҳои шахсони реалии таърихӣ дар эҷодиёти шоир – Восеъ, Назир Бобо, Нозим ва либреттои «Шӯриши Восеъ» ва дигар шахсони таърихӣ дар дигар асарҳояш аниқ ва пурра инъикос ёфтаанд. Масалан, дар хусуси шеъри: «Ба В.И. Ленин» (1940) сухан ронда, дар масъалаи бо тарзу усули образофарии эҷодиёти даҳонакии халқ такя кардани шоирро дар эҷоди ин шеър қайд кардан лозим аст. «Дар ин шеър, - қайд мекунад Р. Мусулмонқулов, - аз як тараф шакли шеърии адабиёти анъанавӣ истифода шуда бошад, аз тарафи дигар дар масъалаи тарзи баён шоир услуби образофарии эҷодиёти даҳанакии халқро барои инъикоси шахсияти Ленини бузург моҳирона истифода карда тавонистааст» [9, с. 139].

Чи тавре ки дар эҷодиёти даҳанакии халқ образи Рустами достон бо тамоми далерию бузургӣ ва муташакилию нотарсияш тасвир ёфтааст, шоир образи доҳиро низ ҳамин тавр барҷаста ба қалам додааст.

Раҳ ёфтию дар шаби торик давидӣ,
Ҳангоми саҳар чун шафақати сурх дамидӣ,
Дар пеши роҳат об буду санг буду кӯҳ,
Аммо ту буридию, шикастию паридӣ [9, с. 140].

Оҳангҳои фолклориро дар достонҳои Мирзо Турсунзода махсусан, дар достони «Хазон ва баҳор», ки дар солҳои 30-юм навишта шудааст, мушоҳида кардан мумкин аст. Дар қисми асосии ин достон воқеаҳои замони гузашта нишон дода шудааст, ки дар он анъанаҳои фолклорӣ ва оҳангҳои романтикӣ хеле пурқувват мебошанд. «Дар ифодаи олами ботинии Саттор, - қайд мекунад Ҳасан Муҳаммадиев, - оҳангу услуби сурудҳои фолклории ғарибона ҳис карда мешавад. Ҳолати умумии овозҳои ӯро тавсифи бечора ифода кардааст». Саттор қаҳрамони мантиқист, вай ҳаёти навро бо хаёлоти ширин тасаввур мекунад ба муқобили истисморкунандагон мубориза бурдан мехоҳад, вале ҳанӯз роҳи муборизаро намедонад, бинобар ба амалӣ шудани орзуяш боварии қатъӣ надорад.

Ҳамин гуна хусусиятҳои баландпарвози романтикӣ қисми таркибии тамоми эҷодиёти Мирзо Турсунзода мебошад. На танҳо дар ашъори лирикаи ошиқона, балки дар шеърҳои гражданӣ ва бо руҳи қавии партиявӣ эҷодшудаи шоир низ истифодаи фолклор ва пару боли романтикӣ ба назар мерасанд.

Яке аз беҳтарин манзумаҳои ахлоқии Мирзо Турсунзода «Дил-дили Зайнаб» (1999) ва дигаре «Хаёли хом» (1940) мебошад. Мазмунан «Дил-дили Зайнаб» бо чунин сатрҳо ба анҷом мерасад:

Пир завқиду во намуда лаб:

-Духтарам, - гуфт: «дил-дили Зайнаб» яъне, шоир дар ин ҷо зарбулмасали «дил-дили Зайнаб»-ро истифода кардааст, ки вай озодии шахсро дар ҳалли ягон масъала нишон медиҳад ва синонимӣ «Ихтиёр дар дасти бахтиёр» мебошад. Шоир манзумаи «Хаёли хом»-ро бо чунин сатрҳо ба анҷом мерасонад:

Ҳар ки мағрури фазли хеш шавад,
Аз қафои хаёли хом равад.

Яъне, хулосаи шеъри шоир ба чунин андарзи халқ мувофиқ меояд:

Худписандӣ камоли нодонист,
Охири вай фақат пушаймонист.

Яке аз достонҳои давраи ҳамин шоир «Писари Ватан» (1942) мебошад, ки дар он нависанда аз намудҳои фолклорӣ истифода кардааст. Бо даъвати партия ҳазорон ҳазор ҷавонписарро барои ҳимояи Ватан дар сафи пеши мубориза мефиристоданд ва бар зидди душман қаҳрамонона меҷангиданд. Шоир ин шуҷоату мардонагии онҳоро бо таъбирҳои халқӣ тавсиф намуда, руҳи халқӣ доштани асарро нишон медиҳад.

Ба деҳ аз ҳар тараф одам даромад,
Замин гӯё кафид, одам баромад,
Дар ин ҷо пир агар тадбир ҷӯяд,
Ба ҷои пир асои пир гӯяд:

Композитсияи ин асар низ аз рӯйи плани муборизаи ду қувва, некӣ ва бадӣ, ки дар фолклор мавқеъ дорад, сохта шуда, дар мавридҳои ҷудогона характери афсонавӣ гирифтааст. Муболиғаҳои шоирона низ қаҳрамонро то андозае аз ҳаёти реалӣ дур мекунанд:

Ба болои саманди мисли кӯҳе,
Намоён буд уқоби пуршукӯҳе.

Дар тасвири образи Қодир ташбеҳ ва тавсифҳои нисбат ба Рустами Достон ва дигарҳо кор фармудаи халқ, монанди «ҷӯянвортан», «рӯитан», «ду дасти кӯҳан оҳан шикан» ва ғайра бисёр мушоҳида мешавад. Ибораҳои афсонавӣ монанди «деви бадшаст» [3, с. 96], «рӯбоҳи пир» ҳам дар асар кам нестанд. Достон бо ҳикояти панду насиҳати падар, ки тимсоли ақлу хиради халқ мебошад, сар мешавад. Падар дар бораи мардии Фарҳоду бедодиҳои Хисрав, қиссаи Лайлию Маҷнун, Шуриши Коваи оҳангар ба муқобили Заҳҳоки морон ва ғайра ҳикоят карда, ба писари худ қаҳрамонии аждодҳои халқи тоҷикро хотирнишон мекунад.

Андешаҳои ахлоқонаи падар дар достони «Писари Ватан» ба андарзҳои халқӣ ҳамоҳанганд, чуноне ки вай шарафро яке аз меъёрҳои бузург ва истиқлолаш одамӣ мешуморад:

Шараф чизи таҷовузнопазир аст.
Ҳар он кас ки шараф дорад кабир аст [9, с. 5].

Саволу ҷавоби Қодир ва Саодат дар вақти хайру хуш кардан услуби достонҳои классикии ишқӣ - романтикиро ба хотир меорад:

-Ба монанди чӣ мегардӣ аз ин роҳ?
-Зи ин роҳ шер мегардад, на рубоҳ.

Мирзо Турсунзода дар соли 1942 бо ҳамроҳии Абдусалом Деҳотӣ достони «Барои Ватан» - ро иншо намуданд, ки дар он фолклор ба назар мерасад. Дар он зарбулмасалу мақолҳои халқӣ бамаврид кор фармуда шудаанд:

Банда нагардед ба кас ҳеҷ гоҳ,
Чоҳкан афтода шавад зери чоҳ.

Дар достон порчаҳое дида мешаванд, ки сар то по андарзҳои нави советианд:

Ҳар ки ҷасур аст, Ватан ҷои ӯст.
Шаъну шараф ошиқи шайдои ӯст.

Шарти бузургӣ, ки далерӣ бувад,
Душмани қаттоли асирӣ бувад.
Ҳар ки далер аст нагардад ғулом,

Зиндаю озод бимонад мудом.

Ҳамин тавр, ин достон низ рӯйи халқӣ дошта аз байтҳои андарзмонанд, мақолу зарбулмасалҳои пурмаъно фаровон гардида, мазмуну моҳияти халқии онро чукур гардонидааст.

Мирзо Турсунзода дар шеъри «Оҳанрабо» (1937) ягонагии халқу Ватанро тараннум кардааст. Вай аз номи ҷанговарони ҷасури Ватан мегӯяд:

Дар фазоят чун кабутар доимо пар мезанам,
Сар ба полезат дарорад худ, агар сар мезанам.
Бар дилаш ҳамчун сипоҳи сурх ханҷар мезанам,
Чун табар гӯё ба фарқи ҳезуми тар мезанам.

Шоир ба воситаи таъбири халқии «Чун табар гӯё ба фарқи ҳезуми тар мезанам» аз зарбаҳои зӯру ҳалокатовари Армияи Советӣ талаф шудани душманро қайд менамояд.

Дар достони «Ҳасани аробакаш» (1954), ки дар он образи коргари маҳаллии замони баъди революцсия тасвир ёфтааст, шоир забони сода ва услуби баёни асарҳои фолклориро истифода кардааст:

Пушт, машкоб!
Бохабар мардум!
Ба қафоят нигоҳ кун, нонвой!
Ҳой ҳезумфурӯши Варзобӣ:
Хари худро каш аз даруни лой!

Бо чунин дуғу валвала омад,
Ҳасани ошно аробасавор,
Одамонро ба ду тараф ронда,-
Мегузошт аз миёни бозор [4, с. 03].

Дар ин достон на фақат дар нутқи қаҳрамон сар то сар забони содаи халқӣ ва системаи образҳои ба халқ мафҳум дида мешавад, балки инчунин худи шеър дорои оҳанги гуфтугӯйӣ мебошад.

Шоир ибораю ҳикматҳои халқӣ, зарбулмасал ва суханбозиҳои халқиро бо тору пуди бадеии асар дохил намудааст.

Инак, баҳои аробакашҳоро дида мебароем, ки дар нутқи онҳо шоир мақолу зарбулмасалҳои «тушбераро хом машумор», «пилтаро аз гӯшат гир», «пушаймонӣ суде надорад» ва «гапи бисёр як хара бор» - ро моҳирона истифода кардааст [9, с. 89].

Хом тушбераро, писар, машмур,
Гир ин пилтаро зи гӯши худ.
Чун пушаймон шавӣ, пӯшаймонӣ,
Додари ман, дигар надорад суд!

Наякӣ карда як аробакаше,
Номаро, менишаст чашмшумор,
Гуфт: - Беҳуда хун макун дилро,
Гапи бисёр ҳаст як хара бор,

Хусусияти барҷастаи «Ҳасани аробакаш» дар ҳамин аст, ки қайд кардааст Юрий Бобоев,-ғояи он назар ба афсонаҳои фолклорӣ навишта ба ҳақиқати объективии таърих, ба муборизаи меҳнаткаши тоҷик дар роҳи муайян кардани мақоми худ дар ҷамъият асос ёфтааст. Бар хилофи қаҳрамононе, ки аз олами афсона ба воқеияти советии ҷаннатосо омадаанд, Ҳасан аз ҳаёти куҳан бо роҳҳои душвору вазнини зиндагӣ қадам ба олами нав ниҳода, дар худи он бо воқеъбинӣ амал кардааст [9, с. 69].

Дар қатори дигар аробакашҳо, мо дар забони Ҳасан низ истифодаи мақолу зарбулмасалҳои зиёдеро мушоҳида мекунем «Ҳасан дар роҳ ҳар маврид, -навиштааст А. Сайфуллоев,-зарбулмасал ва мақолеро истифода мебарад, ки ба ҳолати руҳӣ, - вазъият ва

кайфияташ мувофиқ бошад. Дар чунин ҳолатҳо ба фикри ӯ ҳикматҳои машҳур ҳам меояд, ки аз адабиёти хаттӣ ба хазинаи эҷодиёти халқ дохил шудаанд» [12, с. 94].

Масалан, Ҳасан бо мақсади ронанда шудан ба ҳузури раиси колхоз меояд ва мегӯяд:

Рафт рӯзе Ҳасан ба назди дӯст.
То ба ӯ арзи ҳол бинмояд,-
«Пайи ҳар кор маслиҳат бояд.
Кори бемаслиҳат накӯ наояд» [12, с. 117].

Ба эҷодиёти Мирзо Турсунзода на танҳо фолклор таъсир гузоштааст, балки дар айни замон баъзе порчаҳо, мисраъҳо аз асарҳои ӯ ба фолклор гузашта, чун асари халқӣ истифода бурда мешавад. Бисёр байтҳои шоир ба зарбулмасалу мақол ва панду ҳикматҳои халқӣ табдил ёфтаанд. Аз солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ сар карда, сатрҳои зерин вирди забони халқ гардидааст:

Ҳар ки ҷасур аст, Ватан, ҷои ӯст
Шаъну шараф ошиқи шайдои ӯст.
Ҳар ки далел аст, нагардад ғулом,
Зиндаю озод бимонад мудом.

Ҳозир ки мубориза барои сулҳ вазифаи муҳимтарини ҳар як шахси рӯйи замин аст, халқ аз ҳикматҳои шоир истифода мебаранд.

Сулҳ бо имзои моҳо-мардумони фатҳёб,
Менамояд нақшаҳои ҷангҷӯёнро хароб.

Ҳангоми муносибати ёру ҷӯрагӣ, махсусан вақти таклиф кардани меҳмон тоҷикон ин байти шоирро истифода мебаранд:

Хонаи мо он қадар ҳам дур нест,
Гарчи дар чашми шумо манзур нест.

Махсусан, баъд аз нашри достони «Ҷони ширин»-и шоир, шавҳар ба ҳамсари худ «Ҷони ширин» гӯён муроҷиат мекардагӣ шуд ва хусусияти халқӣ доштани ин ибора маъмултар гардид. Ашъори Мирзо Турсунзода сурудҳои ошиқонаи духтарона, ҷавонон, панду ҳикмат ва андарзи пирон, дуои хайри модарон гардидаанд.

Аз замин нонрезаҳоро чида мемолам ба чашм,
Нони гарми меҳнатиро дида мемолам ба чашм.

Байти зеринро, ки шоир дар бораи дӯстию амонии халқҳо гуфтааст, ҳамеша аз забони зану мард ва пиру барно шунидан мумкин аст:

Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо,
Аз амонӣ гуфтугӯ дорем мо!
Мешавад рӯзе, ки аз зери саҳоб,
Аз паи шаб мебарояд офтоб!

Шоир дар шеъри «Тоҷмаҳал» [12, с. 315] ибораи рехтаи косаи сабр лабрез шудан ва мақоми халқии «об дар кӯзаю мо ташналабон мегардем, ёр дар хонаю мо гирди ҷаҳон мегардем» -ро ба кор бурдааст.

Косаи сабри мо, ки лабрез аст,
Ғазаби мо чу теғи дамтез аст.
Дар лаби ҷӯй ташнаи обем.
Ёр дар хонаю намеёбем,

Қаҳрамони яке аз достонҳои шоир Протап мехоҳад, ки бо роҳи ҳалимӣ ва суханони хуш империалистони хориҷиро аз Ватан, яъне аз Ҳиндустон дур кунад. Бинобар ин ӯ ба халқ насиҳат мекунад ва шоир дар забони Протап мақоли халқии «лафзи ширин морро аз хонааш бурун орад» -ро мефаҳмонад:

Хун нарезад, дӯстон, зинҳор,
Ки зи хун рехтан замин безор.
Лафз агар дар даҳон шакар гардад
Мор аз хонааш бадар гардад...

Дар забони Протап ин гуна мақолу зарбулмасалҳо бисёр мебошанд. Масалан вай бо мақсади аз шӯриш нигоҳ доштани халқ мегӯяд:

Ёд доред панди деринро:
«Набарад об санги вазнинро» [12, с. 315].

Мард бояд, ки дар кашокаши даҳр,
Санги зерини осиё бошад [9, с. 318].

Хасм чун оташ асту ҳамчун дуд.
Бояд аз дидаҳо шавад нобуд.
Гарчи шамшер теғи хунрез аст,
Дар дами офтоб гулрез аст.

Ду байти охир аз ҳикматҳои навэҷоди шоир аст, ки ин гуна мисолҳо дар достон кам нестанд. Шакли дигари истифодаи услуби халқии гуфтугӯйӣ иборат аз калимаю ибораҳои халқист, ки шоир онҳоро бо қолаби шеър андохта, устокорона ба қалам додааст. Масалан, ба дарёи хаёлу андеша фурӯ рафтани духтар дар шаби тӯй чунин тасвир шудааст:

Шоду ношод, ҳарчи бодобод,
Меравад ӯ ба хонаи домод.
Ишқи дигар ба ӯ ҳаром шавад,
Давраи духтарӣ тамом шавад [6, с. 319]

«...Шоир бо гуфтани «Ишқи дигар ба ӯ ҳаром шавад ба як анъанаи халқии ҳиндуҳо ишора мекунад. Мувофиқи анъанаи мазкур духтари ҳинду фақат як маротиба хонадор мешудааст. Ҳатто шавҳараш бемаҳал вафот ёбад ҳам зани ҷавон дигар ихтиёри хонаи нав намекардааст, балки худро месӯзондааст» [9, с. 112] қайд мекунад А. Сайфуллоев.

Мирзо Турсунзода дар асоси аз худ намудани калимаю ибораҳои халқӣ ва мақолу зарбулмасалҳо худ низ ҳикматҳои нав ба нав эҷод намудааст. Масалан, дар асоси мақоли «духтар – синаи раҳм», вай чунин ҳикмат ба вуҷуд овардааст:

Духтар азбаски синаи раҳм аст.
Дили модар мудом дар ваҳм аст.

Мирзо Турсунзода дар баробари истифода бурдани зарбулмасалу мақол ва афсонаҳои халқӣ барои тасвир намудани ҳаёти осоиштаи даврони советӣ ва муқоисаи он ба ҳаёти гузаштаи тираю тор ва пурмашаққат санъати таззодро истифода мекунад. Чунончи, ӯ дар шеъри «Муҳоҷир» (1952) як рубоиро эпиграф меорад ва ҳаёти муҳоҷирони пешро нишон медиҳад:

Сари сарчашма рафтам ман ба вақте,
Ба оби дида бишнондам дарахте,
Шамол омад дарахтам решакан шуд,
Мани мискин надорам ҳеҷ бахте.

Баъди ин шоир ба тасвири ҳаёти имрӯза мегузарад. Дар рубоии боло шикояти марди номуроде ба гӯш мерасад, ки дар шароити ҷамъияти синфӣ рӯйи бахтро надида, дарахти ба оби дида шинондааш решакан гардидааст. Мирзо Турсунзода баъди ин рубоӣ ба тасвири ҳаёти меҳнаткашони саодатманди имрӯза мегузарад:

Иваз гардид кӯҳи ту ба саҳро,
Сари сарчашмаи хушкат ба дарё,
Дарахти решакангардидаи ту,
Ба садҳо бӯстони оламоро [9, с. 113].

Ҳамин тариқ, дар назми Мирзо Турсунзода шаклҳои гуногуни фолклорӣ истифода шудааст. Чунонки дидем, шоир бо истифодаи зарбулмасалу мақол, афсонаву ривоятҳо ва ибораву ифодаҳои рехтаи халқӣ бештар диққат дода ба воситаи онҳо фикру андеша ва мақсадашро фаҳмонда ба хонандаи худ ахлоқи намунавиро талқин менамояд.

Ҳамин тариқ, Мирзо Турсунзода дар гирдоварӣ ва нашр кардани асарҳои фолклорӣ хизмати бузурге кардааст. Мо вақте ки дар бораи гирдоварӣ ва нашри асарҳои фолклорӣ

сухан меронем, симои устоди бузурги назм, Мирзо Турсунзода пеши назар ҷилвагар мешавад.

Асарҳои шоир бо забони содаи оммафаҳми халқӣ эҷод карда шудааст ва чӣ тавре ки дидем шоир аз аввал то ба охир аз фолклор зарбулмасалу мақол, ибораҳои рехтаи халқӣ ва ғайра ба таври фаровон истифода бурдааст.

Мирзо Турсунзода беҳтарин анъанаҳои адабиёти советиро давом ва инкишоф дода, дар эҷодиёти гуногунжанриаш хусусиятҳои халқият ва партиявияти ҳақиқиро нисбат ба одамон ба давраи советӣ ва ба ҳаёт дар бар кардааст.

Аз ин рӯ ҳамин хел адабиёт бояд анъанаҳои беҳтарини адабиёти пешқадами замони гузаштаро эҷодкорона давом ва инкишоф диҳад.

Мирзо Турсунзода аз қабили ҳамин гуна адибон буд. Ӯ ҳамнафас ва ҳамдарди оммаи меҳнаткашон гардид. Дар адабиёт равияҳои демократӣ, халқпарвариро инкишоф дода, эҷодиёти халқро омӯхт ба образҳои зебо, забони пуробуранги бадеӣ ба эҷодиёти халқ муроҷиат карда дар офаридани асарҳои худ ба он такя намуд. Унсурҳои эҷодиёти бадеии халқро, ки мо дар осори Мирзо Турсунзода аз назар гузаронидаем, ҳамчун унсурҳои адабии шоир ҳамчун омӯзиши санъаткор аз халқ ва ниҳоят шоири халқ будани онро низ шаҳодат медиҳанд.

Мо инкишофи ин анъанаи муҳимми халқияти нависанда ва эҷодиёти ӯро, ки Мирзо Турсунзода баъди устодони адабиёти советии тоҷик Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ идома додааст, минбаъд дар эҷодиёти шогирдонаи ӯ низ мушоҳида менамоем.

Адабиёт:

1. Брагинский И.С. Из истории таджикской народной поэзии. М. 1956.
2. Горький А. М. О литературе. // А. М. Горький. Издадельство. «Советский писатель». М.1953.
3. Мусулмонқулов Р. Анъана ва навоварӣ. // Р. Мусулмонқулов. Душанбе 1985.
4. Муҳаммадиев Ҳ. Замину осмони назм, // Ҳ. Муҳаммадиев. газетаи «Адабиёт ва санъат». 1987.
5. Суфиев А. «Таҷдиди образи Восеъ дар фолклори советии тоҷик» // А. Суфиев. Журнали мактаби Советӣ». 1976, №11.
6. Сайфуллоев А. Мирзо Турсунзода // А. Сайфуллоев Нашриёти «Ирфон», Душанбе, 1983.
7. Суфиев А. Фолклор-афкори эстетикӣ ва иҷтимоии халқ. // А. Суфиев Нашриёти «Ирфон», Душанбе. 1982.
8. Турсунзода М. Достонҳо, // М. Турсунзода 11. Куллиёти «Ирфон», Душанбе, 1971.
9. Турсунзода М. Асарҳои мунтахаб. // М. Турсунзода. Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, Сталинобод, 1955.
10. Турсунзода М. Асри ман. Нашриёти «Ирфон». // М. Турсунзода. Душанбе, 1974.
11. Турсунзода М. Ашъори мунтахаб, 1. // М. Турсунзода. Нашриёти «Ирфон», Душанбе 1983.
12. Турсунзода М. «Писари Ватан» «Ман аз Шарқи озод», // М. Турсунзода Сталинобод, 1951.
13. Худойдодов Б. Се очерк дар бораи се адиб. // Б. Худойдодов. Душанбе, 1983. Нашриёти «Ирфон».
14. Шукуров М. Анъана, халқият ва маҳорат. // М. Шукуров Нашриёти «Ирфон» 1964.
15. Юсуфов Қ. Марди нексират ва адиби нуктасанҷ // Қ. Юсуфов. Душанбе, 1987. Нашриёти «Ирфон».

ИСТИФОДАИ НАМУНАҲОИ ФОЛКЛОРӢ ДАР АСАРҲОИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА

Дар мақола масъалаи истифодаи намунаҳои фолклорӣ дар осори шоири халқии Тоҷикистон Мирзо Турсунзода мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф нақши эҷодиёти даҳонакии халқро дар ташаккул ва рушди маҳорати эҷодии шоир нишон дода, роҳу усулҳои истифодаи сурудҳои халқӣ, рубоиёт, зарбулмасалу мақолҳо, афсонаҳо ва ривоятҳоро дар ашъори ӯ таҳлил менамояд. Дар асоси намунаҳои сершумор аз достонҳо ва шеърҳои Турсунзода собит карда мешавад, ки фолклор яке аз сарчашмаҳои муҳимми ғоявиву бадеии эҷодиёти ӯ буда, ба халқият, таъсирнокӣ ва равонии забони асарҳо мусоидат намудааст.

Хулоса мешавад, ки Мирзо Турсунзода на танҳо аз ганҷинаи фолклори тоҷик баҳра гирифтааст, балки ба осори худ ба ғанӣ гардидани фарҳанг ва адабиёти миллӣ низ саҳми арзанда гузоштааст.

Калидвожаҳо: фолклор, Мирзо Турсунзода, эҷодиёти даҳонакии халқ, зарбулмасал, мақол, рубоӣ, достон, халқият, анъанаҳои адабӣ, адабиёти тоҷик.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ФОЛЬКЛОРНЫХ МОТИВОВ В ТВОРЧЕСТВЕ МИРЗО ТУРСУНЗАДЕ

В статье рассматривается фольклорных мотивов в произведениях Народного поэта Таджикистана Мирзо Турсунзода. Автор раскрывает роль устного народного творчества в формировании и развитии творческого мастерства поэта, анализирует пути и способы использования народных песен, рубаи, пословиц и поговорок, сказок и преданий в его поэзии. На основе многочисленных примеров и поэм и стихотворений Турсунзаде доказывается, что фольклор является одним из важных идейно-художественных источников его творчества и способствует усилению народности, выразительности и художественной ясности языка произведений.

Делается вывод о том, что Мирзо Турсунзаде не только использовал богатую сокровищницу таджикского фольклора, но и своим творчеством внес достойный вклад в обогащение национальной культуры и литературы.

Ключевые слова: фольклор, Мирзо Турсунзода, устное народное творчество, пословица, поговорки, рубаи, поэма, народность, литературные традиции, таджикская литература.

THE USE FOLKLORE ELEMENTS IN THE WORKS OF MIRZO TURSUNZODA

This article examines the use of folklore elements in the works of the Peopl's poet of Tajikistan, Mirzo Tursunzoda. The afthor highlights the role of oral folk literature in shaping and developing the poet's creative vastery and analyzes the ways in which folk songs, rubaiyat, proverbs, sayings, tales and legends are incorporated into his poetry. Based on numerous examples from Tursunzoda's poems and narrative works, the stady demonstrates that folklore is one of the most imponrtant ideological and artistic sources of his work, contributing to the national character, expressiveness, and artistic clarity of his language.

The aticle concludes that mirzo Tursunzoda not only drew extensively from the rich treasure of Tajik folklore but also made a signifant contribution to the enrichment of national culture and literature through his own literary works.

Keywords: folklore, Mirzo Tursunzoda, oral folk literature, proverbs, sayings, rubai, narrative poem, national character, literary traditions, tajik literature.

Маълумот дар бораи муаллиф: Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна, номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров, 16. Тел.: (+992) 934339600

Сведения об авторе: Мирзоева Махтовби Мустафаевна, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры таджикской литературы Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. Тел.: (+992) 934339600

Information about the author: Mirzoeva Makhtovbi Mustafaevna, candidate of philological sciences, senior lecturer in the department of tajik literature at Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street, 16. Tel.: (+992) 934339600

Муқарриз: Шамшоди Ҷ., д.ф. (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси филология, дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ:82+82-3(075.8)
Р-44

САҲМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА ДАР РУШДИ НАСРИ БАЧАГОНАИ ТОҶИК

Раҳмонов М.Б., н.и.ф., муаллими калон
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Сотим Улуғзода (1911-1997) Нависандаи халқии Тоҷикистон, Ходими шоистаи санъати Тоҷикистон, Барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо осори мондагораш дар дилу дидаи ҳам калонсолон ва ҳам кӯдакону наврасон ҷой гирифтааст.

Боиси ифтихор аст, ки бо шарофати Истиқлоли давлатӣ ва Ваҳдати миллии кишвар дар Ватани азизу маҳбубамон – Тоҷикистони соҳибистиқлол як қатор ҷашну ҳамоишҳои илмию адабӣ ва фарҳангию сиёсӣ рӯйи кор омаданд, ки сабаби муаррифии шахсиятҳои фарҳехтаи миллат гардидаанд.

Яке аз ҳамин иқдомҳои наҷибу шоистаи Ҳукумати мамлакат, хосса иқдомҳои фарҳангдӯстонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвар ташкилу баргузории озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» ба ҳисоб меравад, ки кӯдакону наврасон ба осори адибон рӯ оварда, дубора аз ҳаёту эҷодиёти онҳо воқиф мегарданд.

Тибқи Низомномаи озмун, аниқтараш ҳам дар номинатсияи адабиёти кӯдакону наврасон ва ҳам дар номинатсияи адабиёти муосири тоҷик дар қатори дигар адибони бачаҳо номи Сотим Улуғзода оварда шудааст, ки кӯдакону наврасон осори адибро мутолиа карда, мазмуну муҳтаво ва лаҳзаҳои ҷолиби онҳоро дар ҳар даври озмун бо як меҳру шафқат нақл мекунанду тавзеҳ медиҳанд.

Сотим Улуғзода дар насри бадеӣ устоди забардаст буда, фаъолияти нависандагияш аз иншои қиссаи «Ёрони боҳиммат» (1947) оғоз ёфтааст. Баъдан романи «Навобод» (1953), ки соли 1949 бо номи «Диёри навобод» нашр шудааст, қиссаи «Субҳи ҷавонии мо» (1954), романҳои «Восеъ» (1967), қиссаи «Ривояти суғдӣ» (1975), «Фирдавсӣ» (1988), «Саргузашти Собир» (1957)-ро таълиф намудааст, ки дар инкишофи насри муосири тоҷик марҳилаи наве гардидаанд. Соли 1996 романи «Фирдавсӣ» дар Озмуни байналмилалии «Китоби сол» ба дарёфти Ҷоизаи аввали Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон мушарраф гардидааст.

Ҳарчанде ки бештари аз асарҳои мазкур маҳз барои бачаҳо навишта нашуда бошанд ҳам, вале хонандагони ҳама синнусол аз мутолиаи онҳо барои худ ғизои маънавӣ мегиранд ва ба доираи хониши бачагони синни миёна ва калони мактабӣ ворид шудаанд.

Яке аз сабабҳое, ки осори адиб бештар писанди бачаҳо гардидааст, ин аз маҳорати суханварӣ, забондонӣ, сабку услуби содаву равону муассири адиб дарак медиҳад. Аз ин

лиҳоз, осори адиб комилан ба завқу талаботи хонандагони ҳама синну сол мувофиқу созгоранд [1, с. 243-244].

Аз солҳои 1935-1936 сар карда, фаъолияти илмӣ-адабии Сотим Улуғзода шуруъ мегардад. Махсусан, баъд аз дар шумораи № 4 маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ» (1935) ба табъ расидани матни маърузаҳои А.А. Андреев, А.В. Косарев ва А. Толстой (сарварони партия, комсомол ва яке аз нависандагони номии советӣ) оид ба адабиёти бачагона, ҷиҳати инкишофи адабиёти бачагонаи тоҷик, барои ба яке аз соҳаҳои асосии каломи бадеӣ бештар ҷалб кардани диққати аҳли ҷамъият ва адабиёти тоҷик таваҷҷуҳи амиқ зоҳир мекунад. Бесабаб набуд, ки дар шумороаи № 5-и маҷалла бо унвони «Адабиёти бузурги хурдтараконро эҷод кунем» мақолаи Сотим Улуғзода нашр мешавад [7, с. 207].

Фаъолияти адабиётшиносии устод Сотим Улуғзода аз ҳамин давра оғоз ёфта, пас аз ин мақолаи дигари ӯ таҳти унвони «Дар бораи адабиёти бачагона» дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» соли 1935, 22-уми март ба табъ мерасад, ки дар бораи китобчаҳои бачагонаи А. Азизӣ «Ду ҳариф», Ҷ. Суҳайлӣ «Доим тайёр» ба табъ мерасад, ки шеърҳои аз лиҳози забон, мавзуъ ва тасвири бадеӣ сусти бачагонаи ин адибон ба зери тозиёнаи танқид гирифта шудаанд [9, с. 13].

Устод Сотим Улуғзода фаъолияти баланди эҷодӣ нишон дода, яке аз адибони боистеъдоду сермаҳсули адабиёти муосири тоҷик ба ҳисоб меравад. Ин аст, ки дар ҳама бахшҳо – адабиётшиносӣ, рӯзноманигорӣ, тарҷумонӣ, драманависӣ саҳми муҳим нишон додаву хомафарсоӣ намудааст. Вале, пеш аз ҳама, саҳми ӯ дар рушду такомули насри бадеии тоҷик ниҳоят бузург буда, яке аз адибони соҳибмактаби адабиёти навини тоҷик мебошад.

Чи тавре ки қайд гардид, устод Сотим Улуғзода дар ҷодаи тарҷумонӣ низ нақши бориз дошта, як қатор аз осори адибонро, дар мисоли Л. Войнич «Ғурмагас» (1931, 1981), Н. Погодин «Одами милтиқдор» (1940), К. Голдони «Хизматгори ду хоҷа» (1944), А. Островский «Гунаҳкорони бегуноҳ» (1945), А.М. Горкий «Модар» (1953), В. Шекспир «Ҳамлет» (1970), Ж.Б. Молйер «Табиби зӯракӣ» (1972), Сервантес «Дон Кихот», Шарл-де Костер «Тил Уленшпигел» (1975)-ро аз забони русӣ ба тоҷикӣ баргардон намудааст.

Яке аз хидматҳои дигари устод Сотим Улуғзода дар он аст, ки «Достонҳои Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсиро дар ду ҷилд ба наср баргардон намудааст. Имрӯз ин китобҳо яке аз китобҳои дӯстдоштаи бачаҳои тоҷик мебошанд. Бачаҳо ҳар яке аз ин достонҳоро, ки бо забони содаву равон баргардон шудаанд, мутолиа намуда, зуд дар хотири худ ҷой медиҳанд.

Устод Сотим Улуғзода дастрасии матни мансури «Шоҳнома»-ро барои бачагону наврасон нисбат ба назми он мутолиа намудан содатар ва ба фаҳми бачаҳо наздиктару осонтар донистааст. Гумони дигари ғолиб ин аст, ки ҳамаи бачаҳои тоҷик ба матни комили назми «Шоҳнома» дастрасӣ надоштанд, аз ин ҷиҳат низ устод Улуғзода ин кори хайрро пеша намудааст.

Хушбахтона, матни комили назми «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ дар ду ҷилд бо дастгирии Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳар як оилаи тоҷик ҳадя гардид, ки имрӯз хонандаи тоҷик метавонад ба таври васеъ ҳам назми «Шоҳнома» ва ҳам насри онро мутолиа намояд.

Асари дигари нависанда, ки писанди кӯдакону наврасони тоҷик гардида, аз давраи бачагии нависанда ҳикоят мекунад, повести «Субҳи ҷавонии мо» (1954, 1957)-и Сотим Улуғзода мебошад. Адиб дар асар солҳои кӯдакӣ ва ҷавонии худро, ки дар давраи таърихии замони инқилоб ва солҳои барқарору мустаҳкам гардидани Ҳокимияти Шуравиро дар бар мегирад, мавзуи асосии тасвир қарор додааст. Ин давраи муҳимми таърихи халқи мо дар адабиёти замони шуравӣ бештар дар асарҳои устод Садриддин Айнӣ – «Ҷаллодони Бухоро», «Одина», «Дохунда», «Ғуломон», «Марги судхӯр», «Ятим» ҳамҷониба инъикос ёфтаанд [7, с. 207].

Повести «Субҳи ҷавонии мо»-ро устод Сотим Улуғзода дар пайравии асарҳои ёддоштии А.М. Горкий «Бачагӣ», «Дар байни мардум», «Университетҳои ман» ва пеш аз ҳама «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ эҷод намудааст.

Дар «Субҳи ҷавонии мо» тарҷумаи ҳоли нависанда ба воситаи нақли саргузаштҳои образи марказии асар Собир дар саҳни ҳодисаҳои иҷтимоии давр, дар саҳни ҳаёти халқ баён мешавад. Инкишофи маънавии Собир ба таъсири ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоии солҳои инқилоб ба вуҷуд меояд ва бевосита маҳсули он мебошад. Нависанда хислатҳои образи марказиро ҳамчун натиҷаи шароити иҷтимоӣ, самараи воқеаҳои азим, ки дар мамлакат дигаргунии куллӣ ворид менамуданд ба таври муътамад нишон додааст. Сотим Улуғзода ҳамин воқеаҳои таърихӣ ва он одамонеро, ки барои тарбияи Собир нақши асосӣ бозидаанд, хеле пурра ва ҳамаҷониба тасвир менамояд. Аз ҳамин сабаб, тарҷумаи ҳоли образи марказии повести «Субҳи ҷавонии мо» Собирро Мирзо Турсунзода «Тарҷумаи ҳоли халқи мо дар арафаи революцсия ва дар солҳои аввали Ҳокимияти Шуравӣ» ҳисобидааст [5, с. 395].

Маврид ба зикр аст, ки повести «Субҳи ҷавонии мо»-и устод Сотим Улуғзода ба таври мухтасар бо номи «Саргузашти Собир» соли 2015 бо теъдоди зиёд аз ҷониби нашриёти «Маориф» чоп гардидааст, ки имрӯз ҷилобахши тамоми китобхонаҳои кишваранд.

Повест аз тасвири фалокатҳои даҳшатҳои ҷанги якуми ҷаҳон, ки хоҷагии деҳқонони камбағал ва миёнаҳолро вайрон карда, истисмори судхӯрон ва кулакҳову заминдорони калонро беш аз пеш пурзӯртар намуда, раванди хонавайроншавии деҳқононро метезонад оғоз мегардад. Дар ин ҷо нависанда манзараҳои қаҳтиву гуруснагӣ, безамину бехонумон шудани деҳқонон ва рӯ ба шаҳр овардани онҳо, торафт афзудани ҷабру зулмро нишон медиҳад. Аввалин таассуроти Собир аз ҳаёт таассуроти дилфишори азобу машаққати зиндагӣ ва муҳоҷирию дармондагии ҳаррӯзаи падару модараш ва дигар ҳамсоягони онҳост. Гоҳо ғаму кулфат кӯдакро низ ба гирдоби худ мекашад, ки ӯ чанд вақт ҳатто «хандаву бозиро фаромӯш мекунад» [5, с. 397].

Падари Собир – Умархон барои пайдо кардани ҷойи кор, ризқу рӯзии фарзандон бо аҳли оилааш ба Тошканд мераванд, ки дар он ҷо аҳволашон дучанд вазнин мешавад, ки Собири зирак яке аз ҳамин лаҳзаҳоро ҷолибу муассир нақл мекунад:

«Боре падарам дар «Шайханмашҳур» ном маҳаллаи Тошканд якчанд рӯз ба як бой мардикорӣ карда, ба ҷойи музди кораш аз ӯ ду пуд оқшоқ (биринҷи майда) гирифта оварда. Фармуд, ки модарам аз он орд нон пазад ва бародарам он нонро дар бозор бурда фурӯшад, то барои ҳоҷоти рӯзгор маблағе ба даст ояд. Баъди омода шудани нон модарам ба Азизхон ду нони гармро ба як матоъ печонда медиҳад то ба бозар барад. Азизхон то ба бозор мерасад, ки он нонҳо хушк мешаванд. Касе онҳоро намехарад, боз гардонда ба хона меорад» [12, с. 50-55].

Бар ивази ҳамаи ин мушкилиҳо аз аввал то ба охир Собири нотарсу ҷасур бо бародараш Азизхон барои пешрафт, омӯзиши илм ва пайдо кардани ризқу рӯзии худ мубориза мебаранд.

Образи Собир – қаҳрамони марказии повест аз он ҷиҳат ҷолиб аст, ки нависанда дар симои ӯ тақдири фарзандони халқи камбағалро тасвир менамояд, ки гӯё нависанда анъанаи А.М. Горкийро идома додааст. Собир низ аз кӯдакӣ шарики дарду азоби падараш Умархон тасвир шуда, дар раванди меҳнати вазнини падар обутоб меёбад.

Дар тарбияи Собир ва ташаккул ёфтани характери ӯ нақши дӯстии халқҳои ӯзбек, қирғиз ва рус алоҳида тасвир ёфтааст. Аммо ёрии бародаронаи халқи кабири рус ба халқҳои Осиёи Миёна аз ҳама беҳтар ба воситаи образи Собир тасвир шудааст. Тасвири дӯстии Собир бо Лёня, Паша ва Серёжа, ғамхории меҳрубононаи тӯта Люба, тӯта Маша дар ҳаққи оилаи Умархон бениҳоят таъсирбахш аст. Махсусан, кӯдакони рус дар пеши чашми Собир дунёи нав зиндагии ояндаро мекушоянд. Бисёр чизҳоеро, ки барои падари Собир фақат «ҳикмат» ва «тилисм» буданд, кӯдакони рус ба ӯ эзоҳ медиҳанд ва ӯро ба тааҷҷуб оварда, фикрашро ба ҳаракат медароранд. Ҳангоме ки Паша Собирро ба аэродром бурда аэропланро нишон медиҳад ва хосиятҳои онро баён мекунад, ё вақте ки Серёжа ӯро аз асрори граммофон хабардор менамояд, дар пеши чашми ҳайратноки Собир ҷиҳатҳои тозаи ҳаёт ба ҷилва меоянд. Маҳз Серёжа муҳаббати ҳақиқии китобро дар дили Собир бедор мекунад, Собирро ба сӯйи мактаб, ба тарафи илму дониш мекашад [12, с. 207].

Дар асар лаҳзаҳои муборизаи Собир бо дӯсташ Солеҳ, ки баҳри шомил шудан ба мактабҳои нав талош мекунанд ва кумаки муаллим Азиз Карим дар вақти таҳсил ба онҳо бисёр ҷолибу хотирмон тасвир шудааст. Мутолиаи ин лаҳзаҳои асар хонандаро водор месозад, ки аз ҳаёти вазнин ва муборизаҳои ҷонкоҳи Собир дар роҳи омӯзиши илм сабақи зиндагӣ гиранд. Шароиту имконияте, ки имрӯз бачаҳои тоҷик дар роҳи таҳсил доранд бояд самаранок истифода баранд, соҳиби илму дониш ва касбу кор гарданд. Ин имкониятҳои муфиди таҳсилро қаҳрамони мо – Собир ҳаргиз надошт.

Баъдтар, вақте ки Собир ба дорулмуаллимини тоҷикон (дар шаҳри Тошканд) дохил гардид, аввалин касе, ки диққати ӯро ба омӯхтани ҳаёт ва маданияти халқи рус ҷалб намуд профессори рус, М.С. Андреев буд. Сотим Улуғзода менависад: «Ман дар солҳои баъд таърихи халқи худро омӯхтам, ба эҷодиёти Рӯдакӣ, Носири Хусрав ва арбобҳои дигари маданияти гузаштаамон шиносоӣ пайдо кардам, лекин олими рус, ки нахустин бор ба ман «Халқи худро шинос» гуфт ва худаш ҳам намунаи шиносоӣ буд, як умр дар хотири ман монд» [12, с. 228].

Ҳамин лаҳзаҳо низ дар асар бисёр хотирмону муфид тасвир шуда, ҷаҳонбинии Собирро васеъ ва ӯро баҳри фатҳи қуллаҳои нав ба нав дар роҳи эҷод раҳнамуну ҳидоят месозад.

Дар бораи нақши муҳимми повести «Субҳи ҷавонии мо»-и Сотим Улуғзода дар рушду такоммули насри бачагонаи тоҷик устоди донишманд Раҷаб Амонов чунин нигоштааст: «Повести Сотим Улуғзода, алалхусус мухтасари он, ки бо номи «Саргузашти Собир» (1957) барои бачагон чоп шуд, ҳамчун асаре, ки бар саргузашт ва мушоҳидаҳои конкрети ҳаётӣ ва фактҳои таърихӣ асос ёфта, воқеияти зиндагиро реалистона тасвир намудааст, ба инкишофи насри реалистии бачагонаи тоҷик мусоидат карда, дар таърихи адабиёти бачагонаи тоҷик аҳаммияти махсус пайдо намуд» [2, с. 152].

Дар воқеъ, Сотим Улуғзода дар «Саргузашти Собир» ҳамон усули воқеанигории устод Садриддин Айниро эҷодкорона идома додааст. Дар повести ӯ низ мисли асарҳои устод Айнӣ характерҳо ва шиддати драмавӣ бе тафсили психологӣ, асосан ба воситаи нақли воқеа аз забони образи марказӣ – Собир ифода шудааст, ки ин ба талаботи синну сол ва дунёфаҳмию олами андешаронии бачагону наврасон мувофиқат менамояд.

Ҳамин аст, ки ҳар як лаҳзаи асар барои тарбияи ватандӯстӣ, меҳанпарастӣ, таҳаммулпешагӣ, пеш аз ҳама, омӯзиши илм ва мубориза барои пешрафт дар симои қаҳрамонони асосии асар – Собири хурдсол ва бародари ӯ Азизхон, дӯстони онҳо Солеҳу Карим бисёр муҳим аст.

Бачаҳои мо бояд ин асарро хонда, аз ҳар саҳифаи китоби рӯзгори Собир ва бародарони ӯ ибрат гиранд, ба мисли онҳо дар зиндагӣ барои пешрафт мубориза баранд ва пайи омӯзиши илму дониш талош намоянд.

Ҳамин аст, ки таърихи эҷоди қиссаи «Субҳи ҷавонии мо»-ро нависанда дар пешгуфтори он барои аз рӯзгори сангини ӯ панд гирифтани наврасону ҷавонон ба тариқи зайл арз доштааст: «Ман воқеаҳои повестро ба фарзандонам қисм-қисм нақл мекардам, онҳо нақли маро шунида ба ваҷд меомаданд, дар чашмонашон ашк пайдо мешуд... хоҳиш намуданд, ки саргузашти худаму рафиқонамро ба рӯйи коғаз орам...» [10, с. 5].

Асари дигари устод Сотим Улуғзода, ки метавонад дар табияи дуруст гирифтани бачаҳо саҳм гузорад, романи «Фирдавсӣ» (1991)-и ӯ мебошад.

Ҳарчанде ки ин асар барои бачаҳои синни калони мактабӣ ва ё ҷавонон навишта шуда бошад ҳам, вале баъзе аз лаҳзаҳои он ба фаҳми бачаҳои синни миёнаи мактабӣ наздик аст. Баъди мутолиаи ин лаҳзаҳои ҷолибу ҳикматбори асар бачаҳо ба худ сабақу панди рӯзгор мегиранд.

Масалан, қисми оғози роман, ки ба тасвири манзараи дилрабои саҳни кошонаи шоир, муносибати ӯ бо ҳамсари мушфиқаш Фотима, гуфтугӯйи ӯ бо писараш Ҳушанг ва духтараш Манижа, муносибати самимии шоир ба дастёраш Абдулло, хизматгорзан Равшан ва ду кӯдаки хурдсоли ӯ далелбахши гуфтаҳои болоянд.

Дар ин ҷо метавон лаҳзаи муносибати мушфиқонаи шоирро бо ҳамсари фарзонааш – Фотима, ки дар асар ба таври ҷолиб тасвир шудааст, мисол оварда:

«Шоир бо лаҳни маҳин ба ҳамсараш фармуд: – Писаратро садо кун, мехоҳам он чи дар бораи ӯ шунидаам, ҳақиқаташро бипурсам.

Модар фарзандашро садо кард, ҷавон омад, рӯ ба рӯйи падараш нишаст. Шоир аз дарсхонии писараш пурсон шуд. Ҳушанг дар мадраса илоҳиёт, сарфу наҳви арабӣ ва тафсири Қуръон, дар пеши мударрисоне, ки дар ҳуҷраҳои хонагии худашон дарс мегуфтанд, илми нуҷум ва риёзиёт меомӯхт. Падараш аз дигар толибилмони божӣ, ки шарикдарсони Ҳушанг буданд, мешунавад, ки писараш баъзе рӯзҳо ба дарс ҳозир намешавад, соатҳои дарсхониро бо ҷӯраҳои айёши худ сарфи вақтхушӣ мекунад ва ҷӯраҳо пинҳонӣ шароб ҳам менӯшанд. Бояд аз ҳамин сабаб бошад, ки вай аксар вақт ба дарсхона тайёр нашуда меояд ва ба пурсишҳои мударрисон ҷавоб дода наметавонад. Падараш ба ӯ гуфт:

– Ҳушанг, мешунавам, ки ту дар шаҳр ба худ рафиқони нав ёфтаӣ ва бо онҳо ҳарифбозӣ мекунӣ, вақти гаронбаҳои таҳсилро зоеъ мекунӣ?

Ҷавон безобита шуда пурсид:

– Кӣ гуфт?

– Гуфтанд ва ман шунидам, ҷавоб дод падараш.

– Ҳар кас гуфта бошад, дурӯғ гуфтагист, ман ҳарифбозӣ накардаам.

– Дурӯғро ту мегӯйӣ, Ҳушанг. Ту алъон аз Абу Дулаф ва Маҳмуд ба хабаркашӣ гумонбар шудӣ, вале агар чизе набошад, онҳо аз чӣ хабар мекашанд? Ҳарчанд ки ту ба пурсиши ман посух надодӣ, бо гумонбар шуданат аз Абу Дулафу Маҳмуд ба гуноҳат иқрор кардӣ.

Шарм намедорӣ, писар? Ба худат бадномӣ, ба хонавода иснод меоварӣ. Бигӯ, аз ибтидои дарсхонии имсола чанд бор ба дарс ҳозир нашудӣ?

Писар ҳамоно хомӯш меистод.

– Чанд бор? –такрор кард падар.

– Фақат ду бор… ё се бор, зиёд на…

– Андеша кун, Ҳушанг, ақаллан ба падарат дурӯғ магӯ.

Ман худ медонам, – гӯён бархосту ба хона даромада ғайб зад.

Чеҳраи Абулқосим тира гашт.

– Аз вай озурда нашав, – шавҳарашро тасаллӣ доданӣ шуд Фотима, – ман худ ба вай гуфтугӯ мекунам.

Модари азизаш ба Ҳушанг панд медиҳад: Падари меҳрубоне, ки ба фарзандаш ин қадар ғамхор аст ва мехоҳад ӯро аз ношоистагиҳову хатоҳо барҳазар кунад. Ту агар хоҳӣ, ки одами хуб шавӣ, бофазлу одоб шавӣ, ҳамагон иззатат бикунанд, бояд ҳамеша сухани падаратро ба гӯши ҳуш шунавӣ ва пандашро бигирӣ. Ҳоло бирав, аз ӯ узр бихоҳ, тавба кун. Бирав.

Ҳушанг панди модарашро гирифта, баромада ба боғ меравад. Шоир паси мизи пасти фароҳи худ нишаста ва ғарқи хаёл буд, шояд меандешид, ки назми достони тозаеро чӣ тавр шуруъ кунад ё идомаи достони пештар ба қалам гирифтаашро чӣ тавр нависад. Ё балки дар бораи писараш ва рафтору кирдори ӯ фикр мекард. Ҳушанг дар дами дар истоду рӯяшро ба як сӯ гардонда гуфт:

– Беадабӣ кардам, бобоҷон, бахшоиш мехоҳам.

Фирдавсӣ сар боло карда ба ӯ нигарист:

– Пушаймон шудӣ?

– Пушаймонам, – ба замин нигариста гуфт ҷавон.

– Мебахшам, агар қавл диҳӣ, ки дигар ба ҷои дарсхонӣ ҳарифбозӣ намекунӣ.

– Қавл медиҳам, – гуфт Ҳушанг» [11, с. 10-11].

Аз ин тасвироту гуфтаҳои шоир, албатта, бачаҳои мо панду ибрат мегиранд. Чун Ҳушанг пайи ислоҳи камбудиҳои худ мешаванд. Талош меварзанд, ки ба дарсҳо саривақт ҳозир шаванд, бо баҳои хубу аъло хонанд, дурӯғ нагӯянд ва бо ҳар гуна бачаҳои гумроҳ дӯстӣ накунанд.

«Сотим Улуғзода, – гуфтааст устоди донишманд Худои Шарифзода, – дар ҳама эҷодаш симои инсони донишманд, бофазилат ва соҳиби қобилияти камназиру қодири корҳои бузургу шоистаро тасвир мекунад. Нақши инсони офаридаи ӯ соҳибдил, соҳибназар ва фидокор аст. Фидокорӣ асоси корҳои нек, дурӣ аз худбинию ҷаҳолат ва ҷавҳари хизмат ба халқи худ аст. Касе, ки ин сифатро надорад, тангназар, дунҳиммату пастфитрат аст, аз кору амали ӯ фақат бадӣ мерӯяд. Қаҳрамони мусбати Улуғзода ба идеали халқӣ ва махсусан, анъанавию фарҳангӣ ва адабии тоҷик дар бораи мартабаю омоли шахсе мувофиқ омадааст. Ҳиммати нависандагии Сотим Улуғзода камоли тозагию муъҷазӣ ва ҳашамати суханашро низ нигоҳ доштааст» [3, с. 544].

Дар маҷмуъ, осори ҳам барои кӯдакону наврасон ва ҳам барои калонсолон иншонамудаи устод Улуғзода ба масъалаҳои ахлоқу маънавиёти ҳаёти инсонҳо бахшида шуда, дар онҳо худпарастӣ, зиштию бадаъмолии одамон маҳкум ва ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, дӯст доштани ҳаёт, Ватану модар, сабру таҳаммулпешагӣ, омӯзиши касбу ҳунар, табиати биҳиштосои диёр тасвиру тавсиф шудаанд, ки мутолиаи ин асарҳо бачаҳоро ба роҳи росту дурусти зиндагӣ ҳидоят мекунанд.

Адабиёт:

1. Адибони Тоҷикистон (маълумотномаи мухтасари шарҳиҳолӣ). – Душанбе: Адиб, 2014. – 320 с.
2. Амонов Р. Адабиёт ва бачагон. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 244 с.
3. Асозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик (китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. – 672 с.
4. Муллоҷонов, М. Росташро гӯям (маҷмуаи мақолаҳо оид ба адабиёти бачагона. – Душанбе: Ирфон, 1967. – С. 74-106.
5. Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик. Қисми 2. – Сталинобод: Нашр.давл.тоҷ.,1957. – 521 с.
6. Солеҳов, Ш. Поэтикаи жанри ҳикояи солҳои 70-80-уми қарни XX. (масъалаи замон ва макони бадеӣ. – Душанбе: Дониш, 2006. – 170 с.
7. Саидов С. Адабиёти бачагона. – Душанбе, 2017. – 392 с.
8. Тазкираи адабиёти бачагона. Ҷилди 2 (Наср). – Душанбе: Маориф, 1980. – 365 с.
9. Улуғзода С. Адабиёти бузурги хурдтаракон эҷод кунем // Барои адабиёти сотсиалистӣ, 1935 № 5. – С. 13.
10. Улуғзода С. Субҳи ҷавонии мо. – Сталинобод: Нашр. давл.тоҷ.,1956. –225 с.
11. Улуғзода С. Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1991. – 253 с.
12. Улуғзода С. Саргузашти Собир. – Душанбе: Маориф, 2015. – 240 с.
13. Шарифов Х. Назарияи наср. – Душанбе: Пайванд, 2004. – 234 с.
14. Шукуров М. Таърихи адабиёти советии тоҷик. Ҷилди 4. (Наср). –Душанбе: Дониш, 1980. – 382 с.
15. Эмомалӣ, С. Арзишҳои миллӣ дар насри бадеии Сотим Улуғзода (Монография). – Душанбе: Эр-граф, 2021. – 132 с.

САҲМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА ДАР РУШДИ НАСРИ БАЧАГОНАИ ТОҶИК

Дар мақола насри бачагонаи яке аз адибони шинохтаи тоҷик, Нависандаи халқии Тоҷикистон, Барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Сотим Улуғзода таҳқиқу баррасӣ гардидааст.

Муаллиф дар мақолаи хеш қайд намудааст, ки Сотим Улуғзода тавассути осори ҳам барои калонсолон ва ҳам барои кӯдакону наврасон эҷод намудааш дар дилу дидаи онҳо ҷой гирифтааст. Нимаи дуюми асри XX ва ибтидои садаи XXI барои такмил ва пешрафти фаъолияти эҷодии нависандаи муваффақи мо – Сотим Улуғзода имконияти мусоид фароҳам овард, ки осори зиёди нависанда дар ин давраи пуршукӯҳ рӯйи чоп омада, дастраси ҳамагон

гардидааст. Ба ин гуфтаҳо осори арзишманди адиб, ба монанди: романҳои «Ёрони боҳиммат», «Навобод», «Восеъ», «Фирдавсӣ», повестҳои «Ривояти суғдӣ», «Субҳи ҷавонии мо», «Саргузашти Собир» ва ғайраҳо мисол шуда метавонанд, ки яке аз дӯстдоштатарин асарҳои кӯдакону наврасони тоҷиканд.

Ҳамчунин, дар мақола роҷеъ ба фаъолияти тарҷумонии Сотим Улуғзода, ки чанде аз асарҳои бачагонаи адибони ҷаҳонро ба забони тоҷикӣ баргардон намудааст, сухан меравад.

Дар маҷмуъ, аз таҳқиқи муаллиф маълум мегардад, ки Сотим Улуғзода яке аз нависандагони боистеъдоди тоҷик ба ҳисоб рафта, тавассути осори мондагори хеш дар рушди насри бачагонаи тоҷик саҳми арзишманд гузоштааст.

Калидвожаҳо: Сотим Улуғзода, насри бачагонаи тоҷикии нимаи дуюми асри XX ва ибтидои садаи XXI, насрии бачагона, ҳунари нигорандагӣ, тарҷумаи асарҳои бачагона, асарҳои «Ёрони боҳиммат», романҳои «Восеъ», «Фирдавсӣ», «Навобод», повестҳои «Ривояти суғдӣ», «Субҳи ҷавонии мо», «Саргузашти Собир» ва ғайраҳо.

ВКЛАД СОТИМА УЛУГЗОДЫ В РАЗВИТИИ ТАДЖИКСКОЙ ДЕТСКОЙ ПРОЗЫ

В статье рассматривается детская проза одного из известных таджикских писателей, Народного писателя Таджикистана, лауреата Государственной премии Таджикистана имени Абуабдуллох Рудаки –Сотима Улугзода.

Автор отмечает, что Сотим Улугзода благодаря своим произведениям как для взрослых, так и для детей и подростков занял особое место в их сердцах и сознании. Вторая половина XX и начало XXI века предоставили благоприятные возможности для совершенствования и развития творческой деятельности нашего успешного писателя Сотима Улугзода, в этот период было опубликовано множество его значимых произведений, которые стали доступны широкой аудитории. К числу ценных произведений писателя можно отнести романы «Благородные друзья», «Обновленная земля», «Восеъ», «Фирдавси», повести «Согдийская легенда», «Утро нашей юности», «Приключения Сабира» и другие, которые являются одними из самых любимых произведений таджикских детей и подростков.

В статье также говорится о переводческой деятельности Сотима Улуғзода, который перевел на таджикский язык несколько детских произведений мировых писателей. В целом, из исследования автора становится ясно, что Сотим Улуғзода считается одним из талантливых таджикских писателей и своим значительным вкладом через оставшиеся произведения способствовал развитию таджикской детской прозы.

Ключевые слова: Сотим Улуғзода, таджикская детская проза второй половины XX и начала XXI века, детская проза, мастерство повествования, перевод детских произведений, произведения «Благородные друзья», романы «Восеъ», «Фирдавси», «Обновленная земля», повести «Согдийская легенда», «Утро нашей юности», «Приключения Сабира» и другие.

THE CONTRIBUTION OF SOTIM ULUGZODA TO THE DEVELOPMENT OF TAJIK CHILDREN'S PROSE

The article examines the children's prose of one of the well-known Tajik writers, People's Writer of Tajikistan, laureate of the State Prize of Tajikistan named after Abu Abdullah Rudaki – Sotim Ulugzoda.

The author notes that Sotim Ulugzoda, thanks to his works for both adults and children and adolescents, occupied a special place in their hearts and consciousness. The second half of the XX th century and the beginning of the XXI st century provided favorable opportunities for the improvement and development of the creative activity of our successful writer – Sotim Ulugzoda; during this period, many of his significant works were published, which became available to a wide audience. Among the valuable works of the writer are the novels «Faithful Friends», «Renewed Land», «Vosei», «'Firdavsi», the stories «Sogdian Legend», «Morning of Our Youth», «The Adventures of Sabir», and others, which are among the most beloved works of Tajik children and adolescents.

The article also discusses the translation work of Sotim Ulughzoda, who translated several children's works by world authors into Tajik. Overall, from the author's research, it becomes clear that Sotim Ulughzoda is considered one of the talented Tajik writers and, through his significant contributions with the remaining works, contributed to the development of Tajik children's prose.

Keywords: Sotim Ulughzoda, Tajik children's prose of the second half of the XX th and early XXI st centuries, children's prose, narrative mastery, translation of children's works, the works «Noble Friends», the novels «Vose», «Firdavsi», «Renewed Land», the novellas «Sogdian Legend», «The Morning of Our Youth», «Sabir's Adventures», and others.

Маълумот дар бораи муаллиф: Раҳмонов Маҳмурод Бегмуратович, номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи адабиёти тоҷики факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Суроға: 734003. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Садриддин Айни – 67. Тел. 901.88.17.77.

Сведения об авторе: Рахмонов Махмурод Бегмуратович, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры таджикской литературы факультета таджикской филологии Бохтарского государственного университета имени Носири Хусрава. Адрес: 734003, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица Садриддина Айни – 67. Тел. 901.88.17.77.

Information about the author: Rakhmonov Mahmurod Begmuratovich, Candidate of Philological Sciences, Senior Lecturer, Department of Tajik Literature, Faculty of Tajik Philology, Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Address: 734003, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Sadriddin Ayni Street - 67. Tel.: 901.88.17.77.

Муқарриз: Шамшоди Ҷ., д.ф. (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси филология, дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ: 82-1 (075.8)
В - 19

ДАРУНМОЯҲОИ ҲИКОЯИ ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ

Валиева Ҳ.С., н.и.ф., ассистент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Пеш аз ҳама қобили қайд аст, ки дар ду даҳсолаи охир маҷмуаҳои алоҳидаи ҳикояҳои носирони мо ба чоп расиданд. Гурӯҳе аз нависандагон ҳикояҳои хешро дар маҷаллаҳои адабӣ мисли «Садои Шарқ», «Паёми Хуҷанд», «Душанбе», рӯзномаҳо мунташир сохтанд. Вижагии бархе аз маҷмуаҳо аз он иборат буд, ки фарогири ҳикояҳои тозаэҷод ва ҳикояҳои солҳои пешин буданд.

Дар ин давра дар радифи нависандагони номдору соҳибкитоби тоҷик як зумра ҷавонон ба майдони адабиёт омаданд, ки намунаи аввалини эҷодиёти онҳо ҳикоя буд. Маълум аст, ки ҳикоя ба маънои имрӯзии он солҳои сиюми қарни гузашта ҳамчун жанри мустақили эпикӣ шаклу басти комил пайдо карда, дар тули замон масири камолу пешрафти ҳунарии худро тай намуд.

Дар замони истиқлол бошад, мазмуну муҳтавои тоза касб намуд. Ногуфта намонад, ки муҳаққиқону назарияпардозони адабиёт барои жанри ҳикоя хосияту вижагиҳои зиёдеро аз қабили муъҷазбаёнӣ, тарсими падидаҳои аҷибу ғариб, тавсифи падидаҳои маъмулии рӯзгор, сохтори мустаҳкаму инсиҷомёфта баршумурдаанд, ки исботи онҳоро мо дар ҳикояҳои нависандагони муосир ошкор мебинем.

Муҳаққиқи арҷманд шодравон А. Сайфуллоев зимни арзёбии адабиёти даврони мавриди таҳқиқ хотиррасон менамояд, ки «муҳимтарин вижагии ҳикояҳои давраи истиқлолияти давлатии Тоҷикистон инъикоси ҳақиқати ҳаёт ва рӯзгори мардум мебошад. Китобҳои Урун

Кӯҳзод «Тоҷикистони имрӯза» (2000), «Ҷамъи парешон» (2003), Абдулҳамиди Самад «Талош» (2002), Гулназар «Таъми тути балхӣ» (2002), Ҷонибек Акобир «Оҳанги дареғ» (2003), Анвар Мирзоҳакими Олим «Вақти гули зардолу» (1998) санъати ҳикояпардозиро ба пояи баланд бардоштанд» [7, с. 31].

Яке аз хусусиятҳои боризи насри даврони истиқлол рӯ овардани нависандагон ба пешинаи дурахшони таърихӣ, ашхоси таърихӣ, бузургмардоне, ки дар рушду камоли фарҳангу адабиёт, давлатдории миллати мо нақши корсоз доштанд, мебошад. Ин амр бесабаб набуд, зеро ояндасозӣ, оянданигарӣ бидуни шинохти таъриху фарҳангии пешиниён, мероси гаронсанги ниёгон, зиндагӣ ва рӯзгори мардони таърих имконнопазир аст. Худшиносӣ, худнигарӣ маҳз аз ҳамин нукта шуруъ мешавад.

Нависанда дар ҳикояи дигаре зиндагӣ ва нақши боризи вазири фозилу хирадпешаи дарбори Сомониён Абдулфазли Балъамиро ба риштаи тасвир кашидааст. Хонанда бо қироати ин ҳикоят аз миёни вожаҳову калимот вуҷуди фозилмардеро эҳсос мекунад, ки ҳимояту пуштибонии аҳли адаб, марому пешаи ӯст.

Аслан нависандагони боистеъдод бо шеваҳои мухталифу бо сабки вижаи худ ба воқеияти ҳунарӣ мерасанд. Воқеияти мавриди назари онҳо гуногун ва ба таври рӯзафзун дар рушду камолёбист. Баъзе аз муҳаққиқон миёни ҳунарҳо ҳунари нависандагиро мушкилтарин пеша мешуморанд: «нависандагӣ ранҷзотарин навъи офаринандагӣ аст, ки ба ҳунарманд имкон медиҳад на танҳо «бахше» аз зиндагиро дар асараш тарсим созад, балки ҳаракати тамоми неруҳои ҳаётро барангезад, ба сарчашмаи розу асрори эҳсосоти қаҳрамонон роҳ ёбад, низоъу носозгориҳо, туфони хоҳишҳо, саъю талошҳои инсониро нишон диҳад, ба кунҳу моҳияти кирдору аъмоли онҳо бирасад ва онҳоро саршори маонии баланд созад» [7, с. 140].

Муҳаққиқи арҷманд Шамсиддин Солеҳов зимни арзёбии насри давраи истиқлол ба муҳимтарин вижагиҳои сифативу дигаргуниҳои боризи он ишора менамояд. Ба ақидаи мавсуф «дар ин давра насри анъанавии реалистӣ ба марҳилаи тозае ворид гардид, ки муҳимтарин сифати он шинохту тасвири амиқу воқеии рӯзгор, ҳамзамон дарду доғи инсони муосир ва фазои насли армонҳояш барбодрафта мебошад [9, с. 51].

Мавсуф бар ин назар аст, ки тарғибу бозтоби андешаҳои худшиносиву худогоҳии миллӣ, яке аз сифатҳои дигари адабиёти муосири мост, ки ин хусусиятро дар осори насли ҷавони нависандагони тоҷик метавон ба мушоҳида гирифт. Дар пайванд бо дидгоҳи мазкур метавон аз маҷмуаи ҳикояҳои Диловари Мирзо «Мусаввараи нотамом» ном бурд, ки соли 2005 ба нашр расидааст. Маҷмуа фарогири қисса ва 13 ҳикоя аст. Аксари ҳикояҳо солҳои гуногун то замони истиқлол таълиф шудаанд, ки аз тафсири бештари онҳо сарфи назар мекунем. Вале аз ҳикояи «Маҳбус», ки моли даврони истиқлол аст, наметавон ба осонӣ канор рафт.

Ҳикояи номбурдаро бо асбобу абзоре, ки дар илми адабиётшиносӣ барои шинохти ҳикоя ва таркибу сохтори он таъйин кардаанд, наметавон тарҳу баррасӣ намуд. Ҳикоя муноҷот нест, вале шабоҳате ба муноҷот дорад. Як навъ ҳадиси нафс аст. Ҳикоя бо хабари кӯтоҳи «мегурезам» оғоз мегардад. Танҳо бархӯрди зеҳнӣ бо ин хабар барои муддате тамоми иртибототи хонандаро бо ҷаҳони перомун гусаста мекунад. Як ҳолати торику мубҳами равонӣ фароҳам меорад. Зеҳн оҳиста-оҳиста барои дарку тасаввури ин тасмими ғайриинтизор омода мешавад. Дар ҷумлаҳои баъдист, ки иллати гурез равшан мешавад. Пораи аввали ҳикоя чанд ҷумлае беш нест, вале бо ҳамон зарфияти маҳдуд, симои қаҳрамони ҳикояро бо дунёи ғамину рангину диалектикаи зистанаш боз менамоёнад. Қаҳрамони достон фарди танҳост, ки орзӯяш пайвастан ба ҷомеаи инсонӣ, зистан бо онҳост. Вале дар тули умр ӯро ба ҷуз ғаму андӯҳ ёру ошное нест.

Қобили зикр аст, ки аксари ҳикояҳои ӯ ёдовари мазомину муҳтавои осори маъруфи классикони адабиёти мост. Масалан ҳамин пора аз ҳикоя ғазали машҳури Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ «Инсонам орзӯст»-ро ба ёд меорад:

Дӣ шайх бо чароғ ҳамегашт гирди шаҳр,
Аз деву дад малоламу инсонам орзуст.

Сиришту хосияти танҳоӣ ҳамин аст, ки барои як инсон эҳсоси ноумедиро эҷод менамояд. Қаҳрамони достон аз муҳите, ки будубош дорад, ноумед аст. Зеро ӯ инсону камоли

инсониро мехоҳад, иттифоқу иттиҳод, ҳамзистии муҳаббатомезро хоҳон аст, вале ҳама ҷо бетафовутӣ, лоқайдиву бемеҳрӣ ҳокимият дорад. Фазои ноумедӣ гоҳо ӯро ба ин натиҷа мерасонад, ки «Беҳуда худро зачр менамоӣ, Худованд инсонро он тавр офаридааст, ки парвои ранҷу заҳмат ва сарнавишти дардолуди ҳамҷинсашро надорад. Ҳама андешаҳояш хомпазу руъёиянд» [2, с. 91].

Иқтизои танҳоӣ аст, ки зеҳни инсонро асиру побанди хеш месозад ва ба андешаву таҳаммул водораш месозад. Қаҳрамонони достон ба инсону сарнавишти ӯ меандешанд. Зиндагии ӯро аз ҳамон оғоз барандоз мекунанд.

Таърих дар «ғори андешаҳо»-и қаҳрамон вориди майдон мегардад ва будаҳову доштаҳои худро як-як варақгардон мекунад. Хатти сайри андешаҳои ровӣ моро ба тамошо, ба мусофирати дардангез ба қарнҳо пеш мекашонад. Ба қарне, ки Зардушту фарҳанги зардуштӣ, нуру равшанӣ, ҳокимият дошт, «ва аз он оташи бедуди фирӯзагун бӯйи мушку анбар, бӯйи атру кофур меомад» [3, с. 91].

Андешаи қаҳрамон мисли бод дар чархишу ҳаракат аст ва чи зуд саҳифаҳои мудҳишу пурдарди таърихи ин сарзаминро варақгардон месозад ва аз он шукӯҳу шаҳомат асаре боқӣ намемонад. Бо ин чархиш дар сарнавишти як сарзамину миллати он давроне дигаре боз мегардад.

Ҳикояи «Маҳбус»-ро метавон аз зовияҳои гуногун таҳлилу баррасӣ намуд. Нависанда дар ҷараёни умумии он таърихи миллати моро аз ҳамон ибтидо то кунун баён доштааст.

Аммо баргардем ба унвони ҳикояи «Маҳбус». Кист ин маҳбус, ки ба сифати исми достон интихоб шудааст? Ба андешаи мо бунёди ин достонро андешаи тасаввуфӣ, мабнӣ бар ин ки ин дунё зиндон аст ва инсон дар чаҳордевори он зиндонӣ» ташкил медиҳад. Адабиёти ирфониву тасаввуфии мо аз ин шавоҳид фаровон дорад, ки ба сифати мисол як байт аз Мавлоно нақл мекунем:

Яке теша бигиред, пайи ҳуфраи зиндон,
Чу зиндон бишикастед, ҳама шоҳу амиред.

Вале андеша дар атрофи раҳоӣ аз зиндон, «маҳбус»-ро ба ин натиҷа мерасонад, ки танҳо саъю талош аст, ки инсонро дар дунё ба сӯйи камолу ворастагӣ мебарад, зиндагиашро месозад. Танҳо дар ҳаракату равандагист, ки зиндагӣ идомат пайдо мекунад.

Бояд хотирнишон намуд, ки манзари умумии кишвар дар замони даргириҳои солҳои навадум, туҳматободи солҳои сиюм, ки бар асари он ҳазорон нафар сарбанесту бадарға шуданд, дар ҳикоя ниҳоят ҳунармандона тарсим шудааст: «Бори аввал аз ноилоҷӣ мегирам ба даст силоҳ. Пайи ҳифзу номус, ному нанг, пайи ҳифзи зану фарзанд. Аз пас роҳамро қуллаҳои сапсафед баста ва дар рӯ ба рӯям душмани зӯру тавоно. Дигар роҳи гурез нест. Таслим мешавам. Вопасин паноҳгоҳро медиҳам аз даст. Номам ниҳоданд дузду ёғӣ. Чи қисмати шуме? Пайи ҳифзи хокдони бобоӣ чунин лақаб насибам гашт. Маро бурданд ба кишварҳои дуру бегона. Кишваре, ки соф буд чун чеҳраи эшон. Солҳо он ҷо мондам. Он қадар мурданд фарзандони ғариби Одам дар миёни яху барфи он кишвар. Рӯзҳо мегузаранд. Моҳ мешаванд ва аз матни моҳ сол тавлид меёбад. Вале ман ҳанӯз аз маконе ба маконе пар мекашам» [3, с. 105].

Қаҳрамонони ҳикоя пас аз боздиди ҷузъиёти мақулаи зист ва бозигари меҳварии он инсон, таҳлили садҳо масоили зидду нақизи раванди ҳастӣ, мисли ин ки ба натиҷаи матлубе мерасад ва он шинохти замин ба сифати ягона қонуне, ки вуҷуди мо ба он вобаста аст ва он замин сарзамини мост, ки бояд дар ободон намуданаш бикушем.

Воқеан дар ҳикояи «Маҳбус» бо шевае бадеъ ва таҳлилгарона, таъриху адабиёт, омезиш ёфта ва баланду пасти сарнавишти як миллат таҷассуми бадеӣ ёфтааст.

Вижагии ҳикояҳои асари мазкур бараҳнагии воқеияти замон аст. Замоне, ки тундбоди ҳодисаҳо дороияшро ба бод дода. Тараҳҳум, раҳм, шавқат, меҳрубонӣ, инсоният аз қонуни зисти инсонҳо рахт барчида. «Одамони раҳмдил» яке аз ҳикояҳои маҷмуаи мазкур аст. Рухдодҳои ҳикоя дар майхонаи сарироҳӣ иттифоқ меафтанд.

Гуфтугӯ, муколамае, ки миёни қаҳрамонон сурат мегирад, вазъи ҷомеа ва тағйиротеро, ки дар фазои он мегузарад, бараъло нишон медиҳад.

Дар ҳикоя тасвире, ки бо кумаки аносири хаёл, саноеи бадеӣ сохта шуда бошад, нест. Гуфтугузорҳои рӯзмарра, оддӣ миёни қаҳрамонҳо радду бадал мешавад. Вале аз паси ҳар ҷумла, ҳар калима, воқеияти замон равшану бараҳнатар мегардад. Хонанда ба марзе фуруд меояд, ки холӣ аз арзишҳои инсонӣ аст. Ҳисси инсон будан, бо якдигар меҳрубон будан, бархӯрди инсонвор доштан, дар он муҳит нест. Пул доштан меъёри зиндагӣ шудааст. Ҷузъиёти ҳикоя баёнгари он аст, ки иқтисоди он марзу бум фалаҷ шуда, корхонаҳо кор намекунанд, низоми иҷтимоъ барҳам хӯрда. Дар ҳикоя танҳо тасвире аз вазъи мабдаи он майхона омода, ки он ҳам бозтобдиҳандаи муҳиту авзои ҳукмрон аст: Майхона «ба ғайр аз чор девор, дару тиреза ва сақфи фанериву фарши сементӣ, боз ду мизу панҷ курсӣ дошт. Аз баландии пештахтаи фарсуда як бодбезаки пояш шикаста фир-фир шамол медод. Баъзан тоб хӯрдани пурраш душвор гардида, садои гӯшхарош мебароварда он. Як радиои хурди куҳна гоҳ гап мезад, гоҳ суруду мусиқӣ мешунавонд. Хирросаш даме паст шавад, даме баланд мешуд. Ғайр аз ин дар майхона банкаҳои селитра буданд, ки майфурӯш аз онҳо ба мизоҷон шароб рехта медод: стаканҳои қиррадор буданд: чор панҷ флягаи пур аз шароб ё аллакай холӣ қатор меистоданд. Дигар чизе ки лоиқи махсус қайд кардан бошад, ба назар намерасид» [10, с. 80].

Даврони истиқлол барои нависандаи номдор У. Кӯҳзод низ даври пурборе буд. Нависанда дар ҳилоли ин солҳо дар атрофи таърихи муосири мо аз ибтидои аср ба баъд як навъ бознигариву таҳлили бадеӣ-публитсистиро дар роману ҳикояҳояш анҷом дод. Аксари ҳикояҳои солҳои охири нависанда тавре ки гуфтем, лаҳну ҷанбаи публитсистӣ доранд. Нависанда дигар аз хирвори санъатҳои бадеӣ, истифодаи маҷозу ташбеҳу истиора ва дигар асбобу абзори корсози хаёл канорагирӣ мекунад ва паёму ҳадафи худро софу пӯстканда дар миён мегузорад. Ин хусусиятест, ки аз чашми мунаққидону адабиётшиносон пинҳон намондааст.

«Гудоз» яке аз ҳикояҳои хуби нависанда аст, ки падидаҳои даҳшатбори солҳои навадумро ниҳоят воқеиву таъсирбахш муҷассам месозад. Тағйири тунду тези вазъи иҷтимоӣ, муносибати инсонҳо, зуҳури амале фаҷеъ, одамкушӣ, бародаркушӣ, хонасӯзӣ ва таваллуди саҳифаи нав дар матни зиндагӣ: гуреза, фирор, фирор аз хона, аз тарси бародар, аз бими теғи ҳамсояи девордармиён ва ғ. мавзуоте мебошанд, ки нависандаи «Гудоз»-ро зимни тасвир ба ҳадди гудоз меоранд. Ӯ аз дидани ин ҳама тағйири барқосои руҳияти инсонҳо дар ҳайрат меафтад. Барои рафъи ҳайрати худ посух меҷӯяд: «Ҳама он даҳшатҳо мисли зинда ба зинда пӯст кандани одам, забону биниву гӯшро буридан, бо оташу чароғ сӯзонда, оҳиста бо азоби дердавом куштан, зинда ба зинда таги хок кардан ва кӯдаконро дар батни модар чоку пора кардан, ки дар Вахш ба вуқуъ пайваст, бераҳмию ваҳшониятҳои нав нестанд, дар таърих амсоли зиёде доранд, ки мутаассифона фарзанди одам дидааст, шунидааст, хондааст, ба даҳшат омадаасту маҳкум кардааст, вале бубинед, ки иборат нагирифтааст. Чи гумроҳе будааст ин Одамаш? Ва ин одамаш кай Одам мешуда бошад. Ин саволҳою хитобҳо низ дар таърих нав нестанд. Такрор шудаанд, ҳай ба такрор омадаанд ва дареғо то алҳол ҷавоби савол надоранд» [4, с. 6].

Бояд таъкид намуд, ки ҳама қаламбадастони тоҷик чи шоиру чи нависанда зимни тасвири ҳаводису рухдодҳои таъсири ҷанг аз он ҳамчун падидаи харобиовару барҳамзанандаи сулҳу субот ёд кардаанд. Дар ҳикояи мазкур низ ин мавзуъ дар саҳнаҳои мухталиф баён шудааст. Дар поёни ҳикоя эҳсос мешавад, ки даргириҳо ба кундӣ поён меёбанд: «Баҳор дар сафар буд, дар дурҳо қадам бармедошт, вале даму нафасаш ба ин ҷойҳо мерасид» [4, с. 18].

Ҳикояи дигаре, ки миёни навиштаҳои нависанда хонандаро ба худ ҷалб мекунад, ҳикояи «Гурез» аст. Нависанда дар ин навишта аз сарнавишти мардуме лаб мекушояд, ки дар тули зиндагии хеш бар асари беадолатиҳои замон ду маротиб маҷбур ба фирору гурез аз Ватан гардидаанд. Намунаи ин мардум, Нусрати Нуронӣ аст. Нусрат Нуронӣ дар аснои фирорӣ будан роҳи тайкардаи хешро дар ҳилоли умр барандоз мекунад, атрофи сиёсатҳои бардурӯғу сохтаи ҳокимиятдорони замон меандешад. Шинелпӯшу чарминапӯш қаҳрамонони ҳикоя ва намояндаи мақомоти давлатианд, ки сиёсати давлатро миёни мардум амалӣ месозанд. Яке аз масъалаҳое, ки нависанда ҳамвора ба он таваҷҷуҳ дорад, масъалаи замин ва зояндагии он аст. Замине, ки бар асари сиёсатҳои нодуруст хосияти аслиашро гум кард. «Замин солим набошад, одами солим тухми анқо мешавад. Дар асари беандеша ва бо ифрот рехтану пошидани заҳрпору, замин

хосияти аслии худашро гум кард, бемор шуд, хоку обу ҳаво ва одамон ҳам бемор шуданд» [5, с. 86].

А. Самад перомуни қаҳрамони ҳикояи мазкур чунин ибрози назар менамояд: «Қаҳрамони У. Кӯҳзод Нусрати Нуронӣ аз достони «Гуреза» омӯзгор асту гоҳе аз нуқсонҳои рӯзгору кори роҳбарон «лаб мекушодааст». Ва барои ин ҷуръат тамоми умр ҷабру ҷафои Саиди Ҷилиқ ва Чарминапӯшу Шинелпӯшро мекашад. Хонанда ӯро аз оғози сохти нав овораву саргардону гуреза мебинад. Дар достон масъалаи фоҷиаангези «ту омадаву ман таҳҷоӣ» ё «ту аз фалон маҳал ҳастӣ» кундаланг ба миён гузошта мешавад» [6, с. 30].

Ҳикояи «Гуреза» ҳарчанд ба саргузашти пурпечи як нафар гуреза Нусрати Нуронӣ нигаронида шудааст, вале дар асл нависанда дар симои ӯ мушкили як насли комилеро ба риштаи тасвир мекашад.

Нусрати Нуронӣ як муаллим аст, бо зеҳнияти пуру олами бойи маънавӣ. Таърихи начандон дури ин сарзамин дар зеҳни ӯ варақгардон мешавад. Зеҳнан ба ёд меорад, ки бар асари аъмоли зишти ҳокимони давр чи гуна ободиҳо ба харобазорҳо табдил шуданд. Зимомдорони вақт чи гуна зиндагиро, заминро аз онҳо гирифтанд. Ба хотири пахта то чи ҳадде ба саломативу сиҳатии инсонҳо зарба заданд. Сиёсати пахтаву пахтакорӣ ба андозае дар мағзу устухони мардум нишаста буд, ки «Модарон ба ҷойи кӯдак, пахтаро алла мегуфтанд ва бачаҳо ба ҷойи китоб, пахта хоб медиданд. Роҳат надоштанд мардум ва замин ҳам фароғат надошт. Як нафас дам намегирифтанд одамон ва имкон намедоданд, ки замин ҳам як дам дам бигирад.

Пахта шираи заминро макид, заминҳои нав бешира шуд, поруҳои сохта шираи хокро вайрон кард, дар бадани пахтакор шира намонд ва мурғҳо дар як моҳ як тухм медоданд» [5, с. 83].

Он чи ки ба сари қаҳрамони достон мегузарад, ба гунае тафсири мақулаи зиндагист, ки зистанаш ба осонӣ муяссар намешавад.

Нависанда дар гуфтугузори қаҳрамон, ки бузургу хурдсоланд, дар шеваи андешаи онҳо саъй намуда, рози ҳастиро, ҳусну қубҳи дунёро бозтоб диҳад. «Зиндагӣ як майдонест пур аз сахтиҳову сустиҳо ва одам агар ҳалол умр гузаронидан хоҳад, ногузир ба душвориҳо тан доданаш даркор, зеро ки одами ҳалол бештар аз дигарон дучори балову офатҳо мешавад, дар ин дунё» [5, с. 54].

Нусрати Нуронӣ сокини деҳи кӯчаки Ҳафттеға аст ва ӯ дунёро аз чашми сокинони ҳамин деҳа мебинад ва итминон дорад, ки атрофу акнофи дунё Ҳафттеғаҳои зиёде дорад, ки он ҷо зиндагӣ ҳамсони Ҳафттеға аст. «Зиндагӣ дар рӯйи дунё агар ба ботинаш нигарем, анқариб ба он суратест, ки дар Ҳафттеға дидем. Ва хислати одамон, агар бунёдашро таҳқиқ кунем, дар ҳамаи одамон тақрибан аз ҳамон торҳо ва ҳамон пудҳои сиёҳу сафед риштаву бофта шудааст, ки монандашро бо каму зиёди рангҳо дар мардуми Ҳафттеға мушоҳида кардем» [5, с. 55].

Бояд зикр гардад, ки ҷанбаи психологии достони мазкур ниҳоят қавӣ аст. Албатта танҳо ин ҳикоя нест, ки дар маҷмуъ аксари осори ӯ шомили заминаҳои боризи психологист. Беҳуда нест, ки М. Шакурӣ насри ӯро насри психологӣ-насри андеша хонда, чунин гуфта буд: «насри Кӯҳзод насри психологӣ-насри андешаҳост. Нависанда ва қаҳрамонони ӯ рӯйдодҳои зиндагиро ба ҳиссиёт ва андеша гирифта, маънию мазмуни онро ҳаматарафа санҷидан мехоҳанд ва хонандаро маҷбур мекунанд, ки низ баробари онҳо фикр кунад, барои фаҳмидани ниҳояти он ҳодисаҳо кӯшиш намояд. Ҳамин андешаву ҳиссиёти пуршиддати қаҳрамони Кӯҳзод бисёр муҳим аст. Аз он сабаб муҳим аст, ки қувваи фаъол мебошад ба дили хонанда, ба шуури вай таъсири пурзӯре мерасонад, олами фикру ҳиссиёти ӯро фаъол мекунад [8, с. 14].

«Қатли китобҳо» достони дилчаспу омӯзандаест, ки моли давраи истиқлол аст. Шояд ангезаи аслии эҷоди ин достон дур шудани мардум аз китобу китобхонӣ аст, ки маъмулан аз тағйири замон ва зуҳури даргириҳо оғоз гардид. Махдуми Ширин қаҳрамони асосии достон пас аз таҳлилу бознигарии вазъи мавҷуд, пастравии донишу маънавият ба чунин хулоса меояд, ки барои раҳоӣ аз бунбаст, ба хотири пешрафт бояд рӯ ба китоб, рӯ ба хирад оварад.

Махдум худ аҳли китобу мутолиа аст. Ошноӣ бо китоб ӯро ба сарзаминҳои ғарибу хостание бурдааст. Ӯ хондаҳову донистаҳояшро ба пардаи зеҳн мекашад, бо зиндагии воқеӣ қиёс мекунад ва натиҷа мегирад. Барои ӯ хеле озордиҳанда аст, вақте мебинад, саҳнаҳои мавҷуд

дар саҳифаҳои китоб бо воқеияти рӯзгор созгорӣ надоранд. Ба қавли нависанда «зиндагии Махдум дар ду ҷаҳон мегузашт, шаб дар олами китобу хаёл, рӯз дар олами воқеӣ ва дар буду набуди рӯзгор. Ва бад оламе буд, олами воқеӣ. Некон рӯзи хуш надоштанд, бадон кайфу сафо мекарданд» [5, с. 94].

Дар ҳикоя мавзуъҳои ҷолибе матраҳ мешаванд, ки ҳама ба зиндагии мо гиреҳ мехӯранд. Миёни қаҳрамонҳо атрофи мушкилоти ҷомеа як навъ баҳсу ҷидол, таҳлилу баррасӣ сурат мегирад. Решаҳои ақибафтодагии ҷомеа кунду ков мешавад. Аз нигоҳи қаҳрамони ҳикоя Махдум пешрафту такомули ҳар ҷомеа вобаста ба эҳсоси масъулиятест, ки соҳибмансабон бояд онро дошта бошанд. Камол вобастаи муҳит аст.

Мардуми Ширин ва Абдуқодир, ки қаҳрмони аслии ҳикояи мазкур мебошанд ба он чи дар ҷомеа мегузарад, бетафовут нестанд. Онҳо перомуни рисолату нақши давлатмардон, масъулини умури ҷомеа меандешанд. Ҳарду таҳсилкардаи мадрасаи Бухороянд. Пас аз хатми мадраса ба мансаб расидаанд, вале рафтору амали идорӣ, расмии онҳо хилофи расму русуми роиҷи замон буд. Онҳо муқобили маҷро рафтанд, то ислоҳе дар пайкари ҷомеа ворид кунанд, вале хеле зуд шикаст хӯрданд. Онҳоро хеле зуд аз мансаб барканор намуданд. Ин воқеа боис гардид, ки онҳо бештар атрофи ҷомеа ва мушкилоти он, нақши мансабдорону зимомдорони давр фикру тааммул кунанд, решаву кунҳи ин ҳама зулмату торикиро пайдо созанд. Ҳуши Махдум Ширинро беш аз ҳама Инсон ҳамчун як мавҷуди иҷтимоӣ ба худ ҷалб мекард. Чи дунёҳое торику печида, зерипардагӣ дар ин вуҷуд ҷойгузин аст. Буғранҷӣ, печидагӣ, норавшании сиришти инсон ӯро дар шигифт меандохт. Дунё гӯё болои дурӯғу тазвир мечархад. Инсонҳо бо фиребу гул задани якдигар ба сар мебаранд. Зимомдорони ин обу хок ба ҷуз кайфу сафои худ сари ҳеҷ мушкиле, атрофи зиндагии халқ намеандешанд.

Тааммул дар атрофи ин масъала, посухҷӯйӣ оқибат ӯро ба натиҷаи матлубе мерасонад: «андешааш вусъат гирифт ва ӯ гузаштаву имрӯзаро рӯйи як тахта монд ва дар маҷмуъ ба риштаи таҳлил кашид ва ин ҳамели шоҳону амирон ва ободиҳову вайрониҳоро гӯё даст зада медид ва гӯё худаш ҳамроҳи онҳо дар он сохтану шикастанҳо ширкат дошт ва давру замонҳо бо сурати равшан, аз пеши назараш мегузашт ва дид: ҷое ки хирад роҳбар аст, халқ фароғат дораду замин кишт ва чеҳраи мардум кушоду об соф ва ҳунар дар равнақу роҳҳо бехатар ва иморат базебу боғҳо ороста ва бозорҳо пуропуру дастархонҳо аз нозу неъмат лабрез. Ҷое, ки бехирадӣ боло гирифтааст, боли халқ шикаставу замин нокишта ва чеҳраи мардум тираю об хира ва ҳунар беравнақу роҳҳо пурхатар ва иморат безебу боғҳо вайрон ва бозорҳо холиву дастархонҳо сайргоҳи мушон» [5, с. 107].

Ҷолиби диққат аст, ки чунин шеваи масъалагузорӣ дар насри муосири тоҷик падидаи нисбатан тоза буд. Кӯҳзод дар ривоҷу равнақи он саҳми беандоза дошт. Мавзуе, ки дар замони истиқлол дар офаридаҳои Кӯҳзод зиёд матраҳ буда, масъалаи худнигарӣ, худсозӣ худогоҳӣ ва худшиносӣ мебошад.

Дар достонҳои нависанда беҳтарин расму ойинҳои халқӣ, урфу одат ва тафаккуру боварҳои мардумӣ аз зовияҳои гуногун тарсиму инъикос шудааст. Қаҳрамонони Кӯҳзод бархоста аз миёни мардуми оммианд, ки ҳар якеро сарнавишту саргузаштҳои ғарибу омӯзанда аст. Диду талаққии онҳо аз ҷараёни ҳастӣ, муҳити иҷтимоӣ, ҷаззобу қобили мулоҳиза аст.

Дар боло хотиррасон шуда буд, ки муҳимтарин хусусияти ҳикояҳои Кӯҳзод дар ду даҳсолаи охир ҷанбаи публитсистии ҳикояҳои вай аст, ки шояд ҳусни он низ бошад. Нерумандсозии ин шева зимни халқи осори ҳунарӣ бештар ба омилҳои замонӣ вобаста аст. Яъне, ин иқтизои замон буд, ки сухани бараҳнатару нишонрастарро тақозо мекард. Вале ин ҷанба ё руҳияти публитсистӣ хушку холӣ нест, балки омехта бо психологизми амиқест, ки дар руҳу забони қаҳрамонон ҷилвагар мешавад. Марҳум М. Шакурӣ ин хусусияти осори ӯро махсусан таъкид намуда, гуфта буд: «оҳанги буррои публитсистӣ, он мулоҳизарониҳои публитсистии ҳаяҷономез, ки гоҳ аз забони муаллиф ва гоҳ аз забони қаҳрамон омаданд, на фақат барои амиқтар намудор кардани моҳияти рӯйдодҳо ёрмандӣ мекунанд, балки мабдаи фаъолонаи таҳқиқи нависанда ва руҳи граждании асарро қувват медиҳад. Мабдаи фаъолонаи публитсистӣ як қисми тасвири психологӣ мебошад, зеро мулоҳизарониҳое дар атрофи масъалаҳои ҷамъиятӣ дар бораи масъулиятшиносии иҷтимоиву граждании шахс ва монандии

онҳо ба олами маънавии қаҳрамон фаровон роҳ ёфта, дар андешаҳои ӯ, инчунин дар таҳлили психологии нависанда мавқеи калон ишғол менамоянд. Ин ҷанбаи публитсистӣ руҳи гражданӣ ва таъсири ҳиссиву ғоявии тасвири психологиро ба маротиб меафзояд» [8, с. 17].

Шукуҳу азамати насри даврони истиқлолро бе осори мондагори нависандаи бузург Ҷонибек Акобир, ки ба андешаи мо то имрӯз ба таври шоиста шинохта нашудааст, тасаввур кардан амри маҳол аст. Шодравон охири солҳои ҳаштодум по ба арсаи адабиёт гузошт ва бо нашри ҳикояҳое, ки дарунмояшон мунъакискунандаи шебу фарози зиндагии мардуми кӯҳистон буданд, шуҳратёр шуд.

Ҷонибеки Акобир аз зумраи нависандагони камгӯву гузидагӯйи адабиёти муосири тоҷик аст. Соли 2012 китоби ӯ таҳти унвони «Қаламҳои кӯҳистонӣ» мунташир гашт, ки фарогири қисса, ҳикояҳо ва дигар мақолоту осори публитсистии ӯ мебошад. «Қаламҳои кӯҳистонӣ» 25 ҳикояро дарбар дорад, ки ҳосили даврони нависандагии мавсуфанд. Ҳарчанд таъриху санаи муайяне дар поёни ҳикояҳо гузошта нашудааст, вале аз матну муҳтаво ва руҳи ҳикояҳо равшан аст, ки бахше моли даврони истиқлоланд. Ҷонибеки Акобир сабку баёни вижае дошт, ки миёни дигар ҳамнаслонаш комилан мутафовит буд. Нахустин унсуре, ки дар навиштаҳои ӯ ҷалби назар мекунад, тарзи тафаккуру андеша, дунёнигарӣ, биниши тоза дар таҳлилу арзёбии падидаҳои ҳастӣ, инсону ҷойгоҳи ӯ дар синаи дунёст.

Аз миёни ҳикояҳои ӯ, ки ҳамагӣ аз аҳаммияту ҷойгоҳи хосе бархурдоранд, танҳо ба чанд намунае аз онҳо ишорат мекунем. «Нақши ду хаёл» аз ҷумлаи достонҳои хуби Ҷ. Акобир аст. Ҳикояи мазкур шабоҳате ба тарона, як навъ розу ниёз ё муноҷот дорад. Марзу буми ҳар калима, ҳар таркибу ибораи достон саршор аз отифаву эҳсоси дардолуду ғамдор аст. Умед, орзу, ки пояи аслии зиндагии инсонист, дар ин ҳикоя захмиву ҷароҳатдор аст, вале ин умеди захмхӯрда ноумед нест, ояндаро ҳамоно равшану офтобӣ мебинад. Дарунмояи аслии достони мазкур сарнавишти шеъру шоирест, ки гардиши айём, ҳаводиси бадфарҷоми замон ӯро зиндонӣ кардааст. Замон чи ноҷавонмардона гиребони шоир гирифта, то забони шеърсозу шеърсарои ӯро бибандад, ё маҷбур созад, шеъри салтанату шукӯҳи ӯро бисароянд. Замон дар пардаҳои печ дар печи сиёҳи шабе, ки худ офаридааст қарор дорад: «Дар ин шаби тарсхӯрдаи захмӣ забони шеър гунг шуда буд, гӯши қалами шоир кар. Шеъру қалами бемор нафас кашидан мехостанд. Шоир дар зиндони сарнавишти худ гила мекард, ки чаро оҳу ҳасрataш акнун шеър намешаванд. Наход, ки илҳому истеъдод аз вай рӯ тофтаанд? Аҷаб ҳоли зоре. Фақат кӯршапаракҳо хоб мебинанд, ки ба ҷойи ситораҳо хуни хаёли шоиронаашро макидан мехоҳанд. «Агар мо ба хубтарин байти шеърат табдил наёбем, бидон ки шеъру калимот ҳаргиз шифо нахоҳанд ёфт»- мегӯянд ин паррандаҳои касиф» [1, с. 247].

Замони мудҳишу беотифаи даргириҳо дар солҳои навадуми қарни гузашта дар бисёре аз осори нависандагони мо бозтоби бадеӣ ёфта, гоҳо ба забони содаву рӯзмарра, гоҳо ба сабку баёни публитсистӣ ва гоҳо ошкоро. Аммо дар ҳикояи номбурда, ки яқинан паёми аслӣ тасвири ҳамон вазъу ҳамон фазои нохушоянд аст, мо бо забоне размгунаву тамсилӣ рӯ ба рӯ ҳастем. Бозигарони саҳна низ ҳарчанд намояндаи мардуманд, вале на мардуми омма, ки аҳли фарҳангу адабанд. Ин аст, ки эшон беш аз ҳар каси дигаре аз чунин сурат гирифтани ҳол ранҷ мебаранд, азоби руҳӣ мекашанд. Ровӣ тибқи маъмул мисли сайёди дар камин нишаста ҳоли шоиру шеърро ва муҳимтар аз ҳама бархӯрди атрофиён ва махсусан ҳамтоёни шоири зиндониро ба мушоҳида гирифтааст. Ровӣ ҳамзамон бо баргардон кардани пешинаи таърихии сарзамини мо сарнавишти шеъру шоирро ба гунае қиёс мекунад ва гӯё хештанро тасалло медиҳад, ки аҳли адабро аз дунёбино тақдир ҳамин ранҷу азоб, саргардониву парешонӣ будааст.

Воқеияти замонро бо тамоми абъодаш тасвир кардан ва гузашта аз ин ҳунармандона мунъакис сохтан кори содае нест. Махсусан замоне, ки зимомаш дасти тиру туфанг аст. Фазояш олуда ба тарсу бим аст. Дар осмони зулмонияш марг пар-пар мезанад. Муште аз бошандагони одамсурати ваҳшитабиат дар хоки он ба сар мебаранд. Ин мавзуъро аксари қаламбадастони тоҷик ба гунае васф намудаанд. Бархеҳо гармо-гарм ва гурӯҳе пас аз андак фурӯ нишастани оташҳои хирадсӯз.

Сурату сирати бараҳнаву беҳисси он рӯзгорро мо дар ин тасвири кутоҳи нависанда ниҳоят муассиру такондиҳанда мебинем: «Шоир оҳ мекашад, оҳи шоир оҳ мекашад. Шаби

захмӣ нолиш мекунад. Нолиши шаби захмӣ ба гӯши қалами кар намерасад. Қалами кар шеъри гунг менависад» [1, с. 248].

Ин вазъест, ки бар асари нофаҳмиҳову даргириҳои замон пеш омада. Дар бахшҳое аз «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ омадааст замоне ки ҷанг фаро мерасад, дарёҳо маҷрои худро дигар месозанд, оҳувон бачаи кӯр мезоянд. Бад-ин маънӣ, ки тамоми зебоиву ҳусни оҳу дар чашми оҳуст. Ҷанг зебоиро мекушад.

Андешаи дигаре, ки дар достон талқин мешавад, зодаи ранҷ будани шеър аст. Ҳар шоире огоҳона ба ин дунёи ранҷпарвари шеър по мегузорад. Агар ранҷ набуд, шеър коргару муассир, зиндагисоз, инсонсоз, зебоиофарин намегашт.

Воқеаҳое, ки дар матни ҳикояҳои ӯ падид меоянд, сурати зоҳирии мавзуи аслиро ташкил медиҳанд. Ҷузъиёти мавзуъ дар сужети дохили он шакл мепазирад, мо шоҳиди он мегардем, ки чи гуна вазъи руҳиву равонии қаҳрамонон тағйир мехӯрад, муносиботаш дигаргун мешавад. Низои дохилие, ки дар раванди баёни ҳикоя сурат мегирад, аз воқеият пешӣ мегирад ва ба зиндагии воқеӣ табдил мегардад. Нависанда бо ҳамон сабку шеваи хосе, ки дорад, тадриҷан хонандаро во медорад то дар атрофи масоиле, ки тарҳи онҳоро манзур сохтааст бияндешанд, худ натиҷа ва худ тасмим бигиранд. Ин масъала, ки худи ӯ бо паёми мавриди назар чи иртиботе дорад, мавқеи вай чи гуна аст, ҳалли он дар зерматнҳо ҳувайдо мегардад.

Дар ин миён сохтори ҳикоя лаҳни хоссе пайдо мекунад, ки ҷанбаи нерӯманди мусиқоӣ дорад. Нависанда дар аксари достонҳояш, ба шакли хеле муъҷаз мухотабонро барои дарёфту дарки мавқеияти худ омода месозад. Нуктаи дигари арзишманд дар достонҳои Ҷ. Акобир бархурди биниши фалсафӣ бо эҳсосоти хоси инсонист. Зеҳни халлоқи ӯ талош меварзад, ба умқу сиришти эҳсосот дастрасӣ пайдо кунад. Гӯшаҳои пинҳони фалсафаи вуҷудии онҳоро бозгушоӣ намояд. Ин ҷанбаро мо дар ҳикояи «Оҳанги дареғ» равшан мебинем.

Дар ин ҳикоя ровӣ атрофи як ҳолати инсонӣ, ки сабабгори гиря кардан мешавад, меандешад. Ӯ афсӯс мехӯрад, ки гиря карда наметавонад. Баҳсе мутазоду пурихтилоф дар пардаи зеҳнаш по мегирад. Ҳангоми мусибати хешу акрабо шояд гиря кардан барои тасаллои дили онҳо лозим бошад, вале аз сӯйи дигар садое мутақоидаш месозад, ки гиристан кори мардон нест. Гиря мардро ҳақиру нотавон, заиф ҷилва медиҳад. Ровӣ мафҳуми гиристанро мисли як инсон мусоҳиб қарор медиҳад ва бо ӯ вориди гуфтугӯ мешавад: «Оҳ гиристан, бигӯ ту ба чи хотир аз ман дурӣ меҷӯӣ? Магар ки ман туро дар сағерагиҳои яккатозам ранҷондаам. Балки ҳамаи айём, ки мудом гурусна мегаштам, вале аз рӯйи зуъмӣ ва сахтсариҳо худро ҳамеша сер вонамуд мекардам, балки ҳамон айём, ки аз ҳамдеҳаҳои бахилу хомтамаъ мурданивор шатта мехӯрдам, патаки гӯшҳоям дар оташ месӯхт, аммо ман хандида, офтобро сӯз медодам, тааҷҷубу хашми рақибонамро табассумборон мекардам. «Бигӯ ба ман эй гиристан, ки чаро ашк рехта ва навҳаи ҷонсӯз кашида наметавонам? Гиря бо тамоми мазоҳири дунёи ӯ замоне дар фикру ҳуши ровӣ хутур мекунад, ки писари устод Ғолиб, ки аз наздикони ӯст дар синни ҷавонӣ дармегузарад. Мехоҳад барои тасмими дили устод Ғолиб аз таҳти дил бигиряд навҳа кунад, вале ба қавле «тасаллии ман гунги дарунфарёд аст» [1, с. 232].

Вақте устод Ғолиб ровиро ба сӯйи худ мехонад изтиробаш бештар мегардад. Ровӣ эҳсос мекунад, ки устод Ғолиб тибқи маълум мехоҳад, дар ҳузури наздиктарини худ гиря кунад, ғамбодаи дил холӣ кунад ва боз надоштани ҳунари гиристан ӯро нигаронтару хиҷолатзада месозад. Дар ҳоле, ки ҷуссаи бузургу мусибатзадаи устод Ғолибро ба дӯш дорад, боз ҳам дар атрофи розу асрори мақулаи «гиристан» андеша мекунад: «Магар ман гиристанро барои он бад мебинам, ки дархурди мард нест?

Чист гиристан?

Гиристан магар осудагӣ тавлид мекунад?

Балки бечоранолист гиристан?

Намедонам фол мезанам, аммо аз ин ки гиристани зиндонӣ дорам, руҳам сахт мушаввашу дар азобам. Боз мепиндорам, ки гириста натавонистанам анҷоми соярӯшане дорад, ки чун онро ташхис кардан бихоҳӣ, ҷисму ҷонатро варачаи сахте пахш мекунад. Танҳо бо ҳарос ва оҳиста аз худат савол медиҳӣ, ки дар зиндагӣ боз киҳо гириста наметавонанд? Ва ҳатман ҷаҳд мекунӣ, ки посух мубҳаму номакшуф бошад» [1, с. 234].

Лаҳазоти душвору сангини ғамгусорӣ аз устод Ғолиб ва таҳаммул дар атрофи мақулаи «гиристан», чистиву чигунагии он ровиро оқибат ба марзи эҳсоси дигари одамӣ, яъне танҳоӣ мебарад. Замоне ки устод Ғолиб бо афсӯсу дареғ аз оғози фасли тозае дар зиндагониаш танҳоӣ лаб мекушоянд, ровӣ мутаассир аз матлаби вай танҳоиро шарҳу тафсири бадеӣ медиҳад: «ҳатто ҳамин танҳоӣ барои кадом хушбахтиест, ки кай омаданашро намедонем. Балки чунон хушбахтиест, ки одамон онро на фаҳмида метавонанд, на истиқбол гирифта. Хушбахтии номаълуму номаҳдуду тасвирнопазир» [1, с. 234].

Дар масири андешаи ровӣ ҳар ҳиссу авотифе, ки бо мафҳуми гиристану танҳоии бархоста бар асари ғам пайванде дорад, зикри ном мешавад.

Масалан аз «оҳанги ҳасрат», ки ҳузни гӯристони Сариосиё менавозад ёд мекунад. Ровӣ аз сӯйи дигар намехоҳад бовар кунад, ки гиряро неруест, раҳогару оромибахш ва шояд наҷотбахш. Ӯ орзу дорад худро аз панҷаи фишоровари фикри гиряву танҳоӣ раҳо кунад ва ин қасдашро мехоҳад бо тамошои дарёи равони Душанбе амалӣ созад, зеро ӯ «як калоба ғам гаштааст», «мехоҳам андӯҳамро ба дарё бирезам».

Албатта, дар достон лаҳзаҳои дигари ибратомӯз зиёданд, вале муҳим натиҷаест, ки зеҳни ковишгари ровӣ дар атрофи гиря пайдо намудааст. Вай ба ин натиҷа мерасад, ки «гиря на талх аст, на шӯр, на тунд, на зебо на офаранда. Вале гиряи одами офаранда баҳорро хазон мекунад» [1, с. 239].

Ба андешаи мо дар осори ҳеҷ як аз нависандагони муосир ба андозаи ин достон фалсафаи гиристан мавриди тавсифу бозтоб қарор нагирифтааст.

Адабиёт:

1. Акобир, Ҷ. Қаламҳои кӯҳистонӣ [Матн] / Ҷ. Акобир. – Душанбе: Адиб, 2012. – 399 с.
2. Диловар, М. Мусаввараи нотамом [Матн] / М. Диловар. – Душанбе: Адиб, 2005. – 253 с.
3. Иброҳим, Нодир. Сохтор ва мабонии адабиёти достонӣ [Матн] / Нодир Иброҳим. – Теҳрон, 1377. – 378 с.
4. Кӯҳзод. Бандии озод [Матн] / Ӯ. Кӯҳзод. – Душанбе: Адиб, 2004. – 266 с.
5. Кӯҳзод. Ҷамъи парешон [Матн] / Ӯ. Кӯҳзод. – Душанбе: Адиб, 2003. – 135с.
6. Самад, А. Санги маҳак ва тарозуи ҳунар [Матн] / А. Самад. – Душанбе, 2013. – 367 с.
7. Сайфуллоев, А. Уфуқҳои тозаи наср Ҷ. 1 [Матн] / А. Сайфуллоев. – Душанбе: Адиб, 2006. – 480 с.
8. Сатторзода, А. Куҳна ва нав [Матн] / А. Сатторзода. – Душанбе: Адиб, 2004. – 253 с.
9. Солеҳов, Ш. Адабиёт ва шинохти он. Маҷмуаи мақолаҳо [Матн] / Ш.Солеҳов. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 345 с.
10. Турсун, С. Санг дар бағал бо тӯфон [Матн] / С. Турсун. – Душанбе: Адиб, 2002. – 287 с.

ДАРУНМОЯҲОИ ҲИКОЯИ ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ

Мақолаи мазкур ба таҳлилу арзёбии ҳикояҳои даврони истиқлол ихтисос дорад. Ба сифати мисол, ҳикояҳои нависандагон Д. Мирзо, У. Куҳзод ва Ҷ. Акобиров интихоб шуданд.

Дар мақола таваҷҷуҳи хос ба дарунмояҳо ё мавзуъҳои ҳикояҳо мабзул шудааст.

Ҷолиби қайд аст, ки дар замони соҳибистиқлолӣ адабиёти муосир, махсусан наср рушду камоли муносиб касб намуд. Маҷмуаҳои зиёде аз ҳикояҳои нависандагон ба табъ расид. Тавре, ки аз баррасии ҳикояҳои замони мазкур бармеояд, нависандагон воқеияти рӯзгори имрӯзро ба наҳви аҳсан таҷассум намудаанд.

Чеҳраҳои калидии адабиёти муосир нависандагоне ҳастанд, ки дар манзари воқеияту таърихи пасошунавӣ бо канор гузоштани методи реализми сотсиалистӣ олами ботину руҳонии инсонро ба таври амиқ бозтоби бадеӣ доданд. Аз сӯйи дигар, ҷойи таъкид аст, ки ҳикояи даврони истиқлол дар оғози асри XXI тозагиҳои қобили мулоҳизае дар мазмуну сохтор пайдо намуд. Гузашта аз ин, ҳикоя ҳамчун жанри хурди насри муосири тоҷик дар даврaи мавриди назар фарогири мавзуъҳо, аҳдофи тоза ва вижагиҳои хосси бадеӣ гардид.

Калидвожаҳо: адабиёт, нависанда, наср, истиқлолият, ҳикоя, дарунмоя, бадеӣ, инъикос.

ТЕМАТИКА РАССКАЗОВ ПЕРИОДА НЕЗАВИСИМОСТИ

Данная статья посвящена анализу рассказов периода независимости. В качестве примера избраны рассказы Д. Мирзо, У. Кухзода, и Дж. Акобирова.

Особое внимание уделено тематическим особенностям рассказов. Следует отметить, что в годы независимости таджикская литература, особенно проза достигла высокого уровня развития. Были изданы многочисленные сборники рассказов. Тематика рассказов данного периода показывает, что писатели в основном реалистично отражали реалии таджикского общества. Ключевимы фигурами стали писатели творившие над подсоветской реалностью и историей, отходя от социалистического реализма к более глубокому исследованию человеческой души. Надо сказать, что жанр рассказа в начале XXI века приобрел значительные новшества в содержание и форме.

С другой стороны рассказ как один из малых жанров таджикской прозы данного периода обогатился новыми идейними, тематическими и художественными особенностями .

Ключевые слова: литература, писатель, проза, независимость, рассказ, тематика, художественный, отражение.

THE THEMES OF SHORT STORIES IN THE INDEPENDENCE PERIOD

This article is devoted to the analysis of short stories from the period of independence. The works of D. Mirzo, U. Kuhzod, and J. Akobirov are chosen as examples. Particular attention is paid to the thematic features of these stories.

It should be noted that during the years of independence, Tajik literature, and prose in particular, reached a high level of development. Numerous collections of short stories were published. The themes of the stories from this period show that writers primarily provided a realistic reflection of the realities of Tajik society. Key figures became writers who worked on post-Soviet reality and history, moving away from socialist realism toward a deeper exploration of the human soul. It must be said that at the beginning of the XXI century, the short story genre acquired significant innovations in both content and form.

On the other hand, the short story, as one of the small genres of Tajik prose of this period, was enriched with new ideological, thematic, and artistic features.

Keywords: literature, writer, prose, independence, short story, themes, artistic, reflection.

Маълумот дар бораи муаллиф: Валиева Ҳалима Субҳонқуловна**,** номзади илмҳои филологӣ, ассистенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735340, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 16. Тел: (+992) 918669645.

Сведения об авторе: Валиева Халима Субхонқуловна, кандидат филологических наук, ассистент кафедры таджикского языка Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес**:** 735340, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова 16. Тел.: (+992) 918669645.

Information about the author: Valieva Halima Subhonkulovna, candidate of philological sciences, assistant at the department of the tajik language, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735340, Republic of Tajikistan. Kulob city, Sangak Safarov street, 16 Tel: (+992) 918669645

Муқарриз: Зулфиев Г.Н., н.и.ф., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ:82:398 (075.8)
А-14

ХАЛҚИЁТ ВА НАҚШИ ОН ДАР ҒАЗАЛИЁТИ УРФИИ ШЕРОЗӢ
(дар мисоли корбурди зарбулмасалу мақол)

Муҳаммадҷони А., муаллими калон
Донишгощи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Зарбулмасал ба унвони сутуни фарҳанги мардум ва яке аз бахшҳои адабӣ ҳамеша мавриди таваҷҷуҳ ва баҳрагирии адибону шоирон қарор доштааст. Ин баҳрагириҳо ба ҳаддест, ки дар таърихи адабиёти форсу тоҷик, корбурди зарбулмасал дар осори ҷумлае аз шоирон бо ҳамроҳии тамсил ирсолулмасал аз вижагиҳои сабкии ашъори онон эътироф гардидааст.

Зарбулмасал матни кӯтоҳи ҳикматомез ва яке аз густардатарин жанрҳои хурд дар фолклори тоҷик ба шумор меравад. «Зарбулмасал матни муъҷази таърихан бавуҷудомада ва аз нигоҳи семантикию грамматикӣ устувор мебошад, ки дар он бо образҳои равшан афкори умум, ҳикмат ва таҷрибаҳои чандинасраи мардум дар контекстҳои таърихӣ-географӣ, ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва фарҳангӣ хулоса шудаанд» [4, с. 23].

Дар доираи осори насриву назмии адибон вазифаи асосии зарбулмасалҳо тасдиқи сухан мебошад. Дар нутқи гӯянда зарбулмасал на танҳо гуфторро зебову дилкаш мегардонад, ҳамчунин, онро қувват медиҳад ва тасдиқ мекунад. Ҳамин тавр тавассути зарбулмасалу мақол одамон муносибат ва мубодилаи афкор намуда, андешаҳои хешро тақвият мебахшанд.

Мазмун ва мундариҷаи зарбулмасалҳо гуногун буда, дар онҳо хислатҳои хубу бади инсон инъикос ёфтаанд. Зарбулмасалҳои форсӣ-тоҷикӣ ба таври муъҷаз панду насиҳати инсон аст, ки дар онҳо таҷрибаи шахсони донову тавоно ва умуман афроди музаррабу корозмуда ба таври ҷамъбаст ифода меёбанд.

Ҳар як зарбулмасал натиҷаи таҷрибаҳо, андешаҳо ва хулосаҳои садҳо ва ҳазорон нафар одамони донишманд ва ботаҷриба мебошад, ки дар қолаби ҷумлаву ибораҳои кӯтоҳ равон карда шуда, ба ҷомеа пешкаш карда мешавад ва ҷомеа онро бо майли худ қабул намуда, мазмун ва мундариҷаи онро тасдиқ менамояд ва дар муносибати рӯзмарра вобаста ба ҳолат мавриди истифода қарор медиҳад.

Истифода ва корбурди зарбулмасал ва ё ҳикмати таҷрибӣ ё таҷрибашуда дар нутқи хаттӣ ва гуфтор, суханро гуворотар мекунад ва ба шунаванда таъсири аҷиб мерасонад, дар баён лутфу зебоии хосса мебахшад ва суханро муассир мегардонад. Корбурди зарбулмасалу мақол дар порчаҳои шеърӣ таъсири онро боз ҳам нишонрастару дучанд мегардонад, чун зарбулмасал ҳам ба мисли шеър гунаи муъҷазу мухтасари каломи инсонӣ аст.

Зарбулмасалҳо ва тамсилҳои ҳар қавм нишонагари бисёре аз расмҳо ва андешаҳои мавриди писанди ҳамон халқият ва ё қавм аст. Чунин ба назар мерасад, ки зарбулмасалҳо дар ҳар давра мутаносибан бо тағйири аҳволи мардум ва дигаргунии равишҳои зиндагӣ ба вуҷуд омаданд ва дар даврaҳои муайян таҷассумгару мунъакискунандаи ҳолати руҳиву ахлоқии мардум будаанд. Зарбулмасалҳо то замоне ки зеҳни мардум битавонанд онҳоро дарёбанд ва бо фарҳанги умумии мардум ҳаммаром бошанду бегона набуванд корбурд доранд ва таъсиргузор хоҳанд буд.

Мусаллам аст, ки баъзе аз зарбулмасалҳои маълум дар адабиёти шифоҳӣ ҳосили андешаи зеҳни созандаву офарандаи мардуми оддӣ аст. Баъзе дигар, баръакс, маҳсули зеҳни халлоқи аҳли сухан буда, аз дурдонаҳои ашъори шоирон ва ё суханони ҳикматомӯзи бузургону ҳунармандон баргузида мешавад ва дар муносибати минбаъдаи ҷомеа, хусусан дар гуфтори халқӣ ба сифати амсоли сойир ва унсури асосӣ ва зарурии баёни андеша сабту интишор мегардад. Ҷой доштани зарбулмасал дар адабиёти шифоҳӣ шукӯҳи онро зиёда гардонида, латофату зебоии суханро таъмин намуда, ба ҷиҳати таҷрибиву ҳаётӣ будан таъсиргузории гуфтори ҷомеаро зиёда мегардонад. Он чизе, ки асоси каломи мардум ва зарбулмасалҳои халқӣ мегардад, чӣ зойидаи тафаккури халқи бузургон бошад ва чи маҳсули зеҳни худи мардум, дар

ҳақиқат, чизе аст, ки бо зиндагӣ ва андешаи онон пайванди ногусастанӣ дорад ва бахше аз одатҳои рафторӣ, гуфторӣ ва пиндорӣ (чӣ нек ё чӣ бад)-и халқ ва ё аксари мардум шудааст.

Зарбулмасал, ба ҷуз он ки сухани пандомӯз, боҳикмат, насиҳатомез, муъҷаз, машҳуру вирдизабонгашта аст, ки дар нутқ ҷиҳати тақвияти фикр ҳамчун мисол оварда мешавад, ҳамчунин, яке аз жанрҳои машҳури адабиёти гуфтории мардуми форсу тоҷик маҳсуб мешавад. Маҳфуми зарбулмасал дар байни тоҷикон бо вожаҳои ***масал, мисол, матал, мақол, нақл, қавли машоих, сухани бобоён, қавли бузургон, гуфтаи калонҳо, сухани падарон*** ва монанди ин ифода ёфтааст.

«Масал калимаи арабӣ ва муштақ аз **масал**, **ямсул, мусулан** ба маънои шабеҳ будани чизе ба чизи дигар ё ба маънои рост истода ва барпой омадааст. Решаи ибрии он «мошол» - «ماشال» (mešel), дар оромӣ «матла» - «متلا» (matla), дар ҳабашӣ «мисил» -«ምሲል» (misil) ва дар окадӣ «мишлум» - «ምሽሎም» (mešlum) аст, ки ҳамагӣ дар маънои ҳамонандӣ аст.

Калимаи **«масал»** дар фарҳангҳои форсӣ ва арабӣ (ба ҳамин тарз дар забони тоҷикӣ низ дарки он мумкин аст М.А.) ба маънои зер дарҷ шудааст:

1) монанд ва шабеҳ;
2) бурҳон ва далел;
3) мутлақи сухан ва ҳадис;
4) панд ва ибрат;
5) нишона ва аломат;
6) сухан, қисса ва достон;
7) зарбулмасал;
8) достонҳои тамсилӣ;
9) сармашқ;
10) саргузашт;
11) достонҳои ибратангез» [2, с. 19].

Вожаи **«масал»** дар китоби «Фарҳанги бузурги зарбулмасалҳои форсӣ» чунин таъриф дода шудааст: **«Масал ҷумлаест кӯтоҳ, машҳур ва гоҳ оҳангин, ҳовии андарзҳо, мазомини ҳакимона ва таҷриботи қавмӣ муштамил бар ташбеҳ, истиора ё киноя, ки ба далели равонии алфоз, равшании маъно ва содагӣ дар миёни мардум шуҳрату ривоҷ ёфта, бо тағйир ё бидуни тағйир онро ба кор мебаранд»** [2, с. 25].

Аз гузаштаи таърихи адабиёти форсу тоҷик маълум мегардад, ки корбурд ва баҳрагирии шоирон аз масал яксон набудааст. Ин масъаларо аз оғоз то кунун пайгирӣ намоем, маълум мегардад, ки дар асрҳои охир бо далели пайванди бештари адабиёт бо забон ва фарҳанги халқ корбурд ва баҳрагирӣ аз масал пуррангтар мешавад.

Аз омӯзиши паҳлуҳои сабкшиносии сабкҳои адабиёти форсу тоҷик, маълум мегардад, ки сабки ҳиндӣ, арсаи васеи берун омадани гуфтор, пиндор ва кирдори мардуми кӯчаву бозор аст. Яъне адабиёти шифоҳӣ бо тамоми зарбулмасалҳои ҷаззобу ширину дилпазираш дар шеъри шоирони ин сабк бештар мавриди корбурд қарор гирифтааст. Чунон чи сабки ҳиндиро аз он зумра медонанд, ки замини боз ҳам пуррангтар гардидану мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани амсолу масал гардидааст: «Сабки ҳиндиро метавон нуқтаи асосии корбурди масал дар адабиёти форсӣ донист, ки онро ба яке меъёрҳои санҷиши тавонмандии шоирон табдил кард ва шоирони ин давра афзун бар инъикоси амсоли ройиҷ дар ашъори худ, дар ин мавзуъ навоварӣ ва масалҳои тозае дар адаби форсӣ рӯнамоӣ карданд» [1, с. 70].

Ин нуктаро ҳам қайд кардан лозим аст, ки миёни кулли сабкҳои бузурги қудамо, яъне классикӣ, сабки ҳиндӣ дар мавриди корбурди зарбулмасалу ирсоли масал пештозтару фаъолтар аст. Дар ашъори бузургони ин равиши суханварӣ, бахусус Назирии Нишопурӣ, Урфии Шерозӣ, Калими Кошонӣ ва Соиби Табрезӣ истифода аз мақолу матал ё зарбулмасалҳои халқӣ мукаррар ба чашм мерасад ва ҳатто, чун яке аз вижагиҳои суханварӣ ё шохисаҳои сабкии шеъри онон маҳсуб мешавад.

Корбурди масал, «...хусусан дар шеъри намояндагони сабки ҳиндӣ бисёр дида мешавад. Онҳо бештар мисраи дуюми байтро ба тарзи ҳикмат ва масал меоранд, ки барои тасдиқ ва

тақвияти фикре, ки дар мисраи аввал баён ёфтааст, хизмат мекунад. Миёни аксарияти ташбеҳоти мураккаби пайравони сабки ҳиндӣ ва ирсоли масал алоқаи наздике мавҷуд аст» [3, с. 90].

Дар миёни намояндагон ва пешгомони шоирони сабки ҳиндӣ Урфии Шерозӣ аз ҷумлаи шоиронест, ки дар ашъори ӯ, махсусан ғазалиёташ, зарбулмасалҳои нағзу дилнишине мавриди корбурд қарор гирифтаанд, ки пайванди андешаашро бо адабиёти халқ ва рӯзгори худи шоир ва ҳамчунин, алоқамандиву ҳамбастагиҳоро бо фарҳанги замонҳои баъдӣ таъмин менамояд.

М.Фозилов дар иртибот бо зарбулмасалҳои китобатӣ чунин қайд кардааст: «Чунон ки адабиёти бадеӣ ду хел аст, яъне адабиёти даҳонакӣ ва адабиёти китобатӣ, зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ ҳам ду хел мебошанд: зарбулмасалу мақолҳои даҳонакӣ ва зарбулмасалу мақолҳои китобатӣ» [7, с. 3]. Вобаста ба ин метавон қайд кард, ки зарбулмасалу мақолҳои ғазалиёти Урфӣ беҳтарин намунаҳои амсоли халқӣ дар пардаи китобат ва адаб шакл гирифта мебошанд.

Яке аз хусусиятҳои барҷастаи ғазалиёти Урфӣ – ин корбурди васеи масал дар онҳост. Урфии Шерозӣ ҷиҳати он ки лутф ва ширинию расоии каломи худро зиёда бигардонад, аз масал баҳраи зиёд ҷустааст. Шеваҳои корбурди масал дар ғазалиёти Урфӣ ба тарзҳои гуногун аст. Аввалан, Урфӣ дар офариниши мазомини нав аз зарбулмасалҳои пешсохтаи дигар бузургону шоирон ва мардуми оддӣ баҳра ҷуста, дар каломи худ онро ҳамчун василаи орову тахайюл басо ҳунармандона истифода бурдааст. Сониян, Урфӣ ҷуз аз корбурди амсолу мақолҳои дар ҳаёти рӯзмарра ё забони мардуми кӯчаву бозор мустаъмал, худ низ дар офариниши мақолу масали нав саъйи болиғ карда, то он ҷо ки баъзе мақолҳо абёти ҳикматомезу дилнишини шоир ҳукми амсоли сойир ва зарбулмасалро гирифта, то кунун вирди забони мардум буда, дар ҳаёти воқеӣ мавриди корбурд ва баҳрагирӣ қарор доранд.

Урфии Шерозӣ дар каломи худ аз зарбулмасалҳое баҳра ҷустааст, ки дар зиндагии рӯзмарраи гузаштагон ва замони худи шоир корбурд доштаанд.

Тавре қаблан зикр кардем, зарбулмасалу мақолҳои халқӣ барои кӯтоҳу муъҷаз ифода намудани андешаҳои амиқу васеъ мусоидат менамоянд. Ҳусни гуфтор ва тасвири бадеиро дучанд намуда, ба сухан шевоӣ ва лаҳну таровати махсус мебахшад.

Аз ҳамин андеша бармеояд, ки Урфӣ барои ба завқи эстетикии мардум наздик намудани шеъраш, барои эътимодбахш ифодашавии матлабаш, барои рангинии баён ва зарофати суханаш аз зарбулмасалу мақолҳои халқӣ истифода бурдааст. Аммо қайди ин нукта зарур аст, ки бо он ки Урфӣ дар мавриди корбурди зарбулмасалҳову мақолҳои халқӣ бо баъзе аз суханварони сабки ҳиндӣ, амсоли Назирӣ, Калим ва Соиб (ки тамсилу ирсоли масал дар ғазалиёти онон нақши басо барҷаста дорад) муқоисанашаванда аст, вале ӯ дар мавриди корбурди ҳунармандонаи мақолу зарбулмасалҳои халқӣ саъйи балиғ карда, ҳунари қобили таваҷҷуҳе нишон додааст.

Яке аз виагиҳои корбурди мақолҳои халқӣ дар матни ғазалиёти Урфӣ – ин ба гунаи басе зебову бадеъ дар пирояи васоити гуногуни тасвир ифода кардани он аст.

Чунончи, дар байти зерини Урфӣ тавссути маҷозу киноя ва ташбеҳу истиора мақоли маъруфи мардумиро ба силики назм кашидааст:

Ишқ биншаст зи по дар раҳи ҷӯёии қурб,
Зоғи андеша ҳамон кабки хиром аст ин ҷо [9, ғаз. 55-9].

Ин зарбулмасал: «**Зоғ рафт роҳ рафтани кабкро биомӯзад, рафтори худашро ҳам фаромӯш кард»** яке аз машҳуртарин зарбулмасалҳои форсизабонон аст ва дар достонҳои зиёде низ ба кор рафтааст. Корбурди ин зарбулмасалро дар байти фавқи Урфӣ мушоҳида менамоем, ки шоир мувофиқ ба равиши сухан ва табъи худ онро ба таври моҳирона истифода мебарад.

Дар байти зер ҳам Урфӣ ҳамин мақоли халқиро истифода кардааст:

Инон аз арсаи сурат бигардон, к-андар он водӣ,
Зи зоғ омӯзад ойини равиш кабки хиромонаш [2, ғаз. 192].

Зарбулмасали мазкур ба таври зайл маънидод мегардад:

1. Ишора ба тақлиди кӯркӯрона дорад;
2. Тақлиди кӯркӯрона боис мешавад, ки инсон корҳои дурусти худро ҳам фаромӯш кунад;
3. Тақлиди иштибоҳӣ ва кӯркӯрона пушаймонӣ ба бор меоварад [5].

Чун баён намудем, ки зарбулмасали мазкур дар достонҳои зиёде мавриди корбурд қарор гирифтааст, ин ҷо барои мисол достони «Зоғ ва кабк»-ро меорем, ки асоси пайдоиши ин зарбулмасал ба ҳисоб хоҳад рафт:

«Дар марғзори зебо ва сарсабз кабке зиндагӣ мекард, ки хеле ором ва бо тамкин қадам бармедошт. Ин шакл қадам задани кабк боис шуда буд, ҳайвоноти зиёде алоқа дошта бошанд, то ин ки мисли кабк роҳ бираванд. Ба ҳамин далел рӯи шохае ба интизор менишастанд, то роҳ рафтани кабкро нигоҳ кунанд.

Дар байни парандагони алоқаманд ба роҳ рафтани кабк зоғ ҳам буд, ки муддатҳо бо шавқ ба роҳ рафтани кабк нигоҳ мекард, то ин ки як рӯз ба худ гуфт: -Магар ман аз кабк чӣ камӣ дорам? Кабк минқор дорад, ки ман ҳам дорам, кабк ду бол дорад, ки ман ҳам дорам, аз назари қаду қомат ҳам мо ба ҳам шабеҳ ҳастем. Фақат ранги парҳои мо фарқ дорад, ки ин тафовут нақше дар роҳ рафтани мо наметавонад дошта бошад. Чаро ман мисли кабк роҳ наравам?

Бо ин мақсад, зоғи ҷавон аз фардо ба дами лонаи кабк мерафт, то вақте кабк аз лона хориҷ мешавад, роҳ рафтани ӯро ба диққат зери назар бигириад, то тавонад дақиқан шабеҳи ӯ роҳ равад. Чанд рӯзе, ки гузашт, бо худ гуфт: - Ин қадар ки фикр мекардам, кори сахте набуд. Ман ҳам метавонам ба зебоии кабк роҳ биравам.

Як рӯз зоғ тасмим гирифт, ки аз он рӯз шакли кабк роҳ биравад ва ин корро ҳам кард. Зоғи нодон бо ифтихор сарашро ба тамом боло гирифт ва ба роҳ афтод ва аз назди ҳар ҳайвоне, ки мегузашт, таънае ба ӯ мегуфтанд. Тӯтӣ гуфт: - Оҳой, зоғ! Чӣ кор мекунӣ? Чизе шудааст? Чаро ин тавр роҳ меравӣ? Вале зоғ, ки аз ғурур ва рафтораш сармаст шуда буд, бе ягон таваҷҷуҳ ба ҳарфҳои тутӣ ба роҳ рафтанаш идома дод.

Зоғ худаш эҳсос мекард, ки ба хубӣ наметавонад роҳ биравад ва мувозинаташро нигоҳ дорад. Вале медид ҳамаи ҳайвонот мутааҷҷиб шудаанд ва бо ангушт ӯро ба якдигар нишон медиҳанд ва механданд, лаззат мебурд. Ӯ фикр мекард, онҳо аз зебоии роҳ рафтани як зоғ тааҷҷуб кардаанд.

Каме пештар рафт, ҷуғди доно, ки дар рӯи шохае дар ҳоли чурт задан буд, садои хандаву қаҳқаҳаи ҳайвонот ва парандагонро шунид. Чашмонашро боз кард, ӯ ҳам аз дидани зоғ, ки сайъ мекард шабеҳи кабк роҳ равад, хандааш гирифт. Зоғро садо карду гуфт: - Зоғ! Чӣ кор мекунӣ? Баъд аз як умр роҳ рафтану парвоз кардан, ҳоло мехоҳӣ худатро шабеҳи парандагони дигар бикунӣ! Зоғ, ки ҳамзамон ҳам роҳ мерафт ва ҳам ҳарфҳои чуғдро гӯш мекард, ногаҳон пойҳояш печ хӯрд ва афтод рӯи замин, садои дастаҷамъии ҳайвонот баланд шуд.

Зоғ хиҷолатзада шуд ва хост худашро ҷамъу ҷӯр кунад ва ба шеваи роҳ рафтани худ ба роҳаш идома диҳад, дид, ки наметавонад. Зоғ он қадар ин чанд рӯз диқат карда буд, ки дақиқан мисли кабк роҳ биравад, ҳоло ки замин хӯрда ва пояш дард гирифта буд, дигар ҳатто қодир набуд бар таври худаш ҳам роҳ равад. Ин бор ҳайвонот ва парандагоне, ки то он лаҳза аз рӯи тавоноии аҷиби зоғ ба ӯ нигоҳ мекарданд ва механдиданд, тааҷҷуб карданд, ки ӯ дигар наметавонад ба хубӣ ба сабки худаш роҳ биравад, ки ҷуғди доно гуфт: - Аҷаб зоғи нодоне! Омадӣ, роҳ рафтани кабкро ёд бигирӣ, роҳ рафтани худат ҳам аз ёдат рафт» [5].

Яъне аз ин ҳодиса ба баъд, нисбат ба ҳар касе, ки тақлид мекунад ва мехоҳад ба монанди дигарон рафтор кунад, вале шеваи дурусти зиндагии худашро ҳам аз ёд мебарад, мегӯянд: «**Зоғ рафт роҳ рафтани кабкро биомӯзад, рафтори худашро ҳам фаромӯш кард**».

Аз гуфтаи боло чунин хулоса баровардан зарур аст, ки дар вуҷуди ҳар кас истеъдодҳое ниҳон аст, то ин ки инсон он истеъдодҳоро парвариш диҳад ва аз онҳо дуруст истифода бараду зиндагии худро бисозад, на ин ки истеъдодҳои хешро нодида гирифта, бо истеъдодҳои дигарон муқоиса карда, аз тақлиди кӯркӯрона, ки ба ҷуз пушаймонӣ натиҷаи дигаре бор надиҳад, кор бигирад.

Яке аз василаҳои корбурди мақолу зарбулмасалҳои халқӣ дар матни ғазалиёти Урфӣ – ин бо тахайюли шоирона рабт додани он аст, ки бо ин роҳ афкори баланди ҳикматомези шоир бо суханони халқӣ омезиш пайдо карда, мавқеи зебоеро дар шакли каломи мавзун мунъакис месозанд. Чунончи дар байти зер мақоли **«Об аз сар гузаштан»** басо ҳунармандона истифода гардидааст:

Шодӣ ба дастгириям омад, маро наёфт,
Сад найза оби ғам си сари ман гузаштааст. [9, ғаз. 102-5].

«Сад найза оби ғам аз сари ман гузаштааст» дар байти боло ҳаммонанди гуфтаҳои халқии «Об, ки аз сар гузашт, чӣ як газ, чӣ сад газ, чӣ як най, чӣ сад най», «Об, ки аз сар гузашт, чӣ як ман чӣ сад ман» буда, онро метавон ба ин маъниҳо истиқбол кард:

1. Шахсе, ки дар доми мушкилоти сахт гирифтор мешавад, барояш дигар фарқе надорад, ки гирифторӣ ба мушкилот кам бошад ё зиёд;

2. Аз сар, ки бигзарад, инсон ғарқ мешаваду мемирад. Ба ҳамин далел, он об чӣ як вақаб гузашта бошад, чӣ сад вақаб, дигар ҷони гирифташуда баргардонида намешавад. Зарбулмасал дар ин ҷо киноя бар ин маънист, ки дигар талош суд надорад;

3. Об, ки аз сар гузашт, киноя аз қатъи умед аз ҳар чизе мебошад [6].

Ба хотири фаҳмо гардидан ва дарки мафоҳими дар боло зикргардида, корбурди зарбулмасали мазкурро дар ҳикояи зер мушоҳида менамоем:

«Дар замонҳои гузашта дар Ҷайҳун сармои сахте буд. Говчароне ҳам дар ҳамин айём говмешҳои худро аз рӯди Ҷайҳун мегузаронад. Ба далели туғён об дар рӯд нисбат ба рӯзҳои қаблӣ зиёд гардида буд. Говчарон чун як-як говмешҳои худро аз об гузаронд, ба говмеши пири худ расид ва хост ӯро зи Ҷайҳун бигзаронад, ба дохили об рафт ва чун об аз сараш бештар шуд, ба роҳи худ дар умқи поёнтари рӯд идома дод.

Шахсе ба ӯ гуфт: - Эй мард, об, ки аз сар гузашт чаро ба роҳат идома додӣ?

Говчарон гуфт: - Дар фасли сармо дар Ҷайҳун об, ки аз сар гузашт чӣ ба саре, чӣ ба вақабе» [6]. Ин сухан имрӯз миёни мардум дар гунаи «Об, ки аз сар гузашт, чӣ як вақаб чӣ сад вақаб» шуҳрат пайдо кардааст.

Дар доираи як мақола, ки он ҳам ҳамагӣ чанд саҳфаро дар бар мегирад, имкони ба тафсил баён намудани андеша дар робита ба корбурди зарбулмасалҳо дар ғазалиёти шоир ва овардани достон ва ё гуфторе доир ба масалҳои овардашуда имкон даст намедиҳад. Аз ин рӯ, дар зер бо овардани намунаи масал ва нишон додани он дар абёти ғазалиёти шоир иктифо мекунем. Чунончи:

«Чанор ва оташ». Чунин гуфтаанд, ки чанор вақте пир шавад, аз даруни худ оташ мегирад ва худро месӯзад. Монанди **«Оташи чанор аз чанор аст»**, ба монанди **«Дарахтро аз дохилаш кирм мехӯрад»**. Корбурди ин мафҳуми халқиро дар ашъори Урфӣ мушоҳида менамоем:

Чунин ки нола зи дил ҷӯшаду нафас назанем,
Ачаб мадор, гар оташ бароварам чу чанор [10, ғаз. 119].

«Кулоҳ ба осмон андохтан» - киноя аз шодмонии зиёд аст. Лаҳазоти шодиву хурсандӣ аз беҳтарин даврони зиндагии инсоният дониста мешаванд. Шахс дар ҳолатҳои шодмонӣ ва масрурӣ гоҳе кулоҳро ба осмон меандозад. Ин маънӣ дар мисоли зерин истифода гардидааст:

Дар ин хуҷаста замон к-аз нишот омадант,
Қазо либоси тараб дар бари замон андохт.
Кирост ғам зи чунин остон, ки аз шодӣ,
Кулоҳро натавонад ба осмон андохт. [10, ғаз. 466].

«Чоҳкан зери чоҳ». Ин мақоли қадими халқӣ аст, ки басо маъруфу забонзад низ ҳаст. Маъниаш низ машҳур аст: касе, ки мехоҳад ё дар пай аст дигаронро бар мушкилот гирифтор созад, худ дучори он хоҳад гашт. Дар ғазалиёти Урфӣ ин мақол бо гунаҳои зиёд ба чашм мерасад. Чунончи:

Касе, ки чоҳи маломат ба роҳи мо меканад,
Ба ресмони худ акнун фитода дар чоҳи мост [9, ғаз. 84-2].

Ё ин ки:

Он кас, ки инон тохт зи мо гумраҳ шуд,
Он кас, ки инон супурд корогаҳ шуд.
Юсуф ба дар оварду Зулайхо гардид,
Ҳар кас, ки ба ресмони мо дар чаҳ шуд [9, ғаз. 5].

«Дар пӯсти худ нағунҷидан».

Одамият бар асари эҳсосот ё ғалабаи ҳис дар ҳолати ниҳояти шодиву масрурӣ нисбат ба лаҳзаҳои муқаррарии ҳаёт бекарортару серҳаракаттар мешавад, ки ин ҳолатро ба таври дигар **«Дар пӯсти худ нағунҷидан»** низ ном мебаранд, ки маънои бисёр шод буданро ифода менамояд. Ин маънӣ дар байти зерини Урфӣ басо ҳунармандона корбурд шудааст, зеро шоир онро бо ду вожа «ҷома» (-и булҳавас) ва «кафан» (-и ошиқ) рабт дода, бад-онҳо эҳсоси ниҳоят шодиро ба силки тасвир кашидааст:

Булҳавас дар ҷомаву ошиқ нағунҷад дар кафан,
Гар насиме ояду гӯяд, ки дорам бӯи дӯст. [9, ғаз.124-7].

«Кабки касе хурус хондан». Муодили он дар забони тоҷикӣ **«Оби дари хона лой аст»** мебошад. Чунончи, дар мисоли зер ҳамин маънӣ истифода гардидааст:

Гаҳ кабки дили мо назанад қаҳқаҳаи шавқ,
Маъзур ҳамин дор, ки дар чанги уқоб аст. [9, ғаз.108-6].

«Гарде зи ҷо нарафт» - муодили мақоли имрӯзи «Об аз об такон нахӯрад»:

Сад сели фитна омаду гарде зи ҷо нарафт,
Қасри муроди мост, ки мавқуфи як нам аст. [9, ғаз. 110-3].

«Мор дар остин парварондан». Чунончи:

Касе, ки дарзада бар домани хилофаш даст,
Ба хосият шуда ҳар мӯр дар остинаш мор [10, ғаз. 129].

«Меҳнатзадаро воқеаи неш кафоф аст». Монанди «Моргазида аз ресмони сиёҳ ва сафед метарсад».

Урфӣ ба раҳи тафриба з-ин пас нанишинад,
Меҳнатзадаро воқеаи неш кафоф аст [9, ғаз.164-6].

«Мавқуфи як нам аст» монанди «Ба мӯе банд аст». Чунончи:

Сад сели фитна омаду гарде зи ҷо нарафт,
Қасри муроди мост, ки мавқуфи як нам аст [9, ғаз.110-3].

«**Найсон шинондаам ба ясору ямини хеш**» ба маънои «Дасти чап аз рост нашинохтан ё шинохтан», «Хубро аз бад ташхис надодан», «Дар кори худ оҷиз мондан»:

Аз ёд бурдаам равиши меҳру кини хеш,
Найсон шинондаам ба ясору ямини хеш [9, ғаз. 595-1].

«**Ҳар чи пеш оядам, аз ҳодисаи фаррухфолӣ аст**» ба маънои «Ҳар чи пеш ояд, хуш ояд»:

Дам ба дам фол чӣ гириям, ки чӣ ояд пеш,
Ҳар чи пеш оядам, аз ҳодисаи фаррухфолӣ аст. [9, ғаз. 200-5].

Суханони Урфӣ ба муҷиби маъруфият касб кардан ва забонзади хоссу ом гардиданашон, баъзан ҳукми зарбулмасалро гирифта, то кунун дар забони мардум мавриди корбурд ва баҳрагирӣ қарор доранд. Ҷиҳати мудаллал гаштани ин даъвӣ намунаҳои зерро ба хонандаи гиромӣ метавон пешниҳод кард, ки ба муҷиби интишори васеи хеш мини халқ чун амсоли сойир ё мақоли халқ истифода мешавад:

«**Остини шакаролуд магасрон нашавад**». Ин зарбулмасал ҳосили андешаи шоир аст:

Вазъи ман гардфишонандаи исён нашавад,
Остини шакаролуд магасрон нашавад [9, ғаз. 468-1].

«**То реша дар об аст, умеди самаре ҳаст**». Зарбулмасали мазкур, ки дар миёни мардум ниҳоят васеъ паҳн гардида, мавриди корбурди зиёд қарор дорад, аз маҳсули зеҳни тезгир ва ихтирои завқи шоир аст:

Гар нахли вафо бар надиҳад, чашми таре ҳаст,
То реша дар об аст, умеди самаре ҳаст [9, ғаз.151-1].

«Дасти кӯтаҳу шохи баланд доми балост». Ин зарбулмасал ибдои зеҳни халлоқонаи Урфист:

Ба мевае, ки расад даст, умедворам кун,
Ки дасти кӯтаҳу шохи баланд доми балост [9, ғаз.88-5].

Ё ин ки дар ҷои дигар:

Зи боғи васл чӣ ҳосил, дило тасаввур кун,
Ки мева дар шох асту дасти чидан нест [9, ғаз. 165-4].

«Гург ва шубон» ба аҳли назар мусаллам аст, ки «шубон» шакли арабишудаи калимаи «чӯпон» аст. Ин масал сохтаи зеҳни Урфист:

Мардум ҳакими сурату Фиръавн сиратанд,
Урфӣ, ту гург шав, агар инон шубон шаванд. [9, ғаз. 507-12].

Дар интиҳо баён менамоем, ки мундариҷаи зарбулмасалу мақолҳои истифодабурдаи Урфӣ гуногун аст. Шоир пеш аз ҳама ҷиҳати маърифатию тарбиявии онҳоро дар назар гирифта, онҳоро ба таври моҳирона ба мавзуи умумии эҷодиёташ ҳамоҳанг намудааст. Бинобар ин ҳар як зарбулмасалро ба мизони шууру фаҳмиши ақлониаш мувофиқ, намуда, барои инъикоси назару андешаҳои шахсии худ ва дар бештарин маврид барои ифодаи мазмунҳои марбут ба ҳаёти воқеии ҷомеа ва тарбияи инсони комил истифода намудааст.

Тавре таъкид гардид, дар ашъори Урфӣ миқдори зарбулмасалу мақолҳои халқӣ нисбат ба шоирони дигари ин сабк камтар ба назар мерасад. Вале миқдори ками он ҳам ба он далолат мекунад, ки зарбулмасалу мақолҳои мавриди корбурд қарордодаи Урфӣ ҳанӯз дар замони худи шоир миёни мардум мавриди истифода қарор доштаанд. Нуқтаи ҷолиб ин аст, ки зарбулмасалҳои истифодабурдаи шоир ҳанӯз ҳам дар байни мардуми форсу тоҷик даркшавандаву зинда буда, мавриди истифода низ қарор доранд. Чунончи, зарбулмасалҳои «То реша дар об аст, умеди самаре ҳаст», «Моргазида аз ресмони ало метарсад», «Чӯбро аз даруни худаш кирм мехӯрад», «Аз мост, ки бар мост» ва амсоли инҳо аз ҳамин қабиланд.

Маврид ба таъкид аст, ки зарбулмасалу мақолҳои бакорбурдаи Урфӣ ҳам дар осори гузаштагони мо, аз он ҷумла дар маҷмуаи зарбулмасалҳои тоҷикӣ мавҷуданд. Яъне шоир ҳамин хазинаи пурғановати адабиёти шифоҳии халқро ба сабку услуби хосси худ мувофиқ намуда, аз онҳо баҳра ҷустааст.

Ӯ бо ин усул, яъне эҷодкорона баҳрабардорӣ аз забони халқ ва рушду такомули минбаъдаи он, дар зиндаву ҷовид гардонидани зарбулмасалу мақолҳои форсӣ-тоҷикӣ саҳм гузоштааст. Маҳз ҳамин махусияти сабки шоир боис гардидааст, ки паҳлуҳои гуногуни эҷодиёти ӯ бо гузашти вақтҳо диққати аҳли наззар ва пажӯҳишгарону муҳаққиқонро ба худ ҷалб намояд.

Адабиёт:

1. Зулфиқорӣ, Ҳасан, Саидмаҳдӣ, Таботабоӣ. Корбурди зарбулмасалҳои форсӣ дар ғазалиёти Бедил / Ҳасан Зулфиқорӣ// Маҷаллаи Адаби форсӣ (Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонӣ, Донишгоҳи Теҳрон), давраи 5, шумораи 2/16, поиз ва зимистон 1394. Саҳ. 57-76

2. Зулфиқорӣ, Ҳасан. Фарҳанги бузурги зарбулмасалҳои форсӣ/ Ҳасан Зулфиқорӣ.- Теҳрон: Муайян. 1388. Ҷилди 1.- 1335 саҳ.

3. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан // Турақул Зеҳнӣ/.- Душанбе:- Маориф. 1992.-304 саҳ.

4. Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон / Мураттиб: Д. Раҳимов; муҳаррир Ш.Комилзода. – Душанбе: Эр-Граф, 2017. - 280 с.

5. Маънии зарбулмасали «Зоғ (калоғ) ва кабк». сомонаи электронӣ http://www.daneshchi.ir

6. Маънии зарбулмасали «Об аз сар гузаштан». сомонаи электронӣ http://www.daneshchi.ir

7. Фозилов, М. Фарҳанги Зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ. // М. Фозилов/.-Душанбе: «Ирфон». Ҷилди 1, 1976.- 371 саҳ.

8. Шерозӣ, Урфӣ. Девони ашъор. Шомили рисоляи «Нафсия», қасоид, тарҷеъбанд, таркиббанд, ғазалит, рубоиёт, соқинома, маснавиёт ба кӯшиши Ҷавоҳириӣ Ваҷидӣ. Чопи севум. Урфии Шерозӣ.- Теҳрон: Саноӣ: 1369.- 503 саҳ.

9. Шерозӣ, Урфӣ. Куллиёт/ Ба кӯшиш ва тасҳеҳи Муҳаммад Валиюлҳақи Ансорӣ (муштамил бар қасидаҳо, таркиббандҳо, тарҷеъбандҳо, қитъаот, бар асоси нусхаҳои Абулқосими Сироҷои Исфаҳонӣ ва Муҳаммадсодиқи Нозими Табрезӣ). - Дар се муҷаллад. – Ҷ. 1. - Теҳрон: 1378.- 1014 саҳ.

10. Шерозӣ, Урфӣ. Куллиёт. Ба кӯшиш ва тасҳеҳи Муҳаммад Валиюлҳақи Ансорӣ (муштамил бар қасидаҳо, таркиббандҳо, тарҷеъбандҳо, қитъаот, бар асоси нусхаҳои Абулқосими Сироҷои Исфаҳонӣ ва Муҳаммадсодиқи Нозими Табрезӣ) / Урфии Шерозӣ. - Дар се муҷаллад. – Ҷ. 2. - Теҳрон: 1377.- 881саҳ.

ХАЛҚИЁТ ВА НАҚШИ ОН ДАР ҒАЗАЛИЁТИ УРФИИ ШЕРОЗӢ
(дар мисоли корбурди зарбулмасалу мақол)

Мақолаи мазкур ба баррасии ҷойгоҳи халқиёт ва нақши зарбулмасалу мақолҳо дар ғазалиёти Урфии Шерозӣ, яке аз пешгомони машҳури сабки ҳиндӣ, ихтисос ёфтааст. Муаллиф нахуст моҳияти семантикию грамматикии зарбулмасалро ҳамчун сутуни фарҳанги шифоҳии мардум ва василаи тақвияту зебоии сухан таҳлил намуда, хусусиятҳои сабки ҳиндиро дар заминаи омезиши адабиёти китобатӣ бо гуфтори кӯчаву бозор нишон медиҳад. Дар мақола собит мегардад, ки Урфии Шерозӣ бо вуҷуди камтар будани теъдоди амсоли халқӣ дар ашъораш нисбат ба ҳамзамононии худ, ин унсурҳоро бо тахайюли шоирона ва санъатҳои бадеӣ, аз ҷумла тамсилу киноя, басо ҳунармандона ва муассир ба кор бурдааст.

Дар бахши дигари мақола шеваҳои гуногуни корбурди мазмунҳои фолклорӣ дар ғазалиёти шоир тавассути овардани намунаҳои мушаххаси шеърӣ ва шарҳи ривоятҳои таърихии онҳо (ба монанди дастони «Зоғ ва кабк» ё масали «Об аз сар гузаштан») мавриди пажӯҳиш қарор мегиранд. Таъкид мешавад, ки Урфӣ на танҳо аз хазинаи гаронбаҳои амсоли сойири гузаштагон истифода кардааст, балки худи ӯ низ бо зеҳни халлоқи хеш абёти ҳикматомезе (ба мисли «То реша дар об аст, умеди самаре ҳаст») эҷод намудааст, ки бо гузашти асрҳо ҳукми зарбулмасали зиндаи халқиро гирифтаанд. Муаллиф хулоса мекунад, ки ин тарзи баҳрабардории эҷодкорона аз забони ҷомеа, боиси ҳаёти ҷовидонаи осори Урфӣ ва ҳифзи фарҳанги умумии мардуми форсу тоҷик гардидааст.

Калидвожаҳо: Урфии Шерозӣ, ғазал, халқиёт (фолклор), зарбулмасалу мақол, сабки ҳиндӣ, ирсоли масал, тамсил, адабиёти шифоҳӣ, ҳикмати мардумӣ, тақлиди кӯркӯрона, таъсири калом

НАРОДНОЕ ТВОРЧЕСТВО И ЕГО РОЛЬ В ГАЗЕЛЬНОЙ ПОЭЗИИ УРФИ ШЕРОЗИ
(на примере использования пословиц и поговорок)

Настоящая статья посвящена исследованию места фольклора и роли пословиц и поговорок в газельной поэзии Урфи Ширази - одного из известных представителей индийского стиля в персидско-таджикской литературе. Автор прежде всего анализирует семантическую и грамматическую сущность пословиц как основы народной устной культуры и средства усиления выразительности и художественной красоты речи, а также раскрывает особенности индийского стиля в контексте синтеза книжной литературы с живой разговорной речью улицы и базара. В статье доказывается, что Урфи Ширази, несмотря на сравнительно меньшее количество народных пословиц в своих произведениях по сравнению с современниками, использовал эти элементы чрезвычайно мастерски и эффективно, обогащая их поэтическим воображением и художественными приёмами, в частности аллегорией и иносказанием.

В другой части статьи рассматриваются различные способы использования фольклорных мотивов в газелях поэта посредством анализа конкретных поэтических примеров и толкования связанных с ними исторических преданий (таких как история «Ворон и куропатка» или пословица «Вода дошла выше головы»). Подчёркивается, что Урфи не только обращался к богатому наследию пословиц и изречений предшественников, но и сам создавал мудрые афористичные стихи (например: *«Пока корень в воде, есть надежда на плод»*), которые с течением времени приобрели статус живых народных пословиц. Автор приходит к выводу, что именно такой творческий подход к использованию языка общества обеспечил бессмертие произведений Урфи и способствовал сохранению общей культурной традиции персоязычных и таджикских народов.

Ключевые слова: Урфи Ширази, газель, фольклор, пословицы и поговорки, индийский стиль, использование пословиц, аллегория, устная литература, народная мудрость, слепое подражание, воздействие слова.

FOLKLORE AND ITS ROLE IN THE GHAZAL POETRY OF URFI SHEROZI (based on the Use of Proverbs and Sayings)

This article is devoted to examining the place of folklore and the role of proverbs and sayings in the ghazal poetry of Urfi Shirazi, one of the prominent representatives of the Indian style in Persian-Tajik literature. The author first analyzes the semantic and grammatical nature of proverbs as a cornerstone of oral folk culture and as a means of enhancing the expressiveness and aesthetic beauty of speech, while also highlighting the characteristics of the Indian style through the integration of written literature with the colloquial language of everyday life and marketplaces. The article demonstrates that although Urfi Shirazi employed fewer folk proverbs in his poetry compared to some of his contemporaries, he incorporated these elements with remarkable artistry and effectiveness, enriching them through poetic imagination and literary devices such as allegory and figurative expression.

Another section of the article explores various methods of employing folkloric motifs in the poet's ghazals through the analysis of specific poetic examples and the interpretation of their historical narratives (such as the tale of *"The Crow and the Partridge"* or the proverb *"The water has risen above one's head"*). It is emphasized that Urfi not only drew upon the rich treasury of proverbial wisdom inherited from earlier generations but also created his own aphoristic verses (for example: *"As long as the root remains in water, there is hope for fruit"*), which over the centuries have attained the status of living folk proverbs. The author concludes that this creative use of the language of society contributed to the enduring vitality of Urfi's works and to the preservation of the shared cultural heritage of Persian and Tajik peoples.

Keywords: Urfi Shirazi, ghazal, folklore, proverbs and sayings, Indian style, proverbial expression, allegory, oral literature, folk wisdom, blind imitation, rhetorical influence.

Маълумот оид ба муаллиф: Муҳаммаҷони Абдулвоҳид, муаллими калони кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров, 16.Телефон (+992) 988123234

Сведения об авторе: Мухаммаджон Абдулвохид, старший преподаватель кафедры таджикской литературы Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. Телефон (+992) 988123234

Information about the author: Muhammadjon Abdulvohid, senior lecturer, department of tajik literature, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan. Kulob city, Sangak Safarov street, 16 Phone (+992) 988123234

Муқарриз: Шамшоди Ҷ., д.ф. (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси филология, дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

УДК:82, 91

ЭВОЛЮЦИЯ ВОСПРИЯТИЯ РУССКОЙ КУЛЬТУРЫ В ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ: ОТ СОВЕТСКОЙ ЭПОХИ К НЕЗАВИСИМОСТИ

Бобохонова Ф.Р., ассистент
Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана

Взаимодействие русской и таджикской культур представляет собой сложный трудоёмкий и многоплановый процесс, отражённый в художественной литературе XX–XXI веков. Особое значение приобретает анализ трансформации восприятия и созерцание русской культуры в таджикской литературе — от идеологически обусловленного образа в советскую эпоху к более многогранному, критически осмысленному и национально ориентированному восприятию в период независимости.

Актуальность темы обусловлена, детерминировано необходимостью переосмысления культурных связей в постсоветском пространстве, а также выявления роли русской культуры в формировании таджикской литературной традиции. Как отмечает исследователь, «литература становится пространством диалога культур, где отражаются не только идеологические установки, но и глубинные изменения национального самосознания» [3, с. 42].

Целью данной статьи является анализ и исследование эволюции образа русской культуры в таджикской литературе в исторической динамике. Русская культура в таджикской литературе советского периода: это идеологическая модель восприятия. В советский период восприятие русской культуры в таджикской литературе формировалось под влиянием официальной идеологии. Русская культура рассматривалась как носитель прогресса, модернизации и социалистических ценностей. Она выступала своего рода эталоном культурного развития.

Таджикские писатели часто изображали русскую культуру через призму просвещения, образования и социальной справедливости. В произведениях этого времени русский язык и литература символизировали доступ к знаниям и цивилизации. Так, в литературе подчеркивалась мысль о том, что «русская культура открывает путь к новому миру, где человек становится творцом своей судьбы» [11, с. 113].

Особое место занимал образ русского учителя, инженера, врача — представителей культуры, которые способствовали развитию таджикского общества. В этом контексте русская культура воспринималась как миссия, направленная на преобразование традиционного уклада жизни.

Однако данное восприятие носило во многом односторонний характер. Оно было лишено критического анализа и отражало идеологические установки времени. Как справедливо отмечает один из исследователей: «образ русской культуры в литературе советского периода был идеализирован и выполнял функцию культурного ориентира» [9, с. 57]. Художественные особенности репрезентации русской культуры в советской литературе очень многогранны.

В художественном плане русская культура в таджикской литературе советского периода представала через устойчивые образы и символы. Среди них — школа, книга, город, индустриализация.

Русская литература также активно интегрировалась в таджикский литературный процесс. Переводы произведений русских классиков оказывали значительное влияние на формирование художественного мышления таджикских авторов. В этом контексте подчеркивалось, что «знакомство с русской литературой расширило эстетические горизонты таджикских писателей» [10, с. 89]. Нередко русская культура становилась фоном для раскрытия внутреннего роста и духовного развития таджикского героя. Она выступала не только как внешняя сила, как фактор но и как внутренний импульс к развитию.

Тем не менее, следует отметить, что в большинстве случаев взаимодействие культур изображалось как гармоничное и бесконфликтное, что соответствовало идеологической модели «дружбы народов». Переходный период: переосмысление культурных ориентиров (конец 1980-х — 1990-е годы).

Период перестройки и распада Советского Союза стал поворотным моментом в восприятии русской культуры. В литературе начинается процесс переоценки прежних ценностей и идеологических установок. Русская культура перестает восприниматься исключительно как символ прогресса. На первый план выходит осмысление сложных и противоречивых аспектов культурного взаимодействия. Как отмечается в одном из исследований, «переходный период ознаменовался утратой прежних идеалов и поиском новой культурной идентичности» [2, с. 24]. В произведениях этого времени появляются мотивы сомнения, утраты и ностальгии. Русская культура начинает восприниматься как часть прошлого, связанного с определённой эпохой.

Для более глубокого понимания эволюции восприятия русской культуры в таджикской литературе целесообразно рассмотреть данный процесс в сравнительном контексте с литературой других стран Центральной Азии. Такой подход позволяет выявить как общие закономерности, обусловленные советским историко-культурным пространством, так и специфические национальные особенности.

В советский период литературы республик Центральной Азии развивались в рамках единой идеологической парадигмы. В таджикской, узбекской и казахской литературах русская культура выступала как символ модернизации, прогресса и социалистического будущего. Во всех этих традициях наблюдается сходная тенденция — изображение русской культуры как источника знаний, образования и новых социальных отношений.

Однако в таджикской литературе данное восприятие имело более выраженный гуманитарный, культурный и духовный аспект. В отличие от, например, казахской литературы, где акцент чаще делался на индустриализацию и освоение новых территорий, таджикские авторы чаще подчеркивали культурно-просветительскую миссию. Как отмечается в исследовании, «в таджикской литературе русская культура воспринималась прежде-всего как носитель образования и нравственных ценностей» [10, с. 73].

В узбекской литературе, в свою очередь, наблюдается более прагматический подход к восприятию русской культуры. Она нередко ассоциировалась с административной системой, государственным управлением и социальной мобильностью. В этом контексте подчеркивалось, что «русская культура открывала возможности для включения в общесоюзное пространство» [5, с. 54].

Переходный период 1990-х годов во всех рассматриваемых литературах характеризуется схожими процессами — переоценкой прежних идеалов и поиском национальной идентичности. Однако интенсивность и характер этих процессов различались.

В таджикской литературе данный этап осложнялся социально-политическими потрясениями, что усилило мотивы утраты и ностальгии. Русская культура в этот период часто осмысливается через призму личного опыта и исторической памяти. Один из авторов пишет: «мы потеряли не только государство, но и привычную культурную опору» [16, с. 81].

В казахской литературе переходный период сопровождался более активным поиском национальных корней и возрождением традиций кочевой культуры. Русская культура при этом сохраняла значимое, но более дистанцированное положение. В узбекской литературе наблюдалось стремление к синтезу национального и советского наследия.

В период независимости различия становятся ещё более заметными. Таджикская литература демонстрирует стремление к диалогическому взаимодействию культур. Русская культура рассматривается как важная часть исторического опыта, но уже не занимает центрального положения.

В казахской литературе усиливается акцент на глобализацию и интеграцию в мировое культурное пространство, где русская культура становится лишь одним из

элементов. В узбекской литературе прослеживается тенденция к укреплению национальной самобытности при сохранении определённого культурного диалога.

Сравнительный анализ показывает, что, несмотря на общую историческую основу, каждая национальная литература выработала собственную модель восприятия русской культуры. В таджикской литературе эта модель отличается большей эмоциональной глубиной и вниманием к внутреннему миру героя. Как справедливо отмечается, «сравнение литературных процессов позволяет увидеть не только общность исторического опыта, но и уникальность национальных путей развития» [8, с. 60].

Таким образом, сопоставление таджикской литературы с другими центрально азиатскими традициями позволяет более полно раскрыть специфику эволюции восприятия русской культуры и подчеркнуть её многогранный характер. Язык, перевод и культурное посредничество: роль русской словесности в трансформации таджикской литературной традиции.

Одним из ключевых аспектов эволюции восприятия русской культуры в таджикской литературе является проблема языка и перевода как форм культурного посредничества. Именно через язык осуществляется не только передача художественных смыслов, но и формирование новых эстетических ориентиров, моделей мышления и способов интерпретации реальности.

В советский период русский язык выполнял функцию межнационального общения и одновременно являлся инструментом приобщения к широкому культурному пространству. Через перевод произведений русской литературы таджикские читатели и писатели знакомились с новыми жанрами, стилями и художественными методами. Как отмечается в исследовании, «перевод стал важнейшим каналом культурного взаимодействия, обеспечивающим включение национальных литератур в общесоюзный процесс» [3, с. 102].

Особую роль сыграли переводы произведений русских классиков, которые способствовали формированию литературного вкуса и художественного мышления таджикских авторов. Влияние русской словесности проявлялось не только на уровне тематики, но и в структуре повествования, системе образов и жанровых предпочтениях. В этой связи подчеркивается, что «русская литература стала своеобразной школой художественного мастерства для многих национальных писателей» [9, с. 64].

Вместе с тем процесс перевода не был односторонним. Таджикские писатели активно адаптировали заимствованные элементы, придавая им национальную окраску. Это свидетельствует о творческом характере взаимодействия культур. Один из исследователей отмечает: «перевод в национальной литературе всегда является актом интерпретации, а не простого воспроизведения» [7, с. 58].

В переходный период конца XX века роль русского языка и перевода претерпевает существенные изменения. Ослабление идеологического контроля приводит к расширению тематического и стилистического диапазона переводной литературы. Появляется возможность более свободного выбора произведений и интерпретаций.

Однако одновременно возникает проблема языковой идентичности. В условиях независимости усиливается внимание к развитию таджикского языка как основного носителя национальной культуры. В этом контексте русский язык начинает восприниматься неоднозначно. С одной стороны, он сохраняет значение средства межкультурной коммуникации, с другой — вызывает дискуссии о его роли в национальной литературе.

Как отмечается, «языковая ситуация постсоветского периода характеризуется поиском баланса между сохранением национального языка и использованием русского как средства культурного обмена» [17, с. 39].

В современной таджикской литературе наблюдается тенденция к многоязычию и культурной гибкости. Русский язык продолжает использоваться как инструмент расширения аудитории и выхода на международный уровень. При этом усиливается роль таджикского языка как основного средства художественного выражения.

Особый интерес представляет феномен билингвизма, когда авторы создают произведения на двух языках или активно используют элементы разных языковых систем в одном тексте. Это явление отражает сложную структуру культурной идентичности современного писателя. В научной литературе подчёркивается: «билингвизм становится не только языковым, но и культурным явлением, формирующим новые формы художественного мышления» [13, с. 108].

Следует также отметить роль переводчиков как посредников между культурами. Их деятельность способствует не только распространению литературных произведений, но и формированию культурного диалога. Переводчик в данном контексте выступает как интерпретатор, от которого зависит восприятие текста в другой культурной среде. Один из исследователей справедливо замечает: «переводчик не просто передаёт текст, он создаёт новый культурный смысл, адаптированный к восприятию другой аудитории» [6, с. 156].

Важным аспектом является также изменение читательской аудитории. В советский период русскоязычная литература имела широкое распространение, тогда как в постсоветское время наблюдается дифференциация читательских интересов. Это влияет на выбор языка и формы произведений.

Современные авторы всё чаще ориентируются на многоуровневую аудиторию, что требует гибкости в использовании языковых средств. В этом контексте русский язык становится одним из инструментов расширения культурного пространства.

Таким образом, язык и перевод играют ключевую роль в эволюции восприятия русской культуры в таджикской литературе. Они выступают не только как средства передачи информации, но и как механизмы формирования культурной идентичности и художественного мышления.

Подводя итог, можно утверждать, что «процесс культурного взаимодействия невозможен без языкового посредничества, которое определяет глубину и характер восприятия другой культуры» [10, с. 61].

Данная глава позволяет дополнить общее представление о трансформации восприятия русской культуры, акцентируя внимание на языковом измерении этого процесса. Она показывает, что переход от идеологической модели к диалогической сопровождается не только изменением содержания, но и трансформацией языковых и переводческих практик, что является важным показателем зрелости национальной литературы. Вместе с тем сохраняется уважение к её достижениям. Один из авторов пишет: «мы не можем отрицать значение русской культуры, но должны осмыслить её место в нашей собственной истории» [13, с. 67]. С обретением независимости Таджикистана начинается новый этап в развитии литературы. Восприятие русской культуры становится более сложным и многослойным.

Теперь она рассматривается не как доминирующая, а как одна из культур, с которой ведётся диалог. Усиливается интерес к национальным традициям, истории, языку. Однако это не означает отказа от русской культуры. Напротив, формируется более зрелое отношение, основанное на осознании собственной идентичности. Как отмечает современный исследователь: «русская культура перестаёт быть центром и становится частью культурного пространства, где взаимодействуют различные традиции» [15, с. 91].

В литературе появляются произведения, в которых герои критически осмысливают прошлое, включая влияние русской культуры. Это свидетельствует о переходе от пассивного восприятия к активному диалогу.

Современная таджикская литература характеризуется стремлением к интеркультурности. Русская культура воспринимается как один из элементов культурного многообразия.

Литературный процесс в Таджикистан XX века развивался в тесной связи с идеологическими установками советской эпохи. Образ русского человека занимал важное место в системе художественных образов, выполняя не только эстетическую, но и идеологическую функцию. После распада СССР начался процесс переоценки культурного и

исторического наследия, что нашло отражение в трансформации художественных образов, в том числе русского персонажа.

В советской литературе образ русского героя был канонизирован в рамках метода социалистического реализма. Он выступал как носитель передовой культуры и идеологии. В произведениях Садриддин Айни русский персонаж часто ассоциируется с прогрессом, образованием и социальной справедливостью. Аналогично, в поэзии Мирзо Турсунзода русский герой становится символом дружбы народов и интернационализма [1, с.78].

Таким образом, русский персонаж выступает как модель «положительного героя». Переломный момент: распад СССР и изменение художественного сознания. События Распад СССР стали поворотным моментом для всей постсоветской литературы.

В новых условиях писатели стремятся к переосмыслению прошлого, отходя от идеологических шаблонов. Образ русского персонажа начинает утрачивать свою однозначную положительность. В современной таджикской прозе формируется несколько устойчивых типов: часто вызывает сочувствие и уважение. Через него авторы раскрывают противоречия советской системы, включая культурное давление и утрату национальной самобытности.

Русский герой может изображаться как представитель иной культурной среды, что подчеркивает дистанцию между эпохами. Используется как средство межкультурного взаимодействия, отражая сложный процесс формирования новой идентичности. Образ русского персонажа выполняет следующие функции:

- историческая — реконструкция советского прошлого;
- критическая — переоценка идеологии;
- психологическая — раскрытие внутреннего мира героев;
- символическая — выражение культурного «другого».

В ряде произведений позднего советского и постсоветского периода наблюдается отход от канонических схем. Даже у авторов, следующих традиции Садриддин Айни, заметны элементы реалистического усложнения образа. В более поздней литературе русский персонаж всё чаще становится носителем противоречивого опыта. Переосмысление образа русского героя отражает более глубокие процессы:

- формирование национального самосознания;
- переоценка исторического опыта;
- поиск новых культурных ориентиров;
- развитие литературного плюрализма.

Таким образом, трансформация образа русского персонажа в таджикской литературе является важным индикатором переоценки советского наследия. От идеализированного «носителя истины» он превращается в сложный художественный образ, отражающий противоречия эпохи и диалог культур.

Этот процесс свидетельствует о зрелости современной литературы и её стремлении к объективному осмыслению прошлого. Писатели всё чаще обращаются к теме культурной идентичности, подчеркивая её сложный и многослойный характер. В этом контексте русская культура становится частью личного и коллективного опыта.

Как отмечается в современной критике, «литература независимого периода демонстрирует стремление к синтезу культур, где русская традиция занимает важное, но не доминирующее место» [6, с. 134]. Особое значение приобретает проблема языка. Русский язык продолжает играть важную роль в литературном процессе, однако его статус меняется. Он становится инструментом межкультурного общения, а не символом идеологического влияния. Важным элементом анализа являются высказывания писателей и критиков. Они позволяют увидеть изменение отношения к русской культуре.

Так, в советский период утверждалось: «русская культура — это свет, который ведёт нас вперёд» [11, с. 115]. В переходный период звучат иные оценки: «мы оказались между прошлым и настоящим, пытаясь понять, что оставить, а что переосмыслить» [14, с. 70]. В современной литературе формулируется новая позиция: «русская культура — это часть

нашей истории, но не вся наша идентичность» [15, с. 95]. Эти высказывания демонстрируют постепенный переход от идеализации к критическому и затем к диалогическому восприятию.

Эволюция восприятия русской культуры в таджикской литературе отражает более широкие процессы культурной и национальной трансформации. В советский период она воспринималась как образец и ориентир, в переходный — как предмет переоценки, а в современный — как элемент диалога культур.

Таким образом, можно выделить три основных этапа:

- ✓ Идеологическая интеграция (советский период);
- ✓ Критическое переосмысление (переходный период);

Современная таджикская литература демонстрирует стремление к балансу между сохранением национальной идентичности и открытостью к другим культурам. Русская культура занимает в этом процессе важное, но уже не доминирующее место. Как справедливо подчеркивается, «истинный диалог культур возможен только при условии равноправия и взаимного уважения» [7, с. 49].

Литература:

1. Айни, С. Воспоминания / С. Айни. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 352 с.
2. Ахмедов, Р. Культурная идентичность в постсоветской литературе / Р. Ахмедов. – Душанбе, 2018. – 214 с.
3. Берг, Л. Литература народов СССР / Л. Берг. – Москва: Высшая школа, 1977. – 288 с.
4. Брагинский, И.С. История таджикской литературы / И.С. Брагинский. – Москва: Художественная литература, 1982. – 431 с.
5. Гачев, Г. Национальные образы мира / Г. Гачев. – Москва: Советский писатель, 1995. – 480 с.
6. Давлатов, Ф. Интеркультурные процессы в литературе / Ф. Давлатов. – Душанбе, 2018. – 210 с.
7. Каримов, А. Культурные взаимодействия в Центральной Азии / А. Каримов. – Душанбе, 2018.
8. Лотман, Ю.М. Структура художественного текста / Ю.М. Лотман. – Москва, 1970. – 120 с.
9. Набиев, Р. Таджикская литература советского периода / Р. Набиев. – Душанбе, 1986. – 98 с.
10. Рахимов, Д. Проблемы художественного перевода / Д. Рахимов. – Душанбе, 1990. – 134 с.
11. Саидов, М. Литература и социалистическая идеология / М. Саидов. – Душанбе, 1978. – 156 с.
12. Турсунзода, М. Избранные произведения / М. Турсунзода. – Душанбе, 1983.
13. Халилов, М. Таджикская литература периода независимости / М. Халилов. – Душанбе, 2010.
14. Холматов, С. Переходная эпоха в литературе / С. Холматов. – Душанбе, 1998. – 102 с.
15. Шарипов, Н. Современная таджикская литература / Н. Шарипов. – Душанбе, 2012. – 176 с.
16. Эпштейн, М. Постмодерн в России / М. Эпштейн. – Москва, 2000.
17. Юсупов, К. Постсоветская идентичность / К. Юсупов. – Душанбе, 2001. – 88 с.

ЭВОЛЮЦИЯ ВОСПРИЯТИЯ РУССКОЙ КУЛЬТУРЫ В ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ: ОТ СОВЕТСКОЙ ЭПОХИ К НЕЗАВИСИМОСТИ

В статье исследуется и анализируется эволюция восприятия русской культуры в таджикской литературе XX–XXI веков с учётом историко-культурных и общественно-политических изменений. Целью работы, и задачей исследования является выявление

закономерностей трансформации образа русской культуры и определение её роли в формировании таджикского литературного сознания. Методологическую основу, и систему принципов исследования составляют сравнительно-типологический, историко-литературный и культурологический подходы.

В результате анализа установлено, что в советский период русская культура в таджикской литературе функционировала как идеологически обусловленный образец, связанный с идеями прогресса, просвещения и социалистических ценностей. В переходный период конца XX века происходит критическое переосмысление данного образа, сопровождающееся кризисом идентичности и поиском новых культурных ориентиров. В литературе периода независимости формируется диалогическая модель взаимодействия культур, в рамках которой русская культура сохраняет значимость, но утрачивает ведущее, доминирующее положение. Научная новизна работы заключается в комплексном рассмотрении проблемы с привлечением сравнительного анализа с литературами других стран Центральной Азии, что позволяет выявить как общие тенденции, так и национальную специфику таджикской литературной традиции. Практическая и целесообразная значимость исследования состоит в возможности использования его результатов в курсах по истории таджикской литературы, сравнительному литературоведению и культурологии.

В статье рассматривается трансформация образа русского персонажа в таджикской литературе XX–XXI веков как отражение процесса переоценки советского наследия. Анализируются особенности художественного изображения русского героя в советский и постсоветский периоды, выявляются основные типы персонажей и их функции. Особое внимание уделяется переходу от идеологически обусловленного образа к многогранному художественному типу, отражающему культурный диалог и историческую память. Делается вывод о том, что образ русского персонажа становится важным инструментом осмысления национальной идентичности и

Ключевые слова: русская культура, таджикская литература, советский период, постсоветский период, культурная трансформация, национальная идентичность, интеркультурный диалог, Центральная Азия, сравнительный анализ, литературный процесс

ТАҲАВВУЛИ ДАРКИ ФАРҲАНГИ РУСӢ ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИК: АЗ ДАВРАИ ШУРАВӢ ТО ИСТИҚЛОЛИЯТ

Дар мақола таҳаввули дарки фарҳанги русӣ дар адабиёти тоҷик дар асрҳои XX–XXI бо дарназардошти тағйироти таърихию фарҳангӣ ва иҷтимоию сиёсӣ таҳқиқ мешавад. Ҳадафи таҳқиқ муайян намудани қонуниятҳои тағйирёбии образи фарҳанги русӣ ва нақши он дар ташаккули шуури адабии тоҷик мебошад. Асоси методологии таҳқиқро усулҳои муқоисавӣ-типологӣ, таърихӣ-адабӣ ва фарҳангшиносӣ ташкил медиҳанд.

Дар мақола таҳаввули образи қаҳрамони рус дар адабиёти тоҷик дар асрҳои XX–XXI ҳамчун инъикоси бознигарии мероси шӯравӣ баррасӣ мешавад. Хусусиятҳои тасвири бадеии қаҳрамони рус дар давраи шӯравӣ ва пасошӯравӣ таҳлил гардида, навъҳои асосии персонаж ва вазифаҳои онҳо муайян карда мешаванд. Таваҷҷуҳи махсус ба гузариш аз образи идеологӣ ба типи мураккаби бадеӣ равона шудааст. Хулоса бар он аст, ки образи қаҳрамони рус воситаи муҳими дарки ҳувияти миллӣ ва хотираи таърихӣ мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки дар давраи шӯравӣ фарҳанги русӣ дар адабиёти тоҷик ҳамчун намунаи идеологӣ ва манбаи пешрафт, маърифат ва арзишҳои сотсиалистӣ баромад мекард. Дар давраи гузариш бознигарии танқидии ин образ сурат гирифта, масъалаҳои ҳувият ва ҷустуҷӯи арзишҳои нав ба миён меоянд. Дар давраи истиқлолият модели муколамавии муносибатҳои фарҳангӣ ташаккул ёфта, фарҳанги русӣ мавқеи муҳимро нигоҳ медорад, аммо дигар мавқеи ҳукмрон надорад. Навгонии илмии мақола дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъала бо истифодаи муқоисаи адабиёти кишварҳои Осиёи Марказӣ ифода меёбад. Аҳамияти амалии таҳқиқ дар имкони истифодаи натиҷаҳои он дар курсҳои таърихи адабиёти тоҷик, адабиётшиносии муқоисавӣ ва фарҳангшиносӣ зоҳир мегардад.

Калидвожаҳо: фарҳанги русӣ, адабиёти тоҷик, давраи шӯравӣ, давраи пасошӯравӣ, таҳаввули фарҳангӣ, ҳувияти миллӣ, муколамаи фарҳангҳо, Осиёи Марказӣ, таҳлили муқоисавӣ, раванди адабӣ

THE EVOLUTION OF THE PERCEPTION OF RUSSIAN CULTURE IN TAJIK LITERATURE: FROM THE SOVIET ERA TO INDEPENDENCE

The article explores the evolution of the perception of Russian culture in Tajik literature of the 20th–21st centuries in relation to historical, cultural, and socio-political transformations. The aim of the study is to identify the patterns of transformation of the image of Russian culture and to determine its role in shaping Tajik literary consciousness. The research is based on comparative-typological, historical-literary, and cultural approaches. The findings demonstrate that during the Soviet period, Russian culture functioned in Tajik literature as an ideologically constructed model associated with progress, enlightenment, and socialist values. In the transitional period of the late 20th century, this model underwent critical reassessment, accompanied by an identity crisis and a search for new cultural orientations. In the period of independence, a dialogical model of cultural interaction emerges, where Russian culture remains significant but no longer occupie It analyzes the representation of Russian characters in both Soviet and post-Soviet periods, identifying major character types and their functions. Special attention is paid to the transition from ideologically constructed figures to complex literary images reflecting cultural dialogue and historical memory. The study concludes that the Russian character serves as a key tool for interpreting national identity and historical experiences a dominant position.

The scientific novelty of the study lies in its comprehensive approach and the inclusion of a comparative analysis with other Central Asian literatures, which allows for the identification of both common trends and national specificities. The practical significance of the research lies in the applicability of its results in courses on Tajik literary history, comparative literature, and cultural studies.

Keywords: Russian culture, Tajik literature, Soviet period, post-Soviet period, cultural transformation, national identity, intercultural dialogue, Central Asia, comparative analysis, literary process

Сведения об авторе: Бобохонова Фируза Раҳматджановна, ассистент кафедры гуманитарных и естественно - математических наук Академии туризма, Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Адрес: 734064, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Абдуллобекова 6/15. Тел.: (+992) 904-77-22-65. E- mail:. babahanovafiruza192@gmail.com

Маълумот дар бораи муаллиф: Бобохонова Фирӯза Раматҷоновна, ассистенти кафедраи илмҳои гуманитарӣ ва табиӣ, Академияи сайёҳӣ, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Абдуллобекова 6/15. Тел.: (+992) 904-77-22-65. Почтаи электронӣ: babahanovafiruza192@gmail.com

Information about the author: Babakhonova Firuza Rahmatdzhanovna, assistant lecturer, department of humanities and natural-mathematical sciences, Academy of Tourism, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Address: 734064, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 6/15 Abdullobekova Street. Phone: (+992) 904-77-22-65 E-mail: babahanovafiruza192@gmail.com

ТДУ:82+82-1 (075.8)
З-88

ХУСУСИЯТҲОИ БАДЕИИ ДОСТОНИ «БЕЖАН ВА МАНИЖА»-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

Зубайдова М., унвонҷӯ
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

«Шоҳнома» ҳамосае ҳунарибунёд аст ва аз ҷиҳати бисёрии мавзуъ ва тасвири воқеаву бандубасти сужаҳо серпаҳлу мебошад. Ҳунари Фирдавсӣ ҳам, пеш аз ҳама, дар офаридани образҳо вусъат пайдо карда, сухани ӯро муассиртар мегардонад. Дар миёни достонҳои хурду бузурги «Шоҳнома» достони «Бежан ва Манижа» аз лиҳози бадеият ва фарогирии ҷанбаҳои эстетикӣ дар қиёс ба дигар достонҳои дар ин замина таълифёфта афзалият дорад ва падидаҳои ҳунарӣ дар саросари он ошкор аст. Ба ин масъала донишмандони шоҳномашинос борҳо таваҷҷуҳ кардаву зимни баррасиҳои хеш ишораҳои ҷолиб кардаанд. Дар пажуҳиши масъалаи мазкур, бо таваҷҷуҳ ба андешаҳои дар ин самт мавҷудбуда, ки аз ҷониби шоҳномапажуҳон ба таври куллӣ баён шудаанд ва мушоҳидаҳои хеш хусусиятҳои бадеии достони «Бежан ва Манижа»-ро баррасӣ хоҳем намуд.

Яке аз махсусиятҳои «Шоҳнома», ки донишмандон ба он ишора кардаанд, мавҷудияти нуктаҳои хокӣ аз баландии фикр ва ҳунари хориқулодаи саҳнасозии Ҳакими Тӯсӣ мебошад. Ҳамин ҷиҳатро дар достони мавриди назар ҳам ба таври зиёд ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Махсусан, дар муқаддимаи достон ҷой доштани чунин мухтассот шоистаи таваҷҷуҳ аст ва ҳамин тасвирофарии шоир ҷанбаи бадеии достонро то хатти анҷом нигоҳ медорад.

Чун сухан дар мавриди муқаддима рафт, мехостем бо ду нукта арз намоем, ки Абулқосим Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» ба ғайр аз муқаддимаи умумие, ки дар оғози шоҳасари худ меорад, ҳамчунин достонҳои алоҳидаро бо муқаддимаҳо оғоз менамояд ва ин муқаддимаҳоро дар истилоҳи адабӣ дебоча низ ном мебаранд. Муқаддимаҳо ба мавзуи муайяне бахшида шудаанд.

Дар муқаддимаи бештари достонҳои бузурги «Шоҳнома» бо пешгуфторе ба шакли хитоба дучор меоем, ки маъмулан ба моҳияти маъно ва мазмуни достон вобастагӣ дорад. Дар достони «Бежан ва Манижа», ки аз достонҳои комили ин шоҳасари бузург ба шумор меравад, ҳамин гуна хитобаи маъмулӣ нест. Ба ҷойи он як муқаддимаи лирикӣ дар тасвири шаб бо ҳунари волои суханварӣ омадааст, ки дар шеъри шоирони минбаъда ва дар достонҳо муҷиби пайравӣ ва татаббуъ шудааст [15, с. 192].

Дар воқеъ, дар ин муқаддима Ҳаким Фирдавсӣ то ба ҳадде аз худ ҳунару маҳорати тасвирофарӣ нишон додааст, ки дар камтар аз осори адабӣ метавон чунин манзарасозӣ, ҷобаҷогузории рангубор ва ороиши базму размро ба мушоҳида гирифт. Тасвирҳои офаридаи шоир мусаввараҳои қаламкашони муъҷизаофарро мемонад.

Ёдовар мешавем, ки дебочасароӣ дар осори манзум дар таърихи адабиёти форсу тоҷик марҳилаҳои зиёди таърихиро паймудааст. Навиштани дебоча дар аҳди қадим як ҷузъи муҳимми ҳунари адабиро дар бар мегирифт. Гузашта аз ин, адибон мекӯшиданд тамоми маҳорати суханварии худро дар дебочаҳои асарашон зикр намоянд. Бо мурури замон ҳунари муқаддимасароӣ, ё дебочасароӣ ба осори манзум низ роҳ ёфтааст, ки сарчашмаи аслии он адабиёти паҳлавӣ мебошад. Аз беҳтарин намунаи муқаддимаҳо низ дар «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ ба мушоҳида мерасанд. Далели равшани чунин муқаддимаҳо оғози достони «Бежан ва Манижа» мебошад.

Мавзуи муқаддимаи достони «Бежан ва Манижа»-и Абулқосим Фирдавсӣ ба мавзуъҳои насиб ва ё ташбиби қасидаҳои шоирони аҳди сомонӣ шабоҳат дорад.

Насиб ва ё ташбиби қасоиди шоирони ҳамаҳди Фирдавсӣ аз мавзуъҳои мухталиф, аз ҷумла тасвири зебоиҳои табиат, ҳодисаҳои табиӣ, ба вижа тасвири шаб, васфи баҳор, тасвири зебоиҳои маъшуқа, базми шоҳ, васфи май ва дигар мавзуоти ба ин монанд иборат мебошанд.

Чунин пораҳои шеъриро дар «Шоҳнома» адабпажуҳ Шарифзода Х. дар асараш «Шоҳнома» ва шеъри замони Фирдавсӣ» «ташбиб», «ташбибгуна» ва ё «тағаззулгуна» ном мебарад. Дар бораи мавзуоти онҳо муҳаққиқ чунин овардааст: «Муқаддима ва ё даромадҳои ташбибгунаи «Шоҳнома» дар тасвири шаб, васфи баҳор, базми шоҳ, васфи май суруда шудаанд» [14 с. 358-359].

Чунон ки дар боло овардем достони «Бежан ва Манижа» низ дар баробари дигар достонҳои комили «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ бо фасли «Оғози достон» сар мешавад. Даромади достон бо тасвири хеле зебои табиат, ҳусни нотакрори шаб пайваста омада ва онро шоирони даврaҳои баъд пайравӣ кардаанд [1, с. 48].

Фирдавсии гӯяндаи ҳамоса аз шаб вобаста ба вазъи хотир ва ҳоли дарёфтаи эҳсоси худ сухан мегӯяд. Ба назар чунин мерасад, ки гӯянда дар ҳассостарин лаҳзаи вазъи хотир буда ва ҳузни руҳии ботини ӯ ба саҳифаи авроқ омадааст. Қадамалии Сарромӣ дар баҳси сифату арзиши бадеии ин оғози «Достони Бежан ва Манижа» мефармояд: «Агар бигӯем, аз назари зебоиҳои шеърӣ ин сию ҳафт байт ҳама баландтарин абёти «Шоҳнома» аст, ҷуз рост нагуфтаем. Ангор дар ҳеҷ ҷойи дигар Фирдавсӣ ин ҳама муъминона ва ошиқона шоирӣ накардааст. Нағзии ин абёти муқаддима чандон аст, ки замзама карданашон аз хондани анбӯҳи абёти достони аслӣ мастиангезтар менамояд» [7, с. 134].

Дар мавриди ҳунари Фирдавсӣ дар муқаддимаи достони «Бежан ва Манижа» ҳамчун намунаи дурахшони шеъри форсӣ донишмандону шеърофарони дигар низ сухан гуфта ва қудрати гӯяндаро ситудаанд. Донишманди тоҷик Шарифзода Х. онро беҳтарин ва шевотарин тасвирҳои табиӣ дар назми форсӣ номидааст [13, с. 223].

Муқаддимаи достони «Бежан ва Манижа» дар таърихи шеъри форсӣ таъсири назаррасе дорад. Муҳаққиқ Шарифзода Х. ҳамоҳангӣ доштани сухани Фирдавсиро ба тавсифу ташбеҳҳои қасидаи шоири тавонои адабиёти нимаи аввали асри XI форс-тоҷик Манучеҳрӣ таъкид кардааст. Ин муҳаққиқ дар сухани аксарияти достонсароёни ҳамаср ва ё қарибулаҳди Фирдавсӣ, ба монанди Асадии Тӯсӣ, Фахруддини Гургонӣ, Низомии Ганҷавӣ низ эҳсос шудани лаҳну оҳанги гуфтори Фирдавсиро дар тасвири ҳолати зебои табиӣ – шаб таъкид намудааст. Тасвири шаб дар мавридҳое дар достонҳои ин шоирони тавоною суханварони нотакрор, аз ҷумла дар «Гаршоспнома»-и Асадӣ, «Вис ва Ромин»-и Фахруддини Гургонӣ, инчунин дар маснавиҳои Низомӣ ба мушоҳида мерасад [14, с. 360].

Муқаддимаи достони «Бежан ва Манижа» дар чопи мавриди истифодаи мо сиву ҳафт байт аст. Чордаҳ байти он ба вазифаи даромад ва ё ташбиб омадааст. Он бо чунин байтҳо шуруъ мешавад:

Шабе чун шабаҳ рӯй шуста ба қир,
На баҳром пайдо, на кайвон, на тир.
Дигаргуна ороише кард моҳ,
Басечи гузар кард бар пешгоҳ.
Шуда тира андар сарои диранг,
Миён карда борику дил карда танг.
Зи тоҷаш се баҳра шуда лоҷвард,
Сипарда ҳаворо ба зангору гард.
Сипоҳи шаби тира бар дашту роғ,
Яке фарш афканда чун парри зоғ...
Фурӯ монда гардуни гардон ба ҷой,
Шуда суст хуршедро дасту пой.
Замин зери он чодари қиргун,
Ту гуфтӣ, шудастӣ ба хоб – андарун.
Ҷаҳонро дил аз хештан пурҳарос,
Ҷарас баргирифта нигаҳбони пос.
На овои мурғу на ҳаррои дад,
Замона забон баста аз неку бад [11, с. 340-341].

Монандии шаб ба пӯлод, қир, лоҷвард, пари зоғ, Аҳриман, даҳани мори сиёҳ, зангӣ, чодари қиргун, забонбаста, тавсифҳои шаби тира, дерёз ва амсоли онҳо ҳосили андешаи Фирдавсӣ ва гоҳе вом аз дигар гӯяндагони замони ӯ будаанд. Фирдавсӣ дар пояи андешаи ҳамзамонон, сатҳи ҳунарии сухани онҳо ва бо иловаи афзудаҳо бо табъу фитрати нотакрори худ ин насиби нодирро сурудааст.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми ин муқаддима моҳирона кор фармудани шоир аз саноеи бадеӣ мебошад. Фирдавсӣ дар муқаддимаи достони мавриди назар воситаҳои баёнро мувофиқи қобилияти эҷодӣ ва маҳорату истеъдоди хеш истифода намудааст.

Ҳангоме ки суханвар образи бадеӣ, ё худ образи шоирона меофарад, вай матлаб ва ҳадафи худро ба тариқи нав мегӯяд. Ин кор аз ҳама бештар ба воситаи дар мавридҳои зарурӣ истифода бурдан аз санъатҳои бадеӣ имконпазир мегардад. Ва чунонки адабиётшинос Р. Мусулмониён мегӯяд: «Шоироне, ки дар эҷодиёташон маънии бикр, маънии тоза, маънии хосса ва амсоли инҳо меофаранд, дар эҷоди тасвирҳои шоирона мумтозанд ва эътирофи замон мегарданд» [5**,** с. 95]. Фирдавсӣ низ шоири тозагӯю маъниофар, навпардозу балеғсухан аст, маҳорати суханофариниаш дар ҳар достонаш ба таври хосса ҳувайдост, гузашта аз ин, барои пуртаъсиру ҷолиб намудани офаридаҳояш аз санъатҳои бадеӣ, хусусан, саноеи маънавӣ моҳирона ва муваффақона истифода кардааст.

Чунонки адабпажуҳ Сафарова Н. таъкид мекунад «Санъатҳои сухан ҳар кадом аз ягон ҷиҳат ҳусни суханро меафзояд, ба сухан ҷилову дурахши тоза мебахшад, ки он муҷиби таъсиргузории сухан мегардад» [8**,** с. 200].

Фирдавсӣ дар муқаддимаи достони «Бежан ва Манижа» беш аз ҳама санъатҳои маънавии ташбеҳ (пӯлод, қир, лоҷвард, пари зоғ, Аҳриман, даҳани мори сиёҳ, зангӣ, чодари қиргун, забонбаста) ва тавсифро (шаби тира, дерёз) истифода кардааст.

Баъди чунин тасвири зебои шаб дар абёти баъдӣ Фирдавсӣ сухан аз ҳоли худ мегӯяд. Ҳолате, ки Фирдавсӣ дар муқаддима арз мекунад, асли ҳақиқате аз рӯзгори гӯянда метавонад буда бошад. Аммо дар ин сурати шоирона, яқинан, бофтаю ба танзим овардаи гӯяндаи соҳибҳунар аст. Шабонгаҳ бо ҳунари суханвари тавоно ба ин сурат омада ва, бегумон, ишора ба сукуту оромии дилгиркунандаи зиндагист. Ва чунонки адабпажуҳ Шарифзода Х. дар асараш «Достонҳои бузурги «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ» дар бораи ин тасвири зебои шаб хулоса мекунад «Ин муқаддима (муқаддимаи достони «Бежан ва Манижа» – З.М.) вазифаи хитобаи хосси достонҳои «Шоҳнома»-ро ба тавре наву нотакрор ба ҷой овардааст» [15, с. 193]. Монологи муаллифи асар дар мавриди аҳволи руҳию равонии худ ҳангоми шаб хеле таъсирбахш буда, пайвандест миёни табиат ва эҳсосоти шоир.

Зикр кардан бамаврид аст, ки «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ҳарчанд ҷангнома аст, аммо дар баъзе достонҳои он ба монанди даромади достони мавриди назар руҷуъҳои лирикӣ низ ба назар мерасанд. Дар чунин достонҳо худи шоир ба образи лирикӣ мубаддал мегардад. Дар баъзе аз ин достонҳо монологи қаҳрамони достон ҷой дошта, драматизми асарро боз ҳам пуркувваттар менамояд [2, с. 40].

Бояд изҳор дошт, ки баёни ҳолати худи шоир дар асар ба хонанда имкон фароҳам меорад, ки дар бораи ҳаёт ва тарзи зисту зиндагонии муаллифи асар ҳарчи бештар иттилоъ пайдо кунад ва аз нафарони ӯро иҳотакунанда, дӯстон ва ё пайвандону аҳли хонавода ва муносибати онҳо ба ҳамдигарашон бохабар шавад. Муқаддимаи достони «Бежан ва Манижа» маҳз чунин имкониятро ба хонанда фароҳам меорад. Дар ороятҳои тасвирии Фирдавсӣ, ки сужаи достонро таҳким бахшидааст, бештар қувват гирифтани ҷанбаи иҷтимоӣ ба назар мерасад.

Дар ин шаб қаҳрамони лирикӣ, ё худи шоир изҳори дилтангӣ мекунад ва аз ҳамсараш шамъ мехоҳад. Он бути меҳрубон ба боғ омада, барои гӯянда, яъне шоир шамъу шароб меорад ва худ чанг менавозад. Баъд аз он ки тирагӣ аз дили шоир берун мешавад, ба ёри худ мефармояд, то достон зи дафтари бостон бихонад, ки пур аз чораву меҳру найранг ва аз дари мардию фарҳанг аст. Ёри меҳрубонаш гуфт:

Маро гуфт: Шамъ аз чӣ бояд ҳаме,
Шаби тира хобат наояд ҳаме? [11, с. 341].

Дар ҷавоб шоир мегӯяд:

Бад-ӯ гуфтам: «Эй бут, наям марди хоб,
Биёвар яке шамъ чун офтоб.
Бинеҳ пешаму базмро соз кун,
Ба чанг ор чангу май оғоз кун» [11, с. 341].

Он бути меҳрубон шамъу чароғ, маю турунҷ, яке ҷоми шоҳаншаҳӣ овард. «Гаҳе май гусорид, гаҳе чанг сохт», дили шоирро бо ком пирӯз ва шаби тираро чун рӯз сохт. Пас он ёр ба шоир гуфт:

Маро гуфт он моҳи хуршедчеҳр,
Ки «Аз ҷони ту шод бодо сипеҳр.
Бипаймой май, то яке достон
Зи дафтар барат хонам аз бостон» [11, с. 342].

Шоир аз он моҳрӯй он шаб достон шунид ва онро ба шеър аз дафтари паҳлавӣ оварад. Шоир ӯро ба хондани достон ҳидоят кард, то ин ки «табъи шӯрида бикшояд»:

Бихонд он бути меҳрубон достон
Зи дафтар навишта гаҳи бостон.
Ба гуфтори шеърам кунун гӯш дор,
Хирад ёд дору ба дил ҳуш дор 11, с. 343].

Оғози достон аз он ҷиҳат ҷолиб аст, ки дар вай сухан аз ёри меҳрубон, дӯстию муҳаббат меравад ва гӯянда ё хонандаи ин достон аз дафтари паҳлавӣ зан аст. Муқаддимаи достонҳои «Шоҳнома» як навъ ишора ба мазмуни онҳо мебошад. Муқаддимаи достони «Бежан ва Манижа» низ аз ин вижагӣ бархурдор аст. Ҳамин тавр он бути меҳрубон аз дафтари дар аҳди бостон навишта онро бихонд ва шоир ба гуфтори шеър оварда.

Маро гуфт, к-«Аз ман сухан бишнавӣ,
Ба шеър орӣ аз дафтари паҳлавӣ» [11, с. 342].

Дар достони «Бежан ва Манижа» бо таваҷҷуҳ ба сифатҳои Манижа тасвирҳои зебо ва мондагоре ба чашм мехӯранд:

Манижа куҷо духти Афросиёб
Дурахшон кунад боғ чун офтоб [11, с. 355].

Ҷои дигар:

Чу бедор шуд Бежану ҳуш ёфт,
Нигори суманбар дар оғӯш ёфт.
Ба айвони Афросиёб-андаро,
Або моҳрӯе ба болин саро [11, с. 364].

Дар ҳар байти ин порча ташбеҳи зебо ба мушоҳида мерасад, ба мисли «дурахшон чун офтоб», «суманбар», «моҳрӯ».

Дар ин байтҳо воситаҳои тасвири бадеӣ барои ифодаи тасвири ҳусну ҷамоли Манижа ва ҷолибтар сохтани банду басти достон хизмат кардаанд.

Манзарасозӣ ва тасвирҳои бадеии ҷолибу мондагоре, ки дар лаҳзаҳои ҷудогонаи достонҳои «Шоҳнома» ба мушоҳида мерасанд, низ намоёнгари қудрат ва ҳунари шоирии Фирдавсӣ мебошанд ва ин масъала борҳо аз ҷониби шоҳномапажуҳон баррасиву таъкид шудааст. Ба назар чунин мерасад, ки шоир барои ифодаи зарфияти нигоҳи худ, махсусан, достони «Бежан ва Манижа»-ро интихоб намудааст ва танҳо ба василаи таҳлилу баррасиҳои амиқ метавон дар нишон додани завқу салиқаи шоир кӯшид. Ҳамин манзараи шаб аст, ки дар тасвири Ҳаким Фирдавсӣ мондагор шуда, сарчашмаи илҳоми адибони баъдӣ дар тасвирсозӣ гардидааст. Адиб ҳамон вақт дар тасвирсозӣ ба мақсад мерасад, ки табиатро дар рагу шарёни худ эҳсос кунад.

Инсон дар оғӯши табиат ҳаёт ба сар бурда, ба он алоқаи ҷудонашаванда дорад. Зебоиҳои табиат ба бинанда, ба ҳар як фарди ҷамъият таъсири руҳӣ ва эстетикӣ мерасонад. Ҳар як предмети тасвиркардаи адибон бо табиат алоқаи муштарак дорад. Бинобар ин, шоирон табиатро бо муҳит тавъам тасвир менамоянд. Аз тарафи дигар, табиат сарчашмаи адонашавандаи илҳоми аҳли адаб аст. Шоир аз манзараҳои мухталифи табиат завқи эстетикӣ мегирад ва кӯшиш мекунад, ки зебоиҳои дар табиат бударо дар асари худ ба қалам диҳад. Дар

натиҷаи ин шеъри ӯ намакин ва дилкаштар гашта, ба хонандагон низ завқи эстетикӣ илқо менамояд.

Адабиётшинос Бобоев Ю. таъкид менамояд, ки инсон ҷузъи табиати зинда аст, аз ин рӯ нависандаи асари бадеӣ бояд аз ӯҳдаи тасвири табиати зинда, оламе, ки инсонҳоро дар оғӯш дорад, барояд. Чун пейзаж, ё худ манзарасозӣ мақсаду нияти бадеии нависандаро маънидод мекунад ва барои равшантар кушодани воқеа ёрӣ мерасонад. Ӯ менависад: «Инсон фарзанди табиат аст. Ҳар кору бор ва рафтору атвори ӯ бо табиат зич марбут аст. Асари бадеӣ, ки асосан, инсон ва образу тақдири ӯро инъикос менамояд, бе пейзаж, бе тасвири табиат наметавонад буд» [3, с. 120].

Достони «Бежан ва Манижа» низ аз офаридаҳои зебои Ҳаким Фирдавсӣ мебошад, ки бо хусусиятҳои бадеии худ табиати зебои шоирро низ дар худ мепарварад. Донишманди Эрон Мансури Растагории Фасоӣ низ дар асари худ «Бисту як гуфтор дар бораи «Шоҳнома» ва Фирдавсӣ» алоқамандии Фирдавсиро бо табиат ва дар ҳар ҷои «Шоҳнома» падид омадани ҳунари манзарасозӣ ва дар ин ҷода маҳорати хориқулода доштани ин шоири бузургро чунин баҳо додааст: «Фирдавсӣ – ин саҳнапардози тасвирофарин, дар камтар васф ва достоне аст, ки чеҳраҳои гуногуни табиатро нек нанамояд ва тағйири рангҳои табиатро аз ёд бибарад. Бад-ин тартиб чун табиат ба «Шоҳнома» ҷони зиндагӣ ва таҳрик мебахшад ва инсон дар ҷавори ҳамосаофариниҳо ба мушоҳидаи тасвирҳои дилангез аз табиат мепардозад. Далели ин амр тамоси бисёр наздики Фирдавсӣ аст бо ашё ва табиату мазоҳир.... Аслан нигориши Фирдавсӣ ба табиат ағлаб ҳамроҳ бо ҳаракати диловарон ва паҳлавонон аст» [10**,** с. 202].

Манзараи табиат дар достон одатан бо мақсади муайяне тасвир мешавад. Вай барои фаҳмидани кайфияту руҳияи қаҳрамонони асар ва моҳияти воқеаҳо аҳаммияти калон дорад. Фирдавсӣ манзараи зебои дар марзи байни кишварҳои ба ҳам мухолиф – Эрону Турон қарордоштаро аз забони Гургин чунин тасвир мекунад:

Яке ҷашнгоҳ аст аз эдар на дур,
Ба дурӯза роҳ андарояд ба Тур.
Яке дашт бинӣ ҳама сурху зард,
К-аз ӯ шод гардад дили родмард.
Ҳама бешаву боғу оби равон,
Яке ҷойгоҳ аз дари паҳлавон –
Замин парниёну ҳаво мушкбӯй,
Гулоб аст гӯӣ магар оби ҷӯй.
Хам оварда аз бор шохи саман,
Санам шуд гулу гашта булбул шаман.
Хиромон ба гирди гулон-бар тазарв,
Хурӯшидани булбул аз шохи сарв.
Аз ин пас кунун то на бас рӯзгор -
Шавад чун биҳишт он лаби ҷӯйбор [11, с. 385].

Дар ин қитъаи шеър табиат ҷилва мекунад. Тасвири марғзор дар ҳақиқат тасвири рӯйи лавҳаест бо сухан. Зебу зинати табиат, рангҳо, нақшу нигори тасвир, равшанию зебоии муҳити атроф мисли асари санъати тасвирӣ инъикос гардидаанд, ки мо онро дар мусаввараҳои асрҳои пешин мушоҳида мекунем. Фирдавсӣ тавонистааст ба воситаи назм нақшу нигори амалиро пеши назар биёварад. Шиблии Нуъмонӣ ҳунари волои Фирдавсиро дар васфи марғзор ва парирӯён дар асараш «Шеър-ул-Аҷам» қайд кардааст [6, с. 117].

Оид ба масъалаи мазкур андешаи дигар ҳам ба миён омадааст: «Чун хонанда имконияти асари тасвириро бевосита дидан надошт, ба кумаки ӯ санъати дигар - каломи мавзун омад ва холигии ҷои санъати тасвириро ҷуброн намуд» [9, с. 89-91]**.**

Шоири бузург барои тарсими ин саҳнаҳо дунёе аз рангҳоро бо диққат ва заковат фаровон ироа мекунад. Ҳолати табиати дар фасли зебои баҳор бедоршуда ба авзои қаҳрамони шӯридаю дилбохта, ки сӯйи тақдири ояндаи худ шитоб дорад, монанд аст.

Ин мавзуъ дар бисёр достонҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ низ инъикос ёфтааст. Ба қалам додани чунин тасвирҳои зебо аз табиати зинда ва онро мувофиқ намудан ба ҳолати равонии қаҳрамонони асар достонҳои шоирро аз ҷиҳати мундариҷа низ бой гардонидаанд.

Барои мисол лаҳзаи нахустин дидор ва мулоқоти Бежан ва Манижаро пеши назар меоварем. Дар ин маврид Фирдавсӣ манзараеро тасвир мекунад, ки дар ҳеҷ як асари дигаре нест. Фирдавсӣ дар тасвири саҳнаи мулоқоти дилдодагон услуби хосе дорад, тасвири ӯ аниқ, ифодаву воситаҳои тасвир дар ҷои худ, сухани зиёдатӣ нест. Ҳусни қаҳрамонони асар бо ҷамолу зебоиҳои хонаву мавзеи мулоқоти дилдодагон тавъам омадааст. Дар мисоли достони «Бежан ва Манижа» ҳам ин ҳолат ба мушоҳида мерасад. Дар достон дар лаҳзаи вохӯрии Бежану Манижа зебоии табиат дар фасли баҳор ба ҳусну ҷилваи Бежани бо кулоҳи базмгоҳии падараш, ки аз ӯ ҳама базмгоҳ равшан мешуд, либоси румии рахшанда дар бар ва ҳусни беҳамтои шоҳдухтар, ки моломоли шавқу ҳаваси ҷавонист, тавъам омадаанд:

Ҳама бешаву боғу оби равон,
Яке ҷойгоҳ аз дари паҳлавон-
Замин парниёну ҳаво мушкбӯй,
Гулоб аст гӯӣ магар оби ҷӯй.
Ҳам оварда аз боғ шохи саман,
Санам шуд гулу гашт булбул шаман.
Хиромон ба гирди гулон-бар тазарв,
Хурӯшидани булбул аз шохи сарв.
Аз ин пас кунун то на бас рӯзгор-
Шавад чун биҳишт он лаби ҷӯйбор,
Паричеҳра бинӣ ҳама дашту кӯҳ,
Ба ҳар сӯ ба шодӣ нишаста гурӯҳ [11, с. 355].

Бежан сӯйи хаймаи Манижа – духтари шоҳи Турон Афросиёб, бо кулоҳу либоси румӣ ва паҳлавонӣ рафт. Ҷавон дар либоси ороста аспро ронд ва дар зери сарви наздикии хайма қарор гирифт. Ҳама дашт пур аз суруд шуда буд. Духтар аз хайма ҷавонеро дид бо кулоҳи ҷаҳонпаҳлавон ва дебои румии фурӯзон, меҳраш ба ӯ бичунбид. Бежанро ба чашми шоҳдухтар Фирдавсӣ чунин ситоиш мекунад:

Чу он хубчеҳра зи хайма ба роҳ
Бидид он рухи паҳлавони сипоҳ,
Ба рухсорагон чун Суҳайли Яман,
Бунафша дамида ба гирди суман,
Кулоҳи ҷаҳонпаҳлавон бар сараш,
Фурӯзон зи дебои румӣ бараш.
Ба парда дарун духти пӯшидарӯй,
Биҷӯшид меҳраш бар он меҳрҷӯй [11, с. 359].

Муносибати қаҳрамонон ба ҳам пайванд мегирад. Доя бари Бежан омад, паёми Манижа ба ӯ расонд ва ду рухсори Бежани худкома баршукуфт. Гуфт, ки ман аз Эрон аз шаҳри озодагонам, писари Гев, ба ҷанги гуроз омадаам, сароншон буридам, дандонҳояшон назди шоҳ мебарам. Аз ин базмгоҳ огоҳӣ ёфта омадам, то чеҳраи духтари Афросиёб ба ман дари бахт кушояд. Пас ба доя муроҷиат мекунам, ки маро ба сӯи он хубчеҳра оварда, дилаш ба меҳр биёрӣ. Доя розро ба Манижа расонид. Хулоса, Бежан ба назди Манижа равон шуд.

Бежан бо шитоб ба сӯи хаймаи духтари Афросиёб пиёда рафта, ба хайма даромад. Нахустин дидору мулоқоти ошиқу маъшуқ лаҳзаи хеле ҷолиби достон ба ҳисоб меравад. Он ду ҷавони дилдода, ки дар лаҳзаи кутоҳ якдигарро дида ба якдигар дил баста буданд, бо ҳам вомехӯранд. Нахуст Манижа ба Бежан наздик шуд ӯро ба оғӯш кашида, камарбандашро кушод ва аҳвол пурсид, чунки аз рӯйи таомул вай мизбон асту Бежан меҳмон. Манижа ӯро чунин истиқбол кард:

Манижа биёмад, гирифташ ба бар,
Кушод аз миёнаш каёнӣ камар.
Бипурсидаш аз роҳу аз кору соз,

Ки бо ту кӣ омад ба ҷанги гуроз?
Чаро инчунин қадду ин рӯю бурз
Биранҷонӣ, эй хубчеҳра, ба гурз?
Бишустанд пояш ба мушку гулоб,
Гирифтанд аз он пас ба хӯрдан шитоб [11, с. 362].

Нишастангаҳи руду май, ромишу хонаи ба дебо ороста, саропарда бо мушку анбар ва ёқуту зар ороста барпо карданд:

Парастандагон истода ба пой,
Або барбату чанги ромишсарой.
Ба дебо замин карда товусранг,
Зи динору дебо пушти паланг.
Чӣ аз мушку анбар, чӣ ёқуту зар
Саропарда ороста сар ба сар [11, с. 363].

Майи солхӯрда ба писари Гев оварда ва се рӯзу се шаб бо ин кор машғул буд:

Маи солхӯрда ба ҷоми булӯр
Бароварда бо Бежани Гев зӯр.
Се рӯзу се шаб шод буда шод ба ҳам,
Гирифта бар ӯ хобу мастӣ ситам [11, с. 363].

Барои бурдани Бежан Манижа ба парастандагон ба ӯ додани доруи ҳушбарро хоҳиш кард. Вақте онро бо нӯш хӯрд ва ӯро дар ҳоли хоб ба шаҳр оварданд ва дар назди шаҳр бар рӯяш чодар пӯшонданд ва ба пинҳонӣ Бежанро ба кох бурданд.

Чунин саҳнаҳои базмие, ки онҳоро Фирдавсӣ ва пас аз ӯ дигар шоирони достонсаро ба назари хонанда ҷилвагар намудаанд, тасвирҳои пурнақшу нигори мусаввирони аҳди қадимро ба хотир меоваранд.

Фирдавсӣ ҳам дар тасвири саҳнаҳои размӣ ва ҳам базмӣ маҳорати тамом дорад. Ҳанӯз чандин сол пеш аллома Шиблии Нуъмонӣ дар посух ба онҳое, ки «тасаввур мекунанд, ки Фирдавсӣ дар базм маҳорати чандоне надорад» [6, с. 115] чунин посух дода буд, ки айни савоб мебошад: «Дар «Шоҳнома» ҳар куҷо аз базм мавзуе пеш омада, алҳақ, тавониста бо беҳтарин тарзе тасвири онро кашида, дар назарҳо муҷассам созад» [6, с. 115-116].

Маҳорати эҷодии Ҳаким Фирдавсӣ дар эҷод намудани чунин тасвирҳои ҷолиб дар сартосари «Шоҳнома» намудор гаштааст.

Фирдавсӣ дар пайванди воқеаҳои достонӣ аз равишҳои мухталиф истифода мебарад, ба мисли нақли бевоситаи гӯянда, аз қавли шахсиятҳои достонӣ ва мубадону хирадмандон, ба мубоҳисаву музокира пардохтани қаҳрамонҳо, ирсоли номаҳо ба ҳамдигар ва ғайра. Дар ин миён яке аз равишҳое, ки бештар мавриди истифода қарор мегираду хусусият ва бори ҳунариро низ бар дӯш дорад, нигоштани номаҳо мебошад, ки дар алоқамандӣ ба дигар аҷзои бавуҷудоварандаи матн қарор дорад.

Оид ба тарзу равиши хосси Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» дар хусуси пай дар пай ва дар пайвастагӣ ба ҳам омадани воқеаҳои достонӣ дар достонҳои алоҳидаи «Шоҳнома» донишманди маъруф Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб мушоҳидаи дуруст карда ва ба мавриди чунин таъкид намудааст: «Дар достонҳои «Шоҳнома» ҳар чиз бар сарҷои хеш ниҳода шудааст. Достонсаро як сухани беҳуда намегӯяд, аносиру аҷзои достон ҳама бо назму тартиб бар ҷойи худ чида шудаанд ва гӯянда ҳар як аз онҳоро дар сарҷои худ ба кор мебарад» [4, с. 80], ки ин андешаи ӯ дар мавриди достони «Бежан ва Манижа» низ дуруст меояд.

Зимнан, масъалаи нома ва номанигорӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ низ фарогири орову афкори ҳунарии шоир мебошад. Дар адабиётшиносии тоҷик пажӯҳиши ҷудогонаро дар мавзуи «Нома ва номанигорӣ дар «Шоҳнома» донишмандон Муҳаммадии Хуросонӣ ва Ҷӯрабеки Назрӣ анҷом дода, ба баъзе паҳлуҳои ҳунарии он низ таваҷҷуҳ намудаанд [12, с. **91**]. Аз таҳқиқоти донишмандони мазкур бармеояд, ки дар «Шоҳнома» вобаста ба хатти аслии достон, мазмуну мундариҷа, тартиб ва... теъдоди номаҳо зиёданд ва шумораи умумии онҳо каму беш ба саду бист мерасад. Номаҳои дар матни «Шоҳнома» омада дар ба сомон расидани қисматҳо ва бобҳои мухталиф нақши босазое доранд [12, с. 17].

Дар достони «Бежан ва Манижа» ҳам дар тақвият бахшидани бадеияти достон номаи шоҳи Эрон Кайхусрав ба Рустами Дастон мавқеи вижа дорад, Ин нома ба баҳси раҳо кардани Бежан аз зиндон иртибот дошта, дар бароварда сохтани орзуву армонҳои гӯяндаи «Шоҳнома» аз муҳимтарин аснод ба шумор меравад.

Ин номаро Фирдавсӣ аз забони Кайхусрав оғоз мекунад ва дар оғози он шоҳи Эрон Рустамро ситоиш менамояд. Ситоиши Рустам Ҷаҳонпаҳлавон нисфи матни нома – 14 байтро фаро мегирад. Пас аз он арзи матлаб ва умедвории нигорандаи нома аз ҳалли масъалаи ба миён гузошташуда баён мешавад. Оғози нома чунин аст:

Ба Рустам яке нома фармуд шоҳ
Навиштан зи меҳтар сӯи некхоҳ,
Ки «Эй паҳлавонзодаи пурҳунар,
Зи гурдони кайҳон бароварда сар,
Туӣ аз ниёкон маро ёдгор,
Ҳамеша камарбастаи корзор.
Дили шаҳрёрону пушти каён,
Ба фарёди ҳар кас камар бар миён.
Туро дод гардан ба мардӣ паланг,
Ба дарё хурӯшон зи бимат наҳанг.
Ҷаҳонро зи девони Мозандарон
Бишустиву кандӣ бадонро сарон.
Чӣ моя сари тоҷдорон зи гоҳ
Рабудиву баркандӣ аз пешгоҳ.
Басо душмано к-аз ту бечон шуда,
Басо буму бар, к-аз ту вайрон шуда.
Сари паҳлавонони лашкарпаноҳ
Ба наздики шоҳон туро дастгоҳ.
Ҳама ҷодувонро шикастӣ ба гурз,
Бияфрӯхтӣ тоҷи шоҳон ба бурз....
Туро Эзад ин зӯри пилон ки дод,
Бару бозуву чангу фаррух нажод,
Бад-он дод, то дасти фарёдхоҳ
Бигирӣ, барорӣ зи торик чоҳ [11, с. 403-405].

Фирдавсӣ дар давоми ин нома нигаронӣ ва изтироби шадиди Кайхусравро дар воқеаи гирифтории паҳлавони ҷавони Эрон – Бежан дар хоки душман бо ҳунари волои шоирӣ ба тасвир овардааст.

Маҳорати суханварии Ҳаким Фирдавсӣ дар достони «Бежан ва Манижа», пеш аз ҳама, дар тасвири лаҳзаҳои ҳассосу пурмоҷарои достон сурат гирифта, ҳамзамон дар нишон додани ишқи самимӣ ва содагиҳои муносибати ду ҷавони тачрибаи рӯзгорро надида ошкор мешавад. Ҳар як сухани ҳакимонаи шоир бо истифода аз саноеи бадеӣ оро ёфта, маншаи муассир гаштани каломи гӯянда шудааст.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки достони «Бежан ва Манижа» аз нигоҳи мазмуну мундариҷа достони ҳамосии пурҳодиса ва ишқии «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ ба шумор рафта, дар он мазомини ҳамосӣ ва ғаноӣ ҳунармандона ба ҳам омезиш ёфтаанд ва барои тақвият бахшидани ҷанбаи бадеии асар хидмат намудаанд.

Адабиёт:

1. Абдолов, Н. Достонҳои ишқӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ / Н. Абдолов. – Душанбе: Сино, 2007. – 180 с.

2. Асрорӣ, В. Достони «Шаби пеш аз марг» ва баъзе масъалаҳои жанри достон // В. Асрорӣ. Халқ ва адабиёт. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 176 с.

3. Бобоев, Ю. Назарияи адабиёт / Ю. Бобоев. Қисми 1. Муқаддимаи адабиётшиносӣ: Китоби дарсӣ. – Душанбе: Маориф, 1987. – 320 с.

4. Маҳҷуб, Муҳаммад Ҷаъфар. Офарин Фирдавсӣ / Муҳаммад Ҷаъфар Маҳҷуб. – Теҳрон: Навид, 1371. – 389 с.

5. Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт / Р. Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 336 с.

6. Нуъмонӣ, Шиблӣ, Аллома. Шеър-ул-Аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон, тарҷумаи Сайид Муҳаммад Тақӣ Фахр Доии Гелонӣ. Ҷилдҳои аввал ва дувум / Аллома Шиблии Нуъмонӣ. – Теҳрон, 1368, 264. – 333 с.

7. Сарромӣ, Қадамалӣ. Аз ранги гул то ранҷи хор. Шаклшиносии достонҳои “Шоҳнома” / Қадамалии Сарромӣ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1383. – 1087 с.

8. Сафарова, Н. Саидҷон Ҳакимзода ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори ӯ / Н. Сафарова. – Душанбе, 2025. – 264 с.

9. Турсунзода, Фирӯза. Идеалҳои эстетикии Фирдавсӣ // Садои Шарқ-1995, № 1-3. – С. 89-92.

10. Фасоӣ, Мансури Растагорӣ. Бисту як гуфтор дар бораи «Шоҳнома» ва Фирдавсӣ / Мансури Растагории Фасоӣ. – Шероз: Навид. – 542 с.

11. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ: таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2008. – Ҷилди 4. – 480 с.

12. Хуросонӣ, Алӣ Муҳаммад, Назрӣ, Ҷӯрабек. Нома ва номанигорӣ дар “Шоҳнома” / Муҳаммад Алии Хуросонӣ, Ҷӯрабек Назрӣ. - Душанбе: Бито табъ, 2011. – 236 с.

13. Шрифзода Х., Нарзиқул, М. Таърихи адабиёти тоҷик (аз аҳди адим то оғози асри XIII). Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. – Душанбе: ҶДММ «ТоРус», 2018 . – 416 саҳ.

14. Шарифзода, Х. «Шоҳнома» ва шеъри замони Фирдавсӣ / Х. Шарифзода. – Душанбе: ҶДММ «Андалеб Р», 2014. – 400 с.

15. Шарифзода, Х. Достонҳои бузурги «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ / Х. Шарифзода. – Душанбе: «Эр-граф», 2018. – 400 с.

ХУСУСИЯТҲОИ БАДЕИИ ДОСТОНИ «БЕЖАН ВА МАНИЖА»-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

Муайян кардани арзиши эстетикӣ ва падидаҳои ҳунарии «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ ҳамчун ҳамосаи ҳунарибунёд ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи шоҳномашиносон қарор дорад. Дар ин замина, таҳқиқи махсусиятҳои бадеии достони «Бежан ва Манижа», ки яке аз шоҳкорҳои лирикиву ҳамосии ин асар ба шумор меравад, барои дарки амиқи таҳаввули жанри достонсароӣ дар адабиёти форсу тоҷик аҳаммияти калони илмӣ-назариявӣ дорад.

Мақола ба баррасии хусусиятҳои эстетикиву ҳунарии достони «Бежан ва Манижа» нигаронида шудааст. Ҳадафи асосӣ — таҳлили сохтории дебочаи достон (тасвири лирикии шаб), усули манзарасозӣ (пейзаж) дар фасли баҳор, ҳунари образофариниии шоир дар тасвири базму разм ва нақши номанигорӣ дар пешрафти сужети асар мебошад.

Маводи асосии таҳқиқотро матни достони «Бежан ва Манижа» аз «Шоҳнома» ва андешаҳои донишномавии пажӯҳишгарони тоҷику хориҷӣ (Х. Шарифзода, Р. Мусулмониён, Қ. Сарромӣ, М.Р. Фасоӣ ва дигарон) ташкил медиҳанд. Дар мақола равишҳои таҳлили сохторӣ-семантикӣ, муқоисавӣ-таърихӣ ва герменевтикӣ истифода шудаанд.

Калидвожаҳо: Фирдавсӣ, «Шоҳнома», «Бежан ва Манижа», хусусиятҳои бадеӣ, дебоча, тасвири шаб, ташбеҳ, манзарасозӣ, номанигорӣ, бандубасти сужет, таҳлил, баҳор, ҳунар

ОСОБЕННОСТИ ХУДОЖЕСТВЕННОГО СТИЛЯ ПОЭМЫ «БЕЖАН И МАНИЖА» АБУЛКАСИМА ФИРДОУСИ

Определение эстетической ценности и художественных особенностей «Шахнаме» Абулкасима Фирдоуси, как бессмертного памятника искусства, всегда находится в центре внимания ученых-шахнамеведов. В этом контексте специальное исследование

художественных особенностей поэмы «Бежан и Манижа», которая считается одним из лирико-эпических шедевров этого произведения, имеет большое научное и теоретическое значение для понимания глубинных процессов эволюции жанра поэмы в персидско-таджикской литературе.

В статье рассматриваются эстетические и художественные особенности поэмы «Бежан и Манижа». Основная цель исследования — анализ структурных особенностей зачина поэмы (лирическое изображение ночи), метода пейзажа (описание природы) в весеннем эпизоде, мастерства автора в изображении сражений, а также роли олицетворения в развитии сюжета произведения.

Основу исследования составляют текст поэмы «Бежан и Манижа» из «Шахнаме» и теоретические взгляды таджикских и зарубежных ученых (Х. Шарифзода, Р. Мусулмониён, К. Сарромӣ, М. Р. Фасоӣ и др.).

В работе применяются структурно-семантический, сравнительно-исторический и герменевтический методы анализа.

Ключевые слова: Фирдоуси, «Шахнаме», «Бежан и Манижа», художественные особенности, зачин, изображение ночи, сравнение, пейзаж, олицетворение, сюжетная связка, анализ, весна, искусство

FEATURES OF THE ARTISTIC STYLE OF THE POEM «BEJAN AND MANIZHA» BY ABULQASIM FIRDAWSI

Defining the aesthetic value and artistic features of Abulqasim Firdawsi's Shahnameh, as an immortal monument of art, has always been the focus of scholars specializing in Shahnameh studies. In this context, a special study of the artistic features of the poem «Bejan and Manizha», considered one of the lyrical-epic masterpieces of this work, is of great scientific and theoretical significance for understanding the underlying processes of the evolution of the poem genre in Persian-Tajik literature.

This article examines the aesthetic and artistic features of the poem «Bejan and Manizha» The main objective of the study is to analyze the structural features of the poem's introduction (the lyrical depiction of night), the landscape technique (description of nature) in the spring episode, the author's mastery of depicting battles, and the role of personification in the development of the work's plot.

The study is based on the text of the poem «Bejan and Manizha» from the Shahnameh and the theoretical views of Tajik and foreign scholars (Kh. Sharifzoda, R. Musulmoniyon, Q. Sarromi, M.R. Fasoi, and others).

The work utilizes structural-semantic, comparative-historical, and hermeneutic methods of analysis.

Keywords: Firdavsi, «Shahnameh», «Bejan and Manizha», artistic features, introduction, depiction of night, comparison, landscape, personification, plot connection, analysis, spring, art

Маълумот дар бораи муаллиф: Зубайдова Миҷгона Насруллоевна, унвончӯи кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров – 16. тел: 918198234

Сведения об авторе: Зубайдова Мижгона Насруллоевна, соискатель кафедры таджикской литературы Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова – 16. Тел: 918198234

Information about the author: Zubaidova Mizhgona Nasrulloevna, applicant for the department of tajik literature at Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki Address**:** Republic of Tajikistan, Kulob City, Sangak Safarov street – 16, 735360 Phone**:** +992 918 198 234.

Муқарриз: Ашурова Н.Ҷ., д.и.ф., профессор
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ:81:395 (075.8)
М-48

НАҚШИ МУТОЛИАИ АДАБИЁТИ БАДЕӢ ДАР ТАШАККУЛИ ҚОБИЛИЯТҲОИ МАЪРИФАТӢ

Мамадова М.Э., унвончӯ
МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

Муқаддима. Адабиёт воситаи шинохти олам, манбаи тавонои тарбияи руҳу шахсият аст. Тавассути ифшои образҳои бадеӣ ба мо мафҳумҳои неку бад, ҳаққу ботил, росту дурӯғро медиҳад. Ҳеҷ чиз, бигзор аз ҳама пурмазмун бошад, ё ягон далели боварибахш дар он мундариҷ гардида бошад, ба шуури одам чун образи ҳақиқӣ таъсир карда наметавонад ва қувваю аҳаммияти адабиёт дар ҳамин аст. Сухан оинаест, ки дараҷаи инкишофи маънавиро равшан ифода мекунад.

Хондан технологияи рушди зеҳнӣ, роҳи ба даст овардани фарҳанг, миёнарав дар муошират, воситаи ҳалли мушкилоти зиндагӣ мебошад. Бе мутолиа рушди зеҳнӣ ва худомӯзӣ ғайриимкон аст, ки дар тули ҳаёт идома меёбад. Мутолиаи асари ҳам классикӣ ва ҳам муосир қобилиятҳои моро инкишоф медиҳад. Зеро онҳо ба дарозумрии майнаи сари инсон мусоидат мекунанд [11, с. 28].

Адабиёти бадеӣ аз хонанда меҳнати фикрӣ талаб мекунад, олами ботинии одамони дигар, эҳсосот, ҳиссиётро тасвир менамояд, ангезаҳои амали онҳоро ошкор месозад; шавқу ҳаваспо ба олами ботинии шахси дигар бедор мегардонад, ҳамдардӣ меомӯзад; ба инкишофи тафаккури эҷодӣ мусоидат менамояд.

Адабиёт ақлу ҳиссиётро инкишоф медиҳад ва доираи онро тавсеа мебахшад. Хониши зеҳнӣ фаъолияти мураккаби бисёрҷанбаи майна буда, равандҳои идрок, хотира, тафаккур, таваҷҷуҳ, тасаввурот, иродаро дар бар мегирад. Дар омӯзиши мушкилоти хониш равоншиносони рус саҳми арзанда гузоштаанд. Дар солҳои 60-уми асри гузашта Л.С. Виготский яке аз масъалаҳои мураккаби психология — муносибати забон, гуфтор ва тафаккур, робитаи фикр ва калимаро баррасӣ кардааст [7, с. 285]. Хондани китоб муҳимтарин роҳи аз худ кардан ва нигоҳ доштани иттилооти муҳимми иҷтимоӣ мебошад. Чӣ қадаре, ки мо бештар мутолиа намоем, ҳамон қадар захираи луғат, дониш, маҳорати навиштан ва қобилияти дуруст баён кардани фикр васеъ мешавад. Аз ин рӯ, аз кӯдакӣ бедор кардани муҳаббат ба китобхонӣ, шавқу рағбат ва нишон додани нақши он дар ҳаёти инсон хеле муҳим аст. Зеро сухан оинаест, ки дараҷаи инкишофи маънавиро равшан ифода мекунад. Дар саросари ҷаҳон китобхонӣ ҳамчун технологияи рушди зеҳнӣ, роҳи ба даст овардани фарҳанг, миёнарав дар муошират, василаи ҳалли мушкилоти зиндагӣ арзёбӣ мешавад. Адабиёти зеҳнӣ адабиётест, ки хатти байни илму санъатро равшан мекунад, афкори абстрактиро ба шакли бадеӣ мепӯшонад, адабиёт аст, ки дар он фаҳмиши зиндагӣ бартарӣ дорад, на тавсифи он [4, с. 662].

Дар адабиёт мафҳуми хеле муҳим — «матн» вуҷуд дорад. Маҳсули тафаккури беҳтарин устодони калом, нависандагон – «матн» аҳаммияти калон дорад. Ҷаҳонбинии одамро васеъ мекунад, ба мутолиаи боандеша, дарк кардани он фикрҳое, ки муаллиф ба воситаи образҳо ифода мекунад, одат мекунад. Қобилияти азхуд кардани забони адабӣ ва услубҳои гуногуни бадеиро инкишоф медиҳад. Хондан дар як вақт якчанд функсияҳои мураккаби маърифатиро дар бар мегирад: диққат, хотираи кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат, тафаккури абстрактӣ ва ассотсиативӣ.

Мутолиаи адабиёти бадеӣ аз хондани нашрияҳои илмӣ, таълимӣ, журналистӣ, расмӣ фарқ мекунад. Ин фаъолияти эҷодии хонанда аст, ки дар он тасаввурот ва эҳсосот нақши пешбаранда доранд. Маҳз фантастикаи «хондан» аст, ки дар бораи адабиёти маърифатӣ мегӯянд: «кор бо матн». Дар мутолиаи эмотсионалӣ хонанда ҳамчун ҳаммуаллифи нависанда баромад карда, матни хондашавандаро тахмин мекунад ва ғанӣ мегардонад.

Асарҳои адабиёти фикрӣ бисёрқабата, гуногунҷанба, мураккаб буда, заҳмати муайяни равонӣ ва сатҳи мувофиқи хонандаро талаб мекунанд. Адабиёти интеллектуалӣ асарҳои равияҳои гуногуни адабӣ — романтизм, реализм, модернизм ва ғайраро дар бар мегирад; жанрҳои гуногун — романи таърихӣ, лирикаи фалсафӣ, афсона, песа, детектив, фантастика ва ғайра мебошад, ки ҳар як ин жанрҳо дар адабиёт мавқеи худро доранд.

Хониши динамикӣ (хониши кӯтоҳ) ба зарурат табдил меёбад. Хонандаи соҳибихтисос бояд қодир бошад, ки бо суръати гуногун хонад. Суръати хониш метавонад дар дохили як матн фарқ кунад, он аз мундариҷа, ҳадафҳо, инчунин аз намуди хониш ва стратегияҳои интихобшуда вобаста аст. Оҳиста-оҳиста, мулоҳизакорӣ, чун қоида, хониши таҳлилӣ бо мақсади таҳқиқ ва азёдкунӣ мебошад. Хониши муқаррарӣ (суръати миёна) барои шиносоии умумӣ бо рӯзномаҳо, маҷаллаҳо ва адабиёти бадеӣ мувофиқ аст. Хониши суръатбахш вақте лозим аст, ки ба шумо миқдори зиёди иттилоотро азхуд кардан лозим аст. Мо одат кардаем, ки китобхониро ҳамчун машғулият, қисми кор, таҳсил ё фароғат қабул кунем. Аммо хондан инчунин як раванди нейрофизиологӣ аст, ки ба вуҷуди мо таъсир мерасонад [3, с. 211].

Адабиёт аслиҳаи тавоноест, ки барои пирӯз омадан дар набарди зиндагӣ таъсир ва нақши беназир дорад. Адабиёти тоҷик аз ҷумлаи пурғавваттарин адабиёти олам аст, ки ҳам аз образҳои мусбат ва ҳам аз образҳои манфӣ ниҳоят бой аст. Хонанда бо мутолиаи он имконият пайдо мекунад, ки тамоми ҳиссиётро аз хашму нафрат нисбат ба ҳар як чиз, дағалӣ, макру фиреб, мафтун шудан, наҷобат, далерӣ, ботамкинӣ, пуртоқатӣ, поквиҷдониро ҳис кунад. Масалан, Ёдгор аз романи «Дохунда»-и Садриддин Айнӣ, Пӯлод аз романи «Одамони ҷовид»-и Раҳим Ҷалил, Ҳасан аз достони Мирзо Турсунзода «Ҳасани аробакаш», Рӯдакӣ аз драмаи Сотим Улуғзода «Қисмати шоир» образҳои мусбатанд, ки онҳоро образи эҷодӣ ҳам мегӯянд. Шахсоне, ки бар хилофи идеали нависанда амал мекунанд, образҳои манфӣ мебошанд. Қорӣ Ишкамба аз «Марги судхӯр»-и Айнӣ, Ғаниҷонбой аз романи Ҷ. Икромӣ «Духтари оташ» образҳои манфӣ ба шумор мераванд. Образи манфиро образи қалбӣ ҳам меноманд.

Шеър низ яке аз роҳҳои қадимтарини интиқоли иттилоот ба насл аст. Жанр аз рӯйи қофия, хушоҳангӣ (эуфония) ва зебоии сухан сабук аст. Хондани пайвастаи шеър ба беҳтар шудани хотира ва пур кардани захираи луғат мусоидат мекунад. Вақту заҳмате, ки барои мутолиаи китобҳое, ки ақлу заковат мепарварад, сарф мешавад ва албатта, самараи хуб хоҳад дод. Ҳар як шахс дар зоти худ беназир аст, тафаккури инфиродӣ дорад, афзалиятҳои ҳаёт, завқ ва манфиатҳои хешро доро мебошад, бинобар ин, ҳар як дорои рӯйхати китобҳои худ аст [1, с. 237].

Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ саводнокӣ (аз ҷумла қобилияти хондан ва навиштанро) ба қатори дувоздаҳ нишондиҳандаи муҳимме, ки саломатии миллатро муайян мекунад, шомил карда, ба ин васила иддао мекунад, ки китобхонӣ барои зиндагии комил зарур аст: омӯхтан, маълумот гирифтан, муошират кардан, мушкилоти мураккаби ҳаётро ҳал намудан, ҳолати гуногуни психологиро эҳсос кардан, шодиву ҳамдардӣ кардан ва ҳайрон шудан.

Шоир ва нависанда Роберто Болано мегӯяд: «Китоб хондан ба монанди фикр кардан, дуо кардан, суҳбат бо дӯст, баён кардани андешаҳои худ, гӯш кардани андешаҳои дигарон, лаззат бурдан аз мусиқӣ, дидани манзараҳои зебо ва сайругашт дар соҳил аст» [13, с. 256].

Майнаи мо ҳангоми хондан кор мекунад - вобаста ба он чизе, ки мо мехонем, инкишоф ва тағйир меёбад, робитаҳои нав ва тасвирҳои гуногун эҷод мекунад. Хондан зичии пайвастҳои асабро зиёд мекунад. Вақте ки мехонем, майнаи мо тағйир ва инкишоф меёбад. Хондан сабру тоқат, саъй ва қатъиятро талаб мекунад. Он бояд мунтазам ва пайваста машқ карда шавад.

Мағзи сар, ки минтақаҳои гуногунро барои иҷрои вазифаҳои хониш мутобиқ месозад: кортекси визуалӣ ва моторӣ, марказҳои нутқ ва шунавоӣ (ҳатто агар мо бо овози баланд нахонем, балки ба худамон), мағзи сар, қисмҳои пешӣ ва муваққатӣ, унсурҳои системаи лимбӣ барои хотира масъул аст. Раванди шинохтан ва рамзкушоӣ кардани ҳарфҳо ба калимаҳо ва сипас ба маънои танҳо ҳадди ақал ҳашт минтақаи майна ва иртиботи асаби байни онҳо фаъол мешавад. Хондан дар як вақт якчанд функсияҳои мураккаби маърифатиро дар бар мегирад: диққат, хотираи кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат, тафаккури абстрактӣ ва ассотсиативӣ. Чӣ қадаре ки матн

аз мо фаҳмиши амиқтар ё тахайюлоти инкишофёфтаро талаб кунад, майнаи мо ҳамон қадар бошиддат кор мекунад.

Хондан диққат ва хотираро тарбия мекунад. Бо таҳмил намудани сарбории мунтазам ба майна, мо ҳадди ақал нейронҳоро дар ҳолати корӣ нигоҳ медорем - ҳуҷайраҳои асаб, ки моддаи хокистарии майнаро ташкил медиҳанд ва минтақаҳои алоқаи байни онҳо – синапсҳо фаъол мегарданд. Агар дар айни замон мо чизи навро ёд гирем, пас мо дар эҷоди робитаҳои нави асабӣ дар майна саҳм мегузорем. Ин маънои онро дорад, ки тавассути мунтазам «гиронидани» нейронҳо ва синапсҳо дар минтақаҳои майна, ки дар раванди хондан иштирок мекунанд, мо вазифаҳоеро нигоҳ медорем, ки барои онҳо масъуланд ва диққат ва хотира аз ҳамин ҷумла мебошанд. Агар тарбия накунанд, маҳз онҳо, пеш аз ҳама, дар пирӣ азоб мекашанд [11, с. 28].

Таҳқиқоти илмӣ нишон доданд, ки ҷалби зиёд ба фаъолияти зеҳнӣ дар синни барвақт ва миёна хатари гирифтор шудан ба бемории алтсгеймерро дар пиронсолӣ коҳиш медиҳад. Барои беҳтарин таъсир, фаъолияти зеҳнӣ бояд гуногун бошад. Хондани китоб чунон сода, вале дар айни замон самаранок аст, ки онро ба як кори «асосӣ» табдил додан, масалан, бо омӯзиши забонҳои хориҷӣ, бозии шоҳмот, кроссвордҳо ва муаммоҳо пурра кардан мумкин аст.

Ҳангоми мутолиаи адабиёти бадеӣ қувваи хаёлот ба мо кумак мекунад, ки дар бораи он китоб фикр кунем. Майна ба ҳодисаҳо ва предметҳои дар китоб зикршуда тавре муносибат мекунад, ки гӯё хонанда бо онҳо дар ҳақиқат сарукор дошта бошад. Масалан, вақте ки мо калимаи «қаҳва»-ро мехонем, майдони майна барои бӯй фаъол мешавад, гӯё мо бӯи қаҳваро ҳис мекунем ва ё ба хотир меорем [3, с. 25].

Таъсири он чизе, ки мо мехонем ба майна, ҳатто, пас аз он ки мо аз хондан дур мешавем ва ба ҷаҳони воқеӣ бармегардем, идома меёбад. Инро таҳқиқоте, ки дар Донишгоҳи Эмори (ИМА) гузаронида шудааст, тасдиқ кардааст. Дар он ҷо донишҷӯён бегоҳӣ ихтиёрӣ китоб мутолиа мекунанд ва баъд аз он ҳар пагоҳӣ аз муоинаи магнитии резонанси майна мегузаранд. Муҳаққиқон барои мавзуъҳо романи таърихии «Помпей»-и Роберт Ҳаррисро интихоб карданд. Ба туфайли сюжети тезу тунд ва драматикӣ, вай хонандагонро то охир дар ташвиш мемонад [13, с. 72].

Пас аз он ки онҳо хонданро оғоз карданд ва дар тули омӯзиш, донишҷӯён пайвастагиҳои фаъолро дар шакли гиреҳҳо ва пайвастагиҳо дар минтақаҳои гуногуни майна пайдо карданд, муҳаққиқон ин падидаро афзоиши пайвастагӣ номиданд. Афзоиши пайвастагӣ на танҳо дар минтақаҳои нутқи майна, балки дар соҳаҳое, ки барои функсияҳои соматосенсорӣ ва моторӣ масъуланд, зоҳир мешуд. Ин соҳаҳо дар эҷоди дарки мо дар бораи эҳсосоти ҷисмонӣ иштирок мекунанд. Масалан, вақте ки мо давиданро тасаввур мекунем, майна фаъол мешавад. Воқеаҳои романро ҳамдардӣ карда, мо гӯё худамон онҳоро ба маънои аслӣ эҳсос мекунем.

Психологҳои амрикоӣ исбот карданд, ки мутолиаи адабиёти бадеӣ дарки шуури каси дигарро зиёд мекунад. Шарти муҳим: он бояд адабиёти баландсифат бошад.

Хондан стрессро рафъ мекунад. Он хотираро беҳтар мекунад, парешониро коҳиш ва зеҳни эҳсосиро инкишоф медиҳад

Ба шарофати таъсири канда шудан аз воқеият, хондан стрессро беҳтар аз роҳ рафтан ва гӯш кардани мусиқӣ бартараф мекунад. Агар шумо назди китоб бо як пиёла чой ё қаҳваи дӯстдоштаатон нишинед, шумо сабукиро боз ҳам тезтар ҳис хоҳед кард. Фарқ надорад, ки шумо маҳз чиро мехонед - романе, ки ҷоизаи миллӣ гирифтааст, ё достони одии детектив. Муҳим он аст, ки раванд шуморо ба худ ҷалб мекунад.

Ҳангоми яке аз таҷрибаҳо дар Донишгоҳи Сассекс (Британиё) як гурӯҳи ихтиёриён аввал сатҳи фишори худро ба таври сунъӣ баланд бардоштанд, сипас ба онҳо якчанд роҳҳои истироҳат карданро пешниҳод карданд, ки пас аз он сатҳи стресс дубора чен карда шуд (нишондодҳо суръати дил ва мушакҳо буданд). Роҳҳои истироҳат хондани китоб, гӯш кардани мусиқӣ, бозӣ кардан, сайру гашт, нӯшидани як пиёла чой ё қаҳва буданд. Пас маълум шуд, ки хондан аз ҳама самараноктарин буд - он сатҳи стрессро 68% коҳиш дод, сарфи назар аз он, ки субъектҳо ҳамагӣ 6 дақиқа барои хондани китоб сарф мекарданд [13, с. 56].

Натиҷаи дигари таҷриба гӯш кардани мусиқӣ буд - ин фаъолият сатҳи стрессро 61% коҳиш дод. Як пиёла чой ё қаҳва онро 54%, сайругашт 42% ва сеанси бозии видеоӣ ҳамагӣ 21% кам кардааст.

Нейропсихологи маъруф Дэвид Люис, ки ин пажуҳишро анҷом додааст, таъсири оромбахши китобхониро ба он рабт дод, ки одамон дар ҷаҳони хаёлии китоб об мешаванд ва ба ин васила аз ташвишу фишорҳои рӯзмарра дур мешаванд.

Неврологҳо дар бораи одамоне, ки китобхонӣ мекунанд, мушоҳидаҳои хеле ҷолиб анҷом доданд. Дар натиҷаи таҷрибаҳо маълум шуд, ки мутолиаи адабиёти бадеӣ ба ташаккули робитаҳо дар соҳаҳои муайяни функсионалии майна мусоидат мекунад. Гузашта аз ин, қироати шеър нисбат ба мутолиаи наср дар рушди робитаҳои асаб таъсири бештаре дошт. Илова бар ин, фаъолияти майнаи хонандагон вобаста ба хондан ё фикр кардан дар бораи он чизе, ки хондаанд, фарқ мекард. Мутолиаи шеър ба фаъолияти баъзе узвҳое, ки барои забон, хотира, эҳсосот ва дигар вазифаҳо масъуланд, таъсир мерасонд. Омили муҳимми ин таҷриба сатҳи ибтидоии донишомӯзии донишҷӯён буд - донишҷӯёни хубхонда сатҳи баланди фаъолияти майнаро сабт карданд. Хулосаи дигари муҳимми асабшиносон ин изҳорот буд, ки аслан барои майна муҳим нест, ки аз китоби чопӣ ё электронӣ мехонад, балки ин китоби чопист, ки манбаи лаззати эстетикӣ аст.

Нависандаи маъруфи рус Максим Горкий гуфта буд, ки адабиёт илми инсонист. Қувваи адабиёти бадеӣ, пеш аз ҳама, дар таъсири эстетикии он аст. Ин санъатест, ки қувваҳои маънавии инсон: ақл, ҳиссиёт, мафҳумҳои эстетикиро ба кор меандозад. Тарбияи эстетикӣ дар одамон тарбия намудани қобилият ва эҳтиёҷоти дидан, дарк кардан ва қадр кардани зебоиро бо тамоми зуҳуроти он ва ба ҳаёт татбиқ намудани он, маҳорати дарк намудани чизи олӣ, фоҷиавӣ ва ҳазловар мебошад.

Мутолиаи адабиёти бадеӣ ба хонанда имкон медиҳад, ки аз маҳдудиятҳои замон ва фазо берун рафта, дар ҷаҳони асарҳои бадеӣ шино кунад. Асарҳои классикӣ ва муосир ба инкишофи тасаввурот, тафаккури эҷодӣ ва фаҳмиши амиқи ҷаҳон мусоидат мекунанд. Адабиёти бадеӣ як оинаест, ки инсонро ба худ ва ҷаҳони гирду атроф муаррифӣ мекунад. Он ба мо кумак мекунад, ки ҳақиқати зиндагӣ, муҳимммияти муҳаббат, дӯстӣ, вафодорӣ ва дигар арзишҳои инсониро дарк кунем.

Инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ тавассути мутолиа як раванди пайваста ва тадричӣ аст. Мактаб ва оила бояд дар ин раванд нақши асосӣ бозанд, то аз кӯдакӣ муҳаббати китобхониро дар дили фарзандон ҷой диҳанд. Фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои мутолиа, дастрасӣ ба осори гаронбаҳо ва ташкили чорабиниҳои адабӣ метавонад ба афзоиши сатҳи фарҳанги маънавии ҷомеа мусоидат намояд.

Гарчанде ки дар асри XXI технологияҳои рақамӣ хеле рушд ёфтаанд, китобҳои чопӣ ва мутолиаи онҳо ҳамчунон аҳаммияти худро гум накардаанд. Нашрияҳои электронӣ низ дар баробари китобҳои анъанавӣ метавонанд ба инкишофи зеҳнӣ ва маънавӣ мусоидат кунанд, аммо муносибати хос ва дигар хел ба онҳо муносибат кардан лозим аст. Мутолиаи мунтазами ҳам адабиёти классикӣ ва ҳам муосир, на танҳо доираи дониш ва захираи луғавии инсонро васеъ мегардонад, балки ба инкишофи тафаккури танқидӣ, таҳлилӣ ва эҷодӣ низ мусоидат мекунад.

Исботи он, ки хондан ба инкишофи минтақаҳои мағзи сар, ки барои забон, моторика ва ҳамчунин барои қобилиятҳои иҷтимоӣ ва эҳсосотӣ алоқаманданд, як зарбаи бузург дар баёни аҳаммияти адабиёт аст. Ин баёнот, ки ҳатто дар баъзе мавридҳо аз методологияи классикии таҳқиқоти мағзи сар иборат аз «гулҳо ва пайвандҳо» сухан меронанд, нуқтаи назари нав ба ҳамбастагии мағзи инсон ва азхудкунии иттилоотро баён мекунанд. Ҳар як калимаи хондашуда, ҳар як саҳифаи нав, ки кушода мешавад, мисли эҷоди як синапсиси нав ё тақвияти роҳҳои мавҷуда дар мағзи сар мебошад.

Хондани силсилаи китобҳои мухталиф, аз эҷодиёти классикҳо то адибони замони муосир, ба одамон на танҳо имкон медиҳад, ки дар бораи мушкилоти худ ва таҷрибаашон маълумот гиранд, балки дар ҳамин ҳол ба онҳо имкон медиҳад, ки аз доираи маҳдуди шахсии хеш берун бароянд. Адабиёти бадеӣ, ки дар он сюжет ва аломатҳо бо тафсилоти зиёд тасвир шудаанд, ба хаёл ва тасаввуроти хонанда шиддат мебахшад. Ин ба хонанда имкон медиҳад, ки

на танҳо дар масъалаҳои иҷтимоӣ ва эҳсосотӣ, балки инчунин дар баёни мушкилоти зиндагӣ, дарки табъизи замонавӣ ва мушкилоти ҳақиқӣ, ки дар ҳама давру замон вуҷуд доштанд, шиносоӣ пайдо кунанд.

Ин раванд, ки ба ташаккули шахсият мусоидат мекунад, на танҳо аз таҳияи доираи дониш ва захираи луғатӣ иборат аст. Ин раванд ба ташаккули тафаккури танқидӣ, қобилияти таҳлил ва муқоисаи ахбор, инчунин ба инкишофи эмпатия ва фаҳмиши дигарон мусоидат мекунад.

Агар мо аз инкишофи фарҳанги маънавӣ маълумот диҳем, он гоҳ мутолиаи адабиёти бадеӣ ҳамчун як омили асосӣ дар ин бобат баромад мекунад. Инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҳсосӣ, ки тавассути адабиёт ба даст меояд, метавонад дар ташаккули шахсияти мутавозин ва устувор нақши муҳим бозад. Муҳиммияти ин раванд дар он аст, ки он ба ташаккули арзишҳои ахлоқӣ, инсондӯстӣ ва дарки зебоӣ мусоидат мекунад. Вазифаи хонавода ва муассисаҳои таълимии мо ин аст, ки ин муҳаббатро ба китобхонӣ дар дили насли наврас ҷой диҳанд.

Хулоса. Мутолиаи адабиёти классикӣ бештар ба рушди зеҳнӣ таъсир мерасонад. Маҳз ҳамин гуна адабиёт, ки сюжети мураккаб дорад, на танҳо ақлу хирад, балки маҳоратҳои зиёди эмотсионалӣ, аз қабили ҳамдилӣ, маҳорати худро ба ҷои каси дигар гузоштан беҳтар инкишоф меёбад. Умуман, дар он малакаҳое, ки зеҳни эмотсионалӣ номида мешаванд, адабиёти бадеӣ як навъ солномаи ҷамъияти инсонӣ, воситаи тавонои маданияти башарӣ, воситаи бузурги тарбияи насли наврас мебошад.

Умуман адабиёт яке аз роҳҳои шинохти ҷаҳон, инсоният ва худ аст. Адабиёт беҳтарин воситаи баёни афкор, нуқтаи назари муаллиф, муносибати ӯ ба ҳаёт ва воқеият мебошад. Ҳар як нависанда олами бадеии худро меофарад, ки ин ё он хонанда бо он розӣ мешавад ва қабул мекунад. Умуман, адабиёт яке аз роҳҳои шинохти ҷаҳон, инсоният ва худ аст. Адабиёт беҳтарин воситаи баёни афкор, нуқтаи назари муаллиф, муносибати ӯ ба ҳаёт, воқеият мебошад. Адабиёт ҳам мисли илм қувваи бузурги маърифатӣ дорад. Вай барои дар байни наслҳои наврас паҳн намудани маърифату маданият мусоидат мекунад.

Адабиёт:

1. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ. 4. Марги судхӯр. Дохунда / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1961. – 412 с.
2. Бахтин М.М. Литературно-критические статьи/ М.М. Бахтин. – Москва: Художественная литература, 1986.- 543с.
3. Бахтин, М.М. Эстетика словесного творчества/ М.М. Бахтин. – Москва: Искусство, 1986.-445с.
4. Балатукова, З.И. Роль художественной литературы в воспитании молодого поколения /З.И. Балатукова// Молодой ученый. — 2015.-№15 (95).- С.661-663
5. Бехтерева, Н.П. Магия мозга и лабиринты жизни / Н.П. Бехтерева. – Санкт-Петербург: Нотабене, 1999. – 299 с.
6. Большой психологический словарь / под ред. Б.Г. Мещерякова, В.П. Зинченко. – 4-е изд. – Москва: Прайм-Еврознак, 2009. – 816 с.
7. Выготский, Л.С. Мышление и речь / Л.С. Выготский. – Москва: Лабиринт, 1999. – 352 с.
8. Каган, М.С. Философская теория ценности / М.С. Каган.- Санкт – Петербург: Петрополис, 1997.-205с.
9. Пранцова Г.В., Романичева. Е.С. Современные стратегии чтения: теория и практика. Смысловое чтения и работа с текстом: учебное пособие/ Г.В. Пранцова, Е.С. Романичева.- М.: ФОРУМ, 2015.-368 с.
10. Рубинштейн, С.Л. Основы общей психологии / С.Л. Рубинштейн. – Санкт-Петербург: Питер, 2002. – 720 с.
11. Чакова, И.Н. Влияние художественной литературы на формирование личности младших школьников/ И.Н. Чакова // Тр. междунар. конф. «Общество, культура, личность. Актуальные проблемы социально-гуманитарного знания».— Оренбург, 2013.

12. Черниговская, Т.В. Чеширская улыбка кота Шрёдингера: язык и мозг / Т.В. Черниговская. – Москва: Языки славянской культуры, 2013. – 448 с.

13. Bolano, Roberto. 2666. Translated by Natasha Wimmer.- New York: Farrar, Straus and Giroux, 2008.-898p.

НАҚШИ МУТОЛИАИ АДАБИЁТИ БАДЕӢ ДАР ТАШАККУЛИ ҚОБИЛИЯТҲОИ МАЪРИФАТӢ

Дар мақолаи мазкур таъсири мутолиаи адабиёти бадеӣ барои инкишофи қобилиятҳои маърифатии (когнитивии) инсон таҳқиқ ва таҳлил шудааст. Муаллиф қобилиятҳои маърифатӣ: хотира, таваҷҷуҳ, тафаккури абстрактӣ, зеҳни эҳсосӣ (эмпатия) ва ташаккули шахсиятро ба сифати омили муҳим барои инкишофи инсоният мавриди баррасӣ қарор додааст.

Нақши мутолиа дар раванди мураккаби нейрофизиологӣ ва психологӣ шарҳ дода шудааст, ки дар натиҷаи он қувваҳои зеҳнии хонандагон тақвият меёбад. Адабиёти классикӣ ва муосир ба фаъолсозии хотираи кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат, тақвияти тафаккури абстрактӣ ва ассотсиативӣ, инчунин ташаккули зеҳни эҳсосӣ мусоидат мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти равоншиносӣ ва нейрофизиологӣ нишон медиҳанд, ки мутолиаи мунтазами адабиёт робитаҳои нейрониро дар мағзи сар тақвият бахшида, сатҳи стрессро паст карда, инқишофи зеҳнро баланд мебардорад ва хатари бемории алтсҳеймерро дар пиронсолӣ коҳиш медиҳад.

Калидвожаҳо: адабиёти бадеӣ, қобилиятҳои маърифатии инсон, мутолиа, нейрофизиология, тафаккур, хотира, зеҳни эҳсосӣ (эмпатия), инкишофи шахсият

РОЛЬ ЧТЕНИЯ ХУДОЖЕСТВЕННОЙ ЛИТЕРАТУРЫ В ФОРМИРОВАНИИ ПОЗНАВАТЕЛЬНЫХ СПОСОБНОСТЕЙ

В данной статье исследовано и проанализировано влияние чтения художественной литературы на развитие когнитивных способностей человека. Автор рассматривает когнитивные способности — память, внимание, абстрактное мышление, эмоциональный интеллект (эмпатию) и формирование личности — в качестве важнейшего фактора развития человека.

Описана роль чтения в сложном нейрофизиологическом и психологическом процессе, в результате которого укрепляется интеллектуальный потенциал читателей. Классическая и современная литература способствует активизации кратковременной и долговременной памяти, усилению абстрактного и ассоциативного мышления, а также формированию эмоционального интеллекта.

Результаты психологических и нейрофизиологических исследований показывают, что регулярное чтение литературы укрепляет нейронные связи в головном мозге, снижает уровень стресса, повышает уровень интеллектуального развития и снижает риск развития болезни Альцгеймера в пожилом возрасте.

Ключевые слова: художественная литература, когнитивные способности человека, чтение, нейрофизиология, мышление, память, эмоциональный интеллект (эмпатия), развитие личности.

THE ROLE OF READING FICTION IN THE DEVELOPMENT OF COGNITIVE ABILITIES

This article investigates and analyzes the impact of reading fiction on the development of human cognitive abilities. The author examines cognitive abilities—memory, attention, abstract thinking, emotional intelligence (empathy), and personality formation—as a vital factor in human development.

The role of reading in a complex neurophysiological and psychological process that strengthens the intellectual potential of readers is described. Classical and contemporary literature

contributes to the activation of short-term and long-term memory, the enhancement of abstract and associative thinking, and the development of emotional intelligence.

The findings of psychological and neurophysiological research demonstrate that regular reading strengthens neural connections in the brain, reduces stress levels, enhances intellectual development, and lowers the risk of developing Alzheimer's disease in older age.

Keywords: fiction, human cognitive abilities, reading, neurophysiology, thinking, memory, emotional intelligence (empathy), personality development.

Маълумот дар бораи муаллиф: Мамадова Матлуба Эргашевна**,** унвонҷӯйи кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», Суроға**:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд. E-mail**:** hammor@mail.ru. Телефон**.:** (+992) 92 728 30 74

Сведения об авторе: Мамадова Матлуба Эргашевна, соискатель кафедры социальной и профессиональной психологии ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова», Адрес**:** 734025, Республика Таджикистан, Худжанд. E-mail**:** hammor@mail.ru. Телефон**.:** (+992) 92 728 30 74

Information about the author: Mamadova Matluba Ergashevna**,** is a candidate of the Department of Social and Professional Psychology, SEI «KhSU named after acad.B.Gafurov», Address: 734025, Republic of Tajikistan, Khujand. E-mail: hammor@mail.ru. Телефон.: (+992) 92 728 30 74

Муқарриз: Рустамшозода Ш.Р., д.ф. (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси забоншиносӣ, дотсент Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ: 81+930.27 (075.8)
О-33

ГИДРОНИМИЯИ «НИГОҲЕ БА ТАЪРИХ ВА ТАМАДДУНИ ОРИЁӢ»-И ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

Одинаева Ҳ., ассистент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Саидзода М.Б., постдокторант
Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии АМИТ

Забони адабии тоҷикӣ дорои таркиби устувору пурғановат буда, яке аз қабатҳои луғавии онро номҳои ҷуғрофӣ, яъне топонимҳо ташкил медиҳанд. Топонимҳо низ дар навбати худ вобаста ба фарогирии номҳои мавзеъҳои мухталифи ҷуғрофӣ ба чандин зергурӯҳҳо тақсим мешаванд. Чунончи, ойконимия, гидронимия, оронимия, этнотопонимия, агрономия, эрготопонимия, хрематонимия, хоронимияи шаҳрӣ, потомонимия, лимонимия ва амсоли инҳо.

Гидроним- номи мавзеи ҷуғрофии ба об алоқаманд (дарё, баҳр, ҳавз, чашма, шаршара, шаршар ва ғ.), гидронимия- маҷмуи номҳои мавзеъҳои обӣ.

Баъзан дар ономастика (номшиносӣ) барои ифодаи таълимот оид ба тадқиқу таҳқиқи гидронимия истилоҳи «гидронимика» истифода мегардад.

Доир ба ин қабати номҳо ва дараҷаи истеъмоли онҳо дар забоншиносии тоҷикӣ корҳои таҳқиқии пурмуҳтаво таълиф гардидаанд ва аз онҳо доир ба ин истилоҳот маълумоти зарурӣ пайдо намудан мумкин аст. Мо зимни ин гузориши илмӣ тасмим гирифтем, ки роҷеъ ба ташаккули гидронимияи «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёи»-и Пешвои миллат, Эмомоалӣ Раҳмон маълумоте чанд бидиҳем.

Аз ин навиштаҳо аён мегардад, ки мафҳуми об чун мавҷудоти табиат дар илмҳои дигар низ мавриди муҳокима қарор мегирад. Дар забоншиносӣ низ доир ба вожаи об ва вижагиҳои луғавии он чун вожаи аслан тоҷикӣ корҳои таҳқиқии зиёд ба анҷом расидааст. Дар ин ҷода метавон чанде аз осори таълифнамудаи муҳаққиқони ин соҳаро зикр намуд, ки роҷеъ ба гидронимҳо ва вижагиҳои онҳо маълумоти ҷолиберо фаро гирифтаанд: В. Гейгер, И. Маркварт, Е. Бенвенист, И.М. Оранский, М. Боголюбов, В.И. Абаев, Иброҳим Пури Довуд, В. Айлерс, И.М. Стеблин – Каменский, Эҳсони Баҳромӣ, А.Л. Хромов, С. Сулаймонов, В. Айлерос, Аҳмад Хусрави Табрезӣ, В.Р. Дворянков, В.И. Савина, А. Сагаева, Л.Л. Грюнберг, С.К. Қодирова, Т. Нафасов, Т. Раҳматов, З.Д. Дусимов, Н.А. Аскаров, С. Атаниёзов, С. Губаева, Е. Койчубаев, Р.Х. Додихудоев, «Фарҳанги ҷуғрофиёи Эрон», «Қомуси ҷуғрофиёи Афғонистон», Р.Х. Додихудоев, Н. Офаридаев, А. Абдунабиев, Ҷ. Алимӣ, Ш. Исмоилов, А. Насраддиншоев, А. Шохуморов, У.Т. Булбулшоев, О. Маҳмадҷонов ва Ш. Ҳайдаров анҷом дода шудаанд.

Гидронимҳо дорои хусусияти зиёди забонӣ, таърихӣ ва ҷуғрофианд. Шумораи умумии номҳои ба об алоқаманд ва ё гидронимҳо (аз калимаи юнони hidro-«об») тавассути мавҷудияти шаклу муродифоти зиёд аз худи шумораи мавзеъҳои обӣ зиёдтаранд. Як дарё ё баҳр дар тули таърих метавонад чандин маротиба номи худро табдилу тағйир диҳад [1, с. 92].

Мавзуи омӯзиши гидронимика метавонанд ҳамчун як навъи махсуси исмҳои хос ба таври умумӣ ва ҳамчунин гидронимҳои замон, ҳудуд ва ё минтақаи муайян бошанд. Номҳои мавзеъҳои обии калон (дарё ва баҳрҳо) маъмулан таърихи хеле қадима доранд. Аксаран гидронимҳо аз номи худи нуқтаҳои маскунӣ (ойконимҳо), ки дар соҳилҳои дарёҳо ва ҳавзҳо баъдан пайдо шудаанд, қадимтаранд, зеро номи шаҳру деҳот дар даврaҳои сабти хаттии номҳо (маъхаз ва сарчашмаҳои хаттӣ) маълум шуда мемонанд. Чунин ҳодиса низ рӯй доданаш мумкин аст, ки номи дарё дуввумбора аз номи нуқтаи маскунӣ ташаккул меёбад. Масалан, Э.М. Мурзаев (1974) зикр менамояд, ки як хусусияти топонимияи Син-Сзян ва қисман Осиёи Миёна аз он иборат аст, ки номи дарёҳо аз номи шаҳрҳою маҳалҳо ташаккул ёфтаанд: дарёҳои Яркент, Хутан, Қашқардарё, Тошқурғон. Ҳодисаи баръакс, яъне ташаккули номҳои нуқтаҳои маскунӣ аз номи дарёҳо зиёдтар мушоҳида мешаванд.

Бояд донист, ки маҳз тавассути омӯзиши маводи гидронимӣ омӯзиши фанҳои таърих, ҷуғрофия, демография, этнография осон гардида, дар натиҷаи омӯзиш маълумоти архаистии дар тули қарнҳо аз хотираҳо зудудашуда рӯйи кор меоянд.

Дар ибтидо ва қабл аз таҳлили гидронимҳо (номи чашмаҳо) мехоҳем дар бораи сайри таърихӣ, этимология (таърихи пайдоиш) ва маънои вожаи «чашма» дар асоси сарчашмаҳои муътамад ва асару мақолоти илмӣ ҳарф бизанем. Фикру андеша ва мулоҳизаронихои зиёд доир ба пайдоиш ва таърихи баромади вожаи «чашма» вуҷуд дорад.

Вожаи об дар порсии қадим арі, авестоӣ ар, суғдӣ ар, санскрит āра (ār) [13, с. 63]

Вожаи «ҷов» нахустин номи «об» аст, ки баъдан ба вожаи «ёв» табдил шуд. Вожаи «ёв» дастикам 4 ҳазор сол қабл дар забони форсӣ ба кор мерафт. Ин вожа ҳамакнун дар забони башгардӣ ва гунаҳое аз забони курдӣ ба кор меравад. Дар забони форсии расмӣ ҳанӯз осори вожаи «ҷов» аст, мисли «ҷавон» ё «ҷовидон». Ҳамчунин, осори вожаи «ёв» низ ҳаст, мисли «ёва» ва «ёвур». Ва ҳам дар бархе забонҳои бумӣ, ки ба куллӣ вожаи «ёв» - ро фаромӯш кардаанд, дар таркиби калимот ва номҳое, ки ба кор мебаранд, ба таври ошкоро вожаи «ёв» ҳаст. Масалан дар Лористон, навъе сусмоҳии мисрӣ мешавад, ки «Маҳёва» ном дорад ва ҷузъи аслии он навъе моҳии зер бо номи «Матувто» [matutā] ё ба забони лористонӣ «Мавтув» [motu] бо иловаи об ва миқдори зиёди намак аст. Ин «моҳии ёва», яъне «моҳии об», дар баъзе манотиқ «Моҳиёва» [mah. yāva] ва дар Лористон тибқи суннати мухтасаргӯи «Маҳва» [maøva] талаффуз мегардад [6, с. 78]

Об - аз порсии миёна (паҳлавӣ) «p̄» тарзи хонишаш /āb/, усули хонданаш /ap/, аз решаи пеш - эронӣ «Нар» [дарбардорандаи авестоӣ «□□» усули хонданаш /ap/, курдӣ - суриёнӣ «ئاو» ба хониш /āw/, курдӣ - кармончӣ «av» ба хониши /āv/, пашту «اوبه» ба хониш /obë/ , балучӣ «آب» ба хониш /āp/، мозандаронӣ «او» ба хониш /oww/, толушӣ «آو» ба хониш

/āv/, решаи пеш - ҳинду - эронӣ [ниё - ҳинду - эронӣ] «Нар», санскритӣ «नर» усули хонишаш /ár/, аз решаи пеш ҳиндуаврупоӣ « - h_2ер» ба маънои «об» аст [6, с. 19]

Гидронимҳо баъзан имкон медиҳанд, ки номҳо ва ё лақабҳои қадимаи одамон барқарор шаванд, ки дар сарчашмаҳои хаттӣ сабт нагаштаанд. Баъзан чунин лақабу номҳо дар таркиби номҳои нуқтаҳои маскуни вуҷуд дошта, баъдан ба таркиби номи дарё, рӯд, ҳавз ва ё чашмаҳои атрофи он мегузарад. Махсусан, ҳамин хусусияти гидронимҳо дар маводи топоними асари мавриди таҳқиқи мо зиёд зоҳир гаштааст. Чунин шуданаш ҳам мумкин аст, ки лақаб ва номи одамон фақат дар таркиби гидроним боқӣ монда, дар номи одамони наслҳои минбаъда дучор намешавад.

Барои халқҳои ориёинажод дар гузаштаи дур обҳо аҳаммияти зиёд дошта, дар шакли номи худоҳо инъикос мегаштанд. Ҳатто дарёҳо метавонистанд сарчашмаи пайдоиш ва ташаккули этникии қавму қабилаҳои алоҳида гарданд.

Этнограф ва табиатшиноси маъруфи англис Дж. Лёббок чунин нигоштааст: «…Бешубҳа, дарёҳо мавҷуди зиндаанд. Ҳаракати мунтазам, сатҳи мавҷноки он ҷунбиши растаниҳои обӣ, садо ва овозҳои гуногуни он, покӣ ва софии об - ҳамаи ин дар маҷмуъ ҳатто ба тафаккури шахси мутамаддин таассуроти хосае бахшида метавонад [Лёббок, 1896, с.193-194].

Гидронимҳо баъзан имкон медиҳанд, ки номҳо ва ё лақабҳои қадимаи одамон барқарор карда шаванд, ки дар сарчашмаҳои хаттӣ сабт нагаштаанд. Баъзан аз ҷумлаи лақабу номҳо дар таркиби номҳои нуқта-ҳои маскунӣ вуҷуд дошта, баъзан ба таркиби дарё, рӯд, ҳавз ва ёчашмаҳои атрофи он мегузарад. Махсусан, ҳамин хусусияти гидронимҳо дар маводи топонимии минтақаи Кӯлоб зиёд зоҳир гаштааст. Чунин шуданаш ҳам мумкин аст, ки лақаб ва номи одамон фақат дар таркиби гидроним маҳфуз монда, дар номи одамони наслҳои минбаъда дучор намешавад. Обҳои Замин – ҷоришаванда ва ҷоринашаванда, аз хусусиятҳои табиию ҷуғрофӣ, таркиби химиявӣ ва дигар аломату нишонаҳои фарқкунандаашон гуногун мешаванд. Шахсоне, ки ба мавзеъҳои об ном мениҳанд, ҳатман ягон аломату нишонаи фарқкунандаи онро ба инобат мегиранд. Фақат ҳаминро зикр кардан зарур аст, ки оби ҷоришаванда дар тули таърих метавонад аломату нишонаи ибтидоии худро аз даст диҳад ва ё тағйири шаклу хусусият намояд, ки ин минбаъд кори таъини маънии он номро мушкил менамояд.

Худи аломату нишонаҳои мухталифи мавзеъҳои обӣ дар номи он инъикос меёбад. Дар гидроним хусусиятҳои ҷоришавии об, ранг ва бӯйи он, хусусиятҳои шохобҳову соҳилҳои он, аломатҳои хок, вуҷуд доштани навъҳои набототу ҳайвонот дар соҳилҳо, навъи моҳиҳо дар об ифода мегардад. Ба ибораи дигар, гидронимия метавонад маълумотномаи муфиду нодире барои ҷуғрофия, гидрология, геология, кимиё, хокшиносӣ, ботаника, зоология, таърих ва забоншиносӣ гардад. Масалан, агар дарё хираранг ва ё хокистарӣ бошад, эҳтимолан, дар қаъри он ва ё ибтидояш омехтаҳои мухталифи кимиёвӣ вуҷуд доранд [2, с. 45-50]. Барои халқҳои ориёинажод дар гузаштаи дур обҳо аҳаммияти зиёд дошта, дар шакли номи худоҳо инъикос мегаштанд. Ҳатто дарёҳо метавонистанд сарчашмаи пайдоиш ва ташаккули этникии қавму қабилаҳои алоҳида гарданд.

Дар ҳудуди мавзеъҳои таърихии тоҷикнишин дар асоси манбаъҳои таърихӣ мавҷуд будани чунин дарёҳо ва шохобҳои дарёҳои хурду калон, наҳрҳо қайд гардидааст: Вахш [Vaxš], Кофарниҳон [Kāfarnihān], Қаратоғ [Qaratāγ], Қашқадарё [Qašqadaryā], Қизилсу [Qizilsu], Оқсув [Āqsuv], Ому [Āmu], Панҷ [Panj], Сир [Sir], Хингоб [Xingāb], Сурхоб [Surxāb], Яғноб [Yaγnāb], Яхсу [Yaxsu], Зарафшон [Zarafšān], Ҳинд [Hind], Қизилсу [Qizilsu], Аму [Amu], Аракс [Arks], Арей (Ҳарируд) [Arey], Атреӣ [Atren], Акес [Akes], Вахш [Vakhs] дар маҷмуъ 38 номи дарё зикр ёфтааст

Бояд гуфт, ки бештари ин гидронимҳо бо форманти дарё шакл гирифтааст ва бар ифодаи дарё омадаанд.

Дарё [daryā] - вожаи аслан тоҷикӣ буда, дар забони порсии қадим дар шакли drayah-баҳр, дар забони авестоӣ zrayh-баҳр, дар забони порсии миёна darya, дар забони порсии нав-тоҷикӣ daryā-дарё арзи ҳастӣ кардааст [8, с. 130]. Дар фарҳангу луғатҳои тафсирии ба забони

форсӣ [тоҷикӣ] таълифёфта, чун: «Ғиёс-ул-луғот», «Бурҳони қотеъ», «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и устод С. Айнӣ, «Фарҳанги забони тоҷикӣ» дар бораи вожаи мазкур маълумоти саҳеҳ оварда шудааст. Мо ин ҷо маълумоти «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-ии устод С. Айниро, ки доир ба вожаи «дарё» саҳеҳтар ва як навъ ҷамъбасти маълумоти дигар луғату фарҳангҳо мебошад, меоварем: «Дарё-1. Баҳре, ки гирдогирди заминро иҳота кардааст; 2.Баҳрҳое, ки ба баҳри муҳит мепайвандад; 3.Кӯлҳое, ки дар калонӣ ба баҳрҳо монандӣ доранд [кӯли Арал, Кӯли Хазар]; 4.Наҳрҳо ва рӯдҳои калон [монанди Аму, Сир, Зарафшон, Вахш] «ин маҷоз аст, ки махсуси забони тоҷикист]» [7, с. 19].

Дарё вожаи аслан тоҷикӣ буда, дар се давраи инкишофи таърихи забони тоҷикӣ ба тағйири шакл дучор гардидааст. Шакли қадимаи ин калима «dayan»- баҳр (аз ҳиндуаврупоӣ+drei-рафтан, дарафтодан, ҳамла кардан- фақат дар забонҳои ҳиндуаврупоӣ, ҳиндии қадим «jrayas»-давидан, ҷараён, авестоӣ «zwayah»- баҳр)-порсии миёна «dzaya» (б) тоҷикӣ «dahay»-дарё буда, ба маънои давидан, ҷараёни об меояд. Маънои аслии дарё баҳр, уқёнусе аст, ки дар забони тоҷикӣ ба маънои наҳрҳо ва рӯдҳои калон низ меояд ва хоси забони тоҷикӣ аст.

Рӯд [Rūd] низ вожаи аслан тоҷикӣ буда, дар забони порсии қадим ва порсии миёна, ки гузаштаи бевоситаи забони тоҷикӣ аст, дар шаклҳои rautah - «дарё», «рӯд», «маҷро» > rod - [rwd] «рӯд», «дарё», «маҷро» арзи ҳастӣ кардааст [2, с. 113]. Ҳамчунин доир ба ин калима дар луғату фарҳангҳои ба забони тоҷикӣ таълифёфта маълумоти ҷолиб оварда шудааст. Аз ҷумла, дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и С. Айнӣ доир ба ин вожа чунин навишта шудааст: Рӯд 1.Наҳри калон [монанди рӯди Амуя, рӯди Шофирком, Ҳирқонрӯд, Шаҳррӯд]; 2. Тори созҳо, ки аз рӯда тофта бошанд; 3. Номи созест, ки тораш аз рӯд аст» [2, с. 319].

Рӯд дар забони порсии қадим ва порсии миёна, ки гузаштаи бевоситаи забони тоҷикӣ аст, дар шаклҳои rautah - «дарё», «рӯд», «маҷро» > rod - (rwd) «рӯд», «дарё», «маҷро» арзи ҳастӣ кардааст [15, с. 353 с]. Ҳамчунин доир ба ин калима дар луғату фарҳангҳо маълумоти ҷолиб оварда шудааст. Аз ҷумла, дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и С. Айнӣ доир ба ин вожа чунин навишта шудааст: Рӯд-1. наҳри калон (монанди рӯди Амуя, рӯди Шофирком, Ҳирқонруд, Шаҳрруд); 2.Тори созҳо, ки аз рӯда тофта бошанд; 3.Номи созест, ки тораш аз рӯд аст» [12, с. 120].

Дар фарҳангҳои тафсирӣ роҷеъ ба вожаи ҳавз чунин маълумот оварда шудааст: «Ҳавз ҷое, ки дар он оби бисёр ба таври сунъӣ ҷамъ карда шуда, аз он барои ошомидан ва обёрӣ истифода мекунанд» [6, с. 80]

Этимология ё решашиносӣ риштаи забоншиносӣ буда, таълимот дар бораи пайдоиш ва инкишофи таърихии шакл ва маънои калима маҳсуб меёбад. Ё ба таври дигар, муайян кардани маншаи калимаҳо ё этимология (юн. etymon – ҳақиқат logos -таълимот) -и вожаҳои таркиби луғавии ин ё он забон маҳсуб ёфта, онҳо (вожаҳо) аз нигоҳи сарчашмаҳои пайдоишашон таҳқиқ карда мешаванд. Дар асоси талаботи ин риштаи забоншиносӣ калимаҳои таркиби луғавии забон, ки вожаҳои ифодагари мавзеъҳои обӣ низ ба ҳамин гурӯҳ шомиланд, ба гурӯҳҳои калимаҳои худӣ (аслан эронӣ ё тоҷикӣ) ва иқтибосӣ (аз забонҳои дигар воридгардида) ҷудо карда мешаванд. Гуфтан ба маврид аст, ки дар таҳқиқи этимологӣ, пеш аз ҳама истифодаи дақиқи қонуниятҳои мувофиқати овоз ва муқаррар кардани истисноҳои аз ин қонуниятҳо берун ниҳоят заруранд, зеро ки истисноҳои муайян дар мувофиқати овозии давраҳои мухталифи як забон ва ё забонҳои ба ҳам хеш бо сабабҳои маълум ва мушаххаси воқеӣ ба вуҷуд меоянд. Танҳо дар сурати ба назар гирифтани ҳамаи ин сабабҳои объективӣ этимологияи ҳақиқии илмии калимаҳоро, аз ҷумла гидронимҳоро муқаррар кардан мумкин аст [12, с. 225].

Бояд гуфт, ки гидронимҳои эрониасли туркишударо метавон ба чунин зергурӯҳҳо ҷудо намуд: гидронимҳои эрониасли якҷузъашон туркишуда, гидронимҳои эрониасли пурра туркишуда, гидронимҳои эрониасли ба назар туркимонанд: а) Гидронимҳои эронии якҷузъашон туркишуда. Ба ин гурӯҳ гидронимҳоеро мансуб донистан мумкин аст, ки аслан

эронӣ буда, бо мурури замон дар натиҷаи ҳамзистӣ ва мавҷуд будани робитаи иқтисодӣ, тиҷоратӣ, фарҳангӣ як ҷузъашон тағйири шакл ё намуд кардаанд, ки барои собити андеша чанд мисол меоварем:

Дар гузашта, ба ақидаи Р.А. Агеева, таҷассуми дарё ҳамчун мавҷуди зинда вуҷуд дошт, ки ба он ғалаба кардан одат шуда буд. Шахсони ҷасур дарёҳоро ба муҳориба даъват карда, «ҷазо» низ медоданд. Махсусан шоҳони қадима ба ин кор майл доштанд [Агеева, 1985, с.111]. Масалан, Геродот ривоятеро овардааст, ки шоҳи форсҳо-Курӯш нисбати дарёи Ҳинд дар ғазаб шуда, фармон медиҳад, ки обҳои ин дарё парешон карда шаванд [Геродот, 1972, бахши 1, с.189].

Дарёи дигари минтақа Ови Нийов ном дорад. Ҷузъҳои дигари ин потомоним равшан шудаанд, вале тахмин кардан мумкин аст, ки ҷузъи «ни»-и он ҳамон унсури қадимаи иронӣ аст, ки маъниҳои «зер», «поён»-ро дошт. Бо ин унсур дар забони тоҷикӣ калимаҳои «нигоҳ», «нишастан», «нигаристан», «нишеб» ва чанд калимаи дигар боқӣ мондаанд. Аз ин ҷо маънии потамоним «дарёи поёнӣ», «дарёи дар зер ҷорӣ буд», «поёноб», шуда мемонад.

Дар таркиби баъзе калимаҳои умумиронӣ инкишофёбии ин унсур чунин нишон дода шудааст: у.э.*ni-pi<u>s</u>ta-«оро додан», «навиштан», ф.к. nipi<u>s</u>tanaiy- «қайд кардан», «сабт кардан» (аз ҳ.а.* ni-«дар поён», «дар зер», ҳ.қ. – ni, ав.- ni-«дар зер», «дар поён» (Pokorny, 1959,с. 312)+ ҳ.а. pik-to аз peik- (Pokorny, 1959,с. 794), ав. paus-«оро додан») >ф.м. nipi<u>s</u>t, nivi<u>s</u>t-«навиштан», ф.кл. nivi<u>s</u>t, nivist-«навиштан», «навишт» [Расторгуева, 1990, с. 90].

Баромади калимаҳои «нигоҳ» ва «нишон» низ чунин аст: у.э. nikas (аз ҳ.а.k^{ue}k- , k^{ue}k-s-«нигоҳ кардан», «пайдо шудан», «айён шудан» [Pokorny, 1959, с. 638], ҳ.қ. kasati-«пайдоиш», «ҷилодиҳӣ», «равшан шудан», ав. akasat-«дидан», «дарёфтан»)>ф.м.ni-gah-«нигоҳ»,у.э. ni-<u>sa</u>n > ni<u>sa</u>n- «нишон» [Расторгуева, 1990, с.90].

Потамоними Гаров низ аз ҷузъҳои «гар» (гар)-и умумиронии «кӯҳ» ва «об» иборат буда, дарёест, ки атрофаш кӯҳҳо вуҷуд дорад ва ё ба маънии «дарёи кӯҳӣ».

Потомоними дигари минтақа- Ови Мазор (ҳамчунин потамонимҳои Ови Равшан, Ови Тира, Ови Ҷонак) аз калимаҳои маъмули тоҷикӣ иборатанд, ба истиснои номҳои дарёҳои Хашов, Реҷов, ки дар марҳалаи кунунӣ маънидоднашавандаанд. Потамоними Хиров аз ҷузъҳои «хира» (хир) ба маънии «тира» (тираранг) ва «об» (ов) иборат мебошад.

Арал (Aral) номи баҳр дар ҷануби ғарбии қисми Осиёи ИДМ мебошад. Дарозӣ ё тулаш 428 км, бараш 235 км, масоҳати ҳавзааш 690 ҳазор км2, ҳаҷми об қариб 1000 км3 баландии аз сатҳи баҳр 53 м воқеъ аст. Пастхамии баҳри Арал дар натиҷаи фурӯ хамидани қишри замин дар охири давраи неоген ба вуҷуд омадааст. Бо ҳамин ном деҳаҳо дар ноҳияҳои Восеъ ва Ҷомии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд. Номи пешинаи баҳр Хоразм ва пас аз омадани гурӯҳҳои этникии турку муғул аз ҷониби Оролу Муғулистон номи Хоразм ба шакли туркии Арал, ки маънояш «ҷазираи беодам» аст, ба тадриҷ иваз гардид. Деҳаҳои Арал низ ба ҳамин тоифа мансубанд ва заминҳои деҳаҳои Арал аз дарёи Сурхоб ва Вахш обёрӣ мешаванд. «Агар дар асоси ривояти Геродот асли ин воқеаро барқарор кунем, чунин ба назар мерасад, ки массагетҳо дар сарзаминҳои байни баҳрҳои Каспий ва Арал ва дар атрофи он зиндагӣ мекарданд» [10, с. 96].

Аму//Ому [Amu], [лотин. Охи-Охсус, арабӣ–Ҷайҳун; ба ривояте Ому аз номи шаҳри Омул омадааст, ки он воқеъ дар ҷойи Чорҷӯйи ҳозира], калонтарин дарёи Осиёи Миёна. Дар қисми болообаш Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро аз Афғонистон ҷудо мекунад. Аму аз як шудани дарёҳои Панҷу Вахш ба вуҷуд омада, ба баҳри Арал мерезад. Тулаш 1415 км, аз саргаҳи Панҷ 2540 км. Дар айни ҳол, бо номи Ому, Амударё дар ҳудуди Осиёи Марказӣ чандин номи мавзеи ҷуғрофӣ арзӣ ҳастӣ доранд, ки чанде аз онҳо: Амударё, номи дарёи калонтарини Осиёи Марказӣ; Амударё, номи шаҳр дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон; Амударё, номи истгоҳи барқии обӣ дар ноҳияи Талимарҷони Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Амударё,номи обанбор дар Ӯзбекистон, Амударё, номи мавзеи истиқоматӣ дар Туркманистон ва амсоли инҳо, ки ҳамаашон воқеъ дар қад-қади соҳили дарёи Ому ҷойгиранд. Ҳамин тариқ, вожаи Ому//Аму дорои таърихи тулонӣ буда, мувофиқи навиштаҳои муаллифони қадим аз номи деҳае гирифта шудааст, ки деҳаи мазкур воқеъ дар канори ҳамин рӯди бузург воқеъ будааст.

Маънои луғавии вожаи Ому «деҳаи воқеъ дар канори дарёи лаболаб». Инчунин, ба бисёр будани оби дарё низ далолат мекунад. Ин андешаи моро маълумоти луғати нимтафсилии устод С. Айнӣ низ тақвият мебахшад. Шакли Аму дар натиҷаи таъсири забонҳои туркию русӣ пайдо шудааст. Зеро то охири қарни XIX-ум ва ибтидои асри XX-ум калимаи мазкур дар шакли Омуя корбаст мегардидааст. Барои мисол навиштаи Аҳмад Махдуми Дониш роҷеъ ба калимаи Омуя дар «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития»-ро меоварем: «Ман пурсидам, об аз Омуя чаро наорӣ? Гуфт: Аксари мазореи Бухоро аз Омуя иртифоъ дорад, магар тавобиоти Қаршӣ то Қарокӯл». Амударё аз нигоҳи сохт мураккаб буда, аз ҷузъҳои аму//ому ва дарё иборат аст. Мувофиқи навиштаҳои муаллифони қадим аз номи деҳае гирифта шудааст, ки деҳаи мазкур дар канори ҳамин рӯди бузург воқеъ будааст. Маънои луғавии вожаи ому//аму «деҳаест дар канори дарёи лаболаб», ки далел аз бисёр доштани оби дарё. «Номи қадимаи юнонии ин вожа дар сарчашмаҳои таърихӣ дар шакли Окс ва шакли арабиаш Ҷайҳун ва Ому - тоҷикӣ ва аму-шакли ифодаи туркии ому// омӯй// омули тоҷикӣ» [2, с. 143]. «Куруш бо лашкараш аз дарёи Аракс (Амударё) гузашта, массагетҳоро дунболгирӣ кард. Дар муҳорибаи якум бо дастаҳои пешгарди массагетҳо форсҳо ғалаба карданд. Дар ин задухӯрд писари маликаи массагетҳо ҳалок гардид. Дар муҳорибаи асосӣ, ки ба қавли Ҳеродот, хунинтарин муҳорибаи замон буд, форсҳо шикаст хӯрданд ва Куруш ҳалок шуд. Ҳеродот ривоят мекунад, ки Томирис бар қасоси хуни писараш сари Курушро аз танаш ҷудо карда, ба машки хун андохта, мегӯяд ки аз хун сер шавад» [10, с. 96].

Вахш / Охшо / Оахшо [Vaxš /Āxšā /Āaxšā] - номи дарё, водӣ, қаторкӯҳ, ноҳия, деҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар шакли Охшо, Оахшо номи олиҳаи обу обёрӣ дар тасаввури бохтариёни қадим. Яқин аст, ки аз калимаи «вахшу»-и порсии қадим баромадааст.Дар забони авастоӣ ва дар китоби «Авасто» вахш истилоҳе мебошад, ки маънои луғавиаш «сухани гуфта шуда» буда, дар забони суғдӣ бо «логос»-и юнонӣ [мафҳум, сухан, гуфтор] ҳаммаъност. Дар забонҳои миёнаи эронӣ Вахш ба маънои «руҳ» истифода шуда, баъзан «оби ҷорӣ»-ро низ ифода мекардааст. Дар сарчашмаҳои ҳиндӣ калимаи «Ваҳшу» номи Амударёст, ки юнониён онро бо калимаи ба он ҳамоҳанги Оксус ном мебурданд [5, с. 59]. «Махсусан кишти обӣ инкишоф ёфта буд. Дар ин бора ҷӯйҳои калони тулонӣ, ки бостоншиносон дар водии Вахш, Зарафшон ва Хоразм ёфтаанд, шаҳодат медиҳанд» [10, с. 190].

«Калимаи Вахш» ҳоло дар ягон забони иронӣ истифода намешавад. Он фақат дар таркиби баъзе топонимҳо боқӣ монда, дар баъзе сарчашмаҳои қадимаи иронӣ ва луғату фарҳангҳо ба маънии «рустанӣ», «рӯянда», «дар об мавҷуд буда», «даманда» ва «олиҳаи об» зикр гаштааст [Bartholomae, 1904, с. 1337]. Дар матнҳои паҳлавӣ низ калимаҳои waxsidan, waxs –ба маънии «парваридан», «рӯёнидан» ва «рӯйидан» вомехӯранд [Чунакова, 1991, с. 17]. Дар матнҳои паҳлавӣ аз ҷониби Д. Саймиддинов чунин шаклҳои фаълӣ ба қайд гирифта шудаанд: waxšidan, waxŠ -– «дурахшидан», waxšidan, waxš -«рустан», «рушд кардан», waxšendan, waxšen – -«рӯёнидан» [Саймиддинов, 1992, с. 42].

Инкишофи таърихии калимаи «вахш» дар забонҳои иронӣ ва ҳиндии қадим чунин ранг гирифтааст:у.э.uaks-«рӯидан» (аз ҳ.а.(а) uog-:-ug-«зиёдшавӣ», «омадан», «расидан», «калон шудан», «инкишоф ёфтан», бо -s- uek-s [Pokorny, 1959, с. 85], ҳ.қ.,ав. vaxš-«рӯйидан», ав.vakŠa-«инкишофёбӣ»,«рушду нумуъ») > ф.қ.vakŠ – «рӯшднамоӣ» дар калимаҳои муштақ, масалан vaxŠadata-(аз сарчашмаҳои эламӣ), айнан, «барои инкишофёбӣ (рушду нумуъ) ва шукуфойӣ таъйин шуда» [Hinz, 1975, с.78-79].

Ба андешаи мо, ҳамаи номҳои зикршуда аз як решаи умумииронӣ сарчашма гирифта, маънии «олиҳаи об» (худо, фариштаи обҳо)-ро доранд.Дар Авасто Яшти 5 ба олиҳаи обҳо (Ардвисура Аноҳита) бахшида шудааст, ки «Ардвисура-яшт» ва «Обон-яшт» ном дорад. Олиҳаи обҳо дар яшти мазкур ба ду сурат, ба шакли рӯди бузурге, ки сарчашмаи ҳамаи обҳо ва баҳрҳои дунё аст ва сипас тасвири худи олиҳа (зани зебое) омадааст.

Калимаи «вахш» баромади иронии қадимдошта дониста мешавад, ки баъдан чанд дафъа тағйири шаклу маънӣ кардааст. Дар забони Авасто «сухани гуфташуда» ва дар суғдӣ ба маънои «логос» марбут дониста мешавад. Дар баъзе аз забонҳои иронии давраи миёна он

ба маънои «руҳ» ва баъзан «оби ҷорӣ» истифода мешуд. Дар сарчашмаҳои ҳиндӣ Амударё бо калимаи «Вахшу» ифода ёфтааст, ки онро юнониён Оксуси бо ин калима наздик ва монанд дарёфтаанд. Дар катиба-сангнабиштаҳои осорхонаи Калкутта таъйиноти диниеро вохӯрдан мумкин аст, ки зайлан омадааст: «Вахш –худои ягона» «Бошандагони муқимӣ дар паҳноҳои дарёи Вахшу Ому, водиҳои Қубодиён, Вахш, Ҳисор, Балх, Бохтар ва ҳаволии атрофи он, бодиягардон аз марзҳои Сакистон (Систон) то Сакошиму (Ишкошим) Бадахшон, аз канори Суғд (Сир) то даштҳои сералафу гулистонҳои Ҳафтрӯд мақом доштанд» [10, с. 70].

Хулоса, дар илми топонимика бахши гидронимияро дар навбати худ вобаста ба фарогирии мавзеъҳои обӣ ё аз нигоҳи мансубияти маконишон ба якчанд зергурӯҳҳо ва ё навъҳо ҷудо мекунанд: океаноним - номи уқёнус, пелагоним - номи баҳр, потамоним - номи дарё, лимноним - номи ҳавз ва кӯлҳо ва ғайра. Мо гидронимҳо, яъне номвожаҳои ҷуғрофии бо об вобастаи ««Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён»»-и Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмонро ба зергурӯҳҳои пелагоним - номи баҳр, потамоним - номи дарё, лимноним - номи ҳавзу кӯлҳо, номи чоҳу ҳавзҳо ва наҳру ҷӯйборҳо ҷудо намуда, тибқи ҳамин тақсимот ин номвожаҳои ҷуғрофиро ё гидронимҳои ««Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён»»-и Пешвои миллат, Эмомоалӣ Раҳмонро таҳқиқу баррасӣ намудем.

Адабиёт:

1. Алимӣ, Ҷ. Топонимияи минтақаи Кӯлоб (таҳқиқи таърихӣ-забоншиносӣ) / Ҷ. Алимӣ. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 350 с.
2. Давлатов, Э.А. Лингвистическое исследование ономастики «Касас-ул-анбиё» / Э.А. Давлатов. – Душанбе: Адабиёт, 2017. – 156 с.
3. Додихудоев, Р.Х. Лингвистический анализ микротопонимии Памира (на материале шугнано-язгулямской группы языков): дисс. ... докт. филол. наук: 10.02.22 / Р.Х. Додихудоев. – Душанбе, 1979. – 367 с.
4. Исоматов, М. Об дар баррасиҳои таърихию этнографӣ / М. Исоматов ва диг. – Душанбе, 2003. – 135 с.
5. Исмоилов, Ш. Топонимияи водии Қаротегини Тоҷикистон (таҳқиқи забоншиносӣ) / Ш. Исмоилов. – Душанбе, 1999. – 36 с.
6. Муҳаммад Муин. Фарҳанги форсӣ: дар 6 ҷилд / Муҳаммад Муин. – Теҳрон, 1375 (1996). – Ҷ. 1. – 1472 с.
7. Олимҷони Муҳаммадҷон. Баррасиҳо дар номшиносии тоҷик: рисолаи илмӣ / О. Маҳмадҷонов. – Душанбе, 2004. – 19 с.
8. Офаридаев, Н. Ойконимияи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон: рисолаи илмӣ / Н. Офаридаев. – Душанбе, 2001. – 125 с.
9. Раҳмонов, Эмомалӣ. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ / Эмомалӣ Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 372 с.
10. Саидов, М.Б. Сохти морфологӣ ва қабатҳои забонии антропонимҳои Қуръон (дар асоси тарҷумаи тоҷикии он) / М.Б. Саидов. – Душанбе: Матбаа, 2020. – 112 с.
11. Саидов, М.Б. Вижагиҳои луғавӣ-маъноии топонимия дар Қуръон (дар асоси тарҷумаи тоҷикии он) / М.Б. Саидов. – Душанбе: Матбаа, 2021. – 86 с.
12. Саидов, М.Б. Ономастикаи Қуръон (таҳқиқи забоншиносӣ) / М.Б. Саидов. – Душанбе: Матбаа, 2023. – 190 с.
13. Хромов, А.Л. Очерки по топонимике и микротопонимике Таджикистана: сборник статей / А.Л. Хромов. – Душанбе, 1978. – 39 с.
14. Ҳомидов, Д. Топонимияи водии Кешрӯд: рисолаи илмӣ / Д. Ҳомидов. – Душанбе, 2002. – 104 с.

ГИДРОНИМИЯИ «НИГОҲЕ БА ТАЪРИХ ВА ТАМАДДУНИ ОРИЁИ»-И ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

Дар мақолаи мазкур оид ба моҳият, мазмун ва ташаккули гидронимияи «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ»-и Эмомалӣ Раҳмон**,** ки як бахши илми ономастика ба ҳисоб

меравад, сухан ронда шуда, ҳамчун як бахши мустақили илми забоншиносӣ мулоҳиза ронда шудааст.

Муаллифон дар мақола таҳлилу баррасии гидронимияи асарро мавриди баррасӣ қарор дода, густариши ин бахши илми ономастика, махсусан топонимияро аз ибтидои омӯзиш то шароити кунунӣ шарҳ дода, онро дар даврaҳои гуногуни рушди забоншиносӣ қиёс намуда, бобати таърихи тавлид, сохт ва маънои онҳо дар асоси сарчашмаҳои муътамади илмӣ сухан рондаанд.

Муаллифон зимни таълифи мақола кӯшиш ба харҷ додаанд, ки гидронимияи асарро дар асоси сарчашмаҳои бурҳони илмӣ ва луғату қомусҳои муътамад таҳлил ва маънидод намоянд. Инчунин, муаллифон ба ҳар қабати таснифнамудаашон дар асоси ахбори сарчашмаҳои солим ва арқоми саҳеҳи таърихӣ маълумоти алоҳидаи комил додаанд.

Калидвожаҳо: гидронимия**,** санъати номгузорӣ, таърихи тавлид, таҳлилу баррасӣ, вожа, омӯзиш, таҳқиқ, номҳои дарё, руд, баҳр, маводи топонимӣ, этимология ва ғ.

ГИДРОНИМИЯ В КНИГЕ ЭМОМАЛИ РАХМОНА «ВЗГЛЯД НА ИСТОРИЮ И АРИЙСКУЮ ЦИВИЛИЗАЦИЮ»

В данной статье рассматривается сущность, содержание и формирование гидронимии в книге Эмомали Рахмона «Взгляд на историю и цивилизацию ариев», которая рассматривается как раздел ономастики и самостоятельная ветвь лингвистики.

В статье авторы анализируют и рассматривают гидронимию произведения, объясняют развитие этой ветви ономастики, особенно топонимии, от начала её изучения до наших дней, сравнивают её с различными периодами развития языка и обсуждают историю её создания, структуры и значения на основе достоверных научных источников.

При написании статьи авторы стремились проанализировать и интерпретировать гидронимию произведения на основе источников научных данных, а также надёжных словарей и энциклопедий. Кроме того, авторы предоставили отдельную и полную информацию по каждому классифицированному ими слою на основе данных из достоверных источников и точных исторических хроник.

Ключевые слова: гидронимия, искусство именования, история творения, анализ и обзор, лексика, изучение, исследование, названия рек, ручьев, морей, топонимические материалы, этимология и т. д.

HYDRONIMY IN EMOMALI RAHMON'S BOOK «A VIEW OF HISTORY AND ARYAN CIVILIZATION»

This article examines the essence, content, and development of hydronymy in Emomali Rahmon's book «A Look at the History and Civilization of the Aryans», which is considered a section of onomastics and an independent branch of linguistics.

In this article, the authors analyze and examine the work's hydronymy, explain the development of this branch of onomastics, particularly toponymy, from the beginning of its study to the present day, compare it to various periods of language development, and discuss the history of its creation, structure, and meaning based on reliable scholarly sources.

In writing this article, the authors sought to analyze and interpret the work's hydronymy based on scholarly sources, as well as reliable dictionaries and encyclopedias. Furthermore, the authors provided separate and comprehensive information for each layer they classified, based on data from reliable sources and accurate historical chronicles.

Keywords: hydronymy, art of naming, history of creation, analysis and review, vocabulary, study, research, names of rivers, streams, seas, toponymic materials, etymology, etc.

Маълумот дар бораи муаллифон: Одинаева Ҳуснигул, ассистенти кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға:735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафарова 16. Тел.: (+992)988-02-45-27

Саидзода Муҳаммад Бегмурод, постдокторанти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21. Почтаи электронӣ: Saidzod-@mail.ru, тел: (+992)985-29-73-73.

Сведения об авторах: Одинаева Хуснигул, ассистент кафедры языкознания и истории языка Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова 16. Тел.: (+992)988-02-45-27

Саидзода Мухаммад Бегмурод, постдокторант Института языка и литературы имени Абуабдуллох Рудаки Национальной академии наук Таджикистана. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 21. Электронная почта: Saidzod-@mail.ru, Тел.: (+992)985-29-73-73.

Information about the authors: Odinaeva Khusnigul, assistant at the department of linguistics and language history, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan. Kulob city, Sangak Safarov street, 16. Tel.: (+992) 988-02-45-27.

Saidzoda Muhammad Begmurod, Postdoctoral Researcher at the Institute of Language and Literature named after Abuabdullohi Rudaki, National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 21. E-mail: Saidzod-@mail.ru, Tel.: (+992) 985-29-73-73.

Муқарриз: Рустамшозода Ш.Р., д.ф. (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси забоншиносӣ, дотсент Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ: 82-3+82 311.1 (075.3)
А-37

НАЗАРЕ БА ТАҲҚИҚ ВА ОМӮЗИШИ ҶАНБАҲОИ ОНОМАСТИКИИ РОМАНИ «ШОҲЗОДА ВА ГАДО»-И МАРК ТВЕН

Шукрияи А., докторанти (PhD)
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Рӯ овардан ба масъалаи номшиносӣ ва санъати номгузорӣ имрӯз яке аз масъалаҳои мубрами илми забоншиносӣ ба ҳисоб меравад. Омӯзиш ва таҳлилу тафсири исмҳои хос имконият медиҳад, ки мо бо таърих, фарҳанг, тамаддун, этнография ва рушду такомули забон боз ҳам наздиктар шинос шавем.

Тавре ки маълум аст, омӯзиши номҳои хосро дар забоншиносӣ бо номи ономастика ёд мекунанд, ки вобаста ба хусусияти номҳо ономастика қисматҳои худро доро мебошад. Вобаста ба андешаҳои олимони забоншинос: «Ономастика ба қисмҳои таркибии антропонимика [юн. antropos–одам, onoma – ном], этнонимика [юн. etnos–халқ, onoma– ном], топонимика [topos-маҳал, onoma-ном], гидронимика [юн. hidro-об, onoma-ном] ва амсоли инҳо ҷудо мешавад» [1, с. 70].

Топонимика як қисмати ономастика буда, ба таҳқиқ ва баррасии номҳои гуногуни ҷуғрофӣ бахшида шудааст. Албатта, омӯзиши номҳои маҳалҳои аҳолинишин ё дар маҷмуъ номҳои мавзеъҳои ҷуғрофии асарҳои таърихӣ ба рушди таркиби луғавии забон мусоидат мекунад. Дар навбати худ топонимикаро муҳаққиқони номшинос ба гурӯҳҳо ҷудо намудаанд, ки бо ин таснифот мо дар корҳои илмии забоншиносон, аз қабили А. Хромов (1966, 1967, 1968, 1969, 1975, 1980), Р.Х. Додихудоев (1972, 1973, 1975, 1976), Ш. Исмоилов (1993, 1994), Н. Офаридаев (1984, 1985, 1991), А. Абдунабиев (1992), Ҷ. Алимӣ (1993, 1995), Д. Ҳомидов (2012) ва дигарон дучор мешавем.

Дар забоншиносии хориҷӣ бошад, аз ҷониби муҳаққиқони варзида В.В. Виноградов, Н.М. Шанский, В.С. Расторгуева, И.М. Оранский, А.А. Реформатский, А.Л. Хромов, Д.Н. Шмелев, Б.Н. Головин, В.А. Кочергина, А.В. Суперанская, Е.М. Поспелов, В.А. Никонов, П.Н. Хонларӣ асару мақолаҳои илмӣ ба анҷом расидаанд.

Номҳо таҷассумгари воқеоту ҳодисоти таърихии мардумон ва кишварҳо дар ҳар давру замон мебошанд. Номҳо ба ҳаёти одамон ва воқеаву ҳодисаҳои ҷамъият сахт марбут буда, орзуву ният ва умеду хоҳиш, табъу завқ, руҳия, ҷаҳонбинӣ, маданияту маърифат ва донишу тафаккури мардумонро дар худ инъикос намудаанд. Ниҳоят, номҳо ҳиссаи муҳимми хазинаи луғавии забони халқ ҳисоб меёбанд ва дар шарҳу маънидод, таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои гуногуни этимология, калимасозӣ, фонетика, грамматика, шевашиносии таърихӣ, этнография ва дигар қисматҳои забоншиносӣ кумак мерасонанд. Беҳуда нест, ки таҳқиқи ҷанбаи номшиносӣ дар забони англисӣ бар асоси асарҳои пурғановатӣ муҳаққиқони забонҳои хориҷӣ кӯшиш ба кор бурдаанд, ки дар номгузории навзодагон фикру андешаҳои хешро чӣ дар навиштаҷот ва чӣ маслиҳату машваратҳои шифоҳӣ баён намоянд. Инчунин, номҳои фарзандони худ ва наслҳои ояндаро тавре гузоранд, ки дар баробари дорои маъниҳои хубу нек будан, зебою хушоҳанг ва дилнишину хушоянд бошанд.

Зуҳур ва ташаккули ном ва насабҳо ба ҳайси категорияи ҷамъиятӣ-таърихӣ ва лингвистӣ бо давраҳои асосии ташаккули ҷамъиятӣ-иқтисодии инсоният алоқаи ногусастанӣ дорад. Номҳои шахс ва номҳои ҷуғрофӣ аз замонҳои хеле қадим диққати ҳамагуна инсонҳоро, аз ҷумла муҳаққиқони соҳаро ба худ ҷалб намудаанд. Дар айни замон, омӯзиши ном ва насабҳо мавриди таҳқиқи намояндагони илмҳои гуногун, аз ҷумла забоншиносон, географҳо, таърихшиносон, бостоншиносон, равоншиносон, мунаққидони адабӣ қарор доранд. Аммо, омӯзиши ном ва насабҳо, пеш аз ҳама, аз ҷониби забоншиносон зери таҳқиқи ҳамаҷониба қарор доранд.

Ба риштаи таҳқиқ, омӯзиш ва таҳлил даровардани асарҳои пурқимати таърихӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва бадеӣ барои омӯзиши минбаъдаи ҳар як забон ва ғанӣ гардонидани таркиби луғавии он кумак карда метавонад. Мо дар мақолаи мазкур нигоҳе ба таҳқиқ ва истифодаи ҷанбаҳои ономастикии романи «Шоҳзода ва Гадо»-и (The Prince and the Pauper) Марк Твен таваҷҷуҳ намуда, корбасту мавқеи ин бахши лексикии забонро дар асари мавриди омӯзиш қарор медиҳем.

Романи «Шоҳзода ва Гадо» таҷрибаи аввалини Марк Твен дар таҳия намудани романи таърихӣ буда, дар шакли ҳаҷвӣ-бадеӣ, истифодаи лаҳҷаву шеваи гуфтугӯии мардуми Амрикоро дар асри XIX ба қалам додааст. Лаҳзаву воқеаҳои таърихиро ба кишвари Англияи асри XVI, ки ба замони ҳукмронии Эдуарди VI рост меояд, тасвир намудааст. Ӯ кӯшиш кардааст, ки барои зинда ва хонданбоб баромадани асар аз шакли аввали забони гуфтугӯӣ истифода намуда, романро ҷаззоб ва таъсирнок гардонад.

Романи «Шоҳзода ва Гадо»-и нависандаи маъруф Марк Твен дар интихоби номгузорӣ ва саҳми арзишманди илмӣ дар ономастика бағоят бузург аст.

Дар забоншиносии хориҷӣ омӯзишӣ ҷанбаҳои назариявии ономастикӣ хусусияти назариявӣ дорад ва аз ҷониби муҳаққиқон мавриди омӯзиши илмӣ қарор гирифтааст. Омӯзиши антропонимияи романи «Шоҳзода ва Гадо» вобаста ба хусусиятҳои забонӣ ва иштироки бевоситаи қаҳрамонҳо дар романро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

-номҳои таърихии воқеӣ: Истифодаи ин гурӯҳи антропонимҳо аз ҷониби муаллиф, пеш аз ҳама, барои усутворӣ ва воқеӣ будани воқеаҳои таърихии роман ба ҳисоб меравад.

-номҳои сохтаи рамзӣ. Ба ин гурӯҳи антропонимҳо номҳое дохил мешаванд, ки дар асар бо хосусиятҳои хоси худашон аз дигар қаҳрамонҳо фарқ мекунанд. Дар баробари ин, аз рӯйи рафтор ва нақши ҷойдоштаи онҳо ҳолати қаҳрамони асар нишон дода шудааст.

Ҷойи зикр аст, ки романи мазкур ба қалами нависандаи машҳури англис Марк Твен тааллуқ дошта, бо тарҷумаи барориши соли 1975 аз ҷониби Раҳим Ҳошим, Душанбе, «Адабиёти бачагона». 2020, -240 с. аз забони англисӣ ба хатти кириллӣ баргардон шудааст. Маводи мавриди таҳқиқ низ дар асоси тарҷумаи мазкур сурат гирифтааст.

Романи «Шоҳзода ва Гадо»-и (The Prince and the Pauper) Марк Твен дорои ҷанбаҳои бузурги таълимӣ, тарбиявӣ, забонӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ дошта, барои доираи васеи хонандагон маводи ҷолибро медиҳад.

Зимни таҳқиқ ба мо маълум гардид, ки дар романи «Шоҳзода ва Гадо»-и Марк Твен 101 ном истифода шудааст, ки ба қисматҳои гуногуни ономастика ҷудо намудан мумкин аст. Ҳангоми таснифи номҳо тамоми қисматҳои ономастика дар романи мазкур ба чашм мерасад, ки таҳқиқу омӯзиш ва таҳқиқи луғавӣ-маъноии онҳо, инчунин, муқоисаи онимҳои иқтибосии асар ба қиёси тоҷикии онҳо яке аз масъалаҳои асосии мавзуи таҳқиқ маҳсуб меёбад.

Аз рӯйи таҳқиқи анҷомдода муайян гардид, ки дар романи «Шоҳзода ва Гадо»-и Марк Твен бахшҳои алоҳидаи ономастика, ба монанди антропонимия ва топонимия истифода шудааст.

Антропонимия яке аз қабати серистеъмолии номҳо буда, дар асар ба таври васеъ истифода шудааст. Муаллиф кӯшиш намуда, антропонимияи воқеии замони таълифи асарро инъикос ва нишон додааст. Зимни таҳқиқ ва омӯзиш маълум шуд, ки антропонимҳои Алфреди Бузург 208, 210, 211, Анна Эскюи 11, Артур 109, Беркли 62, Бернарда 258, Бернс 181, Бет 19, Нен 20, Блек Эндревз 272, Вен 179, Вилям Гербет 57, Гелси 258, Гемфри Марло 139, Ҳенри VIII 39, Гилдфорд Дедлей 55, Гоҷ 181, Гуго 174, Ҳуг 113, Гю 286, Девида 258, Елизавета 52, Иброҳим 217, Исо 336, Исҳоқ 217, Капеллан 62, Кентерберӣ 133, Кенти 113, Литтл Ист Чип 13, Локел 181, Лорд 45, Лорд Аси 63, Лорд Гердфорд 56, Майлс Гендон 108, Маргарита 258, Мария Магдалина 60, Марли 60, Мери 21, Мерҷери 204, Минсинг Лейн 13, Норфолк 70, Питер 258, Ричард Гендон 113, Сеймур 300, Сент-Ҷон 61, Сомерсети 323, Сулаймон 307, сумияи Исо 28, 31, Суррей 67, Сэр Вильям 87, Том Кенти 11, Томас 315, Тюдорҳо 3, Уэлский 33, Ҷайлсит 153, Ҷед 86, Ҷек 192, Ҷен Грей 293, Ҷени 54, Ҷон виконт Лисли 133, Ҷон Гоббс 180, Ҷон Кенти 118, Ҷон лорд Россель 133, Эдуард Тюдори 77, Юдиф 114, Яъқуб 217 корбаст гардидааст.

Нисбат ба дигар қабатҳои онимӣ антропонимҳо серистеъмол буда, дар асар чунин оварда шудааст: *«Дар яке аз рӯзҳои тирамоҳ дар шаҳри қадимаи Лондон дар хонаводаи Кенти ном фақире писаре зоида шуд, ки вай дар он хонавода ба касе даркорӣ надошт»* [10, с. 113]; *«Ӯ ба Том ба забони лотинӣ саволе дод ва Том як навъе карда ба вай бо забони лотинӣ ҷавоб гардонд. Корол хеле хушҳол шуд ва ин хушҳолии худро пинҳон ҳам накард. Лорд ва табибон низ хурсандии худро изҳор карданд»* [10, с. 45].

Дар романи мазкур 4 номи гидронимӣ ба монанди Атлантик 91, Бекларсвер 93, Темза 92, Уолбрук 93 истифода шудааст, ба монанди *«Киштиҳо ҳамин ки ба Даугет расиданд, ба тарафи боло равона шуда аз даруни обҳои шаффофи Уолбрук ба Бекларсвер равона шуданд (ҷараёнгоҳи ин дарёча ду аср аст, ки бо иморатҳо гур карда шудааст), онҳо аз пеши хонаҳо ва купрукҳои чарогон, ки бо тамошобинони шод ва хуррам пур буданд, ниҳоят дар ҳавзае ки ҳоло бандаргоҳ аст ва он замон маркази Ситии Лондон буд, истоданд»* [10, с. 93].

Қабати дигари серистеъмоли бахши номҳоро полионимҳо ташкил медиҳанд. Зимни таҳқиқ маълум гардид, ки номи шаҳрҳои Ҳаланд 64, Даугет 93, Ланкастер 130, Лондон 30, Пруссия 95, Саутворк 171, Сити 73, Смитфилд 11, Сомерсеский 76, Стренд 15, Чипсайд 301 дар асар зикр шудааст.

Истифодаи номи давлатҳо бошад, ба монанди Англия с. 30, 31, Гарон 17, Германия 156, Испания 76, Франсия 76 қайд шудааст.

Бояд махсус қайд намуд, ки дар баробари истифодаи ду бахши онимҳои асар истифодаи дигар мавзеъҳои таърихӣ ва ҷуғрофӣ ба шакли зайл оварда шудааст: номи деҳаҳо Айлингтон 156, 158, Черинг 15; *«Том омада ба қишлоқи Черинг расид ва барои дам гирифтан дар тахти як салибе ки дар замонҳои хеле қадим аз тарафи як нафар подшоҳи аз тахт фуровардашудае шинонда шуда буд, нишаст»* [10, с. 15]; номи сангҳо Скон 307; номи идора Баладия 93; номи қасрҳо Вестминстрӣ 15, Темпл Бар 14, номи кӯчаҳо Безингхолл 93, Саркутҳо 22, Фенчерс-стрит 299, номи ҷанғалҳо Виндзор 130, номи ҳайкалҳо Гаг 94, Магаг 94, номи ошхона Табарида 171, номи зиндон Тауэр 45 ва номи маҳалла Гресчерс-стрит 300 истифода шудааст.

Дар баробари ин, топонимҳои дигар Вестминстер 282, 327, Панҷ 22, Ҷарии Куҳна 93 корбаст шудааст.

Омӯзиши топонимҳо барои муайян намудани бисёр масъалаҳои грамматикаи таърихӣ, таърихи забони адабӣ, лаҳҷашиносии таърихиву муосир ва дигар бахшҳои забоншиносӣ зарур аст, ки ин нуктаро мо дар андешаҳои илмии забоншиноси рус В.А. Никонов дида метавонем: «Топонимҳо унсурҳои даврaҳои гуногуни забонро вобаста ба ҳаёти ворисонаш дар худ тачассум мекунанд ва бинобар он таҳқиқи онҳо, пеш аз ҳама, барои ҳалли як қатор проблемаҳои баҳсталабу ҳанӯз ҳалнашудаи илми забоншиносӣ муфид арзёбӣ мешавад» [11, с. 8-22].

Омӯзиш ва таҳқиқи ҷанбаҳои забоншиносӣ, махсусан, ономастикаи роман ҷиҳати шинохт ва эҳёи забони англисӣ дар асри XVI, истифодаи шакли таърихии номҳо, вариантҳои истифодаи онҳо, хусусиятҳои забонии номҳо дар асар ва нуқтаи назари муҳаққиқон ба ин масъала оварда шудааст.

Дар раванди баррасии топонимияи роман, зарурати таҳқиқи муқоисавии он бо дигар осори бадеӣ низ ба миён меояд. Махсусан, муқоисаи номгузории ҷуғрофӣ дар «Шоҳзода ва Гадо» бо номҳои географии дигар асарҳои таърихии адабиёти англисӣ метавонад ба кашфи хусусиятҳои хоси услуб ва маҳорати реалистии Марк Твен дар истифодаи топонимҳо мусоидат намояд. Инчунин, таҳлили этимологии топонимҳо, яъне омӯзиши реша ва маънои аслии онҳо, ба дарки беҳтари заминаҳои таърихиву фарҳангии замонҳое, ки роман ба онҳо бахшида шудааст, ёрӣ мерасонад.

Муҳиммияти антропонимия дар «Шоҳзода ва Гадо» барҳақ аст. Дар баробари исмҳои таърихии воқеӣ, номҳои сохтаи рамзӣ низ нақши муҳим мебозанд. Онҳо аксар вақт ба рафтор, шахсият ё нақши қаҳрамон дар достон ишора мекунанд ва ба асар рангорангӣ ва умқи иловагӣ мебахшанд. Таҳлили чунин номҳо ба мо имкон медиҳад, ки дарки амиқтар аз ниҳодҳои иҷтимоии замон ва хусусиятҳои психологии аломатҳои адабӣ пайдо кунем.

Бешубҳа, исмҳои мушаххас дар осори бадеӣ ба ғайр аз функсияи ишора, дорои хусусиятҳои эстетикӣ ва семантикӣ низ ҳастанд. Онҳо ба услуб, оҳанг ва фазои асар таъсири муайян мерасонанд. Дар романи «Шоҳзода ва Гадо», Марк Твен бо маҳорати хос аз ин ҷанбаҳои ономастика истифода кардааст, то тасвирҳоро зинда ва хотирмон созад ва муносибатҳои эътиқодӣ ва саргузаштаи қаҳрамонҳоро мукаммал ифода намояд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи антропонимия ва топонимияи романи «Шоҳзода ва Гадо» на танҳо ба фароҳам овардани дониши муфассал дар бораи хусусиятҳои ономастикӣ ва услубии осори Марк Твен мусоидат мекунад, балки ба бой гардонидани хазинаи забоншиносии тоҷик низ саҳми арзанда мегузорад. Омӯзиши чунин масъалаҳо роҳи таҳқиқи минбаъдаи ономастика дар адабиёти ҷаҳонӣ ва муқоисаи онро бо осори адабиёти классикии тоҷик боз менамояд.

Баррасии умумии номҳо дар роман нишон медиҳад, ки муаллиф онҳоро бо сабабҳои гуногун, аз қабили ба воқеият наздик кардани достон, ифодаи хусусиятҳои қаҳрамон ё ишора ба маконҳои мушаххас, ба кор бурдааст. Ҳамаи ин номҳо, хоҳ таърихӣ ва хоҳ рамзӣ, ба дарки мо аз ҷаҳонбинии Марк Твен ва маҳорати ӯ ҳамчун нависанда мусоидат мекунанд.

Таҳлили интихоби номҳои «Шоҳзода ва Гадо» нишон медиҳад, ки Марк Твен ба хусусияти рамзии антропонимҳо таваҷҷуҳи махсус дошт. Масалан, номи Майлс Гендон (Miles Hendon), ки дар асар ҳамчун ритсари бо вичдону пурҷасорат муаррифӣ шудааст, барои таъкиди ихлоси ӯ ба адолат ва вафодорӣ хидмат мекунад. Номи худи шоҳзода Эдуард, ки ҳамзамон бо шоҳи таърихии Эдуарди VI-и Англия алоқаманд аст, барои сохтани пайванди байни тасаввурот ва воқеият нақши марказӣ мебозад. Ҳамин тариқ, ҳатто номҳое, ки зоҳиран одӣ менамоянд, дар китоб дорои тобишҳои махсуси маъноӣ ва таърихӣ мебошанд.

Дар робита ба топонимия, Марк Твен маконҳоеро ба таври дақиқ ба воқеият пайвастааст. Масалан, кӯчаҳои Лондон, аз қабили Кӯчаи Темз ва Грейфрайарз, ки дар роман зикр шудаанд, барои ташаккули фазои асрҳои миёнаи Англия заминаи мусоид фароҳам овардаанд. Дар ҳоле ки ин маконҳо дар воқеияти таърихӣ вуҷуд доштанд, Твен онҳоро бо тасвирҳои зинда ва муфассали худ ба олами рамзии адабӣ табдил додааст. Ин дақиқии ҷуғрофӣ ба хонанда имкон медиҳад, ки ба ҳодисаҳои роман бештар эътимод кунад ва дунёи ҳикояро ҳамчун воқеияти зинда қабул намояд.

Хусусияти дигари муҳимми ономастикаи асар ин истилоҳоти вазифавӣ ва унвонҳои иҷтимоӣ мебошад. Унвонҳои шоҳзода, ритсарӣ, вазирон ва дигар мансабдорон, ки дар асар

истифода мешаванд, танҳо ба мақсади заминавӣ хидмат накарда, балки системаи табақотӣ ва беадолатиҳои иҷтимоии асрҳои миёнаро ошкор мекунанд. Ин унвонҳо дар баробари исмҳои хос барои мукаммал кардани тарҳи иҷтимоии роман нақши муҳим мебозанд ва ба хонанда имкон медиҳанд, ки мураккабиҳои ҳаёти он замонро дарк кунад.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқи ономастикаи «Шоҳзода ва Гадо» метавонад барои шинохти дақиқтари сабки адабии Марк Твен ва ҷанбаҳои семантикӣ ва эстетикии осори ӯ роҳ кушояд. Инчунин, муқоисаи ин роман бо дигар осори адабиёти англисӣ, ба монанди осори Валтер Скотт, нишон медиҳад, ки Твен бо истифодаи эҷодкоронаи ономастика дар он аср навоварӣ намудааст. Бинобар ин, омӯзиши чунин мавзуот ба рушди забоншиносии тоҷик ва адабиёти муқоисавӣ саҳми арзанда дошта метавонад.

Истифодаи бомаҳоратонаи Марк Твен аз антропонимҳо танҳо ба таъкиди хусусиятҳои алоҳидаи қаҳрамонон маҳдуд намешавад. Он инчунин барои ошкор кардани мавзуъҳои хонаводагии асар, ба монанди муқоисаи табақаҳои иҷтимоии гуногун ва тасодуфҳое, ки тақдири инсонро муайян мекунанд, хизмат мекунад. Ҳангоми тағйири ҷойҳояшон, шоҳзода Эдуард ва Том Кенти ба истифодаи номҳои якдигар маҷбур мешаванд, ки ин боиси таҷрибаҳои нави фаҳмиш ва шиносоӣ бо ҷаҳони дигар мегардад. Ин зарфият ба Твен имкон медиҳад, ки тавассути бозии номҳо, мушкилоти шаҳрвандӣ ва сиёсии даврони худ, аз ҷумла тафовутҳои байни табақаҳои элита ва мардуми оддиро аз нигоҳи тамасхур ва танқидӣ баён кунад.

Тавре ки ба топонимия дахл дорад, Твен танҳо ба тавсифи маконҳои воқеӣ иктифо накарда, балки онҳоро ба қисмҳои ҷудонашавандаи сюжети худ табдил додааст. Кӯчаҳои Лондон, тавернаҳо, дарборҳо ва ҳатто партовгоҳҳо на танҳо заминаи чорабинӣ, балки муҳити пур аз ангезаҳои рамзӣ мегарданд. Масалан, тасвири баъзе аз маҳаллаҳои Лондон ҳамчун ҷойҳои ифлос ва пур аз ҷинояткорон, ба тасвири сарвати бешумори табақаи боло ва муқобили он меояд. Ин ранги муҳити зист ба хонанда имкон медиҳад, ки тафовутҳои шадиди иҷтимоии он замонро дарк намояд.

Истилоҳоти вазифавӣ ва унвонҳои иҷтимоӣ дар «Шоҳзода ва Гадо» ҳамчун абзори бадеӣ барои ифодаи моҳияти ахлоқӣ ва хонаводагии қаҳрамонон истифода мешаванд. Масалан, истифодаи «подшоҳ», «гадо», «сарбоз», «намояндаи суд» ва ғайра, на танҳо барои равшан кардани ҷойгоҳи ҳар як шахс дар сохтори иҷтимоии он замон, балки барои нишон додани он ки чӣ гуна ин табақабандӣ ва мансабҳои расмӣ метавонанд ба ҳаёти шахсӣ ва тақдири ӯ таъсир расонанд. Твен ба осонӣ нишон медиҳад, ки чӣ гуна як шоҳзода метавонад ба гадо мубаддал шавад ва баръакс, ва ин ба воситаи тағйири мақому мартабаи иҷтимоӣ, ки аз ҷониби ин унвонҳо ифода меёбад, имконпазир мегардад.

Тамоми ин таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Марк Твен дар «Шоҳзода ва Гадо» на танҳо як достони шавқоварро нақл кардааст, балки дар айни замон, тавассути истифодаи огоҳонаи унсурҳои ономастикӣ, ҷаҳони мураккаби иҷтимоӣ ва ахлоқии асрҳои миёнаро барои хонандагони худ харитакашӣ кардааст. Ин истифодаи бомаҳорати номҳо, маконҳо ва унвонҳо, романро на танҳо аз ҷиҳати адабӣ, балки аз ҷиҳати лингвистӣ ва таърихӣ низ бой гардонида, онро ба як асари классикии ҳақиқӣ табдил додааст, ки санъати номгузорӣ имрӯз ҳам барои омӯзиши забоншиносӣ ва адабиёти муқоисавӣ дорои аҳаммияти калон мебошад.

Ҳамин тариқ, романи «Шоҳзода ва Гадо»-и Марк Твен яке аз намунаҳои беҳтарини романи таърихӣ ба ҳисоб рафта, аз рӯйи хусусиятҳои забонӣ ва фарогирии мавзуъ дар адабиёти Амрико беназир аст. Истифодаи забони сода ва фаҳмо, фарогирии лексикаи ғании номҳо ва корбасти онҳо зимни таҳияи роман паҳлуи дигари масъала аст, ки дар таҳқиқоти минбаъда, бо далелҳои фаровон мавриди таҳқиқ қарор медиҳем.

Адабиёт:

1. Алимӣ, Ҷ. Ташаккул ва таҳаввули топонимияи минтақаи Кӯлоб//Ҷ.Алимӣ. -Душанбе: 1995, -196 с.

2. Бертельс, Е.Э. История таджикско-персидской литературы/Е.Э. Бертельс; отв. ред. И.С.Брагинский. –М.: Изд-во Восточная литература, 1960. – Т.1. – 556 с.

3. Ғафуров, О. Тафсири мухтасари номҳои ҷуғрофӣ. –Душанбе: Маориф, 1983. -144 с.

4. Грантовский, Е.А.Таърихи ибтидои қабилаҳои эрониёни Осиёи Ғарбӣ / Е.А.Грантовский. – М., 1970.

5. Девонақулов А. Асрори номҳои кишвар / А. Девонақулов. –Душанбе: Ирфон, 1989. – 234с.

6. Ёҳаққӣ, М. Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ. -Душанбе: “Бухоро”, 2014, -748 с.

7. Каримов, А.Таҳлили лексикӣ-грамматикии матнҳои тоҷикии қадим./А. Каримов. -Душанбе: УДТ, 1986.- 100 с.

8. Касымова, М.Н. История таджикского литературного языка/ М.Н. Касымова. –Душанбе: ТНУ, 2012. –568 с.

9. Крюкова И. В. Антропонимы в художественном тексте: системный и функциональный аспекты. -Волгоград: Перемена, 2003.

10. Марк Твен. Шоҳзода ва гадо. Нашр.дав.Тоҷ. –Сталинобод. 1952. -356с.

11. Никонов, В.А. Пути топонимического исследования. Приципы топонимики / В.А. Никонов. - М., 1964. - С. 83.

12. Ҳомидов, Д. Топонимияи водии Кушрӯд//Д. Ҳомидов. –Душанбе: 2002. -184 с.

13. Суперанская А.В. Общая теория имени собственного. -М.: Наука, 1973.

14. Тошбоев Б. Фарҳанги мухтасари решашиносӣ ва тафсирии забони тоҷикӣ/ Б.Тошбоев .– Душанбе, 2024. – С.35-44.

15. Фарҳанги забони тоҷикӣ.Ҷ.1.–М.: Советская энциклопедия, 1969. – 941с.

16. Фарҳанги забони тоҷикӣ.Ҷ.2.– М.:Советская энциклопедия, 1969. – 946 с.

17. Хоҷаева, Н. Ҷуғрофияи таърихии Осиёи Миёнаи қадим / Н.Хоҷаева //Ахбори тоҷикӣ: Силсилаи илмҳои гуманитарӣ (қисми II). – 2010. – N4 (60). С. 31–37.

18. Шералиева, С.М. Ташаккули гидронимияи вилояти Хатлон (таҳқиқи таърихию лингвистӣ)//Шералиева С.М. -Душанбе: 2014, -184 с.

19. Twain, Mark. The Prince and the Pauper. -London: Chatto & Windus, 1881.

20. Wright, Joseph. The English Dialect Dictionary. -London: Henry Frowde, 1898.

НАЗАРЕ БА ТАҲҚИҚ ВА ОМӮЗИШИ ҶАНБАҲОИ ОНОМАСТИКИИ РОМАНИ «ШОҲЗОДА ВА ГАДО»-И МАРК ТВЕН

Дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшиш намудааст, ки аз нукаи назарӣ ва амалӣ ҷанбаҳои забоншиносии ономастикаи асарро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Истифодаи қабатҳои ономастикии асар ҷолиби диққат буда, яке аз маъхаз ва ё романи дорои хазинаи ғании номҳо маҳсуб меёбанд.

Ба андешаи муҳаққиқ, романи «Шоҳзода ва Гадо» яке аз муҳимтарин роман дар адабиёти тоҷик ва англис ба ҳисоб рафта, дорои ҷанбаҳои муҳимми таърихӣ, фарҳангӣ, ҷуғрофӣ, этнолингвистӣ ва бадеӣ мебошад. Ҳамчунин, маводи асар барои рушд ва ташаккули таркиби луғавии забони тоҷикӣ мусоидат мекунад.

Чуноне ки дар мақола зикр мешавад, маводи ономастикии романи «Шоҳзода ва Гадо»-и Марк Твен яке аз бахшҳои асосии асарро ташкил дода, корбасти он ба масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва таърихӣ-ҷуғрофӣ алоқаи зич дорад. Истифодаи лексикаи асар, аз ҷумла бахшҳои ономастика-антропонимия, топонимия, гидронимия, оронимия ва комонимияи он аз ҷиҳати баромади мансубияти забонии онҳо хеле ҷолиб аст.

Муаллиф мулоҳизаҳоро ҷамъбаст намуда, ба хулосае меояд, ки истифодаи қисматҳои ономастикии асар дар байни дигар гурӯҳи номвожаҳои асар мавқеи марказиро касб намуда, дар асар зимни нишон додани ҳодисаҳои таърихӣ, ки ба вуқуъ омадаанд, зикр намудааст. Қисми зиёди он дар даврaҳои таърихӣ номи худро тағйир дода, номи ҳозираи онҳо аз ҷониби муҳаққиқон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Зимни ҷамъоварии маводи ономастикӣ маълум гардид, ки дар романи мазкур 101 ном истифода шуда, онҳо аз рӯйи хусусиятҳои таърихӣ ва мавқеи ҷойгиршавиашон фарқ мекунанд.

Калидвожаҳо: номҳо, гидронимия, сарчашмаҳои қадима, хусусиятҳои таърихӣ, таҳқиқу таҳлил, забон, луғавӣ-маъноӣ, таърихӣ-забоншиносӣ, калимасозӣ, шарҳи маъно, чандомад, Марк Твен, «Шоҳзода ва Гадо», забони таърихӣ, муҳаққиқ ва ғайра.

ВЗГЛЯД НА ИССЛЕДОВАНИЕ ОНОМАСТИЧЕСКИХ АСПЕКТОВ РОМАНА МАРКА ТВЕНА «ПРИНЦ И НИЩИЙ»

В данной статье автор попытался изучить лингвистические аспекты ономатопеи произведения с теоретической и практической точек зрения. Использование ономастических слоев в произведении заслуживает внимания и рассматривается как один из источников или роман с богатым собранием имен.

По мнению исследователя, роман «Принц и нищий» является одним из важнейших романов в таджикской и английской литературе, содержащим важные исторические, культурные, географические, этнолингвистические и художественные аспекты. Кроме того, материал произведения способствует развитию и формированию лексической композиции таджикского языка.

Как указано в статье, ономастический материал романа Марка Твена «Принц и нищий» составляет одну из основных частей произведения, и его применение тесно связано с социально-экономическими и историко-географическими вопросами. Использование лексики произведения, включая ономастические разделы — антропонимию, топонимию, гидронимию, оронимию и комонию — представляет большой интерес с точки зрения их языковой принадлежности.

Автор обобщает соображения и заключает, что использование ономастических частей произведения занимает центральное место среди других групп существительных в произведении и упоминается в произведении при указании на произошедшие исторические события. Большинство из них меняли свои названия на протяжении истории, а их нынешние названия изучаются исследователями.

В ходе сбора ономастических материалов было обнаружено, что в этом романе использовалось 960 имен, различающихся по своим историческим характеристикам и местоположению.

Ключевые слова: имена, гидронимия, древние источники, исторические характеристики, исследование и анализ, язык, лексикография, историческая лингвистика, словообразование, толкование значения, эпитет, Марк Твен, «Принц и нищий», исторический язык, исследователь и др.

A LOOK AT THE STUDY OF ONOMASTIC ASPECTS OF MARK TWAIN'S NOVEL «THE PRINCE AND THE PAUPER»

In this article, the author attempts to examine the linguistic aspects of the work's onomatopoeia from a theoretical and practical perspective. The use of onomastic layers in the work is noteworthy and is considered one of the sources or a novel with a rich collection of names.

According to the researcher, The «Prince and the Pauper» is one of the most important novels in Tajik and English literature, containing important historical, cultural, geographical, ethnolinguistic, and artistic aspects. Furthermore, the work's material contributes to the development and formation of the lexical composition of the Tajik language.

As noted in the article, the onomastic material in Mark Twain's novel «The Prince and the Pauper» constitutes a key part of the work, and its use is closely linked to socioeconomic and historical-geographical issues. The use of the work's vocabulary, including its onomastic sections—anthroponymy, toponymy, hydronymy, oronymy, and comonia—is of great interest in terms of their linguistic affiliation.

The author summarizes the findings and concludes that the use of onomastic sections of the work occupies a central place among other noun groups in the work and is mentioned in the work when referring to past historical events. Most of these have changed their names throughout history, and their current names are being studied by researchers.

During the collection of onomastic materials, it was discovered that 960 names, varying in their historical characteristics and location, were used in this novel.

Keywords: names, hydronymy, ancient sources, historical characteristics, research and analysis, language, lexicography, historical linguistics, word formation, interpretation of meaning, epithet, Mark Twain, «The Prince and the Pauper», historical language, researcher, etc.

Маълумот дар бораи муаллиф: Шукрияи Амоналӣ, докторанти (PhD)-и кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360. Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 16. Тел: 988304033. Почтаи электронӣ: shukriy-9094@bk.ru

Сведения об авторе: Шукрияи Амонали, докторант (PhD) кафедры языкознания и сравнительной типологии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, Хатлонская область, город Куляб, улица Сангака Сафарова, 16. Тел.: 988304033. Электронная почта: shukriy-9094@bk.ru

Information about the author: Shukriya Amonali, (PhD) student at the department of linguistics and comparative typology, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360. Republic of Tajikistan, Khatlon province, Kulob city, Sangak Safarov street-16. Tel.: 988304033. Email: shukriy-9094@bk.ru

Муқарриз: Рустамшозода Ш.Р., д.ф. (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси забоншиносӣ, дотсент Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

ТДУ:821.222.1.09 (075.08)
Ш-78

НАҚД ВА ШЕЪРИ АҲМАДИ ШОМЛУ

Шодиён Ф.Т., унвончӯ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Камолу боландагӣ ва маҳбубияту шинохти густурдаи як адиб вобастаи омилҳои зиёде аст, ки миёни онҳо ду омил нақши бештар доранд. Омили аввал сатҳи мутолиот, омӯзиш ва ҳунару нубуғи як эҷодкор аст, ки шахсияти ӯро миёни мухотабон ва ҷомеаи адабӣ барҷаставу мушаххас месозад. Мутолиа, омӯзишу тамрин дар зиндагии ҳунарӣ бояд нақши аввалро бибозад. Чун хондани ҳамешагӣ ба зеҳни эҷодгар неруву қуввати зояндагӣ медиҳад, гузашта аз ин, истеъдоди зотиашро парвариш менамояд. Омили дувум ба амри нақди адабӣ бастагӣ дорад. Вақте ки як ноқид бо дидаи таҳқиқ ба асари як адиб менигарад ва онро таҳлилу арзёбӣ месозад, тавассути нақди ӯ хонандагону мухотабон ба ному корномаи адиб ошно мешаванд. Агар шуълаи пурфурӯғ дар каломаш ҳаст, мардумро ба худ ҷазб месозад ва шахсияти шоирро ба сӯйи камолу барҷастагӣ шинохти бештар мекашонад. Дар адабиёти муосири Эрон Аҳмади Шомлу ҳамеша бар пояи ин ду омил шебу фароз доштааст. Агар имрӯз номи ӯ дар таърихи адабиёти ҷаҳон дар радаҳои аввал қарор дорад, сарчашмааш нахуст нубуғу истеъдод, ҷӯяндагӣ ва аз сӯйи дигар нақду арзёбии осораш аз ҷониби ноқидони шеър аст. Дар ин мақола мо хостем, ба муҳимтарин дидгоҳҳои мунаққидону адабиётшиносон перомуни Аҳмади Шомлу, муҳити адабие, ки ӯро ба воя расонидааст, изҳори назар кунем.

Бахши асосӣ А. Шомлуро дар ҷомеаи адабии Эрон на танҳо чун шоир, балки ҳамчун нависандаву рӯзноманигор, муҳаққиқу назарияпардози адабиёт ва ходими бузурги иҷтимоӣ мешиносанд. Мавсуф аз чеҳраҳои мондагори фарҳангу адаби Эрон ва бунёдгузори воқеии ҷараёни «шеъри сапед» аст. Ӯро ҳамзамон, фарҳангнависи номвар эътироф

намудаанд. Шомлу муаллифи китоби бузурги «Китоби кӯча» аст. Ин асари ӯ бузургтарин сарчашмаи пажуҳишӣ дар бораи фарҳанги мардуми Эрон аст.

Ҳар истеъдоде дар раванди зуҳуру камоли хеш аз касе ё шахсияте таъсир мегирад, роҳу равиши ӯро дастури фаъолияти худ қарор медиҳад. А. Шомлу низ аз ин доира мустасно набуд. Ӯ дар ҷавонӣ бори нахуст соли 1946 бо Нимо, ки аллакай дар ҷомеаи адабӣ ҳамчун шоири навпардоз, муаллифи «Афсона» ном бароварда буд, ошно мешавад ва аз ӯ хоҳиш мекунад, ки ӯро ба шогирдӣ қабул намояд.

Муҳаққиқ Умар Сафар дар ин маврид чунин андеша дорад: «Пайравони Нимо онҳое, ки воқеан ба моҳияти кори ӯ, тарзи кораш пай бурда буданд, зиёд буданд ва худи Нимо низ роҷеъ ба кори онҳо дар бархе аз мақолоташ андешаҳояшро баён доштааст, вале ӯ ба шогирдонаш комилан бетаваҷҷуҳ набудааст, балки аз миёни ҳама пайравонаш бештар ба Ҳушанг Ибтиҳоҷ Соя, Аҳмади Шомлу ва Сиёвуши Касроӣ меҳру алоқа доштааст. Дар як чаҳорпора худи ӯ чунин ишора мекунад:

Шаб қисса зи меҳр медиҳад бо ман соз,
Субҳ аз дари шева қаҳр дорад бо соз.
Куллисифаташ бубин ба ҳар ҷо, ки равам,
Чун **Соя** ба ҳампоям меояд боз.

Равшан аст, ки дар ин чаҳорпора Субҳ, Куллӣ ва Соя тахаллусанд. Субҳ тахаллуси Аҳмади Шомлу, Куллӣ тахаллуси Сиёвуши Касроӣ ва Соя тахаллуси Ҳушанг Ибтиҳоҷ аст» [1, с. 152].

Дар он аём шоир ба шиддат таҳти таъсири Нимо қарор дошт ва Нимо ӯро аз наздиктарин шогирдони худ мешумурд. Ин шефтагиву дилбастагӣ бо шеваи Нимо то замоне идома дошт, ки Фаридун Раҳнамо шоири боқариҳа аз хориҷ ба Эрон баргашт ва шоир бо вай ошно шуд. Фаридун Раҳнамо, ки солҳои тулонӣ дар мағрибзамин ба сар мебурд дар радифи шоирӣ рӯзноманигору синамогар буд. Бо шеъру шеваи офариниши ғарбиён ошноии амиқу густурда дошт. Дидору ошноӣ бо ӯ сабаб шуд, ки Шомлу бо вазъи шеъри Ғарб ва ҷараёнҳои он ошно гардад.

Ҷолиб ин аст, ки соли 1951 замоне ки нахустин дафтари шеъраш бо номи «Қатънома» ба нашр мерасад Фаридун Раҳнамо дар муқаддимаи он чунин менигорад: «ритми шеъри Субҳро бо ритми ашъори Эспониюли ва ашъори Амрикои лотинии баъд аз Лорка мешавад муқоиса кард. Дунёи пур аз ашколу тасовири нобаробари Нимо Юшиҷ, ки натиҷаи хушке ба даҳонамон мебарад, бо эҳсосоти азбандрастаи Субҳ ба роҳ афтодаанд ва моро ба нуқоти амиқи дардкашидашуда ҳидоят мекунанд» [15].

Аҳмади Шомлу перомуни ин муқаддима, ки сабабгори сардии муносибат миёни ӯву Нимо мегардад, қайдҳои ҷолибе дорад. Мавсуф хотирнишон намуда, ки қабл аз чопи китоб вай аз Фаридун Раҳнамо хоҳиш намуда, то он ҷумлаи мансуб ба Ниморо ҳазф кунад, аммо Раҳнамо розӣ намешавад ва исрор мекунад, ки Нимо одами мантиқӣ аст ва аз ин ҷумла намеранҷад. Аммо мутаассифона, Нимо сахт меранҷад ва дигар ҳозир намешавад шарҳу баёнеро перомуни ин мавзуъ бишнавад. А. Шомлу дар ин бора менависад: «хат кашидан ба арӯзи қадиму ҷадид амалан ҳосили дарси бузурге буд, ки ман аз корҳои худи Нимо ёд гирифтаам, вале ӯ ҳозир ба таҷдиди назар набуд, ки ҳеҷ. Онро мустақиман даҳанкаҷӣ ба худ талаққӣ кард ва бо интишори «Қатънома» ҳам ба куллӣ аз ман канор кашид ва ҳар бор, ки ба хидматаш рафтам бо сардии бештар маро пазируфт ва ҳаргиз ҳозир нашуд тавзеҳоти маро бишнавад. Шояд ҳам ҳақ дошт» [2, с. 324].

Ҳарчанд А. Шомлу муътақид буд, ки дар ҷаҳони шеъру навпардозӣ нақши Фаридун Раҳнамо бар ӯ корсоз буд ва бо биниши шеъриву ҷаҳони андешаи вай тағйиру таҳаввули шигарф дар биниши шоиронаи вай ба зуҳур расиду масири халлоқияташ дигар шуд, вале ҳаргиз аз Нимо даст накашид ва ба роҳу шеваи андешаи вай дар навандешиву навпардозӣ содиқ монд. Ба қавли Исмоил Нурӣ Ало, Шомлу «агарчи худро шогирди Нимо Юшиҷ медонад, аммо олудаи таъсири беҷо нест ва ба озмуну ҷустуҷӯ ва мухотира алоқа дорад. Нимо ва Шомлу аз пешравонанд, аммо агар сангиниву печидагии ашъори Нимо боло

шудааст, ки насли тоза аз ӯ камтарин саҳмеро бибарад. Шомлу чароғдори роҳи фардои шеъри Эрон хоҳад буд» [8, с. 186].

Дар адабиётшиносии муосири Эрон зимни арзёбии роҳи эҷодии шоир яке аз масъалаҳои баҳсбарангез ин таъсирпазирии Аҳмади Шомлу аз дигар шоирон ва заминаву сарчашмаҳои илҳому сабки шоирии вай мебошад. Аҳмади Шомлу ба шеъру адабиёти Ғарб ошно буд ва ашъори зиёдеро аз дигар забонҳо ба форсӣ тарҷума намуда буд. Мусаллам аст, ки амри тарҷума дар камолу пешрафти ҳунарии вай бетаъсир набуд.

Ба назари гурӯҳе аз муҳаққиқон Аҳмади Шомлу ба ҷуз мактаби Нимо аз ҳамон оғози шоирӣ аз шоироне мисли В.В. Маяковский, Ф.Г. Лорка ва П.Элют таъсирпазир будааст. Дар бархе аз пажуҳишҳо ба таъсирпазирии шоир аз шоирону адабиёти мағрибзамин ва Шуравӣ ишора шудааст. Аз ҷумла, дар ташаккули шахсияти адабии ӯ нақши адибони дӯстдоштааш шоири испанӣ Федерико Гарсия Лорка, шоири рус В.В. Маяковскийро бисёр арзишманд медонанд. Ҳамзамон худи шоир чун ба адабиёти пешин дилбастагиву алоқаи хос дошт, ҳамеша талош менамуд, барои бозтоби фардияти офаринандагии худ усулу шеваҳои нави баёнро ба даст биёрад [15].

Қобили зикр аст, ки ба ин масъала беш аз ҳама мунаққиди номдори Эрон Ризо Бароҳанӣ ибрози назар намудааст. Дар шарҳи ин масъала номбурда ба чанд нукта ишорат мекунад. Ба андешаи ӯ ошноӣ ва умқи ошноии шоир аз адабиёти Ғарб ба андозае набуд, ки имкон дошта бошад шоиреро сармашқи кори худ қарор диҳад. Нуктаи дигари роҳи дарку тасаввури вай ин аст, ки шеъри сапеди ғарбиён пешинаи дуру дароз дошта, бар асоси низому қоидаи хосе устувор аст ва ҳеҷ умумияте бо шеъри сапеди Эрон надорад.

Матлаби дигаре, ки шоир ба он такявар аст, ин аст, ки Аҳмади Шомлу дар тули фаъолияти эҷодии хеш ҳамвора талош намудааст, худро аз қайду банди арузи классикӣ озод намояд ва аз қолабҳое истифода кунад, ки аз шеваи дигар шоирон фарқ дошта бошад. Аз ҷониби дигар қолабҳое, ки Аҳмади Шомлу аз онҳо кор гирифтааст номи хоссе надоранд, зеро тибқи маъмул дар шеъри озод қолабҳо аз пеш таъйин намешавад, балки пас аз баён қолабро ба вуҷуд меорад.

Нуктаи дигаре, ки Ризо Бароҳанӣ ба он диққат додааст, оҳанги хосси шеъри Шомлу аст, ки дар он ҳеҷ таъсиру бардоште аз шеъри ғарбиён дида намешавад.

Баррасии фарогири шеваву равишҳои шоирии Шомлу мавсуфро ба ин натиҷа мерасонад, ки «Шомлу фикри озод кардани яксараи шеър аз қайду банду вазнро аз Ғарб гирифтааст, вале манбаи лутфу зебоии каломи ғайриманзум, вале оҳангинаш «Насри шеъргуна»-и қарни чаҳоруму панҷум (X-XI) аст ва оҳангҳои маҳками қисматҳое аз тарҷумаи форсии «Таврот» ва «Инҷил», ки тарҷумаи бисёр поку шуста рафтаву пуроҳангу боуслубе аст ва кайфияти пайғамбарона сухан гуфтани Шомлу аз ҳамин китобҳои муқаддас сарчашма мегирад» [5, с. 351].

Аз Аҳмади Шомлу мероси гаронсанге дар заминаи шеъру наср, тарҷума, мақолоти публисистӣ ва осори назарӣ боқӣ мондааст. Нахустин маҷмуаи шеъри вай соли 1947 бо номи «Оҳангҳои фаромӯшшуда» ба табъ расида, ки ношири он Иброҳим Дайламқониён мебошад.

Шоир аз нашри ин китоб ба иллати ин ки дар табъи он шитобзадагӣ сурат гирифта, изҳори пушаймонӣ мекунад. Мурури ашъори китоб гувоҳ бар ин аст, ки сурудаҳо ҳосили зеҳну андешаи як навқаламанд, ки дар ибтидои роҳ аст. Вале як нукта ҷолиб аст, ки чанд нафаре, ки бар ин маҷмуа муқаддима навиштаанд ба ояндаи дурахшони А. Шомлу ишорат намудаанд. Масалан ноширии китоб Иброҳим Дайламқониён чунин изҳор намуда: «Ман дар осори А.Шомлу, ки дар ояндаи наздике хоҳ-нохоҳ яке аз бузургтарин нависандагони мо маҳсуб хоҳад шуд, як руҳи озоду як шахсияти фориғ аз ҳар гуна қуюди иҷтимоӣ мушоҳида мекунам. Шомлу пеш аз он ки бихоҳад шеър бигӯяд ва бо ҷумалоти зебову дилнишине андешаи норасову беҳақиқатеро ба қолаби назм дарбиёварад, мехоҳад он чи дар руҳи вай ҳодис мешавад ва он таҳаввулотеро, ки аз дидани як манзара бо нигоҳ ва бо як ҳаракати номаҳсус дар қалбаш эҷод мегардад ба некӯтарин ваҷҳе ба чашми хонандагони худ бикашад ва ба ҳамин сабаб аст, ки осори вай дар айни ҳол, ки ба қавли худи ӯ ибтидоӣ ва имтиҳонӣ аст, беҳтарин намуна аз ашъори тавсифӣ маҳсуб мешавад» [13, с. 357].

Дар муқаддимаи дигаре, ки дар маҷмуаи мазкур аз ҷониби Носир Наҷмӣ дарҷ шуда, ба ояндаи дурахшони шоири ҷавон таъкид шудааст. Мавсуф бар ин назар аст, ки «Рӯзе хоҳад расид, ки Шомлу ва ҷавонони бисёре назири ӯ арзиши воқеии худро биёбанд ва он рӯз он қадар дур нест. Ин оҳангҳое, ки аз зарифтарин ва нозуктарин пардаҳои қалби ӯ ба гӯш мерасад, ин мазияти ӯст. Ояндаи ӯ дурахшонтар аз он аст, ки фикр тавон кард» [13, с. 357].

Бар хилофи андешаҳое, ки дар муқаддимаҳои пуршумори китоб омадааст худи Шомлу дар дебочаи китобаш перомуни ашъораш чунин изҳори назар менамояд: «қатаъоте, ки дар ин китоб ҷамъоварӣ шудааст, навиштаҳое аст, ки дар ҳақиқат мебоистӣ сӯзонда шуда бошад. Навиштаҳое аст, ки бояд дур рехта шуда бошад… Миқдоре аз ин қитъаҳо хеле вақт пеш навишта шудааст ва нахустин осори касе аст, ки хоста чизе бинависад. Бинобар ин эй хонанда! Ба ту ҳаққи ҳеҷ гуна интиқод, ҳаққи ҳеҷ гуна изҳори назар дода намешавад. Бихону бигзору фаромӯш кун ва китоби маро нодида бигир» [13, с. 358].

Соли 1949 маҷмуаи дувуми шоир бо номи «Оҳанҳо ва эҳсос» ба чоп мерасад, ки аз нигоҳи сабку услуб аз маҷмуаи аввалини шоир тафовути зиёде надорад. Ин маҷмуа фарогири се шеъри баланди шоир бо номҳои «Марсия», «Барои хуну мотик» ва «Мурғи дарё» мебошад.

«Қатънома» маҷмуаи дигаре аз шоир аст, ки соли 1951 мунташир гашта, дорои чаҳор шеъри баланд аст. Ҳар яке аз ин шеърҳо таърихи хоси сароиш доранд. Шеъри «Суруди марде, ки худашро куштааст» ва «Шукуфаҳои сурхи як пероҳан» соли 1950 иншо гардида, шеърҳои «Суруди бузург ба таърихи 16-и тир» ва «Қасида барои инсони моҳи баҳман» соли 1951 офарида шуданд. Фаридун Раҳнамо, ки дар боло зикраш рафта буд ба маҷмуа муқаддимаи муфассале навишта зимнан ба вижагиҳои сабку услуби шоир ишорат меварзид. Мазкур аз ҷумла чунин мегӯяд: «Калимоти шеъри асилу самимӣ «ҳамчун борут метаркад» (ба қавли Маяковский)

Чун шеър наметавонад ҳақир бошад ва таъҷиму бардагӣ пеш гирад. «Субҳ» худро дар «чорчӯб»-и хеш маҳбус медонад, вале зиндони ӯ пурҳосилтар аз касҳо ва боғҳои танбалӣ аст. Ҳабси шеъраш деворҳои башарӣ дорад. Зиндоне, ки шояд рӯзе пас аз таваллуди ҳақиқии Субҳ дарҳам бишканад» [13, с. 372].

Бояд зикр намуд, ки аксари ашъори мундариҷ дар «Қатънома» шомили интиқод аз худ ва як навъ узрхоҳӣ барои гуноҳони гузашта аст. Аз ҷумла, шоир аз хонандагони хеш барои он ки замоне аз Гитлер ва сиёсати вай ҷонибдорӣ намуда буд, узр мепурсад. Ҳатто қабл аз чопи маҷмуа номи онро «шеъри сапеди ғуфрон» гузоштанӣ буд. Бо вуҷуди он ки худи шоир узр пеш овардаву аз ашъори пешини худ интиқод намуда буд, вале дар матбуоти даврӣ маҷмуаи ӯро мавриди нақду интиқодҳои тунд қарор доданд. Аз ҷумла, маҷаллаи маъруфи «Кабутари сулҳ», ки аз нашрияҳои хоси ҳизби Тӯдаи Эрон буд, дар радифи дигар маҷмуаҳо «Қатънома»-и А.Шомлуро ба зери тозиёнаи танқид гирифта, муаллифро барои дур будан аз дарки дардҳои иҷтимоъ, забони номафҳум айбдор месозад. Ба навиштаи маҷаллаи мазкур «Қатънома» дорои андешаҳои тозаву мағшуш аст. Вожагонаш мағшуш аст ва шоир осмону ресмонро бо ҳам бофтааст [8].

Аксари муҳаққиқон бар ин назаранд, ки арзиши «Қатънома» замоне равшану ҳувайдо мешавад, ки масъалаи баррасиву пажуҳиши роҳи эҷодии шоир мадди назар бошад. Маҳзи хотири ин, шинохти камоли ҳунарии шоир бидуни дар назар гирифтани сурудаҳои «Қатънома» барои як муҳаққиқ душворӣ фароҳам месозад. Дар ҳар сурат ашъори мундариҷ дар «Қатънома» нишонгари он аст, ки шоир дар матни онҳо бештар ба масоили иҷтимоӣ таваҷҷуҳ дорад.

Пас аз «Қатънома» китоби «Ҳавои тоза» аст, рӯйи чоп меояд. Пажуҳандагон ва донишмандон бар ин назаранд, ки нашри ин китоб дар зиндагии адабии шоир, шинохти расмии ӯ ҳамчун шахсияти адабӣ бисёр муҳим аст. Муҳаққиқи тоҷик У. Сафар дар ин бора менависад: «Соли 1958 маҷмуаи тозаи ӯ бо номи «Ҳавои тоза» интишор мегардад, ки ҳосили даҳсола ранҷу заҳмати ӯ дар шеъру адаби форсист. Маҳз бо баракати ҳамин маҷмуа Аҳмади Шомлу ҳамчун як адиби навгӯву навовар, пуркору тозагом шинохта мешавад. Дар «Ҳавои

тоза» шаклҳои гуногуни шеър, чаҳорпора, маснавӣ, қолаби нимоӣ, ғайринимоӣ ҷойгузин шуда ва ин гувоҳи он аст, ки шоир барои шеър ҳеҷ гуна қайду бандеро қоил нест» [1, с. 133].

М. Ҳуқуқӣ муҳаққиқи эронӣ низ ба ин назар аст, ки А.Шомлу ҳамчун шоир маҳз бо маҷмуаи «Ҳавои тоза» вориди майдони адабиёти муосир гардид. Мавсуф, ашъори ин маҷмуаро бо тӯфони саҳмгину сели дамон, бо симои хашмгину ғазабнок ташбеҳ менамояд. Шеърҳое, ки аз домони озмоишу таҷрубаҳо гузашта ва ба камоли пухтагӣ расидааст. Қироати сурудаҳо ба қавли муаллиф шитобу таҳаррукро тақозо мекунад.

Ҳуқуқӣ мегӯяд: «Сухан кӯтоҳ чеҳраи воқеии Шомлу ба унвони шоири мустақилу соҳибсабк сирфан дар бархе аз осори «Ҳавои тоза» мушаххас мешавад» [11, с. 49].

Баррасии иҷмолии муҳтавои ин маҷмуа нишон медиҳад, ки ҳарчанд калимаву таркибҳои забони ашъор аз нигоҳи рехту ҳамнишинӣ пухтаву расову маънус нестанд, вале дар матни ашъор тозатарин ва номаълумтарин калимаҳои адабиёти классикӣ ва забони омиёна истифода шудаанд. Ба дигар сухан А. Шомлу дар ин маҷмуа имконоти забони муосири форсиро аз нигоҳи муҳтавои таркиботу ибороти нав тавсеа бахшидааст.

Ба андешаи Исмоил Нурӣ Ало «Ашъори «Ҳавои тоза» хабар аз оғози зиндагии бошукуҳи ҳунарии марде дод, ки мебоист бисёре аз роҳҳои нокӯбидаи шеъри имрӯзро ба танҳоӣ бипояд ва агарчи худро шогирди Нимо Юшиҷ медонад, аммо олудаи таассуби беҷо нест ва ба ҷустуҷӯ ва озмуну мухотира алоқа дорад» [9, с. 186].

Муҳаққиқи номдор Тақии Пурномдориён низ бар ин назар аст, ки маҳз «Ҳавои тоза» буд, ки А. Шомлуро ҳамчун шоири дорои истеъдоду нубуғ ва шеваи хос ба ҷомеаи адабии Эрон ошно сохт. Мавсуф зимни баррасии шебу фарози ин мазмун махсусан ба забон ва шигарфҳои корбурди калимот таваҷҷуҳи муҳаққиқона намудааст. Аз ҷумла, таъкид намуда, ки «забони шеър дар ин китоб вуҷуд надорад. Забон забони наср аст. Насри достонҳо ва румонҳои бозорӣ, ки гоҳ калимоти дур аз зеҳни лаҳҷаи маҳаллии хосе ва ё калимоти матруки аз ривоҷафтодае, ки аслан ҳамоҳангӣ бо ин насри мутадовили рӯз надоранд, якдастии бофти онро барҳам мезанад. Ҳатто гоҳе ба корбурди ҳуруфи изофаи қадимӣ, мутааллиқ ба забони форсии қарнҳои чаҳорум панҷуми ҳичрӣ (X-XI), ки ба куллӣ дар замони имрӯзи форсӣ матрук шуда аст, дар матни ин наср, ки аслан чунин ҳуруферо барнаметобад, забонро ба вазъи музҳику хандадоре даровардааст. Ва ин ҳамаро сабабе нест, магар зарурати ҳифзи вазну қофия аз як сӯ ва камбуди захоири луғавии шоир аз сӯйи дигар… Зарурати ҳифзи вазну захоири луғавӣ сабаб шудааст, ки забони ӯ аз назари наҳвӣ ҳам беназму норасо бошад» [10, с. 75-77].

Бисёре аз ноқидони шеъри ӯ баъдҳо низ ба забони ашъори шоир пардохтаву таъсирпазирии вайро аз насри классикӣ махсусан «Таърихи Байҳақӣ» қайд намудаанд. Мо низ ба ин андешаҳо мувофиқем, ки камоли шоир тадриҷӣ ва гом ба гом будааст. Зимнан як шоҳид аз гуфтаи С. Шамисо нақл мекунем, ки дар шинохти ҷойгоҳу камоли шоир бисёр бамаврид аст. Номбурда менависад: «яке аз ҷумла ҳаводиси муҳими зикрии илмии ман ин аст, ки аз наздик шоҳиди айнӣ будаам, ки чи гуна марде ба тадриҷ табдил ба шоири бузург мешавад ва чи гуна касе, ки чун мо дар хиёбон роҳ меравад ва мустаъҷири хонаи ину он аст, гом ба гом ба сӯйи ҷовидонагиву абадият меравад ва дигар ба ҷойе мерасад, ки ҳар коре кунад ва ҳар сухане бигӯяд, ки ҳарчанд ба мазоқи мо хушоянд набошад дар ин сарнавишти ҷовидонагӣ бетаъсир аст» [7, с. 610].

Масъалае дигаре, ки диққати мунаққидони шеъри Шомлуро ба худ ҷалб намудааст, ин мусиқӣ ва лаҳну оҳанг дар шеъри шоир аст. Албатта, шеъри суннатӣ ҳам мусиқии вижа дорад, ки дар фароҳамсозии он аносири зиёде аз қабили қофия, радиф, ҳуруфи мушобеҳ корсозанд. Бар хилофи он дар шеъри сапед ҷанбаҳое мавҷуд аст, ки аз дигар абзори шеърсоз пураҳаммияттар аст ва он сирати оҳангдори он аст. Ин ҷанбаи шеъри Аҳмади Шомлуро муҳаққиқи нуктасанҷи эронӣ М. Фалакӣ таҳқиқ намуда, ба натиҷаҳои хушоянд расидааст. Ба андешаи ӯ дар матни офаридаи Аҳмади Шомлу ҳар вожа, ҳама аҷзо ҷойгоҳи ба худ хоссе дорад. Аслан дар оғози пайдоиши шеър пеши мардуми ҷаҳон шаклу сурати табиӣ дошт, яъне аз ҷанбаи оҳангини вожагон ибтидо меёфт. Вале бо гузашти замон шоирон барои бозтоби эҳсосу авотифи хеш унсури зинҷиргунае офаридаанд, ки шеърро комилан даступобаста

намуд. Аммо «имрӯз башари огоҳу хоҳони озодӣ озодиро дар ҳама паҳноҳо меҷӯяд ва ин раванд, маншури шеъру яке аз вуҷуҳи он яъне оҳангро низ дарбар мегирад то шеър ба оҳанги табиии худ наздик шавад ва аз бори мусиқии таҳлилӣ озод шавад» [11, с. 97].

Маҳмуд Фалакӣ таъкид менамояд, ки шеъри сапед гуфтан душвортар аз халқи шеъри суннатӣ аст. Зимни офариниши чунин шеъре тартиби калимаҳо, ҳамнишинии вожагон, мантиқи калом бисёр муҳим аст. Муҳаққиқ аз таҳқиқи шеъри Аҳмади Шомлу ба ин натиҷа мерасад, ки дар каломи вай як навъе «назми пӯшида» ё «оҳанги ҳиссӣ» мавҷуд аст. Натиҷаи дигаре, ки аз таҳқиқ М. Фалакӣ ба даст овардааст, ҳамнишинии вожагон аст, ки бар асари он забон ба рақс меояд, аммо «ҳамон гуна ки наметавон «ҳаракат»-и рақс ё «мавзуният»-и рақсро комилан тавзеҳ дод ва бештар амри диданӣ аст, дар шеъри Шомлу низ бояд, ки рақс ё ҳамовоиро ҳис кард» [11, с. 92].

Муҳаққиқи номвар зимни арзёбии зиндагӣ ва эҷоди шоир ба ваҳдату ягонагии сохтори шеъри шоир дахолат намуда, чунин менависад: «шеъри ӯ аз ваҳдати органик ва ҳамоҳангии байни муҳтавову сурат бархурдор аст ва сохтмони шеър чунон ташаккул ёфта, ки дарунмоя ва низ қолабу андому оҳанги сухану тасвирҳо ва таъбирҳо ҳама бо якдигар ҳамгому ҳамсадоянд» [11, с. 722].

«Амирзодаи кошиҳо» (Аҳмади Шомлу) таълифи муҳаққиқ Парвин Салоҷика пажуҳиши арзишмандест дар самти шомлушиносӣ. Асари мазкур фарогири даҳ фасл буда, дар ҳар фасле бахше аз ашъори шоир таҳлилу арзёбӣ шудааст. Муаллиф дар фасли нахуст ба таври густурда перомуни хусусиятҳои сабки шеъри Шомлу сухан мекунад.

Мавсуф пеш аз пардохтан ба мушахассоти сабки Аҳмади Шомлу роҳи эҷодии вайро аз маҷмуаи аввал то охиринаш баррасӣ намуда, мӯшикофона камолу пешрафти шигифтангези шоирро нишон медиҳад. Номбурда таъкид менамояд, ки барои аксари шунавандагони адиб ин масъала тааҷҷубангез аст, ки чи гуна як хирадманд дар як муддати кӯтоҳ тамоми камбудиҳои худро канор зада, аз дурахшиши истеъдоду заковати худ дарак медиҳад. Манзури муҳаққиқ зуҳури Аҳмади Шомлу бо нашри маҷмуаи «Ҳавои тоза» аст, ки аз маҷмуаи пешини вай комилан фарқ дорад.

Пас аз он тарҳи ин масъала вижагиҳои сабкии матни ашъор аз ҷумла масъалаи ҳинҷоргурезӣ, ҳинҷоргурезии замонӣ, корбурди ҳуруфи изофа, корбурди вожагони куҳан, ҳинҷоргурезии наҳвиву савтӣ, таҳлилу арзёбӣ гашта, бо мисолҳои равшан нишон дода мешавад. Масъалаи дигаре, ки дар китоби мазкур таҳқиқу баррасӣ шудааст, шеваи тасвирсозии Аҳмади Шомлу аст. Аз нигоҳи Парвин Салоҷика «тасвирсозӣ дар шеъри Шомлу дар қадами аввал аз се унсур «воқеъгароии адабӣ», «тахаюли мубтанӣ бар ҳаммонандпиндорӣ» ва «тавсиф» сарчашма мегирад ва тасвири сохташуда ба василаи ин ду унсур бо баҳрагирӣ аз «маҷоз» дар меҳвари ҷойгузинии калом ба далолатҳои зимнӣ роҳ меёбад» [6, с. 62].

Хулоса. Муруру маърифати нақдҳо ва таҳқиқоти анҷомёфта дар атрофи офаридаҳои Аҳмади Шомлу касро ба ин натиҷа мерасонад, ки пешрафти мавсуф дар марзи адабиёт сурати тадриҷӣ дошта, ҳамроҳ бо чанд ҷанба будааст. Хестангоҳи нахусти ӯ дар шеър ва махсусан, шеъри нав вобастаи Нимо Юшиҷ ва мактаби ӯ аст. Ин мактаб дар парвариши Аҳмади Шомлу ҳамчун шоиру эҷодкор нақши калидӣ доштааст. Вижагии умдаи шеваи эҷодгарии шоир аз он иборат аст, ки бо чопи ҳар маҷмуае дар пешгуфторҳо вижагиҳои ашъораш, ҳусну қубҳи шеърҳо гузашта аз ин, маромномаи шоириашро баён доштааст. Гоҳо аз қисмати сурудаҳои нахустинаш сарфи назар намудааст. Шомлу бо вуҷуди бархурдорӣ аз донишу таҷрибаи Нимо ҳамеша пайи он будааст, ки дар адабиёти муосир сабку шеваи мунҳасир ба фарди худро дошта бошад ва чунин шева шеъри сафеди ӯст, ки барҳақ бунёдгузораш дар Эрон худи ӯ маҳсуб мешавад. Бузургии кори Аҳмади Шомлу дар он аст, ки нақди муосир дар муқобили андешаву афкори ӯ, шеваи шоириаш ба ҷуз қабулу пазириш матлабе барои инкор надоштааст. Дар имтидоди замон мунаққидону донишмандони адабиёт ба гӯшаҳои гуногуни роҳи эҷодии ӯ, ба мазмуну муҳтавои маҷмуаҳояш ва дар маҷмуъ ба корномааш ишорат варзидаанд, ки миёни онҳо асари Парвин Салоҷиқа «Амирзодаи кошиҳо»

ҷойгоҳи махсус дорад. Шинохту омӯзиши назаргоҳҳои аҳли адаб аз шеъри шоир, барои маърифату донистани адабиёти форсӣ бисёр судманд аст.

Адабиёт:

1. Сафар, У. Аз хоки рангбохта. Нақду баррасии ашъори Нимо Юшиҷ [Матн] / У. Сафар. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 196 с.

2. Сафаров, У. Сиёвуши Касроӣ ва «шеъри нав»-и форсӣ [Матн] / У. Сафар. – Душанбе, 1996. – 144 с.

3. شاملواحمد. قتع نامه. تهران، مروارید، 1360. – 120 ص .

Шомлу, А. Қатънома [Матн] / Аҳмади Шомлу. – Теҳрон: Марворид, 1360. – 120 с.

4. شاملو، احمد. آیدا، درخت و خنجر و خاطره. – تهران: مروارید، 1344. – 154 ص .

(Шомлу, Аҳмад. Ойдо, дарахту ханҷар ва хотира [Матн] / Аҳмади Шомлу. – Теҳрон: Марворид, 1344. – 154 с.).

5. براهنی رضا. طلا در میس. چاپ دوم با تجدید نظر و اظا فات. – تهران، 1347. – 664 ص.

(Бароҳанӣ, Ризо. Тилло дар мис. Чопи дувум бо таҷдиди назар ва изофот [Матн] / Ризо Бароҳанӣ. – Теҳрон, 1347. – 664 с.).

6. سلاجقه پروین. امیرزاده ی کاشی ها (احمد شاملو). – تهران. مروارید. 1384. – 720 ص.

(Салоҷиқа, Парвин. Амирзодаи кошиҳо (Аҳмади Шомлу) [Матн] / Парвин Салоҷиқа. – Теҳрон: Марворид, 1384. – 720 с.)

7. شمیسا سیروس. راهنمای ادبیات معاصر. – تهران. میترا، 1383. – 720 ص.

(Шамисо, С. Раҳнамои адабиёти муосир [Матн] / Сируси Шамисо. – Теҳрон: «Митро», 1383. – 720 с.)

8. کبوتر صلح. – دوره ی دوم. – شماره ی 6 (18). – بهمن 16، 1330.

(Кабутари сулҳ [Матн]. – Давраи дуюм. – Шумораи 6 (18). – Баҳман 16, 1330.)

9. نوری علا اسماعیل. صور و اسباب در شعر امروز ایران. – تهران. 1348.– 582 ص.

(Нурӣ, Ало Исмоил. Сувар ва асбоб дар шеъри имрӯзи Эрон [Матн] Ало Исмоил Нурӣ. – Теҳрон, 1348. – 582 с.)

10. پورنامداریان تقی. سفر در مه. تأملی در شعر احمد شاملو. تهران:زمستان،1374. – 477 ص.

(Пурномдориён, Тақӣ. Сафар дар меҳ (Тааммуле дар шеъри Аҳмади Шомлу) [Матн] / Тақӣ Пурномдориён. – Теҳрон, 1374. – 477 с.).

11. فلکی محمود. نگاهی به شعر شاملو. – تهران، مروارید. 1380. – 192 ص.

(Фалакӣ, Маҳмуд. Нигоҳе ба шеъри Шомлу [Матн] / Маҳмуд Фалакӣ. – Теҳрон: Марворид, 1380. – 192 с.).

12. کدکني محمد رضا شفیعي. صور خیال در شعر فارسي. تهران، 1350. – 588 ص.

(Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ [Матн] / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон, 1350. – 588 с.).

13. لنگرودی شمس. تاریخ تحلیلی شعر نو. جلد اول. نشر مرکز، تهران، 1370. – 649 ص.

(Лангрудӣ, Шамс. Таърихи таҳлилии шеъри нав. Ҷилди аввал [Матн] / Шамс Лангрудӣ. – Теҳрон, 1370. – 649 с.).

14. حقوقی محمد شعر زمان ما. احمد شاملو. شعرهای برگزیده./ محمد حقوقی -تفسیر و تحلیل موفقترین شعرها از انتشارات نگاه تهران، 1376. – 330 ص.

(Ҳуқуқӣ, Муҳаммад. Шеъри замони мо. Аҳмад Шомлу. Шеърҳои баргузида (Тафсир ва таҳлили муваффақтарин шеърҳо) [Матн] / Муҳаммад Ҳуқуқӣ. –Теҳрон: Нигоҳ, 1376. – 330 с.).

15. احمد شاملو – ویکیپدیا، دانشنامه آزاد. [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: احمد شاملو - ویکی‌پدیا، دانشنامهٔ آزاد

НАҚД ВА ШЕЪРИ АҲМАДИ ШОМЛУ

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи андешаҳои мунаққидон дар бораи Аҳмади Шомлу ихтисос дорад. Бояд гуфт, ки Шомлу аз бунёдгузори шеъри сафеди форсӣ ва аз намоёнтарин шоирони муосир аст. Дар адабиётшиносии Эрон ӯро ҳамчун шоиру муҳаққиқ, назарияпардоз ва фарҳангнависи моҳир мешиносанд. Аҳмади Шомлу дар ибтидо ба мактаби Нимо пайваст

ва асосҳои навовариву суннатшиканиро аз ӯ омӯхт. Ногуфта намонад, ки ошноӣ бо забонҳои хориҷӣ аз ҷумла русӣ шоирро бо ашъори шоироне мисли В.В. Маяковский, Ф.Г. Лорка, П. Эллют ошно намуд. Равшан аст, ки ин ошноӣ таъсири амиқе ба ӯ гузоштааст. Аҳмади Шомлу қисмате аз ашъори шоири рус В.В. Маяковскиро ба забони форсӣ тарҷума намудааст.

Баъдан шеъри нимоиро канор гузошт ва шуруъ ба сохтани шеърҳои сафед намуд. Албатта, роҳи баргузидаи ӯ бисёр душвору мураккаб буд. Мухолифони зиёдеро барои ӯ эҷод намуд. Шоир пас аз нашри бархе аз маҷмуаҳояш аз ашъори онҳо рӯйгардон шуд. Аҳмади Шомлу ҳамеша дар пайи камолу пухтагии шеваи худ буд. Ноқидони зиёде эҷодиёти ӯро мавриди арзёбӣ қарор доданд, назари аксари онҳо мусбат аст.

Дар мақола мо андешаву орои ноқидони шеърро мавриди баррасӣ қарор додем.

Калидвожаҳо: адабиёт, адабиётшиносӣ, Эрон, муосир, шоир, шеър, шеъри нав, шеъри сафед, таъсирпазирӣ, тарҷума.

КРИТИКА И ПОЭЗИЯ АХМАДА ШАМЛУ

Данная статья посвящена исследованию взглядов критиков относительно поэзию А. Шамлу. Следует сказать, что Шамлу является одним из основоположников «белого стиха» современной литературе Ирана и одним из видных поэтов современности. В иранском литературоведении его знают как поэта, исследователя, теоретика переводчика и искусного лексикографа (составителя словарей). Ахмад Шамлу поначалу примкнул к школе Нимо и перенял у него основы новаторства и пути отхода традиционной поэзии.

Стоит отметить, что знакомство с иностранными языками, в том числе с русским, познакомило поэта с творчеством таких поэтов, как В.В. Маяковский, Ф.Г. Лорка, Т.С. Элиот. Очевидно, что это знакомство оказало на него глубокое влияние. Ахмад Шамлу перевёл на персидский язык часть стихотворений русского поэта В.В. Маяковского. Впоследствии он отошёл от нимайского стиха и начал создавать белые стихи.

Разумеется, избранный им путь был весьма трудным и сложным. Это создало ему немало противников. Поэт после издания некоторых своих сборников отказался от части этих стихотворений. Ахмад Шамлу всегда стремился к совершенствованию своего стиля. Многие критики давали положительную оценку на его творчеству.

В статье мы рассмотрели взгляды и мнения критиков поэзии.

Ключевые слова: литература, литературоведение, Иран, современность, поэт, стих, новая поэзия, белый стих, восприимчивость к влиянию, перевод.

CRITICISM AND THE POETRY OF AHMAD SHAMLU

This article is devoted to examining critics' views on Ahmad Shamlu. It should be noted that Shamlu is one of the founders of Persian blank/free verse and one of the most prominent contemporary poets. In Iranian literary studies, he is known as a skilled poet, researcher, theorist, and lexicographer. Ahmad Shamlu initially joined the school of Nima and adopted from him the foundations of innovation and the breaking of tradition. It should be mentioned that his familiarity with foreign languages, including Russian, introduced the poet to the works of poets such as V.V. Mayakovsky, F.G. Lorca, and T.S. Eliot.

It is evident that this acquaintance had a profound influence on him. Ahmad Shamlu translated a portion of the Russian poet V.V. Mayakovsky's poems into Persian. Later, he set aside Nima-style verse and began composing blank/free verse. Naturally, the path he chose was very difficult and complex. This earned him a considerable number of opponents. After publishing some of his collections, the poet distanced himself from certain poems within them.

Ahmad Shamlu constantly strove for the perfection and refinement of his own style. Many critics evaluated his work, and the opinion of most of them is positive.

In this article, we have examined the views and opinions of critics regarding [his] poetry.

Keywords: literature, literary studies, Iran, contemporary, poet, poetry, new poetry, blank verse, receptiveness to influence, translation.

Маълумот дар бораи муаллиф: Шодиён Фарҳунда, унвонҷӯйи кафедраи филологияи Эрони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: (+992) 907-96-72-77.

Сведения об авторе: Шодиён Фархунда, соискатель кафедры иранской филологии Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон:(+992) 907-96-72-77.

Information about the author: Shodiyon Farkhunda, applicant at the department of iranian philology, Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 17, Phone: (+992) 907-96-72-77

Муқарриз: Сафаров У.Р., д.и.ф., профессор
Донишгоҳи милили Тоҷикистон

МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

ТАЪРИХ ВА БОСТОНШИНОСӢ

1. **Абдуллоев М.Х.** Истиқлолият ва ваҳдати миллӣ - тавоноии кишвар.....5
2. **Сафолзода К.М.** Роль Республики Таджикистана и Республики Афганистана в совместной борьбе против международного терроризма (1993 – 1994 гг.).....12
3. **Нуруллоён С.А.** Ташаккул ва рушди анестезиология дар момодоягии (акушерии) Ҷумҳурии Тоҷикистон.....25
4. **Бакиев Р.У.** Этногенез и этническая история Эфталитов.....35
5. **Абдуллоев С.Н.** Эътирофи таърихии Пешвои миллат омили муҳимми рушди давлатдории миллӣ.....41
6. **Абдубасиров А.А.** Экологический и водно-энергетический факторы в теории и истории международных отношений.....48
7. **Боқиев Р.У., Дустов Н.** Хусусиятҳои хоси заминдорӣ ва намудҳои андозҳо дар ҳудудҳои хонигарии Бухоро (асрҳои XV – XVII).....60
8. **Дустов Н.** Вазъи сиёсӣ - иҷтимоии Мовароуннаҳр дар асри XVI - ибтидои асри XVII.....67
9. **Иброҳимзода З.И.** Инъикоси рушди мактабу маорифи Кӯлоб дар дарозои таърих.....74

ПЕДАГОГИКА

1. **Шарифзода О.П.** Этнокультурные традиции как фактор формирования эстетической культуры личности.....82
2. **Ҳамидова Д.Ҳ., Сафарзода М.В.** Моделҳои психологию педагогии омодагии омӯзгорон ба фаъолият тавассути зеҳни сунъӣ.....94
3. **Аюбзода С.А., Қурбонова У.Т.** Таъсири контенти рақамӣ ба хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди таълим.....105
4. **Акбарзода М.Н.** Методикаи омӯзиши муодилаҳо дар курси ибтидоии математика.....113
5. **Каримзода Ш.К.** Ташаккули салоҳиятҳои рақамии хонандагон дар раванди корҳои беруназсинфӣ.....122
6. **Давлатализода С.Д.** Методикаи омӯзиши элементҳои алгебраи векторӣ дар курси геометрияи аналитикӣ.....132
7. **Аюбзода С.А., Қурбонзода Н.Н.** Тавсифи салоҳиятҳои касбии омӯзгори технологияҳои иттилоотии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ.....140
8. **Мирмуҳаммадзода Р.М.** Машғулиятҳои беруназсинфӣ ва нақши онҳо дар фарҳанги экологии хонандагони синфҳои 5-6 дар ҷараёни омӯзиши сикли фанҳои зистшиносӣ.....152
9. **Мухторзода М.М., Латипов С.Ш.** Ҷанбаҳои ташаккули ҳисси табиатдӯстӣ ва тарбияю маърифати экологӣ дар ашъори мутафаккирони тоҷику форс.....159
10. **Назаров Т.Х.** Истифодаи технологияҳои муосири таълим дар тайёрии методологии омӯзгорони ояндаи биология.....167
11. **Абдуллоҷони Ҳ.** Ташкили муҳити самараноки тарбияи ҷисмонӣ дар тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагон.....174
12. **Ёрматзода А.Ҷ.** Роҳҳои ба таълими фарогир ҷалб намудани кӯдакони имконияти маҳдуд дар шароити муосири таҳсилот.....184
13. **Исмоилова М.К.** Роҳҳои инкишоф додани тарбияи меҳнатӣ ва политехникии хонандагон дар раванди таълими химия.....193
14. **Кибориён Б.К., Ҷонмуҳаммадзода И.Т., Шамсзода М.Н.** Зеҳни сунъӣ ҳамчун омили асосии рушди сифати олимпиадаҳои фаннии онлайнӣ.....200
15. **Нурализода А.Ғ., Олимӣ А.Р.** Методикаи истифодаи моделсозии компютерӣ барои сохтани моделҳои равандҳо ва ҳодисаҳои физикӣ.....207

16. **Киборiён Б.К., Ҷонмуҳаммадзода И.Т., Шамсзода М.Н.** Истифодаи зеҳни сунъӣ дар раванди таълими фанни информатика.....214
17. **Бобоҷонова М.М.** Ташаккули малакаҳои хониши донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодии мактабҳои олӣ ҳангоми кор бо матни тахассусӣ.....221
18. **Пулодов А.С.** Нақши санъати рассомӣ дар рушди марҳилавии ҳар як жанр аз рӯйи услуб.....230
19. **Рахматуллоев Б.И.** Мотивация будущих педагогов к изучению «основ готовности к черезвичайной ситуации и гражданской оборонео»: результаты опроса и факторы снижения интереса.....238
20. **Бобоҷонова М.О.** Мазмун ва моҳияти усули лоиҳавӣ дар таълими забонҳои хориҷӣ.....245
21. **Нуралиева Ш.С.** Асосҳои методологии ташкили раванди тарбияи шаҳрвандӣ-ҳуқуқии ҷавонон.....252
22. **Зайдуллозода С.С.** Методҳои ташаккули сифатҳои муҳимми касбии омӯзгорони ояндаи информатика барои фаъолият дар муҳити таълимии рақамӣ.....260
23. **Ҳамидова Д.Ҳ.** Шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои ташкили раванди таълим дар муҳити рақамии таълимии донишгоҳ.....271

ФИЛОЛОГИЯ

1. **Имомзода М.С., Раҳимӣ М.** Назаре ба филми мустанади шоирона.....281
2. **Нозимов А.А.** Исследование языковой идеологии, языковой политики и языкового планирования в современной лингвистике.....289
3. **Абдусамадзода Э.А., Зулфираи С.** Анҷомаҳои ҷойномсоз ва нақши онҳо дар ташаккули ҷойномҳои «Авасто».....296
4. **Ҷобиров А.Б.** Таҳлили татбиқии бархе аз вожаҳои «Шоҳнома» бо осори насрии асри Х.....305
5. **Бақозода С.А.** Вижагиҳои аҳвол ва осори Сотим Улуғзода.....312
6. **Абдусамадзода Э.А., Шаҳнозаи С.** Таҳлили забоншиносии гидронимияи «Ғурар-ус-сияр» (Шоҳномаи)-и Саолибӣ.....321
7. **Зоириён Б.Ш.** Истифодаи имкониятҳои нигориш дар шарҳи масъалаҳои байналхалқӣ.....328
8. **Кучарова Н.А.** Таъсири сохтмони НБО-и Роғун ба минтақа (дар мисоли матбуоти даврии тоҷик.....335
9. **Сайдалиев Д.М.** Ташаккули масунияти иттилоотӣ: ҷанбаҳои касбӣ ва педагогии муқовимат ба дезинформатсия.....342
10. **Муродзода Б.Р.** Хусусиятҳои таълими забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии замони шуравӣ.....351
11. **Рустамшозода Ш.Р.** Номвожаҳои ҷуғрофӣ – омили муайянкунандаи вазъи экосистема: фитонимия ва зоонимияи форсии асрҳои миёна (дар мисоли «Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб-ул-мавҷудот»-и Аҳмади Тӯсӣ).....360
12. **Нурализода М.Н.** Влияние информационных технологий и искусственного интеллекта на развитие современной лингвистики: механизмы трансформации языковых норм и языкового сознания.....367
13. **Сафарзода М.Н., Изатов У.Х.** Воситаҳои ахбори омма ҳамчун институти амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон: механизмҳои пешгирӣ ва муқовимат ба таҳдидҳои террористии муосир.....374
14. **Алишери А.** Воситаҳои бадеӣ ва таъсири иҷтимоии очерк дар публитсистикаи тоҷик.....384
15. **Нодирова С.С.** История изучения словообразования в индоевропейском языкознания.....393
16. **Мирзоева М.М.** Истифодаи намунаҳои фолклорӣ дар асарҳои Мирзо Турсунзода.....400
17. **Раҳмонов М.Б.** Саҳми Сотим Улуғзода дар рушди насри бачагонаи тоҷик.....410

18. **Валиева Ҳ.С.** Дарунмояҳои ҳикояи замони истиқлол.....417
19. **Муҳаммадҷони А.** Халқиёт ва нақши он дар ғазалиёти Урфии Шерозӣ (дар мисоли корбурди зарбулмасалу мақол).....427
20. **Бобохонова Ф.Р.** Эволюция восприятия русской культуры в таджикской литературе: от советской эпохи к независимости.....436
21. **Зубайдова М.** Хусусиятҳои бадеии достони «Бежан ва Манижа»-и Абулқосим Фирдавсӣ.....444
22. **Мамадова М.Э.** Нақши мутолиаи адабиёти бадеӣ дар ташаккули қобилиятҳои маърифатӣ.....454
23. **Одинаева Ҳ., Саидзода М.Б.** Гидронимияи «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ»-и Эмомалӣ Раҳмон.....460
24. **Шукрияи А.** Назаре ба таҳқиқ ва омӯзиши ҷанбаҳои ономастикии романи «Шоҳзода ва Гадо»-и Марк Твен.....468
25. **Шодиён Ф.Т.** Нақд ва шеъри Аҳмади Шомлу.....475

МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

Дар маҷаллаи илмии «**Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ»** мақолаҳои илмие, ки натиҷаи таҳқиқоти соҳаи **илмҳои таъриху бостоншиносӣ, педагогӣ ва филологиро** фаро мегиранд, нашр карда мешаванд.

Талабот нисбат ба мақолаҳои илмӣ:

1. Таҳияи мақола бо ҳуруфи Times New Roman барои ҳамаи забонҳо (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ), ҳаҷми ҳарфҳо 12, ҳошияҳо 2 см, фосилаи байни сатрҳо 1,0 см ва формати А4, бо рӯйхати адабиёту аннотатсияҳо на камтар аз 5 саҳифа ва на беш аз 14 саҳифа;
2. Индекси ТДУ (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);
3. Номи мақола бо ҳарфҳои калон;
4. Насаб, дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Сатторзода М.Ш.);
5. Номи муассисае, ки дар он муаллиф (он)-и мақола кору фаъолият менамоя (н) д;
6. Матни асосии мақола на камтар аз 5 саҳифа (схема, расм ва ҷадвал дар матни асосии мақола ворид намешавад);
7. Рақамгузории нақша, схема ва диаграммаву расмҳо ва тарҷумаи номи шарҳдиҳандаи онҳо бо забонҳои русӣ ва англисӣ;
8. Рӯйхати адабиёти истифодашуда на камтар аз 10 номгӯи адабиёти илмӣ. Адабиёт ба тартиби алифбоӣ оварда мешавад. Ба нашри мақолаҳое бартарӣ дода мешавад, ки ба сарчашмаҳои нашршудаи илмии солҳои охир ва манбаъҳои муътамад бештар такя кардаанд. Номгӯи адабиёти ба муаллиф тааллуқдошта набояд беш аз 25%-и рӯйхати адабиёти мақоларо ташкил диҳад.
9. Намунаи таҳияи адабиёт: нишон додани манбаи иқтибос дар матн ба таври зер: [3, с. 24], [3, с. 24; 7, с. 53], ки ин ҷо рақами аввал манбаи истифодашуда ва рақами дувум саҳифаро нишон медиҳад;
10. Рӯйхати адабиёти истифодашуда ба забони аслии китобӣ;
11. Тарҷумаи номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ), аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 10 ва на бештар аз 20 сатр, калидвожаҳо аз 10 то 15 номгӯй;
12. Маълумот дар бораи муаллиф (он) бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). Маълумот дар барои муаллиф ба тартиби зайл оварда мешавад: насаб, ном, номи падар, дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошад), вазифа ва ҷои кор, телефон ва почтаи элекронӣ;
13. Дар баробари пешниҳоди шакли электронии мақола пешниҳоди шакли чопии он дар як нусха ҳатмӣ мебошад;
14. Мақолаи аспирант, докторанти PhD, унвонҷӯ танҳо бо тавсияи роҳбари илмӣ мушовири илмӣ ва ё мудири кафедра қабул карда мешавад;
15. Мақолаи магистрант танҳо бо ҳаммуаллифӣ бо номзад ва доктори илм қабул карда мешавад;
16. Мақолаи ба маҷалла воридшуда аз ҷониби ҳайати таҳририя дар муддати 10 рӯз баррасӣ мегардад.

Мақолаҳои илмие, ки барои нашр ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд такризи мусбии мутахассиси соҳаи дахлдорро дошта бошанд.

Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки матни мақоларо таҳрир ва кӯтоҳ намояд.

Мақолаҳое, ки ба талаботи мазкур ҷавобгӯ нестанд, аз ҷониби ҳайати таҳририя барои нашр тавсия намегарданд.

Нишонӣ барои дастрасии маълумоти иловагӣ:

Маълумоти иловагӣ: www.vestnik.kgu.tj, **тел**: 918-48-44-05.

ВЕСТНИК
КУЛЯБСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА
ИМЕНИ АБУАБДУЛЛОХ РУДАКИ

Серия исторические и археологические, педагогические и филологические науки

Научный журнал «Вестник Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки» основан в 2009 г. Выходит 4 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан 5.05.2025 г., №412/МҶ-97. Журнал принимает научные статьи по трем направлениям: исторические и археологические, педагогические и филологические науки

Журнал включен в Реестр рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан с 1.06.2022, №174/м.
(перерегистрирован от 6.09.2024 № 299/м)

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде методанных.
Полная текстовая версия журнала доступна на сайте издания
(vestnik.kgu.tj).

ВЕСТНИК
Кулябского государственного университета имени
Абуабдуллох Рудаки
Серия исторические и археологические, педагогические и филологические науки
3 (44) 2026

Над номером работали:
Главный редактор: Сафарзода М.В.
Заместитель главного редактора: Камолзода Ш.В.
Ответственный секретарь: Сафарзода М.Н.

735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С.Сафарова, 16
Сайт журнала: vestnik.kgu.tj
E-mail: payom@kgu.tj
Тел.: 8(3322) 2-41-06

Ба матбаа 7.09.2026 супорида шуд.
Ба чопаш 10.09.2026 имзо шуд. Қоғази офсет.
Андозаи 60х84 1/16. Ҷузъи чопӣ 30,5. 488 саҳифа
Супориши №98. Адади нашр 100 нусха.
Матбааи ҶДММ «Моҳи Мунир»